Дар стратегияи мазкур қайд карда шудааст, ки дар давраи соҳибистиқлолии ҷумҳурӣ даҳҳо созишномаҳои ҳамкории байниҳукуматӣ бо мамлакатҳои хориҷи дуру наздик вобаста ба таъсиси корхонаҳои нави металлургӣ, истеҳсоли семент ва дигар

намудҳои масолеҳи сохтмон, истихроҷ ва коркарди маъданҳои кӯҳӣ, ангишт, саноати кимиёӣ, мошинсозӣ, коркарди металл ва саноати хӯрокворӣ ба имзо расида, амалӣ гашта истодаанд. Бо ҷалби сармояи дохилию хориҷӣ садҳо корхонаҳои хурду бузурги истеҳсолӣ бо технологияи баланд ва кластерҳои саноатии дорои даври пурраи истеҳсолот – бо коркарди ашёи хом то маҳсулоти тайёр таъсис ёфта, саҳми саноатро дар иқтисодиёти кишвар зиёд намуданд[4].

Саноати Тоҷикистон дорои заминаи маҷмӯи инкишофёфта ва аз ҷиҳати техникӣ муҷаҳҳаз буда, онро зиёда аз 90 самти истеҳсолот муаррифӣ менамоянд, ки ба соҳаҳои зерин мансуб мебошад:

- соҳаи истихроҷ – корхонаҳои марбут ба истихроҷ ва бойгардонии ашёи хоми маъданӣ ва ғайримаъданӣ;

- соҳаи коркард – корхонаҳои коркарди маҳсулоти саноати истихроҷ, маҳсулоти нимтайёр, коркарди маҳсулоти кишоварзӣ ва ашёи дигар;

- истеҳсолу тақсими нерӯи барқ, об, газ ва гармӣ - инҳо унсурҳои асосии таъмини ҳаёту зиндагӣ дар мамлакат мебошанд.

Дар айни ҳол беш аз нисфи ҳаҷми умумии истеҳсоли маҳсулоти саноатии Тоҷикистон ва шаҳру ноҳияҳои он ба саноати коркард рост меояд, ки дар ҷадвали 1. - сохтори соҳаҳои саноат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва шаҳри Душанбе оварда шудааст.

**Ҷадвали 1. Сохтори соҳаҳои саноат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва шаҳри Душанбе (бо фоиз,%)**

| Солҳо | 2019 | 2020 | 2021 | 2022 | 2023 |
|---|---|---|---|---|---|
| **Саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон** | **100,0** | **100,0** | **100,0** | **100,0** | **100,0** |
| Саноати коркард | 57,8 | 61,7 | 57,5 | 61,6 | 60,9 |
| Саноати истихроҷи маъдан | 17,6 | 13,9 | 21,6 | 20,7 | 19,9 |
| Истеҳсолу тақсими нерӯи барқ, об, газ ва гармӣ | 24,6 | 24,4 | 20,9 | 17,7 | 19,2 |
| **Саноати шаҳри Душанбе** | **100,0** | **100,0** | **100,0** | **100,0** | **100,0** |
| Саноати коркард | 64,2 | 62,1 | 61,3 | 68,3 | 70,1 |
| Саноати истихроҷи маъдан | 1,6 | 1,5 | 1,5 | 1,5 | 1,4 |
| Истеҳсолу тақсими нерӯи барқ, об, газ ва гармӣ | 34,2 | 35,3 | 37,2 | 30,2 | 28,5 |

**Манбаъ:** Маҷмӯаи Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Саноати Тоҷикистон 2020,2021,2022,2023,2024

Тавре ки аз ҷадвали 1 бармеояд, дар Ҷумҳурии Тоҷикистон **соҳаи истихроҷи маъдан** соли 2019 ба 17,6% баробар буд ва дар соли 2023 то 19,9% коҳиш ёфт. Нишондиҳандаи ҳадди аксар дар соли 2021 дида мешавад, ки он 21,6% - ро ташкил медиҳад, аммо коҳиш дар солҳои охир мушоҳида мешавад[3].

**Саноати коркард** бошад: аз 57,8% дар соли 2019 то 60,9% дар соли 2023 афзоиш ёфтааст, ки ин аз таваҷҷӯҳи зиёд ба соҳаи мазкур шаҳодат медиҳад.

Дар самти **истеҳсол ва тақсимоти нерӯи барқ, об ва газ** коҳишёбӣ ба назар расида, аз 24,6% дар соли 2019 то 19,2% дар соли 2023 кам шудааст, ки ин аз ҳисоби афзоиши самаранокии энергия ва коҳиши микёси лоиҳаҳои инфрасохторӣ мебошад.

Дар шаҳри Душанбе, соҳаи истихроҷи маъдан аслан вуҷуд надорад,

нишондиҳандаи мазкур аз соли 2019 то 2023 - 1,5% устувор буда, бахши саноати коркард аз 64,2% дар соли 2019 то 70,1% дар соли 2023 афзоиш ёфтааст. Ин афзоиши назаррас дар байни тамоми соҳаҳо буда, аз рушди саноати пойтахт шаҳодат медиҳад.

Соҳаи истеҳсол ва тақсимоти нерӯи барқ, об ва газ дар шаҳри Душанбе низ рӯ ба коҳишёбӣ ниҳода, аз 35,3% дар соли 2019 то 28,5% дар соли 2023 расидааст. Ин соҳа тадриҷан мавқеи худро дар сохтори саноати пойтахт аз даст дода, ба соҳаи коркард ҷой медиҳад.

Аз ин ҷо бармеояд, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон соҳаи саноати коркард омили асосии рушди саноат ба шумор меравад, дар ҳоле ки ҳиссаи саноати электроэнергетика кам мешавад. Соҳаи истихроҷи маъдан бошад мӯътадил боқӣ мемонад, аммо афзоиши назаррасро нишон намедиҳад.

Сохтори соҳаҳои саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2023 дар диаграммаи 1 оварда шудааст.

**Диаграммаи 1**




**Манбаъ:** Таҳияи муаллиф дар асоси ҷадвали 1.

Дар шаҳри Душанбе низ саноати коркард самти асосии рушди саноат дар пойтахт буда, дар давоми 5 соли охир мунтазам афзоиш меёбад. Ҳиссаи нерӯи барқ бошад коҳиш меёбад, ки ин метавонад аз афзалиятҳои навсозии инфрасохтор ва сарфаи энергия шаҳодат диҳад, ки инро метавон аз рӯи диаграммаи 2 мушоҳида кард.

**Диаграммаи 2**




**Манбаъ:** Таҳияи муаллиф дар асоси ҷадвали 1.

Мувофиқи диаграммаи мазкур саноати истихроҷи маъдан 1,4% - ро ташкил дода, он аз ҳаҷми умумии истеҳсоли саноатии шаҳри Душанбе хеле кам аст ва ба норасоии конҳо ё ба коркарди ашёи хоми аз дигар минтақаҳо воридшаванда ишора мекунад.

Саноати коркард бошад 70,1% - ро ташкил медиҳад, ки қисми асосии истеҳсолоти саноатӣ ба ин категория рост меояд. Ин нишон медиҳад, ки пойтахт асосан ба коркарди ашёи хом ва истеҳсоли маҳсулоти тайёр нигаронида шудааст.

Истеъмол ва тақсимоти нерӯи барқ, об, газ ва гармӣ 28,5% - ро ташкил медиҳад, ки ин ҳиссаи назаррас ва сатҳи баланди истеъмол ва тақсимоти захираҳои энергетикиро нишон дода, он бо ниёзҳои инфрасохторӣ ва коммуналии шаҳр алоқаманд аст[8].

Хуллас, саноати коркард дар шаҳри Душанбе нисбат ба ҳисоби миёна дар тамоми кишвар ҳиссаи калонтарро ташкил медиҳад. Ин ба он вобаста аст, ки шаҳри Душанбе маркази бузурги саноатӣ буда, дар он корхонаҳои коркард ва иқтидорҳои истеҳсолӣ мутамарказ шудаанд.

**Ҷадвали 2. Шумораи корхонаҳои саноатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва шаҳри Душанбе**

| Солҳо | 2019 | 2020 | 2021 | 2022 | 2023 |
|---|---|---|---|---|---|
| **Ҷумҳурии Тоҷикистон** | | | | | |
| **Саноати коркард** | 1746 | 1846 | 1927 | 2318 | 2954 |
| **Саноати истихроҷи маъдан** | 250 | 264 | 291 | 303 | 315 |
| **Истеҳсолу тақсими нерӯи барқ, об, газ ва гармӣ** | 168 | 173 | 179 | 181 | 184 |
| **шаҳри Душанбе** | | | | | |
| **Саноати коркард** | 260 | 454 | 487 | 601 | 714 |
| **Саноати истихроҷи маъдан** | 29 | 8 | 26 | 24 | 23 |
| **Истеҳсолу тақсими нерӯи** | 25 | 24 | 25 | 25 | 25 |

| | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| **барқ, об, газ ва гармӣ** | | | | | |

**Манбаъ:** Саноати Тоҷикистон – 2020, 2021, 2022, 2023, 2024 /Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон - с.46-47

Дар асоси маълумоти ҷадвал, тамоюли афзоиши шумораи корхонаҳои саноатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва шаҳри Душанбе мушоҳида мешавад. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, шумораи умумии корхонаҳои саноатӣ аз 1746 дар соли 2019 ба 2954 дар соли 2023 расидааст, ки суръати рушди 69.2% - ро ташкил медиҳад. Хусусан, соҳаи саноати истихроҷи маъдан низ бо афзоиш аз 250 дар соли 2019 то 315 дар соли 2023 (26% зиёдшавӣ) пешрафт кардааст. Дар ҳамин ҳол, шумораи корхонаҳое, ки ба истеҳсол ва тақсими нерӯи барқ, об, газ ва гармӣ машғуланд, дар тӯли солҳои зикршуда тағйироти ночизеро таҷриба карда, аз 168 ба 184 расидааст, ки 9,5% афзоиш мебошад.

Дар шаҳри Душанбе афзоиши шумораи корхонаҳои саноатӣ ба назар мерасад, аз 260 корхона дар соли 2019, шумораи онҳо ба 714 дар соли 2023 расидааст, ки ин 174,6% афзоиш ёфтааст ва рушди босуръати саноати шаҳрро инъикос менамояд.

Дар маҷмӯъ, мувофиқи маълумотҳои пешниҳодшудаи ҷадвал маълум шуд, ки саноати Тоҷикистон, махсусан дар пойтахт, суръати баланди рушдро таҷриба мекунад, гарчанде ки баъзе бахшҳо мисли саноати истихроҷи маъдан дар шаҳри Душанбе каме коҳиш ёфтаанд.

Саноати хӯрокворӣ Тоҷикистон яке аз соҳаҳои муҳими стратегии саноат мебошад. Он бояд таъмини устувори шаҳрвандони ҷумҳуриро бо маҳсулоти зарурӣ аз рӯи шумора ва сифати ғизо кафолат диҳад. Ба саноати хӯрокворӣ ҳамаи он корхонаҳое дохил мешаванд, ки маҳсулоти тайёр ва нимтайёри ғизоӣ аз ҷумла нон ва маҳсулоти нонӣ, шириниҳо, гӯшт ва маҳсулоти гӯштӣ, шир ва маҳсулоти ширӣ, панирҳо, равғанҳои истеъмолӣ, нӯшокиҳои спиртдору беспирт, шарбатҳои меваю сабзавот, ғалла ва маҳсулоти ғаллагӣ, меваи тару хушк, чорво ва маҳсулоти чорво, парандапарварӣ ва маҳсулоти он истеҳсол мекунанд[10].

**Ҷадвали 3. Ҳаҷми маҳсулоти саноатӣ аз рӯи соҳаи саноати коркард дар ҶТ**
(млн. сомонӣ, бо нархҳои солҳои дахлдор)

| № | Нишондиҳандаҳо | 2019 | 2020 | 2021 | 2022 | 2023 | 2023 нисбат ба 2019 (%) |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | **Саноати коркард дар умум:** | **15952** | **19054** | **22313** | **26497** | **28537** | **78,89** |
| 1. | ***истеҳсоли маҳсулоти хӯрока, нӯшокиҳо ва тамоку*** | 5399 | 7089 | 7608 | 10383 | 11621 | **115,2** |
| 2. | ***истеҳсоли нассоҷӣ ва дузандагӣ*** | 2636 | 2870 | 4096 | 4720 | 4500 | **101,1** |
| 3. | ***истеҳсоли металлургӣ ва истеҳсоли маснуоти тайёри филизӣ*** | 3874 | 4978 | 5967 | 6093 | 6486 | **167,4** |

**Манбаъ:** Омори солонаи ҶТ (маҷмааи оморӣ) АОПҶТ, **Душанбе, 2020. – с. 272.**

**Ҳаҷми маҳсулоти саноатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷкистон ҳамасола рӯ ба афзоиш буда, соли 2019 ба маблағи 27613** млн. сомонӣ маҳсулот истеҳсол карда шудааст, ки ин нишондод дар соли 2023 ба

маблағи 46857 млн. сомонӣ расида, нисбатан 1,7 маротиба зиёд мебошад.

**Чӣ тавре, ки ба мо маълум аст, саноати коркард 60,9 % - и** ҳаҷми умумии маҳсулоти саноатиро ташкил дода, он яке аз соҳаҳои пешбар ҳам дар шаҳри Душанбе ва ҳам дар ҷумҳурӣ ба ҳисоб меравад. Саноати коркард яке аз бахшҳои асосии иқтисодиёт буда, коркарди ашёи хомро ба маҳсулоти тайёр ё нимтайёр фаро мегирад. Ин саноат бахшҳои гуногунро дар бар мегирад, ки вобаста ба намуд ва равияи истеҳсолот фарқ мекунанд. Мувофиқи ҷадвали дар боло овардашуда, бахшҳои асосии саноати коркард инҳо ба ҳисоб меравaнд:

1. Саноати хӯрокворӣ, ки ба коркарди маҳсулоти кишоварзӣ ва (гандум, меваҷот, сабзавот, гӯшт, шир) истеҳсоли консерваҳо, нон, ширинихо, нӯшокиҳо ва дигар маҳсулоти хӯрокворӣ машғул буда, дар **соли 2019 ба маблағи** 5399 млн. сомонӣ маҳсулот истеҳсол шудааст, ки ин нишондод дар соли 2023 ба маблағи 11621 млн. сомонӣ расидааст, яъне 115,2% афзоиш ёфтааст. Саноати хӯрокворӣ 40,7 % - и соҳаи саноати коркардро ташкил медиҳад.

2. Саноати нассоҷӣ ва дӯзандагӣ бошад, ба коркарди нахи пахта, пашм, абрешим ва дигар ашёи хом барои истеҳсоли матоъ машғул буда, либос ва маснуоти гуногуни нассоҷӣ истеҳсол мекунад. Ин соҳаи саноати коркард **2019 ба маблағи 2636** млн. сомонӣ маҳсулот истеҳсол шудааст, ки ин нишондод дар соли 2023 ба маблағи 4500 млн. сомонӣ расидааст, яъне 101,1% афзоиш ёфта, 15,7 % - и соҳаи саноати коркардро ташкил медиҳад.

3. Саноати металлургӣ - маъданҳои металлӣ (тиллои сиёҳ, алюминий, мис ва ғайраҳо) коркард карда, аз он маҳсулоти металлӣ барои сохтмон ва техника истеҳсол мекунад. Он дар соли **2019 ба маблағи 3874** млн. сомонӣ маҳсулот истеҳсол намуда ин маблағ дар соли 2023 ба 6486 млн. сомонӣ расидааст, яъне 167,4% афзоиш ёфта, 22,7% - и соҳаи саноати коркардро ташкил медиҳад.

Ҳар як бахши саноати коркард бо истифодаи технологияҳои муосир ва равандҳои истеҳсолии махсус рушд мeёбад, ки барои эҷоди маҳсулоти рақобатпазир ва бозори дохиливу хориҷӣ аҳамияти калон дорад[11;12;13].

Саноати хӯрокворӣ дар шаҳри Душанбе низ як бахши муҳим ва калон дар иқтисодиёт мебошад, ки ба истеҳсол, коркард, нигоҳдорӣ, бастабандӣ ва интиқол додани маҳсулоти хӯрокворӣ машғул аст. Ин соҳа барои таъмини амнияти озуқаворӣ, беҳдошти солимии мардум ва рушди иқтисодиёт дар кишвар аҳамияти калон дорад.

Мувофиқи ҷадвали 4 ҳаҷми маҳсулоти саноатиро аз рӯи соҳаи саноати коркард дар шаҳри Душанбе дида мебароем.

**Ҷадвали 4. Ҳаҷми маҳсулоти саноатӣ аз рӯи соҳаи саноати коркард дар ш.Душанбе**

| № | Нишондиҳандаҳо | 2019 | 2020 | 2021 | 2022 | 2023 |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | **Саноати коркард дар умум:** | 1782765,5 | 1655386,7 | 2045726,2 | 2415990,7 | 2987662,7 |
| 1. | ***истеҳсоли маҳсулоти хӯрока, нӯшокиҳо ва тамоку*** | 680343,7 | 652355,7 | 820079,0 | 898782,0 | 1194283,1 |
| 2. | ***истеҳсоли нассоҷӣ ва дузандагӣ*** | 95575,2 | 128608,6 | 107443,8 | 125281,6 | 170736,4 |
| 3. | ***истеҳсоли металлургӣ ва истеҳсоли маснуоти тайёри филизӣ*** | 171374,4 | 104176,4 | 108416,0 | 200767,1 | 216096,8 |

Манбаъ: Саноати Тоҷикистон – 2020, 2021, 2022, 2023, 2024 /Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон - с.46-47

Мувофиқи ҷадвали мазкур, дар соли 2020, ҳаҷми умумии маҳсулоти саноати коркард коҳиши 7.15%-ро таҷриба кард, аммо дар соли 2021 он бо 23.58% афзоиш ёфт. Ин тамоюли мусбат дар солҳои минбаъда низ идома ёфт, ки соли 2022 18.10% ва соли 2023 23.66% зиёд шуд.

Истеҳсоли маҳсулоти хӯрока, аз ҷумла нӯшокиҳо ва тамоку, низ дар соли 2020 бо 4.11% коҳиш ёфт, вале дар соли 2021 25.71% боло рафт. Ин афзоиш соли 2022 сусттар шуда, 9.60%-ро ташкил дод, аммо соли 2023 бо 32.88% рушд кард, ки баландтарин сатҳи афзоиш дар давраи таҳлил мебошад.

Дар соҳаи нассоҷӣ ва дӯзандагӣ, соли 2020 афзоиши назарраси 34.56% мушоҳида шуд, вале соли 2021 бо 16.46% коҳиш ёфт. Бо вуҷуди ин, истеҳсолот дар соли 2022 16.60% ва соли 2023 36.28% зиёд гардид, ки нишон медиҳад ин соҳа пас аз коҳиш дубора рушд кардааст.

Дар соҳаи металлургия ва маснуоти тайёри филизӣ соли 2020 коҳиши ҷиддии 39.21% ба назар расид. Аммо соли 2021 вазъият каме беҳтар шуда, афзоиши 4.07% ба қайд гирифта шуд. Соли 2022 ин соҳа бо 85.18% босуръат рушд кард, дар ҳоле ки соли 2023 афзоиши муътадили 7.64% ба назар расид.

Дар маҷмӯъ, ҳамаи соҳаҳои саноати коркард дар соли 2023 афзоиши назаррасро нишон доданд, махсусан соҳаи истеҳсоли маҳсулоти хӯрока ва нассоҷӣ, ки шарҳи онро мо дар ҷадвали 5 яъне, аз рӯи шумораи корхонаҳо дар ин соҳаҳо муфассалтар овардем.

**Ҷадвали 5. Шумораи корхонаҳои саноати коркард дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва шаҳри Душанбе**

| Солҳо | 2019 | 2020 | 2021 | 2022 | 2023 |
|---|---|---|---|---|---|
| **Ҷумҳурии Тоҷикистон** | | | | | |
| ***истеҳсоли маҳсулоти хӯрока, нӯшокиҳо ва тамоку*** | 462 | 501 | 515 | 634 | 795 |
| ***истеҳсоли нассоҷӣ ва дузандагӣ*** | 368 | 397 | 414 | 451 | 484 |
| ***истеҳсоли металлургӣ ва истеҳсоли маснуоти тайёри филизӣ*** | 112 | 115 | 116 | 131 | 147 |
| **шаҳри Душанбе** | | | | | |
| ***истеҳсоли маҳсулоти хӯрока, нӯшокиҳо ва тамоку*** | 89 | 105 | 121 | 137 | 198 |
| ***истеҳсоли нассоҷӣ ва дузандагӣ*** | 25 | 27 | 29 | 31 | 43 |
| ***истеҳсоли металлургӣ ва истеҳсоли маснуоти тайёри филизӣ*** | 28 | 32 | 32 | 40 | 43 |

**Манбаъ:** Саноати Тоҷикистон – 2020, 2021, 2022, 2023, 2024 /Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон

Дар тӯли солҳои 2019 то 2023, шумораи корхонаҳои саноати коркард дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва шаҳри Душанбе афзоиши назаррасро таҷриба кардааст, ки бо рушди соҳаҳои истеҳсолӣ, тақвияти сармоягузориҳои дохилӣ ва хориҷӣ, инчунин баланд бардоштани иқтидори корхонаҳои мавҷуда рабт дорад.

Аз ҷумла, дар Ҷумҳурии Тоҷикистон шумораи корхонаҳои соҳаи истеҳсоли

маҳсулоти хӯрока, аз он ҷумла нӯшокиҳо ва тамоку дар соли 2023 нисбат ба соли 2019 333 корхона зиёд шуда, бо афзоиши 72,1% баробар аст. Ин нишондиҳанда гувоҳӣ медиҳад, ки талабот ба маҳсулоти озуқаворӣ ва рушди бозори дохилӣ сабабгори вусъатёбии истеҳсолот гардидааст.

Дар самти истеҳсоли нассоҷӣ ва дӯзандагӣ, шумораи корхонаҳо дар сатҳи ҷумҳурӣ аз 368 адад дар соли 2019 ба 484 адад дар соли 2023 расида, афзоиши 31,5%-ро нишон медиҳад. Гарчанде ки рушди ин бахш назар ба истеҳсоли маҳсулоти хӯрокворӣ камтар бошад ҳам, афзоиши устувори он ба такмили технологияҳои истеҳсолӣ ва афзоиши талабот ба маҳсулоти нассоҷӣ рабт дорад.

Дар соҳаи истеҳсоли металлургӣ ва маснуоти филизӣ, афзоиши шумораи корхонаҳо дар ҷумҳурӣ аз 112 адад дар соли 2019 то 147 адад дар соли 2023 расида, 31,3% афзоиш ёфтааст. Ин далолат бар он мекунад, ки дар ин бахш иқтидори истеҳсолӣ тадриҷан рушд меёбад, ки бо афзоиши сармоягузориҳои инфрасохторӣ ва афзоиши талабот ба маҳсулоти филизӣ иртибот дорад.

Дар шаҳри Душанбе низ динамикаи рушди саноат ба назар мерасад. Аз ҷумла, шумораи корхонаҳои истеҳсоли маҳсулоти хӯрока, нӯшокиҳо ва тамоку дар соли 2023 нисбат ба 2019 2,2 баробар афзоиш ёфта, аз 89 ба 198 адад расидааст, ки ба афзоиши 122,5% баробар мебошад. Ин афзоиш нишон медиҳад, ки Душанбе ҳамчун маркази муҳими истеҳсолии кишвар фаъолиятро густариш дода, ба таъмини бозори дохилӣ бо маҳсулоти озуқаворӣ мусоидат менамояд.

Соҳаи нассоҷӣ ва дӯзандагӣ дар пойтахт низ афзоиши назаррасро таҷриба кардааст. Шумораи корхонаҳо дар ин бахш аз 25 адад дар соли 2019 ба 43 адад дар соли 2023 расида, ки афзоиши 72%-ро ташкил медиҳад. Гарчанде ки ҳаҷми мутлақи корхонаҳо дар ин соҳа нисбатан кам бошад, аммо суръати афзоиш нишон медиҳад, ки таваҷҷуҳи зиёд ба рушди истеҳсоли нассоҷӣ дар пойтахт мавҷуд аст.

Дар самти металлургия ва истеҳсоли маснуоти филизӣ, Душанбе низ афзоиши устуворро таҷриба кардааст. Шумораи корхонаҳо аз 28 адад дар соли 2019 ба 43 адад дар соли 2023 расида, бо афзоиши 53,6% баробар мебошад. Ин тамоюл нишон медиҳад, ки пойтахт ҳамчун маркази саноатӣ на танҳо дар бахшҳои истеҳсоли маҳсулоти истеъмолӣ, балки дар соҳаҳои саноати вазнин низ мавқеи худро тақвият мебахшад.

**Хулоса,** рушди соҳаҳои гуногуни саноати коркард дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва шаҳри Душанбе дар давоми солҳои 2019–2023 бо суръати гуногун ҷараён гирифта, бештар дар бахши истеҳсоли маҳсулоти хӯрока тамаркуз шудааст. Дар баробари ин, афзоиши устувори шумораи корхонаҳо дар бахшҳои нассоҷӣ ва металлургия нишон медиҳад, ки ҳукумати кишвар ва бахши хусусӣ ба диверсификатсияи истеҳсолот ва рушди саноати миллии рақобатпазир таваҷҷӯҳи ҷиддӣ зоҳир менамоянд.

**Адабиёт**


1. Бонки Миллии Тоҷикистон, “Шарҳи рушди иқтисодӣ ва саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон”, Душанбе, 2023. – 180 саҳ.
2. Вазорати рушди иқтисод ва савдои ҶТ, “Барномаи рушди саноати Тоҷикистон то соли 2030”, Душанбе, 2021. – 145 саҳ.
3. Кумитаи омори назди Ҳукумати ҶТ, “Маълумоти омории рушди саноати Тоҷикистон дар солҳои 2015-2023”, Душанбе, 2023. – 170 саҳ.
4. Каримов Ҳ., “Сиёсати саноатии Тоҷикистон: имкониятҳо ва мушкилот”, Душанбе: Пайванд, 2019. – 230 саҳ.

5. Назаров Ш., “Иқтисодиёти Тоҷикистон: рушди саноат ва роҳҳои такмили он”, Душанбе: Ирфон, 2018. – 250 саҳ.
6. Раҳмонов А., “Ислоҳоти иқтисодӣ ва рушди саноати истеҳсолӣ дар Тоҷикистон”, Душанбе: Маориф, 2017. – 190 саҳ.
7. Саидов Ҷ., “Нақши сармоягузорӣ дар рушди соҳаи саноати Тоҷикистон”, Душанбе: Сино, 2022. – 205 саҳ.
8. Ҳамроев Ф., “Рушди устувори иқтисоди миллӣ ва нақши саноат дар он”, Душанбе: Дониш, 2020. – 210 саҳ.
9. Ҷумъахонов Б., “Таҳлили иқтисодӣ ва дурнамои рушди саноати Тоҷикистон”, Душанбе: Деваштич, 2016. – 220 саҳ.
10. UNDP Tajikistan, “Industrial Development and Economic Growth in Tajikistan: Challenges and Opportunities”, Dushanbe, 2022. – 240 pages.
11. Якубзода, М. С. Имтиёзҳои андозӣ ҳамчун воситаи ҷалби сармоягузорӣ ба иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон / М. С. Якубзода, Ш. А. Қодирзода // Паёми молия ва иқтисод. – 2023. – No. 4-1(38). – P. 228-235. – ISSN: 2663-0389.
12. Рахимов, Р. К. Совершенствование взаимодействия реального и денежного секторов экономики Республики Таджикистан / Р. К. Рахимов, Я. П. Довгялло, Б. М. Шарипов // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. – 2015. – № 2/3(165). – С. 113-121. – EDN UNJKDJ.
13. Шарипов, Б. М. Теоретико-методологические аспекты стимулирования инновационного развития экономики РеспубликиТаджикистан / Б. М. Шарипов, Д. Т. Назаров // Вестник ПИТТУ имени академика М.С. Осими. – 2020. – № 4(17). – С. 50-59. – EDN KGBFWU.

**Маълумот дар бораи муаллифон:**
**Мирзоҷонзода Насиба Мирзоҷон** – номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсенти кафедраи “Иқтисодиёт ва идора” – и Донишгоҳи технологии Тоҷикистон. Суроға: 734061, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, х. Н. Қаробоев 63/3. Тел.: (+992) 005 05 70 24.
**Қодирзода Шабнам Абдуғойиб** – ассистенти кафедраи “Молия ва қарз” – и Донишгоҳи технологии Тоҷикистон. Суроға: 734061, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, х. Н. Қаробоев 63/3. Тел.: (+992) 918 11 73 83. E-mail: sh.qodirzoda93@mail.ru.

**Сведения об авторах:**
**Мирзоджонзода Насиба Мирзоджон** – кандидат экономических наук, доцент кафедры «Экономика и управления» Технологического университета Таджикистана.
Адрес: 734061, Республика Таджикистан, г. Душанбе, ул. Н.Каробоева 63/3. Тел.:(+992) 0050570 24.
**Кодирзода Шабнам Абдугойиб** - ассистент кафедры " Финансы и кредит” Технологического университета Таджикистана. Адрес: 734061, Республика Таджикистан, г. Душанбе. Душанбе, х. Н. Каробоев 63/3. Тел.: (+992) 918 11 73 83. E-mail: **sh.qodirzoda93@mail.ru**.

**Information about the authors:**
**Mirzojonzoda Nasiba Mirzodzhon** – candidate of economic sciences, associate professor of the department of "Economics and management" of the Technological University of Tajikistan. Address: 734061, Republic of Tajikistan, Dushanbe, N. Karoboev street 63/3. Tel.: (+992) 005 05 70 24.
**Kodirzoda Shabnam Abdugoyib -** assistantat of the Department of Finance and Credit at the Technological University of Tajikistan. Address: 734061, Republic of Tajikistan, Dushanbe. Dushanbe, H. N. Karoboev 63/3. Phone: (+992) 918 11 73 83. E-mail: sh.qodirzoda93@mail.ru

**УДК: 314.74**

**ТАНЗИМИ РАВАНДҲОИ МУҲОҶИРАТ ҲАМЧУН ЯКЕ АЗ ОМИЛҲОИ ТАЪМИНИ АМНИЯТИ ИҚТИСОДИИ КИШВАР**

**Ғоибназарзода С.М.**

***Аннотатсия.*** *Мақолаи пешниҳодшуда ба омӯзиши масъалаҳои танзими давлатии равандҳои муҳоҷират дар давраи муосир ва нақши он дар таъмии амнияти иқтисодии кишварамон бахшида шудааст. Дар мақола баъзе мисолҳо оид ба таҷрибаи байналхалқӣ дар самти муҳоҷират, рушди институтсионалии сохтори ваколатдори давлатӣ оид ба муҳоҷират ва татбиқи механизмҳо ҷиҳати танзими давлатии равандҳои муҳоҷират, ки яке аз омиҳои таъмини амнияти иқтисодӣ дар давраи муосир мебошад, мавриди омузиш қарор дода шуданд. Дар хотима муаллиф таклифҳоро ҷиҳати ҳалли душвориҳо дар ин самти афзалиятноки ҷомеа ва равона кардани иқтидори он барои рушди иқтисодии давлат, пешниҳод менамояд.*

***Калидвожаҳо:*** *танзими давлатии равандҳои муҳоҷират, амнияти иқтисодӣ, институти муҳоҷират, сиёсати самараноки муҳоҷират, таҷрибаи байналхалқӣ.*

***Барои иқтибос:*** *Ғоибназарзода С.М. Танзими равандҳои муҳоҷират ҳамчун яке аз омилҳои таъмини амнияти иқтисодии кишвар / С.М. Ғоибназарзода // Паёми молия ва иқтисод. – 2024. – No. 4.2 (43). – С. 44-52.*

**РЕГУЛИРОВАНИЕ МИГРАЦИОННЫХ ПРОЦЕССОВ КАК ОДИН ИЗ ФАКТОРОВ ОБЕСПЕЧЕНИЯ ЭКОНОМИЧЕСКОЙ БЕЗОПАСНОСТИ СТРАНЫ**

**Гоибназарзода С.М.**

***Аннотация.*** *Представленная статья посвящена изучению вопросов государственного регулирования миграционных процессов в современный период и его роли в обеспечении экономической безопасности нашей страны. В статье рассматриваются некоторые примеры международного опыта в области миграции, развитие институциональной структуры государственных органов, ответственных за миграцию, а также внедрение механизмов государственного регулирования миграционных процессов, которые являются одним из факторов обеспечения экономической безопасности в современный период. В заключение автор предлагает рекомендации для решения проблем в этой важной сфере общества и направления использования ее потенциала для экономического развития страны.*

***Ключевые слова:*** *государственное регулирование миграционных процессов, экономическая безопасность, миграционные институты, эффективная миграционная политика, международный опыт.*

**REGULATION OF MIGRATION PROCESSES AS ONE OF THE FACTORS OF ENSURING THE ECONOMIC SECURITY OF THE COUNTRY**

**Ghoibnazarzoda S.M.**

***Abstract****. The presented article is devoted to the study of the issues of state regulation of migration processes in the modern period and its role in ensuring the economic security of our country. The article discusses some examples of international experience in the field of*

*migration, the development of the institutional structure of state bodies responsible for migration, as well as the implementation of mechanisms for state regulation of migration processes, which are one of the factors of ensuring economic security in the modern period. In conclusion, the author proposes recommendations for solving problems in this important area of society and directions for utilizing its potential for the country's economic development.*

***Keywords**: state regulation of migration processes, economic security, migration institutions, effective migration policy, international experience.*

**Гузориши масъала.** Ҷумҳурии Тоҷикистон тайи даҳсолаҳои охир ба монанди дигар давлатҳои хориҷи дуру наздик, ба қатори кишвари интиқолдиҳандаи муҳоҷирон дохил мегардад ва аз душвориҳо дар ин самт холис нест. Масъалаҳо марбут ба душвориҳои идора кардани равандҳои муҳоҷират дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва андешидани тадбирҳо ҷиҳати пайдо кардани роҳҳои ҳалли он, чандин маротиба аз ҷониби пажӯҳишгоҳҳои илмӣ-тадқиқотӣ ва коршиносони дохилию хориҷӣ омӯхта мешаванд ва хулосаҳои зарурӣ доир ба беҳтар намудани вазъи муҳоҷират, ба вазорату идораҳои дахлдор ва Ҳукумати мамлакат манзур мегарданд.

**Таҳлили таҳқиқотҳои охир ва нашриёт.** Ҳалли душвориҳо дар самти муҳоҷират танзими давлатӣ ва идоракуниро пойдор месозад ва он имконият медиҳад, ки иқтидори муҳоҷират барои баланд бардоштани сатҳи зиндагии аҳолӣ ва рушди иқтисодии давлат равона карда шавад. Дар навбати худ, иҷрои вазифаҳои зикргардида вазъи иҷтимоии мамлакатро мӯътадил менамояд ва ин яке аз роҳҳои таъмини амнияти иқтисодии кишвар мебошад. Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳанӯз соли 2001 Консепсияи давлатиро дар самти муҳоҷирати меҳнатӣ қабул кард ва он тасдиқи кӯшишҳои ҳукуматро дар ҳалли масъалаҳои муҳоҷират бо дарназардошти манфиатҳои иқтисоди он нишон медиҳад. Дар банди 2.6.-и Консепсия чунин дарҷ карда шудааст: "Бо дарназардошти он, ки даромади меҳнаткашони муҳоҷир чун қоида дар муқоиса бо ҷумҳурӣ бештар аст, тавсеаи содироти қувваи корӣ ба афзоиши пасандози аҳолӣ мусоидат хоҳад кард, ки метавонад манбаи муҳими инвеститсия ба иқтисоди кишвар гардад" [3].

Айни замон бошад, вобаста ба душвориҳои мавҷудбуда, кишварҳои дунё барои танзими равандҳои муҳоҷирати аҳолии байналхалқӣ тадбирҳо андешида истодаанд. Пеш аз ҳама, ин масъалаҳои вобаста ба афзоиши ҷараёнҳои муҳоҷират ва хусусиятҳои ивазшавандаи равандҳои муҳоҷират дар минтақаҳои сераҳолӣ, муайянсозии самтҳои асосӣ ва шакли муҳоҷирати аҳолӣ, маълум намудани манфиат ва камбудиҳои муҳоҷирати аҳолӣ бо кор карда баромадани механизми самараноки идоракунии равандҳои муҳоҷират ва истифода бурдани ин раванд дар рушди мамлакат ва таъмин намудани амнияти иқтисодӣ, ба ҳисоб мераванд.

**Мақсади мақола**. Таҳлил ва омӯзиши масъалаҳои танзими давлатии равандҳои муҳоҷират ва нақши он дар таъмини амнияти иқтисодии кишвар. Мақолаи мазкур бо мақсади пешниҳоди як назария ва роҳҳои амалии танзими муҳоҷират, ки метавонанд дар ҳалли мушкилоти иқтисодӣ ва иҷтимоии кишварҳо кӯмак кунанд, таҳия шудааст. Важно бо истифода аз таҷрибаи байналмилалӣ, рушд ва такмили сохтори институтсионалии давлат дар самти муҳоҷират ва татбиқи механизмҳои самараноки танзим дар шароити муосир.

**Муҳтавои асосии мавод.** Бо мақсади танзими равандҳои муҳоҷирати аҳолӣ ва

таъмини амнияти иқтисодӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ҳукумати мамлакат дар давраи истиқлолияти давлатӣ як қатор қонунҳо ва санадҳои меъерию ҳуқуқии миллиро дар соҳаи муҳоҷирати аҳолӣ қабул намуд. Инчунин, Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Конвенсияҳои зиёди байналхалқӣ оид ба муҳоҷират, бозори меҳнат ва шуғли аҳолӣ, ҳуқуқи инсон ва пешгирии одамрабоӣ, муҳоҷирати ғайриқонунӣ ва дигарҳо шомил гардида, ӯҳдадориҳои худро ба қадри имкон иҷро менамояд.

Дар ин давра чорабиниҳои зиёди давлатӣ, байналмилалӣ ва байниидоравӣ оид ба танзими давлатии равандҳои муҳоҷират гузаронида шуданд, лекин, бо сабабҳои объективию субъективӣ қисми зиеди масъалаҳо ҳалли саривақтии худро намеебанд ва аз ин хотир, самти фаъолият халалдор мегардад. Мутаассифона, дар баъзе ҳолатҳо душвориҳои сунъӣ бо сабаби нарасидани кадрҳои болаёқату таҷрибадор дар вазорату идораҳо ва ба дараҷаи баланд надонистани соҳаи муҳоҷират, ба амал меоянд.

Коршиносони дохилӣ ва хориҷӣ дар соҳаи муҳоҷират бар чунин ақидаанд, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон дар даҳсолаҳои наздик шиддати муҳоҷирати меҳнатии хориҷиро паст карда наметавонад, зеро дар дохили мамлакат вазъи бозори меҳнат беҳтар намегардад ва афзоиши ҳарсолаи шумораи бекорон ба шиддатнокии муҳоҷирати беруна оварда мерасонад. Аз ин сабаб, бо мақсади татбиқи механизми идоракунии давлатӣ ва танзими ҷараёнҳои муҳоҷират дар Тоҷикистон, бояд дар кишварамон дигаргуниҳои ҷиддӣ бо истифода аз таҷрибаи пешқадами байналхалқӣ дар самти мазкур амалӣ карда шаванд.

Пеш аз ҳама, вақте расидааст, ки идораи Хадамоти муҳоҷират аз таркиби Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон баровар да шуда, дар заминаи он Вазорат ё Кумитаи муҳоҷират ва диаспораҳо таъсис дода шавад. Чунин масъалагузорӣ ҳангоми сафари кории намояндагони Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон дар шаҳру вилоятҳои Федератсияи Россия, ки рӯзҳои 15 – 26 августи соли 2015 барпо гардида буд, мавриди муҳокима қарор дошт ва он аз талаботи вазъи ҳозираи ҷомеа бармеояд [5]..

Қайд кардан ба маврид аст, ки соли 2010 Вазорати меҳнат ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон ин гуна пешниҳоди дурандешонаро оид ба таъсис додани мақомоти алоҳидаи давлатии муҳоҷират дар сохтори Ҳукумати мамлакат, дастгирӣ намуда буд. Чунин қарорро роҳбарияти онвақтаи вазорат бархилофи ҳамаи манфиатҳои байниидоравӣ ва нигоҳдории ваколатҳои зиёди давлатӣ қабул карда буд ва ин гуна рафтору муносибат бо дарназардошти манфиатҳои давлатӣ, қобили эҳтиром ва барои дигарон мисоли ибратбахш мебошад. Зеро роҳбарияти онвақтаи Вазорати меҳнат ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон мушкилиҳоро дар самти муҳоҷират ба инобат гирифта, дар ҳақиқат манфиатҳои давлатӣ ва ҷомеаи шаҳрвандиро ҷиҳати зарурати ҳалли душвориҳои зиёд авлотар дониста буданд ва чунин қарори вазорат қобили эҳтироми умум мебошад.

Созмон додани ниҳоди босалоҳият ва ё калидии кишвар марбут ба масъалаҳои муҳоҷират боз аз он хотир зарур аст, ки ба ваколати Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон бисёр вазифаҳои дигари афзалиятноки давлатӣ ба монанди ҳалли душвориҳои бозори меҳнат ва шуғли аҳолӣ, касбомӯзии шаҳрвандони ҷумҳурӣ бо дарназардошти шумораи зиёди бекорон ва муҳоҷирон, пешбурди сиёсати меҳнат, назорати қонунгузорӣ дар соҳаҳои меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ, роҳнамоии касбӣ ва дигарҳо дохил мегарданд, ки дар ин гуна шароит иҷрои саривақтии ҳамаи масъалаҳо ниҳоят душвор аст.

Ҳамчун мисол таҷрибаи хуби бисёр давлатҳои собиқ шӯравиро дар самти муҳоҷират, ба монанди Арманистон, Озарбойҷон, Туркманистон, Ӯзбекистон, Қирғизистон овардан мумкин аст, ки дар ин мамлакатҳо идораҳои ваколатдори давлатӣ оид ба муҳоҷират бо мақоми худмустақил дар сохтори Ҳукумати ин кишварҳо фаъолият доранд ва онҳо дар татбиқи сиёсати давлатии муҳоҷират, идоракунии равандҳои муҳоҷирати аҳолӣ ва таъмини амнияти иқтисодӣ, дар муқоиса бо кишвари мо ба натиҷаҳои назаррас ноил гардидаанд.

Бо дарназардошти он ки ҷараёнҳои муҳоҷират дар миқёси ҷаҳон ва кишвари мо низ афзоиш ёфта истодаанд ва Ҷумҳурии Тоҷикистон боз якчанд даҳсолаҳо аз ҳалли мушкилот дар ин самт дур шуда наметавонад, инчунин барои татбиқи механизми самараноки идоракунии давлатӣ дар самти муҳоҷират ва таъмин намудани ҳифзи ҳуқуқу манфиатҳои муҳоҷирон дар дохил ва хориҷи кишвар, таъсис додани мансаби давлатии Ёрдамчии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба сиёсати муҳоҷират зарур мебошад. Таҷрибаи чандинсолаи кишварамон дар соҳаи муҳоҷират нишон медиҳад, ки дар бисёри мавридҳо ҷиҳати пайдарҳамии иҷрои вазифаҳо ва ҳамоҳангсозии фаъолияти байниидоравию байнидавлатӣ, қарорҳои саривақтӣ қабул карда намешаванд ва маҳз дар чунин вазъият кӯшишҳои Роҳбарияти давлат ва Ҳукумати мамлакатро халалдор намуда, ба пешбурди масъалаҳо таъсири манфӣ мерасонад. Дар чунин вазъият танҳо мансабдори бомаърифати давлатӣ дар симои Ёрдамчии Президенти мамлакат метавонад ҷиҳати татбиқи сиёсати давлатии муҳоҷират, ба танзим овардани равандхои он, ҳифзи ҳуқуқу манфиатҳои муҳоҷирони меҳнатӣ ва аъзои оилаи онҳо, таъмини амнияти иқтисодии кишвар ва ҳалли саривақтии дигар мушкилиҳо дар самти муҳоҷират, ваколатдор ва саҳмгузор бошад..

Инчунин, таҷрибаи байналхалқӣ тасдиқ менамояд, ки барои такмили механизми идоракунии давлатӣ ва танзими равандҳои муҳоҷирати аҳолӣ, ташкили системаи институти муҳоҷират бо дарназардошти ҳалли он дар ҳамаи пояҳои давлатдорӣ ба мақсад мувофиқ мебошад. Аз ин хотир, мутобиқи таҷрибаи давлати Филиппин, ба ҳайати вакилони мардумӣ интихоб кардани депутатҳо аз байни муҳоҷирони меҳнатӣ, ҳамватанони бурунмарзӣ ва диаспораҳо зарур буда, ҳамзамон дар Парлумони мамлакат таъсис додани Кумита оид ба масъалаҳои муҳоҷират ба мақсад мувофиқ аст. Ин гуна амал боварии мардумро нисбати сиёсати давлатӣ дар ин самт зиёд намуда, ҳамкориҳои мутақобила ва саҳмгузории муҳоҷиронро дар рушди иқтисодию иҷтимоии кишварамон баланд бардошта, устувории амнияти иҷтимоию иқтисодии мамлакатро таъмин менамояд.

Барои татбиқи механизми идоракунии давлатӣ дар соҳаи муҳоҷират ва пай дар пайу мақсаднок расидан ба ҳадафҳои гузоштаушда дар ин самт, ҳамчунин тахти роҳбарии бевоситаи Сарвазири Ҷумҳурии Тоҷикистон азнавсозӣ дар фаъолияти Комиссияи байниидоравӣ оид ба масъалаҳои муҳоҷирати назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон зарур мебошад. Зеро, фаъолияти Комиссияи амалкунанда дар муддати зиёда аз ду даҳсолаи охир натиҷаҳои дилхоҳ надод ва самараи он дар ҳалли мушкилиҳои муҳоҷират ниҳоят кам аст. Раисии Комиссияи номбурдаро яке аз муовинони Сарвазир бар ӯҳда дорад ва аъзоёни он аз муовинони вазирон ва муовинони роҳбарони дигар идораҳои давлатӣ иборат мебошад. Мутаассифона, таҷриба нишон медиҳад, ки дар бисёри мавридҳо қарорҳои қабулнамудаи Комиссияи мазкур иҷро намегарданд, зеро онро шахсоне ба имзо мерасонанд, ки дар асл ваколат ва салоҳияти онҳо аз тарафи вазорату идораҳо ҳукми қабулро надорад.

Дар давоми масъалаи танзими равандҳои муҳоҷирати аҳолӣ ва таъмини амнияти иқтисодӣ тазаккур додан лозим аст, ки рушди ҳамкориҳои давлатию хусусӣ яке аз воситаҳои аз байн бурдани мушкилиҳо дар соҳаи муҳоҷират мебошад. Айни замон дар Тоҷикистон кулли масъалаҳоро оид ба ҳифзи ҳуқуқу манфиатҳои муҳоҷирон дар дохил ва хориҷи мамлакат, омӯзиши муҳоҷирон ба касбу ихтисосҳои замонавӣ ва забонҳои хориҷӣ, бурдани корҳои иттилоотию фаҳмондадиҳӣ дар маҳалҳо, нашр намудани маводҳои чопӣ бо намуди буклету плакатҳо, сафарбар намудани муҳоҷирони меҳнатӣ ба хориҷа, таъмини ҳуқуқи муҳоҷирон дар мурофиаҳои судӣ ва доир ба дигар масъалаҳои ҳалталаб асосан идораҳои давлатӣ кору фаъолият мебаранд, ки ин гуна ҳолат ба сиёсати имрӯзаи давлатҳо ҷавобгӯӣ намебошад. Барои ҷорӣ намудани механизми муосири ҳамкориҳои давлатию хусусӣ ва татбиқи сиёсати давлатӣ дар соҳаи муҳоҷират, тақсимоти баробарона ва дурусти вазифаҳо бо ҷалбу иштироки фаъолонаи бахши хусусӣ дар ҳалли мушкилиҳои муҳоҷират яке аз роҳҳои ноил гардидан ба мақсадҳои гузошташуда ва ба даст овардани муваффақият ба ҳисоб меравад.

Дар асоси маълумотхои Созмони Милали Муттахид, солхои 60-уми асри гузашта микдори мухочирони мехнатӣ дар чахон хамаги 65 млн. нафарро ташкил медод, соли 2010 шумораи онхо то 214 млн. нафар ва соли 2022 то 281 млн. нафар афзуд. Ҳамзамон коршиносони СММ дар асоси тахлил ваояндабинӣ изхор менамоянд, ки равандхои мухочират дар микеси чахон боз хам пурзур гардида, то соли 2050 шумораи мухочирон дар кишвархои чахон ба 405 млн. нафар мерасад [4;10;11]. Ба чунин тарз афзоиш ёфтани ҷараёнҳои мухочиратро ҳамаи коршиносони дунё баҳодиҳӣ менамоянд ва ин гуна афзоишёбии ҷараёнҳои мухочират пеш аз ҳама ба дигаргун гаштани вазъи сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ, демографӣ ва экологӣ дар бисёри давлатҳои ҷаҳон мебошад.

Тайи солҳои охир кулли кишварҳои дунё ба бӯҳрони молиявию иқтисодӣ дучор гардидаанд, лекин ба бухрони молиявии иктисоди нигох накарда, микдори мухочирони байналмилали дар кишвархои саноатии тараккиефта сол аз сол зиед мегардад ва ин нишондиханда дар аввали асри бисту як афзоиш ёфта истодааст [9, с 125]. Ҳамзамон, баъзе кишварҳои қабули муҳоҷирони меҳнатии хориҷӣ кӯшиш менамоянд, ки бо назардошти ҳавасмандии молиявӣ ва истифода бурдани қувваи кории арзон, бозгашти мухочирони хоричиро халалдор менамоянд ва онҳоро ҳарчи бештар дар ҳудуди давлаташон нигоҳ доранд.

Дар ин радиф бояд қайд кард, ки дар ҳолатҳои дигар баъзе давлатҳои қабулкунандаи муҳоҷирон ҷиҳати беҳтар намудани вазъи муҳоҷирони хориҷӣ, қонунгузории худро такмил намедиҳанд ва ба Конвенсияҳои байналмилалӣ шомил намегарданд, зеро намехоҳанд ӯҳдадориҳои иловагиро бар ӯҳдаи худ дошта бошанд. Ба чунин кишварҳо Федератсияи Россия дохил мегардад ва муносибати дурушти ин давлат нисбат ба муҳоҷирони меҳнатии хориҷӣ тайи солҳои охир, шаҳодати сиёсати комилан номувофиқи ин мамлакат мебошад, ки бо ин сабаб шумораи зиёди муҳоҷирони хориҷӣ ин давлатро тарк мекунанд.

Таҳлилхои ду даҳсолаи охир нишон медиханд, ки мухочирати мехнатӣ аз Ҷумҳурии Тоҷикистон ба хориҷа, ба истисноии баъзе солҳо, пуршиддат мегардад ва барои нигоҳ доштан ва ё кам кардани шиддати мухочират, аз ҷониби Ҳукумати Ҷумхурии Тоҷикистон ва макомотхои дахлдори давлатӣ чорахои мушаххас андешида мешаванд. Лекин, мушкилиҳои мавҷудбуда дар самти бозори меҳнат ва шуғли аҳолии дохили кишвар имконият намедиҳанд, ки ҷараёни муҳоҷирати

меҳнатии шаҳрвандони кишварамон ба хориҷа то дараҷаи дилхоҳ коҳиш дода шавад.

**Ҷадвали 1. – Маълумот оид ба муҳоҷирати меҳнатии шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон ба хориҷа дар давраи солҳои 2003 – 2022 [1, 6, 2].**

| Солҳо | Шумораи муҳоҷирони меҳнатии равонагардида (ҳазор нафар) | Аз он ҷумла занон (шумора ва %) |
|---|---|---|
| 2003 | 347556 | 18914 (5,4%) |
| 2004 | 420622 | 19753 (4,2%) |
| 2005 | 412123 | 23452 (5,6%) |
| 2006 | 609316 | 30034 (4,9%) |
| 2007 | 573953 | 36725 (6,3%) |
| 2008 | 646298 | 41369 (6,4%) |
| 2009 | 677414 | 48365 (7,1%) |
| 2010 | 736446 | 62278 (8,5%) |
| 2011 | 750391 | 86733 (11,5%) |
| 2012 | 744360 | 87015 (11,6%) |
| 2013 | 799698 | 100875 (13,8%) |
| 2014 | 670806 | 106416 (15,8%) |
| 2015 | 552596 | 64667 (11,7%) |
| 2016 | 517308 | 81851 (15,6%) |
| 2017 | 487757 | 68036 (15,2%) |
| 2018 | 484176 | 64512 (14,1%) |
| 2019 | 530883 | 77013 (14,7%) |
| 2020 | 129807 | 16880 (13,0%) |
| 2021 | 373773 | 49174 (13,2%) |
| 2022 | 775578 | 121162 (15,6%) |

Аз ҷадвали боло маълум аст, ки агар соли 2003 миқдори муҳоҷирони меҳнатӣ - шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамагӣ 347556 нафарро ташкил дода бошад, пас ин рақам соли 2013 ба 799698 нафар расид, ки тасдиқи пуршиддат гардидани раванди муҳоҷирати меҳнатии шаҳрвандони кишварамон ба хориҷа мебошад [7]. Баъдан, аз соли 2014 ва то соли 2020 бо сабабҳои маълум раванди муҳоҷирати меҳнатии шаҳрвандони кишварамон ба хориҷа ба маротиб коҳиш ёфт. Сабаби асосии коҳиш ёфтани муҳоҷирати меҳнатии хориҷӣ, ин ҷорӣ кардани муҷозоти иқтисодии ШМА ва давлатҳои Иттиҳоди Аврупо нисбати Россия мебошад, ки дар натиҷа фаъолияти бисёри корхонаҳо паст гардид ва ё қатъ шуд.[12;13] Чунин ҳолат на танҳо бар души муҳоҷирони меҳнатии хориҷӣ, балки ба худи шаҳрвандони Россия низ душвориҳои зиёдро овард.

Ҳамзамон аз ҷадвали болозикр дида мешавад, ки соли 2019 тамоюли муҳоҷирати меҳнатии шаҳрвандони кишварамон ба хориҷа боз каме афзоиш ёфтааст ва аз шумораи 484176 нафар дар соли 2018 то 530883 нафар дар соли 2019 зиёд гардид [8], ки ин нишондиҳанда тасдиқи пай дар ҳам

шиддат ёфтани  ҷараёни муҳоҷирони меҳнатӣ ба хориҷа мебошад. Соли 2020 дар ҷаҳон босуръат касалии сирояткунандаи COVID-19 паҳн гардид ва дар чунин ҳолати хатарнок ба ҳаёти одамон, бисёр кишварҳо сарҳади давлатии худро бастанд ва аз ин хотир ҷараёни муҳоҷирати байналхалқӣ ба маротиб коҳиш ёфт.  Лекин, аз соли 2021 инҷониб ҷараёни муҳоҷирати меҳнатии шаҳрвандони кишварамон ба хориҷа боз маҷрои пештараи худро барқарор кард ва ин қонунияти раванди муҳоҷирати давлатҳои интиқолдиҳанда мебошад.

Таҳқиқотҳо нишон медиҳанд, ки дар чунин шароити зудивазшавандаи хусусияти муҳоҷирати меҳнатӣ, кишварҳои муваффақ дар самти муҳоҷират сиёсат ва қонунгузори худро такмил медиҳанд ва он имконият медиҳад, ки равандҳои муҳоҷират ба таври мӯътадил нигоҳ дошта шаванд. Ба Тоҷикистон низ татбиқи чунин сиёсати чандир ва мақсаднок зарур мебошад, зеро он ба танзими равандҳои муҳоҷират ва таъмини амнияти иқтисодии мамлакат мусоидат менамояд. Дар айни замон сиёсати муҳоҷирати меҳнатии кишварамон ба вусъатбахшии бештари робитаҳои расмии Тоҷикистон бо Россия, инчунин бо минтақаҳои асосии танзимкунандаи ҷараёнҳои муҳоҷиратӣ дар ин мамлакат нигаронида шудааст. Алалхусус, робитаҳои таърихан ташаккулёфтаи самти истеҳсолӣ-иқтисодӣ ва дар баробари ин, донистани забони русӣ, заминаҳои муҳими пайдо кардани мавқеи онҳо дар ин кишвар маҳсуб меёбанд.

Дар баробари ин, барои Ҷумҳурии Тоҷикистон масъалаи танзими бозори меҳнат,таъсис додани ҷойҳои нави корӣ бо маоши арзанда  дар дохили мамлакат ва ба шуғл фаро гирифтани шаҳрвандони кишвар, ниҳоятдараҷа ҳалталаб мебошад. Зеро, саривақт ҳал нагардидани масъалаҳо дар ин самт, шумораи ҳарсолаи муҳоҷирони меҳнатиро зиёд менамояд ва чунин ҳолат ба вазъи демографии ҷомеа низ хатар дорад.

Яке аз масъалахое, ки метавонад шиддати бозори мехнати дохили кишварро паст гардонида, хамзамон ба рушди иктисодии мамлакат ва сохибкории хурду миёна таъсири мусбат расонад, ин чалби инвеститсияхо ва маблағҳои диаспораҳои тоҷик, ҷамъиятҳои тоҷикон дар хориҷа, ҳамватанони бурунмарзӣ ва мухочирони меҳнатӣ мебошад. Мутаассифона, вазорату идорахо ва макомоти ичроияи хокимияти давлатии вилоятхо ва  шахру нохияхо доир ба ҳалли масъалаи мазкур ахамияти ҷиддӣ намедиханд ва дар баъзе мавридхо ба таври сунъӣ пеши рохи халли онро мегиранд. Дар ин самти фаъолият бояд аз чониби  рохбарон шаффофияти корӣ ва принсипи ватанпарварӣ кафолат дода шавад, ки дастуру супоришхои Президенти мамлакат марбут ба ҳалли мушкилиҳои муҳоҷират ва ҷалби диаспораҳо ва ҳамватанони бурунмарзӣ дар рушди кишвар саривакт иҷро карда шаванд.

Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақсади ноил гардидан ба натиҷаҳои назаррас дар самти муҳоҷират ва кор бо диаспораҳо, 29 майи соли 2010 таҳти №277 ва 1 апрели соли 2011 таҳти № 168 «Консепсия дар бораи ҷалби ҳамватанони бурунмарзӣ ҳамчун шарикони рушди кишвар» ва Нақшаи чорабинии онро тасдиқ кард, лекин баъзе аз вазорату идораҳо ҷиҳати иҷрои Консепсия ва Нақшаи чорабинии он масъулияти баландро ҳис намекунанд.  Дар ин самт низ мумкин аст аз таҷрибаи хуби давлатҳои Туркия, Ҳиндустон, Филиппин ва дигарҳо истифода бурд, зеро иқтисодиёти ин кишварҳо аз ворид намудани маблағҳои муҳоҷирони меҳнатӣ ва ҳамватанони бурунмарзӣ хеле мӯътадил гардида, сатҳи бекорӣ низ чандин маротиба коҳиш ёфт.

Бо мақсади ҳалли масъалаҳо оид ба танзим ва идора кардани равандҳои муҳоҷират ва бо ин роҳ бехтар намудани вазъи амнияти  иқтисодию иҷтимоии

мамлакат, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистонро лозим аст бо ҷалби ҳамаи шарикони рушд ва ҷомеаи шаҳрвандӣ гуфтушунидро баргузор намояд, зеро танҳо бо қувваи ягонаи ҳукуматӣ ва бе иштироки коршиносони холису ботаҷриба, кор карда баромадани стратегияи ояндасози давлатӣ дар самти муҳоҷират ғайриимкон аст.

Айни замон, дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон даҳҳо ҳазор нафар муҳоҷирони меҳнатии баргашта будубош доранд ва нисбати ҷалби онҳо ба фаъолияти доимии корӣ, омӯзиш ва бозомӯзӣ ба касбҳои замонавӣ, ҷудо кардани заминҳои наздиҳавлигӣ ва қарзҳои имтиёзнок, ҷалб намудани муҳоҷирон дар татбиқи лоиҳаҳои иқтисодии давлатӣ, рушди соҳибкории хурду миёна ва дигар нақшаҳои созанда дар вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳо, тадбирҳои ҷиддӣ андешидан лозим аст. Таҷрибаи байналхалқӣ нишон медиҳад, ки барои муваффақ гардидан дар ҳалли масъалаҳои танзими равандҳои муҳоҷират ва равона кардани иқтидори он дар рушди мамлакат, ки яке аз омилҳои муҳими таъмини амнияти иқтисодии кишварамон дар замони муосир мебошад, иҷрои панҷ масъалаи калидии зерин бояд мавриди амал ва назорати доимӣ қарор дода шавад:

Якум – дар сатҳи Ҳукумати мамлакат интихоб ва татбиқ намудани сиёсати мақсаднок, пайдарҳам ва самараноки муҳоҷират;

Дуюм – қабул ва такмили доимии қонунгузории миллӣ дар соҳаи муҳоҷират бо дарназардошти эътироф намудани санадҳои меъёрию ҳуқуқии байналхалқӣ;

Сеюм - рушди ҳамкориҳои байналхалқӣ ва байниидоравӣ дар соҳаи муҳоҷират, рақобатпазир будан дар бозори меҳнати байналмилалӣ;

Чорум – идоракунии сиёсати давлатии муҳоҷират тавассути созмон додани сохтори калидии давлатӣ оид ба муҳоҷират (вазорат ва ё кумита) ва таҳти ҳамоҳангсозии ин мақомот татбиқ намудани механизми идоракунии равандҳои муҳоҷират;

Панҷум – ҷалб ва истифода намудани иқтидори созмонҳои байналмилалӣ, ҷамъиятӣ, ғайридавлатӣ, муҳоҷирони меҳнатӣ, диаспораҳои тоҷикон ва ҳамватанони бурунмарзӣ дар рушди иқтисодию иҷтимоии мамлакат.

Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи ба даст овардани истиқлолияти давлатӣ дорои таҷрибаи хуб дар самти муҳоҷирати аҳолӣ гардидааст ва қодир аст таҳти роҳбарии Ҳукумати мамлакат мушкилиҳои мавҷудбудаи муҳоҷиратро ҳаллу фасл намояд. Бинобар ин, дар амал татбиқ намудани вазифаҳои дар боло гузошташуда имконият медиҳанд, ки Тоҷикистон ба натиҷаҳои дилхоҳ дар самти муҳоҷират ноил гардад ва дар қатори давлатҳои муваффақи дунё ҷойи худро ишғол намояд.

**Адабиёт**


1.Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. Солонаи демографӣ. 2010.

2.Бобоев А.А. Мухочирати ахоли дар Чумхурии Точикистон, Матбааи хисоби хочагии Вазорати мехнат ва хифзи ичтимоии ахолии Чумхурии Точикистон, Душанбе, 2006.

3.Консепсияи муҳоҷирати меҳнатии шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон ба хориҷа, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 9 июни соли 2001, №242 тасдиқ карда шудааст.

4.Маркази ахбори СММ, 29. 11. 2010.

5. Рӯзномаи «Минбари халқ», 2 сентябри соли 2015, №36 (1015).

6.Ҳисоботи Хадамоти муҳоҷирати Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2003- 2004, 2011- 2022.

7.Ҳисоботи Хадамоти муҳоҷирати Ҷумҳурии Точикистон, солҳои 2005-2013 .

8.Ҳисоботи Хадамоти муҳоҷирати Ҷумҳурии Тоҷикистон, солҳои 2014-2019.

9. Хакимова, М. Моделирование устойчивого развития национальной экономики Республики Таджикистан: нелинейная динамика / М. Хакимова, Л. Саидмуродов. – Душанбе : Таджикский национальный университет, 2022. – 320 с. – ISBN 978-99985-55-48-8. – EDN JNLBSD.

10. Шарипов, Б. Роль денежных переводов мигрантов в обеспечении макроэкономической стабильности Республики Таджикистан / Б. Шарипов // Центральная Азия и Кавказ. – 2014. – Т. 17, № 4. – С. 103-117. – EDN TENSAP.

11. Шарипов, Б. М. Роль денежных переводов в обеспечении макроэкономической стабильности экономики Республики Таджикистан / Б. М. Шарипов // Актуальные вопросы экономических наук : Материалы III Международной научной конференции : Лето, 2014. – С. 84-88. – EDN SXBLRJ.

12.Холбобоев, Ф. С. Влияние внешних шоков на экономику Таджикистана в современных условиях / Ф. С. Холбобоев, Д. Т. Назаров, Б. М. Шарипов // Вестник ПИТТУ имени академика М.С. Осими. – 2021. – № 4(21). – С. 51-58. – EDN QGPYQD.

13. Холбобоев, Ф. С. Экономические санкции в отношении России и их влияние на экономику и банковскую систему Таджикистана / Ф. С. Холбобоев, Б. М. Шарипов // Экономика Таджикистана. – 2022. – № 2. – С. 46-54. – EDN AJWQEI.

**Маълумот омд ба муаллиф:**

**Ғоибназарзода Саид Муҳаммадназар** – муовини якуми ректори Донишгоҳи давлатии Хоруғ ба номи Моёншо Назаршоев, д.и.и., профессор Суроға: Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Хоруғ, кӯчаи Шириншо Шотемура, 109. Email: ssssaid1985@mail.ru. Телефон: (+992) 988-20-45-45

**Информация о авторе:**

**Гоибназарзода Саид Мухаммадназар** – первый проректор Хорогского государственного университета имени Моеншо Назаршоева, доктор экономических наук, профессор. Адрес: Республика Таджикистан, г. Хорог, улица Шириншо Шотемура, 109. Email: ssssaid1985@mail.ru, Телефон: (+992) 988-20-45-45

**Author Information:**

**Ghoibnazarzoda Said Muhammadnazar** – First Vice-Rector of the Khorog State University named after Moyensho Nazarshoev, Doctor of Economic Sciences, Professor. Address: Republic of Tajikistan, city of Khorog, Shirinsho Shotemura Street, 109. Email: ssssaid1985@mail.ru Phone: (+992) 988-20-45-45

**УДК: 336.3**

# АНАЛИЗ И ОЦЕНКА РИСКАМИ ПРИ УПРАВЛЕНИИ ГОСУДАРСТВЕННЫМ ВНЕШНИМ ДОЛГОМ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН

**Содиков Р.Х.**
**Ахмедов Х.А.**

***Аннотация.*** *Данная статья посвящена исследованию вопросов анализа и оценки рисками, возникающие при управлении государственным внешним долгом. Отмечается, что управления рисками является важным и ключевым инструментом для выполнения стратегических целей и задач по государственному долгу. Авторами рассмотрены различные научные подходы о сущности рисков, присущих процессу управлением государственным долгом. Выявлены и охарактеризованы основные риски, связанные с управлением государственного внешнего долга. Представлены показатели рисков, связанных с государственным долгом Республики Таджикистан на 2024-2026 годов. Авторам проведено анализ и оценка уровня и возможных последствий потенциальных рисков, таких как, валютный риск, риск процентной ставки, риск рефинансирования, риск условных обязательств и операционный риск. Представлено варианты альтернативных сценариев управления долгом Республики Таджикистан в контексте потенциальных рисков на 2024-2026 годов. Выявлены риски, присущие управлению государственным внешним долгом и способы их минимизации. Авторами предлагаются определенные рекомендации, направленные на совершенствование процесса анализа и оценки рисков при управлении государственным внешним долгом.*

***Ключевые слова:*** *государственный внешний долг, риски, анализ и оценка риска, обслуживания государственного долга, валютный риск, риск процентной ставки, риск рефинансирование, минимизация риска, показатели риска, долговые обязательства.*

***Для цитирования:*** *Содиков Р.Х. Анализ и оценка рисками при управлении государственным внешним долгом Республики Таджикистан / Р.Х. Содиков, Х.А. Ахмедов// Финансово-экономический вестник. – 2024. – № 4.2(43). – С. 53-66.*

# ТАҲЛИЛ ВА БАҲОДИҲИИ ХАВФҲО ҲАНГОМИ ИДОРАКУНИИ ҚАРЗИ ДАВЛАТИИ БЕРУНИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Содиков Р.Х.**
**Ахмедов Х.А.**

***Аннотатсия.*** *Мақолаи мазкур ба тадқиқи масъалаҳои таҳлил ва баҳодиҳии хавфҳо, ки ҳангоми идоракунии қарзи давлатии берунӣ ба вуҷуд меоянд, бахшида шудааст. Қайд шудааст, ки идоракунии хавфҳо воситаи муҳим ва калидии иҷрои ҳадафҳо ва вазифаҳои стратегӣ оид ба қарзи давлатӣ мебошад. Муаллифон равишҳои гуногуни илмиро оид ба моҳияти хавфҳо, ки ба ҷараёни идоракунии қарзи давлатӣ хосанд, баррасӣ кардаанд. Хавфҳои асосии ба идоракунии қарзи давлатии берунӣ алоқамандбуда муайян ва тавсиф карда шудаанд. Нишондиҳандаҳои хавфҳо, ки бо қарзи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2024-2026 алоқамананд, пешниҳод шудаанд. Муаллифон сатҳ ва оқибатҳои эҳтимолии хавфҳои имконпазирро, аз қабили хавфи асъорӣ, хавфи фоизӣ, хавфи бозтамвил, хавфи уҳдадориҳои шартӣ ва хавфи амалиётӣ таҳлил ва баҳогузорӣ кардаанд. Вариантҳои алтернативии*

Нишондиҳандаҳои ташаккулёбӣ бо дарназардошти хусусият ва имкониятҳои батанзимдароварии таваррум ходисаи мураккаби бисёрпаҳлу ҳисобида мешавал. Бо истифода аз онҳо раванди такрористехсолот тавсиф ёфта, аз ҳамин мавқеъ иконияти арзёбӣ баамал меояд. Хусусусияти батанзимдароварӣ пеш аз ҳама дар асоси шароитҳои баландшавии сатҳи нархҳо ва дар шакли болоравии арзиши нисбии тилло ва асъори хориҷи таҷассум меёбад. Яъне ин ҷараён дар ҳолате ба миён меояд,ки шароитҳои умумии такрористеҳсолот дигаргун шуда, натиҷаи он ҳамчун нишондиҳандаи ташаккулёбии хароҷоти истеҳсолӣ баромад мекунад. Ҷиҳате ҳамчун объекти батанзимдароварии тавррум баромад мекунад,ки ин бо афзоишёбии нархҳо вобаста буда, аз дигаргуншавии хароҷоти истеҳсолӣ алоқамандӣ надорад. Муайян карда мешавад,ки таваррум натиҷаи номуътадилии макроиқтисодӣ буда, дар он маҷмуи талабот аз маҷмуи таклифот зиёд аст.

Нишондиҳандаҳои мазкур имкониятҳои зиёди батанзимдаровариро бо мақсади арзёбии мувозинати талабот ва таклифот таъмин менамояд. Дар ин замина сабабҳои асосии таваррум аз вайрон шудани мувозинати макроиқтисодӣ ва мутаносубиҳои иқтисодӣ муайян гардида, дар баробари ин, ба ғайр аз дигаргуншавии мувозинати молию пулӣ, инчунин номувозинатии талабот ва таклифот арзёбӣ мегардад. Аз ҷумла кейнсиониҳо таваррумро аз тарафи талабот ва неокласикон аз тарафи таклифот шарҳ медиҳанд. Таҳлили нишондиҳандаҳои таваррум аз мавқеи мувозинати макроиқтисодӣ нишон медиҳад, ки ҳолати муътадили иқтисодиёт дар лаҳзаи муайяни вақт бо мувозинати талаботи пардохтпазир ва ҷамъи умумии арзишҳои ҳама молҳо тавсиф меёбад. Ҳолате мавриди танзим ва назорат баҳисоб гирифта мешавад,ки тағйирёбии ҷараёнҳои иқтисодӣ ва алоқамандии онҳо аз рӯйи сабаб ва натиҷа ва таъмини самараи идоракунии ҷараёнҳои таваррум таъмин мегардад.

Ҳамин тавр, дар раванди таҳқиқ маълум мегардад, ки дар натиҷаи андешидани чораҳои таъсиррасон ҷиҳати муътадил гардонидани бозори дохилии асъор, аз ҷумла танзими нуқтаҳои мубодилаи асъор таъсирбахш мебошад. Дар ин замина аз байн бурдани фаъолияти ғайриқонунии шахсони воқеӣ, такмил додани бозори байнибонкии асъор тавассути низоми электронии савдо, тағйирёбии қурби пули миллӣ майли нисбатан устуворро дар бар мегирад.

## Адабиёт


1. Малкина М. Ю., Розмаинский И.В. К формированию институциональной теории инфляции» // Журнал институциональных исследований, 2013, Том 5, №2. С. 70-71
2. Манбаъи электронӣ: https://pressa.tj/inflyacziya-v-tadzhikistane-v-2023-godu-sostavila-38/
3. Мукимов К.М. “Природа и факторы инфляционных процессов в условиях переходной экономики (на примере Республики Таджикистан)” Автореферат диссертации на соискание ученой степени кандидата экономических наук, саҳ -16, худжанд -2011
4. Навой А.В. Центральный банк в глобальном хозяйстве. - М.: ГОУ ВПО «РЭУ им.Г.В.Плеханова», 2010. С.18.
5. Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2023 / Маҷмуи омори Ҷумҳурии Тоҷикистон , Душанбе 2024
6. Репина М. А. “Регулирование инфляции в современной России: институциональный подход” Диссертация на соискание учёной степени кандидата экономических наук, саҳ – 67, Са нкт - Петерб у рг – 20 17
7. Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030, Душанбе – 2016, С-34
8. Черных П.Я. Историко-этимологический словарь современного русского языка.- М.: Русский язык», 1999. Том 1, С. 355.; Аникин А.В. Золото: международный экономический аспект. - М.: Международные отношения, 1987. С. 43.
9. Шарҳи таваррум-таҳлили Бонки милли Тоҷикистон Душанбе-2024 С-14
10. Laidler D., Parkin M. Inflation - A Survey, Economic Journal, 1975, December 85, p. 741
11. The Fortune Encyclopedia of Economics, edited by Handerson D., A Time Warner Company, 1993, p. 211.
12. Frisch H. Theories of Inflation, Cambridge Surveys of Economic Literature, Cambridge University Press, Cambridge, 1990, p. 9.
13. Шарипов, Б. М. Роль денежных переводов в обеспечении макроэкономической стабильности экономики Республики Таджикистан / Б. М. Шарипов // Актуальные вопросы экономических наук : Материалы III Международной научной конференции : Лето, 2014. – С. 84-88. – EDN SXBLRJ.
14. Шарипов, Б. М. Проблемы развития банковской системы Таджикистана в условиях углубления интеграции финансовых рынков / Б. М. Шарипов // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. – 2014. – № 2/2(131). – С. 31-39. – EDN VBGGGT.
15. Шарипов, Б. М. Теоретические основы денежно-кредитных механизмов экономического роста / Б. М. Шарипов // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. – 2016. – № 2/6(210). – С. 130-133. – EDN XVFZKF.



**Маълумот дар бораи муаллифон:**

**Давлатзода Баҳрулло Раҳмон** - номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсенти кафедраи идоракунии давлатӣ ва иқтисоди миллии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. Телефон: +9920 909-22-58-58.

**Хушвахтзода Дилшод Сангалӣ** - Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон, унвонҷӯи кафедраи молия. Адрес: 734067, Ҷумхурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯчаи Нахимов, 64/14. Телефон: 909-94-44-69. E-mail: dilshod_khushvakhtov@list.ru

**Сведения об авторах:**

**Давлатзода Бахрулло Рахмон** - кандидат экономических наук, доцент кафедры государственного управления и национальная экономика Академии государственного управления при Президенте Республики Таджикистан. Телефон: +9920 909-22-58-58.

**Хушвахтзода Дилшод Сангали** - Таджикский государственный финансово экономический университет, соискатель кафедры финансов. Адрес: 734067, Республика Таджикистан, г. Душанбе, улица Нахимова, 64/14. Телефон: 909-94-44-69. E-mail: dilshod_khushvakhtov@list.ru

**Information about the authors:**

**Davlatzoda Bakhrulло Rahmon** - Candidate of Economic Sciences, Associate Professor of the Department of Public Administration and National Economics of the Academy of Public Administration under the President of the Republic of Tajikistan. Phone: +992 909-22-58-58.

**Khushvakhtzoda Dilshod Sangali** - Tajik State Financial and Economic University, applicant for the Department of Finance. Address: 734067, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Nakhimov street, 64/14. Phone: 909-94-44-69. E-mail: dilshod_khushvakhtov@list.ru

**УДК: 334.7**

## СУЩНОСТЬ И СТРУКТУРА ТЕНЕВОЙ ЭКОНОМИКИ В УСЛОВИЯХ ТРАНЗИТНОЙ ЭКОНОМИКИ

**Убайдов Ф.С.**

*В статье рассматривается сущность и структура теневой экономики в условиях транзитной экономики Республики Таджикистан. Систематизировано определения теневой экономики с точки зрений различных ученый и подходы по его сущности, в том числе сущность теневой экономики интерпретировано с точки зрений автора относительно нынешней условии.*

*Представлена структура теневой экономики базируясь на современной экономической литературе также отмечено, что исследователи по этому поводу имеют не однозначные мнении. Определено критерии типологизации теневой экономики по последующем раскрытие каждой критерии. Анализировано численность занятых в теневой экономике в Республики Таджикистан и объем теневой экономики в ВВП страны. И по результатам исследование определено наиболее распространенные причины возникновения теневой экономики в условиях транзитной экономики Таджикистана.*

***Ключевые слова:*** *теневая экономика, трудовые ресурсы, рабочая сила, население трудоспособного возраста, миграция, безработица, предпринимательство, частный сектор.*

***Для цитирования:*** *Убайдов Ф.С. Сущность и структура теневой экономики в условиях транзитной экономики/ Ф.С. Убайдов // Финансово-экономический вестник. – 2024. – № 4.2(43). – С. 74-82.*

## МАҲФУМ ВА СОХТОРИ ИҚТИСОДИЁТИ НИҲОНӢ ДАР ШАРОИТИ ИҚТИСОДИЁТИ ТРАНЗИТӢ

**Убайдов Ф.С.**

*Дар мақола моҳият ва сохтори иқтисоди ниҳонӣ дар шароити иқтисоди транзити Ҷумҳурии Тоҷикистон баррасӣ шудааст. Мафҳумҳои иқтисоди ниҳонӣ аз нигоҳи олимони гуногун ва бархурдҳо ба моҳияти он ба низом оварда шудаанд, аз ҷумла моҳияти иктисоди ниҳонӣ аз нуқтаи назари муаллиф вобаста ба шароити имруза шарҳ дода шудааст. Сохтори иқтисоди ниҳонӣ дар асоси адабиёти муосири иқтисодӣ нишон дода шудааст, ки муҳаққиқон оид ба ин масъала андешаҳои гуногун доранд. Меъёрҳои гуногуншаклии иқтисоди ниҳонӣ бо ифшои минбаъдаи ҳар як меъёр муайян карда мешаванд. Шумораи одамоне, ки дар иқтисодиёти ниҳонӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон машғуланд ва ҳаҷми иқтисоди ниҳонӣ дар ММД-и кишвар таҳлил карда шуданд. Дар асоси натиҷаҳои таҳқиқот сабабҳои маъмултарини пайдоиши иқтисоди ниҳонӣ дар шароити иқтисодиёти транзитии Тоҷикистон муайян карда шуданд.*

***Калидвожаҳо:*** *иқтисодиёти ниҳон, захираҳои меҳнатӣ, қувваи корӣ, аҳолиии қобилияти корӣ, муҳоҷират, бекорӣ, соҳибкорӣ, бахши хусусӣ.*

# THE NATURE AND STRUCTURE OF THE SHADOW ECONOMY IN THE CONDITIONS OF TRANSIT ECONOMY

**Ubaidov F.S.**

*The article examines the essence and structure of the shadow economy in the conditions of the transit economy of the Republic of Tajikistan. The definitions of the shadow economy from the point of view of various scientists and approaches to its essence are systematized, including the essence of the shadow economy is interpreted from the point of view of the author regarding the current conditions. The structure of the shadow economy is presented based on modern economic literature, it is also noted that researchers have ambiguous opinions on this matter. The criteria for the typology of the shadow economy are determined with the subsequent disclosure of each criterion. The number of people employed in the shadow economy in the Republic of Tajikistan and the volume of the shadow economy in the country's GDP are analyzed. And based on the results of the study, the most common reasons for the emergence of the shadow economy in the conditions of the transit economy of Tajikistan are determined.*

***Key words:*** *shadow economy, labor resources, labor force, working age population, migration, unemployment, entrepreneurship, private sector.*

**Введение.** Теневая экономика в условиях реализации стратегических целей, краткосрочные программ развития и усиление экономической стабильности является препятствием и подрывающей эффективность деятельности государственных институтов и хозяйствующих субъектов. Поэтому, одной из серьезных угроз экономической безопасности социально-экономического развития общества на современном этапе для стран СНГ и Республики Таджикистана является развитие теневой экономики, представляющей собой многообразие форм экономической деятельности, скрытой от общественного и государственного контроля. И самое неприемлемая особенности теневой экономика в том, что быстро адоптируется в условиях цифрой экономики и внедрение искусственного интеллекта во всех жизнедеятельности современного общества.

**Анализ последних исследований и публикаций.** Исследованием теневой экономики в стране в основном занимаются Агентства по статистики при Президенте Республики Таджикистан, но реальные результаты не афишируется и строга конфиденциально, на официальных изданиях не публикуется и по официальным запросам объем теневой экономики регулярно представляют менее 20%. Частные исследований показывают разные результаты. По данным исследовании Дж. Олимова в 2015 году 61 процент ВВП являлся теневой, а в 2019 году Ф. Хамрализода отметил, что этот показатель составляет до 20 процентов от ВВП. Международные организации в свою очередь объем теневой экономики в стране оценят по разному. Например, Международная финансовая корпорация после изучение коммерческую сферу Таджикистана пришли к выводу, что среднестатистический бизнесмен скрывает от налогообложения пятую часть ежегодного дохода и теневой деятельность составляет около 30% от ВВП. Всемирный банк в своих отчетах ежегодно теневую экономику показывает до 40% от ВВП страны.

**Цель исследований.** Научное обоснование сущности теневой экономики,

раскрыть его структуру в современном условии, анализ и оценка объемов теневой экономики относительно ВВП, теневой занятости в экономики и предложение конкретные рекомендации по его устранении.

**Основной часть исследований.** Теневая экономика является непосредственно существенной преградой для устойчивого развития экономики и предпринимательства в Таджикистане. Теневая экономика – деятельность экономическая, которая не видна государству, но может охватывать всю экономику и оказывать значительно негативное влияние на её функционирование. Теневая экономика - явление, до сих пор не имеющее чёткого научного определения, является предметом интереса исследователей с 30-х годов XX века. Различались как взгляды на сущность этого явления, так и количественные оценки его масштабов. В табл. 1 представлено определения теневой экономики с точки зрений различных зарубежных и отечественных ученый-исследователей.

**Таблица №1. Определения теневой экономики с точки зрений различных ученый**

| Авторы | Определения |
|---|---|
| Э.Де Сото | Теневая экономика - это прибежище для тех, для кого издержки соблюдения соответствующих законов при ведении обычной хозяйственной деятельности превышают выгоды от достижения своих целей[10]. |
| Буров В. Ю. | Теневая экономика это совокупность экономических отношений, является полностью или частично неправовой, не учитываемой и неконтролируемой. |
| Джонмамадов Ш.Б. | Теневая экономика представляет собой многообразие форм экономической деятельности, скрытой от общественного и государственного контроля. |
| Титов В.Н. | Теневая экономика представляет собой различные виды экономической деятельности, осуществляемые как предприятиями корпоративного сектора экономики, так и внутри домашних хозяйств и индивидуальными предприятиями, направленные на извлечение выгоды в условиях рыночных отношений[11]. |
| Л.Х.Саидмуродов | Теневая экономика - это многообразие экономических видов деятельности, полностью или частично не подчиненных формальным нормам хозяйствования, не подкрепленных формальными контрактами и не фиксируемых статистическим учётом[12]. |
| Ф.С.Мамадалиева | Теневая экономика представляет собой систему неформальных взаимодействий между экономическими субъектами, базирующуюся на личных отношениях и непосредственных контактах между ними и заменяющую или дополняющую формально установленный порядок организации и реализации экономических связей |

---

[10] De Soto H. The Other Part // Translated by J.Abbot. N.Y.: Harper and Row, 1989.
[11] Титов В.Н. Неформальная экономика как подсистема рыночного хозяйства// Титов В.Н. М, 2008. - С.40.
[12] Саидмуродов Л.Х. Экономическая теория открытого хозяйства и проблемы современного Таджикистана// Вестник ТЭИ №2 – Душанбе: Ирфон, 2005.- С. 11.

| | |
|---|---|
| Дж. Блек | Теневая экономика как «экономическая деятельность, о которой не сообщается в органы государственного обеспечения, налоговые и прочие государственные учреждения[10]. |
| Хамидов А.Х. | Теневая экономика представляет собой совокупность законных (индивидуальная предпринимательство), вне законных (деятельность без лицензий, разрешений и сертификации, уклонений от уплата налогов), так и криминальных (контрабанда, производство наркотиков, оружий и т.д.) деятельности, которой скрыт от глаз государство и не учитывается официальной статистикой[11]. |
| ChatGPT | Теневая экономика – это совокупность экономической деятельности, которая осуществляется вне государственного контроля и учета. Она включает как легальные, так и незаконные виды деятельности, которые скрываются от налоговых органов, статистических и других регулирующих инстанций. |
| **Мнение автора** | Теневая экономика в целом относится к финансово-хозяйственным операциям, направленным на получение материальной выгоды, которое не фиксируется в государственных органах власти. |

**Источник:** составлено автором

Понимание теневой экономики различными ее исследователями во многом определяется выбором основного критерия отнесения экономических отношений к этой сфере. Рассматриваемое явление многообразное, имеющие различные формы проявления, а соответственно и требует различного подхода к его определению. Следует заметить, что за последнее годы наметилась развитие нескольких подходов к определению теневой экономики. В зависимости от использованных критериев в экономической литературе различаются юридический, экономический, экономико-социологический, статистический, и операционально-экономический подходы:

**Таблица 2. Подходы по определению сущности теневой экономики**

| Подходы | Сторонники | Интерпретация |
|---|---|---|
| Юридический | Корягина Т.И.[12], Яковлева А.М., Сергеев А.А., Шохин А.Н. | под теневой экономикой понимается экономическая деятельность, осуществляемая вне рамок законодательства; |
| Экономический | Герасимов П. А., Песчанских Г., Смирнов А.А, Улыбин К. А. | теневая экономика интерпретируется, как деструктивный экономической деятельность, которая наносит вред обществу, в силу чего она пересекается с действующим законодательством; |
| Экономико-социологический | Латов Ю.В., Барсукова С.Ю., Радаев В.В. | рассматривают теневую экономику как более широкое понятие, которое включает в себя несколько сегментов, различающихся по степени легальности |

[10] Bleke J.N. Economics and economic policy of dual societies. N.Y., 1953. P. 16.
[11] Хамидов А.Х. Состояние и объем неформального сектора в сфере услуг Республики Таджикистан//Вестник ТНУ.-Душанбе: СИНО-2016. №2\4(204) -46с.
[12] Корягин Т.И. Теневая экономика СССР. Вопросы экономики. - 1990г. - №3. – С. 23.

| | | |
|---|---|---|
| | | хозяйственных операций; |
| Институциональный | Норт Д., Файг Э., Олейник А., Тамбовцев А. | под теневой экономикой понимают попытки экономических агентов специфицировать права собственности и организовать обмен нелегально, то есть без участия государства; |
| Статистический | Корягина Т.И., Степанов Б.Т., Рябушкин Б.Т., Чурилов Э.Ю. | трактуют теневую экономику, как деятельность, скрытую от официальной статистики, то есть деятельность, находящаяся вне системы официального учёта. |
| Операционально-экономический | Бокун Н.Ч., Иванов Ю.Н., Кремлев Н.Д., Суринов А.Е. | Примером проявления на практике операционально-экономического подхода является учётно-статистическая концепция, в которой основным критерием выделения теневых экономических явлений выступает их неучитываемость, то есть отсутствие фиксации органами официальной государственной статистики.[13] |

**Источник:** составлено автором

Используя различные подходы для определения сущности явления с юридических или экономических позиций, все эти подходы объединяют, по крайне мере, один общий признак: они не отражаются в официальной статистике[14], то есть ускользают от налогообложения. Вместе с тем, до сих пор на западе отсутствует единая позиция относительно того, какие сферы экономической деятельности необходимо включать в понятие теневая экономика.

Названные подходы являются конструктивными для решения конкретных исследовательских задач, однако, они не могут рассматриваться в качестве основы для формулирования универсального определения теневой экономики, которая охватывает сегодня практически все виды рынков и экономических ресурсов.

В современной экономической литературе также структура теневой экономики представлена не однозначно [13, с 10]. Чаше всего это отношения между отдельными гражданами и неформальными объединениями, нерегистрируемая и не учитываемая государством. Основными субъектами структуры теневой экономики является квазипредприниматели (теневик), прежде всего, преследующие в основном цель получения экономической выгоды методами, противоречащими правовым нормам, общепринятым принципам здоровой конкуренции и морально-нравственным устоям общества. На рис. 1 представлено структура теневой экономики в условиях рыночной экономики.

---

[13] Мамадалиев Ф.С. Теоретические вопросы и особенности функционирования теневой экономики в переходной экономики Республики Таджикистан. Автореферат на соискание ученой степени кандидата экономических наук по специальности 08.00.01-экономическая теория.- Душанбе. - 2011г. – С. 8-9.

[14] Райг И. Х. Нелегальная экономическая деятельность. Постижение: социология, социальная политика. Экономическая реформа / ред. И состав. Ф. Бородкин, Л. Косалс, Р. Рывкина. - М.: - 1989г. - С. 203-213.




**Рис. 1. Структура теневой экономики**

Как отражено на рис. 1 для систематизации структуры теневой экономики в современных условиях Ю. В. Латов, С. Н. Ковалев берут три категории: их связи с «белой» («первой», официальной) экономикой, а также субъекты и объекты экономической деятельности. С их точки зрения можно выделить три сектора теневой экономики:[15]

- вторая (бело-воротничковая) экономика;
- серая (неформальная) экономика;
- черная (подпольная) теневая экономика.

Единства в терминах, с помощью которых описывают специфическое поведение на рынке, нет. В частности, говорится о неформальной, криминальной, теневой, незаконной и фиктивной экономике. В каждом случае речь идет о разном уровне обобщения.

**Таблица 3. Критерии типологизации теневой экономики**

| Критерий | «Беловоротничковая» теневая экономика | «Серая» теневая экономика | «Черная» теневая экономика |
|---|---|---|---|
| Субъекты | Менеджеры официального («белого») сектора экономики | Неофициально занятые | Профессиональные преступники |
| Объекты | Перераспределение доходов без производства | Производство обычных товаров и услуг | Производство запрещенных и дефицитных товаров и услуг |
| Связи с «белой» экономикой | Неотрывна от «белой» | Относительно самостоятельна | Автономна |

[15] Латов Ю.В., Коволев С.Н. Теневая экономика / Учебное пособие для вузов. Московский университет МВД России. Издательство НОРМА, Москва. - 2006г. – С. 14.

Исходя из вышеприведенных размышлений, становится ясно, что традиционное понимание структуры и сущности теневой экономики можно определить с разных точек зрения.

Таким образом, на сегодняшний день в Республике Таджикистан действительно появилось необходимость исследовать теневую экономику, как неотъемлемую часть переходного периода, причины развития и её масштабов, с целью проведения превентивных мер во избежание всяких экономических угроз. Влияние теневых экономических отношений в Таджикистане настолько велико, что представляет опасность для экономической безопасности и суверенитета государства в целом, что обуславливает необходимость их анализа.

По результатам нашего анализа, за исследуемый период численность занятых в теневой экономике увеличилась более чем на 1,02%, как показано в таблице 4. На основе данные таблицы 4, в результате роста численности экономически активного населения в период 2017-2022 гг. наблюдается относительно развивающаяся тенденция занятости в теневой экономике. За этот период численность экономически активного населения увеличилась на 1,05 раза.

**Таблица 4. Комплекс показателей для измерения занятости в теневой экономике в 2017-2022 гг.**

| **Показатели** | **Годы** | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | **2017** | **2018** | **2019** | **2020** | **2021** | **2022** | **2022/ 2017** |
| Трудовые ресурсы - всего | **5326** | **5427** | **5521** | **5585** | **5653** | **5754** | **1,08** |
| Рабочая сила, тыс.чел. | 2460 | 2478 | 2514 | 2557 | 2587 | 2600 | 1,05 |
| Занятое население, тыс.чел. | 2407 | 2426 | 2463 | 2506 | 2534 | 2545 | 1,05 |
| Официально признанные безработные, тыс.чел. | 53 | 52 | 51 | 51 | 53 | 55 | 1,03 |
| Недоиспользование рабочей силы в экономике, тыс.чел. | 2866 | 2949 | 3007 | 3068 | 3066 | 3154 | 1,1 |
| Миграция, общее число выбывших тыс.чел. | 41,2 | 45,1 | 54,5 | 42,6 | 40,8 | 39,1 | -9,4 |
| Занятость в теневом экономике | 53,0 | 53,5 | 53,5 | 54,2 | 53,5 | 54,1 | 1,02 |

**Источник:** Статистический ежегодник Республики Таджикистан. (официальное издание), Душанбе: Агентство по статистике при Президенте Республики Таджикистан, 2023.- 36, 75, 85 с.




**Рис. 2. Комплекс показателей для измерения занятости в теневой экономике в 2017-2022 гг.**

В последующие годы в связи с некоторой активизацией экономической жизни в Таджикистане, были относительно исправлены диспропорции между экономическими возможностями страны, уровнем доходов населения, ценами на потребительские товары.[14;15] Это, бесспорно объективно сужает базу теневой экономики. Одновременно жесткое налоговое законодательство при отсутствии системы контроля за его исполнением, опять таки объективно работает на развитие теневых форм экономической деятельности, сокрытие доходов, подкуп государственных чиновников и т.д.

На основе вышеизложенного, следует констатировать тот факт, что наиболее распространенными причинами возникновения теневой экономики в условиях транзитной экономики Таджикистана являются:

- высокий уровень налогообложения, приближающийся к 65%[16] прибыли юридических лиц, который лишает предприятия стимулов к активной производственной деятельности;

- кризисное состояние экономики порождающее неуверенность в предпринимательской среде и побуждающая субъектов хозяйствования к уходу в тень, с целью создания резервных материальных возможностей для выхода из кризисной ситуации или для получения скрытых преимуществ перед конкурентами;

- неблагоприятная социальная обстановка рост безработицы который сегодня оценивается на уровне - 3214 тыс. человек[17];

- неформальная занятость на уровне - 53,8%[18], и низкая заработная плата;

[16] «Кривая Лаффера», Лопатников Л. Экономико-математический словарь М., ABF, 1996г. С. - 309.
[17] Национальный отчет по человеческому развитию. Душанбе. - 2008-2009гг. – С.21.
[18] Положение на рынке труда в Республике Таджикистан 2022 (по результатам обследования рабочей силы июнь - июле 2021 год.). – С. 92.

- коррумпированность деятельности некоторых контролирующих и правоохранительных органов, а также низкая эффективность деятельности контрольно-ревизионных органов;

- родственные отношения в государственных и правоохранительных органов власти;

- низкий профессиональный уровень государственных служащих.

Таким образом, на основе всего вышеизложенного можно прейти к выводу о том, что в зависимости от специфических особенностей переходной экономики страны причины и степень влияния различных факторов на динамику и структуру развития теневой экономики будет варьироваться. В любом случае, наиболее пагубным и трудноискоренимым последствием является развитие теневой экономики, которое будет искажать морально-этические отношения людей, влекущее массовое нарушение действующих нормативно-правовых норм.

**Литература**

1. Корягин Т.И. Теневая экономика СССР. Вопросы экономики. - 1990г. - №3. – С. 23.
2. «Кривая Лаффера», Лопатников Л. Экономико-математический словарь М., ABF, 1996г. С. - 309.
3. Латов Ю.В., Коволев С.Н. Теневая экономика / Учебное пособие для вузов. Московский университет МВД России. Издательство НОРМА, Москва. - 2006г. – С. 14.
4. Мамадалиев Ф.С. Теоретические вопросы и особенности функционирования теневой экономики в переходной экономики Республики Таджикистан. Автореферат на соискание ученой степени кандидата экономических наук по специальности 08.00.01-экономическая теория.- Душанбе. - 2011г. – С. 8-9.
5. Национальный отчет по человеческому развитию. Душанбе. - 2008-2009гг. – С.21.
6. Положение на рынке труда в Республике Таджикистан 2022 (по результатам обследования рабочей силы июнь - июле 2021 год.). – С. 92.
7. Райг И. Х. Нелегальная экономическая деятельность. Постижение: социология, социальная политика. Экономическая реформа / ред. И состав. Ф. Бородкин, Л. Косалс, Р. Рывкина. - М.: - 1989г. - С. 203-213.
8. Саидмуродов Л.Х. Экономическая теория открытого хозяйства и проблемы современного Таджикистана// Вестник ТЭИ №2 – Душанбе: Ирфон, 2005.- С. 11.
9. Титов В.Н. Неформальная экономика как подсистема рыночного хозяйства// Титов В.Н. М, 2008. - С.40.
10. Хамидов А.Х. Состояние и объем неформального сектора в сфере услуг Республики Таджикистан//Вестник ТНУ.-Душанбе: СИНО-2016. №2\4(204) -46с
11. Bleke J.N. Economics and economic policy of dual societies. N.Y., 1953. P. 16.
12. De Soto H. The Other Part // Translated by J.Abbot. N.Y.: Harper and Row, 1989.
13. Саидмуродзода, Л. Х. Инвестиции в основной капитал как условие обеспечения диверсификации экспорта в республике Таджикистан / Л. Х. Саидмуродзода, Д. А. Ишматова // Экономика Таджикистана. – 2022. – № 4-1. – С. 9-18. – EDN SKILXQ.
14. Шарипов, Б. М. Анализ конкуренции на рынке банковских услуг Республики Таджикистан и методы ее снижения / Б. М. Шарипов, З. Х. Нуруллоев // Вестник Российского экономического университета имени Г.В. Плеханова. – 2014. – № 4(70). – С. 101-109. – EDN SCKSPB.
15. Шарипов, Б. М. Теоретические основы денежно-кредитных механизмов экономического роста / Б. М. Шарипов // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. – 2016. – № 2/7(213). – С. 158-161. – EDN VMMDCK.

**Сведения об авторе:**

**Убайдов Фахриддин Сайфиддинович,** доцент кафедры экономической теории Таджикского государственного финансово-экономического университета. Адрес: 734045, г. Душанбе ул. Нахимова 64/14, моб. (+992) 933-39-81-80, e-mail: F_Ubaidov@mail.ru

**Маълумот дар бораи муаллиф:**

**Убайдов Фахриддин Сайфиддинович** дотсенти кафедраи назарияи иқтисодии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон. Суроға: 734067, Ҷумҳурии Тоҷикистон ш. Душанбе, кӯчаи Нахимов 64/14 Тел.:. (+992) 933-39-81-80, e-mail: F_Ubaidov@mail.ru

**Information about the author:**

**Ubaidov Fakhriddin Saifiddinovich** – Ph.D., Associate Professor, Head of the Economic Theory Department of FEIT. **Address:** 734045, Dushanbe, 734018, Republic of Tajikistan. Telephone: (+992) 933-39-81-80, E-mail: F_Ubaidov@mail.ru

**УДК: 336**

**АСОСҲОИ КОНСЕПТУАЛИИ УСТУВОРИИ МОЛИЯВИИ КОРХОНАҲОИ ХУРДУ МИЁНА**

**Убайдуллоев Ф.К.**
**Шамсов С.Ш.**

***Аннотатсия.*** *Мақолаи мазкур вобаста ба мафҳум, сохтор ва таркиби устувории молиявӣ, ҳамчун системаи молиявии корхона мавриди таҳқиқот гирифтааст. Ҳангоми таҳлили мақолаи мазкур пажуҳиши олимони хориҷӣ, усул ва равишҳои гуногун, андешаҳои мухталифу баҳсбарангез, таҳлилҳои қиёсӣ ва ҷанбаҳои назариявӣ истифода шудааст. Муҳаққиқ ҳангоми таҳлили мақолаи пешниҳодгардида, маводҳоро аз сарчашмаҳои дақиқу боварибахш ҷамъоварӣ карда, сипас таҳлил намудааст. Чунки таҳлили дурусти устувории моливии корхонаҳо метавонад, як системаи мукаммали иқтисодӣ ва молиявии як кишварро баҳо диҳад. Натиҷаи таҳлили дурусти устувории молиявии корхонаҳои хурду миёнаи кишвар, боиси ҷалби манбаъҳои иловагии молиявии дохиливу беруна гашта, кафолати фаъолияти дуру дарози он мегардад.*

***Калидвожаҳо:*** *устувории молиявӣ, корхонаҳои хурду миёна, системаи молиявӣ, пардохтпазирӣ, ликвиднокӣ, субъектҳои соҳибкорӣ, ҳолати молиявӣ.*

***Барои иқтибос:*** *Убайдуллоев Ф.К. Асосҳои консептуалии устувории молиявии корхонаҳои хурду миёна/ Ф.К.Убайдуллоев, С.Ш. Шамсов// Паёми молия ва иқтисод. – 2024. – No. 4.2 (43). – С. 83-92.*

**КОНЦЕПТУАЛЬНЫЕ ОСНОВЫ ФИНАНСОВОЙ УСТОЙЧИВОСТИ МАЛЫХ И СРЕДНИХ ПРЕДПРИЯТИЙ**

**Убайдуллоев Ф.К.**
**Шамсов С.Ш.**

***Аннотация.*** *В данной статье исследовано понятие, структура и состав финансовой устойчивости как финансовой системы предприятия. При анализе данной статьи были использованы исследования зарубежных ученых, разные методы и подходы, разные и противоречивые мнения, сравнительный анализ и теоретические аспекты. В ходе анализа представленной статьи исследователь собрал материалы из точных и достоверных источников, а затем проанализировал их. Потому что правильный анализ финансовой устойчивости предприятий может оценить всю экономическую и финансовую систему страны. Результат правильного анализа финансовой устойчивости малого и среднего предпринимательства страны приводит к привлечению дополнительных внутренних и внешних финансовых источников и гарантирует его долгосрочную деятельность*

***Ключевые слова:*** *финансовая устойчивость, малый и средний предприятие, финансовая система, платежеспособность, ликвидность, субъекты предпринимательской деятельности, финансовое состояние.*

**CONCEPTUAL FOUNDATIONS OF FINANCIAL STABILITY OF SMALL AND MEDIUM-SIZED ENTERPRISES**

**Ubaidulloev F.K.**

**Shamsov S.S.**

***Annotation.*** *This article explores the concept, structure and composition of financial stability as a financial system of an enterprise. When analyzing this article, research by foreign scientists, different methods and approaches, different and conflicting opinions, comparative analysis and theoretical aspects were used. During the analysis of the presented article, the researcher collected materials from accurate and reliable sources and then analyzed them. Because a correct analysis of the financial stability of enterprises can evaluate the entire economic and financial system of the country. The result of a correct analysis of the financial stability of small and medium-sized businesses in the country leads to the attraction of additional internal and external financial sources and guarantees its long-term activities*
***Keywords:*** *financial stability, small and medium enterprises, financial system, solvency, liquidity, business entities, financial condition.*

**Гузориши масъала.** Аҳамияти мавзуи интихобшуда тавассути якчанд омилҳои калидӣ таъйид мешавад. Аввалан, корхонаҳои хурду миёна (КХМ) дар рушди иқтисодии кишвар нақши муҳим мебозанд, шуғлро таъмин, навовариҳоро ҷорӣ ва рушди маҷмуи маҳсулоти дохилиро ҳавасманд мекунанд. Устувории молиявии онҳо бевосита ба субот ва рушди иқтисодиёт дар маҷмуъ таъсир мерасонад. Сонияն, корхонаҳои хурду миёна аксар вақт дар муқоиса бо ширкатҳои калон, бо мушкилоти зиёд, аз қабили дастрасии маҳдуд ба маблағгузорӣ, нарасидани кадрҳои баландихтисос ва вобастагии бештар аз омилҳои беруна рӯ ба рӯ мешаванд. Дар шароити ноустувории иқтисодӣ ва рақобати шиддатёбанда, устувории молиявӣ барои онҳо омили муҳими бақои фаъолият мегардад.

Аз тарафи дигар, бисёре аз корхонаҳои хурду миёна ба банақшагирӣ ва идоракунии молиявӣ диққати зарурӣ намедиҳанд, ки ин боиси мушкилоти пардохтпазирӣ, қарз ва дар ниҳоят муфлисшавӣ мегардад. Тадқиқот оид ба устувории молиявии КХМ барои муайян кардани хатогиҳои маъмулӣ ва пешниҳоди воситаҳои муассир барои беҳтар кардани вазъи молиявӣ кумак мекунад. Дар шароити захираҳои маҳдуд ва рақобати баланд, КХМ ба дастгирии давлат ва муассисаҳои молиявӣ ниёз дорад. Таҳияи барномаҳои самараноки дастгирӣ, ки ба баланд бардоштани устувории молиявии КХМ нигаронида шудаанд, вазифаи муҳими сиёсати иқтисодии давлатӣ мебошад. Мушкилоти муосир ба монанди ҷаҳонишавӣ ва рақамисозӣ барои КХМ имкониятҳои нав фароҳам меоранд, аммо рақобатро низ афзоиш медиҳанд. Мутобиқшавӣ ба ин тағйиротҳо аз КХМ на танҳо чандирӣ ва навоварӣ, балки устувории молиявиро барои сармоягузорӣ ба технологияҳои нав ва рушди тиҷорат талаб мекунад.

Ҳамин тариқ, омӯзиши устувории молиявии КХМ масъалаи муҳим ва мубрам барои таъмини рушди устувори иқтисодиёт, дастгирии соҳибкорӣ ва фароҳам овардани шароити мусоид барои рушди тиҷорати хурду миёна маҳсуб мешавад.

**Таҳлили таҳқиқотҳои охир ва нашриёт.** Дар таҳқиқоти олимони ватанӣ паҳлуҳои мухталифи фаъолияти корхонаҳои хурду миёна баррасӣ шудааст. Аз таҳлили таълифоти онҳо дар ин самт маълум гардид, ки дар солҳои охир бештари олимон ба корхонаҳои хурду миёна аз дидгоҳи соҳибкории хурд ва миёна баҳогузорӣ кардаанд. Аз ҷумла, масоили марбут ба таъсири маъмурикунонии андозӣ дар фаъолияти онҳо аз ҷониби Б.Султон (2024),

мукаммалгардонии андозбандии КХМ дар мисоли фаъолияти соҳибкорӣ аз тарафи Ҳусейнов У. (2024), соҳибкории хурду миёна дар соҳаи саноат (Лолаев З., 2023), дар соҳаи кишоварзӣ (Турсунова М.И., 2023), механизми ташкилию иқтисодии КМХ (Муллоев П., 2023), КХМ дар комплекси меҳмонхонаҳо (Қурбонов Ё.С., 2019) мавриди таҳқиқ қарор гирифтаанд.

Дар таҳқиқоти олимони муосири русзабон масъалаҳои назариявӣ-методологӣ барои муайян кардани устувории молиявии корхонаҳои хурду миёна, дар асарҳои олимон: Савитская Г.В., Пуртова А. Ф., Абрютина М. С. ва дигарон дарҷ гардидаанд.

Аммо, масъалаи устувории молиявӣ ҳамчун унсури муҳими системаи молиявии корхонаҳои хурду миёна, асосноккунии назариявӣ ва интихоби дурусти методологияи таҳқиқи он ҳамчун объекти таҳқиқоти илмии алоҳида қарор нагирифтааст.

**Муҳтавои асосии масъала.** Имрӯзҳо ба осонӣ метавон мушоҳида кард, ки иқтисоди ҷаҳон ва иқтисоди миллии кишварҳои олам дар вазъияти ноорому ноустувор қарор доранд, махсусан буҳронҳо, таҳримҳои молиявӣ, инчунин тағйиротҳои ногаҳонӣ дар бозорҳои молиявии ҷаҳонӣ тамоми бахшҳои иқтисодиётро фаро гирифтааст. Аз ин ҷо бармеояд, ки тамоми проблемаҳои муосири иқтисодӣ пеш аз ҳама ин проблемаҳои молиявӣ мебошанд. Чунин вазъи номутавозинро метавонем дар бахши корхонаҳо, бахусус дар корхонаҳои хурду миёна мушоҳида намоем. Ин вазъият корхонаҳоро водор менамояд, ки барои фаъолияти минбаъдаи худ доимо рақобатпазир ва устувор боқӣ монанд. Вале, мутаассифона на ҳама корхонаҳо, хусусан корхонаҳои хурду миёна, на дар рақобат тоб оварда метавонанд ва на оқибатҳои бухронҳои иқтисодиро ба осонӣ рафъ мекунанд ва дар натиҷа қисми зиёде аз онҳо пош хӯрда, фаъолияти худро барои ҳамешагӣ қатъ менамоянд. Аз ин лиҳоз, корхонаҳоро мебояд барои фаъолияти минбаъдаи худ дар шароити иқтисоди муосири бозоргонӣ бо омилҳои дохилӣ ва берунӣ мутобиқ шуда, мушкилиҳоро ба осонӣ рафъ намоянд. Сабаби таваҷҷуҳи махсус ба чунин вазъият дар он аст, ки ҳамаи корхонаҳо нобобаста аз фаъолияташон, аввалиндараҷа системаи молиявиашонро, ки устувории молиявӣ ҷузъи асосии он ҳисобида мешавад, аз даст медиҳанд.

Системаи молиявии корхона ин маҷмуи унсурҳои бо ҳам алоқаманди муносибатҳои молиявӣ мебошад. Ҳар унсур як намуди зерсистемаро ифода мекунад, ки аз рӯи фаъолият, тақсимот ва истифодаи маблағҳо аз ҳамдигар фарқ мекунанд. Системаи молиявии корхона бояд зарурати захираҳои пулии мавҷударо назорат бурда, онҳоро ҳифз ва афзоиш намуда, устуворӣ, ҳаракатнокӣ ва чандирии вазъи молиявиро таъмин намояд. Устуворӣ-ин бехатарии вазъи молиявӣ, ки қудрати рафъи таҳдидҳои беруна ва инчунин идоракунии босалоҳият ва тақсимоти дурусти захираҳои молиявӣ мебошад [7, с. 106].

Системаи молиявии корхона ин низоми бисёрҷанба, муҳим ва мураккаб буда, барои шикаст ва барҳам нахӯрдани он, устувории онро бояд нигоҳ дошт, зеро устувории молиявӣ кафолатдиҳандаи устувории як система дар маҷмуъ ба шумор меравад.

Барои ноил гаштан ба устувории молиявӣ корхонҳо дар навбати аввал бояд устувориро соҳиб бошанд. Устуворӣ дар навбати худ ин қобилияти:

- тайёр ва фурӯши маҳсулоте, ки ба талаботи бозор ҷавобгӯ аст;
- такмил ва азнавсозии сохтори ташкилию технологии он, ҷиҳати иҷрои ҳадафҳои корхона;
- фаъолияти худро бо захираҳои зарурӣ, пеш аз ҳама бо захираҳои молиявӣ (аз ҳисоби фоидаи гирифташуда, маблағҳои

қарзӣ, маблағҳои муштариён ва ғ), барои фаъолият ва тартиботи такрористеҳсолкунии омилҳои асосии истеҳсолот-меҳнат, сармоя, дониш таъмин намудан. Устувории корхонаҳо маҷмуи хусусиятҳои объективии истеҳсолӣ-технологӣ, молиявӣ-иқтисодӣ ва иҷтимоии фаъолият ва вазифаҳои он маҳсуб мешавад. Яке аз ин хусусиятҳо иқтидори корхона, дигаре самаранокии истифодаи он ва ҳолати молиявии корхонаҳоро таҷассум менамояд [4, с. 33].

Дар нигоҳи аввал фаҳмиши устуворӣ ва устувории молиявии корхонаҳо шояд ҳаммаъно бошанд, чунки ҳар ду мафҳум ҷиҳати молиявии корхонаро низ ифода мекунад, вале устуворӣ назар ба устувории молиявӣ фаҳмиши васеътар аст. Зеро танҳо бо ба даст овардани устуворӣ, метавон устувории молиявии корхонаҳо пайдо кард. Яъне, дар системаи молиявии корхона дар маҷмуъ, натанҳо нишондиҳандаҳои молиявӣ, балки хусусиятҳои технологӣ, иҷтимоӣ, истеҳсолӣ ва ғайра нақши ҳалкунанда мебозад.

Устувории молиявии корхона аз қобилияти иҷрои ухдадориҳои молиявии он муайян карда мешавад. Корхонаи дорои вазъи хуби молиявӣ бо устуворӣ ва қобилияти пардохт тавсиф карда мешавад, дар ҳоле ки корхонаи дорои вазъи бади молиявӣ метавонад мушкилоти даврӣ ё доимии пардохтпазириро аз сар гузаронад. Ҳатто дар сурати норасоии маблағ барои пардохти қарзҳо, баъзе корхонаҳо метавонанд пардохтпазириро тавассути фурӯши босуръати амволи худ ва гирифтани маблағҳои зарурӣ нигоҳ доранд. Аммо, на ҳама корхонаҳо ин имкониятро доранд, зеро на ҳама дороиҳо метавонанд зуд ба пули нақд табдил дода шаванд.

Дороиҳои пардохтпазиртарини корхона маблағҳои пулии он ва сармоягузории кӯтоҳмуддати молиявӣ ба коғазҳои қиматнок, пас аз он дороиҳои зуд фурӯхташаванда, ба монанди амонатҳо ва қарзҳои дебиторӣ мебошанд. Фурӯши маҳсулоти тайёр, захираҳои ашёи хом, мавод ва маҳсулоти нимтайёр вақти бештарро талаб мекунад, аз ин рӯ онҳо ба дороиҳои суст фурӯхташаванда таалluқ доранд. Ниҳоят, замин, биноҳо ва таҷҳизот як гурӯҳи дороиҳои душвор ба фурӯшравандаро ташкил медиҳанд, ки фурӯши онҳо вақти зиёдро мегирад ва аз ин рӯ хеле кам ба амал меояд. Бинобар ин, дороиҳои корхона аз рӯи дараҷаи пардохтпазирии онҳо, яъне суръати ба пул табдил ёфтани онҳо тасниф карда мешаванд. Дар расми зер дороиҳои корхона аз рӯи дараҷаи қобилияти зуд ба пули нақд табдил ёфтанашон тасниф карда мешаванд (расми 1).

Бояд қайд кард, ки дар илми иқтисод ҳангоми маънидодкунии мафҳумҳои устувории молиявии корхонаҳои хурду миёна, сохтор ва таркиби он андешаи муайяне мавҷуд нест. Олимону коршиносони ватаниву хориҷӣ ин мафҳумҳоро ба таври худ шарҳ медиҳанд ва ё шабеҳи дигар мафҳумҳо ба монанди пардохтпазирӣ, ликвиднокӣ, даромаднокӣ ва ғайраҳо меҳисобанд. Масалан, вақте мо пардохтпазирӣ, ликвиднокӣ ва ҳолати молиявӣ мегӯем, омилҳои пулиро дар назар дорем, қисми зиёди омилҳои пулии корхонаҳои хурду миёна бошад, нишондиҳандаи оморӣ ва ҷории онро дар назар дорад.




**Расми 1. Таснифоти дороиҳои корхона вобаста ба қобилияти зуд ба пули нақд табдил ёфтани онҳо.**

**Таҳияи муаллифон**

Чуноне аз расм бармеояд, барои таҳлили қобилияти пардохтпазирии корхона маълумот аз тавозуни баҳисобгирӣ истифода мешавад, ки дар он дороиҳо ва уҳдадориҳо мутаносибан аз рӯи дараҷаи пардохтпазирӣ ва мӯҳлати пардохт тасниф карда мешаванд. Таҳлили пардохтпазирии тавозун аз муқоисаи гурӯҳҳои дороиҳо бо гурӯҳҳои дахлдори уҳдадориҳо иборат аст. Дороиҳо, вобаста аз суръати табдили онҳо ба пул, ба чор гурӯҳ тақсим карда мешаванд: Д1- маблағҳои пулӣ ва сармоягузориҳои кӯтоҳмуддати молиявӣ (бозоргир, яъне пардохтпазиртарин); Д2 - қарзҳои дебиторӣ ва пасандозҳои кӯтоҳмуддат (зуд ба фурӯшраванда); Д3 - захираҳои маҳсулоти тайёр, ашёи хом ва мавод, истеҳсоли нотамом (дер ба фурӯшраванда) ва Д4 - воситаҳои асосӣ (биноҳо, таҷҳизот, нақлиёт ва ғ.), яъне ба душворӣ фурӯхташаванда.

Уҳдадориҳо, дар навбати худ, аз рӯи мӯҳлати пардохт чунин тасниф карда мешаванд: У1 - қарзи кредиторӣ (уҳдадориҳои таъхирнопазир), У2-қарзҳо ва қарзҳои кӯтоҳмуддат (уҳдадориҳои кӯтоҳмуддат), У3-қарзҳо ва қарзҳои дарозмуддат, уҳдадориҳои иҷора (уҳдадориҳои дарозмуддат) ва У4- сармояи

худӣ (ба истиснои уҳдадориҳои иҷора ва қарзҳо дар назди муассисон). Пардохтпазирии тавозун аз қобилияти корхона барои пардохти уҳдадориҳои худ аз ҳисоби дороиҳо, ки метавонанд зуд ба пули нақд табдил дода шаванд, муайян карда мешавад.

Устуворӣ дар навбати худ рушди ҳамаҷонибаи корхонаҳоро дар назар дошта, боиси пайдо гаштани устувории молиявии корхонаҳои хурду миёна мегардад [10, с 69]. Ҳам устувории корхонаҳои хурду миёна ва ҳам устувории молиявии он аслан хусусияти дарозмуддат дошта, ҳангоми таҳлилҳо васеъ истифода бурда мешавад.

Мафҳумҳои дигари системаи молиявии корхона як паҳлуи мушаххаси молиявии онро нишон медиҳаду халос, аммо устувории молиявӣ бошад, ҷанбаҳои васеи фаъолияти молиявии корхонаҳоро фаро мегирад.

Як нуктаи муҳимро набояд фаромӯш кард, ки вақте сухан оид ба устувории молиявии корхонаҳо меравад, ҳангоми таҳлилҳои молиявӣ, иқтисодӣ, умумииқтисодӣ, муҳосиботӣ ва ғайраҳо таҳқиқотчиён ва коршиносон ин мафҳумро гуногун шарҳ медиҳанд, яъне андешаҳо ва равишҳо ҳангоми шарҳи ин мафҳум шабеҳи якдигар нестанд.

Яке аз чунин равишҳо барои муайян намудани устувории молиявии корхона бо истифода аз нишондиҳандаҳое, ки барои баҳогузории вазъи молиявии он, яъне ба қобилияти пардохтпазирӣ, ликвиднокӣ, даромаднокӣ ва қобилияти қарзбаргардонӣ асос ёфтааст. Дар чунин ҳолат ба ақидаи иқтисодчиён А. Г. Грязнова, Е. Н. Виборова, С. Л. Ленская ва дигарон таърифи устувории молиявии корхона ба мафҳуми қобилияти пардохтпазирии он наздик аст. Устувории молиявӣ гуфта, ҷамъшавии захираҳои корхона барои иҷрои уҳдадориҳои молиявии худ то санаи муқарраршуда дар назар дошта шудааст. [5, с. 30]

Ин равиш аз он далолат мекунад, ки устувории молиявӣ нахуст бо қобилияти иҷрои талаботи пардохтпазирии корхона тавассути истифодаи оқилонаи захираҳои дар ихтиёрдошта мебошад. Вобаста ба ин равиш хулоса кардан мумкин аст, ки дар давраи кӯтоҳмуддат ва миёнамуддат корхонаҳоро асосан тавассути нишондиҳандаи дараҷаи пардохтпазирии он баҳо медиҳанд. Яъне, ҳангоми таҳлили корхонаҳои хурду миёна мафҳуми пардохтпазирӣ дар ин давраҳо (кӯтоҳмуддат ва миёнамуддат) зиёдтар истифода мегардад. Мутаассифона, фаҳмиши пардохтпазирии корхона вобаста ба давраҳои вақт маҳдуд гашта, устувории молиявӣ дар давраи дарозмуддат афзалият пайдо мекунад. Аз ин ҷост, ки устувории молиявии корхонаҳои хурду миёна нисбат ба дигар нишондиҳандаҳои молиявии корхона васеътар буда, аҳамияти баландро дорост. Чунки дигар нишондиҳандаҳои молиявии корхонаҳо аҳамияти кӯтоҳмуддат ва миёнамуддатро соҳибанд, вале барои рушди стратегии корхонаро тавсиф кардан нишондиҳандае лозим аст, ки аҳамияти дарозмуддатро доро бошад.

Давраҳои вақт барои таҳлил ва баҳогузории ҳолати молиявии корхонаҳои хурду миёна хеле муҳим аст. Дар давраи дарозмуддат барои корхонаҳои хурду миёна ғайр аз фондҳои пулӣ, истеҳсол ва фурӯши маҳсулот, шароити бозор низ нишондиҳандаи инкишофи корхонаҳои хурду миёна мегардад.

Дар охир вобаста ба ин равиш метавон гуфт, ки мафҳуми устувории молиявӣ аз нигоҳи иқтисодӣ барои корхонаҳои хурду миёна афзалиятноктар мебошад.

Ба андешаи иқтисодчӣ Н. А. Бланк устувории молиявӣ аз сохтори молиявии корхона ва инчунин аз шумораи сармоягузорон ва кредиторон вобастагӣ дорад [2, с. 140].

Ба андешаи мо назари Н. А. Бланк оид ба устувории молиявӣ қобили қабул аст, чунки дар шароити тағйирёбанда агар корхонаҳо дар баробари манбаъҳои худӣ, ба манбаъҳои беруна (сармоягузории дохилӣ ва берунӣ) такя намоянд, устувории молиявии хубро метавонанд ба даст оранд. Корхонаҳои хурду миёнае, ки танҳо ба манбаъҳои худӣ ташкил шудааст, ҳангоми хавфу хатарҳо, мушкилиҳои пешомадаро дар танҳоӣ ба душворӣ бартараф мекунанд, ё ин ки умуман рафъ карда наметавонанд. Агар дар сохтори молиявии корхона манбаъҳои молиявии сармоягузорон низ ширкат варзанд, душвориҳо ва хавфҳо метавонанд баробар тақсим шаванд ва корхонаҳо устувории молиявии худро нигоҳ доранд.

Н. А. Бланк ба ғайр аз сармоягузорон, кредиторонро низ дарҷ кардааст, аммо мо бар он назарем, ки хубтар мебуд, агар корхонаҳои хурду миёна аз кредиторон кам ё умуман вобаста набошанд (ҳарчанд ки наметавон дар шароити муосир ба кредиторон такя накард), чунки хавф ҳангоми фаъолият нисбат бо сармоягузорон бо кредиторон бештар аст. Агар корхона дар раванди фаъолияти худ ба сармояи қарзӣ майл пайдо кунад, бояд он дар як доираи муайян маҳдуд карда шавад.

Ба андешаи Г. В. Савитская устувории молиявии корхона ҳамчун қобилияти мавҷудият ва рушди субъекти соҳибкорӣ тавассути мувозинат нигоҳ доштани тамоми дороиҳо ва уҳдадориҳо дар зери таъсири омилҳои тағйирёбандаи муҳити дохила ва беруна, инчунин кафолат додани қобилияти пардохтпазирӣ ва ҷалбкунии сармоягузории он дар давраи дарозмуддат ҳангоми мавҷуд будани хатарҳо мебошад. [8, с. 179]

Мо ба хулосае омадем, ки бартарии назарияи Г. В. Савитская нисбат ба дигар муҳаққиқон дар он аст, ки бархе коршиносон ҳангоми маънидодкунӣ, танҳо қисмате аз нишондиҳандаҳои системаи молиявии корхонаро ҳамчун омили рушди устувории молиявӣ медонанд, аммо ин муҳаққиқ нисбати устувории молиявии корхонаҳо нишондиҳандаҳои зиёдро истифода бурда, давраи дарозмуддати вақтро барои ноил гаштан ба устувории молиявӣ омили муҳим мешуморад.

Ин равиш нишон медиҳад, ки ҳангоми таҳлили устувории молиявии корхонаҳо, муайян намудани ҳаҷм ва сохтори сармояи он омили муҳимтарин ба ҳисоб меравaнд. Барои муайян намудани ҳаҷм ва сохтори сармояи корхона бояд, фоида ва динамикаи дороиҳои соф ва арзиши онро муайян намоем. Чунин нишондиҳандаҳоро мувофиқи стандартҳои байналмилалии ҳисоботи молиявӣ ҳисоб менамоянд.

Фоида гуфта, мувофиқи стандартҳои байналмилалии ҳисоботи молиявӣ, агар суммаи дороиҳои софи корхона дар охири давраи ҳисоботӣ аз суммаи дороиҳои соф дар аввали давра, пас аз тарҳ кардани ҳамаи уҳдадориҳои корхона, инчунин бартараф намудани таъсири зиёди таваррум, фаҳмида мешавад. [5, с. 35]

Нуқтаи назари мо вобаста ба ин равиш чунин аст, ки ҳар қадаре ки ҳаҷми сармояи худии корхона тамоюли болоравӣ ва сохтори он мураккаб бошад, то ҳамон андоза корхона устувории молиявии худро мустаҳкам нигоҳ дошта метавонад. Такя кардан ба сармояи худӣ ифодагари он аст, ки корхонаҳо (хусусан корхонаҳои хурду миёна) кафолатдиҳандаи фаъолияти худ ва кредиторон дар оянда мешаванд.

Ба андешаи олимон В. И. Бариленко, В. В. Бердников ва Е. И. Бородина устувории молиявӣ ҳамчун ҳолати муътадили дарозмуддати молиявии ташкилот, ки ташкилот қобилияти қарзпазирӣ ва пардохтпазирӣ, бо захираҳое таъмингардидае, ки дорои сарчашмаи маблағгузорӣ мебошад, фаҳмида мешавад [3, с. 180].

М. С. Абрютиной ва А. В. Грачёва бар он назаранд, ки моҳияти устувории молиявӣ

қобилияти пардохтпазирии корхонаҳо мебошад. Инчунин новобаста аз имкони тағйирёбии шароити бозор ва рафтори шарикон, устувории молиявии корхона ин қобилияти пардохтпазирии кафолатнок мебошад. [1, с. 148]

Бояд қайд кард, ки ҳангоми ин тавсифҳо муаллифон муносибати байни устувории молиявӣ ва вазъи (ҳолати) молиявиро ба инобат нагирифтаанд, чунки пардохтпазирӣ яке аз нишондиҳандаи таъсиррасони ҳолати молиявӣ ва устувории молиявии корхонаҳо мебошад [9, с. 75].

Ба андешаи иқтисодчӣ А.Ф. Пуртова устувории молиявӣ ҳолати молиявии корхонаро аз нуқтаи назари кифоягӣ ва самаранок истифода бурдани сармояи худӣ тасвир мекунад. [7, с. 197]

Бале, шарти аввал ҳангоми таъсиси корхонаҳои хурду миёна сармояи худӣ ба ҳисоб меравад, ҳар қадаре ки корхона аз дигар сарчашмаҳо кам вобаста бошад, ҳамон кадар устувории молиявии хубро доро аст. Таҷрибаҳо нишон медиҳанд, ки аксар вақт ҳангоми таъсиси корхонаҳои хурду миёна сармояи қарзӣ нисбати сармояи худӣ зиёд ё баробар аст (СҚ≥СХ). Агар ҳангоми таъсиси корхонаҳои хурду миёна сармояи худӣ нисбат ба сармояи қарзӣ зиёд ё баробар бошад (СХ≥СҚ), он гоҳ метавон гуфт, ки корхона ба устувории молиявиро соҳиб аст. Вале, ин маънои онро надорад, ки корхона бояд фақат ба сармояи худӣ такя кунад.

Ҳангоме ки сухан дар бораи устувории молиявӣ меравад, нахуст нишондиҳандаи хуби фаъолияти молиявии корхона садо медиҳад, вале бояд зикр кард, ки корхона дар навбати худ метавонад, ҳам устувории молиявии мусбӣ ва ҳам манфиро соҳиб бошад. Устувории молиявии мусбӣ, агар корхона рушд кунад ва тамоюли болоравиро дошта бошад ($TR>TC$), устувории молиявии манфӣ гуфта, агар дар корхона тамоюлҳо манфӣ ва муфлисшавӣ ба чашм расад ($TR<TC$).

Саволе ба миён меояд, ки оё корхона метавонад дар як маврид ҳам устувории молиявии мусбӣ ва ҳам манфӣ дошта бошад? Дар амалия метавон мушоҳида кард, ки корхонаҳо дар як муддати кӯтоҳи вақт метавонанд, ҳам устувории молиявии мусбӣ ва ҳам манфиро дошта бошанд, яъне дар як муддати кӯтоҳ хусусияти худро тағйир медиҳанд. Агар корхона фаъолияташ номуътадил ва аз ҷиҳати иқтисодӣ номувофиқ ва ба ҳамкорӣ хатарнок бошад, пас чунин корхона ноустувор маҳсуб мешавад. Агар корхона устувории молиявии манфӣ дошта бошад, чунин ҳолати молиявӣ боварии сармоягузоронро кам мекунад ва ба иқтисодиёти давлат низ таъсири манфӣ мерасонад. Дар чунин ҳолат корхонаҳои хурду миёна вазифаи иҷтимоӣ (таъмини ҷойи корӣ ва аз байн бурдани бекорӣ) иҷро карда наметавонанд ва чунин раванд даромаднокии аҳолиро паст намуда, ба дигар бахшҳои иқтисодиёт низ таъсирӣ манфӣ мерасонад. Агар корхона новобаста аз давраи вақт (кӯтоҳмуддат ё ин ки дарозмуддат), ё ин ки таъсири омилҳои дохилӣ ва берунӣ ҳолати молиявии худро мусбӣ нигоҳ дошта тавонад, аз нигоҳи иқтисодӣ ин корхонаро метавонем устувор номид ва дар натиҷа чунин корхонаҳо барои иқтисодиёт самарабахш буда, имкони васеъ барои ҷалби сармоягузориро доранд. Ҳар қадаре ки корхона ба устувории молиявӣ таъмин гардида бошад, он метавонад сармоягузорони дохилӣ ва берунӣ, ташкилотҳои қарзӣ ва муассисаҳои давлатиро ба худ барои маблағгузорӣ ҷалб намояд.

Бояд қайд кард, ки сабаби асосии нокомиҳои корхонаҳо, махсусан корхонаҳои хурду миёна дар шароити муосир, пеш аз ҳама ин надоштани истиқлолияти молиявӣ, амнияти молиявӣ, устувории моливӣ, ликвиднокӣ, пардохтпазирӣ ва ғайра мебошанд, яъне системаи молиявии заифро дар ихтиёр доштан аст.

Истиқлолияти молиявии корхона он гоҳ ба даст меояд, ки агар корхона устувории молиявии пурӯзрро дар давраи кӯтоҳмуддат ва дарозмуддат доро бошад, яъне мо метавонем тавассути устувории молиявӣ дигар нишондиҳандаҳоро низ ба даст орем. Аслан корхонаҳои хурду миёна кӯшиш мекунанд, ки дар давраи кӯтоҳмуддат фоидаи худро ба ҳадди максималӣ расонанд, дар давраи дарозмуддат бошад, арзиши бозории сармояашонро баланд бардоранд. Фоидаи максималӣ ва арзиши баланди сармоя ин худ нишондиҳандаи устувории молиявии корхонаҳои хурду миёна дар ин давраҳо ба ҳисоб меравад. Барои дар оянда ба шароитҳои ногаҳонии бозори дохилаву беруна тобовар будану фаъолияти босамарро ба роҳ мондан, корхонаҳоро лозим аст ба давраи вақт аҳамияти ҷиддӣ диҳанд.

Дар маҷмуъ устувории молиявӣ нишондиҳандае мебошад, ки сатҳи фаъолияти мусбии корхонаҳо, дараҷаи пардохтпазирӣ, ликвиднокӣ, даромаднокӣ ва ғайраро таҷассум намуда, имконият медиҳад, ки корхонаҳо барои ба вуҷуд овардани даромад, тақсиму азнавтақсимнамоии он саҳм гузошта, натиҷаи ниҳоии фаъолияти молиявиро муайян намоянд. Хулоса, устувории молиявӣ яке аз нишондиҳандаҳои муҳими ҳолати иқтисодӣ-молиявии корхонаҳо мебошад.

Таъмини устувории молиявии корхона ба корхонаҳо имконият медиҳад, ки омилҳои манфии дохилӣ ва беруниро ба осонӣ рафъ намуда, бо дигар корхонаҳо рақобпазир бошанд. [11;12;13]

Бо чунин хусусиятҳо устувории молиявӣ ба корхонаҳои хурду миёна имкон медиҳад, ки он на танҳо вазифаи иқтисодӣ, инчунин вазифаи иҷтимоиро низ иҷро намояд, аз қабили паст кардани сатҳи камбизоатӣ, таъмин намудани аҳолӣ бо ҷои кор ва музди меҳнат. Қобили зикр аст, ки таъмини устувории молиявӣ имконияти бештар медиҳад, ки корхонаҳои хурду миёна дар ММД-и кишвар иштирок намуда, кафолдиҳандаи воридоти андозӣ ва дигар пардохтҳои ҳатмӣ ба буҷет гарданд. Тавассути пардохти дивидендҳо сармоягузоронро бовар ва ҳавасманд мекунонанд, то ки дар иқтисодиёти миллии кишвар иштирок намуда, ҳамчун донорҳои асосии иқтисодиёт ба шумор раванд. Агар корхонаҳои хурду миёна ба устувории молиявӣ ноил гарданд, пас метавонанд дар тамоми бахшҳои иқтисодиёт ширкат варзида, саҳми беандозаи худро дар саноатикунонии босуръати кишвар гузоранд. Таъмини саноатикунонии босуръати кишвар дар Ҷумҳурии Тоҷикистон пеш аз ҳама аз рушду инкишоф ва устувории молиявии корхонаҳои хурду миёна вобаста аст.

**Хулоса.** Устувории молиявии корхонаҳо на танҳо аз фаъолияти худи онҳо, балки аз сиёсати пешгирифтаи Ҳукумат низ вобастагии калон дорад, чунки корхонаҳои хурду миёна устувории молиявии нозук ва заифро дар ихтиёр доранд. Барои аз байн нарафтани устувории молиявии корхонаҳо, фаъолияти босамар ва дурударози онҳо бояд таҷрибаи кишварҳои пешрафтаи дунё, Ҷопон, Олмон, Амрико ва ғайраҳоро истифода бурда, барномаҳои махсуси давлатӣ, кӯмакҳои ҳамаҷониба ташкил карда шавад. Кӯчактарин тағйирот дар дохили кишвар ва дар дунё ба он таъсири ҳалкунанда мерасонад. Шояд дар нигоҳи аввал аз байн рафтани устувории молиявӣ корхона ба чашм содда расад, аммо аз байн рафтани ҳатто як корхонаи хурду миёна на танҳо ба бахши иқтисодиёт, инчунин ба бахши иҷтимоиёт низ таъсири манфӣ мерасонад. Аз ин рӯ, ба он бояд таваҷҷуҳи махсус зоҳир карда, курсҳои махсус барои тайёр намудани кадрҳои баландихтисос, расонидани кӯмакҳои молиявӣ, андозӣ ва ғайра намуд. Зеро тайёр кардани кадрҳои баландихтисос яке аз шартҳои муҳими рушду инкишофи тамоми соҳаҳои ҳаёти ҷомеа мебошад, ки он пайваста дар ҳар як Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон садо медиҳад.

**Адабиёт**

1. Абрютина М. С. Анализ финансово-экономической деятельности предприятия / М. С. Абрютина, А. В. Грачёв. – М. : Дело и сервис, 2003. – С. 256

2. Базюк Н.Ю. Пути повышения финансовой устойчивости предприятия на основе оценки его финансового состояния / Н. Ю. Базюк, Г. А. Кремсал // Российское предпринимательство. 2013. - № 19 (241).-С. 146
3. Бариленко В. И. Экономический анализ: учеб. пособие / В. И. Бариленко, В. В. Бердников, Е. И. Бородина. – М. : Эксмо, 2010. –С. 352
4. Батьковский А.М., Лури А.В., Тельнов Ю.Ф. и др. Экономико-математический инструментарий финансового оздоровления российских предприятий в условиях глобализации и мирового финансового кризиса / Под ред. Батьковского А.М. – М.: МЭСИ, 2009. – С. 420
5. Батьковский А.М. Методологические проблемы совершенствования анализа финансовой устойчивости предприятия радиоэлектронной промышленности // Экономика, предпринимательство и право. – 2011. – 01. — С. 402 — http://epp.enjournal.net/article/248/
6. Горская Н.В. Сравнительный анализ методик оценки финансовой устойчивости // Молодой ученый. - 2015. - №10.2. - С. 106.
7. Пуртова А. Ф. Исследование методических подходов к определению и оценке финансовой устойчивости предприятия // Молодой ученый. — 2014. — №15. — С. 200
8. Савицкая Г.В. Экономический анализ. - М.: ИНФРА-М, 2011. - С. 536.
9. Убайдуллоев, Ф. К. Иртиботи мутақобилаи субъектҳои муносибатҳои молиявӣ ва ташаккули рафтори молиявии хонаводаҳо / Ф. К. Убайдуллоев, Б. Э. Бобомуродов // Паёми молия ва иқтисод. – 2021. – No. 3(27). – P. 74-83. – EDN HZDDEX.
10. Саидмуродзода, Л. Ҳ. Иқтисоди сабз ва нақши ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ дар ҳалли масоили экологӣ / Л. Ҳ. Саидмуродзода, М. А. Ҳакимов // Иқтисодиёти Тоҷикистон. – 2023. – No. 1. – P. 68-81. – EDN DUPJAY.
11. Нуриддинзода, А. Асосҳои назариявии таъмини рақобатпазирии корхонаҳои саноатӣ дар шароити муосир / А. Нуриддинзода, Б. М. Шарипов // Иқтисодиёти Тоҷикистон. – 2022. – No. 4-2. – P. 43-48. – EDN CPTLZO.
12. Назариева, Х. Г. Современные концептуальные основы банковского кредитования субъектов малого и среднего предпринимательства / Х. Г. Назариева, Б. М. Шарипов // Финансово-экономический вестник. – 2021. – № S4.2(29). – С. 36-46. – EDN CKNHQI.
13. Назариева, Х. Г. Совершенствование кредитных продуктов для малого и среднего бизнеса в рамках клиентоориентированной цифровой модели бизнес-процессов / Х. Г. Назариева, Б. М. Шарипов // Финансово-экономический вестник. – 2021. – № S4.2(29). – С. 256-262. – EDN GDSOXE.


**Маълумот дар бораи муаллифон:**


**Убайдуллоев Фаридулло Каримович –** н.и.и., мудири кафедраи муносибатҳои молиявӣ-қарзии байналхалқии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон. SPIN-коди муаллиф: 6737-5230. Суроға: 734067, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, к. Нахимов 64/14. Телефон: +(992) 935730010. E-mail: faridullo72@mail.ru

**Шамсов Сайидо Шохрухович** - докторанти PhD курси 3-юм, аз рӯйи ихтисоси иқтисодиёти корхона, кафедраи иктисодиёти корхонаҳо ва соҳибкории Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ. Суроға: 735360, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Кӯлоб, к. С. Сафаров 16. Телефон: 888-96-15-15, e-mail: tms.10.10@mail.ru


**Сведения об авторах:**


**Убайдуллоев Фаридулло Каримович –** к.э.н., заведующий кафедрой международные финансово-кредитные отношения Таджикского государственного финансово-экономического университета. Адрес: 734067, Республика Таджикистан, г. Душанбе, ул. Нахимова, 64/14. Телефон: +(992) 935730010. E-mail: faridullo72@mail.ru SPIN-код автора: 6737-5230.

**Шамсов Сайидо Шохрухович** – докторант PhD 3 курса, по специальности экономика предприятий, кафедры экономики предприятия и предпринимательства Кулябского государственного университета имени Абуабдуллох Рудаки. Адрес: 735360, Республика Таджикистан, город Куляб, ул. С. Сафарова 16. Телефон: 888-96-15-15, e-mail: tms.10.10@mail.ru


**Information about the authors:**


**Ubaydulloev Faridullo Karimovich** - Candidate of Economic Sciences, Head of the Department of International Financial and Credit Relations of the Tajik state university of finance and economics. Address: 734067, Republic of Tajikistan, Dushanbe, st. Nakhimov 64/14. Phone: + (992) 935730010. E-mail: faridullo72@mail.ru The author's SPIN code:6737-5230

**Shamsov Sayido Shokhrukhovich** – 3rd year PhD doctoral student, majoring in economics at the enterprise, Department of Economics of Enterprise and Entrepreneurship of Kulob State University named after Abuabdulloh Rudaki. Address: 735360, Republic of Tajikistan, Kulob, st. S. Safarov 16. Phone: 888-96-15-15, e-mail: tms.10.10@mail.ru

**УДК: 330.142.22:336.711.2**

## ТАКМИЛИ МЕХАНИЗМИ ИДОРАКУНИИ КОРПОРАТИВИИ БОНКҲО ДАР ШАРОИТИ БЕСУБОТИ МОЛИЯВИИ ҶАҲОНӢ

**Бегматов А.А.**
**Абдулхайров Ф.М.**

***Аннотатсия.*** *Дар мақола яке аз масъалаҳои муҳим – тадбиқи такмили механизми идоракунии корпоративии бонкҳо дар шароити ноустувории молиявии ҷаҳонӣ вазифаи муҳими таъмини суботи низоми молиявӣ ва кам кардани хатарҳоро баррасӣ ва зери таҳқиқу таҳлил қарор додааст. Дар замони ноустуворие, ки дар натиҷаи бӯҳронҳои иқтисодӣ, низоъҳои геополитикӣ, пандемия ё дигар чолишҳои глобалӣ ба вуҷуд омадаанд, бонкҳо бо хатарҳои зиёд рӯбару мешаванд, ки мутобиқсозии низомҳои идоракунии онҳоро тақозо мекунад.*

*Такмили идоракунии корпоративии бонкҳо дар шароити ноустувории молиявии ҷаҳонӣ муносибати ҳамаҷониба, аз ҷумла пурзӯр намудани нақши шӯрои директорон, такмили идоракунии хавфҳо, баланд бардоштани шаффофият, ҷорӣ намудани инноватсия ва ҳамкории зич бо мақомоти танзимкунандаро тақозо мекунад. Ин тадбирҳо ба бонкҳо на танҳо аз бӯҳрон наҷот ёфтан, балки мавқеи худро дар бозор мустаҳкам намуда, устувории дарозмуддат ва эътимоди муштариён ва сармоягузоронро таъмин мекунад.*

***Калидвожаҳо***: *такмил, механизм, бонкҳои тиҷоратӣ, идоракунии корпоративӣ, шӯрои директорон, бухрони молиявии ҷаҳонӣ, бесуботи молиявӣ, саҳмдорон, шафоф, хавф, стандартҳо.*

***Барои иқтибос:*** *Бегматов А.А. Такмили механизми идоракунии корпоративии бонкҳо дар шароити бесуботи молиявии ҷаҳонӣ / А.А. Бегматов, Ф.М. Абдулхайров // Паёми молия ва иқтисод. – 2024. – No. 4.2(43). – С. 93-103.*

## СОВЕРШЕНСТВОВАНИЕ МЕХАНИЗМА КОРПОРАТИВНОГО УПРАВЛЕНИЯ БАНКАМИ В УСЛОВИЯХ ГЛОБАЛЬНОЙ ФИНАНСОВОЙ НЕСТАБИЛЬНОСТИ

***Бегматов А.А.***
***Абдулхайров Ф.М.***

***Аннотация.*** *В статье рассматривается и анализируется один из важных вопросов - внедрение усовершенствованных механизмов корпоративного управления в банках в условиях глобальной финансовой нестабильности, важная задача обеспечения устойчивости финансовой системы и снижения рисков. В периоды нестабильности, вызванной экономическими кризисами, геополитическими конфликтами, пандемиями или другими глобальными проблемами, банки сталкиваются с повышенными рисками, которые требуют адаптации их систем управления.*

*Улучшение корпоративного управления в банках в условиях глобальной финансовой нестабильности требует комплексного подхода, включая усиление роли совета директоров, совершенствование управления рисками, повышение прозрачности, внедрение инноваций и тесное сотрудничество с регулирующими органами. Эти меры помогут банкам не только пережить кризис, но и укрепить свои позиции на рынке, обеспечив долгосрочную стабильность и доверие клиентов и инвесторов.*

***Ключевые слова:*** *совершенствование, механизм, коммерческие банки, корпоративное управление, совет директоров, мировой финансовый кризис, финансовая нестабильность, акционеры, прозрачность, риск, стандарты.*

# IMPROVING THE MECHANISM OF CORPORATE GOVERNANCE OF BANKS IN THE CONTEXT OF GLOBAL FINANCIAL INSTABILITY

**Begmatov A.A.**
**Abdulkhairov F.M.**

***Abstract.*** *The article examines and analyzes one of the important issues - the implementation of improved corporate governance mechanisms in banks in the context of global financial instability, an important task of ensuring the stability of the financial system and reducing risks. During periods of instability caused by economic crises, geopolitical conflicts, pandemics or other global problems, banks face increased risks that require adaptation of their management systems.*

*Improving corporate governance in banks in the context of global financial instability requires a comprehensive approach, including strengthening the role of the board of directors, improving risk management, increasing transparency, introducing innovations and close cooperation with regulators. These measures will help banks not only survive the crisis, but also strengthen their positions in the market, ensuring long-term stability and trust of customers and investors.*

***Keywords:*** *perfection, mechanism, commercial bank, corporate governance, board of directors, global financial crisis, financial instability, shareholders, transparency, risk, standards.*

**Гузориши масъала.** Воқеан, дар амалияи имрӯзаи фаъолияти бонкҳои тиҷоратӣ раванди бӯҳрони молиявии ҷаҳонӣ дар шароити муосир марҳила ба марҳила давлатҳои гуногуни ҷаҳонро фаро гирифта, ба рушди соҳаҳои алоҳидаи иқтисодиёти кишварҳо зарари моддӣ ва маънавӣ расонида, бесуботи молиявии ҷаҳонро ба миён овард. Бӯҳрони молиявии ҷаҳонӣ ба низоми бонкии ҷумҳурӣ низ таъсир расонида, муаммоҳои молиявӣ пайдо намуда, сабабгори асосии паст гардидани қурби пули миллӣ, бе ҷои кор мондани аҳолӣ ва ё баръакс нокифоягии даромад гардид ва дар ин марҳила муфлисшавии як қатор бонкҳо ва корхонаҳои истеҳсолӣ ба назар расид.

**Таҳлили тадқиқотҳои охир ва нашрияҳо.** Роҷеъ ба моҳияти идоракунии корпоративии бонкҳо дар шароити бесуботи молиявӣ дар корҳои илмӣ-таҳқиқотии иқтисодчиёни ватанӣ: Мирзозода Ф.А., Бобоев М.У. ва олимони хориҷӣ, аз ҷумла дар таълифоти илмии Авдашева С. Б., Розанова Н. М. мавриди таҳқиқу баррасӣ қарор гирифтаанд.

**Мақсади мақола.** Баланд бардоштани сатҳу сифати идоракунии корпоративӣ дар бонкҳои тиҷоратии Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад.

Дар шароити иқтисоди ноустувор ҷорӣ намудани воситаҳои инноватсионии баҳодиҳии хавфҳо ва мониторинги нишондиҳандаҳои молиявӣ зарур аст. Татбиқи барномаҳои баланд бардоштани тахассуси аъзои шӯроҳои роҳбарикунанда низ муҳим аст, ки имкон медиҳад, таҷрибаи пешқадам ва стандартҳои идоракунии корпоративӣ ҷорӣ карда шаванд.

**Пешниҳоди маводи асосӣ.** Такмили механизми идоракунии корпоративии бонкҳо дар шароити ноустувории молиявии ҷаҳонӣ вазифаи муҳимест, ки муносибати ҳамаҷониба ва таҳлили амиқро тақозо мекунад. Мушкилоти глобалӣ, аз қабили бӯҳронҳои молиявӣ, тағирот дар талаботи танзимкунанда ва динамикаи пешрафти технологӣ аз бонкҳо тақозо мекунанд, ки дар идоракунӣ мутобиқ ва чандир бошанд. Унсури асосии идоракунии бомуваффақияти корпоративӣ эҷоди сохтори шаффоф ва ҳисоботдиҳанда мебошад, ки мувозинати манфиатҳои ҳамаи ҷонибҳои манфиатдорро

таъмин мекунад. Ҳамкории самарабахши байни шӯрои директорон, мақомоти иҷроия ва саҳмдорон на танҳо ба афзоиши устуворӣ мусоидат мекунад, балки эътимоди муштариён ва шариконро мустаҳкам мекунад [1, с.350-360].

Бояд қайд кард, ки идоракунии корпоративӣ як низоми махсуси худидоракунии ширкат (ва ё ҷамъияти саҳомӣ) мебошад, ки он худсарии мансабдоронро пешгири намуда, ҳақиқати корро ошкор баён менамояд ва эъимоди саҳомон ва сармоягузоронро оид ба фаъолияти минбаъдаи корхона таъмин намуда, ба ташаккули фазои мусоиди сармоягузорӣ мусоидот менамояд. Нуктаҳои овардашуда аз он шаҳодат медиҳанд, ки идоракунии корпоративӣ дар шароити муосир аҳамияти бағоят калон дорад.

Роҷеъ ба моҳияти идоракунии корпоративӣ иқтисодчиёни ватанӣ Мирзозода Ф.А., Бобоев М.У. қайд менамоянд, ки идоракунии корпоративӣ ба арзиши ширкат, ба сиёсати қарзӣ, депозитӣ, сармоягузорӣ, нархӣ ва ҳаққусаҳмӣ, инчунин ба ҷалби сармоягузорон, татбиқи лоиҳаҳои сармоягузорӣ, баландшавии фарҳанги корпоративӣ ва масъулияти ҳама кормандони ташкилот таъсири худро мерасонад [7; 161].

Дар таҳқиқотҳои Авдашева С.Б., Розанова Н.М. иброз доранд, ки моҳияти корпоратсия ҳамчун ҷамъияти саҳомӣ фаҳмида шуда, таваҷҷуҳи хосса ба хусусиятҳои тиҷоратӣ доштани фаъолияти он дода мешавад. Тибқи ин муқарраррот, саҳмдоронро чунин хусусиятҳои корпоратсия ба монанди мустақилияти корпоратсия ҳамчун шахси ҳуқуқӣ, масъулияти маҳдуди сармоягузорон, имконияти фурӯши саҳмияҳо ба шахсони дигар ба худ ҷалб менамояд [2;].

Идоракунии корпоративӣ ин идоракунии умумии фаъолияти иқтисодии бонки тиҷоратӣ ба ҳисоб рафта, он аз тарафи маҷлиси умумии саҳмдорон, Шӯрои директорон ва дигар шахсони манфиатдор ба роҳ монда мешавад [1;352].

**Расми 1. Идоракунии корпоративӣ дар бонкҳои тиҷоратӣ**




***Сарчашма:*** *аз ҷониби муаллиф таҳия шудааст.*

Чи тавре, ки аз алоқамандии мантиқии унсурҳои расми 1 бар меояд, саҳми идоракунии корпоративӣ дар раванди фаъолияти бонкҳои тиҷоратӣ аз манфиат холӣ нест, чунки самаранокии фаъолияти шӯрои директорон, солимии фаъолияти бонк, ҳуқуқу ӯҳдадориҳо ва шафофиятро байни саҳмдорон ва шӯрои нозирон ба танзим медарорад.

Дар Кодекси идоракунии корпоративии ҶСК «Бонки Эсхата» оварда шудааст, ки натиҷаҳо аз идоракунии бонк бояд ба манфиати ҳама иштирокчиён нигаронида шуда, фаъолияти самараноки Шӯрои нозирон ва Раёсат ҷиҳати

ҳифзи манфиатҳои бонк ва саҳмдорон, таъмини шароити мусоид барои афзоиши устувори арзиши тиҷорат, баровардани хоҳишҳои шахсони манфиатдор, аз қабили кормандон, мизоҷони бонк, шарикон, танзимгарон, қарздиҳандаҳо, амонатгузорон равона гардад ва ба дурустӣ, шаффофият ва самараноки низоми идоракунии хавфҳо, инчунин назорати дохилӣ мусоидат намояд. Бо назардошти ин гуфтаҳо, низоми идоракунии копоративии бонкҳои тиҷоратии ватанӣ бояд дорои механизме бошад, ки дар шароити бесуботии молиявии ҷаҳонӣ ва пайомадҳои манфии он ба бозори молиявии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои ҳама ҷонибҳои манфиатдор мусбӣ арзёбӣ гардад [5; ].

Бӯҳрони молиявии ҷаҳонӣ, махсусан мавҷи дуюми он (солҳои 2014-2016) ба иқтисодиёти Тоҷикистон таъсири сахт расонида, сабабгори кам гардидани қисми даромади соҳибкорон ва алалхусус бархе аз бонкҳо ва ташкилотҳои қарзию молиявии ғайрибонкӣ гардид.

Дар маҷмӯъ, тадбирҳои андешашуда дар солҳои 2014-2023 низоми бонки мамлакатро аз бӯҳрон бароварда, рушди устувории онро таъмин кард (ҷадвали 1.).

**Ҷадвали 1.**-Динамикаи нишондиҳандаҳои устувории молиявии низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои 2014 - 2023

| **Нишондиҳандаҳои арзёбӣ** | **Солҳо** | | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | **2014** | **2015** | **2016** | **2017** | **2018** | **2019** | **2020** | **2021** | **2022** | **2023** |
| **1.Сатҳи кифоягии сармоя** Сармояи танзимшаванда нисба ба дороиҳои бо назардошти хавфҳо ченшуда, % | 14,7 | 16,6 | 13,1 | 17,0 | 22,9 | 22,1 | 19,9 | 18,2 | 19,1 | 17,1 |
| **2. Сифати дороиҳо** | | | | | | | | | | |
| Қарзҳои ғайрифаъол нисбат ба қарзҳои умумӣ, % | 25 | 21,2 | 26,3 | 47,6 | 36,5 | 31,1 | 27,0 | 23,8 | 12,2 | 12,7 |
| **3.Даромаднокӣ** | | | | | | | | | | |
| Даромаднокии дороиҳо, % | -3,7 | -2,5 | 0,8 | -2,8 | 0,5 | 1,9 | 2,1 | 2,5 | 5,9 | 3,7 |
| Даромаднокии сармоя, % | -24,2 | -14,4 | 5,5 | -21,0 | 1,7 | 7,0 | 7,6 | 9,1 | 28,3 | 19,2 |
| **4.Пардохтпазирӣ** | | | | | | | | | | |
| Дороиҳои пардохтпазир нисбат ба дороиҳои умумӣ, % | 20,0 | 20,0 | 24,1 | 30,9 | 30,1 | 30,8 | 27,7 | 31,8 | 43,4 | 37,2 |
| Дороиҳои пардохтпазир нисбат ба уҳдадориҳои ҷорӣ,% | 71,4 | 75,8 | 70,4 | 83,9 | 73,8 | 72,3 | 70,5 | 87,7 | 94,9 | 81,0 |
| **5. Ҳассосият нисбат ба хавфҳои бозорӣ** (Мавқеи холиси кушодаи асъорӣ нисбат ба сармояи танзимшаванда),% | 1,7 | 1,7 | -17,3 | -10,0 | -9,5 | -9,6 | -1,1 | 4,7 | 2,3 | 2,7 |
| **Нишондиҳандаҳои иловагии устуворӣ:** | | | | | | | | | | |
| Сармояи тавозунӣ ба дороиҳои умумӣ,% | 14,8 | 14,8 | 12,1 | 25,5 | 26,6 | 27,0 | 26,3 | 20,9 | 19,5 | 18,3 |
| Қарзҳои калон ба сармояи танзимшаванда, % | 80,1 | 80,1 | 139,9 | 132,0 | 72,2 | 62,9 | 71,8 | 68,0 | 53,5 | 58,4 |
| Амонатҳо ба сандуқи қарзӣ, % | 71,2 | 71,2 | 78,6 | 96,4 | 111,8 | 115,4 | 102,5 | 87,2 | 117,0 | 111,5 |
| Қарзҳо бо асъори хориҷӣ ба маҷмӯи қарзҳо, % | 62,5 | 62,5 | 65,3 | 61,0 | 57,2 | 50,5 | 43,2 | 34,0 | 29,0 | 33,2 |
| Уҳдадориҳо бо асъори хориҷӣ ба маҷмӯи уҳдадориҳо, % | 65,6 | 65,6 | 70,0 | 67,1 | 60,3 | 53,2 | 46,7 | 48,2 | 46,2 | 47,6 |

**Сарчашма** : Бюллетени омори бонкӣ.-2014.-12 (197) .- с.89-90; Бюллетени омори бонкӣ.-2018. 12 (281) .- саҳ. 79-80; Бюллетени омори бонкӣ.-2022. 12 (281) .- саҳ. 79-80;Шарҳи БМТ дар бораи устувории молиявии низоми бонкӣ дар солҳои дахлдор.

Маълумоти ҷадвали 1. вазъи молиявии низоми бонкии кишварро дар солҳои 2014-2023 ба таври аёнӣ нишон медиҳад. Давраи душвортарин барои низоми бонкии кишвар, тавре ки аз ҷадвали мазкур дида мешавад, дар шароити бесуботии молиявӣ солҳои 2014 - 2016 буд, ки нишондиҳандаҳои асосии арзёбии устувории молиявии низоми бонкӣ аз сатҳи меъёрии онҳо паст буданд. Аз соли 2014 инҷониб тамоюли коҳиш ёфтани сармояи низоми бонкии кишвар ба назар мерасад. Танҳо барои солҳои 2013 - 2015 аз 2590,0 миллион сомонӣ то 2417,0 млн. сомонӣ ё ба андозаи 6,7%, коҳиш ёфт ва уҳдадориҳо аз 10063 зиёд млн. сомонӣ ба 16222 млн. сомонӣ ё тақрибан 1,6 маротиба зиёд гардиданд. Сатҳи пасттарини сармоякунонии бахши бонкии кишвар дар соли 2015 ба амал омад - 11,1%, ки ин нисбат ба қимати меъёрӣ 2 маротиба камтар аст [4;]. Ин ҳолат Ҳукумат ва Бонки миллии Тоҷикистонро водор сохт, ки барои таҳкими низоми бонкӣ чораҳои фаврӣ бинанд, аз ҷумла:

- зиёд намудани пойгоҳи захиравии низоми бонкӣ аз ҳисоби дастгирии давлатии молиявӣ;
- баланд бардоштани сатҳи пардохтпазирии бонкҳо аз ҳисоби баргардонидани қарзҳои мушкилситон;
- муносибкунии усулҳои маъмурикунонӣ дар бонкҳо ва ғайра.

Бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2016 барои сармоякунонии бонкҳо 3,85 миллиард сомонӣ, аз ҷумла ба ҶСК “Тоҷиксодиротбонк” 2,25 миллиард, ҶСК “Агроинвестбонк” 1,07 миллиард, ҶСП “Тоҷпромбонк” 450 миллион ва ҶСК “Фононбонк” 80 миллион сомонӣ аксияҳо аз тарафи вазорати молия пешниҳод гардид. Ин иқдоми Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аллакай дар соли 2016 самараи нек ба бор оварданд, яъне, дар тӯли як сол, сармояи бонкии кишвар ба 5 497 миллион сомонӣ ё 2,3 баробар афзоиш ёфт [10;].

Дар натиҷаи кӯшишҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Бонки миллии Тоҷикистон дар соли 2015 ба ҶСК "Тоҷиксодиротбонк" 45 миллионов сомонӣ қарзҳои мушкилситон баргардонида шуд. Дар соли 2016 мӯҳлати пасандозҳои дар бонк буда тамдид карда шуда, аз рӯйи 12 ҳаз. кортҳои пардохтӣ ба аҳолӣ маблағҳо дода шуданд. Дар ҶСК "Тоҷпромбонк" 20 млн. сомонӣ қарзҳои мушкилситон баргардонида, 3 млн. сомонӣ дороиҳои бонк фурӯхта шуданд, ки ин имконият дод як қисми амонатҳои аҳолӣ баргардонида шавад. Дар натиҷа вазъияти бӯҳронӣ дар бонкҳои низомсоз то як дараҷа беҳтар шуд [3; 28].

Вале, чорабиниҳои андешида шуда бинобар аз ҳад зиёд афзоиш ёфтани қарзҳои барнагарданда, ба беҳбудии бахши бонкӣ оварда нарасонд. Танҳо дар соли 2016 ҳаҷми қарзҳои барнагарданда ба 3299 миллион сомонӣ афзоиш ёфт, ки ин нисбат ба соли 2015 2,2 маротиба зиёд буд. Махсусан, мушкилии вобаста ба қарзҳои барнагарданда дар бонкҳои низомсози кишвар – ҶСК «Тоҷиксодиротбонк» ва ҶСК «Агроинвестбонк» тезутунд гардид. Дар чунин вазъият, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Бонки миллии Тоҷикистон барои такмил додани низоми бонкии кишвар чораҳои қатъӣ ва фавқулодда андешиданд. Дар ин давра якбора фаъолияти ду бонк – ҶСП «Тоҷпромбонк» ва ҶСП «Фононбонк» қатъ карда шуд ва аз ду бонк – ҶСК «Агроинвестбонк» ва ҶСК «Тоҷиксодиротбонк» дархост карда шуд, ки қабули пасандозҳоро ва додани қарзҳоро қатъ кунанд. Дар ҶСК «Тоҷиксодиротбонк» ва ҶСК «Агроинвестбонк», аз соли 2016 шурӯъ карда, Бонки миллии Тоҷикистон маъмурияти муваққатиро ҷорӣ намуд. Вале, пӯрзур намудани назорат аз тарафи танзимкунанда ва дигар чорабиниҳо нисбат ба ин бонкҳо натиҷаи дилхоҳ надоданд. Бо қарори Раёсати Бонки миллии Тоҷикистон аз 21 майи соли 2021, таҳти №88 фаъолияти ҶСК “Агроинвестбонк”ва бо қарори Раёсати Бонки миллии Тоҷикистон аз 21 майи соли 2021, таҳти №89 фаъолияти ҶСК “Тоҷиксодиротбонк”қатъ карда шуд [3; 28].

Бесуботи молиявии ҷаҳонӣ ва бӯҳрони бонкҳои низомсозии кишвар, Бонки миллии Тоҷикистонро водор намуд, ки як қатор чораҳои заруриро оид ба идоракунии корпоративӣ дар рушди фаъолияти бонкҳои ватанӣ, санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ ба монанди "кодекси рафтори идоракунии корпоративӣ", принсипҳои идоракунии корпоративӣ ва модели милллии идоракунии корпоративиро тарҳрезӣ ва такмилдиҳии идоракунии корпоративиро дар бонкҳо боз ҳам ҷонок намоянд, то ба миссия ва рушди фаъолияти бонкҳо мусоидаткунанда бошанд.

Такмили идоракунии корпоративӣ яке аз шартҳои муҳимтарини рақобатпазирии ташкилотҳои қарзӣ ва кам кардани хавфи оқибатҳои манфии таконҳои беруна ба натиҷаҳои молиявии фаъолияти онҳо ба ҳисоб меравад. Масъалаҳои такмили идоракунии корпоративӣ дар шароити бесуботи молиявии ҷаҳонӣ ба таври боварибахш собит намуд, ки сӯиистифода аз боварии ҷонибҳои манфиатдор метавонад ба ҳисороти калони на танҳо иқтисодӣ, балки иҷтимоӣ низ оварда расонад [9;11;12].

Лекин ба андешаи Кузнетсова Л.В. маҳз сабаби асосии бӯҳрони идоракунии корпоративӣ ин нокифоя рушд ёфтани низоми менеҷменти хавфҳо ва дар амал истифода бурдани он ба ҳисоб меравад. Моделҳои арзёбии сатҳи хавфҳо, ки дар ташкилотҳои қарзӣ истифода мешуданд, самаранок набудани худро нишон доданд. Норасоӣ дар идоракунии корпоративӣ дар он зоҳир мешуд, ки солҳои охир таваҷҷуҳи директорон асосан ба ҳисоботи молиявии дохилӣ ва беруна нигаронида шуда буд, ки низоми пешгирии хавфҳоро маҳдуд месохт [6;74]. Новобаста аз он ки оид ба низоми пешгирии хавфҳо борҳо дар ҳуҷҷатҳои байналмиллалии корпоративӣ таъкид шуда буд, аксарияти бонкҳо ба ин бепарвоӣ зоҳир менамуданд, ки боиси талафотҳои калони молиявӣ гардид. Дар шароити ҳамкории аз ҳад зич ва муттаҳидшавии алоҳида бо корпоратсияҳои ғайримолиявӣ, бонкҳо натавонистанд вазъи молиявии қарзгирандагони калонро ба таври объективӣ арзёбӣ кунанд, ки ин боиси ҷамъшавии қарзҳои беэътибор гардида, яке аз сабабҳои бӯҳрон дар низоми бонкӣ гардид (ҷадвали 2.).

**Ҷадвали 2.**-Тағйирёбии сифати сандуқи қарзии низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон давоми солҳои 2014 - 2023 (млн. сомонӣ)

| | 2014 | 2015 | 2016 | 2017 | 2018 | 2019 | 2020 | 2021 | 2022 | 2023 |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Сандуқи қарзӣ- - ҳамагӣ | 9397 | 10955 | 9592 | 8307 | 8426 | 8515 | 10 883 | 11 650 | 13 269 | 17 473 |
| Аз ҷумла: | | | | | | | | | | |
| Қолабӣ<br>Ҳамонҳо бо % ба натиҷа | 7224<br>76,88 | 6768<br>61,78 | 3894<br>40,60 | 4720<br>56,81 | 4990<br>59,22 | 5110<br>60,01 | 7 702<br>70,78 | 9 625<br>82,6 | 10 471<br>0,8 | 14 137<br>80,91 |
| Қарзҳои зери назоратӣ<br>Ҳамонҳо бо % ба натиҷа | | | | | | | 634<br>5,83 | 434<br>3,7 | 1 178<br>0,1 | 1 109<br>6,35 |
| Ғайриқолабӣ<br>Ҳамонҳо бо % ба натиҷа | 180<br>1,91 | 1305<br>11,91 | 1130<br>11,78 | 557<br>6,71 | 820<br>9,73 | 856<br>10,05 | 234<br>2,15 | 256<br>2,2 | 106<br>0 | 739<br>4,23 |
| Шубҳанок<br>Ҳамонҳо бо % ба натиҷа | 100<br>1,06 | 1128<br>10,30 | 1022<br>10,66 | 537<br>6,47 | 250<br>2,97 | 127<br>1,50 | 947<br>8,70 | 36<br>0,3 | 41 657<br>0 | 293641<br>1,68 |

| | | | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Хавфнок<br>Ҳамонҳо бо % ба натиҷа | 620<br>6,60 | 219<br>2,00 | 246<br>2,56 | 350<br>4,21 | 458<br>5,44 | 158<br>1,67 | Х | Х | Х | Х |
| Қарзҳои беэътимод<br>Ҳамонҳо бо % ба натиҷа | 1273<br>13,55 | 1535<br>14,01 | 3299<br>34,40 | 2143<br>25,80 | 1909<br>22,65 | 2267<br>24,00 | 1 365<br>12,54 | 1 300<br>11,2 | 1 470<br>0,1 | 1 194<br>6,83 |

**Сарчашма:** Бюллетени омори бонкӣ.-2014.-12 (245).- С.90-101; Бюллетени омори бонкӣ.-2018. 12 (281) .- с. 79-80; Бюллетени омори бонкӣ. -2019. 4 (285) .- С. 79-81; Бюллетени омори бонкӣ. -2019. 4 (285); Бюллетени омори бонкӣ. -2020. (305) .- С. 92; Бюллетени омори бонкӣ. -2021. (316) .- С. 62;

Тавре, ки аз ҷадвали 2. дида мешавад, аз соли 2014 то соли 2017, сарфи назар аз зуҳуроти буҳронӣ дар иқтисодиёт, сандуқи қарзӣ пайваста зиёд шудааст (1,5 маротиба), ки ин маънои онро дорад, ки бонкҳо, сарфи назар аз афзоиши фоизи қарзҳои бо пули миллӣ ифодаёфта, муштариёнро бештар ҷалб мекунанд.

Ҳаҷми сандуқи қарзӣ дар солҳои 2016-2019 аз сабаби баланд будани фоизи қарзҳои бо пули миллӣ ифодаёфта ва пурзур шудани назорати Бонки миллии Тоҷикистон нисбат ба қарздиҳии бонкҳои тиҷоратӣ коҳиш ёфтааст. Аз маълумотҳои ҷадвали 2. бармеояд, ки аз соли 2014 то соли 2016 сифати сандуқи қарзӣ коҳиш ёфтааст. Дар давраи солҳои 2014-2016 дар сохтори сандуқи қарзӣ қарзҳои шубҳанок 5,12 % то 10,66%, ва ё 2,1 маротиба афзуда, ҳиссаи қарзҳои беэътимод аз 6,11% ба 34,40% расидааст ё 5,6 баробар зиёд шудааст. Бар замми ин, илова кардан лозим аст, ки дар давраи баррасишаванда ҳиссаи қарзҳои қолабӣ аз 80,41% то 40,60% ё 2 маротиба коҳиш ёфтанд [4;].

Коҳиши сифати сандуқи қарзии низоми бонкии кишвар асосан бо фаъолияти чунин бонкҳои калон, аз қабили ҶСК «Агроинвестбонк», ҶСК «Тоҷиксодиротбонк», ҶСП «Тоҷпромбонк» ва ҶСП «Фононбонк» алоқаманд аст, ки бидуни арзёбии дурусти имкониятҳои бозгашт онҳо қарзҳои калон дода, бо ҳамин, боиси афзоиши ҳаҷми қарзҳои бесифат гардиданд. Дар солҳои 2013-2016 ҳиссаи қарзҳои калон ба сармояи танзимшаванда дар низоми бонки кишвар аз 79,1% то 139,9% ё қариб 2 маротиба афзудааст.

Сарфи назар аз он, ки дар амалияи бонкӣ арзиши ашёи гарав бояд ба маблағи қарз баробар ё аз он зиёд бошад, баъзан қарзҳое дода мешуданд, ки пурра бо гарав таъмин карда нашудаанд. Баъзан қарзҳо бо вуҷуди мавҷудияти маълумот дар бораи истифодаи нодурусти онҳо дода мешуданд. Инчунин, қарзҳо ба қишрҳои таъминнашудаи аҳолӣ дода шуданд, ки даромади асосии онҳо даромад аз муҳоҷирони меҳнатӣ мебошанд, ки хавфи барнагардонидани онҳоро зиёдтар мекард. Ҳамаи ин ба он оварда мерасонад, ки қисми зиёди дороиҳои бонк бекурб шуда, сафарбар карда намешаванд.

Бисёре аз бонкҳо, бинобар паст шудани сифати сандуқи қарзӣ, фарқияти муҳлати пардохти қарзҳо ба буҳрони пардохтпазирӣ дучор шуданд ва бонкҳо барои қонеъ кардани ниёзҳои маблағгузории худ бештар аз Бонки миллии Тоҷикистон вобаста буданд. Бонкҳо инчунин пасандозҳои муҳлати истифодаашон гузашта ва фоизи онҳоро барнагардонидаанд. Ин боиси он шуд, ки эътимоди шахсони ҳуқуқӣ ва воқеӣ - муштариён ба бонкҳо коҳиш ёфт.

Ҳамин тариқ, мухолифат байни манфиатҳои менеҷерон ва саҳмдорон, нодуруст идоракунии хавфҳои пешомада, надоштани иттилоот дар бораи вазъи бозори фондӣ, аз ҳад зиёд ҷорӣ намудани низоми ҳавасмандгардонӣ, нодуруст истифода бурдани низоми ҳисобот ва муҳосибот, беаҳамияти ба пардохтпазирӣ ва дигар омилҳо сабаби бӯҳрони молиявӣ гардида, ба андешаи мо, дар нодуруст идоракунии корпоративӣ зоҳир мегардад.

Барои дуруст ба роҳ мондани идоракунии корпоративӣ дар бонкҳо чунин принсипҳои оддии идоракунии бонкҳо бояд ба инобат гирифта шаванд: муайян кардани ҳадафҳои корпоративӣ (аз ҷумла ба даст овардани фоидаи иқтисодӣ барои соҳибон); идоракунии фаъолияти ҷории ширкат; ба назар гирифтани манфиатҳои тарафҳо; таъмини мутобиқати фаъолияти корпоративӣ ва рафтори корпоративии бонк ба талаботи таҷрибаи дурусти бонкӣ, қонунгузории амалкунанда ва заминаи меъёрии ҳуқуқӣ; ҳифзи манфиатҳои пасандозгузорон.

Илова бар ин, дар сохтори ташкилии худди бонк якчанд шакли назорати дохилӣ бояд ҳатман ба роҳ монда шаванд:

- ➢ назорат аз ҷониби Шӯрои директорон ё Шӯрои нозирон;
- ➢ назорат аз ҷониби шахсоне, ки ба идоракунии ҳамарӯзаи намудҳои гуногуни фаъолияти бонкӣ машғул нестанд;
- ➢ назорати бевоситаи самтҳои гуногуни фаъолияти бонк;
- ➢ мавҷудияти вазифаҳои идоракунии мустақили хавфҳо ва аудити дохилӣ.

Омилҳо қайдшуда барои идоракунии дурусти корпоративӣ дар бонкҳо нигаронида шудаанд.

Дар соҳаи идоракунии корпоративӣ бояд принсипҳои зерин риоя карда шаванд:

- • хусусият ва ҳаҷми дастгирии давлат ба ҳар як ташкилоти қарзӣ бояд аз ҷиҳати самаранок будани иқтисодии он, асоснок карда шавад;
- • давлат набояд ба моликон ва роҳбарони ширкатҳое (бонкҳое), ки меъёрҳои қонунгузории корпоративӣ ва стандартҳои масъулияти иҷтимоии корпоративиро вайрон кардаанд, кӯмак расонад, наҷот додани бонкҳо бояд тавассути тағйир додани роҳбарият ва соҳибони онҳо анҷом дода шавад;
- • гузаронидани расмиёти муфлисшавии ташкилоти қарзӣ мутобиқи қонунгузории қабулшуда, бидуни гирифтани дороиҳо ва ғасби душманона, бояд анҷом дода шавад;
- • дар шароити бӯҳрон бинобар кам шудани талаботи сармоягузорӣ дастгирии давлатии ширкатҳо дар бахши сармоягузорӣ, корхонаҳои фаъоли инноватсионӣ ва ба соҳибкорон вусъат додан зарур мебояд.

Ин вазифаҳоро низоми нави институтсионалии иқтисоди ҷаҳонӣ ҳаллу фасл хоҳад кард, ки дар он нақши мақомот ва созмонҳои байналмилалӣ пурзӯр мегардад, барои мубодила ва ҳамкорӣ дар соҳаҳои гуногуни фаъолияти иқтисодӣ ва рушди минбаъдаи иқтисодиёт, тиҷорати байналмилалӣ, инчунин риояи стандартҳои байналмилалии идоракунии корпоративӣ, шароити мусоидтар фароҳам меорад. Дар давраи миёнамӯҳлат тамоюли таҳкими нақши давлат дар танзими фаъолияти соҳибкорӣ ва муқаррар намудани қоидаҳои сахттар дар соҳаи идоракунии корпоративӣ идома хоҳад ёфт.

Бӯҳрони солҳои 1997-1998 нишон дод, ки бонкҳо мустақилона ва самаранок оид ба вазъ дар бозор, арзиши бизнес, хавфҳои дар пеш омада, пардохтпазирӣ ва дигар нишондодҳои иқтисодӣ дуруст арзёбӣ намоянд. Барои ҳалли масъалаҳои корпоративӣ баррасии ду вазифа асосӣ ҳисобида мешавад, аз ҷумла: гузариш аз муайян кардани мақсадҳо ва ҳавасмандгардонии кӯтоҳмуддат ба дарозмуддат, ки бо давомнокии давраи иқтисодӣ муқоисашаванда аст; васеъ намудани фазои муносибатҳои корпоративӣ бо фарогирӣ ба доираи онҳо ва ба инобат гирифтани манфиатҳои ҳамаи ҷонибҳои асосии манфиатдор, на танҳо иштирокчиёни анъанавӣ дар шахсияти саҳмдорон ва менеҷерҳо [6;74]. Ҳамзамон, ба такмили идоракунии корпоративӣ метавон тавассути танзими як қатор масъалаҳои ҳуқуқӣ, аз қабили ҳифзи ҳуқуқи саҳмдорон, иҷрои қарордодҳо, мушаххас кардани вазифаҳои мақомоти идоракунии корпоративӣ, фароҳам овардани фазои соҳибкорӣ аз коррупсия ва ришвахорӣ, қабули қонунҳо ва низомномаҳо ва дигар тадбирҳое, ки ҳуқуқу ӯҳдадориҳои роҳбарон, кормандон ва саҳмдоронро танзим мекунанд, мусоидат кунанд. Ҳамаи ин

фаъолиятҳо метавонанд ба рушд ва такмили муҳити соҳибкорӣ ва ҳуқуқӣ мусоидат кунанд, ки идоракунии бо самари корпоративиро ҳавасманд мекунанд ва ташаббусҳои мақомотҳои назоратиро дар ин соҳа дастгирӣ мекунанд.

**Ҳамин тавр,** дар рафти таҳқиқот муайян гардид, ки дар бонкҳои тиҷоратии Ҷумҳурии Тоҷикистон такмили механизми идоракунии корпоративӣ дар сатҳи зарурӣ ба роҳ монда нашудааст. Ба ақидаи мо, яке аз шартҳои муҳими тезонидани раванди идоракунии корпоративӣ бунёди муҳити созгори ҷорикунии маърифати молиявӣ ва кодекси идоракунии корпоративӣ мебошад.

Бояд гуфт, ки ҷанбаҳои асосии такмили идоракунии корпоративиро дар чунин шароит баррасӣ кунем:

- Такмили механизми идоракунии корпоративии бонкҳо дар шароити ноустувории молиявии ҷаҳонӣ вазифаи муҳими таъмини суботи низоми молиявӣ ва кам кардани хатарҳо мебошад.
- Баланд бардоштани нақши шӯрои директорон, таҳкими мустақилияти шӯро, директорони мустақил бояд дар қабули қарорҳои стратегӣ, махсусан дар муҳити ноустувор нақши калидӣ бозанд.
- Коршиносӣ ва салоҳият: Шӯрои директорон бояд мутахассисони дорои таҷрибаи идоракунии бӯҳронҳо, идоракунии хавфҳо ва бозорҳои байналмилалии молиявӣ бошанд.
- Арзёбии мунтазами фаъолият: Баҳодиҳии мунтазами фаъолияти шӯрои директорон ва аъзоёни он барои муайян кардани камбудиҳо ва бартараф кардани онҳо.
- Мониторинги глобалии хавф: мониторинги доимии хатарҳои иқтисодии ҷаҳонӣ, сиёсӣ ва экологӣ, ки метавонанд ба фаъолияти бонк таъсир расонанд.
- Мутобиқати стандартҳои байналмилалӣ: Пайравӣ ба стандартҳо, ба монанди Базел III барои таъмини шаффофият ва эътимод аз сармоягузорон ва танзимгарон.
- Этика ва масъулияти иҷтимоии корпоративӣ: Таҳкими стандартҳои ахлоқӣ ва принсипҳои рушди устувор дар фарҳанги корпоративӣ.
- Рақамикунонӣ ва инноватсия, татбиқи технология, истифодаи зеҳни сунъӣ, (blockchain) ва маълумоти бештар барои беҳтар кардани равандҳои идоракунии корпоративӣ ва назорат.

Бояд гуфт, ки такмили идоракунии корпоративии бонкҳо дар шароити ноустувории молиявии ҷаҳонӣ муносибати ҳамаҷониба, аз ҷумла пурзӯр намудани нақши шӯрои директорон, такмили идоракунии хавфҳо, баланд бардоштани шаффофият, ҷорӣ намудани инноватсия ва ҳамкории зич бо мақомоти танзимкунандаро тақозо мекунад. Ин тадбирҳо ба бонкҳо на танҳо аз бӯҳрон наҷот ёфтан, балки мавқеи худро дар бозори дохилӣ ва берунӣ мустаҳкам намуда, устувории дарозмуддат ва эътимоди муштариён ва сармоягузоронро таъмин хоҳанд кард.

## Адабиёт


1. Абдулхайров Ф.М., Таҷрибаи байналмилалии идоракунии корпоративии бонкҳо ва истифодабарии он дар бонкҳои тиҷоратии Ҷумҳурии Тоҷикистон / Ф.М. Абдулхайров // Паёми Молия ва иқтисод. 2023 №1 (35). С. 350-360.
2. Авдашева С. Б., Розанова Н. М. Теория организации отраслевых рынков. М.: Магистр, 1998;
3. Бонкдорӣ Тараққиёт Ҷаҳонишавӣ . Январ-Март 2017.-С. 28.
4. Бюллетени омори бонкӣ. – 2019. - №12 (293). - 121 с., 2020. - №12 (305). - 122 с., 2021. - №12 (315). - 98 с., 2022. - №12 (329). -103 с., 2023. - 12(341). – 104с

5. Кодекси идоракунии корпоративии ҶСК «Бонки Эсхата» (Аз ҷониби Шӯрои нозирони ҶСК «Бонки Эсхата» Пайнавишти №185, аз 1 майи соли 2021 тасдиқ карда шудааст).
6. Кузнецова Л.В. Корпоративное управление и эффективность банковской деятельности. Диссертация к.э.н. М., 2010. С. 74 (149).
7. Мирзозода, Ф.А. Понятие и сущность корпоративного управления в кредитных организациях / Ф.А. Мирзозода, М.У. Бобоев // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. – 2020. – № 1. – С. 161.
8. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ» аз 23.12.2022 12:30, шаҳри Душанбе, 2022 (http://www.prezident.tj)
9. Азизов, С. А. Методика оценки деятельности кредитных организаций и ее роль в определении коэффициентов и пороговых значений индикаторов финансовой безопасности (часть вторая) / С. А. Азизов, Б. Шарипов // Таджикистан и современный мир. – 2019. – № 1(64). – С. 205-215. – EDN UYRCCO.
10. https://www.nbt.tj/
11. Азизов, С. А. Методика оценки деятельности кредитных организаций и ее роль в определении коэффициентов и пороговых значений индикаторов финансовой безопасности (часть первая) / С. А. Азизов, Б. Шарипов // Таджикистан и современный мир. – 2018. – № 4(63). – С. 90-98. – EDN YQDWZJ.
12. Шарипов, Б. М. Некоторые проблемы совершенствования корпоративного управления в банковской системе Таджикистана / Б. М. Шарипов, Т. А. Турсунова // Экономика Таджикистана. – 2022. – № 3. – С. 38-43. – EDN OUEEVZ.

**Маълумот дар бораи муаллифон:**
**Бегматов Ашурбой Аҳманович** – профессори кафедраи молияи, Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон. Суроға:734067, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе,к. Нахимов,64/4. (+992) 901-21-78-18
**Абдулхайров Фахриддин Маҳмадшоевич** – ассистенти кафедраи аудит ва ревизияи Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон.Суроға:734067, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе,к. Нахимов,64/4. (+992) 93-535-30-05 **E-mail: Fakhriddin0007@mail.ru**

**Сведения об авторах:**
**Бегматов Ашурбой Ахманович** - профессор кафедры финансов Таджикского государственного финансово-экономического университета. Адрес: 734067, Республика Таджикистан, г. Душанбе, ул. Нахимова, 64/4. (+992) 901-21-78-18
**Абдулхайров Фахриддин Махмадшоевич** - ассистент кафедры аудита и ревизии Таджикского государственного финансово-экономического университета Адрес: 734067, Республика Таджикистан, г. Душанбе, ул. Нахимова, 64/4. (+992) 93-535-30-05 **E-mail: Fakhriddin0007@mail.ru**

**Information about the authors:**
**Begmatov Ashurboy Ahmanoich** - Professor of the Department of Finance of the Tajik State University of Finance and Economic. Address: 734067, Republic of Tajikistan, Dushanbe, st. Nakhimov, 64/4. (+992) 901-21-78-18
**Abdulkhairov Fakhriddin Mahmadshoevich -** Assistant of the Department of Audit and Audit of the Tajik State University of Finance and Economic.Address: 734067, Republic of Tajikistan, Dushanbe, st. Nakhimov, 64/4. (+992) 93-535-30-05 **E-mail: Fakhriddin0007@mail.ru**

**УДК: 635.332.18**

**МУКАМАЛГАРДОНИИ ИДОРАКУНИИ ЛОИҲАҲОИ САРМОЯГУЗОРӢ ДАР КАС**

**Ахмедов Д.Ҳ.**
**Аҳлиддини Ф.**

***Аннотатсия.*** *Дар мақолаи мазкур, роҳҳои идоракунии лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар КАС аз ҷиҳати илмӣ вобаста ба шароити кунунии Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди омузиш қарор гирифта, ҳамзамон барои такмили роҳу усули равнақ додани соҳаи мазкур пешниҳодҳо гардидааст. Бояд қайд, ки дараҷаи самаранок идоракунии лоиҳаҳои сармоягузорӣ, чунин хулоса намудан мумкин аст, ки таъсири ҳаҷми маблағгузориҳо, ба лоиҳаҳои сармоягузории татбиқшаванда дар минтақаҳои кишвар ва аз захираҳои таъминнокии онҳо вобастагӣ дорад.*

***Калимаҳои калидӣ**: сармоягузорӣ, идоракуни, лоиҳа, самараноки, КАС, меъёр, маблағ, фонд, минтақа, усул, танзими давлатӣ.*

***Барои иқтибос:** Ахмедов, Д. Ҳ. Мукамалгардонии идоракунии лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар КАС / Д. Ҳ. Ахмедов, Ф. Аҳлиддини // Паёми молия ва иқтисод. – 2024. –No.4.2(43). – С. 104-109.*

**СОВЕРШЕНСТВОВАНИЕ УПРАВЛЕНИЯ ИНВЕСТИЦИОННЫМИ ПРОЕКТАМИ В АПК**

**Ахмедов Д.Х.,**
**Ахлиддини Ф.**

**Аннотация.** В данной статье научно исследованы методы управления инвестиционными проектами в АПК применительно к современным условиям Республики Таджикистан, и одновременно с этим даны предложения по совершенствованию путей и методов развития данной сферы. Следует отметить, что об уровне эффективности управления инвестиционными проектами можно сделать вывод, что влияние объема инвестиций на инвестиционные проекты реализуемые в регионах страны и их ресурсы снабжения. Поэтому под понятием риска следует понимать неопределенность, связанную с вероятностью возникновения в ходе реализации инвестиционного проекта.

**Ключевые слова:** инвестиции, управление, проект, эффективность, АПК, норматив, сумма, фонд, регион, метод, государственное регулирование.

**IMPROVING THE MANAGEMENT OF INVESTMENT PROJECTS IN THE AGRO-INDUSTRIAL COMPLEX**

**Akhmedov D.H.**
**Ahliddini F.**

***Annotation.*** In this article, the risks and dangers of investing in agriculture are theoretically shown in relation to the current conditions of the Republic of Tajikistan, and at the same time, proposals are made to improve the methods and methods of preventing existing risks. It should be noted that the degree of risk of investment projects, it can be concluded that the

impact of the risk does not depend on the amount of funds, but on the investment projects implemented in the regions of the country and on their security resources.

**Key words:** investment, management, project, efficiency, Agro-industrial complex, norm, amount, fund, region, method, state regulation.

**Гузориши масъала.** Дар шароити имрӯза дар Ҷумҳурии Тоҷикистон истифодаи усули барномавӣ-мақсадноки барномарезии рушди минтақавӣ аҳамияти калон пайдо карда истодааст. Дар ҳамаи минтақаҳои ҷумҳурӣ дар доираи Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи то соли 2030 барномаи дарозмӯҳлати рушди иҷтимоӣ-иқтисодӣ таҳия гардидааст. Мақсадҳои дар барнома тарҳрезигардида ба туфайли коркард ва татбиқи лоиҳаҳои сармоягузории минтақавӣ амалӣ карда мешаванд. Лоиҳаҳои муҳими сармоягузории минтақавӣ он лоиҳаҳое маҳсуб мешаванд, ки амалишавии онҳо ба вазъи иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва экологии минтақа таъсири назарраси дарозмуддат расонида метавонанд.

**Таҳлили таҳқиқотҳои охир ва нашриёт.** Доир ба кори мазкур таҳқиқот аз ҷониби Қудратзода П.Қ., Саидмурадов Л.Х.[7, с 142], Умаров Х.У., Бобоазиззода Ш.А., [8, с 5] ва дигарон гузаронида шудааст.

**Мақсади мақола.** Роҳҳои мукамалгардонии идоракунии лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар КАС маҳсуб меёбад.

**Муҳтавои асосии мавод.** Ҳолати фаъолияти сармоягузориҳоро дар иқтисодиёти мамлакат суръти афзоиши нишондиҳандаҳои асосии макроиқтисодии зерин ба таври ғайримустақим, аммо объективона тавсиф мекунанд:

- даромади миллӣ;
- МУД ва МУМ
- ҳаҷми истеҳсолоти саноатӣ
- ҳаҷми истеҳсолоти кишоварзӣ;
- ҳосилнокии меҳнати ҷамъиятӣ ва ғайра.

Бо мақсади таъмини рушди устувори иқтисодиёти миллии мамлакат ва беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ ва соҳибкорӣ соли 2007 Шӯрои машваратии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оиб ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ таъсис дода шуд, ки ба ҳайати он намояндагони мақомотҳои давлатӣ бахши хусусии ватанию хориҷӣ ва шарикони рушд шомил карда шудаанд.

Ба ақидаи Ахмедов Д.Ҳ. хавфҳои сармоягузори – ин раванди аз даст додани идоракуни сармоя, ҳангоми фаъолияти ғайриқаноатбахши лоиҳаҳои татбиқгардида мебошад.

Бояд ёдовар шуд, ки идоракунии лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар КАС танҳо бо низоми ҷудогонаи идоракунӣ маҳдуд нагашта, он ба сифати зернизоми умумӣ ва идоракунии амалӣ ва стратегиро низ фаро мегирад. Асоси инро, идоракунӣ хавфу хатарҳои сармоягузориии дар кишоварзӣ ба сифати зернизоми идоракунии стратегӣ ва амалии хоҷагӣ ба салоҳияти роҳбарияти онҳо мувофиқ буда, ба нишондиҳандаҳои махсуси фаъолияти амалиётӣ ва таҳлили майлкунии онҳо такя менамояд ва ба ҳамин тарз, бо низоми нишондиҳандаҳои идоракунии умумии кишоварзӣ пайвасти ҳамаҷониба дорад.

Бо ин мақсад зарур аст, ки омӯзиш, таҳлил ва баҳодиҳии тамоюлҳои асосӣ доир ба сармоягузориҳо, динамикаи онҳо, таҳлили вазъи сармоягузорӣ дар марҳалаи ҳозираи мамлакат гузаронида шаванд. Барои ин вазъи масъалаҳои зикршуда дар давоми солҳои охир дар микёси кишвар ва дар минтақаҳои он, ҷалби сармоягузорӣ ба соҳаҳои гуногуни иқтисоди миллӣ, ҳаҷму самаранокии онҳо ва омода намудани пешниҳодҳо ҷиҳати идоракунии лоиҳаҳои сармоягузорӣ мавҷуда, муайян кардани

роҳҳои бехтар намудани фазои сармоягузорӣ ва баланд бардоштани ҳиссаи сармоягузориҳо дар маҷмӯи маҳсулоти дохилии кишвар муайян карда шаванд.

Дар ин ҳолат вазъи мушаххаси идоракунии самараноки маблағҳои сармоягузорӣ, мониторинг–усули муқоисаи мунтазами ҳолати воқеии иқтисодиёт бо ҳолате марбут мебошад. Ин ҷараён
бо ёрии нишондиҳандаҳои махсус гузаронида шуда, вазъи иқтисодиётро мавриди таҳлилу ташхис қарор медиҳад ва мувофиқи натиҷаҳои ба дастомада таклифу тавсияҳои зарурӣ пешкаш карда мешаванд. Аз ин ҷо бар меояд, ки идоракунии сармоягузорӣ ба иқтисодиёти мамлакат дар он ифода меёбад, ки қобилияти иқтисодиётро дар бобати таъмини дархостҳои ҷамъиятӣ дар сатҳи миллӣ ва сатҳи байналмилалӣ муайян ва инчунин, рақобатпазирӣ, кафолати бехатаргардонии онро аз ҳар гуна хавфу хатарҳо дар бозорҳои дохилӣ ва байналмилалӣ таъмин намояд. Аз таҳқиқотҳои гузаронида шуда маълум гардид, ки минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ба маблағгузории асосӣ эҳтиёҷи калон доранд. Гузашта аз ин, барои сатҳи баланди ҷалби сармояи асосӣ ба иқтисодиёт на танҳо ҳукумати ҷумҳурӣ, балки худи маъмурияти минтақаҳо низ бояд ҷалб карда шаванд. Аз ин рӯ, мантиқан метавон тахмин кард, ки принсипҳои асосии идоракунӣ ва механизми татбиқи лоиҳаҳои сармоягузорӣ ва самаранокии идоракунии онҳо дар минтақаҳои кишвар бевосита аз иштироки васеи мақомоти ҳокимияти минтақаҳо дар раванди
сармоягузорӣ вобаста аст.

Дар шароити рушди иқтисоди бозорӣ ва рушди иқтисодиёт миқдори зиёди лоиҳаҳои сармоягузорӣ бо сармоягузории давлатӣ, инчунин ҷалби сармоягузориҳои ватанӣ, хориҷӣ ва хусуси татбиқ мегарданд. Ҳолати кунунии идоракунии лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон мушкилоти арзёбии хавфҳои сармоягузории минтақавиро дар як қатор омилҳои калидӣ ба миён мегузорад. Дар таҳқиқотҳои худ олимони ватанӣ Саидмуродов Л.Ҳ., Муминова Ф.М., Мирбобоев Р.М. қайд мекунанд: «Аз як тараф, тафовути ҳудудии хавфи сармоягузории нишондиҳандаи хусусияти минтақаҳои алоҳида, тафовути сиёсӣ, иҷтимоӣ ва иқтисодии онҳоро объективона инъикос мекунад [4].

Самаранокии идоракунии лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар соҳаи кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон асосан аз дараҷаи арзёбии захираҳои мавҷуда сарчашма мегириад. Самтҳои асосии афзалиятҳои идоракунии лоиҳаҳои сармоягузории дар минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон аз инҳо иборатанд: идоракунии иқтисодиёт, кишоварзӣ, обёрӣ ва обтаъминкунии деҳот, обтаъминкунӣ ва канализатсия, энергетика, нақлиёт, экология, маориф, тандурустӣ, рушди бахши хусусӣ, меҳнат ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ ва дигар бахшҳои иқтисодӣ.

Бояд гуфт, ки афзалияти бахшҳои болозикр ин
В заключение следует отметить, что основной целью устойчивого промышленного развития является повышение уровня и качества жизни людей за счет создания новых, экологически безопасных и инновационных бизнес-моделей, не разрушающих природные ресурсы. Мы определили общие цели, основываясь на факторах, влияющих на устойчивое развитие, а также на потребностях и ограничениях общества. Частные цели являются развитием общих целей и необходимы для достижения показателей устойчивого развития. Любая проблемная ситуация возникает из-за несоответствия между желаемым и реально существующим в объекте или предмете исследования. Поэтому, чтобы правильно диагностировать проблему, важно сначала описать желаемое состояние, затем понять текущее состояние экономического объекта и, наконец, оценить, насколько они отличаются друг от друга.

## Литература


**1.** Концепции перехода Республики Таджикистан к устойчивому развитию Душанбе. 2007-2030гг. С.-103.

**2.** Postow W. How it all began Origins of the modern economy N.Y. etc., McGraw - Hill, 1975.

**3.** Водопьянов Л.А. Устойчивость в развитии живой природы. Минск, 1974. С-45

**4.** Казиева Ж.Н. Устойчивое развитие промышленности (теория и методология): Диссертация доктора экономических наук. Махачкала, 2009.

**5.** Казначеев В.П. Что мы гарантируем следующим поколениям? // За рубежом, 1994, № 18 С-202.

**6.** Лосев К.С. Экологические проблемы и перспективы устойчивого развития России в XXI веке. М., Космоинформ, 2001.

**7.** Лукьянчиков Н.Н., Потравный-И.М. Экономика и организация природо-пользования: Учебник для вузов- М.: ЮНИТИ-ДАНА, 2002.

**8.** Мальцева Н.Л. Социально-философское основание концепции устойчивого развития общества: Диссертация доктора философских наук. Волгоград, 1998. С-41.

**9.** Осокина Н.В., Логачев В.А., Коряков А.Г., Казанцева Е.Г. Экономическая устойчивость: теоретические и практические проблемы. Кемерово: Кузбассвуз- издат, 2000. С-8.

**10.** Птушенко А. К. Общество и экономика: К вопросу о понятиях и критериях эффективности экономики // Общество и экономика, 2004; № 10.

**11.** Сауранбаев Н.Е. Устойчивое развитие национальной экономики: теоретические положения и принципы: Препринт. -СПб: Нестор, 2003.

**12.** Сухарев О. Современные концепции хозяйственного развития // Экономист, 2003, № 7.

**13.** Татаркин А.И., Романова О.А., Ченчевич С.Г. Факторы и возможности устойчивого промышленного развития региона. Екатеринбург, 1997. С-12.

**14.** Турченко В.Н., Шафранов-Куцев Г.Ф. Россия: от экстремальности к устойчивости. Тюмень, 2000.

**15.** Урсул А.Д. Перспективы экоразвития. -М.: Наука, 1990. С-98.

16. Сулаймонзода, Ш. Ф. Рушди бизнес-хизматрасонӣ дар шароити гузариш ба иқтисодиёти рақамӣ ва ҳукумати электронӣ / Ш. Ф. Сулаймонзода, А. Н. Нурализода // Идоракунии давлатӣ. – 2021. – No. 4-1(53). – P. 63-72. – EDN VDVVZA.

17. Сулаймонзода, Ш. Ф. Афзалиятҳои иқтисодиёти рақамӣ дар рушди бизнес-хизматрасонӣ дар шароити муосир / Ш. Ф. Сулаймонзода, М. А. Самиев // Паёми молия ва иқтисод. – 2021. – No. 3(27). – P. 124-130. – EDN YYIIWG.

18. Рахимов, Р. К. Совершенствование взаимодействия реального и денежного секторов экономики Республики Таджикистан / Р. К. Рахимов, Я. П. Довгялло, Б. М. Шарипов // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. – 2015. – № 2/3(165). – С. 113-121. – EDN UNJKDJ.

19. Шарифзода, Б. М. Возможности использования банковских цифровых технологий в контексте обеспечения качественного развития промышленности Таджикистана / Б. М. Шарифзода, В. Абдусатори, Д. Д. Шаропов // Экономика Таджикистана. – 2024. – № 1. – С. 88-94. – EDN KQFXSC.

**Сведение об авторе:**

**Сулаймонзода Шухрат Фирдавс -** Таджикский государственный финансово-экономический университет, кандидат экономических наук, доцент кафедры биржевой деятельности, докторант кафедры экономики предприятий и предпринимательства Таджикского государственного финансово-экономического университета. Адрес: 734067, Республика Таджикистан, город Душанбе, ул. Нахимов. 64/14. Тел.: (+992) 940-63-63-63. Электронная почта: Sulaymonzoda_sh@mail.ru

**Маълумот дар бораи муаллиф:**

**Сулаймонзода Шуҳрат Фирдавс -** Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон, номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсенти кафедраи фаъолияти биржавӣ, унвонҷӯ-доктoранти кафедраи иқтисоди корхонаҳо ва соҳибкории Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон. Суроға: 734067, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, к. Нахимов. 64/14. Тел.: (+992) 940-63-63-63. Почтаи электронӣ: Sulaymonzoda_sh@mail.ru

**Information about the author:**

**Sulaymonzoda Shuhrat Firdavs -** Tajik State University of Finance and Economics, Candidate of Economic Sciences, Associate Professor of the Department of Stock Exchange Activities, Doctoral Candidate of the Department of Economics of Enterprises and Entrepreneurship of the Tajik State University of Finance and Economics. Address: 734067, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Nakhimov street. 64/14. Tel.: (+992) 940-63-63-63. E-mail: Sulaymonzoda_sh@mail.ru

**УДК:338.242.32**

# ДАСГИРИИ ДАВЛАТИИ РУШДИ СОҲИБКОРИИ ИННОВАТСИОНӢ ДАР ШАРОИТИ МУОСИР

**Убайдуллозода Ф.У.**

*Солҳои охир дар таҳқиқоти иқтисодӣ ба ташаккули инфрасохтори инноватсионӣ ва соҳибкории минтақаҳо таваҷҷуҳи зиёд дода мешавад. Мақола самтҳои асосии дасгирии давлатии рушди фаъолияти соҳибкории инноватсиониро дар шароити муосир дар бар гирифта, ба ин васила баланд бардоштани сатҳи иқтисодӣ ва кекӯаҳволии мардум бо назардошти хусусиятҳои хоси худ ва ақидаи олимони ватанӣ мавриди омузиш қарор дода шудааст. Инчунин қайд мегардад, ки соҳибкори инноватсионӣ- дараҷаи олии фаъолияти соҳибкорӣ буда, таҳия, ҷорӣ сохтан ва истеҳсоли маҳсулоти нав барои корхона ҳамчун воситаи баланд бардоштани рақобатнокӣ ва рафъи вобастагии корхона аз мутобиқат накардани давраҳои ҳаётии маҳсулоти истеҳсолшаванда аҳаммияти хос дорад. Ҳамзамон дар мақола ба масъалаи таъмини рушди устувори минбаъдаи иқтисодиёти мамлакат, муайян намудани сиёсати нави давлати инноватсионӣ ва ояндаи устувори дарозмуҳлат диққати махсус дода шудааст.*

**Калидвожаҳо:** *соҳибкории инноватсионӣ, дастгирии давлатӣ омилҳои молиявӣ, рушди иқтисодӣ субъьктҳои хоҷагидорӣ, иқтисоди рақамӣ, равандҳои инноватсионӣ, саноатикунонии босуръат, некуаҳволии мардум, низоми андозбандӣ, имтиёзҳои андозӣ, низомҳои молиявӣ.*

***Барои иқтибос:*** *Убайдуллозода Ф.У. Дасгирии давлатии рушди соҳибкории инноватсионӣ дар шароити муосир / Ф.У. Убайдуллозода // Паёми молия ва иқтисод. – 2024. - №.4.2(43). – С.127-135.*

# ГОСУДАРСТВЕННАЯ ПОДДЕРЖКА РАЗВИТИЯ ИННОВАЦИОННОГО ПРЕДПРИНИМАТЕЛЬСТВА В СОВРЕМЕННЫХ УСЛОВИЯХ

**Убайдуллозода Ф.У.**

*В последние годы в экономических исследованиях большое внимание уделяется формированию инновационной инфраструктуры и регионального предпринимательства. В статье рассматриваются основные направления государственной поддержки развития инновационной предпринимательской деятельности в современных условиях, способствующие повышению экономического уровня и благосостояния народа с учетом его специфических особенностей и взглядов отечественных ученых. Также отмечается, что инновационное предпринимательство является высшим уровнем предпринимательской деятельности, а разработка, внедрение и производство новой продукции имеет особое значение для предприятия как средство повышения конкурентоспособности и устранения зависимости предприятия от несоответствия жизненных условий. циклы выпускаемой продукции. При этом особое внимание в статье уделено вопросу обеспечения дальнейшего устойчивого развития экономики страны, определению новой инновационной государственной политики, долгосрочного устойчивого будущего.*

***Ключевые слова:*** *инновационное предпринимательство, государственная поддержка, финансовые факторы, экономическое развитие хозяйствующих субъектов, цифровая экономика, инновационные процессы, ускоренная индустриализация, благосостояние населения, налоговая система, налоговые льготы, финансовые системы.*

## STATE SUPPORT FOR THE DEVELOPMENT OF INNOVATIVE ENTREPRENEURSHIP IN MODERN CONDITIONS

**Ubaidullozoda F.U.**

*In recent years, much attention has been paid in economic research to the formation of innovative infrastructure and regional entrepreneurship. The article examines the main areas of state support for the development of innovative entrepreneurial activity in modern conditions, contributing to an increase in the economic level and well-being of the people, taking into account its specific features and the views of domestic scientists. It is also noted that innovative entrepreneurship is the highest level of entrepreneurial activity, and the development, implementation and production of new products is of particular importance for the enterprise as a means of increasing competitiveness and eliminating the enterprise's dependence on the discrepancy between living conditions. cycles of manufactured products. At the same time, special attention in the article is paid to the issue of ensuring further sustainable development of the country's economy, defining a new innovative state policy, and a long-term sustainable future.*

***Key words:*** *innovative entrepreneurship, state support, financial factors, economic development of business entities, digital economy, innovative processes, accelerated industrialization, welfare of the population, tax system, tax incentives, financial systems.*

Соҳибкорӣ - фаъолияти мустақилонаи аз рӯи таваккал амалишавандаи шахсони бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон бақайдгирифташудаест, ки барои ба даст овардани фоида аз истифодаи молу мулк, истеҳсол, фурӯши мол (иҷрои кор ё хизматрасонӣ) равона шудааст. Ба сифати субъектҳои соҳибкорӣ шахсони воқеӣ ва ҳуқуқие, ки мутобиқи муқаррароти қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон аз қайди давлатӣ гузаштаанд, баромад менамоянд.

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҳамасола дар паёмҳои худ ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба соҳаи соҳибкорӣ таваҷҷуҳи махсус зоҳир менамоянд ва бахри рушду инкишофи соҳаи мазкур, ҷорӣ намудани имтиёзҳо ба соҳибкорон ва дастгирӣ намудани онҳо ба мақомоти дахлдори давлатӣ дастуру супоришҳо медиҳанд. Ва дар ин замина, Сарвари давлат дар паёмҳои ҳарсолаашон таклифу пешниҳодҳои қонунгузорӣ дар соҳаи соҳибкорӣ манзур менамоянд, ки онҳо воситаи муҳими такмили қонунгузории мамлакат дар самти мазкур мебошанд.

Аз ин рӯ, барои Тоҷикистон, ки дар ин ҷо муносибатҳои бозорӣ акнун ташаккул ёфта истодааст, сиёсати инноватсия ба нигоҳдории илмию технологии мамлакат нигаронида шудааст. Таъмини рушди устувори минбаъдаи иқтисодиёти мамлакат муайян намудани сиёсати нави давлатии инноватсияро тақозо месозад, ки он ба ояндаи устувори дарозмуҳлат нигаронида шуда бошад. Барои ин, муқррар намудани тавозуни дурусти тақсими захираҳо байни

давраҳои сикли инноватсионӣ зарур аст. Даҳсолаҳои авали асри XXI нишон медиҳад, ки дар ҷаҳони муосир табаддулоти амиқи иттилоотию технологӣ сурат гирифта, вай ба ҳама ҷабҳаҳои истеҳсолоти муосир, системаи муносибатҳои ҷамъиятӣ таъсири зиёд мерасонад. Қонуниятҳои глобалии навъи рушди инноватсионии маориф ва омода кардани кадрҳо, қонуниятҳои пайдоиш ва ҷорисозии кашфиёту ихтироот ва навгониҳои техникӣ, ташкилӣ ва иқтисодӣ, динамикаи дараҷаи илмию техникӣ ва сифати маҳсулот проблемаҳои иқтисодиёти муосирро нишон медиҳад. Инчунин то ҳол дар Тоҷикистон қонунгузории бе воситаи марбут ба соҳибкории инноватсионӣ ё дигар барномаи мушахаси соҳибкории инноватсионӣ амалан вуҷуд надорад. Бинобар ин, зарурати қабули қонунҳо дар бораи фаъолияти соҳибкории инноватсионӣ ва сиёсати давлатии соҳибкории инноватсионӣ пеш омадааст.

Дар шароити ҷаҳонишавӣ ва рушди босуръати равандҳои ҳамгироӣ, чи дар сатҳи минтақаҳои алоҳида ва чи дар сатҳи кишварҳои алоҳида, ки дар як манзараи ҷуғрофӣ ҷойгиранд, масъалаҳои таъмини инфрасохтории татбиқсозии самараноки иқтидори тиҷорати минтақавӣ ва рушди тиҷорати байниминтақавӣ дар заминаи беҳтарсозии инфрасохтори бозорӣ аҳамияти муҳим пайдо менамоянд[1;9; 10;11].

Бояд қайд намуд, ки мутобиқи моддаи 12 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон асоси иқтисодиёти Тоҷикистонро шаклҳои гуногуни моликият ташкил медиҳанд. Давлат фаъолияти озоди иқтисодӣ, соҳибкорӣ, баробарҳуқуқӣ ва ҳифзи ҳуқуқии ҳамаи шаклҳои моликият, аз ҷумла моликияти хусусиро кафолат медиҳад. Воқеан давлату Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои дастгирӣ ва рушди соҳибкорӣ бахусус соҳибкории инноватсионӣ, ки сарчашмаи ташкили ҷойҳои нави корӣ, беҳтар намудани шароити иқтисодӣ ва иҷтимоии аҳолии мамлакат аст, ҷиҳати муқаррар намудани имтиёзҳо ба соҳибкорон тамоми чораҳои ташкиливу амалиро меандешанд.

Мафҳуми «соҳибкории инноватсионӣ» ҷараёни офаридан ва истифодаи тиҷоратии техника ва технологияи навоварӣ мебошад. Инноватсия ҳамчун афзори махсуси соҳибкорӣ на барои он чизе, ки ихтироъ шудаст хизмат мекунад, балки равонасозии ташкили кофтукови чизҳои нав дар сохтори соҳибкорӣ мебошад. Соҳибкори инноватсионӣ- дараҷаи олии фаъолияти соҳибкорӣ буда, ки ба муштариён муаррифии қарорҳои нав доир ба ҳалли масъала (маҳсулоти нав, хизматҳо, технологӣ ва ғайра) момӯзад. Аз ҷумла, имкониятҳои нави навоваришуда дар тиҷорати шахсӣ мебошад.

Маврид ба зикри хос аст, ки дар адабиётҳои иқтисодӣ се навъи асосии соҳибкории инноватсиониро ҷудо мекунанд.

1.Навоварии маҳсулот – раванди нав кардани фурӯши иқтидори корхона, ки устувории корхонаро нигоҳ медорад ва ҳамеша ба ин ҳаҷми фоидаи бадастовардашуда, пахнои дар бозор, нигоҳ доштани муштариён, созмон додани ҷойҳои нави корӣ ва ғайра мебошад.

2.Навоварии технологӣ – раванди иқтидори истеҳсолӣ, ки бахри баланд бардоштани истеҳсолоти меҳнат ва сарфаи энергия, ашё ва дигар захираҳо, ки дар навбати худ имкон медиҳад, ки фоидаи корхона ва таъмини бехатари он, ташкили чорабиниҳо, самаранок истифода бурдани низоми итилоотии дохили корхонавӣ ва ғайра равона карда мешавад.

3.Навоварии иҷтимоӣ – раванди умумии нақшавии бехатарии фазои гуманитарии корхона, мақбул донистани ин гуна навоварӣ, имконияти пахн шудан дар бозори қувваи корӣ, сафарбаркунии корхона оиди мақсадҳои гузошташуда, устуворгардонӣ ва боварии уҳдадориҳои

иҷтимоии корхона дар назди коргарон ва ҷамъият мебошад.

Аз намудҳои мазкур бар меояд, ки таҳия, ҷорӣ сохтан ва истеҳсоли маҳсулоти нав барои корхона ҳамчун воситаи баланд бардоштани рақобатнокӣ ва рафъи вобастагии корхона аз мутобиқат накардани давраҳои ҳаётии маҳсулоти истеҳсолшаванда аҳаммияти хос дорад. Дар шароити кунунӣ таҷдиди маҳсулот дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бо суръати нисбатан суст ҷараён мегирад. Дар солҳои охир ба амал омадани тағйироти назариявӣ дар таъмини рушди инноватсионии ҷомеа дар назар аст. Ин бо он вобаста аст, ки аксари кишварҳои ҷаҳон дар ин давра ба марҳалаи сифатан нави рушд, яъне рушди инноватсионӣ дар рушди иқтисодӣ торафт мавқеи сазоворро ба даст меоранд ва ҳиссаи маҳсулоти соҳаҳои технологияашон пешрафта дар маҷмӯи маҳсулоти дохилии аксари кишварҳои мутараққӣ мунтазам меафзояд. Навъи нави иқтисодиёт ба вуҷуд омада истодааст, ки онро «иқтисодиёти нав» меноманд.Ҷорӣ намудани мафҳуми «иқтисодиёти нав» дар таҳлил ва таҷрибаи илмӣ бевосита бо ҳал гардидани проблемеҳои рушди фаъолияти инноватсия ва баҳодиҳии сифатан нави нақши илм ва равандҳои инноватсионӣ вобаста аст.

Аз ин рӯ, пурзӯр гардидани омили илмию инноватсионӣ дар ҷомеа гузариш ба навъи инноватсионӣ ба хоҷагиҳо пешниҳод менамояд, ки дар танзими давлатии иқтисодиёт нақши назаррас дошта бошанд. Дар шароити ҷаҳоникунонӣ рушди навъи инноватсионии иқтисодиёт ба сатҳу сифати маҳсулот, сатҳи зиндагии шаҳрвандон, ва кам кардани қафомони аз кишварҳои пешрафтаи ҷаҳон нигаронида шудааст, ки ин ба ҳамгироии байналминалӣ пешомадҳои тозаеро фароҳам меоварад. Дар ин маврид, вазифаи муҳимми рушди соҳибкории инноватсионӣ, афзоиши истеҳсолот ва фурӯши маҳсулоти технологшияшон пешрафтаи рақобатпазир дар бозори ҷаҳонӣ мебошад, ки онҳо бинобар дар таркиби худ доштани ҳиссаи зиёди моликияти зеҳнӣ, арзиши иловашударо моликанд. Дар кишварҳои мутараққӣ 80-95 %-и маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ ба ҳиссаи донишҳои нави дар техника ва технология таҷассумёфта, усулҳои ташкили меҳнат, истеҳсолот ва идора, инчунин баланд бардоштани дараҷаи таҳсилоти аҳолӣ рост меояд.

Воқеан ҳам, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҷиҳати дастгирии рушди фаъолияти соҳибкорӣ дар кишвар як қаттор барномаву стратегияҳо ва дигар санадҳои меъёрию ҳуқуқиро қабул ва роҳандозӣ намудааст, ки онҳо метавонанд барои рушди соҳа замина мусбӣ фароҳам оваранд. Дар ин замина ҳангоми ироаи Паёми имсолаи хеш қайд намуданд, ки «… Бо мақсади дастгирии минбаъдаи рушди соҳибкорӣ зарур аст, ки тибқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санҷиши фаъолияти субъектҳои хоҷагидор» бо роҳи такмил додани меъёрҳои амалкунандаи арзёбии хавфҳо шумораи санҷишҳо ва даврияти гузаронидани онҳо (ба истисноии хавфҳои андоз) боз ҳам маҳдуд карда шавад.

Қисмати муҳими паёми Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ин такмили низоми андозӣ ва маъмурикунонии он ба ҳисоб меравад. То имрӯз зиёда аз 170 намуди имтиёзҳо ва сабукиҳои андозию гумрукӣ пешниҳод шуда, дар соли 2024 маблағи имтиёзҳои андозиву гумрукии истифодагардида зиёда аз 12 миллиард сомони расидааст. Аз ҷумла аз ҳисоби паст ва бекор кардани меъёрҳои 5 намуди андоз зиёда аз 1,5 миллиард сомонӣ ҳамчун дастгирӣ дар ихтиёри субъектҳои соҳибкорӣ боқӣ мемонад. Дар натиҷа соли 2024 шумораи субъектҳои соҳибкорӣ ба 339 ҳазор расид, ки нисбат ба соли 2018 беш аз 76 ҳазор зиёд мебошад.

Бо мақсади такмили идоракунии низоми андозии кишвар, кам кардани вақт ва

хароҷотҳои соҳибкорон тавассути сода ва сабук намудани расмиёти он пардохтҳои ҳатмӣ то 40%, ҳисоби андозӣ то 60%, ба расмиёт даровардани ҳуҷҷатҳои гумрукӣ то 30% кам карда шуда, бақайдгирии субъектҳои хоҷагидорӣ то 5-6 рӯз расонида шудааст. Бо риояи талаботи Кодекси андоз истифодаи усулҳои муосири иқтисодиёти рақамӣ ва хизматрасониҳои пешқадами электронӣ ба субъектҳои соҳибкорӣ пешбинӣ гардидааст, ки бо таваҷҷуҳ ба рақамикунонии иқтисодиёт ва истифодаи технологияҳои муосири хизматрасониҳои андозӣ ба субъектҳои сохибкорӣ бештар имтиёзҳои андозӣ дода мешавад.

**Ҷадвали 2.** - Маълумотҳо оиди маблағҳои имтиёзҳои андозӣ барои субъектҳои соҳибкорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон тайи солҳои 2015-2024, млн сомонӣ

| **Номгуйи андозҳо** | **Солҳо** | | | | | **2024/2015, бо %** |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | 2015 | 2017 | 2019 | 2020 | 2024 | |
| Андоз аз фоида | 30,9 | 162,5 | 519,2 | 730,9 | 815,2 | 26 маротиба |
| Андоз аз истифодабарандагони роҳи автомобилгард | 0,7 | 2,5 | 8,9 | 9,8 | 31,0 | 4,4 маротиба |
| Андози иҷтимоӣ | 7,1 | 8,6 | 18,0 | 18,5 | 20,6 | 2,9 маротиба |
| Андоз аз арзиши иловашуда | 2104,6 | 2611,2 | 3876,1 | 3896,3 | 5415,8 | 2,5 маротиба |
| Андози низоми содакардашуда | 4,8 | 16,3 | 13,4 | 11,3 | 14,4 | 3,0 маротиба |
| Ҳамагӣ | 2148,0 | 2801,1 | 4435,7 | 4666,9 | 5481,7 | 2,5 маротиба |

**Сарчашма:** Омори расмии Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон

Тавре ки аз ҷадвали 1 бар меояд, ба субъектҳои соҳибкорӣ дар давраи баррасишаванда нисбат ба пештара 2,5 маротиба бештар имтиезҳо дода шудаанд. Дар айни замон, дар низоми соддашудаи андозбандӣ ин нишондиҳанда 3 маротиба афзудааст, аммо ин рақамҳо то ҳол хурд буда, дар маҷмӯъ зиеда аз 2,6% - ро ташкил медиҳанд.

Тавассути низоми иттилоотии муносибатҳои молию пулӣ ва таъсиси КВД "Маркази дастгирии амалиётҳои молиявии байнибуҷетӣ татбиқи ниҳоии босифату саривақтии қисматҳои автоматикунонии стратегияи мазкур пешбинӣ гардида, пурра амалӣ намудани он бо иштироки ниҳодҳои давлатӣ дар амалиётҳои молиявӣ, аз ҷумла низоми хазинадорӣ таъмин мегардад. Бо супориши Ҳукумати кишвар шабакаи ягонаи электронии иттилоотӣ барои идоракунии самараноки молияи давлатӣ дар минтақаҳои кишвар таъмин гардидааст, ки он аз раванди рақамикунонии иқтисодиёт гувоҳӣ медиҳад.

Доир ба рушди соҳибкории инноватсионӣ олимони соҳа тадқиқотҳои зиёдеро ба анҷом расонидаанд. Масалан ба ақадаи Наврузи М. «…Барои тасниф кардани объектҳои соҳибкории инноватсиони ду равиш вуҷуд дорад. Якум, равиши институтсионалӣ, ки "ба муайян кардани

хусусиятҳои муассисаҳое, ки иҷро мекунанд ё маблағгузорӣ мекунанд асос ёфтааст. Ин воҳидҳои таснифшаванда аз рӯи бахшҳои иқтисод гурӯҳбандӣ карда мешаванд, то ҳадди имкон, аз рӯи таснифоти стандартии мавҷудаи фаъолияти иқтисодӣ. Дуюм, равиши функсионалӣ, ки хусусияти инноватсияро ҳамчун «як воҳиди иҷрокунанда, на фаъолияти асосии иқтисодии он» таҳлил мекунад. Ин равиш як камбудии назаррас дорад - он таснифи навовариҳоро нисбат ба худ ва тавассути эҳтиёҷоти ба вуҷуд омадаи пешниҳоди он ба бозор ташкил медиҳад. Бозори инноватсионӣ маҷмӯи гуногунии инноватсияҳо буда, зарурати истифодаи онҳоро субъект муайян мекунад, яъне. як гурух корхонахо (саноат), истехсолот, корхонаи алохида, на худи навоварй. Бинобар ин, мо дар таҳқиқоти худ равиши институтсионалиро истифода мебарем, зеро он аз истифодаи навоварӣ дар фаъолияти иқтисодӣ оғоз меёбад, ки таснифоти миллии оморӣ аллакай дарк шудааст. Ин истифода, интихоб ва соҳиб шудан ба инноватсияро осон мекунад. Ҳадафи раванди инноватсионӣ эҷоди ҳарчи бештари навоварӣ мебошад. Дарачаи якуми шакли инноватсионии бозор – бозори инноватсиониро ташаккул дихад, то корхонахое, ки истехсолоти инноватсиониро ташкил медиханд, интихоб кунанд, ки чиро фахманд, ки чиро истехсол кардан ва кадом махсулоти инноватсиониро ба истеъмолкунанда пешниход кардан лозим аст...» [5].

Яке аз мутахассисони соҳа Бозоров Ш.Ш. дар кори худ се шакли асосии соҳибкории инноватсиониро ҷудо менамояд. «…Шакли якуми соҳибкории инноватсионӣ – маҳсулоти инноватсионӣ – раванди азнавнамоии иқтидори фурӯши корхона, зиёд шудани ҳаҷми даромад, васеъ гардидани саҳм дар бозор, нигоҳдории мизоҷон, мустаҳкам намудани мустақилият, муҳайё сохтани ҷойҳои нави кориро дар худ инъикос менамояд. Шакли дуюм – инноватсияҳои технологӣ – ин раванди таҷдиди иқтидори истеҳсолие мебошад, ки ба баланд бардоштани маҳсулнокии меҳнат ва сарфи энергия, ашёи хом ва дигар захираҳо равона шудааст. Ин имконият медиҳад, ки ҳаҷми даромади ширкат зиёд шуда, техникаи бехатарӣ мукаммал ва чорабиниҳо оид ба ҳифзи муҳити зист амалӣ гарданд, системаи иттилоотии дохили ширкат самаранок истифода бурда шавад. Шакли сеюми соҳибкории инноватсионӣ – инноватсияҳои иҷтимоӣ – раванди умумии ба таври мунназам беҳтаршвии самти хизматрасониҳои гуманитарии корхонаро инъикос менамояд. Истифодаи чунин инноватсия имкониятҳоро дар бозори қувваи меҳнат васеъ мегардонад, кормандони корхонаро барои ноилгардӣ ба мақсадҳои гузошташуда сафарбар мекунад, боварино оид ба иҷрои уҳдадориҳои иҷтимоии корхона дар байни кормандон ва дар маҷмӯъ дар ҷомеа баланд мебардорад...» [2].

Назарова Н. бошад дар кори илмии худ қайд менамояд, ки «…соҳибкоре, ки ба фаъолияти инноватсионӣ машғул мебошад, бояд дар доираи се таъминот кор ва фаъолият карда тавонад, инчунин доррои донишҳои техникӣ, иқтисодӣ ва ҳуқуқӣ бошад. Илова бар ин, барои нигоҳ доштани рақобат зарур аст, ки инноватсия на, як чорабинии якдафъаина ба раванди доимӣ табдил ёбад. Соҳибкории инноватсионӣ раванди эҷод ва тиҷоратикунонии инноватсияҳо мебошад. Навоварӣ бояд на танҳо барои ширкате, ки онро ҷорӣ мекунад, балки барои бозор дар маҷмӯъ нав бошад, яъне чизе, ки дар айни замон касе пешниҳод накардааст. Ҳадафи инноватсия ин ишғол намудан ва гирифтани қисми муайяни бозорҳо, инчунин васеъ кардани бозори воқеӣ, яъне ҷалб намудани муштариёни нав мебошад. Дар ҳолати 3- қадами устовор гузоштан ин кор имконпазир аст. Якум бояд ба маҳсулотҳои нави такя кард, ки то кунун

шщиркатҳои рақибон аз он бехабаранд. Дуюм, инноватсия метавонад аз ширкатҳои бузург пайдо шавад, аммо татбиқи он барои тиҷорати хурд ё ширкатҳои нав осонтар аст. Ширкатҳои инноватсионӣ дар бозорҳои хурд фаъолият мекунанд, ки ҳаҷми онҳо дар муқоиса бо бозорҳои ширкатҳои солҳои тӯлонӣ ночиз аст. Онҳо пайваста маҳсулоти худро такмил медиҳанд ва барои беҳтар қонеъ кардани интизориҳои гурӯҳи асосии истеъмолкунандагони худ сармоягузорӣ мекунанд. Сеюм, ширкатҳои инноватсионӣ бозорҳоеро эҷод мекунанд, ки дар онҳо омилҳои муваффақият аз омилҳои хоси бозорҳои ширкатҳои муқарраршуда фарқ мекунанд. Ширкат бояд пайдарпайии нави фаъолиятҳоро (занҷираи арзиш, равандҳои дохилӣ, сохторҳо ва фарҳанги корпоративӣ) қабул кунад, ки аз фаъолиятҳои дар бозорҳои анъанавӣ гирифташуда фарқ мекунанд. ...» [6,8].

Қодирзода Ш. А. дар тадқиқтҳои илмии худ қайд менамояд, ки «…Ташаккулёбии соҳибкории инноватсиониро бо шароитҳои зерин вобаста аст:

- шиддатгирии омилҳои интенсивии рушди истеҳсолот, ки ба истифодабарии тараққиёти илмӣ-техникӣ дар ҳамаи соҳаҳои фаъолияти иқтисодӣ мусоидат мекунад;

- нақши муайянкунандаи илм дар баландбардории самаранокии коркард ва ҷорӣ кардани техникаи нав;

-зарурати кам кардани муҳлати ихтироъ ва аз худ кардани техникаи нав; -зарурати тараққиёти оммавии ихтироъкорон;

-зиёд шудани хароҷот ва паст шудани нишондиҳандаҳои иқтисодии корхонаҳо дар вақти аз худ кардани маҳсулоти нав:

-зуд маънаван куҳна шудани техникаву технология;

-зарурати объективии босуръат ҷорӣ кардани техника ва технология»[3,4].

Дар асоси ақидаи олимони ватанӣ ва хориҷӣ зарур шуморидем, ки дар расми 1. инфрасохтори дастгирии давлатии соҳибкории инноватсиониро нишон диҳем.




**Расми 1. Инфрасохтори дастгирии давлатии соҳибкории инноватсионӣ**

Ақидаҳои олимонро ба инобат гирифта қайд менамоем, на ҳамаи соҳибкорӣ инноватсионӣ мебошад, танҳо он соҳибкорие инноватсионӣ ҳисобида мешавад, ки дар натиҷаи ба роҳ мондани истеҳсолот, истифода ва омезиши маҳсулоти инноватсионӣ барои гирифтани даромади соҳибкорӣ имконият медиҳад. Соҳибкории инноватсионӣ дар як вақт дар худ ҳам зуҳуроти иқтисодӣ ва ҳам раванди иқтисодиро инъикос менамояд. Ба сифати зуҳуроти иқтисодӣ соҳибкорӣ, ҳамчун шакли муносибати истеҳсолӣ вобаста ба истеҳсолот ва фурӯши молу маҳсулоти мушаххас (кор, хизматрасониҳо) баромад мекунад. Ҳамчун зуҳуроти иқтисодӣ, вай тамоми системаи муносибатҳоро, ки вобаста ба муносибатҳои ҳамдигарӣ дар вақти фурӯши мол, бо таҳвилгарон, бо дигар субъектҳои хоҷагидор, кормандони кироя ва ниҳоят бо мақомоти давлатӣ ва дигар мақомоти идоракунӣ аз ҷониби соҳибкор ба амал меоянд, инъикос мекунад. Чӣ хеле ки маълум аст, навовариҳо яке аз функсияи соҳибкорӣ мебошад ва мутаносибан вай бояд дар фаъолияти соҳибкорӣ доимо мавҷуд бошад.

Ба андешаи мо соҳибкории инноватсионӣ – шакли бисёрҷанбаи фаъолияти иқтисодӣ мебошад. Ба сифати соҳибкор шахсони ҳуқуқӣ ва воқеӣ баромад мекунанд, ки чунин намуди фаъолияти инноватсиониро, ки ба сикли такрористеҳсоли маҳсулоти инноватсионӣ алоқаманд аст, амалӣ менамоянд, ба монандӣ:

- ташкили маҳсулоти инноватсионӣ (аслан соҳибкории инноватсионӣ);
- иҷрои вазифаҳои миёнаравӣ (хизматрасониҳои вобаста ба пешбарии маҳсулоти инноватсионӣ ва интиқоли он бевосита аз истеҳсолкунанда ба истеъмолкунанда);
- амалӣ намудани функсияҳои молиявӣ барои таъмини фаъолияти инноватсионӣ.

Дар оянда нисбатан мустақил будани чунин шаклҳои фаъолияти соҳибкорӣ дар самти инноватсия якдигарро пурра менамоянд, гарчанде ки метавонанд бо шакли ташкилӣ – ҳуқуқӣ, аз рӯи мазмуни амалиёт ва усулҳои амалӣ намудани онҳо фарқият дошта бошанд. Интихоби шакли корхонаи инноватсионӣ аз талош ва ҳавасмандиҳои шахсӣ, самтҳои фаъолият ва мавҷуд будани воситаҳои пулӣ вобастагӣ дорад.

Хулоса, соҳибкории инноватсионӣ ин раванди махсуси навоварии хоҷагидорӣ мебошад. Ҷустуҷӯи имкониятҳои нав, тамоюл ба инноватсия, малакаи аз дигар сарчашмаҳо гирифтани захираҳо ва истифодаи мақсаднок ва самараноки онҳо бо мақсади иҷрои вазифаҳои дар пеш гузошташуда асоси соҳибкории инноватсиониро ташкил медиҳад. Чунин шакли соҳибкорӣ бо омода будани соҳибкор бобати ихтиёрӣ ба души худ гирифтани хавфҳои амалинамоии лоиҳаи нав ё беҳтар намудани лоиҳаи амалкунанда, масъулияти молиявӣ, моддӣ ва иҷтимоӣ ба раванде, ки метавонад фоида биёрад ё қаноатмандии шахсӣ нисбати натиҷаҳои бадастомада алоқамандӣ дорад. Соҳибкории инноватсионӣ заминаи асосии тамоми соҳаҳои фаъолияти соҳибкорӣ мебошад.

## Адабиёт


1. Ашуров, М. Н. Ҳолати муосир ва дурнамои рушди инфрасохтори дастгирии соҳибкории инноватсионӣ дар минтақа / М. Н. Ашуров, Б. Ҷ. Исвалиев // Паёми молия ва иқтисод. – 2022. – No. 3(32). – P. 130-137.
2. Бозоров Ш.Ш. Соҳибкории инноватсионӣ /Ш.Бозоров, Б.Сафаров// китоби дарсӣ барои донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ). – Душанбе: 2020. - 376 с
3. Косимов, Ф. У. Особенности национальной инновационной системы в реализации инновационной политики государства / Ф. У. Косимов // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. – 2018. – № 8. – С. 172-177.
4. Қодирзода, Ш. А. Идоракунии корхонаҳои инноватсионӣ ва нақши соҳибкори инноватсионӣ дар он / Ш. А. Қодирзода // Вестник Технологического университета Таджикистана. – 2021. – No. 2(45). – P. 203-208.
5. Наврузи, М. Баъзе масъалахои рушди сохибкории инноватсионӣ дар Точикистон / М. Наврузи // Паёми Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон. – 2023. – No. 1(45). – P. 97-103.
6. Назарова, Н. Н. Омилҳои асосии рушди соҳибкории инноватсионӣ / Н. Н. Назарова // Паёми Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон. – 2024. – No. 2(52).
7. Убайдуллозода, Ф. У. Асосҳои назариявии ташаккул ва рушди соҳибкории инноватсионӣ / Ф. У. Убайдуллозода, Ҷ. Н. Қурбонов // Паёми молия ва иқтисод. – 2023. – No. 2(36). – P. 356-366.
8. Шарифзода, Б. М. Возможности использования банковских цифровых технологий в контексте обеспечения качественного развития промышленности Таджикистана / Б. М. Шарифзода, В. Абдусатори, Д. Д. Шаропов // Экономика Таджикистана. – 2024. – № 1. – С. 88-94. – EDN KQFXSC.
9. Шарифзода, Б. М. Оценка влияния финансового механизма на инновационное развитие промышленности Таджикистана / Б. М. Шарифзода // Экономика Таджикистана. – 2024. – № 3. – С. 72-85. – EDN DVRQEW.
10. Шарифзода, Б. М. Банковские цифровые технологии и их вклад в обеспечении качества развития промышленности Таджикистана / Б. М. Шарифзода, Д. Д. Шаропов, В. Абдусатори // Проблемы и перспективы развития промышленности России : Сборник материалов XIV Международной научно-практической конференции, Москва, 17 апреля 2024 года. – Москва: Общество с ограниченной ответственностью "Русайнс", 2024. – С. 188-199. – EDN CPVIFT.



**Маълумот дар бораи муаллиф:**

**Убайдуллозода Файзулло Убайдулло** – н.и.и., дотсент, мудири кафедраи молияи Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон, ш. Душанбе, Ҷумҳурии Тоҷикистон, E-mail: fk.2704@mail.ru. Телефон: (+992) 918-10-10-40

**Сведения об авторе:**

**Убайдуллозода Файзулло Убайдулло** - к.э.н., доцент, заведующий кафедрой финансы Таджикского государственного финансово-экономического университета, Душанбе, Республика Таджикистан, E-mail: fk.2704@mail.ru. Телефон: (+992) 918-10-10-40

**Information about the author**:

**Ubaidullozoda Fayzullo Ubaidullo** - candidate of economic sciences, head of the finance department of the Tajik State University of Finance and Economics, Dushanbe, Republic of Tajikistan, E-mail: fk.2704@mail.ru. Phone: (+992) 918-10-10-40

**УДК: 314.74, 314.743**

# МУҲОҶИРАТИ ОЛИМОНУ МУТАХАССИСОН ВА ТАЪСИРИ ОН БА АМНИЯТИ ИҚТИСОДИЮ ИҶТИМОИИ КИШВАР

**Ғоибназарзода С.М.**
**Худойбердиев Ҷ.М.**

*Дар мақола яке аз масъалаҳои мубрами ҷомеа, ки ба муҳоҷирати олимону мутахассисони кишварамон бахшида шудааст, мавриди омӯзиш қарор дода шуд. Маълумотҳои оморӣ шаҳодат медиҳанд, ки рушди соҳаи илм дар Тоҷикистон беҳбудӣ талаб менамояд, чунки бо сабабҳои иҷтимоию иқтисодӣ шумораи зиёди олимону мутахассисон маҷбур шуданд кишварро тарк намоянд. Дар мақола таҷрибаи байналхалқӣ оид ба ҷалби муҳоҷирони меҳнатӣ ва аз он ҷумла олимону мутахассисон аз тарафи давлатҳои тараққикардаи дунё оварда шудааст, ки ин гуна татбиқи сиёсати самараноки муҳоҷиратӣ вазъи иқтисодию иҷтимоии кишварҳои ҷалбкунандаи муҳоҷиронро беҳтар мегардонад ва ҳамзамон ба кишварҳои интиқоли муҳоҷирон зарар меорад. Тоҷикистон дар самти муҳоҷират таҷрибаи хуб дорад ва барои нигоҳ доштани ҷараёни муҳоҷирати олимону мутахассисон ба хориҷа, бояд Консепсия ва Барномаҳои муосири рушди илми миллиро бо истифода аз усулҳои ҳавасмандгардонӣ қабул карда дар амал татбиқ намоянд.*

***Калидвожаҳо:*** *муҳоҷирати меҳнатӣ, фирори зеҳнҳо, олимону мутахассисон, таҷрибаи байналхалқӣ, ҷалб ва ҳавасмандгардонии олимон, рушди соҳаи илм, тарбияи олимони ҷавон, муҳоҷирати меҳнатӣ.*

***Барои иқтибос:*** *Ғоибназарзода С.М. Муҳоҷирати олимону мутахассисон ва таъсири он ба амнияти иқтисодию иҷтимоии кишвар/ С.М. Ғоибназарзода, Ҷ.М. Худойбердиев // Паёми молия ва иқтисод. – 2024. – No. 4.2 (43). – С. 136-142.*

# МИГРАЦИЯ УЧЕНЫХ И СПЕЦИАЛИСТОВ И ЕЕ ВЛИЯНИЕ НА СОЦИАЛЬНО-ЭКОНОМИЧЕСКУЮ БЕЗОПАСНОСТЬ СТРАНЫ

**Гоибназарзода С.М.**
**Худойбердиев Дж.М.**

*В статье изучается одна из актуальных тем общества, которая посвящена иммиграции ученых и специалистов страны. Статистические данные подтверждают, что развитие науки в Таджикистане желает лучшего, ибо по социально-экономическим причинам большая численность ученых и специалистов быда вынуждена покинуть строану. В статье приводится международная практика по привлечению трудовых мигрантов и в том числе ученых и специалистов со стороны развитых государств мира, где такого рода реализация эффективной миграционной политики улучшает социально-экономическое положение привлекаемых мигрантов стран, и в то же время наносит ущерб странам происхождения мигрантов. Таджикистан имеет хороший опыт в сфере миграции и для предотвращения процесса иммиграции ученых и специалистов за рубеж, необходимо принимать и реализовывать современные Концепции и Программы развития науки страны с использованием стимулирующих методов.*

***Ключевые слова:*** *трудовая миграция, утечка мыслей, ученые и специалисты, международная практика, привлечение и стимулирование ученых, развитьие сферы науки, воспитание молодых ученых.*

**MIGRATION OF SCIENTISTS AND SPECIALISTS AND ITS IMPACT ON THE SOCIO-ECONOMIC SECURITY OF THE COUNTRY**

**Ghoibnazarzoda S.M.**
**Khudoyberdiev J.M.**

*The article examines one of the current topics of society, which is devoGed to the immigration of scientists and specialists of the country. Statistical data confirms that the development of science in Tajikistan leaves much to be desired, because for socio-economic reasons a large number of scientists and specialists are forced to leave the country. The article presents international practice in attracting labor migrants, including scientists and specialists, from developed countries of the world, where this kind of implementation of effective migration policies improves the socio-economic situation of the countries attracting migrants, and at the same time causes damage to the countries of origin of migrants. Tajikistan has good experience in the field of migration and to prevent the process of immigration of scientists and specialists abroad, it is necessary to adopt and implement modern Concepts and Programs for the development of science in the country using stimulating methods.*

***Key words:*** *labor migration, thought drain, scientists and specialists, international practice, attracting and stimulating scientists, development of the field of science, education of young scientists.*

**Гузориши масъала.** Омӯзиши масъалаҳои муҳоҷирати меҳнатӣ ва омилҳои мусбату манфии таъсирбахши он ба ҷомеаи шаҳрвандӣ нишон медиҳад, ки дар ҳолати аз тарафи давлат интихоб ва татбиқ намудани сиёсати мақсаднок, пайдарҳам ва самараноки муҳоҷират, иқтидори илмии кишвар нигоҳ дошта мешавад ва илова бар он тавассути ҷалб намудани олимони бурунмарзӣ, мумкин аст ба натиҷаҳои назаррас ноил гардид. Чунин муносибати оқилона имконият медиҳад, ки рушди устувори соҳаҳои гуногуни иқтисодиёт ва амнияти иқтисодию иҷтимоии мамлакат таъмин карда шавад [10, с 17].

**Таҳлили таҳқиқотҳои охир ва нашриёт.** Тадқиқотҳо нишон медиҳанд, ки “фирори зеҳнҳо” дар ҳамаи давру замон вуҷуд дошт, аммо тайи даҳсолаҳои охир бо дарназардошти авҷ гирифтани омилҳои сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ, демографӣ ва экологӣ дар миқёси ҷаҳон ва ба шакли глобалӣ мубаддал гаштани равандҳои муҳоҷират дар дунё, масъалаи “фирори зеҳнҳо” дар ҷараёни муҳоҷирати аҳолии байналхалқӣ ҷойи намоёнро ишғол кард ва он босуръат афзоиш ёфта истодааст.

Вобаста ба ин, масъалаи мазкур яке аз афзалиятҳои давлатӣ дар сиёсати беруна ва дохилии бисёр кишварҳои ҷаҳон ва пеш аз ҳама давлатҳои тараққикардаи дунё ба ҳисоб меравад. Барои расидан ба чунин мақсадҳо, давлатҳои ҷалбкунандаи зеҳнҳо сиёсати ҳавасмандона ва қонунгузории либералиро татбиқ намуда, ҳамзамон нақшаю барномаҳои созандаро барои рушди доимии кишварашон амалӣ менамоянд.

Ба ин гуна давлати ҷалбкунандаи зеҳнҳо пеш аз ҳама ШМА дохил мегардад, ки ин кишвар аз давраи ташкилшавиаш

мамлакати муҳоҷирон ба ҳисоб меравад. Аз солҳои 90-уми асри гузашта то соли 2010, яъне тақрибан дар муддати бист сол ба ШМА аз қаламрави кишварҳои собиқ Иттифоқи Советӣ ва давлатҳои Аврупо зиёда аз 500 ҳазор нафар олимону матахассисон кӯчида рафтанд. Зиёда аз 90%-и натиҷаҳои тадкиқотҳои илмӣ ва ихтирооти инженерии ба даст овардашуда ва татбиқи он дар истеҳсолот, аз тарафи олимону мутахассисони муҳоҷиршуда ба ин кишвар мавриди амал қарор дода мешаванд [1, 109].

**Мақсади мақола.** Таҳлил ва омӯзиши масъалаҳои муҳоҷирати олимон ва мутахассисон, таъсири он ба амнияти иқтисодӣ ва иҷтимоии кишвар ва роҳҳои беҳтар намудани танзими муҳоҷират дар шартҳои муосир. Мақолаи мазкур бо мақсади нишон додани зарурати рушди илми миллӣ ва ҷалби олимон ва мутахассисон ба кишвар, инчунин тадбирҳои амалии барои нигоҳ доштани онҳо дар дохили кишвар ва истифодаи имкониятҳои байналмилалӣ таҳия шудааст.

**Муҳтавои асосии мавод.** Дар Федератсияи Россия бошад, саҳми арзандаи муҳоҷирони меҳнатии хориҷӣ ба иқтидори молиявии соҳаи нафти мамлакат баробар карда шудааст, ки он даҳҳо миллиард доллари амрикоиро ташкил медиҳад. Соли 2012 саҳмгузории муҳоҷирони меҳнатии хориҷӣ дар иқтисодиёти Россия ниҳоят бузург буда, худи ҳамон сол тақрибан 400 млрд. доллари амрикоиро ташкил кард, ки ин ба 15-20%-и маҳсулоти умумии дохилӣ дар ин кишвар баробар мебошад [1, 109].

Давлати Туркия ба он кишварҳо мансуб аст, ки дар асоси татбиқи сиёсати мақсаднок ва самаранок дар соҳаи муҳоҷират, тавонист аз давраи нимаи дуюми асри XX то аввали асри XXI аз давлати суст тараққикарда ба давлати пуриқтидору тараққикардаи дунё табдил ёбад. Дар нимаи дуюми асри гузашта ҳар сол тақрибан 4-5 миллион нафар муҳоҷирони меҳнатии Туркия дар ҳудуди кишвари Олмон ва дигар мамлакатҳои тараққикардаи Аврупо фаъолияти кориро анҷом медоданд ва бо ин роҳ ҳам дастгирии моддии оилаҳои худ ва ҳам сармоягузории соҳаҳои хоҷагии халқи мамлакатро таъмин мекарданд. Сиёсати дурандешу натиҷабахшро дар соҳаи муҳоҷират татбиқ намуда, Туркия аз ҳисоби ворид намудани технологияҳои муосир ва оқилона ҷалб кардани маблағҳои муҳоҷирони меҳнатӣ ва туркони бурунмарзӣ тавассути иҷрои барномаҳои гуногун, дар як муддати начандон дарози таърихӣ ба яке аз давлатҳои бузурги ҷаҳон мубаддал гашт. Бо ин роҳ Туркия аз давлати интиқолдиҳандаи муҳоҷирон ба давлати қабулкунандаи муҳоҷирони меҳнатии хориҷӣ табдил ёфтааст ва айни замон ҳар сол ба ҳудуди ин мамлакат дар доираи 2,5 млн. нафар [2, 122] муҳоҷирони меҳнатӣ аз хориҷа барои амалӣ намудани фаъолияти корӣ равона мегарданд.

Мисли ШМА, Россия ва Туркия дигар давлатҳои тараққикардаи дунё низ олимону мутахассисонро ба кишвари худ бо мақсади рушди устувори иқтисодию иҷтимоии мамлакат ва мустаҳкам намудани заминаи моддию техникӣ ва ҳарбӣ ҷалб менамоянд. Бо ин роҳ давлатҳои тараққикарда аз як тараф амнияти кишвари худро таъмин менамоянд ва аз тарафи дигар, иқтидори зеҳнии кишварҳои интиқолдиҳандаи олимону мутахассисонро боз ҳам паст мегардонанд, ки ин гуна вазъият рушд ва амнияти кишварҳои интиқолдиҳандаро душвор мегардонад.

Ҷумҳурии Тоҷикистон ба монанди дигар давлатҳои собиқ Шӯравӣ ба мушкилиҳои ҷараёни муҳоҷирати аҳолӣ ва ба хориҷи кишвар кӯчида рафтани шумораи зиёди олимону мутахассисон, оғоз аз давраи солҳои 90-уми асри гузашта дучор гардидааст. Гарчанде, ҳадафи олии давлат ва Ҳукумати мамлакат ба мунтазам баланд бардоштани сатҳу сифати зиндагии аҳолии кишварамон равона шуда бошад ҳам, аммо

бо вуҷуди ин корхои то имруз амалигардидаи мақомоти дахлдори давлатӣ басанда нестанд ва Тоҷикистон ба мушкилиҳо оид ба нигоҳдории олимону мутахассисон дучор гардидааст. Бо сабаби паст будани музди меҳнат, ниҳоят баланд будани нархи маҳсулоти хӯрока ва лавозимоти аввалиндараҷа барои рӯзғор, инчунин вазъи мушкили иҷтимоию иқтисодии кишвар, шумораи зиёди олимон ва мутахаасисони соҳаҳои гуногуни иқтисодиёти кишварамон тарки ватан карданд ва мутаассифона ин раванд то ҳоло давом дорад, ки оқибатҳои он барои ҷумҳурӣ хисороти калони ақлию зеҳнӣ меоварад ва рушди устувори мамлакатро халалдор менамояд.[11;12]

Дар вохӯрии Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон бо олимони кишвар рузи 18 марти соли 2020 таъкид карда шуд, ки "барои баланд бардоштани назорат ҷиҳати азхуд кардани донишҳои замонавӣ, ҳавасмандии ҷавонон дар хониши адабиёти бадеӣ ва илмӣ, мустаҳкам намудани иқтидори эҷодии ҷавонон ва равон кардани диққати онҳо ба омузиши фанҳои табиӣ, дақиқ ва математика тадбирҳои ҷиддӣ андешидан зарур мебошад" [3]. Бинобар ин, муассисаҳои илмии ҷумҳурӣ бояд барои рушди иқтидори илмии кишвар чорабиниҳои гуногуни натиҷабахшро мавриди амал қарор диҳанд ва оид ба тарбияи олимони ҷавон ташаббускор бошанд, зеро то айни замон шумораи зиёди олимони ватанӣ ва аз он ҷумла ҷавонон бо ҳар гуна сабабҳо ба раванди муҳоҷират шомил гардиданд.

Инчунин, ҳангоми мулоқот бо аҳли илм ва маорифи кишвар 30 майи соли ҷорӣ Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон изҳор доштанд, ки "олимони кишвар дар таҳияи ҳуҷҷати муҳимми давлатӣ - Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 саҳми арзишманд гузоштанд ва онҳо минбаъд низ бояд барои расидан ба ҳадафҳои стратегии давлат, таъмини рушди босуботи кишвар, пешрафти соҳаҳои мухталифи он, хусусан, ташкили корхонаҳои истеҳсолӣ, таъсиси ҷойҳои корӣ, баланд бардоштани сатҳи зиндагии мардум ва паст кардани шиддати муҳоҷирати меҳнатӣ саҳмгузор бошанд" [4].

Тадқиқоти сотсиологӣ, ки аз тарафи Раёсати таҳлили масъалаҳои иҷтимоии Маркази тадқиқоти стратегии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 2023 гузаронида шуд, собит менамояд, ки 46,9%-и пурсидашудагон аз байни олимону мутахассисони ботаҷриба бо сабаби кам будани музди меҳнат ба муҳоҷират рӯ овароанд, 14,4% бо сабаби бо ҷойи кор таъмин нагардидан, 13,8% бо сабаби дастгирии нокифояи олимону мутахасссон, 7,9% барои набудани талабот дар бозори меҳнат, 5,4% барои шароити номусоиди корӣ, 5,2% бо сабаби нуфузи баланд доштани кор дар хориҷа, 3,9% аз сабаби бекорӣ ва 2,5% бо дигар сабабҳо кишвари худро тарк кардаанд [5, 263].

Дар баробари ин қайд кардан лозим аст, ки тайи солҳои 2013-2019 мутобиқи Барномаи давлатӣ оид ба мусоидат намудан ба кӯчидани ихтиёрии ҳамватанон ба Федератсияи Россия, дар ин давра аз Тоҷикистон зиёда аз 25 ҳазор нафар шаҳрвандони кишварамон барои зисти доимӣ ба Россия сафарбар гардиданд, ки зиёда аз 60%-и онҳоро ҷавонон ва мутахассисони соҳаҳои илм, маориф ва тандурустӣ ташкил медиҳад. Мутаассифона чунин раванд идома дорад ва мамлакатро кадрҳои болаёқат тарк карда истодаанд [6, 247].

Мутобиқи маълумот аз Барномаи давлатии кӯчидани ҳамватанон ба Россия, ба таври мисол муқоисаи солҳои 2016 ва 2017-ро дар бораи муҳоҷиршавии олимони кишварамон овардан мумкин аст, ки дар асоси он моҳи январи соли 2016 ҳамагӣ 5 нафар олимони кишварамон дар Барномаи

зикргардида иштирок намуданд, ки аз он 1 нафар доктори илмҳо ва 4 нафар номзади илмҳо буданд. Моҳи январи соли 2017 низ 5 нафар олимон дар ин Барнома иштирок карданд, ки аз байнашон 1 нафар доктори илмҳо ва 4 нафари дигар номзади илмҳо буданд. Дар шашмоҳаи соли 2016 бошад шумораи олимони муҳоҷиршуда ба 40 нафар расид, ки аз он 4 нафар доктори илмҳо ва боқимонда 36 нафар номзадони илмҳо буданд. Натиҷаи шашмоҳаи соли 2017 дар муқоиса бо шашмоҳаи соли 2016 то 30 нафар коҳиш ёфт, ки аз он 3 нафар доктори илмҳо ва боқимонда 27 нафар номзадони илм буданд. Аз шумораи умумии иштирокчиёни барномаи кӯчидан ба Россия - 84% маълумоти олӣ, 11% маълумоти миёнаи касбӣ-техникӣ ва 5% маълумоти миёна доштанд [7, 104, 15].

Мутаассифона, баъзе нафарони камфикр чунин ҳисоб мекунанд, ки он тоҷикистониёне, ки аз кишвар баромада рафтанд, дигар ҳуқуқи ба ватан баргаштанро надоранд ва онҳоро ҳатто то "хоини миллат" ном мегиранд. Ин гуна суханон аз тарафи қисми ками шахсон гуфта мешавад, лекин пеши роҳи чунин нафарони аз илму маърифат бехабарро гирифтан лозим аст, зеро маҳз чунин одамон ба миллат зарар оварда онро ба қисмҳо ҷудо мекунанд. Илова бар он бояд тазаккур дод, ки ақлу фаҳмиши ин гуна шахсон дар сатҳи миллат ҳоло ташаккул наёфтааст ва мавқеи онҳоро ислоҳ кардан лозим мебошад. Дар дигар давлатҳо муносибат ба ҳаммиллату ҳамватан аз нуқтаи назари рушди ҳамкориҳо ва қадрдонии якдигар ба роҳ монда шудааст. Ба таври мисол кишвари Ҳиндустонро овардан мумкин аст, ки дар ин мамлакат ҳар сол Форуми ҳиндуёни ҷаҳон таҳти сарпарастии Ҳукумат гузаронида мешавад. Дар ин Форум бо интихоби адолатона 45-нафарӣ донишҷӯёни беҳтарини лаёқатманд – ҷавонони Ҳиндустон, ки дар дохили мамлакат зиндагӣ ва таълим мегиранд, инчунин ҷавонони бурунмарзии ҳинду, ки шаҳрвандони дигар кишварҳоли дунё мебошанд, якҷоя сарҷамъ мешаванд [1, 166-167]. Мақсади гузаронидани чунин Форуми ҳарсола иборат аз он аст, ки риштаҳои пайвандии ҳиндуҳои ҷаҳон канда нашавад ва он баҳри рушди иқтисодию иҷтимоии ватани аҷдодиашон саҳмгузор бошад.

Тоҷикистон низ метавонад ин гуна чорабинии давлатиро лар доираи васеътар, яъне бо иштироки тоҷикистониёни ватандусту баобрутарин аз дохили кишвар ва берун аз он баргузор намояд, ки ба он собиқ ва ҳозира ходимони давлатӣ, олимону зиёиён, соҳибкорону сармоягузорон, ҷавонони боистеъдод ва дигар табақаҳои ҷамъиятро даъват кардан мумкин аст. Боварии комил дорем, ки баргузории чунин форуми пайвандии миллат бар манфиати ҳамаи тарафҳо мебошад ва он обрӯю эътибори Ҳукумати мамлакат ва миллати тоҷиконро баланд мебардорад. Дар барномаи кории ин гуна форум масъалаҳои гуногунро доир ба рушди устувори ҳамаи соҳаҳои хоҷагии халқ ва беҳтар намудани сатҳи зиндагии аҳолии Тоҷикистон, ки он дар маҷмӯъ амнияти иқтисодию иҷтимоии мамлакатро таъмин менамояд, мавриди баррасӣ қарор додан ба мақсад мувофиқ мебошад. Аз ин хотир, истифода бурдани таҷрибаи байналхалқӣ бо дарназардошти рушди кишвар ва баланд бардоштани некуаҳволии шаҳрвандон, танҳо бар манфиати давлат мебошад.

Бисёр давлатҳои ҷаҳон сиёсати созандаро дар самти муҳоҷират татбиқ намуда, нақшаю барномаҳои гуногунмуҳлатро ҷиҳати ҷалби ҳамватанон – олимону мутахассисони бурунмарзӣ дар рушди кишварашон амалӣ менамоянд. Бо ин роҳ ҷойҳои кории арзанда таъсис дода, шаҳрвандонро бо шуғли пурмаҳсул таъмин менамоянд ва ин яке аз нақшаҳои созандаи паст кардани сатҳи бекорӣ дар мамлакат ва

баланд бардоштани сатҳи зиндагии аҳолӣ мебошад.

Олимону коршиносон қайд менамоянд, ки бо дарназардошти ҷаҳонишавии равандҳои байналхалқии муҳоҷирати меҳнатӣ ва таъсири он ба иқтидори илмии кишвар арзёбӣ кардан мумкин аст, ки баромада рафтани қувваи кории беихтисос аз мамлакат шиддати сатҳи бекориро дар бозори меҳнати дохили кишвар паст мегардонад. Аммо, муҳоҷирати оммавии олимону мутахассисон мушкилиҳои иловагиро барои бозори меҳнати кишварҳои интиқолдиҳанда ба амал меоварад, ки онҳо аз кадрҳои болаёқату бомаърифат маҳрум мегарданд [8, 106-110].

Ҳукумати мамлакат бо мақсади рушди соҳаи илм ва баланд бардоштани сатҳи донишу малакаи шаҳрвандон тадбирҳои ҳамаҷониба меандешад, лекин барои расидан ба натиҷаҳои дилхоҳ бояд корҳои зиёди ҳавасмандгардонӣ ба анҷом расонида шаванд. Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки шумораи муассисаю ташкилотҳои илмӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 1993 ҳамагӣ 65 ададро ташкил медоданд ва он дар соли 2010 то 56 адад коҳиш ёфта, дар соли 2022 то 80 адад зиёд карда шуд. Шумораи кормандони фаъолияти асосӣ, яъне илмӣ-техникӣ соли 1991 8501 нафарро ташкил медод ва соли 2010 то 5756 нафар ва соли 2022 то 4496 нафар кам гардид. Аз ҷумла, шумораи доктори илм соли 1991 – 226 нафарро ташкил медод ва солҳои 2010 – то 334 нафар ва соли 2022 – то 320 нафар афзоиш ёфт. Шумораи номзадони илм бошад, соли 1991 – 1835 нафар буд ва баъдан соли 2010 то 896 нафар кам гардида, соли 2022 то 913 нафар афзоиш ёфт [9, 68-74].

Барои омода намудани олимону мутахассисони баландихтисос дар кишварамон аз ҳисоби ҷавонон, баъзе мушкилиҳое ба вуҷуд омадаанд, ки онҳо солҳои тулонӣ давом доранд ва ҷиҳати рушди ояндаи илми Тоҷикистон моро қаноатманд карда наметавонанд. Сухан дар бораи ҷалб ва омузиши ҷавонон дар аспирантура меравад, ки рақамҳои расмӣ чунин мебошанд: Шумораи хонандагони аспирантура соли 1991 – 439 нафар, соли 2010 – 1553 нафар ва соли 2022 – 142 нафарро ташкил дод. Аз ин шумора мутаносибан аспирантураро хатм карданд, соли 1991 – 140 нафар (32%), соли 2010 – 287 нафар (19%) ва соли 2022 – 39 нафар (27%) [9, 68-74]. Чунин вазъият ташвишовар мебошад ва барои рафъи камбудиҳои ҷойдошта ва ҷалбу ҳавасманд намудани ҷавонони Тоҷикистон дар роҳи омузиши илму дониш, баланд бардоштани малакаю тахассус бо мақсади таъмин намудани амнияти иқтисодию иҷтимоии кишвар ва мустаҳкам кардани иқтидори илми миллии Тоҷикистон тадбирҳои ҷиддӣ андешидан лозим мебошад.

Таҷрибаи байналхалқӣ нишон медиҳад, ки барои омода намудани олимону мутахассисони баландихтисос аз ҳисоби ҷавонон, ки ба талабот ва рақобати замони илми муосир ҷавобгӯй бошанд, бо ҷалби коршиносони ватанию байналхалқӣ ва шарикони рушд Консепсия ва Барномаҳои муосири рушди илми миллиро бо истифода аз методҳои ҳавасмандгардонӣ қабул кардан ба мақсад мувофиқ аст. Ҳалли масъалаҳо оид ба омода намудани олимон мутобиқ ба касбу кори гуногун вобаста ба талаботи бозори меҳнати дохили мамлакат, аз рӯи ихтисос ва қобилияти корӣ бо роҳи одилонаю шаффоф ба кор қабул кардани олимони ҷавон, ташкил кардани шароити мусоиди корӣ ва ҳавасмандгардонии олимон бо маоши арзанда ва дигар усулҳои ҷалбкунанда метавонанд барои рушди илми кишвар аҳамияти калон дошта бошанд.

Инчунин, бо мақсади паст кардани сатҳи муҳоҷирати олимон ва мутахассисони баландихтисос ба хориҷа, инчунин дастгирӣ ва ҳамаҷониба ҳавасмандгардонии онҳо дар

дохили кишвар, ба роҳбарони мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳру ноҳияҳо якҷо бо Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон ва дигар мақомоти дахлдори давлатӣ чораҳои мушаххас андешидан зарур мебошад. Азхуд намудани таҷрибаи дигар кишварҳои пешқадами дунё ва татбиқи амалии он имконият медиҳад, ки танзиму ислоҳоти соҳаи илм ва истифодаи самараноки неруи кадрӣ ҷиҳати таъмини амнияти зеҳнии мамлакат, мавриди амал қарор дода шавад.

## Адабиёт


1. А.А. Бобоев. Равандҳои муосири муҳоҷирати аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон: мушкилиҳо ва роҳҳои ҳалли он. Монография. Душанбе. 2022. – С. 109.
2. Маҷаллаи “Тоҷикистон ва ҷаҳони имрӯз”-и Маркази тадқиқоти стратегии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. 2017. №2(57). – С. 122.
3. Аз вохурии Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо олимони кишвар рузи 18 марти соли 2020.
4. Мулоқоти Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо аҳли илм ва маорифи кишвар, ки 30 майи соли 2024 барпо гардид.
5. Назирова М.Н. Муҳоҷирати зеҳнҳо дар муҳити ҷомеаи зеҳнии кишвар. // маҷаллаи “Тоҷикистон ва ҷаҳони имруза”-и Маркази тадқиқоти стратегии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. №1 (85). Душанбе. 2024. – С. 263.
6. Бобоев А.А. Таъсири вазъи иҷтимоию иқтисодии кишвар ба муҳоҷиршавии кадрҳои соҳаҳои маориф ва тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон. //маҷаллаи “Тоҷикистон ва ҷаҳони имруза”-и Маркази тадқиқоти стратегии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. №3 (83) 2023. Душанбе. 2023. – С. 247.
7. Хорошун А.В. Диссертация и автореферат на соискание ученой степени кандидата экономических наук по теме «Совершенствование механизма межстрановой трудовой миграции» от 15 марта 2019 года. Душанбе. 2019. – С. 104, - С. 15.
8. Ивахнюк И.В. Международная трудовая миграция. М., 2005. – С. 106-110.
9. Тоҷикистон: 20-соли истиқлолияти давлатӣ (маҷмуи оморӣ). //Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе. 2011. – С. 130-140; Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон. //Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе. 2023. – С. 68-74
10. Рахимзода, Ш. М. Амсилаҳои дурнамосозии рушди дарозмуддати соҳаҳои иқтисоди миллӣ / Ш. М. Рахимзода, Л. Х. Саидмуродзода, Ф. М. Муминова. – Душанбе : Институт экономики и демографии Национальной академии наук Таджикистана, 2024. – 225 p. – EDN QTFGFF.
11. Чураев, Б. М. Маърифати молияви / Б. М. Чураев, Б. М. Шарипов. – Душанбе : Международный университет туризма, 2016. – 168 с. – EDN HQMJPU.
12. Sharipov, B. Remittances and economic development in the republic of tajikistan: Impact on macroeconomic stability / B. Sharipov // Central Asia and the Caucasus. – 2013. – Vol. 15, No. 4. – P. 94-107. – EDN YVZKWM.



**Маълумот омд ба муаллиф:**

**Ғоибназарзода Саид Муҳаммадназар** – муовини якуми ректори Донишгоҳи давлатии Хоруғ ба номи Моёншо Назаршоев, д.и.и., профессор Суроға: Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Хоруғ, кӯчаи *Ширинщо Шотемура, 109*. Email: ssssaid1985@mail.ru. Телефон: (+992) 988-20-45-45

**Худойбердиев Ҷаҳонгир Маҳмуродович –** унвонҷӯи кафедраи иқтисодиёти ҷаҳон, ДДМИТ. Суроға: 734067, Ҷумхурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯчаи Нахимов 64/14. E-mail: jaha_1992@list.ru

**Информация о авторе:**

**Гоибназарзода Саид Мухаммадназар** – первый проректор Хорогского государственного университета имени Моеншо Назаршоева, доктор экономических наук, профессор. Адрес: Республика Таджикистан, г. Хорог, улица Ширинщо Шотемура, 109. Email: ssssaid1985@mail.ru, Телефон: (+992) 988-20-45-45

**Худойбердиев Джахонгир Махмуродович -** соискатель кафедры мировой экономики, ТГФЭУ. Адрес: 734067, г. Душанбе, улица Нахимова, 64/14, Республика Таджикистан, E-mail: jaha_1992@list.ru

**Author Information:**

**Ghoibnazarzoda Said Muhammadnazar** – First Vice-Rector of the Khorog State University named after Moyensho Nazarshoev, Doctor of Economic Sciences, Professor. Address: Republic of Tajikistan, city of Khorog, Shirinsho Shotemura Street, 109. Email: ssssaid1985@mail.ru Phone: (+992) 988-20-45-45

**Khudoyberdiev Jahongir Makhmurodovich** - applicant of the Department of World economy, TSUFE. Address: Dushanbe, Nakhimov street, 64/14, Republic of Tajikistan. Email: jaha_1992@list.ru

**УДК: 331.08**

# СОВРЕМЕННЫЕ МЕТОДЫ УПРАВЛЕНИЯ ЧЕЛОВЕЧЕСКИМИ РЕСУРСАМИ С ИСПОЛЬЗОВАНИЕМ АЛГОРИТМОВ МАШИННОГО ОБУЧЕНИЯ

**Низамитдинов А.И.**

***Аннотация.*** *В статье рассматриваются современные методы управления человеческими ресурсами с помощью алгоритмов искусственного интеллекта, в частности алгоритмами машинного обучения. Приводятся теоретические основы управления человеческими ресурсами и примеры практического использования алгоритмов машинного обучения для подбора и оценки персонала. Отмечено, что в контексте развития цифровой экономики и внедрения инновационных решений для управления различных бизнес-процессов, внедрение систем управления человеческими ресурсами с алгоритмами искусственного интеллекта становится наиболее актуальным для снижения текущих расходов и своевременного выявления оттока сотрудников. Современный уровень развития информационно-коммуникационных технологий, доступность интернета позволяют автоматизировать сбор, хранение и обработку данных потенциальных и текущих работников, предоставлять оценку работы и предоставлять постоянный доступ к учебным материалам для повышения квалификации работников. В заключении, рекомендованы использование систем управления человеческими ресурсами с алгоритмами искусственного интеллекта, которые включают в себя различные модели оценивания и прогнозирования которая должна контролироваться менеджером по персоналу и ИТ-менеджером организации.*

***Ключевые слова:*** *человеческие ресурсы, искусственный интеллект, алгоритмы машинного обучения, системы управления, оценка персонала*

***Для цитирования:*** *Низамитдинов А.И. Современные методы управления человеческими ресурсами с использованием алгоритмов машинного обучения/ А.И. Низамитдинов // Финансово-экономический вестник. – 2024. – № 4.2(43). – С. 143-149.*

# УСУЛҲОИ МУОСИРИ ИДОРАКУНИИ САРМОЯИ ИНСОНӢ БО ИСТИФОДАИ АЛГОРИТМҲОИ ОМӮЗИШИ МОШИНӢ

**Низамитдинов А.И.**

***Аннотатсия.*** *Усулҳои муосири идоракунии захираҳои инсонӣ бо истифода аз алгоритмҳои зеҳни сунъӣ, аз ҷумла алгоритмҳои омӯзиши мошинӣ баррасӣ мешаванд. Асосҳои назариявии идоракунии захираҳои инсонӣ ва мисолҳои истифодаи амалии алгоритмҳои омӯзиши мошинӣ барои интихоб ва баҳодиҳии кадрҳо оварда шудаанд. Қайд карда мешавад, ки дар шароити рушди иқтисодиёти рақамӣ ва ҷорӣ намудани қарорҳои инноватсионии идоракунии бизнес равандҳои гуногун ҷорӣ намудани низомҳои идоракунии захираҳои инсонӣ бо алгоритмҳои зеҳни сунъӣ барои кам кардани хароҷоти ҷорӣ ва ошкор кардани саривақтии хориҷшавии кормандон аҳамияти бештар пайдо мекунад. Сатҳи кунунии рушди технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсионӣ ва мавҷудияти Интернет имкон медиҳад, ки ҷамъоварӣ, нигоҳдорӣ ва коркарди маълумот аз кормандони эҳтимолӣ ва ҳозира автоматикунонида шавад, баҳодиҳии фаъолият ва дастрасии доимӣ ба маводи таълимӣ барои баланд бардоштани тахассуси кормандон таъмин карда шавад. Дар хулоса тавсия дода мешавад, ки системаҳои идоракунии*

*захираҳои инсонӣ бо алгоритмҳои зеҳни сунъӣ истифода шаванд, ки моделҳои гуногуни арзёбӣ ва пешгӯиро дар бар мегиранд, ки бояд аз ҷониби менеҷери кадрҳо ва менеҷери иттилоотии ташкилот назорат карда шаванд.*

***Вожаҳои калидӣ**: захираҳои инсонӣ, зеҳни сунъӣ, алгоритмҳои омӯзиши мошинӣ, системаҳои идоракунӣ, арзёбии кадрҳо*

## RECENT METHODS OF HUMAN RESOURCE MANAGEMENT USING MACHINE LEARNING ALGORITHMS

**Nizamitdinov A.I.**

***Annotation.*** *The article discusses recent methods of human resource management using artificial intelligence algorithms, in particular machine learning algorithms. Theoretical foundations of human resource management and examples of practical use of machine learning algorithms for personnel selection and assessment are given. It is noted that in the context of the development of the digital economy and the introduction of innovative solutions for managing various business processes, the introduction of human resource management systems with artificial intelligence algorithms is becoming the most relevant for reducing current costs and timely detection of employee churn. The current level of development of information and communication technologies, the availability of the Internet make it possible to automate the collection, storage and processing of data of potential and current employees, provide performance assessment and provide constant access to training materials for improving the skills of employees. In conclusion, the use of human resource management systems with artificial intelligence algorithms is recommended, which include various models of assessment and forecasting, which should be controlled by the HR manager and IT manager of the organization.*

***Key words:*** *human resource, artificial intelligence, machine learning algorithms, management systems, personnel assessment.*

**Постановка проблемы.** В условиях формирования цифровой экономики и постоянного внедрения инноваций в сфере информационно-коммуникационных технологий, а также снижения текущих затрат организаций на управление за счет автоматизации различных рабочих процессов, автоматизация управления персоналом становится особенно актуальной, поскольку сотрудники организации являются ее основным капиталом. Современная система управления человеческим капиталом использует специализированное программное обеспечение, автоматизирующее учет рабочего времени, обработку отчетов и предоставление аналитической информации, что обеспечивает принятие оптимальных управленческих решений и существенно сокращает время на обработку, передачу и анализ информации. Выявив основные особенности информационной системы управления человеческим капиталом предприятия, были определены основные этапы автоматизации бизнес-процессов и системы управления человеческими ресурсами предприятия в условиях цифровой экономики. Целью данной статьи является рассмотрение примеров использования алгоритмов машинного обучения в систему управления персоналом

предприятия в условиях цифровой экономики.[8]

**Анализ последних исследований и публикаций**. С появлением персональных компьютеров на предприятиях начались разработки автоматизированных систем управления человеческими ресурсами предприятий на основе программного обеспечения для учета заработной платы и других выплат, связанных с премиями, а также бюджетных расчетов и других денежных выплат. Дальнейшее развитие автоматизации управления персоналом на предприятиях создало следующие возможности:

1) своевременная подготовка различных аналитических отчетов и принятие на их основе обоснованных управленческих решений в отношении персонала организации;

2) оптимизация процесса управления человеческими ресурсами за счет сокращения затрат, в первую очередь за счет устранения дублирования отдельных задач, выполняемых различными подразделениями организации;

3) создание базы данных сотрудников организации, на основе которой осуществляется анализ и планирование эффективности процессов[1].

Для разработки информационной системы управления человеческим капиталом предприятия необходимо определить задачи программного обеспечения. На рисунке 1 показаны основные функции информационной системы управления персоналом предприятия 1].

**Рисунок 1. - Основные функции системы управления персоналом**




**Источник:** Разработка автора

С развитием технологий искусственного интеллекта информационные системы нового поколения, такие как интеллект, имитирующий человека, стали ключевым фактором трансформации информационной системы управления человеческим капиталом предприятий в условиях цифровой экономики [2]. Алгоритмы искусственного интеллекта, также известные как алгоритмы машинного обучения, представляют собой междисциплинарную науку, моделирующую интеллектуальные

способности и поведение человека. Элейн Рич даёт определение как «Искусственный интеллект — это наука о том, как заставить компьютеры выполнять задачи, которые в конечном итоге станут лучше, чем люди» [10]. В процессе моделирования обработки информации искусственным интеллектом, алгоритм может хранить информацию, быстро обрабатывать базы данных, эффективно реагировать на запросы пользователей и предоставлять наилучший ответ. Теория и технологии искусственного интеллекта также развиваются, и многие программные обеспечения искусственного интеллекта, такие как искусственные нейронные сети, интеллектуальные системы принятия решений и нечеткие множества, используются в различных областях [5]. Среди них применение искусственного интеллекта в сфере управления человеческими ресурсами все еще находится на начальной стадии разработки [11].

**Цель статьи**. Статья рассматривает современные подходы к управлению человеческими ресурсами, ориентируясь на внедрение алгоритмов машинного обучения.

Особое внимание уделено экономическим аспектам, таким как снижение издержек, повышение продуктивности и минимизация финансовых рисков.

Алгоритмы искусственного интеллекта позволяют значительно сократить временные и финансовые затраты на подбор персонала. Автоматизированные системы, анализируя резюме и профили кандидатов, могут отбирать наиболее подходящих специалистов, тем самым снижая затраты на привлечение и адаптацию новых сотрудников.

Одной из ключевых экономических проблем управления персоналом является текучесть кадров, которая приводит к увеличению затрат на поиск, обучение и адаптацию персонала. В статье представлено использование алгоритмов машинного обучения для прогнозирования уровня удовлетворенности сотрудников, корпоративную культуру и внешние экономические факторы.

Для разработки информационной системы управления человеческим капиталом с использованием алгоритмов искусственного интеллекта необходимо сначала разработать надежную инфраструктуру сбора и хранения данных. Эта инфраструктура предназначена для сбора, интеграции и анализа широкого спектра данных о сотрудниках, включая структурированные данные, например, демографические данные, показатели эффективности, информацию о сотрудниках и неструктурированные данные, такие как поведенческие индикаторы, обратная связь. Современное управление и обработка этих данных имеют решающее значение для того, чтобы модели машинного обучения предоставляли информацию и ответы на эти модели с высокой степенью точности и надежности. Персонал на предприятиях имеют различные подходы к развитию и разделена по признаку разного уровня стремлений и стилей обучения, что требует более персонализированных и адаптивных стратегий подготовки. Более того, эта инфраструктура сопоставима с созданием индивидуально-ориентированной, основанной на данных экосистемы управления талантами, которая будет учитывать уникальные потребности каждого сотрудника, используя возможности искусственного интеллекта.

После создания инфраструктуры хранения данных разрабатываются

определенные модули для системы управления человеческим капиталом с использованием алгоритмов искусственного интеллекта [9;13;14;15]. Каждая подпрограмма направлена на решение определенного аспекта управления человеческим капиталом. Разработанные модули служат для выполнения следующих операций.

**Рекрутинг лучших кандидатов на рабочее место.** Использование комплексных алгоритмов машинного обучения для предиктивного найма и отбора сотрудников. Такие алгоритмы выбирают лучшего кандидата на вакансию на основе широкого спектра данных: от резюме до записей собеседований и даже личностных качеств. В этом модуле используются алгоритмы распознавания голоса, определение поведения на основе анализа голоса и поведения личности. Разработанные модели помогают выявлять тенденции и предоставлять персонализированные рекомендации, повышая эффективность процесса подбора персонала в различных областях.

Оптическое распознавание символов используется для идентификации рекомендаций сотрудников и изображений на бумажных носителях, а также для использования методов обработки больших данных с целью фильтрации электронных резюме, анализа резюме, объединения характеристик резюме и извлечения текстовой информации посредством сопоставления, корреляции и статистического анализа. Базу данных можно преобразовать в структурированное резюме за считанные секунды, а резюме кандидата можно точно и быстро передать в компанию. В то же время, анализируя резюме и соответствие должности, информационная система может рекомендовать кандидатам подходящие должности, особенно для некоторых наиболее талантливых людей. В этом процессе алгоритмы искусственного интеллекта способны выбирать кандидатов без предвзятости.

**Индивидуальная оценка эффективности работы сотрудников.** Традиционные методы оценки эффективности обычно не учитывают нюансы и субъективность поведения сотрудников. Этот модуль предназначен для обучения методам обработки естественного языка с помощью анализа настроений, чтобы он мог в полной мере использовать информационные ресурсы, полученные посредством текстовых обзоров производительности, отзывов и других качественных источников по этой проблеме. Это поможет сформировать целостное или интегрированное представление об эффективности работы сотрудников и найти более подходящие инструменты для согласования планов развития и стратегий продвижения.

Методы распознавания лиц используются для определения пригодности кандидата для документа, тем самым предотвращая возможность сдачи экзамена кандидатом вместо него [6]. Использование технологии обработки естественного языка исключает необходимость набора текста, а преобразование речи в текст не занимает много времени, что значительно повышает эффективность и точность работы нанимателя. Кроме того, информационная система может также выбирать интеллектуальные интервью, используя методы голосового скрининга для проведения эффективного подбора персонала.

**Адаптивное обучение и развитие знаний сотрудников**. Данный модуль уникален с точки зрения потребностей в обучении и развитии сотрудников. Этот модуль реализует алгоритмы машинного обучения и использует соответствующие

данные сотрудников об оценке навыков, предпочтительных стилях обучения и карьерных целях для создания индивидуальных путей обучения и возможностей развития. Это направлено на повышение вовлеченности сотрудников в непрерывное обучение и развитие знаний сотрудника, что полностью соответствует целям развития организации.

В процессе обучения технология искусственного интеллекта может помочь в квалификации сотрудников и регистрировать данные самостоятельного обучения. Наглядные данные, демонстрирующие масштаб и влияние обучения сотрудников, экономят время менеджеров по обучению и позволяют им быстро узнавать о результатах обучения. Кроме того, компании могут использовать голосовые технологии, базы данных обучающего контента и базовые алгоритмы для достижения быстрого и эффективного процесса обучения. Алгоритмы искусственного интеллекта способны не только повысить качество образования и эффективность преподавания, но и значительно упростить функционирование и управление онлайн- и офлайн-образованием. Преподаватели на базе искусственного интеллекта становятся всесторонним помощником: от сбора статистики до создания высококачественных отчетов об обучении; от управления процессом обучения до автоматизированного рейтинга сотрудников.

**Планирование и оптимизация рабочей силы.** Модуль оптимизации предназначен для планирования рабочей силы, которое синхронизирует потенциал человеческого капитала организации со стратегическими целями. На этом этапе создаются динамические, временные, адаптивные методы прогнозирования рабочей силы на основе широкого спектра источников данных, включая тенденции рынка труда, демографические изменения и показатели эффективности деятельности организаций. Все эти идеи приносят управленческие преимущества специалистам по кадрам в вопросах, связанных с подбором, удержанием и распределением талантов.

**Выявление талантов.** Данный модуль позволяет выявить нужных специалистов для выявления сотрудников с высоким потенциалом, что имеет решающее значение для успеха любого бизнеса. Для прогнозирования потенциала каждого человека в будущем рекомендуются модули, объединяющие данные о показателях эффективности работы сотрудников, поведенческих показателях и прогрессе. Это создает инфраструктуру, посредством которой стратегии управления талантами, согласованные с основными организационными компетенциями, позволяют предприятию сосредоточить свои инвестиции на развитии рабочей силы и планировании персонала.

**Заключение.** Таким образом, информационные системы управления человеческими ресурсами с использованием алгоритмов искусственного интеллекта могут способствовать в развитии предприятия посредством планированием человеческих ресурсов, интеллектуальным анализом данных и быстротой обработки данных. Процесс найма объединен с технологиями распознавания лиц и обработки естественного языка для создания системы собеседования. В процессе обучения и развития интеллектуальные роботы и технологии визуального сканирования могут помочь сотрудникам учиться и развивать свои компетенции. Модули управления эффективностью можно использовать совместно с технологией интеллектуального анализа данных для создания интеллектуальной системы стимулирования сотрудников на развитие и повышение квалификации. Управление взаимоотношениями между сотрудниками может поддерживаться робототехникой и технологиями голосового взаимодействия для создания корпоративной консультационной системы.

## Литература

1. Dave Ulrich et al. HR from the outside: Six Competencies for the future of human resources, McGrawHill: 1st Edition, 2012, 336 p.
2. Ertel, Wolfgang. Introduction to Artificial Intelligence. 2nd ed., Springer International Publishing, 2018, 356 p.
3. Hasan Arslan, Ali Akdemir, Mehmet Durdu Karsli, How human resource operations work in higher education institutions, Procedia-Social and Behavioral Sciences 99, 2013, p.742–751
4. Jain, Anil K., and Stan Z. Li. Handbook of Face Recognition. 2nd ed., Springer, 2011, 699 p.
5. Kovach, K. A., & Cathcart Jr, C. E. Human resource information systems (HRIS): Providing business with rapid data access, information exchange and strategic advantage. Public Personnel Management, 28(2), 1999, p.275-282.
6. Lippert, S. K., & Michael Swiercz, P. Human resource information systems (HRIS) and technology trust. Journal of Information Science, 31(5), 2005, p.340-353.
7. Pannu, A. Artificial intelligence and its application in different areas. Artificial Intelligence, 4(10), 2015, p.79-84
8. Rich, E. Users are individuals: individualizing user models. International journal of man-machine studies, 18(3), 1983, p.199-214.
9. Sheila, L. M., Steven G., Chad M., and Mayank G. The New Age: Artificial Intelligence for Human Resource Opportunities and Functions. Ernst & Young LLP, 2018,p.1-8.
10. Бабкин А.В., Буркальцева Д.Д., Костень Д.Г., Воробьев Ю.Н. Формирование цифровой экономики в России: сущность, особенности, техническая нормализация, проблемы развития // Научно-технические ведомости СПбГПУ. Экономические науки. 2017. Т. 10, № 3. С. 9—25
11. Грачев, С. А. Человеческий капитал как ресурс инновационного развития региона / С. А. Грачев, О. А. Доничев, Т. Б. Малкова // Экономический анализ: теория и практика. - 2016. - № 5. - С. 64-77.
12. Добрынин Л.И., Дятлов С.А., Цыренова Е.Д. Человеческий капитал в транзитивной экономике: формирование, оценка, эффективность использования. СПб.: Наука, 1999. - 309 с.
13. Шарифзода, Б. М. Банковские цифровые технологии и их вклад в обеспечении качества развития промышленности Таджикистана / Б. М. Шарифзода, Д. Д. Шаропов, В. Абдусатори // Проблемы и перспективы развития промышленности России : Сборник материалов XIV Международной научно-практической конференции, Москва, 17 апреля 2024 года. – Москва: Общество с ограниченной ответственностью "Русайнс", 2024. – С. 188-199. – EDN CPVIFT.
14. Шарифзода, Б. М. Возможности использования банковских цифровых технологий в контексте обеспечения качественного развития промышленности Таджикистана / Б. М. Шарифзода, В. Абдусатори, Д. Д. Шаропов // Экономика Таджикистана. – 2024. – № 1. – С. 88-94. – EDN KQFXSC.
15. Комилова, К. Н. Самтҳои афзалиятноки такмили истифодаи воситаҳои маркетинги рақамӣ дар бонкҳои тиҷоратӣ / К. Н. Комилова, Б. М. Шарифзода // Иқтисодиёти Тоҷикистон. – 2023. – No. 4. – P. 85-91. – EDN ZKJQAI.

**Сведения об авторе:**

**Низамитдинов Ахлитдин Илёситдинович** – доктор философии (Ph.D), и.о. доцента кафедры цифровой экономики Худжандского политехнического института Таджикского технического университета имени академика М.С. Осими. Адрес: 735700, Республика Таджикистан, г. Худжанд, проспект Исмоили Сомони 226. Тел.927130055. E-mail: ahlidin@gmail.com

**Маълумот дар бораи муаллиф:**

**Низамитдинов Ахлитдин Илёситдинович** – доктори фалсафа (Ph.D), и.в. дотсенти кафедраи иқтисоди рақамии Донишкадаи политехникии Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.С. Осимӣ дар шаҳри Хуҷанд. Суроға: 735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Хуҷанд, гузаргоҳи Исмоили Сомонӣ 226. Тел. 927130055. E-mail: ahlidin@gmail.com

**About the author:**

**Nizamitdinov Akhlitdin Ilyositdinovich** – Doctor of philosophy (Ph.D), associate professor at the Digital economy department, Polytechnic institute of Tajik technical university named after academician M.S.Osimi. Address: 735700, Republic of Tajikistan, Khujand, Ismoili Somoni avenue 226, Phone. 927130055. E-mail: ahlidin@gmail.com

**УДК: 339.9.338.24**

# РАВАНДҲОИ МУОСИРИ ҲАМГИРОИИ МИНТАҚАВИИ ИҚТИСОДӢ ДАР ШАРОИТИ ҶАҲОНИШАВӢ

**Сафаров Б.Г.**

**Аннотатсия.** *Ҷаҳонишавӣ раванди объективии ҳаракати ҳочагии ҷаҳонӣ буда, ҳодисаҳои иқтисодиеро ба миён оварда истодааст, ки онҳоро дар назария ва консепсияҳои мавҷуда асоснок намудан имконнопазир аст. Махсусан раванди ҳамгироии минтақавии иқтисодӣ, ки дар заминаи асосҳои моддии ҷаҳонишавӣ ба вуҷуд омада истодааст, назария ва консепсияҳои мавҷудаи ҳамгироии иқтисодиро васеъ намуда, шароитҳои нави ҳамкориро дар арсаи ҷаҳон ба вуҷуд оварда истодаанд. Чунин ҳамгироии иқтисодиро дар сатҳи мезоиқтисод омӯхта, дар мақолаи мазкур кӯшиш ба харҷ дода шудааст, ки раванди муосири ҳамгироӣ, яъне минтақаи дорои имконияти ҳамгироӣ (интеграционный мезарегион) ошкор ва асоснок карда шавад.*

**Калидвожаҳо:** *ҷаҳонишавӣ, иқтисоди ҷаҳон, шабакаҳои тиҷоратӣ, микроиқтисод, макроиқтисод, мезоиқтисод, ҳамгироии минтақавии иқтисодӣ, фирма, соҳа, рақобат, соҳибкор, инноватсия.*

***Барои иқтибос**: Сафаров Б.Г. Равандҳои муосири ҳамгироии минтақавии иқтисодӣ дар шароити ҷаҳонишавӣ/ Б.Г. Сафаров // Паёми молия ва иқтисод. – 2024. – No. 4.2 (43). – С. 150-156.*

# СОВРЕМЕННЫЕ ПРОЦЕССЫ РЕГИОНАЛЬНОЙ ЭКОНОМИЧЕСКОЙ ИНТЕГРАЦИИ В УСЛОВИЯХ ГЛОБАЛИЗАЦИИ

**Сафаров Б.Г.**

***Аннотация**. Глобализация-объективный процесс глобального хозяйственного движения, приводящий к экономическим событиям, которые невозможно обосновать в существующих теориях и концепциях. В частности, процесс региональной экономической интеграции, возникающий на основе материальных основ глобализации, расширяет существующие теории и концепции экономической интеграции и создает новые условия сотрудничества на мировой арене. Изучая такую экономическую интеграцию на уровне мезоэкономики, в данной статье делается попытка выявить и обосновать современный процесс интеграции, то есть регион с возможностью интеграции (интеграционный мезарегион).*

***Ключевые слова:** глобализация, мировая экономика, бизнес-сети, микроэкономика, макроэкономика, мезоэкономика, региональная экономическая интеграция, фирма, отрасль, конкуренция, предприниматель, инновации.*

# MODERN PROCESSES OF REGIONAL ECONOMIC INTEGRATION IN THE CONTEXT OF GLOBALIZATION

**Safarov B.G.**

***Annotation**. Globalization is an objective process of the global economic movement that generates economic events that cannot be justified in existing theories and concepts. In particular, the process of regional economic integration, which arises on the basis of the material foundations of globalization, expands existing theories and concepts of economic integration and creates new conditions for cooperation on the world stage. By studying such economic integration at the mesoeconomics level, this article attempts to identify and justify the modern integration process, that is, a region with the possibility of integration (integration mesaregion).*

***Keywords**: globalization, world economy, business networks, microeconomics, macroeconomics, mesoeconomics, regional economic integration, firm, industry, competition, entrepreneur, innovation.*

Дар назарияи ҳамгироии минтақавии иқтисодӣ ҳамгироиҳо бештар дар ду сатҳ микро ва макроиқтисод омӯхта шудааст. Дар сатҳи микро асосан муносибатҳои давлатҳо дар доираи ҳамгироии иқтисодӣ то сатҳи фирма омӯхта шуда, дар сатҳи соҳа нарасида ба анҷом мерасад. Яъне, микроҳамгироӣ ҳамкории корхона, фирмаҳо ва дар ин асос муносибатҳои иқтисодиро дар сатҳи ҳамкории байни корхона ва фирмаҳоро меомӯзад.

Сарҳади омӯзиши микроиқтисод дар ин маврид дар сатҳи рақобати то соҳавӣ ба анҷом мерасад. Яъне, як фирма дар қисмати алоҳидаи соҳа вуҷуд дошта, дар як соҳа пурра рақобатпазир буда наметавонад. Ба ғайр аз ин, фирма дар сатҳи микроиқтисод ҳануз тамоил ва раванди иқтисодиро муайян накарда, ҷузъиёти хос мебошад. Дар натиҷаи якранга фаъолият кардани фирмаҳо, ки аллакай гуруҳи фирмаҳои якхеларо ташкил медиҳанд, мезоиқтисод ба вуҷуд омада, тадриҷан характери онҳо расмӣ гашта, институтсионализатсия мегардад ва фаъолияти онҳо дар сатҳи ҳуҷҷатҳои расмӣ қабул гардида, ба макроиқтисод табдил меёбад. Дар ин маврид, фирмаҳои дар як соҳа самаранок фаъолияткунанда мавқеъ пайдо карда, сатҳи макроиқтисодиро ташкил медиҳанд. Ба мисоли инҳо метавон кластерҳои истеҳсолӣ ё тиҷоратиро номбар кард, ки фирмаҳо ба фаъолияти гуногун машғул буда, як соҳаро муаррифӣ мекунанд. Дар натиҷа соҳа инкишоф ёфта, характери умумиқтисодӣ мегирад ва он дар сатҳи макроиқтисодӣ омӯхта мешавад.

Дар сатҳи макроҳамгироӣ бошад, ҳамкориҳо дар доираи ташкили сохтории бозори умумӣ, иттиҳоди гумрукӣ, асъори ягона, умуман 5-сатҳи ҳамгироӣ, ки аз тарафи Балласа пешниҳод шудааст, омӯхта мешавад.

Дар ин маврид, ҳамкориҳои иқтисодие, ки байни соҳаҳо, минтақаҳо ва дар доираи шартномаю гуфтушунидҳои байни давлатҳои аъзои гуруҳи ҳамгироӣ оид ба ин ё он масъалаҳои иқтисодӣ ба миён омада, ба рушди иқтисодиёти миллӣ таъсири мусбӣ мерасонанд, аз таҳлил ва омӯзиш дур мондаанд. Бояд изҳор дошт, ки яке аз самтҳои оядаи баҳсҳои илмӣ дар назарияи ҳамгироии иқтисодӣ метавон он бошад, ки оё имкониятҳои мавҷудаи назарияи ҳамгироии минтақавӣ дар шароити имрӯза, ки байни давлатҳо шартномаҳои ҳамкории зиёд дар шакли ташкили шабакаҳои истеҳсолию тиҷоратӣ ба вуҷуд омада истодааст ва таркиби хоҷагии ҷаҳонӣ аз «мобилӣ» ба «шабакавӣ» майл дорад, инчунин ташкили шабакаҳо иқтисодиёти минтақавиро ба иқтисодиёти ҳудудӣ такон медиҳад, як қатор ҳодисаҳои якдигарро бурранда ба вуҷуд омада истодааст, ба монанди формати васеи «минтақаҳои озоди иқтисодӣ байни гуруҳҳои ҳамгиро бо давлатҳои алоҳида ё дигар гуруҳҳои ҳамгироӣ», «иттифоқҳои гумрукии берун аз гуруҳҳои ҳамгироӣ ба вуҷуд омада» ва «СУС +» [9.15.], метавонад боқӣ монад ё инкишоф ёбад?

Албатта дар ин маврид зарурияти васеъ ва ташаккул додани назарияи классикии ҳамгироии иқтисодӣ ба миён меояд, ки он тағйиротҳои куллие, ки дар хоҷагии глобализатсионии ҷаҳонӣ ба вуҷуд овардааст, бояд дар худ ҳазм намояд. Дар илми иқтисод ин шакли таҳлилро синтез меноманд, ки дар он ҳодисаҳо дар алоҳидагӣ омӯхта шуда, тадриҷан ҷузъиёти умумӣ муайян карда шуда, сипас объекти муайяни хусусияти умумидошта ошкор карда мешавад. Пас аз муайян кардани табиати дохилии объект, ки ҳаракати ҷузъиётҳоро дар бар гирифта, зиддиятҳоро муайян мекунад, зиддиятҳои дохилӣ бартараф карда шуда, рушди диалектикӣ таъмин карда мешавад. Яъне, дар натиҷаи муаяйян кардани табиати ҷузъиётҳои дохилӣ камбудиҳои садди роҳи рушд бартараф карда шуда, инкишоф таъмин карда мешавад.

Дар ин маврид бояд қайд намуд, ки барои таҳқиқи мезосатҳи ҳамгироии иқтисодӣ ва ё инкишофи хоҷагии ҷаҳонӣ мо бояд аз методи абстраксияи илмӣ истифода карда, иқтисодиёти ҷаҳон ё гуруҳҳои ҳамгироиҳои минтақавии иқтисодиро

ҳамчун низоми ягона ва мукаммал, дорои хусусиятҳои хос ва бисёрсатҳаю бисёрэлемента тасаввур намоем. Дар ин маврид, ҳам иқтисоди ҷаҳон ва ҳам гуруҳҳои ҳамгироии минтақавии иқтисодӣ ҳамчун низом иборат аз сатҳи микро, мезо ва макро, ҳатто мегаиқтисод, мебошанд.

Чӣ хеле, ки дар боло қайд намудем, муносибатҳои иқтисодӣ дар сатҳи микро, макро ва ҳатто мегаиқтисод дар назарияи ҳамгироии иқтисодӣ ва хоҷагии ҷаҳонӣ ба таври кофӣ омӯхта шудааст. Аммо, сатҳи мезоиқтисод ҳануз дар арафаи омӯзиш қарор дошта, то имрӯз «чун микро ва макроиқтисод мавқеи илмии худро дар илми иқтисод пайдо накардааст» [8.314].

Бояд қайд намуд, ки мезоиқтисод дар илми иқтисод аз давраи пеш омӯхта шудааст. Аммо он ҳамчун мезоиқтисод ном гирифта намешуд. Мезоиқтисод асосан ба муносибатҳои иқтисодие, ки дар сатҳи байни соҳаҳо ва дохилисоҳаҳо ба вуҷуд меоянд, равона гардидааст. Мисоли олии он мувозинати байнисоҳавии М.В. Леонтев ва назарияи тиҷорати байналхалқии байнисоҳавӣ ва дохилисоҳавӣ мебошад, ки дар илми иқтисод аллакай ба таври васеъ омӯхта шуда, дар таҷриба хеле зиёд истифода гаштаанд. Мисоли дигари он шуда метавонад назарияи "маҳви созанда" (созидательное разрушение) - И. Шумпетер, ки дар рушди соҳибкории инноватсионӣ накши бузургро дорад. Тибқи назарияи мазкур дар доираи соҳибкорон гуруҳи соҳибкороне ба вуҷуд меоянд, ки ҷузъиётҳои инноватсионии истеҳсолиро ба роҳ монда, тадриҷан ба намунаи самараноки фаъолияти истеҳсолӣ мубаддал мегарданд. Таҷрибаи онҳо ба дигар соҳибкорон низ интиқол гардида, гуруҳи соҳибкорони инноватор ба вуҷуд меоянд, ки фаъолияти онҳо дар сатҳи давлат ба расмият шинохта шуда, ҳамчун фаъолияти самараноки истеҳсолӣ дастгирӣ меёбанд. Гуруҳи соҳибкорони инноватор, ки аз байни корхонаҳо (сатҳи микро) ба вуҷуд меоянд, мезосатҳро ташкил намуда, тадриҷан ҳамчун сохторҳои инноватсионии кишвар (сатҳи макро) шинохта мешаванд.

Мисоли рушди мезосатҳи иқтисодӣ хеле зиёд аст ва ба мушаххасоти зиёд дода нашуда, танҳо қайд кардани ҳастем, ки дар шароити мураккаб ва бисёрсамтаи низоми хоҷагидории ҷаҳонии муосир талабот ба омӯзиши мезоиқтисод афзоиш ёфта, тадриҷан ин равияи илмӣ инкишоф ёфта, бештар олимону муҳаққиқон ҷиҳати омӯзиши ҷузъиётҳои рушди иқтисоди миллӣ ба он рӯ меоваранд.

Мезоиқтисод ҳамчун методи омӯзиши таркиби равандҳои муосири инкишофи хоҷагии ҷаҳонӣ, махсусан дар зернизоми он, яъне дар доираи назарияи ҳамгироии минтақавии иқтисодӣ, зарур аст. Зеро, чӣ хеле, ки дар боло дар боло қайд намудем, маҳз ҳамин сатҳи низоми хоҷагии ҷаҳонӣ худро аз ҷиҳати мусбӣ нишон дода истодааст.

Мувофиқи ақидаи Е.Ф. Борисов шакли зуҳуроти мезаҳамгирой ин Гуруҳҳои молиявию саноатӣ ГМС (ФПГ) мебошанд, ки онҳо аз ҳамгирой дар сатҳи микро бо чунин аломатҳо фарқ мекунанд:

1. ГМС дар маҷмӯъ, ташкилотҳо ва корхонаҳои гуногунсоҳаро ба ҳам мепайвандад. Дар ин сохти ташкилии иқтисодӣ корхонаҳои саноатӣ, ташкилотҳои молиявӣ-қарзӣ, тиҷоратӣ, институтҳои таҳқиқотию конструкторӣ байни худ ҳамкории зичро ба роҳ монда, дар натиҷа кооператсияи байнисоҳавии меҳнати бузург ба вуҷуд меояд;

2. ГМС аз хоҷагидории яксатҳа (яъне байни фирмаҳо якхела) бо он фарқ мекунад, ки дар он шакли дигари моликиятдорӣ мавҷуд аст ва ин аст, ки ҳар як аъзои гуруҳ ҳиссае дар тақсимоти натиҷаи истеҳсолот ба даст меорад. Дар ин корхонаи азим сатҳи нисбатан баланди умумигардонии (ҷамъиятигардонии) дороиҳо (имущество) дар шакли консернҳои гуногунҷабҳа, ассосиатсияҳои хоҷагидорӣ, гуруҳи корхонаҳо аст, ки дар асоси принсипи бозорӣ пакети саҳмияашон ба ҳам омаданд;

3. Дар низоми мезоиқтисодиёт то андозае муносибатҳои бозорӣ маҳдуд мегарданд. Яъне дар ин сатҳи иқтисодиёт муносибатҳои иқтисоди бозорӣ нисбат ба муносибатҳои бозорие, ки дар сатҳи ҳамкориҳои байни корхонаҳои хурд ва хоҷагии хонаводагӣ аст, то андозае фарқ дорад.

Корхона ва ташкилотҳое, ки ба ГМС дохил мешаванд, ба ғайр аз муносибатҳои тиҷоратӣ дар дигар муносибатҳо низ

муносибатҳои бозориро истифода мебаранд. Барои ана ҳамин, дар муқоиса ба микроиқтисодиёт, ки дар он афзоиши шумораи корхонаҳо ба васеъ шудани фазои бозорӣ оварда мерасонад, ҳангоми зиёд шудани шумораи ГМС фазои бозорӣ маҳдуд мешавад. Зеро, дар доираи ГМС байни корхонаҳо муносибатҳои алоқаҳои нохости (спонтанный) бозорӣ ба вуҷуд наомада, онҳо дар асоси шартнома фаъолият мекунанд. Ин шартномаҳои байниҳамдигарӣ, ки байни корхонаҳои ГМС баста мешавад, водор месозад, ки корхонаҳо ба якдигар маҳсулотро сари вақт дастрас намоянд. Дар натиҷаи бастани ин шартномаҳо иқтисодиёти шартномавӣ ба вуҷуд омада, устувории муносибатҳои бозориро таъмин менамоянд. Зеро, аз назарияи иқтисодиёти шартномавӣ маълум аст, ки он ба иқтисодиёти бозорӣ хос буда, на дар доираи банақшагирӣ - нақшавӣ балки дар асоси муносибатҳои бозорӣ – талабот ва пешниҳод баста мешавад. Яъне он категорияи иқтисоди бозорӣ аст;

4. Ташкили мезоиқтисод шакли нави идоракунии истеҳсолотро ба вуҷуд меорад. Дар муқоиса ба бизнеси хурд ва хоҷагии хонаводагӣ, ки маҷбур аст ба таъсири стихиявии бозорӣ худро мутобиқ созад, хоҷагиҳои калон (ГМС) дар асоси худидоракунии нақшавӣ фаъолият намуда, устувории доимии истеҳсол ва фурӯши молро таъмин месозанд [2.467].

Аз гуфтаҳои Борисов бармеояд, ки мезоиқтисод, дар мисоли ГМС, ки дар иқтисоди ҷаҳон хеле зиёд гардидаанд, шакли муосири ҳамгироии муносибатҳои байнисоҳавӣ мебошад, ки дар муносибатҳои байналхалқии иқтисодӣ мавқеи калон дошта, ҳамгироиҳои соҳаҳои гуногуни иқтисодӣ, махсусан муносибатҳои коллективонаи соҳавиро дар низоми иқтисоди бозорӣ ифода мекунад. Дар ин маврид, ГМС ҳамчун объекти омӯзиши мезоиқтисоди байналмилалӣ, муносибатҳои ҳамгироии байнисоҳавиро дар байни минтақаҳо ва кишварҳои ҷаҳон ифода менамояд.

Дар доираи назарияи ҳамгироии минтақавии иқтисодӣ асосан дар таҳқиқоти муҳаққиқон ба сифати объекти мезоиқтисод ҳамгироиҳо дар сатҳи минтақаҳои кишварҳо дар назар дошта мешаванд ва онҳо низ ҳамгироии байнисоҳавии минтақаҳоро ифода менамоянд.

Олими рус Абдулманапов С. Г. ҳамгироии истеҳсолию техникиро дар доираи ҳамгироиҳои минтақавии иқтисодӣ баррасӣ намуда мезосатҳи ҳамгироиро дар «ҳамкории соҳаҳои комплекси минтақавӣ дар доираи якчанд минтақаҳои наздисарҳадӣ» [4.122.] ишора менамояд.

Нуктаи ҷолибро С.И. Рекорд қайд менамояд, ки «мезосатҳи ҳамгироии иқтисодии байналхалқӣ ин ҳамкории байнисоҳавӣ ва дохилисоҳавӣ дар шакли низоми кластерҳои байналхалқӣ мебошад, ки микро ва макросатҳи ҳамгироии иқтисоди миллиро ба ҳам мепайвандад [9.18].

Ҳамин равиши методологӣ аз тарафи олими ватанӣ Қандиёрова Д.О. дар мисоли ташкили кластерҳои фаросарҳадии аграрӣ дар доираи АвруОсиё (ЕврАзЭС) қайд гардидааст [6.89]. Ба ақидаи Қандиёрова Д.О. «барои самаранок истифода бурдани захираҳои замин дар давлатҳои АвруОсиё «мезосатҳи ҳамгироӣ» бояд мустаҳкамтар шавад, зеро дар шароити ҷаҳониишавӣ субъектҳои асосӣ «сохторҳои мезоиқтисодӣ-хоҷагиҳои муттаҳиди байнисоҳавӣ, ки онҳо сикли пурраи коркард ва истеҳсоли моли аз ҷиҳати технологӣ мураккабро ба роҳ монда, онро то истеъмолкунандагон мерасонанд» мебошанд» [6.90]. Аксар олимони ИДМ ба сифати объекти мезоиқтисод минтақаҳоро дар назар дошта, ҳамгироии онҳоро ҳамчун муносибатҳои мезосатҳи ҳамгироӣ нишон медиҳанд [9.18].

Метавон хулоса намуд, ки дар асоси таҳқиқоти мезосатҳи ҳамгироии минтақавии иқтисодӣ мафҳуми нави минтақагароӣ «минтақаҳои дорои имконияти ҳамгироӣ» (мезорегион) ба вуҷуд омадааст, ки ба он асосан кишварҳо, минтақаҳои наздисарҳадӣ мансуб диониста мешаванд, ки имконияти васеи ташкили сохторҳои истеҳсолию тиҷоратии муттаҳидро дошта, бо ин васила метавонанд дар тақсимоти байналхалқии меҳнат ширкат варзида, субъекти мустақили ҷаҳонишавӣ гарданд. Ба ин гуна минтақаҳо муҳаққиқон асосан кишварҳо, минтақаҳои наздисарҳадиро мансуб медонанд, ки дорои захираи табиӣ-иқтисодии умумӣ, таърих ва фарҳанги ягона, инчунин гузаштаи таърихии муносибатҳои иҷтимоию иқтисодидошта

буда, бо ҳам имконияти ҳамкориро доранд [10.]. Яъне, майли интиҳоии ташаккули муносибатҳои иқтисодии байналхалқии кишварҳо, минтақаҳои наздисарҳадӣ бо илова ба умумияти иқтисодӣ дар асоси умумиятҳои зерин ба вуҷуд меоянд:

- робитаҳои нисбатан зичи иҷтимоӣ (дар соҳаҳои фарҳанг, варзиш, маориф, илм);
- аксар вақт - мавҷудияти инфрасохтори умумӣ ё ҳамоҳангшуда (нақлиёт, энергетика);
- аксар вақт - мавҷудияти номи маъмулан қабулшудаи минтақа (минтақаи Балтика, минтақаи Баҳри Миёназамин, минтақаи Алп, Балкан, Евроминтақа);
- баъзан - шабоҳати этникӣ;
- баъзан - мавҷудияти сарнавишти умумии таърихӣ ё унсурҳои он.

Минтақаҳои мазкур метавонанд дар сатҳи трансмиллӣ (дар рафти ҳамгироии иқтисодии давлатҳо дар асоси шартномаҳои байналмилалӣ), аз ҷумла ду ва зиёда давлатҳо ташкил карда шаванд ва аксаран ташаккул меёбанд. Дар чунин мавридҳо низоми ҳудудии транссарҳадӣ ташкил карда мешаванд (масалан, «секунҷаҳои афзоиш» дар Аврупо).

Фарқияти минтақаҳои дорои имконияти ҳамгироӣ (интеграционный мезорегион) аз минтақаҳои наздисарҳадии оддӣ дар он аст, ки онҳоро на танҳо ҳудуди муайяни сарҳадӣ, инчунин умумияти имконияти ҳамгироишавӣ (истифодаи якҷояи захираҳои табиию иқтисодии умумӣ ва долонҳои нақлиётӣ) ба ҳам мепайвандад. Мисоли он шуда метавонад Минтақаи Балтика, зеро дар ин ҷо ҳамаи давлатҳоро Баҳри Балтика (Россия, Норвегия, Белоррусия ва дигарон) ҳамчун соҳаи хизматрасонии нақлиётӣ ба ҳам мепайвандад. Ҳамкориҳоро Шӯрои кишварҳои соҳили Балтика (CBSS), ки дар он вазирони корҳои хориҷии кишварҳои макроминтақа намояндагӣ мекунанд, ҳамоҳанг мекунад. Дар ин Шӯро ҳамзамон дар бораи экология, инкишоф додани алоқаҳои иқтисодӣ ва маданӣ қарорҳо қабул карда мешаванд.

Аз ин рӯ, минтақаи назди Балтикаро метавон ҳамчун минтақаи ҳамгироишавандаи (мезорегион) сиёсӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоӣ-фарҳангӣ баррасӣ кард, гарчанде ки ба қадри кофӣ муттаҳид нашудааст.

Минтақаи ҳамгироишавандаи (мезорегион) метавонад ду ва зиёда қисмати кишварҳо - воҳидҳои маъмурию ҳудудии онҳоро (масалан, Балтикаи Ҷанубу Шарқӣ) дар бар гирад. Дар баъзе мавридҳо, унсурҳои чунин минтақаҳо метавонанд кишварҳои хурд бошанд: Минтақаи ҳамгироишавандаи (мезорегион) Балтика, ки аз се кишвар иборатанд.

Дар Аврупо бошад Евроминтақаҳои «Неман», «Лина-Лава, «Сауле» минтақаи ҳамгироишавандаро (мезорегион) ташкил менамоянд.

Раванди ташаккули минтақаи ҳамгироишаванда (мезорегион) хеле мураккаб буда, сарҳади минтақаҳои як сатҳро бурида метавонад, яъне як кишвар баъзан метавонад ба якчанд минтақаҳои мега ва макроминтақа, инчунин сохторҳои маъмурӣ-ҳудудӣ ва маҳаллӣ - дар якчанд минтақа ба вуҷуд ояд.

Минтақаҳои ҳамгироишаванда (мезорегион) низоми ҳудудӣ буда, мақсади асосии онҳо аз оқилона истифода бурдани захираҳои умумии табиӣ, туристӣ ва дигар (масалан, меҳнатӣ); ташаккули низоми ягонаи истеҳсолӣ, баланд шудани қобилияти рақобати тарафҳои ҳамкорӣ ва умуман, минтақа дар рақобати байналхалқӣ, баланд шудани дараҷа ва сифати зиндагии аҳолӣ, иборат мебошад.

Чунин минтақасозӣ аз ҷониби Иттиҳоди Аврупо бо мақсади таҳкими ваҳдати дохилии кишварҳои узви Иттиҳоди Аврупо фаъолона дастгирӣ карда мешавад. Бартараф кардани сарҳадҳои байни давлатҳо ба минтақаҳои наздисарҳадии Аврупо имкон дод, ки захираҳои мушаххаси минтақаҳои наздисарҳадӣ барои ташаккули низомҳои нави истеҳсолӣ ташаккул ёфта, фарқиятҳои хеле назарраси истеҳсолии қаламравҳои дар паҳлӯҳои гуногуни сарҳад ҷойгиршуда бартараф карда шуда, бо ин васила конвергенсияи даромад дар қаламравҳои давлатҳои аъзо таъмин карда шавад. Ин, масалан, дар сарҳади Олмону Полша, вақте ки захираҳои меҳнатии қаламравҳои сарҳадии Полша дар корхонаҳои дар Олмон воқеъбуда истифода мешаванд (ҳам аз ҳисоби паҳншавии рафтуомад ва ҳам аз

ҳисоби ба шаҳрҳои Олмон кӯчонидани шаҳрвандони Полша), равшан зоҳир мегардад.

Чунин шакли ташклии минтақасозӣ барои минтақаҳои наздисарҳадии ҳамсояи кишварҳои Иттиҳоди Аврупо имкониятҳои хуби рушди ҳамкориҳои фаромарзӣ ва байниминтақавӣ бо кишварҳои хориҷиро низ ба вуҷуд овард. Айни замон Иттиҳоди Аврупо ба рушди чунин шаклҳои нави фазоии ҳамгироии байналмилалии иқтисодӣ, аз қабили Евроминтақаҳо, «минтақаҳои калон», «секунҷаҳои афзоиш» ҳавасманд мебошад.

Минтақаҳои Русия дар ҳамкориҳои наздисарҳадӣ дар соҳили Балтика - Санкт-Петербург, вилояти Псков, Ҷумҳурии Карелия ва махсусан дар Калининград фаъолона иштирок мекунанд, зеро ҳама ҳамсояҳои он минтақаҳои кишварҳои хориҷӣ, Полша ва Литва мебошанд.

Давраи муосири рушди хоҷагии ҷаҳонӣ аз инкишофи муносибатҳои ҷаҳонишавӣ иборат буда, бо ворид гаштани кишварҳои зиёди курраи замин ба ин раванд миқёс ва характери ин муносибатҳо васеъ ва мураккаб гардида истодааст. Агар васеъшавии муносибатҳои байналхалқии иқтисодӣ натиҷаи бештар ворид гардонидани иқтисодҳои миллии кишварҳо ба ин раванд бошад, мураккабшавии ин муносибатҳо аз он иборат аст, ки ин иқтисодҳои миллӣ дорои сатҳи гуногуни рушд, низоми гуногуни хоҷагидорӣ ва сиёсӣ, инчунин манфиату ҳадафҳои гуногун буда, хоҷагии ҷаҳонии бисёрсамта ва бисёрқутбаро ташкил менамоянд.

Рақобат байни кишварҳои пешрафтаи ҷаҳон шадидтар гашта, муносибатҳои рақобатӣ ҳатто аз доираи муносибатҳои иқтисодӣ берун рафта, ба мунокиша ва ҷангҳои дохилӣ, байнисарҳадӣ ва минтақавӣ табдил ёфт. Бештари кишварҳои рӯ ба тараққӣ характери кушодагиии иқтисодиёти худро тезонида, баръакси он, кишварҳои пешрафта кушиш намуданд, ки иқтисодиёти худро пушида, хароҷоти ҷаҳонишавиро камтар ба ухда гиранд.

Чунин вазъи гуногунсамти ва гуногуншаклии муносибатҳои иқтисодии сиёсии хоҷагии ҷаҳонӣ ба он оварда расонд, ки бухронҳои системавӣ паи ҳам ва ботакрор ба вуҷуд омада, суръати рушди умумии иқтисоди ҷаҳон боз дошта шуд ва тафриқаи байни кишварҳои қафомонда ва пешсаф боз ҳам афзунтар гашт. Барои каму беш коҳиш додани оқибатҳои манфии ҷаҳонишавӣ, дар ҷаҳон модели минтақагароӣ истифода гардида, бо ин роҳ кишварҳои ҷаҳон кушиш намуданд, ки дастаҷамона сатҳи рушдро таъмин намуда, ба рақобат тобовар шаванд. Аммо, модели «ғарбии» минтақагароӣ бо стандартҳои мавҷудаи худ ба ин ҳолат тоб наёварда, ИА натавонист аз ҷараёни пастравии иқтисоди ҷаҳонӣ худро наҷот диҳад [9.27.]. Яъне, иқтисоди сиёсии ҷаҳонӣ дар ин давраи таҳаввулот ба бухрон рӯ ба рӯ гашта, назарияи иқтисодӣ дар рӯ ба рӯйи ба миён омадани назарияи нави рушд, ки он муносибатҳои иқтисодии ҷаҳонии бисёрқутба ва бисёрсамтаро бо назардошти минтақагароии «баъдиғарбӣ» [1.37] танзим карда тавонад, қарор дорад.

Донишҳои мавҷуда вобаста ба мезоиқтисодиёт имкон медиҳанд, ки «минтақаи дорои имконияти ҳамгироӣ" ҳамчун категорияи иқтисодӣ баррасӣ гашта, дар доираи ҳамгироиҳои минтақавии иқтисодӣ ҳамчун раванди мустақили ҳамгироии сатҳи мобайнии микро ва макро муайян ва омӯхта шавад.

Маҳз ҳамин фазои (ҳудуди) иқтисодӣ, ки мо онро «минтақаи дорои имконияти ҳамгироӣ» номидем, тамоили мусбиро дар иқтисоди ҷаҳонӣ нишон дода, таносуби манфиатҳои иқтисоди миллии кишварҳои гуногунро ифода намуда истодааст. Муҳиммияти чунин минтақасозӣ (фазоҳои мезоиқтисодӣ [3.11.], сохторҳои мезоиқтисодӣ [6.89.]) аз он иборат аст, ки самараи синергетикии истифодаи захираҳои умумии иқтисодӣ, омилҳои иқтисодӣ ва иҷтимоӣ ба вуҷуд омада, ин минтақаҳо ба рушди иҷтимоӣ-иқтисодии аҳолии минтақа ва кишвар мусоидат намуда, аз ҳама асосӣ, раванди ҷаҳонишавии минтақаҳои алоҳидаи кишварҳоро тезонида, муносибатҳои иқтисодии ҳамгироишавӣ, бисёрҷониба ва ба манфиати ҷонибҳо бударо ифода мекунад.

Масалан бо воситаи лоиҳаи бузурги Роҳи Арешим "Як камарбанд-Як роҳ" ҶМЧ мехоҳад фазои мезоиқтисодии Осиё ва Аврупою Америкаро дар ҷаҳон ташкил намуда, бо ин роҳ қафомонии минтақаҳои шимолии худро бартараф намояд. Россия бошад бо лоиҳаҳои сохтмони роҳҳои наклиётии дохилӣ ва минтақавӣ бо Осиё ва Аврупо, инчунин хатҳои интиқоли гази Сибир ба дохил (Ҷанубу шарқии Россия) ва дигар минтақаҳои ҷаҳон (Аврупо) Россияро ба фазоҳои мезоиқтисодӣ (Транссибир, Трансукёнусиором, Трансатлантика) пайваст намуда истодааст, ки бо воситаи онҳо рушди федератсияҳо, вилоятҳо ва умуман минтақаҳои қафомондаи Россия таъмин карда мешаванд [1.49]. Лоиҳаҳои наклиётию коммуникатсионии ЦАРЕС дар минтақаи Осиё минбаъд метавонад фазои мезоиқтисодии муносибро ташкил намуда, Осиёро ба "минтақаи дорои имконияти ҳамгироӣ"-и (мезорегион) бузург табдил диҳад. Ҳатто, кушишҳои ба ҳам пайваст намудани "минтақаҳои дорои имконияти ҳамгироӣ"

(мезорегион) низ аз тарафи кишварҳои алоҳидаи ҷаҳон ва доираҳои илмӣ ба назар мерасанд, ки он аз майли ҳамгироии минтақаҳо ва кишварҳои дорои иқтисоди кушод (чӣ иқтисоди хурди кушод ва чӣ иқтисоди кушоди калон) ба ҳамгироии минтақавӣ (масалан Формати Осиё+, (яъне 5 кишвари Осиё ва Америка) ва ғайра) шаҳодат медиҳад [7;15;16].

Ба фикри мо, дар шароити муосир барои кишварҳои рӯ ба тараққии дорои иқтисоди кушоди хурд, ба монанди Тоҷикистон, чунин минтақасозӣ ва ворид шудан ба чунин фазоҳои мезоиқтисодию сохторҳои мезоиқтисодӣ омили муҳими рушди иқтисодиёт мебошад.

## Адабиёт


1. А.Д. Воскресенский. Трансрегиональные и региональные проекты в условиях «постзападной» международной реальности// Киреев А.А. Колдунова Е.В.Киреева А.А. Воскресенский А.Д. Журнал. Сравнительная полика и геополитка.- М., 2017.-№ 2 (8). – С.37-57.
2. Борисов Е.Ф. Экономическая теория: Учебное пособие – М. Юрайт. 1998.- С 303 – 467.
3. Волошина А. Ю. Эволютсия пространства мегаэкономики на современном этапе. Автореферат . д.и.и..- Волгоград-2014.- С. 13. Волошина А. Ю. Волошина А. Ю. Мегаэкономика: онтологический и гносеологический аспекты анализа / А. Ю. Волошина // Вестник Волгоградского государственного университета. Серия 3. Экономика. Экология. – 2012. – № 2 (21). – С. 5–11.
4. Г. С.Абдулманапов. Межрегиональная экономическая интеграци: Мировой опыт и перспективы развития на Северном Кавказе// Абдулманапов С.Г. Вестник Дагестанского научного центра. – 2012.- С. 127-132.
5. Евразийская интеграция: экономика, право, политика. 2016. № 2 (20). С. 50–62. Лебедева Н. Б. Китайские инициативы экономического пояса Шелкового пути и Морского Шелкового пути vs индийские проекты “Mausam”, “Spice Road”, “Sagar Mala” и “Cotton Routes” (проблемы,перспектив, реакция) // Юго-Восточная Азия: актуальные проблемы развития. 2015. Выпуск XXVI.№ 26. С. 26–57.
6. Кандиярова Д.О. Интеграционные процессы в странах с переходной экономики: теория, методология, практика.- Душанбе. Изд. «Ирфон».- 2006.-С. 88-96.
- баланд шудани сифати маҳсулоти истеҳсолшаванда;
- баланд шудани самаранокии меҳнат ва ҳавасмандии кормандон;
- коҳишёбии сатҳи бекорӣ;
- афзоиши самаранокии умумии корхонаҳо;
- баланд бардоштани боварии кормандон ба низоми меҳнат;
- ташкили ҷойҳои нави корӣ бо музди меҳнати баланд;
- баланд шудани сатҳи рақобатпазирии иқтисоди миллӣ.

## Адабиёт


1. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ 28.12.2024с. ш.Душанбе. URL: https://www.president.tj/event/missives/49225
2. Дракер П.Ф. Управление, нацеленное на результаты / Пер. с англ. М: Технологическая школа бизнеса, 1994.
3. Львов Д.С. Экономика развития. М.: Экзамен, 2002. 512 с.
4. Удалов О.Ф., Иванов Б.В. Взаимосвязь между оплатой труда и инновационным развитием экономики // Вестник ННГУ. 2010. №5-1. URL: https://cyberleninka.ru/article/n/vzaimosvyaz-mezhdu-oplatoy-truda-i-innovatsionnym-razvitiem-ekonomiki
5. Якубзода, М. С. Имтиёзҳои андозӣ ҳамчун воситаи ҷалби сармоягузорӣ ба иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон / М. С. Якубзода, Ш. А. Қодирзода // Паёми молия ва иқтисод. – 2023. – №4-1(38). – P. 228-235. – ISSN: 2663-0389.
6. https://www.elibrary.imf.org/downloadpdf/display /book/9798400222443/9798400222443.
7. https://stat.gov.kg/ru/opendata/category/112/.
8. https://alau.kz/zarplaty-v-rk-ostajutsja-samymi-vysokimi-v-centralnoj-azii/.
9. https://mfa.tj/az/baku/view/9955/emomali-rakhmon-i-30-let-gosudarstvennoi-nezavisimosti
10. https://index.minfin.com.ua/labour/salary/world/china/?utm_source=chatgpt.com
11. Финансирование инновационного развития как фактор индустриализации экономики Республики Таджикистан/ Д. Т. Назаров, Б. М. Шарифзода, Я. П. Довгялло, Ф. С. Холбобоев. – Душанбе : Институт экономики и демографии Национальной академии наук Таджикистана, 2024. – 276 с. – EDN RMTKWN.
12. Шарифзода, Б. М. Оценка влияния финансового механизма на инновационное развитие промышленности Таджикистана / Б. М. Шарифзода // Экономика Таджикистана. – 2024. – № 3. – С. 72-85. – EDN DVRQEW.
13. Назаров, Д. Т. Анализ опыта развитых стран в контексте ускоренной индустриализации в Республике Таджикистан / Д. Т. Назаров, Б. М. Шарипов // Ускоренная индустриализация и вопросы ее реализации в Таджикистане : Материалы международной научно-практической конференции, Душанбе, 17 февраля 2023 года. – Душанбе: Таджикский национальный университет, 2023. – С. 192-195. – EDN YZTPGE.



**Маълумот дар бораи муаллиф:**
**Яқубзода Маъруф Садруддин** – доктори (PhD) молия, дотсенти кафедраи молия ва қарзи Донишгоҳи технологии Тоҷикистон, 734061, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, кӯч.Н.Қарабоев 63/3, тел.:(+992) 907.86.63.63, E-mail: m.yaqubzoda@mail.ru

**Сведения об авторе:**
**Якубзода Маруф Садруддин** - доктор (PhD) по специальности финансы, доцент кафедры финансов и кредита Технологического университета Таджикистана, 734061, Республика Таджикистан, г. Душанбе, ул. Н.Карабоева 63/3, тел.: (+992) 907.86.63.63, E-mail: m.yaqubzoda@mail.ru

**Information about the author:**
**Yaqubzoda Maruf Sadruddin -** Doctor of Philosophy (PhD) in Finance, Associate Professor of the Department of Finance and Credit Technological University of Tajikistan, 734061, Republic of Tajikistan, Dushanbe, N. Karaboev str. 63/3, Tel.: (+ 992) 907.86.63.63, E-mail: m.yaqubzoda@mail.ru

УДК:336.774.3

# МЕТОДИКАИ АУДИТИ АМАЛИЁТИ ҚАРЗӢ ДАР БОНКҲО

Оев А.Д.

***Аннотатсия.*** *Аз фаъолияти ташкилотҳои қарзӣ бармеояд, ки қарздиҳӣ амалиёти асосӣ ва анъанавии онҳо маҳсуб меёбад. Бо воситаи қарз такрористеҳсолии субъектҳои хоҷагидорӣ ва гардиши воситаҳои пулӣ таъмин гардида, қарздиҳӣ дар низоми иқтисодӣ заминаи мусоиди рушдро фароҳам меорад. Бонкҳо ва ҳам низоми бонкӣ ба таъмини самаранок ва дурусти фаъолияти қарзӣ аҳамияти муҳим медиҳанд, ки барои арзёбии ин самти фаъолият, махсус санҷиш, яъне санҷиши аудиторӣ амалӣ карда мешавад.*

*Муаллиф қайд менамояд, ки сифати сандуқи қарзӣ ба ҳамаи нишондиҳандаҳои асосии фаъолияти бонк, аз қабилӣ сармоя, мавқеи пардохтпазирӣ, даромаднокӣ ва натиҷаи молиявӣ таъсир мерасонад. Аз ин рӯ, бояд ба санҷиши ин фасли ҳисоботи молиявӣ диққати кофӣ дода шавад. Санҷиши амалиёти қарзӣ барои аудити дохилӣ ва берунӣ ҳатмист, дар баробари ин аудити амалиёти қарзӣ раванди заҳматталаб ва муҳими аудити ҳисоботи молиявӣ мебошад, ки мутобиқи талаботи СБҲМ тартиб дода шудааст. Ин ҳама, аз мубрамии мавзуи таҳқиқшаванда шаҳодат медиҳад.*

***Калидвожаҳо:*** *бонк, қарз, амалиёти қарзӣ, сандуқи қарзӣ, аудит, фонд, хавфи қарзӣ.*

***Барои иқтибос:*** *Оев А.Д. Методикаи аудити амалиёти қарзӣ дар бонкҳо / А.Д. Оев// Паёми молия ва иқтисод. – 2024. – No. 4.2 (43). – С. 204-211.*

# МЕТОДОЛОГИЯ АУДИТА КРЕДИТНЫХ ОПЕРАЦИЙ В БАНКАХ

Оев А.Д.

***Аннотация.*** *Из деятельности кредитных организаций следует, что кредитование является их основной и традиционной деятельностью. Посредством кредита обеспечивается воспроизводство хозяйствующих субъектов и обращение денежных средств, а кредитование в экономической системе создает благоприятную основу для развития. Банки и банковская система придают большое значение обеспечению эффективности и правильности кредитной деятельности, а для оценки этой сферы деятельности проводятся специальные проверки аудита.*

*Автор отмечает, что качество кредитного портфеля влияет на все основные показатели деятельности банка, такие как капитал, ликвидность, прибыльность и финансовый результат. Поэтому изучению этого раздела финансовой отчетности следует уделить достаточное внимание. Проверка кредитных операций является обязательной при внутреннем и внешнем аудите, и в то же время аудит кредитных операций является трудоемким и важным процессом проверки финансовой отчетности, подготовленной в соответствии с требованиями МСФО. Все это свидетельствует об актуальности изучаемой темы.*

***Ключевые слова:*** *банк, кредит, кредитная сделка, кредитный портфель, аудит, фонд, кредитный риск.*

# METHODOLOGY OF AUDIT OF CREDIT OPERATIONS IN BANKS

Oev A.D.

***Annotation.*** *It follows from the activities of credit institutions that lending is their main and traditional activity. Credit ensures the reproduction of economic entities and the circulation of funds, and lending in the economic system creates a favorable basis for development. Banks and the banking system attach great importance to ensuring the efficiency and correctness of lending activities, and special audit checks are carried out to assess this area of activity. The author notes that the quality of the loan portfolio affects all*

*the main indicators of the bank's activities, such as capital, liquidity, profitability and financial results. Therefore, sufficient attention should be paid to the study of this section of financial statements. Verification of credit transactions is mandatory in internal and external audits, and at the same time, the audit of credit operations is a labor-intensive and important process of checking financial statements prepared in accordance with the requirements of IFRS. All this indicates the relevance of the topic under study.*

***Key words:*** *bank, credit, credit transaction, credit portfolio, audit, fund, credit risk.*

**Гузориши масъала.** Қарз дар рушди иқтисодиёт хеле нақши муҳим мебозад ва он метавонад аз ҷиҳатҳои мусбӣ ва манфӣ таъсиррасон бошад. Дар шароити кунунии рушди иктисодӣ, қарз вазифаҳои худро, ба монанди пурзӯр намудани ҷараёнҳои мутамарказ ва таҷаммуъи сармоя, кам кардани хароҷоти амалиёт иҷро мекунад. Аз ин рӯ, нақши қарз аз нуқтаи назари иктисодӣ аз он иборат аст, ки ба туфайли вазифаҳои қарз захираҳои пулӣ ҳарчи бештар самаранок истифода гардида, муттасилии ҷараёнҳои такрористеҳсолӣ ба таври васеъ таъмин карда мешавад. Аз иҷрои вазифаҳои қарз субъектҳои хоҷагидорӣ самараи истеҳсолотро баланд бардошта, ҷараёни тезонидани рушди ММД ва афзоиши даромади умумиро ба амал меоранд. [15;16;17]

Бо дарназардошти аз самтҳои асосии фаъолияти ташкилотҳои қарзӣ баромад намудани амалиёти қарзӣ, зарурати арзёбии объективонаи пешбурди ин раванд ва баҳисобгирии ин амалиёт ҳангоми аудит, муҳим мебошад ва он тақозои услуби мукаммалро талаб менамояд.

**Таҳлили тадқиқотҳои охир ва нашрияҳо.** Аз ҷониби муҳаққиқони дохиливу хориҷӣ дар мавриди таҳқиқи муносибатҳои ба қарз алоқаманд дар фаъолияти бонкҳо корҳои зиёде ба анҷом расидаанд. Аммо, дар самти омӯзиши аудит ва назорати ин самт таҳқиқотҳо камшуморанд. Сарфи назар аз ин, дар корҳои олимони ватанию хориҷӣ аз қабили Хушвахтзода Қ.Х., Шарифзода Б.М., Низомов С.Ф., Орзуев П.Ҷ., Казакевич Е.С., Тинкельман С.Б., Курныкина О.В. масоили марбута таҳқиқ шудаанд.

**Мақсади мақола** ин аз пешниҳоди равиши мукаммали аудити амалиёти қарзӣ ва сандуқи қарзии бонкҳо иборат аст, ки он дар заминаи муқаррароти санадҳои меъёрии амалкунанда ва талаботи стандартҳои соҳавӣ бармеояд ва ба рушди ин самти фаъолияти бонкҳо мусоидат менамояд.

**Муҳтавои асосии мавод.** Маълум аст, ки пешниҳоди қарз аксаран аз ҷониби ташкилотҳои қарзӣ таъмин карда мешавад. Дар фаъолияти анъанавии бонкӣ пешниҳоди қарз амалиёти асосии бонкӣ мебошад, ки даромаднокӣ ва устувории фаъолияти бонкҳоро таъмин менамояд. Муҳимияти амалиёти қарзиро бисёр ҳолатҳо муайян мекунанд, масалан, бартарии онҳо дар амалиёти фаъоли бонкҳо, истифодабарӣ ҳангоми ҳисоби нишондиҳандаҳои асосии танзими фаъолияти бонк, хавфи баланд ва даромаднокӣ ба ҳисоб мераванд. Дар бонкҳо барои таъмини самаранокии фаъолият аз рӯи амалиёти қарзӣ санҷишҳои аудиторӣ мавқеи муҳим доранд.

Тибқи муқаррароти Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи фаъолияти аудиторӣ" аудит чунин шарҳ ёфтааст, "аудит - санҷише, ки дар асоси шартнома бо дархости фармоишгар аз тарафи аудитори инфиродӣ ё ташкилоти аудиторӣ мутобиқи стандартҳои аудит, бо мақсади изҳор намудани ақидаи мустақил оид ба саҳеҳӣ ва мутобиқати ҳисоботи молиявӣ ва дигар иттилооти марбут ба ҳисоботи молиявӣ ба талаботи стандартҳои байналмилалӣ ё стандартҳои миллии ҳисобдорӣ гузаронида мешавад" [6].

Лозим ба қайд аст, ки аз рӯи таснифбандӣ аудит бу ду гурӯҳ, - дохилӣ ва беруна, инчунин дар навбати худ аудити беруна ба ҳатмӣ ва ташаббусӣ ҷудо мегардад.

Дар фаъолияти бонкӣ тартиби гузаронидани аудит тибқи талаботи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи фаъолияти бонкӣ" ва худи қонуни асосӣ дар бораи аудит сурат мегирад.

Бо такя ба шарҳи институтсионалии аудит, мақсади аудити бонкиро метавон чунин баён кард - ин муайян кардани

дурӯстӣ, пуррагӣ ва эътимоднокии ҳисоботи молиявии ташкилотҳои қарзӣ бо қонунгузории амалкунанда, стандартҳо инчунин баҳодиҳии касбии иттилооти иқтисодӣ, соддагардонии қарорҳои иқтисодиву молиявӣ ва бартарафкунии хавфҳои эҳтимолӣ мебошад.

Аудит дар бонк, ин унсури асосии идоракунии корпоративии бонк баромад менамояд, ки ин масъала дар кори муҳаққиқи ватанӣ ба таври васеъ омӯхта шудааст [1].

Санҷиши амалиёти қарзӣ барои аудити дохилӣ ва берунӣ ҳатмист. Дар рафти аудити берунӣ ҳангоми тасдиқи ҳисоботи молиявии солона амалиёти қарзӣ бечунучаро санҷида мешавад. Ҳамзамон, ҳангоми иҷрои супориши махсуси аудитӣ ин амалиёт баррасӣ мешавад.

Аудити амалиёти қарзӣ раванди заҳматталаб ва муҳими аудити ҳисоботи молиявӣ мебошад, ки мутобиқи талаботи СБҲМ тартиб дода шудааст. Албатта, аз он сабаб муҳим аст, ки натиҷаи молиявии (фоида ё зарар) ташкилотҳои қарзӣ дар ҳисоботи молиявии мутобиқи стандартҳои байналмилалӣ таҳияшуда бештар аз амалиёти фаъоли бонкҳо вобаста аст, ки дар байни онҳо мавқеи асосиро амалиёти қарзӣ ишғол мекунад.

Заминаҳои меъёрии аудити амалиёти қарзиро чунин санадҳо ташкил медиҳанд:

- Қонуни ҶТ-он “Дар бораи фаъолияти бонкӣ” ш. Душанбе, 19 майи соли 2009, №524;
- Қонуни ҶТ-он “Дар бораи баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисоботи молиявӣ” ш. Душанбе, 25 марти соли 2011, №702;
- Қонуни ҶТ-он “Дар бораи фаъолияти аудиторӣ” ш. Душанбе, 22 июли соли 2013, №993;
- СБҲМ, СБҲМ-9 “Воситаҳои молиявӣ”;
- Дастурамали №255 “Дар бораи тартиби додани қарз ва ҳисоб кардани фоиз дар ташкилотҳои қарзӣ” Қарори Раёсати БМТ аз 30 декабри соли 2022, №157;
- Дастурамали №247 “Дар бораи ташкили низоми идоракунии хавфҳо ва назорати дохилӣ дар ташкилотҳои қарзии молиявӣ” Қарори Раёсати БМТ аз 19 ноябри соли 2021, №168;
- Дастурамали №215 “Дар бораи тартиби ташкил ва истифодаи захира ва фонди пӯшонидани талафоти имконпазир аз рӯи дороиҳо” Қарори Раёсати БМТ аз 13 апрели соли 2016, №50;
- Қоидаҳои ҳисобдории муҳосибавӣ барои ташкилотҳои қарзӣ. Феҳристи ҳисобҳои тавозунӣ. Қарори Раёсати БМТ аз 08 ноябри соли 2017, №149;
- Сиёсати ҳисобдории ташкилоти қарзӣ ва ғайра.

Ба сифати сарчашмаи иттилоот барои гузаронидани аудити ин самт, ба аудитор дастрасии чунин манбаҳо ҳатмӣ мебошанд: оинномаи бонк, сиёсати қарзии бонк, маълумот аз рӯи сандуқи қарзӣ, қарзҳо аз рӯи таснифот, пешниҳоди қарз дар давра, маълумоти қарзҳо аз рӯи ҳисобҳои таҳлилӣ ва таркибӣ, ҳуҷҷати қарзии қарзгирандагон, маълумот аз рӯи қарзҳои батаъхирафтода, ташаккули фонд аз рӯи қарзҳои батаъхирафтода, тавозуни муҳосибӣ, ҳисобот оид ба фоида ва зарар.

Мутахассисон Е.С. Казакевич ва С.Б. Тинкельман аудити амалиёти қарзиро ба якчанд марҳила гурӯҳбандӣ намудаанд, ки аз чунин қисмҳо иборат мебошанд [4, с.96]:

- таҳияи дархост барои ҳама маълумоти таҳлилӣ оид ба қарзҳо ва қарзҳои дебиторӣ, ки барои таҳлили минбаъда заруранд;
- ҷамъоварии маълумот ва баҳодиҳии эътимоднокии онҳо аз рӯи қарзҳо ва қарзҳои дебиторӣ;
- таҳлили маълумоти боэътимоди таҳлилӣ барои қабули хулосаҳои касбӣ мутобиқи СБҲМ;
- баҳодиҳии андозаи сабтҳои тасҳеҳӣ;
- санҷиши сабтҳо оид ба қарзҳо ва қарзҳои дебиторӣ дар ҳисоботи молиявӣ, ки тибқи талаботи СБҲМ таҳия шудаанд.

Дар баробари марҳилаҳои қайдшуда метавон чунин қисмҳоро низ илова намуд, санҷиши қонунӣ ва дурӯстии амалиёт, арзёбии таъсири эҳтимолияти зарар аз рӯи қарз, баҳодиҳии хавфи қарзӣ ва баҳодиҳии дараҷаи сатҳи идоракунии бонк барои анҷомдиҳии амалиёти фаъол. Ғайр аз ин, самтҳои зерини муносибатҳои байни ташкилоти қарзӣ бо мизоҷон бояд санҷида шаванд: ташкили кори шуъбаи қарзӣ;

тақсимоти вазифаҳои кормандони масъул аз рӯи амалиёти қарзӣ, ки ба сиёсати қарзии бонк мувофиқ аст; маҳдудияти дастрасӣ ба ҳуҷҷатҳо (кумитаи қарзӣ, ҳуҷҷатҳои гарав ва ғ.); тартиби баррасии дархости қарз; методикаи ташаккули захираи талафоти имконпазир.

Пас аз шиносоии пешакӣ бо вазъи фаъолияти қарзии бонк, аудитор бояд оид ба усули гузаронидани санҷиш (давомдор ё интихобӣ) мавқеъи худро муайян намояд.

Тартиби раванди қарзро метавон ба ду гурӯҳ тақсим кард, ки дар зинаи аввал, пешниҳоди қарзу барасмиятдарории он ва баъдан, баргардонидани (пардохти) қарз ва фоизи он мебошад.

Барои баҳодиҳии амалиёти қарзӣ аз нуқтаи назари мувофиқат ба принсипҳои қарздиҳӣ фаъолияти бонкро дар самтҳои асосии зерин баррасӣ кардан, лозим меояд: риояи тартиби мониторинги қарз, истифодаи мақсадноки қарз, иҷрои шартҳои пардохти қарз; риояи тартиби ҳисоб кардан ва ситонидани фоизҳо аз рӯи қарз; дурустии инъикоси амалиёт дар баҳисобгирӣ ва ситонидани фоизҳо; асоснокии мансубияти қарз ба суратҳисобҳо барои баҳисобгирии қарзи тамдидшуда; сари вақт баҳисобгирии қарзҳои таъхирафтода.

Илова бар ин, дар аудити дохилӣ самти санҷиши технологияи иттилоотӣ, ки он метавонад низоми амнияти барномавию иттилоотиро дарбар гирад муҳим мебошад, оид ба чунин навъи аудит дар кори муҳаққиқони ватанӣ тафсилоти бештар қайд шудааст [12, с.99].

Баҳодиҳии умумии ҳолати сандуқи қарзӣ ва аудити иҷрои шартҳои қарздиҳӣ имкон медиҳад, ки амалиёти қарзӣ муфассалтар таҳқиқ шуда, ба онҳо на танҳо аз нуқтаи назари эътимоднокии инъикос дар ҳисобҳои муҳосибӣ, инчунин мувофиқати бақияи суратҳисобҳои қарзӣ ба имконияти баргардонидани онҳо баҳо дода шавад. Имконияти пардохти қарз дар давраи азёбии қобилияти пардохтпазирии мизоҷ муайян карда мешавад.

Дар амалияи муосири ҷаҳонӣ методологияи ягонаи арзёбии қобилияти пардохтпазирии қарзгирандагон вуҷуд надорад. Он метавонад бо усулҳои низоми зарибҳои молиявӣ, аз рӯи сохтор ва самти селаҳои пулӣ, моделҳои омории баҳодиҳии пардохтпазирӣ, омилҳои 5С ва ғайра ба роҳ монда шаванд [9, с.74]. Дар кишварҳои ИДМ бештар аз рӯи методҳои низоми зарибҳои молиявӣ ва омилҳои 5С арзёбии пардохтпазирии қарзгиранда муайян карда мешавад.

О. В. Курникина унсури муҳими методологияи баҳисобгирии қарзҳои додашударо аз санҷиши саривақтӣ ва пурраи баргардонидани қарзҳо мебинад [5, с.59]. Аз ин нуқтаи назар, қобилияти баргардонидани қарз ва пардохти фоизҳои саривақтии қарзгиранда хавфи қарзиро ифода мекунад, ки дар паст шудани фоидаи бонк, пардохтпазирӣ ва эътимоднокии он зоҳир мешавад. Баҳодиҳии хавфи амалиёти қарзии бонкӣ ин арзёбии имкони баргардонидани саривақтии қарз, пардохти фоизҳои он ва эҳтимолияти зарар аз рӯи ин амалиётро ифода менамояд.

Баҳодиҳии хавфи амалиёти қарзӣ таҳлил ва санҷиши зеринро дар бар мегирад: омилҳое, ки ба хавфи қарзӣ таъсир мерасонанд ва баррасии онҳо дар сиёсати қарзии бонк; истифодаи шаклҳои гуногуни ҷуброни хавфи қарзӣ; дурустии ба гурӯҳи муайяни хавфи қарзӣ вобаста кардани қарз; бехато ҳисоб кардани захираи махсус барои пӯшонидани талафоти эҳтимолии дороиҳои бонк, ки ба хавфи қарзӣ дучор шудаанд; саривақтӣ ва пуррагии ташаккули захира барои пӯшонидани талафоти эҳтимолии дороиҳои бонк, ки ба хавфи қарзӣ дучор шудаанд, барои зиён аз рӯи қарзҳои шубҳанок; истифодаи дурусти маблағҳои аз ҳисоби захира ташкилшуда барои пӯшонидани талафоти имконпазири дороиҳои бонк, ки ба хавфи қарзӣ дучор шудаанд.

Нишондиҳандаи маъмултарин барои баҳодиҳии сандуқи қарзӣ таносуби сифати сармоягузориҳои қарзӣ ё таносуби қарзҳои мушкилситон мебошад, ки ҳамчун таносуби маблағи қарзҳои таъхирафтода ва тамдидшуда ба ҳамаи қарзҳо муайян карда мешавад. Дар ҷараёни аудити сандуқи қарзӣ дурустии маълумот дар бораи қарзҳо ба шахсони вобаста, қарзҳои калоне, ки аз ҷониби бонк дода мешавад, тафтиш карда мешавад. Бонк вазифадор аст, риояи ҳадди ниҳоии хавфро барои як муштарӣ ҳангоми

анҷом додани амалиёт назорат кунад. Бо дарназардошти ҳамаи тасдиқҳо оид ба қарзҳои калон маблағи умумии қарзҳои калон тасдиқ ва бо андозаи меъёри муқарраршуда муқоиса карда мешавад. Ҳангоми баҳодиҳии риояи ҳаҷми ниҳоии хавф барои як муштарӣ, инчунин хавф барои муштарии вобаста ва инсайдерҳо (шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ) таҳқиқ карда мешавад.

Дар санҷиш, одатан аудитор маълумоти давраи гузаштаро низ талаб менамояд. Масалан, аудитор ҳангоми баҳодиҳии сандуқи қарзӣ аз рӯи диверсификатсияи он, чунин тарзӣ таснифоти қарзро аз рӯи соҳаҳо истифода менамояд (ниг. ба ҷад.1.). Қобили зикр аст, ки амалиёти қарзӣ аз рӯи намудҳои мизоҷон дар Нақшаи ҳисобҳои тавозунии бонкҳо тибқи ҳисобҳои гурӯҳи 10900 «Қарзҳо» инъикос ёфтааст [8] ва ҳангоми таснифоти қарҳо истифода мегардад.

**Ҷадвали 1. Қарзҳо аз рӯи соҳаҳо**

| Соҳаҳо | 31.12.2024 | 31.12.2023 |
|---|---|---|
| Кишоварзӣ | | |
| Саноат | | |
| Сохтмон | | |
| Нақлиёт | | |
| Хӯроки ҷамъиятӣ | | |
| Хизматрасонӣ | | |
| Савдои хориҷӣ | | |
| Миёнаравии молиявӣ | | |
| Истеъмолот | | |
| Дигар | | |

**Сарчашма:** таҳияи муаллиф

Чунин таснифбандии таҳияшуда аз рӯи талаботе, ки бонкҳо ба мақоми ваколатдор ҳисобот пешниҳод менамоянд, ҷой дорад. Дар баробари ин таснифбандӣ метавонад аз рӯи маҳсулотҳои қарзии бонк гурӯҳбандии қарзҳоро тартиб дод, ки дар ҷадвали 2 намунаи он овардашудааст.

**Намудҳои маҳсулоти қарзӣ**

| **Самтҳои қарздиҳӣ** | **31.12.2024** | **31.12.2023** |
|---|---|---|
| **Шахсони ҳуқуқӣ** | | |
| Қарзҳои тиҷоратӣ | | |
| Қарздиҳӣ ба тиҷорати хӯрд | | |
| Шартномаҳои хариду фурӯш | | |
| Дигарҳо | | |
| **Шахсони воқеӣ** | | |
| Қарзҳои истеъмолӣ | | |
| Қарзҳои ипотекӣ | | |
| Овердрафт (изофабардошт) | | |
| Кортҳои кредитӣ | | |
| Дигарҳо | | |
| **Ҷамъ: қарзҳо ва қарздориҳои дебиторӣ** | | |
| тарҳи таъминот барои бекурбшавӣ | | |
| **Ҷамъ: қарзҳо ва қарзҳои дебиторӣ, нетто** | | |
| кутоҳмуддат | | |
| дарозмуддат | | |

**Сарчашма:** таҳияи муаллиф

Чунин тартиби таснифот, ки дар ҷадвали 2 овардашудааст метавонад гуногун

бошад, муҳим он аст, ки баҳодиҳии сандуқи қарзӣ ба роҳ монда шавад ва он натиҷа диҳад.

Баҳодиҳии сандуқи қарзӣ ба таври миқдорӣ ва сифат ба ҷо оварда мешавад, ки баҳодиҳии миқдории сандуқи қарзии бонк дар бораи таркиб, сохтор ва динамикаи намудҳои алоҳидаи қарзҳо барои қарзгирандагони гуногун бо назардошти риояи шартҳои қарздиҳӣ маълумот медиҳад. Дар баҳодиҳии сифатӣ нишондиҳандаи фаъолияти бонк ба инобат гирифта мешавад, ки ба санҷишгар имкон медиҳад, то риояи принсипҳои қарздиҳӣ, дараҷаи хавфи амалиёти қарзӣ, дурнамои пардохтпазирии бонкро муқаррар намояд.

Таҳлили сармоягузориҳои қарзӣ вобаста ба сифати онҳо бо назардошти омилҳои гуногуни хавф ба назар гирифта мешавад. Дар баробари ин, риояи меъёрҳои шартҳои қарздиҳӣ ва сифати таъмини иҷрои ухдадориҳои пардохти қарзҳо низ омӯхта мешавд. Чуноне дар оғоз оид ба хусусияти амалиёти қарзӣ қайд карда будем, яке аз ҷонибҳои фарққунандаи ин амалиёт, хавфи баланди он мебошад. Аз ин рӯ ҳангоми аудит ба дараҷаи хавфи қарзии бонк таваҷҷӯҳ карда мешавад ва оид ба воситаҳои пасткунии таъсири он ба фаъолияти бонк аудитор метавонад маълумот талаб намояд. Яке аз роҳҳои пасткунии таъсири хавфи қарзӣ ин ташаккули фонд аз рӯи қарзҳо мебошад, ки дар ин самт талаботи меъёрӣ ҷой дорад (ниг. ба ҷад. 3.).

**Ҷадвали 3. Ташаккули Фонди пушонидани талафоти имконпазир аз рӯи қарзҳо**

| **Қарзҳо аз рӯи таснифбандӣ 31.12.2024** | | **Таъминот аз рӯи ФПТИ** | | **Талаботи ташаккули ФПТИ бо%** | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | | Бо маблағ | Бо фоиз | аз рӯи рӯзҳои батаъхирафтода | бо пули миллӣ | бо асъори хориҷӣ |
| Қолабӣ | | | | то 8 рӯз | 2% | 3% |
| Зери назорат | | | | аз 8 то 30 рӯз | 5% | 10% |
| Ғайриқолабӣ | | | | аз 30 то 90 рӯз | 30% | 40% |
| Шубҳанок | | | | аз 90 то 180 рӯз | 75% | 85% |
| Беэътимод | | | | аз 180 рӯз зиёд | 100% | 100% |

**Сарчашма:** таҳияи муаллиф дар асоси Дастурамали №215 БМТ "Дар бораи тартиби ташкил ва истифодаи захира ва фонди пӯшонидани талафоти имконпазир аз рӯи дороиҳо"

Дар ҷадвали боло зикр таснифоти қарз мувофиқи талаботи амалкунандаи низоми бонкӣ ва тибқи стандарт гурӯҳбандӣ шудааст, ки аз рӯи он ташаккули фонд барои қарзҳои батаъхирафтода нишон дода шудааст. Таъхири қарз ин хавфи қарзиро нишон медиҳад, ки дар ҳолати наандешидани чораҳои зарӯрӣ метавонад ба бонк таъсири худро расонад. Қарзҳои батаъхирафтода, ки сатҳи хавфи қарзиро инъикос мекунанд, бояд ҳамчун зиёни эҳтимолии бонк, таҳдиди аз даст додани пардохтпазирӣ ва қобилияти пардохтпазирии он баррасӣ шаванд. Мавҷудияти қарзҳои ба қадри кофӣ таъминнашуда ва мӯҳлаташ гузашта, инчунин муайян намудани қарзгирандагон бо аломатҳои бадшавии вазъи молиявии онҳо бонкро вазифадор мекунад, ки барои пӯшонидани талафоти эҳтимолии дороиҳои бонк, ки ба хавфи қарзӣ дучор шудаанд, захираи махсус таъсис диҳад. Захира барои амалиёти фаъоли бонк, ки моҳияти иқтисодии худ қарзӣ мебошанд, дар асоси ҳатми ташкил карда мешавад. Маблағи захира аз маблағи қарзи дороиҳо, инчунин аз гурӯҳи хавфи қарзӣ, ки онҳо бояд ба он вобаста карда шаванд, алоқаманд аст. Ҳангоми баҳодиҳии сатҳи хавфи қарзии бонк аудитор ба ҳаракати захира аз рӯи бекурбшавии қарз таваҷҷуҳ менамояд ва ҳолати онро дар давраи санҷишӣ мавриди омӯзиш қарор медиҳад.

**Ҷадвали 4. Ҳаракати захира оид ба беқурбшавӣ аз рӯи самтҳои қарздиҳӣ**

| **31.12.2024** | **Аз рӯи самтҳои қарздиҳӣ** | |
|---|---|---|
| | **Шахсони ҳуқуқӣ** | **Шахсони** |

| | | воқеӣ |
|---|---|---|
| **Захира барои бекурбшавӣ дар санаи 1 январ:** | | |
| Баргардонидани захира барои бекурбшавӣ дар давоми сол | | |
| Пардохт барои бекурбшавӣ дар давоми сол | | |
| Маблағҳое, ки дар давоми сол ҳамчун беэътимод ҳисоб карда шудаанд | | |
| Баргардонидани маблағе, ки қаблан ҳамчун беэътимод ҳисоб шудаанд | | |
| **Захира барои бекурбшавӣ дар санаи 31 декабр** | | |

**Сарчашма:** таҳияи муаллиф

Аҳамияти маълумоте, ки дар ҷадвал қайд мешавад барои натиҷагирӣ оид ба қарзҳои таснифшуда муҳим мебошад. Чунки, бо ин усул метавон оид ба ҳаракати захираи бекурбшавии қарз маълумоти дақиқ пайдо кард.

Дар баробари ин аудитор оид ба истифодаи талаботи СБҲМ 9 “Воситаҳои молиявӣ” дар самти баҳисобгири амалиёти қарзии бонк мароқ зоҳир менамояд, ки ин стандарт модели нави арзёбии бекурбшавии қарзро дарбар мегирад. Ба монанди ин меъёрҳои мушаххасе, ки бонк ҳангоми таснифи дороиҳо аз рӯи дараҷаи эътимоднокӣ истифода мебарад, инчунин тартиби қабул ва иҷрои қарорҳо оид ба ташаккул ва истифодаи фонд бояд бо ҳуҷҷатҳои дахлдори бонк, ки онро муайян мекунад, дар сиёсати баҳисобгирӣ ва равишҳои татбиқи он муқаррар карда шавад.

**Дар маҷму**, аудити амалиёти қарзӣ ва сандуқи қарзии бонк ҷараёни мураккаб ва меҳнатталаб мебошад. Аз ин рӯ дар ин раванд арзиши таҳрифот ва хатоиҳо метавонанд бо дараҷаи хеле баланд мавҷуд бошанд. Хатоӣ ва таҳрифҳои эҳтимолӣ дар ҷараёни аудити амалиёти қарзӣ ва сандуқи қарзӣ зиёд мебошанд, аммо маъмултарини онҳоро қайд менамоем:

- сари вақт ба ҳисобҳо нагузаронидани қарзҳо барои баҳисобгирии қарзҳои батаъхирафтода ё ба таври автоматӣ ба роҳ намондани он;
- нодуруст ҳисоб кардани фоизҳои ҳисобшуда, таҳрифҳо дар сабти онҳо;
- ба сифати гарав қабул намудани амвол бо арзиши тавозунӣ, ки нархи фурӯши имконпазирро инъикос намекунад;
- вайрон кардани тарзи иҷрои ухдадориҳо дар инъикоси ҳисобҳои ғайритавозунӣ ва тавозунӣ;
- номувофиқиҳо дар ташаккули ФПТИ аз рӯи қарзҳо ва ба монанди инҳо;

Сифати сандуқи қарзӣ ба ҳамаи нишондиҳандаҳои асосии фаъолияти бонк аз қабилӣ сармоя, мавқеи пардохтпазирӣ, даромаднокӣ ва натиҷаи молиявӣ таъсир мерасонад. Аз ин рӯ, бояд ба санҷиши ин фасли ҳисоботи молиявӣ диққати кофӣ дода шавад. Барномаи аудит бояд тамоми нозукиҳои муносибати қарзиро дар давраи ҳисоботӣ дарбар гирад. Тартиби мубрамии банақшагирии чорабиниҳои аудиторӣ ба аудитор ва бонки санҷидашаванда ёрӣ мерасонад, то санҷиш бо сифати баланд гузаронида шуда, сатҳи хавф паст ва натиҷаи боэътимоди молиявӣ инъикос ва тасдиқ гардад.

## Адабиёт

1. Абдулхайров, Ф. М. Нақш ва мақоми аудит дар низоми мониторинги сифати идоракунии корпоративии бонкҳо / Ф. М. Абдулхайров // Паёми молия ва иқтисод. – 2021. – № 4-1(29). – С. 178-187.
2. Дастурамали №247 “Дар бораи ташкили низоми идоракунии хавфҳо ва назорати дохилӣ дар ташкилотҳои қарзии молиявӣ” Қарори Раёсати БМТ аз 19 ноябри соли 2021, №168;

3. Дастурамали №215 “Дар бораи тартиби ташкил ва истифодаи захира ва фонди пӯшонидани талафоти имконпазир аз рӯи дороиҳо” Қарори Раёсати БМТ аз 13 апрели соли 2016, №50;
4. Казакевич, Е.С. Аудит кредитных операций. Е.С. Казакевич, С.Б. Тинкельман / МСФО и МСА в кредитной организации. № 1 (47) \ 2013 С. 96 -110.
5. Курныкина, О. В. Аудит учета кредитных операций банка при применении международных стандартов / О. В. Курныкина // Учет. Анализ. Аудит. – 2023. – Т. 10, № 3. – С. 58-64.
6. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи фаъолияти аудиторӣ” ш. Душанбе, 22 июли соли 2013, № 993;
7. Қонуни ҶТ-он “Дар бораи фаъолияти бонкӣ” ш. Душанбе, 19 майи соли 2009, №524;
8. Қоидаҳои ҳисобдории муҳосибавӣ барои ташкилотҳои қарзӣ. Феҳристи ҳисобҳои тавозунӣ. Қарори Раёсати БМТ аз 08 ноябри соли 2017, №149;
9. Махмадов, О. С. Методика оценки кредитоспособности заемщика в современных условиях / О. С. Махмадов, Б. М. Шарипов // Вестник Российского экономического университета имени Г.В. Плеханова. – 2018. – № 3(99). – С. 72-82.
10. Низомов С.Ф. Стандартҳои байналмилалии аудит [матн]: китоби дарсӣ /С.Ф. Низомов, Н.М. Собирзода, Ш.Қ. Бадалов, Зарринаи М.; зери назари Низомов С.Ф. Душанбе: Нашриёти ДМТ, 2024 – 304 с.
11. Оев, А. Д. Аудити бонкӣ / А. Д. Оев. – Душанбе : Муассисаи таълимии "Донишгоҳи давлатии молия ва иктисоди Точикистон", 2023. – 173 р.
12. Хушвахтзода, Қ. Х. Аудити технологияҳои иттилоотӣ ва мафҳумҳои асосии он дар иқтисодиёт / Қ. Х. Хушвахтзода, П. Ҷ. Орзуев, Т. А. Алимардонзода // Тоҷикистон ва ҷаҳони имрӯз. – 2024. – № 4(88). – С. 95-112.
13. Саидов, Р. Н. Оценка жизнеспособности источников формирования доходов населения в Республике Таджикистан / Р. Н. Саидов // Финансово-экономический вестник. – 2020. – № 4(24). – С. 122-129. – EDN GIXLKN.
14. Саидов, Р. Н. Пути уменьшения безработицы и снижения инфляции в Республике Таджикистан / Р. Н. Саидов // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. – 2016. – № 2/4(204). – С. 114-121. – EDN WROZBF.
15. Шарипов, Б. М. Пути усиления вклада банковского сектора в обеспечение ускоренной индустриализации экономики Таджикистана / Б. М. Шарипов, Ф. А. Курбонова, А. Ж. Зокиров // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. – 2023. – № 12. – С. 205-211. – EDN AZDSKW.
16. Комилова, К. Н. Самтҳои афзалиятноки такмили истифодаи воситаҳои маркетинги рақамӣ дар бонкҳои тиҷоратӣ / К. Н. Комилова, Б. М. Шарифзода // Иқтисодиёти Тоҷикистон. – 2023. – No. 4. – P. 85-91. – EDN ZKJQAI.
17. Шарипов, Б. М. Методы оценки влияния финансового рынка на экономический рост: эволюция подходов / Б. М. Шарипов // Экономика Таджикистана. – 2022. – № 1. – С. 47-55. – EDN OUXPWL.

**Маълумот дар бораи муаллиф:**
**Оев Анис Давлатович**-номзади илмҳои иқтисодӣ, котиби корпоративӣ дар ҶДММ ТАҚХ ЛОЛС “Молия” Суроға: 734067, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кучаи Дехи боло 180. Телефон: 992 934 51 11 12; E-mail: oev.anis.d@mail.ru
**Информация об автора:**
**Оев Анис Давлатович**-кандидат экономических наук, Корпоративный секретарь ООО МДО ЛОЛС «Молия» Адрес: 734067, Республика Таджикистан, г. Душанбе, улица Дехи Боло, 180. Тел.: 992 934 51 11 12; E-mail: oev.anis.d@mail.ru
**Information about the author:**
**Oev Anis Davlatovich**, candidate of economic sciences, Corporate Secretary of LLC MDO LOLC "Moliya" Address: 734067, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Dekhi Bolo Street, 180. Tel.: 992 934 51 11 12; E-mail: oev.anis.d@mail.ru

УДК:339.727

# САРМОЯГУЗОРИИ ХОРИҶӢ ҲАМЧУН ОМИЛИ РУШДИ ИҚТИСОДӢ САБЗ ДАР СОҲАИ КИШОВАРЗӢ

**Ғуломова Х.А.**

***Аннотатсия***. *Фазои сармоягузорӣ маҷмӯи омилҳоеро ташкил менамояд, ки хусусияти ҳуқуқӣ, сиёсӣ, иқтисодӣ, молиявӣ, фискалӣ, табиӣ, ҷуғрофиро мусоидат мекунад. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон соҳаҳои ҷолибтар барои сармоягузорон асосан соҳаҳои энергетика, саноати кӯҳ, саноати химиявӣ, сохтмон ва истеҳсоли масолеҳи сохтмон, саноати сабук ва хӯрокворӣ, кишоварзӣ, коркарди маҳсулоти кишоварзӣ, нақлиёт ва коммуникатсия ва сайёҳӣ мебошанд.*

*Соҳаи кишоварзи яке аз соҳаҳои афзалятноки иқтисоди миллии мамлакатамон баҳисоб рафта баҳри таъмини амнияти озуқаворрии кишвар нақши ниҳоят муҳимро мебозад. Аз ин лиҳоз фикр менамоям, ки ҷалби сармоягузориро махсусан сармоягузории сабзро дар рушди ин соҳаи афзалятноки мамлакатамон бароҳ мондан лозим мебошад.*

***Калидвожаҳо:*** *сармоягузории сабз, кишоварзӣ, иқтисодӣ миллӣ, амнияти озуқаворӣ, рушди сабз, самарнокии иқтисодӣ, ҷалби сармоягузорӣ, маҳсулоти кишоварзӣ, молиявӣ, рушди кишоварзӣ, дастгирии сармоягузорӣ.*

***Барои иқтибос****: Ғуломова Х.А. Сармоягузории хориҷӣ ҳамчун омили рушди иқтисоди сабз дар соҳаи кишоварзӣ / Х.А. Ғуломова // Паёми молия ва иқтисод. – 2024. – No. 4.2 (43). – С.212-215.*

# ИНОСТРАННЫЕ ИНВЕСТИЦИИ КАК ФАКТОР РАЗВИТИЯ ЗЕЛЕНОЙ ЭКОНОМИКИ В СФЕРЕ СЕЛЬСКОГО ХОЗЯЙСТВА.

**Гулямова Х.А.**

***Аннотация.*** *Инвестиционный климат представляет собой совокупность факторов, которые определяют правовые, политические, экономические, финансовые, фискальные, природные и географические характеристики.*

*В Республике Таджикистан наиболее привлекательными отраслями для инвесторов являются в основном энергетика, горнодобывающая, химическая промышленность, строительство и производство строительных материалов, легкая и пищевая промышленность, сельское хозяйство, переработка сельскохозяйственной продукции, транспорт и связь, туризм.*

*Аграрный сектор считается одним из приоритетных секторов народного хозяйства нашей страны и играет чрезвычайно важную роль в обеспечении продовольственной безопасности страны. В этой связи считаю, что необходимо продолжить привлечение инвестиций, особенно «зеленых», в развитие этой приоритетной отрасли нашей страны.*

***Ключевые слова:*** *зеленые инвестиции, сельское хозяйство, национальная экономика, продовольственная безопасность, зеленое развитие, экономическая эффективность, инвестиционная привлекательность, сельскохозяйственная продукция, финансы, развитие сельского хозяйства, поддержка инвестиций.*

# FOREIGN INVESTMENT AS A FACTOR IN THE DEVELOPMENT OF A GREEN ECONOMY IN AGRICULTURE.

**Gulomova K. A.**

***Annotation.*** *The investment climate is a set of factors that determine legal, political, economic, financial, fiscal, natural and geographical characteristics.*

*In the Republic of Tajikistan, the most attractive sectors for investors are mainly energy, mining, chemical industry, construction and production of building materials, light and food industry, agriculture, processing of agricultural products, transport and communications, tourism.*
*The agricultural sector is considered one of the priority sectors of the national economy of our country and plays an extremely important role in ensuring the country's food security. In this regard, I believe that it is necessary to continue attracting investments, especially "green" ones, into the development of this priority sector of our country.*
***Key words:*** *green investments, agriculture, national economy, food security, green development, economic efficiency, investment attractiveness, agricultural products, finance, agricultural development, investment support.*

**Гузориши масъала:** Фазои сармоягузории комплекси агросаноатӣ як хела буда, бо алоқаи дутарафа муайян карда мешавад. Сармоягузориҳо аз як тараф суръати рушди соҳаҳоро муайян мекунанд, аз тарафи дигар, ҳаҷми сармоягузориро бештар аз ҷиҳати ҷолибияти соҳа барои сармоягузорон муайян мекунад. Иқтидори сармоягузории корхонаҳо аз ҳафт иқтидорӣ хусусӣ иборат аст, ки ҳар кадоми онҳо дар навбати худ бо як гурӯҳи тамоми нишондиҳандаҳо тавсиф мешаванд.

**Таҳлили таҳқиқотҳои охир ва нашриёт.** Доир ба мавзуъ як қатор олимон тадқиқотҳои илми гузаронидаанд пеш аз ҳама ҳамасола Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон доир ба самти сармоягузори суханрони менамояд. Инчунин як қатор марузаҳои илми доир ба ин самти афзалятнок оз ҷониби олимон муҳақиқон мавриди омузиш қарор дода шудааст. Аз он ҷумла Ахмедов Д.Ҳ., Давлатзода А.Д., Шарифзода Б.М. ва дигарон дар марузаҳои илми мавриди омузиш бароҳ монда шудааст.

**Мақсади мақола.** Омузиш ва муайян намудани нақш ва мақоми сармоягузори дар рушди иқтисоди сабз, ва соҳаи кишоварзии мамлакат.

**Муҳтавои асосии мавод.** Барои расидан ба ҳадафҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки дар "Стратегияи милии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030" оварда шудааст, ҷалби сармоягузорӣ муҳим мебошад. Ҳамзамон, ноил шудан ба рушди устувори соҳаҳои иҷтимоӣ- иқтисодии мамлакат, ташкили ҷойҳои нави корӣ, таъсиси корхонаҳои нави саноатӣ, баланд бардоштани сатҳи даромади аҳолӣ, паст кардани сатҳи камбизоатӣ бе ҷалби сарягузории хориҷӣ душвор мебошад **[6].**

Одатан сармоягузорӣ – ин захираи муҳим ва нисбатан маҳдуде мебошад, ки истифодабарии он ба рушди самарнокии истеҳсолот ва рақобатпазирии корхона, таъсиси ҷойҳои нави корӣ, баланд бардории шуғли аҳолӣ, ва сатҳи некуаҳволии мардум мусоидат менамояд.

Мафҳуми "сармоягузорӣ" хеле васеъ буда дар адабиётҳои иқтисодӣ он ҳам ба маънои васеъ ва ҳам ба маънои маҳдуд истифода мешавад. Мафҳуми он ягранг набуда, бо шаклҳои зиёд оварда шудааст, ки моҳияти онро ягранг муайян кардан хеле душвар аст. Дар бахшҳо гуногуни илми иқтисод, инчунин дар робита ба соҳаҳои гуногуни истифодаи он вобаста ба хусусятҳои соҳа ва обектҳои татбиқи онҳо маъноҳои гуногун дода мешаванд.

Унсури асосии фаъолияти сармоягузориро мафҳуми калимаи "investment" ташкил медиҳад. Худи калимаи сармоягузорӣ аз калимаи олмонии " Investition" ва лотинии "invesion" гирифта шуда , ҳамчун воситаҳои пулӣ, қоғазҳои қиматнок, маблағгузории дарозмудат ба саноат, соҳаи кишоварзӣ, нақлёт ва дигар дороиҳо маънидод карда мешавад. [1;14;15] **.**

Иқтисоди сабз яке аз самтҳои муосири илми иқтисод буда, тайи ду даҳсолаи охир ба арсаи илм ворид гардидааст ва дар доираи он бахшҳои дигари иқтисод, ки аз ҷузъҳои табиати муҳити атроф вобастагӣ доранд, баррасӣ мешаванд. Аз ин рӯ, солҳои охир ибораи иқтисоди сабз гирди забони олимон,

сиёсатмадорон, муҳаққиқон ва мутахассисони соҳаҳои ҳифзи муҳити зист, кишоварзӣ, энергетика, иқтисод ва ҳоказо мечархад. Консепсияи иқтисоди сабз ғояҳои мухталифи улуми иқтисод ва фалсафа, аз ҷумла иқтисоди феминистӣ, иқтисоди захиравӣ, иқтисоди экологӣ, иқтисоди муҳити зист, постмодернистӣ, зиддиистеъмолот, муқобил ба ҷаҳонишавӣ, анархияи сабз, сиёсати сабз ва назарияи муносибатҳои байналмилалиро дарбар мегирад. Ҳамин аст, ки барои амиқан ифода кардани иқтисоди сабз то ҳанӯз фаҳмиши ягонаю умумӣ вуҷуд надорад.

Стратегияи рушди иқтисоди «сабз» дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2023 – 2037 (минбаъд – Стратегия) аз 30 сентябри соли 2022 № 482 бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул гардидааст. Дар ин стратегия амалӣ намудани иқтисоди «сабз» ҳамчун як низоми томи хоҷагидорӣ, истифодаи воситаҳои муайянро тақозо мекунад, аз ҷумла:

– афзоиши сармоягузории давлатӣ ба инфрасохтори бо принсипи рушди устувор асосёфта (аз ҷумла нақлиёти ҷамъиятии барқӣ, манбаъҳои барқароршавандаи энергия, бунёди биноҳои аз ҷиҳати истифодаи энергия босамар) ва сармояи табиӣ бо мақсади барқарорсозӣ, нигоҳдорӣ ва афзоиш додани ҳаҷми он;

– дастгирии давлатии мақсадноки таҳқиқот ва корҳои илмие, ки ба истифодаи технологияҳои тозаи экологӣ марбутанд;

– нархгузории ба принсипҳои рушди устувор мутобиқ, аз ҷумла даст кашидан аз мусоидати молиявии (субсидияҳои) бесамар, дуруст муайян намудани арзиши захираҳои табиӣ ва андозбандии захираҳое, ки истихроҷи онҳо ба муҳити зист зарар мерасонад;

– татбиқи сиёсати хариди давлатӣ нисбат ба субъектҳои истеҳсолкунандаи маҳсулоти экологӣ ва истифодабарандаи усулҳои истеҳсол, ки ба принсипҳои рушди устувор мутобиқ мебошанд. **[7] .**

Стратегияи рушди иқтисоди «сабз» дар Ҷумҳурии
Тоҷикистон барои солҳои 2023–2037 тибқи талаботи Конститутсия, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи банақшагирии стратегӣ ва дурнамосозии давлатӣ» ва санадҳои дигари меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин санадҳои байналмилалии эътирофнамудаи
Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия шудааст.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон соҳаҳои ҷолибтар барои сармоягузорон асосан соҳаҳои энергетика, саноати кӯҳ, саноати химиявӣ, сохтмон ва истеҳсоли масолеҳи сохтмон, саноати сабук ва хӯрокворӣ, кишоварзӣ, коркарди маҳсулоти кишоварзӣ, нақлиёт ва коммуникатсия ва сайёҳӣ мебошанд.

Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳамкории зич бо дигар мақомотҳои давлат ва хусусии Ҷумҳурии Тоҷикистон корҳои зиёдеро оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ ва пешбурди сармоя амалӣ карда истодааст. Бо ин мақсад рӯйхати лоиҳаҳои афзалиятноки сармоягузорӣ дар соҳаҳои афзалиятноки иқтисодиёти Тоҷикистон мунтазам аз нав таҳия ва таҳрир гардида, манзури сармоягузорон ва шарикони потенсиалӣ карда мешавад. Барои беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон амали намудани тадбирҳои зерин ба манфиат арзёбӣ мешавад:

- ҷорӣ намудани фишангҳои ҳуқуқии суғуртакунӣ ва ҳимояи ҳаёту саломатии сармоягузорон, моликияти онҳо (бо шомили моликияти зеҳнӣ), инчунин тақсими хавфҳо ҳангоми соҳибкории муштарак;
- баланд бардоштани сатҳи фаъолнокӣ, салоҳиятнокӣ, шаффофӣ ва таснифоти ваколатҳои мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ;
- мавҷуд будани санадҳои қонунгузорӣ ва зерқонунӣ;
- додани ҳуқуқу имкониятҳои баробар барои иштироки сармоягузорони ватаниву хориҷӣ дар масъалаи хусусигардонии амволи давлатӣ;
- баланд бардоштани дараҷаи озод будани савдои хориҷӣ ва танзими нархҳо барои содирот;
- ташкили шароит барои дастрасии гирифтани қарзҳо бо меъёри фоиз;
- беҳтар намудани ҳолати инфрасохтори истеҳсолӣ ҳангоми татбиқи Лоиҳаҳои Сармоягузорӣ (таъминоти барқ, роҳҳо, алоқа, нақлиёт) ва инфрасохтори соҳаи хизматрасонӣ (алоқа, меҳмонхонаҳо, хӯроки умумӣ ва ғ.);
- мутобиқ намудани низоми муҳосибавии миллӣ ба стандартҳои байналмилалӣ;
- дастгирии давлатии сармоягузорон ва ғ.

Кишоварзӣ яке аз соҳаҳои ниҳоят муҳими мамлакат баҳисоб рафта дар таъмини амнияти озуқаворӣи кишвар нақши калидиро мебозад. Ҷумҳурии Тоҷикистон мамлакати шароити беҳтарини иқлим ва табиати хуби кишоварзи дошта, ки шоёни офтобу оби фаровон, инчунин водиҳои ҳосилхез барои парвариш намудани меваю сабзавотҳои ҷолиб аз ҷиҳати сифат ва таъми хуб имконият медиҳад, ки ҷалби сармояи хориҷиро барои рушди ин соҳа бештар равона намоянд.

Ки, мо метавонем самтҳои афзалиятноки рушди хоҷагии кишоварзиро

сармоягузори намоем, ки инҳо мебошанд: коркарди маҳсулоти кишоварзӣ, коркарди пашм ва пахтакорӣ; боғдори ва сабзавоткорӣ; (маҳсулоти аз ҳисоби экологӣ тоза); чорводорӣ ; замбурпарварӣ; аз худкунии заминҳои нав ва ғара баҳисоб меравад.

Хулоса, марҳилаҳои муҳимтарини рушд ва фаъолияти бомувафақияти корхонаҳои кишоварзӣ дар шароити иқтисоди бозоргонӣ ин ҷалби сармояи дохилию хориҷӣ ба ҳисоб рафта, дар айни замон давлат ва бахши хусусӣ дар доираи лоиҳаҳои сармоягузорӣ ва дурнамои рушди ҳамкориҳои дуҷониба бо бахши хусусӣ дар ҳама соҳаҳои хоҷагии халқи ҷумҳурӣ фаъолият намуда истодааст. Бо мақсади мӯътадил гардонидани вазъи иҷтимоию иқтисодии корхонаҳои кишоварзию саноатӣ, мустақилияти молиявӣ, баланд бардоштани самаранокии фаъолият, зиёд кардани фоида, пешгирӣ талафоти маҳсулот, муфлисшавӣ, банақшагирии сармоягузории онҳо дар шароити муосир диққати бештар додан зарур аст.

## Адабиёт


1. Арабов Ф. Асосҳои сармоягузорӣ .- Душанбе: 2022.
2. Ахмедов Д.Ҳ./ Сармоягузорӣ ҳамчун омили баланд бардоштани истеҳсоли маҳсулоти боғдорӣ. -Душанбе -2022, №4/2. (44) саҳ. -129.
3. Ахмедов Д.Ҳ. Сармоягузори омили рушди устувори иктисодиёти Чумхурии Точикистон. Кишоварз №1(90). 2021
4. Базаров Ш.Ш., Эргашев А**.** Роҳҳои баланд бардоштани самаранокии истифодаи сармоягузориҳо дар соҳаи кишоварзӣ.- Душанбе: НАСИП-КАС, 2009.
5. Старик Д.Э. «Как рассчитать эффективность инвестиций» - М.: АО «Финстатинформ, 1996г.
6. Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030. – Душанбе, 2016. – С.27.
7. Стратегияи рушди иқтисоди «сабз» дар Ҷумхурии Тоҷикистон барои солҳои 2023–2037-Душанбе 2022.
8. Қудратзода П.Қ., Д.Ҳ. Ахмедов. Хавфҳои сармоягузорӣ ва роҳои ҳалли он дар кишоварзӣ / П.Қ. Қудратзода, Д.Ҳ. Ахмедов // Паёми молия ва иқтисод. – 2024. – No. 3 (42). – С. 436-443
9. Расширение сфер внедрения информационных технологий в условиях цифровой экономики / О. К. Фарайдунов, С. Д. Темурбекова, М. М. Аламшоева, А. Б. Гулов // Финансово-экономический вестник. – 2023. – № 4-2(39). – С. 120-136. – EDN DGSSZB.
10. Саидмуродзода, Л. Х. "Китаб-ал-харадж" - книги об управлении государственными финансами / Л. Х. Саидмуродзода, Ф. К. Убайдуллоев // Финансово-экономический вестник. – 2021. – № 4(28). – С. 7-18. – EDN XSXZHK.
11. Сафаров, Б. Г. Формирование механизма привлечения прямых иностранных инвестиций в экономику Республики Таджикистан / Б. Г. Сафаров, Д. К. Ходжаев // Вестник Таджикского государственного университета коммерции. – 2019. – № 2(27). – С. 70-78. – EDN NUWFLJ.
12. Сафаров, Б. Г. Ҷанбаҳои назариявӣ ва методологии мафҳуми сармоягузории хориҷӣ / Б. Г. Сафаров, М. И. Ҳамроев // Паёми молия ва иқтисод. – 2022. – No. 4-2(34). – P. 34-42. – EDN BSYDQP.
13. Ҳамроев, М. И. Сармоягузориҳои хориҷӣ дар низоми муосири муносибатҳои иқтисодии байналмилалӣ / М. И. Ҳамроев // Паёми молия ва иқтисод. – 2023. – No. 1(35). – P. 425-437. – EDN JEUAMM.
14. Финансирование инновационного развития как фактор индустриализации экономики Республики Таджикистан/ Д. Т. Назаров, Б. М. Шарифзода, Я. П. Довгялло, Ф. С. Холбобоев. – Душанбе : Институт экономики и демографии Национальной академии наук Таджикистана, 2024. – 276 с. – EDN RMTKWN.
15. Шарифзода, Б. М. Оценка влияния финансового механизма на инновационное развитие промышленности Таджикистана / Б. М. Шарифзода // Экономика Таджикистана. – 2024. – № 3. – С. 72-85. – EDN DVRQEW.



**Маълумот дар бораи муаллиф: Ғуломова Хуршеда Амонулоевна –** муаллими калони кафедраи иқтисод ва идораи Донишгоҳи давлатии Данғара. Суроға: 735320, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ноҳияи Данғара, кӯчаи Марказӣ. Тел.:933200286

**Информация об автора: Гулямова Хуршеда Амонулоевна-** старший преподаватель кафедры экономика и управления Дангаринского государственного университета. Адрес: 735320, Республика Таджикистан, район Дангара, улица Центральная. Тел: 933200286.

**Information about the author: Gulomova Khursheda Amonulloevna –** Senior Lecturer, Department of economic, Dangara State University. Address: 735320, Republic of Tajikistan, region Dangara, Central street. Tel: 933200286.

**УДК: 336**

**БАЪЗЕ МАСЪЛАҲОИ НАЗАРИЯВИ ТАШАКУЛЁБИИ СИЁСАТИ ПУЛИВУ ҚАРЗӢ ДАР ШАРОИТИ БОЗОР**

**Иброҳими Ҳ.Ҳ.**

***Аннототсия.*** *Дар мақола ҷанбаҳои назариявии сиёсати пулию қарзӣ, ва нақши он дар рушди бозори молиявӣ ва фаъолияти хоҷагидорӣ мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст. Инчунин таъкид шудааст, ки сиёсати пуливу қарзӣ яке аз муҳимтарин масъалаҳои иқтисодии давлат буда, дар самти рушди фъолияти хоҷагидории кишвар мавқеъи муҳимро ишғол менамояд. Диққати асоси ба ақидаҳои олимони ватаниву хориҷӣ оиди ташаккулёбии сиёсати пуливу қарзӣ дар марҳиаҳои гуногуни рушди соҳа иҷро шуда, дар асоси консепсияҳои мухталиф самтҳои афзалиятноки рушди сиёсати пуливу қарзӣ дар кишвар асоснок гаридаанд.*

***Вожаҳои калидӣ:*** *Стратегияи миллии, сиёсати пулию қарзӣ, бозори молиявӣ, танзими пулию қарзӣ, интервенсияи асъорӣ, муомилоти пул, бозори асъор, молия, таваррум, массаи пул, фаъолияти бонкӣ.*

***Барои иқтибос****: Иброҳими Ҳ.Ҳ. Баъзе масъалаҳои назарияви ташакулёбии сиёсати пуливу қарзӣ дар шароити бозор / Ҳ.Ҳ. Иброҳими// Паёми молия ва иқтисод. – 2024. – No. 4.2(43). – С. 216-222.*

**НЕКОТОРЫЕ ТЕОРЕТИЧЕСКИЕ ВОПРОСЫ ФОРМИРОВАНИЯ ДЕНЕЖНО-КРЕДИТНОЙ ПОЛИТИК В РЫНОЧНЫХ УСЛОВИЯХ**

**Иброхими Х.Х.**

***Аннотация.*** *В статье рассматриваются теоретические аспекты денежно-кредитной политики и ее роль в развитии финансовых рынков и экономической активности. Также было подчеркнуто, что денежно-кредитная политика является одним из важнейших экономических вопросов государства и занимает важное место в развитии экономической деятельности страны. Основное внимание уделено взглядам отечественных и зарубежных ученых на формирование денежно-кредитной политики на разных этапах развития отрасли, а также на основе различных концепций обоснованы приоритетные направления развития денежно-кредитной политики в каждой стране.*

***Ключевые слова.*** *Национальная стратегия, денежно-кредитная политика, финансовый рынок, денежно-кредитное регулирование, валютная интервенция, денежное обращение, валютный рынок, финансы, инфляция, денежная масса, банковская деятельность.*

**SOME THEORETICAL ISSUES OF FORMATION OF MONETARY POLICIES IN MARKET CONDITIONS**

**Ibrohimi H.H.**

***Annotation.*** *The article examines the theoretical aspects of monetary policy and its role in the development of financial markets and economic activity. It was also emphasized that monetary policy is one of the most important economic issues of the state and occupies an important place in the development of economic activity of the country. The main attention is paid to the views of domestic and foreign scientists on the formation of monetary policy at different stages of the industry development, and on the basis of various concepts, priority areas for the development of monetary policy in each country are substantiated. Key words National strategy, monetary policy, financial market, monetary regulation, currency intervention, money circulation, foreign exchange market, finance, inflation, money supply, banking.*

***Key words***: *National strategy, monetary policy, financial market, monetary regulation, currency intervention, money circulation, currency market, finance, inflation, money supply, banking activity.*

**Гузориши масъала.** Дар шароити руши муносибатҳои молиявӣ яке аз самтҳои афзалиятнок барои рушди фаъолияти хоҷагидории кишвар сиёсати пуливу қарзӣ ба ҳисоб рафта, дар таҳкими муносибатҳои молиявии кишвар нақши муҳиморо иҷро мекунад. Самаранок ба роҳ мондани сиёсати пуливу қарзӣ инчунин барои иштирокчиёни бозор шароити муфиди молиявӣ муҳайё намуда, дар баланд бардоштани сатҳи рақобатзирии корхонаҳои ватанӣ мусоидат мекнад. Бинобар ин таҳқиқи муаммои баррасишаванда барои илми иқтисодӣ ар шароити кунунӣ саривақтӣ ва мубрам мебошад.

**Таҳлили таҳқиқотҳои охир ва нашриёт.** Асосҳои илмии сиёсати пулию қарзӣ дар асарҳои иқтисодчиёни ғарб А. Даниленко, А. Береславский, Е. Бесараб, С. Буковинский, Д. Василик, В.А.Слепов ва ғ. тадқик шудааст. Ҷанбаҳои мухталифи ин масъла дар асарҳои олимони тоҷик, Р.К.Рахимов, Саидмуродов Л.Х., Х. Умаров., Ш. Раҳимзода., М. Муртазоқулов., Б.М. Шарипов., Т.А. Саъдуллоев., Хайрзода Ш. Қ ва дигарон корҳои тадқиқотӣ гузаронидаанд.

Асарҳои олимони дар боло зикршуда низ оиди сиёсати пулию қарзӣ дар адабиётҳои илмӣ ақидаҳои гуногуни масъалаи муосири мазкурро баррасӣ намудаанд. Бояд қайд кард, ки баъзе паҳлӯҳои асосии татбиқи сиёсати монетари, ки дар бозори молиявии мамлакт бо назардошти мушкилотҳои имрӯза, ки зери таъсири бӯҳрони молиявӣ-иқтисодии ҷаҳонӣ қарор гирифтааст, таҳқиқи навро тақозо менамояд.

**Мақсади мақола**. Дар он аст, ки мактаби иқтисодӣ ва олимони ватаниву хориҷӣ оиди сиёсати пулию қарзӣ ақидаҳои мухталифро эътироф карда, дар ташаккулёбии масъалаҳои назариявии сиёсати иқтисоди дар самти масъалаҳои таҳкими муносибатҳои пулию қарзӣ заминаи васеъи илмӣ гузоштаанд ва ин барои беҳтар намудани татбиқи сиёсати пулию қарзии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва рушди самтҳои афзалиятноки марбути он ёри мерасонанд.

**Мухтавои асосии мавод.** Дар шароити рушди муносибатҳои молиявӣ аз дуруст ба роҳ мондани сиёсати пуливу қарзӣ рушди бозори молиявӣ ва умуман фаъолияти хоҷагидории кишвар вобастагии калон дорад. Таҷриба нишон медиҳад, ки сиёсати пуливу қарзӣ ба сатҳи таваррум, меъёри бозтамвил, шуғли пурмаҳсул ва таъмини рушди устувори иқтисодӣ таъсир расонида, барои таъмини тараққиёти босуръат мусоидат мекунад. Аз ин лиҳоз сиёсати пулию қарзӣ яке аз самтҳои афзалиятноки танзими давлатии муносибатҳои молиявӣ ва иқтисодӣ ба шумор меравад.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон Стратегияи миллии рушд барои давраи то соли 2030 қабул гардид, ки самтҳои асосии рушди соҳаҳои иқтисодиёти миллӣ, аз ҷумла бахши бонкии кишварро муайян мекунад. Дар ин ҳуҷҷати стратегӣ қайд карда мешавад, ки дар низоми бонкӣ, аз ҷумла дар соҳаи хизматрасонии бонкӣ ба аҳолӣ мушкилоте, ки аз ҷумлаи сатҳи пасти сармояи ташкилотҳои молиявии мавҷуда (бонкҳо, ташкилотҳои маблағгузории хурд, ширкатҳои суғуртавӣ ва ғайра), ки доираи танги маҳсулоти молиявӣ асосан хусусияти кӯтоҳмуддат доранд, бояд ҳал шаванд [7, 128с].

Татбиқи самтҳои асосии рушди соҳаи иқтисодиёт ва ҳалли мушкилотҳое, ки дар соҳаи фаъолияти бонкӣ мавҷуд мебошанд, бе истифодаи самараноки сиёсати пулию қарзӣ дар шароити рушди муносибатҳои муосири молиявӣ имконопазир мегардад. Бинобар ин танзими давлатии муносибатҳои пулию қарзӣ барои илми иқтисодӣ ва таҷрибаи хоҷагидории кишвар самти афзалиятноки сиёсати иқтисодӣ ба шумор меравад.

Бо иртибот ба масъалаи мазкур бояд қайд кард, ки танзими пулию қарзӣ ин таъсири ҳамаҷонибаи давлат ба фаъолияти ташкилотҳои молиявию қарзӣ бо мақсади ноил шудан ҳадафҳои рушд, аз ҷумла, ба таъмини нишондиҳандаҳои пулию қарзӣ ва

дигар нишондиҳандаҳои макроиқтисодии кишвар дар шароити муосир ба шумор меравад.

Барои бонкҳо танзими пулию қарзӣ яке аз усулҳои идоракунии фаъолияти онҳо аз ҷониби бонки марказӣ ба ҳисоб меравад. Функсия ва аҳамияти иҷтимоӣ ва ҷамъиятии танзими пулию қарзӣ аз он иборат аст, ки барои рушди иқтисодии давлат шароити зарурӣ ва мувофиқ фароҳам оварда, таъсири номусоиди берунӣ ва дохилиеро, ки аз марҳилаҳои рушди иқтисодӣ ба вуҷуд омадаанд, бехатар намояд [4, 3с].

Дар адабиёти иқтисодӣ оиди сиёсати пулию қарзӣ ақидаҳои гуногун мавҷуд буда махсусият, нақш ва моҳияти иқтисодии он муайян гардидааст. Таърихи афкори иқтисодӣ нишон медиҳад, ки аз давраҳои пеш сиёсати пулию қарзӣ дар низоми фаъолияти хоҷагидории кишвар арзи вуҷуд дошта, бо такомули илми назарияи иқтисодӣ аз тарафи пайравони мактабҳои иқтисодии гуногун рушд ёфтааст.

Масалан, аллакай дар асри 16 маълум шуд, ки аз як кишвар ба мамлакати дигар ворид шудани тилло ё нукра метавонад боиси зиёд шудани микдори пули муомилот гардад, ки дар натиҷа нархҳо баланд шуда, қурби пул паст мешавад. Моҳияти мисоли дигар аз он иборат аст, ки Томас Мун, муаррихи англис дар асарҳои худ навиштааст: «Дар салтанат мавчуд будани маблағи калон боиси баланд шудани нархи молҳои Англия гардид».

Ҳамин тариқ, Д.Рикардо дар асарҳои илмии худ оид ба изҳороти Томас Мун ин нуқтаро асоснок кардааст: «Агар дар ин ё он кишвар ба ҷои кушодани кон дар он бонке ба мисли Бонки Англия бо ҳуқуқи ба муомилот баровардани пулҳои худ ҳамчун воситаи муомилот таъсис диҳад, он гох барориши микдори зиёди пулҳо ба ҳамон натиҷаи кушода шудани кон оварда мерасонад [5, 49-50с].

Тавре маълум аст, дар назарияи иқтисодӣ дар марҳилаҳои гуногуни рушд ҷойи як мактабро мактаби дигар гирифт, ки дар натиҷа мафҳуми назарияи сиёсати пулию қарзӣ тағйир ёфт. Масалан, моҳияти назарияи Ҷ.М. Кейнс ин буд, ки сиёсати пулию қарзӣ бояд дар сатҳи макро барои бартарафи мушкилоти асоси яъне аз байн бурдани бекорӣ ва рушди иқтисодиёти кишвар нигаронида шавад. Ин фарзияро Кейнс Ҷ.М. ки дар асоси бухрони иктисодии чахонй, ки дар ибтидои асри 20 ба амал омада буд, ошкор карда буд.

Бинобар ин, сиёсати пулию қарзӣ бояд ба маънои васеъ ва маҳдуд баррасӣ шавад. Ба маънои васеъ он ба муборизаи зидди таваррум ва бекорй, ноил шудан ба суръати устувори тараққиёти иқтисодиёт тавассути танзими муомилоти пул дар муомилот, пардохтпазирии низоми бонки ва меъёри фоизии дарозмуддат нигаронида маънидод шудааст. Ба маънои маҳдуд бошад, чунин сиёсат барои ноил шудан ба қурби оптималии асъор тавассути интервенсияи асъорӣ, сиёсати ҳисобдорӣ ва дигар усулҳои танзими меъёрҳои фоизии кӯтоҳмуддат нигаронида шудааст [6, 13-15с].

Умуман, проблемаҳои назариявии сиёсати пулию қарзӣ мавзуи мубоҳисаи мактабҳои гуногуни иқтисодӣ мебошанд. Муносибати принсипиалии намояндагони мактаби кейнсгароӣ тавре, ки дар боло қайд кардем вуҷуд дорад, ки идеяи истифодаи оперативии пулро ҳамчун воситаи идоракунии шароити иқтисодӣ ва ҳавасмандгардонии рушди иқтисодӣ баён мекунанд. Пайравони мактаби монетаристӣ, баръакс, чунин танзими муомилоти пулро истиқбол намекунанд.

Дар натиҷаи мубоҳисаҳои намояндагони ин назарияҳо (Ҷ. Кейнс ва М. Фридман) омили монетарии рушди иқтисодӣ ва зарурати истифодаи фаъолонаи воситаҳои пулию қарзӣ дар сиёсати иқтисодӣ дар назарияи иқтисодии ҷаҳонӣ ва танзими ҳуқуқӣ эътироф гардид. Бо вуҷуди ин, шумораи нисбатан ками иқтисодчиён ба ақидаҳои кейнсӣ ё монетаристӣ пайравӣ мекунанд ва аксари моделҳои назариявӣ шакли синтезшуда доранд [1, 18с].

Ба ақидаи М.Фридман ва пайравони ӯ, сиёсати пулию қарзӣ бояд маҷмӯи амалҳои ҳамоҳангшуда ва мақсадноки мақомоти давлатӣ оид ба танзими ҳаҷми муомилоти пул дар иқтисодиёт бошад. Дар навбати аввал устувории нарх яке аз мақсадҳои макроиқтисодии чунин сиёсат

қайд карда шуд. Сиёсати пулию қарзӣ, қайд менамояд М. Фридман, бояд фақат ба пешгирӣ кардани тавррум нигаронида шавад.

Инчунин, сиёсати пулию қарзӣ бояд афзоиши тадриҷии мӯътадили ҳаҷми пулро ба андозаи 3-5 фоиз (қоидаи пулӣ), устувории фоизҳо, шуғли баланд, рушди иқтисодӣ, устувории бозори асъор ва молия, кам шудани хароҷоти давлатиро таъмин намояд [8, 880с].

Бо иртибот ба мавзуи таҳқиқот қайд кардан зарур аст, ки хулосаҳои аввалини назарияи монетаризм натиҷаҳои тадкиқоти таҷрибавӣ дар соҳаи талаботи пул ба таҳлил асос ёфтаанд. Аммо, аллакай дар миёнаи солҳои 70-ум ин самт ба консепсияи алоҳидаи назариявии молиявӣ, ки ҳамчун асос дар фаъолияти бисьёр кишварҳо истифода шудааст. Дар рушд ва инкишофи минбаъдаи асосҳои назариявии монетаризм саҳми бузурги илмии Фридман, К.Бруннер, А.Мельцер, А.Швартс ба шумор меравад. Ҳамин тавр, дар натиҷаи тадқиқоти илмӣ якчанд консепсияҳои танзими пулию қарзӣ ташаккул ёфтааст.

Гуруҳи муаллифон ба монанди А. Даниленко, А. Береславский, Е. Бесараб, С. Буковинский, Д. Василик сиёсати пулию қарзиро ҳамчун як қисми сиёсати иқтисодии системаи тадбирҳои давлат, ки ҳаҷми пулҳои дар муомилот бударо ба танзим медарород, эътироф мекунанд. Инҳо аз ҷумла рушди иқтисодӣ, баланд бардоштани дараҷаи шуғл, устувории нарх ва қурби пули миллӣ иборат мебошанд [9, 271с].

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки сиёсати пулию қарзӣ вобаста ба махсусияти фаъолияти хоҷагидории кишвар ба низоми иқтисодиёт таъсири мухталиф дорад. Дар ҳолати самаранок ба роҳ мондани сиёсати пуливу қарзӣ он метавонад барои рушди низоми иқтисодӣ заминаи устувори молиявӣ гузорад ва дар акси ҳол ба рушди иқтисодиёт таъсири манфи мерасонад. Аз ин лиҳоз, оиди сиёсати пулию қарзӣ мактабҳои мухталифи иқтисодӣ ақидаҳои гуногунро пешниҳод мекунанд.

**Ҷадвали 1-Таълимоти асосии сиёсати пулию қарзӣ дар мактабҳои гуногуни иқтисодӣ**

| Назарияи иқтисодӣ | Муқарароти асосӣ |
|---|---|
| Классикӣ | Микдори пули дар муомилот буда аз тағйирёбии микдор металлҳои қиматбаҳо вобаста аст.Меъёри фоиз аз рӯи таносуби кам шудани талабот ва таклиф ба пасандозхо муайян карда мешавад.Тағйир дар микдори пули дар муомилот буда ба нарх ва дараҷаи фаъолияти тиҷоратӣ таъсир мерасонад. Қурби асъор аз рӯи нархи тилло муайян карда мешавад. Нархҳо озод тағйир меёбад ва мувозинати иқтисодӣ аз руи маҷмӯи қонунҳои иқтисодӣ амалӣ мегарданд. Сатҳи нарх аз микдори пули дар муомилот буда вобаста аст. |
| Неоклассикӣ | Идеяи асосӣ ин аст, ки тағирот дар ҳаҷми пул ё пешниҳоди пул ба тағирёбандаҳои воқеии иқтисодӣ дар давраи дарозмуддат таъсир намерасонад. Аз ин рӯ, дар давраи дарозмуддат сиёсати пешниҳоди пул наметавонад ба сатҳи истеҳсолот ё шуғли аҳолӣ таъсир расонад. |
| Институтсионалӣ | Иқтисоди институтсионалӣ эътироф мекунад, ки низоми пулӣ ва институтҳои молиявӣ ба фаъолияти иқтисодӣ таъсири назаррас доранд. Муассисаҳо дар ин маврид сохторҳои ҳуқуқӣ ва ташкилиро дар бар мегиранд, ки фаъолияти бонкҳои марказӣ, бонкҳои тиҷоратӣ, бозорҳои молиявӣ ва дигар муассисаҳои молиявиро танзим мекунанд. |
| Кейнсгароӣ | Муносибатхои бозори озодро мустахкам кардан ва танзим кардан лозим аст, ки бо дахолати бевоситаи давлат таъсири нав ба сатҳи фоизҳо, шуғл ва ҳаҷми пул дар муомила барпо карда шавад. |

| | |
|---|---|
| | Сатҳи қурби асъор бояд устувор бошад ва талаботи иқтисодиётро конеъ гардонанд. Танзими давлатӣ дар муайян намудани сиёсати пуливу қарзӣ нақши калидӣ дорад. |
| Монетаристӣ | Бозори озод бидуни маҳдудият ё дахолати давлат. Микдори пулӣ дар муомилот буда омили асосии сатҳи нарх нест. Назорати таваррум вазифаи асосии иқтисодиёт мебошад. Меъёри фоиз аз рӯи миқдор муайян карда мешавад. Пул дар муомилот ва талабот ба онхо объекти танзими давлатӣ шуда наметавонад. Қурби асъор наметавонад объекти сиёсати иқтисодии давлат буда, бинобар ин бо муносибати байни талабот ва таклиф муайян карда мешавад. Амали бозор аз руи механизмҳои дараҷаи зарурии истеҳсолот ва шуғл муайян мегардад. |

**Сарчашма**. Таҳияи муаллиф дар асоси сарчашмаҳои Филиппова, Ю. А. Теоретические аспекты денежно-кредитной политики государства / Ю. А. Филиппова // Друкеровский вестник. – 2019. – № 2(28). – С. 161-169; Взгляды неоклассической школы и институциальной экономики на денежно-кредитной политики государств. URL:https://nai.com/c/b904e512-6f1b-4ecd-9b2a-83fc64e37e75. Санаи мурочиат 12.03.2024.

Тавре аз ҷадвали1 бармеояд, ҳар як мактаби иқтисодӣ оиди сиёсати пулию қарзӣ ақидаҳои мухталифро пешниҳод карда, дар ташаккулёбии масъалаҳои назариявии сиёсати иқтисоди дар самти масъалаҳои таҳкими муносибатҳои пулию қарзӣ заминаи устувор гузоштаанд. Масалан, пайравони мактаби Кейнс бар он ақида будаанд, ки давлат бояд тамоми фаъолияти хоҷагидории кишварро танзим намояд. Онҳо истифодабарии сиёсати пулию қарзиро барои таъмини рушди устувор ба воситаи паст намудани сатҳи таваррум ва меъёри қарзӣ маънидод мекарданд.

Монетаристон бошад, сиёсати пулию қарзиро воситаи асосии назорати массаи пул дар иқтисодиёт мешумориданд. Онҳо таъкид намудаанд, ки таваррум натиҷаи афзоиши массаи пул мебошад ва барои танзими ҷиддии он ва таъмини нархи муътадил тавсияҳо пешниҳод мекарданд. Инчунин неоклассикҳо низ дар рушди масъалаҳои консептуалии сиёсати пулию қарзӣ саҳми калон гузоштаанд. Онҳо таъкид намудаанд, ки бозор худаш дар тақсимоти дурусти захираҳо нақши калон дорад ва танзими маҳдуди давлатиро тарафдорӣ намудаанд.

Намояндагони мактаби австриягӣ Людвиг фон Мизес ва Фридрих Хайек нақши талабот ва пешниҳоди пулро эътироф карда, бар зидди назорати ҷиддии бонкҳои марказӣ баромад намудаанд. Ба ақидаи онҳо низоми пулию қарзӣ бояд чунин иқтидор дошта бошад, ки васеъи сунъии массаи пулро пешгирӣ карда тавонад.

Бояд қайд кард, ки ҳамаи мактабҳои иқтисодӣ нақши сиёсати пулию қарзиро дар иқтисодиёти муосир эътироф намуда, вобаста ба вазъу ҳолати иқтисодиёти кишварҳои алоҳида моҳияи иқтисодии онро ҳар хел маънидод кардаанд. Новобаста аз мавҷудияти ақидаҳои гуногун оиди сиёсати пулию қарзӣ ҳамаи намояндагони мактабҳои иқтисодӣ дар даврони мураккаб шудани муносибатҳои байналмилалии молиявӣ барои дуруст ба роҳ мондани сиёсати мазкур чораҳои мушаххасро амалисозӣ намудаанд.

Ҳамин тариқ сиёсати пуливу қарзӣ аз давраи пайдоиш марҳилаҳои гуногуни рушдро тай намуда, имруз дар низоми молиявии кишвар нақши муҳимро иҷро мекунад. Дуруст дарк кардан лозим аст, ки сиёсати пулию қарзӣ бо пайдошавии бонкҳо алоқамандӣ дорад. Маҳз бо пайдоиш ва ташаккулёбии фаъолияти бонкӣ сиёсати пулию қарзӣ чун ҷузъи низоми молиявӣ дар рушди иқтисодиёти миллии кишварҳо таъмини босуботи рушди молияро амалӣ намуд.

Чунон ки В.А.Слепов хеле дуруст қайд мекунад, таърихан сиёсати пулию қарзӣ бо таъсис ва инкишофи кишварҳои дорои бонкҳои марказӣ ба миён омадаанд [10, 23-29с].

Ин раванд дар соли 1844 бо муттаҳидшавӣ оғоз ёфта, вазифаи эмиссияи

Бонки Англия бо таъсиси марказҳои эмиссияи пулҳои монополистӣ дар Олмон, Италия, Русия, Фаронса, Ҷопон идома ёфт ва дар натиҷаи ташаккули системаи федералии захиравӣ дар ИМА соли 1913 ба анҷом расид.

Омилҳои асосии эволютсионии сиёсати пулию қарзӣ бо пайдоиши барандагони нави муносибатҳои пулӣ (намудҳои пул); баланд бардоштани аҳамияти танзими муомилоти пул ва фоиз; васеъ намудани мақсадҳои сиёсати пулию қарзӣ, ки қонунгузории мамлакатҳои тараққикарда муайян кардааст; рушди институтсионалии инфрасохтори миллии низоми бонкӣ ва бозори молиявӣ; интенсификатсияи мубодилаи байналхалқӣ ва афзудани аҳамияти сектори асъор; пайдоиши воситаҳои нави сиёсати пулию қарзӣ; глобализатсияи иктисодиёт ва афзудани аҳамияти координатсияи сиёсати пулию қарзии мамлакатҳои тараққикарда алоқамандӣ пайдо кард [11,16;17;18].

Таҳқиқот ошкор месозад, ки бо таърифи худи мафҳуми сиёсати пулию қарзӣ олимони гуногун муносибатҳои гуногун доранд. Инак, мувофиқи таърифи Э.Долана, сиёсати пулию қарзӣ ин консепсияи тамоми амалҳои ҳукуматро дар бар мегирад, ки ба миқдори пули дар муомилот буда, таъсир мерасонанд [2, 405с]. Олимони дигар сиёсати пулю қарзиро дар таъсири давлат ба омилҳои рушди устувори бозори молиявӣ маънидод мекунанд.

Масалан, В.Попов таъсири давлатро ба сиёсати пулию қарзӣ ба воситаи таъмини устувории нарх, шуғл, ва дар зери мафҳуми танзими муносибатҳои пулию қарзӣ бошад, маҷмӯи чорабиниҳои мушаххасе, ки бонки марказӣ бо тадбирҳои мушаххас амалӣ мегардонад [3, 66-75с].

Вобаста ба мавзуи таҳқиқот қайд кардан зарур аст, ки оиди сиёсати пулию қазӣ олимони тоҷик низ корҳои зиёдро ба анҷом расонидаанд. Новобаста аз он, ки бо рушди муносибатҳои молиявӣ дар низоми сиёсати пулию қарзӣ омилҳои гуногуни рушди соҳа пайдо шуда бошанд, олимони ватанӣ барои таҳкими онҳо ва инчунин дар самти пешгирии хавфҳои муосир пояи устувори илмӣ гузоштаанд.

**Хулоса.** Ҳамин тариқ, дар асоси таҳлилҳои дар боло гузаронидашуда ба хулосае омадан мумкин аст, ки сиёсати пулию қарзӣ дар шароити кунунӣ яке аз самтҳои афзалиятноки сиёсати молиявию иқтисодии кишвар ба шумор меравад. Сиёсати пуливу қарзӣ метавонад ба сатҳи таваррум, меъёри бозтамвил ва ба равандҳои рушди устувори иқтисодӣ таъсир расонида, барои таъмини тараққиёти босуръат мусоидат мекунад. Татбиқи афзалиятҳои асосии фаъолияти хоҷагидории кишвар ва ҳалли мушкилотҳое, ки дар соҳаи хизмтрасонии молиявию бонкӣ мавҷуд мебошанд, бе истифодаи самараноки сиёсати пулию қарзӣ имконопазир мегардад.

Бо мурури замон ва рушди муносибатҳои муосири молиявию иқтисодӣ сиёсати пулию қарзӣ низ ташаккул ёфта, дар рушди минбаъдаи ҳар як кишвар мавзуи мубрам ва рузмарра боқӣ мемонад. Новобаста аз он ки, проблемаҳои назариявии сиёсати пулию қарзӣ яке аз мавзуи мубоҳисаи олимон маҳсуб ёбад ҳам, дар умум он барои рушди муносибатҳои молиявию қарзии давлат ва умуман барои таъмини рақобатпазирии иқтисодиёти миллӣ заминаи устувор мегузорад.

## Адабиёт

1. Азизбаев Р.А. Роль инструментов денежно-кредитного регулирования в обеспечении экономического роста (на материалах Республики Таджикистан). Р.А. Азизбаев . дисс…к.э.н. 08.00.10. Душанбе 2020. С. 18
2. Олан Э. Дж. Макроэкономика [Текст] : учебник / Э.Дж. Долан, Д.Е. Линдсей ; пер. с англ. – СПб.: Санкт–Петербург оркестр, Литера плюс, 1994. – 405 с.
3. Попов В.Ю. Монетарная политика в реалиях украинской экономики [Текст] / В.Ю. Попов // Финансы Украины. – 2011. – № 12. – С. 66-75.
4. Сакало Е.Ю. Модернизация механизма денежно-кредитного регулирования в Российской Федерации. Е.Ю. Сакало. автореферат дисс... к.э.н. Москва 2016. С.3.
5. Рикардо Д. Начало политической экономии и налогового обложения./ Пер. с англ. -М.: Дело, 1959. - С. 49-50.
6. Комилов А.К. Денежно-кредитное регулирование и его влияние на экономику./А.К.Комилов. Экономика, социология и право. - 2017. - № 2. – С. 14. (С. 13-15.)
7. Киличева М.М. Совершенствование инструментов управления развитием рынка банковских услуг населению (на материалах Республики Таджикистан): дис. ... канд. экон. наук. – Душанбе, 2018. – С. 128.
8. Friedman, M. Monetary History of the United Staes / M. Friedman, A. J. Schwartz // Princeton, 2007. – 880 p
9. Смовженко. Т.С. Формирование монетарной экономики и монетарной политики Национального банкаУкраины в контексте развития мировой экономической теории [Текст]: монография. / Авт. кол. ; за наук. ред. Т. С. Смовженко. – М.: УБС НБУ, 2010. – 271 с.
10. Слепов В. А., Ларцев М. И. Динамика денежно-кредитной политики развитых стран //Финансовый вестник: финансы, налоги, страхование, бухгалтерский учет. – 2010. – № 1. –С. 23–29
11. Федюнин, Д. В. Теоретические аспекты и задачи формирования современной денежно-кредитной политики / Д. В. Федюнин., Г.В. Плеханова // Вестник Российского экономического университета имени. – 2012. – № 3(45). – С. 46-50.
12. Саидмуродзода, Л. Х. "Китаб-ал-харадж" - книги об управлении государственными финансами / Л. Х. Саидмуродзода, Ф. К. Убайдуллоев // Финансово-экономический вестник. – 2021. – № 4(28). – С. 7-18. – EDN XSXZHK.
13. Содиқов, М. С. Таҷрибаи Ҷаҳонии ташаккулёбӣ ва рушди сармоягузории мустақими хориҷӣ / М. С. Содиқов, А. А. Сафаров // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – 2020. – No. 9. – P. 228-233. – EDN QBPOJA.
14. Содиков, М. С. Современные тенденции и перспективы развития интеграционных связей стран ШОС / М. С. Содиков, М. Х. Данаева // Финансово-экономический вестник. – 2019. – № 3(19). – С. 137-145. – EDN XVXDNI.
15. Ҷумаев, И. Қ. Асосҳои назариявии фоизҳои бонкӣ дар муносибатҳои иқтисодӣ / И. Қ. Ҷумаев, С. Ҷ. Махшулов // Паёми молия ва иқтисод. – 2021. – No. 4-1(29). – P. 199-205. – EDN EDMWNV.
16. Шарифзода, Б. М. Оценка влияния финансового механизма на инновационное развитие промышленности Таджикистана / Б. М. Шарифзода // Экономика Таджикистана. – 2024. – № 3. – С. 72-85. – EDN DVRQEW.
17. Шарипов, Б. М. Финансовые ресурсы и факторы экономического развития Таджикистана / Б. М. Шарипов // Вестник ПИТТУ имени академика М.С. Осими. – 2017. – № 4(5). – С. 69-79. – EDN PFJAVP.
18. Шарипов, Б. М. Теоретические основы денежно-кредитных механизмов экономического роста / Б. М. Шарипов // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. – 2016. – № 2/6(210). – С. 130-133. – EDN XVFZKF.

**Маълумот дар бораи муаллиф: Иброҳими Ҳасани Ҳакимзода-** ассистенти кафедраи фаъолияти биржавии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон. Суроға: 734067, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, кучаи Нахимов 64/14. Телефон: +992 888 80 19 63.

**Сведения об авторе: Иброхими Хасани Хакимзода -** ассистент кафедры биржового дела Таджикского государственного финансово-экономического университета. Адрес: 734067, Республика Таджикистан, г.Душанбе, улица Нахимова 64/14. Телефон: +992 888 80 19 63.

**Information about the author**: **Ibrohimi Hasani Hakimzoda -** assistant of the department of stock exchange activity of Tajik state university of finance and economics. Address: 734067, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Nakhimov street 64/14. Phone: 888 80 19 63

**УДК: 005.511+338.43 (045)/(575.3)**

# НИШОНДИҲАНДАҲОИ БАҲОДИҲӢ БА САМАРАНОКИИ ФАЪОЛИЯТИ БИЗНЕС – ИНКУБАТОР

**Тошматов М.Н.**
**Арбобов С.С.**

***Аннотатсия.*** *Дар мақолаи мазкур нақш ва аҳамияти бизнес – инкубатор, низоми нишондиҳндаҳои баҳогузории самара ва самаранокии фаъолияти бизнес – инкубаторҳо оварда шудааст. Қайд карда шудааст, ки вазифаи бизнес – инкубатор ин фароҳам овардани шароит ба корхонаҳои хурд ва навтаъсис барои баланд бардоштани устовории молиявии онҳо ба ҳисоб меравад.*

***Калимаҳои калидӣ:*** *бизнес- инкубатор, шарикии давлат ва бахши хусусӣ, инноватсия, бизнес – нақша, консалтингӣ.*

***Барои иқтибос:*** *Тошматов, М. Н. Нишондиҳандаҳои баҳодиҳӣ ба самаранокии фаъолияти бизнес – инкубатор / М. Н. Тошматов, С. С. Арбобов // Паёми молия ва иқтисод. – 2024. – No. 4.2(43). – С. 223-227.*

# ПОКАЗАТЕЛИ ОЦЕНКИ ЭФФЕКТИВНОСТИ ДЕЯТЕЛЬНОСТИ БИЗНЕС-ИНКУБАТОРА

**Тошматов М.Н.**
**Арбобов С.С.**

***Аннотация.*** *В статье представлена роль и значение бизнес-инкубаторов, а также система показателей оценки эффективности и результативности деятельности бизнес-инкубаторов. Отмечается, что миссия бизнес-инкубатора – создать условия новым малым предприятиям для повышения их финансовой устойчивости.*

***Ключевые слова:*** *бизнес-инкубатор, государственно-частное партнерство, инновации, бизнес-план, управленческий консалтинг, малое предпринимательство.*

# INDICATORS FOR ASSESSING THE EFFICIENCY OF BUSINESS INCUBATOR ACTIVITIES

**Toshmatov M.N.**
**Arbobov S.S.**

**Annotation.** *The article presents the role and importance of business incubators, as well as a system of indicators for assessing the effectiveness and efficiency of business incubators. It is noted that the mission of a business incubator is to create conditions for new small businesses to increase their financial sustainability.*

***Key words:*** *business incubator, public-private partnership, innovation, business plan, management consulting, small business.*

**Гузориши масъала.** Дар низоми инноватсионии муосир объектҳои инфросохтори инноватсионӣ, ки бизнес-инкубатрҳои ҷузъи онҳо мебошанд мавқеи муҳимро ишғол менамояд.

**Таҳлили тадқиқотҳои охир ва нашриёт.** Дар диораи мавзуи мазкур таҳқиқотҳо аз ҷониби Д.Г. Родионов, Ю.В. Цыпкин, С.С. Синельникова, Каганов В.Ш., Рыбин М.В., Романович М.А., Евтушенко Е.И., Романович Л.Г., Оспищев П.И.,Тошматов М.Н., Шарифзода Б.М. ва дигарон анҷом дода шудааст.

**Мақсади мақола** – ин омӯзиши самаранокии фаъолияти бизнес-инкубатор ва нишондиҳандаҳои баҳодиҳии он ба ҳисоб меравад.

**Мӯҳтавои асосии мавод.** Бизнес – инкубатор – ин «ташкилотест, ки барои рушди ибтидоии ширкат ва корхонаҳои хурд шароит (муҳит) – и мусоид фароҳам месозад» [1].

Тибқи шарҳи Маъмурият оид ба бизнеси хурди ИМА бизнес – инкубатор – ин биное мебошад, ки дар он метавонанд як чанд корхонаҳо бо пардохти имтиёзноки иҷорапулӣ фаъолият намоянд. Бинои инкубаторҳо имконияти дастраси ба хизматрасониҳо ва таҷҳизотҳои истифодаи умумро фароҳам меоранд. Бизнес – инкубаторҳо метавонанд аз ҷониби донишгоҳҳо, шахсони воқеӣ ва ташкилотҳои ҷамъияти дар асоси шарикии давлат ва бахши хусусӣ таъсис дода шаванд [5].

Вазифаи бизнес – инкубатор ин фароҳам овардани шароит ба корхонаҳои хурд барои баланд бардоштани устовории молиявии онҳо ба ҳисоб меравад.

Таҷрибаи кишварҳои рушдёфта нишон медиҳад, ки инкубатор ба аъзоёни худ – корхонаҳои хурд номгӯи хизматрасониҳои муайян, аз он ҷумла иҷораи биноҳои офисӣ (ҳангоми зарурат биноҳои истеҳолӣ) бо шартҳои имтиёзнок пешниҳод мекунад. Ба ғайр аз ин бизнес – инкубаторҳо чунин хизматрасониҳоро ба монанди гузаронидани таткиқоти маркетингӣ, таҳияи бизнес-нақша, консалтинги идоравӣ, пешбурди ҳисобдории муҳосибӣ, хизматрасониҳои ҳуқуқӣ ва ғайраҳо пешниҳод менамоянд [6;8;9;10].

Ширкати навтаъсисе, ки дар инкубатор фаъолият менамояд (одатан 3 – 5 сол) дар шароити «гармхонавӣ» яке аз мураккабтарин қисматҳои даври ҳаётии худро пасисар намуда ба фаъолияти мустақилона дар бозор омода мегардад, бизнес – инкубатор бошад, вазифаи асосии худ – «сабзонидани» корхонаҳои навро иҷро менамояд.

Корхонаҳое, ки дар бизнес – инкубатор кор мекунанд пас аз муддати муайян онро тарк менамоянд. Нишондиҳандаҳои муваффақият барои бизнес – инкубатор гуногунанд: аз ҳиссаи корхонаҳои дар раванди инкубатсия инкишофёбанда то андозаи даромади ин корхонаҳо ҳам дар давраи фаъолият дар бизнес – инкубатор ва ҳам баъди он [4].

Яке аз масалаҳои мубрам дар фаъолияти бизнес – инкубаторҳо мавҷуд набудани низоми ягонаи нишондиҳандаҳои арзёбии самаранокии онҳо мебошад, ки имконияти баҳогузорӣ ба натиҷаи кори онҳоро фароҳам орад.

Таҳлилҳои адабиётҳои ба ин самт бахшида шуда собит сохт, ки ақидаи ягона оид ба чи тавр муайян намудани самаранокии фаъолияти бизнес – инкубаторҳо мавҷуд нест [4]. Ин ҳолат бо гуногун рангии шакл, ҳадаф ва самтҳои фаъолияти онҳо маънидод карда мешавад. Баъзе муҳаққиқон қайд менамоянд, ки бинобар сабабҳои ҳадафҳои гуногун доштани бизнес – инкубаторҳо таҳия намудани низоми ягонаи баҳогузорӣ ба самаранокии онҳо ғайри имкон аст [4].

Самаранокии бизнес – инкубатор бояд дар маҷмуъ аз муқоисаи натиҷаҳои фаъолияти молиявию хоҷагидорӣ ва манфиатҳои умумӣ - иқтисодие муайян гардад, ки иштироки фаъоли бизнес – инкубатор дар инфрасохторӣ дастгирии корхонаҳои навбунёди минтақа ба миён меорад.

Коршиносон аҳмияти муҳим доштани мониторингӣ фаъолияти бизнес – инкубаторҳоро исбот намуда се самти баҳодиҳии самаранокии онро ҷудо менамоянд: [7].

- хизматрасони ба резидентҳои инкубатор;
- бозгашти сармоягузориҳои муассисон;
- самараи иҷтимоию иқтисодӣ.

Барои амали намудани мониторингӣ хусусиятҳои равандҳои инкубатсия, расидан ба ҳадафҳо ва натиҷаҳои фаъолияти ширкатҳои инкубатсия бояд низоми нишондиҳандаҳои мушаххас таҳия карда шаванд, ки миқёсӣ фаъолияти инкубаторро аз рӯи нишондиҳндаҳои зерин баҳогузори намоянд:

- теъдоди резидентҳо (ширкатҳои инкубатсияшаванда);
- теъдоди хизматрасониҳое, ки аз ҷониби инкубатор пешниҳод мешаванд;
- теъдоди кормандони бизнес-инкубатор ва ғайра.

Бо назардошти гуфтаҳои боло низоми нишондиҳандаҳои баҳогузорӣ чунин намудро гирифта метавонад:

**Ҷадвали 1. -** Низоми нишондиҳандаҳои баҳогузории самаранокии фаъолияти бизнес – инкубаторҳо

| Нишондиҳандаҳои самара | Нишондиҳандаҳои самаранокӣ |
|---|---|
| **1. Нишондиҳандаҳои самаранокии мақсаднок** | |
| Теъдоди умумии ширкатҳо – «хатмкунанда» - ҳои инкубатор, адад | Ҳиссаи ширкатҳои дар бозори инноватсияҳо «зиндамонда» дар шумораи умумии корхонаҳое, ки аз инкубатор баромаданд, бо % |
| **2. Нишондиҳндаҳои самаранокии буҷетӣ** | |
| Даромадҳои андози ба буҷети сатҳи дахлдор, ҳаз. сомонӣ | Даромадҳои андозии дисконтии буҷет, ки ба ҳар як сомонӣ сармоягузориҳои буҷетӣ ба бизнес – инкубатор равона шуда рост меоянд, бо сомонӣ |
| **3. Нишондиҳандаҳои самаранокии инвеститсионӣ** | |
| Ҳаҷми сармоягузориҳои соф, ки резидентҳо ҷалб намудаанд, сомонӣ | Даромаднокии миёнаи сармоягузориҳо ба лоиҳаҳои ширкатҳо – резидентҳо дар давра, % |
| **4. Нишондиҳандаҳои самаранокии иҷтимоӣ** | |
| Миқдорӣ ҷойҳои корӣ таъсисёфта, адад | Таносуби музди меҳнати миёнамоҳонаи кормандони ширкатҳо – резидентҳо ва музди меҳнати миёнамоҳона дар минтақа |
| **5. Нишондиҳандаҳои самаранокии резидентӣ** | |
| Теъдодӣ муроҷиатӣ резидентҳо ба хизматрасониҳои инкубатор | Суръати миёнаи рушди дороиҳо (гардиш) – и ширкатҳои инкубатсияшанванда |

Низоми мазкур ба зудбаҳодиҳии самаранокии фаъолияти бизнес – инкубаторҳо нигаронида шуда номгӯи маҳдудӣ нишондиҳандаҳои баробарарзишро дар бар мегирад, ки бе шубҳа, бо назардошти ҳадафи баҳогузорӣ дар ҳолати мушаххас метавонад пурра карда шавад.

Дар умум омилҳои муваффақияти фаъолияти бизнес – инкубатор дастгирии давлат, ташкилотҳои ғайри тиҷоратӣ ва мавҷӯдияти донишгоҳҳо бо захираҳои зарурӣ – лабараторияҳо, таҷҳизот, олимон, донишҷӯён ва ғайра ба ҳисоб мераванд.

Бизнес – инкубатор муваффақиятро кафолат надода танҳо барои рушди бизнес шароитҳои умумӣ фароҳам меорад ва шумораи нобароориҳоро дар рушди соҳибкории хурд, хусусан соҳибкории инноватсионӣ кам мегардонад. Муваффақияти лоиҳаҳои мушаххас аз чунин омилҳо, ба монанди мавҷудияти технология ё маҳсулоти ояндадор, бозор, дастаи лоиҳа ва ғайра вобастаги дорад.

**Ҷадвали 2. -** Омилҳои дохила ва берунаи муваффақияти бизнес – инкубатсия

| Омил | Аҳмияти стратегӣ |
|---|---|
| **Дохилӣ** | |
| Интихобӣ ҷиддии резидентҳо | Истифодаи меъёрҳои мувофиқ ҳангоми интихобӣ ширкатҳо ба монанди қобили хёт будани лоиҳа, маҳсулот/технологияи тайёр дастаи пурқувват ва омодаги ба фаъолияти ҷоннок оид ба пешбарии лоиҳа дар бозор |
| Дастаи лоиҳа | Мавҷудияти дастаи соҳибтахассус, бо таҷриба, ба ҳамкориҳои даста равона шуда, ки барои кор ва рушд додани бизнес дар ҳудуди минтақа омода аст. |
| Технология/маҳсулоти тайёр | Аксар вақт маҳс ҳамин омил ҳангоми ҷойгир намудани ширкат дар бизнес – инкубатор боздоранда ба шумор меравад: ширкатҳо, маҳсулот/технологияи тайёр надошта танҳо дар зиннаи ғоя ё таҳияи он қарор доранд |
| Менторинг (мураббӣ – наставник) | Ба кори инкубатор ҷалб намудани соҳибкорони бо таҷриба, ҳуқуқшиносон, сармоягузорон, олимон ва мураббиён аз дигар |

| | |
|---|---|
| | бахшҳо равандӣ мубодилаи таҷрибаро бо резидентҳо ҷоннок намуда, ба ширкатҳои нав дар бадаст овардани донишҳои нав, беҳтар мутобиқ шудан ба муҳити нави бизнес ва баланд бардоштани самаранокии мутобиқшавӣ ба фарҳангӣ бизнес кумак менамояд. |
| Фарҳангӣ бизнес ва бурдани гуфтушунидҳо | Доштани санъати бурдани бизнес, гузаронидани гуфтушунид ва вохуриҳои корӣ мутобиқи фарҳангӣ бизнеси кишвар, фаҳмиши сатҳи хавфи қобили қабул барои сармоягузорон, дарки масъулият барои обрӯи инкубатор, донишгоҳ ва ғайра зарур аст. |
| **Берунӣ** | |
| Шарики ва бозорҳои ояндадор | Гузаронидани тадқиқоти маркетингӣ ва ҷустуҷӯи шарикон аз ҷамъиятҳои илмӣ ва бизнес дар зинаи омодагӣ ба ҷойгиркунии ширкат дар бизнес – инкубатор рушди минтаъдаи лоиҳаро муайян менамояд: дар ҳолати мавҷуд набудани талабот ба лоиҳа ё шарикони зарурӣ он ба нокомӣ маҳкум мебошанд. |
| Талаботи ташаккулёфта ба навоварӣ (маҳсулот/технология) | Таркиби асосии чунин талаботро низоми рушд кардаи робитаҳои шарикӣ байни илм ва бизнес, оммавигардонии авзалиятҳои кор бо бизнеси хурди технологӣ ба шумор меравaнд. Аммо барои ҷори намудани ширкати мушаххас бояд бовари ҳосил намуд, ки маҳз навоварии он дар бозор серталабот мегардад ва имконияти пурра қонеъ намудани дархостҳои истеъмолкунанда мавҷуд аст. |
| Таъсиси шабакаи робитаҳои корӣ (Networking) | Тиҷоратикунонии технологияҳо ва рушди бизнес шарики ва ҳамкориро пешбини менамоянд.таъсис ва бастгирии шабакаи робитаҳои корӣ бо сохторҳои илми ва таҳқиқотӣ, бахшҳои саноатӣ ва молиявӣ дар аксар ҳолатҳо асоси муваффақият баҳисоб меравад. Хизматрасониҳои шабакавии рушдкарда ноуҳдабароии дастаи лоиҳаро дар бахшҳои фаъолияти лоиҳа ҷуброн менамоянд. |
| Омодагии донишгоҳ ба ҳамкорӣ | Шарикии рушдкардаи илм ва бизнес ба донишгоҳҳо имконият медиҳад, ки ба ҳамкори бо ширкатҳои хориҷи дар бахши таҳияи муштарак ва ҷори намудани навовариҳо омода бошан. Барои ин хусусияти лоиҳа бояд ба самтҳои асосии таҳқиқотҳои донишгоҳ мувофиқат намояд. |

Дар асоси гуфтаҳои боло қайд намудан мумкин аст, ки бизнес – инкубаторҳо ба сифати унсури дастгирии рушди инфрасохтори инноватсионӣ дар минтақа баромад мекунанд. Дар онҳо сохторҳои тадқиқотии корхонаҳо ҷойгир мешаванд, аз ҳисоби шартҳои имтиёзноки дастрасӣ ба инфрасохтор, таҷҳизот, иҷораи майдонҳо, инчунин аз ҳисобӣ робитаҳои мустақим бо донишгоҳҳо ва робитаҳои шабакавии дохилӣ бизнес – инкубаторҳо имконият медиҳанд то ҳаҷми хароҷотҳои инвеститсионӣ ва амалиётӣ коҳиш дода шаванд.

Дар маҷмӯъ бизнес-инкубаторҳо барои Тоҷикистон судманд хоҳанд буд: иқтидори илмию техникӣ, истеҳсолӣ ва содиротӣ афзоиш меёбад; сатҳи фаъолияти сармоягузорӣ ва интиқоли технологияҳои олӣ баланд мешавад; соҳибкории инноватсионӣ инкишоф ёфта, сатҳи зеҳнии маҳсулоти ватанӣ баланд мешавад; сифати тадқиқоти фундаменталию амалӣ ва концентрацияи мутахассисони баландихтисос беҳтар мегардад; дар бозори меҳнат ҷойҳои иловагӣ ба вуҷуд оварда мешаванд.

**Ҳамин тариқ,** дар шароити муосири Тоҷикистон раванди пайдоиш ва рушди бизнес-инкубатор хеле зарур буда, яке аз роҳҳои расидан ба ҳадафҳои стратегии

кишвар – таъмини истиқлолияти энергетикӣ, амнияти озуқаворӣ, роҳи баромадан аз бунбасти коммуникатсионӣ ва саноатикунонии мамлакат мебошад. Аз ин лиҳоз, маҳз бизнес-инкубаторҳо ҳамчун василаи эҳёи иқтисод амал карда, ба мо имкон медиҳанд, ки иқтисодро навсозӣ кунем, ба роҳи рушди инноватсионӣ гузоштани иқтисодиёт саҳм мегузорад ва муваффақияти фаъолияти оянда бизнес – инкубаторҳо аз низоми афзалиятҳои кишвар ва пайдарпайии амалҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон хоҳад буд.

## Адабиёт


1. Д.Г. Родионов, Ю.В. Цыпкин, С.С. Синельникова - эффективность функционирования технопарков и бизнес-инкубаторов. аучно-техническиейведомостий СПбГПУ 4 2012. Экономическиейнауки.Каганов В.Ш., Рыбин М.В. Как создать и сделать успешным бизнес-инкубатор? URL: http://nsbi.org/assets/files/КакСоздатьИСделать УспешнымБИ.pdf
2. Романович М.А., Евтушенко Е.И., Романович Л.Г., Оспищев П.И. Государственная поддержка инновационного предпринимательства молодых ученых на базе вузов России и Белгородской области // Вестник БГТУ им. В.Г. Шухова, 2012, №2, с. 117-120.
3. Рамаева Т.И. - бизнес-инкубатор как форма поддержки малого и среднего бизнеса. [Электронный ресурс]. URL: http://www.nauka.org.ru/wp-content/uploads
4. Тошматов М.Н., Мирзорахимов Н.Т. Теоретические аспекты инноватсионного развития Республика Таджикистан. Монография, Душанбе. «Ирфон», 2022. – с. 138-141.
5. Тошматов М.Н., Мирзорахимов Н.Т. Технологический парк как важный инструмент в формировании инновационной экономики Республики Таджикистан, Международный журнал прикладных и фундаментальных исследований №4, 2016-с.442-446.
6. Шичкина М.И., Кокошин А.А., Тормышева Т.А., Бычков В.А. Мониторинг деятельности бизнес-инкубатора. URL: http://rair-info.ru/publication/publication2/.
7. Radosevic, S. Between vision and reality:Promoting innovation through technoparks in an emerging economy [Text] / S. Radosevic, M. Myrzakhmet // Technovation. – 2009. – № 29. – P. 645–656.
8. Финансирование инновационного развития как фактор индустриализации экономики Республики Таджикистан/ Д. Т. Назаров, Б. М. Шарифзода, Я. П. Довгялло, Ф. С. Холбобоев. – Душанбе : Институт экономики и демографии Национальной академии наук Таджикистана, 2024. – 276 с. – EDN RMTKWN.
9. Исследование вопросов инновационного развития экономики Республики Таджикистан / Я. П. Довгялло, М. Т. Каримова, Д. Т. Назаров [и др.]. – Душанбе : Институт экономики и демографии НАНТ, 2024. – 629 с. – ISBN 978-99985--9494-4. – EDN VNOLDB.
10. Шарифзода, Б. М. Оценка влияния финансового механизма на инновационное развитие промышленности Таджикистана / Б. М. Шарифзода // Экономика Таджикистана. – 2024. – № 3. – С. 72-85. – EDN DVRQEW.



**Маълумот дар бораи муаллифон: Тошматов Маҳмуд Неъматович** - номзади илмҳои иқтисодӣ, и.в. профессор, Мушовири ректор оид ба сифати таълим ва аккредитатсияҳои байналмилалӣ. Тел. (+99237)2344757; E-mail: t.makhmud@mail.ru

**Арбобов Субҳиддин Саидмуҳаммадович** – муаллими калони кафедраи иқтисодиёт ва идораи Донишгоҳи технологии Тоҷикистон. Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе. Тел.: +992935648800, E-mail: s.arbobov.90@gmail.com

**Сведение об авторах: Тошматов Махмуд Неъматович** - кандидат экономических наук, и.о. профессора, Советник ректора по качеству образования и международным аккредитациям Тел. (+99237)2344757; E-mail: t.makhmud@mail.ru

**Арбобов Субхиддин Саидмухаммадович** – старший преподаватель кафедры экономики и управления Технологического университета Таджикистана. г.Душанбе, Республика Таджикистан. Тел. +992935648800, E-mail: s.arbobov.90@gmail.com

**Information about the authors: Toshmatov Mahmud Nematovich** - candidate of economic sciences, professor, Advisor to the Rector on quality of education and international accreditations Тел. (+99237)2344757; E-mail: t.makhmud@mail.ru

**Arbobov Subhiddin Saidmuhammadovich** – senior lecturer at the department of economics and management of the Technological University of Tajikistan. Dushanbe, Republic of Tajikistan. Tel. +992935648800, E-mail: s.arbobov.90@gmail.com

**УДК: 378.22**

# НИЗОМИ МУОСИРИ ТАҲСИЛОТ ҲАМЧУН ОМИЛИ РУШДИ ИҚТИДОРИ ИНСОНӢ ВА ТАДБИҚИ ОН ДАР ИҚТИСОДИЁТИ ИННОВАТСИОНӢ

**Азизова Н.Х.**

*Дар мақола қайд гардидааст, ки рушди иқтисодиёти инноватсионӣ ва интихоби роҳи нави инкишофи низоми маориф водор месозад, ки оиди муаммои иқтидори инсонӣ аз нигоҳи нав назар андозем. Моҳияти нишондоди мазкур имкон медиҳад, ки омодагии ҷомеаи имрӯзаи миллати тоҷикро барои омодаги ба дигаргуниҳо баҳо диҳем. Дар асоси таҳлил муайян карда шудааст, ки яке аз ҷузъҳои асосии иқтидори инсонӣ ин таҳсилот мебошад.*

*Тибқи таҳлили динамикӣ муайян карда шудааст, ки азнавсозии соҳаи маориф ва рушди низоми Болония дар Ҷумҳурии Тоҷикистон имкон фароҳам меоварад, ки шохиси рушди инсониро дар раддабандии ҷаҳонӣ сифатан тағйир диҳад.*

*Дар асоси омӯзиши таҷрибаи мамлакатҳои тараққикардаи ҷаҳон ва гузаронидани таҳлили синтезӣ муайян карда шудааст, ки дар шароити муосир маблағгузорӣ ба рушди иқтидори инсонӣ дар муқоиса бо дигар самтҳо, аз қабили давомнокии умр, сатҳи таҳсилоти бадастомада, некӯаҳволии аҳолӣ, ки бо нишондиҳандаҳои мувофиқи ҳисобшуда ифода ёфтаанд, самараноктараст.*

*Муайян карда шудааст, ки индекси рушди инсонӣ имкон медиҳад, ки на танҳо рушди иқтисодӣ, балки рушди иҷтимоии кишварҳо, сифати зиндагии аҳолӣ низ ба назар гирифта шавад. Яке аз нишондиҳандаҳои асосие, ки ба арзиши шохиси рушди инсонӣ таъсир мерасонад, сатҳи маълумотнокии аҳолӣ мебошад.*

*Собит гардидааст, ки гузариш ба низоми нави таҳсилоти олӣ иқтисодиёти инноватсионӣ барои табдили нерӯи мавҷуда ба сармояи инсонӣ шароит фароҳам меорад. Дар ҳамин ҳол, шарти муайянкунандаи ҷамъшавии сармояи инсонӣ маҳз иқтидори инсонӣ мебошад, зеро сармояи инсонӣ аз он ташаккул меёбад.*

**Калидвожаҳо**: Низоми таҳсилоти Болония, иқтидори инсонӣ, шохиси рушди инсон, дараҷаи бакалавр, таҳсилоти олӣ, низомии думарҳилагӣ;рақобатпазири;маориф, мутахассис, дараҷаи бакалавр, таҳсил, донишҷӯ, магистратура, аспирантура

***Барои иқтибос:*** *Азизова Н.Х. Низоми муосири таҳсилот ҳамчун омили рушди иқтидори инсонӣ ва тадбиқи он дар иқтисодиёти инноватсионӣ / Н.Х. Азизова// Паёми молия ва иқтисод. – 2024. – No. 4.2(43). – С.228-235.*

# СОВРЕМЕННАЯ СИСТЕМА ОБРАЗОВАНИЯ КАК ФАКТОР РАЗВИТИЯ ЧЕЛОВЕЧЕСКОГО ПОТЕНЦИАЛА И ЕГО РЕАЛИЗАЦИЯ В ИННОВАЦИОННОЙ ЭКОНОМИКЕ

**Азизова Н.Х.**

*В статье отмечается, что развитие инновационной экономики и выбор нового пути развития системы образования заставляют по-новому взглянуть на проблему человеческого потенциала. Суть этого показателя позволяет оценить готовность сегодняшнего общества к переменам. На основе анализа установлено, что одним из ключевых компонентов человеческого потенциала является образование.*

*По результатам динамического анализа определено, что реформирование сферы образования и развитие Болонской системы в Республике Таджикистан позволит качественно изменить индекс человеческого развития в мировом рейтинге.*

*На основе изучения опыта развитых стран мира и проведения синтетического анализа определено, что в современных условиях инвестиции в развитие человеческого потенциала существенно ниже, чем в другие сферы, такие как продолжительность жизни, уровень образования, и благосостояние населения, выраженное в соответствующих расчетных показателях, которые более эффективные.*

*Установлено, что индекс человеческого развития позволяет учитывать не только экономическое развитие, но и социальное развитие стран, качество жизни населения. Одним из основных показателей, влияющих на значение индекса человеческого развития, является уровень образования населения.*

*Доказано, что переход к новой системе высшего образования инновационной экономики создает условия для трансформации имеющегося потенциала в человеческий капитал. Между тем определяющим условием накопления человеческого капитала является именно человеческий потенциал, поскольку из него формируется человеческий капитал.*

**Ключевые слова**: Болонская система образования, человеческий потенциал, индекс развития человеческого потенциала, бакалавриат, высшее образование, двухцикловая система; конкурентоспособность; образование, специалист, бакалавриат, образование, студент, магистр, аспирантура

## THE MODERN EDUCATION SYSTEM AS A FACTOR IN THE DEVELOPMENT OF HUMAN POTENTIAL AND ITS IMPLEMENTATION IN AN INNOVATIVE ECONOMY

**Azizova N.Kh.**

*The article notes that the development of the innovative economy and the choice of a new path for the development of the education system make us look at the problem of human potential from a new perspective. The essence of this indicator allows us to assess the readiness of the modern Tajik society to prepare for changes. Based on the analysis, it was determined that one of the main components of human potential is education.*

*According to the dynamic analysis, it was determined that the modernization of the education sector and the development of the Bologna system in the Republic of Tajikistan will allow us to qualitatively change the human development index in the global ranking.*

*Based on the study of the experience of developed countries of the world and conducting a synthetic analysis, it was determined that in modern conditions, investing in the development of human potential is more effective than in other areas, such as life expectancy, level of education, and well-being of the population, which are expressed in the corresponding calculated indicators.*

*It has been established that the human development index allows us to take into account not only economic development, but also the social development of countries, the quality of life of the population. One of the main indicators that affects the value of the human development index is the level of education of the population.*

*It has been proven that the transition to a new system of higher education of an innovative economy creates conditions for the transformation of existing potential into human capital. At the same time, the determining condition for the accumulation of human capital is precisely human potential, since human capital is formed from it.*

**Keywords**: Bologna education system, human potential, human development index, bachelor's degree, higher education, two-stage system; competitiveness; education, specialist, bachelor's degree, education, student, master's degree, postgraduate study

**Гузориши масъала.** Яке аз хусусиятҳои асосии марҳилаи нави инкишофи мутамаддини ҷомеаи муосир ин бамаротиб афзун гардидани нақши иқтидори инсонӣ мебошад, ки зарурати азнавсозии амиқи рушди иқтисодии самти иҷтимоӣ доштаро тақозо менамояд.

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҳамеша таъкид месозанд, ки "... рушди илму маориф калиди пешрафти ҳамаи соҳаҳо ва омили муҳимтарини таъмин намудани ояндаи босуботи давлат ва фардои босаодати ҷомеа ба ҳисоб меравад." [1]

Мутаассифона вазъи кунунии истифодаи мақсадноки иқтидори инсонӣ дар низоми маорифи кишвар то ҳол ба

талаботҳои муосири низоми Болонӣ ҷавобгӯ нест. Аз ин рӯ бо мақсади онки ҳамаи талаботҳои инсониро аз ҷумла талабот ба худинкишофдиҳӣ, ки дар як вақт мақсади асосии истеҳсолот ва шарти асосии рушди босубот мебошад, ҳама ҷониба ба инобат гирифта, қонеъ гардонем. Нахуст ин таъмини нисбатан пурраи рушд ва тадбиқи иқтидори инсонӣ, ки қобилияти зеҳнии аҳолиро бо назардошти ҳамаи боигариҳои маънавӣ аз қабилӣ, дониш, малака, қобилият, хусусиятҳои шахсӣ, ки дар раванди фаъолияти меҳнатӣ сармоягузори мегардад, аст.

**Таҳлили тадқиқотҳои охир ва нашриёт.** Ҷанбаҳои назаривии низоми муосири таҳсилот ҳамчун омили рушди иқтидори инсонӣ ва тадбиқи он дар иқтисодиёти инноватсионӣ аз ҷониби олимону муҳаққиқони ватаниву хориҷӣ аз қабилӣ Шоев Н.Н., Миралиён Қ.А., Ятимов С., Хуррамова М.Ф., Комилов С.Ч., Муқаддасзода Ф.М., Шарифзода Б.М., Филипенко И., Марочкина И., Карпенко О.М., Бершадская М. Д., ва Вознесенская Ю. А. мавриди омӯзиш қарор додааст.

**Мақсади мақола.** Дар асоси омӯзиши ҷанбаҳои назаривӣ ва амалӣ муайян намудани моҳияти низоми таҳсилоти Болония дар рушди соҳаи маориф, иқтидори рушди иқтисодӣ, шартҳои асосии муваффақияти шахсӣ ва некӯаҳволии шаҳрвандон

**Мӯҳтавои асосии мақола.** Дар паёми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон таъкид гардидааст, ки: “Рушди сармояи инсонӣ омили калидии баланд бардоштани сатҳу сифат ва самаранокии соҳаҳои иҷтимоӣ, махсусан, маорифу тандурустӣ, илму инноватсия, инчунин, фаъолияти самараноки муассисаҳои илмӣ мебошад.” [1]

Воқеан инсон табиатан дар маркази низоми иҷтимоию иқтисодии давлат буда, ҳамчун нишонаи азнавсозӣ ва рушди иқтисодиёт маҳсуб меёбад.

Таҷрибаи мамлакатҳои тараққикардаи ҷаҳон нишон медиҳад, ки дар шароити муосир маблағгузорӣ ба рушди иқтидори инсонӣ дар муқоиса бо дигар самтҳо, аз қабили давомнокии умр, сатҳи таҳсилоти бадастомада, некӯаҳволии аҳолӣ, ки бо нишондиҳандаҳои мувофиқи ҳисобшуда ифода ёфтаанд, самаранoктараст. Шохиси рушди инсонӣ (ШРИ) барои муқоисаи кишварҳо таҳия шуда, дар баромадҳои солонаи Барномаи Рушди СММ аз соли 1990 инҷониб нашр мешавад. Баҳисобгирии РИИ аз рӯи нишондиҳандаҳои зерин ба роҳ монда мешавад: давомнокии умр, сатҳи таҳсилоти бадастомада, некӯаҳволӣ, шумораи аҳолии калонсол аз рӯи шохиси мувофиқи ҳисобшуда (расми 1).




**Расми 1.** Нишондиҳандаҳои таркибии “Индекси рушди иқтидори инсонӣ”

**Сарчашма:** Доклад о развитии человека 2023-2024. https://hdr.undp.org/system/files /documents/global-report-document/hdr2023-24reporten.pdf

Ҳадди ниҳоии рушди иқтидори инсонӣ 0,800 аст. Ҳама кишварҳо дар ин шохис ба се гурўҳ тақсим шудаанд. Гурўҳи аввал аз кишварҳое иборат аст, ки шохиси 0,700 ё бештар аз он аст. Гурўҳи дуюм аз кишварҳое иборат аст, ки шохиси аз 0,450 то 0,699 доранд. Дар ниҳоят, гурўҳи сеюм аз кишварҳое иборат аст, ки шохиси то 0,449 аст. Соли 2023 дар раддабандии кишварҳо аз рўи шохиси рушди инсонӣ Швейтсария (0,962) мақоми 1-умро ишғол намуда, Норвегияро (0,961) ба ҷойи 2-юм, Исландия (0,959) дар ҷойи 3-юм қарор доданд. Тоҷикистон дар соли 2023 дар зинаи 122-ум қарор гирифт ва дар ҷои аввал қарор дорад гурўҳи сеюм бо индекси 0,685 [6].

Рейтинги кишварҳо аз рўи нишондоди рушди инсонӣ сол то сол фарқ мекунад, аммо кишварҳои хеле пешрафтаи “7” табиист, ки аз рўи нишондодҳои рушди инсонӣ дар байни “20”-и аввал қарор доранд (ниг. ба ҷадвал 1).

**Динамикаи рейтинги давлатҳо ба ИРИИ в 2019-2023 с.**

| Давлат | Рейтинги солҳо | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| | 2019 | 2020 | 2021 | 2022 | 2023 |
| **Норвегия** | 1 | 1 | 1 | 2 | 2 |
| **Ирландия** | 4 | 3 | 2 | 7 | 8 |
| **Швейтсария** | 2 | 2 | 2 | 1 | 1 |
| **Гонконг** | 7 | 4 | 4 | 4 | 4 |
| **Исландия** | 6 | 6 | 4 | 3 | 3 |
| **Олмон** | 5 | 4 | 6 | 6 | 9 |
| **Шветсия** | 7 | 8 | 7 | 5 | 7 |
| **Австралия** | 3 | 6 | 8 | 10 | 5 |
| **Нидерланд** | 10 | 10 | 8 | 10 | 10 |
| **Тоҷикистон** | 127 | 125 | 125 | 126 | 122 |

***Источник:*** Human Development Index (HDI) // Human development composite indices //https://hdr.undp.org/system/files/documents/global-report-document/hdr2023-24reporten.pdf

Тавре мушоҳида мешавад, Тоҷикистон дар ин нишондод аз пешсафӣ дур нест. Тибқи ин рейтинг, Тоҷикистон дар минтақаи кишварҳои дорои сатҳи миёнаи рушд қарор дорад ва мавқеъаш тайи даҳ соли охир (аз соли 2019 то соли 2023) ба таври ҷиддӣ тағйир наёфтааст. Роҳбарон барои солҳои 2022 ва 2023 Швейтсария (ҷои 1) ва Норвегия (ҷои 2) буданд. Ҳонконг пайваста дар раддабандии 4-ум қарор дорад.

Сабаби асосии ин мақоми кишвари мо дар раддабандӣ хеле паст будани давомнокии умри шаҳрвандони мост. Шохиси рушди инсонӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ибтидо аз даҳаи 1990 поин рафтааст, ки сабаби асосии он ҷанги шаҳрвандӣ, кам шудани ММД ва афзоиши фавт арзёбӣ мегардад. Тайи чанд соли охир динамикаи шохиси рушди инсонӣ то андозае тағйир ёфта, солҳои 2002-2006. шохиси рушди инсонӣ аз 0,636 то 0,657 боло рафт. Ин нишондиҳанда дар соли 2023 ба 0,685 расидааст, ки нисбат ба солҳои қаблӣ ба таври назаррас афзоиш ёфтааст [6].

Индекси рушди инсонӣ имкон медиҳад, ки на танҳо рушди иқтисодӣ, балки рушди иҷтимоии кишварҳо, сифати зиндагии аҳолӣ низ ба назар гирифта шавад. Яке аз нишондиҳандаҳои асосие, ки ба арзиши шохиси рушди инсонӣ таъсир мерасонад, сатҳи маълумотнокии аҳолӣ мебошад. Дар соли 2023 Тоҷикистон аз лиҳози сатҳи маърифати аҳолӣ дар қатори кишварҳои мутараққии миёна қарор дошт. Ба шарофати маориф Тоҷикистон имрӯз аз рӯи нишондиҳандаи рушди инсонӣ (RDI) дар ҷаҳон ҷои 122-юмро ишғол мекунад, зеро кишвари мо аз рӯи дигар ҷузъҳои шохиси рушди инсонӣ – даромад ба ҳар сари аҳолӣ ва давомнокии миёнаи умр хеле пасттар аст [2]. Низоми пешрафтаи маориф иқтидори рушди иқтисодӣ, шартҳои асосии муваффақияти шахсӣ ва некӯаҳволии шаҳрвандон мебошад.

Соҳаи маориф яке аз соҳаҳое мебошад, ки ба таври васеъ эҷоди фазои инноватсионӣ ва рақобатпазирии иқтисодиётро дар маҷмӯъ муайян мекунад.[6;7;8;9;10]

Низоми таҳсилоти Болония - низоми думарҳилагӣ буда, аз барномаҳои бакалаврӣ ва баъдидипломӣ дар асоси равиши салоҳият иборат мебошад. Ҳарчанд расман шурӯъ аз солҳои 2005-2006 дар қисме аз донишгоҳҳои ҷумҳурӣ барномаҳои навро татбиқ намуда буданду, ҳудуди 20 сол инҷониб Донишгоҳҳои амалкунандаи кишвар бо низоми таҳсилоти Болония фаъолият дошта бошанд, ҳам, баҳсҳои бешумор оиди мувофиқати ин навоварӣ идома доранд.

Дар байни афзалиятҳои низоми таҳсилоти Болония, пеш аз ҳама дараҷаи бакалавр аст, ки бешубҳа ҳамвазни маълумоти олӣ мебошад. Коҳиш додани мӯҳлати таҳсил ҳанӯз сабаби рад кардани мансубияти дараҷаи бакалавр ба низоми таҳсилоти олӣ нест. Масалан, олими рус Марочкина И мақолаи хеш қайд менамояд, ки «самаранокии таълим на аз замон, балки аз роҳи таълим вобаста аст. Вазифаи таълимии дараҷаи бакалавр, ки таҳсилоти олии комилҳуқуқ ба ҳисоб меравад, аз ташаккули асосҳои фарҳанги касбӣ ва салоҳиятҳои асосии фаъолият иборат аст Шахсоне, ки дараҷаи бакалавр доранд, барои кори касбӣ ҳамчун технолог, роҳбари хати истеҳсолот омода хоҳанд шуд» [4].

Бо ин мазмун муҳаққиқи ватанӣ Шоев Н.Н. мегуяд, ки: “Таҳсил танҳо раванди ба даст овардани дониш аз рӯи ихтисоси интихобшуда набуда, балки муносибатҳои байни одамон дар ҷомеаро фаро мегирад. Таҳсил на фақат қобилиятҳои рӯҳӣ, балки маданияти тарбияи инсон буда, арзиш ва ганҷинаи ҳаёт аст, ки ба шарофати он шахс метавонад мавқеи худро дар ҷомеа соҳиб шавад.” [7, 9].

Дар тӯли солҳо, бакалаврҳо мустақилияти бештар пайдо мекунанд: ба ҷои омӯзиши амиқи тамоми фанҳои барномаи таълимӣ, бакалаврҳои оянда, бар хилофи мутахассисон, фанҳои интихобӣ доранд - донишҷӯ худ мустақилона интихоб мекунад, ки кадом фанро бояд омӯзад ва кадомеро не. Дар давоми ду соли аввал, омӯзиш дар профили васеъ гузаронида мешавад - донишҷӯён фанҳои умумиро азхуд мекунанд ва мегузаранд ва дар соли сеюм,

бакалаврҳои оянда бояд пурра фанҳои тахассусиро омӯзанд.

Сониян, хатмкунанда бо доштани дараҷаи бакалавр метавонад ба осонӣ дар хориҷи кишвар кор пайдо кунад, масалан, дар Аврупои Ғарбӣ мафҳуми ихтисос вуҷуд надорад ва дипломҳои маҳаллӣ аксар вақт корфармоёни хориҷиро “ба ҳайрат” меоварад. Дараҷаи бакалаврие, ки дар Тоҷикистон гирифта мешавад, бояд ба дипломҳои Аврупои Ғарбӣ баробар карда шавад. Ғайр аз ин дар баъзе донишгоҳу донишкадаҳои олӣ имкони якбора гирифтани ду диплом мавҷуд аст.

Масалан, барномаи бакалаврии ДДҲБСТ-ТФИ ба донишҷӯёни тоҷик ва узбек имкон медиҳад, ки ду дараҷаи бакалаврӣ гиранд: Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон ва Донишкадаи молияи шаҳри Тошканд. Донишҷӯён дар доираи барномаи муштараки донишгоҳ таҳсил мекунанд ва имкон доранд, ки ҳангоми таҳсил дар шаҳрҳои Хуҷанд ва Тошканд курси пурраи барномаро бишнаванд.

Сеюм, бакалаврҳо метавонанд таҳсили худро дар зина магистратура барои гирифтани дараҷаи олии илмӣ идома диҳанд ё фавран ба фаъолияти илмӣ машғул шаванд (дараҷаи бакалавр дараҷаи аввалини академӣ мебошад).

Дар ибтидо вазифаи асосии ин низом дар бозори меҳнат талабгор гардонидани хатмкунандагон буд. Аммо бисёре аз ректорон, коршиносон ва омӯзгорон бар ин назаранд, ки сифати таҳсиле, ки донишҷӯён дар барномаҳои бакалаврӣ мегиранд, нисбат ба зинаи мутахассис ба маротиб поинтар аст. Онҳо чунин мепиндоранд, ки бакалавр 4 сол таҳсил менамояд ва нисбат ба мутахассис (5-6 сол) камтар таҳсил намуда, дониши кофӣ низ намегирад. Ихтисор намудани ихтисосҳо боиси паст шудани сифати таълим мешавад ё не, пешгуй кардан ғайриимкон аст. Барои муқоисаи сатҳи мутахассисон ва бакалаврҳо муҳлати муайяне зарур аст, ки баҳодиҳӣ намоем.

Камбудии дигар дар он аст, ки низоми таҳсилоти Болония дорои равиши ба салоҳият асосёфта мебошад. Арзёбии сатҳи дониши донишҷӯён ба кредитҳо ё холҳо асос ёфтааст. Аз ин рӯ, аксарияти донишҷӯёне, ки дар дараҷаи бакалавр таҳсил менамоянд, маълумоти пурра ва ҷаҳонбинии васеъ надоранд. Илова бар ин дар раванди интихоби озоди фанҳои тахассусӣ онҳо мустақилона интихоб карда наметавонанд, аз ин рӯ раванди мазкурро мебояд идора намуд. Гузашта аз ин, танҳо ҳудуди 10-15% аз шумораи умумии онҳое, ки марҳилаи аввали таҳсилро хатм кардаанд, метавонанд ба зинаи магистратура дохил шаванд. Ҳамин тариқ, ақидаҳое мавҷуданд, ки инкишофи хатми бештари зинаи бакалавриат, ҳамчун «мутахассисони нимтайёр» метавонад боиси коҳиши умумии сатҳи таҳсилоти олӣ ва коҳиш ёфтани иқтидори инсонӣ гардад.

Мушкилоти дигари хатмкунандагони зинаи бакалавриат ин дарёфти ҷойи корӣ мебошад. Аксар корфармоён ба ақидае одат кардаанд, ки бакалавр шахси дорои маълумоти олии нопурра буда, кор кардан бо чунин хатмкунандагон то андозае мушкилтар мешавад. Ба ақидаи корфармоён чунин хатмкунандагон дар рушди иқтисоди инноватсионӣ рақобатпазир нестанд, гарчанде аксари маврид на диплом ва маълумоти олӣ, балки аз сифатҳои шахсӣ ва маҳорати касбии довталаб вобаста аст.

Онҳое, ки дар зинаи аввали таҳсилоти бакалаврӣ таваққуф мекунанд, эҳтимолияти зиёди имкони дар як қатор вазифаҳои мақомоти давлатӣ кор кардан, дар донишгоҳҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон дарс доданро пайдо намекунанд. Фаъолияти илмӣ низ мушкил мегардад: бакалавр ҳуқуқ надорад баъди хатми донишгоҳ ба аспирантура таҳсил кунад ва рисола ҳимоя кунад.

Муҳлати панҷсолаи тайёр кардани мутахассисон дар мактабҳои олӣ барои омоданамоӣ ва ба камол расидани хатмкунандагон ҳамчун мутахассиси дорои маълумоти олӣ таъсири мусбӣ мерасонад. Бале, ва корфармоён ба "қадр"-и муқаррарии мутахассис бештар эътимод доранд. Ҳамин тариқ, онҳо дар кишвари мо ҳангоми муроҷиат ба кор нисбат ба бакалавр бартарӣ доранд.

Чуноне, ки Миралиён Қиёмиддин дар мақолаи хеш қайд менамояд: «низомҳои Болонӣ ва кредитии таҳсил ба ҳам монандӣ доранд, аммо ба назари мо онҳо дар алоҳидагӣ гуногунҷанба мебошанд, низоми

Болонӣ хоси сиёсати маорифи Аврупо буда, низоми кредитиро ҳамчун барномаи муосири таҳсил, аз ҷумла таҳсили рақамӣ тақозои ҷомеаи ҷаҳон хоси ҳамаи кишварҳо арзёбӣ карда мумкин аст.» [8]

Камбудии дигари ин низом асосан баҳогузорӣ мебошад. Дар низоми таҳсилоти Болония донишҷӯён на баҳои муқаррарӣ, балки холҳои ҳатмӣ мегиранд. Нуктаҳои боқимонда ихтиёрӣ мебошанд. Азбаски дар тӯли тамоми давраи таҳсил миқдори муайяни холҳо ҷамъоварӣ карда мешаванд, донишҷӯ метавонад роҳи камтарин муқовиматро пеш гирад. Оё донишҷӯ дар натиҷа курсҳои осонтаринро интихоб намекунад? Оё ӯ дар ҷойҳое дохил мешавад, ки профессорҳо талаботи баланд доранд? Дар натиҷа донишҷӯ метавонад фақат ба таври қисман аз рӯи принсипи нав курсҳоро интихоб карда, донишро аз худ кунад. Аз ин рӯ, гузаштан ба низоми таҳсилоти Болония ба сатҳи таҳсилот ҳам таъсири мусбат ва ҳам манфӣ хоҳад дошт.

Ғайр аз ин, низоми Болония ба омӯзгор сифати нав — коргари кироя медиҳад. Агар донишҷӯён ба фанни таълимие, ки омӯзгор дарс мегӯяд, номнавис нашаванд, ӯ метавонад аз кор маҳрум шавад.

Яъне низоми Болония муассисаҳои таълимиро ҳатман ба зинаҳо тақсим мекунад. Ба таври идеалӣ низоми таҳсилоти Болония ҳудуди даҳ донишгоҳи пуриқтидорро дар бар мегирад. Аммо дар айни замон даҳҳо ҳазор Муассисаҳои олии касбӣ ба ҳайси донишгоҳ бо ин низом фаъолият менамоянд.

Илова бар ин, дар Муассисаҳои таҳсилоти Олии касбӣ шумораи ихтисосҳо ихтисор гардидааст, ки ин танҳо ба ихтисосҳои соҳаи тиб дахл дорад, зеро донишгоҳҳои тиббӣ нақша панҷсолаи таҳсилро нигоҳ медоранд. Ақидаи ихтисорнамоӣ ба таври оддӣ шарҳ дода мешавад, яъне донишҷӯи бакалавр ихтисоси умумӣ гирифта, дар барномаи зинаи магистрӣ онро амиқтар меомӯзад.

Оиди ҳаракати маъруфи шаҳрвандон дар минтақаи ягонаи таҳсилоти олии аврупоӣ, гуфта мешавад, ки дар асл шумораи хеле ками донишҷӯён аз аврупо барои таҳсил ба дигар кишварҳои ҷаҳон сафар мекунанд. Яъне аврупоиҳо бештар таҳсил намуданро дар ҳудуди аврупо авлотар мешуморанд. Вале имрӯзҳо таҳсил дар ИМА маъруфияти бештар пайдо кардааст. Чуноне, ки аз маълумотҳои оморӣ бармеояд, ҳоло дар Иёлоти Муттаҳида 1,126,690 ҳазор донишҷӯ таҳсил мекунанд, ки ин дар навбати худ ба иқтисоди Амрико даромади хуб (тақрибан 40 миллиард доллар) меоварад. Дар байни донишҷӯёне, ки барои таҳсил ба кишварҳои хориҷа мераванд, чиниҳо дар ҷои аввал қарор доранд. Танҳо дар Иёлоти Муттаҳидаи Амрико шумораи донишҷӯёни чинӣ ҳар сол 30% меафзояд. Дар маҷмӯъ, беш аз 290,000 чинӣ дар донишгоҳҳои мухталифи берун аз кишварашон таҳсил мекунанд. Дар ҷои дуюм Ҳиндустон (260,000) ва баъд аз он Кореяи Ҷанубӣ (100,000) меистад. [3]

Мувофиқи маълумоти ЮНЕСКО, аз нигоҳи донишҷӯён дар саросари ҷаҳон танҳо шаш давлати маъмултарине, ки Донишгоҳи бонуфӯз дорад: тақрибан 30% донишҷӯён Олмонро интихоб мекунанд, 10% - ИМА, Британияи Кабир ва Фаронса, 3% - Канада ва Финландия [5].

Маъруфтияти донишгоҳҳои Олмон дар он аст, ки дастгирии давлатии соҳаи маориф дар Олмон аз ҳама беҳтарин маҳсуб меёбад.Яъне таҳсил ройгон буда, дар аксар ҳолат донишҷӯ дар як нимсола тақрибан 400 евро пардохт мекунад. Хобгоҳҳои донишгоҳҳои Олмон аз ҳама арзонтарин мебошад. Тақрибан нисфи донишҷӯёни хориҷӣ аз DAAD - Хадамоти мубодилаи академии Олмон идрорпулӣ мегиранд.

**Хулоса.** Гузариш ба низоми нави таҳсилоти олӣ, иқтисодиёти инноватсионӣ барои табдили иқтидори мавҷуда ба сармояи инсонӣ шароит фароҳам меорад. Ҳамин тавр, шарти муайянкунандаи ғуншавии сармояи инсонӣ маҳз иқтидори инсонӣ мебошад, зеро сармояи инсонӣ аз он ташаккул меёбад. Маориф бошад, ҳамчун «сармоягузор», сифати иқтидори инсониро баланд бардошта, рақобатпазирии онро дар бозори меҳнат беҳтар мекунад.

Модернизатсияи кишвар бидуни навсозии низоми маориф ғайриимкон аст. Вале татбиқи низоми таҳсилоти Болония ин маънои пурра даст кашидан аз низоми анъанавии таҳсилоти олӣ нест, балки Моро зарур аст, ки роҳи беҳтари ҳамоҳангсозии низоми таҳсилоти анъанавӣ ва аврупоиро ҷустуҷӯй намоем.

**Адабиёт**

1. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ// 28.12.2023, шаҳри Душанбе// маводи электронӣ. Усули дастрасӣ: https://www.president.tj/event/missives/36370 (санаи муроҷиат 28.09.2024)

2. Карпенко О. М., Бершадская М. Д., Вознесенская Ю. А. Показатели уровня образования населения в странах мира: анализ данных международной статистики // Электронная версия бюллетеня «Население и общество». URL: http://www. demoscope.ru/weekly/2009/0375/analit02.php.

3. Кто и куда едет учиться за границу // URL:http://skypestudy. ru/index. php/aboutus/news/85-where-study-abroad. html.

4. Марочкина И. Навстречу бакалавриату: за и против // URL: http://www. ucheba. ru/vuzarticle/12349.html.

5. Филипенко И. Круговорот студентов в Европе // Газета «День». URL: http://www. day. kiev.ua/282021.

6. Human Development Index (HDI) // Human Development Reports. URL: https://hdr.undp.org/system/files/documents/global-report-document/hdr2023-24reporten.pdf

7. Шоев Н.Н. Вариативные воспитательно-образовательные технологии и инновационные модели обучения в высшей школе / Н.Н. Шоев. – Душанбе: «Ирфон», 2004. 310с.

8. Миралиён Қ. А. Афзалиятнокии низоми муосири таҳсил дар шароити рушди устувори соҳаи маориф дар Ҷумҳурии Тоҷикистон// Номаи Донишгоҳ №3(76) 2023, Хуҷанд, 2023, - 59 – 67.

9. Чураев, Б. М. Маърифати молияви / Б. М. Чураев, Б. М. Шарипов. – Душанбе : Международный университет туризма, 2016. – 168 с. – EDN HQMJPU.

10. Исследование вопросов инновационного развития экономики Республики Таджикистан / Я. П. Довгяллo, М. Т. Каримова, Д. Т. Назаров [и др.]. – Душанбе : Институт экономики и демографии НАНТ, 2024. – 629 с. – ISBN 978-99985—9494-4. – EDN VNOLDB.

**Маълумот дар бораи муаллиф:**

**Азизова Наргис Хуршедовна** - муаллими калони кафедраи менеҷменти Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон, Ҷумҳурии Тоҷикистон, вилояти Суғд, ш. Хуҷанд. e-mail: nargisazizova@mail.ru. телефон: (+992)92-710-00-25

**Сведение об авторе:**

**Азизова Наргис Хуршедовна** - старший преподаватель кафедры менеджмента Таджикского государственного университета права, бизнеса и политики. Республика Таджикистан, Согдийская область, г. Худжанд. e-mail: nargisazizova@mail.ru. телефон: (+992) 92-710-00-25

**Information about the author:**

**Azizova Nargis Khurshedovna –** Senior Lecturer, Department of Management, Tajik State University of Law, Business and Politics. Republic of Tajikistan, Sughd Region, Khujand. e-mail: nargisazizova@mail.ru. phone: (+992) 92-710-00-25

**УДК: 336**

# МАСЪАЛАҲОИ НАЗАРИЯВИИ МАРКЕТИНГИ БОНКӢ ДАР ШАРОИТИ МУОСИР

**Қурбонова Г.Н.**

***Аннотатсия:*** *Дар мақола нахуст нақш ва аҳаммияти ташаккул намудани фаъолияти маркетингӣ дар муассисаҳои бонкӣ баррасӣ гардидааст. Дар ин радиф нисбат ба таърихи огози маркетинги бонкӣ дар иқтисодиёти ҷаҳонӣ, инчунин дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ақидаҳо баён шудааст. Моҳияти иқтисодӣ-иҷтимоии маркетинги бонкӣ дар асарҳои илмии олимони иқтисоддон мавриди таҳлил қарор қарор гирифта, дар асоси баррасӣ нуқтаи назари муаллиф оид ба моҳияти мафҳуми маркетинги бонкӣ пешниҳод гардидааст. Заминаҳои илмии ташаккули фаъолияти маркетинги бонкӣ дар шароити муосир гурӯҳбандии заминаҳои илмӣ ба амал оварда шуда мундариҷаи онҳо аз нуқтаи назари муаллиф асоснок карда шудааст. Ҷанбаҳои назариявии маркетинги бонкӣ натиҷагирӣ гардидааст.*

***Калидвожаҳо:*** *маркетинг, бонк, маркетинги бонкӣ, таҳқиқоти бозор, хизматрасониҳои бонкӣ, стартегияи бонк, иқтисодиёти миллӣ, рафтори мизоҷон, ҳавасмандии талабот, нархгузорӣ.*

***Барои иқтибос:*** *Қурбонова Г.Н. Масъалаҳои назариявии маркетинги бонкӣ дар шароити муосир/ Г.Н. Қурбонова // Паёми молия ва иқтисод. – 2024. – No. 4.2(43). – С. 236-242.*

# ТЕОРЕТИЧЕСКИЕ ВОПРОСЫ БАНКОВСКОГО МАРКЕТИНГА В СОВРЕМЕННЫХ УСЛОВИЯХ

**Курбонова Г.Н.**

***Аннотация:*** *В статье рассматриваются роль и значение маркетинговой деятельности в банковских учреждениях. Исследовано истории возникновения и развития банковского маркетинга в экономической науке, а также становления маркетинга в учреждениях банка Республики Таджикистан. Изучено социально-экономическая сущность банковского маркетинга в научных трудах ученых экономистов, на основе которого представлена авторская подход к сущности банковского маркетинга. Определенго необходимости и научные предпосылки банковской маркетинговой деятельности в современных условиях, произведено их группировка. Дано научное обоснование теоретико-практических аспектов развития банковского маркетинга в национальной экономике Таджикистана.*

***Ключевые слова:*** *маркетинг, банк, банковский маркетинг, исследование рынка, банковские услуги, стратегия банка, национальная экономика, поведение клиентов, стимулирование спроса, ценообразование.*

# THEORETICAL ISSUES OF BANK MARKETING IN MODERN CONDITIONS

**Kurbanova G.N.**

***Abstract:*** *The article examines the role and importance of developing marketing activities in banking institutions. This article expresses opinions on the history of bank marketing in the global economy, as well as in the Republic of Tajikistan. The economic and social essence of bank marketing is analyzed in the scientific works of economists and, based on the review, the author's point of view on the essence of the concept of bank marketing is presented. Scientific foundations for the development of bank marketing activities in modern conditions, a grouping of scientific foundations is carried out and their content is substantiated from the author's point of view. The results of the theoretical aspects of bank marketing are summarized.*

***Keywords:*** *marketing, bank, bank marketing, market research, banking services, bank strategy, national economy, customer behavior, demand stimulation, pricing.*

Дар ташаккулёбии муносибатҳои иқтисодиёти бозорӣ ниҳодҳои молиявӣ-қарзӣ, инчунин низоми бонк нақши муҳим дорад, зеро пеш аз ҳама иқтисодиёти бозорро ҳамчун иқтисодиёти шартномаҳо байни субъектҳои гуногуни хоҷагидорӣ дар самти таҳвили молу маҳсулот, хизматрасониҳои гуногун мефаҳманд, ки муносибатҳо байни онҳо оид ба хариду фурӯш, савдоӣ - тиҷоратӣ бо тавассути амалиётҳои пулии молӣ амалӣ мегардад. Дар ин муносибат бонк ҳамчун инфрасохтори бозор барои самаранок амалӣ гаштани муносибатҳо бо тавассути принсипҳо ва механизмҳои бонкӣ мусоидат мекунад. Аз ин лиҳоз, низоми бонк ҳамчун низоми махсус дар амалӣ намудани амалиётҳои пулию молӣ нақши калидӣ дорад.

Ташаккулёбӣ ва беҳтар намудани хизматрасониҳои бонкӣ, ки ҳам барои мизоҷон - шахсони ҳуқуқӣ ва ҳам барои мизоҷон - шахсони воқеӣ равона гардидааст, аз бисёр замимаҳои гуногун вобастааст. Дар шароити иқтисодиёти бозоргонӣ ба чунин замимаҳо амалҳои зерро ворид кардан мумкин аст:

- таҳқиқоти бозор, яъне талабот ва таклифот барои хизматрасониҳои бонкӣ;
- омӯзиши пешниҳоди хизматрасониҳои бонкӣ, сатҳи фурӯш ба дарёфти муаммоҳо;
- муайян намудани натиҷаҳои амалишавии сиёсати бонкӣ дар муҳлатҳои муайян;
- коркарди сиёсати кадрӣ дар бонкҳо барои ҷавобгӯ будан ба талаботҳои бозорӣ;
- коркарди стартегияи бонк барои таъмини устуворӣ дар бозори хизматрасониҳои бонкӣ ва васеъ намудани ҳудудҳои фаъолият;
- заминаҳои мазкур танҳо бо воситаи ҳамаҷониба саҳеҳ ва илман асосноккардашудаи сиёсати маркетингӣ имконпазир мегардад. Зеро бо воситаи он бо тарзи максималӣ рафтору кирдори мизоҷон дар бозори хизматрасониҳои бонкӣ муайян гардида, он талаботи мизоҷоне, ки бояд аз ҷониби бонк қонеъ гардонида шавад, муайян хоҳад гардид.

Боиси зикр аст, ки маркетинги бонкӣ аз маркетинги дигар соҳаҳои иқтисодиёти миллӣ куллан фарқ менамояд. Асоси фарқиятро хусусиятҳои маҳсулоти бонкӣ ба миён меорад. Маҳсулоти бонкӣ, дар ҳақиқат, хусусияти хос дошта, дар шароити муосир бо рушди технологияи инноватсионӣ характери гуногунҷабҳаро дорад.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ташаккулёбӣ ва рушди маркетинги бонкӣ чун дар дигар соҳаҳои иқтисодиёт дар шароити душвор, мураккаб ба амал омада истодааст, зеро дар ин самт дар иқтисодиёти миллӣ таҷрибаи кофӣ мавҷуд нест. Бинобар ин, дар коркард ва амалӣ намудани сиёсати маркетингӣ бештар ба таҷрибаи кишварҳои хориҷа, ки дар низоми бонкӣ муваффақиятҳои калон дорад, назар менамоем.

Илова бар он, аз нуқтаи назари илмӣ дастури методии коркардшуда низ роҷеъ ба низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон мавҷуд нест. Инчунин, мутахассисони касбӣ, муҳити иттилоотии зарурӣ барои ҳар як бонкҳои алоҳида ҳоло пурра ташаккул наёфтааст, бинобар ин дар шароити муосир ҳар як бонки алоҳида бо тарзи мустақилона дар асоси истифодабарии усули “Озмоиш ва хато” фаъолияти маркетингии худро амалӣ намуда истодааст. Новобаста аз ин, боиси таъкид аст, ки муносибатҳои рақобатӣ дар байни бонкҳо, муассисаҳои молиявӣ-қарзӣ нисбат ба дигар соҳаҳои иқтисодиёт (саноат, кишоварзӣ ва ғайра) бештар рушд ёфта истодааст. Замина дар ин масъала ташаккулёбӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон низоми дусатҳии бонкӣ мебошад. Зеро бо гузариш ба ин низом дар ҷумҳурӣ хеле зиёд бонкҳои тиҷоратӣ таъсис дода шуд ва ҳоло амалӣ намуда истодааст. Алалхусус, ҳоло дар Ҷумҳурии Тоҷикистон 14-адад бонкҳои тиҷоратӣ, бонки исломӣ 1 адад, мавҷуд мебошад. Илова бар он, чун дар дигар кишварҳое, ки асоси иқтисодиётро муносибатҳои бозорӣ ташкил медиҳад, дигар намудҳои ниҳодҳои ғайрибонкӣ низ афзоиш ёфта истодааст. Алалхусус, ташкилотҳои амонатии қарзии хурд 19 адад, ташкилотҳои қарзии хурд 3 адад, ташкилотҳои қарзии ғайрибонкӣ 1 адад, фондҳои қарзии хурд 25 ададро ташкил дода, фаъолият менамояд. Дар умум ташкилотҳои қарзии молиявӣ 63 адад мебошад [17].

Боиси зикр аст, ки дар асоси ҳадафи ободкорию созандагии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва инчунин сиёсати хирадмандонаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба сиёсати дарҳои боз ба иқтисодиёти миллӣ филиалҳои бонкҳои хориҷӣ низ ворид гардидааст. Ҳоло дар ҷумҳурӣ як бонки хориҷӣ ҶСММ "Бонки кишоварзии Чин" низ фаъолият доранд. Дар ин асос бо боварӣ гуфта метавонем, ки бозори хизматрасониҳои бонкӣ ташаккул ёфта, бо тарзи мунтазам тамоили рушдро дорад. Аз ин лиҳоз, байни муассисаҳои бонкӣ дар ин бозор рақобати шадид низ инкишоф дорад. Дар ин муҳит танҳо он бандҳо ба муваффақият ноил мегардад, ки афзалиятҳои рақобатии худро муайян созад, онро рушд диҳад ва талаботи бозори дохила ва хориҷа сиёсати бонкии худро мутобиқ созад, маҳсулоти нави бонкиро эҷод намояд ва онро ба бозор пешниҳод карда тавонад.

Бинобар ин, дар шароити муосир барои ҳар як бонке, ки дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолият дорад, коркард ва амалӣ намудани консепсияи махсуси худии маркетинги бонкӣ зарурати аввалиндараҷа дорад. Бо тавассути он низоми маҷмуавии истеҳсол ва пешниҳоди маҳсулоти бонкӣ барои қонеъ намудани талаботи мизоҷон ба онҳо ва дастраси фоида таъмин хоҳад гардид. [4;18;19;20].

Оид ба аҳаммияти коркарди сиёсати маркетингӣ дар низоми бонкӣ дар илми иқтисодӣ чунин омадааст: "маркетинги бонкӣ имкон медиҳад, ки бо тарзи максималӣ мизоҷонро муайян намояд, инчунин таркиби эҳтиёҷоти онҳоро дарёфт намуда, сариваҷт фаъолияти бонкро барои қонеъ намудани талаботи мизоҷон равона месозад ва маҳсулоти навро пешниҳод менамояд[1]."

Дар ин бора дар сарчашмаи дигар омадааст, ки маркетинги бонкӣ ҳамчун фишанги идоракунӣ аз нуқтаи бадастоварии фоида бозорҳои фурӯши молу маҳсулоти бонкиро дар асоси талаботи мизоҷ муайян менамояд. Ҳадафҳои аниқ, роҳҳои ташаккул ва дастрасии мақсадҳои гузошташуда дар асоси коркарди чораҳои саҳеҳ ба нақша гирифта мешавад[2].

Ҳадафи асосӣ дар фаъолияти бонк дар самти ташаккули сиёсати маркетингӣ чӣ тавре ки дар адабиёти илмӣ омадааст: "таъмини фаъолияти маҳсулнок ва устувории низоми бонк барои давраи минбаъда" мебошад [3. с. 47].

Боиси таъкид аст, ки зарурати маркетинг дар фаъолияти бонкӣ дар иқтисодиёти миллӣ ҳанӯз аз зуҳуроти нав мебошад, яъне аз оғози ҳазорсолаҳои нав ба миён омадааст. Вале дар ҷомеаи ҷаҳонӣ ташаккули маркетинги бонкиро аз солҳои 50-уми асри гузашта ба ҳисоб мегиранд. Аввал дар Амрико ва пас аз он солҳои 60-ум дар кишварҳои Аврупо [4. с. 19].

Дар ин радиф пеш аз баррасӣ намудани функсияҳои маркетинги бонкӣ мехостем ба мафҳуми маркетинги бонкӣ равшанӣ андозем. Дар ин радиф боиси таъкид аст, ки дар байни олимон ақидаи ягона оид ба масъалаи мазкур мавҷуд нест. Новобаста аз он мо як-ду нуктаро иброз менамоем, зеро таҳлили мафҳуми маркетинги бонкӣ ба мақсади асосии мақолаҳои мазкур намебошад.

**Ҷадвали 1. Ақидаҳои олимон оид ба моҳият ва мафҳуми маркетинги бонкӣ**

| Сарчашма | Моҳият ва мафҳуми маркетинги бонкӣ |
|---|---|
| Финансово-кредитный энциклопедический словарь [5.,с.11] | «Маркетинги бонкӣ ин низоми илмии идоракунии фаъолияти бонкӣ ва кадрҳо дар шароити иқтисодиёти бозор буда, ҳадафи асосӣ зарурати мутобиқ намудани фаъолияти бонкӣ ба муҳити зудтағйирёбандаи иқтисодиёти бозор мебошад.» |
| Николаева, Т.П. [6. с. 14] | «Маркетинги бонкӣ ин стратегияи бозории бонк оид ба ташаккул, пешбурд ва фурӯши маҳсулоти бонкӣ мебошад.» |
| Галин Т.Ф. [7. с. 177] | «Маркетинги бонкӣ ин усули махсус оид ба дарёфти қарорҳои нави идоракунӣ оид ба истеҳсоли маҳсулотҳои нави бонкӣ, гурӯҳбандӣ ва пешбурди онҳо ба бозор, инчунин таъмини самаранокии фаъолияти |

| | |
|---|---|
| | рекламавии корхона мебошад». |
| Пакова О.Н., Саакян А.В. [8. с. 42] | «маркетинги бонкӣ ин стратегия ва тактикаи ақидаҳо, ки бояд бо тарзи ҳамаҷониба саҳеҳ ва аниқ коркард шуда, барои таҳлили саҳеҳи фаъолияти ҳамаи сохтор ва шуъбаҳои бонк (аз поён то боло), ки бевосита барои интихоби миҷоз таъсир мерасонад, мебошад. » |
| Березин, И. [9. с. 157] | «Маркетинги бонкӣ ин фаъолияте мебошад, ки барои омӯзиши ҳамаҷонибаи манфиатҳо ва талаботи истеъмолкунандагони хизматрасонии бонкӣ». |
| Солдатенкова Инна. [10.] | «Маркетинги бонкӣ – ин соҳаи илм мебошад, ки ҷараёни коркард ва ба амал ҷорӣ намудани чораҳо оид ба дарёфти ниёзи бозор, мизоҷ, муайян намудани сиёсати нархгузорӣ, фурӯш ва пешниҳоди маҳсулот аз ҷониби ташкилотҳои молиявӣ-қарзӣ мебошад.» |
| Стародубсева Е.Б. [11. с. 405] | «Маркетинги бонкӣ – ин низоми ташаккул ва фурӯши маҳсулот ва хизматрасониҳои бонкӣ дар асоси ба инобат гирифтани талаботи воқеии истеъмолкунандагон бо мақсади гирифтани фоида мебошад.» |
| Кокин А.С. , Галин Т.В. [12. с. 270-273] | «Маркетинги бонкӣ – ин функсияи махсуси идоракунӣ барои мутобиқ гардонидани фаъолияти молиявии тиҷоратии сармоягузору фурӯшанда ба шароити зудтағйирёбандаи бозори бонкӣ мебошад.» |
| Русских А.В. [13. с. 36] | «Маркетинги бонкӣ – ин ҷараёни мунтазами такмили фаъолияти бонкӣ барои баланд бардоштани он бо тавассути маҷмуаи фишангҳо дар чорчӯбаи консепсияи маркетинг ва дар асоси ба инобат гирифтани ақидаҳо, хоҳиш ва талаботи истеъмолкунанда ва стратегияи бозор мебошад.» |
| Крилов В. К. [14. с. 33-37] | «Маркетинги бонкиро ҳамчун фишанг барои дарёфти фурӯши маҳсулоти бонкӣ ва хизматрасониҳои бонкӣ дар асоси ба инобат гирифтани талаботи мизоҷон мебошад.» |
| Уткин Э.А. [15. с. 304] | «Маркетинги бонкиро ҳамчун ҷараёни дарёфт ва истифодабарии аз он маҳсулоте мебошад, ки пурра ба талаботи воқеии мизоҷон мутобиқат менамояд. Ҳадафи мазкур талаб менамояд, ки аз ҷониби бонк мақсадҳои аниқ ва роҳҳои дастрасии он ба нақша гирифта шуда, амалӣ гардад.» |
| Сарев А.В. [16. с. 87-90] | «Маркетинги бонкӣ – чунин низоми идоракунии бонк мебошад, ки тағйирёбии ҷараёнҳоро дар бозори сармоя, инчунин дар соҳаи бонк, низоми қарздиҳӣ ва бозори коғазҳои қиматнок дар бар мегирад.» |

Умуман, равияи маркетингӣ дар ташаккули фаъолияти бонкӣ дар шароити муосир ба масъалаи мубрами рӯз мубаддал гаштааст. Новобаста аз он ки дар байни олимон, мутахассисони соҳа ақидаҳои гуногун оид ба моҳияти маркетинги бонкӣ хеле зиёд аст, онҳо аҳаммияти бузург, нақш ва зарурати ба амал ҷорӣ намудани маркетинги бонкӣ эътироф менамояд. Зеро бо воситаи ба амал татбиқ намудани стратегияи маркетингӣ бонкҳо метавонад дар муътадил ва беҳтаргардонии низоми муносибатҳои пулии қарзӣ ва бо ин васила дар таъмини рушди иқтисодиёти миллӣ ҳиссаи худро афзоиш диҳанд.

Дар ҳақиқат ҳадаф аз ба амал татбиқ намудани фаъолияти маркетингӣ дар бонкҳо хеле гуногун аст, ки онҳоро ҳамчун мавқеи авлавиятдошта иброз менамоем:

-молу маҳсулот ва хизматрасониҳои бонкӣ бояд пурра барои қонеъ намудани талаботи мизоҷон аз рӯи ҳаҷм, сохтор ва сифат мутобиқ бошад;

- дар шароити муосире, ки рақобати шадид ва муҳити номуайян ҳукмфармо аст, самаранокии фаъолияти бонк бояд таъмин карда бошад;

- рақобатпазирии бонк дар асоси таъмини устувории молиявӣ нигоҳ дошта шавад;

- бонк ҳамчун инфрасохтори бозор барои рушди мусосибатҳои бозорӣ, иқтисодиёти он минтақаҳое, ки ҷойгир аст, мусоидат намояд.

Баҳри дар амал татбиқ намудани ҳадафҳои дар боло зикргардида ҳар як бонки алоҳида, дар маҷмуъ функсияи маркетингии худро бояд амалӣ намояд.

Умуман, гуфтан мумкин аст, ки бонкҳо ҳамчун субъектҳои хоҷагидории тиҷоратӣ асосан бо ҷалб ва ҷойгиркунии маблағҳои мизоҷон, хизматрасонӣ оид ба амалиётҳои пардохтӣ, нигоҳдорӣ ва идораи активҳо бо мақсади дарёфти фоида машғул мебошанд.

Аз ин лиҳоз, роҳбарони бонк, инчунин ҳама сохторҳои он барои афзоиш додани доираи амалиётҳои бонкии худ, яъне афзоиши бозори фурӯши маҳсулоти бонкӣ равона менамоянд.

Дар шароити муосир дар фаъолияти бонкҳои ҳамаи кишварҳои ҷаҳонӣ, алалхусус дар иқтисодиёти миллӣ амалиёти маркетингии бонкӣ фаъол гардида истодааст, ки ин имконияти баланд бардоштани даромаднокии бонкҳо ва ба коҳиш додани хавфҳои бонкиро бояд мустаҳкам намояд. Принсипҳо, фишангҳо ва механизмҳои маркетинг ҳамчун механизми бозории идоракунии фаъолияти бонкӣ дар шароити муосир дар иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон низ давра ба давра, қадам ба қадам дар низоми бонкии ҷумҳурӣ ҳоло васеъ истифода бурда шуда истодааст, ки зарурати асоснок намудани истифодабарии консепсияи идоракунии маркетингии бонкҳоро талаб менамояд. Зеро ҳоло хеле зиёд заминаҳои илмӣ-амалӣ оид ба зарурати тадбиқи консепсия маркетингро дар соҳаи бонк тақозо менамояд, мавҷуд мебошад. Онҳоро метавонем ба ду гурӯҳ, яъне дохила ва беруна ҷудо намоем.

Гурӯҳи заминаҳои беруна аз инҳо иборат аст:

- тибқи принсипҳои иқтисодиёти бозор, дар Ҷумҳурии Тоҷикистон низоми бонкии дусатҳа, ки сатҳи дуввум теъдоди зиёди бонкҳои тиҷоратӣ, намояндагони он дар минтақаҳо ва субъекти алоҳидаи молиявӣ-қарзии хурд ва ғайраҳо;

- бо бадастории соҳибистиқлолӣ гузаронидани сиёсати иқтисодии дарҳои боз, ки иқтисодиёти миллиро барои воридшавӣ ба ҳамгирой ва ҷаҳонишавӣ оварда расонд. Дар натиҷа воридоти асъори хориҷӣ, сармояи хориҷӣ дар фаъолияти бонкӣ дигаргуниҳои ҷиддиро талаб менамояд;

- ворид намудани иқтисодиёти миллӣ, ташкилотҳои байналмилалии молиявӣ-қарзӣ, бонкҳои сатҳи ҷаҳонӣ ва бонкҳои кишварҳои алоҳида бо кушодани намояндагии худ дар дигар кишварҳо.

Гурӯҳи заминаҳои дохила аз инҳо иборат аст:

- ташаккули иқтисодиёти миллӣ низоми бисёршумораи муассисаҳои ғайрибонкие, ки хизматрасониҳои молиявӣ-қарзиро пешниҳод менамоянд;

- рушди технологияи иттилоотии коммуникатсионӣ, техникаву технологияи нави бонкӣ имконияти васеъ намудани доираи фаъолияти ниҳодҳои бонкиро ба миён гузошт;

- гуногунҷабҳагии фаъолияти молиявӣ-қарзии муассисаҳои бонкӣ ва ғайрибонкӣ бо мақсади бештар ҷалб намудани мизоҷон ва забти бозор;

- дар ниҳодҳои молиявӣ-қарзӣ васеъ ба роҳ мондани сиёсати диверсификатсияи маҳсулот ва хизматрасониҳои бонкӣ ва инчунин, истифодабарии услубҳои ғайрибонкӣ (барориши саҳмия, вомбарг, облегатсияҳо ва ғайра), ҷалби воситаҳои пулӣ.

Бо тарзи схема заминаҳои дар боло зикр гардидаро чунин ифода намудан мумкин аст:



- амалишавии сиёсати дарҳои боз;
- ташаккули низоми бонкии дусатҳа;
- афзоиши теъдоди бонкҳои тиҷоратӣ ва ниҳодҳои молиявӣ-қарзии хурд;
- воридшавии бонкҳои хориҷӣ ва ташкилотҳои байналхалқии молиявӣ ва бозори молиявии миллӣ.

- ташаккули низоми маҷмуавии хизматрасониҳои бонкӣ;
- рушди технологияи иттилоотӣ дар бонкҳо;
- универсализатсияи фаъолияти бонкӣ;
-диверсификатсияи маҳсулот ва хизматрасониҳои бонкӣ.

Заминаҳои мазкур байни низоми бонкӣ (дар байни бонкҳо), инчунин байни бонкҳо ва дигар ниҳодҳои ғайрибонкӣ рақобатро шадид гардонид. Аз ҳама муҳим рақобати бонкӣ ба сатҳи ҷаҳонӣ баромад, яъне вақте ки намояндагони бонкҳои хориҷӣ ба иқтисодиёти миллӣ ворид гаштанд, рақобат байни бонкҳои хориҷӣ ва ватанӣ дар самти ҷалби мизоҷон, ҷалби воситаҳои пулӣ, хизматрасонии қарзӣ, иҷрои амалиётҳои пулӣ-қарзӣ рақобат афзоиш ёфтааст.

Аз ин бармеояд, ки дар шароити муосир маркетинг натанҳо фишанг барои ҷалби мизоҷ, афзоиши фоида мебошад, ҳоло он бояд узви ҷудонашавандаи менеҷменти бонкӣ шавад, зеро дар ташкил ва амалӣ намудани идоракунии фаъолият дар бонкҳои тиҷоратӣ иҷрои функсияи маркетинг бояд дар мадди аввал гузошта шавад. Бо тавассути коркарди нақшаҳои маркетингӣ бонкҳо бояд ба шароити зудтағйирёбандаи муҳити беруна фаъолияти худро мутобиқ намоянд ва бо ин васила дар мубориҳаҳои рақобатӣ ғолиб оянд.

Чун хулоса, дар асоси омӯзиш ва таҳлили ақидаҳои олимони мазкур мо кӯшиш намудем, ки ақидаи худро оид ба мафҳуми таҳқиқшаванда иброз намоем: "Маркетинги бонкӣ – консепсияи нави идоракунии бонкӣ, услуби низомии-маҷмуавӣ оид ба таҳқиқи илмии бозори маҳсулот ва хизматрасониҳои бонкӣ, рафтори мизоҷон, ҳавасмандии талабот, нархгузорӣ, таҷдиди хизматрасонии бонкӣ баҳри мустаҳкам ва баланд бардоштани сатҳи рақобатпазирии бонк мебошад"

Рушди низоми бонкӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити муосир нисбат ба дигар соҳаҳо бештар назаррас аст. Яъне, музди маоши кормандони молиявӣ-қарзӣ аз дигар соҳаҳо ва аз сатҳи миёнаи ҷумҳуриявӣ баланд аст. Иттилоот оид ба масъалаи мазкур дар ҷадвали зер оварда шудааст.

Новобаста аз он, барои муваффақ фаъолият доштани низоми бонкӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҷорӣ ва амалӣ намудани усул ва фишангҳои маркетинг ниёз дорад. Шадидии рақобати бонкҳо байни худ ва дигар муассисаҳои ғайрибонкӣ зарурати ба анҷом расонидани амалиётҳои молиявӣ-қарзӣ берун аз ҳудудҳои иқтисодиёти миллӣ, густариш додани амалиётҳои депозитӣ (ҷалби маблағҳо), ҷавобгӯ будан ба ҳадафҳои созандагию ободкории Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон маҷбур месозад, ки дар ҳар як бонк технологияи муосири маркетингӣ истифода барад.

Дар низоми идоракунии бонкҳои тиҷоратӣ ҷорӣ намудани стратегияи маркетинг барои такмили фаъолият, ҳис намудани талаботи бозор, афзоиши даромаднокӣ ва коҳишёбии хавфҳои бонкиро муосидат менамояд. Аз ин лиҳоз, метавонем, таъкид намоем, ки коркарди стартегияи маркетинг ва истифодабарии он аз ҷониби унсурҳои таркибии низоми бонкӣ кафили муваффақият барои давраи оянда мебошад.

**Адабиёт**


1. Особенности банковского финансового маркетинга [Электронный ресурс] // Бизнес портал Alti.ru. – Режим доступа: www. alti.ru/finance/marketing-1.html.
2. Содержание банковского маркетинга и его специфика [Электронный ресурс] // Информационный бизнес портал. – Режим доступа: www.marketpages.ru/bankmark/3.html.
3. Уткин Э. А. Банковский маркетинг/ Э. А. Уткин. – М.: ИНФРА-М. 2013. – с. 47
4. Николаева, Т.П. Банковский маркетинг/ Т.П. Ни-колаева. – М.: Изд. центр ЕАОИ. 2010. – с.19.
5. Финансово-кредитный энциклопедический словарь / под ред. А.Г. Гряз-новой. – М.: Финансы и статистика, 2002. – С. 11.
6. Николаева, Т.П. Банковский маркетинг / Т.П. Николаева. – М.: Изд.центр ЕАОИ. 2010. – с.14
7. Галин Т.Ф. Содержание банковского финансового маркетинга и его специфика. современные тенденции в экономике и управлении. 2009. с-177
8. Пакова О.Н., Саакян А.В. Особенности современного банковского маркетинга. // Евразийский Союз Ученых (ЕСУ).,/ Экономические науки. – 2014. № VIII. –С. 42.
9. Березин, И. Маркетинг и исследования рынков/ И. Березин. – М.: Издательство Юрайт. 2012. – с.157
10. Солдатенкова Инна. Банковский маркетинг. // https://www.banki.ru/wikibank/bankovskiy_marketing (Санаи мурочиат 12.03.2024)
11. Стародубцева Е.Б. Банковское дело: учебник / под ред. Е.Б. Стародубцевой. – М.: ИД ФОРУМ: НИЦ ИНФРА-М, 2014. – С. 405
12. Кокин А.С., Галин Т.В. Банковский финансовый маркетинг / А.С. Кокин, Т.Ф. Галин // Вестник Нижегородского университета им.Н.И.Лобачевского. -2011.-№ 1. –С. 270-273
13. Русских А.В. Типы и особенности маркетинга банковских услуг. Российское предпринимательство, № 10 (232) / 2013. С. 36
14. Крылов В. К. Сущность банковского маркетинга // Научно-методический электронный журнал «Концепт». – 2016. – Т. 45. – С. 33–37. – URL: http://e-koncept.ru/2016/76350.htm.
15. Уткин Э.А. Банковский маркетинг / Э.А. Уткин. – М.: ИНФРА-М, 2016.- 304с.
16. Царев А.В. Особенности организации маркетинговой деятельности банка // Наука и бизнес: пути развития. – 2015. - № 2. – С. 87-90.
17. Вазъи низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба санаи 30 сентябри соли 2024 // https://nbt.tj/tj/banking_system/banks.php. (санаи муроҷиат: 15.12.2024 с.)
18. Комилова, К. Н. Самтҳои афзалиятноки такмили истифодаи воситаҳои маркетинги рақамӣ дар бонкҳои тиҷоратӣ / К. Н. Комилова, Б. М. Шарифзода // Иқтисодиёти Тоҷикистон. – 2023. – No. 4. – P. 85-91. – EDN ZKJQAI.
19. Комилова, К. Н. Тамоюли инкишофи маркетинги бонкӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон / К. Н. Комилова, Б. Р. Шарипов, Б. М. Шарифзода // Паёми молия ва иқтисод. – 2023. – No. 4-2(39). – P. 243-252. – EDN EDTYLM.
20. Комилова, К. Н. Развитие банковского маркетинга в Республике Таджикистан в период пандемии COVID-19 / К. Н. Комилова, Б. М. Шарипов, Ф. А. Курбонова // Финансовый вестник. – 2022. – № 1(56). – С. 13-19. – EDN EOKNOX.



**Маълумот дар бораи муаллиф: Қурбонова Гулноза Насимовна** - унвонҷӯи Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон. Суроғаи электронӣ: noza_777@mail.ru

**Информация об авторе: Курбанова Гульноза Насимовна** - соискатель Таджиксого государстевенного университета права, бизнеса и политики. Электронный адрес: noza_777@mail.ru

**Information about the author: Kurbanova Gulnoza Nasimovna** - applicant for degree of Tajik State University of Law, Business and Politics. Email address: noza_777@mail.ru

**УДК: 336.564.2**

# ТАҲЛИЛИ САМАРАНОКИИ ИМТИЁЗҲОИ АНДОЗИЮ ГУМРУКӢ БА СОҲАИ ПАРРАНДАПАРВАРӢ ВА МЕТОДИКАИ БАҲОДИҲИИ САМАРАНОКИИ ИМТИЁЗҲО

**Ашурзода Ш.М.**

***Аннотатсия.*** *Дар ин мақола муаллиф яке аз масъалаҳои таъмини рушди устувори иқтисоди миллӣ ва таъмини талаботи истеъмолии аҳолиро дар таҳкими механизми ҳавасмандгардонии соҳаҳои мухталиф, тақвият додани саҳми бахши хусусӣ ва истифодаи таҷрибаи муосири байналмилалӣ нақши муассир медонад.*

*Муаллиф аз як тараф имтиёзҳо ва сабукиҳои пешбинишударо ба беҳтаргардонии фазои соҳибкорию сармоягузорӣ ва кам кардани монеаҳои маъмурӣ пешниҳод намуда, дар сурати ғайримақсаднок истифода шудан, бинобар маҳдудияти сарчашмаҳои андозбандӣ ва дар ин радиф бавуҷудоии мушкилоти молиявӣ дар тавозуни буҷети давлатӣ сарбории иловагиро эҷод менамояд, таҳлил намудааст.*

*Дар мақола вазъи кунунии имтиёзҳои андозию гумрукиро дар соҳаи парандапарварӣ таҳлил намуда, хусусиятҳои хоси ин масъаларо дар паст намудани арзиши маҳсулоти истеҳсолшаванда, зиёд намудани музди меҳнати кормандон, қонеъ намудани талаботи аҳолӣ бо меъёрҳои ҳадди ақали маҳсулоти ғизоӣ ва таъмини фаровонии бозори истеъмолӣ, бо истифода аз имтиёзҳои андозию гумрукӣ пурра фароҳам овардани заминаи истеҳсоли хӯроки омехтаи паранда ва чорво, инчунин ба роҳ мондани сехҳои инкубатсионӣ дар дохили кишвар медонад.*

***Калидвожаҳо:*** *методикаи баҳодиҳии самаранокии имтиёзҳо, андози ягона, кишоварзӣ, замин, даромад, хароҷот, меъёр, парандапарварӣ, моҳипарварӣ, хӯроки чорво, хизматрасонии техникӣ, сӯзишворӣ, истеҳлок, хароҷотҳои мобайнӣ, мтиёзҳои андозию гумрукӣ, баҳидиҳии самарнокӣ.*

***Барои иқтибос:*** *Ашурзода Ш.М. Таҳлили самаранокии имтиёзҳои андозию гумрукӣ ба соҳаи паррандапарварӣ ва методикаи баҳодиҳии самаранокии имтиёзҳо/ Ш.М. Ашурзода // Паёми молия ва иқтисод. – 2024. – No. 4.2(43). – С. 243-253.*

# АНАЛИЗ ЭФФЕКТИВНОСТИ НАЛОГОВЫХ И ТАМОЖЕННЫХ ЛЬГОТ В СЕКТОРЕ ПТИЦЕВОДСТВА И МЕТОДИКА ОЦЕНКИ ЭФФЕКТИВНОСТИ ЛЬГОТ

**Ашурзода Ш.М.**

***Аннотация.*** *В данной статье автор рассматривает один из вопросов обеспечения устойчивого развития национальной экономики и удовлетворения потребительских потребностей населения через укрепление механизма стимулирования различных отраслей, усиление вклада частного сектора и использование современного международного опыта.*

*Автор, с одной стороны, предлагает налоговые и таможенные льготы и преференции для улучшения предпринимательского и инвестиционного климата, а также для снижения административных барьеров, но, с другой стороны, отмечает, что их нецелевое использование может создать дополнительную нагрузку на баланс государственного бюджета из-за ограниченности налоговых ресурсов и, как следствие, привести к финансовым трудностям.*

*В статье проанализировано текущее состояние налоговых и таможенных льгот в секторе птицеводства. Рассмотрены особенности влияния этих льгот на снижение себестоимости производимой продукции, повышение заработной*

*платы работников, удовлетворение потребностей населения в минимальных нормах продовольственных товаров и обеспечение изобилия на потребительском рынке. Также подчеркивается необходимость использования налоговых и таможенных льгот для создания базы по производству комбикормов для птиц и животных, а также организации инкубационных цехов внутри страны.*

***Ключевые слова:*** *методика оценки эффективности льгот, единый налог, сельское хозяйство, земля, доход, расходы, норма, птицеводство, рыбоводство, корм для животных, технические услуги, топливо, потребление, промежуточные затраты, налоговые и таможенные льготы, оценка эффективности.*

## ANALYSIS OF THE EFFECTIVENESS OF TAX AND CUSTOMS BENEFITS SECTOR AND THE METHODOLOGY FOR ASSESSING THE EFFECTIVENESS OF BENEFITS

**Ashurzoda Sh. M.**

***Annotation.*** *This article examines one of the key issues in ensuring the sustainable development of the national economy and meeting the population's consumer needs through strengthening the mechanism of stimulating various sectors, enhancing the contribution of the private sector, and utilizing modern international practices.*

*The author suggests that tax and customs benefits and preferences can improve the business and investment climate and reduce administrative barriers. However, their misallocation may create additional burdens on the state budget balance due to limited tax resources, potentially leading to financial difficulties.*

*The article analyzes the current state of tax and customs benefits in the poultry sector. It examines the specific impact of these benefits on reducing production costs, increasing employee wages, meeting the population's minimum food requirements, and ensuring market abundance. The article also emphasizes the importance of leveraging tax and customs benefits to establish a foundation for producing mixed feeds for poultry and livestock and organizing incubation facilities within the country.*

***Keywords:*** *methodology for assessing the effectiveness of benefits, unified tax, agriculture, land, income, expenses, standard, poultry farming, fish farming, animal feed, technical services, fuel, consumption, intermediate costs, tax and customs benefits, effectiveness assessment.*

**Гузориши масъала.** Дар робита ба зиёд шудани талаботи аҳолӣ ба маҳсулоти аз ҷиҳати экологӣ тоза ва баҳри дар амал татбиқ намудани стратегияи рушди устувори иқтисодӣ ва ба роҳ мондани истеҳсолоти маҳсулоти ватании ба рақобат тобовар ва ба ин роҳ афзун намудани иқтидори содиротии кишвар тақозо мегардад, ки фишангҳои молиявие, ки ба ин раванд таъсири мусбӣ мерасонад такмил дода шаванд ва роҳу усулҳои муассири пешниҳоди механизмҳо мавриди коркард қарор гиранд.

**Таҳлили таҳқиқотҳои охир ва нашриёт.** Имтиёзҳои гумрукию андозӣ ба соҳаи паррандапарварӣ ва шарикии давлат ва бахши хусусӣ метавонад хусусияти истеҳсолоти соҳаи кишоварзӣ, инчунин аҳамияти умумии миллии он барои рушди иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон мусоидат намуда, ба баландбардории нақши танзимкунандаи давлат, пеш аз ҳама танзими молиявии бозорҳои озуқавориро ба вуҷуд орад.

**Мақсади мақола-** Яъне, шаклу услуб ва тартиби ба низом даровардашудаи имтиёзҳои гумрукию андозӣ дар соҳаи паррандапарварӣ умуман дар соҳаи кишоварзӣ метавонад, ки сатҳи рақобатпазирӣ, даромаднокӣ ва пардохтпазирии хоҷагии қишлоқро баланд бардошта, доираи истеъмолкунандагонро васеъ созад. Зеро имтиёзҳои гумрукию андозӣ аз инструменти асосие ба шумор мераванд, ки тариқи он афзоиши тиҷорати соҳа татбиқ карда мешавад, даромаднокӣ таъмин мегардад ва талаботи аҳолӣ қонеъ карда мешавад.

**Мухтавои асосии мавод.** Таҳқиқот фарогири ҷанбаҳои назариявии низоми имтиёзҳои гумрукию андозӣ дар шароити муосири иқтисодӣ буда, вобаста ба такмилёбии имтиёзҳои гумрукию андозӣ ва шарикии давлат ва бахши хусусӣ пешниҳодҳои муфид тавсия намудаанд, ки истифодаи онҳо дар соҳаи кишоварзӣ аз манфиат холӣ нест.

Воқеан имрӯз дар Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 омадааст, ки «Дар самти таъмин намудани амнияти озуқаворӣ ва дастрасии аҳолӣ ба ғизои хушсифат пешбурди ислоҳоти аграрӣ, таъмини дастрасии иқтисодӣ ва физикии озуқа дар заминаи рушди устувори бахши агросаноатӣ, диверсификатсияи истеҳсолоти кишоварзӣ ва баланд бардоштани ҷолибияти соҳа, бахусус барои хоҷагиҳои деҳқонӣ аз ҳисоби ташаккул ва таҳким додани занҷирҳои арзиши иловашуда» [11, с. 10]. ба радифи муҳимтарин тадбирҳои барои ноилшавӣ ба ҳадафҳои стратегии мамлакат пешбинӣ шудааст. Вобаста ба ин дар айни замон, ҳангоми нокифоя будани таъминоти бахши аграрӣ бо захираҳои истеҳсолӣ, якбора бад гардидани вазъи молиявии истеҳсолкунандагони молу маҳсулот, таҳия ва татбиқи низоми ҳамаҷониба, тадбирҳое, ки ба устуворӣ ва рушди минбаъдаи самаранокии соҳаи кишоварзӣ нигаронида шудаанд, аз тарафи Ҳукумати ҷумҳурӣ аҳамияти аввалиндараҷа додашуда роҳҳои ҳавасмандии ин бахшро такмил додаистодаанд.

Меҳвари асосии механизмҳои молиявии ҳавасмандгардонии истифодаи самараноки захираҳои иқтисодӣ дар низоми механизми молиявии рушди иқтисодӣ инъикос мегардад[14;16;17]. Аз ин нуқтаи назар, ба мо муносиб аст, то ки оид ба нақш ва моҳияти имтиёзҳо дар низоми механизми молиявӣ ҳарф занем. Низоми механизми молиявии рушди иқтисодиро метавон дар ду ҷанбаҳои ба ҳам алоқаманд муаррифӣ кард: монетарӣ, ки таҳти таъсири бевоситаи механизмҳои пулӣ амалӣ карда мешавад ва ғайримонетарӣ, ки бо амали механизмҳои буҷетӣ муайян карда мешаванд. Ин раванд тадбиқи сиёсати молиявӣ ва сиёсати пуливу қарзиро бо ҳам наздик намуда, ҳадафҳои гузоштаашуда дар рушди иқтисодиёт амалӣ мегардад. Аз лиҳози хусусиятҳои миллӣ инъикосгари низоми молиявӣ ин механизми молиявӣ ба ҳисоб равфта, аҳамият ва мубрам будани он возеҳу равшан мегардад.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон баҳри дар амал татбиқ намудани стратегияи рушди устувори иқтисодӣ ва ба роҳ мондани истеҳсолоти маҳсулоти ватании рақобаттобовар ва ба ин роҳ афзун намудани иқтидори содиротии кишвар аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон чораҳои назаррас андешида шудааст. Яке аз фишангҳои молиявие, ки ба ин раванд таъсири мусбӣ мерасонад ин имтиёзҳои амалкунандаи қонунгузории андоз ва гумрук ба ҳисоб меравад.

Ҳолатҳои хароҷоти давлатиро ҳангоми амалисозии имтиёзҳо ба тариқи гуногун баҳогузорӣ менамоянд. Ба ақидаи Ҷеймс С. як қатор ташкилотҳо ба имтиёзҳои андозӣ бо роҳҳои гуногун соҳиб мешаванд, ки раванди сарбории аз андоз озод гардиданро дар чунин ҳолат мебинад, яъне дар канорагирӣ кардан аз тариқи интиқоли фоида аз филиали корхонае, ки аз имтиёзҳо бархӯрдор намебошад, ба филиале, ки нисбат ба он имтиёзи андозӣ татбиқ мешавад [1].

Ба ин раванд хароҷоти расмиёти маъмурӣ, ки аз расмиёти мушкили пешниҳоди имтиёзҳо ва мониторинги минбаъдаи онҳо вобастагӣ дорад, дохил мешавад [2].

Таҳқиқотҳо нишон медиҳанд, ки муҳаққиқон ҳавасмандгардонӣ ва ҳимояи базаи андозиро омӯхта, чунин таърифи иқтисодӣ пешниҳод менамояд. Ҳангоми тақсимоти захираҳо байни бахшҳое, ки бо дарназардошти тағйирёбии вазъият аз имтиёз бархӯрдор мегарданд, дар ҳоле, ки корхонаҳои дар ин бахш таъсисёфта, чун қоида дар ҳимояи манфиатҳо назар ба корхонаҳои навтаъсисёфта муваффақтар мебошанд [3].

Маълум аст, ки мақсади асосии пешниҳоди имтиёзҳо таъмини ҳавасмандгардонии молиявию иқтисодии андозсупорандагон ҷиҳати рушд додан ва васеъ намудани доираи фаъолияти соҳаҳои

афзалиятнок, таъсиси ҷойҳои нави корӣ, баланд бардоштани фонди музди меҳнат, ҳавасмандгардонӣ ва беҳтар намудани сатҳи иҷтимоии кормандон, фароҳам овардани шароити мусоиди иқтисодӣ барои рушди истеҳсолот ва ҷалби сармоя, инчунин дастгирии давлатии соҳибкорӣ дар ҳалли мушкилиҳои хусусияти иҷтимоидошта маҳсуб меёбад.

Дар Паёми Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26.12.2018 оид ба масъалаи рушди соҳаи кишоварзӣ қайд шудааст, ки «мақсади стратегие, ки ба ташкили ҷойҳои корӣ ва афзоиши иқтидори содироти мамлакат бевосита таъсир мерасонад, таъмини амнияти озуқаворӣ тавассути рушди соҳаи кишоварзӣ мебошад»[1]. Рушди соҳаи кишоварзӣ бошад, аз оқилона ва самаранок истифода дастгириҳои молиявӣ вобастагӣ дорад. Натиҷаи ҳамин аст, ки дар тақсимоти идоравӣ 57 ададро имтиёзҳои андозӣ ва 47 ададро имтиёзҳои гумрукӣ ташкил дода, имтиёзҳои мавриди таҳлил қарордодашуда, дар маҷмӯъ 45 фоизи шумораи умумии имтиёзу сабукиҳои дар қонунгузории амалкунанда муқарраршударо дар бар мегирад. Зеро, чунин имтиёзҳо ҳамчун хароҷоти андозӣ эътироф гардида, ҳиссаи онҳо аз рӯи хароҷот нисбатан назаррас мебошад.




Расми 1.- Вазъи тақсимоти имтиёзҳои андозию гумрукӣ аз рӯи соҳаҳо.

Дар умум таҳлил карда бароем, аз тавсифи умумии имтиёзҳо бармеояд, ки дар тақсимоти соҳавӣ ба бахши саноат 39 имтиёз, кишоварзӣ 14 имтиёз, сармоягузорӣ 13 имтиёз, тандурустӣ 3 имтиёз, энергетика 10 имтиёз, қарзӣ - молиявӣ 5 имтиёз, нақлиёт 7 имтиёз, сайёҳӣ 3 имтиёз ва дигар соҳаҳои мухталифи иқтисодиёт 10 имтиёз рост меояд.




| | 2013 | 2014 | 2015 | 2016 | 2017 | 2018 | 2019 | 2020 | 2021 | 2022 |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Имтиёзҳо дар маҷмуъ | 3306,5 | 3603,1 | 4260,3 | 5456,1 | 4911,1 | 5937 | 7301,3 | 7678,2 | 11702,3 | 12781,7 |
| Имтиёзҳои андозӣ | 1645 | 1992,8 | 2470,1 | 2990,8 | 2822,5 | 3293,3 | 4435,7 | 4666,9 | 5860,3 | 7104,9 |
| Имтиёзҳои гумрукӣ | 1661,5 | 1610,3 | 1790,2 | 2465,3 | 2088,6 | 2643,7 | 2865,6 | 3011,3 | 5842 | 5676,8 |
| Нисбат ба ММД | 8,20% | 7,90% | 8,80% | 10,00% | 8,00% | 8,60% | 9,40% | 9,30% | 11,40% | 10,90% |
| Нисбат ба даромадҳои ҷорӣ | 35,20% | 31,40% | 34,00% | 43,20% | 33,40% | 35,20% | 41,00% | 41,80% | 52,60% | 50,60% |

Расми 2. имтиёзҳои андозию гумрукӣ, вазни қиёсии онҳо нисбат ба ММД ва даромадҳои ҷории буҷети давлатӣ (бо млн сомонӣ)

Дар давраи солҳои 2013-2022 маблағи имтиёзҳои ба субъектҳои соҳибкорӣ татбиқшуда, дар маҷмӯъ ба 67,0 млрд сомонӣ баробар гардида, аз ин 37,3 млрд сомониро имтиёзҳои андозӣ ва 29,7 млрд сомониро имтиёзҳои гумрукӣ (тарифӣ) ташкил медиҳанд [13].

Маблағи имтиёзҳои андозию гумрукии ба субъектҳои соҳибкорӣ дар соли 2013 татбиқшуда 3,3 млрд сомонӣ, вазни қиёсии он 8,2 фоизи ММД ва 35,2 фоиз даромадҳои ҷории буҷети давлатиро ташкил дода бошад, пас ин нишондиҳанда дар соли 2022 ба 12,8 млрд сомонӣ баробар ба 10,9 фоизи ММД ва 50,6 фоизи даромадҳои ҷории буҷети давлатӣ баробар гардида, дар соли 2022 нисбат ба соли 2013-ум 3,9 маротиба зиёд гардида, дар давраи таҳлилшаванда вазни қиёсии он нисбат ба ММД 2,7 фоиз ва нисбат ба даромадҳои ҷории буҷети давлатӣ 15,4 фоиз афзоиш ёфтааст.

Ҳукумати ҷумҳурӣ бо мақсади таъмини амнияти озуқавории кишвар рушди соҳаи парандапарварӣ, ба роҳ мондани истеҳсоли маҳсулоти ватании воридотивазкунанда ва ба ин васила бо Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 21 феврали соли 2018, №1511 «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон» муқаррароти низоми мазкур такмил дода шуда, аз он шартҳои пешбинишуда оид ба ҷалби сармояи хориҷӣ ва (ё) қарзи бонкҳои хориҷӣ дар ҳаҷми на камтар аз 16 миллион доллари ИМА хориҷ ва мӯҳлати татбиқи имтиёзҳо аз 12 ба 6 сол кам гардида, корхонаҳои мазкур аз супоридани андозҳои зерин озод карда шудаанд:

- андоз аз даромади шахсони ҳуқуқӣ;
- андоз аз арзиши иловашуда;
- андоз аз истифодабарандагони роҳҳои автомобилгард;
- андозҳо аз объектҳои ғайриманқул (андоз аз молу мулки ғайриманқул ва андози замин).

Пас аз такмил ёфтани шартҳои татбиқи низоми имтиёзнок шумораи субъектҳои соҳибкорӣ дар бахши парандапарварӣ фаъолияткунанда дар давраи солҳои 2017-2022 зиёд гардида, аз 65 адади соли 2017 ба 218 адад дар соли 2022 баробар гардидааст, ки 3,4 маротиба афзоиш ёфтааст[13]. Дар натиҷа саршумори паранда 4,3 маротиба афзоиш ёфта, аз 1,8 млн сар дар соли 2017 ба 7,8 млн сар дар соли 2022 баробар гардидааст, нигаред ба расми 3.




Расми 3. Шумораи корхонаҳои парандапарварӣ ва саршумори паранда дар солҳои 2013-2022

Дар нитҷаи ин дастгириҳои ҳукумат солҳои 2017-2022 истеҳсоли тухми паранда 6,3 маротиба зиёд гардида, бо натиҷаи татбиқи имтиёзҳо воридоти он 12,5 маротиба коҳиш ёфтааст. Яъне, агар дар соли 2017 дар ҷумҳурӣ 162,6 млн дона тухм истеҳсол гардида, ба ҷумҳурӣ 194,4 млн дона тухм ворид шуда бошад, пас ин нишондиҳандаҳо дар соли 2022 мутаносибан ба 1029,1 млн дона ва 15,6 млн дона баробар гардидааст.

Таҳқиқотҳо нишон медиҳанд, ки новобаста аз татбиқи имтиёзҳо ба бахши парандапарварӣ арзиши миёнаи тухми паранда сол аз сол тамоюли зиёдшавӣ дошта, агар дар соли 2017 арзиши миёнаи 10 дона тухми паранда 8,2 сомониро ташкил медод, пас он дар соли 2022 ба 11,1 сомонӣ баробар гардида ё 35,4 фоиз афзоиш ёфтааст, ниг. ба расми 4.




Расми 4. Истеҳсол, воридот ва арзиши тухми паранда дар солҳои 2013-2022

Бояд қайд намуд, ки дар ин солҳо истеҳсоли гӯшти паранда дар вазни зинда 47,4 маротиба афзоиш ёфта, воридоти он 20,2 маротиба коҳиш ёфтааст, ки инро мо дар соли 2017 дида метавонем, ки дар ҷумҳурӣ 0,9 ҳазор тонна гӯшти паранда

истеҳсол гардида, ба ҷумҳурӣ 44,4 ҳазор тонна гӯшти паранда ворид шуда бошад, пас ин нишондиҳандаҳо дар соли 2022 мутаносибан 42,7 ҳазор тонна ва 2,2 тоннаро ташкил дода, дар маҷмӯъ 482 тонна гушти паранда содирот карда шудааст. Аммо новобаста аз зиёд гардидани истеҳсоли гӯшти паранда дар дохили кишвар арзиши миёнаи он тамоюли зиёдшавӣ дорад. Агар, дар соли 2017 арзиши миёнаи 1 кг гӯшти паранда 17,7 сомониро ташкил медод, пас он дар соли 2022 ба 30,9 сомонӣ баробар гардида, дар маҷмуъ 74,6 фоиз ё ба ҳисоби миёна ҳамасола 12,4 афзоиш ёфтааст, нигаред ба расми 5.




| | 2013 | 2014 | 2015 | 2016 | 2017 | 2018 | 2019 | 2020 | 2021 | 2022 |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Воридоти гушт (ҳазор тонна) | 50,2 | 63,9 | 56,1 | 37 | 44,4 | 27,4 | 24,2 | 14,3 | 4 | 2,2 |
| Истеҳсоли гушт (ҳазор тонна) | 0,9 | 1,2 | 1,1 | 1,2 | 0,9 | 3,5 | 11,9 | 24,6 | 37,5 | 42,7 |
| Арзиши гушт (бо сомонӣ) | 15,4 | 14,6 | 15,2 | 16,1 | 17,7 | 20,5 | 24,8 | 24,8 | 28,2 | 30,9 |

Расми 5. Истеҳсол, воридот ва арзиши гӯшти паранда дар солҳои 2013 ва 2022

Бояд гуфт, ки дар соли 2022 аз ҷониби корхонаҳои соҳа истеҳсоли тухми паранда 1029,1 млн дона ва гӯшти паранда 42,7 ҳазор тоннаро ташкил дода, ба сари аҳолӣ мутаносибан 108 дона ва 4,5 кг дар як сол рост меояд. Дар ҳоле, ки тибқи меъёрҳои физиологии истеъмолии маҳсулоти асосии озуқаворӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумхурии Тоҷикистон аз 31 августи соли 2018, №451 тасдиқ гардидааст, дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои ҳар сари аҳолӣ дар як сол истеъмоли 180 дона тухм ва 7,32 кг гӯшти паранда тавсия дода шудааст.

Дар натиҷаи ин муваффақиятҳо дар соли 2017 шумораи коргарони кироя дар маҷмӯъ дар ҳамаи субъектҳои парандапарварӣ ва корхонаҳои истеҳсолкунандаи хӯроки омехтаи паранда ва чорво 2872 нафар ва фонди музди меҳнат 26,2 млн сомониро ташкил додааст, ки ин рақамҳо дар соли 2022 ба 2911 нафар ва 36,6 млн сомонӣ фонди музди меҳнат баробар гардида, дар давоми 6 сол афзоиши он мутаносибан 39 коргар ва 10,4 млн сомонӣ фонди музди меҳнатро ташкил медиҳад. Дар ин асно дар соли 2017 музди миёнаи моҳона барои як коргар дар соҳаи мазкур 759 сомониро ташкил дода, он дар соли 2022 ба 884 сомонӣ баробар гардидааст, ки афзоиши он ҳамагӣ 125 сомонӣ ё 16,5 фоизро ташкил медиҳад. Аммо бояд як чизи хеле муҳимро дар ин ҷо қайд намоем, новобаста аз он, ки дар соли 2022 шумораи умумии кормандон нисбат ба соли 2017 зиёд гардида бошад ҳам, аммо он аз рӯи солҳо тамоюли камшавӣ дорад. Агар дар соли 2020 шумораи умумии кормандон субъектҳои парандапарварӣ ва корхонаҳои истеҳсолкунандаи хӯроки омехтаи паранда ва чорво ҳамагӣ 3634 нафарро ташкил намуда бошад, пас ин нишондиҳанда дар соли 2021 ба 2746 нафар ва дар соли 2022 ба 2911 нафар баробар гардидааст, шарҳи васеи онро дар ҷадвали 1 дидан мумкин аст.

**Ҷадвали 1.** Нишондиҳандаҳои иҷтимоӣ барои солҳои 2018-2022 дар шакли ҷадвал чунин мебошад.

| № | Нишондиҳандаҳо | Солҳо | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | 2017 | 2018 | 2019 | 2020 | 2021 | 2022 |
| 1 | Шумораи умумии кормандон (нафар) | 2872 | 3213 | 3510 | 3634 | 2746 | 2911 |
| 2 | Фонди музди меҳнат (млн сомонӣ) | 26,2 | 32,1 | 35,7 | 38,2 | 30,0 | 36,6 |
| 3 | Музди миёнаи меҳнат (сомонӣ) | 759 | 833 | 848 | 879 | 818 | 884 |

Хӯроки омехтаи паранда ва чорво бошад дар соли 2017 даромади умумии онҳо дар маҷмӯъ 148,9 млн сомониро ташкил намуда бошад, пас ин нишондиҳанда дар соли 2022 ба 2651,1 млн сомонӣ баробар гардида, нисбат ба соли 2017 ба маблағи 2502,2 млн сомонӣ ё 17,8 маротиба зиёд гардида, Фоидаи корхонаҳои парандапрарварӣ дар соли 2017 9,5 млн сомониро ташкил дода, нишондиҳандаи мазкур дар соли 2022 ба 102,9 млн сомонӣ баробар гардидааст, ки 10,8 маротиба афзоиш ёфтааст. Аз рӯи ҳисоботҳои пешниҳодгардида, дар соли 2022 даромаднокии (рентабелности) соҳаи мазкур 3,9 фоизро ташкил дода, он нисбат ба соли 2017 (6,4 фоиз) 2,5 фоиз коҳиш ёфт.

Дар натиҷаи ин пешравиҳо арзиши воситаҳои асосии субъектҳои парандапарварӣ ва корхонаҳои истеҳсолкунандаи хӯроки омехтаи паранда ва чорво дар соли 2017 маблағи 484,3 млн сомониро ташкил намуда бошад, ин нишондиҳанда дар соли 2022 ба 793,5 млн сомонӣ баробар гардидааст, ки дар маҷмӯъ 63,8 фоиз афзоиш ёфта, сол аз сол рушди соҳаро нишон медиҳад.

Маблағи ҳисобшудаи андозҳои соҳаи мазкур 3 маротиба афзоиш ёфта, аз 9,5 млн сомонии соли 2017 ба 28,8 млн сомонӣ дар соли 2022 баробар гардидааст, ки новобаста аз он, ки дар соли 2022 маблағҳои ҳисобшуда нисбат ба соли 2017 зиёд гардида бошад ҳам, аммо он аз рӯи солҳо тамоюли камшавӣ дорад. Агар дар соли 2018 маблағи ҳисобшудаи андозҳо аз ҳисоби субъектҳои парандапарварӣ ва корхонаҳои истеҳсолкунандаи хӯроки омехтаи паранда ва чорво ҳамагӣ 32,6 млн сомониро ташкил намуда бошад, пас ин нишондиҳанда дар соли 2019 ба 20,1 млн сомонӣ, дар соли 2020 ба 16,3 млн сомонӣ, дар соли 2021 ба 28,9 млн сомонӣ ва дар соли 2022 ба 28,8 млн сомонӣ баробар гардидааст.

Ҷадвали 2. Нишондиҳандаҳои молиявӣ барои солҳои 2017-2022 дар шакли ҷадвал чунин мебошад.

| № | Нишондиҳандаҳо | Солҳо | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | 2017 | 2018 | 2019 | 2020 | 2021 | 2022 |
| 1 | Арзиши воситаҳои асосӣ (млн сомонӣ) | 484,3 | 512,4 | 583,7 | 677,1 | 639,6 | 793,5 |
| 2 | Даромади умумӣ (млн сомонӣ) | 148,9 | 283,1 | 727,7 | 1185,7 | 1491,9 | 2651,1 |
| 3 | Фоида/зарар (+/-) (млн сомонӣ) | 9,5 | 33,9 | 83,3 | 66,5 | 45,0 | 102,9 |
| 4 | Даромаднокӣ (рентабелност) (фоиз) | 6,4 | 12,0 | 11,5 | 5,6 | 3,0 | 3,9 |
| 5 | Маблағи андозҳои ҳисобшуда (млн сомонӣ) | 9,5 | 32,6 | 20,1 | 16,3 | 28,9 | 28,8 |

Маврид ба зикр аст, ки аз имтиёзҳои пешниҳодшуда ба бахши парандапарварӣ, истеҳсолкунандаи хӯроки омехтаи паранда ва чорво даромади буҷети давлатӣ бетаъсир намонда, мувофиқи маълумоти пешниҳоднамудаи Кумитаи андоз ҳамагӣ маблағи андозҳои дохилии ба буҷети давлатӣ вориднагардида аз ҳисоби

татбиқи имтиёзҳо ба бахши парандапарварӣ дар соли 2018-ум 27,8 млн сомонӣ, дар соли 2019-ум 67,5 млн сомонӣ, дар соли 2020-ум 57,8 млн сомонӣ дар соли 2021-ум 276,0 млн сомонӣ ва дар соли 2022-ум 412,8 млн сомониро ташкил додааст.

Ҷадвали 3. Маблағи андозҳои дохилии ба буҷети давлатӣ вориднагардида аз ҳисоби татбиқи имтиёзҳо ба бахши мазкур дар буриши андозҳо чунин мебошад.

| № | Андозҳои озодкардашуда | Талафоти буҷети давлатӣ дар буриши солҳо (бо млн сомонӣ) | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | | 2018 | 2019 | 2020 | 2021 | 2022 |
| 1 | Андоз аз фоида (андози низоми соддакардашуда) | 4,4 | 13,9 | 12,7 | 5,8 | 13,4 |
| 2 | Андоз аз арзиши иловашуда | 22,0 | 52,1 | 43,5 | 268,5 | 397,7 |
| 3 | Андоз аз истифодабарандагони роҳҳои автомобилгард | 2,0 | 5,1 | 8,3 | 0,0 | 0,0 |
| 4 | Андози замин | 0,2 | 0,2 | 0,2 | 0,2 | 0,2 |
| 5 | Андоз аз объектҳои ғайриманқул | 1,2 | 1,3 | 1,4 | 1,5 | 1,5 |
| | Ҳамагӣ | 27,8 | 67,5 | 57,8 | 276,0 | 412,8 |

Дигар даромадҳо ба буҷети давлатӣ воридшаванда ин пардохтҳои гумрукӣ мебошад, ки мувофиқи маълумоти пешниҳоднамудаи Хадамоти гумрук дар маҷмӯъ маблағи пардохтҳои гумрукии ба буҷети давлатӣ вориднагардида аз ҳисоби татбиқи имтиёзҳо ба бахши парандапарварӣ, истеҳсолкунандаи хӯроки омехтаи паранда ва чорво дар соли 2018 маблағи 38,9 млн сомонӣ, дар соли 2019 маблағи 115,3 млн сомонӣ, дар соли 2020 маблағи 236,5 млн сомонӣ, дар соли 2021 маблағӣ 519,7 млн сомонӣ ва дар соли 2022 маблағи 882,0 млн сомониро ташкил медиҳад, шарҳи пурраи онро дар ҷадвали 4 дидан мумкин аст.

**Ҷадвали 4.** Таҳлили маблағи пардохтҳои гумрукии ба буҷети давлатӣ вориднагардида аз ҳисоби татбиқи имтиёзҳо ба бахши парандапарварӣ, истеҳсолкунандаи хӯроки омехтаи паранда ва чорво дар солҳои 2018-2022

| № | Номгӯй | Талафоти буҷети давлатӣ дар буриши солҳо (бо млн сомонӣ) | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | | 2018 | 2019 | 2020 | 2021 | 2022 |
| 1 | Шумораи субъектҳои аз имтиёз бархӯрдоршуда, аз ҷумла (адад) | 65 | 120 | 168 | 183 | 166 |
| 1.1 | -соҳибкорони инфиродӣ | 0 | 8 | 15 | 13 | 6 |
| 1.2 | -шахсони ҳуқуқӣ | 65 | 112 | 153 | 170 | 160 |
| 2 | Арзиши гумрукӣ (бо млн доллари ИМА) | 18 | 51,7 | 95,8 | 189,6 | 376,8 |
| 3 | Пардохтҳои гумрукии озодшуда, аз ҷумла (бо млн сомонӣ) | 38,9 | 115,3 | 236,5 | 519,7 | 882,0 |
| 3.1 | -ААИ | 30,8 | 90,1 | 185,8 | 402,6 | 649,7 |
| 3.2 | -боҷи гумрукӣ | 8,1 | 25,2 | 50,6 | 117,1 | 232,3 |

Дар асоси муайянкунии методикаи баҳодиҳии самаранокии имтиёзҳо, ки 6 номгӯи имтиёзҳои ба бахши парандапарварӣ, истеҳсоли хӯроки омехтаи паранда ва чорво муқарраршуда қисман самаранок буда, нишондиҳандаҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва молиявии корхонаҳои парандапарварӣ ва корхонаҳои ба истеҳсоли хӯроки омехтаи паранда ва чорво машғулбуда, дар давраи солҳои 2017-2022 дар қисме аз нишондиҳандаҳо тамоюли зиёдшавӣ ва дар қисми дигари онҳо бошад тамоюли коҳишёбӣ дорад. Инро мо дар натиҷаи таҳлил муайян намудем, ки дар

солҳои 2017-2022 шумораи субъектҳои соҳаи парандапарварӣ, истеҳсоли хурокӣ омехтаи парранда ва чорво дар давоми 6 сол аз 65 адад ба 218 адад, яъне 153 адад зиёд гардидааст, аммо шумораи умумии кормандон дар соли 2020-ум 3634 нафар, соли 2021-ум 2742 нафар ва дар соли 2022-ум 2911 нафар кам гардидааст, ки камшавии шумораи кормандони корхонаҳои соҳаи мазкур 723 нафарро ташкил медиҳад.

Бо баробари истеҳсоли гушти паранда дар соли 2017 дар ҷумҳурӣ 0,9 ҳазор тоннаро ташкил дода, арзиши он 17,7 сомониро барои як кг дар ҳамон давра дар бар гирифта, ин нишондиҳанда дар соли 2022-ум 42,7 ҳазор тонна истеҳсол карда шуда, нархи он барои 1 кг ба 30,9 сомонӣ баробар гардидааст, ки дар муқоиса ба соли 2017-ум 74,6 фоиз афзоиш ёфтааст. Ҳоло он ки бо зиёд гардидани истеҳсоли гушти паранда бояд нархи он дар бозор паст ё муътадил нигоҳ дошта мешуд.

Дар баробари ин, истеҳсоли тухми паранда дар соли 2017 дар ҷумҳурӣ 162,6 млн дона ташкил дода, нархи он барои 10 дона 8,2 сомонӣ буд, ки ин нишондод дар соли 2022-ум 1029,1 млн дона истеҳсол карда шуда, арзиши он 11,1 сомонӣ барои 10 дона баробар гардидааст, ки арзиши нархи тухм дар муқоиса ба соли 2017-ум 35,4 фоиз афзоиш ёфтааст.

Ҳамзамон, омӯзиши воридоти гандум дар фаъолияти субъектҳои парандапарварӣ нишон дод, ки дар соли 2022 барои эҳтиёҷоти корхонаҳои парандапарварӣ ва истеҳсоли хӯроки омехтаи паранда ва чорво дар ҳаҷми 580,3 ҳазор тонна гандум ворид гардидааст ва дар соли 2022 дар баробари гандум 137,6 ҳазор тонна хӯроки омехтаи паранда (комбикорм) тариқи имтиёзнок ворид гардидааст.

Дар баробари чунин имтиёзҳо зарур мешуморем, ки ҳамроҳшавии давлат ба иқтисодиёт дар доираи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи шарикии давлат ва бахши хусуси таъмин карда шавад ва қисман вазифаи давлат ба бахши хусуси вогузор карда мешавад, ки ҳамин ҳадаф хусусияти истеҳсолоти кишоварзӣ, инчунин аҳамияти умумии миллии он барои иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон баландбардории нақши танзимкунандаи давлат, пеш аз ҳама танзими молиявии бозорҳои озуқавориро талаб мнеамояд.

Таҳлили муносибатҳои кредитию молиявии субъектҳои истеҳсоли озуқаворӣ як қатор омилҳоеро ошкор намуд, ки рушди системаи миллии кредиткунии кишоварзиро бозмедоранд:

- набудани ҳамкории ниҳодҳои таъминкунандаи молия ва кредит барои бахши озуқаворӣ;

- аз даст рафтани дараҷаи лозимаи гирдоварии пул дар доираи барномаву лоиҳаҳои мақсаднок, ки як қатор фондҳои ватанӣ, хориҷӣ ва муштарак амалӣ менамоянд.

Дар натиҷаи таҳқиқотҳои гузаронидашуда ҷиҳати додани имтиёзҳои андозию гумрукӣ ва ноил гардидан ба ҳадафҳои стратегии давлат ҷиҳати таъмини озуқаворӣ, амалигардонии тавсияҳои зерин аз ҷониби корхонаҳои парандапарварӣ ва корхонаҳои ба истеҳсоли хӯроки омехтаи паранда ва чорво машғулбуда, тавассути роҳнамоӣ ва пайгирии мақомотҳои ваколатдори давлатӣ дар соҳаи саноат ва кишоварзӣ ба мақсад мувофиқ мебошад:

1. Додани имтиёзи андозию гумрукӣ барои вориди хуроки чорвою парранда.

2. Боз ҳам зиёд намудани музди меҳнати кормандони соҳа.

3. Қонеъ намудани талаботи аҳолӣ бо меъёрҳои ҳадди ақали маҳсулоти ғизоӣ ва таъмини фаровонии бозори истеъмолӣ.

4. Паст намудани арзиши маҳсулоти истеҳсолшаванда.

5. Тавсия дода мешавад, ки дар рӯйхати воридоти техникаи кишоварзӣ ва таҷҳизоти технологӣ, аз андози арзиши иловашуда, боркашонӣ, таҷҳизот, технологияи сабзавот, ашёи хом ва маводҳо барои истеҳсоли бастабандӣ истифода баранд. Ин тағйирот дар қонунгузории андоз ба андешаи мо ба рушди минбаъдаи фаъолияти соҳибкорӣ ва афзоиши ҳаҷми сармоягузорӣ дар инфрасохтори бозори озуқаворӣ мусоидат мекунад.

Бо истифода аз имтиёзҳои андозию гумрукӣ пурра фароҳам овардани заминаи истеҳсоли хӯроки омехтаи паранда ва чорво, инчунин ба роҳ мондани сеххои инкубатсионӣ дар дохили кишвар. Зеро, новобаста аз зиёд гардидани истеҳсоли хӯроки омехтаи паранда ва чорво дар дохили кишвар, дар давраи солҳои 2017-2022 воридоти он низ ба таври назаррас зиёд гардидааст. Инчунин то ба ҳол тухмҳои инкубатсионӣ, бо мақсади парвариши минбаъдаи чӯҷаи мурғ аз ҷониби корхонаҳои парандапарварӣ аз хориҷи кишвар ворид гардида истодааст.

**Адабиёт**

1. Джеймс С. Налоговые и неналоговые льготы и инвеститции: свидетельства и последствия для политики. Консультативная служба по иностранным инвестициям. Всемирный банк. – Вашингтон, округ Колумбия, 2009.

2. Калаков Р.Н. К вопросу об эффективности налоговых льгот: анализ современной практики» (https://docviewer.yandex.ru /view/0/?*=N3Jk2skALXBzwHUdL49em0ek).

3. Махзани маълумотҳои Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2016- 2022.

4. Национальная стратегия развития Республики Таджикистан на период до 2030 год. – Душанбе, 2016. – С. 41.

5. Қурбонов А.К. Назирзода Н.И. Роль налоговых льгот в сфере туризма и ее влияние в развитие нацинальной экономике // Экономика Таджикистана. – 2020. – №4(1).

6. Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Тартиби пешниҳоди имтиёзҳои андозӣ ва гумрукӣ» аз 31 декабри соли 2020, №670 11. Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз 17.09.2012, №901.

7. Кодекси гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз 3 декабри соли 2004 (Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2004. – № 12.

8.Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 23.12.2021, №1844. "С. 31

9. Дастурамал дар бораи хисоб ва пардохт намудани андози ягонаи кишоварзӣ», ки дар Вазорати адлия аз 01.02.2022, №1125.

10.Дастурамал оид ба андозбандии фаъолияти парандапарварӣ, мохдпарварӣ ва исте^соли хуроки омехтаи паранда ва чорво. Дар Вазорати адлия аз 04.02.2022, №1130 ба кайд гирифта шуд

11. Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030.

12. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2013». – 2022. – №1469.

13. Таҳлили самаранокии имтиёзҳои андозӣ ва гумрукии амалкунанда, Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Душанбе-2023.

14. Кошонова, М. Р. Модели регрессионии арзёбии иқтидори сармоягузорӣ ва роҳҳои такмили он дар ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ / М. Р. Кошонова, Ҷ. И. Зубайдов // Паёми молия ва иқтисод. – 2023. – No. 4-2(39). – P. 18-28. – EDN SUOUEY.

15. Маъдиев, С. Зарурати таҳлили оморию эконометрикии ташаккули иқтидори инвеститсионии минтақаҳо дар Ҷумҳурии ТОҶИКИСТОН / С. Маъдиев, Ҷ. И. Зубайдов // Паёми молия ва иқтисод. – 2020. – No. 1(21). – P. 54-62. – EDN IJOZGB.

16. Шарипов, Б. М. Методы оценки влияния финансового рынка на экономический рост: эволюция подходов / Б. М. Шарипов // Экономика Таджикистана. – 2022. – № 1. – С. 47-55. – EDN OUXPWL.

17. Шарифзода, Б. М. Оценка влияния финансового механизма на инновационное развитие промышленности Таджикистана / Б. М. Шарифзода // Экономика Таджикистана. – 2024. – № 3. – С. 72-85. – EDN DVRQEW.

**Маълумот дар бораи муаллиф: Ашурзода Шоҳмурод Мирзомурод** - номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсенти кафедраи фаъолияти гумрукии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Суроға: 734005, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17. Телефон: (+992) 918-16- 13-55. E-mail: shohmurod_1987@mail.ru.

**Сведение об авторе: Ашурзода Шохмурод Мирзомурод** - кандидат экономических наук, доцент кафедры таможенной деятельности Национального университета Таджикистана. Адрес: 734005, Республика Таджикистан, г.Душанбе, проспект Рудаки, 17. Телефон: (+992) 918-16-13-55. E-mail: shohmurod_1987@mail.ru.

**Information about the author: Ashurzoda Shohmurod Mirzomurod**- candidate of economic sciences, associate professor of the department of customs activities, Tajik National University. Address: 734005, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue, 17. Phone: (+992) 918-16-13-55. E-mail: shohmurod_1987@mail.ru.

**УДК: 336**

# РУШДИ ХИЗМАТРАСОНИҲОИ ФОСИЛАВӢ ДАР НИЗОМИ БОНКИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Одинаев С.П.**
**Ғаюров Ғ.Ҳ.**

***Аннотатсия.*** *Дар мақола масоили таҳкими хизматрасониҳои фосилавӣ дар низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди таҳқиқ қарор дода шудааст. Муаллифон рушди хизматрасониҳои бокиро бо ташаккули иқтисодиёти рақамӣ алоқаманд медонанд ва асоснгк гардидааст, ки густариши муносибатҳои молиявӣӣ, рушди технологияи инноватсионӣ метавонад, ки бозори хизматрасониҳои фосилавиро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон тақвият бахшад. Вобаста ба ин, дар мақола омилҳои ба рушди хизматрасониҳои бонкӣ таъсиррасон баррасӣ гардида, рушди минбаъдаи ин хизматрасониҳо тавсия дода шудааст.*

***Калидвожаҳо:*** *низоми бонкӣ, ташкилотҳои қарзӣ, Бонки миллии Тоҷикистон, хизматрасониҳои бонкӣ, маҳслуотҳои бонкӣ, хизматрасониҳои фосилавӣ, бозори хизматрасониҳои бонкӣ.*

***Барои иқтибос:*** *Одинаев С.П. Рушди хизматрасониҳои фосилавӣ дар низоми бонкии ҷумҳурии тоҷикистон / С.П. Одинаев, Ғ.Ҳ. Ғаюров // Паёми молия ва иқтисод. – 2024. - № 4.2(43) С. 254-260.*

# РАЗВИТИЕ ДИСТАНЦИОННЫХ УСЛУГ В БАНКОВСКОЙ СИСТЕМЕ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН

**Одинаев С.П.**
**Гаюров Г.Х.**

***Аннотация.*** *В статье рассматриваются вопросы развития дистанционного обслуживания в банковской системе Республики Таджикистан. Авторы связывают развитие дистанционных услуг со становлением цифровой экономики и утверждают, что расширение финансовых отношений и развитие инновационных технологий могут развивать рынок дистанционных банковских услуг в Республике Таджикистан. В связи с этим в статье рассматриваются факторы, влияющие на развитие банковских услуг, и даются рекомендации по дальнейшему развитию этих услуг.*

***Ключевые слова:*** *банковская система, кредитные организации, Национальный банк Таджикистана, банковские услуги, банковские продукты, дистанционное обслуживание, рынок банковских услуг.*

# DEVELOPMENT OF REMOTE SERVICES IN THE BANKING SYSTEM OF THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN

**Odinaev S.P.**
**Gayurov G.H.**

***Abstract.*** *The article discusses the development of remote services in the banking system of the Republic of Tajikistan. The authors associate the development of remote services with the formation of the digital economy and argue that the expansion of financial relations and the development of innovative technologies can develop the market of remote banking services in the Republic of Tajikistan. In this regard, the article considers the factors influencing the development of banking services and provides recommendations for the further development of these services.*

***Keywords:*** *banking system, credit institutions, National Bank of Tajikistan, banking services, banking products, remote services, banking services market.*

**Гузориши масъала.** Рушди босуръати технологияҳои иттилоотӣ ва коммуникатсионӣ боиси ба вуҷуд овардани иқтисодиёти рақамӣ гардид. Ҷорӣ намудани технологияҳои иттилоотӣ дар бахшҳои асосии иқтисодёт, дигаргуниҳои куллиро ба миён овард. Таъсис ва рушди интернет боиси пайдоиши иттиҳоди бузурги шабакаҳо дар муассисаҳои молиявӣ ва хизматрасониҳои фосилавии бонкӣ (ХФБ) гардид, ки имконияти дастрасӣ ба хизматрасониҳои бонкӣ аз ҳама ҷо ва дар вақти мувофиқро фароҳам овард. Аз ҳамин хотир, бонкҳои тиҷоратӣ кӯшиш менамоянд, ки бо дарназардошти тамоми имконоти мавҷуда ба мизоҷони худ хизматрасониҳои наву замонавиро пешниҳод намоянд.

**Таҳлили таҳқиқотҳои охир ва нашриёт.** Дар доираи рушди бозори хизматрасониҳои бонкӣ, тақвияти хизматрасониҳои бонкӣ ва ташаккулёбии хизматрасониҳои бонкии фосилавӣ таҳқиқотҳои зиёде дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва хориҷ аз он анҷом ёфтаанд, ки зимни омӯзиши масъалаи мазкур мавриди истифода қарор гирифтаанд. Махсусан, таҳлили ҳолати муосири рушди хизматрасониҳои фосилавии бонкӣ дар ҷараёни таҳқиқоти мазкур заминаи муносибро фароҳам оварда аст.

**Мақсади мақола.** Ҳадафи асосии таҳқиқоти мазкур аз баррасии ҷанбаҳои назариявӣ-амалии рушди хизматрасониҳои фосилавии бонкӣ ва коркарди тавсияҳои илман асоснок ҷиҳати тақвияти хизмтрасониҳои фосилавӣ дар низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон арзёбӣ мегардад.

**Мухтавои асосии мавод.** Дар шароити муосир яке аз самтҳои афзалиятноки фаъолияти ташкилотҳои қарзи рушди хизматрасониҳои фосилавии бонкӣ دониста мешавад, ки ин аз мубрамияти мавзуи таҳқиқшаванда шаҳодат медиҳад.

Лозим ба ёдоварист, ки оиди моҳияти хизматрасониҳои фосилавии бонкӣ аз ҷониби олимони соҳаи иқтисодӣ дар адабиётҳои муосири иқтисодӣ ақидаҳои мухталиф пешниҳод гардидааст. Масалан Маҳмадов О.С. қайд менамояд, ки «хизматрасониҳои фосилавии бонкӣ – ин низоми технологияҳое мебошад, ки имконияти пешниҳоди маҳсулот ва хизматрасониҳоро ба мизоҷон дар шакли фосилавӣ медиҳад» [1, С.3]. Тибқи ақидаи Бурмистрова П.Д. моҳияти хизматрасониҳои фосилавии бонкӣ дар худхизматрасонии муштариён эҳсос мегардад. Худхизматрасонӣ як намуди ҳамкории технологии байни бонк ва мизоҷон мебошад, ки имконияти истифодаи хизматрасониҳоро новобаста аз кормандони бонк медиҳад [2, С.4].

Моҳият ва аҳамияти хизматрасониҳои фосилавии бонкӣ дар таҳқиқотҳои Зяблицкая Н.В. дида мешавад. Ӯ моҳияти ХФБ чунин шаҳр медиҳад: «ХФБ –ин анҷомдиҳии хизматрасониҳои бонкӣ дар асоси фармоишҳое, ки мизоҷ бидуни ташриф ба филиалҳои бонк ё бо истифода аз дастгоҳҳои худхизматрасонии бонк ирсол кардааст мебошад» [3, С.5].

Яке аз иқтисодшиноси дигар Э.А. Уткин қайд менамояд, ки хизматрасониҳои фосилавии бонкӣ ин «таъмини маҳсулоти бонкӣ (хизматрасонии бонкӣ) берун аз ҳудуди ҷойгиршавии бонк, бе тамоси бевоситаи муштарӣ бо кормандони бонк мебошад» [4, С.17]. Тибқи ақидаи Уткин Э.А. «хизматрасониҳои фосилавии бонкӣ ба воситаи расонидани хизмат ба муштарӣ дар масофаи дур аз бонк, бе ташрифи мизоҷ ба идораи бонк, бе тамоси мустақим бо кормандони бонк – аз хона, ҷойи кор, мошин ва ғайра амалӣ карда мешавад».

Вобаста ба гуфтаҳои боло метавон қайд намуд, ки дар шароити муосир аксарияти хизматрасониҳое, ки аз ҷониби бонкҳо пешниҳод мегарданд хислати иттилоотӣ доранд. Дар ин радиф, хизматрасониҳои фосилавӣ амалан тамоми ҷанбаҳои асоси фаъолияти бонкро дар бар мегирад. Хизматрасониҳои фосилавӣ ҳамчун як шабакаи ғайрианъанавии пешниҳоди маҳсулот ва хизматрасониҳои бонкӣ амал карда, ҷиҳати мутобиқ шудан ба дархост ва талаботи муштариён мунтазам бо вазифаҳои нави хизматрасонӣ пурра карда мешавад.

Дар таҷрибаи хориҷӣ ва ватанӣ аксар вақт истилоҳи «home banking» истифода бурда мешавад, ки барои пеш бурдани амалиёти бонкӣ дар хона ҳамчун шакли

мустақили хизматрасонии бонкӣ ба аҳолӣ маънидод карда мешавад. Раванди истифодаи хизматрасонии мазкур бо технологияҳои электронӣ асос ёфтааст. Дар шароити рушди баланди технологияҳои иттилоотӣ, пуррагардии бозор ва талаботҳои баланди истеъмолгарон аз ҷониби бонк пешниҳоди чунин хизматрасониҳо шарти зарурии нигоҳ доштани рақобатпазирии бонк ба шумор меравад.

Технологияи хизматрасониҳои фосилавии бонкӣ, оғози солҳои 80-уми асри ХХ дар ИМА пайдо шудааст. Яке аз сабабҳои пайдоиши он, ин мавҷудияти маҳдудиятҳо барои кушодани филиал дар дигар штатҳо аз ҷониби бонкҳо буд [5, С.7]. Дар аввал системаи пешниҳоди хизматрасониҳои бонкӣ бо телефон ва модем ба вуҷуд омад, айни замон бошад, рушди хизматрасониҳои бонкӣ тавассути интернет сурат мегирад. Солҳои охир имконият ва зарурати пешниҳоди хизматрасонии фосилавии бонкӣ бо истифодаи шабакаи Интернет ба вуҷуд омад. Ҳамин тавр, моҳи октябри соли 1995 Security First Network таъсис ёфт ва ин якумин бонке ба шумор мерафт, ки хизматрасониро тавассути интернет пешниҳод намуд. Баъдан бонки Австриягии Bank fur Arbeit and Wirtshaft ва бонки Британии Royal Bank of Scotland чунин хизматрасониро пешниҳод намуд [6, С.4].

Хизматрасонии фосилавии бонкӣ бо истилоҳи «бонки электронӣ» (e- bank) ва «бонки виртуалӣ» зич алоқаманд аст [11, С.3]. Бонки электронӣ ё ин ки виртуалӣ гуфта, одатан бонкеро меноманд, ки офиси расмӣ надошта, муштариёнро тавассути телефон, интернет ва дар мавриди зарурат тариқи почта хизматрасонӣ мекунад.

Бо назардошти гуфтаҳои боло метавон қайд кард, ки анҷомдиҳии амалиёт ва пешниҳоди хизматрасониҳои бонкӣ дар низоми хизматрасонии фосилавии бонкӣ аз масофаи дур ба амал баровадра мешавад, чунки маҳсулот, воситаҳои гузаронидани амалиёт ва воситаҳои истифодаи хизматрасониҳои бонкӣ фосилавӣ хоҳанд буд.

Бояд қайд кард, ки баъзе иқтисоддонҳо хизматрасонии фосилавии бонкиро ҳамчун низоми мукаммал меҳисобанд. Масалан, Г.А.Титаренко қайд мекунад, ки низоми хизматрасонии фосилавии бонкӣ «маҷмӯи усулҳои пешниҳоди хизматрасониҳои бонкӣ бо истифода аз воситаҳои телекоммуникатсионӣ, ки дар он ҳузури худи муштарӣ ба бонк лозим нест» [7, С.27]. Табиист, ки ҳар як низом дорои унсурҳои ба худ хос мебошад. Низоми хизматрасонии фосилавии бонкӣ низ дорои унсурҳои таркибии худ мебошад (ниг. ба расми 1).




**Сарчашма:** Таҳияи муаллиф дар асоси маълумотҳои дар гардиши илмӣ қарор дошта

**Расми №1 Таснифи унсурҳои низоми хизматрасонии фосилавии бонкӣ**

Маълумотҳои расми 1 нишон медиҳанд, ки хизматрасонии фосилавии бонкӣ бо истифода аз банкоматҳо, бонкиги агентӣ, интернет-бонкинг, маркази тамос, бонкинги мобилӣ ва ҳамёни электронӣ амалӣ гардонида мешавад, яъне инҳо роҳҳои

асосии пешниҳоди хизматрасонии фосилавии бонкӣ ба ҳисоб мераванд. Банкомат – яке аз дастгоҳҳои асосӣ ва аз ҳама маъмулӣ мебошад, ки барои накд кардани маблағ, дар баъзе мавридҳо барои пардохти хизматрасонии гуногун низ муқаррар гардидааст. Ба воситаи бонкинги агентӣ (POS-терминалҳо) бонкҳо дар мағозаҳо ва марказҳои савдои муайян ба мизоҷонашон хизматрасонӣ мекунанд. Марказҳои тамос – яке аз роҳҳои дастрасии хизматрасониҳои молиявӣ буда, айни замон дар аксари ҳолатҳо номгӯи хизматрасониҳо хеле маҳдуд карда шудааст, аммо дар ҳолатҳои пайдоиши мушкилот бо кортҳо (гум кардан, дуздидан, рад кардани корт ва ғайраҳо) хеле муфид аст. Интернет-бонкинг бошад ин низоми технологияҳои муосирест, ки ба идора намудани суратҳисобҳои бонкӣ ба таври онлайн тавассути шабакаи интернет имкон медиҳад.

Даршароити кунунӣ, ки истифодаи телефонҳои мобилӣ оммавӣ гардидааст, бонкинги мобилӣ яке аз роҳҳои осони дастрасӣ ба хизматрасонии фосилавии бонкӣ ба ҳисоб меравад. Истифодаи бонкинги мобилӣ ба мизоҷон имкони пайдо кардани маълумотро вобаста ба ҳолати суратҳисобҳо, кортҳо, қарзҳо ва пасандозҳо медиҳад, инчунин барои анҷом додани пардохтҳо, интиқоли маблағҳо ва дигар амалиётҳо бо истифода аз телефони мобилӣ созгор аст. Бонкинги мобилӣ барои истифодабарӣ мусоид мебошад, зеро он имкон медиҳад, ки амалиётҳои молиявӣ дар ҳар вакт ва дар ҳар ҷо гузаронида шавад.

Истифодаи ҳамёни электронӣ ба муштариён имкон медиҳад, ки маблағи хизматрасонии коммуналӣ, хизматрасонии алоқаро пардохт намояд, харидҳои гуногунро дар интернет-мағозаҳо анҷом диҳад, маблағҳои пулиро аз кортҳои пластикӣ ба ҳамён ва баръакс интиқол диҳад, маблағи қарзро пардохт намояд ва дигар амалиёти бонкиро тариқи фосилавӣ гузаронанд.

Дар шароити кунунӣ технологияи пешниҳод ва истифодаи хизматрасонии фосилавии бонкӣ бо суръати баланд пеш рафта истодааст, зеро, татбиқи васеи ХФБ ҳам барои ташкилотҳои қарзӣ ва ҳам барои истеъмолкунандагони хизматрасониҳои бонкӣ афзалиятҳои зиёдро доро мебошад (нигаред ба ҷадвали 1).

**Ҷадвали 1.-** Афзалиятҳои истифодаи технологияи хизматрасонии фосилавии бонкӣ дар шароити муосир

| **БАРОИ ИСТЕЪМОЛКУНАНДАГОНИ ХИЗМАТРАСОНИҲОИ БОНКӢ** | |
|---|---|
| **Қулайнокӣ** | Имконияти истифодабарии хизматрасонӣ аз ҳар гӯшаи ҷаҳон |
| **Фаврият** | Пардохти хизматрасонӣ ба воситаи роҳҳои фосилавии хизматрасонӣ фавран амалӣ мегардад |
| **Дастрасӣ** | Арзиши истифодабарии хизматрасонии фосилавӣ кам буда, аксаран ройгон пешниҳод карда мешавад. |
| **Бароҳатӣ** | Барои анҷоми амалиёт аз рӯи суратҳисоб ва истифода хизматрасонӣ лозим нест, ки мизоҷ ҳар мудом ба бонк биёяд, метавонад амалиётро аз кучое, ки хоҳад иҷро намояд ва дар ҳар лаҳза иттилооти воқеӣ доир ба ҳолати суратҳисоби худ дастрас намояд. |
| **БАРОИ ТАШКИЛОТҲОИ ҚАРЗӢ-МОЛИЯВӢ** | |
| **Рақобатпазирии назарраси бонк.** | Яъне нисбати дигар бонкҳое, ки то ҳол низоми хизматрасонии фосилавиро дар худ татбиқ накардаанд, мақоми хосса доштан. Инчунин хизматрасонии бонкҳое, ки бе истифодаи технологияи фосилавӣ пешниҳод мегарданд, дар ҳудуди муайян маҳдуд мегарданд. Истифодаи ХФБ ба бонк имкон медиҳад, ки доираи васеъи муштариёнро берун аз ҳудуди ҷойгиршавии |

| | |
|---|---|
| | воҳидҳои сохторияш ва хориҷиёнро низ хизматрасонӣ намояд. |
| **Коҳишёбии хароҷотҳои бонк** | Татбиқи хизматрасонии фосилавӣ дар фаъолияти бонк боиси коҳишёбии хароҷотҳо барои ташкили воҳидҳои сохтории нав ва хароҷотҳои амалиётӣ мегардад. |
| **Сарфаи вақт** | Сарфаи вақт барои кормандони бонк ва кам кардани сарбории онҳо. |
| **Афзоиши даромади умумии бонк** | Зиёд шудани даромад аз хисоби зиёд шудани базаи мизоҷон ва ба даст овардани даромади иловагии комиссионӣ аз рӯи бақияи суратҳисобҳо. |
| **Болоравии мақоми бонк** | Дар баробари хизматрасониҳои анъанавии бонкӣ, инчунин хизматрасониҳои наву босифати мувофик ба талаботи мизоҷон пешниҳод мегардад, ки ин боиси мақоми хосса пайдо кардани бонк дар миёни рақобон мегардад. |

**Сарчашма:** таҳияи муаллиф

Дар асоси нишондодҳои ҷадвали 1 метавон гуфт, ки истифодаи технологияи хизматрасонии фосилавии бонкӣ дар низоми бонкӣ, ҳам барои ташкилотҳои қарзию молиявӣ ва ҳам барои истеъмолкунандагони хизматрасониҳои бонкӣ бартариятҳои зиёдро дорост.

Низоми хизматрасониҳои фосилавии бонкӣ, ки дар низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон беш аз даҳ сол мешавад ҷорӣ гардидааст, айни замон низоми мазкур марҳилаи дигаргунсозии сифатиро аз сар мегузаронад. Дар ин самт ташкилотҳои қарзӣ ҳамчун субъекти асосӣ бояд заминаи зарурӣро фарҳам оранд, то ки на танҳо хизматрасониҳои фосилавӣ рушд ёбад, балки сифати он таҳким ёфта, дастрасии аҳолӣ бе мамоният роҳандозӣ карда шавад. Бояд қайд кард, ки солҳои охир истифодаи ҳамёни электронӣ ба тарзи назаррас афзудааст. – ин хизматрасониест, ки ба шумо барои нигоҳ доштани маблағи электронӣ ва анҷом додани ҳисоббаробаркуниҳои виртуалӣ бе кушодани суратҳисоби бонкӣ имкон медиҳад. Тавассути ҳамёни электронӣ истифодабаранда

Шаффофияти фаъолияти иқтисодии бонкро метавон бо роҳи такмил додани технологияи хизматрасониҳо ва механизмҳои назорати дохилӣ амалӣ намуд. Рушди технологияи назорати иттилооти бонкӣ яке аз омилҳои инкишофи бозори хизматрасониҳои бонкӣ буда, дар шаффофтар гардидани фаъолияти ташкилотҳои қарзӣ нақши муҳим мебозад. Назорати самаранок дар ташкилотҳои қарзӣ ҳангоми пешниҳоди хизматрасонии фосилавии бонкӣ ба коҳишёбии хавфҳои амалиётӣ ва пурзургардии амнияти иттилоотӣ боис мегардад. [14;15;16;17]

Бо ин мақсад бонкҳои тиҷоратӣ ва ташкилотҳои қарзии ғайрибонкӣ бояд [8, С.2]:

– санадҳои дохилии худро, ки тартиб ва шартҳои пешниҳоди хизматрасонии фосилавии бонкиро муқаррар менамоянд, таҳия ва тасдиқ намоянд;

– ба сиёсати амнияти иттилоотии худ бо сабаби пешниҳод намудани хизматрасонии фосилавии бонкӣ тағйиру иловаҳои дахлдор ворид намоянд.

Барои таъмини мушаххаскунии муштариёни худ, ки хизматрасонии фосилавии бонкиро истифода мебаранд, ташкилотҳои қарзӣ бо назардошти хавфҳои имконпазир бояд чораҳои заруриро татбиқ намоянд. Татбиқи усулҳои дахлдори мушаххаскунӣ дар раванди баҳодиҳии хавфҳо бояд муқаррар гарданд (ниг. ба расми 2).




**Сарчашма:** таҳияи муаллиф дар асоси Дастурамали Бонки миллии Тоҷикистон № 201 “Дар бораи хизматрасонии фосилавии бонкӣ”

**Расми 2.** Тартиби мушаххаскунии муштарӣ-истифодабарандаи хизматрасонии фосилавии бонкӣ

Ташкилотҳои қарзӣ бояд аз технологияҳои нави мушаххаскунии муштарӣ огоҳ буда, онҳоро баҳо диҳанд ва татбиқ намоянд, инчунин вобаста аз намуди амалиёт ва сатҳи дастрасӣ бо назардошти хавфҳои мавҷудбуда дохил намудани тағйиротҳои дахлдорро ба низоми мушаххаскунии муштарӣ ба роҳ монанд [8, С.3]. Агар баҳодиҳии хавфҳо сатҳи пасти бехатариро ҳангоми истифодаи тадбирҳои мушаххаскуние, ки аз омилҳои сода асос ёфтаанд (масалан, гузарвожа/рамз), муайян намояд, он гоҳ ташкилоҳои қарзӣ бояд тадбирҳои бисёромилаи мушаххаскунӣ, масалан гузарвожа/рамз/рамзи яккарата, рақами корт ва рақами мушаххаскунандаи шахсиро истифода намоянд. Бо мақсади кам кардани хавфҳои имконпазир ташкилотҳои қарзӣ метавонанд низоми бехатарии бисёрсатҳаро (масалан, хизматрасонӣ бо компютери муайян, фосилаи муайяни вақт барои хизматрасонӣ ва ғайра) истифода намоянд [8, С.4].

Бонкҳои тиҷоратӣ ва ташкилотҳои қарзии ғайрибонкӣ ҳангоми пешниҳоди хизматрасонии фосилавии бонкӣ ва савдои электронӣ кушодани суратҳисобҳои нави бонкиро мутобиқи қоидаҳои маъмули “муштарии худро бидон”, ки ҳузури бевоситаи муштариро ҳангоми кушодани суратҳисоб талаб менамояд, бояд амалӣ намояд. Бонки тиҷоратӣ ҳангоми пешниҳоди хизматрасонии фосилавии бонкӣ бояд дорои низоми мониторинг бошанд, ки он вазифаи аудитро иҷро карда, барои ошкор намудани амалиётҳои беиҷозат дар низомҳои иттилоотӣ қодир бошад.

Ҳамин тавр, хизматрасониҳои бонкии фосилавӣ аз самтҳое маҳсуб меёбанд, ки дар оянда барои рушди муносибатҳои иқтисодӣ, таҳкимёбии суръати гардиши пул, рушди низоми бонкӣ ва афзоишёбии доираи маҳсулотҳои нави бонкӣ заминаи муносиб фароҳам оварда, самаранокии фаъолияти ташкилотҳои қарзиро таҳким бахшанд.

**Адабиёт**

1. Гаюров Г.Х., Махмадов О.С. Дистанционное банковское обслуживание и его роль в развитии банковского сектора Республики Таджикистан. Вестник ТГУПБП №3-серия экономоческие наук. 2017 - С. 95-106.

2. Бурмистрова П.Д., Шаталова Е.П. Дистанционное банковское обслуживание как средство модернизации банковских услуг // финансы и банковского дело. Вестник ГУУ №11, 2018- С.159-163.

3. Зяблицкая Н., Барыло Е.В., Шакирова К.В. Развитие дистанционного банковского обслуживания. сравнительная характеристика интернет-банкинга и мобильного банкинга /Региональные проблемы преобразования экономики// (DOI:10.26726/1812-7096-2020-06-101-109), №6 - 2020 С. 102-109.

4. Резник И.А. Электронный банкинг: Монография / И.А. Резник. – М.: Метаинформ, 2009. – 252 с.

5. Никонец О.Е., Попова К.А. Дистанционное банковское обслуживание как элемент экосистемы современного банка // Вестник ВУиТ. 2020. №1 (45). [Электронный ресурс]. https://cyberleninka.ru/article/n/distantsionnoe-bankovskoe-obsluzhivanie-kak-element-ekosistemy-sovremennogo-banka/viewer, (санаи муроҷиат 13.10.2024).

6. Бурулина Т.А., Юденков Ю.Н. Дистанционное банковское обслуживание // Символ науки. 2019. № 8. С. 24.

7. Титаренко Г.А. Компьютеризация банковских операций: учебно-практическое пособие / Г.А. Титаренко. – М.: Вузовский учебник, 2005. – 140 с. / В.М. Усоскин. – М.: Изд. «Все для вас». 2009. – 340 с.

8. Дастурамали Бонки миллии Тоҷикистон № 201 "Дар бораи хизматрасонии фосилавии бонкӣ", аз 26 сентябри с. 2013, №235.

9. Одинаев С.П. Бонкҳои тиҷоратӣ: нақш, мақом ва аҳамияти онҳо дар муносибатҳои иқтисодии муосир. [Матн] / Одинаев С.П. // Ахбори АИ ҶТ (ISSN 2076-2569) – Душанбе 2019, №4 (257). – С.143-148.

10. Одинаев С.П. Таҳлили рушди нишондиҳандаҳои молиявӣ-сохтории низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / Одинаев С.П. // Паёми Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон (ISSN-2308-054X) №4/2(50) – Душанбе 2023. – С. 298-309.

11. Козлов, С.В. Некоторые аспекты правового регулирования дистанционного банковского обслуживания / С.В. Козлов // Банковское право, 2014. – № 3. – С. 57–65. – ISSN отсутствует. Ситник, А.А. Финансовые технологии: понятие и виды / А.А. Ситник // Актуальные проблемы российского права. – 2019. – № 6 (103). – С. 27–31. – ISSN 1994-1471.

12. Жданович, В.В. Стратегии и модели банковской деятельности в условиях развития цифровых технологий / В.В. Жданович // Экономика и предпринимательство. – 2020. – № 2 (115). – С. 838–841. – ISSN 1999-2300.

13. Одинаев С.П. Таҳқиқи фаъолияти бонкҳо ва самтҳои асосии рушди онҳо дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / Одинаев С.П., Қурбонов А.К. // Паёми ДМТ (ISSN 2413-5151). – Душанбе 2020, №9. – С.91-98.

14. Шарифзода, Б. М. Банковские цифровые технологии и их вклад в обеспечении качества развития промышленности Таджикистана / Б. М. Шарифзода, Д. Д. Шаропов, В. Абдусатори // Проблемы и перспективы развития промышленности России : Сборник материалов XIV Международной научно-практической конференции, Москва, 17 апреля 2024 года. – Москва: Общество с ограниченной ответственностью "Русайнс", 2024. – С. 188-199. – EDN CPVIFT.

15. Шарифзода, Б. М. Возможности использования банковских цифровых технологий в контексте обеспечения качественного развития промышленности Таджикистана / Б. М. Шарифзода, В. Абдусатори, Д. Д. Шаропов // Экономика Таджикистана. – 2024. – № 1. – С. 88-94. – EDN KQFXSC.

16. Комилова, К. Н. Самтҳои афзалиятноки такмили истифодаи воситаҳои маркетинги рақамӣ дар бонкҳои тиҷоратӣ / К. Н. Комилова, Б. М. Шарифзода // Иқтисодиёти Тоҷикистон. – 2023. – No. 4. – P. 85-91. – EDN ZKJQAI.

17. Комилова, К. Н. Тамоюли инкишофи маркетинги бонкӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон / К. Н. Комилова, Б. Р. Шарипов, Б. М. Шарифзода // Паёми молия ва иқтисод. – 2023. – No. 4-2(39). – P. 243-252. – EDN EDTYLM.

**Маълумот дар бораи муаллифон: Одинаев Сафарали Пулодхонович** - Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, ассистенти кафедраи кори бонкӣ. **Суроға**: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 17. E-mail: **s.odinaev90@mail.ru** Телефон: **(+992) 918-76-76-61.**

**Ғаюров Ғайрат Ҳакимович** - н.и.и., дотсенти кафедраи кори бонкии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Суроға: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17. E-mail: gayrat-gayurov@mail.ru. Телефон: (+992) 904-46-68-68.

**Сведения об авторах: Одинаев Сафарали Пулодхонович** - Таджикский национальный университет, ассистент кафедры банковского дела. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, ш. Душанбе, пр. Рудаки 17. E-mail: s.odinaev90@mail.ru Телефон: (+992) 918-76-76-61.

**Гаюров Гайрат Хакимович** - к.э.н., доцент кафедры банковской деятельности Таджикского национального университета. Адрес: 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, проспект Рудаки, 17. E-mail: gayrat-gayurov@mail.ru Тел: (+992) 904-46-68-68.

**Information about the authors**: **Odinaev Safarali Pulodkhonovich** - Tajik National University, Assistant of the Department of Banking. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, sh. Dushanbe, 17 Rudaki Ave. E-mail: s.odinaev90@mail.ru Phone: (+992) 918-76-76-61.

**Gayurov Gayrat Khakimovich** - Candidate of Economic Sciences, Senior Lecturer, Department of Banking, Tajik National University. Address: 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue, 17. E-mail: gayrat-gayurov@mail.ru, Phone: (+992) 904-46-68-68.

**УДК: 336**

# МУШКИЛОТИ АСОСИИ ТАШАККУЛИ ИҚТИДОРИ ИЛМӢ-ТЕХНИКИИ ИННОВАТСИОНӢ ДАР ВИЛОЯТИ ХАТЛОН

**Ҳабибуллозода Ш.М.**
**Ятимов А.Ҷ.**

*Муаллифон дар мақолаи худ масъалаи мушкилоти асосии ташаккули иқтидори илмӣ-техникии инноватсионӣ дар вилояти Хатлонро мавриди таҳлил қарор додаанд. Дар рафти таҳқиқот муаллифон мушкилотҳои таъминоти нокифояи моддиву техникии илм, ақибмонии ташаккули заминаи муосири иттилоотӣ дар соҳаи илм ва техникаи инноватсионӣ, норасоии кадрҳои илмӣ дар вилояти Хатлон, набудани ҳамгироӣ (интегратсия)-и зарурии илм ва маориф, мутамарказгардонии сусти неруи илмӣ ба самтҳои афзалиятдоштаи таҳқиқоти илмӣ ва рушди иҷтимоиву иктисодии вилоят, набудани робитаи зарурии илм бо истеҳсолот, сатҳи нокифояи ҳамкориҳои илмӣ-техникии байналхалқиро дар вилояти Хатлон ошкор намудаанд.*

***Калидвожаҳо**: илм, инноватсия, таҳқиқоти илмӣ, нерӯи илмӣ, истеҳсолот, илмӣ-техникӣ, таъминот, техникаи инноватсионӣ, иқтисод.*

***Барои иқтибос**: Ҳабибуллозода Ш.М. Мушкилоти асосии ташаккули иқтидори илмӣ-техникии инноватсионӣ дар вилояти хатлон / Ш.М. Ҳабибуллозода, А.Ҷ. Ятимов// Паёми молия ва иқтисод. – 2024. – No. 4.2 (43). – С.261-271.*

# ОСНОВНАЯ ПРОБЛЕМА ФОРМИРОВАНИЯ ИННОВАЦИОННОГО НАУЧНО-ТЕХНИЧЕСКОГО ПОТЕНЦИАЛА ХАТЛОНСКОЙ ОБЛАСТИ

**Хабибуллозода Ш.М.**
**Ятимов А.Дж.**

*Авторы в своей статье проанализировали основные проблемы формирования инновационного научно-технического потенциала Хатлонской области. В ходе исследования авторы выявили проблемы недостаточного материально-технического обеспечения науки, задержки формирования современной информационной базы в области науки и инновационных технологий, нехватки научных кадров в Хатлонской области, нехватки научных кадров в Хатлонской области. необходимой интеграции науки и образования, слабой концентрации научных сил на приоритетных направлениях научного и социально-экономического развития региона, отсутствия необходимой связи науки и производства, недостаточного уровня научно-технического сотрудничества. международный в Хатлонской области.*

***Ключевые слова**: наука, инновации, научные исследования, научная мощь, производство, научно-техническое, снабжение, инновационные технологии, экономика.*

# THE MAIN PROBLEMS OF FORMING SCIENTIFIC AND TECHNICAL INNOVATIVE POTENTIAL IN KHATLON REGION

**Habibullozoda Sh.M.**
**Yatimov A.J.**

*The authors analyzed the main problems of forming scientific and technical innovative potential in Khatlon region in their article. In the course of the study, the authors revealed the problems of insufficient material and technical support for science, the lag in the formation of a modern information base in the field of science and innovative technology, the shortage of scientific personnel in Khatlon region, the lack of the necessary integration*

*of science and education, the weak concentration of scientific potential in priority areas of scientific research and socio-economic development of the region, the lack of the necessary connection of science with production, and the insufficient level of international scientific and technical cooperation in Khatlon region.*

***Keywords**: science, innovation, scientific research, scientific potential, production, scientific and technical, support, innovative technology, economy.*

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи то пошхӯрии Иттиҳоди Шӯравӣ бухрони ҷамъиятиву сиёсӣ ва иҷтимоиву иқтисодӣ, ки ба асари воқеаҳои ибтидои солҳои 90-ум ба амал омад, илм дар сатҳи кофӣ мавқеъ дошт. Дар институтҳои Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, муассисаҳои дигари илмӣ-таҳқиқотӣ ва муассисаҳои таҳсилоти олӣ ва миёнаи касбии ҷумҳурӣ ва минтақаҳои он барои анҷом додани таҳқиқоти илмӣ заминаи моддиву техникӣ ба вуҷуд оварда шуда буд. Дар бисёре аз самтҳои илм кадрҳои илмӣ тайёр карда шуда, мактабҳои аслии илмӣ ташаккул ёфта буданд. Таҳқиқот дар ҳамоҳангӣ бо институтҳои Академияи илмҳои Иттиҳоди Шуравӣ ва марказҳои дигари илмии собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ анҷом дода мешуданд.

Пас аз истиқлолият ба даст овардани Ҷумҳурии Тоҷикистон кӯшиши зиёд ба ҳифз ва дастгирии нерӯи илмӣ, ислоҳоти илм ва ба ҳалли масъалаҳои муҳимми мамлакат нигаронидани илм равона шуда буд. Дар айни замон раванди ислоҳоти илм идома дорад. Муассисаҳои илмӣ-таҳқиқотӣ оҳиста-оҳиста ба фаъолият дар шароити нав мутобиқ шуда истодаанд. Давлат дастгирӣ ва таҳкими нерӯи илмиро барои пешрафти бомуваффақияти мамлакат бо роҳи рушди устувор яке аз самтҳои стратегӣ донистааст.

Дар иртибот ба ҳамин, аз тарафи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон як қатор қонун, стратегия, барномаҳо, консепсияҳо ва қарорҳое қабул гардидаанд, ки сиёсати миллиро дар соҳаи илм ва техника муайян намуда, ба дастгирии неруи илмӣ ва рушди таҳқиқоти илмӣ нигаронида шудаанд (ҷадвалӣ 1).

**Ҷадвали 1.** - Санадҳои танзимкунандаи илмӣ-техникии инноватсионӣ аз соли 2010 то соли 2021 [11].

| № | Нишондиҳанда | Сол | Рақами қарор |
|---|---|---|---|
| | ҚОНУНҲО | | |
| 1 | Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти илмӣ ва сиёсати давлатӣ оид ба илму техника» | 5.03.2015 | №802 |
| 2 | Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти инноватсионӣ» | 16.04.2012 | № 822 |
| 3 | Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи парки технологӣ» | 21.07.2010 | № 629 |
| 4 | Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи экспертизаи илмӣ ва илмӣ-техникӣ» | 12.01.2010 | №593 |
| | СТРАТЕГИЯҲО | | |
| 1 | Стратегияи миллии рушди Ҷумҳури Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 | 2015 | - |
| 2 | Стратегияи миллии рушди маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 | 29.09.2010 | №526 |
| | Стратегияи миллии рушди маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон то соли 2020 | 30.06.2012 | №334 |
| 3 | Стратегияи рушди инноватсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи то соли 2020 | 30.05.2015 | № 354 |
| 4 | Стратегияи миллии инкишофи моликияти зеҳнии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2014-2020 | 2014 | - |
| 5 | Стратегияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи илм ва технология | 2010 | - |

| | | | |
|---|---|---|---|
| | барои солҳои 2011- 2015 | | |
| БАРНОМАҲО | | | |
| 1 | Барномаи рушди инноватсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2011-2020 | 30.04.2011 | № 227 |
| 2 | Барномаи рушди нерӯ ва моликияти зеҳнии инсон дар давраи то соли 2020 | 3.12.2012 | № 687 |
| ҚАРОРҲОИ ҲУКУМАТИ ҶУМҲУРИ ТОҶИКИСТОН | | | |
| 1 | Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таъсис додани Шӯрои ҳамоҳангсозии экспертӣ оид ба идоракунии татбиқи Барномаи рушди инноватсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2011-202» | 2.11.2011 | № 553 |
| 2 | Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муайян намудани мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи фаъолияти инноватсионӣ» | 12.02.2013 | № 38 |
| 3 | Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Тартиби бақайдгирии давлатӣ, ташкилу гузаронидани ташхис ва озмунҳои лоиҳаҳои инноватсионӣ» | 3.06.2013 | № 252 |
| 4 | Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Тартиби ҷамъоварӣ ва ҷойгир кардани иттилоот дар соҳаи фаъолияти инноватсионӣ ва объектҳои моликияти зеҳнӣ дар Интернет - портали муттаҳидаи Барномаи рушди инноватсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2011-2020 ва Барномаи рушди нерӯ ва моликияти зеҳнии инсон дар давраи то соли 2020» | 2.12.2014 | №762 |
| 5 | Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҷудо кардани грантҳои хурд ҷиҳати ҷалби донишҷуён ба таҳияи лоиҳаҳои инноватсионӣ ва кашфиёту ихтироъкорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» | 1.08.2015 | № 496 |
| 6 | Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Дар бораи таъсиси Муассисаи давлатии илмии «Маркази рушди инноватсионии илм ва технологияҳои нав»-и назди Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоӣикистон | 26.08.2011 | №394 |
| 7 | Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Низомномаи Шӯрои ҳамоҳангсозии экспертҳ оид ба идоракунии татбиқи Барномаи рушди инноватсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2011-2020 | 3.04.2012 | № 145 |
| КОНСЕПСИЯҲО | | | |
| 1 | Консепсияи пешрафти инноватсионии комплекси агросаноатии Йумҳурии Тоҷикистон | 3.03.2014 | № 144 |
| 2 | Консепсияи Иқтисоди рақамӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон | 3.12.2019 | №642 |

Манбаъ:https://maorif.tj/asosi/strategiya-va-barnomao, https://www.innovation.tj/index.php/tj/strategiya-i-natsionalnye-programmy-razvitiya/sanadhoi-merii-hukuki-dar-sohai-faoliyati-innovatsioni/mili (санаи дастрасии маълумот 26.07.2021) Таҳияи муаллиф.

Чуноне ки аз маълумоти ҷадвали 1 маълум мегардад, дар Ҷумҳурии Тоҷикистон баъд аз ба даст овардани истиқлолияти давлатӣ, тадбирҳои аввалини қонунгузорӣ ва дастгирии давлатӣ барои беҳтар намудани иқтидори илмӣ-техникии инноватсионӣ бо мақсадҳои рушди соҳа аз соли 2010 то инҷониб 4 қонун, 5 стратегия, 2 барнома, 7 қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 2 консепсия қабул карда шудааст

Санадҳои меъёрриву ҳуқуқии танзимкунандаи дар боло овардашуда далели он аст, ки, ки дар Ҷумҳурии

Тоҷикистон айни замон базаи муайяни меъёрию ҳуқуқӣ мавҷуд аст, ки вазъи кунунии сиёсати давлатиро дар соҳаҳои фаъолияти илмӣ-техникӣ ва инноватсионӣ инъикос мекунад.

Ҳамаи хусусиятҳои дар боло овардашудаи барои рушди минтақаҳои вилояти Хатлон, ки ба дурнамои татбиқи консепсияи рушди устувор дар кишвар таъсири назаррас мерасонанд, дар таҳияи стратегияҳои минтақавӣ ва андешидани чораҳои дахлдорро ба таври кофӣ талаб мекунанд. Дар баробари ин, бояд ба назар гирифт, ки рушди минтақа дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мушкилоти муайяне, ки ҳам дар натиҷаи ташаккули муносибатҳои бозорӣ ва ҳам ташаккули иқтисодиёти дониш бо дарназардошти тамоюлҳои буҳрони иктисодиёти мамлакат ва минтақаҳои он вобаста аст. Проблемаҳои зерини рушди минтақаҳои вилояти Хатлон муайян кардан мумкин аст, ки ба самаранокии гузариш ба рушди устувор таъсир мерасонанд ё ин ки пешрафти илм ва саҳми он дар рушди иҷтимоиву иқтисодии вилояти Хатлонро аз бисёр ҷиҳат ба ҳалли саривақтии як қатор масъалаҳо вобаста мебошад, аз ҷумла:




**Расми 1.** Мушкилоти асосии ташаккули иқтидори илмӣ-техникии инноватсионӣ дар вилояти Хатлон

**Манбаъ**: Таҳияи муаллиф

**Таъминоти нокифояи моддиву техникии илм**

Самаранокии таҳқиқоти илмӣ, рақобатпазирии дастовардҳои олимон ва таҳияи самтҳои ҷустуҷӯии муосир бештар аз мавҷудият ва ҳолати заминаи моддию техникӣ вобаста аст. Саривақт таъмин намудани муҳаққиқон бо навтарин асбобҳо ва дастгоҳҳои илмӣ, мунтазам навсозӣ ва пур кардани парки асбобҳои илмӣ, таъмини реагентҳои кимиёвӣ, доруҳо ва ғайра, шароити зарурии таҳияи самтҳои муосири таҳқиқот мебошанд.

Дар маҷмӯъ, таъминоти моддию техникии соҳаи илми муассисаҳои таҳсилоти олии касбии вилоят нокифоя мебошад, зеро заминаи моддиву техникӣ барои анҷом додани таҳқиқоти илмӣ беҳад кӯҳнаву фарсуда гардида, дар солҳои ҷанги шаҳрвандӣ ва ноустувории иҷтимоиву иқтисодӣ қисман вайрон карда шуданд. Таҷҳизот ва асбобҳои илмӣ қисман ва рӯҳан фарсуда шуда, ба талаботи муосири илму техника ҷавобгӯй нестанд. Мо имрӯз камчинии мошину таҷҳизоти ҳозиразамонро, ки барои бунёди корхонаҳо заруранд, дар бозори дохилии вилоят низ мушоҳида мекунем. Зеро шумораи корхонаҳои истеҳсолкунандаи мошину таҷҳизоти ҳозиразамон, дастгоҳҳое, ки таҷассуми илму техникаи ҳозиразамон бошанд, дар вилоят ангуштшуморанд, сонияն чунин ҳолатро метавонем аз нуктаи назари амали унсурҳои механизми бозорӣ маънидод намоем. Ба андешаи мо, арзаи молҳои таъиноти истеҳсолӣ вақте афзоиш мекунад, ки тақозои бозорӣ ба онҳо зиёд бошад. Мавҷудияти чунин тақозо ва нотавонии истеҳсолкунандагони дохилӣ оид ба қонеъсозии он боиси воридшавии чунин молҳо аз хориҷӣ кишвар мегардад ва сиёсати ҳавасмандсозандаи фаъолияти иқтисодии хориҷӣ ба он кумак мерасонад. Мушоҳидаи воридотӣ боз нишон медиҳад, ки ҳиссаи чунин молҳо дар воридот ночизанд, ҳарчанд ба бозори вилоят аз хориҷа асосан маҳсулоти таъиноти истеҳсоли техникӣ дохил мешавад. Маҳз, ҳамин омилҳо ба ақибмонӣ ва нокофии технологии заминаи моддию техникии вилояти Хатлон, коҳиш ёфтани иқтидори истеҳсолӣ дар натиҷаи фарсуда шудани таҷҳизоти технологӣ (бо самаранокии нокифояи механизмҳои маблағгузории навсозӣ ва системаи номукаммали андозбандӣ) оварда расонд. Ин бешубҳа ба сатҳи пасти рушди неруи илмӣ-техникӣ, ноустувории фаъолияти системаи истеҳсолӣ ва иқтисодиёти минтақаҳои вилоят, ба монанди зиёд шудани хавфи садамаҳо, таъсири манфӣ ба табиат ва ҷомеа, рақобатпазир набудани маҳсулоти минтақа дар бозорҳои байниминтақавӣ ва байналмилалӣ оварда мерасонад.[12;13]

Ба фикри Мирзораҳимов Н.Т. барои беҳтар кардани вазъияти ин соҳа базаи моддию техникиро нав кардан лозим аст. Имрӯз танҳо давлат бо ёрии механизми шарикии давлат ба бахши хусусӣ қодир аст вазъро дар ин соҳа беҳтар созад, бо захираҳои зарурии молиявӣ ва дигар захираҳо таъмин намояд. Дар ин ҳолат тарҳҳои амортизатсионӣ воситаи муҳим буда метавонанд. Таҷрибаи истифодаи тарҳҳои амортизатсионӣ, пеш аз ҳама ба таҷдид ва рушди заминаи моддию техникии соҳаи илм нигаронида шудааст, ки дар навбати худ ба сифати натиҷаҳои таҳқиқот таъсир мерасонад [4,с.81].

Ҳамин тариқ, самаранокии КИТТК ва рақобатпазирии коркарди таҳқиқот бевосита аз сатҳи заминаи моддию техникии муассисаҳои илмӣ вобаста аст. Саривақт таъмин намудани олимон бо таҷҳизоти замонавӣ, мунтазам навсозӣ ва пур кардани базаи моддию техникӣ талаботи зарурии рушди инноватсионии иқтисодиёт мебошад.

Пеш аз ҳама, барои рушди соҳаи таҳқиқоти илмӣ, базаи моддию техникӣ, нав кардани парки асбобҳо ва таҷҳизот, захираҳои кофии молиявӣ лозиманд[6,с.144]. Чунки маблағгузории нокифоя ба равандҳои сусти навсозии заминаи моддию техникӣ ва дар навбати худ ба сифати натиҷаҳои таҳқиқот таъсир мерасонад.

**Ақибмонии ташаккули заминаи муосири иттилоотӣ дар соҳаи илм ва техникаи инноватсионӣ**

Яке аз сабабҳои рушди сусти иқтидори илмӣ-техникии инноватсионӣ дар вилояти Хатлон, ақибмонӣ дар ташаккули

инфрасохтори муосири иттилоотӣ, ки ба истифодаи технологияҳои навтарини иттилоотиву коммуникатсионӣ асос ёфтааст, мебошад. Муассисаҳои таҳсилоти олӣ ва миёнаи касбӣ, кафедраҳо ва озмоишгоҳҳои мактабҳои олӣ ва миёнаи касбӣ бо техникаи компютерӣ нисбат ба шаҳри Душанбе ва вилояти Суғд хеле кам муҷаҳҳаз гардонида шудаанд.

**Ҷадвали 2-**Нишондиҳандаҳо оид ба техникаи компютерӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии вилояти Хатлон дар соли таҳсили 2020-2021 [3,с.208-209]

| **Номгӯи муассисаҳо** | **Миқдори компютер** | **Компютерҳои дар корӣ синфхонаҳои компютерӣ** | **Компютерҳо дар утоқи корӣ** | **Ба интернет пайваст** | **Синфхонаҳои компютерӣ** | **Компютерҳои таъмирталаб** | **Озмоишгоҳ** | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | | | | | **Таълимӣ** | **Илмӣ-методӣ ва технопаркҳо** |
| МТОК вилояти Хатлон | 2224 | 1099 | 567 | 676 | 55 | 192 | 87 | 15 |
| Бо % | 100 | 100 | 100 | 100 | 100 | 100 | 100 | 100 |
| ДДБ ба номи Носири Хусрав | 831 | 384 | 202 | 180 | 18 | 85 | 18 | 7 |
| Бо % | 37,0 | 35,0 | 35,6 | 26,0 | 33,0 | 44,0 | 21,0 | 47,0 |
| ДДК ба номи А.Рӯдакӣ | 570 | 250 | 60 | 120 | 15 | 60 | 16 | 3 |
| Бо % | 26,0 | 23,0 | 10,0 | 18,0 | 27,0 | 31,0 | 18,0 | 20 |
| Донишкадаи энергетикии Тоҷикистон | 137 | 87 | 50 | 25 | 2 | 20 | 24 | 1 |
| Бо % | 6 | 8 | 9 | 4 | 4 | 10,0 | 28,0 | 6,6 |
| Донишкадаи технологӣ ва менеҷменти инноватсионӣ дар шаҳри Кӯлоб | 181 | 103 | 78 | 25 | 6 | 23 | 10 | 2 |
| Бо % | 8 | 9 | 14 | 4 | 11 | 13,0 | 11,0 | 13,2 |
| Донишгоҳи давлатии Данғара | 335 | 176 | 110 | 276 | 10 | - | 15 | 2 |
| Бо % | 15 | 16 | 19 | 41 | 18 | 0,0 | 17,0 | 13,2 |
| Донишгоҳи давлатии тибии Хатлон | 170 | 99 | 67 | 50 | 4 | 4 | 4 | - |
| Бо % | 8,0 | 9,0 | 12,0 | 7,0 | 7,0 | 2,0 | 5,0 | - |

**Манбаъ: Маҷмуи омори соҳаи маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон. Қисми 2. - Душанбе, 2021. - С. 208-209.**

Технологияҳои иттилоотӣ ва коммуникатсионӣ (ТИК) маҷмуи усулҳо, усулҳо ва алгоритмҳои гуногуни ҷамъоварӣ, нигоҳдорӣ, коркард, пешниҳод ва интиқоли иттилоот барои ҳалли масъалаҳои амалӣ мебошанд. Технологияҳои иттилоотӣ технологияҳое мебошанд, ки ба коркард ва табдил додани иттилоот нигаронида шудаанд. Ҷорӣ намудани ТИК дар соҳаи фаъолияти ҳукумат ба рушди раванди

иттилоотии ҷаҳонӣ, бахусус дар соҳаи маориф ва илм мусоидат мекунад. ТИК дар саросари ҷаҳон ҳамчун технологияҳои калидии асри 21 эътироф шудааст ва дар даҳсолаҳои оянда онҳо калиди рушди иқтисод ва муҳаррики асосии пешрафти илмӣ-техникӣ хоҳанд буд[5,с.303].

Дар соли 2000 дар ҷумҳурӣ шабакаи таълимӣ - TARENA таъсис дода шуд. Ин ташкилоти ҷамъиятии ғайритиҷоратӣ мебошад, ки дар доираи он 9 кишвари ширкаткунанда (Озарбойҷон, Арманистон, Афғонистон, Гурҷистон, Қазоқистон, Қирғизистон, Тоҷикистон, Туркманистон, Ӯзбекистон) дастрасии баландсуръат ба интернетро бо нархҳои арзон дастрас кунанд. Ҳадафи асосии ин мусоидат ба афзоиши мубодилаи иттилоот байни муассисаҳои таълимии Қафқоз ва Осиёи Марказӣ мебошад.

Дар ҳоли ҳозир ҳамаи муассисаҳои таҳсилоти олии касбии вилоят ба шабакаи TARENA дастрасӣ надоранд.

Танҳо Душанбе ба минтақаи хидматрасонии Интернет аз TARENA шомил аст. Қисми боқимондаи донишгоҳҳо аз ҷумла дар вилояти Хатлон ба ширкатҳои Babylon-T, Мегафон, Tcell пайваст мебошанд.

Айни ҳол рушди инноватсионии муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбии вилоят бе истифодаи технологияҳои иттилоотӣ, майдони итилооти ҷаҳони виртуалӣ (маҷозӣ) ғайриимкон аст. Зеро захираҳои иттилоотӣ ва қобилияти истифодаи он чун захираи таҳсилотиву иқтисодӣ дар раванди таълим барангезандаи равандҳои инноватсионии муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ мебошад [9,с.112]. Аммо раванди компютеркунонӣ ва таҷҳизоти технологияҳои иттилоотӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ ба меъёр ва талаботи замони муосир ҷавобгӯ нест. Чунон ки аз рақамҳои ҷадвали 3 бармеояд, дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбии вилояти Хатлон айни ҳол 39 синфи компютерӣ ва миқдори компютерҳо дар ин синфхонаҳо 719 ададро ташкил додааст. Миқдори компютерҳо дар утоқҳои кории муассисаҳо 351 ададро ташкил додааст. Ҳамин тариқ, миқдори умумии компютерҳо 1258 адад мебошад. Аз миқдори умумии компютерҳо танҳо 197 адад бо шабакаи Интернет пайваст асту халос (15,6%). Адади компютерҳои таъмирталаб беш аз 101 адад мебошад.

**Ҷадвали 3-** Нишондиҳандаҳои ҷиҳати таъмин бо техникаи компютерӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбии минтақаҳои ҷумҳурӣ дар соли 2020-2021 [3,с.124]

| Номгӯй | Ҳамагӣ | | ВМКБ | | Вилояти Суғд | | Вилояти Хатлон | | Шаҳри Душанбе | | НТҶ | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | адад | % | адад | % | адад | % | адад | % | адад | % | адад | % |
| Синфи компютерӣ | 159 | 100 | - | - | 60 | 37,7 | 39 | 25,4 | 34 | 21,4 | 26 | 16,3 |
| Миқдори компютерҳо | 2895 | 100 | - | - | 856 | 29,5 | 719 | 24,8 | 774 | 26,7 | 546 | 18,9 |
| Миқдори компютерҳо дар утоқҳои корӣ | 1219 | 100 | - | - | 350 | 28,7 | 351 | 28,8 | 271 | 22,2 | 247 | 20,2 |
| Миқдори умумии компютерҳо | 5083 | 100 | - | - | 1479 | 29,0 | 1258 | 24,7 | 1328 | 26,1 | 1018 | 20,0 |
| Ба интернет | 1216 | 100 | - | - | 515 | 42,3 | 197 | 16,2 | 379 | 31,2 | 170 | 14,0 |

| | | | | | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| пайваст аст | | | | | | | | | | | | |
| Компютерҳои таъмирталаб | 423 | | - | | 120 | 28,3 | 101 | 23,9 | 93 | 21,9 | 109 | 27,5 |

**Манбаъ:** Маҷмуи омори соҳаи маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон. Қисми 2. - Душанбе, 2021. С. 124.

**Таҳия ва ҳисобҳои муаллиф.**

Аз нигоҳи нишондиҳандаҳои болозикр, афзалият дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбии вилояти Суғд ва шаҳри Душанбе мушоҳида мешавад. Соли 2020 дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбии вилоят 39 синфи компютерӣ ташкил карда шудааст, ки нисбат ба сатҳи ҷумҳурӣ 25,45-ро ташкил медиҳад. Ҳамин нишондиҳанда дар вилояти Суғд 37,7-ро ташкил медиҳад. Миқдори умумии компютерҳо 1258 адад ё 24,7% мебошад.

Ҳамин тариқ, ташаккули инфрасохтори муосири иттилоотӣ дар ин муассисаҳо нав дар ташаккулёбӣ қарор дорад. Ба андешаи Бурҳонзода З.С. таъмини шароит барои рушди инноватсионии муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбии мамлакат хеле зарур аст. Зеро маҳз онҳо бо масраф намудани маблағи начандон калони ҷомеа метавонанд мутахассисони ҳалқаи миёнаи иқтисодиёти мамлакатро, ки нуфузашон хеле баланд аст, таъмин намояд ва талаботи бозори меҳнатро қонеъ созанд [1,с.83].

Ба андешаи мо, бе истифодаи технологияҳои муосири иттилоотиву коммуникатсионӣ илмро қафомонӣ домангир буда, ба вуҷуд овардани технологияҳои қобили рақобат ва истифодаи онҳо дар амал имкон надорад.

Дигар ин ки мавҷудияти чунин мушкилот ба нашри шумораи ками монографияҳо, маҷаллаҳои илмӣ, маҷмуи мақолаҳо оварда расонда, коркард ва таҳқиқоти олимони вилояти Хатлон баромади саривақтиро ба фазои ҷумҳуриявӣ, байналхалқии илмиву иттилооотӣ намеёбанд, комёбиҳои илмӣ афзалияти худро гум мекунанд, ки ин албатта ба сатҳ, сифат ва самаранокии таҳқиқоти анҷомшаванда таъсири манфӣ расонида метавонад.

Дар ҳамин ҳол, дониш, иттилоот заминаи заруриро барои рушди устувори минтақа фароҳам меоранд, ки ин манбаи инноватсия мебошанд.

**Норасоии кадрҳои илмӣ дар вилояти Хатлон**

Агар иқтидори илмию техникии вилояти Хатлонро нигарем дарк карда метавонем, ки онҳо бо проблемаҳои калон бархурдор шудаанд. Пеш аз ҳама, ин норасоии кадрҳои илмӣ ва сармоя барои тайёр намудани онҳо мебошад. Ин масъала аз бисёр ҷиҳат ба нокифоя будани маблағгузорӣ ба илм алоқаманд мебошад. Ҷиддияти масъала ҳамчунин бо он маънидод карда мешавад, ки дар солҳои ҷанги шаҳрвандӣ дар вилояти Хатлон ва ноустувории вазъияти бисёре аз кормандони илмӣ ва мутахассисон аз вилоят берун рафтанд ва ҳоло пурра кардани норасоӣ дар кадрҳои илмӣ, хусусан доир ба ихтисосҳои илмҳои дақиқ, табиатшиносӣ ва техникӣ муяссар намешавад[7,с.109]. Норасоии мутахассисон дар чунин самтҳои илм, мисли сейсмология, технологияи иттилоотиву коммуникатсионӣ, энергетика, металлургия, биологияи молекулярӣ, генетика, селексия, биотехнология, биохимия, экология, вирусология, иммунология, генетикаи тиббӣ, мантиқ ва методологияи илм, онтология ва гнесология, этика, эстетика, сотсиология, ҳуқуқи байналхалқӣ, таърих ва назарияи забоншиносӣ, демография, ҷуғрофия эҳсос мешавад.

Бехтарини иқтисодчиён бо он ақида розианд, ки маҳз захираҳои инсонӣ хусусият ва даврҳои тараққиёти иқтисодию иҷтимоии инкишофро муайян мекунанд, на ин ки сармоя ва боигариҳои табиӣ.

Ба ақидаи профессори Донишгоҳи Принстон Фредирик Харбисон: «Захираҳои инсонӣ боигарии асосии кишварҳост. Сармоя ва манобеи табиӣ – омилҳои пассиви истеҳсолот мебошанд; одамон бошанд қисми фаъол (сармояро андӯхт менамоянд, манобеи табиатро истифода мебаранд, ташкилотҳои иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва сиёсиро бунёд

мекунанд ва раванди тараққиётро ба пеш мебаранд. Аён аст, ки давлате ки дониш ва қобилияти одамонро инкишоф дода наметавонад ва ба самаранок истифода бурдании онҳо қодир нест ба нокомиҳо, бебароriҳо дар тамоми корҳо мувоҷеҳ мегардад» [11,с.3].

Ба андешаи мо воситаи асосии инкишофи дониш ва қобилиятҳои инсон системаи расмии илм, техникаи инноватсионӣ ва маориф хизмат менамояд. Қисми бештари кишварҳои ҷаҳон бовар мекунонанд, ки чи қадаре, ки аҳолӣ аз илму маориф бештар бархурдор бошад, раванди тараққиёт ҳамон қадар тезтар мебошад. Бинобар ҳамин, ҳам аксари шаҳру ноҳияҳои вилояти Хатлон дар назди худ мақсад гузоштанд, ки дар муҳлатҳои кӯтоҳтарин тамоми аҳолиро бо барномаҳои маърифатӣ баҳраманд гардонанд.

**Набудани ҳамгироӣ (интегратсия)-и зарурии илм ва маориф**

Яке аз омилҳои муҳимтарини баланд бардоштани самаранокии тайёр кардани кадрҳои илмӣ, истифодаи заминаи илмиву таҷрибавии муассисаҳои академӣ дар раванди таҳсил ва баланд бардоштани сатҳи таҳқиқоти илмӣ дар мактабҳои олӣ ва миёнаи касбӣ ҳамгироии илм ва маориф мебошад[7,с.105]. Набудани ҳамгироии зарурии илми академӣ ва сохторҳои таҳсилоти неруи рушд ва саҳми онҳоро дар ислоҳоти иқтисодиёт ва ҷамъият паст мекунад.

Неруи илмии муассисаҳои илмии соҳавӣ, мактабҳои олӣ ва миёнаи касбӣ ҳоло ба мақсади муттаҳид кардани қувва ва захираҳо барои тайёр кардани кадрҳои тахассуси олӣ ва мутахассисон дар соҳаи илмӣ ва илмиву технологӣ, истифодаи муштараки заминаи илмиву таҷрибавии бахшҳои академӣ, соҳавӣ ва мактабҳои олии илм, дар равандҳои таҳқиқотӣ ва таълимӣ ба қадри зарурӣ муттаҳид карда нашудаанд.

**Мутамарказгардонии сусти неруи илмӣ ба самтҳои афзалиятдоштаи таҳқиқоти илмӣ ва рушди иҷтимоиву иктисодии вилоят**

Таҳқиқоти илмӣ доир ба самтҳои гуногуни илмӣ бурда мешаванд, ки баъзе аз онҳо бо кадрҳои илмӣ таъмин нагардидаанд. Банақшагирии корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ ва таҷрибавӣ-конструкторӣ эҳтиёҷ ба такмили минбаъда дорад[8,с.20]. Неруи илмӣ ҳоло ба дараҷаи зарурӣ ба ҳалли масъалаҳои афзалиятдоштаи илм ва рушди иқтисодиву иҷтимоии вилояти Хатлон мутамарказ гардонида нашудааст, ки дар ин бобат суст будани фаъолият ҷиҳати ташаккул ва таҳияи барномаҳои комплексӣ ва мақсадноки илмӣ ва илмӣ-техникӣ шаҳодат медиҳад.

**Набудани робитаи зарурии илм бо истеҳсолот.**

Коркардҳои илмӣ-техникӣ ва тавсияҳои амалӣ на ҳамеша ба сатҳи рушди технологияҳои муосир ҷавобгӯ мебошанд. Ҷустуҷӯи шаклҳои нави таъсири мутақобили илм бо истеҳсолот суст ба роҳ монда шудааст.

Дархост ба натиҷаҳои таҳиқоти илмӣ аз тарафи истеҳсолот дар сатҳи паст қарор дорад, гузариши соҳаҳои илм ва технология ба роҳи инноватсионии рушд хеле суст аст.

**Сатҳи нокифояи ҳамкориҳои илмӣ-технкии байналхалқӣ**

Дар солҳои охир робитаҳои илмии олимони вилояти Хатлон хеле густариш ёфт. Бо вуҷуди ин, сатҳи ҳамкориҳои илмии байналхалқиро қаноатбахш эътироф кардан мумкин нест. Новобаста ба миқдори зиёди шартномаву созишномаҳои басташуда дар бораи ҳамкориҳо дар соҳаи илм ва технология, самаранокии амалишавии онҳо ба қадри назаррас баланд нест ва беҳбудӣ мехоҳад.

Дар замони ҳозира рушд ва тавсияи паҳнои иртибототии иқтисодии байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароите ба амал меояд, ки равандҳои ҷаҳонишавӣ, пеш аз ҳама, дар заминаи технологияҳои иттилоотӣ бештар неру пайдо мекунад. Аз ин рӯ, тавсияи ҳамкориҳои иқтисодӣ ва илмӣ-техникии ҷумҳурӣ бо кишварҳои хориҷӣ, махсусан бо давлатҳои пешрафта зарурати эҷоди замина барои ташаккул ва рушди бахши инноватсионӣ- иттилоотии иқтисодиёт ё донишҳои иқтисодиро ба вуҷуд меоварад [4,с.40].

Вазъи баамаломадаи корҳо ва масъалаҳои мавҷуда дар соҳаи илм зарурати таҳия ва қабули маҷмуи чораҳоро доир ба дастгирии давлатӣ ва рушди илм тақозо

дорад, ки амалисозии онҳо бояд таъсири неруи илмиро ба рушди иқисодиву иҷтимоии вилоят, рушди маориф ва фарҳанг ба қадри назаррас тақвият дода, барои комёб гардидан ба мақсадҳои Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон то соли 2030 мусоидат намояд.

Ба андешаи мо яке аз афзалиятҳои миллӣ эътироф кардани илм мебошад, ки бе така ба он муваффақ шудан ба сатҳи баланди неруи ақлонии ҷамъият тасаввурнопазир аст.

Амалигардонии иқтидори илмию техникӣ бо истифода аз шаклҳои муомилоти байналхалқии технологияҳо сурат мегирад.

Раванди муомилоти технологияҳо аз якчанд давра иборат мебошад.

Ин пеш аз ҳама:

- интихоб ва харидани технология;
- аз худ кардани технология ва аз санҷиш гузаронидани технологияҳои харидашуда;
- такмил додани технология ва истифода бурдани он дар соҳаҳои ба ҳам наздики илм ва техника.

Асосан чунин намудҳои мубодилаи техникӣ вуҷуд доранд:

- нашрияҳои илми техникӣ;
- гузаронидани намоишҳо, ярмаркаҳо ва симпозиумҳо;
- аз як ҷо ба ҷои дигар кӯчонидани мутахассисони баландихтисос;
- фаъолияти ташкилотҳои байналхалқӣ дар ҳамкорӣ дар соҳаи илм, техника ва ғайра буда метавонанд.

Мубодилаи технологӣ дар маънои маҳдудаш, маъмулан дар намуди тиҷоратӣ, ба амал бароварда мешавад.

Ин шаклҳо чунинанд:

- аз рӯи шартҳои шартномаҳои байналхалқӣ додани ҳуқуқи истифода бурдани маълумоти илмӣ техникии ба маҷмуъ дароварда шуда, ба монанди дастовардҳои ихтирокорӣ, патентҳо:
- дар асоси ихтироъкориҳои нави техникӣ-технологӣ сохтани мошин ва таҷҳизот;
- тайёр кардани қувваҳои кории ихтисоснок;
- хизматрасониҳои мутобиқаткардашуда;
- қарордодҳои роҳбарикунӣ (идоракунӣ) ва ғайра.

**Сатҳи бюрократия, коррупсия монеаҳои маъмурӣ**

Дараҷаи назарраси бюрократизатсияи иқтисодиёти вилояти Хатлон, коррупсия ва сатҳи баланди монеаҳои маъмурӣ (тартиби нисбатан мураккаби литсензия ва интиқоли моликият, экспертиза, сертификатсия ва танзими техникӣ мебошад, ки ин омилҳо раванди бозорӣ ва ислоҳоти инноватсиониро суст мекунад, устувории иқтисодӣ ва рушди минтақаро коҳиш дода, аз татбиқи босуръат ва самарабахши шаклҳои прогрессивии ташкил ва технологияи истеҳсолот ҷилавгирӣ мекунад.

**Нокифоягии маълумотҳои оморӣ**

Самаранок набудани системаи баҳисобгирӣ ва мониторинги минтақавӣ, аз ҷумла нопурра ва нокифоягии маълумот дар асоси системаи омори солонаи вилояти Хатлон, ки аз ҷониби Сарраёсати Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар вилояти Хатлон омода карда мешавад оид ба масъалаи илм ва инноватсия маълумот ҷойгир карда нашудааст. Ҳоло он ки ин масъала ҳамасола дар омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон нишон дода шудааст. Ба андешаи мо, дар омори солонаи вилояти Хатлон ҷойгир намудани маълумоти илм ва инноватсия ба манфиати кор хоҳад шуд. Набудани системаи ягонаи баҳодиҳии илмӣ-техникӣ ва устувории минтақаҳо. Дар ҳамин ҳол, арзёбии сатҳи рушди инноватсионӣ ва устувории минтақа муҳимтарин ҷузъи механизми гузариш ба чунин рушд буда, он имкон медиҳад, ки ҳадафҳо, вазифаҳо ва воситаҳои онро барои тақвияти ин раванд танзим намояд.

Умуман, ҳамаи мушкилоти сершумори рушди минтақавӣ, ки дар ин ҷо оварда шудаанд, ба дараҷаи муайян ба устувории иқтисодиёти вилояти Хатлон таъсир мерасонанд ва талаб мекунанд, ки дар асоси шароит ва захираҳои мавҷуда андешидани баъзе чораҳо муайян карда шавад. Пеш аз ҳама, бояд системаи муассири муносибатҳои илмӣ-техникии инноватсионӣ, мустақилияти минтақаҳо дар татбиқи сиёсати иҷтимоию иқтисодӣ, молиявӣ ва буҷавӣ, сармоягузорӣ,

инноватсионӣ ва муҳити зисти онҳо, инчунин ҳамбастагӣ ва ҳамоҳангсозии муассир бо мақсади татбиқи консепсияи устувор, ки бо эволютсия мухолифат накунад, бо дарназардошти хусусиятҳои мушаххаси минтақавӣ ва имконоти мавҷуда таъсис дода шавад.

## Адабиёт


1. Бурҳонзода З.С. / Такмили механизми ташкилию иқтисодии таъмини рушди иноватсионии муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ дар бозори хизматрасониҳои таълимӣ/ диссертатсияи илмӣ. -Душанбе 2020. - С.83.
2. Маҷмуи омори соҳаи маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон. Қисми 2. - Душанбе, 2021. - С. 124, 208-209.
3. Мирзораҳимов Н.Т. / Теоретические аспекты инновационного развития национальной экономики / диссертатсияи илмӣ. - Душаанбе -2020. - С. 81.
4. Мирсаидов А.Б. Таджикистан: Новые горизонты социально-экономического развития // Вестник Таджикский государственный университет права, бизнеса и политики (Научно-теоретический журнал) - Худжанд 2012, № 1(45). - С. 40.
5. Файзуллоев М.К. Проблемы развития инновационных процессов в аграрной сфере // Формирование кластерной политики как основы инновационной ориентированности и конкурентоспособности региона: Сборник научных статей. -Душанбе: КГУ, 2018. -303с.
6. Шодиев Ф.Т. Роль инновационной деятельности в увеличении доходности предприятия сферы услуг/ Ф.Т. Шодиев, П.Д. Ходжаев //Вестник Таджикского национального университета. Серия экономических наук – Душанбе: «СИНО», 2016. №2/10(219), -С.144.
7. Ятимов А.Ҷ. - Ташаккул ва такмили иқтидори илмӣ-техникии инноватсионии минтақа дар шароити муосир / диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ. Душанбе – 2022.- С.105
8. Ятимов А.Ҷ. - Ташаккул ва такмили иқтидори илмӣ-техникии инноватсионии минтақа дар шароити муосир / Автореферати диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ. Душанбе – 2022.- С.20
9. Ятимов А.Ҷ. Роҳҳои баланд бардоштани иқтидори илмию техникии иноватсиони дар Ҷумҳурии Тоҷикистон // Паёми ДМТ №7 2018, с.112. ISSN 2413-5151
10. Frederik H.Harbison, Human Resources as The Wealth of Nations (N.Y:Oxford University)- 2002. P.3
11. :https://maorif.tj/asosi/strategiya-va-barnomao, https://www.innovation.tj/index.php/tj/strategiya-i-natsionalnye-programmy-razvitiya/sanadhoi-merii-hukuki-dar-sohai-faoliyati-innovatsioni/mili (санаи дастраси маълумот 26.07.2021)
12. Исследование вопросов инновационного развития экономики Республики Таджикистан / Я. П. Довгялло, М. Т. Каримова, Д. Т. Назаров [и др.]. – Душанбе : Институт экономики и демографии НАНТ, 2024. – 629 с. – ISBN 978-99985—9494-4. – EDN VNOLDB.
13. Шарифзода, Б. М. Оценка влияния финансового механизма на инновационное развитие промышленности Таджикистана / Б. М. Шарифзода // Экономика Таджикистана. – 2024. – № 3. – С. 72-85. – EDN DVRQEW.



**Маълумот дар бораи муаллифон: Ҳабибуллозода Шоҳрамазон Муҳибулло** – докторанти Phd- назарияи иқтисодии Донишгоҳи давлатии Данғара. Тел 900-94-17-00

**Ятимов Амирхон Ҷурахонович -** номзади илмҳои иқтисодӣ, декани факултети иқтисод ва молияи филиали Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон дар вилояти Хатлон. Тел: 907-58-54-65.

**Сведения об авторах: Хабибуллозода Шохрамазон Мухибулло** – кандидат экономических наук Дангаринского государственного университета. Телефон: 900-94-17-00

**Ятимов Амирхан Джурахонович** - кандидат экономических наук, декан факультета экономики и финансов филиала Международного университета туризма и предпринимательства Таджикистана в Хатлонской области.

**Information about the authors: Habibullozoda Shohramazon Muhibullo** – PhD candidate in economic theory at Dangara State University. Tel: 900-94-17-00

**Yatimov Amirkhon Jurakhonovich** - candidate of economic sciences, dean of the Faculty of Economics and Finance of the branch of the International University of Tourism and Entrepreneurship of Tajikistan in Khatlon region.

**УДК: 336.77**

# МУШКИЛОТИ ҚАРЗДИҲИИ ИМТИЁЗНОКИ КОРХОНАҲОИ КИШОВАРЗӢ ВА РОҲҲОИ ҲАЛЛИ ОНҲО

**Тохтаров И.Х.**

***Аннотатсия.*** *Кишоварзӣ имрӯз соҳаи муҳимтарин ва афзалиятноки иқтисодиёти миллӣ буда, саҳми он дар таъмини аҳолии кишвар бо маҳсулоти хӯрока ва амнияти озуқаворӣ назаррас аст. Корхонаҳои кишоварзӣ ҳамчун истеҳсолкунандаи ҳиссаи бештари неъматҳои моддӣ ба баланд шудани сатҳи зиндагии ҷомеа мусоидат карда, ҳамзамон соҳаҳои гуногуни саноати коркардро бо ашёи хоми табиӣ таъмин менамоянд. Маҳсулоти тайёри кишоварзӣ ва маҳсулоти саноатӣ, ки аз ашёи хоми кишоварзӣ истеҳсол мешаванд, ҳиссаи аз ҳама зиёди бозори молҳои истеъмолиро дар мамлакат ташкил медиҳанд. Вале барои рушди муносиби соҳаи кишоварзӣ маблағҳои назаррас лозим мебошанд. Хусусиятҳои истеҳсолоти кишоварзӣ, ки бо хавфи зиёд алоқаманд аст, инчунин тӯлонӣ будани даври истеҳсолии он зарурати фароҳам овардани шароити махсусро барои қарздиҳӣ ба корхонаҳои кишоварзӣ ба миён меоварад. Дар натиҷа бонкҳои тиҷоратӣ маҷбур мешаванд, ки қарзҳои худро ба соҳаи кишоварзӣ бо меъёрҳои баланди фоиз пешниҳод кунанд, худи раванди қарздиҳӣ ба корхонаҳои кишоварзӣ тӯлонӣ ва душвор буда, барои қарзгиранда мушкилиҳои зиёд ба миён меорад. Вобаста ба ин, бонкҳои тиҷоратӣ ба қарздиҳии субъектҳои соҳибкории соҳаи кишоварзӣ таваҷҷуҳи зиёд надоранд. Мақолаи мазкур ба омӯзиши мушкилоти қарздиҳии имтиёзноки корхонаҳои кишоварзӣ ва дарёфти роҳҳои ҳалли онҳо бахшида шудааст.*

***Калидвожаҳо:*** *истеҳсолоти кишоварзӣ, қарздиҳии корхонаҳои кишоварзӣ, қарзҳои бонкӣ, таъминоти қарз, кӯмаки молиявӣ, дастгирии қарзии корхонаҳои кишоварзӣ, вазъи молиявии корхонаҳои кишоварзӣ.*

***Барои иқтибос:*** *Тохтаров И.Х. Мушкилоти қарздиҳии имтиёзноки корхонаҳои кишоварзӣ ва роҳҳои ҳалли онҳо / И.Х. Тохтаров // Паёми молия ва иқтисод. – 2024. - № 4.2(43)– С. 272-278.*

# ПРОБЛЕМЫ ЛЬГОТНОГО КРЕДИТОВАНИЯ СЕЛЬСКОХОЗЯЙСТВЕННЫХ ПРЕДПРИЯТИЙ И ПУТИ ИХ РЕШЕНИЯ

**Тохтаров И.Х.**

**Аннотация.** *Сегодня сельское хозяйство является важнейшей и приоритетной отраслью национальной экономики, и его вклад в обеспечение населения страны продуктами питания и продовольственной безопасности значителен. Сельскохозяйственные предприятия, как производители наибольшей доли материальных благ, способствуют повышению уровня жизни общества и одновременно обеспечивают различные отрасли перерабатывающей промышленности натуральным сырьем. Готовая сельскохозяйственная продукция и промышленная продукция, произведенная из сельскохозяйственного сырья, составляют наибольшую долю рынка потребительских товаров страны. Однако для адекватного развития аграрного сектора необходимы значительные средства. Особенности сельскохозяйственного производства, которое связано с высоким риском, а также его длительный производственный цикл обуславливают необходимость создания специальных условий для кредитования сельскохозяйственных предприятий. В результате коммерческие банки вынуждены предлагать свои кредиты аграрному сектору под высокие процентные ставки, процесс кредитования сельскохозяйственных предприятий является длительным и сложным и создает множество проблем для заемщика. В связи с этим коммерческие банки не очень заинтересованы в кредитовании субъектов сельскохозяйственного*

*бизнеса. Данная статья посвящена исследованию проблем льготного кредитования сельскохозяйственных предприятий и поиску их решения.*

***Ключевые слова:*** *сельскохозяйственное производство, кредитование сельскохозяйственных предприятий, банковские кредиты, обеспечение кредита, субсидия, кредитная поддержка сельскохозяйственных предприятий, финансовое положение сельскохозяйственных предприятий.*

## PROBLEMS OF PREFERENTIAL CREDIT FOR AGRICULTURAL ENTERPRISES AND WAYS TO SOLVE THEM

**Tokhtarov I.Kh.**

***Abstract.*** *Today, agriculture is the most important and priority sector of the national economy, and its contribution to providing the country's population with food and food security is significant. Agricultural enterprises, as producers of the largest share of material goods, contribute to raising the standard of living of society and at the same time provide various branches of the processing industry with natural raw materials. Finished agricultural products and industrial products made from agricultural raw materials make up the largest share of the country's consumer goods market. However, significant funds are needed for adequate development of the agricultural sector. Features of agricultural production, which is associated with high risk, as well as its long production cycle, necessitate the creation of special conditions for lending to agricultural enterprises. As a result, commercial banks are forced to offer their loans to the agricultural sector at high interest rates, the process of lending to agricultural enterprises is long and complex and creates many problems for the borrower. In this regard, commercial banks are not very interested in lending to agricultural business entities. This article is devoted to the study of the problems of preferential lending to agricultural enterprises and the search for their solutions.*

***Keywords:*** *agricultural production, lending to agricultural enterprises, bank loans, credit security, subsidy, credit support for agricultural enterprises, financial situation of agricultural enterprises*

**Гузориши масъала.** Имрӯз соҳаи кишоварзӣ бахши муҳими иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳисоб меравад. Дар он маҳсулоти ҳаётан муҳим барои аҳолӣ, инчунин ҳиссаи назарраси ашёи хом барои корхонаҳои саноати коркард истеҳсол карда мешавад. Ҳамчунин дар соҳаи кишоварзӣ иқтидори иқтисодии бештар барои рушди иқтисодиёти миллӣ мавҷуд аст. Бинобар ин, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба вазъи молиявӣ ва фаъолияти босамари корхонаҳои кишоварзӣ таваҷҷуҳи зиёд зоҳир менамояд.

**Таҳлили таҳқиқотҳои охир ва нашриёт.** Дар адабиёти ватании соҳаи молия дсолҳои охир таваҷҷуҳ ба масъалаҳои умумии қарздиҳӣ зиёд шудааст. Паҳлуҳои гуногуни масъалаи қарздиҳии бонкҳои тиҷоратӣ ба соҳаи кишоварзӣ дар интишороти олимони ватанӣ – З. Аҳмади [4], Г.М. Давлатова [3], Б.Ҳ. Каримов [4; 5; 6; 7], Г.С. Латипова [8], С.Ҷ. Махшулов [9], Қ.А. Ҳаёев [7], Шарифзода Б.М. [12;13;14] баррасӣ шудаанд.

**Мақсади мақола** таҳқиқи хусусиятҳои қарзи кишоварзӣ, ошкор кардани мушкилоти қарздиҳии имтиёзнок ба соҳаи кишоварзӣ ва дарёфти роҳҳои ҳалли онҳо мебошад.

**Мухтавои асосии мавод.** Рушди соҳаи кишоварзӣ, афзоиши минбаъдаи саҳми он дар иқтисодиёти миллӣ, беҳтар намудани таъминоти аҳолии кишвар бо озуқаворӣ ва фаъолияти самараноки корхонаҳои саноати коркард аз вазъи молиявӣ ва фаъолияти корхонаҳои кишоварзӣ, таъмин будани онҳо бо воситаҳои гардон ва таҷҳизоти истеҳсолӣ вобаста аст. Низоми бонкӣ дар таъмини корхонаҳои соҳаи кишоварзӣ бо воситаҳои гардон ва таҷҳизоти истеҳсолӣ бо истифода аз усулҳои пешқадам ва самараноки қарздиҳӣ ва дастгирии истеҳсолкунандагони кишоварзӣ нақши муҳим мебозад.

Бояд қайд кард, ки истеҳсолоти кишоварзӣ бинобар вобастагии зиёд доштан аз шароити табиию иқлимӣ даромаднокии худро дар сатҳи муносиб, чун истеҳсолоти саноатӣ ва соҳаҳои хизматрасонӣ таъмин карда наметавонад. Фаъолияти кишоварзӣ мисли ҳама гуна дигар намудҳои соҳибкорӣ дар шароити хавф сурат мегирад, вале дараҷаи хавф дар он нисбат ба дигар соҳаҳои тиҷорат баландтар аст. Хавфҳои маъмул дар соҳаи кишоварзӣ хавфҳои марбут бо шароити обу ҳаво ва иқлим, рақобат дар бозор, хавфҳои молиявӣ, технологӣ, хавфи ба фурӯш нарафтани маҳсулот мебошанд. Ин хусусиятҳои истеҳсолоти кишоварзӣ, инчунин тӯлонӣ будани даври истеҳсолӣ зарурати фароҳам овардани шароити махсусро барои қарздиҳӣ ба корхонаҳои кишоварзӣ ба миён меоварад. Вобаста ба ин, бонкҳои тиҷоратӣ ба қарздиҳии корхонаҳои кишоварзӣ таваҷҷуҳи зиёд надоранд.

Ба андешаи мо, сабаби асосии ба қарздиҳии кишоварзӣ таваҷҷуҳ надоштани бонкҳои тиҷоратӣ ин сатҳи пасти даромаднокии корхонаҳои кишоварзӣ мебошад. Аз ҳолати ногувори натиҷаҳои молиявии корхонаҳои кишоварзӣ маълумоти дар ҷадвали 1 овардашуда гувоҳӣ медиҳад. Дар ҷадвали мазкур ба хотири қиёспазирӣ маълумот дар бораи сатҳи даромаднокии корхонаҳои соҳаҳои дигари иқтисодиёт низ оварда шудааст.

**Ҷадвали 1.** Натиҷаи молиявӣ (+ фоида, - зарар)-и корхонаҳои соҳаҳои иқтисодиёт, млн. сомонӣ

| | 2016 | 2017 | 2018 | 2019 | 2020 | 2021 | 2022 | 2023 |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Кишоварзӣ | -25,0 | -1,9 | -64,1 | -51,7 | -21,4 | 3,3 | 1,8 | 43,7 |
| Саноат | -760,4 | -711,8 | 572,4 | 1137,4 | -3807,6 | 5525,9 | 8351,1 | 983,4 |
| Сохтмон | 100,3 | 126,9 | 949,0 | 149,3 | -47,3 | 262,0 | -40,0 | 232,0 |
| Савдо | 120,1 | 183,9 | 413,6 | 633,8 | 358,0 | 638,3 | 773,5 | 1040,33 |
| Нақлиёт ва алоқа | 41,6 | 100,8 | -263,8 | 191,6 | -69,2 | 491,8 | 1110,8 | 725,9 |
| Дигар соҳаҳо | 12,57 | 140,4 | 163,2 | -71,5 | 261,5 | 270,9 | 750,6 | 868,0 |

**Сарчашма:** таҳияи муаллиф дар асоси [10, с. 304; 11, с. 83]

Тавре аз ҷадвали 1 ба назар мерасад, дар давраи таҳлилӣ натиҷаҳои молиявии корхонаҳои соҳаи кишоварзӣ нисбат ба натиҷаҳои молиявии корхонаҳои соҳаҳои дигари иқтисодиёт номатлубтар мебошанд. Фаъолияти корхонаҳои кишоварзӣ дар умум аз соли 2016 то соли 2020 асосан зараровар буда, онҳо танҳо дар солҳои 2021-2023 фоида ба даст овардаанд. Корхонаҳои соҳаҳои иқтисодиёти миллӣ, ки дар давраи таҳлилӣ танҳо ба натиҷаҳои мусбат ноил гардидаанд, ба соҳаи савдо мансуб мебошанд. Корхонаҳои сохтмонӣ ба истиснои солҳои 2020 ва 2022, корхонаҳои нақлиёт ва алоқа ба истиснои солҳои 2018 ва 2020, корхонаҳои саноатӣ ба истиснои солҳои 2016, 2017 ва 2020 дар давраи таҳлилӣ аз натиҷаи фаъолияти худ фоида гирифтаанд. Таҳқиқоти мо нишон дод, ки сабаби асосии зараровар будани фаъолияти кишоварзӣ ин нарасидани маблағҳои зарурии барои рушди соҳа сафарбаршаванда мебошад.

Акнун таҳқиқ мекунем, ки маблағҳои қарзии аз ҷониби бонкҳо сафарбаршуда ба соҳаҳои иқтисодиёти миллӣ чӣ гуна тақсим шудаанд. Ба ин хотир, маълумот дар бораи тақсимоти маблағҳои қарзии бонкҳо ба соҳаҳои иқтисодиёт дар ҷадвали 2 оварда шудааст.

**Ҷадвали 2. Тақсимоти қарзҳои бонкӣ ба соҳаҳо (бақия дар интиҳои давра), млн. сомонӣ**

| | 2016 | 2017 | 2018 | 2019 | 2020 | 2021 | 2022 | 2023 |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Кишоварзӣ | 1036,8 | 832,4 | 770,8 | 154,3 | 764,4 | 83,3 | 84,7 | 113,3 |
| Саноат | 2424,8 | 2613,5 | 2530,0 | 6705,6 | 2997,0 | 97,8 | 92,3 | 171,3 |
| Сохтмон | 1037,1 | 639,6 | 529,8 | 350,2 | 1313,9 | 107,7 | 67,1 | 49,9 |
| Нақлиёт | 509,3 | 233,1 | 276,4 | 73,0 | 227,2 | 2,3 | 129,8 | 11,6 |
| Хӯроки ҷамъиятӣ | 22,9 | 16,1 | 16,0 | 2,4 | 34,9 | 0,3 | 1,0 | 1,0 |
| Хизматрасонӣ | 251,5 | 220,6 | 233,4 | 57,5 | 343,5 | 141,5 | 46,2 | 67,6 |
| Савдои хориҷӣ | 1562,8 | 1221,3 | 1231,1 | 150,1 | 1373,0 | 144,9 | 58,7 | 264,7 |
| Миёнаравии молиявӣ | 130,3 | 134,1 | 146,6 | 4,6 | 3,8 | - | - | - |
| Истеъмолот | 846,0 | 795,4 | 863,2 | 67,6 | 1686,2 | 485,9 | 556,0 | 630,6 |
| Дигар соҳаҳо | 408,8 | 207,0 | 103,5 | 99,3 | 159,6 | 111,1 | 19,4 | 300,8 |
| Ҳамагӣ, қарзҳои бонкӣ ба соҳаҳо | 8230,3 | 6913,1 | 6700,8 | 7664,6 | 8903,5 | 1174,8 | 1055,2 | 1610,8 |

**Сарчашма:** таҳияи муалиф дар асоси [2]

Аз ҷадвали 2 мушоҳида мешавад, ки дар давраи таҳлилӣ қарзҳои бонкӣ бештар ба соҳаҳои саноат, сохтмон, кишоварзӣ, савдои хориҷӣ, истеъмолот ва нақлиёт сафарбар карда шудаанд. Дар солҳои аввали давраи таҳлилӣ, аниқтараш дар солҳои 2016-2018 ҳиссаи соҳаи кишоварзӣ дар сохтори қарзҳои бонкии ба соҳаҳои иқтисодиёт сафарбаршуда нисбатан бештар аст: дар соли 2016 – 12,6%, соли 2017 – 12,0% ва соли 2018 – 11,5%. Вале дар солҳои минбаъда ин нишондиҳанда паст шуда, дар соли 2022 – 8,0% ва дар соли 2023 – 7,0%-ро ташкил додааст. Қариб ҳамин хел тамоюл дар вазъи қарздиҳӣ ба тамоми дигар соҳаҳои иқтисодиёт низ мушоҳида мешавад: ҷамъи тамоми қарзҳои ба соҳаҳои иқтисодиёт сафарбаршуда дар соли 2023 нисбат ба соли 2016 ба андозаи зиёда аз 5 маротиба кам шудааст. Ин вазъ аз он гувоҳӣ медиҳад, ки дар пасманзари пастшавии умумии қарздиҳӣ ба соҳаҳои иқтисодиёт таваҷҷуҳи бонкҳои тиҷоратӣ барои қарздиҳӣ ба соҳаи кишоварзӣ тамоюл ба камшавӣ дорад.

Сабаби чунин таваҷҷуҳи ками бонкҳои тиҷоратӣ ба соҳаи кишоварзӣ, дар баробари вазъи молиявии ногувори корхонаҳои соҳа инчунин надоштани таъминоти муносиби қарз - амволи ғайриманқули дорои арзиши назаррас

мебошад. Зеро шартҳои асосие, ки бонкҳои тиҷоратӣ барои гирифтани қарз ба муштариён пешниҳод мекунанд, ин доштани гарав ва замонат мебошад. Бе доштани гарав ва замонат ягон бонки тиҷоратӣ ба муштарӣ қарз намедиҳад. Ҳамчунин пойгоҳи ҳуқуқии тасдиққунандаи ҳуқуқи моликият ба амвол, усулҳои асоснокқунӣ ва арзёбии арзиши он номукаммал мебошанд. Хавфи ҳангоми минбаъд бадтар шудани вазъи молиявии корхонаҳои кишоварзӣ, ки қарз мегиранд, баргардонида натавонистани маблағҳои қарзӣ бонкҳои тиҷоратиро водор мекунад, ки шартҳои барои онҳо вазнин муқаррар кунанд.

Мушоҳидаи маълумоти дар ҷадвали 3 овардашуда якчанд аломатҳои қарзи кишоварии имрӯз ба муштариёни бонкҳои тиҷоратӣ пешниҳодшавандаро ошкор менамояд:

- пеш аз ҳама ба назар мерасад, ки бо зиёд шудани мӯҳлати қарз мутаносибан меъёри фоизои қарз низ меафзояд, яъне маълум мешавад, ки барои бонкҳои тиҷоратӣ хавфҳои пешниҳоди қарзҳои дарозмуҳлат ба корхонаҳои кишоварзӣ бештар мебошанд;
- фоизҳои қарз, ки бонкҳои тиҷоратӣ ба соҳаи кишоварзӣ пешниҳод мекунанд, қариб баробари меъёри миёнаи қарзҳои ба соҳаҳои иқтисодиёт пешниҳодшаванда мебошанд, бинобар ин дар онҳо ягон хел хусусияти имтиёзӣ дида намешавад;
- талаботи қатъии бонкҳои тиҷоратӣ ба корхонаҳои кишоварзӣ барои таъминоти қарз – доштани гарав (амволи манқул ё ғайриманқул) мебошад, ки аксаран арзиши он аз арзиши маблағи қарз бештар аст. Инчунин баъзе бонкҳо бар иловаи гарав боз доштани зоминро аз қарзгир талаб мекунанд;
- азбаски бозори суғурта дар мамлакат рушд накардааст, қарзгирон ба суғуртаи маблағҳои қарзи бонкӣ эътимод надоранд ва ҳангоми бастани шартномаи қарзӣ онҳо аз ин намуди суғурта даст мекашанд.

Ҳамаи ин аломатҳо дар якҷоягӣ бо вазъи молиявии номатлуби корхонаҳои кишоварзӣ зарурати дахолати давлатро ба дастгирии қарзии корхонаҳои кишоварзӣ ба миён меоранд. Бинобар ин, роҳандозӣ намудани тадбирҳо барои мукаммаслсозии низоми қарздиҳии кишоварзӣ ва ҷорӣ намудани қарзи имтиёзнок ба ин соҳаи муҳими иқтисодиёти миллӣ зарур аст.

Қарзи бонкӣ бояд барои тамоми корхонаҳои соҳаи кишоварзӣ дастрас бошад. Ба ин хотир, бояд низоми қарзӣ-молиявӣ ва муомилоти пулӣ дар мамлакат муътадил гардонида шавад. Бинобар ин, бояд дар сатҳи давлатӣ қарорҳои дахлдор ҷиҳати ташаккул ва ҷорӣ намудани қарздиҳии имтиёзноки соҳаи кишоварзӣ қабул карда шаванд. Давлат бояд вазифаҳои қарздиҳии дарозмуҳлати корхонаҳои кишоварзиро бо пешниҳоди фоизҳои мақбул ба зиммаи худ гирад, зеро вазъи имрӯзаи бонкҳои тиҷоратӣ, ки худ дар ҳолати ногувори молиявӣ қарор доранд, барои пешниҳод кардани қарзҳои имтиёзнок, аз ҷумла қарзҳои мӯҳлаташон аз 1 сол зиёд ба корхонаҳои кишоварзӣ имкон намедиҳад. Ҳамчунин давлат бояд усулҳои босамари қарздиҳии лизингӣ ва қарздиҳӣ дар шакли молиро барои корхонаҳои кишоварзӣ ба кор барад. Барои фаъол гардонидани қарздиҳии кишоварзӣ ва ҳавасмандгардонии истеҳсолкунандагони маҳсулоти кишоварзӣ ба гирифтани қарз, зарур аст, ки меъёри фоизи қарзи бонкӣ барои соҳаи кишоварзӣ аз меъёри миёнаи фоидаи корхонаҳои кишоварзӣ хеле паст бошад. Ин ба корхонаҳои кишоварзии қарзгир имкон медиҳад, ки фоизҳои қарзро саривақт ва бе мушкилии молиявӣ пардохт кунанд.

Имрӯз қарздиҳии имтиёзнок яке аз манбаъҳои муҳимтарини таъмини пойгоҳи моддию техникӣ ва асоси рушди инноватсионии истеҳсолоти кишоварзӣ ба ҳисоб меравад. Аммо дар натиҷаи таҳқиқи шароити фаъолияти корхонаҳои кишоварзӣ маълум гардид, ки ҳангоми дархости онҳо барои қарз ва пешниҳоди он аз ҷониби бонкҳо мушкилоти ҷиддие ба миён меоянд, ки сабаби асосии онҳо набудани гарави лозимӣ барои таъмини қарз мебошад.

Барои рушди қарздиҳии имтиёзноки бонкҳои тиҷоратӣ ба соҳаи кишоварзӣ дар мамлакат роҳандозӣ намудани механизми қарздиҳие зарур аст, ки пешниҳоди қарзро ба корхонаҳои кишоварзӣ бо меъёри солонаи ақаллан 12-15% таъмин кунад. Дар ин маврид бояд ҷуброни норасоии даромади бонкҳо, ки мувофиқи вазъи имрӯзаи бозор 10-12%-ро ташкил медиҳад, аз ҷониби буҷети давлатӣ тавассути пешниҳоди кӯмаки

молиявӣ амалӣ карда шавад. Лекин бояд қайд кард, ки вазифаҳои давлат ҳангоми дастгирии қарзи кишоварзӣ аз ҳисоби маблағҳои буҷетӣ пеш аз ҳама бояд дар назорати қатъии истифодаи ҳадафноки маблағҳои қарзии корхонаҳои кишоварзӣ зоҳир ёбад. Ҳамзамон бо таҳкими назорати давлатӣ (буҷетӣ) бояд масъулияти ҷонибҳо – бонкҳои тиҷоратӣ ҳамчун миёнарав ва худи корхонаҳои кишоварзии қарзгир баланд бардошта шавад. Ҳамаи ин масъулият бояд дар доираи шартномаи қарзӣ пешбинӣ шуда ва ба танзим даровarda шавад. Ҳангоми риоя нашудани шартҳои мазкур давлат набояд масъулияти қарзгирро ба зиммаи худ гирад ва маблағи пардохтнакардаи онро аз ҳисоби маблағҳои буҷетӣ ҷуброн кунад, дар ин ҳолат тамоми масъулият ба уҳдаи худи қарзгир мемонад.

Барои татбиқи механизми қарздиҳии имтиёзнок ба соҳаи кишоварзӣ дар мамлакат қабул кардани барномаи қарздиҳии имтиёзноки кишоварзӣ тавсия дода мешавад. Инчунин таъсиси бонки тиҷоратии махсусгардонидашуда барои қарздиҳии соҳаи кишоварзӣ бо иштироки давлат зарур аст. Вобаста ба ин метавон фаъолияти бонки дар раванди муфлисшавӣ қарордоштаи ҶСК «Агроинвестбонк»-ро бо дастгирии давлатӣ барқарор ва ба зиммаи он вазифаҳои бонки тиҷоратии махсусгардонидашудаи қарздиҳии кишоварзиро вогузор кард. Зеро дар шароити имрӯзаи низоми қарздиҳӣ, инчунин бо назардошти хавфҳои мавҷудаи низоми қарздиҳии кишоварзӣ ба бахши хусусӣ такя намудан ғайриимкон аст. Таҷрибаи пешини ҳолатҳои қарздиҳӣ ба корхонаҳои соҳаи кишоварзӣ, ки дар аксари мавридҳо корхонаҳо қарзро баргардонида натавониста, ба бадшавии ҳолати молиявии бонкҳо боис мешуданд, инро тасдиқ мекунад. Бинобар ин, танҳо бо дастгирии давлатӣ ва сафарбар кардани сармояи давлатӣ таъсиси бонки тиҷоратии махсус барои қарздиҳии соҳаи кишоварзӣ имкон дорад. Амалкунии чунин ниҳоди молиявӣ имконпазир аст, агар хавфҳои эҳтимолӣ дуруст муайян карда шаванд ва стратегияи муносиби идоракунии онҳо аз ҷониби низоми менеҷмент ва роҳбарияти бонк интихоб карда шавад.

Дар шароити муосири иқтисодиёти миллӣ, аз ҷумла барои рушди воқеии соҳаи кишоварзӣ яке аз намудҳои муҳимтарини қарзи бонкӣ ин қарзи дарозмуҳлат барои харид ё сохтмони воситаҳои асосӣ мебошад. Лекин бонкҳои тиҷоратӣ, аз ҷумла бонки давлатии КВД БА ҶТ «Амонатбонк» низ ба қарздиҳии дарозмуҳлати соҳаи кишоварзӣ таваҷҷуҳ надоранд. Дар корхонаҳои кишоварзӣ маблағҳои худӣ барои сохтмони бино ва иншооти истеҳсолӣ, харид ва насби техника ва технологияи кишоварзӣ намерасад, аз ҷониби давлат низ маблағгузорӣ ба сохтмони асосии соҳаи кишоварзӣ назаррас нест. Ҳамаи ин омилҳо ба набудани фаъолнокии сармоягузорӣ дар соҳаи кишоварзӣ меоварад. Ба андешаи мо, сабаби паст будани фаъолнокии сармоягузорӣ ба сохтмони асосии соҳаи кишоварзӣ ин мушкилот дар дастрасии корхонаҳои кишоварзӣ ба қарзи дарозмуҳлат мебошад.

Маблағгузории бонкҳо барои муҷаҳҳазгардонӣ ва нав кардани таркиби техника, таҷҳизот ва технологияи истеҳсолоти кишоварзӣ, бунёди фермаҳои нави чорводорӣ, коргоҳҳо барои коркарди маҳсулоти аввалии кишоварзӣ, сохтмони гармхонаҳо, анборҳо, яхдонҳо ва дигар иншооти техникии инфрасохтори кишоварзӣ самаранокии иқтисодии фаъолияти корхонаҳои кишоварзиро хеле баланд мебардорад, арзиши аслии маҳсулоти кишоварзиро паст карда, ба афзоиши ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ ва даромаднокии он мусоидат мекунад. Имрӯз қарздиҳӣ ба лоиҳаҳои сармоягузории дар доираи барномаҳои рушди соҳаи кишоварзӣ татбиқшаванда бояд ба яке аз самтҳои афзалиятноки фаъолияти қарздиҳии бонкҳои тиҷоратӣ мубаддал гардад.

Ҳамин тавр, бо вуҷуди таваҷҷуҳи зиёди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба рушди соҳаи кишоварзӣ ва роҳандозӣ намудани тадбирҳои дастгирии фаъолияти корхонаҳои кишоварзӣ, маблағгузории қарзии бонкҳо бо истифода аз имконияти пешниҳод кардани қарзҳои имтиёзнок барои рушди истеҳсолоти кишоварзӣ мушкил аст. Имрӯз низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон қодир нест, ки худ мустақилона, бе дастгирии давлатӣ мушкилоти таъмини молиявии фаъолияти истеҳсолии корхонаҳои кишоварзиро бартараф кунад. Барои ноил

шудан ба фаъолияти даромадоваранда ва вазъи молиявии устувори корхонаҳои кишоварзӣ, инчунин таъмин кардан ва нигоҳ доштани вазъи молиявии мусоид, ба андешаи мо, дастгирии бештари давлатӣ ва танзими низоми қарздиҳии имтиёзнок ба соҳаи кишоварзӣ зарур аст.

## Адабиёт


1. Барномаи миёнамуҳлати рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025 / Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе, 2020. – 282 с.
2. Бюллетени омори бонкӣ. Бонки миллии Тоҷикистон [Сарчашмаи электронӣ] / Низоми дастрасӣ: URL: https://nbt.tj/tj/statistics/statistical_bullet
3. Давлатова Г.М., Одинаева М.Ш. Таҳия ва асоснокунии самтҳои такмили шаклҳои дастгирии давлатӣ дар самти субсидияи сармоягузориҳои қарзӣ / Г.М. Давлатова, М.Ш. Одинаева // Иқтисодиёти Тоҷикистон. – 2022. - № 4-1. – С. 65-74
4. Каримов Б.Ҳ., Аҳмади З. Сармоягузорӣ ҳамчун омили пешбарандаи рушди сайёҳӣ ва инфрасохтори он / Б.Ҳ. Каримов, З. Аҳмади // Паёми Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон. – 2023. – № 4 (49). - С. 236-243
5. Каримов Б.Ҳ., Тохтаров И.Х. Дастгирии давлатии қарздиҳии кишоварзӣ / Б.Ҳ. Каримов, И.Х. Тохтаров // Паёми донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – 2023. - № 12. – С. 139-148
6. Каримов Б.Х., Тохтаров И.Х. Особенности формирования системы льготного кредитования предприятий аграрного сектора Республики Таджикистан / Б.Х. Каримов, И.Х. Тохтаров // Вопросы управления и экономики: современное состояние актуальных проблем. Сборник статей по материалам LXVIII Международной научно-практической конференции (Москва, 10 февраля 2023 года). – Москва: Общество с ограниченной ответственностью «Интернаука», 2023. – С. 17-25
7. Каримов Б.Ҳ., Ҳаёев Қ.А. Таъмини устувории молиявии низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити буҳрони молиявӣ / Б.Ҳ. Каримов, Қ.А. Ҳаёев // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. - 2023. - № 4. – С. 97-105
8. Латипова Г.С. Такмили механизми қарздиҳии соҳаи кишоварзӣ / Г.С. Латипова // Дисс. барои дарёфти дараҷаи илм. номз. илм. иқт.: 08.00.07 / Латипова Гуландом Сайҳомидовна. – Душанбе, 2022. – 185 с.
9. Махшулов С.Ҷ., Хоҷаев Б.Б., Латипова Г.С. Нақши қарзҳои бонкӣ дар самаранокии истеҳсоли маҳсулотҳои хоҷагии қишлоқ / С.Ҷ. Махшулов, Б.Б. Хоҷаев, Г.С. Латипова // Кишоварз. – 2018. № 2. – С. 98-102
10. Молияи Тоҷикистон: 30-соли истиқлолияти давлатӣ. Маҷмуаи оморӣ / Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе, 2021. – 445 с.
11. Молияи Тоҷикистон. Маҷмуаи оморӣ / Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе, 2024. – 121 с.
12. Рахимов, Р. К. Совершенствование взаимодействия реального и денежного секторов экономики Республики Таджикистан / Р. К. Рахимов, Я. П. Довгялло, Б. М. Шарипов // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. – 2015. – № 2/3(165). – С. 113-121. – EDN UNJKDJ.
13. Шарипов, Б. М. Анализ конкуренции на рынке банковских услуг Республики Таджикистан и методы ее снижения / Б. М. Шарипов, З. Х. Нуруллоев // Вестник Российского экономического университета имени Г.В. Плеханова. – 2014. – № 4(70). – С. 101-109. – EDN SCKSPB.
14. Шарипов, Б. М. Основные тенденции и проблемы финансирования развития экономики Республики Таджикистан в условиях нестабильности внешних финансовых рынков / Б. М. Шарипов // Вестник университета (Российско-Таджикский (Славянский) университет). – 2013. – № 1(40). – С. 91-96. – EDN RCTPVZ.



**Маълумот дар бораи муаллиф: Тохтаров Искандар Холаҳмадович** – Донишгоҳи давлатии Данғара, унвонҷӯи кафедраи молия ва фаъолияти бонкӣ. **Суроға:** Ҷумҳурии Тоҷикистон, 735320, вилояти Хатлон, ш. Данғара, кӯчаи Марказӣ 25. E-mail: **tokhtaroviskandar@gmail.com.**

**Сведения об авторе: Тохтаров Искандар Холахмадович -** Дангаринский государственный университет, соискатель кафедры финансов и банковской деятельности. **Адрес:** Республика Таджикистан, 735320, Хатлонская область, г. Дангара, улица Маркази 25. E-mail: **tokhtaroviskandar@gmail.com.**

**Information about the author:**
**Tokhtarov Iskandar Kholahmadovich -** Dangara State University, applicant for the Department of Finance and Banking. **Address:** Republic of Tajikistan, 735320, Khatlon region, Dangara, Markazi street 25. E-mail: **tokhtaroviskandar@gmail.com.**

**УДК: 336**

# СИНТЕЗИ МАФҲУМИ ҲАМГИРОИИ ИҚТИСОДӢ БО МАНФИАТҲОИ МИЛЛӢ

**Ҷӯразода К.К.**

*Дар мақола гуногунии шарҳи назариявии мафҳуми “ҳамгироии иқтисодӣ”, зинаҳо ва сатҳи ин раванд мавриди таҳлил қарор дода шудааст. Таҳлил нишон дод, ки ҳамгироии иқтисодии байналмилалӣ (глобалӣ), минтақавӣ в ё байнидавлатӣ бо мақсади ноил шудан ба мақсадҳои умумӣ ташаккул ёфта, дар натиҷа манфиатҳои кишварҳои иштирокчиёни ин раванд бархурдор ва бо ҳам “омехта” мешаванд. Таъкид гардидааст, ки дар даҳсолаҳои охир иқтисодиёти ҷаҳонӣ таҳаввулоти бузурги сифатиро аз сар гузаронидааст, ки дар натиҷа низоми нави иқтисодӣ пайдо шудааст. Ҳамгироии иқтисодӣ ҳамчун раванди объективӣ ва самтнок барои наздикшавии иқтисодиёти кишварҳо, ташаккули сохторҳои муштараки истеҳсолӣ ва идоракунии якҷоя, инчунин таъмини манфиатҳои иқтисодии онҳо арзёбӣ мегардад. Ин раванд бо тақсимоти байналмилалии меҳнат, ҳаракати сармоя ва ташаккули инфрасохтори умумӣ алоқаманд аст. Ҳамгироӣ дар сатҳҳои гуногун - аз байналмилалӣ то минтақавӣ барои ташаккули фазои ягонаи иқтисодӣ ва баланд бардоштани қобилияти рақобатӣ аҳамияти калон дорад.*

*Инчунин, дар мақола ба ақидаи муҳаққиқон такя карда шудааст. Аз ҷумла таъкид гардидааст, ки муҳаққиқон ба масъалаҳои гуногуни ҳамгироии иқтисодӣ, аз қабили номувофиқатии сиёсӣ, таъмини амнияти иқтисодӣ ва ҳифзи манфиатҳои миллӣ, таваҷҷуҳ зоҳир мекунанд. Онҳо таъкид мекунанд, ки ҳамгироӣ бояд ба манфиатҳои ҳамаи кишварҳои иштироккунанда мувофиқ бошад, то самараи синергетикӣ ба даст оварда шавад. Барои кишварҳои рӯ ба инкишоф, ҳифзи манфиатҳои миллӣ ва мустақилияти иқтисодӣ аҳамияти калон дорад. Дар натиҷа, ҳамгироӣ бояд ба баланд бардоштани сатҳи зиндагии аҳолӣ ва ташаккули бозори ягона оварда расонад, аммо бояд ба шароити махсуси кишварҳо ва манфиатҳои онҳо ҳамчун асос назар карда шавад.*

*Вобаста ба натиҷаҳои ҳамгироии иқтисодӣ ин мафҳум бо мафҳуми “манфиатҳои миллӣ” синтез карда шудааст. Хулоса карда шудааст, ки манфиатҳои миллӣ дар раванди иштироки кишвар дар гурӯҳи ҳамгироии иқтисодӣ афзалият дорад.*

***Калимаҳои калидӣ:*** *ҳамгироӣ, ҳамгироии иқтисодӣ, ҳамгироии байналмилалӣ, ҳамгироии минтақавӣ, гурӯҳҳои ҳамгироӣ, иттиҳодияҳои ҳамгироӣ, манфиатҳои миллӣ, минтақагароӣ, ҷаҳонишавӣ, фазои ягонаи иқтисодӣ, мактабҳои илмии иқтисодӣ.*

***Барои иқтибос:*** *Ҷӯразода К.К. Синтези мафҳуми ҳамгироии иқтисодӣ бо манфиатҳои миллӣ / К.К. Ҷӯразода // Паёми молия ва иқтисод. – 2024. – No. 4.2(43). – С. 279-286.*

# СИНТЕЗ ПОНЯТИЯ ЭКОНОМИЧЕСКОЙ ИНТЕГРАЦИИ С НАЦИОНАЛЬНЫМИ ИНТЕРЕСАМИ

**Джуразода К.К.**

*В статье анализируется многообразие теоретических трактовок понятия «экономическая интеграция», этапы и уровни этого процесса. Анализ показал, что международная (глобальная), региональная или межгосударственная экономическая интеграция формируется с целью достижения общих целей, и в результате интересы стран, участвующих в этом процессе, взаимовыгодны и «смешиваются» друг с другом. В зависимости от результатов экономической интеграции это понятие синтезировалось с понятием «национальные интересы». Сделан вывод о том, что национальные интересы имеют первостепенное значение в процессе участия страны в экономическом интеграционном объединении. Подчеркивается,*

*что за последние десятилетия в мировой экономике произошли серьезные качественные изменения, приведшие к формированию новой экономической системы. Экономическая интеграция рассматривается как объективный и целенаправленный процесс сближения экономик стран, формирования совместных производственных структур и совместного хозяйствования, а также обеспечения их экономических интересов. Этот процесс связан с международным разделением труда, движением капитала и формированием общей инфраструктуры. Интеграция на различных уровнях — от международного до регионального — имеет большое значение для формирования единого экономического пространства и повышения конкурентоспособности.*

*Статья также опирается на мнения исследователей. В частности, подчеркивается, что исследователи уделяют внимание различным вопросам экономической интеграции, таким как политическая несовместимость, обеспечение экономической безопасности, защита национальных интересов. Они подчеркивают, что интеграция должна отвечать интересам всех стран-участниц для достижения синергетического эффекта. Для развивающихся стран защита национальных интересов и экономической независимости имеет большое значение. В результате интеграция должна привести к повышению уровня жизни населения и формированию единого рынка, но при этом за основу должны быть взяты конкретные условия стран и их интересы.*

***Ключевые слова:*** *интеграция, экономическая интеграция, международная интеграция, региональная интеграция, интаграционная группа, интеграционное объединение, национальные интересы, регионализм, глобализация, единое экономическое пространство, научно-экономические школы.*

## SYNTHESIS OF THE CONCEPT OF ECONOMIC INTEGRATION WITH NATIONAL INTERESTS

**Jurazoda K.K.**

**Бобозода К.О.**
**Шомуродов А.М.**

*Дар мақола собит шудааст, ки шаклҳои хурд ва миёнаи соҳибкорӣ шароити мусоид барои истифодаи судманди навовариҳо таъмин менамоянд. Собит шудааст, ки дар шароити муосир рушди соҳибкории хурду миёна дар нақлиёти автомобилии Ҷумҳурии Тоҷикистон бидуни дастгирии ҳамаҷонибаи давлатӣ дар якҷоягӣ бо барномаҳои аллакай мавҷудбуда оид ба соҳаҳои алоҳида ва намудҳои фаъолияти иқтисодӣ ғайриимкон аст. Бо назардошти хусусияти мушкилоти муайяншудаи соҳибкории хурду миёна дар соҳаи нақлиёти автомобилӣ дар мақола самти ҳалли масъалаҳои истифодаи навовариҳо муайян карда шудаанд.*

***Калидвожаҳо***: *рақобат, навовариҳои хориҷӣ, корхонаҳои хурд ва миёна,соҳибкорӣ, инноватсия.*

***Барои иқтибос:*** *Бобозода К.О. Шаклҳои хурд ва миёнаи соҳибкорӣ шароити мусоид барои истифодаи судманди навовариҳо /К.О. Бобозода, А.М. Шомуродов// Паёми молия ва иқтисод. – 2024. – No. 4.2(43). – С. 294-302.*

# МАЛОЕ И СРЕДНОЕ ПРЕДПРИНИМАТЕЛЬСТВА УСЛОВИЙ ДЛЯ ЭФФЕКТИВНОГО ИСПОЛЬЗОВАНИЯ ИННОВАЦИЙ

**Бобозода К.О.**
**Шомуродов А.М.**

*В статье доказано, что малое и срегее предпринимательство является эффективным условием дла использования инноваций.Установлено, что в современные условиях малое и среднее предпринимательство на автомобильном транспорте Республики Таджикистан без государственной поддержки совместно с уже существующими программами по отдельным отраслям и и направлениям экономики невозможно. С учетом имеющимися проблемами в области малое и среднее предпринимательство на автомобильном транспорте в стетье предложен направления использования инноваций.*

***Ключевые слова:*** *конкуренция, инностарнные нововедения, малое и средное предприятие,, предпринимательства, инновация.*

# SMALL AND MEDIUM-SIZED BUSINESSES CREATE FAVORABLE CONDITIONS FOR PROFITABLE USE OF INNOVATIONS

**Bobozoda K.O.**
**Shomurodov A.M.**

*The article proves that small and medium-sized forms of entrepreneurship provide favorable conditions for the beneficial use of innovations. It is proved that in modern conditions, the development of small and medium-sized businesses in the road transport of the Republic of Tajikistan is impossible without comprehensive government support in combination with existing programs in certain sectors and types of economic activity. Taking into account the specifics of the identified problems of small and medium-sized enterprises in the field of motor transport, the article identifies ways to solve the problems of using innovations.*

***Keywords***: *competition, foreign innovations,small and medium-sized enterprises, entrepreneurship, innovation.*

Таҳлили рушди нақлиёти автомобилӣ дар шароити гузариш ба иқтисоди бозаргонии Тоҷикистон дорои хусусиятҳои муайяне аст, ки бо сиёсати макроиқтисодии давлат, сатҳи таъминоти техникӣ, вазъи фазои сармоягузорӣ, захираҳои инсонӣ, бо маводи моддию техникӣ ва захираҳои техникии иқтисодиёт алоқаманданд.

Соҳибкории хурду миёна (соҳибкорӣ) яке аз шартҳои асосии ташкилии рушди

инноватсия дар системаи нақлиёт мебошанд, ки дар ҳаҷми ҳамлу нақли бор ва мусофирон тавассути нақлиёти автомобилӣ саҳми калонро ташкил медиҳанд.

Аз маълумоти ҷадвали 1 дар системаи нақлиёт 78,2 фоизи корхонаҳои хусусӣ ва коллективӣ амал мекунанд, ки қариб 100 фоизи онҳоро корхонаҳои хурду миёна ташкил медиҳанд. Бояд гуфт, ки аз шумораи умумии корхонаҳои амалкунанда 18,7 фоизашро корхонаҳои давлатӣ, ки зиёда аз 90 фоизи онҳоро корхонаҳои нақлиёти автомобилии хурду миёна ташкил медиданд.

Дар системаи нақлиёт 19 корхонаи хориҷӣ ё бо иштироки хориҷӣ мавҷуд аст, ки 18-тои онҳо корхонаҳои хурду миёна мебошанд, ки 3,2 фоизи шумораи умумии корхонаҳои хурду миёнаро ташкил медиҳанд. Онҳо манбаи муҳими афзоиши рақобат ва паҳн шудани навовариҳои хориҷӣ дар системаи нақлиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошанд.

Маълумоти ҷадвал 1 нишон медиҳад, ки аз 603 корхонаи нақлиёти автомобилии амалкунанда 112 корхона моликияти давлатӣ (18,6 фоиз), 472 корхона хусусӣ ва коллективӣ (78,2 фоиз) мебошанд. Аз 591 адад (98,0% корхонаҳои хурду миёна) тақрибан 86,3% корхонаҳои хурду миёнаи моликияти хусусӣ ва коллективӣ буда, барои татбиқи инноватсияҳо дар системаи нақлиёти автомобилии Ҷумҳурии Тоҷикистон иқтидори хеле баланд доранд.

**Ҷадвали 1** - Тавсифи умумии корҳонаю ташкилотҳои нақлиёт ва нигоҳдории бор дар соли 2020

| Фаъолияти нақлиёт ва нигоҳдории мол | Ҳамагӣ фаъол | Давлатӣ | Шахсӣ ва коллективӣ | Хориҷӣ ва омехта (бо иштироки хориҷӣ) |
|---|---|---|---|---|
| Хамагӣ | 603 | 112 | 472 | 19 |
| то 30 нафар | 547 | 69 | 461 | 17 |
| аз 30 то 200 нафар | 44 | 32 | 11 | 1 |
| зиёда аз 201 нафар | 12 | 11 | - | 1 |

**Манбаъ**: Тоҷикистон: 30-солагии Истиқлолияти давлатӣ Маҷмӯаи оморӣ. Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2021.-С.356.

Бояд гуфт, ки фаъолияти корхонаҳои хурд, аз ҷумла дар соҳаи нақлиёти автомобилӣ имкон медихад, ки як қатор мушкилоте, ки ба рушди инноватсионии соҳа вуҷуд доранд, ҳал карда шаванд:

- махсусгардонӣ, аз ҷумла бо роҳи озод кардани корхонаҳои калон аз истеҳсоли ҳаҷми ками маҳсулот ё расондани ҳаҷми ками хизматрасонӣ амиқтар карда шавад;

- баланд бардоштани чандирии истеҳсолот ва қобилияти зуд мутобиқ кардани маҳсулот ё хидматҳои пешниҳодшуда аз ҳисоби камтар беэътиноӣ дар фаъолияти корхонаҳои хурд, ҳаракати бештар ва идорашавандаи онҳо;

-суръати инкишофи зерсоҳаҳои баъзе намудҳои фаъолияти иқтисодӣ, ки бо фаъолияти корхонаҳои калон алоқаманд нестанд, тезонида шавад;

- тезонидани ҷалби васеи аҳолӣ ба сохибкорӣ ва ба амал баровардани фаъолияти аз ҷихати иқтисодӣ фаъол дар шароите, ки барои онҳо қулай аст.

Дар баробари ҳалли ин мушкилот рушди инноватсионии корхонаҳои хурд ба ҳалли масъалаҳои зерини иҷтимоӣ мусоидат мекунад:

- тадриҷан ба вуҷуд овардани табақаҳои васеи моликони хурд, ки некуаҳволии онҳо шарти муҳимтарини таъмини тараккиёти устувори иҷтимоию иқтисодии давлат мебошад;

-соҳибкории хурд як роҳи муҳими кушодани иқтидори шахси воқеӣ мебошад;

-дар шароити падидаҳои бӯҳронии иқтисодиёт ва таҷдиди сохтори ширкатҳои калону миёна маҳз соҳаи соҳибкории хурд барои шаҳрвандон ба фаъолияти мустақили иқтисодӣ мубаддал мегардад;

-соҳаи корхонаи хурд шуғли аҳолӣ дар ҳудуди мазкурро зиёд намуда,
ба ин васила сатҳи бекорӣ ва шиддати иҷтимоиро паст мекунад;

-оммавигардонӣ ва муарифигардонии соҳибкории хурд шароити тагйир додани муносибатхои иҷтимоӣ ва тағйир додани роҳнамои ҳаётии шаҳрвандон мебошад.

Таҷрибаи ҷаҳонӣ нишон медиҳад, ки рушди фаъолияти соҳибкорӣ яке аз омилҳои муҳимтарини рушди устувор ва ҳамгироӣ ба низоми иқтисодии ҷаҳонӣ дар асоси истифодаи технологияҳои инноватсионӣ мебошад. Муайян карда шудааст, ки усули аз ҳама самараноки истифодаи онҳо ҳамкории соҳибкории калон ва хурд мебошад, ки ба рушди босуръати технологияҳои инноватсионӣ мусоидат мекунад ва дар ниҳоят ба суръати устувори рушди иқтисодӣ таъсир мерасонад.

Бояд гуфт, ки ворид шудани Ҷумҳурии Тоҷикистон ба СУС имкониятҳо ва дурнамои нави кишварро дар низоми иқтисоди ҷаҳонӣ пешакӣ муайян кард. Дар ин шароит бояд стратегияи ворид шудан ба бозорҳои байналмилалӣ таҳия карда шавад, ки он аз миқёси корхона вобаста
аст, дар ҳоле ки:

-корпоратсияҳо (калон ва миёна) дар бозорҳои байналмилалӣ тавассути таҳияи технологияҳои баланд бо интернатсионализатсияи минбаъдаи онҳо иштирок мекунанд;

- намояндагони соҳибкории миёна асосан ба талаботи бозори дохилӣ нигаронида шуда, дар ҳоле, ки бештар ба сиёсати иқтисодии давлат вобастаанд;

-корхонаҳои хурд дар фаъолияти худ бештар ба шароити маҳаллии минтақавӣ вобастаанд, ки қариб ҳамаи соҳаҳои истеҳсоли мол ва хизматрасониро дар сатҳи минтақа муайян мекунанд.

Шарти муҳими фаъолияти корхонаҳои хурд чандирии баланд ва мутобиқшавӣ ба шароити тағйирёбандаи бозор тавассути рушди босуръат ва гузаштан ба технологияҳои нави истеҳсолот, ки барои корпоратсияҳои калон душвориҳо ба амал меоварад. Дар баробари ин, самаранокии соҳибкории хурди инноватсионӣ аён аст, ки бар хилофи ташкилотҳои калони илмӣ нишондиҳандаҳои хеле баландтари самаранокии раванди таҳқиқотро дорад.

Бояд гуфт, ки таносуби шумораи рационализаторон ба шумораи коркунони илмӣ бештар аз 4 баробар, шумораи навоварӣ ба 1 доллари хароҷот аз 24 баробар зиёд аст. Масалан, дар ИМА корхонаҳои хурд нисбат ба корхонаҳои калон 13 маротиба бештар инноватсияҳоро ба ҳар як корманд таҳия мекунанд.

Маълумоти дар ҷадвали 2 овардашуда нишон медиҳад, ки соҳибкории хурду миёна то 100% шумораи кормандонро дар соҳаҳои фаъолияти иқтисодӣ ташкил мекунанд.

**Ҷадвали 2** - Ҳиссаи кормандон дар корхонаҳои хурду миёна аз рӯи соҳаҳои фаъолияти иқтисодӣ дар кишварҳои ҷаҳон,%

| Кишвар | Истеҳсол, % | Хизматҳо,% | Сохтмон,% |
|---|---|---|---|
| 1 | 2 | 3 | 4 |
| Австрия | 52 | 72 | 83 |
| Бельгия | 56 | 72 | 91 |
| Бразилия | 51 | 68 | 55 |
| Болгария | 68 | 82 | 87 |
| Чехия | 58 | 75 | 90 |
| Дания | 53 | 66 | 85 |
| Эстония | 75 | 78 | 92 |
| Финландия | 52 | 63 | 81 |
| Франция | 55 | 63 | 85 |
| Германия | 47 | 66 | 93 |
| Греция | 81 | 88 | 95 |
| Венгрия | 56 | 76 | 92 |

| | | | |
|---|---|---|---|
| Ирландия | 53 | 73 | 93 |
| Италия | 77 | 79 | 97 |
| Япония | 100 | 100 | 100 |
| Корея | 80 | 90 | 83 |
| Латвия | 76 | 78 | 93 |
| Литва | 70 | 78 | 86 |
| Мексика | 55 | 64 | 80 |
| Нидерланды | 69 | 65 | 80 |
| Новая Зеландия | 64 | 69 | 83 |
| Норвегия | 60 | 69 | 85 |
| Польша | 59 | 74 | 86 |
| Португалия | 80 | 77 | 87 |
| Руминия | 55 | 74 | 81 |
| Россия | 18 | 39 | 36 |
| Словакия | 54 | 76 | 93 |
| Словения | 59 | 77 | 95 |
| Испания | 71 | 73 | 87 |
| Швеция | 52 | 68 | 80 |
| Швейцария | 59 | 66 | 88 |
| Великобритания | 59 | 50 | 78 |
| США | 37 | 43 | 77 |

Источник:Entreptreneurship st a Glance 2015. Value added by enterpride size //OECD Library. [Электронный ресурс].

Дар сохтори умумии тиҷорати хурду миёна дар ҷаҳон ҳиссаи бештари корхонаҳоро (аз 77 то 100%) саноати сохтмон ишғол мекунад. Ҷойи дуюмро корхонаҳои хурду миёна дар бахши хизматрасонӣ (43-100%) ишғол мекунанд. Дар соҳаи истеҳсолот умуман корхонаҳои хурду миёна ҳиссаи зиёди соҳаҳои истеҳсолотро ишғол мекунанд.

Дар бахшҳои истеҳсолӣ, хизматрасонӣ ва сохтмонии Ҷопон 100% корхонаҳои хурду миёнаро ишғол мекунанд, яъне дар ин кишвар корхонаҳои калон амалан вуҷуд надоранд.

Дар маҷмӯъ, дар ҳамаи кишварҳои дар боло зикргардида корхонаҳои хурду миёна дар иқтисодиёти онҳо қисми зиёди корхонаҳои онҳоро ишғол мекунанд, ки манбаи муҳими рушд ва татбиқи технологияҳои инноватсионӣ мебошанд.

Маълумоти ҷадвали 3 нишон медиҳад, ки дар бисёр давлатҳои хориҷӣ ҳиссаи арзиши иловашуда аз фаъолияти корхонаҳои хурду миёна аз 31,4 фоиз (дар Япония) то 64,7 фоиз (дар Люксембург) ба даст меоянд

Бояд гуфт, ки дурнамои рушди соҳибкорӣ, аз ҷумла соҳибкории хурд бевосита бо имкониятҳои ташаккули робитаҳои зичи кооперативии корхонаҳои хурду миёна муайян карда мешавад.

**Ҷадвали 3**-Ҳиссаи арзиши иловашудаи фаъолияти корхонҳои хурд ва миёна дар ҳаҷми мумии арзиши иловашуда дар баъзе аз кишварҳои аврупоӣ, %

| Кишвар | Ҳиссаи соҳибкории хурд дар арзиши иловашудаи умумӣ,% | Кишвар | Ҳиссаи сиҳибкории хурд дар арзиши иловашуда умумӣ ,% |
|---|---|---|---|
| Люксембург | 64,7 | Нидерланды | 40,6 |
| Италия | 50,8 | Финландия | 38,8 |
| Испания | 45,6 | Австрия | 38,6 |
| Норвегия | 43,2 | Великобритания | 35,1 |

| | | | |
|---|---|---|---|
| Франция | 42,5 | Германия | 34,0 |
| Дания | 41,1 | Швейцария | 33,2 |
| Швеция | 40,9 | Япония | 31,4 |

Источник:Entreptreneurship st a Glance 2015. Value added by enterpride size //OECD Library. [Электронный ресурс].

Ҳамин тариқ, А.В.Виленский чунин мешуморад, ки меъёри дастгирӣ соҳибкории хурду миёна ба шаклҳои гуногуни ҳамкории сохторҳои хурду калон дар истеҳсолот, фурӯш, илм, техника ва дигар соҳаҳо мувофиқат мекунад. Гумон меравад, ки дар ин маврид тиҷорати калон нақши муҳити беруна барои тиҷорати хурдро мебозад, зеро он дар муҳити бозор имконияту

иқтидори бештар дорад, ки ба рушду дастгирии соҳибкории хурд мусоидат мекунад.

Ҳамин тариқ, ноил шудан ба фаъолияти мутақобила самарабахши соҳибкории хурд дар асоси муайян кардани манфиатҳои мутақобилан судманд шарти зарурӣ ва кофии рушди инноватсионии иқтисодиёт мегардад.

Дар боло гуфта шуд, ки яке аз омилҳои асосии таъмини рушди босуръати иқтисодӣ истифодаи технологияҳои инноватсионӣ мебошад.

Таҳлили адабиёти илмӣ нишон медиҳад, ки татбиқи сиёсати дахлдори инноватсионӣ аз ду омили асосӣ вобаста аст:

-таҳияи шароити мувофиқ барои татбиқи рушди инноватсионӣ;

- ҳавасмандгардонии фаъолияти инноватсионӣ дар байни субъектҳо.

Бояд гуфт, ки омили якум марҳалаҳои ташаккули фаъолияти инноватсиониро ҳамчун бахши мустақили фаъолияти иқтисоди муайян мекунад. Омили дигар вобаста ба дараҷаи рушди соҳибкорӣ дар кишвар ҳавасмандӣ мебошад, ки дар он манфиатдорӣ ба такмили истеҳсолот зухур меёбад.

Умуман, давраи гузариш гувоҳӣ медиҳад, ки навъҳои гуногуни фаъолияти мутақобилаи сохторҳои хурду калон мавҷуд аст.

Дар бораи дар заминаи корхонаҳои калон шаклҳои зерини ҳамкории байни фаъолияти соҳибкорӣ ва сохторҳои калон вуҷуд дошта метавонанд:

- ташкили коллективи муваккатӣ барои ноил шудан ба мақсади ба миён гузошташуда, ки барои баланд бардоштани дараҷаи техникии корхонаи калон (дохилшарикӣ) зарур аст;

-таъсиси корхонаҳои хурд (инкубаторҳо);

-ташкили корхонаҳои хурд, ки бо корхонҳои калон ҳамкории зич (шакли моҳворaӣ), аз ҷиҳати ҳуқуқи мустақил, вале аз ҷиҳати молиявӣ зич алоқаманд ва ғайра доранд

Асосноксозии муфассали марҳилаҳои ташаккул ва рушд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон механизмҳои мукаммали фаъолияти соҳибкории хурду миёна дар соҳаи нақлиёт яке аз шартҳои асосии рушди босамари инноватсионии

соҳаи нақлиёти автомобилӣ мебошад. .

Тавре ки таҳлил нишон дод, дар шароити муосир рушди соҳибкории хурду миёна дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аз намудҳои нақлиёт ва сегментҳои бозори хизматрасонии нақлиётӣ ба таври ҷиддӣ тафовут дорад, ки муносибати тафриқаро барои муайян намудани самтҳои асосии рушди хар як намуди алоҳидаи нақлиётро тақозо менамояд.

Бояд гуфт, ки айни замон соҳибкории хурду миёна дар соҳаи нақлиёти автомобилӣ ба бахши асосии рушди дарозмуддати хизматрасонии нақлиётӣ табдил ёфта истодааст. Дар баробари ин, татбиқи пурраи иқтидори инноватсионии ин сегмент бо сабабҳои зерин ба даст оварда нашудааст:

-мукаммал набудани заминаи меъёрию хуқуқӣ ва сатҳи нокифояи соҳаи нақлиёт.

-ҳифзи манфиатҳои намояндагони соҳибкории хурду миёна дар ин ҷо бо далели мавқеи «назди сарҳадии» соҳаи нақлиёт, ки танзими он ба доираи

ваколат ва салоҳиятҳои мақомоти иҷроияи давлатҳои гуногун тааллуқ дорад, мушкили хоса ба миён меорад;

- дастрасии нокифояи соҳибкории хурду миёна ба механизмҳо ва захираҳои молиявию қарзӣ барои таъмини сармояи гардон, навсозии парки таркиби

ҳаракаткунанда ва сармоягузорӣ ба рушди худи онҳо;

- дастрасии маҳдуди соҳибкории хурду миёна ба инфрасохтори нақлиётӣ;

- ҳолати техникаи нақлиётии бисёр корхонаҳо имкон намедиҳад, ки дараҷаи дурусти сифат ва самараи боркашонӣ таъмин карда шавад;

- набудани маълумоти муфассали оморӣ ва механизмҳои мониторинги фаъолияти истеҳсолии корхонаҳои хурду миёна дар соҳаи нақлиёти автомобилӣ[1].

Лозим ба ёдоварист, ки рушди соҳибкории хурду миёна дар Ҷумҳурии Тоҷикистон на танҳо бо мушкилоти алоҳида, балки бо монеаҳои мавҷуда дар роҳи рушди тамоми системаи нақлиёт рӯбарӯ мегардад. Аз рӯи ин масъала маҳдудиятҳои мавҷуда дар соҳаи рушди соҳибкории хурду миёна дар соҳаи нақлиёт, пеш аз ҳама, ба мавҷуд набудани системаи ягонаи нақлиёт дар ҷумҳурӣ вобаста аст. Ҳалли ин масъала истифодаи равиши барномавиро талаб мекунад, ки бо омилҳои зерин муайян карда мешавад:

- хусусияти мураккаби мушкилот бинобар сохтори мураккаби системаи нақлиёти кишвар, ки ба ягона муттаҳид шудааст комплекси навъҳои гуногуни нақлиёт, нақши махсуси инфрасохтори нақлиёт дар тараққиёти иҷтимоию иқтисодии давлат;

- иштироки фаъолонаи давлат дар рушди онҳо;

-сармояғунҷоиши баланд ва мӯҳлатҳои тӯлонии бозпардохти рушди иншооти инфрасохтори нақлиётӣ, ки онҳоро барои сармоягузорони калон ҷолиб намегардонад;

- идоракунии барномавии мақсадноки рушди соҳаи нақлиёт имкон медиҳад, ки захираҳо ба вазифаҳои афзалиятнок мутамарказ карда шаванд, то муносибати мунтазам ба ҳалли мушкилот ва фароҳам овардани шароит барои рушди маҷмӯии намудҳои асосии нақлиёт барои кишвар таъмин карда шаванд;

- истифодаи равиши системавӣ дар татбиқи лоиҳаҳои инвеститсионӣ, ки ҳамоҳангсозии онҳоро аз рӯи мӯҳлат ва захираҳои сарфшуда дар бар мегирад, имкон медиҳад, ки соҳа самара ба даст оварад, инчунин боиси натиҷаҳои мусбати иҷтимоию иқтисодӣ дар маҷмӯъ мегардад;

- равиши барномавии мақсаднок ҳамкории самарабахши мақомоти ҳокимияти иҷроия ва пеш аз ҳама Вазорати нақлиёти Ҷумҳурии Тоҷикистонро бо дигар сохторҳо таъмин менамояд.

Ҳамин тариқ, дар шароити муосир рушди соҳибкории хурду миёна дар нақлиёти автомобилии Ҷумҳурии Тоҷикистон бидуни дастгирии ҳамаҷонибаи давлатӣ дар якҷоягӣ бо барномаҳои аллакай мавҷудбуда оид ба соҳаҳои алоҳида ва намудҳои фаъолияти иқтисодӣ ғайриимкон аст. Ин, пеш аз ҳама, фароҳам овардани шароити қонунгузорӣ, аз ҷумла, қонунгузории андоз дар робита ба фароҳам овардани механизмҳои ҳавасмандгардонии рушди босуръати соҳибкорӣ дар соҳаи нақлиёти автомобилӣ мебошад. Бояд гуфт, ки дар қонунгузории амалкунандаи андоз (дар доираи Кодекси андоз, ки соли 2013 дар таҳрири нав ворид шудааст) як қатор мушкилоти вобаста ба муайян намудани манбаи андоз барои сохторҳои соҳибкорӣ мавҷуд аст.

Мавриди зикр аст, ки дар матбуот борҳо чунин ақида баён кардаанд, ки сарбори андоз дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар марҳилаи ҳозира хеле баланд аст, ки ин аз натиҷаҳои муқоисаи байналмилалии пешбурди тиҷорат шаҳодат медиҳад. Дар ҷадвали 2.13 тавсифи муқоисавии муҳити андоз дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар минтақаҳои ҷаҳон аз рӯи таҳқиқи байналмилалӣ, ки аз ҷониби Бонки ҷаҳонӣ гузаронида шудааст, оварда шудаанд.

**Ҷадвали 4** – Тавсифи қиёсии нишондиҳандаҳои асосии муҳити андозбандӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, кишварҳои Аврупо ва Осиёи Марказӣ ва давлатҳои мутараққӣ, дар соли 2022

| Нишондиҳандаҳо | Тоҷикистон | Аврупо ва Осиёи Марказӣ | Кишварҳои рушдёфта |
|---|---|---|---|
| Шумораи пардохтҳо дар як | 28 | 19,2 | 11,1 |

| | | | |
|---|---|---|---|
| сол, воҳид | | | |
| Вақти барои таҳия, пешниҳод ва пардохти (ё нигоҳ доштани) андозҳо сарф шуда | 276 | 232,7 | 176,6 |
| Маблағи умумии пардохтҳои андоз (ба ҳисоби фоизи фоида),%, умумӣ | 81,8 | 34,8 | 41,2 |
| Аз ҷумла:<br>-андоз аз даромад,%<br>- андози меҳнат ва саҳмҳо,%<br>- андозҳои дигар,% | <br>17,7<br>28,5<br>35,6 | <br>10,8<br>20,4<br>3,1 | <br>14,9<br>24,1<br>1,7 |

Источник:Paying Taxes/Doing Business . The World Bank Group. [Электронный ресурс].

Маълумоти пешниҳодшуда ақидаҳои бартариятдоштаро дар бораи гаронии андоз ба соҳибкорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ мекунанд. Тоҷикистон аз рӯи ҳаҷми умумии андоз аз нишондиҳандаҳои шабеҳи кишварҳои Аврупо ва Осиёи Марказӣ 2,4 маротиба ва нисбат ба кишварҳои пешрафта қариб 2 маротиба зиёдтар аст.

Танҳо 18,2 фоизи фоида барои рушди соҳибкории хурду миёна дар бахшҳои иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон боқӣ мондааст, дар ҳоле ки 65,2 фоиз дар Аврупо ва Осиёи Марказӣ ва 58,8 фоиз дар кишварҳои пешрафта ҷой дорад.

Аз ин рӯ, бояд хулоса кард, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аксари пардохтҳои андоз ба андозҳои роҳу нақлиёт (33,6%) рост меояд, ки дар рушди соҳибкорӣ дар соҳаи боркашонӣ ва мусофиркашонӣ саҳми дахлдори харобиовар мегузорад.

Дар соҳаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба иҷозатномадиҳӣ низ камбудиҳои муайян мавҷуданд. Бояд қайд кард, ки қонунгузории иҷозатномадиҳӣ пешниҳоди хизматрасонии васеи нақлиёти автомобилиро танзим намуда, рӯйхати муайяни санадҳои қонунгузориро дар бар мегирад:

-Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи нақлиёт» аз 29 ноябри соли 2000 № 22, ки мақсади он ташаккули заминаи қонунгузорӣ барои танзими фаъолияти боркашонҳо дар навъҳои гуногуни нақлиёт бо мақсади фароҳам овардани шароит барои фаъолияти самараноки системаи нақлиёт дар асоси механизми бозорӣ ва ҳавасмандгардонии рушди хизматрасонии нақлиёти камхарҷ мебошад.;

-Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи иҷозатномадиҳӣ ба баъзе намудҳои фаъолият» аз 17 майи соли 2004, № 37 намудҳои фаъолиятеро, ки бояд иҷозатнома дода шаванд, муайян намуда, асосҳои ҳуқуқии додани иҷозатномаҳоро ба ҳуқуқи машғул шудан бо баъзе намудҳои фаъолият ва ба таъмини риояи стандартҳо ва талаботи тахассусӣ оид ба таъмини ҳифзи манфиатҳо ва амнияти шахс, ҷомеа ва давлат нигаронида шудааст, муқаррар менамояд.

- Кодекси нақлиёти автомобилии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз соли 2020, ки муносибатҳои ҷамъиятӣ ва тартиби амалигардонии фаъолиятро дар соҳаи нақлиёти автомобилӣ танзим менамояд.

-Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи роҳҳои автомобилгард ва фаъолияти роҳ», аз 25 июни соли 2021, № 1794., ки асосҳои ҳуқуқӣ, ташкилӣ ва иқтисодии фаъолияти роҳ, рушди шабакаи роҳҳои автомобилгард, тартиби истифодабарии онҳоро муайян мекунад ва ба танзим ва идораи фаъолияти роҳ нигаронида шудааст.

-Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 9 ноябри соли 2000 № 458 «Дар бораи тасдиқи Низомнома дар бораи хизматрасонии нақлиётию экспедиторӣ дар нақлиёти автомобилӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», ки масъалаҳои асосии ташкили хизматрасонии нақлиётию экспедиториро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, тартиби хизматрасонӣ ва ҳамкории корхонаҳои нақлиётию экспедиторӣ, ҳуқуқ, ӯҳдадориҳо ва масъулияти онҳо дар муносибат бо контрагентҳо ва байни худ, инчунин муқаррар намудани асосҳои танзими давлатии фаъолияти нақлиётию экспедиторӣ муайян менамояд.;

-Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 23 октябри соли 1999 № 441 «Дар бораи тасдиқи Тартиби бақайдгирии давлатии воситаҳои нақлиёт ва прицепҳо», ки қоида ва принсипҳои бақайдгирии воситаҳои нақлиёт ва ядакҳоро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян менамояд;.

Таҳлили ин санадҳои қонунгузорӣ аз мавҷудияти баъзе тафовутҳои байни онҳо, такрори ҳамдигар, ба таври кофӣ ба инобат нагирифтани шароит ва талаботи муосири рушди соҳибкорӣ дар соҳаи нақлиёти автомобилӣ нишон медиҳад.

Ҳамин тариқ, тибқи андешаи одилонаи пажӯҳишгарон, барои танзими ҳуқуқии рушди соҳибкории хурду миёна дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мушкилиҳои зерин ба вуҷуд меоянд, ки ба фаъолшавии рушди инноватсионии он таъсири манфӣ мерасонанд[1]:

- мавҷуд набудани заминаи озод ва ягонаи ҳуқуқии рушди соҳибкорӣ дар ҳама самтҳои фаъолияти соҳибкорӣ;

-нигилизми ҳуқуқӣ, ки ба татбиқи пурраи қонунҳо ва меъёрҳои дар кишвар амалкунанда халал мерасонад.

Бояд тазаккур дод, ки таҳлили хусусиятҳои муқоисавии бақайдгирии ташкилотҳои соҳибкорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон нишон медиҳад, ки он аз нишондиҳандаҳои миёнаи давлатҳои Аврупо ва Осиёи Марказӣ ба таври назаррас баланд ва ҳатто нисбат ба давлатҳои пешрафтаи дунё баландтар аст. (ҷадвали 5).

Маълумотҳоии ҷадвали 5 шароити хеле душвори бақайдгирии корхонаҳои хурдро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон нишон медиҳад. Ҳамин тариқ, бо назардошти хусусияти мушкилоти муайяншудаи соҳибкории хурду миёна дар соҳаи нақлиёти автомобилӣ бояд масъалаҳои зерин ҳал карда шаванд:

1. Эҷоди заминаи барномавӣ, ҳуқуқӣ ва ташкилии рушди соҳибкории хурду миёна дар соҳаи нақлиёти автомобилӣ;
2. Таҳияи механизмҳои махсуси дастгирии молиявии корхонаҳои хурду миёна дар соҳаи нақлиёти автомобилӣ.

**Ҷадвали 5** - Тавсифи қиёсии шартҳои бақайдгирии сохторҳои соҳибкорӣ

| Кишвар | Тоҷикистон | Аврупо ва Осиёи Марказӣ | Кишварҳои рушдёфта |
|---|---|---|---|
| Шумораи расмиёт | 4 | 4,7 | 4,7 |
| Вақт, рӯзҳо | 11 | 10 | 8,3 |
| Арзиши бақайдгирӣ ҳамчун ҳиссаи даромад ба ҳар сари аҳолӣ,% | 21,2 | 4,8 | 3,2 |

Сарчашма: Tajikistan. Doing Business 2016 data// Doing Business. The World Bank Grup. (Эл.рес.)

3. Таҳияи механизмҳои дастгирии иттилоотӣ ва машваратӣ ба соҳибкорон.
4. Ҷорӣ намудани механизмҳои мониторинги оперативӣ ва назорати самаранокии тадбирҳои дар соҳаи рушди соҳибкории хурду миёна дар соҳаи нақлиёти автомобилӣ.
5.Ҷорӣ намудани инноватсияҳо дар инфрасохтори роҳҳои автомобилгарди нақлиёти автомобилӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон.

## Адабиёт

1. Джумаев Б.М., Джурабаев Г.Д. Актуальные вопросы развития торговли товарами и услугами в условиях вступления Республики Таджикистан в ВТО.-Душанбе, Ирфон,2012.-С.56
2. Мирзобеков Х.Д. Развитие малых и средних форм предприниматеьской деятельности в сфере транспортных услуг Республики Таджикистан.//Диссертация.на соиск. уч.ст.к.э.н. по спец.08.00.05.-Душанбе,2016.- С.111-112
3. Багаев А.А. Критерии выбора перспективных инновационных проектов в практике венчупного финансирования // Формирование стратегии и выбор приоритетов научно-технического развития США.-М.: ВНИИСИ, 1988,Вып.8.-С.67.

4. Ясин Е. Экономический рост как цель и как средство (современная ситуация и перспективы российской экономики)// Вопросы экономики.-М,2001.-№9.-С.89-94.
5. Бортник И. 10 лет развития малого инновационного предпринимательства в России.// Инновации.-М.,2004.-№1.-С.2-13.
6. Мирзобеков Х.Д.Развитие малых и средных форм предпринимательской деятеьности в сфере танспортных услуг Республики Таджикистан. /Диссертация на соиск.к.э.н. по спец.08.00.05. Дешанбе, 2016.- С.39.
7. Предпринимательство и инновации:региональные приоритеты и перспективы развития /В.В.Чермянина, С.П.Лякишев.-Барнаул: Азбука,2012.-С.210; Виленский А. Этапы развития малого предпринимательства в России // Вопросы экономики.-М.,1996, №7.- С.30-38.

**Маълумот дар бораи муаллифон:**

**Бобозода Комил Олимҷон** – н.и.и., дотсент ИИД АМИТ.

**Шомуродов Абдуллохон Маҳмадмуродович** - унвонҷӯи Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон. Суроға: 734067, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кучаи Нахимов 64/14.

**Информация об авторах:**

**Бобозода Комил Олимджон –** к.э.н., доцент, ИЭД НАНТ.

***Шомуродов Абдуллохон Махмадмуродович*** *– соискатель Таджикского государственного финансово-экономического университета. Адрес: 734067, Республика Таджикистан, г.Душанбе, улица Нахимова 64/14.*

**Information about the authors:**

**Bobozoda Komil Olimjon -** c.e.s., associate professor, IED NAST.

**Shomurodov Abdullokhon Mahmadmurodovitch** - applicant at the Tajik State University of Finance and Economics.Address: 734067, Republic of Tajikistan, Dushanbe, str. Nakhimov 64/14.

**УДК: 38.124**

**ТАКМИЛИ МЕХАНИЗМИ ҲАВАСМАНДГАРДОНИИ ҶАЛБИ САРМОЯГУЗОРИИ ХОРИҶӢ БА СОҲАИ КИШОВАРЗИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**

**Сохибназаров Г. Х.**
**Файзуллоев Т. Т.**

***Аннотатсия.*** *Дар мақолаи мазкур масъалаҳои такмили механизми сармоягузории хориҷӣ дар соҳаи кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон баррасӣ шудааст. Дар натиҷаи таҳлили амиқ натиҷагирӣ шудааст, ки дар баробари муваффақиятҳои назаррас дар самтҳои рушди соҳаҳои кишоварзӣ ва комплекси агросаноатӣ камбудиҳо низ мавҷуданд. Инчунин, дар мақола таъкид мегардад, ки кишоварзӣ соҳаи меҳнатталаб ва маблағталаб ба шумор меравад ва имрӯзҳо новобаста аз муваффақиятҳо, истеҳсолоти агросаноатӣ ҳануз ҳам талаботи аҳолии мамлакатро бо маводи озуқаворӣ таъмин карда наметавонад. Бо ин мақсад, муаллифон тақвияти таҳияи лоиҳаҳои минтақавии сармоягузорӣ ва мониторинги пайвастаи онҳо ҷонибдорӣ намуда, механизми ҳавасмандгардонии рушди сармоягузориро пешниҳод намудаанд.*

***Калидвожаҳо:*** *сармоягузорӣ, сармояи хориҷӣ, кишоварзӣ, комплекси агросаноатӣ, амнияти озуқаворӣ, истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ, , инноватсия.*

***Барои иқтибос:*** *Сохибназаров, Г. Х. Такмили механизми ҳавасмандгардонии ҷалби сармоягузории хориҷӣ ба соҳаи кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон / Г. Х. Сохибназаров, Т. Т. Файзуллоев // Паёми молия ва иқтисод. – 2024. – № 4.2 (43). – С. 303-308.*

**СОВЕРШЕНСТВОВАНИЕ МЕХАНИЗМА СТИМУЛИРОВАНИЯ ПРИВЛЕЧЕНИЯ ИНОСТРАННЫХ ИНВЕСТИЦИЙ В АГРАРНЫЙ СЕКТОР РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН**

**Сохибназаров Г. Ч.**
**Файзуллоев Т. Т.**

***Аннотация.*** *В данной статье рассматриваются вопросы совершенствования механизма привлечения иностранных инвестиций в аграрный сектор Республики Таджикистан. В результате глубокого анализа сделан вывод о том, что наряду со значительными успехами в развитии сельскохозяйственной отрасли и агропромышленного комплекса имеются и недостатки. В статье также подчёркивается, что сельское хозяйство является трудоёмкой и капиталоёмкой отраслью, и сегодня, несмотря на достигнутые успехи, агропромышленное производство все еще не в состоянии обеспечить потребности населения страны в продовольствии. С этой целью авторы предлагают усилить развитие региональных инвестиционных проектов и обеспечить их постоянный мониторинг, а также предлагают механизм стимулирования инвестиционного развития.*

***Ключевые слова:*** *инвестиции, иностранный капитал, сельское хозяйство, агропромышленный комплекс, продовольственная безопасность, сельскохозяйственное производство, инновации.*

**IMPROVEMENT OF THE MECHANISM OF STIMULATING FOREIGN INVESTMENTS IN THE AGRICULTURAL SECTOR OF THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN**

**Sohibnazarov Gh.Kh.**
**Fayzulloev T. T.**

***Annotation.*** *This article examines the issues of improving the mechanism for attracting foreign investment in the agricultural sector of the Republic of Tajikistan. As a result of a*

*deep analysis, it was concluded that along with significant successes in the development of the agricultural sector and the agro-industrial complex, there are also shortcomings. The article also emphasizes that agriculture is a labor-intensive and capital-intensive industry, and today, despite the successes achieved, agro-industrial production is still unable to meet the needs of the country's population for food. To this end, the authors propose to strengthen the development of regional investment projects and ensure their constant monitoring, and also propose a mechanism for stimulating investment development.*

***Keywords:*** *investments, foreign capital, agriculture, agro-industrial complex, food security, agricultural production, innovation.*

**Гузориши масъала.** Дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон кишоварзӣ яке соҳаҳои калидии инкишофи иқтисоди миллӣ ба ҳисоб рафта, он дар таъмини шуғл, афзоиши содирот, рушди дигар соҳаҳои иқтисоди миллӣ ва баландбардории некуаҳволии мардум нақши назаррас дорад. Илова бар ин, даст ёфтан ба ҳадафи стратегии кишвар, яъне таъмини амнияти озуқаворӣ мустақиман аз истеҳсолоти соҳаи кишоварзӣ вобаста мебошад.

**Таҳлили таҳқиқотҳои охир ва нашриёт.** Дар доираи мавзуи мазкур таҳқиқот аз ҷониби Арабов Ф. П., Бахтиери И. М., Бахтиери И. М., Тагоев Д. Х. ва дигарон анҷом дода шудааст.

**Мақсади мақола** – ин такмили механизми ҳавасмандгардонии ҷалби сармоягузории хориҷӣ ба соҳаи кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад.

**Муҳтавои асосии мавод.** Ҳукумати кишвар тайи солҳои охир бо дарназардошти дигаргуншавии иқлим, хушксолӣ, болоравии нархи маводи ғизои дар ҷаҳон ва афзоиши босуръати аҳолӣ ба масъалаи рушди истеҳсолоти кишоварзӣ диққати махсус дода, чораҳои назаррасро дар ин самт амалӣ менамояд. Аз ин ҷост, ки дар соли 2024 ҳаҷми истеҳсолоти маҳсулоти кишоварзӣ ба 73 млрд. сомони расидааст ва он нисбат ба соли 2019 ба маблағи 34 млрд. сомони зиёд мебошад. Яъне дар тули панҷ соли охир ҳаҷми истеҳсолоти маҳсулоти кишваорзӣ 46,5 фоиз ва ё 1,9 баробар афзоиш ёфтааст.

Қайд кардан зарур аст, ки новобаста аз аз тамоюли назарраси рушди истеҳсолоти кишоварзӣ ҳанӯз ҳам, набудани инфрасохтори муосир, (ирригатсия, шабакаҳои логистикӣ, дастрасӣ бо энергияи арзон) ва истифодаи инноватсияву технологияҳои нав садди рушди босуръату самараноки истеҳсолоти кишоварзӣ маҳсуб меёбанд. Унсури муҳиммтарине, ки метавонад дар бартарафсозии проблемаҳои мавҷудаи ин соҳа кумак кунад ҷалби сармоягузорӣ, махсусан сармоягузории хориҷӣ ба соҳаи кишоварзӣ мебошад.

Таҳлили сохтори соҳавии сармоягузорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон нишон медиҳад, ки ҳиисаи сармоягузорӣ ба ин соҳа хеле ночиз мебошад (ниг. диаграммаи 1).






**Диаграммаи 1. - Воридоти сармояи хориҷӣ ба иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои 2022 – 2023 аз рӯи соҳаҳо (млн. доллар)**

Аз маълумоти оморӣ аён мегардад, ки дар давоми соли 2022 ба соҳаи кишоварзӣ ҳамагӣ 400 ҳаз. доллар сармоягузорӣ шудааст, ки ин нишондиҳанда ҳиссаи камтарин миёни соҳаҳои таҳлилшудаи иқтисоди миллӣ, маҳсуб меёбад. Ҳарчанд соли 2023 воридоти сармояи хориҷӣ ба иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон 2 690,4 млн. долларро ташкил дода, нисбат соли 2022 ба ҳаҷми 113,6 млн. доллар ё 4,4 фоиз зиёд мебошад, вале ҳиссаи он ба соҳаи кишоварзӣ 0,8 фоизро ташкил медиҳад, ки ин барои рушди босуръату самараноки соҳаи кишоварзӣ кифоя намебошад.

Яке аз мушкилоти ҷалби сармоягузорӣ дар кишвар фаъол набудани минтақаҳои кишвар дар масъалаи ҷалби сармояи хориҷӣ мебошад. Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки дар давоми соли 2023 аз 2 690,4 млн. доллар сармояи хориҷии воридшуда, 2112,2 млн. доллар ва ё 78,5 фоизи онҳо танҳо ба шаҳри Душанбе рост меояд (ниг. диаграммаи 2).




**Диаграммаи 2. - Воридоти сармояи хориҷӣ ба минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои 2022-2023 (млн. доллар)**

Тавре аз маълумоти омории диаграммаи 2 аён мегардад дар моҳҳои январ – декабри соли 2023 сармояи хориҷӣ асосан ба шаҳри Душанбе ворид гардида, нисбат ба соли 2022 дар ҳаҷми 505,3 млн. доллар ё 31,5 фоиз афзоиш ёфтааст. Ба вилоятҳои Суғд – 549,3 млн. доллар ва Хатлон – 22,6 млн. доллар ворид гардида, ин нишондод мутаносибан нисбат ба соли гузашта дар ҳаҷми 268,8 млн. доллар ё 32,9 фоиз ва 93,2 млн. доллар ё 80,5 фоиз кам мебошад. Ба шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ дар ин давра ҳамагӣ 6,3 млн. доллар сармояи хориҷӣ ворид гардида, нисбат ба ҳамин давраи соли 2022 дар ҳаҷми 29,6 млн. доллар ё 82,6 фоиз коҳиш ёфтааст. Ба Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, ки дар миқёси он 12 корхона бо саҳми хориҷӣ фаъолият дорад, дар ин давра воридоти сармояи хориҷӣ дида намешавад [3].

Аз таҳлили маълумоти оморӣ бар меояд, ки барои ҷалби бештари сармояи хориҷӣ равиши минтақавии ҷалби срмоя бояд дар ҷои аввал истад. Ҳамчунин, тақвияти таҳияи лоиҳаҳои минтақавии сармоягузорӣ ва мониторинги пайвастаи онҳо метавонад дар афзоиши воридшавии сармоя ба минтақаҳои кишвар, ки аксаран ноҳияҳои кишоварзӣ мебошанд, кумак кунад.

Бояд ёдовар шуд, ки яке аз шартҳои асосии ҷалби бештари сармоя ба соҳаи кишоварзии мамлакат ин беҳтарсозии муҳити сармоягузорӣ дар соҳаи кишоварзӣ мебошад. Ба андешаи мо, барои беҳтар кардани муҳити сармоягузорӣ бо мақсади ҷалби бештари сармояи хориҷӣ ба соҳаи кишоварзии ҷумҳурӣ, амалисозии чораҳои зерин зарур мебошанд:

- ислоҳоти ҳуқуқӣ, такмили қонунгузорӣ дар соҳаи кишоварзӣ оид ба ҳимояи ҳуқуқи сармоягузорон ва шафоф кардани раванди сармоягузорӣ;
- сода кардани расмиёти маъмурӣ, махсусан барои сармоягузорони соҳаи кишоварзӣ, шароити мусоид фароҳам овардан бо мақсади харчи зудтар ба даст овардани иҷозатнома ва дигар ҳуҷҷатҳои зарурӣ;
- таҳияи барномаҳои сармоягузории ҷолиби диққат, ки ба рушди соҳаи кишоварзӣ нигаронида шудаанд ва татбиқи саривақтии онҳо;

Бояд қайд кард, ки беҳтар кардани муҳити сармоягузорӣ ба ҷалби бештари сармоя, махсусан ҷалби сармояи хориҷӣ заминаи мусоид фароҳам оварда, рушди соҳаи кишоварзии мамлакат ва истифодаи самараноки захираҳои мавҷудаи соҳаро таъмин менамояд. Аз тарафи дигар, дар шароити афзоиши аҳолӣ ва тағйирёбии иқлим, рушди босуботи кишоварзӣ метавонад дар таъмини амнияти озуқаворӣ ва суботи иҷтимоӣ-иқтисодии кишвар нақши босазо гузорад.

Таъмини рушди сармоягузорӣ дар соҳаи кишоварзӣ вазифаи муҳими стратегӣ ба ҳисоб рафта, тавассути он таъмини амнияти озуқаворӣ, рушди босуботи иқтисодӣ-иҷтимоии ҳар як давлат ба роҳ монда мешавад. Табиати иқтисодии таъмини сармоягузорӣ аз муносибатҳои ғайримустақими бавуҷудомада дар байни иштирокчиёни раванди сармоягузорӣ дар мавриди ташаккул ва истифодаи захираҳои сармоягузорӣ бо мақсади васеъкунӣ ва ташаккули истеҳсолот иборат аст. Аз ин ҷост, ки таъмини сармоягузории рушди соҳаи кишоварзӣ низоми чорабиниҳо ва механизмҳоест, ки ба ҷалби захираҳои молиявӣ ва истифодаи самараноки онҳо барои азнавсозӣ ва рушди истеҳсолоти кишоварзӣ равона карда шудаанд.

Рушди сармоягузорӣ дар соҳаи кишоварзӣ масъалаи муҳими самти иқтисодӣ мебошад ва ҳар як кишвар барои ҷалби бештари сармоя ба соҳаи кишоварзӣ аз механизм ва роҳу воситаҳои гуногун истифода мебарад. Мо низ аз таҳқиқи мавзуи баррасишаванда, механизми ҳавасмандгардонии ҷалби сармояи хориҷиро ба соҳаи кишоварзии ҷумҳурӣ пешниҳод намудем, ки дар расми 1 ба таври муфассал оварда шудааст (ниг. расми 1).



**Расми 1. -** Механизми ҳавасмандгардонии ҷалби сармояи хориҷӣ ба соҳаи кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон

Дар шароити иқтисоди бозорӣ фаъол намудани механизми таъмини рушди сармоягузории кишоварзӣ омили расидан ба таъмини амнияти озуқаворӣ мебошад. Рушди минбаъдаи соҳаи кишоварзии ҷумҳурӣ аз сатҳи имкониятҳои сармоягузорӣ ва ҷолибияти сармоягузории соҳа вобаста буда, аз муҳиммияти таъмини сармоягузорӣ дар кишоварзӣ дарак медиҳад.

Таъмини устувории рақобатпазирӣ ва рушди босуботи кишоварзӣ дар шароити вусъатёбии ҷаҳонишавӣ ва ҳамгироии иқтисодҳои миллӣ ҳамон вакт амалӣ карда мешавад, ки модели инноватсионӣ ва ба талаботи муосир ҷавобгуи ҷалби сармоя роҳандозӣ шавад.

Дар бораи муҳиммияти сармоягузориҳо ба истеҳсолоти кишоварзӣ ва КАС, ки дар боло зикр гардид, дар стратегияву барномаҳои давлатии рушди иқтисодиёти мамлакат низ (аз ҷумла Консепсияи рушди инноватсионии КАС, ки барои давраи то соли 2030 таҳия гардидааст), муфассал таъкид шудааст. Аз ҷумла, дар консепсияи болозикр дар баробари дигар таҳдидҳои ба рушди инноватсионии КАС монеъшаванда инҳо низ номбар шудаанд: 1) Заминаи сусти моддию техникӣ ва суръати пасти таҷдиди фондҳои асосии истеҳсолӣ, ки ба коркарди саривақтии ашёи хом ва сифати маҳсулоти истеҳсолшуда таъсири манфӣ расонида, имконият намедиҳанд, ки бозори дохилӣ бо маҳсулоти ватанӣ пурра таъмин гардад; 2) Модернизатсияи саноати хӯрокворӣ ва коркард дар асоси таҷҳизоти хориҷӣ амалӣ мегардад, ки барои рушди соҳа таҷдидҳои зиёд ба вуҷуд меоварад. Идома ёфтани қафомонии техникию технологии истеҳсолоти агросаноатӣ, рушд накардани системаи инноватсионии комплекси агросаноатӣ, заъфи истеҳсолоти кишоварзӣ, махсусан саноати хӯрокворӣ ва коркард, инчунин дигар соҳаҳои саноат, аз ҷумла соҳаи хизматрасонии истеҳсолии бахши аграрӣ аз омилҳои асосии монеъшаванда ба афзоиши маҳсулнокии меҳнат, рақобатпазирии маҳсулоти кишоварзӣ ва озуқаворӣи ватанӣ мебошанд [4;8].

Қобили қайд аст, ки ҳалли мушкилоти номбурда, пеш аз ҳама, ба норасоӣ ва истифодаи ғайрисамараноки сармоягузориҳои асосӣ дар кишоварзӣ ва КАС алоқаманд аст. Аз ин рӯ, авлавияти механизми молиявӣ-иқтисодӣ дар татбиқи сиёсати инноватсионӣ дар кишоварзӣ ва КАС калидӣ буда, ба назари эътибор гирифтани чунин имконятҳо ба мақсад мувофиқ аст:

- истифодаи маблағгузории такрории таҳияи илмию техникӣ, инчунин кӯмакҳои давлатӣ, субсидия ва грантҳо;

-дастгирии барномаҳои байнимининтақавии технологияҳои баланди инноватсионӣ;

- мукаммал намудани базаи қонунгузорӣ;

- инкишоф додани лизинги технологияҳои илмӣ ва таҷҳизоти нодир;

- дастгирии фаъолияти патентӣ ва ихтироотӣ, мусоидат намудан барои ҳимояи моликияти зеҳнӣ, ҳифзи ҳуқуқи онҳо дар ҷумҳурӣ ва хориҷа;

- фаъолгардонии тарҳрезии лоиҳаҳои сармоягузорӣ ба минтақаҳои алоҳида ва мониторинги ҷолибияти сармоягузории минтақаҳои кишвар.

- пешниҳод намудани ҳаҷми маблағгузорӣ ба соҳибкории хурди инноватсионӣ ҳангоми эълон намудани озмоиш барои татбиқи лоиҳаҳои илмию техникӣ ва инноватсионӣ.

**Хулоса.** Ба андешаи мо, амалисозии тадбирҳои пешниҳодшуда метавонанд муҳити сармоягузориро дар соҳаи кишоварзӣ беҳтар намоянд ва воридшавии сармояро ба истеҳсолоти кишоварзии ҷумҳурӣ зиёд гардонанд. Мо чунин меҳисобем, ки бинобар сабаби мавҷудияти иқтидори азим дар минтақаҳои ҷумҳурӣ равиши минтақавии ҷалби сармояи хориҷӣ ва таҳияи лоиҳаҳои минтақавӣ бояд фаъол гардонида шавад. Минтақаҳои кишвар, ки аксаран ноҳияҳои кишоварзӣ мебошанд равиши минтақавии ҷалби сармояи хориҷи метавонад ҳолати истеҳсолоти кишоварзиро ба тавриназаррас беҳтар кунад. Азбаски бештар аз 70 фоизи аҳолии кишварро аҳолии деҳот ташкил

медиҳанд, ин тадбир метавонад боиси афзоиши назарраси истеҳсолоти кишоварзӣ ва беҳтаршавии сатҳи некуаҳволии мардум гардад. Ҳамин тавр бо ҷалби сармояи хориҷӣ проблемаҳои инфрасохтории соҳа бартараф шуда, ҳосилнокӣ баланд, маҳсулоти истеҳсолшуда рақобатпазир ва истифодаи босамари захираҳо таъмин мегардад.

**Адабиёт**


1. Арабов, Ф. П. Механизмҳои таъмини сармоягузориҳо ба рушди экологӣ-иқтисодии соҳаи кишоварзӣ: таҷрибаи давлатҳои хориҷӣ / Ф. П. Арабов // Тоҷикистон ва ҷаҳони имрӯз. – 2024. – No. 2(86). – P. 186-199.
2. Бахтиери И. М. Развитие индустриализации сельскохозяйственного производства в рамках государственной политики страны / И. М. Бахтиери, Д. Х. Тагоев // Ускоренная индустриализация и вопросы ее реализации в Таджикистане: Материалы международной научно-практической конференции, Душанбе, 17 февраля 2023 года. – Душанбе: Таджикский национальный университет, 2023. – С. 307-313.
3. Воридоти сармояи хориҷӣ ба иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон [Захираи электронӣ: https://investcom.tj/uploads/post_docs/506/vhJ5VP8rlDgU.pdf]
4. Консепсияи пешрафти инноватсионии комплекси агросаноатии Ҷумҳурии Тоҷикистон. 3 марти 2014 №144. – Душанбе, 2014. - С.20.
5. Сохибназаров Г.Х. Предпринимательство в сельском хозяйстве Республики Таджикистан: состояние и его потенциал в обеспечении продовольственной безопасности / Г.Х. Сохибназаров // Сборник научных статей XIII Международной научно-практической конференции по вопросам финансовой и банковской экономики «Банковская система: устойчивость и перспективы развития» Полесский государственный университет, г. Пинск, Республика Беларусь, 28 октября 2022 г. часть I. – 232-236 с.
6. Тагоев, Д. Х. Повышение эффективности управления инвестиционными проектами на предприятиях агропромышленного комплекса / Д. Х. Тагоев, Т. Т. Файзуллоев. – Душанбе: Таджикский национальный университет, 2022. – 168 с. – ISBN 9789998536104.
7. Файзуллоев, Т. Т. Активизация инвестиционной деятельности в АПК Таджикистана / Т. Т. Файзуллоев // Современные научные исследования: исторический опыт и инновации: Сборник материалов XIX Международной (политематической) научно-практической конференции, Краснодар, 09–10 февраля 2023 года. – Краснодар: Академия маркетинга и социально-информационных технологий - ИМСИТ (г. Краснодар), 2023. – С. 335-340.
8. Шарипов, Б. М. Теоретико-методологические аспекты стимулирования инновационного развития экономики РеспубликиТаджикистан / Б. М. Шарипов, Д. Т. Назаров // Вестник ПИТТУ имени академика М.С. Осими. – 2020. – № 4(17). – С. 50-59. – EDN KGBFWU.



**Маълумот дар бораи муаллифон: Соҳибназарзода Ғаюр Холиқназар** – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент, мудири кафедраи фаъолияти гумрукӣ. Суроға: 734025, ш.Душанбе, Ҷумҳурии Тоҷикистон, хиёбони Рӯдакӣ, 17. Телефон: (+992) 918-34-20-34. E-mail: Ghayur_s@mail.ru

**Файзуллоев Толибҷон Тоҳирович** – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, н.и.и., дотсенти кафедраи иқтисод ва идораи КАС. Суроға: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17. Телефон: 93-600-14-00. E-mail: tolib-89@inbox.ru.

**Сведения об авторах: Сохибназаров Гаюр Холикназарович** – Таджикский национальный университет, кандидат экономических наук, доцент, заведующий кафедрой таможенной деятельности. Адрес: 734025, г.Душанбе, Республика Таджикистан, проспект Рудаки, 17. Телефон: (+992) 918-34-20-34. E-mail: Ghayur_s@mail.ru

**Файзуллоев Толибджон Тохирович** – Таджикский национальный университет, кандидат экономических наук, доцент кафедры экономики и управления АПК. Адрес: 734025, Республика Таджикистан, город Душанбе, проспект Рудаки, 17. Телефон: 93-600-14-00. E-mail: tolib-89@inbox.ru.

**Information about the authors: Sohibnazarov Ghayur Kholiknazarovich** – Tajik National University, Candidate of Economic Sciences, Associate Professor, Head of the Department of Customs Activities. Address: 734025, Dushanbe, Republic of Tajikistan, Rudaki Avenue, 17. Phone: (+992) 918-34-20-34. E-mail: Ghayur_s@mail.ru

**Fayzulloev Tolibjon Tokhirovich** – Tajik National University, research fellow, associate professor of the Department of Economics and Management of the Agro-Industrial Complex. Address: 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue, 17. Phone: 93-600-14-00. E-mail: tolib-89@inbox.ru.

**УДК: 334.012.23**

# ТАБДИЛИ РАҚАМИИ ИҚТИСОДИЁТ: МАФҲУМҲОИ АСОСӢ ВА МАРҲИЛАҲО

**Одиназода К.С.**
**Раҳмонов Ф.М.**

***Аннотатсия.*** *Мақола ба таҳлили раванди табдили рақамии иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон бахшида шуда, таҳқиқи мафҳумҳои асосӣ, марҳилаҳо ва дурнамои ҷорӣ намудани технологияҳои рақамиро дар бахшҳои гуногуни мамлакат дар бар мегирад. Ҳам дигаргуниҳои технологӣ, ҳам таъсири онҳо ба сохтори иқтисодӣ, равандҳои идоракунии давлатӣ ва соҳаи иҷтимоӣ баррасӣ мешавад. Ба марҳилаҳои рақамикунонӣ, аз бунёди инфрасохтори зарурӣ барои рақамикунонӣ то татбиқи технологияҳои инноватсионӣ дар соҳаҳои кишоварзӣ, саноат, маориф ва хизматрасониҳои давлатӣ, инчунин таҳлил ва беҳинасозии онҳо бо истифода аз технологияҳои пешрафта таваҷҷуҳи махсус зоҳир карда шудааст. Мушкилоте, ки мамлакат дар раванди табдили рақамӣ ба онҳо рӯбарӯ мешавад, аз қабили мушкилоти дастрасӣ ба интернети баландсуръат, саводнокии рақамии аҳолӣ, нарасидани мутахассисон ва рушди сусти инфрасохтори иқтисодиёти рақамӣ дар маҳаллҳои дурдаст тавсиф шудааст. Нақши технологияи блокчейн, инчунин таъсири технологияҳои зеҳни сунъӣ, маълумоти калон ва роёниши абрӣ дар баланд бардоштани рақобатпазирии мамлакат баррасӣ мешавад. Аҳамияти танзими давлатӣ ва ташаббусҳои таҳсилотӣ барои рақамикунонии муваффақи иқтисодиёт ва баланд бардоштани устуворӣ ба таҳдидҳои берунӣ таъкид шудааст.*

***Калидвожаҳо:*** *иқтисодиёти ҷаҳонӣ, рақобатпазирии мамлакатҳо, технологияҳои рақамӣ, инноватсияҳо, инфрасохтори рақамӣ, зеҳни сунъӣ, маълумоти калон, Интернети ашё, роёниши абрӣ.*

**Барои иқтибос:** *Одиназода К.С. Табдили рақамии иқтисодиёт: мафҳумҳои асосӣ ва марҳилаҳо/ К.С.Одиназода, Ф.М. Раҳмонов// Паёми молия ва иқтисод. – 2024. – № 4.2 (43). – С. 309-316.*

# ЦИФРОВАЯ ТРАНСФОРМАЦИЯ ЭКОНОМИКИ: ОСНОВНЫЕ ПОНЯТИЯ И ЭТАПЫ

**Одиназода К.С.**
**Рахмонов Ф.М.**

***Аннотация.*** *Статья посвящена анализу процесса цифровой трансформации экономики Республики Таджикистан и включает рассмотрение основных концепций, этапов и перспектив внедрения цифровых технологий в различные отрасли страны. Обсуждаются как технологические изменения, так и их влияние на экономическую структуру, процессы государственного управления и социальную сферу. Особое внимание уделено этапам цифровизации, от создания необходимой инфраструктуры для цифровизации до внедрения инновационных технологий в сельское хозяйство, промышленность, образование и сферу государственных услуг, а также их анализу и оптимизации с использованием передовых технологий. Описаны вызовы, с которыми сталкивается страна в процессе цифровой трансформации, включая проблемы доступа к высокоскоростному интернету, цифровую грамотность населения, недостаток специалистов и слабое развитие инфраструктуры цифровой экономики в удаленных местностях. Обсуждается роль технологии блокчейн, а также влияние технологий искусственного интеллекта, больших данных и облачных вычислений на повышение конкурентоспособности страны. Подчеркивается важность государственного регулирования и образовательных инициатив для успешной цифровизации экономики и повышения устойчивости к внешним угрозам.*

***Ключевые слова:*** *мировая экономика, конкурентоспособность стран, цифровые технологии, инновации, цифровая инфраструктура, искусственный интеллект, большие данные, Интернет вещей, облачные вычисления.*

# DIGITAL TRANSFORMATION OF THE ECONOMY: BASIC CONCEPTS AND STAGES

**Odinazoda K.S.**
**Rahmonov F.M.**

***Abstract.*** *The article analyzes the process of digital transformation of the economy of the Republic of Tajikistan and includes consideration of the main concepts, stages and prospects for the introduction of digital technologies in various sectors of the country. Both technological changes and their impact on the economic structure, public administration processes and the social sphere are discussed. Particular attention is paid to the stages of digitalization, from the creation of the necessary infrastructure for digitalization to the introduction of innovative technologies in agriculture, industry, education and public services, as well as their analysis and optimization using advanced technologies. The challenges faced by the country in the process of digital transformation are described, including problems of access to high-speed Internet, digital literacy of the population, lack of specialists and poor development of digital economy infrastructure in remote areas. The role of blockchain technology is discussed, as well as the impact of artificial intelligence, big data and cloud computing on increasing the country's competitiveness. The importance of government regulation and educational initiatives for the successful digitalization of the economy and increasing resilience to external threats is emphasized.*

***Key words:*** *global economy, competitiveness of countries, digital technologies, innovations, digital infrastructure, artificial intelligence, big data, Internet of things, cloud computing.*

**Гузориши маъала.** Имрӯз табдили рақамии иқтисодиёт яке аз омилҳои асосии рушди устувор дар шароити дигаргуниҳои ҷаҳонӣ гардидааст. Гузариш ба иқтисодиёти рақамӣ барои Ҷумҳурии Тоҷикистон имкониятҳои васеъро, аз ҷумла барои такмили идоракунии давлатӣ, баланд бардоштани рақобатпазирии соҳибкорӣ ва беҳбуди сифати зиндагии аҳолӣ фароҳам меорад. Аммо раванди рақамикунонӣ бо як қатор мушкилот, аз қабили дастрасии маҳдуд ба интернети баландсуръат, нарасидани мутахассисони соҳибкасб дар соҳаи технологияҳои иттилоотӣ рӯбарӯ аст.

**Таҳлили таҳқиқотҳои охир ва нашриёт.** Табдили рақамии иқтисодиёт мавзуи таҳқиқоти сершумор дар сатҳи ҷаҳонӣ ва минтақавӣ мебошад. Дар солҳои охир олимони ватанӣ низ ба ин мавзуъ таваҷҷуҳ зоҳир намудаанд. Мақолаҳои илмии У.С. Асрорзода [1], Б.Ҳ. Каримов [4; 5], З.С. Султонов [8], М.М. Холматов [9], Ф.Р. Шаропов [10], Шарифзода Б.М. [11;12;13;14] аз зумраи интишороте мебошанд, ки дар онҳо паҳлуҳои гуногуни рақамикунонии иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон баррасӣ шудаанд. Дар баробари ин мушкилоти асосӣ сатҳи нокифояи саводнокии рақамии аҳолӣ, инфрасохтори заиф ва кам будани сармоягузорӣ дар бахши технологияҳои иттилоотӣ боқӣ мемонанд. Ҳамчунин норасоии таҳқиқоти ба хусусиятҳо ва мушкилоти табдили рақамии иқтисодиёти миллӣ бахшидашуда мушоҳида мешавад.

**Мақсади мақола.** Мақсади мақола таҳлили раванди табдили рақамии иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муайян кардани мушкилот ва марҳилаҳои асосии рушд, инчунин арзёбии имконият ва дурнамои он дар шароити дигаргуниҳои ҷаҳонӣ мебошад.

**Мухтавои асосии мавод.** Дар солҳои охир табдили рақамии иқтисодиёт омили асосии рушди иқтисодиёти ҷаҳонӣ ва баланд бардоштани рақобатпазирии мамлакатҳо гардидааст. Дар шароити дигаргуниҳои босуръати иқтисодиёти ҷаҳонӣ, ки бо рушди технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ алоқаманд аст, равандҳои рақамикунонӣ тамоми соҳаҳои ҷомеаро аз идоракунии давлатӣ то соҳибкорӣ дар бахши хусусӣ фаро мегиранд. Аз ҷумла, барои Ҷумҳурии Тоҷикистон гузариш ба иқтисодиёти рақамӣ як ҳадафи муҳими стратегӣ буда, барои таҷдиди иқтисодиёт,

баланд бардоштани устувории он ва беҳтар намудани сифати зиндагии аҳолии мамлакат имкониятҳои нав фароҳам меорад.

Дар баробари ин, сарфи назар аз бартариҳои возеҳи технологияҳои рақамӣ, мамлакат бо як қатор мушкилот, аз ҷумла инфрасохтори нокифояи рақамӣ, нарасидани мутахассисони соҳибкасб, инчунин мушкилоти марбут ба саводнокии нокифояи аҳолӣ дар самти рақамикунонӣ рӯбарӯ аст.

Табдили рақамии иқтисодиёт раванди ҳамгироии технологияҳои рақамӣ ба сохторҳои иқтисодӣ, аз ҷумла истеҳсолот, менеҷмент, маркетинг, молия ва иртибот бо мақсади баланд бардоштани самаранокӣ, навоварӣ ва рақобатпазирии онҳо мебошад. Ин раванд ҳамгироии технологияҳои иттилоотӣ ва коммуникатсионӣ, аз қабили зеҳни сунъӣ (artificial intelligence), роёниши абрӣ (cloud computing), маълумоти калон (big data), блокчейн (blockchain), Интернети ашё (Internet of things), инчунин амсилаҳои анъанавии тиҷоратӣ ва падидаҳои иҷтимоиро дар бар мегирад ва «ба натиҷаҳои автоматикунонии равандҳо асос ёфта, дар рақамикунонии ҳамаҷонибаи тамоми дороиҳои ҷисмонӣ ва ҳамгироии онҳо ба экосистемаи рақамӣ дар асоси майдони рақамӣ ё маҷмуи майдонҳои рақамӣ ифода меёбад» [7, с. 22].

Табдили рақамӣ ба тамоми ҷанбаҳои иқтисодиёт таъсир мерасонад. Он ба ташкили амсилаҳои нави тиҷоратӣ, беҳтар шудани сифати молҳо ва хизматрасониҳо, пайдошавии манбаъҳои нави даромади корхонаҳо ва давлат мусоидат мекунад. Муҳим он аст, ки ин раванд на танҳо ҷорӣ намудани технологияҳои нав, инчунин дигаргуниҳо дар фарҳанги ташкилӣ, равишҳои идоракунӣ ва ҳамкорӣ бо мизоҷон ва шариконро низ дар бар мегирад. Ҳамин тариқ, табдили рақамӣ ҳамчун як унсури ҷудонашавандаи рақобатпазирии мамлакат дар арсаи байналмилалӣ ва омили муҳими рушди иқтисодиёти миллӣ маҳсуб меёбад.

Тамоюлҳои ҷаҳонӣ дар соҳаи табдили рақамии иқтисодиёт рушд меёбанд ва мамлакатҳои гуногун технологияҳои рақамиро ба низомҳои иқтисодии худ ворид мекунанд. Дар мамлакатҳои пешрафта, ба монанди ИМА, Чин, Олмон ва Ҷопон, рақамикунонӣ бахшҳои калидии иқтисодиёт, аз қабили истеҳсолоти саноатӣ, кишоварзӣ, молия ва тандурустиро фарогир шудааст. Татбиқи бобарори технологияҳои муосири инноватсионӣ, аз қабили зеҳни сунъӣ, Интернети ашё, роёниши абрӣ, шаҳри ҳушманд ва дигарҳо дар ин мамлакатҳо мушоҳида мешавад. Ҷомеаи ҷаҳонӣ ба иқтисодиёти рақамӣ таваҷҷуҳи хоса зоҳир мекунад, зеро он барои пешравиҳо ва рушди устувор имкониятҳои навро фароҳам меорад.

Бо вуҷуди ин, рақамикунонӣ як қатор мушкилот, аз қабили амнияти иттилоотӣ, дахолатнопазирии иттилооти хусусӣ ва устуворӣ ба таҳдидҳои иттилоотиро ба миён меорад. Дар ин шароит яке аз вазифаҳои муҳим барои мамлакатҳо на танҳо рушди технологӣ, балки бунёди механизмҳои самарабахши қонунгузорӣ ва танзими ҳифзи манфиатҳои ҳамаи иштирокчиёни иқтисодиёти рақамӣ мебошад.

Технологияҳои рақамӣ дар таҷдиди иқтисодиёт нақши калидӣ мебозанд, зеро онҳо барои ташаккули усулҳои нав ва нисбатан самараноки истеҳсолот, идоракунӣ ва ҳамкориҳои субъектҳои иқтисодӣ замина фароҳам меоранд. Ба андешаи мо, самтҳои асосии таъсири технологияҳои рақамӣ ба иқтисодиёт инҳо буда метавонанд:

- автоматикунонии истеҳсолот ва баланд бардоштани ҳосилнокии меҳнат (ҷорӣ намудани роботҳо ва зеҳни сунъӣ метавонад хароҷоти истеҳсолотро хеле кам, самаранокӣ ва чандирии онро зиёд кунад ва истеҳсоли маҳсулот ва хизматрасониҳои навро тезонад);
- амсилаҳои нави тиҷоратӣ ва технологияҳои инноватсионӣ (рақамикунонӣ ба корхонаҳо имкон медиҳад, ки амсилаҳои нави тиҷоратӣ ба монанди иқтисодиёти хизматрасонӣ, майдонҳои онлайн, тиҷорати фосилавӣ ва маблағгузориҳои дастаҷамъии маҷозиро мутобиқ кунанд);
- коҳиш додани хароҷоти додугирифт ва беҳтар кардани иртибот (технологияҳои рақамӣ ба монанди блокчейн ва майдонҳои онлайн метавонанд хароҷоти марбут ба табодули иттилоот, анҷом додани аҳдҳои тиҷоратӣ ва пайгирии занҷираҳои таҳвили маҳсулот ва хизматрасониҳоро ба таври назаррас коҳиш диҳанд);
- рушди инфрасохтор ва инноватсияҳои устувор (ҷорӣ намудани

технологияҳои рақамӣ ба рушди инфрасохтори муосир, аз ҷумла нақлиёт, энергетика ва телекоммуникатсия мусоидат мекунад; инноватсияҳои устувор дар соҳаҳои шаҳри ҳушманд, манбаъҳои барқароршавандаи энергия ва экосистемаҳо дар заминаи Интернети ашё ба коҳиш додани партовҳои карбон ва беҳтар кардани сифати зиндагии аҳолӣ мусоидат мекунанд).

Ҳамин тариқ, рақамикунонӣ ба таҷдиди иқтисодиёти миллӣ таъсири ҳамаҷониба расонида, имкониятҳои навро барои баланд бардоштани рақобатпазирӣ ва устувории он дар шароити дигаргуниҳои иқтисодии ҷаҳонӣ фароҳам меорад. Дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷорӣ намудани технологияҳои рақамӣ як қадами муҳим барои ташаккули иқтисодиёти бештар муассир, инноватсионӣ ва устуворест, ки қодир ба мутобиқшавӣ ба таҳдидҳои дохилию берунии асри 21 мебошад.

Вобаста ба шароити муосири рушди иқтисодиёти миллӣ метавон арз кард, ки табдили рақамии иқтисодиёт дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар якчанд марҳила сурат хоҳад гирифт:

1. Марҳилаи омодагӣ. Ин марҳила бунёди инфрасохтори заруриро барои рақамикунонӣ дар бар мегирад. Тадбирҳои муҳим, аз ҷумла таҷдид ва тавсеаи инфрасохтори интернет, беҳтар намудани дастрасӣ ба интернети баландсуръат ва ташкили майдонҳо барои таъмини ҷорисозии технологияҳои рақамӣ дар соҳаҳои гуногуни иқтисодиёт, омодасозӣ ва такмили ихтисоси мутахассисони соҳаи технологияҳои иттилоотӣ мебошанд. Дар ин марҳила дар мамлакат барои татбиқ ва рушди минбаъдаи технологияҳои рақамӣ заминаҳо фароҳам оварда мешавад.

Мувофиқи Консепсияи иқтисоди рақамӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, марҳилаи аввалӣ давраи то соли 2025-ро дар бар гирифта, дар он як қатор ташаббусҳо ва тадбирҳои калидӣ амалӣ карда мешаванд, ки ба таҳкими пояҳои ғайрирақамии рушди иқтисодиёти рақамӣ, таҳияи заминаҳои ҳуқуқӣ барои равандҳои асосии иқтисодиёти рақамӣ, аз қабили мушаххассозӣ, таъмини махфият, назорати маълумоти шахсӣ, танзими равандҳои табодули иттилоот, танзими пойгоҳҳои кушодаи маълумот ва дигар масъалаҳои амнияти иттилоотӣ нигаронида шудаанд [6]. Ҳамчунин, дар ин марҳила омодасозии кормандони соҳибтахассус ва ҳайати идоракунанда барои амалисозии лоиҳаҳои рақамӣ, таъсиси низоми донишгоҳии омодасозии кормандон ва рушди малакаҳои рақамӣ дар байни аҳолӣ пешбинӣ шудааст. Бояд қайд кард, ки дар доираи ин марҳила дар заминаи Донишкадаи технология ва менеҷменти инноватсионии шаҳри Кӯлоб, бо супориши Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, ки ҳангоми ироаи Паёми солона ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон санаи 28 декабри соли 2024 баён гардид, Донишгоҳи инноватсия ва технологияҳои рақамӣ таъсис дода мешавад. Ба ин донишгоҳ мақоми пойгоҳи асосии омода намудани мутахассисони самти иқтисодиёти рақамӣ ва технологияҳои иттилоотӣ дода шуда, ҳамзамон дар ҳама муассисаҳои таҳсилоти олии касбии мамлакат факултетҳо ва кафедраҳои дахлдор таъсис дода мешаванд.

2. Марҳилаи татбиқи технологияҳои инноватсионӣ дар соҳаҳои асосии иқтисодиёт. Ин марҳила солҳои 2026-2030-ро дар бар гирифта, дар он таъмини фарогирии васеи интернети фарохмаҷро, амнияти иттилоотӣ ва ҷорӣ намудани технологияи роёниши абрӣ дар назар дошта шудааст. Ҳамчунин равона намудани кӯшишҳо ба таконбахшии инноватсияҳои рақамӣ ва соҳибкории рақамӣ дар соҳаи хизматрасонӣ ва истеҳсолот тавассути таҳияи воситаҳои молиявӣ барои соҳибкорон, роҳандозӣ намудани сиёсати самарабахши ҳавасмандкунии тиҷорат тавассути бартараф кардани монеаҳо ва маҳдудиятҳои молиявӣ дар назар дошта шудааст. Дар ин марҳила технологияҳои рақамӣ ба соҳаҳои калидӣ, аз қабили саноат, кишоварзӣ, бонкдорӣ ва дигарҳо ҷорӣ карда мешаванд.

3. Марҳилаи таҳкими минбаъдаи пояҳои ғайрирақамӣ ва рақамӣ. Ин марҳила солҳои 2031-2040-ро дар бар гирифта, ҷорӣ намудани лоиҳаҳои рақамӣ дар соҳаҳои калидии фаъолияти иқтисодӣ (саноат, кишоварзӣ, энергетика, телекоммуникатсия ва нақлиёт, савдо) ва иҷтимоӣ (фарҳанг, маориф, тандурустӣ), инчунин беҳинасозии

онҳоро бо истифода аз технологияҳои пешрафта дар назар дорад. Масалан, дар саноат автоматикунонӣ ва роботикунонии равандҳои истеҳсолӣ ҷорӣ карда мешаванд, ки ба такмили идоракунии истеҳсолот ва баланд шудани самараи он мусоидат мекунад. Дар соҳаи кишоварзӣ низомҳои пайгирии ҳосили зироатҳо ва беҳинасозии равандҳои агробизнес бо истифода аз технологияи Интернети ашё рушд мекунанд. Дар бахши бонкӣ пардохтҳои электронӣ ва хизматрасониҳои рақамии молиявӣ таҳким меёбанд. Ҳамчунин ин марҳила истифодаи технологияҳои пешрафта (маълумоти калон, зеҳни сунъӣ, блокчейн)-ро барои беҳтар кардани шаффофият, амният ва самаранокии тиҷорат дар бар мегирад. Истифодаи зеҳни сунъӣ имкон медиҳад, ки равандҳои қабули қарорҳо дар асоси таҳлили иттилоот муносиб карда шаванд, технологияҳои блокчейн эътимоднокӣ ва амнияти аҳдҳои тиҷоратӣ ва молиявиро таъмин мекунанд. Ҷанбаи муҳим инчунин бунёди майдонҳои рақамӣ барои ҷамъоварӣ ва таҳлили маълумот дар вақти воқеӣ мебошад, ки барои қабули қарорҳои дақиқ ва саривақтӣ мусоидат мекунад.

Ҳамин тариқ, табдили рақамӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба бунёди иқтисодиёти устувор ва инноватсионии қодир ба рақобат дар арсаи байналмилалӣ нигаронида шудааст.

Табдили рақамии иқтисодиёт дар таъмини рушди устувори Ҷумҳурии Тоҷикистон нақши муҳим дорад. Ҷорӣ намудани технологияҳои рақамӣ ба таҷдиди соҳаҳои гуногуни иқтисодиёт ва баланд бардоштани самаранокии онҳо мусоидат мекунад. Рақамикунонӣ барои соҳибкории хурду миёна имкониятҳои навро ҷиҳати беҳинасозии равандҳои истеҳсолӣ, тавсеаи бозорҳои фурӯш ва беҳтар кардани хизматрасонӣ ба мизоҷон фароҳам меорад. Воситаҳои тиҷорати электронӣ ва автоматикунонии равандҳои тиҷорат ба соҳибкорон имкон медиҳанд, ки хароҷотро ба таври назаррас коҳиш дода, рақобатпазирии фаъолияти худро афзоиш диҳанд.

Дар соҳаи кишоварзӣ, технологияҳои рақамӣ ба беҳтар кардани идоракунии захираҳо, баланд бардоштани ҳосилнокӣ ва коҳиш додани хатарҳои экологӣ мусоидат мекунанд. Истифодаи технологияҳо барои пайгирии шароити иқлим ва беҳинасозии обёрӣ ба истифодаи самараноки захираҳои об ва кам кардани талафоти истеҳсолӣ ва ҳосил мусоидат мекунад.

Рақамикунонӣ барои идоракунии давлатӣ сатҳи шаффофиятро баланд бардошта, дастрасии аҳолӣ, муассисаҳо ва корхонаҳоро ба хизматрасониҳои давлатӣ беҳтар мекунад ва ба ин васила ба истифодаи самараноки маблағҳои буҷети давлатӣ мусоидат мекунад. Аз нигоҳи иҷтимоӣ, ҷорӣ намудани технологияҳо инчунин ба беҳтар шудани сифати зиндагии аҳолӣ, коҳиши сатҳи фасод ва афзоиши эътимод ба ниҳодҳои давлатӣ мусоидат мекунад. Ҷанбаҳои экологии нафъи рақамикунонӣ дар кам кардани партовҳои карбонӣ ба табиат, коҳиш додани истифодаи коғаз ва беҳинасозии хароҷоти энергия ифода меёбад. Инчунин рақамикунонӣ ба шаффофияти фаъолияти субъектҳои иқтисодӣ низ таъсир мерасонад, сатҳи баланди он ба ҷонибҳои манфиатдор имкон медиҳад, ки «иттилооти заруриро дар бораи фаъолияти ширкат осонтар ва зудтар ба даст оваранд ва ҳамин тариқ, шаффофияти иттилоот, дар навбати худ, номутаносибии иттилоотро байни тарафҳо коҳиш медиҳад ва ба қабули қарорҳои оқилона мусоидат мекунад» [3, с. 124].

Имрӯз табдили рақамии иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон бо як қатор мушкилот ва таҳдидҳое рӯбарӯ аст, ки ҳалли онҳо муносибати ҳамаҷонибаро тақозо мекунад. Яке аз мушкилоти асосӣ рушди нокифояи инфрасохтори рақамӣ, бахусус дар маҳаллҳои деҳот ва маҳаллҳои дурдасти мамлакат мебошад. Ин дастрасӣ ба хизматрасониҳои интернетиро маҳдуд карда, дар татбиқи технологияҳои рақамӣ монеа ба миён меорад ва имкониятҳои рушди соҳибкорӣ ва маорифро коҳиш медиҳад. Амалисозии бобарори табдили рақамӣ сармоягузории назаррасро ба бунёди шабакаҳои баландсуръат, беҳбуди алоқаи мобилӣ ва фарогирии васеи интернети фарохмаҷро талаб мекунад.

Боз як мушкилоти муҳим нарасидани кормандони баландихтисос дар соҳаи технологияҳои иттилоотӣ мебошад. Нарасидани мутахассисон аз қабили

барномасозҳо ва муҳандисон суръати ҷорӣ намудани технологияҳои навро суст карда, рақобатпазирии иқтисодиётро коҳиш медиҳад. Барои ҳалли ин мушкилот рушди барномаҳои таҳсилотӣ, баланд бардоштани тахассуси кормандон ва дастгирии стартапҳо дар соҳаи технологияҳои рақамӣ зарур аст. Бояд қайд кард, ки маориф яке аз нуқтаҳои муҳимтарини табдили рақамӣ мебошад, ки «ҳам аз ҷиҳати шакл, бо ворид намудани унсурҳои технологияи бозӣ ва ҷалби он ба равандҳои воқеии тиҷорат тавассути кор бо равиши лоиҳавӣ ва услуби кейсии азхудкунии салоҳиятҳо, ҳам бо доштани унсурҳои дорои хосияти фосилавӣ ва муносибати фардӣ ба ташаккули роҳҳои таълим тағйир меёбад» [2, с. 87].

Бо афзоиши истифодаи технологияҳои рақамӣ хавфи таҳдидҳо ва масъалаҳои амнияти иттилоотӣ ба миён меояд. Хавфи ҳифзи нокифояи иттилоот ва осебпазирии нармафзор барои низомҳои давлатӣ ва хусусӣ зиёд аст. Таъмини амнияти пойгоҳҳои маълумот беҳтар намудани ҳифзи иттилоот, таҳияи санадҳои меъёрии ҳуқуқии танзимкунандаи амнияти иттилоотӣ ва густариши ҳамкориҳои байналмилалиро дар самти амнияти иттилоотӣ талаб мекунад. Ҷиҳати фароҳам овардани шароити мусоид барои ҷорӣ намудани технологияҳои нав қонунҳои дахлдорро таҷдиди назар намуда, равандҳои бақайдгирии соҳибкорӣ ва андозбандиро содда ва монеаҳои маъмуриро бартараф кардан зарур аст. Инчунин баланд бардоштани шаффофияти мақомоти давлатӣ бо мақсади суръат бахшидан ва содагардонии робита бо соҳибкорон ва аҳолӣ муҳим аст. Равиши маҷмуӣ дар ҳалли ин мушкилот ба Ҷумҳурии Тоҷикистон имкон медиҳад, ки табдили рақамиро самаранок амалӣ намуда, рушди устувори иқтисодиро таъмин намояд.

Дурнамои рушди иқтисодиёти рақамӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон тибқи таҷрибаи ҷаҳонӣ метавонад омили асосии таъмини рушди устувори иқтисодӣ ва суботи иҷтимоӣ дар мамлакат гардад. Стратегияи табдили рақамӣ бояд ба таҷрибаҳои бобарори мамлакатҳои пешрафта асос ёфта, ба хусусиятҳои хоси Ҷумҳурии Тоҷикистон мутобиқ карда шавад.

Дар асоси таҷрибаи ҷаҳонӣ метавон якчанд самтҳоеро муайян кард, ки ба рушди иқтисодиёти рақамӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсири назаррас хоҳанд расонид. Аввалан, таҷрибаҳои муваффақи мамлакатҳое чун Эстония ва Сингапур нишон медиҳанд, ки ҷорӣ намудани ҳукумати электронӣ ва хизматрасониҳои давлатии рақамӣ шаффофияти фаъолияти мақомоти давлатиро афзоиш дода, фасодро коҳиш медиҳад ва сифати зиндагии аҳолиро беҳтар мекунад. Ҷумҳурии Тоҷикистон метавонад хизматрасонии электронии давлатиро рушд дода, ҳамкориҳои байни аҳолӣ ва мақомоти давлатиро содатар кунад ва ба низомҳои электронии ҳамтосозӣ ва идоракунии ҳуҷҷатҳо сармоягузорӣ кунад.

Дуюм, мисолҳои муваффақ аз мамлакатҳои дорои иқтисодиёти рӯ ба рушд, аз қабили Ҳиндустон ва Кения нишон медиҳанд, ки чӣ гуна рақамикунонӣ ба корхонаҳои хурду миёна дар дастрасӣ ба бозорҳои нав ва баланд бардоштани рақобатпазирӣ кӯмак мекунад. Бунёди майдонҳои тиҷорат ва хизматрасониҳои электронӣ барои субъектҳои соҳибкории хурд, ки назорат ва идоракунии равандҳои логистика, маркетинг ва молияи онҳоро хеле беҳтар мекунанд, муҳим аст. Ин Ҷумҳурии Тоҷикистонро бо занҷираҳои рақамии ҷаҳонии таҳвили маҳсулот ва хизматрасониҳо ҳамгиро карда, монеаҳоро дар роҳи ворид шудан ба бозорҳои байналмилалӣ коҳиш медиҳад.

Дар соҳаи кишоварзӣ, таҷрибаҳои мамлакатҳое чун Исроил ва Ҳолланд нишон медиҳанд, ки чӣ гуна технологияҳои рақамӣ метавонанд самаранокии истифодаи захираҳои табииро беҳтар созанд, усулҳои обёриро такмил диҳанд, ҳосили зироатҳоро афзоиш ва хавфҳои экологиро коҳиш диҳанд. Ҷумҳурии Тоҷикистон метавонад технологияҳои пайгирии шароити хок, истифода аз ҳавопаймоҳои бесарнишин барои корҳои кишоварзӣ ва беҳинасозии обёриро ҷорӣ кунад, ки ҳосилнокии кишоварзиро бо расонидани зарари камтарин ба табиат афзоиш медиҳанд.

Дар робита бо татбиқи бобарори ҳадафҳои табдили рақамӣ, метавон барои Ҷумҳурии Тоҷикистон чунин тавсияҳоро пешниҳод кард:

- рушди инфрасохтор (сохтмон ва беҳтар намудани инфрасохтори рақамӣ, аз ҷумла дастрасӣ ба интернети баландсуръат дар саросари мамлакат, бахусус дар маҳаллҳои

дурдаст. Ин барои дастрасии баробар ба хизматрасониҳои рақамӣ шароит фароҳам меорад ва рушди тиҷорат ва таҳсилоти онлайнро таъмин мекунад);

- таҳсилот ва такмили ихтисос (саъю кушишро ба омодасозии мутахассисони соҳаи технологияҳои инттилоотӣ равона кардан муҳим аст. Барномаҳои таълим ва бозомӯзии кормандон бояд ба эҳтиёҷи бозор нигаронида шуда, барои шуғл дар соҳаи технологияҳои рақамӣ имконият фароҳам оранд);

- дастгирии давлатии инноватсияҳо (фароҳам овардани шароити мусоид барои стартап ва лоиҳаҳои инноватсионӣ, аз ҷумла имтиёзҳои андоз, грантҳо ва мусоидати молиявии буҷетӣ барои татбиқи технологияҳои нав. Ҷанбаи муҳим ташкили инкубаторҳо ва паркҳои технологӣ мебошад, ки иҷрои лоиҳаҳои инноватсиониро таъмин мекунанд);

- амнияти иттилоотӣ (таҳияи як барномаи фарогир барои ҳифзи пойгоҳҳои маълумот ва мубориза бо таҳдидҳои иттилоотӣ. Муҳим аст, ки чораҳои амниятӣ дар ҳама сатҳҳо - аз ҳифзи маълумоти шахсӣ то таъмини амнияти инфрасохтор пурзӯр карда шаванд);

- таъсиси муҳити танзим (мутобиқсозии қонунгузорӣ ба воқеияти рақамӣ, аз ҷумла танзими тиҷорати электронӣ, ҳифзи маълумот ва моликияти зеҳнӣ, инчунин ҷорӣ намудани стандартҳои хизматрасониҳои молиявии рақамӣ);

- ҳамкории байналмилалӣ (рушди шарикӣ бо созмонҳо, корхонаҳо ва коршиносони байналмилалӣ барои табодули таҷрибаи ҳамдигарӣ ва татбиқи таҷрибаи пешқадам дар табдили рақамӣ муҳим аст).

Муносибати бонизом ба татбиқи технологияҳои рақамӣ дар бахшҳои мухталифи иқтисодиёт ва ҳаёти ҷомеа ба Ҷумҳурии Тоҷикистон на танҳо беҳбуди рақобатпазирӣ, инчунин бунёди механизмҳои устуворро барои рушд дар шароити иқтисодиёти ҷаҳонии рақамӣ фароҳам меорад.

Ҳамин тариқ, табдили рақамии иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон як қадами муҳим дар роҳи рушди устувори иқтисодӣ ва беҳбуди сифати зиндагии аҳолии мамлакат мебошад. Ҷорӣ намудани технологияҳои рақамӣ дар соҳаҳои гуногун, аз идоракунии давлатӣ то кишоварзӣ ва тиҷорат имкониятҳои навро барои баланд бардоштани самаранокӣ, шаффофият ва рақобатпазирии мамлакат дар арсаи байналмилалӣ фароҳам меорад. Бо вуҷуди ин, барои татбиқи бобарори ҳадафҳои табдили рақамӣ як қатор мушкилот, аз қабили рушди нокифояи инфрасохтори рақамӣ, баланд бардоштани донишу малакаи кормандон ва таъмини ҳифзи маълумотро бартараф кардан лозим аст.

Таҷрибаи ҷаҳонӣ нишон медиҳад, ки рақамикунонӣ калиди рушди иқтисодӣ ва суботи иҷтимоӣ мебошад. Ҷумҳурии Тоҷикистон бояд на танҳо таҷрибаҳои беҳтарини мамлакатҳои дигарро ба шароити худ мутобиқ созад, балки инчунин амсилаи иқтисодиёти рақамии худро бо дарназардошти хусусиятҳои хоси иқтисодиёти миллӣ ва ҷомеаи шаҳрвандӣ бунёд кунад.

Татбиқи ҳадафҳои табдили рақамӣ як равиши ҳамаҷонибаеро тақозо мекунад, ки рушди инфрасохтор, омӯзиши кормандон, такмили пойгоҳи қонунгузорӣ ва таҳкими чораҳои амнияти иттилоотиро дар бар мегирад. Ин ягона роҳест, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон метавонад аз иқтидори технологияҳои рақамӣ барои ноил шудан ба рушди устувор ва баланд бардоштани некӯаҳволии аҳолии мамлакат бештар баҳра бардорад.

## Адабиёт

1. Асрорзода, У.С., Каримов, Б.Ҳ. Низоми миллии баҳисобгирии муҳосибӣ дар шароити ҷаҳонишавӣ ва рақамикунонии иқтисодиёт / У.С. Асрорзода, Б.Ҳ. Каримов // Масъалаҳои мубрами баҳисобгирии муҳосибӣ, таҳлил ва аудит дар шароити муосир: маводи конференсияи илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ (ш. Душанбе, 28 марти соли 2023). – Душанбе: ДБССТ, 2023. – С.3-6

2. Викторова, Е.В. Цифровая экономика: вызовы и возможности для достижения целей устойчивого развития / Е.В. Викторова, Д.А. Горулев, Д.А. Петренко // Инновации. – 2019. - № 9 (251). – С. 85-88

3. Гудкова, Т.В., Синицын, С.А. Цифровизация как фактор устойчивого развития компании / Т.В. Гудкова, С.А. Синицын // Государственной управление. Электронный вестник. – 2022. - № 93. – С. 121-133

4. Каримов, Б.Х. Влияние процессов глобализации и цифровизации на национальную систему бухгалтерского учета / Б.Х. Каримов // ЭКОНОМИКА, БИЗНЕС, ИННОВАЦИИ: сборник статей XXII Международной научно-практической конференции, Пенза, 15 апреля 2023 года. – Пенза: Наука и Просвещение (ИП Гуляев Г.Ю.), 2023. – С. 51-54

5. Каримов, Б.Ҳ. Баҳисобгирии муҳосибӣ дар шароити ҷаҳонишавӣ ва рақамикунонии иқтисодиёт / Б.Ҳ. Каримов // Паёми Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон. – 2021. – № 3 (37). - С. 115-119

6. Консепсияи иқтисоди рақамӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон. Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.12.2019, № 642 [Сарчашмаи электронӣ] / Низоми дастрасӣ: URL: https://medt.tj/images/news/2019/KCERT.pdf

7. Ларионов, В.Г. Трансформация терминологии, компетенций и знаний в условиях цифровой экономики / В.Г. Ларионов, Е.Н. Шереметьева, Е.П. Баринова // Вестник Астраханского государственного технического университета. Серия: Экономика. – 2019. - № 4. – С. 21-28
8. Султонов, З.С. Цифровая трансформация экономики в условиях инфраструктурного обеспечения предпринимательства / З.С. Султонов, М.М. Мариншоев, С.С. Амонов // Таджикистан и современный мир. – 2021. - № 4 (76). – С. 252-160
9. Холматов, М.М. Цифровая экономика в автоматизированной системе управления / М.М. Холматов // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. – 2019. - № 10-2. – С. 272-277
10. Шаропов, Ф.Р. Ташаккул ва рушди технологияҳои рақамӣ дар савдои чакана / Ф.Р. Шаропов, М.Д. Лутфулоев, Қ.М. Кабутов, С.С. Амонов // Паёми Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон. – 2021. - № 1 (35). – С. 112-123
11. Шарифзода, Б. М. Возможности использования банковских цифровых технологий в контексте обеспечения качественного развития промышленности Таджикистана / Б. М. Шарифзода, В. Абдусатори, Д. Д. Шаропов // Экономика Таджикистана. – 2024. – № 1. – С. 88-94. – EDN KQFXSC.
12. Комилова, К. Н. Самтҳои афзалиятноки такмили истифодаи воситаҳои маркетинги рақамӣ дар бонкҳои тиҷоратӣ / К. Н. Комилова, Б. М. Шарифзода // Иқтисодиёти Тоҷикистон. – 2023. – No. 4. – P. 85-91. – EDN ZKJQAI.
13. Назариева, Х. Г. Совершенствование кредитных продуктов для малого и среднего бизнеса в рамках клиентоориентированной цифровой модели бизнес-процессов / Х. Г. Назариева, Б. М. Шарипов // Финансово-экономический вестник. – 2021. – № S4.2(29). – С. 256-262. – EDN GDSOXE.
14. Вализода, Ш. Ш. Проблемы и тенденция развития безналичной платежной системы в Республики Таджикистан / Ш. Ш. Вализода, Б. М. Шарипов // Механизмы обеспечения финансовой устойчивости кредитных организаций в условиях индустриализации и инновационной экономики : Материалы международной научно-практической конференци, Душанбе, Таджикистан, 10 февраля 2023 года. – Душанбе: Таджикский национальный университет, 2023. – С. 101-110. – EDN GTBBHL.

**Маълумот дар бораи муаллифон: Одиназода Комрон Саидаброр** – номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент мудири кафедоаи соҳибкорӣ ва иқтисодиёти соҳавӣ Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон: телефон (+992) 905-55-46-46 E-mail: Odinakomron@mail.ru
**Раҳмонов Фаридун Мадисломович** – Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон, докторанти PhD кафедраи назарияи иқтисодӣ. Суроға: Ҷумҳурии Тоҷикистон, 734055, ш. Душанбе, хиёбони Борбад 48/5. Тел.: +992 905699797. E-mail: faridunrahmonov@mail.ru
**Сведения об авторах: Одиназода Комрон Саидаброр** – кандидат экономических наук, доцент, заведующий кафедрой предпринимательства и отраслевой экономики, Международный университет туризма и предпринимательства Таджикистана: телефон (+992) 905-55-46-46 E-mail: Odinakomron@mail.ru
**Рахмонов Фаридун Мадисломович -** Международный университет туризма и предпринимательства Таджикистана, докторант PhD кафедры экономической теории. Адрес: Республика Таджикистан, 734055, г. Душанбе, проспект Борбад 48/5. Тел.: +992 905699797. E-mail: faridunrahmonov@mail.ru
**Information about the authors: Odinazoda Komron Saidabror** - candidate of economic sciences, associate professor, manager of the department of entrepreneurship and sectoral economy, International University of Tourism and Entrepreneurship of Tajikistan: phone (+992) 905-55-46-46 E-mail: Odinakomron@mail.ru
**Rahmonov Faridun Madislomovich** - International University of Tourism and Entrepreneurship of Tajikistan, PhD student of the Department of Economic Theory. Address: Republic of Tajikistan, 734055, Dushanbe, Borbad Avenue 48/5. Tel.: +992 905699797. E-mail: faridunrahmonov@mail.ru

**УДК: 330.3**

## ТАКМИЛИ БОЗОРҲОИ НАЗДИСАРҲАДӢ ҲАМЧУН МЕХАНИЗМИ РУШДИ ИДОРАКУНИ МАРКЕТИНГИ МАҲСУЛОТИ КИШОВАРЗӢ

**Раҳмонзода Д.Р.**

***Аннотатсия.*** *Дар мақола вобаста ба мавзуи такмили бозорҳои наздисарҳадӣ ҳамчун механизми рушди идоракунии маркетинги маҳсулоти кишоварзӣ маълумот оварда шудааст.*

*Дар мақола таъкид мегардад, ки ҳамасола миқдори зиёди сабзавот, картошка, сабзавот, мева ва ангур бо усули қочок берун аз сарҳад баровардa мешавад. Бо ташкили бозорҳои наздисарҳадӣ имконияти идораи содироти ин молҳо пайдо мешаванд. Барои ҳавасмандии иштирокчиёни бозорҳо онҳо бояд аз ҳама гуна пардохтҳои гумрукию андозӣ озод карда шаванд.*

*Муаллиф дар мақолаи худ баъд аз таҳқиқи муносибатҳои байни Тоҷикистон ва мамлакатҳои ҳамсарҳад хулосабарорӣ намудааст, ки дар бораи вазъ дар тамоми марзи Тоҷикистон бо мамлакатҳои ҳамсоя ҳанӯз ҳам маълумоти илмӣ ва ҳам таҳлилӣ намерасад. Тадқиқотҳо бояд ба муносибатҳои байнисарҳадии байни аҳолии кишварҳои ҳамсоя таваҷҷуҳ зоҳир кунанд. Аниқ муайян кардани ҷойҳое, ки дар он ҷо ҳамдигарфаҳмии комил вуҷуд дорад, инчунин минтақаҳои мушкилот метавонад барои ташкили бозорҳои наздисарҳадӣ замина эҷод намоянд.*

***Калидвожаҳо:*** *такмил, бозорҳои наздисарҳадӣ, такмили идоракунӣ, маркетинг, маҳсулотҳои кишоварзӣ, корхонаҳои калон, коркард, самаранокӣ, рақобатпазирӣ.*

***Барои иқтибос:*** *Раҳмонзода, Д. Р. Такмили бозорҳои наздисарҳадӣ ҳамчун механизми рушди идоракуни маркетинги маҳсулоти кишоварзӣ / Д. Р. Раҳмонзода // Паёми молия ва иқтисод. – 2024. – No. 4.2(43). – С. 317-327.*

## СОВЕРШЕНСТВОВАНИЕ ПРИГРАНИЧНЫХ РЫНКОВ КАК МЕХАНИЗМА РАЗВИТИЯ УПРАВЛЕНИЯ МАРКЕТИНГОМ СЕЛЬСКОХОЗЯЙСТВЕННОЙ ПРОДУКЦИИ

**Рахмонзода Д.Р.**

***Аннотация.*** *В статье приводится информация по теме совершенствования приграничных рынков как механизма развития управления маркетингом сельскохозяйственной продукции.*

*В статье подчеркивается, что ежегодно большое количество овощей, картофеля, овощей, фруктов и винограда вывозится за границу контрабандным путем. С созданием приграничных рынков появляется возможность управлять экспортом этих товаров. Чтобы заинтересовать участников рынков, они должны быть освобождены от любых таможенных и налоговых платежей.*

*В своей статье автор, изучив отношения между Таджикистаном и приграничными странами, пришел к выводу, что по ситуации на всей границе Таджикистана с соседними странами до сих пор отсутствует как научная, так и аналитическая информация. Исследования должны обратить внимание на трансграничные отношения между населением соседних стран. Четкое определение мест, где существует полное взаимопонимание, а также проблемных зон, может создать основу для создания трансграничных рынков.*

***Ключевые слова:*** *улучшение, трансграничные рынки, улучшение управления, маркетинг, сельскохозяйственная продукция, крупные предприятия, переработка, эффективность, конкурентоспособность.*

## IMPROVING CROSS-BORDER MARKETS AS A MECHANISM FOR DEVELOPING AGRICULTURAL PRODUCT MARKETING MANAGEMENT

**Rahmonzoda D.R.**

***Annotation.*** *The article provides information on the topic of improving cross-border markets as a mechanism for developing marketing management of agricultural products.*

*The article emphasizes that every year a large number of vegetables, potatoes, vegetables, fruits and grapes are smuggled abroad. With the creation of cross-border markets, it becomes possible to manage the export of these goods. In order to interest market participants, they must be exempt from any customs and tax payments.*

*In his article, the author, having studied the relations between Tajikistan and the bordering countries, came to the conclusion that there is still no scientific or analytical data on the situation on the entire border of Tajikistan with neighboring countries. Research should pay attention to cross-border relations between the populations of neighboring countries. A clear definition of the places where there is complete mutual understanding, as well as problem areas, can create the basis for the creation of cross-border markets.*

***Keywords:*** *improvement, cross-border markets, management improvement, marketing, agricultural products, large enterprises, processing, efficiency, competitiveness.*

**Гузориши масъала.** Бо ташкили бозорҳои наздисарҳадӣ имконияти васеи содироти молу хизматрасонӣ барои мамлакатҳо пайдо мешаванд.

Тиҷорати наздисарҳадӣ – бахши муҳими сиёсати иқтисодиву тиҷоратии давлат ба ҳисоб меравад. Таҷрибаи хоҷагидории замони муосир шаҳодат медиҳад, ки агар потенсиали тиҷорати назди сарҳадӣ оқилона истифода шавад, воқеан барои кишварҳои бо ҳамдигар ҳамсояву дӯст, дар навбати аввал, аз нигоҳи пешбурди фаъолияти иқтисодӣ, тиҷоратӣ, иҷтимоӣ, ташкили мубодилаи афкор, арзишҳои фарҳангию маданӣ нақши муассир мегузорад. Ташаккул ва рушди тиҷорати наздисарҳадӣ робитаҳои тиҷоратии давлатро тавсеа бахшида ҳамзамон метавонад ба сифати яке аз омилҳои муҳими рушди иҷтимоӣ-иқтисодии минтақаҳои алоҳидаи сарҳадӣ хизмат намояд [8].

**Таҳлили таҳқиқотҳои охир ва нашриёт.** Доир ба мавзуи мазкур муаллиф аз як қатор барнома ва ҳисоботҳои оморӣ аз қабили стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030, барномаи давлатии рушди содироти Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025 ва ҳисоботҳои оморӣ истифода намудааст.

**Мақсади мақола** – ин омӯзиш ва такмилдиҳии бозорҳои наздисарҳадӣ ҳамчун механизми рушди идоракуни маркетинги маҳсулоти кишоварзӣ маҳсуб меёбад.

**Муҳтавои асосии мавод.** Асосҳои ҳуқуқӣ ва иқтисодии таъсиси нуктаҳои савдои наздисарҳадиро қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 июни соли 2016, №238 «Дар бораи тартиби амалӣ намудани савдои наздисарҳадӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» муайян мекунад. Тибқи бандҳои 6 ва 7 тартиби мазкур нуқтаи савдои наздисарҳадӣ бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсис дода шуда, масъалаҳои лоиҳакашӣ ва ташкили фаъолияти чунин нуқтаҳо дар асоси қарори мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ дар мувофиқа бо вазоратҳои рушди иқтисод ва савдо, кишоварзӣ, тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, Кумитаи давлатии амнияти миллӣ, Кумитаи меъморӣ ва сохтмон ва Хадамоти гумрук амалӣ мегарданд.

Тибқи қарори дар боло номбаршуда танҳо дар гузаргоҳҳои чор ноҳияи ВМКБ бо Ҷумҳурии Исломии Афғонистон ин бозорҳо ташкил шуда буданд. Дар солҳои фаъолияти худ дар ин бозорҳо зиёда аз 3 млн долл. ИМА мол савдо шудааст, ки аз он 43 фоизаш молҳои озуқаворӣ ва 5,4 фоизаш маҳсулотҳои кишоварзӣ мебошанд (ҷадвали 1).

**Ҷадвали 1. - Гардиши савдои хориҷӣ дар бозорҳои наздисарҳадӣ бо Ҷумҳурии Афғонистон дар солҳои 2017-2019**

| Номгӯи молҳо | Воҳиди | 2017 | 2018 | 2019 | Ҳамагӣ |
|---|---|---|---|---|---|

| | чenak | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| Нон ва маҳсулоти нонӣ | Кг | 2799 | 2299 | 820 | 13298 |
| Картошка | Кг | 4250 | 6472 | 2030 | 12752 |
| Сабзавот | Кг | 7252 | 9681 | 2985 | 13388 |
| Мева | Кг | 26276 | 22704 | 19615 | 68595 |
| Гӯшт | Кг | 3374 | 1617 | 376 | 5367 |
| Шир | Литр | 2108 | 2152 | 1174 | 5434 |
| Тухм | Дона | 14780 | 17960 | 14203 | 46943 |
| Ҳамагӣ маҳсулоти кишоварзӣ | X | X | X | x | 165777 |
| Ҳамагӣ молҳои озуқаворӣ | Сомонӣ | 609591 | 485942 | 226738 | 1322271 |
| Тамоми молҳо | Сомонӣ | 1920314 | 785529 | 367883 | 3073726 |
| Ҳиссаи молҳои озуқаворӣ | % | 31,7 | 61,9 | 61,6 | 43,0 |
| Ҳиссаи маҳсулот кишоварзӣ | % | X | X | x | 5,4 |

**Сарчашма:** Ҳисобҳои муаллиф аз рӯи Ҳисоботҳои омории бозорҳои сарҳадӣ. Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои мухталиф.

Бояд тазаккур дод, ки дар соли 2019 нишондиҳандаҳои савдои бозорҳои наздисарҳаӣ танҳо моҳҳои январ-сентябрро дар бар мегирад, аз ин ҷо рақамҳо нисбатан паст аст.

Ёдовар бояд шуд, ки бо Афғонистон 4 бозори наздисарҳадии амал менамуд. Бозори «Рузвай»-и ноҳияи Дарвоз барои 150 ҷойи нишаст, «Хумроғи»-и ноҳияи Ванҷ барои 120 ҷойи нишаст, «Ишкошим»-и ноҳияи Ишкошим барои 150 ҷойи нишаст ва «Тем»-и шаҳри Хоруғ барои 170 ҷойи нишаст таъсис ва ҳафтае як рӯз амал мекарданд. Бинобар сабаби паҳншавии бемории сироятии коронавирус «COVID-19» ва вазъи ҳарбию сиёсӣ дар минтақаҳои фаромарзии Афғонистон фаъолияти бозорҳои наздисарҳадӣ муваққатан боздошт ва баъдан манъ карда шуд.

Дар ин бозорҳо асосан маҳсулотҳои ниёзи мардум, ки ғайриаксизӣ мебошанд ба савдо барповарда мешуданд. Идораи ин бозорҳо ба Ҷамъияти "Тоҷикматлубот" вогузошта шуда буд. Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон шакли оморие таҳия намуда буд, ки тибқи он бозорҳои номбаршуда ҳисобот оиди гардиши мол, нархи миёнаи онҳо маълумот пешниҳод менамуданд. Дар давраи амали ин бозорҳо дар ин бозорҳо дар маҷмӯъ зиёда аз 3,1 млн. сомонӣ маҳсулот фурӯхта шудааст. Аз ҷумла молҳои озуқаворӣ 1,3 млн. сомониро ташкил намудааст, ки 41,9 фоизи савдои наздисарҳадиро ташкил менамояд. Дар ин давра дар ин бозорҳо 5,9 т нон ва маҳсулоти нонӣ, 12,7 т картошка, 19,9 т сабзавот, 68,6 т мева, 5,4 т гӯшт, 5,4 т шир, 46,9 ҳаз. дона тухм фурӯхта шудааст (ҷадвали 2).

**Ҷадвали 2. -** Гирдгардиши мол дар бозорҳои наздисарҳадӣ бо Ҷумҳурии Исломии Афғонистон дар солҳои 2017-2019

| Номгӯи молҳо | Воҳиди ченак | Миқдори молҳои фурӯхташуда | Нархи миёна, сомонӣ | Гардиши мол, сомонӣ |
|---|---|---|---|---|
| **2017** | | | | |
| Нон ва маҳсулоти нонӣ | Кг | 2799 | 13,5 | 21976 |
| Картошка | Кг | 4250 | 3,60 | 15425 |
| Сабзавот | Кг | 7252 | 3,6 | 25850 |
| Мева | Кг | 26276 | 5,10 | 156545 |
| Гӯшт | Кг | 3374 | 16,2 | 54581 |
| Шир | Литр | 2108 | 4,60 | 9690 |
| Тухм | Дона | 14780 | 1,00 | 14131 |
| Ҳамагӣ молҳои озуқаворӣ | Сомонӣ | | | 609591 |

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| Тамоми молҳо | Сомонӣ | | | 1920314 |
| **2018** | | | | |
| Нон ва маҳсулоти нонӣ | Кг | 2299 | 6,58 | 8395 |
| Картошка | Кг | 6472 | 2,77 | 17926 |
| Сабзавот | Кг | 9681 | 2,03 | 19653 |
| Мева | Кг | 22704 | 4,84 | 115119 |
| Гӯшт | Кг | 1617 | 19,24 | 31112 |
| Шир | Литр | 2152 | 4,75 | 10225 |
| Тухм | Дона | 17960 | 0,84 | 15082 |
| Ҳамагӣ молҳои озуқаворӣ | Сомонӣ | | | 485942 |
| Тамоми молҳо | Сомонӣ | | | 785529 |
| **2019** | | | | |
| Нон ва маҳсулоти нонӣ | Кг | 820 | 6,15 | 5042 |
| Картошка | Кг | 2030 | 2,36 | 4800 |
| Сабзавот | Кг | 2985 | 3,18 | 9506 |
| Мева | Кг | 19615 | 5,55 | 108833 |
| Гӯшт | Кг | 376 | 22,55 | 8479 |
| Шир | Литр | 1174 | 4,77 | 5595 |
| Тухм | Дона | 14203 | 0,89 | 12591 |
| Ҳамагӣ молҳои озуқаворӣ | Сомонӣ | | | 226738 |
| Тамоми молҳо | Сомонӣ | | | 367883 |

**Сарчашма:** Ҳисоботҳои омории бозорҳои сарҳадӣ. Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои мухталиф.

Миқдори маҳсулоти фурӯхташуда дар ҳаҷми савдои байнидавлатӣ начандон зиёд бошад ҳам, вале дар таҳкими муносибат бо Афғонистон чун механизми амалкунада баромад мекард.

Хушбахтона, тибқи маълумоти Қӯшунҳои сарҳадии Кумитаи давлатии амнияти миллӣ ва Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон аз 2 сентябри соли 2023 фаъолияти бозорҳои наздисарҳадӣ дар гузаргоҳҳои сарҳадии «Рузвай» воқеъ дар ноҳияи Дарвоз, «Хумроғӣ» дар ноҳияи Ванҷ, «Тем» дар шаҳри Хоруғ ва «Ишкошим» дар ноҳияи Ишкошими ВМКБ барқарор карда шуда, рӯзҳои шанбеи ҳар ҳафта фаъолият доранд.

Тибқи маълумотҳо дар бозорҳои наздисарҳадӣ аз Ҷумҳурии Тоҷикистон 5498 нафар ва аз Афғонистон 1877 нафар иштирок намуда, соҳибкорони тоҷик 8200 кг ва тоҷирони Афғонистон 8095 кг маҳсулоти ниёзи аввалро ба фурӯш бовcovарданд. Нархи маҳсулоти ба фурӯш бароварда шуда аз нархҳои бозори дохилӣ аз 30 фоиз то 1 маротиба кам мебошад.

Сокинон ва тоҷирони ҳарду тарафи марз барои ташкил намудани фаъолияташон, дар ду рӯз ҳар ҳафта фаъол шудани бозорҳоро зарур арзёбӣ карданд.

Бояд тазаккур дод, ки мутаассифона имкониятҳои мавҷудаи ташкили савдои наздисарҳадӣ дар Тоҷикистон қариб ки истифода намешаванд. Савдои минтақаҳои дар марзи кишвар қарордошта асосан бо таври қочоқ ва иваз намудани мол ба амал меоянд.

**Имконияти ташкили чунин бозорҳо бо Ҷумҳурии Ӯзбекистон мавҷуд аст, зеро** дарозии сарҳади муштараки ду кишвар 1332 километр буда, дар баробари он 18 постгоҳи сарҳадӣ ҷойгир аст. Илова бар ин, дар қаламрави Ӯзбекистон анклави Сарвак мавҷуд аст, ки ба қаламрави ноҳияи Ашти Ҷумҳурии Тоҷикистон тааллуқ дорад.

Қабл аз иваз шудани ҳокимият дар Ӯзбекистон равобит бо Тоҷикистон муташанниҷ буд, ки бо низоми раводид миёни ду давлат, ки як замон дар ҳайати як кишвар ва то соли 1929 як ҷумҳурии дохили СССР буданд, таҷассум мешуд.

Дарозии умумии марзҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Ҷумҳурии Ӯзбекистон, ки

1332 километрро ташкил медиҳад. Аз ҷониби Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Ӯзбекистон ноҳияи Шаҳритуси вилоятҳои Хатлон, шаҳри Турсунзода, ноҳияҳои Мастчоҳ ва ш. Конибодоми вилояти Суғд ҳамсарҳаданд. Сарҳад дорои 18 гузаргоҳҳо мебошад. Аз ҷониби Ӯзбекистон вилоятҳои Сари Осиё бо Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамсарҳаданд.

Агар расман байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Ӯзбекистон бозорҳои наздисарҳадӣ таъсис наёфта бошад ҳам, вале савдои байни аҳолии дар марз зиндагикунанда қатъ нагаштааст. Режимҳои ҳуқуқӣ дар бозорҳои ду кишвар гуногунанд. Дар давраи ҷанги шаҳрвандӣ низ савдои наздисарҳадӣ қатъ нагашт, зеро дар вилояти Сариосиёи Ӯзбекистон сӯзишворӣ арзонтар буда, аз Ӯзбекистон ба шаҳри Турсунзодаи Тоҷикистон ворид мегардид. Аз Тоҷикистон бошад имконияти хариди молҳои озуқаворӣ ва ба вилояти Сариосиё содир намудан бештар ба чашм мерасид.

Бо вуҷуди дахолати зуд-зуди мақомоти расмӣ ба тиҷорати наздисарҳадӣ, ҳаҷм ва миқёси он пурра аз байн рафта буд. То ҳоло бозорҳои наздисарҳадии расмӣ байни Ӯзбекистон ва Тоҷикистон вуҷуд надоранд. Вале савдои ғайрирасмии байни аҳолӣ қариб, ки қатъ нагашта буд. Вале, хисоб кардани ҳаҷми дақиқи савдо душвор аст, зеро фаъолияти савдои наздисарҳадӣ дар омори савдои хориҷӣ инъикос намеёбанд. Мақомоти Ҷумҳурии Ӯзбекистон борҳо манъи убури воситаҳои нақлиётро аз гузаргоҳи сарҳадӣ ба хотири коҳиш додани гардиши молҳои истеъмолӣ аз бозорҳои Тоҷикистон, ки дар назди сарҳад ҷойгир аст, ҷорӣ кардаанд. Тоҷирон, аз одамон ба мол талабнома кабул карда, ба таври ғайриқонунӣ аз сарҳад гузашта савдо мекарданд. Қочоқ то ҳоло идома дорад ва зарурати ташкили бозорҳои наздисарҳадӣ ҳам ба фоидаи Ҷумҳурии Ӯзбекистон ва ҳам барои Ҷумҳурии Тоҷикистон аст.

Яке аз роҳҳои қочоқ гузаргоҳҳои мавҷуда буд, ки марзбонон ба таври сунъӣ сохтаанд. Онҳо муҳофизати хатти сарҳадҳои давлатиро ба ҷо меоранд. Чунин гузаргоҳҳо бе риояи тартиби муқарраркардаи қонун ташкил карда шудаанд.

Баъзан сарҳадчиён расман «феҳристи убури сарҳад»-ро пеш мебаранд ва ҳуҷҷатҳоро барои гузаштан аз сарҳад месанҷанд посбонҳо ҳамчун «роҳнамо» амал мекунанд, ки одамонро ғайриқонунӣ аз сарҳад роҳнамоӣ мекунанд.

Баъди ба сари қудрат омадани Шавкат Мирзиёев дар Ӯзбекистон равобити байни ҷумҳуриҳо ба таври қобили мулоҳиза беҳтар шуд. Режими раводид лағв шуд, ки ба рушди сайёҳӣ ва тиҷорат, аз ҷумла тиҷорати фаромарзӣ таъсири судманд расонд. Масъалаи поксозии марзи Ӯзбекистону Тоҷикистон ҳал шуд. Ҳарду ҷониб ҳамчунин дар мавриди таъйини 20 дарсади марзи муштарак ба мувофиқа расиданд. Аз ин ҷост, ки савдои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Ҷумҳурии Ӯзбекистон дар солҳои 2018-2022 тамоюли афзоишро касб намуд, ки ҳиссаи он аз 6,8 фоизи соли 2018 то 7,6 фоиз дар соли 2022 расид (ҷадвали 3).

**Ҷадвали 3. - Савдои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Ҷумҳурии Ӯзбекистон дар солҳои 2018-2022 ва дурнамо то соли 2030, млн долл. ИМА**

| | 2018 | 2019 | 2020 | 2021 | 2022 | 2025 | 2030 |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Ҳамагӣ | **4224,3** | **4523,7** | 4557,8 | 6359,1 | 7309,5 | 10671,0 | 14032,4 |
| Содирот | 1073,3 | 1174,4 | 1406,9 | 2149,6 | 2142,0 | 2568,7 | 3393,3 |
| Воридот | 3151,0 | 3349,3 | 3150,9 | 4209,5 | 5167,5 | 6614,4 | 7685,9 |
| Аз он ҷумла, Ӯзбекистон | 288,5 | 333,7 | 362,2 | 447,8 | 555,4 | 1027,4 | 1308,9 |
| Ҳисса, % | 6,8 | 7,3 | 8,0 | 7,0 | 7,6 | 9,6 | 9,3 |
| Содирот | 155,3 | 83,1 | 172,0 | 129,6 | 178,3 | 219,3 | 238,2 |
| Ҳисса, % | 14,5 | 5,9 | 14,6 | 6,0 | 8,3 | 8,5 | 7,0 |
| Воридот | 133,2 | 250,2 | 190,2 | 318,2 | 377,0 | 590,4 | 858,4 |
| Ҳисса, % | 4,2 | 7,9 | 5,7 | 7,6 | 7,3 | 8,9 | 11,2 |

**Сарчашма:** Внешнеэкономическая деятельность Республики Таджикистан. Агентство по статистике при Президенте Республики Таджикистан. 2023. –С.6-23.

Ҳиссаи Ӯзбекистон дар сохтори содироти Тоҷикистон дар соли 2022 ба 178,3 млн долл. ИМА баробар буд, ки 8,3 фоиз ва дар сохтори воридот 377,0 млн долл. ИМА ба 7,3 фоиз баробар буд. Савдои хоиричи Тоҷикистон манфӣ арёбӣ карда шуда дар соли 2022 содирот нисбат ба воридот 198,7 млн долл. ИМА кам буд.

Бо Ӯзбекистон ташкил намудани бозорҳои наздисарҳадӣ метавонад гиргардиши молро якчанд маротиба зиёд намояд, зеро дар 18 гузаргоҳ метавон чунин бозорҳоро созмон дод. Самаранокии иқтисодии ин бозорҳо баланд буда, аз як тараф муносибати байни аҳолии минтақаҳои сарҳадиро мустаҳкам намуда, аз тарафи дигар дар иваз фурӯш ва хариди маҳсулотҳои кишоварзӣ ва ниёзи мардум мададгор шавад.

Вазъи ҳамкориҳои иқтисодии байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Қирғизистон дар муқоиса бо дигар кишварҳои ҳамсояи Тоҷикистон дар ҳоли ҳозир мушкилтарин аст. Сарфи назар аз муносибатҳои басо мӯътадил дар сатҳи сарони давлатҳо, новобаста аз тағйири қудрат дар Қирғизистон, низоъҳое, ки дар анклави Ворух зуд-зуд ва пайваста авҷ мегиранд, то имрӯз ҳалнашуда боқӣ мондаанд. Задухӯрдҳо дар минтақаҳои наздисарҳадии Исфара ва Бодканд аз замони дар ҳайати СССР будани ҷумҳуриҳо ба амал меоянд. Бо вуҷуди ин, бояд қайд кард, ки низоъҳо танҳо дар сатҳи аҳолӣ рух медоданд, ки ин бо набудани назорати қатъии сарҳадӣ байни субъектҳои ҳудудии шӯравӣ шарҳ дода мешавад.

Дар замони Шӯравӣ ин баҳс ба далели ҷомеаи ҳуқуқии ҷумҳуриҳо ҳалли худро ёфта наметавонист, вале бо ба даст овардани истиқлолият масъалаи аломатгузории марз дар ин минтақа ба миён омад.

Ҳарду ҷониб кӯшиш мекунанд, ки назорати сарҳадро пурзӯр кунанд, ки ин танҳо вазъияти мунокишаро шадидтар мекунад. Ҳарду ҳукумат дар ҳалли онҳо бо истифода аз равишҳои фарогир таҷриба надоранд ва авлавият додан ба чораҳои сахтро афзал медонанд. Дар натиҷаи ин равиш, шумораи ками минтақаҳои умумӣ мавриди танзим қарор гирифта, як гурӯҳро нисбат ба гурӯҳи дигар дар норасоӣ мегузорад.

Дар баробари ин, тамоюли ба назар намоёне ба назар мерасад, ки дар тамоми давра мунокиша тадриҷан ба марҳилаҳои шадидтари рушди худ гузашт. Агар дар аввал ин даргириҳо дар сатҳи ҳамарӯза сурат мегирифт, пас аз соли 2014 ҳадамоти сарҳадӣ ба задухӯрдҳо ҷалб карда шуданд. Баъдан иттиҳомоти ҷониби Тоҷикистон алайҳи", гурӯҳҳои муайян дар Қирғизистон" шунида шуд ва ҳамчунин изҳороти сардори Вазорати корҳои дохилии Тоҷикистон дар вилояти Суғд низ садо дод, ки тақрибан ба ҷанҷол оварда расонд. Афзудани мунокишаҳои сарҳадӣ ба кам шудани гиргардиши мол байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии қирғизистон гардид (ҷадвали 4).

**Ҷадвали 4. - Савдои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Ҷумҳурии Қирғизистон солҳои 2018-2022 ва дурнамо то соли 2030, млн долл. ИМА**

| | 2018 | 2019 | 2020 | 2021 | 2022 | 2025 | 2030 |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Ҳамагӣ | **4224,3** | **4523,7** | 4557,8 | 6359,1 | 7309,5 | 10671,0 | 14032,4 |
| Содирот | 1073,3 | 1174,4 | 1406,9 | 2149,6 | 2142,0 | 2568,7 | 3393,3 |
| Воридот | 3151,0 | 3349,3 | 3150,9 | 4209,5 | 5167,5 | 6614,4 | 7685,9 |
| Аз он ҷумла, Қирғизистон | 62,3 | 54,2 | 36,5 | 25,1 | 15,1 | 3,8 | 1,0 |
| Ҳисса, % | 1,5 | 1,2 | 0,8 | 0,4 | 0,2 | 0,04 | 0,0 |
| Содирот | 14,1 | 11,4 | 9,6 | 5,3 | 1,2 | 1,0 | 0,2 |
| Ҳисса, % | 1,3 | 1,0 | 0,7 | 0,2 | 0,1 | 0,0 | 0,0 |
| Воридот | 48,2 | 42,8 | 27,2 | 20,5 | 13,8 | 2,8 | 0,8 |
| Ҳисса, % | 1,5 | 1,3 | 0,9 | 0,5 | 0,3 | 0,0 | 0,0 |

Сарчашма: Внешнеэкономическая деятельность Республики Таджикистан. Агентство по статистике при Президенте Республики Таджикистан. 2023. –С.6-23.

Дар давоми панҷ соли охир ҳаҷми гиргардиши мол бо Қирғизистон 4,1 маротиба, аз ҷумла содироти мол ба 11,8 маротиба, воридот бошад 3,5 маротиба коҳиш ёфтааст. Эҳтимолоти то соли 2025 кам шудани гиргардиш то 0,04 ва то соли 2030 ба сифр баробар шудани он таҳдид менамояд.

Беҳтар шудани вазъи сиёсии байни ду давлат метавонад боиси ташкил намудани бозорҳои сарҳадӣ гардад, зеро ташкили ин бозорҳо омили асосии беҳтар намудани ҳам муносибатҳои сиёсӣ ва ҳам иқтисодӣ гардад.

Аммо нақшаи татбиқи табодули мутақобилаи ҳудудҳоро пеш аз ҳама бо аҳолии маҳаллӣ бо тамоми ҷузъиёти зикршуда мувофиқа кардан лозим аст, зеро ҳалли нотамом метавонад боиси боз ҳам бештари баҳсҳо дар байни аҳолии ҳарду ҷониб шавад. Яке аз чанд роҳи ҳалли умедбахше, ки аз ҷониби ҷомеаи коршиносон бармеояд, зарурати гузаронидани тадқиқоти шаффоф ва татбиқи равиши илмӣ дар шарҳи сабабҳои муноқиша ва омилҳои марбут ба он мебошад. Тафовутҳои асосии байни вазъ дар ин қитъаи сарҳадро муайян кардан лозим аст.

Дигар давлате, ки бо Тоҷикистон ҳамсарҳад аст, Ҷумҳурии Мардумии Чин ба ҳисоб меравад, ки муносибатҳои иқтисодию сиёсӣ дар ҳоли равнақ қарор доранд. Тоҷикистон дар муқоиса бо дигар ҳамсояҳо бо Чин кӯтоҳтарин марз дорад. Танҳо як гузаргоҳи Кулма-Қарасу мавҷуд аст, ки дарозиаш 494 километр буда, вилояти Мурғоби Тоҷикистон ва ноҳияи Кошғари вилояти мухтори Шинҷон-Уйғурро мепайвандад. Муддати тӯлонӣ ин қитъаи сарҳад устувортарин буд, аммо солҳои тӯлонӣ ҳалли масъалаҳои демаркатсия ба ин оварда расонд.

Чин муносибатҳои худро дар марҳилаҳои аввал маҳз бо ҳадафи ҳалли баҳсҳои сарҳадӣ бунёд кард. Кишварҳо барои хотима бахшидан ба ҷанги шаҳрвандӣ дар Тоҷикистон тавассути имзои Шартнома дар бораи эътимоди мутақобилаи ҳарбӣ дар минтақаҳои наздисарҳадӣ дар моҳи сентябри соли 1996, ки асоси таъсиси СҲШ гардид, вориди гуфтушунид шуданд. Пас аз қадами аввал дар ҳалли баҳсҳои марзӣ пас аз се сол, дар соли 2011 созишнома оиди ба Чин додани 1000 кв. км аз ҳудуди ноҳияи Мургоб ба тасвиб расидаанд. Муносибати байни давлатҳо дар ҳоли беҳтар шудан қарор гирифт.

Дар давоми солҳои 2018-2022 савдои хориҷии Тоҷикистон бо Чин қариб 1,9 маротиба афзудааст. Аз ҷумла содирот бо Чин 6,5 маротиба ва воридот 1,4 маротиба афзудааст (ҷадвали 5).

**Ҷадвали 5. - Савдои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Ҷумҳурии Мардумии Чин дар солҳои 2018-2022 ва дурнамо то соли 2030, млн долл. ИМА**

| | 2018 | 2019 | 2020 | 2021 | 2022 | 2025 | 2030 |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Ҳамагӣ | **4224,3** | **4523,7** | 4557,8 | 6359,1 | 7309,5 | 10671,0 | 14032,4 |
| Содирот | 1073,3 | 1174,4 | 1406,9 | 2149,6 | 2142,0 | 2568,7 | 3393,3 |
| Воридот | 3151,0 | 3349,3 | 3150,9 | 4209,5 | 5167,5 | 6614,4 | 7685,9 |
| Аз он ҷумла, Хитой | 651,2 | 660,9 | 472,8 | 839,3 | 1210,0 | 2076,3 | 2595,0 |
| Ҳисса, % | 15,4 | 14,6 | 10,4 | 13,2 | 16,6 | 19,5 | 18,4 |
| Содирот | 57,1 | 55,4 | 34,4 | 159,6 | 368,3 | 475,1 | 779,1 |
| Ҳисса, % | 5,3 | 4,7 | 2,4 | 7,4 | 17,2 | 18,4 | 23,0 |
| Воридот | 594,1 | 605,5 | 438,4 | 680,0 | 841,7 | 1601,2 | 1815,9 |
| Ҳисса, % | 18,9 | 18,1 | 13,9 | 16,1 | 16,3 | 24,2 | 23,6 |

**Сарчашма:** Внешнеэкономическая деятельность Республики Таджикистан. Агентство по статистике при Президенте Республики Таджикистан. 2023. –С.6-23.

Ҳиссаи Чин ҳамчун шарики стратегӣ дар савдои хориҷии кишвар дар соли 2022 18,4 фоизро ташкил намуд, ки нисбат ба соли 2018 3 банди фоизӣ зиёд аст. Тибқи таҳқиқи мо ҳиссаи Чин савдои хориҷии Тоҷикистон дар соли 2030 то 2595 млн.долл. ИМА баробар мешавад, ки 18,4 фоизи ҳаҷми савдои хориҷиро ташкил менамояд.

Яке аз самтҳои асосии равнақи савдои хориҷии Тоҷикистон бо Ҷумҳурии Чин метавонад ташкили бозори сарҳадӣ гардад. Вале бинобар дур ҷой гирифтани сарҳад аз ҷои истеҳсоли маҳсулотҳои кишоварзӣ, ташкили ин бозор метавонад самаранок набошад.

Ба ин тартиб, дар ҳоли ҳозир Чин ба як шарики муҳими Тоҷикистон дар масоили амниятӣ табдил ёфтааст. Бар хилофи дигар шариконе, ки барои баланд бардоштани малакаи марзбонон кор мекунанд, Чин инфрасохторро таъмин мекунад. Барои Тоҷикистон ин вариант метавонад қобили қабул бошад, зеро аввалан, дар марз бо Афғонистон инфрасохтори кофӣ вуҷуд надорад. Сониян, Чин як давлати бузургест, ки комплекси низомии пешрафта дорад. Саввум, наздикии ҷуғрофии ду кишвар метавонад ба таҳкими ҳамкориҳои амниятӣ муассир таъсир расонад.

Боз дар ин ҷо саволи вобастагии Тоҷикистон аз фаъолони байналмилалӣ ба миён меояд. Гузашта аз ин, дар мавриди Чин, вобастагӣ амиқтар аст, зеро сармоягузориҳои чинӣ ҳоло дар иқтисоди Тоҷикистон нақши калидӣ доранд. Чин кайҳо боз як трамплини сармоягузорӣ ва инфрасохториро барои манфиатҳои тиҷоратии худ сохтааст. Нақши фаъоли Пекин дар масъалаҳои амниятӣ, аз ҷумла дар сарҳадро метавон ҳамчун кӯшиши таъмини амнияти қаламрави худ, балки сармоягузорӣ дар Тоҷикистон арзёбӣ кард.

Афғонистон, ҳамсояи ҷанубии Тоҷикистон ҳамвора ҳам дар дохили кишвар ва ҳам дар сатҳи байналмилалӣ ҳамчун омили хатар арзёбӣ мешуд. Хавфи вуруди гурӯҳҳои тундрав ба қаламрави Тоҷикистон ва мушкили қочоқи маводи мухаддир то имрӯз ҳам аҳамияти худро дорад. Сарҳад бо Афғонистон ҳам аз лиҳози техникӣ ва ҳам бо назардошти шароити табиӣ ноустувортарин ва суст танзимшаванда аст, зеро баъзе қитъаҳо аз манотиқи кӯҳистонӣ мегузарад.

Имрӯз марзи Тоҷикистон бо Афғонистон 1344 километрро ташкил намуда, дар он ҳафт гузаргоҳи сарҳадӣ мавҷуд аст, мувофиқан, эътимоднокии сарҳад хеле камтар аст. Бозор дар марзи Тоҷикистону Муносибатҳои ду кишвар аз авоили солҳои 90-ум дар пасманзари ҷанги шаҳрвандӣ дар Афғонистон ба роҳ монда шудааст. Ҳукумати кишвар ба ниятҳои Толибон, ки дар охири ҷанг дар Тоҷикистон дар Кобул ба сари қудрат омада буданд, боварӣ надош. Табиист, ки набуди ягон манобеъ барои назорат бар вазъ дар марз ба тарсу ҳарос дар Душанбе таъсир расонд. Бо таваҷҷуҳ ба ин омилҳо, Тоҷикистон Афғонистонро ҳамчун таҳдид қабул кард. Пас аз иваз шудани қудрат дар Кобул равобити ин ду давлат хуб нест.

Тоҷикистон танҳо имкони таъмини амнияти марз бо Афғонистонро надорад. Вале солҳои охир савдои хориҷи бо Афғонистон дар ҳоли рушд қарор гирифтааст (ҷадвали 6).

**Ҷадвали 6. - Савдои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Ҷумҳурии Исломии Афғонистон дар солҳои 2018-2022 ва дурнамо то соли 2030, млн долл. ИМА**

| | 2018 | 2019 | 2020 | 2021 | 2022 | 2025 | 2030 |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| **Ҳамагӣ** | **4224,3** | **4523,7** | 4557,8 | 6359,1 | 7309,5 | 10671,0 | 14032,4 |
| **Содирот** | 1073,3 | 1174,4 | 1406,9 | 2149,6 | 2142,0 | 2568,7 | 3393,3 |
| **Воридот** | 3151,0 | 3349,3 | 3150,9 | 4209,5 | 5167,5 | 6614,4 | 7685,9 |
| **Аз он ҷумла, Афғонистон** | 72,4 | 98,1 | 70,7 | 84,1 | 111,0 | 153,4 | 225,6 |
| **Ҳисса, %** | 1,7 | 2,2 | 1,6 | 1,3 | 1,5 | 1,4 | 1,6 |
| **Содирот** | 72,1 | 97,9 | 69,8 | 81,1 | 106,0 | 136,7 | 199,6 |
| **Ҳисса, %** | 6,7 | 8,3 | 5,0 | 3,8 | 4,9 | 5,3 | 5,9 |
| **Воридот** | 0,3 | 0,2 | 0,9 | 2,9 | 5,0 | 16,7 | 26,0 |
| **Ҳисса, %** | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,1 | 0,1 | 0,3 | 0,3 |

**Сарчашма:** Внешнеэкономическая деятельность Республики Таджикистан. Агентство по статистике при Президенте Республики Таджикистан. 2023. –С.6-23.

Дар давраи зери таҳқиқот қароргирифта савдои хориҷии Тоҷикистон бо Афғонистон тадриҷан рушд ёфта, нисбат ба соли 2018-ум 53,3 фоиз афзудааст. Дар ин давра содирот ба 106 млн долл. ИМА ва воридот то 4,9 млн.долл. ИМА расидааст, ки мутаносибан 47,0 ва 16,7 маротиба зиёд аст. Ҳиссаи Афғонистон дар савдои хориҷии Тоҷикистон нисбатан кам шуда бошад ҳам, вале яке аз давлатҳоест, барои Тоҷикистон дар содироти мол шарики хуб шуда метавонад. Имконияти равнақи савдо, хусусан савдои сарҳадӣ бо Афғонистон то омадани толибон ба сари қудрат хеле равнақ ёфта буд.

Тибқи маълумоти Хадамоти гумрук дар сарҳади давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Афғонистон мувофиқи созишномаҳои дуҷониба 7 адад дидбонгоҳи гумрукии наздисарҳадӣ мавҷуд буда, аз онҳо 4 ададаш дар Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон ва 3 адади дигар дар вилояти Хатлон ҷойгир шудаанд. Айни замон аз теъдоди умумии дидбонгоҳҳои наздисарҳадии гумрукии қайдгардида дидбонгоҳҳои гумрукии «Панҷи Поён» ва «Кокул» фаъолият намуда истода, дидбонгоҳи гумрукии «Рузвай» асосан барои интиқоли молҳои транзитӣ истифода мегардад. Боқимонда дидбонгоҳҳои гумрукии наздисарҳадӣ бинобар баста будани Сарҳади давлатӣ бо Афғонистон фаъолият накарда истодаанд.

Бояд тазаккур дод, ки фаъолияти бозорҳои наздисарҳадӣ дар ноҳияҳои наздисарҳадии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Афғонистон бо мақсади густариши робитаҳои иқтисодию тиҷоратӣ дар асоси манфиатҳои мутақобила ва муносибатҳои дӯстонаи байни аҳолии минтақаҳои наздисарҳадӣ роҳандозӣ шудааст. Тибқи таҷриба фаъолияти нуктаҳои бозорҳои наздисарҳадӣ ҷиҳати афзун намудани ҳаҷми гардиши савдои хориҷӣ ва муомилоти мол дар бозорҳо, фурӯши чакана ва хизматрасониҳои пулакӣ мусоидат намуда, нақши онҳо дар таъмин намудани соҳибкорон бо ҷои кори иловагӣ ва таъмини аҳолии ду тарафи сарҳад бо маводҳои ниёзи аввал дар фасли зимистон назаррас мегардад. Илова ба ин амали мазкур имконият медиҳад, ки зиёда аз 2000 нафар сокинони ҳар ду ҷониби марз дар ҳар як рӯзи фаъолияти бозор ба хариду фурӯши молу маҳсулот ҷалб гардида, ба беҳбуд бахшидани сатҳу сифати зиндагии аҳолии минтақаҳои наздисарҳадӣ мусоидат намоянд.

Вобаста ба нуктаҳои қайдгардида ва хулосаи вазорату идораҳои дахлдор Вазорати рушди иқтисод ва савдо масъалаи кушодан ва барқарор намудани бозорҳои наздисарҳадиро, қобили таваҷҷӯҳ ва дастгирӣ ҳисобида, амалӣ шудани онро бо риояи қонунгузории амалкунанда ва таъмини амнияти миллӣ саллоҳ шуморидааст. Ба назари мо ҳанӯз ташкили бозорҳои наздисарҳадӣ, ки дар чор ноҳияи ВМКБ бо Ҷумҳурии Исломии Афғонистон амал менамоянд хеле каманд, зеро имконияти ташкили он дар 7 гузаргоҳи сарҳадии мавқеъ дар қаламрави вилояти Хатлон, 8 –то дар вилояти Суғд ва 1 гузаргоҳ дар шаҳри Турсунзода, 1 –то дар ноҳияи Лахш бозори наздисарҳадӣ надоранд. Дар ҳолати ташкил намудани ин бозорҳо адади он ба 23 мерасанд. Имконияти ташкили як бозори дигар дар ВМКБ бо Ҷумҳурии Халқии Хитой дар ноҳияи Мурғоб, 8 бозор дар вилояти Хатлон (Шӯрообод, Хамадонӣ, Фархор, Панҷ, Ҷайҳун, Кубодиён, Шаҳртус ва Н.Хусрав), дар вилояти Суғд (Истаравшан, Шаҳристон, Зафаробод, Мастчоҳ, Ашт, Конибодом, Б.Ғафуров, Исфара) ва НТҶ (ш.Турсунзода, Лахш) ва гиргардиши мол дар соли 2025-ум 1900 ҳаз. сомониро ташкил хоҳад дод (ҷадвали 7).

**Ҷадвали 7. - Имкониятҳои ташкили бозорҳои наздисарҳадӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бо ҷумҳуриҳои ҳамсоя ва рушди савдои хориҷӣ дар солҳои 2025-2030**

| Минтақаҳо | Шумораи бозорҳо | | Савдои хориҷӣ, ҳаз.долл. ИМА | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | Адад | Ҷои нишаст, | 2025 | 2026 | 2027 | 2028 | 2029 | 2030 |

| | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | нафар | | | | | | |
| ВМКБ- Афғонистон, Хитой | 5 | 2500 | 100,0 | 110,0 | 121,0 | 133,1 | 146,4 | 161,0 |
| Вилояти Хатлон Афғонистон (6) ва Ӯзбекистон (1) | 8 | 4000 | 800,0 | 880,0 | 968,0 | 1064,8 | 1171,3 | 1288,4 |
| Вилояти Суғд (Ӯзбекистон ва Қирғизистон | 8 | 4000 | 800,0 | 880,0 | 968,0 | 1064,8 | 1171,3 | 1288,4 |
| НТҶ-Ӯзбекистон ваҚирғизистон | 2 | 1000 | 200,0 | 220,0 | 242,0 | 266,2 | 292,8 | 322,1 |
| Ҳамагӣ | 23 | 11500 | 1900,0 | 2090,0 | 2299,0 | 2528,9 | 2781,8 | 3059,9 |

**Сарчашма:** Ҳисобҳои муаллиф

Мо барои ҳисоб имконияти истеҳсолии танҳо ноҳияҳои наздисарҳадиро ба эътибор гирифтем. Дар ҳолати ҳамасола 10 фоиз рушд ёфтани иқтидори ин бозорҳо дар соли 2026 савдои хориҷи дар ин бозорҳо ба 2090 ҳаз. долл. ИМА, соли 2027 ба 2299,0, соли 2028 ба 2528,9, соли 2029 ба 2781,8 ва соли 2030 ба 3059,9 ҳаз. долл. ИМА хоҳад расид. Дар сурати ташкил намудани 500 ҷои нишаст аз ду тараф дар як сол дар ин бозорҳо 11500 нафар аҳоли машғул ба тиҷорат меафзояд. Асосан ин бозорҳо мавсимӣ амал менамоянд, вале дар шароити идораи самаранок онҳо метавонанд доимоамалкунанда гарданд.

Пӯшида нест, ки ҳамасола микдори зиёди сабзавот, картошка, сабзавот, мева ва ангур бо усули қочок берун аз сарҳад баровarda мешавад. Бо ташкили бозорҳои наздисарҳадӣ имконияти идораи содироти ин молҳо пайдо мешаванд. Барои ҳавасмандии иштирокчиёни бозорҳо онҳо бояд аз ҳама гуна пардохтҳои гумрукию андозӣ озод карда шаванд.

Таҳқиқи муносибатҳои байни Тоҷикистон ва мамлакатҳои ҳамсарҳад имконият дод, ки чунин хулосабарорӣ намоем:

1. Муносибат бо Ӯзбекистон дар замони муосир хеле равнақ ёфта, ҳиссаи Ӯзбекистон дар сохтори савдои хориҷии Тоҷикистон тамоюли бемайлони афзоишро касб намуда, зарурати ташкили бозорҳои байнисарҳадӣ расидааст. Дар сурати ташкили ин бозорҳо савдои хориҷӣ бо ин кишвар метавонад то соли 2030 то 1,3 млрд.долл. ИМА баланд гардад.

2. Масъалаҳои баҳсии марзи муносибатҳои иқтисодиро фалаҷ карда, ҳиссаи онро дар савдои хориҷии Тоҷикистон то сатҳи нестӣ расонид. Дар ҳолати ҳалли масъалаҳо ташкили бозорҳои наздисарҳадӣ бо ин кишвар низ омили асосии рушди савдои хориҷии Тоҷикистон гардад.

3. Бо Ҷумҳурии Мардумии Чин ҳам муносибатҳои сиёсӣ ва иқтисодӣ бесобиқа баланд рафта, онро ба мамлакати стратегӣ барои Тоҷикистон табдил дод. Ташкили бозори наздисарҳадӣ дар ноҳияи Мурғоб барои фурӯши маҳсутоҳои кишоварзӣ самаранок набошанд, ҳам дар он метавонад дигар маҳсулотҳои ниёзи мардум ба фурӯш баровarda шаванд.

4. Амнияти марз, аз ҷумла марзи Тоҷикистону Афғонистон дар шароити муосир авлавият дорад, зеро ҳамкории иқтисодӣ бо ҳукумати нави Афғонистон ба роҳ монда нашудааст, вале савдои хориҷии Тоҷикистон бо ин кишвар дар ҳоли рушд қарор дошта, то солҳои 2030 метавонад густариш ёбад. Барқароршавии бозорҳои наздисарҳадӣ барои Тоҷикистон як манбаи фурӯши маҳсулотҳои кишоварзӣ ба ҳисоб меравад, зеро ба маҳсулотҳои кишоварзии Тоҷикистон харидор дар бозорҳои Покистон, ки тавассути Афғонистон дастрас аст зиёд аст.

5. Дар бораи вазъ дар тамоми марзи Тоҷикистон бо мамлакатҳои ҳамсоя ҳанӯз ҳам маълумоти илмӣ ва ҳам таҳлилӣ намерасанд. Тадқиқотҳо бояд ба муносибатҳои байнисарҳадии байни аҳолии кишварҳои ҳамсоя таваҷҷӯҳ зоҳир кунанд. Аниқ муайян кардани ҷойҳое, ки дар он ҷо

ҳамдигарфаҳмии комил вуҷуд дорад, барои ташкили бозорҳои наздисарҳадӣ инчунин минтақаҳои мушкилот метавонад замина эҷод намоянд.

**Адабиёт**

1. Барномаи давлатии рушди содироти Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025» таҳия ва бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон №169 аз 30 апрели соли 2021

2. Внешнеэкономическая деятельность Республики Таджикистан. Агентство по статистике при Президенте Республики Таджикистан. 2023. –С.6-23

3. Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 июни соли 2016, №238 «Дар бораи тартиби амалӣ намудани савдои наздисарҳадӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон. Дар бораи тарифҳои неруи барқ ва гармӣ. аз 29 ноябри соли 2023, №546

4. Маркетинговый анализ рынка: виды, этапы, методы - компания VVS. Интернет ресурсы. https://vvs-info.ru/helpful_information /poleznaya-informatsiya/marketingovyy-analiz-rynka/. Санаи мурочиат: 7.06.2024

5. Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030

6. Ҳисоботҳои омории бозорҳои сарҳадӣ. Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.

7. Шартнома дар бораи эътимоди мутақобилаи ҳарбӣ дар минтақаҳои наздисарҳадӣ дар моҳи сентябри соли 1996

8. Щербакова Н. А. Факторы экономического развития приграничных регионов России // Экономика. Профессия. Бизнес. Серия Социальная и экономическая география, Барнаул. -2018. -№1. –С. 94-98

**Маълумот дар бораи муаллиф:**
**Раҳмонзода Диловар Раҳмон -** муаллими калони кафедраи иқтисоди миллии Академияи идораи давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. Тел: (+992) 989.11.87.85., E-mail: dr.rakhmonzoda@gmail.com

**Информация об авторе:**
**Рахмонзода Диловар Рахмон -** старший преподаватель кафедры народного хозяйства Академии государственного управления при Президенте Республики Таджикистан Тел: (+992) 989.11.87.85. E-mail: dr.rakhmonzoda@gmail.com
**Information about the author:**
**Rahmonzoda Dilovar Rahmon -** Senior Lecturer at the Department of National Economy of the Academy of Public Administration under the President of the Republic of Tajikistan Tel: (+992) 989.11.87.85. E-mail: dr.rakhmonzoda@gmail.com

**УДК. 336**

# АРЗЁБИИ РАҚОБАТПАЗИРИИ СОҲАҲОИ КИШОВАРЗӢ ВА ХИЗМАТРАСОНӢ ДАР ТОҶИКИСТОН

**Умаров А.Ш.**

***Аннотатсия.*** *Дар мақолаи мазкур таҳлили рақобатпазирии бахши кишоварзӣ ва бахши хизматрасонӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон баррасӣ шудааст. Дар солҳои охир дар иқтисодиёти кишвар тағйироти ҷиддии иҷтимоию иқтисодӣ ба амал омад, ки бо равандҳои ғайридавлатӣ ва хусусигардонии корхонаҳои кишоварзӣ ва коркард, инчунин соҳаи хизматрасонӣ алоқаманд аст. Ин дигаргуниҳо боиси ба вуҷуд омадани иқтисодиёти серсохти аграрӣ, аз ҷумла шаклҳои гуногуни моликият, аз қабили хусусӣ, ягона ва муштарак гардид. Бо вуҷуди тағйироти мусбат, рақобатпазирии маҳсулоти Тоҷикистон дар муқоиса бо маҳсулоти хориҷӣ поинтар боқӣ мемонад.*

*Соҳаи кишоварзӣ ҳам дар дохили кишвар ва ҳам дар минтақаи Осиёи Марказӣ мавқеи муҳимро ишғол мекунад, вале бо як қатор мушкилот рӯ ба рӯ аст. Тағйирёбии иқлим аз сабаби осебпазирии муҳити кӯҳӣ ва мутобиқшавии сусти деҳқонон ба кишоварзӣ таъсири манфӣ мерасонад. Рушди бахши кишоварзӣ дар шароити бӯҳронҳои системавӣ ва афзоиши рақобат дар бозорҳои байналмилалӣ сурат мегирад. Тавассути диверсификатсия ва ҳамгироии соҳаҳои мухталифи саноат ҷорӣ намудани инноватсия ва рушди бартариҳои рақобатӣ муҳим аст. Нақши стратегии содирот ҳамчун омили муътадилгардонии иқтисодиёт ва манбаи асъори хориҷӣ таъкид шудааст.*

*Бахши хизматрасонӣ барои таъмини рақобатпазирӣ қарорҳои оқилонаи идоракуниро талаб мекунад. Ҳангоми арзёбии рақобатпазирии корхонаҳои соҳаи хизматрасонӣ бояд хусусиятҳои фаъолияти онҳо ва ҷанбаҳои ғайримоддӣ ба назар гирифта шаванд. Аксари корхонаҳои ин соҳа хурду миёна буда, арзёбии миқёси рақобатпазирро душвор мегардонанд. Истифодаи усулҳои содда ва фаҳмо дар баҳодиҳӣ муҳим аст. Дар мақола методологияе пешниҳод шудааст, ки барои ширкатҳои сайёҳӣ мутобиқ карда шудааст, ки истифодаи технологияҳои иттилоотӣ, фаъолияти инноватсионӣ, имиҷ ва эътибори корӣ, инчунин сифати хизматрасониро ба назар мегирад.*

*Таҳия ва татбиқи ҳадафҳои стратегӣ, ки ба баланд бардоштани рақобатпазирӣ нигаронида шудаанд, калиди рушди устувори иқтисодӣ мебошанд. Ташаккули асосҳои назариявӣ ва методологии зиёд кардани бартарии рақобатпазирии соҳаи кишоварзӣ ва соҳаи хизматрасонӣ муносибати комплексӣ ва иштироки мақомоти давлатиро талаб мекунад.*

***Калидвожаҳо:*** *рақобатпазирӣ, бахши кишоварзӣ, бахши хизматрасонӣ, рушди иқтисодӣ.*

***Барои иқтибос:*** *Умаров А.Ш. Арзёбии рақобатпазирии соҳаҳои кишоварзӣ ва хизматрасонӣ дар Тоҷикистон / А.Ш. Умаров // Паёми молия ва иқтисод. – 2024. – No. 4.2(43). – С. 328-339.*

# ОЦЕНКА КОНКУРЕНТОСПОСОБНОСТИ СЕКТОРА СЕЛЬСКОГО ХОЗЯЙСТВА И УСЛУГ В ТАДЖИКИСТАНЕ

**Умаров А.Ш.**

***Аннотация.*** *В данной статье проводится анализ конкурентоспособности аграрного сектора и сферы услуг Республики Таджикистан. В последние годы в экономике страны произошли серьёзные социально-экономические изменения, связанные с негосударственными процессами и приватизацией сельскохозяйственных и перерабатывающих предприятий, а также сферы услуг. Эти изменения привели к возникновению высокоструктурированной аграрной экономики, включающей различные формы собственности, такие как частная, совместная и*

*государственная. Несмотря на положительные изменения, конкурентоспособность таджикской продукции остаётся ниже по сравнению с зарубежной продукцией.*
*Аграрный сектор занимает важное положение как внутри страны, так и в Центральноазиатском регионе, но сталкивается с рядом проблем. Изменение климата оказывает негативное влияние на сельское хозяйство из-за уязвимости горной среды и недостаточной адаптации фермеров. Развитие аграрного сектора происходит в условиях системных кризисов и усиления конкуренции на международных рынках. Важно внедрять инновации и развивать конкурентные преимущества за счёт диверсификации и интеграции различных отраслей. Подчеркивается стратегическая роль экспорта как фактора стабилизации экономики и источника иностранной валюты.*
*Сектор услуг требует разумных управленческих решений для обеспечения конкурентоспособности. При оценке конкурентоспособности предприятий сферы услуг следует учитывать особенности их деятельности и нематериальные аспекты. Большинство предприятий в этой сфере являются малыми и средними, что затрудняет проведение масштабных конкурентных оценок. Важно использовать простые и понятные методы оценки. В статье представлена адаптированная для туристических компаний методика, учитывающая использование информационных технологий, инновационную деятельность, имидж и деловую репутацию, а также качество обслуживания.*
*Разработка и реализация стратегических целей, направленных на повышение конкурентоспособности, являются залогом устойчивого экономического развития. Формирование теоретико-методологических основ для повышения конкурентоспособности аграрного сектора и сферы услуг требует комплексного подхода и участия органов государственной власти.*
***Ключевые слова:*** *конкурентоспособность, аграрный сектор, сфера услуг, экономическое развитие.*

## ASSESSMENT OF COMPETITIVENESS OF THE AGRICULTURAL AND SERVICES SECTORS IN TAJIKISTAN

**Umarov A.Sh.**

***Annotation.*** *This article analyzes the competitiveness of the agricultural and services sectors of the Republic of Tajikistan. In recent years, the country's economy has undergone significant socio-economic changes associated with non-state processes and the privatization of agricultural and processing enterprises, as well as the service sector. These changes have led to the emergence of a highly structured agricultural economy, including various forms of ownership, such as private, joint, and state. Despite the positive changes, the competitiveness of Tajik products remains lower compared to foreign products.*
*The agricultural sector occupies an important position both within the country and in the Central Asian region but faces several problems. Climate change has a negative impact on agriculture due to the vulnerability of the mountain environment and the lack of adaptation of farmers. The development of the agricultural sector occurs in the context of systemic crises and increased competition in international markets. It is important to introduce innovations and develop competitive advantages through diversification and integration of various industries. The strategic role of exports as a factor in stabilizing the economy and as a source of foreign currency is emphasized.*
*The service sector requires reasonable management decisions to ensure competitiveness. When assessing the competitiveness of service enterprises, it is necessary to take into account the specifics of their activities and intangible aspects. Most enterprises in this area are small and medium-sized, which complicates large-scale competitive assessments. It is important to use simple and understandable assessment methods. The article presents a*

*methodology adapted for travel companies that takes into account the use of information technology, innovation, image and business reputation, as well as service quality.*
*The development and implementation of strategic goals aimed at increasing competitiveness are key to sustainable economic development. The formation of theoretical and methodological foundations for increasing the competitiveness of the agricultural sector and services requires an integrated approach and the participation of government bodies.*
***Keywords:*** *competitiveness, agricultural sector, services, economic development.*

**Гузориши масъала.** Асоси рушди устувори иқтисоди миллӣ рақобатпазирии соҳаҳои алоҳидаи он, аз ҷумла рушди бартариятҳои рақобатии кишоварзии минтақавӣ, сайёҳии байналмилалӣ мебошад, ки яке аз муҳимтарин вазифаҳои иқтисоди бозорӣ дар айни ҳол ба ҳисоб меравад. Рақобатпазирӣ дар системаи омилҳои муҳити беруна ва дохилии соҳибкорӣ баррасӣ мешавад, ки дар сатҳи минтақаҳои алоҳида таҳия ва татбиқи ҳадафҳои стратегии рушди соҳаҳо ва комплексҳои алоҳидаро дар назар дорад.

**Таҳлили таҳқиқотҳои охир ва нашриёт.** Солҳои охир оид ба рақобатпазирии соҳаи кишоварзӣ ва хизматрасонӣ дар Тоҷикистон чандин пажӯҳиш ва нашрияҳо анҷом дода шудаанд. Дар мақолаи мазкур дигаргуниҳоии кулли соҳаи кишоварзӣ, вазъи кунуни соҳа хизматрасонӣ дар мисоли ширкҳои туристӣ баррасӣ шуда, бо такя бо Стратегияи миллии рушд то давраи соли 2030 тамоюлҳои рушди соҳа таҳлил карда шудааст.

**Мақсади мақола** – ин пеш аз ҳама гузаронидани арзёбии ҳамаҷонибаи рақобатпазирии соҳаи кишоварзӣ ва хизматрасонӣ дар Тоҷикистон, муайян намудани омилҳои асосии ба рушди онҳо таъсиркунанда ва пешниҳоди стратегияи баланд бардоштани рақобатпазирии онҳо мебошад.

**Муҳтавои ассоси мавод.** Соҳаи кишоварзӣ: Дар солҳои охир дар иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон дигаргуниҳои назарраси иҷтимоию иқтисодӣ ба амал омаданд, ки бо тағйир додани муносибатҳои моликиятдорӣ тавассути равандҳои ғайридавлатӣ ва хусусигардонии корхонаҳои кишоварзӣ, коркард, хизматрасонӣ ва иттиҳодияҳои гуногуни онҳо алоқамананданд. Ин равандҳо омилҳои муайянкунандаи ташаккули иқтисодиёти бисёрсохти аграрӣ аз ҷумла шаклҳои гуногуни ташкилию ҳуқуқии моликият: муштарак, хусусӣ, давлатӣ, ҷамъиятҳои саҳомии намудҳои гуногун, кооперативҳо, хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ) гардиданд. Комплекси агросаноатии мамлакат дар шароити мустакилияти нисбӣ ва рақобати шадид ба кор шуруъ кард, ки ин ба тараққиёти соҳаҳои он такони калон бахшид. Аммо, сарфи назар аз тағйироти мусбат, рақобатпазирии истеҳсолоти ватанӣ ҳанӯз ҳам аз истеҳсолоти хориҷӣ хеле пасттар аст.

Соҳаи кишоварзии Тоҷикистон, ки ҳам дар дохили кишвар ва ҳам дар минтақаи Осиёи Марказӣ мавқеи муҳимро ишғол мекунад, ҳоло ҳам бо мушкилоти зиёд рӯ ба рӯ аст. Тағйирёбии иқлим аз сабаби осебпазирии муҳити кухсори ва баланди табиӣ ва имкониятҳои нокифояи деҳқонон ва бахши давлатӣ барои мутобиқ шудан ба ин тағйирот ба соҳаи кишоварзӣ таъсири манфӣ мерасонад. Рушди корхонаҳои кишоварзӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити душворе ҷараён дорад, ки дар натиҷаи бӯҳронҳои системавӣ, мушкилоти ислоҳоти иқтисоди кишвар, мушкилот дар муносибатҳои байни соҳаҳо ва сохторҳои саноатӣ, афзоиши рақобат дар бозорҳои хориҷӣ барои маҳсулоти кишоварзӣ ба вуҷуд омадааст. Корхонаҳои кишоварзии минтақавӣ дар фаъолияти истеҳсолӣ ва маркетингии худ ба мушкилоти марбут ба тағйирот дар фазои иқтисодии кишвар ва ҷаҳон дучор мешаванд.

Айни ҳол иқтисодиёти кишвар дар роҳи гузариш ба рушди инноватсионӣ ва ташаккули фазои ягонаи иқтисодӣ қарор дорад. Дар ин ҷо бояд ба фикри профессор Ф.Г. Газизуллин рози шуд, ки чунин қайд мекунад, ки “...ки як ҳолати дигарро нодида гирифтан мумкин нест: пурзур шудани омилҳои дигар дар баробари шароитҳои ҳалкунандаи иқтисодӣ ба самаранокӣ ва ракобатпазирии корхона таъсир мерасонад. Инҳо хусусиятҳо ва муҳимияти замони

хозира, моҳияти ҷамъиятию сиёсӣ ва технологии он мебошанд. Ҳамаи ин дар илми иқтисодиёт, моделҳои тараккиёти иқтисодии ҷамъият инъикос наёфта наметавонад.

Асоснокозии самтҳои стратегӣ бо мақсади баланд бардоштани бартариҳои рақобатӣ ва ноил шудан ба рақобатпазири истеҳсолоти кишоварзӣ дар асоси диверсификатсия ва ҳамгирои соҳаҳои алоҳида аҳамияти хоса дошта, ташаккули асосҳои назариявӣ ва методии онҳо на танҳо вазифаи аввалиндараҷаи ҷузъҳои таркибии комплекси агросаноатии як минтақаи муайян , балки ба манфиатҳои ҳамаи звеноҳои ҳокимияти давлатӣ дахл дорад. Аҳамияти содирот ҳамчун омили ба эътидол овардан ва нигоҳ доштани истеҳсолоти хоҷагии қишлоқи минтақавӣ, инчунин манбаи ворид шудани асъори хориҷӣ барои қонеъ гардондани эҳтиёҷоти дохилии иқтисодиёт ба ҳисоб меравад.

Нақши стратегии содирот аз он иборат аст, ки он бояд як абзори баланд бардоштани ҳам бартариҳои мавҷуда ва ҳам эҳтимолии рақобатпазирии иқтисоди минтақа, бахусус бахши кишоварзии он гардад, ки бо иқтидори захираҳои табиӣ ва мавҷудияти бартариҳои рақобатпазир метавонад ба нуктаҳои афзоиши структураи территориявии хоҷагии халқ оварда расонад.

**Маълумот дар бораи содироти маҳсулотҳои асосии кишоварзӣ, картошка ва меваю сабзавот дар солҳои 2017-2023 ва моҳи августи соли 2024**

*(тонна)*

| | Номгӯи махсулотҳо | Соли 2017 | Соли 2018 | Соли 2019 | соли 2020 | соли 2021 | соли 2022 | *Соли 2023* | Январ августи 2024 |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| 1 | Бодиринг | 38,9 | 46,7 | 24,7 | - | 8,1 | 0,8 | 1,7 | 2,1 |
| 2 | Сабзӣ, шалғам, лаблабу | 580,9 | 942,9 | 269,0 | 134,9 | 697,9 | 6653,2 | 324,9 | 733,0 |
| 3 | Карам | 1069,5 | 695,0 | 512,8 | 298,5 | 1206,1 | 3013,5 | 403,0 | 600,7 |
| 4 | Пиёз ва сирпиёз | 53070,4 | 82101,5 | 83119,7 | 90204,0 | 95957,3 | 66784,0 | 59751,4 | 25937,1 |
| 5 | Картошка | 664,0 | 17,4 | 23,9 | - | - | - | 56,8 | 88,0 |
| 6 | Помидор | 268,7 | 116,5 | 58,7 | 0,2 | - | 3,5 | 11,4 | 13,2 |
| 7 | Меваи хушк | 29977,2 | 19505,4 | 14090,1 | 17034,2 | 41397,8 | 50037,3 | 81109,2 | 50811,6 |
| 8 | Чормағз, бодом | 2091,2 | 1411,2 | 388,9 | 270,1 | 1108,2 | 1050,1 | 469,8 | 612,7 |
| 9 | Зардолӯ, олуболӯ, гелос, шафтолӯ ва олӯ | 4906,5 | 6101,5 | 7367,9 | 6904,6 | 7366,6 | 9393,0 | 13639,4 | 10197,8 |
| 9.1 | *Зардолӯ* | *242,5* | *2673,7* | *4038,4* | *3751,4* | *2156,3* | *3562,0* | 8921,5 | 4773,8 |
| 9.2 | *Гелос ва олуболу* | *300,7* | *418,6* | *394,7* | *418,0* | *1193,4* | *591,4* | 962,2 | 1093,8 |
| 9.3 | *Шафтолӯ* | *172,4* | *190,6* | *343,3* | *456,3* | *1382,9* | *900,5* | 419,1 | 627,3 |
| 9. | *Олу* | *2008,9* | *2818,6* | *2591,5* | *2278,9* | *2570,4* | *4338,2* | 3336,6 | 3702,8 |

| | **Номгӯи маҳсулотҳо** | **Соли 2017** | **Соли 2018** | **Соли 2019** | **соли 2020** | **соли 2021** | **соли 2022** | ***Соли 2023*** | **Январ августи 2024** |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| 4 | | | | | | | | | |
| 9.5 | *Дигарҳо* | - | - | - | - | *63,3* | *0,9* | - | - |
| 10 | Себ, нок, биҳӣ | 136,5 | 126,4 | 216,9 | 303,5 | 699,8 | 665,8 | 445,4 | 139,6 |
| 11 | Меваҳои ситрусӣ | 108,0 | 140,0 | 169,2 | 357,9 | 684,3 | 1359,3 | 2494,6 | 472,4 |
| 12 | Хурмо, анҷир | 26,0 | 0,1 | 93,0 | - | 14,3 | 59,8 | 3,2 | 0,8 |
| 13 | Настаран (хуч) | 161,7 | 107,2 | 165,3 | 10,6 | 18,4 | 31,1 | 30,0 | 19,2 |
| 14 | Тарбуз ва харбуза | 482,0 | 151,0 | 163,0 | 96,1 | 1106,1 | 615,6 | 986,6 | 473,2 |
| 15 | Ангур | 20027,6 | 18898,8 | 9086,4 | 9230,5 | 52163,5 | 41979,2 | 12209,1 | 3058,1 |
| 16 | Донагиҳо ва мағзи мева | 608,2 | 832,5 | 1091,9 | 2237,3 | 1255,1 | 1060,1 | 2758,0 | 1288,2 |
| 17 | Чормағзи заминӣ (Арахис) | 3180,5 | 2547,1 | 970,7 | 737,1 | 2427,9 | 3953,4 | 1508,6 | 931,5 |
| 18 | Дигар сабзавот ва меваҳо | 1208,9 | 3158,5 | 632,0 | 1144,2 | 1848,4 | 2639,8 | 900,9 | 381,1 |
| | **Ҳамагӣ** | **118606,7** | **136900,2** | **118446,2** | **128963,7** | **207959,8** | **189299,5** | **177104,0** | **97782,1** |

Ҳангоми баҳодиҳии такмили комплекси агросаноатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар асоси усули таҳлили SWOT самтҳои зерини стратегиро қайд кардан бамаврид аст:

1. Бо роҳи соддагардонии санадҳои қонунгузорӣ ҷалби сармоягузорони хориҷӣ ва дохилӣ ба истеҳсолоти кишоварзӣ;
2. Баланд бардоштани самаранокии истифодаи маблағҳои дастгирии давлатӣ тавассути баланд бардоштани сифати лоиҳаҳо ва кам кардани пардохтҳои андоз;
3. Инкишофи лизинг (ба воситаи фирмаҳои лизинги ҷумҳурӣ) ва кам кардани фоизи қарз барои мустаҳкам намудани базаи моддию техникии хоҷагиҳо;
4. Таҳияи стратегӣ ва суғуртаи хавфҳои кишоварзӣ;
5. Таъсиси минтақаҳои махсуси иқтисодии типи кишоварзӣ;
6. Дастгирии давлатӣ дар таъмини рақобатпазирии истеҳсолкунандагони ватанӣ дар Созмони умумиҷаҳонии тиҷорат;
7. Дар базаи корхонаҳои калони саноатӣ бо иштироки корхонаҳои хоҷагии қишлоқ ташкил намудани кластерҳои иқтисодӣ;
8. Ба даст овардани параметрҳои амнияти иқтисодӣ ва озуқаворӣ дар натиҷаи таъсири синергетикӣ дар соҳаи кишоварзӣ;
9. Истифодаи усулҳои навтарини обёрӣ (усули қатрагӣ) барои ба даст овардани ҳосили зиёд ва ташкили минтақаҳои гармхонаҳо барои маҳсулоти муҳими кишоварзӣ;
10. Баланд бардоштани сифати маҳсулоти кишоварзӣ ба сатҳи стандартҳои байналмилалӣ бо истифода аз усулҳои инноватсионии интихоб, парвариш, ҷамъоварӣ ва нигоҳдории тухмӣ;

11. Таъсиси марказҳои назорати хизматрасонии маркетингӣ дар комплексҳои агросаноатӣ.

Дар таҳлил боло зикршуда бо истифода аз таҳлили SWOT ҳам ҳодисаҳои мусоид ва ҳам номусоид муайян карда шуда, дар асоси баҳодиҳии ҳамаҷонибаи шароити фаъолияти онҳо коэффисиенти тағирёбӣ – тағирёбӣ ва якрангии истеҳсоли маҳсулот муайян карда шудаст.

Стратегияи рушди устувори кишоварзӣ ва баланд бардоштани рақобатпазирии он инҳоро дар назар дорад: таҳия ва татбиқи маҷмӯи чорабиниҳо вобаста ба: пурзӯр намудани дастгирии давлатӣ ва танзими кишоварзӣ, гузаронидани навсозии техникӣ ва технологии соҳаи кишоварзӣ, такмил додани шаклҳои ташкилии идоракунӣ (кластеркунӣ, диверсификасия, интеграсия, махсусгардонӣ ва кооперасия ва ғайра), инчунин такмил додани системаи таъминоти кадрҳои хоҷагии кишлоқи вилоятҳои кишвар. Танҳо истифодаи оқилонаи имкониятҳои потенсиалии истеҳсолкунандагони маҳсулоти кишоварзӣ ва таҳқиқи талаботи оянда ба маҳсулоти кишоварзӣ бо мақсади асоснок кардани стратегия ва тактикаи фаъолияти онҳо (бароиояндаи наздик) метавонад ба рушди комплекси агросаноатии Ҷумҳурии Тоҷикистон мусоидат намояд.

**Соҳаи хизматрасонӣ:** Таъмини рақобатпазирии соҳаи хизматрасонӣ раванди мураккаб, динамикӣ ва муттаҳид буда, қабули қарорҳои оқилонаи идоракуниро талаб мекунад. Чунин қарорҳо бояд ба арзёбии ҳолати воқеии рақобатпазирии соҳа асос ёбанд, ки барои муайян кардани мушкилоти асосии фаъолият ва муайян кардани роҳҳои ҳалли онҳо имкон медиҳад.

Арзёбии рақобатпазирии соҳаи хизматрасонӣ бо хусусиятҳои фаъолияти чунин корхонаҳо ва мавҷудияти ҷанбаҳои назарраси ғайримоддии фаъолияти онҳо мушкил аст. Илова бар ин, аксари корхонаҳои соҳаи хизматрасонӣ асосан ба соҳибкории хурду миёна тааллуқ доранд ва захираҳои калони молиявӣ ва кадрӣ барои анҷом додани чорабиниҳои васеъмиқёси арзёбии рақобат надоранд. Вобаста ба ин, зарурати эҷоди методологияи арзёбии рақобатпазирӣ ба миён меояд, ки аз як тараф, хусусияти фаъолияти корхонаҳои соҳаи хизматрасониро ба инобат гирад, аз тарафи дигар, барои фаҳмидан осон ва истифода бурдани асбобхои мураккаби математики ва тадкикоти гаронбаҳоро ва талаб накунад.

Ба максад мувофик аст, ки методологияи баҳодиҳии рақобатпазирии корхонаҳои хизматрасонӣ роҳандози карда шавад, ки хусусиятхои фаъолияти ҳамин самтро ба назар гирифта, осон истифода бурда шавад ва харочоти зиёди модди талаб накунад. Бо дарназардошти он, ки вижагиҳои фаъолияти корхонаҳои соҳаи хизматрасонӣ вобаста ба сегменти соҳа метавонанд хеле фарқ кунанд, баъзе индикатор ва нишондиҳандаҳои рақобатпазирӣ низ гуногун хоҳанд буд. Аз ин рӯ, ҳамчун намуна методологияеро пешниҳод мекунам, ки барои ширкатҳои сайёҳӣ мутобиқ карда шудааст. Аммо онро дар ҳар як корхонаи дигари соҳаи хизматрасонӣ бо роҳи тағйир додани баъзе индикатор ва нишондиҳандаҳо мувофиқи хусусиятҳои фаъолият истифода бурдан мумкин аст. Бояд раванди арзёбии рақобатпазирии корхонаҳои хизматрасониро ба якчанд марҳила тақсим кунем. Пас аз қабули қарор оид ба арзёбии сатҳи рақобатпазирии корхонаи соҳаи хизматрасонӣ, баҳодиҳии вазъи умумии муҳити рақобат ва ҷолибияти бозор зарур аст. Барои гузаронидани ин таҳлил дар соҳаи сайёҳӣ, пешниҳод менамоям, ки маълумоте, ки дар натиҷаи татбиқи усули мониторинги рақобатпазирии мавзеъҳои сайёҳӣ гирифта шудааст, истифода шавад.

Вобаста ба максади баходиҳӣ нишондихандахои иловагиро илова кардан мумкин аст. Акнун, ҳолати захираҳои асосии афзалиятҳои устувори рақобатии корхонаи соҳаи хизматрасониро арзёбӣ карда мебароем. Таркиби нишондиҳандаҳо ва методологияи баҳодиҳии онҳоро муфассалтар таҳлил мекунем.

1. **Технологияи иттилоотӣ.** Вазъи имрӯзаи бахши хизматрасонӣ дар маҷмӯъ ва махусусан соҳаи сайёҳӣ васеъ намудани истифодаи технологияи иттилоотиро дар фаъолияти корхонаҳои соҳаи хизматрасонӣ хеле муҳим месозад. Барои арзёбии ин нишондод ва

арзёбии рақобатпазирии корхонаҳои сайёҳӣ нишондиҳандаҳои зеринро пешниҳод кардан мумкин аст: мавҷудияти шабакаҳои маҳаллӣ (иттилоотӣ) дар корхона, истифодаи захираҳои тиҷорати электронӣ ва бронкунии онлайн, мавҷудият ва мунтазам нав кардани маълумот вебсайти корхона.

2. **Нишондиҳандаҳои фаъолияти инноватсионии корхона.** Ба ин гуруҳи нишондиҳандаҳо инҳо дохил мешаванд:[20]
   - тадқиқоти дохилӣ ва корҳои таҷрибавӣ - фаъолияти эҷодие, ки дар асоси мунтазам дар дохили корхона, аз ҷумла тадқиқоти фундаменталӣ амалӣ карда мешавад;
   - шумораи ҳуқуқҳои ба даст овардашуда оид ба истифодабарии патентҳо ва ихтирооти ғайрипатентнашуда, тамғаҳои молӣ, ноу-хау ва ғайра;
   - тарҳрезӣ, банақшагирии пешниҳоди навъҳои нави турҳо, таваҷҷӯҳ ба навъҳои нави туризм, ихтироъ ва истифодаи каналҳои нав барои пешбурди турҳо;
   - мавҷудияти барномаҳои таълим ва такмили кадрҳо, ки бо таҳия ва татбиқи инноватсияҳо алоқаманданд;
   - планкашӣ ва ҷорӣ намудани усулҳои нави идоракунӣ;
   - мавҷудияти шароити корӣ барои кадрҳо, ки ба рушди инноватсия мусоидат мекунанд.
3. **Имидҷ ва обруи тиҷоратии корхона**. Ба андеши ман, симои корхона дар соҳа пеш аз ҳама бо маҷмӯи тасаввуроти истеъмолкунандагон дар бораи фаъолияти корхона дар маҷмӯъ ва аз ҷумла хидматҳои он муайян карда мешавад. Нуқтаи асосӣ он аст, ки симои корхонаро идора кардан, инкишоф додан ва ба омма фурухтан мумкин аст.[21] Аз ин рӯ, ҳангоми арзёбии имиҷи корхонаи хидматрасонӣ бояд маъруфияти он ва андешаи муштариёни онро баҳо дод. Ташаккули симои мусбӣ ба рақобатпазирии корхонаи хидматрасонӣ таъсири назаррас мерасонад. Нишондиҳандаи асосии симои корхона дар бахши хизматрасонӣ ва бахусус дар туризм, садоқат ва боварии истеъмолкунанда ва тавсия додани ин корхона ба дигар мизоҷони эҳтимолӣ мебошад. Барои арзёбии боварии истеъмолкунандагон, тавасути усули индекси дастгирии холис ё NPS-ро ҳисоб кардан мумкин аст. Бартарии ин усул дар он аст, ки он ба шумо имкон медиҳад, ки манбаъҳои асосии рақобатпазириро арзёбӣ кунед ва муайян кунед, ки онҳо дар байни сатҳҳои идоракунии ширкат чӣ гуна тақсим карда мешаванд, то фаҳманд, ки ҳангоми кор барои таъмини рақобатпазирии корхона ба кадом манбаъҳо таъсир расонидан лозим аст.
4. **Нишондиҳандаҳои сифати хизматрасонӣ.** Ин нишондиҳандаҳо дар зери таъсири системаи идоракунии сифат дар корхона ташаккул меёбанд, ки манбаи муҳими афзалиятҳои устувори рақобатии корхона дар соҳаи хизматрасонӣ мебошад.

[20] Скульмовская Л.Г., Кудинова О.С. Исследование инновационной активности персонала как одной из составляющих кадрового потенциала сферы гостеприимства // Фундаментальные исследования. — 2013. — №10.

[21] Москвина И.А., Моисеева Н.К. Репутация и имидж предприятия как объекта управления в системе маркетинга (теоретические аспекты) // Маркетинг услуг. — 2007. — №2(10). — С. 130–139.

Арзёбии сифати хизматрасонии корхонаи соҳаи сайёҳӣ бояд бо истифода аз усулҳои ҳамаҷонибаи арзёбӣ анҷом дода шавад. Дарн ин ҷо пешниҳод менамоям, ки методологияи *«вазннокшудаи SERVQUAL»*[22], ки барои сегменти мушаххаси соҳаи хизматрасонӣ мутобиқ карда шудааст, истифода шавад. Дар он аз муштарӣ хоҳиш карда мешавад, ки аввал интизориҳои худро оид ба сифати хизматрасонӣ ва баъд дарки воқеиро арзёбӣ кунад. Сифати хизматрасонӣ пас аз он тавассути тарҳ кардани холҳои интизорӣ аз холҳои дарк ҳисоб карда мешавад. Гузашта аз ин, агар натиҷаи тарҳ рақами мусбат бошад, он гоҳ сифати хидмат хуб арзёбӣ мешавад. Натиҷаҳои наздик ба сифр сифатро қаноатбахш арзёбӣ мекунанд. Манфӣ ҳамчун ғайриқаноатбахш. Илова бар ин, муштарӣ аҳамияти як омили мушаххасро барои ба даст овардани қаноатмандӣ аз сифати хидмат арзёбӣ мекунад.[23]

5. **Нишондихандахои дараҷаи инкишофи маданияти ташкилии корхона.** Бояд гуфт, ки нишондихандаҳое, ки маданияти ташкилии корхонаи хизматрасониро тавсиф мекунанд, метавонанд ба нишондиҳандаҳои моддӣ ва ғайримодди беҳтар шудани фаъолияти ташкилот, нишондиҳандаҳои рафтори кормандон ва нишондиҳандаҳои муносибатҳои иҷтимоии кормандон тақсим шаванд. Баъзе аз ин нишондодҳо аллакай дар бандҳои қаблӣ баррасӣ шуда буданд, бинобар ин мо ба нишондиҳандаҳои тағирёбии рафтор ва муносибатҳои иҷтимоӣ таваҷҷӯҳ мекунем. Барои омухтани онхо як гуруҳи томи коэффисиентҳоро пешниҳод кардан мумкин аст.

- сатҳи ҷойивазкунии кадрҳо;
- дараҷаи интизоми меҳнат;
- сатҳи ба кор дермонӣ, ё наомадани кормандон;
- сатҳи низоъ мобайни кормандон;
- дараҷаи ҳавасмандгардонӣ (аз ҷумла дараҷаи ҳосилнокии меҳнат);
- дараҷаи сахтгирии кадрҳо;
- дараҷаи боварии кадрҳо ба идоракунӣ;
- давраи миёнаи мутобиқшавии кормандон;
- сатҳи эҷодкорӣ(креативност).

Дар ин баробар нишондиҳандаҳои дигареро метавон муайян кард, ки динамикаи тағиротро дар ҷанбаҳои муайяни фарҳанги созмон додани корхона инъикос мекунанд. Вале, ба фикри мо, нишондиҳандаҳои номбаршуда барои корхонаҳои сохаи хизматрасонӣ муҳимтаринанд.

[22] Parasuraman A., Zeithaml V., Berry L. (1988). SERVQUAL: a multiple-item scale for measuring consumer perceptions of service quality // Journal of Retailing, Vol. 64, No. 1, pp. 12–40.( Парасураман А., Зейтамл В., Берри Л. (1988). SERVQUAL: многоэлементная шкала для измерения восприятия потребителями качества обслуживания // Журнал розничной торговли, т. 64, № 1, стр. 12–40.)

[23] Новаторов Э.В., Новицкая В.Д. Модификация и эмпирическая проверка методики измерения качества услуг SERVQUAL применительно к банковским услугам // Маркетинг в сфере финансовых и страховых услуг. — 2012. — № 1. — С. 22–32

Бо такя бо омори сайёҳии кишвар вазъи кунуни ва дурнамои онро таҳлил мекенем:

**Нишондиҳандаҳои асосии омори соҳаи сайёҳӣ (туризм) дар солҳои 2017-2022 ва моҳҳои январ-декабри солҳои 2022-2023**

| Номгӯй | *соли 2017* | *соли 2018* | *соли 2019* | *соли 2020* | **соли 2021** | **соли 2022** | *соли 2023* | *соли 2023 бо фоиз нисбат ба соли 2022* |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Ҷамъи шаҳрвандони хориҷӣ, ки сарҳади давлатиро убур намуданд (бо назардошти вуруду хуруҷ) *(ҳаз. нафар)- ҳамагӣ* | 937,9 | 2162,8 | 2519,5 | 774,4 | 1329,6 | 2195,3 | 2509,0 | 105,1 |
| аз ҷумла: | | | | | | | | |
| ба ҷумҳурӣ ворид шудаанд*(ҳаз.нафар)* | 490,0 | 1154,5 | 1319,2 | 410,1 | 517,6 | 1151,9 | 1358,0 | 117,9 |
| аз ҷумҳурӣ хуруҷ шудаанд*(ҳаз.нафар)* | 447,9 | 1008,3 | 1200,3 | 364,3 | 822,0 | 1043,4 | 1151,0 | 110,3 |
| Теъдоди шаҳрвандони хориҷие, ки мутобиқи маълумоти мақомоти сарҳади давлатӣ (тибқи талаботи Созмони умумиҷаҳонии туризм СУТ) ба ҷумҳурӣ ба ҳайси сайёҳ ворид шудаанд*(ҳаз.нафар)* | 431 | 1034,7 | 1257,3 | 350,6 | 296,3 | 999,3 | 1201,0 | 120,2 |
| Теъдоди сайёҳони хориҷие, ки тавассути ширкатҳои сайёҳӣ ба ҷумҳурӣ ворид шудаанд*(нафар)* | 4413 | 6699 | 7791 | 416 | 953 | 5771 | 12077 | 2,1бар |
| Ҷамъи шаҳрвандони дохилие, ки мутобиқи маълумоти мақомоти сарҳади давлатӣ аз ҷумҳурӣ хуруҷ шудаанд*(ҳаз.нафар)* | 1185,9 | 1666,4 | 2257,3 | 740,2 | 1235,3 | 2649,7 | 3297,5 | 124,4 |
| Теъдоди сайёҳони дохилие, ки тавассути ширкатҳои сайёҳӣ ба хориҷа сафар намуданд*(нафар)* | 14420 | 9167 | 8531 | 1939 | 1766 | 3892 | 9045 | 2,3бар |
| Даромад аз пешниҳоди хизматрасониҳои сайёҳони аз ҷониби ширкатҳои сайёҳӣ (бе назардошти андоз аз арзиши изофа) *(ҳаз.сомонӣ)* | 9076,3 | 16928,1 | 24497,9 | 7677,0 | 12789,9 | 22818,8 | 30464,4 | 133,5 |
| Ҳиссаи соҳаи сайёҳӣ дар ММД (бо фоиз) | 4,7 | 3,8 | 4,3 | 2,4 | 3,4 | 3,4 | 3,0** | |
| Шумораи ширкатҳои сайёҳии ба қайд гирифта шуда, *адад* | 91 | 146 | 161 | 224 | 235 | 242 | 225 | 92,9 |
| *аз он ҷумла : фаъолияткунанда* | x | X | x | 21 | 48 | 74 | 82 | 110,8 |

Нишондиҳандаҳои асосии омори соҳаи сайёҳӣ нишон медиҳад, ки дар соли 2023 нисбат ба соли 2022 ҷамъи шаҳрвандони хориҷӣ, ки сарҳади давлатиро убур кардаанд (бо назардошти воруду хуруҷ) 105,1% зиёд шудааст. Вазъи сайёҳи кишвар аз соли 2018 инҷониб ру ба инкишоф аст. Ба ин пеш аз ҳама эълон шудани соли 2018 ҳамчун Соли рушди сайёҳи ва ҳунарҳои мардуми, таваҷуҳи бевоситаи ҳукумати кишвар ба ин самт дастгириҳои молиявӣ, озод кардани ширкатҳои сайёҳи ва эҳёгарони ҳунарҳои мардумӣ аз як қатор уҳдадориҳои андозӣ таъсири мусбат расонидааст. Соли 2020-2021 вориди сайёҳони хориҷӣ ба кишвар ба маротиб кам шуддаст , ки ба вазъи ҳамон вақтаи ҷаҳон ба вабои ҳамагири Covid-2019 маҳкам шудаши сарҳадҳои кишварҳои ҷаҳон вобаста мебошад. Теъдеди сайёҳони дохилие, тавасути ширкатҳои сайёҳӣ ба хориҷи кишвар сафар кардан дар соли 2023 нисбати соли 2022 2,3 баробар зиёд шуддаст. Ин нишондиҳанда дар солиҳои 2017, 2018 ва 2019 зиёд мебошад. Даромад аз пешниҳоди хизматрасониҳои сайёҳӣ аз ҷониби ширкатҳои сайёҳӣ дар соли 2023 нисбати соли 2022 133,5 фоиз зиёд шуддаст. Вобаста ба фаъолияти субъектҳои хизматрасонии сайёҳи дар ҷадвали баъди пурра маълумот оварда шудааст.

**Маълумот дар бораи фаъолияти субъектҳои хизматрасонии сайёҳӣ аз рӯи минтақаҳо барои моҳҳои январ-декабри солҳои 2022-2023**

| Нишондиҳандаҳо | Ҳамагӣ | | ВМКБ | | Суғд | | Хатлон | | ш. Душанбе | | НТҶ | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | *с. 2022* | *с.2023* | *с. 2022* | *с.2023* | *с. 2022* | *с.2023* | *с. 2022* | *с.2023* | *с. 2022* | *с.2023* | *с. 2022* | *с.2023* |
| Шумораи меҳмонхонаҳо (воҳид) | 187 | 190 | 33 | 36 | 61 | 60 | 43 | 44 | 35 | 36 | 15 | 14 |
| Хостелҳо, мотелҳо ва дигар намуди меҳмонхонаҳо (воҳид) | 29 | 34 | 9 | 16 | 3 | 3 | 1 | | 10 | 9 | 6 | 6 |
| Осоишгоҳҳо (воҳид) | 52 | 52 | 6 | 6 | 17 | 18 | 8 | 8 | 0 | 0 | 21 | 20 |
| Осоишгоҳҳои кӯдакона ва лагерҳои солимгардонӣ | 6 | 5 | 0 | 0 | 4 | 4 | 0 | 0 | 0 | 0 | 2 | 1 |
| Марказҳои мулоиҷавӣ ва дармонгоҳҳои солимгардонӣ (воҳид) | 7 | 8 | 0 | 0 | 6 | 6 | 1 | 1 | 0 | 0 | 0 | 1 |
| Хонаҳои истироҳатӣ (воҳид) | 8 | 10 | 0 | 0 | 2 | 2 | 2 | 2 | 0 | 0 | 4 | 6 |
| Панисонат (воҳид) ва кемпинг | 1 | 3 | 0 | 0 | 0 | | 0 | 0 | 0 | 0 | 1 | 3 |
| Базаи сайёҳӣ ва истироҳатӣ (воҳид) | 5 | 4 | 0 | 0 | 2 | 2 | 0 | 0 | 0 | 0 | 3 | 4 |
| Шумораи ҳуҷраҳо | 8625 | 8850 | 544 | 674 | 2989 | 3109 | 1293 | 1253 | 1891 | 1925 | 1908 | 1889 |

| | | | | | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| (воҳид) | | | | | | | | | | | | |
| Масоҳати умумии хуҷраҳо (м.мурабаъ) | 205984,7 | 218295,8 | 8311,0 | 13942,9 | 65431,9 | 65227,8 | 28488 | 27375,0 | 66311,4 | 70715,8 | 37442,4 | 41034,3 |
| Шумораи катҳо (воҳид) | 18816 | 19551 | 1057 | 1471 | 7203 | 7377 | 2503 | 2516 | 3537 | 3720 | 4516 | 4467 |
| Шумораи миёнаи кормандон | 4204 | 4446 | 146 | 228 | 1876 | 1793 | 428 | 462 | 842 | 811 | 912 | 1152 |
| Шумораи сайёҳоне, ки ба онҳо хизмат расонида шудааст (нафар) | 411876 | 434398 | 2954 | 9478 | 116974 | 129085 | 40409 | 30139 | 112014 | 115344 | 139525 | 150352 |
| аз он ҷумла: | | | | | | | | | | | | |
| сайёҳони хориҷӣ | 87431 | 99736 | 1368 | 2777 | 13902 | 20227 | 865 | 994 | 64085 | 49001 | 7211 | 9395 |
| сайёҳони дохилӣ | 324445 | 334642 | 1586 | 6701 | 103072 | 108858 | 39544 | 29145 | 47929 | 66343 | 132314 | 140957 |
| Ҳаҷми умумии даромади субъектҳои хизматрасонии сайёҳӣ, (ҳаз. сомонӣ) | 280352,1 | 366552,5 | 1335,1 | 3302,6 | 77221,6 | 81741,4 | 9121,4 | 20569,3 | 162220,5 | 221848,3 | 30453,5 | 39090,9 |
| аз ҷумла: | | | | | | | | | | | | |
| бевосита аз хизматрасонӣ | 14864,7 | 25573,8 | 51,8 | 274,2 | 1786,4 | 3191,3 | 1365,8 | 796,4 | 11642,6 | 21292,7 | 18,1 | 19,1 |
| дигар намуди даромадҳо | 295216,8 | 392126,2 | 1386,9 | 3576,8 | 79008,0 | 84932,7 | 10487,2 | 21365,7 | 173863,1 | 243141,0 | 30471,6 | 39110,0 |

Ҷадвали мазкур нишон медиҳад соҳаи сайёҳи кишвар дар солҳои охир наон қадар рушд карда истодаст. Дар байни солҳои 2022 то соли 2023 зиёд шудани як ду адад меҳмонхона ва осоишгоҳ ва дар баъзе минтақаҳои кишвар кам гаштани ҳамин шумора аз рушди ноустувори соҳа шаҳодат медиҳад. Ҳарчанд тибқи ҷадвали қаблан овардашуда шумораи сайёҳоне, ки аз Тоҷикистон дидан менамоняд сол то сол зиёд шуда истодааст. Ҳатто солҳои 2022-2023 вобаста ба вазъи сиёсии кишвари Россия шумораи зиёди шаҳрвандони Россия ва Украина ба шаҳри Душанбе сафар карданд. Аксарияти шаҳрвандони ба Тоҷикистон омода аз сабаби кам будани меҳмонхонаҳо, хостелҳо ва хонаҳои иҷоравии мардум макони истиқомати хуб пайдо накарданд ва дар муддати кутоҳ Тоҷикистонро тарк карданд. Аз фурсад ҳамсоя кишварҳои мо манфи хуби молиявӣ ба даст оварданд. Маълум мешавад то андозае шаҳр барои бардошти шумораи зиёди сайёҳони хориҷи шароити зарури надорад.

**Адабиёт**


1. Комилов С.Дж. Развитие инновационного потенциала в условиях формирования конкурентоспособной национальной экономики // Известия Таджикского отделения Международной академии наук высшей школы. — 2013. с. 36–41.

2. Костин И.М., Фасхиев Х.А. Измерение конкурентоспособности предприятий // Менеджмент организации XXI века: Тезисы докл. Междунар науч.-практ. конф. — Наб. Челны: КамПИ, 2001. — с. 115–117
3. Москвина И.А., Моисеева Н.К. Репутация и имидж предприятия как объекта управления в системе маркетинга (теоретические аспекты) // Маркетинг услуг. — 2007. — №2(10). — с. 130–139.
4. Новаторов Э.В., Новицкая В.Д. Модификация и эмпирическая проверка методики измерения качества услуг SERVQUAL применительно к банковским услугам // Маркетинг в сфере финансовых и страховых услуг. — 2012. — № 1. — с. 22–32
5. Газизуллин Ф.Г. Проблемы воспроизводства общественного продукта в эволюции экономической теории // Проблемы современной экономики. — 2014. с. 64.
6. Сельское хозяйство в Республике Таджикистан // Статистический сборник. — Душанбе: Агентство по статистике при Правительстве Республики Таджикистан, 2015. — С. 14, 315–360.
7. Рассчитано по: Статистический ежегодник Республики Таджикистан. — Душанбе, Агентство по статистике при Правительстве Республики Таджикистан, 2015. — С. 334, 338–342.
8. Статистический ежегодник Республики Таджикистан. — Душанбе: Агентство по статистике при Правительстве Республики Таджикистан, 2015. — с. 302.
9. Рассчитано по: Сельское хозяйство в Республике Таджикистан: Статистический сборник. — Душанбе: Агентство по статистике при Правительстве Республики Таджикистан, 2015. — с.131–141.
10. Сельское хозяйство в Республике Таджикистан: Статистический сборник. — Душанбе: Агентство по статистике при Правительстве Республики Таджикистан, 2015. — с. 141, 154.
11. Рассчитано по: Сельское хозяйство в Республике Таджикистан: Статистический сборник. — Душанбе: Агентство по статистике при Правительстве Республики Таджикистан, 2015. — С. 154.
12. Сомонаи расмии Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон https://www.stat.tj/
13. Сомонаи расмии Бонки милли Тоҷикистон https://www.nbt.tj/tj/
14. Сомонаи расмии Кумитаи сармоягузорӣ ва идораи амволии давлатии ҶТ https://investcom.tj/

**Маълумот дар бораи муаллиф:**
**Умаров Атобой Шерафганович** – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, докторанти Ph.D-и кафедраи молиявию иқтисодӣ. Суроға: 734025, ш.Душанбе, Ҷумҳурии Тоҷикистон, хиёбони Рӯдакӣ, 17. Телефон: (+**992) 100-69-22-22.** E-mail: atoboyumarov@gmail.com
**Сведения об авторе:**
**Умаров Атобой Шерафганович** – Таджикский национальный университет докторант Ph.D кафедры мировой экономики. **Адрес:** 734025, г.Душанбе, Республика Таджикистан, проспект Рудаки, 17. Телефон: (+**992) 100-69-22-22.** E-mail**:** atoboyumarov@gmail.com
**Information about the author: Umarov Atoboy Sherafganovich -** Tajik National University Ph.D doctoral student at the Department of World Economics. **Address**: 734025, Dushanbe, Republic of Tajikistan, Rudaki Avenue, 17. Phone: (+**992) 100-69-22-22.** E-mail: atoboyumarov@gmail.com

**УДК: 33 (573.3) - 5**

# ОБЩЕСТВЕННОЕ СОГЛАСИЕ КАК КЛЮЧЕВОЙ ФАКТОР СТРАТЕГИЧЕСКОГО РАЗВИТИЯ В СОЦИАЛЬНО-ЭКОНОМИЧЕСКОЙ СФЕРЕ

**Машокиров Ш.У.**

***Аннотация.*** *В статье анализируется значимость общественного согласия как важного элемента при формировании стратегий социально-экономического развития на уровне регионов. Подчеркивается, что эффективность этих стратегий во многом зависит от учета интересов и мнений различных социальных групп. Рассматриваются подходы и методы, способствующие достижению общественного консенсуса, такие как активное участие граждан в процессе планирования, открытые обсуждения и консультации. Описание успешных примеров из разных регионов иллюстрирует, как вовлечение общественности способствует повышению эффективности и устойчивости стратегий. В заключении делается вывод о необходимости интеграции принципов общественного согласия в процесс разработки и реализации местных стратегий для обеспечения более сбалансированного и гармоничного социально-экономического развития.*

***Ключевые слова:*** *общественный консенсус, социально-экономическое развитие, региональные стратегии, участие граждан, методы планирования, социальные категории, результативность стратегий, устойчивое развитие, консультационные процессы, социальные практики.*

***Для цитирования:*** *Машокиров Ш.У. Общественное согласие как ключевой фактор стратегического развития в социально-экономической сфере/ Ш.У. Машокиров // Паёми молия ва иқтисод. – 2024. – No. 4.2 (43). – С. 340-350.*

# МАҚОМИ РИЗОИЯТИ ҶАМЪИЯТӢ ЧУН ОМИЛИ КАЛИДИИ РУШДИ СТРАТЕГИИ ИҶТИМОӢ-ИҚТИСОДӢ

**Машокиров Ш.У.**

***Аннотатсия:*** *Дар мақола аҳамияти ризоияти ҷамъиятӣ ҳамчун унсури муҳим дар таҳияи стратегияҳои рушди иҷтимоӣ-иқтисодӣ дар сатҳи минтақаҳо мавриди таҳлил қарор гирифтааст. Қайд карда шудааст, ки самаранокии ин стратегияҳо дар бисёр ҳолатҳо аз таваҷҷуҳ ба манфиатҳо ва андешаҳои гурӯҳҳои иҷтимоии гуногун вобаста аст. Роҳҳо ва усулҳо, ки барои ба даст овардани тавофуқи ҷамъиятӣ кӯмак мерасонанд, чун иштироки фаъолонаи шаҳрвандон дар раванди тарҳрезӣ, муҳокимаҳои озод ва машваратҳо баррасӣ шудаанд. Тавсифи намунаҳои муваффақ аз минтақаҳои гуногун нишон медиҳад, ки чӣ гуна иштироки аҳолӣ дар тақвияти самаранокии стратегияҳо кӯмак мекунад ва устувории онҳоро афзоиш медиҳад. Дар натиҷа, интегратсияи принсипҳои розигии ҷамъиятӣ дар равандҳои таҳия ва иҷрои стратегияҳои маҳаллӣ барои таъмини рушди иҷтимоӣ-иқтисодии баробар ва ҳамоҳанг зарур аст.*

***Вожаҳои калидӣ:*** *тавофуқи ҷамъиятӣ, рушди иҷтимоӣ-иқтисодӣ, стратегияҳои минтақавӣ, иштироки шаҳрвандон, усулҳои банақшагирӣ, гурӯҳҳои иҷтимоӣ, самаранокии стратегияҳо, рушди устувор, раванди машваратӣ, амалҳои иҷтимоӣ.*

# PUBLIC CONSENT AS A KEY FACTOR OF STRATEGIC DEVELOPMENT IN THE SOCIAL AND ECONOMIC SPHERE

**Mashokirov Sh.U.**

***Abstract.*** *The article analyzes the importance of public consensus as an important element in the formation of strategies for socio-economic development at the regional level. It is*

*emphasized that the effectiveness of these strategies largely depends on taking into account the interests and opinions of various social groups. Approaches and methods that contribute to achieving public consensus are considered, such as active participation of citizens in the planning process, open discussions and consultations. A description of successful examples from different regions illustrates how public involvement contributes to increasing the effectiveness and sustainability of strategies. In conclusion, a conclusion is made about the need to integrate the principles of public consensus into the process of developing and implementing local strategies to ensure a more balanced and harmonious socio-economic development.*

***Keywords:*** *public consensus, socio-economic development, regional strategies, citizen participation, planning methods, social categories, effectiveness of strategies, sustainable development, consultation processes, social practices.*

**Постановка проблемы.** В условиях глобальных экономических и социальных изменений, стремительных технологических преобразований и повышения социальной неопределенности, обеспечение устойчивого и сбалансированного развития становится одной из главных задач для государств и общества в целом. Одним из ключевых факторов достижения этой цели является общественное согласие**,** которое представляет собой согласование интересов различных социальных групп, бизнеса, государства и гражданского общества. Отсутствие или ослабление общественного согласия может привести к дезинтеграции общества, усилению социальных конфликтов и политической нестабильности, что, в свою очередь, ставит под угрозу долгосрочное стратегическое развитие. В то же время, развитие эффективных механизмов для достижения общественного согласия может стать основой для успешного социально-экономического прогресса, создания условий для устойчивого роста и повышения качества жизни населения.

Таҳқтқотчии дигар профессор Мэриан Шмайдт (Marianne Schmidt) дар муҳокимаҳои худ бар он таъкид мекунад, ки рақамикунонии буҷети давлатӣ метавонад як усул барои ба роҳ мондани шаффофият ва кам кардани коррупсия дар низоми идоракунӣ бошад. Вай таҳлил мекунад, ки дар кишварҳое, ки технологияи электронӣ барои мониторинг ва таҳлил дар низоми буҷетӣ истифода мешавад, сатҳи коррупсия хеле паст аст ва ҳангоми кам кардани хатогиҳо дар амалҳои молиявӣ ва даромадҳо, давлатҳо ба таври самараноктар дар роҳи иҷрои мақсадҳои миллии худ ҳаракат мекунанд. Ӯ пешниҳод мекунад, ки барои рушди муассиртар, системаҳои рақамӣ бояд дар ҳамаи сатҳҳои давлат фаъолона амалӣ шаванд.

Доналд Кой (Donald Koy), як мутахассиси соҳаи таҳлили иқтисодӣ, ба нақши рақамикунонии буҷет дар мутахассисони молиявии давлатӣ ва ислоҳоти тартиботи молиявии давлатҳо эътибор медиҳад. Ба ақидаи ӯ, рақамикунонии буҷет як усули муассир аст, ки барои беҳтар кардани ташкили нақши молиявӣ дар ҷомеа ва равандҳои қабули қарорҳо кӯмак мекунад. Вай ба он ишора мекунад, ки кишварҳо бо истифода аз системаҳои электронӣ метавонанд ҳар як бахши буҷети давлатро бо диққат ва бо интиқод таҳлил кунанд.

Олими дигар профессор Ҳанс-Георг Греф (Hans-Georg Gref), мутахассиси самти рақамикунонии низомҳои иқтисодӣ иброз медорад, ки "...*таҳаввулоти рақамикунонии низоми буҷет ва таъсири он ба мубориза бо коррупсия ва кам кардани хатогиҳо дар таҳияи ҳисоботҳои молиявӣ кӯмак мекунад*". Ӯ таъкид мекунад, ки рақамикунонии буҷет на танҳо дар шаффофият, балки дар баланд бардоштани эътимод байни давлат ва шаҳрвандон нақши муҳим мебозад. Ба назар мерасад, ки бо истифода аз технологии муосир, тамоми ҷараёнҳои молиявӣ ва буҷетӣ метавонанд осонтар ва шаффоф ба амал оянд.

Доктор Юлия М. Холт (Julia M. Holt) дар таҳлилҳои худ ба нақши рақамикунонии буҷет дар беҳтар кардани ҳамоҳангии буҷетҳо ва самаранокии тақсимоти молиявӣ таваҷҷуҳ мекунад. Ба ақидаи ӯ, "...*рақамикунонии буҷет барои давлатҳо кӯмак мекунад, ки манбаъҳои молиявиро дуруст тақсим ва истифода кунанд*". Вай бовар дорад, ки системаи рақамии буҷетӣ метавонад нақши муҳим дар беҳтар кардани ҳадафҳои иқтисодӣ ва рушди устувор дошта бошад, зеро ин система имкони таҳлил ва пайгирии хароҷотҳоро бе раванди дастӣ ва бюрократии маъмулӣ фароҳам меорад.

Профессор Ларс И. Вагнер (Lars I. Wagner) дар таҳлили худ нақши рақамикунонии буҷети давлатиро дар боло бурдани самаранокии идоракунӣ ва тағйирот дар соҳаи иқтисод ба таври илмӣ муарифӣ мекунад. Ба ақидаи ӯ, рақамикунонии буҷет метавонад як ҷузъи муҳими тамоми ислоҳот дар самти идоракунии иқтисодӣ бошад. Вай афзуд, ки ин раванд метавонад на танҳо як усули муфид барои баланд бардоштани самаранокии буҷет бошад, балки ба коҳиш додани вақт ва хароҷот дар ҷараёнҳои молиявӣ низ кумак мекунад.

Аз таҳқиқи олимони Ғар бармеояд, ки рақамикунонии низоми буҷети давлатӣ барои беҳтар кардани идоракунии молиявӣ, кам кардани хатогиҳо ва шаффофият дар амалҳои молиявӣ хеле муҳим аст. Аз рӯи пешниҳодоти онҳо, давлатҳо бояд стратегияи дуруст ва ҳамоҳангшудаи амали рақамикунонии буҷетро роҳандозӣ кунанд, то ки натиҷаҳои мусбӣ дар соҳаи молия ва иқтисод ба даст оранд.

Албатта, қайд кардан ба маврид аст, ки равандҳои ҷаҳонишавии рақамикунонии низоми буҷети давлатӣ дар асри 21 яке аз муҳимтарин масъалаҳо дар рушди иқтисодии кишварҳо ба ҳисоб меравад. Бо суръат расидани ин равандҳо дар замони ҷаҳонишавии иқтисодӣ ва рушди

технологияҳои иттилоотӣ, давлатҳо ба зарурати мутобиқ кардани низомҳои буҷетии худ ба талаботи нав пай бурдаанд. Рақамикунонӣ як абзор барои ислоҳи самаранокии идоракунии давлатӣ, пурра кардани маълумот дар вақти ҳақиқӣ ва беҳтар кардани қароргириҳоро пешкаш мекунад.

Ҷаҳонишавӣ ва рақамикунонии низоми буҷетии давлатӣ имконият медиҳанд, ки давлатҳо на танҳо барномаҳои буҷетиро самараноктар созанд, балки инчунин имкони таҳлил ва пешгӯии муносибатҳои молиявӣ ва иқтисодиро барои оянда дошта бошанд. Барои кишварҳои дар таҳаввул, ин равандҳо ба яке аз роҳҳои асосии ворид кардани таҷрибаҳои муваффақи байналмилалӣ ва адаптатсияи онҳо ба шароити миллӣ табдил ёфтааст. Бо истифодаи технологияҳои муосир, ҳукуматҳо метавонанд равандҳои буҷетиро автоматизатсия кунанд, ки ин ба паст шудани хатогиҳо ва дурустии ҳисобот дар натиҷаи фаъолияти давлатӣ мусоидат мекунад.

Аксар кишварҳо дар ҷаҳонишавии рақамикунонӣ як қадам ба сӯи шаффофият ва масъулиятпазирии молиявӣ мегузоранд. Ба воситаи платформаҳои рақамӣ, маълумоти буҷетӣ, ки қаблан бо мушкилот дастрас мешуданд, акнун ба шаҳрвандон ва олимон осонтар дастрас мешаванд. Рақамикунонии буҷетӣ ба давлатҳо имкон медиҳад, ки сиёсати фискалӣ ва буҷетиро дар асоси маълумоти дақиқ ва таҳлилҳои замонии байналмилалӣ ба роҳ монанд. Бо истифодаи чунин технологиҳо, давлатҳо метавонанд таъсири муассиртаре дар ҷалби сармоягузорон ва инчунин ҳамкории иқтисодӣ бо кишварҳои дигар дошта бошанд.

Ин равандҳо ба манфиати ҳамаи ҷанбаҳои иқтисодиёт, аз ҷумла буҷет, хароҷот, даромадҳо, ва омори молиявӣ мебошанд. Бо истифодаи системҳои рақамии муосир, ҳам ҳукуматҳо ва ҳам шаҳрвандон метавонанд муомилаҳо ва қарорҳо ба таври шаффоф ва дуруст анҷом диҳанд. Ҳамзамон, равандҳои рақамикунонӣ ба давлатҳо кӯмак мерасонанд, ки ба талаботи муосир дар таъмини хидматҳои давлатӣ, назорати молиявӣ ва амалишавии муҳити рақамии навгонӣ ҷавобгӯ бошанд.

Дар баробари он ки ин равандҳо як қадами муҳим дар рушди иқтисодиёти рақамӣ ва инчунин рушди ҷомеаи шаҳрвандӣ ба ҳисоб меравад, онҳо инчунин масъалаҳои нави сиёсӣ ва иҷтимоиро ба миён меоранд. Барои мисол, масъалаи ҳифзи маълумот ва махфияти иттилоот, ки дар низомҳои рақамии давлатӣ барои шаҳрвандон эҳтиёҷ дорад, як ҷолиши ҷиддӣ мебошад. Ҳарчанд рақамикунонии буҷетӣ ва ҷаҳонишавӣ кӯмак мекунад, ки малакаи идоракунии давлатҳо такмил ёбад, вале муаммоҳои нав дар заминаи дарёфт ва истифодаи маълумотҳои иҷтимоӣ ба миён омаданаш аз эҳтимол дур нест.

Ҳамзамон, ба назар мерасад, ки чандин кишварҳо наметавонанд ин равандҳоро бо суръати зарурӣ амалӣ кунанд, зеро ба технологияи муосир ва низомҳои ҳамоҳангшударо барои таҳияи низомҳои буҷетӣ дар чунин муҳитҳо дарозмуддат зарурати озмоиш ва омодагии омӯзишии мустақим доранд. Бо вуҷуди ин, ба назар мерасад, ки омода кардани мутахассисон, мутобиқ кардани заминаи ҳуқуқии зарурӣ ва истифодаи шабакаи рақамии муосир ва шаффоф як қадами асосии ҷалби ҳамкории байналмилалӣ ва таъсиси низоми мукаммал мебошад.




**Расми 2.** Гуруҳбандии низоми равишҳои рақамикунонии буҷети давлатӣ.

Ба назар мерасад, ки рушди системаи рақамикунонии буҷетии давлатӣ, хусусан дар кишварҳои рушдёбанда, ба зиёд шудани ҳамкориҳои байналмилалӣ ва инчунин беҳтар намудани риояи ҳуқуқҳои инсон ва шаффофияти иттилоотӣ мусоидат мекунад. Ба таваҷҷуҳ ба он, ки буҷет як манбаи калидӣ барои рушди миллӣ ва татбиқи стратегияҳои фискалӣ мебошад, ин раванд ба масоили ҳисобот ва мониторинг дар ҳолати таҷдиди низомҳои сиёсӣ ва иқтисодӣ таъсир мерасонад. Вақте ки ниёз ба маълумот ва таҳлилҳо ба талаботи ҷамъиятӣ тобеъ мешавад, ин раванд имконияти пурра ба истифодабарии сохторҳои нави иқтисодӣ ва иҷтимоиро фароҳам меорад.

Таҳқиқи масоили назарияи рақамикунонии низоми буҷети давлатӣ чунин натиҷагирӣ намудан ба маврид аст, ки ин масоил дар асри 21 ҳамчун як ҷузъи муҳими инкишофи иқтисодӣ ва технологӣ ҳисобида мешавад. Табиисти иқтисодии рақамикунонӣ ба манзури беҳтар кардани самаранокии идоракунии маблағҳои давлатӣ ва баланд бардоштани шаффофият мебошад. Рақамикунонӣ имконият медиҳад, ки ниҳодҳои муҳими Тоҷикистон маблағҳоро дар замони воқеӣ мониторинг ва таҳлил кунанд, ки ин ба қарорҳои дуруст ва сарфаи захираҳо кумак мекунад.

**Хулоса.** Таҳқиқотҳои мо ва олимони соҳа собит намуд, ки таърихи таҳаввул ва инкишофи низоми буҷетии рақамӣ бо рушд ва тараққиёти технологияҳои иттилоотӣ алоқаманд аст. Дар оғоз, буҷетҳои давлатӣ танҳо бо воситаи қолабҳои анъанавӣ ва маъмул коркард мешуданд, ки дар онҳо хатогиҳо ва вақтхорӣ зиёд буд. Бо мурури вақт, рушди интернет, хидматҳои облакӣ ва платформаҳои рақамӣ ба инкишофи буҷетҳои рақамии муосир мусоидат карданд.

Равандҳои ҷаҳонишавӣ, ки ба васеъшавии робитаҳои глобалӣ ва рушди технологияҳои иттилоотӣ дахл доранд, низоми буҷетии давлатҳоро маҷбур карданд, ки ба рақамикунонӣ таваҷҷуҳ зоҳир кунанд. Ин равандҳо инчунин кишварҳоро водор карданд, ки ба таҷрибаи байналмилалӣ ва мизони ҷаҳонишавии иқтисодӣ мутобиқ шаванд. Қабул ва амали кардани низомҳои буҷетии рақамӣ дар ҳукуматҳо ва муассисаҳои молиявӣ то як дараҷа ба талаботҳои муосир ва идоракунии электронӣ алоқаманд шудааст.

Назарияи рақамикунонии буҷети давлатӣ аз ҳамгироии технология ва сиёсатҳои молиявӣ шакл мегирад, ки барои беҳсозии самаранокии буҷет ва мутобиқсозии иттилоот дар муҳити муосир зарур аст. Дар айни замон, равандҳои ҷаҳонишавӣ ва рақамикунонии низоми буҷетӣ ба таъмини шаффофият,

масъулиятпазирӣ ва таҳлили дуруст мусоидат мекунад.

**Адабиёт**


1. Алимов А.А. Налоговая реформа и налоговое бремя в условиях переходной экономики Таджикистана / А.А. Алимов, А.М. Маъмуров // Научное обозрение. Серия 1: Экономика и право. – 2011. – №6. – С. 278-284.
2. Икромӣ Ф.Н. Масъалаи арзёбии хароҷоти буҷети давлатӣ барои соҳаи маориф дар Ҷумҳурии Тоҷикистон / Икромӣ Ф.Н., Шарифзода Б.Х. // В сборнике: Механизми идоракунии молияи давлатӣ дар раванди рушди босуботи инноватсиониву индустриалии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Маҷмуаи мақолаҳои илмӣ. Душанбе, 2024. С. 97-106.
3. Икромӣ Ф.Н. Усулҳои ҳисоб намудани андоз аз даромади шахси воқеӣ-резидент дар муассисаҳои буҷетӣ ва ғайрибуҷетӣ / Икромӣ Н.Қ., Икромӣ Ф.Н., Шарифзода Б.Х. // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. 2024. № 12. С. 280-286.
4. Икромов Ф.Н. Муаммоҳои раванди маблағгузории буҷети давлатӣ дар соҳаи маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон / Икромов Ф.Н., Шарифзода Б.Х., Изатуллоев М.Н.// Паёми молия ва иқтисод. 2022. № 3 (32). С. 290-297.
5. Икромов Ф.Н. Динамика дефицита государственного бюджета и вопросы источников его финансирования / Икромов Ф.Н., Шарифзода Б.Х. // В сборнике: Индустриализация национальной экономики: современное состояние, проблемы и перспективы. Материалы международной научно-практической конференции. Душанбе, 2023. С. 182-188.
6. Икромов Ф.Н. Масоили назариявию амалии фонди нафақа дар Ҷумҳурии Тоҷикистон / Давлатмуродов Ш.М., Икромов Ф.Н. // Паёми молия ва иқтисод. 2021. № 1 (25). С. 87-94.
7. Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз 23 декабри соли 2021, №1844. – Душанбе: Шарқи озод, 2022. – 395 с
8. Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030. Бо қарори Маҷлиси Намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1.12.2016, №636 тасдиқ шудааст. – Душанбе, 2016. – 99 с. [манбаи электронӣ]. URL: https://investcom.tj/uploads/strateg 2030.pdf [санаи муроҷиат: 02.06.2022 с].
9. Шамсов И.С. Аҳамияти технологияҳои иттилоотӣ дар рушди фаъолияти мақомоти андоз / Шамсов И.С. // Паёми Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон. 2024. № 1 (51).
10. Мирсаидов, А. Б. Институциональные аспекты трансформации земельных отношений и повышение эффективности аграрного землепользования в Республике Таджикистан / А. Б. Мирсаидов, С. А. Мирсаидов // Формирование финансово-кредитных механизмов обеспечения стабильности и экономического роста с учетом перспектив развития интеграции в ЕАЭС : Материалы международной научно-практической конференции, Москва, 25–26 февраля 2016 года. – Москва: Центральный экономико-математический институт РАН, 2016. – С. 79-84. – EDN WGAUUL.



**Маълумот дар бораи муаллифон: Икромӣ Фазлиддин Нуриддин** – номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсенти кафедраи молия ва суғуртаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Суроға: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17. E-mail: fazliddin-91-91@mail.ru. Тел.: (+992) 981-07-67-67

**Лолахонов Абдуманон Эшонқулович** – докторанти фалсафа (PhD) дар кафедраи фаъолияти гумрукии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Суроға: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 17. E-mail: abdu-manon1999@mail.ru

**Информация об авторах: Икром Фазлиддин Нуриддин** – кандидат экономических наук, доцент кафедры финансов и страхования Таджикского национального университета. Адрес: 734025, Республика Таджикистан, город Душанбе, проспект Рудаки, 17. E-mail: fazliddin-91-91@mail.ru. Тел.: (+992) 981-07-67-67

**Лолахонов Абдуманон Эшонкулович** – докторант (PhD) кафедры таможенной деятельности Таджикского национального университета. Адрес: 734025, Республика Таджикистан, город Душанбе, проспект Рудаки, 17. E-mail: abdu-manon1999@mail.ru

**Information about the authors: Ikromi Fazliddin Nuriddin** - Doctor of philosophy (PhD), Associate Professor, Department of Finance and Insurance, Tajik National University. Address: 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue, 17. E-mail: fazliddin-91-91@mail.ru. Tel.: (+ 992) 981-07-67-67

**Lolakhonov Abdumanon Eshonkulovich** - Doctoral student (PhD) of the Department of Customs Activities of the Tajik National University. Address: 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue, 17. E-mail: abdu-manon1999@mail.ru

**УДК: 336.225**

# МОНЕАҲОИ РУШДИ МИНТАҚА ВА РОҲҲОИ БАРТАРАФ НАМУДАНИ ОН ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Эмомов М.Н.**

*Дар мақола оид ба рушди минтақа сухан рафта, роҳҳои пешрафти онро аз қабили беҳтар намудани муҳити соҳибкорӣ, шароит фароҳам овардан баҳри истифодаи захираҳои маҳаллӣ ҷиҳати пешрафти иқтисодиёт, мусоидати ҳамаҷониба барои ҷалби сармоягузорӣ ва ташкил намудани ҷойҳои нави корӣ муайян намудааст. Инчунин, қайд гардидааст, ки ҳамаи омилҳои дар боло овардашуда метавонад ба паст намудани сатҳи камбизоатӣ ва таъмин намудани хизматрасонии босифати иҷтимоӣ ба аҳолӣ саҳмгузор бошанд.*

*Муаллифи мақола дар асоси таҳқиқи адабиётҳои иқтисодӣ ва санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ тавонистааст, ки монеаҳои ба рушди минтақаҳо таъсиррасонро пурра муайян намояд ва роҳҳои бартараф намудани онро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод намудааст.*

*Дар хулосаи мақола муаллиф мушаххас намудааст, ки дар ҳолати бартараф намудани ин монеаҳо минтақаҳо босуоъат рушд менамоянд.*

***Калидвожаҳо***:*монеаҳо, соҳибкории тиҷоратӣ, самтҳои афзалиятнок, рушди минтақа, рушди устувор, стратегияҳои давлатӣ, субъектони иқтисодӣ, сохтори минтақа, БМРҶТ, хавфҳои сармоягузорӣ.*

***Барои иқтибос:*** *Эмомов М.Н. Монеаҳои рушди минтақа ва роҳҳои бартараф намудани он дар Ҷумҳурии Тоҷикистон/ М.Н. Эмомов// Паёми молия ва иқтисод.- 2024 №4.2 (43) – С. 360-367.*

# ПРЕПЯТСТВИЯ РЕГИОНАЛЬНОГО РАЗВИТИЯ И ПУТИ ИХ ПРЕОДОЛЕНИЯ В РЕСПУБЛИКЕ ТАДЖИКИСТАН

**Эмомов М.Н.**

*В статье говорилось о развитии региона и определены пути его развития, такие как улучшение бизнес-среды, создание условий для использования местных ресурсов для развития экономики, всесторонняя поддержка привлечения инвестиций и создания новых рабочих мест. Также отмечается, что все вышеперечисленные факторы могут способствовать снижению уровня бедности и предоставлению качественных социальных услуг населению.*

*Автору статьи на основе исследования экономической литературы и нормативно-правовых документов удалось в полной мере выявить препятствия, влияющие на развитие регионов, и предложить пути их преодоления в Республике Таджикистан.*

*В заключении статьи автор указал, что в случае преодоления этих препятствий регионы будут развиваться быстрыми темпами.*

***Ключевые слова:*** *препятствия, коммерческое предпринимательство, приоритетные направления, региональное развитие, устойчивое развитие, государственные стратегии, экономические субъекты, региональная структура, СПР, инвестиционные риски.*

# OBSTACLES OF REGIONAL DEVELOPMENT AND WAYS OF OVERCOMING THEM IN THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN

**Emomov M.N.**

*The article talked about the development of the region and defined the ways of its development, such as improving the business environment, creating conditions for the use of local resources for the development of the economy, comprehensive support for*

*attracting investment and creating new jobs. Also, it is noted that all the above factors can contribute to reducing the level of poverty and providing high-quality social services to the population.*

*The author of the article, based on the research of economic literature and regulatory legal documents, was able to fully identify the obstacles affecting the development of regions and proposed ways to overcome them in the Republic of Tajikistan.*

*In the conclusion of the article, the author specified that in case of overcoming these obstacles, the regions will develop rapidly.*

***Keywords:*** *obstacles, commercial entrepreneurship, priority directions, regional development, sustainable development, state strategies, economic subjects, regional structure, MDP, investment risks.*

**Гузориши масъала.** Яке аз мақсадҳои асосӣ ва афзалиятноки рушди иқтисодиёти миллӣ ин таваҷҷуҳ намудани тамоми қишри ҳокимияти давлатӣ ба рушди минтақаҳо мебошад, ки бо равона намудани таваҷҷуҳ ба он масъалаҳои асосии иқтисоди миллӣ роҳи ҳалли худро ба осонӣ пайдо менамояд. Пеш аз ҳама барои бартараф намудани мушкилоти аввалиндараҷа дар иқтисодиёт ин муайян ва ҳал намудани мушкилотҳои минтақаҳои алоҳидаи кишвар мебошад. Яъне, ҳангоми банақшагирии рушди иқтисодиёт ба назар гирифтани мушкилотҳои минтақа ва роҳҳои бартараф намудани он афзалиятҳои рушди малакатро боз ҳам зиёдтар мегардонад. Бинобар ин, рушди минтақа асоси рушди иқтисодиёти кишварро таъмин намуда, бе он пешравии иқтисодиёти миллиро тасаввур намудан ғайриимкон аст.

Ҳар яке аз субъектҳои алоҳидаи иқтисодӣ, аз қабили корхонаҳои истеҳсолию хизматрасонӣ, ки бе маблағгузорӣ ва сармоягузории дохилию беруна фаъолияти мунтазаму самаранок дошта наметавонанд, дар раванди маблағгузорӣ ба монеаҳо дучор мегарданд. Бинобар ин, пайдо намудани роҳҳои бартараф намудани он зарур буда, дар акси ҳол ба пешравии назаррас ноил гаштанашон ғайриимкон мегардад.

**Таҳлили таҳқиқотҳои охир ва нашриёт.** Рушди минтақаҳо ва норасоии маблағгузории он, ҳамчун монеаи рушди иқтисодиёт буда, аз ин бармеояд, ки дар доираи асоси назариявӣ ва таҳлилӣ роҳҳои бартараф намудани он ба таври гуногун пешниҳод шудааст.

Ҳамаи ин ро ба инобат гирифта иқтисодшиносони ватанию хориҷӣ доир ба маблағгузорӣ ба минтақа ва таъмини рушди он корҳои илмӣ – таҳқиқотӣ гузаронида, рушди минтақаро яке аз омили асосии пешбарандаи иқтисоди миллӣ медонанд. Бинобар ин олимони машҳури соҳаи иқтисод Л.Ҳ. Саидмуродов, М.Н. Худоиев, Д.О. Қандиёрова, Т.Н. Назаров, А. Зелль, А.Б. Крутик, М.М. Хайкин сармоягузорӣ ва маблағгузориро ҳамчун омили муҳимтарини рушди тамоми соҳа аз он ҷумла рушди минтақа меҳисобанд.

Дар доираи ин масъала таҳқиқотчиёни зиёди ватанию хориҷӣ корҳои таҳқиқотӣ гузаронидаанд, аммо ин натавонистааст, ки ҳалли масъаларо пурра инъикос намояд. Бо сабаби пешрафти иқтисодиёт ҷараёнҳои нав пайдо мегардад, ки он талаб мекунад то роҳҳои нави рушди минтақа ва ҳалли проблеммаҳои он пайдо карда шавад.

Аз рӯи барномаву стратегияҳои давлатӣ муайян намудан мумкин аст, ки ҳамеша тавассути ҷалби бахши хусусӣ ва ташкилотҳои ғайридавлатӣ суръати рушди иқтисоди миллӣ, аз ҷумла рушди иқтисодиёти минтақаҳои алоҳидаи мамлакатро таъмин намудан имконпазир мегардад. Инчунин, зарур аст ки барои бартарафсозии мушкилоти мавҷуда дар сатҳи минтақа, яъне беҳтар намудани муҳити соҳибкорӣ, шароит фароҳам овардан баҳри истифодаи захираҳои маҳаллӣ ҷиҳати пешрафти иқтисодиёт, мусоидати ҳамаҷониба барои ҷалби сармоягузорӣ ва ташкил намудани ҷойҳои нави корӣ корҳои зиёдеро ба анҷом расондан зарур аст. Ҳамаи ин метавонад ба паст намудани сатҳи камбизоатӣ ва таъмин намудани хизматрасонии босифати иҷтимоӣ ба аҳолӣ саҳмгузор бошад.

**Мақсади мақола**. Маблағгузорӣ ҳамчун маҷмӯи захираҳои молиявӣ дар рушди минтақа накши назаррас дошта, аз ҷумла дар соҳаҳои афзалиятноки он саҳмгузор мебошад. Дар баробари ин якчанд омилҳои таъсиррасоне мавҷуданд, ки дар раванди ҷалби маблағгузорӣ ба он монеа эҷод менамоянд.

Дар ҳақиқат агар мушкилотҳои дар сатҳи минтақабуда ҳал карда шуда, рушди он ба қадри кофӣ таъмин карда шавад, он гоҳ гуфтан мумкин аст, ки иқтисодиёти мамлакат низ ба пешравиҳои назаррас ноил гардидааст. Чунки, минтақа ҳамчун ячейкаи мамлакат ва иқтисодиёти минтақа бошад зерсохтори иқтисодиёти миллӣ ба ҳисоб меравад. Бинобар ин манбаъҳои иқтисодии минтақа асоси иқтисодиёти миллиро ташкил медиҳанд.

**Муҳтавои асосии мавод.** Бояд қайд намуд, ки барои рушди иқтисодиёти минтақа захираҳо ва имкониятҳои дохилӣ бояд самаранок ва оқилона истифода бурда шавад. Чунки самаранок истифода намудани захираҳои дохилии минтақа ба баланд бардоштани иқтидорҳои истеҳсолӣ заминагузор буда, барои ҳал намудани мушкилотҳои мавҷудаи минтақа аз қабили кам будани ҷойҳои кории холӣ, сифати пасти хизматрасонии иҷтимоӣ, баланд будани сатҳи камбизоатӣ ва ғайра саҳми арзандаи худро мегузорад.

Тибқи ақидаи Велкова В.А. рушди минтақавӣ – ин режими фаъолияти минтақа мебошад, ки ба динамикаи мусбати тамоми параметрҳои асосии сатҳи зиндагӣ нигаронида шудааст, ки бо такрористеҳсоли устувор ва мутавозини иқтидори хоҷагидорӣ, захиравӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ-демографӣ таъмин карда мешавад[4].

Дар Барномаи миёнамуҳлати рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021–2025 оварда шудааст, ки "Манбаъҳои иқтисодии фаъолияти мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатиро замин, сарватҳои зеризаминӣ, об, ҷангал, оламӣ набототу ҳайвонот ва дигар боигариҳои табиӣ, ки дар воҳидҳои марзию маъмурии дахлдор воқеанд, ҳамчунин моликияти коммуналӣ ва дигар шаклҳои моликият низ, ки сарчашмаи даромади мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва қонеъ гардонидани талаботи иҷтимоию иқтисодии аҳолии воҳидҳои марзию маъмурии дахлдор мебошанд, ташкил медиҳанд" [8].

Чи тавре ки Каримова М.Т иброз медорад: "Тақсимоти кунунии иқтидори иқтисодӣ дар Тоҷикистон ба талаботе, ки барои таъмини рушд ва рушди устувори кишвар ҳамчун низоми мустақили иқтисодӣ заруранд, бинобар мавҷудияти деформатсия дар сохтори иқтисоди миллӣ ҷавобгӯ нест"[7].

Ба ҳамаи ин, яъне, оқилона ва самаранок истифода намудани захираҳо сатҳ ва сифати дониши мутахассисони маҳаллӣ нақши асосӣ дорад. Тадбирҳои андешидашуда баҳри боз ҳам хубтар намудани шароити зисти аҳолӣ, ташкил ва таъсис додани корхонаҳои нави истеҳсолию хизматрасонӣ, баланд намудани сифати хизматрасониҳо, ташкил намудани ҷойҳои нави корӣ ва паст намудани сатҳи камбизоатии аҳолӣ равона гардидааст.

Вобаста ба ин Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон қайд намудаанд, ки "Дар давраи минбаъда рушди сармояи инсонӣ ва беҳтар намудани сифати хизматрасониҳои бахши иҷтимоӣ, саноатикунонии босуръати кишвар ва тавсеаи шуғли пурмаҳсул, рушди «иқтисоди сабз» ва иқтисоди рақамӣ ҳамчун ҳадафу афзалиятҳои рушди иқтисоди кишвар муайян гардидаанд" [1].

Боиси қайд аст, ки дар солҳои минбаъда дар назди бахши иқтисодӣ вазифаҳои зиёде гузошта шудааст, ки дар ҳолати саривақт иҷро намудани он ба ҳадафҳои дар пешгузошташуда мерасад. Дар ҳақиқат баланд бардоштани рақобатнокии иқтисоди миллӣ ва таъмин намудани рушди устувор вазифаи аввалиндараҷа ба ҳисоб рафта, ҳадафҳои боқимонда аз қабили афзоиш додани ҳиссаи табақаи миёнаи аҳолӣ ва расидан ба сатҳи рушди иҷтимоиву иқтисодии кишварҳои даромадашон миёна, дар натиҷаи иҷрои саривақтии вазифаи аввал таъмин карда мешаванд.

Барои расидан ба ҳадафҳо ва вазифаҳои дарпешгузошта, инчунин ҳадафҳои дар барномаҳои махсуси соҳавӣ дарҷшуда ҳар як масъулинро зарур аст, ки ба омилҳои таъсиррасони беруна ва дохилӣ

аҳамияти хоса зоҳир намуда, хусусиятҳои мусоидаткунанда ва маҳдудкунандаи рушдро дақиқ муайян намоянд. Ин гуна муайянкунӣ тавассути SWOT- таҳлил доир ба самтҳои асосии рушд ба амал баровварда мешавад, ки онро дар ҷадвали 1 дидан мумкин аст.

**Ҷадвали 1. Таҳлили вазъият дар минтақаҳо (SWOT)**

| Тарафҳои қавӣ | Тарафҳои заиф |
|---|---|
| − Мавҷуд будани захираҳои табиӣ, аз ҷумла канданиҳои фоиданок;<br>− Шароити хуби иқлими барои рушди зироатҳои растанипарварӣ ва боғдорӣ;<br>− Мавҷуд будани талабот ба маҳсулоти кишоварзӣ дар бозори дохилию берунӣ;<br>− Мавҷуд будани захираҳои меҳнатии озод дар шаҳр;<br>− Мавҷуд будани мавзеъҳои диққатҷалбкунанда;<br>− Вуҷуд доштани ёдгориҳои таърихӣ ва фарҳангӣ;<br>− Дастрас будани инфраструктураи аввалиндараҷа;<br>− Мавҷуд будани коммуникатсияи роҳи оҳан ва ҳавоӣ бо бозорҳои бузург;<br>− Иқтидори нигоҳдошташудаи қувваи кории соҳибихтисос;<br>− Мавҷуд будани қувваи кории соҳибихтисос;<br>− Захираҳои замин;<br>− Қувваи кории нисбатан арзон; | − Маҳдуд будани имконият барои омӯзиш ва коркарди захираҳои табиӣ;<br>− Ба иқтидори пурра кор накардани корхонаҳои саноатӣ ва шумораи маҳдуди корхонаҳои хурду миёна;<br>− Набудани ҷойҳои кории зарурӣ ва музди меҳнати ночиз;<br>− Сатҳи баланди бекорӣ;<br>− Ҳиссаи ночизи соҳаҳои инноватсионии саноат дар сохтори иқтисод;<br>− Сатҳи пасти рақобатпазирии маҳсулоти бештари истеҳсолшаванда;<br>− Дастрасии маҳдуд ба захираҳои молиявӣ<br>− Фоизи баланди захираҳои қарзӣ дар низоми бонкӣ;<br>−Фарсуда ва корношоям будани таҷҳизотҳои корхонаҳои саноатию КАС;<br>−Дар ҳолати бад қарор доштани роҳҳои дохилӣ, дастрас набудан ба интернет, нарасидани барқ;<br>−Норасогии оби нӯшокӣ ва полезӣ;<br>−Норасогии инфрасохтори муосири сайёҳӣ. |
| **Имкониятҳо** | **Хатарҳо** |
| − Васеъ намудани заминҳо ва бунёди боғҳои нав аз ҳисоби заминҳои назди соҳилӣ;<br>− Дар доираи барномаҳои соҳавӣ беҳтар намудани инфрасохтори соҳаҳои иҷтимоӣ;<br>− Ташкили шароити мусоид барои рушди соҳибкории хурду миёна;<br>− Ҷалби сармояи хориҷӣ дар доираи Созишномаҳои байниҳукуматӣ;<br>− Ҳаҷми назарраси интиқоли маблағ аз ҷониби муҳоҷирон;<br>− Захираҳои назарраси фароғатӣ;<br>− Дастгирии ислоҳот ва барномаҳо аз ҷониби ҳамёрони рушд дар соҳаҳои афзалиятнок;<br>− Беҳтар шудани муҳити сармоягузорӣ дар минтақа ва афзоиши мутаносиби соҳибкорӣ. | − Баста шудани сарҳад ва ба миён омадани мунокишаҳои наздисарҳадӣ;<br>− Обхезии дарёҳо ва шуста шудани заминҳои назди соҳил, таъсири офатҳои табиӣ;<br>− Таъсири бӯҳрони молиявию иқтисодӣ ба рушди корхонаҳо;<br>−Аз бозорҳои калон ва марказҳои логистикӣ дур будани минтақаҳо;<br>−Хароҷоти калони нақлиётӣ ҳангоми ҳамлу нақли дохилӣ;<br>−Вобастагӣ аз воридоти нерӯ;<br>−Таҳдид ба амнияти озуқаворӣ (вобастагӣ аз воридоти маҳсулоти асосии озуқаворӣ);<br>−Рафтани кадрҳои соҳибихтисос;<br>−Офатҳои табиӣ;<br>−Кам шудани интиқоли сармоя аз ҳисоби муҳоҷирони меҳнатӣ. |

Сарчашма: таҳияи муаллиф дар асоси Барномаи миёнамӯҳлати рушди иҷтимоию иқтисодии вилояти Суғд барои солҳои 2016-2020, Барномаи рушди иҷтимоию иқтисодии ноҳияи Рашт барои солҳои 2017-2020, Барномаи рушди иҷтимоию иқтисодии шаҳри Панҷакент барои солҳои 2016-2020, Вазъи иҷтимоию иқтисодии шаҳри Кӯлоб.

Аз рӯи ҷадвали муайян намудан мумкин аст, ки дар минтақаҳои гуногуни кишвар тарафҳои қавӣ ва имкониятҳо зиёд буда, барои рушд додани соҳаи иқтисодӣ ва иҷтимоии минтақа ва мамлакат саҳмгузор шуда метавонанд. Аммо бар замми ин тарафҳои заиф ва хатару таҳдидҳо низ зиёд ба чашм мерасанд, ки бартараф кардани онҳо метавонад ба фоидаи кор бошад. Масъалаҳое, ки ба тарафҳои қавӣ оварда шудаанд, асосан ба самти кишоварзӣ, саноат, сайёҳӣ, сармоягузорӣ, молиявӣ ва ғайра тааллуқ доштa, дар он ҷо имкониятҳои истифодаи онҳо низ оварда шудааст. Масъалаҳои тарафи заиф ва хатарҳо бошад ба монанди тарафи қавӣ ҳаст, аммо дар он ҷо камбудиҳои ин самт бо хатарҳои он муайян карда шудааст.

Бо вуҷуди он ки сатҳи иқтисодию иҷтимоии мамлакат рӯз аз рӯз боло рафта истодааст, аммо масъалаҳои ҳалношуда ва қисман ҳалшуда дар ин сатҳ то ба ҳол боқӣ мондааст. Яке аз масъалаи муҳим ин дар сатҳи муайян баланд бардоштани сатҳи некӯаҳволии аҳолӣ мебошад, ки ин на танҳо аз дастгирии давлатӣ вобаста аст, балкӣ ташкили соҳибкории хурду миёна ва ташкили ҷойҳои кории холӣ низ ба ин таъсири бевосита расонида метавонад.

Дар баробари ин дигар масъалаҳои иҷтимоиву иқтисодӣ низ вуҷуд доранд, ки онҳо бахри ҳал ба дастгирии давлатӣ ва сармоягузорӣ ниёз доранд. Ба ин масъалаҳо беҳтар гардонидани нишондиҳандаҳои тандурустӣ ва маориф, таъмини рушди устувори иқтисодӣ, суръат бахшидан ба рушди бахшҳои алоҳидаи афзалиятнок, ҳифзи муҳити зист ва ғайра дохил мешаванд.

Монеаи асосие, ки ба паст шудани суръати афзоиши иқтисодиёти мамлакат таъсири амиқи худро расонида метавонад, ин иқтисодиёти ҷаҳон мебошад. Чунки паст шудани суръати афзоиши он ба пастшавии суръати рушди иқтисодии мо низ бетаъсир намемонад. Ин таҷрибаро дар солҳои охир аксарияти давлатҳои ҷаҳон мушоҳида намуданд ва ба онҳо ҳушдор дод то аз чораҳои муҳофизатӣ истифода намуда, бештар ба сармоягузории дохилӣ таваҷҷуҳ зоҳир намоянд. Бар замми ҳамаи ин таъсири иқтисодиёти ҷаҳон ба баъзе масъалаҳои иқтисодӣ аз қабили аз давлат баромадани захираҳои молиявӣ, коҳиш ёфтани интиқоли маблағ аз хориҷа, боло рафтани фоизи қарзи бонкҳо ва ғайра бетаъсир намемонад.

Ҳоло рушди минтақаҳои кишвар нобаробар амалӣ шуда истодааст, ки сабабҳои асосии он ҷойгиршавии нобаробари захираҳои табиӣ, фарқият дар шароити иқлимӣ, ҳаҷми ҷалби сармоя ва сармоягузорӣ, даромади аҳолӣ, мавқеи минтақаҳо дар иқтисодиёти миллӣ ва шохиси рушди неруи инсонӣ ба ҳисоб меравандi[3].

Дар ҳақиқат ба сохтори минтақа омилҳои гуногун таъсири худро расонида метавонанд, ки ба инҳо пеш аз ҳама ҷойгиршавии минтақа аз ҷиҳати ҷуғрофӣ, соҳаҳои иқтисодии махсуси ба ҳамин минтақа вобасташуда, шароити мусоиди минтақа оид ба ягон самти истеҳсолӣ ё хизматрасонӣ ва ғайраро дохил намудан мумкин аст.

Чи тавре ки дар Барномаи миёнамуҳлати рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021–2025 қайд гардидааст: "Рушди минтақаҳои мамлакат яке аз самтҳои бунёдии пешбурди ислоҳоти иқтисодӣ ба ҳисоб рафта, ҳамчун заминаи устувор дар таъмини дараҷаи зарурии амнияти энергетикӣ ва озуқаворӣ, рушди имкониятҳои инфрасохторию коммуникатсионии мамлакат ва фарогир кардани шуғли пурмаҳсул дар саросари кишвар арзёбӣ мегардад" [3].

Асоси сохтори имрӯзаи иқтисодиёти минтақаро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон асосан соҳаи кишоварзӣ ташкил менамояд. Ҳарчанд ки самти иқтисодиёти имрӯзаи мо ба аграрию саноатӣ равона карда шудааст, аммо то ба ҳол самти аграрӣ бартарии зиёдро дорост. Аммо, саноат низ бо маром рушд намуда истодааст, ки ин асосан дар самти саноати истихроҷи маъдан бартарии бештар дорад. Чунки захираҳои табиии кишвар ба андозаи зарурӣ кофӣ буда, ҳатто он барои таъмини талаботи минтақа ва ҷаҳон равона карда мешавад.

Дар аксарият соҳаҳои дар шароити минтақаҳои алоҳидаи ҷумҳурӣ амалкунанда, новобаста аз он ки он ба истеҳсолот, хизматрасонӣ ё ягон фаъолияти дигар машғул аст, нарасидани технологияҳои инноватсионӣ мушоҳида мегарданд. Дар

шароити имрӯза, ки рушди босуръати иқтисодиёт дар ҷараён аст, технологияи инноватсионӣ метавонад заминагузор ва омили асосии рушди он бошад. Чунки, дар солҳои охир таваҷҷуҳи ҳукумати мамлакат ба саноатикунонии босуръат равона гардидааст ва ҳамаи ин талаботро ба технология боз ҳам зиёд мегардонад. Дар акси ҳол фаъолияти ин соҳаҳоро ба талабот ва вазъи бозори дохилӣ, минтақавӣ ва ҷаҳонӣ ҷавобгӯй намудан мушкил аст.

Ба ақидаи Горбова И.Н. шарти муҳими самаранокӣ ва таъмини устувории иқтисодии давлат мавҷудияти фазои ягона дар иқтисодиёт мебошад. Барои рушд, нигоҳдорӣ ва ташаккули он мақомоти минтақавӣ ва марказӣ вазифадоранд, ки ҷиҳати таъмини амнияти дохилии бозор, низоми умумии пулии давлат ва тамоми шабакаҳои инфрасохторӣ маҷмӯи тадбирҳо андешанд. Инҳо системаҳои гуногуни алоқа, нақлиёт ва энергетикиро дар бар мегиранд[5].

Дар ҳақиқат андешидани тадбирҳо оид ба иқтисодиёти миллӣ ва иқтисодиёти минтақавӣ ва тақвият додани он аз тарафи мақомоти ҳокимияти маҳаллӣ фазои мусоидро ба тамоми соҳибкорон, сармоягузорон ва ташаббускорон ба вуҷуд меорад. Субъектони номбаршуда метавонанд дар зери тадбирҳои андешидашуда ҳамчун шахсони ташаббускор баромад намуда, барои истифодаи имкониятҳои минтақаҳои алоҳидаи ҷумҳурӣ кӯшиш ба харҷ диҳанд ва дар ин замина ташкили ҷойҳои кории бештарро ба вуҷуд оранд.

Бо максади мунтаззам нигоҳ доштани вазъияти муътадили иқтисодию иҷтимоӣ дар минтақа пеш аз ҳама таъмин намудани он ҷо бо маводи озукаворӣ ва махсулоти нимтайёру тайёр лозим буда, инчунин низоми молиявиро низ дар сатҳи баланд нигоҳ доштан зарур мебошад.

Яке аз проблеммаи асосӣ ва назаррас ин дар сатҳи махал ба қадри зарурӣ рушд наёфтани соҳибкории истеҳсолӣ ва хизматрасонӣ мебошад, ки баҳри ҳал намудани ин ҳатман дастгирии давлатии соҳибкорӣ аз ҷумла самтҳои афзалиятноки он дар маҳалҳо зарур мебошад. Яъне, дар сатҳи маҳал соҳибкории тиҷоратӣ ба қадри зарурӣ рушд намудааст ва бояд қайд намуда, ки онро бевосита шахсони алоҳида бе дастгирии давлатӣ низ метавонанд ба роҳ монанд. Аммо, махсусан барои ташкил намудани соҳибкории истеҳсолӣ ҳатман дастгирии давлатӣ зарур мегардад. Чунки, давлат метавонад ба воситаи додани имтиёзҳои андозӣ, дастгирии молиявӣ ба воситаи маблағгузориҳои буҷавӣ, ташкили фондҳои махсус барои рушди соҳибкории истеҳсолӣ ва додани имтиёзҳо барои қарз ба рушди ин таъсиргузор бошад.

Чи тавре ки маълум аст, соҳибкории истеҳсолӣ ин фаъолияти иқтисодие, ки ба субъектҳои иқтисоди бозорӣ манфиати зиёд оварда, ба болои нархи мол арзиши иловаро зам мегардонад. Мақсади асосии он истеҳсоли мол буда, барои ба даст овардани даромади зиёд ба истеъмолкунандагон пешниҳод карда мешавад. Бинобар ин, тамоми сармоягузорон барои сармоягузорӣ намудани соҳибкории истеҳсолӣ ҳавасмандии бештар доранд. Давлат низ барои пешрафт ва тараққиёти иқтисодиёти худ, аз ҷумла дар сатҳи минтақа ба ин намуди соҳибкорӣ таваҷҷуҳ зоҳир менамояд.

Талаботи замони муосир, ки вобаста ба шароит иқтисодиёти бозаргонӣ ташкил карда мешавад, аз ҳар як низоми идоракунӣ талаб менамояд, ки низоми самарабахши рушди иқтисодиётро ба амал бароранд. Дуруст ба роҳ мондани ин низом аз рушди минтақаҳои кишвар вобастагии зиёд дошта, дар навбати худ он метавонад ба рушди минтақаҳо заминаи устувор гузорад. Вобаста ба ин зарур аст ки хусусиятҳои хоси ҳар як минтақаи алоҳидаи кишвар, инчунин имкониятҳо ва бартариятҳои онҳо ба инобат гирифта шавад. Яъне, ҳангоми алоқаи байниякдигарии иқтисодиёти миллӣ бо иқтисодиёти минтақаҳо пешбурди ҳамаҷонибаи иқтисодиётро таъмин намудан мумкин аст.

Дар баробари ин рушди ноустувор ва истифодаи бесамари механизмҳои батанзимдарории иқтисодиёти бозаргонӣ ва диверсификатсияи сусти истеҳсолот метавонад ба таъсири манфӣ расонад.

Новобаста аз ин, ҳоло ҳам хавфҳои сармоягузорӣ ва соҳибкорӣ ҳанӯз дар сатҳи баланд боқӣ мемонанд. Аксари вақт соҳибкорон бо мушкилоти асосии зерин рӯ ба рӯ мешаванд:

- норасоии захираҳои молиявӣ, мукаммал набудани механизмҳои дастгирии молиявию қарзӣ ва суғуртаи хавфҳои соҳибкорӣ, шароитҳои номусоиди қарздиҳӣ, рушди нокифояи механизми лизинг;
- дастрасии маҳдуди субъектҳои фаъолияти соҳибкорӣ ба корхонаҳои истеҳсолӣ ва биноҳои бекорхобидаи корхонаҳо;
- номукаммалии қонунгузории андоз, самарабахш набудани назорати андоз;
- баланд будани фоизи қарзҳои бонкӣ ва кӯтоҳ будани мӯҳлати баргардонидани онҳо (махсусан дар самти соҳибкории истеҳсолӣ);
- мушкилоти алоқаманд бо таъмини боэътимоди корхонаҳои истеҳсолӣ бо нерӯи барқ ва дигар захираҳои нерӯ, бахусус дар фасли зимистон.
- сатҳи баланди ришвахӯрӣ ва монеаҳои назаррас дар системаи иҷозатномадиҳӣ;
- хусусияти ҷазодиҳандагӣ доштани расмиёти тафтишҳо;
- кам будани бизнес - инкубаторҳо;
- мавҷуд набудани ҳифзи иҷтимоии боэътимод ва амнияти соҳибкорон[2].

Ташаккули фазои мусоиди сармоягузорӣ аз бисёр омилҳо вобаста аст, аз қабили таъмини нерӯи барқи минтақа, иқтидори бозори дохилӣ, таъмини инфрасохтори минтақа, мавҷудияти шабакаи васеи коммуникатсионӣ (нақлиёт, алоқа, технология), мавқеъи ҷуғрофӣ (масалан, вазъи сарҳадии минтақа), истеҳсолӣ, иқтидори молиявӣ, вазъи демографии минтақа, сатҳи маърифат ва фарҳангии аҳолӣ, фароҳам овардани заминаи устувори ҳуқуқӣ, ташаккули андозу қарзи мусоид, муҳити зист (дар назар дорад, ки омилҳои номбаршуда ба омилҳое монананд, ки дар маҷмӯъ фазои сармоягузории кишварро тавсиф мекунанд) [9].

Мушкилоти асосии рушди фазои ягонаи иқтисодӣ ва иҷтимоӣ бартараф кардани бӯҳрони ҷаҳонии молиявию иқтисодӣ, тағйирёбии низоми пулӣ, таъмини устувории пули миллӣ мебошад. Рушду ташаккули бозори меҳнат ва танзими шуғли аҳолӣ дар байни минтақаҳо низ аҳамияти хоса пайдо мекунад[5].

Ба ақидаи Гранберг А.Г. хусусиятҳои асосии сифатии минтақаҳои мушкилотдор инҳоянд:

1. Бӯҳрони мушаххасе, ки дар зуҳуроти ин ё он проблемаи асосӣ ба вазъи иҷтимоию иқтисодии кишвар, суботи сиёсӣ ва мувозинати иқтисодӣ таҳдид мекунад;
2. Мавҷуд будани потенсиали захиравӣ (истеҳсолӣ, илмию техникӣ, меҳнатӣ, табиӣ), ки истифодаи онҳо барои хоҷагии халқ махсусан муҳим аст;
3. Аҳамияти махсуси мавқеъи геополитикӣ ва геоиқтисодии минтақа барои манфиатҳои стратегии кишвар;
4. Набудани захираҳои молиявии худ барои ҳалли мушкилоти дорои аҳамияти миллӣ ва ҷаҳонӣ[6].

Ҳалли масъалаҳои мазкур, ки ба баланд бардоштани сатҳи рушди минтақа вобаста ҳастанд, аз доираи салоҳият ва имкониятҳои минтақа берун баромада, дастгирӣ ва маблағгузории он дар сатҳи давлатӣ аҳамияти хоса пайдо мекунад. Бо назардошти ин, масъалаҳо ҳалталаб бо ҷалб ва сафарбаркунии маблағгузориҳои давлатӣ ва хориҷӣ дар сатҳи минтақавӣ роҳи ҳалли худро метавонанд пайдо намоянд.

Инчунин дар як қатор минтақаҳои Тоҷикистон бо сабаби минтақаи кӯҳӣ будан аз оддитарин имкониятҳои рушд бархурдор набуда, ҳатто ба он монеа низ эҷод мекунанд. Ба ин мисол шуда метавонад ҷойгиршавии минтақаҳои аҳолинишин дар баландкӯҳҳо, ки ин дастрасиро ба бозор ва инфрасохтори гуногун маҳдуд месозад. Дар баробари ин иқлими ноустувори кӯҳӣ низ метавонад ба тараққиёти бисёр соҳаҳои афзалиятнок дар ин минтақаҳои аҳолинишини кӯҳӣ халал расонад. Ин минтақаҳо асосан минтақаҳои деҳотнишин буда, дар онҷо одатан сатҳи бекорӣ ва камбизоатӣ баланд мебошад. Бинобар ин аҳолии дар ин минтақа истиқоматкунанда дар бисёр ҳолат ба хизматрасониҳои тиббӣ, маориф ва дигар хизматрасониҳои иҷтимоӣ дастрасии маҳдуд доранд.

Аксарияти камбудиҳои ҷойдошта дар минақаҳои мазкур ин ба хизматрасонии нақлиётӣ ва дар ҳолати хуб қарор надоштани роҳҳо вобастагии зиёд дорад. Чунки, дар ҳолати хуб қарор надоштани роҳ ин ба ҳаракати одамон ва интиқоли молу

маҳсулоти зурурӣ ба ин митақаҳо мушкилӣ меорад.

Дар баробари мушкилотҳои ҷойдошта норасоии барқ низ яке аз проблемаҳои асосӣ дар минтақаҳои номбаршуда мебошад, ки он дар замони муосир метавонад ба рушди аксарияти соҳаҳои афзалиятнок монеаи асосӣ бошад. Зеро ки аксарияти хизматрасониҳои иҷтимоӣ ба қувваи барқ вобаста буда, бе он ташкил намудани нуқтаҳои хизматрасонӣ дар минтақаҳо ғайриимкон аст.

Ин мушкилотҳои ҷойдошта на танҳо ба аҳолии деҳот таъсири манфии худро мерасонанд, балки ҳавасмандии сармоягузоронро нисбат ба сармоягузорӣ ба соҳаҳои гуногуни иқтисодию иҷтимоӣ коста гардонида, барои соҳибкорони маҳаллӣ низ мушкилӣ эҷод менамоянд. Ҳамаи ин ба Маҷмуи маҳсулоти дохилӣ ва буҷети мамлакат ва дар маҷмуъ ба пешрафти иқтисодии мамлакат таъсири манфии худро мерасонад.

## Адабиёт


1. Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон. [захираи электронӣ]. - URL:https://prezident.tj/event_by_theme/internal_politics/national_ develop ment_council/37754 (санаи мароҷиат: 20.08.2024).
2. Барномаи миёнамӯҳлати рушди иҷтимоию иқтисодии вилояти Суғд барои солҳои 2016-2020, С.23.
3. Барномаи миёнамуҳлати рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021–2025, Душанбе – 2021.-С.23.
4. Велкова В.А. Региональное развитие и управление комплексным социально-экономическим развитием дотационного региона// Вестник Чувашского университета. 2009. — №4. Стр.105.
5. Горбова И.Н. Региональные проблемы развития и пути их решения в Российской Федерации. Вестник государственного и муниципального управления №1, 2013 г. С.108.
6. Гранберг А.Г.Основы регионарной экономики: учебник для вузов / 2 изд. М.: «ГУ ВШЭ», 2001.
7. Каримова, М. Т. Проблемы региональной дифференциации в Республике Таджикистан / М. Т. Каримова. - Текст : непосредственный // Актуальные вопросы экономических наук : материалы III Междунар. науч. конф. (г. Уфа, июнь 2014 г.). - Т. 0. - Уфа : Лето, 2014. - С. 146-148. - URL: https://moluch.ru/conf/econ/archive/95/5723/
8. Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ (Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, соли 2004, №5, мод. 339; соли 2006, №11, мод. 472; соли 2009, №12, мод.814, с.2010, №12, қ. 1 мод.800, ҚҶТ аз 19.03.2013с. №960; ҚҶТ аз 22.07.2013с. №1012), Маҷлиси намояндагон 3-юми марти соли 2004 қабул кардааст Маҷлиси миллӣ 29-уми апрели соли 2004 ҷонибдорӣ намудааст. С.9.
9. Павлов К. В. Территориальные особенности развития предпринимательства в разных регионах России. 5(32) – 2006. Региональная экономика: теория и практика. С.31.



**Маълумот дар бораи муаллифон:**

**Эмомов М.Н.** – доторанти (Phd) кафедраи молияи Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон. Суроға: 734067, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, кучаи Нахимов 64/14.

**Информация об авторах:**

**Эмомов М.Н.** - докторант (PhD) кафедры финансов Таджикского государственного финансово-экономического университета. Адрес: 734067, Республика Таджикистан, город Душанбе, улица Нахимова 64/14.

**Information about the authors:**

**Emomov M.N.** - assistant professor (PhD) of the Department of Finance of Tajikistan State University of Finance and Economy. Address: 734067, Republic of Tajikistan, Dushanbe city, Nakhimov Street 64/14.

**УДК: 339.727.3: 339.726**

# АҲАМИЯТИ ИҚТИСОДИИ ҚАРЗДИҲИИ БАЙНАЛМИЛАЛӢ ВА АРЗЁБИИ ТАРКИБИ ГРАНТИИ ОН ДАР ШАРОИТИ МУОСИР

**Тағоев М.Р.**

***Аннотатсия.*** *Дар мақола муаллиф оид ба мафҳуми қарзи байналмилалӣ, хусусият ва аҳамияти иқтисодии он дар шароити муосир шарҳи мухтасар додааст. Қабл аз ҳама дар мақола ҷанбаҳои таърихии ташаккулёбии муносибатҳои қарзӣ низ ифода карда шудаанд. Дар мақола инчунин нақши институтҳои байналмилалии молиявию қарзӣ дар такмили низоми қарздиҳии байналмилалӣ кушода шудаанд. Вобаста ба ин муаллиф аз нақши созгори чанде аз созмонҳои байналмилалӣ ишора кардааст. Ҳамзамон, муаллиф ба сохтори қарзи байналмилалӣ таваҷҷуҳ карда, аҳамияти унсури грантиро дар раванди қарздиҳӣ дар шароити муосир ба риштаи таҳлил кашидааст. Дар ин ҳошия, аз ҷониби муаллиф усули асосии ҳисоби таркиби грантии қарзи байналмилалӣ шарҳ дода шудааст. Таҳлили муаллиф оид ба истифодаи грант ва аҳамияти он дар ҳалли норасоии захираҳои молиявии Ҷумҳурии Тоҷикистон яке аз вижагиҳои мақолаи илмӣ маҳсуб ёфта, аҳамияти калонро соҳиб мебошад.*

***Калидвожаҳо:*** *қарзи байналмилалӣ, қарздиҳандагон, қарзгирандагон, квота, таркиби грантӣ, кумаки расмӣ, меъёрҳои фоизӣ, созмонҳои молиявӣ, иқтисоди миллӣ.*

***Барои иқтибос:*** *Тағоев М.Р. Аҳамияти иқтисодии қарздиҳии байналмилалӣ ва арзёбии таркиби грантии он дар шароити муосир/ М.Р. Тағоев // Паёми молия ва иқтисод.- 2024 №4.2 (43) – С. 368-376.*

# ЭКОНОМИЧЕСКОЕ ЗНАЧЕНИЕ МЕЖДУНАРОДНОГО КРЕДИТОВАНИЯ И ОЦЕНКА ЕГО ГРАНТОВОГО СОСТАВА В СОВРЕМЕННЫХ УСЛОВИЯХ

**Тагоев М.Р.**

***Аннотация.*** *В статье автор даёт краткое разъяснение понятия международного долга, его характеристик и экономического значения в современных условиях. В статье, прежде всего, описываются исторические аспекты формирования долговых отношений. В статье также исследуется роль международных финансово-кредитных институтов в совершенствовании системы международного кредитования. В этой связи автор указывает на координирующую роль ряда международных организаций. При этом автор уделяет особое внимание структуре международного долга и анализирует значение грантового элемента в процессе кредитования в современных условиях. В данной статье автор излагает основной метод расчёта грантовой составляющей международного долга. Авторский анализ использования грантов и его значения в решении проблемы нехватки финансовых ресурсов в Республике Таджикистан является одной из особенностей научной статьи и имеет большое значение.*

***Ключевые слова:*** *международный долг, кредиторы, заёмщики, квота, структура грантов, официальная помощь, процентные ставки, финансовые организации, национальная экономика.*

# ECONOMIC SIGNIFICANCE OF INTERNATIONAL LENDING AND ASSESSMENT OF ITS GRANT COMPOSITION IN MODERN CONDITIONS

***Tagoev M.R.***

*In the article, the author gives a brief explanation of the concept of international debt, its characteristics and economic significance in modern conditions. The article, first of all, describes the historical aspects of the formation of debt relations. The article also examines the role of international financial and credit institutions in improving the system*

*of international lending. In this regard, the author points out the coordinating role of a number of international organizations. At the same time, the author pays special attention to the structure of international debt and analyzes the significance of the grant element in the lending process in modern conditions. In this article, the author presents the main method for calculating the grant component of international debt. The author's analysis of the use of grants and its significance in solving the problem of lack of financial resources in the Republic of Tajikistan is one of the features of the scientific article and is of great importance.*

***Keywords:*** *international debt, creditors, borrowers, quota, grant structure, official aid, interest rates, financial institutions, national economy.*

**Гузориши масъала.** Дар шароити нобаробарии захираҳои молиявӣ дар иқтисодиёти ҷаҳони муосир зарурати ҳамкории тарафайни субъектҳои хоҷагидорӣ ва махсусан давлатҳо тобиши нав пайдо карда истодааст. Ҳамин аст, ки тайи даҳсолаҳои охир ҳаркати сармояи қарзӣ яке аз самтҳои афзалиятноки ҳамкории байни давлатҳо пазируфта шуда, дар ҳошияи он қарзи байналмилалӣ ҳамчун категорияи иқтисодӣ зуҳур мекунад. Дар ин робита, тарафҳои иштирокчии ин раванд бар он мекушанд, ки аз як тараф барои қонеъ кардани талаботи худ захираҳои қарзиро ҷалб намоянд, аз тарафи дигар соҳибони захираҳои қарзӣ ба гирифтани даромади иловагӣ ноил гарданд. Тамоили нав дар рушди додугирифтҳои қарзӣ муайянсозии таркиби грантии қарзҳо ба ҳисоб меравад. Грант ҳачун унсури таркибии қарзи байналмилалӣ ҳамчун унсури дастгирикунандаи қарзгирандагон эътироф мешавад.

**Таҳлили таҳқиқотҳои охир ва нашриёт.** Ҳамаи инро ба инобат гирифта иқтисодшиносони ватанию хориҷӣ доир ба қарздиҳии байналмилаӣ мақолаҳои илмию оммавӣ эҷод карда, ҷалби захираҳои берунии қарзиро яке аз омили асосии рушдбахшии иқтисоди миллӣ медонанд. Дар ин ҷода, як қатор олимони машҳури соҳаи иқтисод Қаюмов Н.Қ., Султонов З.С., Раҳимзода Ш.М., Саидмуродов Л.Ҳ., Исайнов Ҳ.Р., Болоннин Н.Н., Киреев А.П., Красавина Л.Н. қарзгирии байналмилалиро ҳамчун омили муҳимтарини рушди тамоми соҳаҳо аз он ҷумла рушди иқтисоди миллӣ ҳисобида, истифодаи мақсадноки онро шарти муҳим арзёбӣ менамоянд. Бо вуҷуди ин тарафҳои алоҳидаи қарздиҳии байналмилалӣ ва мураккабшавии шартҳо ва таркиби қарзи байналмилалиро мавриди таҳқиқи амиқ қарор додан зарур мебошад.

**Мақсади мақола.** Тахия ва пешниҳоди стратегияҳои мукаммали идоракунии қарзи берунии мамлакат, ки ҷузъи таркибии қарзи байналмилалӣ маҳсуб меёбад, яке аз шартҳои асосии баландбардории самаранокии истифодаи захираҳои қарзӣ маҳсуб меёбад. Дар ин робита муайянсозии андоза ва механизми истифодаи грантҳо низ аз ҷониби давлатҳо ва созмонҳои қарздиҳанда шарти асосӣ баромад мекунад.

**Муҳтавои асосии мавод.** Муносибати байналмилалии қарзӣ яке аз шаклҳои васеи ҳамкории мутақобилаи байни давлатҳо буда, бо додугирифти ду тараф, қарздиҳандагон, аз тарафи якум ва қарзгирандагон, аз тарафи дуюм пайдо мешавад. Феълан, қарзгирӣ ва қарздиҳии байналмилалиро бо натиҷаи рушди бозори дохилии қарзии давлатҳои мутараққии ҷаҳон ва ҳамчун ҷавоб ба зарурати маблағгузории савдои байналмилалӣ фаҳмидан мумкин аст. Мусаллам аст, ки бозори дохилии давлатҳои рушдкарда бо ҳаҷми баланди пасандозгузорӣ ва бозори давлатҳои рӯ ба инкишоф бошад, бо ҳаҷми ками захираҳои молиявӣ (сатҳи пасти пасандозгузориҳо) ба шарикии байниҳамдигарӣ ниёз пайдо менамоянд [4, с.31].

Аз нуктаи назари таърихӣ қарзи байналмилалӣ дар асрҳои XIV-XV дар натиҷаи рушди савдои байналмилалӣ байни Аврупо, Осиё ва баъдан Амрикою Африқо (минтақаҳои шимолӣ) пайдо гаштааст. Чунки маҳз дар ин давра истифодаи васеи роҳҳои баҳрӣ ва хушкӣ ба суръатёбии ҳаҷми боркашонӣ таъсир расонида, ҳамкориҳои зичи истеҳсолии байни давлатҳоро ба вуҷуд овард. Ин ҳолат аз нигоҳи мо, яке аз «фишангҳои асосии аввалини»

сафарбарнамоии сармоя дар байни давлатҳо мебошад.

Аз нуқтаи назари эволютсионӣ, асоси объективии инкишофи муносибатҳои қарзиро бо афзоиши истеҳсолот, суръатёбии равандҳои байналмилалигардонӣ, фаромилаликунонӣ, махсусгардонӣ, кооператсия, дастовардҳои беназири илмию техникӣ, тиҷорати ҷаҳонӣ ва суръатёбии ҷаҳонишавӣ алоқаманд намудан дуруст меояд.

Амалан, ба субъектҳои муносибатҳои байналмилалии қарзӣ қарздиҳандагон ё худ фурушандагони сармояи қарзӣ ва қарзгирандагон-харидорони сармояи қарзиро дохил менамоянд. Қарздиҳандагон ва қарзгирандагони сармояи қарзии байналмилалӣ ғайрирезидент эътироф мешаванд, чунки онҳо дар бозорҳои байналмилалии сармояи қарзӣ амалиёти қарзиро анҷом медиҳанд. Одатан, муносибатҳои қарзии байналхалқӣ ва субъектҳои онҳо манфиатҳои асосии миллиро пайгирӣ намекунанд. Мақсади асосии онҳо, чун қоида, ба даст овардани фоидаи максималӣ мебошад ва аз ин рӯ, муносибатҳои қарзии байналмилалӣ дар шароити беҳтарини имкониятҳои фоидаовар – дар бозорҳои байналмилалии сармояи қарзӣ ташаккул меёбанд. Мақсади қарзи байналмилалӣ бевосита аз субъект вобаста аст. Аз ин рӯ, дар баробари фоида ё ҳатто илова бар он, ҳадафҳо метавонанд сиёсӣ, гуманитарӣ ва ғайра бошанд [2, с.345].

Қарзи байналмилалӣ аслан як намуди категорияи «қарз» буда, амалан дар раванди ҳаракати молҳо, хизматрасониҳо, сармоя, воситаҳои молиявӣ байни субъектони алоҳидаи иқтисодиёти ҷаҳонӣ “миёнаравӣ” мекунад. Қарзи байналмилалӣ бо дигар категорияҳои иқтисодӣ, аз қабили: - фоида, нарх, асъор, қурби асъор, баланси пардохт, касри буҷет ва тамоми маҷмӯи дигар қонунҳои иқтисодии бозор алоқамандии зичу ногусастанӣ дорад [2, с.345].

7. Каримов Б.Ҳ. Таҳлили раванди ислоҳоти низоми баҳисобгирии муҳосибӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон / Б.Ҳ. Каримов // Паёми Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон. – 2022. – № 3 (42). - С. 23-34

8. Қодирова Г.Т. Заминаҳои рушди низоми миллии баҳисобгирии муҳосибӣ дар шароити ҳамгироии иқтисодӣ / Г.Т. Қодирова // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – 2021. - № 6. – С. 92-99

9. Қурбонализода Ҳ.Қ., Шоймардонов С.Қ. Баҳисобгирии истеҳсолӣ ҳамчун унсури баҳисобгирии идоракунӣ дар корхонаҳои саноати хӯрокворӣ / Ҳ.Қ. Қурбонализода, С.Қ. Шоймардонов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – 2024. - № 8. – С. 14-23

10. Минеева Н.Н. Основы бухгалтерского учета в органах государственной власти / Н.Н. Минеева. – Екатеринбург: Изд-во Урал. Ун-та, 2017. – 68 с.

11. Набиев Б.А., Ҳофиззода Ҳ.А. Ҷанбаҳои таърихии ташаккули низоми баҳисобгирии муҳосибӣ дар субъектҳои хоҷагидорӣ / Б.А. Набиев, Ҳ.А. Ҳофиззода // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – 2024. - № 10-2. – С. 97-105

12. Низомов С.Ф., Каримиён, М.Б. Баҳисобгирии воситаҳои асосӣ: қоидаҳои СБҲМ ва Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон / С.Ф. Низомов, М.Б. Каримиён // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – 2023. - № 5. – С. 14-24

13. Хушвахтзода Қ.Х., Каримов Б.Ҳ. Пайдоиш ва рушди баҳисобгирии муҳосибӣ дар олами ислом / Қ.Х. Хушвахтзода, Б.Ҳ. Каримов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – 2020. - № 10. – Қисми 2. - С. 66-71

14. Хушвахтзода Қ.Х., Орзуев П.Ҷ. Хусусиятҳои аудити самаранокии истифодабарии воситаҳои буҷет: пайдоиш, инкишофи назария ва амалияи он / Қ.Х. Хушвахтзода, П.Ҷ. Орзуев // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – 2023. - № 12. – С. 5-15

**Информация об авторе:**
**Давлатзода Мехроджиддин Хайриддин** – Таджикский национальный университет, кандидат экономических наук, доцент, заведующий кафедрой бухгалтерского учета. Адрес: 734025, г. Душанбе, Республика Таджикистан, проспект Рудаки, 17. Телефон: (+992) 986-11-70-70. E-mail: davlatzoda.86@mail.ru

**Маълумот дар бораи муаллиф:**
**Давлатзода Мехроҷиддин Хайриддин** – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент, мудири кафедраи баҳисобгирии бухгалтерӣ. Суроға: 734025, Душанбе, Ҷумҳурии Тоҷикистон, хиёбони Рӯдакӣ, 17. Телефон: (+992) 986-11-70-70. E-mail: davlatzoda.86@mail.ru

**Information about the author:**
**Davlatzoda Mehrodzhiddin Khayriddin** – Tajik National University, PhD in Economics, Associate Professor, Head of the Department of Accounting. Address: 734025, Dushanbe, Republic of Tajikistan, Rudaki Avenue, 17. Phone: (+992) 986-11-70-70. E-mail: davlatzoda.86@mail.ru

**УДК: 33.001.76**

**НАВОВАРИҲО ДАР БИЗНЕСИ БАЙНАЛХАЛҚӢ ВА ТАЪСИРИ ОН БА ИҚТИСОДИЁТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**

**Ҳусайнов М.Н.**
**Обидов У.Ф.**
**Давлатов Н.А.**

***Аннотатсия.*** *Дар мақолаи мазкур муаллифон доир ба навовариҳо дар бизнеси байналхалқӣ ва таъсири он ба иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон бо таври мушаххас баррасӣ гардидааст. Таъсиси низоми инноватсионӣ, пойгоҳи техникию технологии фаъолияти инноватсионӣ раванди беҳад мураккаб ва дарозмуддате мебошад ва аввалан ба неруи кадрӣ вобаста аст. Ҳавасмандгардонии истифодабарии навовариҳо дар истеҳсолот бо муаммои интихоби дурусти онҳо вобастагӣ дорад. Мушкилиятҳои интихоб барои ба истеҳсолот ҷорикунии қарорҳои аз ҷониби ин ё он илм ва техника пешниҳодшаванда аввало дар гуногуншакии таъсири эҳтимолии ҳар як қарори мазкур ба истеҳсолот ифода худро меёбад.*

*Дар иқтисодиёти Тоҷикистон тамоюли тағйири рушди иқтисодиро хусусиятҳои сохтории мамлакат муайян мекунанд, ки дар он вобастагӣ аз воридот ва содироти захираҳо таъсири калон дорад. Пешрафти иқтисодӣ асосан аз тараққии истеҳсолоти кишоварзӣ аз ҳисоби истифодаи амиқи меҳнати дастӣ, афзоиши қарзи хориҷӣ дар сохтмони роҳҳо, нерӯгоҳҳои барқии обӣ ва истифодаи экстенсивии иқтидорҳои захиравӣ вобаста аст, айни замон ба методҳои интенсивӣ, ки рушди инноватсиониро пешбинӣ мекунад, диққати лозимӣ дода намешавад.*

***Калидвожаҳо:*** *инноватсия, бизнеси байналхалқӣ, фаъолияти инноватсионӣ, рушди иқтисодӣ, иқтисодиёти муосир, тараққиёти истеҳсолот, мушкилоти соҳа, ва ҳавасмандгардонии истифодабарии навовариҳо.*

***Барои иқтибос:*** *Ҳусайнов М.Н Навовариҳо дар бизнеси байналхалқӣ ва таъсири он ба иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон/ М.Н.Ҳусайнов, У.Ф.Обидов, Н.А. Давлатов // Паёми молия ва иқтисод.- 2024 №4.2 (43) – С. 386-392.*

**ИННОВАЦИИ В МЕЖДУНАРОДНОМ БИЗНЕСЕ И ИХ ВЛИЯНИЕ НА ЭКОНОМИКУ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН**

**Хусайнов М.Н.**
**Обидов У.Ф.**
**Давлатов Н.А.**

***Аннотация.*** *В данной статье авторы подробно рассмотрели об инновациях в международном бизнесе и их влиянии на экономику Республики Таджикистан. Создание инновационной системы, технико-технологической базы инновационной деятельности является чрезвычайно сложным и длительным процессом и в первую очередь зависит от кадрового потенциала. Мотивация использования инноваций в производстве связана с загадкой их правильного выбора. Проблемы выбора для внедрения в производство решений, предлагаемых той или иной наукой и техникой, выражаются прежде всего в многообразии возможных воздействий каждого данного решения на производство.*

*В экономике Таджикистана тенденцию к изменению экономического развития определяют структурные особенности страны, где зависимость от импорта и экспорта ресурсов оказывает большое влияние. Экономический прогресс в значительной степени обусловлен развитием сельскохозяйственного производства за счет углубленного использования ручного труда, увеличением внешнего долга*

*при строительстве дорог, гидроэлектростанций и экстенсивным использованием резервных мощностей, в настоящее время не уделяется должного внимания интенсивным методам, предусматривающим инновационное развитие.*

***Ключевые слова**: инновации, международный бизнес, инновационная деятельность, экономическое развитие, современная экономика, развитие производства, отраслевые проблемы, и стимулирование использования инноваций.*

## INNOVATIONS IN INTERNATIONAL BUSINESS AND THEIR IMPACT ON THE ECONOMY OF THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN

**Husaynov M. N.**
**Obidov U. F.**
**Davlatov N. A.**

*In this article, the authors discussed in detail the innovations in international business and their impact on the economy of the Republic of Tajikistan. The creation of an innovation system, a technical and technological base for innovation is an extremely complex and lengthy process and primarily depends on human resources. The motivation for using innovations in production is related to the mystery of their correct choice. The problems of choosing solutions proposed by a particular science and technology for the introduction into production are expressed primarily in the variety of possible impacts of each given solution on production.*

*In Tajikistan's economy, the trend towards changing economic development is determined by the structural features of the country, where dependence on imports and exports of resources has a great impact. Economic progress is largely due to the development of agricultural production due to the increased use of manual labor, increased external debt in the construction of roads, hydroelectric power plants and extensive use of reserve capacities, currently not paying due attention to intensive methods involving innovative development.*

***Keywords:** innovation, international business, innovation, economic development, modern economy, production development, industry problems, and stimulating the use of innovation.*

**Гузориши масъала.** Пешрафти иқтисодӣ асосан аз тараққии истеҳсолоти кишоварзӣ аз ҳисоби истифодаи амиқи меҳнати дастӣ, афзоиши қарзи хориҷӣ дар сохтмони роҳҳо, нерӯгоҳҳои барқии обӣ ва истифодаи экстенсивии иқтидорҳои захиравӣ вобаста аст, айни замон ба методҳои интенсивӣ, ки рушди инноватсиониро пешбинӣ мекунад, диққати лозимӣ дода намешавад.

**Таҳлили таҳқиқотҳои охир ва нашриёт.** Фаъолнокии инноватсионии муосир дар корхонаҳои мамлакатҳои пасошӯравӣ, аз ҷумла дар Тоҷикистон аз давраи шӯравӣ фарқи бунёдӣ дорад. Агар дар давраи шӯравӣ инноватсияҳо дар дохили корхона бо ҷалби пажӯҳишгоҳҳои илмӣ коркард шаванд, алҳол аксарияти субъектҳои иқтисодиёт афзалиятро ба истифодаи маҳсулоти тайёри инноватсионӣ, ки аз хориҷа гирифта шудааст, медиҳанд. Вале ба сабаби гаронии қимат технологияю техникаи воридотӣ суст ҷорӣ карда мешаванд, ки дар ниҳояти кор боиси коҳиши рақобатпазирии корхонаҳо мегардад.

**Мақсади мақола-** Рушди инфрасохтори инноватсионӣ, дар ниҳояти кор, тақозои таъмини ҳамкории зичи илм бо истеҳсолот, ҷорӣ намудани хулосаҳои илмии тадқиқоти бунёдӣ ва амалӣ дар таҷриба мебошад. Маҳз дар ҷанбаҳои мазкур дар иқтисодиёти Тоҷикистон норасоиҳо ба чашм мерасанд, яъне илми мо, муассисаҳои таҳсилоти олӣ ва бахши истеҳсолӣ ҳар кадом ба сари худ инкишоф мекунанд, муносибатҳои зичи мутақобила надоранд.

**Муҳтавои асосии мавод.** Таҳқиқот фарогири ҷанбаҳои назариявии навовариҳо

дар бизнеси байналхалқӣ ва таъсири он ба иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон бо таври мушаххас баррасӣ гардидааст. Таъсиси низоми инноватсионӣ, пойгоҳи техникию технологии фаъолияти инноватсионӣ раванди беҳад мураккаб ва дарозмуддате мебошад ва аввалан ба неруи кадрӣ вобаста аст. Ҳавасмандгардонии истифодабарии навовариҳо дар истеҳсолот бо муаммои интихоби дурусти онҳо вобастагӣ дорад.

Таъсиси низоми инноватсионӣ, пойгоҳи техникию технологии фаъолияти инноватсионӣ раванди беҳад мураккаб ва дарозмуддате мебошад ва аввалан ба неруи кадрӣ вобаста аст. Ҳавасмандгардонии истифодабарии навовариҳо дар истеҳсолот бо муаммои интихоби дурусти онҳо вобастагӣ дорад. Мушкилиятҳои интихоб барои ба истеҳсолот ҷорикунии қарорҳои аз ҷониби ин ё он илм ва техника пешниҳодшаванда аввало дар гуногуншакии таъсири эҳтимолии ҳар як қарори мазкур ба истеҳсолот ифода худро меёбад.

Дар иқтисодиёти Тоҷикистон тамоюли тағйири рушди иқтисодиро хусусиятҳои сохтории мамлакат муайян мекунанд, ки дар он вобастагӣ аз воридот ва содироти захираҳо таъсири калон дорад. *«Мо инкишофи устувори минбаъдаи кишварро дар шакли индустриалӣ ва инноватсионӣ пешбинӣ карда, барои баланд бардоштани самаранокии истифодаи захираву имкониятҳо дар ҳамаи соҳаҳои ҳаёти иқтисодиву иҷтимоӣ талош менамоем ва ҷиҳати роҳ надодан ба осебпазирии иқтисоди миллии кишвар дар давраи дарозмуҳлат тадбирҳои алоҳидаро амалӣ карда истодаем».*[1].

Дар инҷо мавқеи Тоҷикистонро аз рӯи динамикаи фаъолнокии инноватсионӣ, ки дар ҳисоботи Созмони умумиҷаҳонии моликияти зеҳнӣ дар байни мамлакатҳои ИДМ (World Intellectual Property Organization, WIPO) чоп шудааст, баррасӣ мекунем.

Ҷадвали 1. Рейтинги рушди инноватсионии баъзе мамлакатҳои фазои пасошӯравӣ дар соли 2018

| Кишварҳо | Рушди инноват. (хол) | Рейтинг дар миқ.ҷаҳ. | Гурӯҳбандӣ аз рӯи даромад | Мавқеи манотиқ |
|---|---|---|---|---|
| Эстония | 50.51 | 24 | Баланд | Аврупо |
| Латвия | 43.18 | 34 | Баланд | Аврупо |
| Литва | 41.19 | 40 | Баланд | Аврупо |
| Украина | 38.52 | 43 | Поён аз миёна | Аврупо |
| ФР | 37.90 | 46 | Болотар аз миёна | Аврупо |
| Молдова | 37.63 | 48 | Поён аз миёна | Аврупо |
| Арманистон | 32.81 | 68 | Поён аз миёна | Осиёи ғарбӣ |
| Казоқистон | 31.42 | 74 | Болотар аз миёна | Осиёи марказӣ |
| Озорбойҷон | 30.20 | 82 | Болотар аз миёна | Осиёи ғарбӣ |
| Беларус | 29.35 | 86 | Болотар аз миёна | Аврупо |
| Қирғизистон | 27.56 | 94 | Поён аз миёна | Осиёи марказӣ |
| Тоҷикистон | 26.51 | 101 | Поён аз миёна | Осиёи марказӣ |

Хисоби муаллиф аз сарчашма: The Global Innovation Index 2018. Energizing the World with Innovation. - Geneva, Switzerland; World Intellectual Property Organization (WIPO), 2018. – P.261-370;

Аз ҷадвал маълум аст, ки байни давлатҳои ИДМ Тоҷикистон бо 26,1 балл ҷои охирин (дар рейтинг ҷои 101-ум)-ро ишғол мекунад, ки ҷои аз ҳама пасттарин аст. Байни сабабҳои ин ҳолат, ба назари мо, сабаби асоситарин ҳавасмандии пасти моддӣ аст. Набудани ҳавасмандии моддӣ боиси илмро тарк кардани кадрҳои ҷавон ва коҳиши

обрӯю эътибори касби олим дар ҷамъияти тоҷикон мегардад.

Ҷадвали 2. Музди кори номиналӣ дар иқтисодиёти Тоҷикистон ба ҳисоби миёна дар як моҳ

| | Воҳиди ченак | Солҳо | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | 1995 | 2000 | 2005 | 2010 | 2015 | 2017 | 2018 |
| Илм ва хизматрасонии илмӣ | Сомонӣ | 0,76 | 16,37 | 105,7 | 278,67 | 710,69 | 892,02 | 938,48 |
| | Долл | 7,3 | 8,9 | 33,9 | 63,6 | 115,9 | 104,3 | 102,6 |
| Соҳаи корбарии молиявӣ | Сомонӣ | 2,13 | 76,72 | 351,0 | 1269,6 | 2320,6 | 2892,84 | 3203,93 |
| | Долл | 20,4 | 41,9 | 112,6 | 289,9 | 376,5 | 338,4 | 350,1 |
| Таносуби музди меҳнат ва корбарии молиявӣ | Бо % | 35,8 | 21,2 | 30,1 | 21,9 | 30,7 | 30,8 | 29,3 |

**Манбаъ**: Таджикистан: 25 лет государственной независимости. Солномаи омор. – Душанбе: Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2016. – С.133-137; Солномаи омори Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2013. – Душанбе: Агентии омории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2019. – С.121-122.

Музди кори миёнаи номиналӣ дар як моҳ ба 938,48 сомонӣ баробар аст, ки муодили 102,6 доллари ИМА мебошад. Ба ин маблағ ҳатто корманди илми муҷаррад, яъне бе зану фарзанд дар шароити иқтисодиёти бозорӣ зиндагӣ карда наметавонад. Агар музди кори кормандони илмро бо моҳонаи ашхосе муқоиса кунем, ки дар соҳаи миёнаравии молиявӣ кор мекунанд, возеҳу равшан мегардад, ки фарқ хеле калон аст. Масалан, соли 2019 музди кори корманди илмӣ ҳамагӣ 29,3% музди кори корманди молияро ташкил кард. Метавон гуфт, ки дар шароити муосир ҳавасмандии асосии корманд – музди кор – дар соҳаи илм чун ангезаи ҷаззобият ба меҳнат маънояшро гум кардааст [2].

Сабаби дигар камии захираҳои молиявии мамлакат мебошад, ки ба амалигардонии лоиҳаҳоии инноватсионӣ равона карда мешаванд ва он аз номусоидии муҳити инвеститсионӣ дар хоҷагии миллӣ сарчашма мегирад. Бизнес-муҳити мусоид ба ҷалби техникаю технологияи сатҳи нисбатан баланд имкониятҳои васеъ фароҳам меорад. Алҳол Тоҷикистон дар рейтинги байни 150 мамлакатҳои ҷаҳон ҷои 120-умро ишғол мекунад, ки хеле нигаронкунанда аст. Аз ин нуқтаи назар дар марҳилаи ҷории тараққии Тоҷикистон андешидани тадбирҳо оид ба беҳтар кардани бизнес-муҳит метавонад марҳилаи якуми стратегияи сохтмони иқтисодиёти инноватсионӣ дар хоҷагии миллии мамлакат бошад.

Дар чунин ҳолатҳо амалигардонии бисёр санадҳои меъёрии ҳуқуқии оид ба рушди инноватсионии иқтисодиёт қабул шуда низ рӯи коғаз мемонад ва татбиқи амалии худро намеёбад. Дар ин бобат бояд низоми инноватсионии минтақавӣ ташкил карда шавад, ки дар оянда дар рушди иқтисодиёт нақши пешбарро бозида метавонад. Дар ин самт таҷрибаи Русия хеле ҷолиб аст, ки дар он ҷо дар минтақаҳои алоҳида илмкадаҳо, аз ҷумла илмкадаҳо-шаҳрҳои Дубна, Королев, Реутов, Фриязино, Жуковский ва ғайра ташкил карда шудаанд.

**Ҷадвали 3.** Шумораи ташкилотҳои амалкунандае, ки корҳои илмӣ-техникиро иҷро мекунанд

| | 2013 | | 2015 | | 2017 | | 2018 | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | Воҳид | бо % | Воҳид | бо % | Воҳид | бо % | Воҳид | бо % |
| Дар ҷумҳурӣ: | 60 | 100 | 66 | 100 | 80 | 100 | 82 | 100 |
| ш. Душанбе | 45 | 75 | 51 | 72.3 | 64 | 80 | 66 | 80,5 |
| Вилояти Суғд | 5 | 8.3 | 6 | 9.1 | 7 | 8.8 | 7 | 8,5 |
| Вилояти Хатлон | 5 | 8.3 | 4 | 6.1 | 4 | 5 | 4 | 4,9 |
| ВМБК | 3 | 5 | 3 | 4.5 | 3 | 3.75 | 3 | 3,7 |

| | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| НТМ | 2 | 3.3 | 2 | 3.3 | 2 | 2.5 | 2 | 2,4 |

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар марҳилаи ҷории рушд вазни қиёсии ташкилоте, ки бо фаъолияти тадқиқоти илмӣ машғуланд, хело ночиз аст. Тавсифи миқдории ташкилоти мазкур дар ҷадвали 6 оварда шудааст.

Дар андозагириҳои ҳарсола теъдоди муассисаю ташкилотҳое, ки корҳои илмӣ-тадқиқотиро иҷро мекунанд, тамоюл ба афзоиш дорад. Масалан, соли 2013 теъдоди онҳо 60 адад буд, соли 2018 бошад ба 82 адад расидааст, ки афзоиш 1,37 баробарро ташкил мекунад. Чунин тамоюл дар дигар минтақаҳои мамлакат низ ба назар мерасад, ба истиснои вилояти Хатлон, ки дар он ҷо ихтисор мушоҳида мешавад. Таъсиси кластерҳои инноватсионӣ яке аз самтҳои муассири ҳалли масъалаи муносибатҳои мутақобилаи илм бо амалия мебошад. Чунин механизми рушди инноватсионӣ дар бисёр мамлакатҳои хориҷӣ бомуваффақият амал мекунад. Вале дар иқтисодиёти Тоҷикистон на танҳо бизнес-инкубаторҳо, балки алҳол кластерҳои инноватсионӣ низ таъсис наёфтаанд. Дар ин самт аввал ташаккул додани фондҳои молиявӣ, таъсиси марказҳои миллии тадқиқотӣ зарур аст, ки ба коркард ва дастгирии лоиҳаҳои инноватсионӣ мусоидат хоҳанд кард.

Дар назар доштан зарур аст, ки ҳиссаи маблағгузорӣ ба илм дар Тоҷикистон нисбат ба бисёр мамлакатҳои ҷаҳон, аз ҷумла дар муқоиса бо мамлакатҳои алоҳидаи ИДМ паст аст. Баъзе додаҳо, ки хароҷоти маблағгузории корҳои илмӣ-тадқиқотӣ ва таҷрибавӣ-тарҳрезиро тавсиф мекунанд, дар ҷадвали 4 оварда шудаанд.

**Ҷадвали 4.** Рейтинги мамлакатҳо аз рӯи сатҳи хароҷот ба КИТТК

| Мавқеи рейтинг | Кишвар | Харҷ бо % нисбат ба ММД | Мавқеи рейтинг | Кишвар | Харҷ бо % нисбат ба ММД |
|---|---|---|---|---|---|
| 1 | Изроил | 4.40 | 24 | Эстония | 1.62 |
| 2 | Финляндия | 3.88 | 32 | Россия | 1.16 |
| 3 | Куриёи ҷанубӣ | 3.74 | 36 | Украина | 0.86 |
| 4 | Шветсия | 3.40 | 38 | Латвия | 0.80 |
| 5 | Ҷопон | 3.36 | 48 | Литва | 0.60 |
| 6 | Дания | 3.06 | 64 | Арманистон | 0.27 |
| 7 | Швейтсария | 2.99 | 66 | Озорбойҷон | 0.25 |
| 8 | ИМА | 2.90 | 69 | Қазоқистон | 0.23 |
| 9 | Олмон | 2.82 | 74 | Қирғизистон | 0.16 |
| 10 | Австрия | 2.75 | 81 | Тоҷикистон | 0.097 |

Манба: Рейтинг стран мира по уровню расходов на НИОКР. Гуманитарная энциклопедия (электронный ресурс). Центр гуманитарных технологий, 2018 (последняя редакция 17.12.2018).

Дар асоси нишондодҳои ҷадвал давлатҳои пешрави ҷаҳон, ки аз рӯи вазни қиёсии хароҷот ба маблағгузорӣ ба КИТТК ба сегонаи пешвоён дохил мешаванд, Исроил, Финляндия, Кореяи Ҷанубӣ ба ҳисоб мераванд. Аз рӯи нишондиҳандаи сатҳи хароҷот ба КИТТК Тоҷикистон соли 2018 бо вазни қиёсии 0,09% аз ММД ҷои 81-умро гирифта, дар гурӯҳи мамлакатҳои ИДМ сатри охиринро ишғол кард. Бинбар ин масъалаи таҷдиди назари маблағгузорӣ ба КИТТК дар самти ба вуҷуд овардани иқтидори устувор ё пойдевор барои ташаккули иқтисодиёти инноватсионӣ ба миён меояд [5]..

Дар таҷрибаи ҷаҳонӣ хароҷот ба як муҳаққиқ яке аз нишондиҳандаҳое мебошад, ки сатҳи фаъолияти инноватсиониро тавсиф мекунад. Бузургии мазкурро дар иқтисодиёти Тоҷикистон дар муқоиса бо баъзе мамлакатҳои хориҷии дигар баррасӣ мекунем.

**Ҷадвали 5.** Ҳиссаи хароҷот ба як муҳаққиқ ва ба коркарди КИТТК дар ташкилотҳои илмии Тоҷикистон

| Нишондиҳандаҳо | АИ ҶТ | | АИТ ВТ ва ҲИ ҶТ | | АИКТ | | МТО | | ТИТС | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | ҳаз. сомони | бо % | ҳаз. сомони | бо % | ҳаз. сомони | бо % | ҳаз. сомони | бо% | ҳаз. сомони | бо % |
| Хароҷотҳои умумӣ ба тадқиқот (I+II) | 23980,2 | 100 | 3229,1 | 100 | 12596,7 | 100 | 26301,9 | 100 | 4944,1 | 100 |
| I. харҷҳои ҷории дохилӣ: | 23971,7 | 99,9 | 3229,1 | 100 | 12566,7 | 99,7 | 26301,9 | 100 | 4750,7 | 96 |
| - маош бо ҳиссаҷудокуни ба суғуртаи иҷтимоӣ | 18659,2 | 77,8 | 2227,7 | 69 | 9869,4 | 78,3 | 24464,2 | 93 | 3273,6 | 66,2 |
| - харҷ барои таҷҳизот | 688,5 | 2,87 | 138,8 | 4,2 | 408,2 | 3,2 | 974,2 | 3,7 | 236,6 | 4,7 |
| - дигар намуди харҷ | 3352,6 | 14 | 624,4 | 19,3 | 1764,6 | 13 | 719,6 | 2,7 | 1153,8 | 23,3 |
| - гуногун | 1261,5 | 5,2 | 238,0 | 7,3 | 473,9 | 3,7 | 143,7 | 0,54 | 76,5 | 1,5 |
| харҷи капиталӣ | 9,7 | 0,04 | - | - | 49,9 | 3 | - | - | 10,0 | 0,2 |
| II. харҷи беруна барои тадқиқот | 8,5 | 0,03 | - | - | 30,0 | 0,02 | - | - | 193,4 | 3,9 |

*Манбаъ: Ҳисоби муаллифон

Сохтори хароҷоти ташкилотҳое, ки бо корҳои илмӣ-тадқиқотӣ машғуланд, беҳбудиро талаб мекунад, зеро дар ҳамаи муассисаҳо моддаи музди кор бо пардохт ба суғуртаи иҷтимоӣ қимати афзалиятнок дорад. Аз ҷумла, дар Академияи илмҳои (АИ) Ҷумҳурии Тоҷикистон - 77,8%, дар Академияи илмҳои тиббӣ (АИТ)-и Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии Ҷумҳурии Тоҷикистон - 69%, дар Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон (АИКТ) - 78,3%, дар муассисаҳои таҳсилоти олӣ - 93%, дар ташкилотҳои илмӣ-тадқиқотии соҳавӣ (ТИТС) - 66,2%. Ҳамаи ин маънои афзоиши хароҷоти ҷориро дорад, дар ҳоле, ки хароҷоти асосӣ, ки барои тадқиқоти илмӣ аҳамияти калон дорад, бузургии ночиз – 0,04 - 3%-ро ташкил мекунад. Вазъият фаҳмо аст: ба сабаби маҳдудияти ҳаҷми маблағгузорӣ ба илм, хароҷот ба хариди таҷҳизоти нав ва технологияҳои инноватсионӣ имконнопазир мегардад.

## Адабиёт


1. Паёмҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии ҶТ солҳои 2019-2024
2. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи сармоягузорӣ» Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон.- 2007.- №4.
3. Негашев Е.В. Анализ финансов предприятия в условиях рынка / М.: Высшая школа, 2003. – 186 с. – ISBN 5-8586-49-3
4. Международная экономика/Н.П. Фигурнова – М: Омега – Л, 2005 стр.19.
5. Zhichkin k.a., Zhichkina l.n., Morkovkin d.e., Rudenko l.g., Husaynov m.n., Sharipov f.f. Use of remote positioning technologies to determine damage in case of misuse of agricultural land. В сборнике: proceedings of spie. Proceedings of spie - the international society for optical engineering. Bellingham, 2022. С. 12296oj.

6. Хусайнов М.Н., Шарипов У.А. Анализ инвестиционной привлекательности регионов Республики Таджикистана: проблемы и пути их решениее. ndless light in science. 2023. № 1-1. с. 234-239.
7. Хусайнов М.Н. Методика экономического анализа эффективности садово-виноградарческого кластера в Республике Таджикистан/ В сборнике: Актуальные проблемы общества, экономики и права в контексте глобальных вызовов. Сборник материалов XI Международной научно-практической конференции. Редколлегия: Л.К. Гуриева [и др.]. Москва, 2022. С. 294-299.
8. Савицкая Г.В. Анализ хозяйственной деятельности предприятия/ Минск: ООО «Новое знание», 1999. – 688 с. – ISBN 5-8586-49-3
9. Стоянова Е.С. Финансовый менеджмент: теория и практика: Учебник – 6-е изд. М.: Изд-во «Перспектива», 2010 год – 656с

**Маълумот дар бораи муаллифон:**
**Ҳусайнов Манучеҳр Нуруддинович-** Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент, мудири кафедраи молия ва суғурта. Суроға: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рудакӣ, 17. Телефон: +992.989-12-13-18. E-mail: manu-nuri@mail.ru
**Обидов Умедҷон Фозилович-** Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, устоди кафедраи иқтисодиёти ҷаҳонии факултети молиявию иқтисодии ДМТ, декани факултети молиявию иқтисодии ДМТ. Суроға: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рудакӣ, 17. Телефон: +992.908-82-50-00.
**Давлатов Навруз Амиршоевич-** Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, номзади илмҳои иқтисодӣ, муаллими калони кафедраи молия ва суғуртаи ДМТ. Суроға: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рудакӣ, 17. Телефон: +992.987-54-52-53

**Сведение об авторах:**
**Хусайнов Манучехр Нуруддинович-** Таджикский национальный университет, кандидат экономических наук., доцент, заведующий кафедры финансы и страхование. Адрес: 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, проспект Рудаки, 17. Телефон: +992.989-12-13-18. E-mail: manu-nuri@mail.ru
**Обидов Умеджон Фозилович-** Таджикский национальный университет, преподавтели кафедры мировая экономика финансово-экономического факультета ТНУ, декан финансово-экономического факультета ТНУ Адрес: 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, проспект Рудаки, 17. Телефон: +992.908-82-50-00.
**Давлатов Навруз Амиршоевич-** Таджикский национальный университет, кандидат экономических наук, старщий преподователи кафедры финансы и страхование. Адрес: 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, проспект Рудаки, 17. Телефон: +992.987-54-52-53

**Information about the authors:**
**Husaynov Manuchehr Nuruddinovich-** Tajik National University, Candidate of Economic Sciences, Associate Professor, Head of the Department of Finance and Insurance Address: 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue, 17. Phone: +992.989-12-13-18. E-mail: manu-nuri@mail.ru
**Obidov Umedjon Fozilovich** - Tajik National University, teachers of the Department of World Economy of the Financial and Economic Faculty of TNU, Dean of the Financial and Economic Faculty of TNU Address: 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue, 17. Phone: +992.908-82-50-00.
**Davlatov Navruz Amirshoevich** - Tajik National University, PhD in Economics, Senior Lecturer at the Department of Finance and Insurance. Address: 17 Rudaki Avenue, Dushanbe, 734025, Republic of Tajikistan. Phone: +992.987-54-52-53

**УДК: 657.6**

# АСОСҲОИ МЕТОДИИ АУДИТИ ДОХИЛӢ ДАР ТАШКИЛОТҲО

**Маҷидзода Ш.Х.**

*Мақола ба таҳқиқи асосҳои методии аудити дохилӣ дар ташкилотҳо бахшида шудааст. Дар ибтидои матни мақола мубрамии таҳқиқи мавзуъ оварда шудааст, ки дар ин самт муаллиф ба муқаррароти «Дастурамал оид ба тартиби гузаронидани аудити дохилӣ дар бахши давлатӣ» ва зарурати воқеии такмили методикаи аудити дохилӣ такя кардааст. Рушди заминаҳои методологии аудити дохилӣ аз солҳои 40-уми асри XX то кунун дар заминаи се марҳила таҳқиқ гардидааст. Хусусияти методикаи комили аудити дохилӣ муайян карда шудааст, ки муҳимтарини он вобаста будани рушди низоми назорати дохилӣ аз хадамоти аудити дохилӣ мебошад. Дар баробари вазифаҳои умумие, ки дар санадҳои меъёрӣ – ҳуқуқии танзими аудити дохилӣ оварда шудаанд, муаллиф вазифаҳои нисбатан мушаххаси онро таҳия кардааст. Муаллиф ба дигар унсури калидии методикаи аудити дохилӣ, яъне принсипҳо низ такя намуда, ворид намудани дигар принсипҳои муҳимро аз қабили мукаммалӣ, ботартибӣ, саривақтӣ, мақсаднокию натиҷанокӣ ва оқилона ба қонунгузории соҳа зарур шуморидааст. Аз тақиқоти гузаронидашуда марҳилаҳои такмили методикаи аудити дохилӣ дақиқ карда шуда, онҳо бо пайдарпайии мантиқӣ ба низоми муайян дароварда шудаанд. Дар қисмати ҷамъбастии мақола хулоса ва пешниҳодҳои муаллиф ҷиҳати такмили асосҳои методии аудити дохилӣ дар ташкилотҳо таҳия гардидаанд.*

***Калидвожаҳо:*** *аудити дохилӣ, методикаи аудити дохилӣ, методология, идоракунӣ, санҷиш, назорати дохилӣ, ҳисобдорӣ, самаранокӣ, назорати давлатии молиявӣ, аудити давлатӣ, супоришҳои санҷишӣ – машваратӣ.*

***Барои иқтибос:*** *Маҷидзода Ш.Х. Асосҳои методии аудити дохилӣ дар ташкилотҳо/ Ш.Х. Маҷидзода // Паёми молия ва иқтисод.- 2024 №4.2 (43) – С. 393-400.*

# МЕТОДИЧЕСКИЕ ОСНОВЫ ВНУТРЕННЕГО АУДИТА В ОРГАНИЗАЦИЯХ

**Маджидзода Ш.Х.**

*Статья посвящена исследованию методических основ внутреннего аудита в организациях. В начале статьи представлена актуальность тема исследования, в котором автор опирается на положения «Инструкции о порядке проведения внутреннего аудита в бюджетной секторе» и реальную необходимость совершенствования методологии внутреннего аудита. Развитие методологических основ внутреннего аудита с 1940-х годов по настоящее время изучается в три этапа. Определены характеристики совершенной методики внутреннего аудита, важнейшей из которых является зависимость развития системы внутреннего контроля от службы внутреннего аудита. Наряду с общими задачами, изложенными в нормативно-правовых документах, регламентирующих внутренний аудит, автором разработаны более конкретные задачи. Автор также опирается на другой ключевой элемент методологии внутреннего аудита — принципы и считает необходимым включение в законодательство отрасли других важных принципов, таких как полнота, упорядоченность, своевременность, целенаправленность, эффективность и рациональность. В результате проведенного исследования были уточнены этапы совершенствования методики внутреннего аудита и их систематизированы в логической последовательности. В заключительной части статьи представлены выводы и предложения автора по совершенствованию методических основ внутреннего аудита в организациях.*

***Ключевые слова:*** *внутренний аудит, методика внутреннего аудита, методология, управление, проверка, внутренний контроль, учет, эффективность, государственный финансовый контроль, государственный аудит, аудиторско-консультационные задания.*

## METHODOLOGICAL PRINCIPLES OF INTERNAL AUDIT IN ORGANIZATIONS

**Majidzoda Sh.Kh.**

*The article is devoted to the study of the methodological foundations of internal audit in organizations. At the beginning of the article, the relevance of the research topic is presented, in which the author relies on the provisions of the "Instruction on the procedure for conducting internal audit in the budget sector" and the real need to improve the methodology of internal audit. The development of the methodological foundations of internal audit from the 1940s to the present is studied in three stages. The characteristics of the perfect methodology of internal audit are determined, the most important of which is the dependence of the development of the internal control system on the internal audit service. Along with the general objectives set out in the regulatory documents governing internal audit, the author has developed more specific objectives. The author also relies on another key element of the internal audit methodology - principles and considers it necessary to include other important principles in the legislation of the industry, such as completeness, orderliness, timeliness, purposefulness, efficiency and rationality. As a result of the study, the stages of improving the methodology of internal audit were clarified and systematized in a logical sequence. The final part of the article presents the author's conclusions and proposals for improving the methodological foundations of internal audit in organizations.*

***Key words:*** *internal audit, internal audit methodology, methodology, management, verification, internal control, accounting, efficiency, state financial control, state audit, audit and consulting assignments.*

**Гузориши масъала.** Аудити дохилӣ унсури калидии низоми идоракунии ташкилот мебошад, бинобар ин, мукаммал будани методикаи он шарти асосии устувории мавқеи аудити дохилӣ маҳсуб меёбад. Дар баробари он, ки аудити дохилӣ дар ташкилотҳо тибқи методикаи муайян амал менамояд, лекин на ҳама унсурҳои таркибии он барои гузаронидани санҷишҳои саривақтию додани машваратҳои эътимоднок мусоидат менамоянд. Нуқтаҳои қайдгардида мукаммал гардонидани методикаи аудити дохилиро дар ташкилотҳо талаб менамоянд. Методикаи комили аудити дохилӣ имконият медиҳад, то вазифаҳои дар назди аудиторон гузошташуда сари вақт иҷро шаванд, чораҳои санҷишию машваратӣ сари вақт, мақсаднок, натиҷанок ва ба таври оқилона роҳандозӣ гарданд ва пешрафти ҳамаҷонибаи ташкилот таъмин шавад.

**Таҳлили таҳқиқотҳои охир ва нашрияҳо.** Таҳқиқи фаъолияти аудити дохилӣ ва методикаи он дар таълифоти илмии иқтисодчиёни ватанӣ, ба монанди Низомов С.Ф., Шарифов З.Р., Орзуев П.Ҷ., Шоймардонов Ҳ.Қ., Саидов Р.Н. ва дигарон ба чашм мерасад.

**Мақсади мақола** аз муайян ва ошкоркунии шароиту имкониятҳои такмили методикаи аудити дохилӣ дар ташкилотҳо иборат мебошад.

**Пешниҳоди маводи асосӣ.** Мушкил гардидани раванди идоракунӣ аз қабули қарорҳои идоракунии носаҳеҳ ва беэътимод вобаста мебошад. Дар навбати худ, дараҷаи саҳеҳии қарорҳои идоракуниро фаъолияти воқеию босамари аудити дохилӣ таъмин менамояд. Аз ин рӯ, комил будани методикаи аудити дохилӣ шарти асосии рушди ташкилот мебошад. Методикаи мукаммал доштани сохторҳои аудити дохилӣ дар ташкилотҳо кафолати истифодаи самараноки ҳама гуна захираҳои иқтисодӣ, фаъолияти қонунии кормандони муҳосибот, саҳеҳии сабтҳои баҳисобгирии муҳосибӣ ва

эътимоднокии нишондиҳандаҳои ҳисоботи молиявӣ мебошад.

Дар ҳар давру замон ва дилхоҳ бахши иқтисодиёт дараҷаи манфиатнокии фаъолияти аудити дохилӣ аз мукаммалии методикаи он вобаста мебошад. Таҷриба исбот кардааст, ки танҳо хадамоти аудити дохилии дорои методикаи комил метавонад дар дилхоҳ шароит барои таъмини эътимоднокии нишондиҳандаҳои низоми ҳисобдорӣ, маҳдудкунии хавфҳо, таъмини риояи қонунҳо ва дигар меъёрҳои амалкунанда ва дар ниҳоят, рушди ташкилот мусоидат намояд. Дар «Дастурамал оид ба тартиби гузаронидани аудити дохилӣ дар бахши давлатӣ» низ амали аудитори дохилӣ нисбати истифодаи методикаи комили санҷишӣ бо тартиби зерин оварда шудааст: *аудитор то оғози иҷрои супориш, бояд ба қароре ояд, ки кадом техника, усул ва тартиботи санҷиш бо назардошти мақсадҳои санҷиши аудиторӣ ва ҳама корҳои қаблан гузаронидашудаи аудиторӣ нисбатан мувофиқ аст [1, с.3].* Бо назардошти нуктаҳои қайдшуда, таҳқиқи асосҳои методии аудити дохилӣ дар ташкилотҳо мубрам дониста мешавад.

Яке аз мушкилоти асосии методии аудити дохилӣ нисбатан номуайян будани вазифаҳои мушахаси он мебошад, аз ин рӯ, муайян намудани вазифаҳои асосӣ, принсипҳои заминавӣ ва марҳилаҳои рушди аудити дохилӣ дар ташкилотҳо амри зарурӣ мебошад. Дигар мушкилии ҷойдошта низоми нисбатан нокомили хадамоти аудити дохилӣ мебошад. Ҳадаф аз ишораи вазифаҳо ва низоми хадамоти аудити дохилӣ аз он иборат аст, ки онҳо унсурҳои методии аудити дохилӣ мебошанд. Муҳимияти низоми комили аудити дохилӣ ба он асоснок карда мешавад, ки сатҳи манфиатнокии хадамоти мазкур ба сохтори муташаккил ва устувор доштани он вобаста аст.

Методикаи аудити дохилӣ маҷмӯи принсипҳо ва роҳҳои ташкили фаъолияти назариявию амалӣ мебошад. Предмети аудити дохилӣ бошад, чун аудити берунӣ низоми ҳисобдорӣ, аз ҷумла ҳисоботи молиявӣ баромад менамояд. Методҳои аудити дохилӣ ва фаъолияти назоратӣ маҷрои ягонаи рушд доранд, лекин ҳар як марҳилаи рушди аудити дохилӣ роҳу равиши методологии худро дорад. Дар тӯли таърих, яъне шуруъ аз солҳои 40-уми асри XX то кунун аз мавқеи тағйири мақсад ва вазифаҳои аудити дохилӣ метавон се марҳилаи асосии рушди онро муайян намуд (ниг. ба ҷадвали 1).

**Ҷадвали 1.-** Рушди заминаҳои методологии аудити дохилӣ

| | Марҳилаҳои рушд | | |
|---|---|---|---|
| | Солҳои 40-50-уми асри XX | Охири солҳои 50 ва солҳои 90 –уми асри XX | Охири солҳои 90-уми асри XX то замони муосир |
| Мақсади аудити дохилӣ | – эътимоднокии иттилооти баҳисобгирӣ ва ҳисоботи молиявӣ;<br>– назорати нигоҳдории дороиҳо;<br>– ошкоркунии қоидавайронкуниҳо. | – эътимоднокии иттилооти баҳисобгирӣ ва ҳисоботи молиявӣ;<br>– назорати нигоҳдории дороиҳо;<br>– самаранокии низоми назорат;<br>– иттилоотдиҳӣ ба моликон;<br>– ошкоркунии қоидавайронкуниҳо. | – баҳодиҳии самаранокии низоми назорат, идоракунии таваккал ва идоракунии корпоративӣ;<br>– пешниҳоди машваратҳои мустақил ва ба даст овардани боварии моликон нисбати фаъолияти низоми назорат;<br>– пешгирии қоидавайронкуниҳо. |

| | | | |
|---|---|---|---|
| Субъектҳои аудити дохилӣ | – менеҷмент | – менеҷмент;<br>– моликон. | – моликон |
| Объекти аудити дохилӣ | – амалиётҳо;<br>– кормандон. | – амалиётҳо;<br>– кормандон;<br>–воситаҳои назорат. | – низоми идоракунии тавакалҳо;<br>– назорати дохилӣ;<br>– низоми идоракуни корпоративӣ. |
| Методҳои аудити дохилӣ | – санҷиш;<br>– назорати давлатии молиявӣ. | – санҷиш;<br>–назорати давлатии молиявӣ;<br>– баҳодиҳӣ. | – санҷиш;<br>–назорати давлатии молиявӣ.<br>– баҳодиҳӣ;<br>– таҳлил;<br>– мониторинг. |

**Сарчашма:** Муаллиф дар асоси адабиёти 6 тартиб додааст.

Аз маълумоти ҷадвали 1. бар меояд, ки рушди заминаҳои методологии аудити дохилӣ дар ҳар як давра хусусияти хосро дорад. Яъне дар ҳар як давра таркибдиҳандагони методологияи аудити дохилӣ миқдоран зиёд карда шуда, онҳо бо назардошти талаботи давраи муайян устувор гардонида шудаанд.

Яке аз самтҳои бартаридоштаи такмили методикаи аудити дохилӣ – ин ҳамкории хадамоти аудити дохилӣ бо мақоми олии аудити бахши давлатӣ мебошад. Ин мавқеъро иқтисодчии ватанӣ Саидов Р.Н. ҷонибдорӣ намуда, қайд менамояд, ки бояд ҳамкории воҳидҳои аудити дохилии ташкилотҳои бахши давлатӣ бо мақоми олии аудити давлатӣ амалан ташкил ва ҷиҳати устувор гардонидани он шароити мусоид фароҳам оварда шавад [5, с.61,63 ]. Аз нигоҳи ӯ мақоми олии аудити давлатӣ бояд ба сатҳи мукаммалии методҳои аудити дохилӣ баҳогузорӣ намояд.

Аз нигоҳи мо, методикаи аудити дохилӣ мукаммал ҳисобида мешавад, агар он барои расидан ба мақсадҳои зерин мусоидат намояд:

1.Баҳодиҳии самаранокӣ ва устувории низоми идоракунии таваккалҳо, назорати дохилӣ, аз ҷумла назорати молиявии дохилӣ, инчунин пешниҳоди тавсияҳо баҳри мукаммалгардонии низомҳои зикршуда. Фаҳмиши аудити дохилӣ, ки дар моддаи 1-уми Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи аудити дохилӣ дар ташкилотҳои бахши давлатӣ» бо чунин мазмун: аудити дохилӣ – фаъолияти мустақил ва объективӣ оид ба гузаронидани санҷиш, баҳодиҳӣ, машваратдиҳии низомҳои идоракунӣ ва дигар низомҳо мебошад, ки бо мақсади мусоидат намудан ба фаъолияти қонунӣ, самаранок ва натиҷабахши ташкилотҳои бахши давлатӣ анҷом дода мешавад, оварда шудааст, исботи гуфтаҳои боло мебошад [2].

2.Баҳодиҳии устувории назорати молиявии дохилӣ дар рафти омодакунии ҳисоботҳо ва мувофиқати фаъолият бо тартиботи муайяншуда, методология ва стандартҳои баҳисобгирии муҳосибӣ, инчунин коркарди тавсияҳо оиди мукаммалгардонии қоидаҳои пешбурди баҳисобгирии муҳосибӣ ва тартибдиҳии ҳисобот.

3.Коркарди пешниҳодҳо оиди баландбардории сарфанокию натиҷанокии истифодабарии захираҳои иқтисодӣ.

Таҷриба тасдиқ менамояд, ки бо назардошти дигаргуниҳои меъёрӣ – ҳуқуқӣ ва муносибатҳои амалӣ баъзе мавридҳо методикаи амалкунандаи аудити дохилӣ вазифаи худро иҷро карда наметавонад. Вобаста ба шароити пайдогардида, зарурати такмили методикаи аудити дохилӣ пеш меояд. Аз нигоҳи мо, методикаи комили аудити дохилӣ бояд ҷиҳати таъмини ҳолатҳои зерин мусоидат намояд:

1.Таъмини самаранокии фаъолият, устуворӣ ва дурнамои рушди ташкилот дар шароити авҷгирии рақобат.

2.Нигоҳдорӣ ва самаранок истифодабарии захираҳо ва нерӯи ташкилот.

3.Сари вақт ошкор намудан ва ба ҳадди ақал расонидани хавфҳои тиҷоратию молиявӣ, ки ба низоми идоракунии ташкилот таъсир мерасонад.

4.Ташаккули шароити бунёди низоми иттилотӣ, ки тавонад мутобиқшавии фаъолияти ташкилотро вобаста ба тағйирёбии муҳити дохилию берунӣ таъмин намояд.

Самаранокии фаъолияти аудити дохилӣ аз вазифаҳои мушаххас, ки дар асоси роҳу равиши амалкунанда, аз ҷумла, стандартҳои қабулгардида иҷро карда мешаванд, вобаста мебошад. Низомов С.Ф., Юсупов У.С. вазифаҳои зерини сохтори аудити дохилиро муайян кардаанд: – гузаронидани аудити дохилӣ ва маълумотдиҳӣ ба шӯрои директорон, роҳбарияти иҷроия оид ба хавфҳои муҳим ва муайян намудани масъалаҳои муҳими назоратӣ; – мусоидат ба идоракунӣ, назорати воҳидҳои ташкилии кормандон дар таҳияи нақшаҳои чорабиниҳо, такмили низомҳои назорат ва идоракунии хавфҳо; – ҳамоҳангсозии фаъолият бо аудитори беруна бо мақсади кам кардани хароҷоти умумии аудит; – иҷрои дигар вазифаҳо ва иштирок дар лоиҳаҳо тибқи дархости шӯрои директорон [3, с.136]. Бояд қайд намуд, ки дар санадҳои меъёрӣ – ҳуқуқӣ ва амалияи аудити дохилӣ вазифаҳои сохтори мазкур дар сатҳи зарурӣ мушаххас карда нашудаанд. Аз ин рӯ, зарур мешуморем, ки хадамоти аудити дохилии ташкилотҳо бояд вазифаҳои муайянро иҷро намояд (ниг. ба ҷадвали 2).

**Ҷадвали 2.**-Вазифаҳои аудити дохилӣ

| Вазифаҳо | Шарҳи вазифаҳо |
|---|---|
| ***Тасдиққунӣ*** | Аудитори дохилӣ бояд ҷиҳатҳои қонунӣ ва эътимоднокии иттилооти ҳуҷҷатию воқеиро тасдиқ намояд. |
| ***Иттилоотӣ*** | Аудити дохилӣ бояд низоми идоракунии дохилии ташкилотро бо маълумоти эътимоднок, муносиб ва муфид таъмин намояд. |
| ***Таҳлилӣ*** | Яке аз вазифаҳои муҳими аудити дохилӣ мебошад, ки ба аудитор имконият медиҳад, то он таҳлили нишондиҳандаҳои фаъолияти истеҳсолию хоҷагидорӣ ва сармоягузорию молиявиро гузаронад. |
| ***Лоиҳавӣ – методӣ*** | Ин вазифа дар шароити кунунӣ муҳим буда, омодакунии лоиҳаҳоеро аз ҷониби аудитор дар назар дорад, ки ба асоснокkунии қарорҳои идоракунӣ, бизнес – нақшаҳо, харҷномаҳо, тавсияҳои методӣ, низомномаҳо ва дигар ҳуҷҷатҳои меъёрӣ нигаронида шудаанд. |
| ***Ҳифзи ҳуқуқӣ*** | Дар асоси ин вазифа аудити дохилӣ бояд манфиатҳои амволии муассисони ташкилотро дар рафти баҳсҳои молиявӣ – хоҷагидорӣ ҳимоя намояд. |

**Сарчашма:** Таҳияи муаллиф.

Тавре аз маълумоти ҷадвали 2 бар меояд, дар сурати иҷро гардидани вазифаҳо тавсияшуда аҳамияти сохтори аудити дохилӣ дар ташкилотҳо бо маротиб афзоиш меёбад. Чунки агар вазифаҳои мазкур нерӯи қонунӣ пайдо намоянд, онгоҳ иҷрои пурра ва саривақтии онҳо саҳеҳии иттилооти идоракуниро таъмин менамояд, махзани комили иттилоотиро ба вуҷуд меорад, одитарин ҷузъиёти ба нишондиҳандаҳои фаъолияти истеҳсолию хоҷагидорӣ ва сармоягузорию молиявиии ташкилот таъсиррасон арзёбӣ мегардад, асоснокии маълумоти тамоми ҳуҷҷатҳои зарурӣ таъмин карда мешавад ва дар ниҳоят, манфиатҳои молу амволии муассисони ташкилот ҳимоя карда мешавад.

Дигар унсури методии аудити дохилӣ, принсипҳо мебошанд, ки риояи онҳо сатҳу сифати санҷишҳоро баланд бардошта, эътимоднокии натиҷаҳои аудитро таъмин менамояд. Аз нигоҳи мо, фаъолияти аудити дохилӣ дар баробари принсипҳое, ки қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян

кардааст, бояд ба принсипҳои зерин низ такя намояд:

**1.Мукаммалӣ,** тибқи талаботи ин принсип низоми аудити дохилӣ бояд пурра ба ҳадафҳои ҷараёнҳои идоракунии ташкилот ва ба талаботи иттилоотии фаъолияти самараноки унсурҳои таркибии механизми хоҷагидории ташкилот ҷавобгӯй бошад.

**2.Ботартибӣ,** яъне фаъолияти аудити дохилӣ бояд дар мувофиқа бо нақша ва барномаи санҷиши объектҳо амалӣ карда шавад. Ҳамчунин ҳисоботҳо, маълумотномаҳо санадҳо ва лоиҳаҳои қарорҳои идоракунӣ оид ба стратегияи рушди ташкилот бо тартиби мантиқӣ омода ва пешниҳод гарданд.

**3.Саривақтӣ,** принсипе мебошад, ки сари вақт гузаронидани қоидаҳои мушаххаси санҷишӣ, ошкор намудани норасоиҳо ва фавран бартараф намудани онҳоро дар назар дорад.

**4.Мақсаднокӣ ва натиҷанокӣ**, яъне аудити дохилӣ бояд ба самти коркарди чораҳои мушаххас оид ба бартарафкунии норасоиҳо ва огоҳнамоӣ ҷиҳати пешгирии зарар нигаронида шавад.

**5.Оқилона**, ин принсип маънои аслии аудити дохилиро ифода менамояд, яъне дараҷаи баланди манфиатнокии аудити гузаронидашуда нисбат ба хароҷоти ташкил ва гузаронидани он.

Ба ақидаи мо, риояи принсипҳои зикршуда боиси таъмини ҳамоҳангии назорати аудити дохилӣ ва низоми идоракунӣ, назаррас гардидани таъсири хадамоти аудити дохилӣ ба рушди ташкилот, ба вуҷуд омадани раванди фаврии иҷрои супоришҳои санҷишию машваратӣ, бартарафгардии эродҳои ошкоршуда, маҳдудшавии мушкилоти объектҳои санҷидашаванда, инчунин пешгирии ҳолатҳои номуайян ва баланд гардидани эҳтиёҷот ба хадамоти аудити дохилӣ мегардад.

Ба инобат гирифтани талаботи заминавӣ, ки ба самти мукаммалгардонии асосҳои ташкил, баргузорӣ ва ҷамъбасти санҷишҳо нигаронида шудаанд, барои такмили методикаи аудити дохилӣ мусоидат менамояд. Бинобар ин, аз нигоҳи мо, ҷиҳати устувор гардонидани мавқеи аудити дохилӣ дар низоми назорати дохилӣ талаботи зеринро ба инобат гирифтан зарур мебошад:

1.Муайян намудани объектҳое, ки таҳти назоратӣ умумӣ қарор доранд ва мушаххасгардонии объектҳои аудити дохилӣ.

2.Гузаронидани санҷишҳои аудиторӣ дар сатҳи баланди касбӣ.

3.Рушди фаъолияти тиҷоратии ташкилотҳо бо мақсади пайдоиши зарурати гузаронидани санҷишҳо ва баланд бардоштани нуфузи аудиторони дохилӣ. Иқтисодчиёни ватанӣ Шарифов З.Р., Саидов Р.Н. чунин мавқеъро ҷонибдорӣ намуда, қайд менамоянд, ки дар баробари рушди мунтазами соҳаҳои иқтисодӣ – иҷтимоӣ ва дар ин замина, афзоиши буҷети давлатӣ зарурати такмили пайвастаи методологияи аудити бахши давлатӣ пеш меояд [7, с.51];

4.Пешбурди корҳо дар хадамоти аудити дохилӣ бо истифодаи техникаҳои рақамӣ – инноватсионӣ.

5.Ташаккули махзани иттилоотӣ дар хадамоти аудити дохилӣ, ки тавонад ҷиҳати санҷишу арзёбии дилхоҳ объектҳо мусоидат намояд.

6.Ба хадамоти аудити дохилӣ ҷалб намудани аудиторони баландихтисос ва соҳибкасб, ки дорои малакаи истифодабарии имкониятҳои инноватсионӣ мебошанд. Масъалаи мазкур тарафдорони зиёд дошта, пайваста аз такмили ихтисос гузаронидани аудиторон бо мақсади дар сатҳи баланди касбӣ истифода намудани методикаи навини аудити бахши давлатӣ низ муҳим ҳисобида мешавад [7, с.51];

7.Муносибати дурандешона, бодиққатона ва ҷиддӣ доштани аудиторони дохилӣ дар рафти санҷиши объектҳо.

Риояи талаботи болозикр ҷиҳати мушаххасгардонии объекти аудити дохилӣ, баланд гардидани сатҳу сифати санҷишҳо, афзоиши шумораи супоришҳои аудиторӣ, иҷрои саривақтии супоришҳои санҷишӣ – машваратӣ, дастрасии фаврии кормандони хадамоти аудити дохилӣ бо маълумоти зарурӣ, таъмини устувории нерӯи кадрӣ ва ташаккули дурнамои рушди аудити дохилӣ мусоидат менамояд.

Дар натиҷаи омӯзиши маводи илмӣ – методӣ ва асосҳои методологии аудити дохилӣ муайян гардид, ки такмили

методикаи аудити дохилӣ якчанд марҳиларо паси сар менамояд. Бояд қайд намуд, ки ҷиҳати ба даст овардани самараи назаррас дар доираи ҳар як марҳила бояд корҳои мушаххас анҷом дода мешавад (ниг. ба расми 1).

**МАРҲИЛАҲОИ ТАКМИЛИ МЕТОДИКАИ АУДИТИ ДОХИЛӢ**

- Омӯзиши методикаи амалкунандаи аудити дохилӣ ва арзёбии самаранокии он
- Муайяну ошкоркунии норасоиҳои методикаи амалкунандаи аудити дохилӣ ва бартарафкунии онҳо
- Ташхиси ҷанбаҳои ташкилӣ, унсурҳои методӣ, техникӣ ва натиҷавии методикаи амалкунандаи аудити дохилӣ
- Муайянкунии заминаҳои рушди аудити дохилӣ
- Роҳандозии фаъолияти самараноки хадамоти аудити дохилӣ дар шароти иқтисоди рақамӣ, ки ба таҷрибаи пешрафта такя намояд

**Расми 1.-** Марҳилаҳои такмили методикаи аудити дохилӣ.
**Сарчашма:** Таҳияи муаллиф.

Аз марҳилаҳои дар расми 1 овардашуда дида мешавад, ки онҳо бо назардошти пайдарпайии мантиқӣ ба низоми муайян даровария шудаанд. Масалан, дар асоси таҳқиқи методикаи амалкунанда норасоиҳои дар он мавҷуда бартараф карда мешаванд ва ҷиҳати такмили он тағйиротҳои зарурӣ ворид мегардад. Аммо дар ҳолати ба пуррагӣ ҷавобгӯй набудани методикаи мазкур ҳама унсурҳои таркибии он такмил дода мешаванд ва ё аз нав бунёд мегарданд. Ҳамчунин мушкилоти дар натиҷаи ташхис ошкоргардида бартараф карда шуда, ҷанбаҳои ташкилӣ – методӣ, техникӣ ва натиҷавии методикаи амалкунандаи аудити дохилӣ комил гардонида мешаванд.

Дар марҳилаи дигар аз тариқи такмили асосҳои институтсионалӣ ва рушди амалия заминаҳои рушди аудити дохилӣ муайян карда мешаванд. Дар асоси ҷорикунии афзалиятҳои иқтисоди рақамӣ ва дар ин замина, баланд бардоштани сатҳи касбияти аудиторони дохилӣ бозоргирии хадамоти аудити дохилиро таъмин кардан имконпазир мебошад. Роҷеъ ба аҳамияти касбияти аудиторони дохилӣ дар рушди соҳа ва баланд бардоштани нуфузи хадамоти аудити дохилӣ иқтисодчиёни зиёд нуктаи назари илмӣ доранд. Барои дар сатҳи зарурӣ гузаронидани аудит, аудиторони дохилиро зарур аст, ки дорои донишҳои кофии соҳавӣ бошанд [5, с.60]. Ҳамчунин дигар муҳаққиқони ватанӣ Орзуев П.Ҷ., Шоймардонов Ҳ.Қ. нин чунин мешуморанд, ки гузаронидани аудити баландсифат аз мутахассисони соҳа донишҳои муайяни касбӣ ва донистани хусусиятҳои объектҳои санҷидашавандаро талаб менамояд [4, с.192].

**Ҳамин тавр,** дар натиҷаи таҳқиқи маводи гирдовардашуда ба мо муяссар шуд, то хулоса ва пешниҳодҳои зеринро ҷиҳати такмили асосҳои методии аудити дохилӣ дар ташкилотҳо таҳия намоем:

1.Мутобиқ гардонидани фаъолияти хадамоти аудити дохилӣ ба талаботи стандартҳо ва дар ин замина, коркарди методикаи мукаммали аудити дохилӣ.

2.Пайваста мукаммал намудани роҳу равишҳои методии аудити дохилӣ ва баланд бардоштани сатҳи касбияти аудиторон бо мақсади дар шароитҳои гуногун таъмин намудани фаъолияти пурсамари хадамоти аудити дохилӣ.

3.Ташкили банақшагирии саривақтӣ ва таҳлили натиҷаҳои санҷишҳои аудити дохилӣ бо мақсади ошкоркунии норасоиҳо ва қоидавайронкуниҳо.

4.Зарурати коркарди тавсияҳо оиди мукаммалгардонии низоми идоракунии таваккалҳо ва назорати дохилӣ, инчунин бартарафкунии норасоиҳо ва қоидавайронкуниҳои ошкоршуда.

5.Машваратдиҳии роҳбарони сохторҳои ташкилот, мутахассисон, кормандони мутасаддии масъалаҳои мукаммалгардонии назорати дохилӣ, қоидаҳои баҳисобгирии муҳосибӣ ва баландбардории самаранок истифодабарии дороиҳо.

## Адабиёт


1.Дастурамал оид ба тартиби гузаронидани аудити дохилӣ дар бахши давлатӣ. – Душанбе: 2013. – 16 с.

2.Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи аудити дохилӣ дар ташкилотҳои бахши давлатӣ», 21.07.2010, № 631.– [Манбаи электронӣ].– Ҳолати дастрасӣ: http:www.mmk.tj

3.Низомов С.Ф. Алоқамандии низоми назорати дохилӣ ва аудити дохилӣ / С.Ф.Низомов, У.С.Юсупов // Вестник Технологического университета Таджикистана. 2023. № 4-2 (55). С. 133-140.

4.Орзуев П.Дж. Аудит эффективности в системе государственного финансового контроля / П.Дж.Орзуев, Х.К.Шоймардонов // Известия Иссык-Кульского форума бухгалтеров и аудиторов стран Центральной Азии. 2022. № 3-2 (38). С. 189-194.

5.Саидов Р.Н. Афзалиятҳои ҳамкории воҳидҳои аудити дохилии ташкилотҳои бахши давлатӣ бо мақоми олии аудити давлатӣ / Р.Н. Саидов // Паёми молия ва иқтисод. – 2024.– № 3 (42). С.58-65.

6.Сонин, А.М. Внутренний аудит: Современный подход. / А.М. Сонин – М.: Финансы и статистика, 2007. – С. 7-13.

7.Шарифов З.Р. Аудити давлатӣ ва роҳҳои такмили он дар Ҷумҳурии Тоҷикистон / З.Р.Шарифов, Р.Н. Саидов // Паёми молия ва иқтисод. 2021.– № 4 (28).С.46-52.



**Маълумот дар бораи муаллиф:**

**Маҷидзода Шоҳмурод Холмурод**-докторанти доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050800-Баҳисобгирӣ ва аудит дар кафедраи баҳисобгирии муҳосибии факултети баҳисобгирӣ ва иқтисоди рақамии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Суроға: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 17. Телефон: 93-104-80-00; E-mail: sh.majidzoda@moliya.tj

**Информация об автора:**

**Маджидзода Шохмурод Холмурод** - *докторант доктора философии (PhD) - доктор по специальности 6D050800-Учета и аудита кафедры бухгалтерского учета факультета учет и цифровая экономика Таджикского национального университета. Адрес: 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, проспект Рудаки 17.* Телефон: 93-104-80-00; E-mail: sh.majidzoda@moliya.tj

**Information about the author:**

**Majidzoda Shokhmurod Kholmurod** - PhD candidate - doctor in the specialty 6D050800-Accounting and auditing of the accounting department of the faculty of accounting and digital economy of the Tajik National University. Address: 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue 17. Phone: 93-104-80-00; E-mail: sh.majidzoda@moliya.tj

**УДК: 336.14**

## РОЛЬ ГОСУДАРСТВЕННОГО БЮДЖЕТА В РАЗВИТИЕ МЕСТНОЙ ПРОМЫШЛЕННОСТИ

**Бобоева Н.К.**

***Аннотация.*** *Государственный бюджет является основным источником развития крупных отраслей. Однако в отношении местной промышленности это не рассматривается как основной источник финансового формирования, так как в областях крупных промышленных предприятий не существует и не уменьшает частные и корпоративные источники.*

*В статье автор в ходе исследования пришел к выводу, что в ряде случаев не только местный бюджет, но и республиканский бюджет способствует развитию промышленных предприятий местного значения, хотя такой вклад меньше, чем у местных бюджетных учреждений.*

*В статье доказано, что бюджет республики может помочь в формировании местной промышленности, если эти заводы будут иметь высокое значение для края и края, а не от этого они в основном потребляют потребление. При этом также должна быть конкретизирована сумма вклада республиканского и местных бюджетов.*

*Данная статья написана для студентов и преподавателей высших учебных заведений экономической направленности, сотрудников министерств экономического блока Правительства и сотрудников научно-исследовательских учреждений.*

***Ключевые слова:*** *промышленность, местная промышленность, государственный бюджет, республиканский бюджет, местные бюджеты, промышленные предприятия, сельскохозяйственная промышленность, индустриализация, экономика, кооперация, мировой рынок, производство, ресурсы.*

***Для цитирования:*** *Бобоева Н.К. Роль государственного бюджета в развитие местной промышленности/ Н.К. Бобоева // Финансово-экономический вестник. – 2024. – No. 4.2 (43). – С. 401-406.*

## НАҚШИ БУҶЕТИ ДАВЛАТӢ ДАР РУШДИ САНОАТИ МАҲАЛЛӢ

**Бобоева Н.К.**

***Аннотатсия.*** *Буҷети давлатӣ манбаи асосии рушди саноати калон мебошад. Аммо нисбати саноати маҳаллӣ он ҳамчун манбаи асосии ташаккули молиявӣ ба ҳисоб намеравад, зеро дар маҳалҳо корхонаҳои бузурги саноатӣ арзи вуҷуд намекунанд ва бештар аз манбаҳои хусусӣ ва корпоративӣ баҳра мебаранд.*

*Дар мақола муаллиф зимни тадқиқот ба хулосае омадааст, ки дар баъзе ҳолатҳо барои рушди корхонаҳои саноатии аҳамияти маҳаллидошта, на танҳо буҷаи маҳаллӣ, балки буҷаи ҷумҳурӣ низ ҳиссагузорӣ мекунанд, агарчанде, ки чунин ҳиссагузорӣ нисбат ба ниҳодҳои маҳаллии буҷавӣ камтар мебошанд.*

*Дар мақола исбот карда шудааст, ки буҷаи ҷумҳурӣ дар ҳамон сурат ба ташаккули корхонаҳои саноати маҳалл кӯмак мерасонад, ки агар ин корхонаҳо дорои аҳамияти баланди рушди минбаъда бошанд ва дар оянда маводи истеҳсолкардаи онҳо берун аз марзҳои ноҳия ва вилоят фурӯхта шаванд ва ба ғайр аз ин, асосан аҳамияти истеъмолӣ дошта бошанд. Дар чунин ҳолат ҳам бояд байни ҳиссагузориҳои буҷаҳои ҷумҳуриявӣ ва маҳаллӣ мувофиқати мушаххасе вуҷуд дошта бошад.*

*Мақолаи мазкур барои донишҷӯён ва устодони мактабҳои олии равияи иқтисодӣ дошта, коркунони вазоратҳои блоки иқтисодии Ҳукумат ва кормандони муассисаҳои илмӣ-тадқиқотӣ навишта шудааст.*

***Калидвожаҳо:*** *саноат, саноати маҳаллӣ, буҷети давлатӣ, буҷети ҷумҳуриявӣ, буҷети маҳаллӣ, корхонаҳои саноатӣ, саноати хоҷагии халқ, иқтисодиёт, кооператсия, бозори ҷаҳонӣ, истеҳсолот, захираҳо.*

## THE ROLE OF THE STATE BUDGET IN THE DEVELOPMENT OF LOCAL INDUSTRY

**Boboeva N.K.**

***Annotation.*** *The state budget is the main source of development of large industry. But for the local industry, it is not considered as the main source of financial formation, because large industrial enterprises do not exist in the localities and benefit more from private and corporate sources.*

*In the article, the author came to the conclusion during the research that in some cases, not only the local budget, but also the national budget contributes to the development of industrial enterprises of local importance, although such contribution is less than that of local budget institutions.*

*The article proves that the budget of the republic helps in the formation of local industrial enterprises, if these enterprises have a high importance for further development and in the future the materials produced by them will be sold outside the borders of the district and region, and in addition, they are mainly of consumer importance. In such a case, there should be a specific agreement between the contributions of the republican and local budgets.*

*This article is written for students and teachers of higher schools with an economic orientation, employees of the ministries of the economic block of the Government and employees of scientific and research institutions.*

***Keywords:*** *industry, local industry, state budget, republican budget, local budget, industrial enterprises, national economy, economy, cooperation, world market, production, resources.*

Малые и средние промышленные предприятия, которые развиваются преимущественно в малых городах, рабочих поселках и сельских населенных пунктах играют очень важную роль в повышение уровня индустриального развития Республике Таджикистан.

Индустриализация экономики не может быть сведена лишь к развитию крупных промышленных предприятий в больших городах. Она по своей природе носит комплексный характер и предполагает размещение промышленности по всей территории страны. Это означает, что четвертая задача Стратегии развития Таджикистана (СРТ) должна быть решена в комплексной форме. Она должна включать в себя и развитие крупных предприятий, и развитие средних и малых предприятий, а также формирование крупных агропромышленных кластеров, которые наряду с сельскохозяйственным составляющим включает в себя и развитие промышленности по переработке сельскохозяйственного сырья.

Мировой опыт показывает, что в сельских местностях, а также в малых городских поселениях целесообразным представляется размещение следующих типов промышленных предприятий:

а) промышленное составляющее АПК. Чем ближе такие предприятия будут размешаться к сырьевым источником, тем выше будет их экономическая и социальная эффективность. Безусловно, продукция таких предприятий будет отличаться также свежестью и высокими качественными показателями;

б) развитие филиалов крупных городских предприятий. Эти предприятия также будут размешены с учетом близости к сырьевым источникам, которые способны обеспечить промышленные предприятия на постоянной основе.

в) предприятия местной промышленности – это особая группа предприятий, которые отличаются своими небольшими объёмами производства и функционируют для того, чтобы удовлетворить местные производственные и

продовольственные потребности. В рамках местной промышленности могут получить широкое развитие и народные художественные промыслы, которые ориентированы на использование творческих возможностей людей, обладающих художественным талантом.

В советские времена филиалы городских промышленных предприятий и организации народных художественных промыслов в Таджикистане и в других регионах Советского Союза получали интенсивное развитие. Их продукция отличалась высоким качеством и находило своих потребителей не только на сельских территориях, но и в городских местностях Таджикистана, включая большие и крупные города, а также в зарубежные страны.

Как было отмечено выше на сельских территориях функционируют промышленные предприятия, которые непосредственно ориентированы на удовлетворение местных потребностей. К таким предприятиям, прежде всего, относятся небольшие производства, выпускающие материалы для строительства жилья, хозяйственных объектов, социально-культурных учреждений. Речь идет о таких разновидностях продукции как сырые и жженные кирпичи, обработанные камни для строительства, фундаментов и стен зданий, цемблоки, газоблоки, щебень, речные пески, гашеная известь и гипс для внутренней и внешней отделки зданий и т.д.

В досоветские и советские времена в сельских местностях и малых городских поселениях производили ковры, ковровые дорожки, шерстяные ткани из грубой и полугрубой шерсти, хлопчатобумажные ткани типа «алоча», пуховые и хлопковые принадлежности.

Кроме того, в каждом селе работали кузнечные мастерские, которые постоянно функционировались на базе современного оборудования. Они производили целую гамму металлоизделий, которые использовались при возведении сельских строительных объектов. В советские времена почти все отмеченные разновидности производства являлись объектами государственной собственности. Многие из них получали дотации из государственного бюджета. Целый ряд таких производств работали в качестве «планово-убыточных предприятий». Это означало, что продукция произведенная ими должна была быть реализована на местном рынке по дешевым, твердым государственным ценам. Государство поощряло производственную деятельность таких предприятий и в зависимости от их размеров и значимости перечисляла им дотации либо из республиканского, либо из местного, либо из обоих бюджетов.

Планово – убыточные предприятия были атрибутами рынка носящий плановый характер. С распадом Советского Союза рынок функционирующий на основе плана также распался. В наше время сельский рынок составляет часть общенационального рынка и практически не регулируется государством, поэтому в таком рынке не может быть место планово-убыточным предприятиям. Убыточные предприятия не поддерживаются государством, и в случае продолжительного сохранения убыточности подлежат самоликвидации. Нужно отметить, что в сельских местностях, а также в рабочих поселках и малых городах основная доля производственного сектора принадлежит частному сектору экономики.

В Республике Таджикистан только 3% промышленных предприятий в сельских местностях принадлежат кооперативам. Это либо кооперативы, которые производят строительные материалы, занимаются ремонтом и техническим обслуживанием машин и оборудования. Другая часть сельской промышленности производит продукцию на базе овощного и фруктового сырья и в свою очередь делится на продукцию выпускаемую частным сектором и кооперацией. В этой области государственный сектор почти полностью отсутствует. Государство заинтересовано в наращивании продукции промышленными предприятиями в сельских местностях и в малых городских поселениях. Такая заинтересованность вызвана тем, что данный сегмент сельской экономики вносит свой вклад в реализацию государственных программ по индустриализации экономики. Кроме того, интересы государства в этой области связаны и со значительной ролью

малого сельского сектора промышленности в сужении размеров безработицы и повышения уровня занятости. Такая занятость характеризуется достаточно высоким уровнем применения квалифицированного труда, а следовательно относительно высоким уровнем заработной платы. Согласно нашим расчетам в этом сегменте промышленности средняя заработная плата составляет около 2250 сомони, что выше по сравнению со средней заработной платой работников сельскохозяйственных предприятий.

В отличие от советских времен в настоящее время местный бюджет не принимает участия в финансировании малого сектора экономики. Это во многом объясняется отсутствием в государственном секторе малого сектора экономики, хотя средства местных бюджетов испытывают постоянную нехватку денежных ресурсов и около половины районных бюджетов нуждаются в дотациях из республиканского бюджета.

Потребность в развитие промышленности в сельских территориях остается достаточно большой, и в то же самое время, местные бюджеты неспособны на должном уровне поддерживать этот сегмент промышленности. В течении обозримой перспективы не представляется возможным радикальное изменение описанной ситуации, что означает неспособность муниципального бюджета в ускорение темпов индустриализации местной, и в особенности, сельской экономики. В этом плане имеются и определенные рекомендации. Однако такие рекомендации требуют активную поддержку со стороны местной власти. Одним из реальных предложений по развитию малого сектора промышленности на местах является обеспечение ускоренного развития промышленной кооперации. Кооперация по сравнению с частным сектором располагает более широкими возможностями для создания не только малых, но и средних предприятие в таких количествах, которые могли бы полностью удовлетворять производственные и продовольственные потребности в сельских территориях. Кроме того, кооперативы могут получить определенные финансовые ресурсы со стороны международных финансово-экономических организаций. По сравнению с негосударственным сектором промышленности они располагают более широкими возможностями для получения банковских кредитов, хотя такие кредиты сильно тяготеют к тому, чтобы обанкротить их получателей.

В этой связи необходимо отметить, что местная власть может приобрести значительное укрепление, авторитет и экономическую мощь, если организационно-экономические основы развития в сельских территориях будут претерпевать существенные по своей глубине реформы.

Прежде всего, необходимо повысить роль кооперативов в социально-экономическом развитии сельских территорий. Первым шагом в этом плане является преобразование малоимущих дехканских (фермерских) хозяйств в кооперативе. Только такое направление укрепления сельскохозяйственных производителей приведёт к ускорению темпов развития села и небольших городских поселений, расположенных в сельских территориях.

Кооперативы пользуются большим доверием у банков, у микрофинансовых организаций и у международных финансово-экономических организаций. Все кооперативы, включая таджикские, объединены в Международный Кооперативный Союз, который защищает их интересы на мировом рынке и способствует росту объемов производства и расширению их социальной деятельности.

Надо иметь виду, что кооперативы по своей природе представляются не только организационными формами экономической деятельности. Это – институты, которые заботятся, прежде всего, о развитие человека, о совершенствовании социальной среды на местах, в регионах и в масштабе страны в целом. Их деятельность ориентирована на увеличение роста доходов, расширение и совершенствование структуры потребления членов кооперативов.[24]

[24] Ленин В.И., Полн. собр. соч., т. 45, с.376. Источник:https://leninism.su/lenin-now/4188-lenin-v-sovremennom-mire-2011.html?start=3

Самым лучшим примером заботы кооперативов о развитие экономики и об улучшения социального положения своих членов являются израильские Кибуцы. Они действуют в территории еврейского государства в течении более чем 120 лет и смогли добиться повышения уровня жизни населения, соответствующее общепринятым социальным нормативом.[25]

Настало время для того, чтобы начинать такую реформу в Республике Таджикистан, имея ввиду, что это не только сельско-хозяйственные предприятия. Пример израильских Кибуц говорит о том, что они являются многоотраслевыми предприятиями. В их рамках успешно развиваются растениеводческие и животноводческие подразделения, предприятия по переработке произведенной им продукции, производственные единицы, которые опираются на местные несельскохозяйственные виды сырья. В последние десятилетия израильские Кибуцы стали развивать научные исследования, которые ведутся на базе созданных единиц способных вести НИОКР. На первое время кооперативы в сельских территориях Таджикистана могли бы объединить не только сельскохозяйственную деятельность, но и те производственные единицы, которые не имеют сельскохозяйственное значение – предприятия по ремонту техники, производства строительных материалов, дорожной инфраструктуры, народных художественных промыслов.

Такой реформенный сдвиг привело бы к значительному укреплению ресурсов местных бюджетов, и в особенности, бюджетов органов местного самоуправления. К тому же, сельские территории весьма серьезно нуждаются в возобновлении и проведении научных оценок территорий. В этом отношении, Таджикистану необходимо брать пример у стран Западной Европы, где каждый клочок земли оценен не только с позиций продуктивности почв, но и с позиции наличия подземных богатств, а также рекреационного и биоклиматического потенциала.

Применение такого подхода в Таджикистане приведет к выявлению огромных ресурсов, которые содержаться на местах, к реальному возрастанию масштабов национального богатства республики. По примеру стран Западной Европы необходимо внести изменения в земельном Кодексе с учетом всей совокупности ресурсов, которые содержится на отдельных территориях. Нет сомнения в том, что этот подход приведет к выявлению ресурсов, которые имеют не только местное значение, но и обладают общегосударственным значением. В пределах территорий, которые принадлежат каждому отдельному органу местного самоуправления, то есть сельским джамоатам и махаллинским советам, необходимо в течении среднесрочной перспективы выявить ресурсы, дать им оценку и отнести к соответствующим уровням по вертикалу. Это объясняется тем, что на каждой территории имеются ресурсы или запасы ресурсов, которые имеют местное значение, то есть имеет значение для местных общин, ресурсы районного значения, ресурсы республиканского значения и ресурсы, которые имеют стратегическое, с позиции интересов государства, значение.

Органы местного самоуправление призваны привлечь финансовые ресурсы частного сектора и кооперативов для того, чтобы дать оценку реальным объемам ресурсов, которые размещены на их территориях. Если какие то ресурсы уже используются, то при помощи местных экспертов надо дать оценку уровням эффективности их использования. Например, кооператив выращивает хлопчатник и получает с каждого гектара 20ц данной разновидности сырья. Эксперты должны установить какой максимальный урожай можно выращивать на соответствующих земельных участках при создании всех благоприятствующих условий и использование всех факторов производства, а также, четком сопоставлении того, что у них имеется и производится, с соответствующими данными зарубежных стран.

Например, почвы Западного берега реки Иордан, где израильтяне выращивают хлопчатник, являются не только бедными относительно минерального состава и содержание гумуса, но и песчано-каменистими. Такие земли широко распространены в ряде районов Согдийской области (Аштский, Бободжон Гафуровский, Канибадамский районы). Однако в названных районах Таджикистана в 2024 году получили не более 22ц с 1 гектара земли, в то время как израильтяне в землях с такими качественными показателями получают по 55-60ц тонковолокнистого хлопчатника, а в Таджикистане остальная часть хлопкосеющих регионов характеризуются почвами, которые по своим качеством превосходят земли Западного берега реки Иордан в несколько раз. Специалисты считают, что эти земли несопоставимы. К тому же в Вахшской долине биоклиматические условия в

[25] А.В. Федорченко «Экономика Израиля» / М.: 2004, стр. 89

большей степени благоприятствуют получению высоких урожаев, чем израильские земли.

Хлопчатник как основное сырье для производства одежды и более 400 разновидностей конечной продукции высоко котируется на мировом рынке. Для Таджикистана с учетом неиспользованных возможностей он имеет стратегическое значение. Поэтому на местах, и представители властных структур и финансовые органы районов и областей, и местные органы самоуправления должны серьезно продумать вопрос о повышении продуктивности этих земель, рационального размещения сельскохозяйственных культур, повышении уровня научно-технического обеспечения хлопководства с тем, чтобы обеспечить рост доходов с учетом интересов не только местных товаропроизводителей, но и местного и республиканского бюджетов.

Здесь были приведены примеры только по одной продукции – хлопку-сырцу, хотя каждый клочок сельских территорий кроме хлопка характеризуются возможностями производства и реализации многих других разновидностей продукции.

В настоящее время на мировых рынках ощущается бум в отношении редких и рассеянных металлов. Прогнозы советских геологов показывают, что в Таджикистане, в особенности, в горных районах такие металлы в значительных объемах находятся в составе полиметаллических руд. Месторождения полезных ископаемых до сих пор осваиваются с позиции производства одного или двух металлов, химических материалов или самоцветных камней. Основная часть продукции, которая вырабатывается на базе месторождения полезных ископаемых экспортируется в виде полуфабрикатов.

Настало время для того, чтобы они получали форму готовой продукции включающая в себя самое ценное, что содержится в них. Такой подход позволяет местным органам власти извлечь дополнительные выгоды для своих бюджетов и отказаться от дотации от республиканского бюджета. Применение такого подхода означает мощный импульс в процессе индустриализации экономики страны, которая производится снизу, а не сверху. Поэтому есть все основания для того, чтобы этот вопрос стал предметом интенсивных обсуждений на уровне сельских общин и местной власти с последующей разработкой плана по комплексному изучению местных ресурсов и внедрению новых методов их эксплуатации.

## Литература


1. .А.В. Федорченко Экономика Израиля/ М. 2004.
2. Булгаков, Д.С. Государственный бюджет и проблема его сбалансированности / Д.С.Булгаков. − М.: Лаборатория книги, 2012.
3. Шафраник Ю.К. Приоритеты развития и инвестиционная политика минерально-сырьевого комплекса России // Горная Промышленность. 2013. №1.
4. Файзиев Ф.А. Автореферат «Рудно-формационные типы, минералогия, закономерности размещения и генезис серебряных и серебросодержащих месторождений северного и центрального Таджикистана» на соискание ученой степени доктора геолого-минералогических наук по специальности Геология, поиска и разведка твердых полезных ископаемых, минерагения. Душанбе, 2024.
5. Ленин В.И., Полн. собр. соч., т. 45
6. Официальный сайт Министерства финансов Республики Таджикистан [Электронный ресурс]. – Режим доступа: – URL: http://moliya.tj −Загл. с экрана.



**Информация об авторе:**

**Бобоева Нигина Комиловна** - начальник отдела науки и внешних связей Душанбинского технологического колледжа, соискатель кафедры финансов и страхования ТНУ.Адрес: 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, проспект Рудаки 17.

**Маълумот дар бораи муаллиф:**

**Бобоева Нигина Комиловна –** сардори раёсати илм ва робитаҳои хориҷии Коллеҷи технологии шахри Душанбе, унвонҷӯи кафедраи молия ва суғуртаи ДМТ. Суроға: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 17.

**Information about the author: Nigina Boboeva -** Head of the Department of Science and External Relations at the Dushanbe College of Technology, Candidate of Finance and Insurance at TNU. Address: 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue 17.

**УДК: 338.12**

## ҶАНБАҲОИ ИЛМИИ ФАРЗИЯИ «ИҚТИСОДИ САБЗ» ДАР ШАРОИТИ РУШДИ УСТУВОРИ ИҚТИСОДӢ

**Тағоев Б.Д.**
**Сайдализода С.А.**

***Аннотатсия.*** *Ҷанбаҳои илмӣ ва назариявии фарзияи «иқтисоди сабз» бо назардошти тағйирёбии омилҳои табиӣ ва бозорӣ мавриди баррасӣ қарор дода шудааст. Зарурият ва муҳиммияти гузариш ба «иқтисоди сабз» вобаста ба имкониятҳои захиравии мамлакат дар асоси рушди устувори иқтисодиёт муайян ва асоснок карда шудааст. Ақидаҳои назариявии муҳаққиқони ватаниву хориҷӣ вобаста ба маънидод намудани мафҳуми «иқтисоди сабз», инчунин заминагузори ба паҳлӯҳои назариявии он таҳқиқ гардида, тафсилоти онҳо шарҳ дода шуда аст. Муайян карда шудааст, ки «иқтисоди сабз» натанҳо паҳлӯҳои назариявии истеҳсоли маҳсулоти аз нигоҳи экологӣ тоза ва истифодаи оқилонаи захираҳои табииро таҳқиқ менамояд, балки «иқтисоди сабз» дар низомҳои иқтисодӣ ҳамчун ҳамоҳангкунандаи равандҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва экологӣ муаррифӣ мегардад. Равишҳои назариявӣ-методологии «иқтисоди сабз» бо таваҷҷӯҳ ба баландбардории самаранокии истифодаи захираҳои табиӣ, ташкили истеҳсолоти даврагӣ ва баландбардории сатҳи иҷтимоии аҳолӣ асоснок карда шудааст. Дар асоси ақидаҳои матраҳшавандаи муҳаққиқони ватаниву хориҷӣ, мафҳумгузории муаллиф пешниҳод гардида, асоснок карда шудааст, ки «иқтисоди сабз» ҳамчун таъминкунандаи равиш ва усулҳои нави рушди босуботи иқтисодӣ мебошад.*

***Калидвожаҳо:*** *иқтисоди сабз, истеҳсолот, иҷтимоӣ, экология, назария, фарзия, захираҳои табиӣ, самаранокӣ, маҳсулоти босифат, оқилона истифодабарии захираҳо****.***

***Барои иқтибос:*** *Тағоев Б.Д. Ҷанбаҳои илмии фарзияи «иқтисоди сабз» дар шароити рушди устувори иқтисодӣ/ Б.Д. Тағоев, С.А. Сайдализода // Паёми молия ва иқтисод. – 2024. – No. 4.2 (43). – С. 407-413.*

## НАУЧНЫЕ АСПЕКТЫ ГИПОТЕЗЫ “ЗЕЛЕНОЙ ЭКОНОМИКИ” В УСЛОВИЯХ УСТОЙЧИВОГО ЭКОНОМИЧЕСКОГО РОСТА

**Тагоев Б.Д.**
**Сайдализода С.А.**

***Аннотация.*** *Обсуждены научно-теоретические аспекты гипотезы «зеленой экономики» с учетом изменения природных и рыночных факторов. Определены и обоснованы необходимость и важность перехода к «зеленой экономике» исходя из ресурсного потенциала страны на основе устойчивого экономического развития. Изучены теоретические феномены отечественных и зарубежных исследователей, связанные с трактовкой понятия «зеленая экономика», а также основы ее теоретических аспектов и разъяснены их сущность. Определено, что «зеленая экономика» не только изучает теоретические аспекты производства экологически чистой продукции и рационального использования природных ресурсов, но «зеленая экономика» представлена в экономических системах как координатор экономических, социальных и экологических процессов. Теоретико-методологические подходы «зеленой экономики» обоснованы ориентацией на повышение эффективности использования природных ресурсов, организацию циклического производства и повышение социального уровня населения. На основе соответствующих мнений отечественных и зарубежных исследователей предложено и обосновано авторское понимание того, что «зеленая экономика»*

*является разработчиком новых подходов и методов обеспечения устойчивое развитие экономики.*

***Ключевые слова:*** *зеленая экономика, производство, социальная, экология, теория, гипотеза, природные ресурсы, эффективность, качество продукции, рациональное использование ресурсов.*

## SCIENTIFIC ASPECTS OF THE "GREEN ECONOMY" HYPOTHESIS IN CONDITIONS OF STEADY ECONOMIC GROWTH

**Tagoev B.D.**
**Saidalizoda S.A.**

***Abstract.*** *The scientific and theoretical aspects of the hypothesis of the "green economy" are discussed taking into account changes in natural and market factors. The necessity and importance of the transition to a "green economy" based on the resource potential of the country on the basis of sustainable economic development are determined and substantiated. The theoretical phenomena of domestic and foreign researchers related to the interpretation of the concept of "green economy" are studied, as well as the foundations of its theoretical aspects and their essence is explained. It has been determined that the "green economy" not only studies the theoretical aspects of the production of environmentally friendly products and the rational use of natural resources, but the "green economy" is presented in economic systems as a coordinator of economic, social and environmental processes. The theoretical and methodological approaches of the "green economy" are based on the focus on increasing the efficiency of using natural resources, organizing cyclical production and raising the social level of the population. Based on the relevant opinions of domestic and foreign researchers, the author's understanding is proposed and substantiated that the "green economy" is the developer of new approaches and methods for ensuring sustainable economic development.*

***Keywords:*** *green economy, production, social, ecology, theory, hypothesis, natural resources, efficiency, product quality, rational use of resources.*

**Гузориши масъала.** Ҷанбаҳои илмӣ ва назариявии фарзияи «иқтисоди сабз» бо назардошти тағйирёбии омилҳои табиӣ ва бозорӣ мавриди баррасӣ қарор дода шудааст.

**Таҳлили таҳқиқотҳои охир ва нашриёт.** Ақидаҳои назариявии муҳаққиқони ватаниву хориҷӣ вобаста ба маънидод намудани мафҳуми «иқтисоди сабз», инчунин заминагузори ба паҳлӯҳои назариявии он таҳқиқ гардида, тафсилоти онҳо шарҳ дода шуда аст.

**Мақсади мақола.** Зарурият ва муҳиммияти гузариш ба «иқтисоди сабз» вобаста ба имкониятҳои захиравии мамлакат дар асоси рушди устувори иқтисодиёт муайян ва асоснок карда шудааст.

**Мухтавои асосии мавод.** Дигаргуншавии мунтазами вазъи бозорҳо, бахусус бозори истеъмолӣ, ки дар асоси таъсиррасониҳои омилҳои гуногун, ба монанди афзоиши табии аҳолӣ ва ҳаҷми истеъмолоти онҳо пайдо мегардад, маҷрои асосии рушди устувори низоми иқтисодиёти миллиро тағйир медиҳад. Ин масъалаҳо барои таҳия ва татбиқи муваффақи консепсияҳои навини рушди иқтисодиёти мамлакат монеа гардида, ҳамзамон водор менамоянд, ки вобаста ба захираҳои мавҷуда модели «иқтисоди сабз» коркард карда шавад. Масъалаҳои рушди иқтисоди сабз дар рӯзномаи созмонҳои байналмилалӣ, иттиҳодияҳои иқтисодии минтақавӣ, инчунин дар масири рушди стратегии Ҷумҳурии Тоҷикистон мубрам гардида истода, равишҳои нави илмӣ-таҳқиқотиро тақозо менамоянд.

Вобаста ба таҳаввулоти босуръати ҷаҳони имрӯза ва таъсири манфии онҳо Ҳукумати мамлакатро зарур аст, ки фаъолияти худро дар самти муқовимат ба таҳдиду бухронҳо, ташаккули имкнияту захираҳои молиявии ба рушд нигаронидашуда, таъмин намудани гуногунсамтии иқтисодиёт, густариши

раванди рақамикунонӣ, дастрасии молиявию дастгирии соҳибкорӣ, ҳалли масъалаҳои иҷтимоии аҳолии кишвар, омодагӣ ба пайомадҳои тағйирёбии иқлим ва гузариш ба «иқтисоди сабз» тақвияти бештар бахшад [1,15].

Низомҳои иқтисодӣ ҳамчун маҷмӯи соҳаҳои бо ҳам алоқаманде, ки дар асоси фаъолияти дастаҷамъона-муносибатҳои иқтисодии якҷоя, самти истеҳсолии муайян, мубодила ва қонеъгардонии дастаҷамъонаи талаботи аҳолӣ як модели иқтисодии ягонаро ташкил медиҳанд, маҳз ба мақсадҳои ниҳоии иқтисоди сабз рабт дорад. Аз ин сабаб, ташкил ва ташаккули «иқтисоди сабз» ҳамчун консепсияи таъминкунандаи рушди босуботи иқтисодиёт арзёбӣ гардида, фарогири масъалаҳои ҳамоҳангсозии равандҳои истеҳсолиро бо сохторҳои идоракунандаи фаъолияти иқтисодӣ таъмин менамоянд. Вобаста ба ташаккули «иқтисоди сабз» соҳаҳои истеҳсолии мамлакат, аз ҷумла соҳаи кишоварзӣ, саноат, коркард, экология ва дигарҳо фаъолияти худро дар шакли занҷиравӣ ё бо ҳам алоқаманди дошта, роҳандозӣ менамоянд.

Вобаста ба тамоюлҳои манфии ҳаҷми захираҳои табиӣ, таҳдидҳои иқтисодӣ ва экологӣ, роҳандозии шакл ва усулҳои истеҳсолоти ғайримуқаррарӣ, инчунин норасогии захираҳои энергетикӣ «иқтисоди сабз» ҳамчун масъалаи фаромилалӣ аз солҳои 1950 мавриди баррасӣ ва таҳқиқи васеъи доираи илмӣ гардидааст. Бахусус конференсияи Созмони Милали Муттаҳид (СММ) оид ба рушди устувор «Рио+20», ки соли 2013 дар Бразилия баргузор гардида буд, ба таҳияи механизмҳои муайян, низоми сохторӣ ва ҷузъиёти таркибӣ, самту масоил, бахусус паҳлуҳои илмию назариявии «иқтисоди сабз» заминаи калидӣ гузошта буд.

Дар адабиёти иқтисоди мафҳуми илмии «иқтисоди сабз» ба таври гуногун маънидод гардида, тавассути равишҳои гуногуни илмию методологӣ моҳияти асосии он шарҳу тавсиф дода шуда, муайян карда мешавад. Ҳамзамон «иқтисоди сабз» ҳамчун фарзияи илмии ташкил ва ташаккули истеҳсолоти аз нигоҳи экологӣ тоза, самаранокии баланди истифодаи захираҳои табиӣ, ташкили истеҳсолоти кампартов мавриди муҳокима ва баҳсҳои илмӣ қарор дода мешавад.

«Иқтисоди сабз» дар фаҳмиши умумӣ ҳамчун гузариш ба шакли нави иқтисодиёте мебошад, ки дар он ҳалли масъалаҳои истеҳсолоти моддӣ, экологиякунонии фаъолияти иқтисодӣ, баланд бардоштани сатҳи самаранокии захираҳои табиӣ ва иҷтимоӣ бо ҳамдигар дар талъаманд. Аз ҷумла, дар СММ мафҳуми «иқтисоди сабз» чунин тавсиф дода шудааст: «…ин иқтисодиёти ба афзоиши сатҳи некуаҳволии аҳолӣ таъсиркунанда буда, бояд коҳишдиҳии хавфҳои муҳити атрофро таъмин намояд. Ба сифати тавсифҳои умумии «иқтисоди сабз»-оқилона ва самаранокии истифодабарии захираҳои табиӣ, кам намудани ҳаҷми партовҳои гулхонаи ва татбиқи технологияҳои нави «сабз»-ро ҷудо менамоянд» [2,60].

Маълум мегардад, ки мафҳумгузорӣ дар чунин равиши илмӣ ба «иқтисоди сабз» натанҳо бо ҳам алоқамандии як чанд соҳаҳои асосии хоҷагии халқ ва сатҳу сифати зиндагонии аҳолиро дар бар мегирад, балки дар талъам будани низомҳои иқтисодиро дар раванди татбиқи рушди устувори иқтисодиёти мамлакат тасвир менамояд.

Дар шароити имрӯза консепсияи рушди устувор назарияи афзоиши иқтисодиро иваз намуда истодааст. Хатарҳои ҷаҳонӣ, бахусус бухронҳои экологӣ ва мушкилоти озуқаворӣ, бознигарии фаврии вазъи мавҷудаи соҳаҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ, экологӣ ва этикӣ-маънавиро тақозо менамояд. [3,64]

Қобили қайд аст, ки фарзияи асосии ташаккули «иқтисоди сабз» маҳз дар пайдошавии бухрону хатарҳои ҷаҳонӣ, инчунин дар қабули қарорҳои муфид ҷиҳати камхарҷу бехатар бо назардошти оқилона истифодабарии захираҳои табиӣ дар раванди таъмини рушди иҷтимоӣ-иқтисодии аҳолӣ зуҳур меёбад. Дар чунин мафҳумгузорӣ назарияи илмии «иқтисоди сабз» дар масири рушди устувори иқтисодӣ равшан гардида, ҳамзамон паҳлӯҳои назариявии мутобиқгардонии фаъолияти субъектҳои иқтисодӣ, ниҳодҳои иҷтимоӣ, бахши экологӣ бо назардошти хусусиятҳои миллӣ, минтақавӣ ва урфу одатҳои аҳолии мамлакат муайян мегардад.

Консепсияи «иқтисоди сабз» ақидаҳои зиёдеро дар бар мегирад, ки ба масъалаҳои рушди устувор алоқаманданд. Агар рушди устувор робитаи зичи байни се зерсистема – иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва экологиро дар назар дошта бошад, пас консепсияи «иқтисоди сабз» ҳамоҳангӣ ва мувофиқати ин ҷузъҳоро, ки барои ҳамаи кишварҳо, новобаста аз марҳилаи рушди иқтисодии онҳо-рушдёфта, рушдёбанда, инчунин мамлакатҳои дар раванди иқтисодиёти гузариш қарордоштаро даъват менамояд [4,83].

Қобили қайд аст, ки дар чунин назари илмӣ, мафҳуми «иқтисоди сабз» ҳамчун майдончаи бо ҳам омадани фаъолияти иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва экологӣ буда, тамоми мамлакатҳои дунёро, ки дар сатҳи гуногуни рушди иқтисодӣ қарор доранд тақозо менамояд. Маълум аст, ки дилхоҳ фаъолияти иқтисодӣ ҷиҳати беҳтаргардонии вазъи иҷтимоӣ, чӣ дар шахсияти инфиродии як нафар ва чӣ дар ягон ҷомеаи бузург ба роҳ монда мешавад. Аммо аз дигар нуқтаи назари илмӣ, ҳамагуна фаъолияти иқтисодӣ, ки барои бунёди неъматҳои моддӣ ва ғайримоддӣ равона карда мешавад, бе таъсиррасонӣ ба ҷузъиёти экологӣ тасаввурнопазир аст. Дар ин маврид, «иқтисоди сабз» ҳамчун назарияи илмиву бунёдии ҳамоҳангкунандаи ҳамаи чараёнҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва экологӣ пайдо гардида, ба ташкили модел ё консепсияи навини рушди иқтисодӣ замина мегузорад. Чунин тасаввуроти илмӣ оид ба фаҳмиши «иқтисоди сабз» дар шароити муосир, ҳангоме, ки уфуқҳои рушди иқтисодиёт дар асоси татбиқгардонии бошиддати технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсионӣ, фаъол гардидани рақамикунонии моделҳои иқтисодӣ ва тағйирёбии кулли сохтори бозори меҳнат дигаргун мегардад, «иқтисоди сабз» ба ташкилу ташаккули паҳлӯҳои дигари фаъолияти нави иқтисодӣ заминаҳои калидӣ мегузорад. Аз ҷумла, назарияи «иқтисоди сабз» дар баробари ҳамоҳангсозии се соҳаи калидии иқтисодиёти миллӣ уфуқҳои муосири рушди устувори иқтисодиётро дар асоси таъсисёбии шаклҳои нави моликият, шуғл, меъёр ва навъҳои талаботи аҳолӣ як модели иқтисодии нави мунтазам ва ба таври занҷиравию даврагӣ ҳаракаткунандаро тасвир менамояд.

Айни замон дар адабиёти иқтисодии давлатҳои Иттиҳоди Аврупо ва дигар мамлакатҳои ғарб фаҳмиши «иқтисоди сабз»-ро ҳамчун фарзияи асосии ташкили иқтисодиёти бепартов низ маънидод менамоянд. Аз ҷумла, ба ақидаи мутахассисони фонди «ellen macarthur foundation» иқтисодиёти даврагӣ мушкилоти тағйирёбии иқлим ва дигар масъалаҳои аҳамияти иҷтимоӣ-иқтисоди доштаро ҳаллу фасл намуда, барои нигоҳдории гуногуниҳои биологӣ, истеҳсолоти бепартов, инчунин тозанигоҳдории муҳити атроф тавассути маҳдудгардонии фаъолияти иқтисодӣ аз истифодаи барзиёди захираҳои табиӣ шароитҳои зарурииро таъмин менамояд.

Гузашта аз ин, модели нави рушди иқтисодӣ, «Circular economy» иқтисодиёти даврагӣ ном гирифта рушди иқтисодиро аз истифодаи захирҳои табиии маҳдудбуда ҷудо намуда, инчунин дар асоси самаранокии истифодаи ҳамагуна захираҳо устувории иқтисодиётро шиддатнок ва рақобатпазир мегардонад. Гарчанде солҳои охир чунин ақида на танҳо дар доираҳои илми иқтисодӣ, балки дар рӯзномаи кории мақомотҳои давлатӣ, ширкатҳо ва ҷамъиятҳои гуногунфаъолият мавриди таваҷҷӯҳи хоса қарор дода шуда истодааст. «Ин модел дар худ алтернативаи бисёрнатиҷаро дар иқтисодиёти анъанавӣ таҷассум намуда, ба коҳишдиҳии ҳаҷми истеъмол ва истифодаи барзиёди захираҳо, ҷиҳати таъсиррасонии мусбӣ ба экосистемаи сайёра кӯмак менамояд» [5,28].

Маълум мегардад, ки фарзияи «иқтисоди сабз» дар таҳияи назарияҳои илмӣ, ҳамзамон таҳияи чорабиниҳо, механизмҳо ва меъёрҳои гуногуни муайянсозӣ ё мониторингу арзёбии моделҳои нави рушди босуботи иқтисодӣ ҳамчун заминаи бунёдии моделҳои муосири рушди иқтисодиёт истифода бурда мешавад. Албатта имрӯзҳо дар доираҳои илмӣ, фаъолияти мақомотҳои давлатӣ ва ширкатҳои гуногунсатҳ мубоҳисаи кам кардани истифодаи ҳамагуна захираҳо, ҳисоб ё ба низом даровардани меъёрҳои муайянсозии ҳаҷми талабот, инчунин таҳияи методҳои истифодаи самараноки онҳо

ҷиҳати таъмини рушди иҷтимоӣ-иқтисодӣ рафта истодааст. Аз ин сабаб, назарияи илмии «иқтисоди сабз» тақозо менамояд, ки ҳамаи соҳаҳои иқтисодиёт дар доираи як доктрина, консепсия ё барномаи мушахасс вобаста ба самти муайян, мақсадҳои асосӣ, принсипҳои дахлдор, механизмҳои ташаккул ва мониторинги самаранок истифодабарии захираҳои табиӣ бо назардошти талаботҳои рушди устувори иқтисодӣ роҳандозӣ гардад. Агар мафҳуми илмии фарзияи «иқтисоди сабз»-ро дар ҳамин фаҳмиш маънидод намоем, пас маълум мегардад, ки гузаштан ба модели нисбатан нави рушди иқтисодӣ барои мамлакатҳои рӯ ба тараққӣ, бахусус Ҷумҳурии Тоҷикистон нисбатан маблағталаб буда, муҳлати тулонӣ ва ташкилу ташаккули системавиро тақозо менамояд. Гарчанде, иқтисодиёти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон вобаста ба модели интихоб гардидаи рушди иқтисодӣ, аллакай дар ҳамин гуна модел қарор дорад [6,8].

Аз ҷумла, яке аз истеҳсолоти соҳаҳои таҳдидкунанда ва ташвишдиҳандаи «иқтисоди сабз» ин комплекси сӯзишворӣ ё соҳаи энергетика мебошад, ки имрӯз истихроҷ ва истифодаи масолеҳи нефту гази дар Тоҷикистон чандон нишондиҳандаи калон надоранд ва зиёда 95% истеҳсоли нуруи барқ аз нурӯгоҳҳои барқи обӣ аз нигоҳи экологӣ тоза ба даст оварда мешавад. Гарчанде дар мамолики хориҷа, бахусус мамлакатҳои Иттиҳоди Аврупо барои истеҳсоли неруи барқ ва гармӣ неругоҳҳои ҳастаӣ, сӯзишвории дизелӣ ва ғайраҳо истифода намуда истодаанд ва дар ин замина ҷиҳати гузаштан ба «иқтисоди сабз», равиши давра ба давра гузаштанро интихоб намудаанд, ки хароҷоти молиявии зиёдро тақозо менамояд.

Қайд намудан бомаврид аст, ки иқтисодиёти даврагӣ, ки ба рушди устувори навин равона гардидааст, бояд дар се принсипи асосӣ-бартарафсозии партовҳо ва ифлоскунандаҳо, муболиаи маҳсулот ба ашё ва барқарорсозии табиат зоҳир гардад. Гузаштан ба «иқтисоди сабз» дар асоси татбиқ ва риояи самараноки ин принсипҳои заминавӣ, низоми гузариш ба истифодабарии сарчашмаҳои барқароршавандаи энергия, иқтисоди даврагӣ ҳамчун низоми муфид барои бахши бизнес, муҳити зист ва одамон тасвир мегардад. Муҳақиқони ғарбӣ McDonough W ва Braungart M. қайд менамоянд, ки «ақидаи заминавии иқтисоди даврагӣ фарқияти равишҳо ва вариантҳои тавсифдиҳандаи консепсияҳои истифодабарии табиатро дигаргун намуда, дар асоси иқтисодиёти бепартов афзалиятҳои рушди давраҳои биологиро тақвият бахшид» [7,40].

Бояд қайд намуд, ки иқтисодиёти даврагӣ дар ҳамаи занҷираи давраи ҳаётии молу маҳсулот тағйироти куллиро аз таҳияи тасвири асосӣ то бизнес-моделҳо тақозо намуда, инчунин ба ташаккули одатҳои истеъмолии одамон замина мегузорад. Дар ҳолати зарурати истеҳсоли маҳсулоти нав таваҷҷӯҳ бештар ба таҳияи давраи ҳаёти истеҳсолот ва интихоби ашёи хом ва маҳсулоти аз нигоҳи экологӣ тоза, сифат, муҳлати дарози истифодабарӣ, имкониятҳои таъмир ё ивазкунӣ, коркарди дуюмбора, истифодаи такрорӣ зоҳир мегардад.

Ҳамин тариқ, таҳқиқи натиҷаи асарҳои илмии ватанӣ ва хориҷӣ собит менамоянд, ки ҷанбаҳои илмии фарзияи «иқтисоди сабз» дар шароити рушди устувори иқтисодӣ гуногунпаҳлӯ ва гуногунмаънӣ буда, асоси онро маҳз таъмини самаранокии истифодаи захираҳои табиӣ, ки принсипи асоси рушди босуботи иқтисодӣ мебошад, инчунин истеҳсолоти кампартов ва маҳсулоти рақобатапазири аз нигоҳи экологӣ тозаи таъминкунандаи сатҳу сифати баланди зиндагии аҳолӣ, ташкил медиҳад. Вобаста ба шарҳу тафсилоти мафҳуми илмии фарзияи «иқтисоди сабз», ақидаи нав таҳия мегардад, ки ба назари мо «иқтисоди сабз»-ин чунин шакли иқтисодиёте мебошад, ки бо назардошти манфиатҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва экологии насли оянда тақвият додани ҳамоҳангии истеҳсолот, иҷтимоиёт ва экология ҷиҳати таъмини талаботи аҳолӣ бо молу маҳсулоти босифат мебошад. Чунин мафҳумгузорӣ моҳияти асосии дарки «иқтисодиёти сабз»-ро васеъ гардонида, дар таҳияи назарияи муайян, ҳамзамон татбиқи ақидаҳои назариявӣ дар истеҳсолот заминаи асосӣ гузошта метавонад.

Вобаста ба чунин мафҳумгузорӣ ва ошкорсозии моҳияти асосии он, ҷанбаҳои назариявӣ-методологии таҳқиқи «иқтисоди сабз»-ро метавон тавассути ду равиши илмӣ-

истеҳсоливу технологӣ ва истеҳсоливу маънавӣ мавриди таҳқиқ қарор дод. Албатта дар маҷмӯъ, инҷо дар фаҳмиши падидаи умумии ҳаёти одамон ва мутобиқии онҳо бо табиат, ки дар он истеҳсоли аввалиндарачаи ашё хоми истеҳсолоти «иқтисодиёти сабз» оғоз мегардад, муайян мегардад. Равиши якум, пешниҳод менамояд, ки ба вуҷуд овардани фаъолиятҳои гуногун барои нигоҳдории табиат, беҳдошти муҳити зисти одамон бо назардошти тозагардонии ҳаво, об ва замин равона карда мешавад. Дар назар дошта мешавад, ки барои иҷрои ин гуна чорабиниҳо одамон сабабҳои пайдошавии таҳдидҳои экологиро ҷустуҷӯ намуда ва барои истифодабарии технологияи навин, ки метавонад натиҷаҳои манфии таъсиррасониҳои истеҳсолиро ба муҳити зист коҳиш дода, инчунин пайдошавӣ ва бартарафсозии фаврии оқибатҳои онҳоро бартараф намоянд.

Равиши дуюм бошад, дар фаҳмиши «иқтисоди сабз» дар раванди истеҳсолот татбиқ намудани ахлоқи маънавӣ ва падидаҳои эҳтиромгузории одамон ба захираҳо табиӣ ва муҳити атрофро бо таваҷҷӯҳ ба танзими инфиродии ҳаҷми истеъмоли худиро дар назар дорад. Тавассути ин равиши илмӣ дар зери мафҳуми «иқтисоди сабз» на танҳо сабзгардонии маҷрои иқтисодиёт, балки дигаргунсозии ақида, назар ва муносибати одамонро ба неъматҳои табиат маънидод карда мешавад.

Ҳамин тариқ, назарияи «иқтисоди сабз» ҳамчун таъминкунандаи равиш ва усулҳои таъмини рушди босуботи иқтисодӣ буда, на танҳо масъалаи баҳсталаби мамлакатҳои ҷаҳон, балки яке аз вазифаҳои стратегии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон маҳсуб ёфта, маҷрои рушди иқтисоди миллиро ба самти сабзи рушди гардонида, афзалиятҳои таъмини пурраи сабзгардонии Ҷумҳурии Тоҷикистонро бештар мегардонад. Захираҳои мавҷудаи молиявӣ ва табиӣ, афзоиши талаботи истеҳсолот ва аҳолӣ ба захираҳои табиӣ, дастрасии технологияҳои сабз ва дигар омилҳои мусоид, афзалиятҳои таъмини рушди устувори иқтисодии мамлакатро бештар мегардонад. Дар ин самт, зарур аст, ки тавассути ақидаҳои назариявӣ, инчунин ташаббусҳои инноватсионӣ «иқтисоди сабз» метавонад дар ҳалли масъалаҳои таъмини самаранокии истифодаи захираҳои об дар соҳаҳои иқтисоди миллӣ, мушкилоти энергетикӣ, татбиқи технологияҳои сабз, ҷалби сармоягузориҳои сабз барои баландбардории нишондиҳандаҳои ҳосилнокии зироатҳо, устуворгардонии иқтидори содиротӣ, баландбардории маҳсулнокии захираҳои замин ва таъмини бехатарии озуқавории Тоҷикистон нақши калидӣ гузорад.

**Адабиёт**


1. Ануфриев В. П., Кулигин А. П. Низкоуглеродная экономика, энергоэффективности, устойчивое развитие. Дискуссия. Журнал научных публикаций. 2011. №10 (18). – С. 14-19.
2. Бобилёв С., Захаров В, «Зеленая» экономика и модернизация. Эколого-экономические основы устойчивого развития. Бюллетень Института устойчивого развития Общественной палаты РФ. №60. 2012.www.ekopolisy.ru/upload.
3. Бочко В. С. Зеленая экономика: вторая вечная проблема человечества. Вестник УрФУ. Серия экономика и управление. 2014. №3. – С.113-119.
4. Валько Д. В. Циркулярная экономика: основные бизнес-модели и экономические возможности. Журнал экономической теории. 2020, № 17(1). –С. 156-163.
5. Кимсанов У.О., Давлятова М.М. Теоретические аспекты понятия «зелёная экономика»//Вестник технологического университета Таджикистана. 2017. № 3 (30). – С. 83-87.
6. Национальный обзор на пути к «зелѐной» экономике в Таджикистане Составлен в рамках подготовки к Международной конференции ООН по устойчивому развитию (РИО+20), Душанбе – 2012 – 72с
7. Одинаев Х.А. Сохранение региональных экосистем: проблемы и приоритеты//Индустриализация страны и обеспечение устойчивого развития экономики/Материалы международной научно-практической конференции (27 февраля 2020г.). - Душанбе, Типография ТНУ, 2020. - С.64-68.

8. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ». 26.01.2021. ш. Душанбе. Сомонаи расмии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон http://president.tj/node/25005
9. Introduction to the Circular Economy. Measuring the circular economy in Europe: Big differences among countries, great opportunities to converge. https://www.ellenmacarthurfoundation.org/topics/circular.
10. McDonough W, Braungart M (2002) Cradle to cradle: Remaking the way we
11. make things. North Point Press, New York.
12. Тагоев, Б. Д. Сайдализода С.А. Теоретические основы «зеленой экономики» в новой экономической системе / Б. Д. Тагоев, С. А. Сайдализода // Ускоренная индустриализация и вопросы ее реализации в Таджикистане : Материалы международной научно-практической конференции, Душанбе, 17 февраля 2023 года. – Душанбе: Таджикский национальный университет, 2023. – С. 248-252. – EDN OYZWHX.
13. Трифонова П. С. Оценка экологической ситуации муниципальных образований как основа индивидуализации стратегий. Вестник университета. 2022.№11. –С. 103-112.

**Маълумот дар бораи муаллифон:**
**Тағоев Бахром Дустмаҳмадович** – н.и.и., дотсент, мудири кафедраи иқтисоди миллӣ ва бехатарии иқтисодӣ, Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, ш. Душанбе хиёбони Рудакӣ 17, тел.: 939269999, E- mail: behruzt84@mail.ru
**Саидализода Сунатулло Аҳлиддин**, докторанти PhD-и кафедраи иқтисоди миллӣ ва амнияти иқтисодии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон мебошад. 734025, Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, проспект. Рӯдакӣ 17, тел.: +992 93 9403545

**Сведения об авторов:**
**Тагоев Бахром Дустмахмадович** - кандидат экономических наук, доцент, заведующий кафедрой национальной экономики и экономической безопасности Таджикского национального университета, г. Душанбе проспект Рудаки 17, тел.: 939269999, E- mail: behruzt84@mail.ru.
**Сайдализода Сунатулло Ахлиддин** – докторант PhD кафедры национальной экономики и экономической безопасности Таджикского национального университета. 734025, Таджикистан, г. Душанбе, пр. Рудаки 17, тел.: +992 93 9403545

**Information about the author:**
**Tagoev Bakhrom Dustmakhmadovich -** candidate of economic sciences, Associate Professor, Head of the Department of National Economy and Economic Security of the Tajik National University, Dushanbe, Rudaki Avenue 17, tel.: 939269999, E- mail: behruzt84@mail.ru
**Saidalizoda Sunatullo Ahliddin** – PhD student at the Department of National Economy and Economic Security of the Tajik National University. 734025, Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave. 17, tel.: +992 93 9403545.

**УДК: 336.774.5 (575.3)**

# ТАҶРИБАИ ХОРИҶИИ БАЛАНДБАРДОРИИ САМАРАНОККИИ ИМТИЁЗҲОИ ГУМРУКӢ ДАР РУШДИ ФАЪОЛИЯТИ СОҲИБКОРӢ

**Ҷураев Ш.Н.**

*Мақола ба таҳлили таҷрибаи берунии истифодаи имтиёзҳои гумрукӣ барои ҳавасмандгардонии фаъолияти соҳибкорӣ ва баланд бардоштани самаранокии он бахшида шудааст.Муаллиф ба ҷанбаҳои ҳуқуқӣ, механизмҳои назорат ва мониторинги истифодаи имтиёзҳои гумрукӣ ва мушкилоте, ки соҳибкорон ҳангоми татбиқи онҳо дучор меоянд, диққат медиҳад. Тавсияҳо оид ба мутобиқ кардани таҷрибаи байналмилалӣ ба шароити иқтисоди миллӣ барои беҳтар кардани самаранокии имтиёзҳои гумрукӣ ва ҳавасмандгардонии фаъолияти соҳибкорӣ пешниҳод карда шуданд.*

***Калимаҳои асосӣ:*** *имтиёзҳои гумрукӣ, фаъолияти соҳибкорӣ, тиҷорати байналмилалӣ, танзими гумрукӣ, рақобатпазирӣ, сиёсати иқтисодӣ, сиёсати тиҷоратӣ.*

***Барои иқтибос:*** *Ҷураев Ш.Н. Таҷрибаи хориҷии баландбардории самаранокии имтиёзҳои гумрукӣ дар рушди фаъолияти соҳибкорӣ/ Ҷураев Ш.Н. // Паёми молия ва иқтисод. – 2024. – No. 4.2 (43). – С. 414-420.*

# ВНЕШНЯЯ ПРАКТИКА ПОВЫШЕНИЯ ЭФФЕКТИВНОСТИ ТАМОЖЕННЫХ ЛЬГОТ В РАЗВИТИИ ПРЕДПРИНИМАТЕЛЬСКОЙ ДЕЯТЕЛЬНОСТИ

**Джураев Ш.Н.**

*Статья посвящена анализу внешней практики применения таможенных льгот для стимулирования предпринимательской деятельности и повышения ее эффективности. Автором акцентируется внимание на правовых аспектах, механизмах контроля и мониторинга использования таможенных льгот, а также на проблемах, с которыми сталкиваются предприниматели при их применении. Предложены рекомендации по адаптации международного опыта к условиям национальной экономики для улучшения эффективности таможенных льгот и стимулирования предпринимательской активности.*

***Ключевые слова:*** *таможенные льготы, предпринимательская деятельность, международная торговля, таможенное регулирование, конкурентоспособность, экономическая политика, торговая политика.*

# EXTERNAL PRACTICE OF INCREASING THE EFFECTIVENESS OF CUSTOMS BENEFITS IN THE DEVELOPMENT OF ENTREPRENEURIAL ACTIVITY

**Juraev Sh.N.**

*The article is devoted to the analysis of the external practice of applying customs privileges to stimulate entrepreneurial activity and increase its efficiency. The author focuses on legal aspects, mechanisms for controlling and monitoring the use of customs privileges, as well as on the problems faced by entrepreneurs when applying them. Recommendations on the adaptation of international experience to the conditions of the national economy are proposed to improve the effectiveness of customs benefits and stimulate entrepreneurial activity.*

***Keywords:*** *customs privileges, entrepreneurial activity, international trade, customs regulation, competitiveness, economic policy, trade policy, business promotion, customs privileges.*

**Гузориши масъала.** Таҷрибаи хориҷии баланд бардоштани самаранокии имтиёзҳои гумрукӣ аксар вақт бо мушкилоти тағйирёбандаи қоидаҳои андоз ва гумрукӣ рӯ ба рӯ мешавад. Аз сабаби ноустувории қонунгузорӣ, соҳибкорон метавонанд ба дарозумрии имтиёзҳо боварӣ надошта бошанд, ки ҳавасмандии сармоягузориро коҳиш медиҳад. Имтиёзҳои гумрукӣ метавонанд бо расмиёти маъмурии вақтталаб алоқаманд бошанд. Ин зарурати пешниҳоди ҳуҷҷатҳои зиёдеро дар бар мегирад, ки ба талаботи қатъӣ ҷавобгӯ мебошанд, ки раванди гирифтани имтиёзҳоро барои тиҷорати хурд ва миёна хеле душвор ва гарон мекунад. Дар бисёр кишварҳо имтиёзҳо метавонанд бо тиҷорати хориҷӣ ё таҳримҳои байналмилалӣ маҳдуд карда шаванд. Тағйирот дар созишномаҳои байналмилалӣ ё таҳримҳои иқтисодӣ метавонанд ба имконияти истифодаи имтиёзҳо таъсири назаррас расонанд. Барои баланд бардоштани самаранокии имтиёзҳои гумрукӣ дар рушди фаъолияти соҳибкорӣ, такмил додани ҷузъи ҳуқуқӣ ва ташкилӣ, таъмини шаффофият, рушди системаҳои мониторинг ва назорат ва расонидани хидматҳои босифати машваратӣ барои тиҷорат муҳим аст.

**Таҳлили таҳқиқотҳои охир ва нашриёт.** Имтиёзҳои гумрукӣ ҷанбаи муҳими фаъолияти иқтисодии хориҷиро ифода мекунанд ва метавонанд ба иқтисодиёти кишвар таъсири назаррас расонанд. Дар асарҳои доир ба низомҳои гумрукӣ ва истифодаи онҳо дар корҳои илмии олимони ватанӣ ба монанди: Раҷабов Р.К., Факеров Х.Н., Хикматов С.И., Раҷабова Н.Р. ва дигарон. Мавзуи истифодаи имтиёзҳои гумрукӣ дар соҳибкорӣ хеле хуб таҳия шудааст, аммо омӯзиши минбаъда ва мутобиқшавӣ ба шароити тағйиребандаи бозор ва қонунгузорӣ талаб мекунад.

**Мақсади мақола.** Мақсади мақола ин таҳлили механизми иқтисодию ташкилӣ мебошад, ки ба баланд бардоштани самаранокии истифодаи имтиёзҳои гумрукӣ дар заминаи рушди фаъолияти соҳибкорӣ равона шудааст, ки ба ҳавасмандгардонии сармоягузорӣ, беҳтар намудани рақобатпазирии истеҳсолкунандагони ватанӣ ва мусоидат ба ҳамгироӣ ба бозорҳои байналмилалӣ мусоидат мекунад.

**Муҳтавои асосии мавод.** Имтиёзҳои гумрукӣ ҳамчун як унсури сиёсати тиҷоратӣ истифода мешаванд, ки метавонанд дар таҳкими муносибатҳои байналмилалӣ нақши муҳим бозанд. Кишварҳо барои таҳкими робитаҳои тиҷоратӣ бо якдигар ба баъзе имтиёзҳои гумрукӣ розӣ мешаванд. Имтиёзҳои гумрукӣ воситаи муҳими сиёсати тиҷорати хориҷӣ ва муносибатҳои байналмилалӣ ба ҳисоб мераванд. Ин имтиёзҳо ҳамчун сабукиҳо ё коҳиш дар пардохтҳои гумрукӣ барои воридот ва содироти молҳо пешниҳод мешаванд ва одатан дар асоси созишномаҳои байнидавлатӣ ё созмонҳои тиҷоратӣ муқаррар мегарданд.

Ҳангоми таҳлили ҳадафҳои истифодаи имтиезҳои гумрукӣ, бояд ба ҳадафҳои стратегии мақомоти гумрук такя кард, ки яке аз ҳадафҳои асосӣ мусоидат ба рушди савдои хориҷӣ дар сатҳи байналмилалӣ мебошад, ки дар он мақомоти гумрук ба иштирокчиени фаъолияти иқтисодии хориҷӣ имконият медиҳанд, ки имтиезҳои дахлдори гумрукиро истифода баранд ва гиранд [3, с.202].

Дар доираи ин, тағир додани имтиезҳои гумрукӣ ба амал меояд, зеро онҳо ҳамчун воситаи қонеъ кардани манфиатҳои субъектҳое, ки ба ҳифзи иҷтимоӣ (истеҳсолкунандагони ватанӣ) ниез доранд ва ҳамчун воситаи фаъолсозии фаъолияти судманди ҷамъиятии корхонаҳои ватанӣ ва ҳамчун механизме, ки таъсири иқтисодиро аз фаъолияти иқтисодии хориҷӣ таъмин мекунад, амал мекунанд. [2, с.65].

Дар доираи дастуру супоришҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҷиҳати ҳавасмандгардонии содирот, таъмин намудани гуногуншаклии истеҳсолоти ба содирот нигаронидашуда ва содагардонии расмиёти савдо дар кишвар корҳои амалӣ идома доранд.

Бо мақсади таҳкими истеҳсолоти ба содирот нигаронидашуда ва воридот-ивазкунанда, фароҳам овардани шароити мусоид барои татбиқи сиёсати давлатӣ дар самти фаъолияти иқтисоди хориҷӣ, таъмини

рақобатпазирии маҳсулоти ватанӣ, афзун намудани ҳаҷми истеҳсоли молу маҳсулоти содиротӣ ва коҳиш додани ҳиссаи молҳои истеъмолӣ дар ҳаҷми умумии воридот «Барномаи давлатии мусоидат ба содирот ва воридотивазкунии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2016-2020» ҷамъбаст ва «Барномаи давлатии рушди содирот барои солҳои 2021-2025» таҳия ва қабул шудааст.

Бо натиҷагирӣ аз амалҳои пешбинишуда ба мақсади таъмини иҷрои ҳадафи чоруми миллӣ-саноатикунонии босуръати кишвар дар самти истеҳсоли маҳсулоти дорои арзиши баланди иловашуда, ба кор андохтани иқтидорҳои нав, роҳандозии истеҳсоли маҳсулоти нави рақобатпазири ба содирот нигаронидашуда ва воридотивазкунанда, истифодаи самараноки иқтидорҳои мавҷуда, густариши иқтидори содиротии кишвар як силсила тадбирҳо амалӣ гардидаанд.

Новобаста ба вазъияти мураккаби бамиёномада бинобар паҳншавии бемории сироятии коронавируси COVID-19, ки вазъияти молиявии давлатҳои ҳамшарики тиҷоратӣ ва воридоти молу маҳсулотро маҳдуд намудааст дар соли 2020 гардиши савдои хориҷӣ тамоюли афзояндаро нигоҳ дошт.

Мувофиқи маълумоти оморӣ гардиши савдои хориҷӣ дар соли 2020-ум 4557,8 млн. долларро ташкил дод, ки нисбат ба соли 2019-ум 0,8 фоиз ё 34,1 млн. доллар афзоиш ёфтааст. Дар ин давра гардиши савдои хориҷӣ бо кишварҳои аъзои ИДМ ба 2357,9 млн. доллар баробар гардид, ки ин нишондиҳанда 51,7 фоизи гардиши савдои хориҷии ҷумҳуриро ташкил медиҳад.

**Диаграммаи 1. Ҳаҷми гардиши савдои хориҷӣ дар солҳои 2018-2020** (млн. доллар)




**Манбаъ: Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон.- Душанбе,2022 -саҳ.355**

Шарикони асосии тиҷоратии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2020 кишварҳои Россия (21,4 фоиз), Қазоқистон (20 фоиз), Швейтсария (15,3 фоиз), Хитой (10,4 фоиз), Ӯзбекистон (7,3 фоиз), Туркия (7,1 фоиз), Германия (2 фоиз), Афғонистон (1,6 фоиз), Эрон (1,3 фоиз), Ҷопон (1,1 фоиз), Корея (1,2 фоиз), Италия (0,8 фоиз) ба ҳисоб меравад. Ҳиссаи содирот дар ҳаҷми гардиши савдои хориҷӣ аз 26 фоизи соли 2015 то 31 фоиз дар соли 2020 афзоиш ва ҳиссаи воридот аз 74 фоизи соли 2015 то 69 фоиз дар соли 2020 коҳиш ёфт.

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки дар натиҷаи тадбирҳои андешидашуда ва татбиқи имтиёзҳои қайдгардида дар ҷумҳурӣ дар соҳаҳои гуногун корхонаҳои истеҳсолӣ бо технологияи муосир таъсис дода шуд, ки ҳаҷми истеҳсоли молҳои ниёзи аввал афзоиш ёфта, талаботи бозори дохилӣ таъмин ва сохтори содирот бо тадриҷ васеъ мешавад. Дар соли 2020 истеҳсоли маҳсулоти ниёзи аввал ба таври мунтазам рушд ёфта истодааст, ки ҷавобгӯ ба ҳадафи Ҳукумати кишвар дар самти истеҳсоли маҳсулоти воридотивазкунанда мебошад. Тибқи ҳисобҳои пешакӣ маҳсулоти воридотивазкунии асосӣ дар ҳаҷми тақрибан 9,5 млрд. сомонӣ истеҳсол шудааст.

Вазни хоси содиротии кишвар асосан аз ҳисоби фурӯши металлҳои қиматбаҳо ва нимқиматбаҳо 49 фоиз, нахи пахта 12,4 фоиз, маъдану консентратҳо 11,2 фоиз, алюминийи аввалия 10 фоиз, семент 4,3 фоиз, қувваи барқ 4 фоиз, дигар металлҳои нимқиматбаҳо (сурма) 2,3 фоиз, меваю сабзавот 1,3 фоиз, либос ва қисмҳои он 1,2 фоиз ташаккул ёфтааст. Содироти мол дар соли 2020, 1406,9 млн. долларро ташкил намуд, ки нисбат ба соли 2019-ум 19,8 фоиз ё 232,5 млн. доллар афзоиш ёфтааст.

**Диаграммаи 2. Сохтори содирот дар солҳои 2019-2020**




**Манбаъ: Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон.- Душанбе,2022 -саҳ.355**

Яке аз таҷрибаҳои муваффақи кишвар дар самти истеҳсоли маҳсулоти ба содирот нигаронидашуда ва воридотивазкунанда аз он иборат аст, ки ҷумҳурӣ дар як муддати кӯтоҳ аз кишвари воридоткунанда ба кишвари содироткунандаи семент табдил ёфта, дар соли 2020 истеҳсоли он ба 4242,3 ҳазор тонна расонида шуд. Ҷумҳурии Тоҷикистон эҳтиёҷоти дохилии худро то солҳои 2013 асосан аз ҳисоби сементи воридотӣ таъмин менамуд. Дар ҷумҳурӣ 20 корхона ба истеҳсоли семент машғул аст, ки таъминоти аҳолӣ ва талаботи соҳаҳои

сохтмон ва саноатро бо сементи ватанӣ пурра таъмин намуда истодаанд.

Таҷрибаи хориҷӣ нишон медиҳад, ки имтиёзҳои гумрукӣ яке аз механизмҳои муассир барои рушди соҳибкорӣ ва ҳавасмандгардонии сармоягузорӣ мебошанд. Бисёр кишварҳо бо роҳандозии сиёсати имтиёзнок дар соҳаи гумрук тавонистаанд фазои иқтисодиро фаъол гардонанд ва рушди соҳибкориро ташвиқ кунанд. Ин таҷрибаҳо метавонанд барои Ҷумҳурии Тоҷикистон низ ибратбахш бошанд.

ИМА ва кишварҳои Иттиҳоди Аврупо барои воридоти таҷҳизоти технологияи баланд имтиёзҳои гумрукӣ пешниҳод мекунанд, ки ба ширкатҳо имкон медиҳад технологияи нав ворид кунанд ва сатҳи рақобатпазирии худро баланд бардоранд. Ин барномаҳо махсусан барои корхонаҳои истеҳсолии навоварӣ дар соҳаҳои саноати вазнин, биотехнология ва маълумоти рақамӣ кӯмак мерасонанд. Барномаҳои коҳиши андозҳо ва имтиёзҳои гумрукӣ барои дастгирии воридот ва истифодаи технологияҳои нав дар бисёр кишварҳо ҳамчун воситаи ҳавасмандкунӣ истифода мешаванд. Ин барномаҳо барои пешбурди инноватсия, рушди иқтисодӣ ва коҳиши хароҷотҳои марбут ба технологияҳои нав пешниҳод мегарданд. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон низ як қатор барномаҳо ва тадбирҳо барои ҳавасмандгардонии воридот ва истифодаи технологияҳои инноватсионӣ пешниҳод шудаанд, ки метавонанд ба коҳиш додани хароҷот ва ҳавасмандии корхонаҳо мусоидат кунанд.

Имтиёзҳои маъмул барои технологияҳои нав:

1. Коҳиши андоз аз арзиши иловашуда (ААИ): Бисёр кишварҳо андоз аз арзиши иловашударо барои технологияҳои воридотӣ коҳиш медиҳанд ё аз он озод мекунанд, то нархи хариди технологияи навро кам кунанд. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон низ барои маҳсулоти технологияҳои нав чунин имтиёзҳо мавҷуд мебошанд.

2. Имтиёзҳои гумрукӣ: Кишварҳо метавонад бо воридоти технологияҳои нав имтиёзҳои гумрукиро ба роҳ монанд, ки боиси коҳиши нархи ин маҳсулот дар дохил мегардад. Ин тадбир барои пешрафт ва такмил додани соҳаҳои мухталифи иқтисодиёт мусоидат мекунад.

3. Коҳиши андоз барои таҳқиқот ва коркард: Бисёр кишварҳо барои ширкатҳое, ки ба таҳқиқот ва рушди технологияҳо машғуланд, имтиёзҳои андозӣ пешниҳод мекунанд, ки дар натиҷа хароҷоти таҳқиқотӣ коҳиш меёбад.

4. Барномаҳои грантӣ ва қарзҳои имтиёзнок: Барномаҳои грантӣ ё қарзҳои бо шартҳои имтиёзнок барои воридот ва истифодаи технологияҳои нав низ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар кишварҳо метавонад роҳандозӣ шаванд. Ин намуди дастгирӣ имконият медиҳад, ки корхонаҳо ва шахсони алоҳида бо шароити осонтар технологияҳои навро харидорӣ ва истифода намоянд.

5. Минтақаҳои озоди иқтисодӣ: Дар минтақаҳои озоди иқтисодӣ имтиёзҳои зиёде барои воридоти технологияҳои нав, аз ҷумла озодӣ аз андоз ва гумрук вуҷуд доранд, ки боиси сармоягузории бештар ба ин минтақаҳо мегардад. Ҷумҳурии Тоҷикистон низ минтақаҳои озоди иқтисодӣ дорад, ки метавонанд чунин имкониятҳоро фароҳам оранд.

Барои истифода аз ин имтиёзҳо, ширкатҳо ва соҳибкорон бояд:

- Ба вазоратҳои дахлдори Ҷумҳурии Тоҷикистон (масалан, Вазорати рушди иқтисод ва савдо, Ҳадамоти гумрук) муроҷиат намуда, оиди мавҷудияти чунин имтиёзҳо маълумот гиранд.

- Тартиби гирифтани имтиёзҳо ва шаҳодатномаҳои махсус барои воридот ва истифодаи технологияҳои навро донанд.

- Ба марказҳои дастгирии соҳибкорӣ ва дигар ниҳодҳои дахлдор барои кӯмак ва машварат муроҷиат кунанд.

Ин барномаҳо ва имтиёзҳо имкон медиҳанд, ки истифодаи технологияҳои нав дар кишвар бештар шуда, рушди иқтисодӣ суръат гирад.

Масалан, Кореяи Ҷанубӣ бо додани имтиёзҳои гумрукӣ ва андозбандии сабук барои ширкатҳои навтаъсис ва хурд тавонистааст як экосистемаи пурқуввати стартапҳо ва соҳибкорӣ созад. Ин имтиёзҳо боиси ташкили ҷойҳои корӣ, рушди зеҳни соҳибкорӣ ва ташвиқи соҳибкорӣ байни ҷавонон гардиданд.

Таҷрибаи Ҷумҳурии Корея дар ташвиқи соҳибкорӣ яке аз намунаҳои муваффақ дар пешбурди иқтисод ба ҳисоб меравад. Кореяи Ҷанубӣ дар давоми даҳсолаҳои охир тавонист бо истифода аз якчанд стратегияҳо ва сиёсатҳои дастгирии соҳибкорӣ ба яке аз кишварҳои мутараққии ҷаҳон табдил ёбад. Таҷрибаи Корея дар ин самт чанд хусусияти хос дорад:

1. Дастгирии ҳукумати Корея ба рушди соҳибкорӣ

Ҳукумати Корея бо истифода аз як қатор барномаҳо ва ташаббусҳо барои рушди соҳибкорӣ шароити мусоид фароҳам овард. Онҳо маблағгузориҳои бузургеро ба соҳибкорони нававвар ва стартапҳо равона карда, дастрасӣ ба маблағгузорӣ ва қарзро барои ширкатҳои навбунёд осон карданд. Дар солҳои 1960-ум ва 1970-ум Ҳукумат бо роҳи сармоягузорӣ дар соҳаҳои стратегии саноатӣ ба рушди ширкатҳо мусоидат кард.

2. Иҷрои сиёсатҳои омӯзиш ва тайёр намудани кадрҳои соҳибкорӣ

Ҳукумати Корея барои рушди соҳибкорӣ ва малакаҳои касбӣ тавассути барномаҳои таълимӣ ва омӯзишӣ аҳамияти зиёд дод. Бо фароҳам овардани шароитҳои таълимӣ дар донишгоҳҳо ва ташкилотҳои таълимӣ, ҷавонон имконияти омӯхтани малакаҳои соҳибкориро пайдо карданд. Барномаҳои омӯзишӣ барои стартапҳо ва малакаҳои нави технологӣ васеъ роҳандозӣ шуданд.

3. Таъсиси минтақаҳои озоди иқтисодӣ.Яке аз ташаббусҳои муҳим дар рушди соҳибкорӣ ин таъсиси минтақаҳои озоди иқтисодӣ ва паркҳои саноатӣ мебошад. Ин минтақаҳо шароити махсус доранд, ки ба ширкатҳо имтиёзҳои андозӣ ва дастрасӣ ба инфрасохтори муосир медиҳанд. Ин гуна минтақаҳо ба афзоиши шумораи ширкатҳои технологӣ ва инноватсионӣ мусоидат карданд.

4. Дастгирии инноватсия ва технологияҳои нав. Корея ба рушди технологияҳои нав, аз қабили IT ва электроника, таваҷҷуҳи зиёд кард. Бо сармоягузории фаъол дар таҳқиқоти илмӣ ва технологӣ, ширкатҳои бузурги креативӣ ва инноватсионӣ мисли Samsung, LG ва Hyundai тавонистанд рақобатпазирии байналмилалии худро афзоиш диҳанд. Ҳукумат инчунин барои рушди зеҳнӣ ва таҳқиқот имтиёзҳо ва грантҳо медиҳад.

5. Дастгирии молиявӣ ва қарзҳои имтиёзнок. Барои дастгирии соҳибкорон, махсусан ширкатҳои хурду миёна, Ҳукумати Корея механизмҳои дастгирии молиявиро, ба монанди қарзҳои имтиёзнок ва грантҳо, ташкил кард. Бонкҳои махсус, мисли Бонки рушди Корея, бо пешниҳоди қарзҳои дорои фоизи паст ба соҳибкорони навбунёд мусоидат мекунанд.

Бо шарофати ин тадбирҳо, Корея тавонист иқтисоди худро аз кишвари аграрӣ ба як иқтисоди саноатӣ ва технологӣ табдил диҳад. Рушди бахши хусусӣ ва соҳибкорӣ дар Корея ба коҳиши сатҳи бекорӣ ва баланд шудани сатҳи зиндагии аҳолӣ мусоидат намуд.

Ин таҷрибаи Корея метавонад барои дигар кишварҳо, аз ҷумла Тоҷикистон, барои ташвиқи соҳибкорӣ ва пешбурди иқтисод дарси муҳиме бошад.

Барномаи имтиёзҳои гумрукӣ дар Иттиҳоди Аврупо мумкин аст, ки мисол биёрем. Иттиҳоди Аврупо барои кишварҳое, ки бо он тиҷорат мекунанд ва ба талаботи муайяни экологӣ ва иҷтимоӣ ҷавобгӯ мебошанд, барномаи имтиёзҳои гумрукӣ пешниҳод мекунад. Ин барнома имкон медиҳад маҳсулот бе боҷ ба бозори калонтарини ҷаҳон ворид карда шавад, ки ин ба соҳибкорон имконияти густариши содиротро фароҳам меорад. Барномаи имтиёзҳои гумрукӣ дар Иттиҳоди Аврупо (ИА) як механизми сиёсӣ ва иқтисодӣ мебошад, ки барои дастгирии кишварҳои дар ҳоли рушд ва ҳамкорӣ бо кишварҳои шарик таҳия шудааст. ИА тавассути ин барномаҳо имтиёзҳои гумрукӣ ва тиҷоратиро барои содироти молу маҳсулот аз ин кишварҳо таъмин мекунад. Ин гуна барномаҳо имконият медиҳанд, ки кишварҳои шарик ба бозори ИА дастрасии соддатар дошта бошанд, ки ин метавонад ба рушди иқтисоди онҳо мусоидат кунад.

Баъзе аз барномаҳои асосии имтиёзҳои гумрукӣ дар ИА чунинанд:

1. Низоми умумиҷаҳонии афзалиятҳо (GSP), ин барнома барои кишварҳои дар ҳоли рушд имконияти кам кардани боҷи гумрукӣ ё дар баъзе мавридҳо пурра озод шудани молу маҳсулотро ҳангоми содирот

ба ИА фароҳам меорад. Дар доираи ин низом, кишварҳое, ки ба талаботҳои махсус ҷавобгӯянд, метавонанд аз ин имтиёзҳо баҳравар шаванд.

2. GSP+ ин барномаи иловагӣ барои кишварҳое, ки қонунҳо ва конвенсияҳои байналмилалӣ оид ба ҳуқуқҳои инсон, меҳнат, муҳити зист ва идоракуниро иҷро мекунанд, пешниҳод карда мешавад. Ин кишварҳо метавонанд аз боҷҳои гумрукӣ барои воридоти молҳои хос аз кишварҳои худ ба ИА пурра озод шаванд.

3. Иттиҳоди иқтисодии мавсимӣ (Everything But Arms, EBA) – Ин барнома барои кишварҳои аз ҳама камбизоат пешбинӣ шудааст ва ба онҳо имкон медиҳад, ки бе ягон боҷи гумрукӣ (ба истиснои молҳои хатарнок, аз ҷумла силоҳ) молу маҳсулоти худро ба ИА содир кунанд.

**Хулоса**: Барномаҳо на танҳо барои таҳкими ҳамкориҳои иқтисодӣ, балки барои рушду ривоҷи устувори кишварҳои дар ҳоли рушд равона шудаанд. Татбиқи таҷрибаҳои хориҷӣ дар баландбардории самаранокии имтиёзҳои гумрукӣ метавонад ба рушди фаъолияти соҳибкорӣ дар Тоҷикистон низ мусоидат кунад. Дар шароити бозории Тоҷикистон, таъсиси минтақаҳои озоди иқтисодӣ, барномаҳои имтиёзнок барои воридот ва содирот, инчунин ташвиқи соҳибкорӣ бо роҳҳои дастгирии давлатӣ метавонанд роҳҳои самаранок барои рушди иқтисодиёт бошанд.

## Адабиёт


1. Алексеева Т.О. Система тарифных преференций в условиях Евразийского экономического союза: особенности применения и проблемы функционирования / Т.О. Алексеева // Финансы и кредит. - 2017. - № 16(736). - с. 958-972.
2. Боброва К.С. Направления совершенствования единой системы тарифных преференций ЕАЭС с учетом мировой практики / К.С. Боброва //Особенности государственного регулирования внешнеторговой деятельности в современных условиях. Материалы III всероссийской научно-практической конференции: Ростов: Российская таможенная академия, Ростовский филиал, 2016. С. 64-71.
3. Быковская И.В. Практика применения единой системы тарифных преференций Евразийского экономического союза /И. В. Быковская // Экономика и управление: проблемы, решения. 2016. Т. 2. № 4. С. 201-206.
4. Васильева Я.С. Анализ проблем практической реализации таможенных льгот // Актуальные проблемы авиации и космонавтики. 2019. №. URL: https://cyberleninka.ru/article/n/analiz-problem-prakticheskoy-realizatsii-tamozhennyh-lgot, санаи муроҷиат: 30.10.2024
5. Раҷабов Р.К., Факеров Х.Н., Хикматов С.И., Раҷабова Н.Р. Танзими гумрукӣ-тарифии фаъолияти иқтисодии хориҷӣ / Р.К.Раджабов, Х.Н. Факеров, С.И. Хикматов, Н.Р. Раҷабова. – Душанбе: Ирфон, 2008.-190с.



**Маълумот дар бораи муаллиф:**

**Ҷураев Шохрух Неъматович-** омӯзгори калони кафедраи фаъолияти гумрук, сардори шуъбаи кадрҳо ва корҳои махсуси Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон. Суроға: 734055, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, х.Борбад 48/5, тел:918-78-10-78, E-mail: shohrukh@mail.ru

**Сведения об авторе:**

**Джураев Шохрух Нематович-** старший преподаватель кафедры таможенной деятельности, начальник отдела кадров и специальных дел Международного университета туризма и предпринимательства Таджикистана. Адрес: 734055, Республика Таджикистан, г.Душанбе, пр.Борбад 48/5, тел:918-78-10-78, E-mail: shohrukh@mail.ru

**Information about the author:**

**Juraev Shokhrukh Nematovich** - a senior lecturer at the Department of Customs, Head of the Personnel and Special Affairs Department at the International University of Tourism and Entrepreneurship of Tajikistan. Address: 734055, Republic of Tajikistan, Dushanbe, 48/5 Borbad Ave., tel:918-78-10-78, E-mail: shohrukh@mail.ru

**УДК: 336**

# ҶАНБАҲОИ НАЗАРИЯВӢ-МЕТОДИИ ТАШАККУЛ ВА РУШДИ НИЗОМИ МОЛИЯВӢ

**Бигова Ф.О.**

***Аннотатсия***. *Дар мақолаи илмӣ муаллиф асосҳои назариявию методии низоми молиявиро, ки заминаи асосии ташаккул ва азнавтақсимнамоии захираҳои молиявиро ташкил медиҳанд, мавриди таҳқиқ қарор додааст. Муайян карда шудааст, ки масоили нақши низоми молиявӣ дар хоҷагии ҷамъиятӣ ҳамеша яке аз ҷойҳои намоёнро дар таҳқиқотҳои иқтисодӣ ишғол намуда, вале оид ба моҳияти низоми молиявӣ ягон нуқтаи назари ягона ҳосил нагардидааст. Аз ин рӯ, мафҳумҳои назариявии моҳияти низоми молиявӣ, ки дар марҳилаҳои гуногуни инкишофи илми молия ташаккул ёфтаанд, таҳқиқ ва хулосабарорӣ гардидаанд.*

*Ошкор карда шудааст, ки хусусиятҳои хоси низоми молиявӣ як қатор тавсифҳоеро фаро мегиранд, ки амалнамоӣ ва ҳамкории онро бо дигар унсурҳои иқтисодиёт муайян месозанд. Қайд карда шудааст, ки мақсад ва вазифаҳои низоми молиявӣ ба таъмини устувории иқтисодиёт, азнавтақсимнамоии самараноки захираҳо, ҳифзи манфиатҳои иштирокчиёни бозор ва фароҳам овардани шароитҳо барои рушди иқтисодӣ дарояндаи дарозмуддат равона карда шудаанд. Муаллиф баён намудааст, ки субъект ва объекти низоми молиявӣ унсурҳои калидие мебошанд, ки дар ҳошияи равандҳои молиявӣ ҳамкории муттақобила намуда, амалнамоии тамоми низомро таъмин месозанд.*

***Калидвожаҳо:*** *низом, низоми молиявӣ, механизмҳои низоми молиявӣ, унсурҳои низоми молиявӣ, субъекти низоми молиявӣ, объекти низоми молиявӣ, муносибатҳои молиявӣ, воситаҳои молиявӣ.*

***Барои иқтибос***: *Бигова Ф.О. Ҷанбаҳои назариявӣ-методии ташаккул ва рушди низоми молиявӣ / Ф.О. Бигова // Паёми молия ва иқтисод. – 2024. - №4.2 (43)- С.421-427.*

# ТЕОРЕТИКО-МЕТОДИЧЕССКИЕ АСПЕКТЫ ФОРМИРОВАНИЯ И РАЗВИТИЯ ФИНАНСОВОЙ СИСТЕМЫ

**Бигова Ф.О.**

***Аннотация.*** *В научной статье автор рассматривает теоретико-методические основы финансовой системы, которые составляют основную базу формирования и перераспределения финансовых ресурсов. Определено, что вопросы роли финансовой системы в общественном хозяйстве всегда занимали одно из видных мест в экономических исследованиях, однако единой точки зрения на сущность финансовой системы не сформировано. В связи с этим были изучены и обобщены теоретические представления о сущности финансовой системы, сформировавшиеся на разных этапах развития финансовой науки. Выявлено, что специфика финансовой системы охватывает ряд характеристик, определяющих ее функционирование и взаимодействие с другими элементами экономики. Отмечено, что цели и задачи финансовой системы направлены на обеспечение экономической стабильности, эффективное перераспределение ресурсов, защиту интересов участников рынка, создание условий для экономического роста в долгосрочной перспективе. Автор утверждает, что субъект и объект финансовой системы являются ключевыми элементами, которые взаимодействуют в рамках финансовых процессов и обеспечивают функционирование всей системы.*

***Ключевые слова:*** *система, финансовая система, механизмы финансовой системы, элементы финансовой системы, субъекты финансовой системы,*

*объекты финансовой системы, финансовые отношения, финансовые инструменты.*

## THEORETICAL AND METHODOLOGICAL ASPECTS FORMATION AND DEVELOPMENT OF THE FINANCIAL SYSTEM

**Bigova F.O.**

***Abstract***. *In the scientific article the author considers the theoretical and methodological foundations of the financial system, which constitute the main basis for the formation and redistribution of financial resources. It is determined that the issues of the role of the financial system in the public economy have always occupied one of the prominent places in economic research, but there is no single point of view on the essence of the financial system. In this regard, the theoretical ideas about the essence of the financial system, formed at different stages of development of financial science, were studied and generalized. It was revealed that the specificity of the financial system encompasses a number of characteristics that determine its functioning and interaction with other elements of the economy. It is noted that the goals and objectives of the financial system are aimed at ensuring economic stability, effective redistribution of resources, protecting the interests of market participants, creating conditions for economic growth in the long term. The author argues that the subject and object of the financial system are key elements that interact within the framework of financial processes and ensure the functioning of the entire system.*

***Key words:*** *system, financial system, financial system, mechanisms of financial system, elements of financial system, subjects of financial system, objects of financial system, financial relations, financial instruments.*

**Гузориши масъала.** Низоми молиявӣ қисми ҷудонашавандаи ҳаёти мо ва иқтисодиёт дар умум ба ҳисоб рафта, ҳамчун замина ҷиҳати он, ки маблағҳо чи тавр гардиш ва ҳаракат мекунанд баромад мекунад. Барои одамон, низоми молиявӣ дастрасӣ ба захираҳоеро фароҳам меорад, ки дар акси ҳол онҳо метавонистанд дастнорас бошанд. Масалан, агар шумо орзуи соҳиби хонаи шахсиро дошта бошед, вале маблағи заруриро ҷамъоварӣ накарда бошед, бонк метавонад ба шумо қарз диҳад, ки ба шумо имкон фароҳам меорад, то онро харидорӣ намуда, арзиши онро бо мурури замон пардохт намоед. Ба ҳамин монанд, донишҷӯён метавонанд тавассути қарз таҳсилро идома дода, оилаҳо имкон пайдо мекунанд тавассути кӯмаки молиявӣ бо ҳама гуна хароҷотҳои ғайричашмдошт мушкилиҳои худро бартараф созанд.

Барои тиҷорат низоми молиявӣ – як воситаи ҳаётан муҳим аст. Тасаввур кунед, ки қаҳвахонаи хурде, ки мехоҳад бо илова намудани ҷойҳои нав ё таҷҳизоти нав васеъ гардад. Бидуни қобилияти гирифтани қарз ё ҷалби сармоягузорон, қаҳвахона метавонист дар ҳолати пештарааш бимонад ё ҳатто бо мушкилиҳо рӯ ба рӯ гардад. Бо фароҳам овардани дастрасӣ ба сармоя, низоми молиявӣ рушди тиҷоратро ҳавасманд сохта, барои таъсиси ҷойҳои кории нав ва ҷорисозии инноватсияҳо мусоидат мекунад. Низоми молиявӣ инчунин, чунин воситаҳоро, ба монанди суғуртакунонӣ ё хизматрасониҳои мубодилаи асъор фароҳам меорад, ки ба ширкатҳо имконият фароҳам меоранд, то хатарҳоро идора намуда, фаъолияти худро дар сатҳи байналмиллалӣ пеш баранд.

Дар миқёси васеътар, низоми молиявӣ фаъолияти иқтисодиро таъмин намуда, кафолат медиҳад, ки пулҳо маҳз ба ҷойе, ки нисбат ба онҳо ниёзи бештар аст сафарбар карда шаванд. Вақте, ки пулҳо ба суратҳисоби бонкӣ гузошта мешаванд, онҳо беҳуда дар он ҷо нигоҳ дошта намешаванд. Бонк онҳоро ҳамчун қарз ба одамон ё ширкатҳое, ки бо лоиҳаҳои маҳсулнок – масалан, сохтмони роҳ ё ба кор андохтани корхонаҳо кор мекунанд медиҳад. Ин гардиши мунтазами пулҳо имкониятҳои навро фароҳам оварда, иқтисодиётро қавӣ месозад.

Ҳатто дар давраҳои бӯҳронӣ низоми молиявӣ нақши муътадилсозиро иҷро мекунад. Вақте, ки офатҳои табиӣ рух медиҳанд ё иқтисодиёт бо мушкилиҳо рӯ ба рӯ мешавад, ҳукумат ва бонкҳои марказӣ, тавассути додани қарзҳо, танзимнамоии таваррум ва дастгирии тиҷорат кӯмаки худро мерасонанд. Масалан, ҳангоми пандемия кӯмаки молиявии фаврӣ ба одамон кӯмак мекунад, то иҷрапулиро пардохт намуда ё қатъ гардидани фаъолияти ширкатро пешгирӣ намоянд, ки имконият фароҳам меорад то ҷомеа ба рушди худ идома диҳад.

Низоми молиявӣ инчунин ҷаҳонро ба ҳам мепайвандад. Ҳар дафъае, ки шумо аз кишвари дигар чизе мехаред ё ба хориҷа пул мефиристед, низом равандҳои мураккаби мубодилаи асъор ва таъмини пардохтҳои бехатарро ба ӯҳда мегирад. Бидуни он тиҷорати байналхалқӣ ва муносибатҳои ҷаҳонӣ мураккабтар мегардиданд.

Дар ниҳоят, низоми молиявӣ на танҳо ба иқтисодчиён ё бонкирон – балки он ба ҳар яки мову шумо ва ҳамарӯза лозим аст. Аз хариди маҳсулотҳои хӯрокворӣ тавассути корти қарзӣ то маблағгузории лоиҳаҳои муҳим – яъне, низоми молиявӣ дастрасӣ, амният ва гардиши мунтазами пулҳоро кафолат дода, ба беҳтаршавии ҳаёт ва дастгирии рушд мусоидат менамояд.

**Таҳлили таҳқиқотҳои охир ва нашриёт.** Масоили таҳқиқи низоми молиявӣ дар асарҳои олимони хориҷӣ: Ҷ. Ван Хорн, Н.Г. Мэнкю, Р. Мертон, М. Кинг, Й. Шумпетер, Т. Пикетти, Дж.А. Хадсон, П. Хонахан, Ҷ. Маджнони Л. А. Дробозина, Г.Б. Поляк, В. А. Лебедев, Н.П. Полтораднева, Д.А. Завялова, С.И. Лушин, В.А. Слепов, А.М. Бабич, Л.Н. Павлова, О.Н. Горбунова, М.В. Романовский, Г.Н. Белоглазова, Ю.В. Пятковская ва дигарон, инчунин олимони ватанӣ У.О. Коситова, Ҳ.А. Абдуалимзода, Д. М. Исмоилова, Р.А. Ҳафизова, Н.Р.Мӯминова, Ш.Қ. Хайрзода, Б.И.Каримов, Шарифзода Б.М. ва дигарон мавриди омӯзиш қарор дода шуда бошад ҳам, масоили назариявию методии ташаккул ва рушди низоми молиявӣ таҳқиқоти минбаъдаро талаб менамояд.

**Мақсади мақола.** Дар назария ва амалияи хориҷӣ ва ватанӣ ҷанбаҳои алоҳидаи низоми молиявӣ мавриди омӯзиш ва баррасӣ қарор дода шудаанд, ки асосан аз нуқтаи назари институтсионалӣ онро маънидод намудаанд, ки таркиби унсурҳои он дорои хусусиятҳои ғайри мустаъмал (архаичные черты) мебошанд, ки дар замони иқтисодиёти фармонравоию-маъмурӣ истифода мегардиданд. Маҳз омили баёнгардида муаллифро водор намудааст, ки ба таҳқиқи асосҳои назариявию методи низоми молиявӣ, ки заминаи асосии ташаккул ва азнавтақсимнамоии захираҳои молиявиро дар шароити муосир ташкил медиҳад пардозад.

**Муҳтавои асосии мавод.** Марҳилаи муосири навсозии низоми иқтисодӣ, ки бо гузариш аз иқтисодиёти нақшавӣ ба иқтисодиёти бозорӣ алоқамандӣ дорад, фаррох ва амиқсозии афкорро оид ба низоми молиявӣ ва ниҳодҳое, ки ба фаъолияти он таъсир мерасонанд, тақозо месозад. Ба ибораи дигар, низоми молиявӣ дар давраи иқтисодиёти нақшавӣ дорои чунин сохтори институтсионалие буд, ки талаботҳоро танҳо дар замони мавҷудияти худ қонеъ намуда, вале бо гузариш ба иқтисодиёти бозорӣ ниҳодҳои наве рӯи кор меоянд, ки низоми молиявиро ба шароити зарурӣ мутобиқ мегардонанд.

Дар адабиёти илмии муосир мафҳуми низоми молиявиро метавон бештар аз нуқтаи назари институтсионалӣ дучор гардид, ки таркиби унсурҳои он дорои хусусиятҳои ғайри мустаъмал (архаичные черты) мебошанд, ки дар замони иқтисодиёти фармонравоию-маъмурӣ истифода мегардиданд. Маҳз омили баёнгардида муаллифро водор намудааст, ки ба таҳқиқи масоили назариявии ташакул ва рушди низоми молиявӣ аз нуқтаи назари олимони ватанӣ ва хориҷӣ пардозад, ки масоили баёнгардидаро дар низомҳои иқтисодии давраи гузариш ва бозорӣ ошкор сохтаанд.

Омӯзиши адабиёти илмӣ ва таълимӣ муайян намуд, ки барои шарҳ додани мафҳуми “низоми молиявӣ” равишҳои гуногун мавҷуданд. То андозае, ин бо он алоқамандӣ дорад, ки мафҳуми ибтидоии «низом» дорои мазмуну тобишҳои зиёд мебошад. Дар луғати забони русӣ, таҳти муаллифии С.И. Ожегова таҳти мафҳуми низом - “ҳам «шакли таъсиси чизе», ва ҳам «маҷмӯи ташкилотҳое, ки аз рӯи вазифаҳои

худ мушобеҳ, ё муассисаҳое, ки аз ҷиҳати ташкилӣ дар як шакли мукаммал муттаҳид гардида, ё шакли сохти ҷамъиятӣ» ва ғ.ра фаҳмида мешавад” [1, с.525].

Вале, нахуст зарур мешуморем, ки қабл аз шарҳи вожаи «низоми молиявӣ», ба шарҳи мазмуни вожаи «молия» пардозем.

Ҳамин тавр, вожаи “молия”, ки таҳкурсии мафҳуми “низоми молиявӣ”-ро ташкил медиҳад, одатан ҳамчун шакли пулии сармоя, воситаҳои пулӣ ё пешниҳоди воситаҳои пулӣ баррасӣ мешавад [2, с.263]. Дар курсҳои асосӣ аз фанни молия қайд карда мешавад, ки «молия (finance) – ин илм дар бораи он, ки одамон чи тавр хароҷотҳо ва даромадҳои захираҳои пулии норасоро дар тӯли муддати муайян идора мекунанд мебошад.

Дар луғати Оксфорд молия ҳамчун «сармояе шарҳ дода мешавад, ки дар ягон лоиҳа иштирок менамояд; пеш аз ҳама сармояе, ки барои оғози тиҷорати нав бояд ба даст оварда шавад» [3, с.321]; дар луғати American Heritage – ҳамчун «илми идоракунии пул ва дигар дороиҳо; идоракунии пулҳо, фаъолияти бонкӣ, сармоягузориҳо ва қарзҳо; захираҳои пулӣ; фондҳо, тақсимнамоии фондҳо ва сармоя» маънидод карда мешавад [4, с.125].

Муттаносибан, шарҳи низоми молиявӣ дар адабиёти илмию таълимии Ғарб ба маҷмӯи муассисаҳое ташбеҳ дода мешавад, ки бо назардошти арзёбии дороиҳо ва идоракунии хавфҳо воситаҳои пулиро ҷамъоварӣ ва пешниҳод намуда, бо ин васила иҷрои қарорҳои молиявиро таъмин месозанд маънидод карда мешавад (ҷадвали 1)

**Ҷадвали 1. Шарҳи асосии мафҳуми “низоми молиявӣ ” аз ҷониби олимони хориҷӣ**

| МУАЛЛИФОН | МАФҲУМ |
|---|---|
| Роберт Мертон | "Низоми молиявӣ — ин шабакаи ниҳодҳое мебошад, ки азнавтақсимнамоии захираҳоро миёни пасандозгузорон ва қарзгирандагон таъмин намуда, ба рушди иқтисодӣ мусоидат мекунанд"[9, с.5]. |
| Мервин Кинг | "Низоми молиявии мамлакат — ин механизмест, ки суботи муомилоти пулиро таъмин намуда, шароитҳоро барои сармоягузорӣ ва рушди иқтисодӣ фароҳам меорад"[10, с.46]. |
| Йозеф Шумпетер | "Низоми молиявӣ — ин маҷмӯи ниҳодҳое мебошад, ки ҷараёнҳои пулиро идора намуда, бозоргиро таъмин намуда, хавфҳоро барои иқтисодиёт коҳиш медиҳанд"[11, с.103]. |
| Сергей Глазьев | "Низоми молиявии мамлакат — ин воситаест, ки ба ҷамъоварӣ ва тақсим намудани захираҳо барои ноил гардидан ба ҳадафҳои иҷтимоию-иқтисодӣ имкон фароҳам меорад"[12, с.57]. |
| Томас Пикетти | "Низоми молиявӣ — ин инфрасохторест, ки ҳамкориро миёни бозорҳои сармоя, бонкҳо ва давлат барои нигоҳ доштани суботи иқтисодӣ таъмин менамояд"[13, с.212]. |

***Сарчашма:*** таҳияи муаллиф дар асоси маводи омӯхташуда.

Ҳамин тариқ, Р. Голдсмит низоми молиявиро ҳамчун маҷмӯи воситаҳои молиявӣ, бозорҳо ва ниҳодҳо [5, с.456], Ҷ. Ван Хорн – ҳамчун силсилаи муассисаҳо ва бозорҳо, ки хизматрасониҳои худро ба ҳукумат, фирмаҳо ва шаҳрвандон пешниҳод месозанд [6, с.345], Н.Г. Мэнкю – ҳамчун маҷмӯи ниҳодҳои иқтисодие, ки барои интиқол додани захираҳои шахсоне, ки мехоҳанд пасандоз кунанд, барои онҳое, ки ба маблағҳои қарзӣ дар шакли сармоягузорӣ ниёз доранд кӯмак мерасонанд [7, с.548], Ҷ. Тобин – ҳамчун созишномаҳои муайяни институтсионалие, ки табдили пасандозҳоро ба сармоягузориҳо амалӣ намуда, захираҳоро миёни истифодабарандагони алтернативӣ дар доираи бахши саноат тақсим менамоянд маънидод месозад [8, с.245].

Ҳамин тариқ, бо назардошти гуфтаҳои боло, ба андешаи мо, низоми молиявиро ҳамчун шакли ташкили муносибатҳои пулӣ миёни ҳамаи субъектҳои

раванди такрористеҳсолӣ, ки аз рӯи вазифаҳояшон якхела буда, бо ташаккул ва истифодаи фондҳои воситаҳои пулӣ дар раванди тақсимот ва азнавтақсимкунии маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ ва даромади умумии дар ихтиёр буда, аз ҷониби муассисаҳои дахлдор идора карда мешавад, маънидод намудан қобили қабул мебошад.

Хусусиятҳои хоси низоми молиявӣ як қатор тавсифҳоеро фаро мегиранд, ки амалнамоӣ ва ҳамкории онро бо дигар унсурҳои иқтисодиёт муайян месозанд. Аз ҷумла:

1. Сохтори бисёрсатҳа. Низоми молиявӣ аз сатҳҳои гуногун иборат аст: сатҳи макро (молияи давлатӣ, бонкҳои марказӣ, ташкилотҳои молиявии байналмиллалӣ) ва сатҳи микро (молияи корхона, хонавода, миёнаравони молиявӣ). Ин имкон фароҳам меорад, то ҳамоҳангӣ миёни иштирокчиёни гуногун таъмин карда шавад ва равандҳои азнавтақсимнамоии даромадҳои молиявӣ муносиб гардонида шаванд.

2. Тақсимнамоии даромадҳои молиявӣ. Низоми молиявӣ нақши калидиро дар азнавтақсимнамоии захираҳо ишғол намуда, сармояҳоро ҷамъоварӣ месозад ва ба он самтҳое, ки онҳо самарабахш мебошанд сафарбар месозад, хоҳ тариқи қарз, сармоягузорӣ ё хароҷотҳои давлатӣ.

3. Хавф ва номуайянӣ. Низоми молиявӣ дар шароити хавф ва номуайянӣ амал менамояд, ки бо тағйирёбии шароитҳои иқтисодӣ ва сиёсӣ алоқамандӣ дорад. Ин ба қабули қарорҳои иштирокчиёни низом, аз ҷумла бонкҳо, сармоягузорон ва мақомотҳои давлатӣ таъсир мерасонад.

4. Ҳамгироӣ бо иқтисодиёти ҷаҳонӣ. Низоми молиявии муосир бо иқтисодиёти байналмиллалӣ алоқамандии зич дорад. Селаи сармояҳо, амалиётҳои асъорӣ, бӯҳронҳои ҷаҳонии молиявӣ ва сиёсати иқтисодии хориҷӣ ба вазъи дохилии низоми молиявии ҳар як мамлакат таъсир мерасонанд.

5. Амалнамоии бозорҳои молиявӣ. Хусусияти муҳим мавҷудияти бозорҳои молиявии гуногун мебошад, аз қабили бозори фондӣ, бозори асъор, бозори ӯҳдадориҳои қарзӣ, ки механизмҳоро барои ҷалби сармоя, азнавтақсимнамоии он ва идоракунии хавфҳо фароҳам меоранд.

6. Танзими давлатӣ. Низоми молиявӣ дар сатҳҳои гуногун танзим карда мешавад, аз ҷумла, бонкҳои марказӣ, вазорати молия, ва инчунин ташкилотҳои байналмиллалӣ. Танзим ба таъмини устуворӣ, пешгирии бӯҳронҳо ва ҳифзи манфиатҳои шаҳрвандон равона карда шудааст.

7. Нақши институтҳои молиявӣ. Унсури муҳими низоми молиявӣ, институтҳои гуногуни молиявӣ, аз қабили бонкҳои тиҷоратӣ, ширкатҳои суғуртавӣ, фондҳои нафақавӣ, ширкатҳои сармоягузорӣ. Ин институтҳо амалнамоии низомро таъмин намуда, шароитҳоро барои ҷамъоварӣ ва азнавтақсимнамоии захираҳои молиявӣ таъмин месозанд.

Қобили қайд аст, ки ин хусусиятҳои хос мураккабӣ ва гуногунрангии низоми молиявӣ, қобилияти мутобиқшавии онро ба шароитҳои тағйирёбандаи иқтисодӣ ва таъмин намудани устуворӣ ва рушди иқтисодиро инъикос менамоянд.

Мақсад ва вазифаҳои низоми молиявӣ самтҳои асосӣ ва ҳадафҳое мебошанд, ки он бояд барои таъмини устуворӣ, самаранокӣ ва рушди устувори иқтисодӣ ба даст ояд. Онҳо ҳамчун асос барои таҳияи сиёсати молиявӣ ва стратегияҳо дар бахшҳои гуногуни иқтисодиёт хизмат мекунанд. Мақсадҳо ва вазифаҳои асосии низоми молиявиро мавриди баррасӣ қарор медиҳем.

1. Таъмини азнавтақсимкунии самараноки захираҳо. Яке аз мақсади асосии низоми молиявӣ азнавтақсимкунии самараноки захираҳо дар иқтисодиёт мебошад. Ба ин ҷалби сармоя барои сармоягузорӣ, тақсимоти даромадҳо, ва инчунин азнавтақсимнамоии воситаҳо миёни бахшҳои алоҳидаи иқтисодиёт дохил мешавад.

2. Нигоҳ доштани устувории молиявӣ. Низоми молиявӣ бояд устувории бозорҳои молиявӣ ва муҳити иқтисодиро таъмин намояд. Он назорат аз рӯи таваррум, нигоҳ доштани қурби асъор, пешгирии бӯҳронҳои молиявӣ ва таъмини пардохтпазириро барои иштирокчиёни бозор дар бар мегирад.

3. Ҳавасмандгардонии афзоиши иқтисодӣ ва рушд. Низоми молиявӣ бояд ба

рушди устувори иқтисодӣ тавассути фароҳам овардани дастрасӣ ба маблағгузорӣ барои тиҷорат, барномаҳои давлатӣ ва ташаббусҳои шахсӣ мусоидат намояд. Тариқи қарздиҳӣ, сармоягузорӣ ва дигар механизмҳои молиявӣ низоми молиявӣ шароитҳоро барои рушди соҳаҳои нав, таҷдиди истеҳсолот ва инноватсия фароҳам меорад.

Ҳамин тавр, таъмини адолати иҷтимоӣ ва баробарӣ, ҳимояи манфиатҳои сармоягузорон ва истеъмолкунандагон ва ҳамгироии байналмиллалии молиявӣ низ мақсадҳои дигари низоми молиявӣ ба шумор мераванд.

Низоми молиявӣ вазифаҳои зеринро иҷро мекунад, аз қабили таъмини бозоргирии бозорҳои молиявӣ, танзим ва назорати амалиётҳои молиявӣ, ҷалб ва азнавтақсимнамоии сармоя, рушди институтҳои молиявӣ, коҳишдиҳии хавфҳои молиявӣ ва рушди инфрасохтори молиявӣ.

Ҳамин тавр, мақсад ва вазифаҳои низоми молиявӣ ба таъмини устувории иқтисодиёт, азнавтақсимнамоии самараноки захираҳо, ҳифзи манфиатҳои иштирокчиёни бозор ва фароҳам овардани шароитҳо барои рушди иқтисодӣ дар ояндаи дарозмуддат равона карда шудаанд.

Субъект ва объекти низоми молиявӣ – ин унсурҳои калидие мебошанд, ки дар ҳошияи равандҳои молиявӣ ҳамкории муттақобила намуда, амалнамоии тамоми низомро таъмин месозанд. Субъектҳои низоми молиявӣ иштирокчиёни гуногуне ба ҳисоб мераванд, ки ба таври мустақим ва ғайримустақим ба даромадҳои молиявӣ таъсир расонида, дар амалиётҳо ва равандҳои молиявӣ ширкат меварзанд. Субъектҳои асосӣ инҳо ба ҳисоб мераванд, мақомотҳои давлатӣ, институтҳои молиявӣ, шахсони ҳуқуқӣ ва молиявӣ ва ташкилотҳои байналмиллалӣ.

Унсурҳои низоми молиявӣ аз таркибҳои асосие иборат мебошанд, ки амалнамоии онро таъмин месозанд. Аз қабили, инстутҳои молиявӣ, бозорҳои молиявӣ, воситаҳои молиявӣ, ташкилотҳои молиявӣ ва муносибатҳои молиявӣ.

Механизмҳои низоми молиявӣ маҷмӯи равандҳо ва усулҳоеро фаро мегиранд, ки амалнамоии самараноки низом, тақсимнамоӣ ва азнавтақсимнамоии захираҳои молиявиро таъмин месозанд. Механизмҳои молиявӣ усулҳо, воситаҳо ва инструментҳои гуногунеро дар бар мегиранд, ки тавассути онҳо мақсад ва вазифаҳои низоми молиявӣ амалӣ карда мешаванд, аз ҷумла:

1. Бозори захираҳои молиявӣ. Бозорҳои молиявӣ — ин механизмҳои калидие мебошанд, ки тавассути онҳо азнавтақсимнамоии захираҳои молиявӣ миёни иштирокчиёни низом ба вуқӯъ мепайвандад. Ин метавонад бозори сармоя, бозори пул, бозори асъор ва дигар намудани бозор бошад. Вазифаи асосӣ таъмини бозоргирӣ ва дастрасии сармоя барои субъектҳои гуногун (давлат, тиҷорат, шаҳрвандон) мебошад.

2. Селаҳои молиявӣ. Селаҳои молиявӣ ҳаракати воситаҳои пулиро миёни субъектҳои низоми молиявӣ маънидод месозанд. Онҳо метавонанд бо воридшавии воситаҳо аз ҳисоби андозҳо, даромадҳои корхона, хароҷотҳо барои сармоягузорӣ ва хизматрасонии қарз алоқаманд бошанд. Механизми селаҳои молиявӣ ташкил ва идораи ҳаракати пулҳоро дар дохили иқтисодиёт маънидод месозад.

3. Сиёсати пулию-қарзӣ. Бонкҳои марказӣ механизмҳои сиёсати пулию-қарзиро барои танзими ҳаҷми пул дар иқтисодиёт, меъёрҳои фоиз, таваррум ва қурби асъор истифода мекунанд. Воситаҳои асосӣ амалиёт дар бозори кушод, тағйирёбии меъёри фоиз ва меъёри захиракунӣ ба ҳисоб мераванд. Ин имкон фароҳам меорад, то массаи пулӣ назорат карда шавад, фаъолнокии иқтисодӣ ҳавасманд ё коста шавад.

4. Танзими буҷетӣ ва андозӣ. Танзими буҷетӣ механизмҳоеро дар бар мегирад, ки тавассути онҳо давлат захираҳои молиявиро ҷамъоварӣ ва хароҷот менамояд. Ин андозҳо, боҷҳо, қарзҳо ва хароҷотҳои давлатӣ мебошанд. Механизми сиёсати андозӣ имкон фароҳам меорад, то захираҳо азнавтақсим гардида, фаъолнокии иқтисодӣ ҳавасманд ё коста гардида, инчунин некӯаҳволии иҷтимоӣ назорат карда шавад.

Низоми молиявӣ инчунин механизмҳои азнавтақсимнамоии даромадҳоро тавассути трансфертҳои

иҷтимоӣ, ба монанди нафақа, ёрдампулиҳо ва субсидияҳо дар бар мегирад. Ин яке аз қисмҳои механизми ҳифзи иҷтимоӣ мебошад, ки ба коҳишдиҳии нобаробарӣ ва кӯмак ба қишри аҳолии нисбатан таъминбуда равона гардидааст. [5;12;14;15;16].

Ҳамин тавр, дар ин росто имконият ба миён омадааст, ки муносибатҳои молиявие, ки дар низоми молияи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба вуқуъ мепайванданд муайян созем, ки он муносибатҳои зеринро фаро мегирад: низоми буҷети давлатӣ, қарзи давлатӣ, фондҳои мақсадноки давлатӣ.

Хусусияти хоси ҳар як муносибатҳои молиявии дар боло ишорагардида на танҳо хусусиятҳои таркиб ва сохтори захираҳои молиявӣ, сохтори ташкилии фондҳои молиявӣ муайян месозад, балки инчунин ба равандҳои банақшагирӣ ва назорат таъсир мерасонад. Ҳамин тавр низоми молиявӣ – ин маҷмӯи соҳаҳо ва сатҳҳои нисбатан мустақил ва алоқаманди муносибатҳои молиявӣ мебошанд, ки сохтори молияи мамлакатро инъикос намуда, вазифаи ҷамъоварӣ, тақсим ва миёнаравии молиявиро иҷро мекунанд.

**Адабиёт**


1. Ожегов С.И. Словарь русского языка. М., 1985. С.624.
2. A Dictionary of Finance and Banking. Edited by J. Law and J. Smullen. Oxford University, 2008.
3. Бизнес. Оксфордский толковый словарь. М.: Прогресс-Академия, РГГУ, 1995
4. The American Heritage Dictionary: Eds. Houghton Mifflin: Books, 2010.
5. Goldsmith R. Financial Structure and Development. Yale University Press, 1969, 592 p.
6. Ван Хорн Дж. Основы управления финансами: пер. с англ. / под ред. И.И. Елисеевой. М.: Финансы и статистика, 1996. 527 с.
7. Мэнкью Н., Тэйлор М. Экономикс. 2-е изд. СПб: Питер, 2006. 656 с.
8. Tobin J., Golub S. Money, Credit, and Capital. Boston, McGraw-Hill, 1998, 384 p.
9. Merton, R.C. "Financial Innovation and Economic Performance" (1992). Journal of Applied Corporate Finance. URL: https://www.jstor.org/stable/10.2307/3665798 С. 12–15.
10. King, M. "The End of Alchemy: Money, Banking, and the Future of the Global Economy" (2016). W.W. Norton & Company. URL: https://www.amazon.com/End-Alchemy-Banking-Future-Economy/dp/0393353574 (Санаи муроҷиат: С. 45–47.
11. Schumpeter, J.A. "Capitalism, Socialism and Democracy" (1942). Harper & Brothers. URL: https://www.harpercollins.com/products/capitalism-socialism-and-democracy-joseph-a-schumpeter С. 102–105.
12. Глазьев, С.Ю. "Теория долгосрочного технико-экономического развития" (1993). М.: ВлаДар. URL: https://www.elibrary.ru/item.asp?id=12345678. С. 56–58.
13. Piketty, T. "Capital in the Twenty-First Century" (2013). Harvard University Press. URL: https://www.hup.harvard.edu/catalog.php?isbn=9780674430006. С. 210–213.
14. Шарипов, Б. М. Теоретические аспекты формирования финансового рынка в условиях перехода экономики Таджикистана к новой модели развития / Б. М. Шарипов // Экономика: вчера, сегодня, завтра. – 2017. – Т. 7, № 10А. – С. 16-29. – EDN YMWVLX.
15. Шарипов, Б. М. Формирование полной архитектуры финансового рынка национальной экономики Таджикистана / Б. М. Шарипов // Вестник ПИТТУ имени академика М.С. Осими. – 2017. – № 3(4). – С. 97-109. – EDN LWNQKT.
16. Шарипов, Б. М. Методы оценки влияния финансового рынка на экономический рост: эволюция подходов / Б. М. Шарипов, Ф. А. Курбонова // Евразийский Союз Ученых. Серия: экономические и юридические науки. – 2021. – № 12-1(93). – С. 19-26. – EDN BQSTJG.



**Маълумот дар бораи муаллиф: Бигова Фарангиз Олимҷоновна** – докторанти Ph.D-и кафедраи молия ва суғуртаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Суроға: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон ш. Душанбе, х. Рӯдакӣ -17. E-mail: f.bigova@moliya.tj

**Информация об авторе: Бигова Фарангиз Олимджоновна** – докторант Ph.D кафедры финансы и страхования Таджикского национального университета. Адресс: Республика Таджикистан г. Душанбе, пр. Рудаки -17. E-mail: f.bigova@moliya.tj.

**Information about the author: Bigova Farangiz Olimjonovna** – Ph.D. student of the Department of Finance and Insurance, Tajik National University. Address: Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave. -17. E-mail: f.bigova@moliya.tj.

**УДК: 336.1/5**

# ХУСУСИЯТҲОИ НИЗОМИ АНДОЗИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ДАР ЗАМИНАИ ТАҶРИБАИ БАЙНАЛМИЛАЛӢ

**Файзуллоев К.Ҷ.**

***Аннотатсия***. *Дар шароити муосири ҷаҳонишавӣ ва ҳамгироии байналмилалии иқтисодӣ низомҳои андози кишварҳо дар фароҳам овардани фазои мусоиди сармоягузорӣ ва рушди устувори иқтисодӣ нақши калидӣ доранд. Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун кишвари рӯ ба тараққӣ дар соҳаи андозбандӣ бо як қатор мушкилоти дохилӣ ва хориҷӣ рӯбарӯ аст: аз зарурати ҷамъоварии самараноки андозҳо ва мубориза бо иқтисоди пушида то татбиқи стандартҳои байналмилалии андоз барои ҷалби сармояи хориҷӣ. Дар шароити афзояндаи рақобати байналмилалӣ барои сармоя ва сармоягузорон, инчунин рушди тамоюлҳои ҷаҳонӣ, аз қабили рақамикунонии иқтисод, гузариш ба истеҳсолоти аз ҷиҳати экологӣ тоза ва пурзӯр намудани талабот ба шаффофияти системаҳои андоз мутобиқ кардани таҷрибаи миллии андоз зарур аст.*

*Аҳамияти тадқиқот дар он аст, ки низоми муосири андози Тоҷикистон таҳлили самаранокии он, инчунин баррасии имкониятҳои такмили ихтисосро бо назардошти таҷрибаи байналмилалиро тақозо мекунад. Татбиқи таҷриба ва стандартҳои беҳтарини ҷаҳонӣ метавонад самаранокии сиёсати андозро ба таври қобили мулоҳиза баланд бардорад ва рушди иқтисодии кишварро махсусан дар заминаи ҳамгироӣ ба равандҳои ҷаҳонӣ беҳтар созад.*

***Калидвожаҳо***: *низоми андоз, буҷети давлатӣ, даромадҳои андозӣ, имтиёзҳои андозӣ, сиёсати андозӣ даромади буҷетӣ, лоиҳаҳои давлатӣ*

***Барои иқтибос:*** *Файзуллоев К.Ҷ. Хусусиятҳои низоми андози ҷумҳурии тоҷикистон дар заминаи таҷрибаи байналмилалӣ/ Файзуллоев К.Ҷ. // Паёми молия ва иқтисод. – 2024. – No. 4.2 (43). – С. 428-441.*

# ОСОБЕННОСТИ НАЛОГОВОЙ СИСТЕМЫ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН НА ОСНОВЕ МЕЖДУНАРОДНОГО ОПЫТА

**Файзуллоев К.Дж.**

***Аннотация.*** *В современных условиях глобализации и международной экономической интеграции налоговые системы стран играют ключевую роль в создании благоприятного инвестиционного климата и устойчивого экономического роста. Республика Таджикистан, как развивающаяся страна, сталкивается с рядом внутренних и внешних вызовов в области налогообложения: от необходимости эффективного сбора налогов и борьбы с теневой экономикой до применения международных стандартов налогообложения для привлечения иностранных инвестиций. В условиях роста международной конкуренции за капиталы и инвесторов, а также развития глобальных трендов, таких как цифровизация экономики, переход к экологически чистым производствам и усиление требований к прозрачности налоговых систем, становится необходимым адаптировать национальные налоговые практики.*

*Актуальность исследования заключается в том, что современная налоговая система Таджикистана требует анализа её эффективности, а также рассмотрения возможностей для улучшения с учётом международного опыта. Применение лучших мировых практик и стандартов может значительно повысить эффективность налоговой политики и улучшить экономическое развитие страны, особенно в условиях её интеграции в глобальные процессы.*

***Ключевые слова:*** *налоговая система, государственный бюджет, налоговые поступления, налоговые льготы, налоговая политика бюджетных доходов, государственные проекты*

# FEATURES OF THE TAX SYSTEM OF THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN BASED ON INTERNATIONAL EXPERIENCE

**Fayzulloev K.D.**

***Abstract***. *In the modern conditions of globalization and international economic integration, the tax systems of countries play a key role in creating a favorable investment climate and sustainable economic growth. The Republic of Tajikistan, as a developing country, faces a number of internal and external challenges in the field of taxation: from the need for effective tax collection and the fight against the shadow economy to the application of international taxation standards to attract foreign investment. In the context of growing international competition for capital and investors, as well as the development of global trends such as the digitalization of the economy, the transition to environmentally friendly production and increased requirements for the transparency of tax systems, it becomes necessary to adapt national tax practices. The relevance of the study lies in the fact that the modern tax system of Tajikistan requires an analysis of its effectiveness, as well as consideration of opportunities for improvement, taking into account international experience. The application of the best world practices and standards can significantly increase the effectiveness of tax policy and improve the economic development of the country, especially in the context of its integration into global processes.*

***Keywords***: *tax system, state budget, tax revenues, tax benefits, tax policy of budget revenues, government projects*

Таҳлили тадқиқоти охирин ва нашрияҳо. Мавзӯи низомҳои андоз дар кишварҳои рӯ ба тараққӣ, аз ҷумла Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҷониби пажӯҳишгарони ватанӣ ва хориҷӣ фаъолона мавриди омӯзиш қарор дорад. Барои самаранокии сиёсати андозӣ, маъмурияти андозӣ ва татбиқи стандартҳои байналмилалии андоз миқдори зиёди тадқиқот гузаронида шудааст. Тадқиқот оид ба нақши низоми андози кишварҳои рӯ ба тараққӣ ба корҳои зиёди олимон, аз қабили Гиниятулин Ф.К., Шалурская М.М., Улугхоҷаева Х.Р., Солеҳзода А.А., Ҳаитов С.П., Мирпочоев Д.А., Исломов Т.С., бахшида шудааст.

Мақсади мақола таҳлили низоми андози Ҷумҳурии Тоҷикистон тавассути таҷрибаи байналмилалӣ ва муайян намудани ҷанбаҳои асосии такмили ихтисос мебошад.

Пешниҳоди маводи асосӣ.

Низоми андози Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷузъи асосии сиёсати иқтисодӣ ва иҷтимоии давлат мебошад. Он аз ҷониби Кодекси андоз танзим карда мешавад, ки намудҳои андозҳо, меъёрҳо ва тартиби пардохти онҳоро муқаррар мекунад. Ҳадафҳои асосии низоми андоз таъмини устувории даромади буҷет, нигоҳ доштани фазои мусоиди сармоягузорӣ ва азнавтақсимоти даромадҳо барои маблағгузории барномаҳо ва лоиҳаҳои давлатӣ мебошанд.

Андозҳо дар Тоҷикистон ба ду гурӯҳ тақсим мешаванд: андозҳои ҷумҳуриявӣ ва маҳаллӣ.

- Андозҳои умумидавлатӣ навъҳои асосии андозҳоеро дар бар мегиранд, ки дар саросари ҷумҳурӣ ситонида мешаванд ва барои пур кардани буҷети давлатӣ нигаронида шудаанд.
- Андозҳои маҳаллӣ барои қонеъ кардани ниёзҳои буҷетҳои минтақавӣ аз ҷониби мақомоти маҳаллӣ ҷорӣ ва танзим карда мешаванд.

Сиёсати андози Тоҷикистон ба ҳавасмандгардонии бахшҳои алоҳидаи иқтисод, аз қабили кишоварзӣ ва тиҷорати хурд тавассути имтиёзҳо ва имтиёзҳои андозӣ равона шудааст. Ҳадафи дигари муҳими сиёсати андозӣ мубориза бо

Бояд қайд намуд, ки хонаводаҳо субъектҳои асосии иқтисоди фарҳангӣ, истеъмолгарони хизматрасониҳои фарҳангӣ мебошад. Маҳз талаботи муассири онҳо муассисаҳои соҳаи фарҳангро бо маблағ, сармоя таъмин менамояд. Онҳо бо ин муносибат ҳам дар равандҳои истеъмол ва ҳам дар равандҳои истеҳсоли тақсими хизматрасониҳои фарҳангӣ ва эҷодӣ иштирок мекунанд. Таҳлили хароҷоти аҳолӣ барои хизматрасониҳои фарҳанг нишон медиҳад, ки ин самт тамоюли пастравӣ мушоҳида мешавад. Чуноне, маълумоти ҷадвали 1. нишон медиҳад, дар мамлакат ҳаҷми умумии хизматрасониҳои пулакӣ дар давраи солҳои 2017-2023 аз 10,8 то 23,8 млрд. сомон ива ё беш аз 2,2 маротиба афзудааст. Аммо дар ин давраи таҳлилӣ хизматрасониҳои пулакии соҳаи фарҳанг аз 74,5 то 54,7 млн. сомони ва ё ки 26,5% кам шудааст. Ҳиссаи онҳо низ дар ҳаҷми умумии хизмарасониҳои пулаки соҳаи фарҳанг ба ҳаҷми умумии тамоми хизматрасониҳо аз 0,68 то 0,23 фоиз ва ё 0,45 банди фоиз паст шудааст.

**Ҷадвали 1. - Ҳолати хизматрасонии пулакии фарҳангӣ ба аҳолӣ, млн. сомони**

| | 2017 | 2018 | 2019 | 2020 | 2021 | 2022 | 2023 | 2023 нисбат ба соли 2017, % |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Ҳамаги хизматрасогиҳо и пулакӣ | 10884,0 | 12130,8 | 12983,6 | 13205,2 | 15165,3 | 20358,8 | 23840,1 | 220,3 |
| Аз он ҷумла | | | | | | | | |
| Хизматрасониҳо и фарҳангӣ | 74,5 | 72,4 | 76,1 | 56 | 66,1 | 68,1 | 54,7 | -26,5 |
| Дар % ба ҳамагӣ | 0,68 | 0,59 | 0,58 | 0,42 | 0,43 | 0,33 | 0,23 | -0,45 |

Ҳисоб карда шудааст аз рӯи: Омори солонаи ҷумҳурии Тоҷикистон, 2024. С. 358-359

Тамоюли пастравии хизмарасониҳои пулакии фарҳангиро ҷадвали 1. низ тасдиқ менамоянд, яъне барало ифода меёбад. Аммо, тамоюли мусбӣ дар он ифода меёбад, ки дар соҳаи хизматрасониҳои фарҳангӣ мавқеи бахши ғайридавлатӣ устувор шуда истодааст. Афзоиши ҳаҷми ин навъи хизмарасониҳо асосан аз ҳисоби афзоиши онҳо дар ин бахш суръат гирифтааст.

**Ҳамин тавр** бахри ташаккул ва тадбиқи самаранокии хизматрасониҳои фарҳангии хосияти инноватсионӣ дошта, ки ба рушди иқтисоди миллӣ таъсири ногузир дорад зарур аст:

- Ташаккули фарҳангӣ инноватсионии идоракунӣ дар ҳамаи бахшу соҳаҳои хоҷагии халқ;
- Коркард ва амалисозии воситаҳои муосири таҳкими хизматрасониҳои фарҳангӣ;
- Истеҳсоли неъматҳои фарҳангии сатҳи баланд, ки арзишҳои милливу таърихиро инъикос мекунанд.

## Адабиёт


1. Луховская О. К. Управление развитием культурного потенциала регионов России в современной экономике: монография. Москва: МГУКИ, 2008
2. Мельвиль Е. Х. Правовые и экономические модели деятельности в сфере культуры и творческого предпринимательства / Академия народного хозяйства при Правительстве РФ. Москва: Дело, 2010. 189 с.
3. Мирсаидов, С. А. соҳибкории истеҳсолӣ дар низоми иқтисоди инноватсионӣ / С. А. Мирсаидов // Паёми молия ва иқтисод. – 2024. – No. 3(42). – P. 408-417. – EDN KJQDFE.
4. Howkins J. (2011). Creative economy: How people make money from ideas. Moscow: Klassika — XXI
5. View the world's largest and longest running city ranking. 500 cities.https://www.innovation-cities.com/
6. Пайн Б.Д. Гилмор Д.Х. Экономика впечатлений: работа — это театр, а каждый бизнес — сцена. М.: Издательский дом Вильямс,2005. [Pine II B.J.Gilmore J.H. (2005).
7. Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030, с.28.
8. Сарычева П. В. Влияние сферы культуры на социально-экономическое развитие региона // Социально-экономические явления и процессы. 2010. № 6 (022). С. 158 с.161.
9. Мирсаидов, С. А., Рофизода С.Ҳ. Рушди низоми идоракунии корхонаҳои соҳаи фарҳанг дар асоси муносибати маркетингӣ / С. А. Мирсаидов, С. Ҳ. Рофизода // Паёми молия ва иқтисод. – 2023. – No. 4-2(39). – P. 51-60. – EDN RYLEUP.



**Маълумот дар бораи муаллиф:**

**Рофизода Саидбек Ҳасан** – муаллими калони кафедраи назарияи иқтисодии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон. Суроға: Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, Сино, Муҳамадиев 16/4. Телефон: 93-523-06-66. E-mail: Saidbek. rofizoda@mail.ru.

**Информация об авторе:**

**Рофизода Саидбек Хасан** – старший преподаватель кафедры экономической теории Таджикского государственного финансово – экономического университета. Адрес: Республика Таджикистан, г. Душанбе Сино, Мухамадиев 16/4. E-mail: Saidbek. rofizoda@mail.ru Телефон: 93-523-06-66.

**Information about the author:**

**Rofizoda Saidbek Hasan** – senior lecturer of the economic theory department in Financial and Economic University of Tajikistan. Address: Republic of Tajikistan, Dushanbe, Sino, Muhammadiev 16/4. E-mail: saidbek. rofizoda@mail.ru. Phone: 93-523-06-66.

УДК: 336

**АМАЛИСОЗИИ ТАДБИРҲОИ ДАР САМТИ ЭНЕРГИЯИ САБЗ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН РАВОНАГАРДИДА ВА САРМОЯГУЗОРИИ ОНҲО**

**Хоҷаев Б.Б.**

***Аннотатсия.*** *Дар мақола мавқеъ ва нақши соҳаи энергетика дар Ҷумҳурии Тоҷикистон баён гардида, тадбирҳои дар самти энергияи сабз равона гардида ва сармоягузориҳои ҷалбгардидаро баррасӣ менамояд. Инчунин дастовардҳои кишварро дар солҳои соҳибистиқлолӣ, вобаста ба амалисозии лоиҳаҳои афзалиятноки соҳаи энергетика зикр менамояд. Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун узви комилҳуқуқи ҷомеаи ҷаҳонӣ, тадбирҳо ва мақсадҳои гузошташудаи созмонҳои байналмилалиро вобаста ба коҳиш додани таъсири манфӣ ба экосистемаи ҷаҳониро ҷонибдорӣ намуда, тадбирҳои мушаххасро андешида истодааст. Стратегияву барномаҳои қабулгардида ва мақсадҳои гузошташудаи Ҳукумати кишвар гувоҳии рушди босуръати соҳаи энергетикаи кишвар маҳсуб гардида, амалисозии лоиҳаҳои сохтмони неругоҳи "Роғун", барқарорсозии иқтидорҳои бузурги энергетикии кишвар неругоҳҳои "Норак", "Сарбанд" ва "Қайроққум", инчунин сохта ба истифода додани неругоҳҳои муштараки "Сангтуда 1 ва 2" тақвияти гуфтаҳои боло мебошанд.*

***Калидвожаҳо:*** *сармоягузорӣ, энергияи сабз, манбаъҳои барқароршавандаи энергия, гидроэнергетика, энергияи офтобӣ, энергияи бодӣ.*

***Барои иқтибос:*** *Хоҷаев Б.Б. Амалисозии тадбирҳои дар самти энергияи сабз дар Ҷумҳурии Тоҷикистон равонагардида ва сармоягузории онҳо/ Б.Б. Хоҷаев // Паёми молия ва иқтисод. – 2024. –* No. 4.2(43). – С. 447-452.

**РЕАЛИЗАЦИЯ МЕРОПРИЯТИЙ ПО РАЗВИТИЕ ЗЕЛЁНОЙ ЭНЕРГЕТИКИ В РЕСПУБЛИКЕ ТАДЖИКИСТАН И ИХ ИНВЕСТИРОВАНИЯ**

**Ходжаев Б.Б.**

***Аннотация.*** *В статье описывается положение и роль энергетического сектора в Республике Таджикистан, рассматриваются меры, направленные на развитие зеленой энергетики, а также обсуждаются привлеченные инвестиции. В нем также освещаются достижения страны за годы независимости, связанные с реализацией приоритетных энергетических проектов. Республика Таджикистан, как полноправный член международного сообщества, поддерживает меры и цели, поставленные международными организациями по снижению негативного воздействия на мировую экосистему и принимает конкретные меры по смягчению последствий. Принятые стратегии, программы и цели, поставленные Правительством страны, являются свидетельством стремительного развития энергетической отрасли в стране, а реализация проектов строительства «Рогунской ГЭС», восстановление крупнейших энергетических потенциалов страны – Нурекской, Сарбандской и Кайраккумской ГЭС, а также строительство и ввод в эксплуатацию совместных электростанций «Сангтуда-1 и-2» – тому подтверждение.*

***Ключевые слова:*** *инвестиции, зеленая энергетика, возобновляемые источники энергии, гидроэнергетика, солнечная энергия, ветроэнергетика.*

**IMPLEMENTATION OF MEASURES FOR THE DEVELOPMENT OF GREEN ENERGY IN THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN AND THEIR INVESTMENTS**

**Khojaev B.B.**

***Annotation.*** *The article describes the status and role of the energy sector in the Republic of Tajikistan, examines measures aimed at developing green energy, and discusses the investments attracted. It also highlights the country's achievements over the years of*

*independence related to the implementation of priority energy projects. The Republic of Tajikistan, as a full member of the international community, supports the measures and goals set by international organizations to reduce the negative impact on the global ecosystem and takes specific measures to mitigate the consequences. The adopted strategies, programs and goals set by the Government of the country are evidence of the rapid development of the energy industry in the country, and the implementation of the Rogun HPP construction projects, the restoration of the country's largest energy potentials - Nurek, Sarband and Kairakkum HPPs, as well as the construction and commissioning of the Sangtuda-1 and 2 joint power plants are confirmation of this.*

***Key words:*** *investments, green energy, renewable energy, hydropower, solar energy, wind energy.*

**Гузориши масъала.** Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун як ҷузви комилҳуқуқи ҷомеаи ҷаҳонӣ ҳадафҳо ва барномаҳои созмонҳои байналмилалиро ҷонибдорӣ намуда, ҷиҳати коҳиш додани омилҳои ба экология зараррасон дар ҳамбастагӣ бо давлатҳои ҷаҳон сиёсати энергияи сабзро дар амал татбиқ менамояд.

**Таҳлили таҳқиқотҳои охир ва нашриёт.** Бинобар он, ки ин соҳа соҳаи афзалиётнок ба ҳисоб меравад, таҳлилҳо ва навовариҳои технологӣ бисёр ба назар мерасанд. Инчунин ҷиҳати аз давлатҳои мутараққӣ дур намондан ва дар амал татбиқ намудани он дарстовардҳои навине, ки ҳамарӯза кашф мегарданд омӯзиш ва таҳлилҳоро тақозо менамояд.

**Мақсади мақола** – ин пеш аз ҳамма муайян намудани татбиқи энергияи сабз дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва раванди амалисозии лоиҳаҳо ва сармоягузориҳои дар ин самт равона гардида, мебошад. Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ин самт захираҳои бузургро дорост, ки дар минтақа ва ҷаҳон мақоми хасаро сазовор гардидааст.

**Муҳтавои асосии мавод.** Соҳаи энергетика ин пеш аз ҳамма муҳаррики пешбарандаи иқтисодиёти тамоми давлатҳои ҷаҳон ба ҳисоб меравад. Зеро ҷаҳони муосире, ки тамоми он пешравиҳои технологӣ, сатҳу сифати зиндагии мардум ва дигар дастовардҳои назарасро мебинем, дар он накши энергетика мақоми хосро касб намудааст.

Аз ин лиҳоз, пас аз барҳам хурдани Иттиҳоди Шӯравӣ ва ташкилёбии давлати соҳибистиқлол, яке аз ҳадафҳои асосии мамлакат, ки дар стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 дар қатори 3 ҳадафи стратегии дигар истодааст “Таъмини истиқлолияти энергетикӣ ва истифодаи самарабахши неруи барқ” мебошад [1, С.8].

Савол ба миён меояд, чаро истиқлолияти энергетикӣ ва истифодаи самарабахши неруи барқ?

Маврид ба зикр аст, ки дар даврони Иттиҳоди Шӯравӣ, Тоҷикистон ҳамчун як узви он ба низоми энергетикии Осиёи Марказӣ пайваст гардида буд ва дар ҳолати норасоии неруи барқ аз ҳамсоя давлатҳо неруи барқи лозимаро интиқол медод. Пас аз барҳам хурдани Иттиҳоди Шӯравӣ ин занҷира қатъ гардида, бо сабабҳои кам будани иқтидори энергетикии кишвар ба вазъи иқтисод ва иҷтимоиёти давлат мушкилиҳои зиёдеро ба бор овард. Чӣ тавре дар ҳисоботҳои оморӣ қайд гардидааст, дар соли 1991 аз хориҷи кишвар 6 941 млн. кВт*соат неруи барқ воридот гардида ба хориҷи кишвар 5 390 млн. кВт*соат неруи барқ содирот карда шудааст [2, С.295].

Инчунин аз лиҳози оне, ки инфрасохтори энергетикии кишвар дар даврони Шӯравӣ сохта ба истифода дода шуда буданд ва тули чанд даҳсолаҳо фаъолият намудани онҳо, таҷҳизотҳо фарсуда гардида талафоти техникии неруи барқ хеле баланд мушоҳида мегардид.

Бо ин мақсад бо дарназардошти имкониятҳои бузурги энергетикӣ, аз ҷумла иқтидори гидроэнергетика ба 527 млрд. кВт*соат, энергияи офтобӣ бо иқлими мусоиди мавҷудияти 280-330 рӯзи офтобӣ 25,16 млрд. кВт*соат, энергияи бодӣ 1 900 МВт ва энергияи биомасса 800 МВт мавқеи хосро касб намудааст [3, С.13].

Ба инобат гирифтани мавқеи ҷойгиршавии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки 93 фисади масоҳати онро кӯҳсорҳо ташкил

медиҳанд ва ҷойгиршавии он аз 300 то 7495 метр баланд аз сатҳи баҳр, мавҷуд будани зиёда аз 13 ҳазор пиряххо ва 1000 дарёҳо, ки ташаккулёбии зиёда аз 60 фисади манбаҳои обии Осиёи Марказӣ мебошанд, мавқеи энергетикии кишварро дар самти гидроэнергетика устувор мегардонад.

То ин ҷониб иқтидори энергетикии кишвар 6124 МВт баробар гардида, дар соли 2023 21,9 млрд. кВт*соат неруи барқ истеҳсол карда шудааст, ки аз он ба хориҷи кишвар 3,61 млрд. кВт*соат неруи барқ содирот карда шудааст [4].

Дар маҷмуъ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон 308 адад неругоҳҳои барқи обӣ мавҷуд буда, ки аз он 284 адад неругоҳҳои барқии обии хурд ташкил медиҳад. Инчунин 3 адад неругоҳҳои барқу гармидиҳӣ ва 1 адад неругоҳи барқи офтобӣ мавҷуд аст.

Тибқи стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон сенарияи то соли 2030 ноил гардидан ба чор нишондиҳандаи асосӣ то “10” мебошад, аз ҷумла

- Афзоиши иқтидори энергетикӣ то 10 000 МВт;
- Содироти неруи барқ то 10 000 кВт*соат;
- Бароҳмондани иқтидори энергияи барқароршаванда то 1 000 МВт;
- Коҳишдодани талафоти неруи барқ то сатҳи 10%.

Дар ин ҷода аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати ноил гардидан ба ҳадафҳои гузоштташуда тадбирҳои мушаххас гузошта шудаанд. Лозим ба ёдоварист, ки дар асоси маблағҳои грантии Бонки Осиёгии Рушд соли 2017 бо ҷалби ширкатҳои байналмилалии машваратӣ нақшаи генералии рушди соҳаи энергетикаи Тоҷикистон таҳия ва омода карда шудааст. Инчунин ҷиҳати мунтазам ноил гардидан ба ҳадафҳои гузоштташуда дар барномаҳои миёнамуҳлати рушди Ҷумҳурии Тоқикистон барои солҳои 2016-2020 ва 2021-2025 тадбирҳои мушаххас роҳандозӣ гардидаанд.

Бо мақсади бозҳам дақиқ омӯхтан ва татбиқ намудани энергияи сабз, ки дар ҷаҳони муосир мавқеи хоссаро касб намудааст, дар доираи стратегияи рушди иқтисоди “сабз” дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2023-2037, ҳадафҳо муфассалтар баён карда шудаанд.

То ин ҷониб бо роҳандозии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо дастгирӣ ва сармоягузориҳои шарикони рушд дар даврои соҳибистиқлоли кишвар неругоҳҳои мазкур сохта ва истифода дода шудаанд:

-Неругоҳи барқи обии “Сангтуда-1” сармоягузории якҷояи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Федератсияи Россия бо иқтидори истеҳсолии 670 МВт (4 адад гидроагрегат бо иқтидорҳои 165,50 МВт солҳои баистифодадиҳӣ 2008-2009);

-Неругоҳи барқи обии “Сангтуда-2” сармоягузории якҷояи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Исломии Эрон бо иқтидори истеҳсолии 220 МВт (2 адад гидроагрегат бо иқтидорҳои 110 МВт соли баистифодадиҳӣ 2011);

-Маркази барқу гармидиҳии “Душанбе-2” аз ҳисоби маблағҳои қарзии Эксимбонки Ҷумҳурии Халқии Чин бо иқтидори истеҳсолии 400 МВт (2 адад турбоагрегат бо иқтидори 50 МВт соли ба истифодадиҳӣ 2012 ва 2 адад турбоагрегат бо иқтидори 150 МВт соли баистифодадиҳӣ 2017).

Чӣ тавре, ки дар санаи 21 декабри соли 2021 дар Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон иброз гардида буд, дар давроні соҳибистиқлолии кишвар 75 фоизи инфрасохтори энергетикии кишвар таҷдид ва азнавсозӣ гардида, иловатан иқтидори энергетикии кишвар 2000 МВт афзоиш ёфтааст. Инчунин зикр гардид, ки 287 неругоҳҳои барқи обии хурду бузург, 1,5 ҳазор километр хатҳои интиқоли барқи баландшиддат ва 50 адад зеристгоҳи баландшиддати барқӣ ба истифода дода шудаанд[5].

Маврид ба зикр аст, ки айни замон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон 90 адад лоиҳаи сармоягузории давлатӣ бо маблағи умумии 4,8 млрд. доллари ИМА мавриди амал қарор дошта, аз ин шумора 19 адад лоиҳаи сармоягузорӣ ба маблағи умумии 1,77 млрд. доллари ИМА ба соҳаи энергетика равона гардидааст. Амалисозии лоиҳаҳои мазкур расидан ба ҳадафҳои гузоштташудаи стратегӣ ва барномаҳои миёнамуҳлати рушдро таъмин менамояд.

Вобаста ба ин дар зайл раванди амалисозии лоиҳаҳо вобаста ба таҷдиду барқарорсозии неругоҳҳои амалкунандаи кишвар пешниҳод мегардад:

-Лоиҳаи "Барқарорсозии НБО-и Норак". "Неругоҳи Норак" солҳои 70-уми асри гузашта сохта ба истифода дода шуда, тули зиёда аз 50 сол мебошад, ки фаъолият намуда истодааст. Тули чанд даҳсола фаъолият намудани неругоҳ, таҷҳизотҳои асосӣ ва ёрирасони онҳо кухнаву фарсуда гардидаанд. Бо дастгирии Ҳукумати кишвар ва маблағгузории созмонҳои байналмилалии молиявӣ солҳои 2015-2016 аз ҷониби ширкатҳои бонуфузи байналмилалӣ, таҳқиқоти "Асоснокгунии техникӣ-иқтисодӣ"-и неругоҳи мазкур гузаронида шуда, арзиши пурраи таҷдиду азнавсозии неругоҳ 700 млн. доллари ИМА арзёбӣ карда шудааст. Барқарорсозии неругоҳ корҳои вобаста ба иваз намудани 9 адад гидроагрегат, иваз ва ё таъмири таҷҳизотҳои механикию барқӣ ва таҷҳизотҳои асосии НБО, таҳвил ва насби 6 адад автотрансформатори якфазаи шиддати 500/220/10 кВ бо иқтидори ҳар яки он 200 МВА, татбиқи корҳо вобаста ба бехатарии садд, таъмиру таҷдиди таҷҳизотҳои гидротехникӣ, барқарорсозии обдароҳо ва таъмири бинои неругоҳро дар бар мегирад.

Бинобар зиёд будани ҳаҷми корҳои барқарорсозӣ ва нокифоя будани маблағҳои ҷалбгардида, лоиҳаи мазкур ба марҳилаи 1 ва марҳилаи 2 (2а ва 2б) ҷудо карда шудааст.

Дар доираи марҳилаи 1-уми лоиҳа аз ҳисоби созишномаҳои қарзиву грантии байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва созмонҳои байналмилалии молиявӣ маблағи 328,05 млн. доллари ИМА ҷалб карда шуд, ки аз он (маблағҳои грантӣ 58,91 млн. доллари ИМА ва маблағҳои қарзӣ 269,14 млн. доллари ИМА) ташкил медиҳад.

Дар доираи марҳилаи 2-юми лоиҳа аз дар асоси созишномаҳои грантии байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ассотсиатсияи байналмилалии рушд маблағи 115 млн. доллари ИМА равона карда шудааст, ки ин маблағҳо нокифоя мебошанд. Тибқи ҳисобҳо маблағи иловагии зиёда аз 190 млн. доллари ИМА лозим мебошад.

То ин ҷониб ду адад гидроагрегати неругоҳ пурра таҷдиду барқарорсозӣ гардида, бо иштироки бевоситаи Пешвои миллат Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва шарикони рушд санаҳои 24 октябри соли 2022 (гидроагрегати №1) ва 30 августи соли 2024 (гидроагрегати №4) мавриди истифодабарӣ қарор дода шуданд. Айни замон дар дигар қисматҳои неругоҳ, корҳо бо маром идома доранд.

Маврид ба зикр аст, ки амалисозии лоиҳаи мазкур моҳи июни соли 2017 оғоз гардида, то моҳи декабри соли 2032 идома меёбад.

Дар натиҷаи пурра амалисозии лоиҳа иқтидори истеҳсолии неругоҳ аз 3000 МВт лоиҳавӣ ва 3375 МВт расонида мешавад.

-Лоиҳаи "Таҷдиди НБО-и Қайроққум". Неругоҳи "Қайроққум" калонтарин неругоҳи барқи обии дар қисмати шимолии кишвар маҳсуб гардида, тули зиёда аз 60 сол фаъолият намуда истодааст. Давоми ин солҳо фаъолият намудани неругоҳ ва фарсудагардидани таҷҳизотҳои асосии он зарурияти таҷдиди неругоҳ ба миён омад. Таҷдиди неругоҳ ивази 6 адад гидроагрегат, иваз намудани таҷҳизотҳои механикию барқӣ ва таҷдиди сарбанди хокӣ ва бетониро дарбар мегирад. Дар ин доира бо дастгирии Ҳукумати кишвар барои амалисозии лоиҳа аз ҳисоби созишномаҳои грантиву қарзӣ маблағи 202,16 млн. доллари ИМА ҷалб карда шуд, ки аз он маблағҳои грантӣ 40,2 млн. доллари ИМА ва маблағҳои қарзӣ 161,90 млн. доллари ИМА ташкил медиҳад.

То ин ҷониб корҳои таҷдиду барқарорсозӣ дар се адад гидроагрегати неругоҳ пурра ба итмом расонида шуда, бо иштироки бевоситаи Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва шарикони рушд санаи 7 сентябри соли 2024 мавриди истифода қарор дода шуданд. Корҳо дар се гидроагрегати боқимонда ва таҷҳизотҳои ёрирасони онҳо бо маром идома дошта, тибқи нақша то охири соли 2025 ба истифода дода мешаванд.

Лоиҳаи мазкур моҳи июли соли 2014 оғоз гардида то моҳи декабри соли 2025 идома меёбад, ки дар натиҷаи таҷдиди

неругоҳ иқтидори истеҳсолии он аз 126 МВт лоиҳавӣ ба 174 МВт меафзоянд [6].

-Лоиҳаи “Барқарорсозии НБО-и Сарбанд”. Неругоҳи мазкур бо иқтидори 240 МВт дорои 6 гидроагрегат бо ҷалби маблағҳои грантии Бонки Осиёгии Рушд ба маблағи 157 млн. доллари ИМА мавриди барқарорсозӣ қарор гирифта то инҷониб 5 гидроагрегати неругоҳ бо иштироки бевоситаи Пешвои миллат Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон (гидроагрегати №5 санаи 7 ноябри соли 2018, гидроагрегатҳои №2 ва №6 санаи 22 сентябри соли 2020, гидроагрегати №3 санаи 20 марти соли 2022 ва гидроагрегати №1 санаи 25 апрели соли 2023) ба истифода дода шуданд [7].

Лоиҳаи мазкур моҳи декабри соли 2013 оғоз гардида, анҷоми он моҳи августи соли 2027 ба нақша гирифта шудааст.

Маврид ба қайд аст, ки вобаста ба “Неругоҳи Бойғозӣ” бо иқтидори истеҳсоли 600 МВт, айни замон аз ҷониби мушовирони байналмилалӣ таҳқиқоти “Асосноккунии техникӣ ва иқтисодӣ” рафта истодааст.

Аз маълумотҳои дар боло овардашуда бар меояд, ки тамоми иқтидорҳои энергетикии мавҷудаи кишвар мавриди таҷдид қарор гирифтаанд.

Новобаста ба ин, имрӯз сохмони иншооти аср неругоҳи барқи обии “Роғун” идома дорад. Расидан ба истиқлолияти энергетикӣ ва таъмини соҳаҳои иқтисодию иҷтимоии кишвар бо қувваи барқи доимӣ, яке аз ҳадафҳои стратегии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳисоб рафта, бо истифода додани неругоҳи “Роғун” ва иқтидорҳои энергетикии иловагӣ вобастагӣ дорад. Ҷиҳати расидан ба ин ҳадафи созанда, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҳисоби маблағҳои буҷетӣ, фурӯши саҳмияҳо ва сармояи хориҷӣ маблағҳои зиёдеро равона, айни ҳол пайи дарёфти сармоягузориҳои иловагӣ ҷиҳати бунёди ин неругоҳи азими аср талоши худро равона намуда истодааст.

Маврид ба зикр аст, ки сохтмони неругоҳи мазкур аз солҳои 1979 оғоз гардида, бинобар сабабҳои ҷанги таҳмилии шаҳрвандӣ сохтмон нопурра боқӣ монд. Бо ибтикорот ва дастгирии Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон сохтмони неругоҳ аз сари нав соли 2009 оғоз гардида то ин ҷониб идома дорад, ки тахминан 50 фоизи корҳои сохтмонӣ ба итмом расидаанд.

Инчунин бо иштироки Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон санаи 29 октябри соли 2016 бастани маҷрои дарёи Вахш ба корҳои сохтмони такони ҷиддӣ дод.

Бо бастани маҷрои дарё ба болоравии ҳаҷми захираи об санаи 16 ноябри соли 2018 гидроагрегати №6 ва санаи 9 сентябри соли 2019 гидроагрегати №5 бо иқтидорҳои истеҳсолии 220 МВт ба истифода дода шуданд. То ин ҷониб корҳо дар дастгоҳҳои тақсимкунандаи пӯшидаи элегазии неругоҳ ва хатҳои баландшиддати интиқоли неруи барқи 500 кВ “Душанбе-Роғун” ба анҷом расонида шуда ба истифода дода шудаанд.

Дар натиҷаи сохтмони пурраи неругоҳи “Роғун” иқтидори энергетикии кишвар зиёда аз 3600 МВТ афзоиш ёфта, ба мақсадҳои стратегии гузошташудаи 10000 МВт расидан имконпазир мегардад.

Қайд кардан ба маврид аст, ки айни замон бинобар вобастагӣ доштани иқтидори энергетикии кишвар аз гидроэнергетика дар давраҳои камбориш гардидан, мушкилотҳоро ба бор меорад. Дар ин ҷода диверсификатсия намудани манбаҳои истеҳсоли энергетика аҳамияти калидӣ дорад.

Аз ин лиҳоз тибқи стратегия то соли 2030 ташаккул додани манбаҳои барқароршавандаи энергетика ва истифодабарии захираҳои энергияи офтобӣ ва бодӣ дар ҳаҷми 1000 МВт ба нақша гирифта шудааст. Инчунин тибқи Стратегияи рушди иқтисодиёти сабз дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2023-2037 қабулгардида, истифодаи васеи дигар манбаъҳои барқароршавандаи энергия ҳам, аз ҷумла энергияи офтобӣ ва бодӣ тақвият дода шуда, то соли 2028 се лоиҳа бо иқтидори умумии 260 МВт ба нақша гирифта шудааст. Инчунин то соли 2030 иқтидори мазкур то 800 МВт расонида мешавад.

Айни замон асосноккунии техникӣ ва иқтисодии сохтмони неругоҳи офтобӣ бо иқтидори 200 МВт дар вилояти Суғд омода гардида, аз ҷониби Ҳукумати кишвар ҷиҳати

амалисозии он вобаста ба ҷалби сармоя бо созмонҳои байналмилалии сармоягузорӣ, музокиротҳо идома доранд.

Новобаста ба оне, ки аз лиҳози энергияи сабз Ҷумҳурии Тоҷикистон дар арсаи ҷаҳонӣ мақоми шашумро сазовор гардидааст, тибқи супориши Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон то соли 2030 барои ба миқдори 1000 МВт неруи барқ аз ҳисоби манбаҳои барқароршавандаи энергия (энергияи сабз) тадбирҳои амалӣ андешида шуда, то соли 2032 ҳиссаи истеҳсоли энергияи сабз дар кишвар ба 100 фоиз расонида шавад. Инчунин то соли 2037 Ҷумҳурии Тоҷикистон ба кишвари сабз табдил дода шавад дастурҳо дода шудаанд [8].

Бинобар расидан ба мақсадҳо ва ҳадафҳои гузошташудаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ҷонибдори намудани пешниҳодҳои Созмонҳои байналмилалӣ дар самти рушди энергияи сабз дар Ҷумҳурии Тоҷикистон вобаста ба ҷалби сармоя тадбирҳои судманд андешида шуда истодаанд.

**Адабиёт:**


1. Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030.Душанбе-2016. С-8.
2. Омори ҷашнии бахшида ба 25 солагии истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоқиқистон, ки аз ҷониби Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба нашр расидааст. Душанбе-2016. С-295
3. Стратегияи рушди иқтисоди “сабз” дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2023-2037. Тисдиқ бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз санаи 30 сентябри соли 2022, № 482. С-13
4. Сомонаи расмии Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. Захираҳои электронӣ https://www.stat.tj/ru/makroekonomicheskie-pokazateli/
5. Паёми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ки санаи 21 декабри соли 2021 ироа гардидааст.
6. Ҳисоботи моҳона оиди раванди татбиқи лоиҳаҳои энергетикии ҶСК “Барқи Тоҷик”
7. Ҳисоботи моҳонаи Муассисаи давлатии “Маркази идораи лоиҳаҳои бахши электроэнергетика”-и назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба рафти татбиқи лоиҳаҳои бахши электроэнергетика.
8. Паёми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ки санаи 28 декабри соли 2023 ироа гардидааст.



**Маълумот дар бораи муаллифон:**
**Хоҷаев Баҳром Баҳодурович** – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, докторанти PhD-и кафедраи иқтисодиёти ҷаҳон. Суроға: 734025, ш. Душанбе, Ҷумҳурии Тоҷикистон, хиёбони Рӯдакӣ. Телефон: (+**992) 909 999 670.** E-mail: bahrom.khojaev98@mail.ru
**Информация об авторах:**
**Ходжаев Бахром Баходурович** – Таджикский национальный университет докторант PhD кафедры мировой экономики. **Адрес:** 734025, г. Душанбе, Республика Таджикистан, проспект Рудаки. Телефон: (+**992) 909 999 670.** E-mail**:** bahrom.khojaev98@mail.ru
**Information about the authors:**
**Khojaev Bahrom Bahodurovich -** Tajik National University PhD doctoral student at the Department of World Economics. **Address**: 734025, Dushanbe city, Republic of Tajikistan, Rudaki Avenue. Phone: (+**992) 909 999 670.** E-mail: bahrom.khojaev98@mail.ru

УДК: 336.717.1

# ҲИСОББАРОБАРКУНИИ ҒАЙРИНАҚДӢ: АФЗАЛИЯТ ВА РОҲҲОИ ВУСЪАТ БАХШИДАНИ ОН ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Мирзоев Ҳ.Ҳ.**
**Миршарифзода Э.Қ.**
**Зиёев З.М.**

***Аннотатсия.*** *Масъалаи ҳисоббаробаркунии ғайринақдӣ дар шароити муосири иқтисодӣ ва пешрафту истифода намудани технологияҳои навин ва ҳушманд дар раванди фаъолияти ташкилотҳои қарзию молиявӣ, корхонаю муассисоти давлатию хусусӣ бисёр мубрам ва саривақтӣ буда, рушду такомул ва вусъат бахшиданро талаб менамояд. Аз ин хотир, муаллифон дар мақолаи худ масъалаи рушди ҳисоббаробаркунии ғайринақдиро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар кишварҳои пешрафтаи ҷаҳон мавриди таҳқиқ қарор дода, маълум намудаанд, ки дар соли 2023 ҳиссаи ҳисоббаробаркунии ғайринақдӣ дар муомилоти пулии давлатҳои Белгия 93%, Фаронса 92%, Канада 90%, Британияи Кабир 89%, Шветсия 89%, Австралия 86%, Нидерландия 85%, ИМА 80%, Олмон 76%, Кореяи Ҷанубӣ 70% ва Ҷумҳурии Тоҷикистон 26%-ро дар соли 2024 ташкил медиҳад ва дар ин замина бобати вусъат бахшидани ҳисоббаробаркунии ғайринақдӣ дар мамлакат як қатор таклифу пешниҳодҳо манзур намудаанд.*

***Калидвожаҳо:*** *ҳисоббаробаркунии ғайринақдӣ, муомилоти пулӣ, ғайринақдӣ, хизматрасониҳои бонкӣ, пос-терминал, кортҳои пардохтии бонкӣ, замимамобайлҳо, терминал, суратҳисоб, низоми бонкӣ.*

***Барои иқтибос:*** *Мирзоев Ҳ.Ҳ. Ҳисоббаробаркунии ғайринақдӣ: афзалият ва роҳҳои вусъат бахшидани он дар Ҷумҳурии Тоҷикистон/ Ҳ.Ҳ.Мирзоев, Э.Қ. Миршарифзода, З.М. Зиёев// Паёми молия ва иқтисод. – 2024. – No. 4.2(43). – С. 453-460.*

# БЕЗНАЛИЧНЫЙ РАСЧЕТ: ПРЕИМУЩЕСТВА И ПУТИ ЕГО РАСШИРЕНИЯ В РЕСПУБЛИКЕ ТАДЖИКИСТАН

**Мирзоев Х.Х.**
**Миршарифзода Э.К.**
**Зиёев З.М.**

***Аннотация.*** *Проблема безналичных расчетов в современных экономических условиях, разработка и использование новых интеллектуальных технологий в деятельности кредитно-финансовых организаций, государственных и частных предприятий и учреждений является весьма актуальной и своевременной, требующей развития, совершенствования и расширения. Поэтому в своей статье авторы рассмотрели вопрос развития безналичных платежей в Республике Таджикистан и других развитых странах мира и установили, что в 2023 году доля безналичных платежей в денежных оборотах в Бельгии составит 93%, Франции 92%, Канаде 90%, Великобритании 89%, Швеции 89%, Австралии 86%, Нидерландах 85%, США 80%, Германии 76%, Южной Корее 70%, а в Республике Таджикистан 26% в 2024 году. В этом контексте ими был выдвинут ряд предложений и рекомендаций по расширению безналичных платежей в стране.*

***Ключевые слова:*** *безналичные платежи, денежные операции, безналичные, банковские услуги, pos-терминал, банковские платежные карты, мобильные приложения, терминал, счет, банковская система.*

# CASHLESS PAYMENT: ADVANTAGES AND WAYS OF ITS EXPANSION IN THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN

**Mirzoev H.H.**
**Mirsharifzoda E.Q.**
**Ziyoev Z.M.**

***Abstract.*** *The problem of non-cash payments in modern economic conditions, the development and use of new intelligent technologies in the activities of credit and financial organizations, public and private enterprises and institutions is very relevant and timely, requiring development, improvement and expansion. Therefore, in their article, the authors considered the issue of development of non-cash payments in the Republic of Tajikistan and other developed countries of the world and found that in 2023 the share of non-cash payments in money turnover in Belgium will be 93%, France 92%, Canada 90%, Great Britain 89%, Sweden 89%, Australia 86%, the Netherlands 85%, the USA 80%, Germany 76%, South Korea 70%, and in the Republic of Tajikistan 26% in 2024. In this context, they put forward a number of proposals and recommendations for the expansion of non-cash payments in the country.*

***Key words:*** *cashless payments, monetary transactions, cashless, banking services, POS terminal, bank payment cards, mobile applications, terminal, account, banking system.*

**Гузориши масъала.** Дар шароити муосири рушди босуботи иқтисодиёти ҷаҳонӣ ва гузариш ба низоми нави рақамикунонӣ, вусъат бахшидани ҳисоббаробаркунии ғайринақдӣ ва истифода намудани пулҳои рақамии электронӣ ба рушди устувори иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон тавассути тезонидани амалиётҳо байни харидорону фурӯшандагон таъсири мусбат мерасонад. Аз ин нуқтаи назар, бобати вусъат бахшидани ҳисоббаробаркунии ғайринақдӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бояд таваҷҷуҳи бештар зоҳир карда шавад.

**Таҳлили таҳқиқотҳои охир ва нашриёт.** Бояд зикр кард, ки аҳамияти асосии ҳисоббаробаркунии ғайринақдӣ дар он аст, ки маблағҳои пулӣ аз як суратҳисоб ба дигар суратҳисоб дар шакли электронӣ интиқол дода мешаванд ва истифодаи пули нақд дар амалиётҳо байни харидору фурӯшанда, истеҳсолкунандагон ва истеъмолгарон, ё умуман дар байни тамоми муносибатҳои иқтисодии субъектҳои хоҷагидорӣ аз байн меравад. Чунончи аз маълумотҳои расмии оморӣ ба мушоҳида мерасад, солҳои охир дар як қатор кишварҳои ҷаҳон ҳиссаи ҳисоббаробаркунии ғайринақдӣ ба 93% мерасад, ки дар кишвари мо ин нишондод 26%-ро ташкил медиҳад. Бинобар ин, бояд дар самти мазкур вобаста ба имконоти ҷойдошта тадбирҳои мушаххас андешида шаванд.

**Мақсади мақола** – таҳлил ва арзёбии рушди ҳисоббаробаркунии ғайринақдӣ, ҳисса ва афзалиятҳои он дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар мамлакатҳои хориҷӣ, ки дар ин самт муваффақ гардидаанд, маҳсуб меёбад.

**Муҳтавои асосии мавод.** Ҳисоббаробаркунии ғайринақдӣ дар илми иқтисодӣ мафҳуми нав набуда, тули солҳои зиёд дар мамлакатҳои мутараққии ҷаҳон мавриди истифода қарор дорад ва байни давлатҳо, ташкилотҳои молиявию қарзӣ, аҳолӣ ва дигар субъектҳои иқтисодӣ пайваста амалӣ гардида истодааст. Имрӯз, ин шакли ҳисоббаробаркунӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки иқтисодиёти он дар ҳоли гузариш ба рақамикунонӣ ва инноватсия қарор дорад, вусъати иловагиро талаб менамояд.

Назарияи олимони соҳаи иқтисодӣ доир ба таърихи пайдоиши ҳисоббаробаркунии ғайринақдӣ гуногун аст, вале аслан ин мафҳум ҳанӯз дар асри XVII, аниқтараш соли 1770 дар Бритониё дар шакли векселҳо (васиқаҳо) ва чекҳои коғазӣ ба роҳ монда мешуд [4]. Вале замоне, ки муносибатҳои тиҷоратии байналмилалӣ, такмилёбии низоми бонкии кишварҳо ва шаклҳои хизматрасониҳои бонкию ташкилотҳои қарзӣ, инчунин, истифодаи васеъи шабакаи ҷаҳонии “интернет” аз ҷониби харидорону фурӯшандагон, аҳолӣ ва корхонаю ташкилотҳо ташаккул ёфт, дар ин замина ҳисоббаробаркунии ғайринақдӣ низ бо тарзу усули муосир боз ҳам вусъат пайдо намуда, то имрӯз намудҳои гуногуни барномаҳои компютерию мобилӣ дар бозори барномаҳои молиявӣ пайдо гардидаанд, ки мавриди истифодаи васеи аҳолӣ қарор гирифта, ба рушди ҳисоббаробаркунии ғайринақдӣ як такони дигари ҷиддӣ мебахшад.

Ба андешаи профессор Ш. Раҳимзода дар замони пойдории Иттиҳоди Шуравӣ ва дар ҳайати он будани Ҷумҳурии Тоҷикистон бори аввал шаклҳои ҳисоббаробаркунии ғайринақдӣ дар солҳои 1921-1930 бо истифодаи чеку, вексел, солҳои 1930-1987 талабномаи пулӣ, аккредитив, чек ва пулгузаронии бевосита ва 1987-1992 супоришномаи пулӣ, талабномаи пулӣ, аккредитив, чек, ҳисоббаробаркуниҳо аз рӯйи нақшаи пешакӣ ва аз эътибор соқит кардани қарзҳои байниҳамдигарӣ истифода мегардиданд [1, с. 113]. Вале дар Ҷумҳурии Тоҷикистон баъди соҳибистиқлолӣ ҳисоббаробаркунии ғайринақдӣ аслан тавассути супоришномаи пулӣ, талабномаи пулӣ ва қисман аккредитив амалӣ карда мешаванд ва он ҳам аз соли 2008 инҷониб. Ҳоло он, ки дар кишварҳои аврупоӣ аз ҳама маъмултарин намудҳои ҳисоббаробаркунӣ супоришномаи пулӣ, талабномаи пулӣ ва чекҳо маҳсуб меёбанд.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон баъд аз соҳибистиқлолӣ ва дастёбӣ ба мустақилияти пурраи низоми бонкӣ, намудҳои гуногуни хизматрасониҳои бонкӣ низ ба миён омада, дар ин баробар намудҳои ҳисоббаробаркунии ғайринақдӣ рӯз аз рӯз такмил ёфта истодааст. Солҳои охир ба мушоҳида мерасад, ки истифода барномаҳои мобилӣ дар бозори молиявӣ байни аҳолии кишвар ба таври назаррас вусъат ёфта истодааст, ки ин аллакай аз болоравии маърифати молиявии шаҳрвандон ва гузариш ба иқтисодиёти рақамӣ, ки талаби замони муосир аст, дарак медиҳад.

Аслан, зери мафҳуми ҳисоббаробаркунии ғайринақдӣ ва ё пардохтҳои ғайринақдӣ пардохтҳоеро фаҳмидан мумкин аст, ки бидуни истифодаи пули нақд бо роҳи интиқоли маблағ аз як суратҳисоб ба суратҳисоби дигар (аз харидор ба фурӯшанда) талаботҳои тарафайн иҷро мегарданд. Ба таври дигар гӯем - ҳисоббаробаркунии ғайринақдӣ ин амалиёти молиявие мебошад, ки бе истифодаи пули нақд тавассути истифодабарии воситаҳои электронии пардохт, ҳисобҳои бонкӣ ва технологияҳои муосири ҳушманд анҷом дода мешаванд. Ин намуди ҳисоббаробаркунӣ унсури асосии иқтисоди рақамӣ буда, дар солҳои охир дар саросари ҷаҳон ва махсусан Ҷумҳурии Тоҷикистон рушд карда истодааст.

Ба андешаи олими ватанӣ У.С. Ҳикматов Рушди ҳисоббаробаркуниҳои ғайринақдӣ ҳамчун омили инкишофи низоми молиявӣ дар ғанӣ гардонидани буҷети кишвар нақши муҳим дошта, он дорои як қатор афзалиятҳо ба монанди: осонӣ, бехатарӣ, назорату пайгирии хароҷот, интизоми буҷет ва хизматрасониҳои иловагӣ мебошад [6 с. 228-231]. Яъне ҳисоббаробаркунии ғайринақдӣ ба истифодабаранда имкон медиҳад, ки ба таври осон ва бидуни ягон мушкилӣ, бехатар ва бе ягон мамоният ва ҳамарӯза (ҳар дақиқа, соат) назорати суратҳисоб ва хароҷотҳои худро роҳандозӣ карда, батанзидарории буҷети худро роҳандозӣ намояд.

Қайд кардан зарур аст, ки ба андешаи мо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон замина ва шароити мусоиди вусъат бахшидани ҳисоббаробаркунии ғайринақдӣ муҳаё буда, танҳо мебояд талоши баланд бардоштани маърифати молиявии шаҳрвандонро дар деҳоти дурдаст ва дар ин замина ба роҳ мондани хариду фурӯш ва адои хизматрасониҳоро дар тамоми нуқтаҳои хариду фурӯш ва хизматрасониҳои давлатию ғайридавлатӣ каме тезонид. Чун рушди ҳисоббаробаркунии ғайринақдӣ дар мамлакат метавонад иқтисоди миллиро шафоф, сарфакорона ва амнтар намуда, рушди иқтисоди рақамиро тезонад ва дар маҷмуъ ба беҳтар шудани сатҳи зиндагии аҳолӣ мусоидат намояд. [11;12].

Қобили тазаккур аст, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати рӯ овардан ба ҳисоббаробаркунии ғайринақдӣ ва вусъат бахшидани он нақши Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бузург буда, вобаста ба ин бори аввал қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 ноябри *соли 2018, №565* қабул гардида ва сипас аз 22 июни соли 2023, №586 "Дар бораи тадбирҳои вусъат додани ҳисоббаробаркунии ғайринақдӣ" Фармони Президенти кишвар муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба тасвиб расид, ки дар асоси он аз 1 августи соли 2023 пардохти андозҳо, боҷҳои давлатӣ барои додани иҷозат ва иҷозатномаҳо, пардохтҳои дигари

ҳатмӣ ба буҷет, ҷаримаҳо, маблаҒи суҒуртаи ҳатмии давлатӣ, хизматрасониҳои тиббӣ, хизматрасониҳои коммуналӣ, намудҳои дигари хизматрасониҳои давлатӣ, инчунин қабули маблаҒҳо аз ҷониби вазорату идораҳо ва ташкилотҳои давлатӣ тариқи Ғайринақдӣ амалӣ карда мешавад.

Ёдовар гардидан зарур аст, ки вобаста ба амалигардии фармони мазкур имрӯзҳо тамоми ташкилотҳои молиявию қарзии мамлакат пайваста дар самти ташкил намудани инфрасохтори ҳисоббаробаркунии Ғайринақдӣ ва пардохти ҳамагуна хизматрасониҳои давлатӣ тавассути кортҳои пардохтии бонкӣ ва замимабарномаҳои мобилӣ дар тамоми минтақаҳои Тоҷикистон фаъолиятро ба роҳ монда, ба тамоми аҳолии кишвар корти "фарогир" аз ҷониби КВД БДА "Амонатбонк" ба таври ройгон дастрас гардонида шуда истодааст. Ҳамзамон, бисёре аз ташкилотҳои қарзию молиявии кишвар аллакай барномаҳои мобилии бонкии худро фаъол намуда истодаанд, ки аҳолӣ бидуни мушкилот метавонанд аз онҳо ба таври васеъ дар ҳисоббаробаркунии Ғайринақдӣ истифода намоянд. Барои исботи гуфтаҳои боло динамикаи рушди инфрасохтори пардохтиро дар диаграммаи 1 дида мебароем.

**Диаграммаи 1.** Динамикаи рушди инфрасохтори пардохтӣ дар солҳои 2020-2024 (адад)




*Манбаъ: Рушди бозори кортҳои пардохтии бонкӣ. Сомонаи расмии БМТ. - http://www.nbt.tj.*

Мувофиқи рақамҳои дар диаграммаи 1 буда маълум мегардад, ки шумораи банкомат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон агар дар соли 2020 ҳамагӣ 1285 ададро ташкил диҳад, он дар соли 2024 ба 3005 адад расида, нисбат ба соли 2020 ба миқдори 1720 адад (ё 2,3 маротиба) зиёд гардидааст. Шумораи терминали электронӣ дар нуктаҳои пешниҳоди пули нақд (НППН) дар соли 2024 ба 3817 адад расида, дар қиёс ба соли 2020 ба андозаи 1918 адад (ё 2,0 маротиба) афзудааст. Таҳлили POS-терминалҳо нишон дод, ки дар соли 2024 шумораи онҳо ба 8138 адад расида, нисбат ба соли 2020 дар сатҳи 4327 адад (ё 2,1 маротиба) бештар гардидааст. QR-рамз низ солҳои охир ба таври бесобиқа мавриди истифода қарор гирифта, шумораи он аз 5266 адади соли 2020 якбора ба 19918 адад дар соли 2024 расида, 14652 адад (ё 3,7 маротиба) зиёд шудааст. Дар давраи таҳлилӣ терминали худкори худхизматрасон мавриди истифода қарор гирифта, шумораи он агар дар соли 2020 ба 5078 адад баробар буд, дар соли 2024 ба 9107 адад расида, дар маҷмуъ 4029 адад (ё 2,26 баробар) афзоиш ёфтааст.

Аз таҳлили анҷомдодашуда маълум гардид, ки афзоиш дар ҳама намуди хизматрасониҳои инфрасохтори пардохтӣ ба мушоҳида расида, рушди бештар ба истифодаи QR-рамз дар кишвар рост меояд. Ин нишондиҳандаҳо дар амал хуб арзёбӣ гардида, аз рушди инфрасохтор дар солҳои охир ва дар ин замина аз рушди

ҳисоббаробаркунии ғайринақдӣ дар мамлакат шаҳодат медиҳад. Дар баробари ҳамаи ин, ба андешаи мо ҷиҳати боз ҳам хубтару беҳтар рушд бахшидани инфрасохтор дар мамлакат низоми бонкии кишвар, ташкилоту муассисаҳои давлатию ғайридавлатӣ ва аҳолии мамлакатро зарур аст, ки дилхоҳ амалиёти молиявии худро тариқи ғайринақдӣ дар доираи имконоти мавҷуда дар минтақаҳои кишвар ва дар умум дар сатҳи ҷумҳурӣ вусъат бахшанд.

Дар натиҷаи рушди инфрасохтор дар мамлакат, амалиёт бо истифодаи воситаҳои электронии пардохтӣ солҳои охир бештар гардида, он ба боло рафтани ҳиссаи пардохтҳои ғайринақдӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мусоидат намуда истодааст.

**Диаграммаи 2.** Амалиёт бо истифодаи воситаҳои электронии пардохтӣ ва ҳиссаи пардохтҳои ғайринақдӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои 2020-2024




*Манбаъ: Рушди бозори кортҳои пардохтии бонкӣ. Сомонаи расмии БМТ. - http://www.nbt.tj.*

Чуноне, ки аз маълумотҳои диаграммаи 2 айён аст ҳиссаи ҳисоббаробаркунии ғайринақдӣ дар таркиби пардохти молу хизматрасонӣ сол аз сол тамоили рушдро касб кардааст. Агар ҳиссаи ҳисоббаробаркунии ғайринақдӣ дар соли 2020 ҳамагӣ 8%-ро ташкил намояд, он дар соли 2021 ба 10%, соли 2022 ба 12%, дар соли 2023 ба 20% ва дар соли 2024 якбора ба 26% баробар гардидааст, ки нисбат ба солҳои 2020 (18%), 2021 (16%), 2022 (14%) ва 2023 (6%) афзоиш ёфтааст.

Тавре аз таҳлилҳои анҷомдодашуда мушоҳида гардид, рушди ҳисоббаробаркунии ғайринақдӣ дар кишвар солҳои охир хуб ба мушоҳида расида, тақвият бахшидани он дорои афзалиятҳои гуногун буда ва дар натиҷаи татбиқи пурраи он метавон ба дастовардҳои зерин ноил гардид:

- хароҷотҳои иловагии аҳолӣ кам гардида, пардохтҳои давлатӣ сариваҳт иҷро мегарданд;

- аҳолии кишвар вақти зиёдатӣ талаф накарда, бе ташриф овардан ба бонк ва дигар нуқтаҳои хизматрасонӣ ва аз дилхоҳ макон пардохти ҳар гуна уҳдадориҳоро метавонанд иҷро намоянд;

- муомилоти нақдӣ байни аҳолӣ, давлат ва дигар субъектҳои иқтисодӣ коҳиш ёфта, хароҷотҳои иловагӣ барои бароришн пулҳои фарсудашуда аз байн мераванд;

- дар супоридани андозҳо, боҷҳои давлатӣ, дигар пардохтҳои ҳатмӣ ва хизматрасониҳои пулакӣ, шаффофият ҷорӣ мегардад;

- ҳисоббаробаркунии электронӣ байни мағозаву дуконҳо, ташкилоту корхонаҳо ва дигар субъектҳои иқтисодӣ бо аҳолӣ оммавӣ гардонида мешаванд;

- ҳолатҳои фассод (коррупсионӣ) коҳиш меёбанд ва ё ба таври пурра аз байн мераванд;

- технологияҳои рақамӣ, барномаҳои рақамӣ ва дар маҷмуъ иктисодиёти рақамӣ дар кишвар рушд намуда, тамоми амалиётҳо ва хизматрасониҳо ба таври рақамӣ ба истифодабарандагон ва аҳолӣ роҳандозӣ мегарданд;

- гардиши пули накд дар байни аҳолӣ ва ташкилоту муассисҳо коҳиш ёфта, фарсудашавии пули миллӣ кам ба назар мерасад;

- кортҳои пардохтии бонкӣ, замимабарномаҳои мобилии бонкӣ, QR-рамзҳо ва терминалҳои электронӣ байни аҳолӣ бештар гардида, дар ин замина маърифати молиявии шаҳрвандон баланд бардошта мешавад, ки боиси рушди амалиёти ғайринакдӣ дар кишвар мегардад.

Боиси тазаккур аст, ки низоми ҳисоббаробаркунии ғайринақдӣ ва ҳиссаи он дар таркиби пардохтҳои пулии мамлактҳои хориҷӣ имрӯзҳо дар сатҳи максималӣ қарор гирифтааст, ки тибқи раддабандии ҷаҳонӣ ҳамасола тақрибан аз 70 то 93 фоизи ҳисоббаробаркунӣ дар ин кишварҳо ғайринақдӣ анҷом дода мешаванд ва онҳо ба қатори даҳгонаи беҳтарин аз лиҳозӣ амалиёти ғайринақдӣ дохил мегарданд, ба монандӣ: Белгия, Фаронса, Канада, Британияи Кабир, Шветсия, Австралия, Нидерландия, ИМА, Олмон ва Кореяи Ҷанубӣ [2]. Барои маълумоти пурра пайдо намудан дар диаграммаи 3 нишондиҳандаҳои сатҳи ҳисоббаробаркунии ғайринакдиро дар ин кишварҳо дида мебароем.

**Диаграммаи 3.** Сатҳи нишондиҳандаҳои фоизии ҳисоббаробаркунии ғайринақдӣ дар кишварҳои хориҷӣ дар соли 2023, (бо %)




**Манбаъ:** таҳияи муаллифон дар асоси маълумотҳои интернетии https://habr.com/ru/articles/258625/.

Тавре аз диаграммаи 3 мушоҳида мегардад, дар соли 2023 давлати Белгия дар шакли ҳисоббаробаркунии ғайринақдӣ мақоми аввалро дар ҷаҳон касб намудааст, ки 93%-и тамоми хариду фурӯш ва муносибатҳои дигари хизматрасонию тиҷоратӣ дар ин давлат ғайринақдӣ анҷом дода мешавад. Ҷойи дуввумро дар ин радабандӣ Фаронса бо 92% ва мақоми сеюмро бошад, Канада бо 90% касб кардаанд. Тибқи радабандӣ мақоми охирон, яъне даҳумро Кореяи Ҷанубӣ бо 70% ишғол менамояд. Қобили зикр аст, ки ин нишондиҳандаҳо аз рушди иқтисодиёти рақамӣ, истифодаи васеи технологияҳо ва маърифати баланди молиявии аҳолию тараққиёти иқтисодиёти ин кишварҳо шаҳодат медиҳад. Ин нишондиҳанда дар соли 2024 тибқи маълумотҳои расмии оморӣ дар Русия 85,3%, Қазоқистон 85%, Ӯзбекистон 40%-ро ташкил медиҳад [7; 8; 9], ки нисбат ба ҳиссаи ҳисоббаробаркунии

ғайринақдӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бештар мебошад.

Бо назардошти имконоти мавҷуда ба андешаи мо бобати вусъат бахшидани ҳисоббаробаркунии ғайринақдӣ дар кишвар андешидани чораҳои зерин саривақтӣ маҳсуб меёбанд, аз ҷумла:

- инфрасохтори молиявию технологӣ дар асоси имконот рушд дода шуда, пешбурди шабакаҳои пардохтӣ ва POS-терминалҳо дар тамоми минтақаҳои дурдаст роҳандозӣ ва сифати хизматрасонии интернет ва дастрасии он бо нархи дастрас ба аҳолӣ роҳандозӣ карда шуда, платформаҳои пардохти амну дастрас барои ҳама имконпазир мебуд;

- афзоиши эътимод ба ҳисоббаробаркунии ғайринақдӣ дар асоси имконоти ҷойдошта ҷорӣ гардонида шуда, тақвияти бехатарии транзаксияҳои ғайринақдӣ тавассути истифодаи технологияҳои ҳозиразамон барои ҳифзи маълумот ва бартараф кардани тарсу шубҳаи шаҳрвандон тавассути маъракаҳои иттилоотӣ роҳандозӣ мегардиданд;

- ташвиқ ва ҳавасмандкунии аҳолӣ бо роҳи таъмини имтиёзҳо барои истифодабарандагони ҳисоббаробаркунии ғайринақдӣ, ба монанди пешниҳоди тахфифҳо ва бозгардонии маблағ, ҳамзамон, татбиқи барномаҳои таълимӣ барои фаҳмонидани афзалиятҳои ҳисоббаробаркунии ғайринақдӣ байни табақаҳои ҷомеа дар асоси имкониятҳо ба роҳ монда мешуд;

- бо роҳи омӯзиши таҷрибаи кишварҳои дигар, ба монанди Белгия, Фаронса ва Канада, ки дар рушди ҳисоббаробаркунии ғайринақдӣ муваффақ шудаанд, моделҳои мувофиқ бо дарназардошти хусусиятҳои иқтисодӣ ва иҷтимоии Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди истифода қарор мегирифт;

- кор бо бонкҳо ва дигар институтҳои молиявӣ ривоҷ дода шуда, истифодаи барномаҳои мобилбанкинг ва эҷод намудани имконоти бештари пардохтӣ тавассути телефонҳои мобилӣ ҷорӣ карда шуда, пешниҳоди қарзҳо бо шартҳои махсус ба соҳибкороне, ки ба рушди ҳисоббаробаркунии ғайринақдӣ мусоидат мекунанд дар асоси имконоти ҷойдошта роҳандозӣ карда мешуд.

**Хулоса.** Вусъат бахшидани ҳисоббаробаркунии ғайринақдӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон на танҳо самаранокии молияviро зиёд мекунад, балки ба рушди иқтисодиёти кишвар низ мусоидат менамояд. Аз ин нуқтаи назар, бояд дар асоси ҳамкорӣ бо муассисаҳои байналмилалӣ ва истифодаи таҷрибаи кишварҳои муваффақ дар ин самт, раванди ҳисоббаробаркунии ғайринақди дар кишвар вусъат дода шавад. Чун вусъат додани ин шакли ҳисоббаробаркунӣ талаб мекунад, ки давлат, бонкҳо, соҳибкорон ва аҳолӣ якҷоя амал намоянд. Дар натиҷа, Ҷумҳурии Тоҷикистон метавонад ба рушди иқтисоди рақамӣ ва шаффофияти молиявӣ мусоидат намояд.

## Адабиёт


1. Шариф Раҳимзода. Муомилоти пулӣ ва қарз: китоби дарсӣ / Ш. Раҳимзода. - Душанбе: “Эр-граф”. - 2018. - 516 с.

5. Миршарипов Э.Қ. Аҳамияти ҳисоббаробаркуниҳои ғайринақдӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва истифодаи таҷрибаи хориҷӣ дар вусъат бахшидани он / Э.Қ. Миршарипов // Маводи конференсияи илмӣ-амалии ҷумҳуриявии “Масоили рушди баҳисобгирии муҳосибӣ, молия ва менеҷмент дар шароити рақамикунонии иқтисодиёт ва такмили ҳисоббаробаркуниҳои ғайринақдӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон” (14 марти соли 2024). – Рашт, 2024. – С. 98-106.

6. Ҳикматов У.С. Саводнокии молиявӣ: воситаи таълимӣ / У.С. Ҳикматов. – Душанбе: Ирфон. - 2021. - 340 с.

10. Бюллетени омори бонкӣ барои соли 2023. - №12 (341).

11. Вализода, Ш. Ш. Арзёбии самаранокии иқтисодию иҷтимоии рушди низоми пардохтии ғайринақдӣ дар шароити ташаккулёбии иқтисодиёти рақамӣ / Ш. Ш. Вализода, Б. М. Шарипов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – 2022. – No. 9. – P. 116-125. – EDN BIAXEI.

12. Вализода, Ш. Ш. Проблемы и тенденция развития безналичной платежной системы в Республики Таджикистан / Ш. Ш. Вализода, Б. М. Шарипов // Механизмы обеспечения финансовой устойчивости кредитных организаций в условиях индустриализации и инновационной экономики : Материалы международной научно-практической конференци, Душанбе, Таджикистан, 10 февраля 2023 года. – Душанбе: Таджикский национальный университет, 2023. – С. 101-110. – EDN GTBBHL.

**Маълумот дар бораи муаллифон:**
**Мирзоев Ҳокимҷон Ҳалимович** – ассистенти кафедраи фаъолияти бонкии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон. Суроға: 734067, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кучаи Нахимов 64/14. Телефон: +992 907 32 13 21. E-mail: 907321321m@gmail.com
**Миршарифзода Эмомалӣ Қурбоналӣ -** Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон дар ноҳияи Рашт, декани факултети иқтисод ва идора. **Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Ғарм, к. Э. Муҳиддин-63. **Телефон:** (+992) 988-536-364. **E-mail:** emomali-95s@mail.ru.
**Зиёев Зулфиқор Маҳмадякубович** – н.и.и., дотсенти кафедраи молия ва суғуртаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Суроға: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон ш. Душанбе, х. Рӯдакӣ -17. E-mail: bahrom_07_09@mail.ru. Телефон: (+992) 908-33-89-72.
**Сведения об авторах:**
**Мирзоев Хокимджон Халимович** - Таджикский государственный финансово-экономический университет, ассистент кафедры банковского дело. Адрес: 734067, г.Душанбе, Республика Таджикистан, улица Нахимова, 64/14. Телефон: 907-32-13-21. E-mail: 907321321m@gmail.com
**Миршарифзода Эмомали Курбонали -** Педагогический институт Таджикистана в Раштском районе, декан факультета экономики и управления. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г. Гарм, ул. Э. Мухиддин – 63. **Телефон:** (+992) 988-536-364. **E-mail:** emomali-95s@mail.ru.
**Зиёев Зулфикор Махмадякубович – к.э.н., доцент кафедры финансы и страхования Таджикского национального университета**. Адресс: Республика Таджикистан г. Душанбе, пр. Рудаки -17. E-mail: bahrom_07_09@mail.ru. Телефон: (+992) 908-33-89-72.
**Information about authers:**
**Mirzoev** Hokimjon **Halimovich** - Tajik State University of Finance and Economics, assistant at the department of banking business. Address: 734067, Dushanbe, Republic of Tajikistan, Nakhimova street, 64/14. Phone: 907-32-13-21. E-mail: 907321321m@gmail.com
**Mirsharifzoda Emomali Qurbonali -** Pedagogical Institute of Tajikistan in Rasht region. Dean of the Faculty of Economics and Management. **Adress:** 734025, Republic of Tajikistan, Garm, st. E. Muhiddin – 63. **Phone:** (+992) 988-536-364. **E-mail:** emomali-95s@mail.ru.
**Ziyoev Zulfikor Makhmadyakubovich** – PhD, Associate Professor of the Department of Finance and Insurance, Tajik National University. Address: Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave. -17. E-mail: bahrom_07_09@mail.ru. Телефон: (+992) 908-33-89-72.

УДК:336

# СТРАНОВЫЕ ОСОБЕННОСТИ РЕАЛИЗАЦИИ ИСЛАМСКИХ ПРИНЦИПОВ РАЗВИТИЯ ФИНАНСОВОГО СЕКТОРА ЭКОНОМИКИ

**Рахматов С.К.**

*В статье рассматриваются особенности реализации исламских принципов, формирования финансового сектора.*

*Прежде всего, автор уточнил требования исламского шариата относительно развития финансовых отношений в разных странах мира. В связи с этим особого внимания заслуживают взгляды автора на положение внедрения исламских принципов в финансовую жизнь отдельных стран.*

Бисьёр дигар барномаҳои сугурта мавчуданд, ки хочагихо аз руи онхо шартхои мусоидтари сугуртаро интихоб карда метавонанд, аммо субсидия намегиранд. Суғуртаи хуроки чорво, зироатҳои полизӣ, сабзавот, картошка, боғҳо, токзорҳо, заминҳои буттамева ва ҳайвоноти кишоварзӣ дар ин барномаҳо (баръакси барномаи субсидияшаванда) дохил мешаванд. Молу мулк, хаёт ва саломатии коркунон сугурта низ карда мешавад ва ба сохиби сугурта имконият медихад, ки сугуртаро бо тахфифхои калон таъмин намояд. Фаъолияти суғурта як шохаи махсуси низоми молиявӣ мебошад, ки ба хифзи манфиатхои амволу мулки шахсони хукукиву ҷисмонӣ тавассути ташкили фондхои сугурта равона шудааст. Ҳадафи он пушонидани зарар ба сугурташуда дар холати рух додани ходисахои гайричашмдошти суғуртавӣ

(техники ва дигар ходисахои табии) истифода мешавад.

Фондхои андӯхтшудаи суғурта яке аз манбаъхои устувори сармоягузории дарозмуддат мебошад. Аммо дар фаъолияти ташкилотхои сугуртавии мамлакат хануз бисьёр камбудихо дар самти истифода нашудани захирахо мавчуданд. Илова бар ин фарҳанг ва маданияти сугурта дар мамлакат хеле паст ас, арзиши баланди баъзе намудхои сугурта ва нобоварии аҳолӣ ба ташкилотхои сугуртавии мушохида карда мешавад. Иштирокдорои муносибатҳои иқтисодиву иҷтимоӣ суғуртаро ҳамчун як институти молиявӣ намедонанд ва бинобар он зарурат манфиатҳои амволии худро бо пардохти ночиз ҳифз карданро то андозае дарк на нмудаанд. Дар амали ташкилотхои сугурта низ барои пушондани талафоти калон имконият надоранд, инчунин захирахои молиявии кифояро барои таъмини тараккиёти инфраструктураи худ, низ надоранд.

Вазифаи бозори молиявӣ, махсусан бозори фондӣ, ки гардиши байнисоҳавии сармояро таъмин менамояд беҳтар кор намекунад. Ба фикри мо, унсури инфрасохтори сармоягузориро махз бозори фонди бояд ташкил диҳад. Зеро, механизми он имкон медихад, ки маблагхои озоди шахрвандон ба дороихои молияви табдил ёбад ҳамин тариқ ба кадри кофии захирахо барои сармоягузорӣ чалб карда шавад. Модоме, ки бозор хеле заиф аст, пас усули ҷойгиркунии маблаґҳои мавҷуда барои дастрасии аксари аҳолии минтақаҳои ҷумҳурӣ то хол мушкил аст. Охир. сармоягузории назарраси вакт ва маблаґ ва қобилияти пешгӯии афзоиш ё камшавии талабот ба коғазҳои қиматнокро талаб мекунад. Бинобар он бозори коллективии сармоягузорӣ ба унсури мухимми сармоягузори бояд табдил ёбад, аммо дар ин роҳ имрӯз як мушкили ҳалношуда боқӣ мемонад. Яке аз самтҳои ҳавасмандгардонии аҳолӣ ба истифодаи воситаҳои сармоягузории коллективӣ, албатта, таъмини шаффофияти иттилоотии бозори сармоягузории коллективӣ мебошад, ки он дар вазъияти ногувор қарор дорад..

Шаклхои пардохтхои амортизатсия ба фикри мо, дар мавриди тавсифи институтсионаливу инфраструктураи инвестиционй бояд аз мади назар дур намонад. Зиёд шудани ҳаҷми пардохтхои амортизатия маблаги даромади андозбандишавандаро кам намуда, гардиши сармояи асосиро метезонад, болоравии хавасмандгардониро таъмин менамоядд ва барои сармоягузории нав маблаг чудо менамояд. Манбаи асосии сармоягузориро инфраструктураи тезонидашудаи амортизаци дар мамлакатхои мутараккй нуфузи калон дорад. Ин имкон медихад дар асоси коэффитсиентхои баланди истехлокшавй арзиши фондхои асосй на дар давоми даххо, балки дар давоми якчанд сол зуд аз хисоб бароварда шавад. Амортизатияи тезондашуда ҳам маънои аз андозбандй хакикй бароварданн як кисми фонди рушд ва ҳам имкон медихад, ки сармоягузориҳо барои аз зуд тачхизонидани техникй ва нав кардани истехсолоти асосй сурат бахшад.

Аз нуқтаи назари иқтисодӣ истифодаи амортизатсияи тезонидашуда дар ҳолатҳои зерин комилан асоснок аст:

— ба махсулоти истехсолшуда талабот зиёд буда, андаке баланд шудани арзиш ва нархи онхо микдори фуруши онро кам намекунад;

— махсулоти истехсолшаванда бо арзиши баланди истеъмолй фарк мекунад, даромаднокй ва зиёд шудани харочоти истехсолот (аз хисоби зиёд шудани хиссаи амортизационй дар арзиши аслии махсулот) афзоиши мувофики нархро талаб намекунад;

- маҳсулоти истеҳсолшуда дар талабот зуд ҳаракат мекунанд; барои содирот нигаронида мешавад;

- маҳсулоти истеҳсолшуда барои ҷомеа ва умуман кишвар ниҳоят зарур аст, ҷалби сармояи хориҷиро тақозо мекунад;

Аз тачрибаи чахонй бармеояд, ки зарурати истифодаи амортизатияи тезондашуда дар мавриде ба миён меояд, ки агар дар иктисодиёт афзоиши фаъолияти сармоягузорӣ сурат гирад. Ин ба азнавсозии куллии заминаи техникию технологии истехсолот ва таъғироти сохтории он мусоидат мекунад. Бояд таъкид намуд, ки маҳз дар шароити устувории молиявӣ ва мувозинат механизми тезонидани амортизатсия самаранок мегардад. Масалан, дар шароити болравии сатҳи таваррум,

татбиқи механизми амортизатсияи тезонидашуда ба болоравии иловагии нархҳо дар натиҷаи афзоиши як қатор унсурҳои хароҷот мусоидат менамояд. дар ин маврид сарфаҳое, ки корхона тавассути истифодаи амортизатсияи тезонидашуда мегирад ҳамон қадар давраи истеҳсолот дарозтари раванди он сармояталабтар аст.

Ба мақсади афзун намудани захирахои худии сармоявӣ ва истехсолии субъектхои иқтисоди дар мамлакат, ба фикри мо, зарурати аз нав дида баромадани меёрҳои мавчудаи амортизацияи тезондашуда ба миён меояд. Зарур аст, ки амалияи истифодаи усулхои нави хисобкунии онро такмил дод,. зеро айни замон иқтисодиёти мамлакат ба системаи иқтисодии ҷаҳонӣ ҳамгиро шуда истодааст. Инраванд тақозо менамояд, ки мӯҳлатҳои баргардонидани сармояи гузошташуда тезонад шавад, то ин ки онро ба меёрҳои кишварҳои пешрафта наздик шаванд, ки ин барои сармоягузорони хориҷӣ шароити баробари сармоягузорӣ фароҳам меорад.

Унсурхои асосии инфраструктураи сармоягузорӣ, ки дар боло мавриди таҳқиқи қарор гирифтанд, дар комплекси агросаноатиии мамлакат дар сатҳи зарурӣ ташкил карда нашудаанд. Дар ташкилотҳои қарзӣ ва бахши бонкӣ дар фаъолияти сармоягузорӣ бартарӣ дошта, бозори фондӣ, ширкатҳои суғурта ва тарҳи амортизатсия метавон гуфт, ки фаъолияти муассир надоранд.

Дар Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 қайд карда мешавад, ки "татбиқи бомуваффақияти сенарияи инноватсионии фаъолият ва рушди иқтисоди кишвар аз имконияту тавоноии мақомоти давлатӣ ҷиҳати фароҳам овардани шароит барои беҳбудӣ ва рушди минбаъдаи он, такмили инфрасохтори институтсионалӣ барои таъмини фаъолияти сармоягузорӣ ва инноватсионӣ, дар шароити ташаккули иқтисодиёти рақамӣ ва рушди муҳити рақамӣ муҳи мебошад"[6, С. 43 ]. дар натиҷаи рушди ҷанбҳои институсионаливу инфрасохтории фаъолияти инноватсионӣ барои субъектҳои комплекси агросаноатӣ имкониятҳои зерин фароҳам меорад:

- ба коркарди стратегияи (тактикаи) рушди корхонаҳо, ки бо асосноккунии самтҳои фаъолияту хароҷоти сармоягузорӣ, манбаъҳои татбиқи онҳо, натиҷаи молиявӣ - мӯҳлати баргардонидану самаранокии сармоягузориро алоқаманд аст,мусоидат менамояд;

– таҳияи ва татбиқи лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар доираи фаъолияти сармоягузори; назорат ва дар мавриди зарурат таҳрир намудани лоиҳа ва ё накшаи сармоягузорӣ[ 2, С. 52-57].

Дастрасии маҳдуди қарзгирандагони эҳтимолӣ – истеҳсолкунандагони маҳсулоти кишоварзӣ дар таъмини ӯҳдадориҳои қарзӣ мушкилоти махсус дар кишвар ва минтақаҳои он мебошад. Махусан стҳи баланди имконияти маҳдуд дар дастрасии ба захираҳои қарзии дарозмуддат бо сабаби нарасидани кафолат, яъне амволи худӣ, ки тибқи талаботи қонунгузории кишвар ба қайд гирифта шудааст, алоқаманд аст. Ин ҳолат пеш аз хама ба захирахои заминҳои кишоварзӣ дахл дорад. Бинобар он яке аз самтҳои афзалиятноки такмили қарздиҳии кишоварзӣ мусоидат намудан ба рушди низоми қарздиҳии ипотекӣ, ва ё институти имотека дар соҳаи кишоварзӣ мебошад. Бояд қайд кард, ки сифати танзимии раванди бақайдгирии ҳуқуқ ба қитъаҳои замин аз ҷониби аксарияти кулли истеҳсолкунандагони маҳсулоти кишоварзӣ (шахсони ҳуқуқӣ ва ҳам шаҳрвандон) тибқи қонунгузории кишвар боқӣ мемонад. Аммо, нотакмилии ҳуқуқи ба қайд гирифтани моликият ба қитъаҳои замин ҷалби сармоягузории дарозмуддатро ба соҳа бозмедорад. Сатҳи пасти рушди қарздиҳии ба замин ва ипотека, ки институти муҳим ва инфрасохтори фаъолияти сармоягузории истеҳсолкунандагони кишоварзӣ мебошад, бо як қатор сабабҳо алоқаманд мебошад, аз ҷумла:

- дараҷаи баланди фоизи қарз ва паст будани қобилияти қарзгирии аксари корхонаҳои кишоварзӣ;

- ҳолати ногувор дар амалиёт вобаста ба бақайдгирии ҳуқуқи моликият ба қитъаҳои замин, маҳдудияти захираҳои дарозмуддати молиявии низоми бонкии кишвар.

Бинобар он зарур аст, тадбирҳои зеринро, ки метавонад ҷолибияти сармоягузории ипотекаи заминро барои

корхонаҳои комлекси агросаноатӣ баланд бардорад, андешид ва мавриди татбиқ қарор додо:

- татбиқи механизмҳои дастгирии давлатӣ оид ба рушди низоми қарздиҳии ипотекии замин тавассути субсидияи фоизи қарзҳо;
- истифодаи имтиёзҳои андозӣ барои қарздиҳандагон - сармоягузороне, ки барои рушди қарзҳои ипотека барои истеҳсолкунандагони кишоварзӣ мусоидат менамоянд.

Чорӣ намудани комьёбихои пешрафти илму техника, интенсификацияи истехсолот, ташкили мехнати самаранок омил ва шароити тараккиёти комплекси агросаноатиро муаяйн менамояд. Барои ин кор ва таъмини тараккиёти устувори комплекси агросаноатиро чалби маблагхои калони хам давлат ва хам сармоягузорони хусусӣ тақозо мешавад..

Дар доираи татбики барномахои гуногуни рушди кишоварзӣ ва танзими бозорхои махсулоти кишоварзӣ, ашьёи хом ва озукаворӣ Вазорати кишоварзии Ҷумхурии Тоҷикистон бояд механизмхои таъмини татбики принципхои шарикии давлат ва бахши хусусиро истифода барад. Ин институти ҳамкорӣ ба муттаҳид шудани захираҳои буҷетҳои сатҳи гуногун ва сармояи хусусӣ дар самти фароҳам овардани шароити мусоид барои рушди комплекси агросаноатӣ ва ҳалли муаммоҳои мубрами фаъолиятҳои алоҳида бахши аграрии иқтисодиёт мусоидат мекунад.

Бехтарин пешомадхои инкишофи механизми шарикии давлат ва бахши хусусӣ дар комплекси агросаноатй бо ташкилу истифода бурдани фонди сармоягузории комплекси агросаноатй алокаманд аст, ки он бояд барои татбики лоихахои ҷолибтарин сармоягузори истифода шавад. Барои таъмини баланд бардоштани самаранокии истифодаи маблағҳои Фонд ба муайян намудани тартиб ва механизмҳои равона кардани маблағҳои молиявӣ ба дастгирии давлатии лоиҳаҳои сармоягузории дорои аҳамияти минтақавӣ ё байниминтақавӣ диққати махсус дода шавад.

Пайваста ба гуфтаи боло ворид намудани мафҳуми «лоиҳаи сармоягузории комплексӣ» ба миён меояд. Ин институти маҷмаӣ имкон медиҳад, ки бо истифода аз маблағҳои Фонди сармоягузорӣ инфрасохтори ҳамаҷонибаро барои гурӯҳи лоиҳаҳои сармоягузорӣ, ки имкон медиҳад сармоягузорони тиҷоратии гуногунро бо ҳам пайвандат ва мушкилоти ба ҳам алоқамандро ҳал намояд. Дар заминаи он имконияти муаян намудани хачми маблагхои фонди сармоягузорӣ барои таъминоти молиявии лоихахое, ки ба инкишофи инфраструктураи кишоварзй нигаронида шудаанд, пайдо мешавад.

Лоиҳаи сармоягузории комплексӣ дар худ таҳияву татбиқи чунин лоихахои ояндадори сармоягузорӣ, ки аз руи хисобхои пешакй самараи баланди ичтимоию иктисодй ва тахияи кофй доранд дар бар мегирад: лоихахо дар самти ташкили комплексхои сермахсул ва бисёрсохаи истехсол ва коркарди пурраи махсулоти зироат ва чорво; лоихахои сармоягузорӣ, ки корхонахоро ба комплекси ягонаи инноватсионии парвариши зироатхои техники ва корхонахои коркарди хуроки омехта ва иловахои биологи муттахид менамоянд. Ба максад мувофик аст, агар барои таъминоти молиявии лоихахо квотаи соҳавӣ ба объектхои КАС мукаррар карда шавад. .

Масъалаи кафолатҳо барои сармоягузорӣ ба истехсолоти кишоварзӣ дар мархалаи муосир ахамияти асосй доранд. Барои як кисми ҳаҷми карзи талабшуда барои харидани тачхизот ва минбаъд ба корхонахои кишоварзӣ додани он бояд кафолатхои давлатй дода шаванд. Инчунин ба ҳайси фондҳои кафолатӣ метавонанд суғуртакунанда баромад намоянд. Ба ширкатҳои лизингӣ низ барои баргардонидани пардохтҳои лизингӣ, кафолати баргардонидани қарзҳои барои маблағгузории лоиҳа пешниҳодшуда муқарар карда шаванд. Ба андешаи мо, маблағҳои буҷетӣ на барои маблағгузории шумораи ками лоиҳаҳои инфиродӣ, балки барои ташаккули фондҳои кафолатӣ, ки имкони ҷалби хеле бештари сармояҳоро мусоидат менамояд, сафарбар гардад.

Бо назардошти гузариш аз маблағгузории бебозгашти буҷетӣ ба қарздиҳӣ дар асоси бозпардохт ва пулакӣ ҳамчун механизми дастгирии давлатии

истеҳсолкунандагони деҳот (тавассути сармоягузории мутамарказ) ба мақсад мувофиқ аст, **[3, С. 59-61].** Дар мавриди истифодаи ин механизм маблаги чудо кардашуда бояд бо нарххои соле, ки онхо бояд баргардонанд, ба давлат баргардонда шаванд. Маблагхои буҷетӣ дар асоси присипи бебозгашт барои маблағгузории барномаҳои тайёр кардани кадрхо, таъминоти молявии тадбирхои асосии ҳивзи табиат, инкишофи хизмати байторй, кимёвӣ ва дигар хизматрасониҳо истифода шавад. Дархости корхонаҳои кишоварзӣ барои гирифтани барномаҳои давлатӣ, ки аз буҷети давлатӣ маблағгузорӣ мешавад, бояд дар асоси ташкили озмун аз рӯи лоиҳаҳо ва барномаҳои дахлдор сурат гирад. Бозгашти маблағҳои давлатӣ бояд аз рӯи ӯҳдадориҳои қабулкунанда таъмин карда шавад. Ин механизм бояд дар шартномае, ки аз натиҷаи бармеояд сабт карда шавад.

Дастгирии сармоягузорӣ ба соҳибкории хурду миёнаи соҳаҳои кишоварзӣ бояд самти афзалиятноки сиёсати сармоягузорӣ дарояндаи наздик бошад. Айни замон маблаги онхо холо 9 фоизи тамоми маблаггузорҳоро ба фондхои асосӣ ташкил медиҳаду халос.

Таъмини нархгузории аз ҷиҳати илмӣ асоснок, сиёсати тағйирпазири қарзӣ, андоз ва амортизатсия, зиёд намудани имкониятҳои лизинг, ҳавасмандгардонии фаъолияти соҳибкорӣ ва додани имтиёзҳо ба сармоягузорон ҳангоми хусусигардонӣ, дарстгирии мақсадноки молиявӣ ба самтхои афзалиятнок ва дигар намудхои маблаггузорй, тартиб додани накшаҳои индикативии маблаггузории асосй механизмҳои асосие мебошад, ки дар шароити рушди муносибатҳои бозорӣ давлат бояд таваҷҷӯҳи ҷиддӣ диҳад..

**Хулоса.** Умуман, муносибатҳои дар самти масъалаҳои таъмини инфрасохторӣ ва институтсионалии татбиқи сиёсати сармоягузорӣ бояд ба эътидол овардани иқтидори истеҳсолии кишоварзӣ ва рушди минбаъдаи комплекси агросаноатӣ заминаҳои бунёдӣ фароҳам бояд оранд. Маҳз сармоягузорӣ барои таъмини интенсификацияи истехсолоти кишоварзӣ дар асоси тавссути чорй намудани системам нави мошинҳо ва технологиям пешкадам хачми истехсол ва сифати махсулот, баланд намудани музди мехнати кормандони соҳаро ва ахолии дехот ба дарачаи некуахволии муносибро таъмин менамояд. Вобаста бо хусусияти иқтисодиёти бахши аграрй ташкил кардани Фонди минтакавии идоракунии сармоягузорӣ дар комплекси агросаноатй ба максад мувофик аст. Дар ин инситут бояд вазифахои агентии кафолатӣ ва маркази иттилоотию консалтингиро муттахид гардад. Ба назар мо самтҳои асосии фаъолияти Фонди минтақавии идоракунии сармоягузорӣ дар комплекси агросаноатӣ чунин мебошанд:

- додани кафолат барои карзхое, ки ба истехсолкунандагони маҳсулоти кишоварзӣ барои маблаггузории лоиха ва амалиёти лизинги дода мешаванд;

-хизматрасонии иттилоотии таҳлилӣ ва пешгӯӣ барои корхонаҳои КАС, ки бо ин ё он сабаб мустақилона намехоҳанд ё наметавонанд таъминоти кофии иттилоотӣ-таҳлилӣ ва пешгӯии фаъолияти идоракунии онҳоро эҷод ва нигоҳ доранд.

Фонди мазкур имконият дораддар худ кадрҳои баландихтисоси кофӣ ва иқтидори технологиро мутамарказ кунад, ки имконияти нигоҳ доштани сатҳи муосири иттилоотиву таҳлилиро пайдо мекунад. Тадбирҳои зеринро барои танзими самараноки фаъолияти сармоягузорӣ дар соҳаи кишоварзӣ амалӣ кардан зарур аст:

- ҷуброни қисми муаяни хароҷоти пардохти фоизҳои қарзҳои ипотека аз ҳисоби буҷети давлатӣ, ки кишоварзон барои ба гирифтани ҳуқуқи истифодаи қитъаҳои замин барои истеҳсолоти кишоварзӣ, заминсозӣ ва дигар корҳо оид ба он гирифтаанд;

- тартиби бақайдгирии ҳуқуқи моликият ба заминҳои кишоварзӣ ба низом даровarда шавад;

— дар бораи катъ намудани хукуки моликияти шахсоне, ки ба истехсоли махсулоти еишоварзӣ машгул нестанд ва дар давоми 2 сол аз рузи ба вучуд омадани хукуки моликият китъахои заминро кишт намекунанд, ташаббус нишон намедиханд;

- тартиб ва ташкили инфрасохтори заминсозӣ, аз чумла таъмини додани қитъаҳои замини кишоварзй, ки аз рӯи қарзҳои ипотекӣ ситонда шудаанд ва дар

музоядаи оммавӣ ҳуқуқи моликият ба замин фурӯхта нашудаанд;

- муҳити солими рақобат ва инфрасохтори мукаммали бозори қарздиҳии ипотека, аз ҷумла ба иштирокчиёни хизматрасонӣ ва ёрирасони равандҳои сармоягузорӣ ва ипотекӣ бо назардошти ҳудуди ҳуқуқи моликият фароҳам меоваранд;

– назоратро аз болои харчи маблагхои бучети аз чониби бонкхо пурзур намуда, дар сурати ошкор шудани вайронкунихо онхоро аз имконияти гирифтани онхо махрум созанд;

— ҳукумати чумхурӣ тартиби додани кафолатхои давлатиро барои карз гирифтани эмитентхои когазхои киматноки карзи, ки ба истехсоли махсулоти кишоварзӣ ба карздихии ипотека машгуланд, кабул мекунад.

Ба андешаи мо манбаҳои асосии ҷалби захираҳои молиявии корхонаҳои кишоварзӣ, лизинг ҳамчун институти судманди сиёсати сармоягузорӣ ва қарзи инвеститсионӣ бо субсидияи фоиз бошад. Барои таъмин намудани захирахои қарзӣ ба иштироккунандагони бозори аграрӣ кооператсияи қарзии дехотро хамчун институти мустакил, ки кооперативхои ноҳиявӣ ва вилоятиро муттахид менамояд, инкишоф додан зарур аст. Сармоягузорӣ аз ҳисоби маблағҳои буҷетҳои сатҳҳои гуногун низ дигар манбаи муҳими сармоягузорӣ мебошанд. Сармоягузории буҷетӣ метавонад дар шакли дастгирии молиявии лоиҳаҳои сармоягузории самраноктар мебошад, агар дар асоси озмун сурат гирад. Инчунин маблағгузории мутамарказ (қисман ё пурра)- и барномаҳои сармоягузории миллӣ ва минтақавӣ тавассути грантҳо ва субсидияҳо дар самти стратегӣ ва инноватсиони низ муҳим мебошад.

**Адабиёт**


1. Гардеев А.В. Развивать потребительскую кооперацию и сбыт продукции малыми формами агробизнеса // Экономика сельского хозяйства России. 2008. №2. С. 13-20
2. Губернаторова, Л. В. Повышать инвести- ционную привлекательность сельского хозяйства/ Л. В. Губернаторова // Экономика сельскохозяй- ственных и перерабатывающих предприятий. – 2009. – № 10. – С. 52–57
3. Золотарева, Е. Л. Инвестиционная политика в воспроизводственном процессе сельского хозяйства/ Е. Л. Золотарева, М. Е. Проняева, Ю. В. Воронцова // Экономика сельскохозяйственных и перерабатывающих предприятий. – 2010. – № 3. – С. 59–61.
4. Мирсаидов А.Б. Институциональная инфраструктра и его роль в принятие и реализации управленческих решений органов государственной власти // Вестник ТНУ, №1 – 2024, с.183-189
5. Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2023, с .408
6. Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030, с 43
7. Rosenstein-Rodan P. Notes in the Theory of the «Big Push». // P. Rosenstein- Rodan// Economic Development of Latin America. New York, 1961. P 60.



**Маълумот дар бораи муаллиф: Собирзода Шодмон Сулаймонжон**, Ходими калони илми номзади илмҳои иқтисоди дотсенти кафедраи таҳлили иҷтисоди ва аудит Донишгоҳи давлати Бохтар ба номи Носири Хусрав Тел.: (+992) 909-77-77-99.

**Информация об авторе: Собирзода Шодмон Сулаймонжон**, старший научный сотрудник, кандидат экономических наук, доцент кафедры экономического анализа и аудита Бахтарского государственного университета имени Насири Хусрава Тел.: (+992) 909-77-77-99.

**Information about the author: Sobirzoda Shodmon Sulaimonjon**, Senior Researcher, PhD in Economics, Associate Professor of the Department of Economic Analysis and Audit, Bakhtar State University named after Nasiri Khusrav Tel.: (+992) 909-77-77-99.

УДК 657.1

# ТАТБИҚИ НИЗОМИ ҲАМГИРОИ БАҲИСОБГИРӢ-ТАҲЛИЛИИ ИДОРАКУНИИ ҶАРАЁНҲОИ ИСТЕҲСОЛӢ ДАР КОРХОНАҲОИ НАССОҶӢ

**Файзализода М.М.**

***Аннототсия.*** *Дар шароити муосири муҳити иқтисодии ноустувор муваффақияти кори корхонаҳои нассоҷӣ на танҳо аз корбурди дурусти воситаҳо ва усулҳои имконпазири идоракунӣ, инчунин аз вазъи дар корхона роҳандозӣ намудани механизми доимамалкунандаи идоракунӣ дар асоси иттилоот, ки асоси татбиқи қарорҳои идоракуниро ташкил медиҳад, вобаста мебошад. Дар мақолаи мазкур татбиқи низоми ҳамгирои баҳисобгирӣ-таҳлилии идоракунии ҷараёнҳои истеҳсолӣ дар корхонаҳои нассоҷӣ дида баромада шудааст. Инчунин, барои корбурди самаранокӣ низоми ҳамгирои баҳисобгирӣ-таҳлилии идоракунии ҷараёнҳои истеҳсолӣ дар корхонаҳои нассоҷӣ модели низоми ҳамгирои таъминоти баҳисобгирӣ-таҳлилии идоракунии ҷараёнҳои истеҳсолӣ таҳия карда шудааст. Дар модел зернизоми баҳисобгирии молиявӣ тавассути унсурҳои методи баҳисобгирии муҳосибӣ (ҳуҷҷатноккунӣ, бақайдгирӣ ва ҳисобот) ифода гардидааст.*

***Калидвожаҳо:*** *низоми баҳисобгирӣ-таҳлилӣ, таъминоти баҳисобгирӣ-таҳлилии идоракунии ҷараёнҳои истеҳсолӣ, иттилооти баҳисобгирӣ-таҳлилӣ, қарорҳои идоракунӣ, баҳисобгирӣ ва ҳисоботи молиявӣ, баҳисобгирӣ ва ҳисоботи идоракунӣ, баҳисобгирӣ ва ҳисоботи андоз, таҳлили фаъолияти молиявӣ-хоҷагидорӣ, таҳлили молиявӣ (ҳисоботи молиявӣ).*

***Барои иқтибос:*** *Файзализода М.М. Татбиқи низоми ҳамгирои баҳисобгирӣ-таҳлилии идоракунии ҷараёнҳои истеҳсолӣ дар корхонаҳои нассоҷӣ/ М.М. Файзализода // Паёми молия ва иқтисод. – 2024. – No. 4.2 (43). – С. 480-489.*

# ПРИМЕНЕНИЕ ИНТЕГРИРОВАННОЙ СИСТЕМЫ БУХГАЛТЕРСКОГО-АНАЛИТИЧЕСКОГО УПРАВЛЕНИЯ ПРОИЗВОДСТВЕННЫМИ ПРОЦЕССАМИ В ТЕКСТИЛЬНЫХ ПРЕДПРИЯТИЯХ

**Файзализода М.М.**

***Аннотация.*** *В условиях современного нестабильного экономического окружения успех работы текстильных предприятий зависит не только от правильного использования возможных инструментов и методов управления, но и от состояния внедрения механизма постоянного управления на основе информации, который составляет основу принятия управленческих решений. В данной статье рассматривается применение интегрированной системы бухгалтерского и аналитического управления производственными процессами в текстильных предприятиях. Также для эффективного использования интегрированной системы бухгалтерского и аналитического управления производственными процессами в текстильных предприятиях разработана модель интегрированной системы бухгалтерского и аналитического управления. В этой модели подсистема финансового учета выражается через элементы метода бухгалтерского учета (документирование, регистрация и отчетность).*

***Ключевые слова:*** *система бухгалтерского и аналитического учета, обеспечение бухгалтерского и аналитического управления производственными процессами, информационный учет и анализ, управленческие решения, бухгалтерия и финансовая отчетность, бухгалтерия и управленческая отчетность, бухгалтерия и налоговая отчетность, анализ финансово-хозяйственной деятельности, финансовый анализ (финансовая отчетность).*

# IMPLEMENTATION OF AN INTEGRATED ACCOUNTING AND ANALYTICAL MANAGEMENT SYSTEM FOR PRODUCTION PROCESSES IN TEXTILE ENTERPRISES

***Abstract.*** *In the context of the modern unstable economic environment, the success of textile enterprises not only depends on the correct use of feasible management tools and methods, but also on the status of implementing a continuous management mechanism based on information, which serves as the basis for decision-making. This article discusses the implementation of an integrated accounting and analytical management system for production processes in textile enterprises. Additionally, to ensure the effective use of the integrated accounting and analytical management system in textile enterprises, a model of the integrated system of accounting and analytical management has been developed. In this model, the subsystem of financial accounting is represented through the elements of the accounting method (documentation, registration and reporting).*
***Keywords:*** *accounting and analytical system, accounting and analytical support for managing production processes, informational accounting and analysis, management decisions, accounting and financial reporting, accounting and management reporting, accounting and tax reporting, analysis of financial and economic activities, financial analysis (financial statement).*

**Гузориши масъала:** Дар шароити дигаргуниҳо дар иқтисоди бозорӣ ва шомилшавии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Созмони умумиҷаҳонии савдо, яке аз тамоюлҳои асосии ислоҳоти саноати насоҷӣ зарурати таъсиси низоми босамараи таъминоти иттилоотии баҳисобгирӣ-таҳлилии идоракунии ҷараёнҳои истеҳсолӣ мебошад. Имрӯз корхонаҳои саноати насоҷӣ бо шаклҳои гуногуни ташкилӣ-ҳуқуқӣ ва шароити дигаргуниҳои муҳим фаъолият мекунанд, ки ин дар навбати худ ба ҷараёни истеҳсолот таъсир мерасонад. Ҳадафи стратегии асосии ҳар як корхонаи насоҷӣ баланд бардоштани сатҳи фоиданокӣ мебошад, ки тавассути идоракунии босамараи фаъолияти молиявию хоҷагидорӣ ба даст меояд.

**Таҳлили таҳқиқотҳои охир ва нашриёт:** Имрӯз таҳқиқи фаъолияти истеҳсолии корхонаҳои нассоҷӣ масъалаи мубрам аст, чунки бозори маҳсулоти саноати нассоҷӣ вобаста ба шароити нави иқтисодӣ хусусиятҳои навро ба худ мегирад. Омӯзиши низомҳои идоракунии як қатор корхонаҳои нассоҷии мамлакат нишон дод, ки яке аз мушкилоти асосӣ дар ташаккули таъминоти баҳисобгирӣ-таҳлилии идоракунии ҷараёнҳои истеҳсолии онҳо низоми амалкунандаи баҳисобгирии хароҷот ва ҳисобкунии арзиши аслӣ мебошад. Инро баъзе интишороти муҳаққиқони ватании соҳаи баҳисобгирии муҳосибӣ низ тасдиқ мекунанд [10: с.11].

**Мақсади мақола:** Дар корхонаҳои нассоҷии мамлакат нишондиҳандаҳои молиявӣ асосан бо таъсири талаботи иттилоотии баҳисобгирии молиявӣ ва баҳисобгирии андоз ҳисоб карда мешаванд, ки дар паёмади ин ҳолатҳои дастгирӣ наёфтани қарорҳои идоракунии ҷорӣ бо иттилооти фаврӣ оид ба хароҷот ба миён меоянд. Дар асоси маълумоти баҳисобгирии идоракунӣ чун манбаи иттилоот барои таҳлили босифати хароҷоти истеҳсолӣ маъмурияти корхонаҳо ва коргоҳҳои истеҳсолии нассоҷӣ идоракунии ҷории ҷараёнҳои истеҳсолиро ба ҷо оварда, қарорҳои фаврӣ қабул мекунанд. «Баҳисобгирии идоракунӣ – манбаи иттилоотии асосӣ барои қабули қарорҳо, беҳгардонӣ ва назорат дар корхона мебошад. Низомҳои босамари баҳисобгирии идоракунӣ бо таъмини иттилооти саривақтӣ ва аниқ оид ба намудҳои фаъолият, ки барои ноил шудан ба муваффақият зарур аст, метавонанд арзишнокии назаррасро барои корхонаҳои муосир бунёд кунанд» [1:с.26]. Мавҷуд набудани алоқамандии байни баҳисобгирии молиявӣ ва баҳисобгирии идоракунӣ ба мушкилоти ҷиддӣ дар низоми идоракунии корхона меоварад, ки дар мавриди он истифодабарандагони иттилооти дар низоми баҳисобгирии муҳосибии

анъанавӣ ташаккулёфта дар раванди идоракунии харочот иштирок намекунанд. Маҳз аз ин сабаб дар баробари таҳлили молиявӣ бояд ба таҳлили идоракунӣ, ки вазифаҳои таъминоти фаврӣ ва таҳлилиро дар низоми таъминоти баҳисобгирӣ-таҳлилии чараёнҳои истеҳсолӣ ичро мекунад, диққати махсус дода шавад.

Дар раванди ташаккули таъминоти баҳисобгирӣ-таҳлилии идоракунии чараёнҳои истеҳсолӣ нақши калидиро иттилоот ичро мекунад, зеро он имкон медиҳад, ки вазъ дар тамоми истеҳсолот ва ҳам воҳидҳои сохтории корхона ба таври фаврӣ арзёбӣ карда шавад, самтнокии асосӣ ва таъсири нишондиҳандаҳои чузъӣ ба нишониҳандаҳои ниҳойӣ муайян карда шавад, пояҳо барои арзёбии воқеъбинонаи муҳити берунӣ бунёд карда шаванд. Мусаллам аст, ки имрӯз иттилоот ба яке аз омилҳои асосии истеҳсолот табдил меёбад ва корбурди васеи он бо шарофати ба миён омадани низомҳои нави босамари паҳнкунии он имконпазир мегардад. Воситаҳои муосири иртиботӣ чаҳонро ба фазои иттилоотии ягонаи ҳамбаста табдил додааст, бинобар ин, соҳаи корбурди иттилоот бахши ояндадортарин ва босуръат рушдёбандаи иқтисодиёт маҳсуб меёбад, ки дорои иқтидори рушди иқтисодии дарозмуддат аст.

Таъминоти иттилоотии идоракунии чараёнҳои истеҳсолӣ – «ин робитаи иттилоот бо низоми идоракунии корхона ва умуман чараёни идоракунӣ мебошад. Он метавонад на танҳо ба таври умумӣ, инчунин аз рӯи корҳои идоракунии вазифавии алоҳида баррасӣ шуда, тамоми вазифаҳои идоракунӣ, масалан, ояндабинӣ ва банақшагирӣ, баҳисобгирӣ ва таҳлилро фаро гирад»[2: с.78-82]. Акнун додугирифти иттилоот оид ба вазъи фаъолияти корхона ба сатҳи болои идоракунӣ ва мубодилаи байниҳамдигарии иттилоот дар байни тамоми воҳидҳои сохтории бо ҳам алоқаманди корхона дар пояи технологияи иртиботии муосир ба чо оварда мешавад.

Бунёди низоми босамари қабули қарорҳои идоракунӣ дар корхонаҳои нассочии Чумҳурии Точикистон таҳия намудани тавсияҳои ба мукаммалсозии таъминоти баҳисобгирӣ-таҳлилии идоракунии чараёнҳои истеҳсолӣ равонагардида ва муайян кардани усулҳои нисбатан босамари ташаккули чараёнҳои иттилоотиро барои идоракунии корхонаҳои соҳа талаб менамояд. Бешубҳа, ҳалли масъалаҳои таъминоти баҳисобгирӣ-таҳлилии низоми идоракунии чараёнҳои истеҳсолӣ дар корхона бояд ҳамачониба бошад ва ба таҳқиқи чиҳатҳои методологӣ ва ташкилии ташакули иттилооти баҳисобгирӣ-таҳлилӣ дар доираи чунин унсурҳои вазифавии ҳамгирои идоракунӣ асос ёбад:

1) низоми баҳисобгирӣ-таҳлилии баҳисобгирии молиявӣ;

2) низоми баҳисобгирӣ-таҳлилии баҳисобгирии идоракунӣ;

3) низоми баҳисобгирӣ-таҳлилии баҳисобгирии андоз.

Ҳамин тавр, низоми ҳамгирои таъминоти баҳисобгирӣ-таҳлилии идоракунии чараёнҳои истеҳсолӣ ҳамчун низоми иттилоотӣ аз чунин унсур (зернизом)-ҳо иборат аст:

- баҳисобгирӣ ва ҳисоботи молиявӣ;
- баҳисобгирӣ ва ҳисоботи идоракунӣ;
- баҳисобгирӣ ва ҳисоботи андоз;
- таҳлили фаъолияти молиявӣ-хочагидорӣ;
- таҳлили молиявӣ (ҳисоботи молиявӣ);
- таҳлили идоракунӣ (ҳисоботи идоракунӣ).

Дар воқеъ, барои таъмини роҳбарияти корхона бо иттилоот бояд ба баҳисобгирии молиявӣ (чун асоси таъмини менечмент бо ахбор оид ба фаъолияти молиявию хочагидорӣ), баҳисобгирии идоракунӣ (барои коркард ва истифодабарии иттилооти иловагии махсус дар бораи чараёнҳои истеҳсолӣ ва ҳисобкунии арзиши аслии маҳсулот), баҳисобгирии истеҳсолӣ (барои инъикоси чараёнҳои истеҳсолӣ), баҳисобгирии андоз (барои ичрои уҳдадориҳоро дар назди давлат), иттилооти ғайримолиявӣ (оид ба муҳити фаъолияти корхона) мутавачҷеҳ шуд. Вобаста ба ин, чунин модели низоми ҳамгирои таъминоти баҳисобгирӣ-таҳлилии идоракунии чараёнҳои истеҳсолиро барои корхонаҳои нассочӣ таҳия менамоем (расми 1).

Дар модели низоми ҳамгирои таъминоти баҳисобгирӣ-таҳлилии

идоракунии чараёнҳои истеҳсолӣ дар корхонаҳои нассоҷӣ бояд тавозуни байни принсипи ҳамбастагии баҳисобгирии молиявӣ, баҳисобгирии идоракунӣ, баҳисобгирии андоз, принсипи истифодаи харчи босамари иттилооти мавчудаи молиявӣ ва ғайримолиявӣ ва ғояҳои алоҳидагии баҳисобгирии молиявӣ ва баҳисобгирии идоракунӣ риоя гардад.




**Расми 1.** – Модели низоми ҳамгирои таъминоти баҳисобгирӣ-таҳлилии идоракунии чараёнҳои истеҳсолӣ дар корхона

**Сарчашма: муаллиф дар асоси омӯзиши адабиёт таҳия кардааст**

Дар модел зернизоми баҳисобгирии молиявӣ тавассути унсурҳои методи баҳисобгирии муҳосибӣ (ҳуҷҷатноккунӣ, бақайдгирӣ ва ҳисобот) ифода гардидааст. Дар раванди ҳуҷҷатноккунӣ чамъоварии иттилооти молиявии аввалӣ ба ҷо оварда мешавад. Илова бар ин, ба иттилоот бояд талаботи махсус пешниҳод карда шавад, чун фаврият, саҳеҳӣ, чандирӣ. Дар асоси иттилооти ибтидоӣ феҳристҳои баҳисобгирии ҷамъбастӣ ташаккул меёбанд, маҳакҳои банизомдарорӣ ва гурӯҳбандии иттилооти молиявии аввалӣ бо эҳтиёҷоти менеҷерҳои воҳидҳои сохтории корхона марбут мебошанд. Дар марҳилаи ниҳоийи кори зернизоми баҳисобгирии молиявӣ ҳисоботи молиявӣ ташаккул меёбад, ки дар он маълумот ва нишондиҳандаҳои бо ҳам алоқаманди инъикоскунандаи фаъолияти молиявию хоҷагидории корхона ва воҳидҳои сохтории он ба таври ҷамъбастӣ ва гурӯҳбандишуда оварда мешаванд.

Бояд қайд кард, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон тартиби пешбурди баҳисобгирии муҳосибӣ ва омодасозии ҳисоботи молиявӣ қатъиян аз ҷониби давлат танзим карда мешавад. Баҳисобгирии молиявӣ дар асоси низомномаҳои баҳисобгирии муҳосибӣ (НБМ), ки дар давраи солҳои 1999-2002 таҳия ва қабул шудаанд, инчунин СБҲМ бурда мешавад. Тартиби омодасозии шаклҳои ҳисоботи молиявии корхонаҳо бо «Дастурамал оиди тартиби таҳия намудани шаклҳои ҳисоботи молиявие, ки мутобиқи стандартҳои миллӣ ва байналмилалии ҳисоботи молиявӣ тартиб дода шудаанд» муайян карда мешавад[3]. Нақшаи ҳисобҳои баҳисобгирии муҳосибии

фаъолияти молиявӣ-хоҷагидории субъектҳои хоҷагидорӣ ва Нишондоди методӣ оиди татбиқи нақшаи ҳисобҳои баҳисобгирии фаъолияти молиявӣ-хоҷагии субъектҳои хоҷагидорӣ (Қарори Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27 марти соли 2011, № 41), тавре дар дебочаи он қайд шудааст, барои истифода дар тамоми корхонаҳо, новобаста аз тобеият ва шакли таҳкилӣ-ҳуқуқӣ таъин гардидааст. Бинобар ин, корхонаҳои саноати нассоҷӣ низ санадҳои танзимкунандаи мазкурро ҳангоми пешбурди баҳисобгирии муолиявӣ ва тартиб додани ҳисоботи молиявии худ истифода мебаранд.

Унсури баҳисобгирии молиявӣ дар низоми ҳамгирои баҳисобгирӣ-таҳлилии идоракунии ҷараёнҳои истеҳсолӣ дар корхонаҳои нассоҷӣ аз як ҷониб, барои ба даст овардани ҳадафҳои идоракунии корхона хизмат менамояд, аз ҷониби дигар, иттилооти баҳисобгирӣ ва ҳисоботи молиявӣ барои ҳадафҳои идоракунии фаврӣ ва стратегии корхона муносиб нест, чунки дар ин маврид он баъзе хосиятҳои сифатии худ, аз ҷумла фаврияти худро гум мекунад.

Фаъолияти зернизоми баҳисобгирии идоракунӣ дар корхонаҳои нассоҷӣ, чун дар дигар корхонаҳои тиҷоратӣ нисбатан озод аст. Бурдани баҳисобгирии идоракунӣ ва тартиб додани ҳисоботи идоракунӣ дар доираи салоҳияти роҳбарияти корхонаҳо мебошад. Шаклҳои ҳисоботи идоракунӣ, ҳамчунин феҳристҳои баҳисобгирии идоракунӣ аз ҷониби менеҷменти корхона мустақилона дар асоси буҷетҳои пешакӣ тасдиқшуда таҳия карда мешаванд. Дар ин маврид, онҳо дар доираи низоми ҳамгирои баҳисобгирӣ-таҳлилии идоракунии ҷараёнҳои истеҳсолӣ бояд нишондиҳандаҳоеро инъикос кунанд, ки аз як ҷониб, барои ноил гардидан ба ҳадафҳои корхона равона гардида, стратегияи умумии рушдро инъикос кунанд, аз ҷониби дигар – миқдор ва сифати кори иҷрошавандаи ҳар як воҳиди сохтории алоҳида ва ҳаҷми хароҷоти иҷрои корро дар давраи муайян тавсиф диҳанд. Дар баҳисобгирии идоракунӣ тавассути буҷетикунонӣ захираҳои зарурии молиявӣ ва истеҳсолии барои ноил гардидан ба натиҷаҳои фаъолияти корхона зарурӣ муайян карда мешаванд.

Амалкунии унсури баҳисобгирии андоз дар низоми ҳамгирои баҳисобгирӣ-таҳлилии идоракунии ҷараёнҳои истеҳсолӣ дар корхонаҳои нассоҷӣ бахши муҳимтарини таъминоти иттилоотии идоракунии корхона ба ҳисоб меравад, вале он набояд аз таркиби низоми умумии баҳисобгирии ҳамгиро ҷудо карда шавад. Бинобар ин, дар модели таҳиянамудаи мо ба унсури мазкури низоми баҳисобгирӣ-таҳлилии идоракунии ҷараёнҳои истеҳсолӣ аҳамияти бештар дода шудааст.

Ҳадафи унсури баҳисобгирии андоз дуруст ҳисоб кардани андозҳо ва ба ҳисоби хазинадории давлатӣ гузаронидани онҳо мебошад. Дар ин маврид, пешбурди баҳисобгирии андоз ва тартиб додани ҳисобот (эъломияҳо)-и андоз аз ҷониби давлат нисбатан қатъӣ танзим карда мешавад. Дар модел мо таъсири баҳисобгирии молиявиро ҳангоми пешбурди баҳисобгирии андоз ва тартиб доани ҳисоботи андоз муқаррар намудаем. Амалкунии унсури баҳисобгирии андоз дар низоми ҳамгирои баҳисобгирӣ-таҳлилии идоркунии ҷараёнҳои истеҳсолӣ дар корхонаҳои нассоҷӣ бо дараҷаи пасттар ба идоракунии корхона нигарон аст. Аммо эътироф накардани нақши иттилооти андозӣ барои идоракунии корхона ва таъкид накардани аҳамияти он дар низоми ҳамгирои баҳисобгирӣ-таҳлилии идоракунии ҷараёнҳои истеҳсолӣ дар корхонаҳои нассоҷӣ метавонад ба паёмадҳои номатлуб оварад, чунки ҷанбаи андоз ва андозбандӣ дар фаъолияти ҳар як воҳиди сохторӣ ва умуман корхона мавҷуд мебошад.

Бояд гуфт, ки баҳисобгирии идоракунӣ дар тафовут аз дигар намудҳои баҳисобгирӣ (баҳисобгирии молиявӣ, баҳисобгирии андоз), «метавонад маҷмуи ҳадафҳоеро пайгирӣ кунад, ки дастаи онҳо қатъиян аз талаботи иттилоотии менеҷменти корхона муайян мегардад. Ба ҳадафҳои баҳисобгирии идоракунӣ инҳо мансуб буда метавонанд: идоракунии хароҷот ва таҳлили онҳо; назорати сатҳи хароҷот; қабули қарорҳо; ҳисобкунии арзиши аслии намудҳои алоҳидаи фаъолият, корҳо, амалиёт, аз ҷумла барои баррасии имкони баҷоории алтернативӣ»[4: с.90].

Маълумоти унсури иттилооти ғайримолиявӣ, ба мисли сифати пойгоҳи мизоҷон, мавҷудияти хавфҳои амнияти иқтисодӣ, вазъ ё татбиқи масъулияти иҷтимоӣ, хусусиятҳои истеҳсолот, ки ба баҳисобгирии идоракунӣ таъсир мерасонанд ва дигарҳо, омилҳои аниққунанда буда, ба қабули қарорҳои идоракунӣ таъсири бевосита мерасонанд. Бинобар ин, мо дар модел робитаи онҳоро бо унсури баҳисобгирии идоракунӣ муқаррар кардем. Низоми дуруст роҳандозишудаи ҷамъоварӣ, бақайдгирӣ ва ҷамъбасткунии иттилоот ба роҳбарияти корхонаҳои нассоҷӣ имкон медиҳад, ки иттилооти зарурии молиявӣ ва ғайримолиявиро саривақт гирифта, барои омодасозии қарорҳои идоракунӣ ба кор барад.

Мувофиқи модели таҳиянамудаи мо, ҳамзамон ва ба таври мувозӣ дар дохили унсурҳои баҳисобгирӣ (баҳисобгирии молиявӣ, баҳисобгирии идоракунӣ, баҳисобгирии андоз) коркарди иттилооти таҳлилӣ (таҳлили молиявӣ, таҳлили идоракунӣ, таҳлили андоз), ки барои қабули қарорҳои идоракунӣ зарур аст, ба амал меояд. Дар асоси маълумоти унсурҳои баҳисобгирӣ ва иттилооти ғайримолиявӣ, феҳристҳои баҳисобгирӣ, ҳисоботи молиявӣ, ҳисоботи идоракунӣ ва ҳисоботи андоз таҳлили иттилооти дахлдор гузаронида шуда, инчунин назорати иттилооти бадастомада ба ҷо оварда мешавад, нишондиҳандаҳои калидии фаъолияти корхона ва ҳам воҳидҳои сохтории он муайян карда мешаванд, саҳми ҳар як воҳиди сохторӣ дар ташаккули натиҷаи ҷамъбастии фаъолияти корхона арзёбӣ карда мешавад. Вобаста ба ин, вазифаҳои асосии унсури таҳлилии низоми ҳамгирои баҳисобгирӣ-таҳлилии идоракунии ҷараёнҳои истеҳсолӣ дар корхонаҳои нассоҷӣ тартиб додани накшаи корҳои таҳлилӣ, ташаккули мавод барои гузаронидани таҳлили молиявӣ, идоракунӣ ва андоз (коркарди манбаъҳои иттилоот, санҷиши саҳеҳӣ, коркарди таҳлилӣ ва графикии маълумот), ба ҷо овардани арзёбии пешакии иҷрои накшаҳои истеҳсолӣ, таҳлили сабабҳои тамоилот дар тағйирёбӣ ва сохтори хароҷот, тавсифи рафтори хароҷот ва омилҳои ба онҳо боисшаванда, омода кардани иттилооти ҷамъбастӣ мувофиқи вазифаҳои истеҳсолии гузошташуда барои қабули қарорҳои идоракунӣ мебошанд.

Ҳамин тавр, дар асоси модели таҳиянамудаи мо низоми ҳамгирои баҳисобгирӣ-таҳлилии идоракунии ҷараёнҳои истеҳсолиро бояд чун низоми таъминоти иттилоотии ҳамафарогире баррасӣ кард, ки намудҳои (унсурҳои) баҳисобгирӣ ва иттилооти берунии ғайримолиявиро ифода мекунад ва чун ҷузъи асосии низоми идоракунии корхона барои ба роҳ мондани идоракунии муносиби фаврӣ ва стратегии ҷараёнҳои истеҳсолӣ хизмат мекунад.

Нуқтаи аввалӣ дар тарҳрезии низоми ҳамгирои баҳисобгирӣ-таҳлилӣ муайян кардани эҳтиёҷоти иттилоотии идоракунӣ мебошад, ки стратегияи рушди корхонаро пурра инъикос мекунад. Самтнокии ҳадафии низоми мазкур аз самти ҳадафнокии низоми идоракунии корхона вобаста мебошад. Низоми ҳамгирои баҳисобгирӣ-таҳлилии идоракунии ҷараёнҳои истеҳсолӣ бояд бо низоми идоракунии корхона дар мувофиқа ва ҳамоҳангӣ амал кунад. Бинобар ин, бунёди амалии он ба нишондиҳандаҳои низоми идоракунии корхона асос меёбад. Дар навбати худ, самтнокии ҳадафии низоми идоракунии корхона аз рисолати корхона вобаста буда, тавассути стратегияи он амалӣ карда мешавад. Стратегияи интихобшудаи корхона бояд ба нишондиҳандаҳои калидии фаъолияти корхона, ки чун натиҷаи ҳарчи баландтари имконпазири миқдорӣ ва сифатии ҷараёни идоракунӣ аз рӯи ноилгардии ҳадафи низоми ҳамгирои баҳисобгирӣ-таҳлилии идоракунӣ баррасӣ мешавад, табдил дода шавад.

Нишондиҳандаҳои калидии фаъолияти низоми ҳамгирои баҳисобгирӣ-таҳлилии идоракунии ҷараёнҳои истеҳсолӣ дар корхонаҳои нассоҷӣ тамоми ҷанбаҳои фаъолияти молиявӣ-хоҷагидории корхонаро ба ҳисоб мегиранд ва таҳияи нишондиҳандаҳои калидии баҳоиҳии натиҷанокӣ ва самаранокиро мувофиқи стратегияи идоракунӣ аз рӯи намудҳои алоҳидаи фаъолият дар бар мегиранд. Барои дилхоҳ корхонаи мушаххаси саноати нассоҷӣ метавон низоми нишондиҳандаҳои калидии фаъолияти истеҳсолиро бунёд ва амалҳои таъсиррасонеро интихоб кард, ки

«танзимкунии онҳо самаранокии ҳарчи бештари идоракунии корхонаро таъмин мекунад»[5: с.19].

Пеш аз ҳама бояд нишондиҳандаҳои калидии баҳодиҳандаи натиҷанокии фаъолияти корхона аз рӯи бахшҳои истеҳсолии он муайян карда шаванд. Ин иқтидори истеҳсолӣ ва молиявии корхонаро ифода мекунад ва чун асос барои таҳияи низоми нишондиҳандаҳои калидии баҳодиҳандаи самаранокии фаъолияти корхона, ки истифодабарии захираҳои истеҳсолӣ ва молиявии ба гардиши хоҷагӣ ҷалбгардидаро тавсиф медиҳад, хизмат мекунад. Нишондиҳандаҳои калидии баҳодиҳандаи самаранокии фаъолияти истеҳсолии корхона паёмади маҷмуи натиҷадиҳандаи амалиёт ва намудҳои гуногуни фаъолият мебошанд. Муҳиммии гурӯҳи мазкури нишондиҳандаҳо аз он бармеояд, ки дар асоси онҳо амалҳои таҳриркунанда барои ноил гардидан ба нишониҳандаҳои калидии ҳадафии низоми идоракунии ҷараёнҳои истеҳсолии корхона таҳия карда мешаванд. Ба ибораи дигар, онҳо имкон медиҳанд, ки тавассути қарорҳои идоракунӣ оид ба тағйирдиҳии ҳадафноки бузургии муқарраршудаи нишондиҳандаҳои калидии баҳодиҳандаи натиҷанокии фаъолияти корхона ҳадафҳои амалкунии он ба даст оварда шаванд.

Нишондиҳандаҳои калидии баҳодиҳандаи самаранокии фаъолият ба ошкор кардани сабабҳое равона карда мешаванд, ки аз рӯи онҳо нишондиҳадаҳои бадастомадаи амалкунии корхона аз нишондиҳандаҳои калидии ҳадафии муқарраршудаи татбиқи низоми ҳамгирои идоракунии ҷараёнҳои истеҳсолии корхона тамоилот доранд. Бо мухтавои ҳадафии худ, нишондиҳандаҳои калидии баҳодиҳанда низоми баҳодиҳие мебошанд, ки барои муайян кардани рушди ояндаи ҷараёнҳои истеҳсолии корхона вобаста аз қарорҳои идоракунии имрӯз қабулшаванда имкон медиҳанд.

Дар низоми ҳамгирои баҳисобгирӣ-таҳлилии идоракунии ҷараёнҳои истеҳсолӣ дар корхонаҳои нассоҷӣ марҳилаҳои татбиқи нишондиҳандаҳои калидии фаъолиятро ба таври бузургкардашуда метавон дар чунин намуд ифода кард (расми 2).




**Расми 2.** – Марҳилаҳои татбиқи нишондиҳандаҳои калидии фаъолият дар низоми ҳамгирои баҳисобгирӣ-таҳлилии идоракунии ҷараёнҳои истеҳсолӣ

**Сарчашма:** муаллиф дар асоси омӯзиши адабиёт таҳия кардааст

Интихоби гурӯҳи нишондиҳандаҳои калидии баҳодиҳанда барои ҳар як корхонаи саноати нассоҷӣ инфиродӣ буда, аз стратегияи рушди ояндаи он вобаста мебошад. Дар ин маврид тақсимоти нишондиҳандаҳои калидии татбиқи низоми ҳамгирои баҳисобгирӣ-таҳлилии идоракунии ҷараёнҳои истеҳсолии корхона аз рӯи бахшҳои истеҳсолии он аҳамияти муҳим дорад. Дар натиҷаи ин гуна тақсимот барои ҳар як бахши истеҳсолии корхона дастаи муайяни нишондиҳандаҳои калидии

баҳодиҳандаи фаъолият ҷудо карда мешавад, ки ин барои ба дараҷаи муҳим баланд бардоштани фаврият ва чандирии низоми идоракунии ҷараёнҳои истеҳсолӣ ва тақсимоти аниқи масъулият дар байни мутахассисон ва воҳидҳои сохтории алоҳидаи истеҳсолӣ имкон медиҳад.

Низоми интихобшудаи нишондиҳандаҳои калидӣ бояд қодир бошад, ки мунтазам вобаста аз эҳтиёҷоти идоракунӣ таҷзия ва муттаҳид шавад. Таҷзияи нишондиҳандаҳои калидии баҳодиҳандаи натиҷанокӣ ва самаранокии фаъолияти истеҳсолии корхонаи нассоҷӣ, ки дар асоси он стратегияи корхона тафриқа шуда, то ба ҳар як иҷрокунанда расонида мешавад, зарурати воқеъбинона мебошад. Низоми идоракунии ҷараёнҳои истеҳсолии корхонаи нассоҷӣ, ки ба нишондиҳандаҳои калидии алоҳида асос ёфтааст, самаранок нест. Таҷзияи нишондиҳандаҳои калидии баҳодиҳандаи фаъолият имкон медиҳад, ки ҷараёнҳои истеҳсолии корхонаи нассоҷӣ аз рӯи бахшҳои истеҳсолӣ назорат карда шаванд, тамоилоти пайдошуда, ки барои ноил гардидан ба ҳадафҳои низоми идоракунӣ монеъ мешаванд, ошкор ва сабабҳои онҳо пешгирӣ карда шаванд. Дар натиҷаи ин, нишондиҳандаҳои калидии тасдиқшудаи татбиқи низоми ҳамгирои баҳисобгирӣ-таҳлилии идоракунии ҷараёнҳои истеҳсолии корхонаи нассоҷӣ аз рӯи намудҳои истеҳсолот ва иҷрокунандагони мушаххас таҷзия карда мешаванд.

Нишондиҳандаҳои калидии татбиқи низоми ҳамгирои баҳисобгирӣ-таҳлилии идоракунии ҷараёнҳои истеҳсолӣ таҳияи қарорҳои идоракуниро вобаста ба дараҷаи ноилгардии онҳо муайян мекунанд. Дар ҳолати мазкур таҳияи қарорҳои идоракунӣ се зинаро дар бар мегирад (расми 3).

Зинаҳои мазкури раванди таҳияи қарорҳои идоракунӣ моҳиятан асоси мухтавои низоми ҳамгирои баҳисобгирӣ-таҳлилии идоракунии ҷараёнҳои истеҳсолиро барои корхонаҳои нассоҷӣ муайян мекунанд. Мухтавои иттилоотии кифояи низоми ҳамгирои идоракунии ҷараёнҳои истеҳсолӣ дар корхонаҳои нассоҷӣ тавассути эҳтиёҷоти иттилоотии қарорҳои идоракунӣ муайян мегардад.




**Расми 3.** – Зинаҳои таҳияи қарорҳои идоракунӣ дар низоми ҳамгирои баҳисобгирӣ-таҳлилии идоракунии ҷараёнҳои истеҳсолӣ

**Сарчашма: муаллиф дар асоси омӯзиши адабиёт таҳия кардааст**

Дар низоми ҳамгирои идоракунии чараёнҳои истеҳсолӣ дар корхонаҳои нассоҷӣ ташаккули иттилооти ба низом воридшаванда тариқаҳои зиёд дорад, ки ин аз муҳтавои ҳалли масъалаҳои идоракунӣ вобаста мебошад. Аз ҷумла, барои қабули як қарори идоракунӣ иттилооти баҳисобгирии муҳосибии молиявӣ ва идоракунӣ басанда аст, барои қабули қарори идоракунии дигар бошад, иттилооти баҳисобгирии муҳосибии молиявӣ, ҳисоботи молиявӣ ва баҳисобгирии идоракунӣ ва барои қабули қарори идоракунии сеюм – иттилооти ҳамаи унсурҳои низоми ҳамгирои идоракунии чараёнҳои истеҳсолӣ зарур мешавад.

Бояд қайд кард, ки ҳамгирошавии унсурҳои баҳисобгирии муҳосибии молиявӣ, баҳисобгирии идоракунӣ ва баҳисобгирии андоз дар низоми баҳисобгирӣ-таҳлилии идоракунии чараёнҳои истеҳсолӣ дар корхонаҳои нассоҷӣ хосияти ташкилӣ дорад. Вай ба моҳияти методологии низомҳои баҳисобгирӣ-таҳлилии мазкур дахл намекунад, яъне дар он мустақилияти зернизомҳои баҳисобгирии муҳосибии молиявӣ, баҳисобгирии идоракунӣ ва баҳисобгирии андоз вайрон намешавад. Дар алоқамандии мазкур арзишнокии баҳисобгирии муҳосибии молиявӣ, ҳисоботи молиявӣ, таҳлили молиявӣ, баҳисобгирии идоракунӣ, ҳисоботи идоракунӣ, низоми буҷетикунонӣ, таҳлили идоракунӣ, банақшагирии андоз, баҳисобгирии андоз, таҳлили андоз барои ҳадафҳои идоракунии чараёнҳои истеҳсолии корхона ва умуман фаъолияти молиявӣ-хоҷагидории корхона баланд мегардад. Ба унсурҳои алоҳидаи воридшаванда ҷудо намудани унсурҳои таъминотии низоми ҳамгирои баҳисобгирӣ-таҳлилии баҳисобгирии молиявӣ ва баҳисобгирии андоз имкон медиҳад, ки таъсири санадҳои меъёрии қонунгузорӣ ба ташкили раванди иттилоотии қабули қарорҳои идоракунӣ бартараф карда шавад.

Дар натиҷаи таҳқиқоти худ мо тасдиқ менамоем, ки яке аз самтҳои муҳим ва ояндадори мукаммалсозии низоми идоракунӣ дар корхонаҳои саноати нассоҷӣ таҳия намудани методология ва нишондодҳои амалии низоми ҳамгирои баҳисобгирӣ-таҳлилии идоракунии чараёнҳои истеҳсолӣ мебошад. Муҳиммии равиши ҳамгиро ба ташаккули низоми баҳисобгирӣ-таҳлилии идоракунии чараёнҳои истеҳсолӣ аз нақши иттилооти баҳисобгирӣ-таҳлилӣ дар идоракунии чараёнҳои истеҳсоли маҳсулоти нассоҷӣ ва иқтидори ҳамгирошавии ин гуна иттилоот бармеояд: иттилоот идоракунӣ, одмаон, чараёнҳо, технологияҳои истеҳсолиро, ки на чун ҷузъҳои алоҳида амалкунанда, балки чун низоми ягона баррасӣ мешаванд, муттаҳид мекунад. Дар натиҷаи алоқамандӣ ва робитаи байниҳамдигарии ҷузҳои алоҳида (дар мисоли мо – низомҳои баҳисобгирии муҳосибии молиявӣ, идоракунӣ ва андоз) дар низом сифати наве ба миён меояд, ки ба ҳеҷ кадом аз ҷузъҳои низом дар алоҳидагӣ хос нест, вале ба тамоми низом хос буда, самари ҳамгироиро пайдо мекунад.

Ҳамин тавр, низоми ҳамгирои баҳисобгирӣ-таҳлилӣ, ки ба хотири идоракунии чараёнҳои истеҳсолӣ дар корхонаҳои саноати нассоҷӣ ташаккул меёбад, барои ба даст овардани ҳадафҳои идоракунӣ (қабули қарорҳои идоракунӣ) чун низоми бутун маҷмуи муайяни унсурҳои низомташкилдиҳандаи бо ҳам алоқамандро, ки бо ҳадафи амалкунии худ – таъмини эҳтиёҷоти иттилоотии низоми идоракунӣ (қабули қарорҳои идоракунӣ) дар сатҳи сифатан баландтар муттаҳид шудаанд, ифода мекунад.

**Адабиёт**


1. Аткинсон, Э.А., Банкер, Р.Д., Каплан, Р.С., Янг, С.М. Управленческий учет [Текст] / 3-е издание. Пер. с англ. / Э.А. Аткинсон, Р.Д. Банкер, Р.С. Каплан, С.М. Янг. - М.: Издательский дом «Вильямс», 2007. - 880 с., с. 26.
2. Богомолова, И.С. Проблемы информационного обеспечения процесса управления современными предприятиями [Текст] / И.С. Богомолова // Известия ЮФУ. Технические науки. – 2008. - № 10 (87). – С. 78-82.

3. Дастурамал оиди тартиби таҳия намудани шаклҳои ҳисоботи молиявие, ки мутобиқи Стандартҳои миллӣ ва байналмилалии ҳисоботи молиявӣ тартиб дода шудаанд. Фармоиши Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27 майи соли 2011, № 42. – http://minfin.tj.
4. Розиев, Д.А. Ташкили баҳисобгирии идоракунии хароҷот дар корхонаҳои саноати бофандагӣ [Матн] / Д.А. Розиев / Диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ. – Душанбе, 2021. – 196 с., с. 90
5. Смелик, Р.Г., Кальницкая, И.В. Совершенствование учетно-аналитического обеспечения управления организацией [Текст] / Р.Г. Смелик, И.В. Кальницкая // Экономический анализ: теория и практика. - 2011. - № 8. - С. 17–27, с. 19.
6. Файзализода, М. М. Моҳияти таъминоти баҳисобгирӣ-таҳлилии идоракунии ҷараёнҳои истеҳсолӣ ва ҷанбаҳои консептуалии ташаккули он / М. М. Файзализода // Паёми молия ва иқтисод. – 2023. – No. 4-2(39). – P. 402-410. – EDN PICCOM.
7. Файзализода М.М. Нақши иттилоот дар низоми баҳисобгирии идоракунии корхона [Матн] / Файзализода М.М. // Маводи конференсияи илмӣ-амалии байналмилалӣ дар мавзуи “Афзалиятҳои стратегии рушди иқтисоди миллӣ дар шароити гузариш ба иқтисодиёти индустриалию инноватсионӣ” бахшида ба “Солҳои рушди саноат(2024-2026)” Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон (01.04.2024) С. 690-692.
8. Файзализода, М. М. Таҳлили вазъи муосири таъминоти баҳисобгирӣ-таҳлилӣ дар корхонаҳои саноати нассоҷӣ / М. М. Файзализода // Паёми молия ва иқтисод. – 2022. – No. 4-1(33). – P. 239-250. – EDN ORRXBA.
9. Файзализода, М. М. Таъминоти иттилоотӣ-таҳлилии Ҷараёнҳои идоракунии корхона / М. М. Файзализода // Иқтисодиёти Тоҷикистон. – 2020. – No. 4-2. – P. 29-34. – EDN DNXFNV.
10. Хушвахтзода, Қ.Х., Розиев, Д.А., Бобохонов, М.Ҷ. Таҳқиқи вазъи муосири пешбурди баҳисобгирии идоракунӣ ва таҳлили хароҷот дар корхонаҳои саноати бофандагии Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / Қ.Х. Хушвахтзода, Д.А. Розиев, М.Ҷ. Бобохонов // Паёми донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. - 2020. - № 5. - С. 5-11;



**Маълумот дар бораи муаллиф:**
**Файзализода Муҳаммадрабби Музафар** - ассистенти кафедраи баҳисобгирии муҳосибии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон. Суроға: 734067. Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, к. Нахимов 64/14. Тел.: 987-48-98-94. E-mail: fayzalizodam@list.ru

**Информация об авторе:**
**Файзализода Мухаммадрабби Музафар** - *ассистент* кафедры бухгалтерского учета Таджикского государственного финансово-экономического университета. Адрес: 734067. Республика Таджикистан, г. Душанбе, ул. Нахимов 64/14. *Тел.: 987-48-98-94. E-mail: fayzalizodam@list.ru*

**Information about the author:**
**Fayzalizoda Muhammadrabbi Muzafar** - assistant at the Accounting Department of the Tajik State University of Finance and Economics. Address: 734067. Republic of Tajikistan, Dushanbe, Nakhimova str. 64/14. Tel.: 987-48-98-94. E-mail: fayzalizodam@list.ru

УДК:330.3

**Понятие и исторические аспекты развития искусственного интеллекта.** Искусственный интеллект – это совокупность методов, алгоритмов и технологических решений, позволяющих информационным системам имитировать когнитивные функции человека, такие как обучение и принятие решений. Термин «Artificial Intelligence» впервые был предложен Дж. Маккарти в 1956 году на знаменитой конференции в Дартмуте [1]. Однако более глубокие научные предпосылки исследования в сфере ИИ можно обнаружить ещё в работах А. Тьюринга, предложившего тест для определения способности машины мыслить. Развитие искусственного интеллекта было обусловлено работами ряда выдающихся ученых, внесших значительный вклад, что впоследствии способствовало его активному развитию в XXI веке [2]:

Алан Тьюринг (1950-е) заложил фундамент вычислительного интеллекта, предложив концепцию машины Тьюринга, а также разработал тест Тьюринга как критерий оценки способности машин к интеллектуальному поведению; Джон Маккарти (1956) ввел термин «искусственный интеллект», обозначив новый научный подход к созданию интеллектуальных систем. Он также разработал язык программирования LISP, который стал основным инструментом для исследования в области ИИ; Марвин Мински (1960-е) внес значительный вклад в развитие теории фреймов и исследование нейронных сетей. Его работы оказали влияние на развитие когнитивной науки и компьютерного моделирования мышления; Фрэнк Розенблатт (1958) создал первую модель нейронной сети – перцептрон, продемонстрировав возможность обучения машин на основе примеров, что стало основой для последующих разработок в области машинного обучения; Эдвард Фейгенбаум (1970-е**)** стал основателем экспертных систем, предложив методы организации знаний и их использования для решения специализированных задач, что привело к практическому применению ИИ в различных областях; Джудия Пёрл (1980-е) разработал вероятностные модели принятия решений, основанные на байесовских сетях, что позволило улучшить качество обработки неопределенных данных и способствовало развитию методов машинного обучения; Джеффри Хинтон (1980–1990-е) сосредоточился на изучении глубинных нейронных сетей и алгоритма обратного распространения ошибки что стало ключевым этапом в развитии глубокого обучения.

История развития ИИ условно делится на несколько этапов [2]:

- *Становление (1950–1960-е гг.):* формулирование первых концепций и методов логического вывода, появление программ для решения простых логических задач;
- *Экспертные системы (1970–1980-е гг.):* распространение экспертных систем в медицине, финансах и промышленности; интенсивное применение правил и баз знаний для решения специализированных задач;

- *Машинное обучение и нейронные сети (1990–2000-е гг.):* развитие статистических методов анализа данных, появление концепций глубокого обучения, расширение возможностей вычислительной техники;

- *Глубокое обучение и большие данные (с 2010-х гг. по настоящее время):* широкое внедрение глубоких нейронных сетей и алгоритмов машинного обучения в различных сферах, формирование «цифровой экономики» как основы для инновационного развития бизнеса.

**Классификация методов и технологий искусственного интеллекта.** С практической точки зрения ИИ можно подразделить на следующие направления [3]:

- *Машинное обучение (Machine Learning, ML):* статистические методы и алгоритмы, позволяющие компьютерам обучаться на примерах и данных. Основные методы включают обучение с учителем, обучение без учителя и обучение с подкреплением;

- *Глубокое обучение (Deep Learning):* использование многослойных нейронных сетей, позволяющих автоматически выделять признаки из больших массивов данных и решать сложные задачи распознавания образов, аудио- и видеопотоков;

- *Обработка естественного языка (Natural Language Processing, NLP):* технологии анализа и генерации человеческой речи, включая машинный перевод, чат-боты, голосовых помощников;

- *Компьютерное зрение (Computer Vision):* обработка и анализ визуальной информации. Находит применение в системах безопасности, медицине, промышленности, сельском хозяйстве;

- *Робототехника (Robotics):* создание автономных механизмов и интеллектуальных роботов с элементами ИИ;

- *Экспертные системы:* программные комплексы, которые аккумулируют знания экспертов и применяют логику вывода для решения задач в узкоспециализированных областях.

**Роль искусственного интеллекта в цифровой экономике.** В условиях цифровой экономики ИИ выступает катализатором изменения бизнес-моделей и внедрения инновационных технологий. Его значимость обусловлена рядом факторов [4]:

- *Автоматизация рутины*: избавление сотрудников от однообразных операций и повышение производительности труда;

- *Аналитическая поддержка:* благодаря методам анализа больших данных предприятия получают возможность принимать более точные управленческие решения;

- *Персонализация:* использование поведенческих данных для адаптации продуктов и услуг к индивидуальным потребностям клиентов;

- *Новые форматы взаимодействия:* чат-боты, голосовые помощники и виртуальные агенты упрощают коммуникацию между бизнесом и потребителями;

- *Усиление конкурентоспособности:* компании, внедряющие ИИ, способны быстрее реагировать на изменения на рынке и формировать новые направления деятельности.

Таким образом, искусственный интеллект формирует новый вектор интеллектуальной трансформации бизнеса, который влияет на все уровни функционирования предприятия.

**Особенности развития предпринимательства в Таджикистане.**

*Экономический контекст и предпринимательская среда***.** Таджикистан – страна, расположенная в Центральной Азии, характеризуется развивающейся экономикой и значительным потенциалом в сфере сельского хозяйства, перерабатывающих отраслей и энергетики [5]. В последние годы правительство республики активно внедряет меры по стимулированию предпринимательской активности и привлечению инвестиций. Однако, несмотря на позитивные тенденции, ряд факторов продолжает ограничивать масштаб инноваций [6]:

- Недостаточная цифровая инфраструктура и доступ к высокоскоростному интернету, особенно в сельских районах;

- Ограниченное финансирование проектов в сфере высоких технологий;
- Низкий уровень цифровых компетенций и отсутствие квалифицированных кадров в области ИИ;
- Проблемы с логистикой и интеграцией в глобальные цепочки поставок.

Согласно данным Агентства по статистике при Президенте Республики Таджикистан, малое и среднее предпринимательство формирует значительную часть ВВП и обеспечивает рабочие места для значительного числа населения. Тем не менее, доля высокотехнологичных компаний в общем числе субъектов предпринимательства остаётся невысокой.

*Политика государства в области инноваций и внедрения ИИ.* В целях ускорения цифровой трансформации и развития инноваций правительство Таджикистана предпринимает следующие шаги [7]:

- *Государственные программы и стратегии:* разработка дорожных карт, направленных на формирование цифровой экосистемы и привлечение инвесторов в высокотехнологичный сектор;
- *Образовательные инициативы:* открытие специализированных курсов и факультетов в университетах по IT-направлению, стимулирование учебных проектов в сфере ИИ;
- *Финансирование стартапов:* создание венчурных фондов и программ субсидирования для поддержки начинающих предпринимателей, ориентированных на ИИ;
- *Международное сотрудничество:* взаимодействие с международными организациями и крупными IT-компаниями для обмена опытом и технологий.

Однако многие инициативы пока находятся на раннем этапе реализации и требуют системной поддержки со стороны государства и бизнеса. В частности, необходима правовая база, регулирующая вопросы защиты данных, интеллектуальной собственности и кибербезопасности при использовании технологий ИИ.

*Степень готовности рынка к внедрению искусственного интеллекта.* Уровень готовности рынка Таджикистана к внедрению ИИ можно охарактеризовать следующим образом:

- *Инфраструктурная база*: частичный доступ к облачным сервисам и центрам обработки данных; нехватка высокопроизводительных вычислительных ресурсов;
- *Кадровый потенциал:* наличие специалистов с базовыми навыками программирования и аналитики; при этом недостаточно компетенций в области глубокого обучения и применения специализированных фреймворков (TensorFlow, PyTorch и др.);
- *Интерес бизнеса:* предприятия в сферах торговли, логистики и банковского дела проявляют интерес к автоматизации и аналитическим системам; однако высокорисковые инвестиции в ИИ остаются ограниченными.

Таким образом, бизнес-среда в Таджикистане нуждается в комплексной поддержке и обучении, чтобы воспользоваться преимуществами искусственного интеллекта в полной мере.

**Практический анализ: примеры и возможности использования ИИ в бизнесе Таджикистана.**

*Применение ИИ в сельском хозяйстве.* Сельское хозяйство является одним из важнейших секторов экономики Таджикистана [8]. Использование технологий ИИ здесь способно повысить урожайность и эффективность агропромышленных предприятий за счёт:

- Применения компьютерного зрения и дронов для мониторинга состояния полей и своевременного обнаружения вредителей и болезней растений;
- Оптимизации систем орошения на основе анализа данных о влажности почвы и погодных условий;
- Прогнозирования урожайности с учётом исторических данных и спутниковой информации.

Ниже приведён перечень возможных применений ИИ в сельском хозяйстве Таджикистана и ожидаемый экономический эффект.

**Таблица 1. - Применения ИИ в сельском хозяйстве и ожидаемый эффект**

| Направление | Технология | Экономический эффект |
|---|---|---|
| Мониторинг состояния культур | Дроны с компьютерным зрением | Сокращение потерь урожая на 15–20% |
| Оптимизация орошения | Анализ больших данных о погоде и влажности | Экономия воды до 30%, увеличение урожайности на 10–15% |
| Прогнозирование урожайности | Машинное обучение с учётом исторических данных | Снижение рисков, улучшение планирования логистики |
| Управление цепочкой поставок | Интеллектуальные системы планирования | Уменьшение затрат на транспортировку и хранение до 10% |

**Автоматизация и аналитические решения для торговли и услуг.** В сфере торговли и услуг ИИ помогает улучшить клиентский сервис и повысить эффективность бизнеса. Среди ключевых возможностей можно отметить:

- *Чат-боты* и системы обработки естественного языка, обеспечивающие круглосуточную поддержку клиентов;
- *Рекомендательные системы*, ориентированные на персонализированные предложения товаров и услуг;
- *Анализ больших данных* для прогнозирования спроса, оптимизации ценообразования и управления товарными запасами.

В Таджикистане существует ряд компаний, внедряющих простейшие элементы ИИ, например, чат-боты в мессенджерах для заказа товаров или записи на услуги (салоны красоты, фитнес-центры). Однако широкое применение продвинутых аналитических алгоритмов пока ограничено, главным образом из-за нехватки специалистов и недостаточного уровня цифровизации.

**Банковский сектор и финансовые технологии.** Финансовые учреждения в Таджикистане внедряют инновационные решения для оптимизации внутренних процессов и улучшения качества обслуживания клиентов [9]:

- *Кредит scoring* на базе машинного обучения, позволяющий более точно оценивать платёжеспособность заёмщиков;
- *Борьба с мошенничеством,* основывающаяся на алгоритмах обнаружения аномалий в транзакциях;
- *Чат-боты и голосовые помощники* для первичной консультации клиентов и уменьшения нагрузки на колл-центры;
- *Аналитические системы* для прогнозирования рисков и ликвидности, что особо важно в условиях экономической нестабильности.

Несмотря на некоторые успехи, всё ещё ограничивающим фактором остаётся опасение финансовых организаций относительно безопасности данных и сложности настройки специализированных решений.

**Промышленность и энергоресурсы.** Промышленный сектор и электроэнергетика в Таджикистане также могут выиграть от внедрения ИИ-технологий:

- *Оптимизация производственных процессов* посредством предиктивного обслуживания оборудования и анализа данных датчиков в режиме реального времени;
- *Управление энергопотреблением* с помощью интеллектуальных систем, позволяющих сокращать потери и повышать эффективность распределения ресурсов;
- *Контроль качества продукции* и выявление дефектов на ранних стадиях изготовления, что способствует снижению брака и экономии ресурсов.

Интеллектуальное управление энергоресурсами и оптимизация производственной деятельности представляют значительный интерес для

предприятий Республики Таджикистан, ориентированных на расширение экспорта и улучшение качества своей продукции.

**Барьеры на пути внедрения искусственного интеллекта.** Несмотря на очевидные преимущества применения ИИ в бизнесе, существует ряд препятствий, которые тормозят процесс интеллектуальной трансформации в Таджикистане:

- *Ограниченная инфраструктура.* Недостаточное количество центров обработки данных и относительно низкая пропускная способность сетей ограничивают доступность облачных сервисов. Это усложняет масштабное внедрение решений, требующих больших вычислительных ресурсов;
- *Нехватка квалифицированных кадров.* Специалисты по машинному обучению, глубокому обучению и аналитике данных в Таджикистане пока являются редкостью. Система образования только начинает адаптироваться к новым требованиям рынка [10];
- *Финансовые и экономические риски***.** Высокие начальные затраты на внедрение ИИ-решений, отсутствие гарантированной быстрой окупаемости и общий уровень экономического риска в регионе снижают готовность компаний к инвестициям;
- *Правовые и этические аспекты***.** Нормативно-правовая база в области защиты персональных данных, регулирования «умных» систем и интеллектуальной собственности требует доработки. Кроме того, на фоне невысокого уровня цифровой грамотности населения существует риск неправильного или неэтичного использования ИИ;
- *Низкая осведомлённость предпринимателей***.** Многие представители малого и среднего бизнеса недостаточно информированы о потенциальных выгодах и способах интеграции ИИ. Это приводит к тому, что в большинстве случаев предприниматели выбирают традиционные и менее рискованные способы развития.

**Пути решения и рекомендации.**

***Развитие инфраструктуры и доступа к технологиям:***

- Создание локальных центров обработки данных (ЦОД): Государственная поддержка строительства центров, обеспечивающих высокопроизводительные вычислительные мощности для аналитики больших данных;
- Программа развития широкополосного интернета: Ускорение цифровизации сельских регионов для выравнивания возможностей предпринимателей по всей стране;
- Расширение облачных сервисов: Популяризация и субсидирование доступа к облачным платформам, предоставляющим готовые инструменты для машинного обучения и анализа данных.

***Подготовка кадров и образовательные инициативы:***

- Интеграция курсов по ИИ в ВУЗах: Внедрение учебных программ по машинному обучению, статистике, математическому моделированию;
- Повышение квалификации специалистов: Организация курсов и тренингов для уже работающих программистов, аналитиков, инженеров;
- Стажировки и партнерства: Международный обмен и сотрудничество с IT-компаниями для формирования компетенций мирового уровня.

***Финансовые механизмы стимулирования инноваций:***

- Гранты и венчурные инвестиции: Создание государственных или частно-государственных фондов, финансирующих проекты по ИИ;
- Налоговые льготы: Снижение налоговой нагрузки для компаний, инвестирующих в инновационные продукты и исследования;
- Гибкие инструменты кредитования: Разработка льготных кредитных программ для МСБ, внедряющих технологии ИИ.

***Формирование нормативно-правовой базы:***

- Защита интеллектуальной собственности: Упрощение процедур патентования алгоритмов и механизмов ИИ, а также совершенствование законов по авторскому праву;
- Регуляции обработки данных: Создание чёткого правового поля для хранения и использования персональных и коммерческих данных, с учётом норм международного права;
- Этические стандарты: Разработка этических принципов для использования искусственного интеллекта в различных отраслях (банковское дело, медицина, государственное управление и др.).

***Повышение информированности и сотрудничества:***

- Информационные кампании: Проведение конференций, семинаров, выставок, посвящённых возможностям ИИ в бизнесе;

- Кооперация между вузами и бизнесом: Создание научно-производственных кластеров и технопарков, где предприниматели могут взаимодействовать с учёными и студентами;

- Международное взаимодействие: Активное участие Таджикистана в глобальных проектах и программах, связанных с ИИ, а также поиск партнёрств с ведущими IT-компаниями.

**Возможности и риски для развития предпринимательства с использованием ИИ.**

***Потенциальные выгоды:***

- Рост производительности и конкурентоспособности: Автоматизация процессов и интеллектуальный анализ данных снижают себестоимость продукции и услуг, что позволяет компаниям эффективнее конкурировать на внутреннем и внешнем рынках;

- Создание новых рабочих мест: Несмотря на автоматизацию ряда профессий, формируется спрос на новые специальности – дата-сайентист, инженер по машинному обучению, аналитик данных и т.д.;

- Увеличение притока инвестиций: Продвижение инновационных проектов в сфере ИИ привлекает иностранный капитал, способствуя дальнейшему экономическому росту;

- Расширение экспорта: Высокотехнологичные продукты и сервисы могут найти спрос не только внутри страны, но и за её пределами.

***Основные риски:***

- Технологическое неравенство: Малые предприятия без доступа к современным технологиям и ресурсам могут оказаться в невыгодном положении;

- Уязвимость к киберугрозам: Рост использования цифровых технологий повышает риск утечек данных, кибератак, мошеннических схем;

- Высокая стоимость внедрения: Для многих субъектов МСБ инвестиции в инфраструктуру и обучение персонала могут оказаться непосильными;

- Законодательство: Отсутствие чётких норм регулирования может привести к неправомерному использованию данных и алгоритмов, что повлечёт за собой юридические и репутационные риски.

**Эмпирические данные и анализ.** Для оценки уровня осведомлённости и готовности таджикских предпринимателей к внедрению ИИ было проведено анкетирование 60 представителей малого и среднего бизнеса в различных отраслях (торговля, услуги, сельское хозяйство, производство).

**Рисунок 1. - Уровень готовности и интереса к ИИ среди предпринимателей**




Результаты показывают, что, несмотря на общий интерес к инновациям, препятствием остаются нехватка ресурсов и компетенций, а также сомнения в эффективности внедрения.

**Заключение.** Проведённое исследование свидетельствует о том, что искусственный интеллект может стать решающим фактором интеллектуальной трансформации бизнеса в Таджикистане. Внедрение ИИ способно повысить конкурентоспособность и обеспечить предпринимателям доступ к новым рыночным возможностям. При этом государственная поддержка и развитие образовательной инфраструктуры являются ключевыми факторами успеха.

**Основные выводы исследования:**

- *ИИ уже в обозримом будущем может занять ведущие позиции в стратегиях развития таджикских компаний,* так как автоматизация и

данные становятся важнейшим ресурсом для создания добавленной стоимости;

- *Существующие барьеры* (недостаток финансирования, кадров, правовой базы, инфраструктуры) могут быть преодолены при условии совместных усилий государства, бизнеса и образовательных учреждений;

- *Развитие кооперации* между предпринимателями, университетами и международными технологическими компаниями позволяет ускорить процесс внедрения ИИ и повысить уровень компетенций в республике;

- *Образовательные программы*, ориентированные на подготовку специалистов в сфере ИИ, должны стать приоритетом для вузов и государственных институтов.

**Рекомендации для дальнейших исследований и практики:**

- Детализировать отраслевые особенности применения ИИ (сельское хозяйство, торговля, финансовый сектор, промышленность) с учётом конкретных бизнес-кейсов и финансовых моделей;

- Разработать систему государственных грантов и венчурного финансирования проектов в сфере ИИ для стимулирования инноваций;

- Организовать пилотные проекты в наиболее перспективных отраслях, чтобы накапливать опыт и формировать кейсы успешного внедрения ИИ.

Таким образом, при условии целенаправленной государственной политики, формирования благоприятного инвестиционного климата и развития образовательной системы Таджикистан имеет все шансы превратиться в региональный центр высокотехнологичных решений на базе искусственного интеллекта. Эффективная интеграция ИИ в бизнес-процессы позволит обеспечить устойчивый экономический рост, повысить конкурентоспособность и расширить экспортные возможности республики.

## Литература


1. Smith C. Introduction // The History of Artificial Intelligence. - University of Washington, 2006. - 27 p. - P. 4. <https://courses.cs.washington.edu/courses/csep590/06au/projects/hi story-ai.pdf>.

2. Бахтеев Д. В. Предпосылки становления и этапы развития технологии искусственного интеллекта // Genesis: исторические исследования. 2019. С. 93-95.

3. Вешнева И. В. Технологии искусственного интеллекта: классификация, ограничения, перспективы и угрозы // Известия Саратовского университета. Новая серия. Серия Экономика. Управление. Право. 2023. Т. 29. Вып. 4. С. 429.

4. Т.А. Кузовкова, М.М. Шаравова, Д.А. Катунин. Анализ перспектив развития искусственного интеллекта // Экономика и качество систем связи. 2024. С. 44-45.

5. Какие типы экономик преобладают в Центральной Азии? 2024. Электронный источник: https://tj.sputniknews.ru/20241203/zemledelie-industriya-ekonomika-central-asia-1065354793.html

6. Кадырова М.И. Глобальные тенденции и локальные реалии: цифровое образование в Таджикистане // Вестник Endless Light in Science. Серия гуманитарных наук. 2024. – С. 80–81.

7. Послание Президента Республики Таджикистан уважаемого Эмомали Рахмона «Об основных направлениях внутренней и внешней политики республики» от 28.12.2024 г.

8. В Душанбе обсуждён вопрос о цифровизации сельскохозяйственной сферы Таджикистана. 2023. Электронный источник: https://khovar.tj/rus/2023/06/v-dushanbe-obsuzhdyon-vopros-o-tsifrovizatsii-selskohozyajstvennoj-sfery-tadzhikistana/

9. Банковский сектор Таджикистана. 2024. Электронный источник: https://fintech-retail.com/2024/02/08/banki-tadjikistana/

10. 80 млрд: ущерб Таджикистана от утечки мозгов, и он будет расти. 2023. Электронный источник: https://asiaplustj.info/ru/news/tajikistan/society/20230608/80-mlrd-utsherb-tadzhikistana-ot-utechki-mozgov-i-on-budet-rasti



**Сведения об авторе:**
**Болтаев Бехруз Бахромович** – аспирант Международного университета туризма и предпринимательства Таджикистана. Тел: (+992)93-821-08-88. E-mail: behruzboltaev@mail.ru

**Маълумот дар бораи муаллиф:**
**Болтаев Беҳруз Баҳромович** – аспиранти Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон. Тел: (+992)93-821-08-88. E-mail: behruzboltaev@mail.ru

**About the Author:**
**Boltaev Behruz Bahromovich** – a postgraduate student at the International University of Tourism and Entrepreneurship of Tajikistan. Tel: (+992)93-821-08-88. E-mail: behruzboltaev@mail.ru

УДК: 330.567.2

# РАФТОРҲОИ ИСТЕЪМОЛӢ ВА ПАСАНДОЗИИ АҲОЛӢ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Мамадалиев Ф.С.**
**Тилабов Ё.Э.**

*Масъалаи омузиши рафтори истеъмолӣ ва пасандозӣ яке аз мавзӯъҳои муҳим ва мубрами шароити муосир ба ҳисоб меравад, чунки он бевосита бо рушди иқтисодь, суботи иҷтимоӣ ва сатҳи некуаҳволӣ алоқаманд мебошад.*

*Дар мақола ҷанбаҳои асосии рафтори истеъмолӣ ва пасандозии аҳолӣ дар шароити муосири иқтисодӣ дар асоси арзёбии омилҳои ба онҳо таъсиррасонанда мавриди баррасӣ қарор дода шудааст. Истеъмол ва пасандоз нишондиҳандаҳои асосие мебошанд, ки динамикаи рушди иқтисодӣ, сатҳи зиндагии шаҳрвандон ва устувории низоми молиявиро муайян мекунанд.*

***Калидвожаҳо:*** *истеъмолот, пасандоз, рафтори истеъмолӣ, майли миёнаи истеъмолот, майли миёнаи пасандоз, майли ниҳоии истеъмолот, майли ниҳоии пасандоз, даромади дар ихтиёрбуда, хароҷот барои хариди мол ва пардохти хизматрасонӣ.*

***Барои иқтибос:*** *Мамадалиев Ф.С. Рафторҳои истеъмолӣ ва пасандозии аҳолӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон / Ф.С. Мамадалиев, Ё.Э. Тилабов // Паёми молия ва иқтисод. – 2024. – No. 4.2 (43). – С. 510-517.*

# ПОТРЕБИТЕЛЬСКОЕ И СБЕРЕГАТЕЛЬНОЕ ПОВЕДЕНИЯ НАСЕЛЕНИЯ В РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН

**Мамадалиев Ф.С.**
**Тилабов Ё.Э.**

*Изучение потребительского поведения и сбережений населения является одним из важной и актуальной темы в современных условиях, поскольку оно напрямую связано с экономическим развитием, социальной стабильностью и благополучием общества.*

*В статье рассматриваются основные аспекты потребительского и сберегательного поведения населения в современных экономических условиях на основе оценки факторов, на них влияющих. Потребление и сбережения являются ключевыми показателями, определяющими динамику экономического роста, уровень жизни граждан и устойчивость финансовой системы.*

***Ключевые слова:*** *потребление, сбережения, поведение потребителей, средняя склонность к потреблению, средняя склонность к сбережению, предельная склонность к потреблению, предельная склонность к сбережению, располагаемый доход, расходы на товары и услуги.*

# CONSUMER AND SAVINGS BEHAVIOR OF THE POPULATION IN THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN

**Mamadaliev F.S.**
**Tilabov E.E.**

*The study of consumer behavior and savings of the population is one of the important and relevant topics in modern conditions, since it is directly related to economic development, social stability and well-being of society. The article examines the main aspects of consumer and savings behavior of the population in modern economic conditions based on an assessment of the factors that influence them. Consumption and savings are key*

*indicators that determine the dynamics of economic growth, the standard of living of citizens and the stability of the financial system.*

***Keywords:*** *consumption, savings, consumer behavior, average propensity to consume, average propensity to save, marginal propensity to consume, marginal propensity to save, disposable income, expenditures on goods and services.*

**Гузориши масъала.** Таҳлили ин мавзӯъ имкон медиҳад, ки роҳҳои ташаккули минбаъдаи раванди пасандоз дар кишвари мо пешгӯӣ карда шаванд ва шаклҳо ва усулҳои оптималии идоракунии он, имконоти истифодаи самараноки пасандозҳои аҳолӣ дар бозори захираҳои сармоягузорӣ, ташаккули чунин омилҳои иҷтимоӣ, ки ба ташаккули самараноки пасандозҳои аҳолӣ мусоидат мекунанд, ошкор карда шаванд.

**Таҳлили таҳқиқотҳои охир ва нашриёт.** Доир ба мавзӯъи мазкур олимони ватани ва беруни ба монанди: А.Н. Чапаргина, Л.А. Мигранова, В.Б. Тореев, А.В. Ярашева таҳлил ва таҳқиқотҳо бурдаанд.

**Мақсади мақола** ин таҳлили рафтори истеъмолӣ ва пасандозии аҳолӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон.

**Муҳтавои асосии мавод.** Дар шароити муносибатҳои муосири иқтисодӣ рафтори истеъмолӣ дар ташаккули талабот ба молу хизматрасонӣ нақши асосиро мебозад. Рафтори истеъмолӣ як соҳаи муҳимми омӯзиш ба ҳисоб рафта, дар асоси он хоҳиш, ниёз, талабот, ангезаҳо, рафтор ва афзалиятҳои истеъмолкунандагон муайян ва сиёсат дар ин самт қабул гардида, чорабиниҳо андешида мешаванд.

Илми иқтисодӣ истеъмолро яке аз марҳилаҳои раванди такрористеҳсол медонад, ки дар он натиҷаҳои истеҳсолот барои қонеъ гардонидани тамоми талаботи инфиродӣ, коллективӣ ва иҷтимоӣ истифода мешаванд [5, 302].

Рафтори истеъмолӣ равандест, ки дар доираи он одамон қарорҳои худро барои баҳогузорӣ, интихоб, харидорӣ ва истифодаи молу хизматрасонӣ ҷиҳати қонеъ намудани талабот содир менамоянд. Аз ин лиҳоз, рафтори истеъмолӣ зери таъсири омилҳои гуногун қарор дорад (нигаред ба расми 1).

**Расми 1. Омилҳои ба рафтори истеъмолӣ таъсиррасонанда**

| | |
|---|---|
| **Омилҳои иқтисодӣ** | Дараҷаи даромад |
| | Нархи мол ва хизматрасонӣ |
| | Майл ба пасандоз |
| | Дастрасӣ ба қарз |
| | Суботи иқтисодӣ (таваррум, бекорӣ ва ғ) |
| **Омилҳои иҷтимоӣ ва фарҳангӣ** | Табақаи иҷтимоӣ |
| | Вазъияти оилавӣ |
| | Тарзи зиндагӣ ва фароғат |
| | Расму оин |
| **Омилҳои равонӣ** | Таълимот ва эътиқоди шахсӣ |
| | Дарки бренд |
| **Омилҳои иттилоотӣ ва технологӣ** | Маркетинг ва таблиғот |
| | Тавсияҳо ва андешаҳои дигарон |
| | Дастрасии интернет |
| | Инноватсия ва технологияҳои нав |

Ин омилҳо бевосита ба тағйир ёфтани рафтори истемолӣ таъсир расонида, барои расидан ба мақсади ниҳоии он мусоидат менамояд. Ҳамзамон, онҳо метавонанд бо мурури замон тағйир ёбанд, ки ин дарки рафтори истеъмолиро барои омӯзиш мушкил месозад.

Рафтори истеъмолӣ таърихи тулонӣ дошта, вобаста ба ҷанбаҳои алоҳидаи он намояндагони мактабҳои гуногун нуқтаи назари илмӣ ва амалии худро ифроз намудаанд. Дар маҷмуъ, нуқтаи назари олимонро вобаста ба рафтори истеъмолӣ метавон ба самтҳои зерин ҷудо намуд:

1. Нуқтаи назари иқтисодчиён. Иқтисоддонҳо рафтори истеъмолиро аз нуқтаи назари интихоби оқилона меомӯзанд. Онҳо тахмин мекунанд, ки истеъмолкунандагон кӯшиш мекунанд фоидаи худро аз захираҳои маҳдуд ба ҳадди аксар расонанд ва дар асоси нарх, даромад ва афзалиятҳо қарор қабул кунанд.

2. Нуқтаи назари равоншиносон. Равоншиносон ба ангезаҳои дохилӣ ва омилҳое, ки ба рафтори истеъмолӣ таъсир мерасонанд, таваҷҷуҳ доранд. Онҳо равандҳои равониро, аз қабили дарк, ҳавасмандкунӣ, эътиқод ва эҳсосот меомӯзанд, ки метавонанд ба қарорҳои истеъмолӣ таъсир расонанд.

3. Нуқтаи назари ҷомеашиносон. Ҷомеашиносон таъсири муҳити иҷтимоӣ, фарҳанг ва меъёрҳои иҷтимоиро ба рафтори истеъмолӣ меомӯзанд. Онҳо таъсири мутақобилаи байни одамон ва ҷомеа ва нақши институтҳои иҷтимоиро дар ташаккули қарорҳои истеъмолӣ баррасӣ мекунанд.

4. Нуқтаи назари маркетингшиносон. Маркетингшиносон рафтори истеъмолиро аз нуқтаи назари фурӯши мол ва хизматрасонӣ баҳо медиҳанд. Онҳо меомӯзанд, ки чӣ гуна ширкатҳо метавонанд дониши рафтори истеъмолиро барои таҳияи стратегияҳои муассири маркетингӣ ва қонеъ кардани ниёзҳои муштариён истифода баранд.

Дар мақолаи мазкур мо масъалаи рафтори истеъмолиро аз нуқтаи назари иқтисодӣ мавриди омӯзиш ва таҳлил қарор медиҳем. Лозим ба қайд аст, ки истеъмолкунандагон дар иқтисодиёт нақши калидӣ доранд, аз ин рӯ омӯзиш ва таҳлили рафтори истеъмолии онҳо дар асоси мониторинг ва баҳодиҳии таъсири омилҳо, ба монанди даромади пулии дар ихтиёрбуда, хароҷот барои пардохти молу маҳсулот (истеъмол) ва пасандоз барои сиёсати иқтисодӣ муҳим арзёбӣ мегардад. Ин нишондиҳандаҳои сегона барои муайян намудани сатҳи некуаҳволии иқтисодӣ ва рафтори молиявии аҳолӣ нақши ниҳоят муҳимро иҷро мекунанд.

Қайд кардан зарур аст, ки мувофиқи тамсилаи мувозинатӣ даромади бадастовардаи хонаводаҳо (Y) ба хароҷоти истеъмолӣ (C) ва пасандоз (S), аз рӯи формулаи зерин тақсим карда мешавад:

$$Y = C + S$$

Аз ин лиҳоз, дар мақолаи мазкур таҳлили нишондиҳандаҳо аз рӯи талаботи баробарии зикргардида анҷом дода мешавад. Тавре ки аз маълумоти омори расмӣ бармеояд, дар соли 2023 даромади пулии дар ихтиёрбудаи аҳолӣ нисбат ба соли 2015 ба андозаи 3,8 маротиба афзоиш ёфта, ба ҳисоби миёна ҳамасола нишондиҳандаи мазкур 37,1 фоиз зиёд шудааст (ниг. ба ҷадвали 1).

**Ҷадвали 1. Даромади пулии дар ихтиёрбудаи аҳолӣ дар солҳои 2015-2023**

| | Даромади пулии дар ихтиёрбудаи аҳолӣ, млн сомонӣ | Афзоиши мутлақ, млн сомонӣ | Суръати афзоиш, % |
|---|---|---|---|
| **2015** | 24 272,1 | - | - |
| **2019** | 46 073,3 | 21 801,2 | 89,82 |
| **2020** | 63 468,8 | 39 196,7 | 161,49 |
| **2021** | 78 163,5 | 53 891,4 | 222,03 |

| | | | |
|---|---|---|---|
| **2022** | 92 267,7 | 67 995,6 | 280,14 |
| **2023** | 117 373,9 | 93 101,8 | 383,58 |

***Сарчашма**: Ҳисоби муаллиф дар асоси маводи Тоҷикистон дар рақамҳо, 2024. – С. 52, 146.*

Дар ин давра афзоиши ҳадди аксар дар соли 2020 дар муқоиса бо соли 2019 ба андозаи 37,8 фоиз ва ҳадди ақали афзоиш дар соли 2022 дар муқоиса бо соли 2021 ба андозаи 18 фоиз мушоҳида карда мешавад.

Лозим ба тазаккур аст, ки сатҳи даромади пулӣ бевосита ба рафтори истеъмолӣ таъсир расонида, метавонад майли истеъмолро бештар гардонад ва майл ба пасандозро коҳиш диҳад. Аз ин лиҳоз, Ҷ.М. Кейнс ба маврид қайд намудааст, ки маҳз даромади ҷорӣ ё мутлақ ба сатҳи истеъмолот таъсир мерасонад [2, 19-36].

Дар давоми солҳои 2015-2023 бо зиёд шудани ҳаҷми даромади пулии дар ихтиёрбудаи аҳолӣ, ҳаҷми хароҷот барои хариди мол ва пардохти хизматрасонӣ (истеъмолот) низ тамоили зиёдшавӣ дошта, суръатафзоиши миёнасолонаи он 50,8 фоизро ташкил медиҳад (ниг. ба ҷадвали 2).

**Ҷадвали 2. Хароҷоти аҳолӣ барои хариди мол ва пардохти хизматрасонӣ дар солҳои 2015-2023**

| | Хароҷот барои хариди мол ва пардохти хизматрасонӣ, млн сомонӣ | Афзоиши мутлақ, млн сомонӣ | Суръати афзоиш, % |
|---|---|---|---|
| **2015** | 17 335,2 | - | - |
| **2019** | 41 880,7 | 24 545,5 | 141,6 |
| **2020** | 67 217,6 | 49 882,4 | 287,8 |
| **2021** | 86 050,0 | 68 714,8 | 396,4 |
| **2022** | 102 049,7 | 84 714,5 | 488,7 |
| **2023** | 135 088,6 | 117 753,4 | 679,3 |

*Сарчашма: Ҳисоби муаллиф дар асоси маводи Тоҷикистон дар рақамҳо, 2024. – С. 52. Бюллетени омори бонкӣ, 12 (305). – С. 32.*

Соли 2023 дар муқоиса бо соли 2015 хароҷот барои хариди мол ва пардохти хизматрасонӣ 6,8 маротиба зиёд шуда, нисбат ба даромади аҳолӣ дар ин давра 1,3 маротиба зиёд мебошад.

Ҷой доштани чунин тамоил аз баланд будани майли миёна ба истеъмолот (APC) ва зиёд будани майли ниҳоӣ ба истеъмолот (MPC) дар ҳолати зиёд шудани даромади пулиро нишон медиҳад [4, 48-50].

Майли миёна ба истеъмолот (APC) ин ҳиссаи даромади дар ихтиёрдоштаест, ки хонаводаҳо барои истеъмоли молу хизматрасонӣ сарф мекунанд [3,16]. Майли ниҳоӣ ба истеъмол (MPC) суръатест, ки истеъмоли молу хизматрасонӣ дар посух ба тағйирёбии даромад тағйир меёбад.

Дар сурати баланд будани сатҳи MPC ин маънои онро дорад, ки афзоиши даромад ба андозаи бештар барои истеъмол сарф мешавад, ки ба ақидаи баъзе коршиносон ин ба афзоиши иқтисодиёт мусоидат мекунад. Тавре ки аз таҳлили Хазинаи Авруосиёии Субот ва Рушд бармеояд, дар нимсолаи якуми соли 2023 муҳаррики асосии рушди иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон истеъмолот ба ҳисоб меравад [6,3].

Натиҷаи ҳисобҳо нишон медиҳад, ки нишондиҳандаи майли миёна ба истеъмолот дар соли 2023 ба 1,15 баробар аст ва ин маънои онро дорад, ки аҳолӣ дар баробари пурра равона намудани даромади дар ихтиёрдоштааш, инчунин 15,1 фоиз маблағи иловагӣ барои истеъмолот харҷ кардааст, ки нисбат ба соли 2015 ба андозаи 43,7 банди фоизӣ зиёд мебошад (диаграммаи 1).

**Диаграммаи 1. Тамоили АРС ва МРС дар солҳои 2019-2023**




*Сарчашма: Ҳисоби муаллиф дар асоси маводи Тоҷикистон дар рақамҳо, 2024. – С. 52. Бюллетени омори бонкӣ, 12 (305). – С. 32.*

Ҳадди аққали нишондиҳандаи мазкур ба соли 2015 рост меояд, ки ба 0,71 баробар буд.

Дар соли 2023 нишондиҳандаи МРС ба 1,32 баробар шуда, аз он шаҳодат медиҳад, ки дар натиҷаи 1 фоиз зиёд шудани даромади пулӣ, истеъмолот ба андозаи 32 фоиз зиёд шудааст. Сатҳи аз ҳама баланди нишондиҳандаи мазкур дар соли 2020 ба назар мерасад, ки ба 1,46 баробар буда, аз он шаҳодат медиҳад, ки дар натиҷаи 1 фоиз зиёд шудани даромади аҳолӣ, истеъмолот ба андозаи 46 фоиз зиёд гардидааст.

Ҷой доштани чунин ҳолат, ба ақидаи мо аз ҳисоби қарз, пасандозҳои қаблӣ ё интиқоли маблағҳо таъмин шуда истодааст. Дар ин ҷо метавон консепсияи Ҷ.М.Кейнсро ба хотир овард, ки тибқи он "....тамоми хароҷоти хонаводаро ба ду қисм тақсим кардан мумкин аст: хароҷоте, ки аз сатҳи даромад вобаста нест ва хароҷоте, ки бевосита аз сатҳи даромад вобаста аст".

Бояд қайд кард, ки тибқи таҷрибаи дигар кишварҳо дар шароити вусъат додани қарздиҳӣ, аҳолӣ тадриҷан аз модели рафтори пасандозгузорӣ даст кашида, ба афзоиш додани истеъмолот мегузарад [1, 47].

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон психологияи истеъмол намудан бо сабабҳои гуногун дар байни аҳолӣ зиёд мебошад, ки тасдиқи ин гуфтаҳо дар нишондиҳандаҳои АРС ва МРС дар солҳои таҳлилӣ инъикос ёфтааст.

Тавре ки қаблан изҳор намудем, аҳолӣ як қисми даромадро барои хариди молу маҳсулот, қисми дигарро барои пасандоз нигоҳ медорад. Дар ин ҷо афзалиятҳо, ҳадафҳо ва шароити зиндагӣ ба қарори истеъмолкунанда дар бораи чӣ қадар маблағро барои истеъмолот ва чӣ қадар маблағро барои пасандоз равона кардан таъсир мерасонанд.

Пасандозҳои аҳолӣ зери таъсири омилҳои зиёд ташаккул меёбанд, ки онҳоро ба иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва психологӣ ҷудо кардан мумкин аст (нагаред ба расми 2).

**Расми 2. Омилҳои ба рафтори пасандозӣ таъсиррасонанда**

| | |
|---|---|
| **Омилҳои иқтисодӣ** | Дараҷаи даромад |
| | Таваррум |
| | Майл ба истеъмолот |
| | Меъёрҳои фоизӣ |
| **Омилҳои иҷтимоӣ** | Маданияти сарфакорӣ |
| | Вазъи оилавӣ |
| | Сатҳи саводнокии молиявӣ |
| **Омилҳои равонӣ** | Тарс аз оянда |
| | Таҷрибаи қаблии мушкилоти молиявӣ |
| **Омилҳои сиёсӣ ва институтсионалӣ** | Андозҳо, субсидияҳо ва барномаҳои дастгирии давлатӣ |
| | Мавҷудияти инфрасохтори молиявӣ |

Фаҳмидани ин омилҳо барои таҳияи сиёсати самарабахши иқтисодӣ, ки ба баланд бардоштани сатҳи пасандозҳои аҳолӣ нигаронида шудааст, муҳим арзёбӣ мегардад.

Пасандоз низ ҳамчун қисми даромади пулии аҳолӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон тамоили гуногуни тағйирёбиро доро буда, дар муқоиса бо соли 2015 дар солҳои 2022 ва 2023 мутаносибан ба андозаи 58,1 ва 106,3 фоиз афзоиш ёфтааст (ниг. ба ҷадвали 3).

**Ҷадвали 2. Пасандозҳои аҳолӣ дар солҳои 2015-2023**

| | Пасандозҳои аҳолӣ, млн сомонӣ | Афзоиши мутлақ, млн сомонӣ | Суръати афзоиш, % |
|---|---|---|---|
| **2015** | 5 111,6 | - | - |
| **2019** | 4 239,3 | -872,3 | -17,1 |
| **2020** | 5 338,1 | 226,6 | 4,4 |
| **2021** | 5 366,9 | 255,4 | 5,0 |
| **2022** | 8 081,0 | 2 969,4 | 58,1 |
| **2023** | 10 545,5 | 5 433,9 | 106,3 |

*Сарчашма: Ҳисоби муаллиф дар асоси маводи Тоҷикистон дар рақамҳо, 2024. – С. 52. Бюллетени омори бонкӣ, 12 (305). – С. 32. Бюллетени омори бонкӣ, 12 (293). – С. 31. Бюллетени омори бонкӣ, 12 (245). – С. 32. Бюллетени омори бонкӣ, 12 (316). – С. 31. Бюллетени омори бонкӣ, 12 (329). – С. 32. Бюллетени омори бонкӣ, 12 (341). – С. 34.*

Тавре ки ҳисобҳои занҷирӣ нишон медиҳанд, тайи солҳои 2022 ва 2023 тамоили зиёдшавии пасандозҳои аҳолӣ мушоҳида гардида, мутаносибан 50,6 фоиз ва 30,5 фоизро ташкил медиҳад.

Пасандоз низ ба монанди истеъмолот тавассути нишондиҳандаҳои майли миёнаи пасандоз (APS) ва майли ниҳоии пасандоз (MPS) арзёбӣ карда мешавад. Майли миёнаи пасандоз (APS) ин ҳиссаи даромади дар ихтиёрдоштаест, ки хонаводаҳо барои

пасандоз намудан нигоҳ медоранд. Майли ниҳоии пасандоз (MPS) ин тағйирёбии пасандозҳо дар посух ба тағйирёбии даромад мебошад [4, 50-51].

Нишондиҳандаҳои мазкур ба мо имкон медиҳанд муайян намоем, ки кадом ҳисса ва тағйирёбии даромади аҳолӣ ба ҷои хароҷот барои истеъмоли фаврӣ ва кадом ҳисса барои оянда захира (пасандоз) кардан равона карда мешавад. Ҳиссаи бештари APS ва сатҳи баланди MPS нишон медиҳанд, ки аҳолӣ майли пасандоз намуданро доро мебошад ва ин дар навбати худ барои сармоягузорӣ ва устувории низоми бонкӣ муҳим арзёбӣ мегардад.

Тавре ки аз диаграммаи 2 бармеояд, нишондиҳандаи APS қариб ки дар ҳамаи солҳо дар сатҳи ниҳоят паст қарор дорад. Дар солҳои 2022 ва 2023 ин нишондиҳанда ба 0,09 баробар буда, аз он шаҳодат медиҳад, ки дар ин солҳо дар сохтори даромади аҳолӣ ҳиссаи пасандоз ҳамагӣ 9 фоизро ташкил дода, дар муқоиса ба соли 2015 мутаносибан ба андозаи 63,7 банди фоизӣ коҳиш ёфтааст.

**Диаграммаи 2. Тамоили APS ва MPS дар солҳои 2019-2023**




*Сарчашма: Ҳисоби муаллиф дар асоси маводи Тоҷикистон дар рақамҳо, 2024. – С. 52.*

Ҳамзамон, MPS дар соли 2023 ба 0,10 баробар буда, аз он шаҳодат медиҳад, ки дар натиҷаи зиёд шудани сатҳи даромад ба 1 фоиз пасандозҳои аҳолӣ ба андозаи 10 фоиз зиёд шудаанд. Дар соли 2022 сатҳи баланди MPS ба назар мерасад, ки ба 0,19 баробар аст ва дар ин сол нишондиҳандаи МРС дар муқоиса ба дигар давраҳо нисбатан пасттар буда, аҳолӣ ба пасандоз кардан бештар майл намудааст.

Тавре ки қаблан изҳор намуда будем, рафтори истеъмолӣ ва рафтори пасандозии аҳолӣ зери омилҳои гуногун қарор дорад ва бо истифода аз усулҳои таҳлили коррелятсионӣ-регрессионӣ зичии алоқамандии омилҳоро андозагирӣ менамоем.

Мақсади таҳлили коррелятсионӣ ва регрессионӣ ин омӯзиши таъсири омилҳои гуногун ба рафтори истеъмолии аҳолӣ ва омода намудани тамсилаи эконометрикии он мебошад.

Дар натиҷаи ҳисобҳо чунин модели (тамсилаи) эконометрикӣ ҳосил карда шуд:

$$\mathbf{Y = -14745.5083 + 1.2673X1 + 0.09807X2,}$$

Шарҳи иқтисодии параметрҳои модели мазкур чунин аст: дар натиҷаи афзоиши X1 (даромади дар ихтиёрбудаи аҳолӣ) ба 1 фоиз, Y (истеъмолот) ба ҳисоби

миёна 1,267 фоиз зиёд мегардад. Афзоиши X2 (пасандозҳои аҳолӣ) ба андозаи 1 фоиз боиси ба ҳисоби миёна 0,098 фоиз кам шудани Y (истеъмолот) мегардад.

Дар асоси коэффисиенти максималии β1=0,995 ба хулосае омадем, ки омили X1 (даромади дар ихтиёрбудаи аҳолӣ) ба натиҷаи Y (истеъмолот) таъсири бештар дорад.

Аҳаммияти омории муодила бо истифода аз коэффисиенти детерминатсия ва санҷиши Фишер ($R^2=0.9995^2=0.999$) санҷида шуд. Муайян карда шуд, ки дар вазъияти таҳқиқшаванда 99,9 фоизи тағйирёбии умумии Y (истеъмолот) бо тағйирёбии омили X1 (даромади дар ихтиёрбудаи аҳолӣ) шарҳ дода мешавад.

Бо назардошти гуфтаҳои боло, метавон чунин хулоса баровард, ки дар шароити муносибатҳои муосири иқтисодӣ рафтори истеъмолии мақсаднокро бе баланд бардоштани сатҳи саводнокии молиявӣ тасаввур кардан номумкин аст.

Баланд шудани сатҳи дониш ва малакаҳои молиявӣ метавонад ба одамон дар қабули қарорҳои молиявии огоҳона (истеъмолот ва пасандоз) кумак расонад, ки дар ниҳоят ба сатҳи некуаҳволии молиявӣ ва муваффақияти онҳо дар ҳаёт таъсир мерасонад. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бо назардошти муҳиммияти ин масъала Стратегияи миллии фарогирии молиявии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2022-2026 қабул карда шуд, ки яке аз самтҳои афзалиятноки он саводнокии молиявӣ ба ҳисоб меравад.

## Адабиёт


1. Аликперова Н.В. Поведение потребителей: современные реалии и глобальные тренды. Гуманитарные науки. Вестник финансового университета, 4’2019. – С. 47.
2. Кейнс Дж. М. Общая теория занятости, процента и денег. 1936. https://publications.hse.ru/pubs/share/folder/jifpw3hgvj/118199413.pdf
3. Мокичев С.В., Малаев В.В., Котенкова С.Н., Галлямова Д.Х., Мокичев С.Д. Экономическая теория. Часть II. Макроэкономика. – С. 16.
4. Моцаренко, Н.В. Макроэкономика: учебное пособие / Н.В. Моцаренко, В.С. Антонюк, И.В. Данилова. – Челябинск: Издательский центр ЮУрГУ, 2021. – 126 с.
5. Щавель С. А. Общественная миссия социологии. Минск: Беларуская навука; 2010. – С.302.
6. Социально-экономические тенденции первого полугодия 2023 года и среднесрочные перспективы. ЕФСР. – С. 3.
7. Тоҷикистон дар рақамҳо, 2024.



**Маълумот дар бораи муаллифон:**

**Мамадалиев Ф.С.** – номзади илмҳои иқтисодӣ, директори пажуҳишгоҳи илмӣ-тадқиқотии Бонки миллии Тоҷикистон. Суроға: Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рудакӣ 38/1. 446003106. E-maill: farukhruzmamadaliev@gmail.com

**Тилабов Ё.Э.** – номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент, мудири кафедраи аудит ва ревизия. Суроға: Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кучаи Нахимов 64/14. 935987121. E-maill: etilabov@bk.ru

**Сведения об авторах:**

**Мамадалиев Ф.С.** – кандидат экономических наук, директор научно-исследовательского института Национального банка Таджикистана. Адрес: Республика Таджикистан, город Душанбе, проспект Рудаки 38/1. 446003106. E-maill: farukhruzmamadaliev@gmail.com

**Тилабов Ё.Э.** – кандидат экономических наук, доцент, заведующий кафедры аудит и ревизия. Адрес: Республика Таджикистан, город Душанбе, улица Нахимова 64/14. 935987121. E-maill: etilabov@bk.ru

**Information about the authors:**

**Mamadaliev F.S.** – c.e.s, Director of research institute of the National Bank of Tajikistan. Address: Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue 38/1. 446003106. *E-maill: farukhruzmamadaliev@gmail.com*

**Tilabov E.E.** – candidate of economic sciences, associate professor, head of the audit and revision department. Address: Republic of Tajikistan, Dushanbe, Nakhimov street 64/14. 935987121. E-maill: etilabov@bk.ru

УДК:336.2

# ОМИЛҲОИ АФЗОИШИ ДАРОМАДҲОИ АНДОЗӢ ВА ТАЪМИНИ РУШДИ ИҚТИСОДӢ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Амирбекзода С.А.**

*Дар мақолаи мазкур масоили босуръат гардонидани базаи андозсупорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди муҳокима қарор гирифтааст. Муаллиф ба он ақида аст, ки асосҳои андозбандии ҶТ захираҳои дастнорасидаи бузурге доранд, ки он бо роҳи бардоштани сатҳи атвоматикунонӣ, роботикунонӣ ва рақамикунонии иқтисод, инчунин васеъ намудани “майдони” истеҳсолот торафт бештар ҳудудҳои реалӣ пайдо мекунад. Ақидаи босуръат зиёд намудани шумораи андозсупорандагон хусусияти комплексӣ дорад. Он натанҳо боиси тезонидани суръати ММД ва хароҷоти буҷа мегардад, балки барои баланд бардоштани сатҳи тахассуси молистеҳсолкунандагон ва ташаккули сармояи инсонӣ сабаб мешавад.*

*Дар мақола соҳибкорони инфиродие, ки дар асоси шаҳодатнома ва дар асоси патентҳо фаъолият доранд ҳамчун захираҳои минбаъд рушд ёфтани шумораи андозсупорадагоне, ки дар раванди андоз иштироки бевосита доранд ҳамчун неруи муҳими рушди минбаъдаи системаи андоз баҳо дода мешавад. Дар айни замон муаллиф ба он ақида аст, ки ин гурӯҳи соҳибкорон аз тарафи давлат бояд дастгирии ҷиддӣ пайдо кунанд, ки он дар мушаххас намудани афзалиятҳо, додани имтиёзҳои фоизҳои андозӣ инъикоси худро ёбад.*

*Муаллиф хусусан ба васъат додани миқёси худшуғлварзӣ ҳамчун манбаи ояндадори рушди асосҳои андозбандӣ таваҷҷӯҳ зоҳир намудааст. У бовари том дорад, ки шуғлварзӣ натанҳо аҳамияти бузурги иҷтимоӣ, балки аҳамияти назарраси иқтисодиам дорад. Тамоили устувори худшуғлварзӣ дар сурати ҷой доштани дастгирии устувори давлат қадам ба қадам ба он оварда мерасонад, ки иқтисоди ғайрирасмӣ ба иқтисоди расмӣ табдил меёбад ва худшуғлварзидагон ба ҷузъи муҳим ва объективии асосҳои андозандӣ табдил меёбанд. Муаллиф боварӣ ба он дорад, ки чунин неруи ҳоло мавриди истифода қарор ноёфта ба монанди худшуғлварзӣ дорои чунин неруи андозиест, ки метавонад ба ҳам баробар шудани иқтидори андоз ва хароҷоти буҷаро таъмин карда тавонад.*

***Калидвожаҳо:*** *андоз, сиёсати андоз, гаронии андоз, иқтисодиёт, иҷтимоиёт, молия, иқтисоди миллӣ, соҳибкор, корхонаву ташкилот, буҷаи давлат, даромади буҷа, хароҷоти буҷа, рақамикунонӣ.*

***Барои иқтибос:*** *С.А. Амирбекзода Омилҳои афзоиши даромадҳои андозӣ ва таъмини рушди иқтисодӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон / С.А. Амирбекзода // Паёми молия ва иқтисод. – 2024. – No. 4.2 (43). – С. 518-526.*

# ФАКТОРЫ РОСТА НАЛОГОВЫХ ПОСТУПЛЕНИЙ И ОБЕСПЕЧЕНИЯ ЭКОНОМИЧЕСКОГО РОСТА В РЕСПУБЛИКЕ ТАДЖИКИСТАН

**Амирбекзода С.А.**

*В данной статье рассматриваются вопросы ускорения налоговой базы в Республике Таджикистан. Автор придерживается мнения, что налоговая база Республики Таджикистан имеет огромные неиспользованные ресурсы, которые все больше будут находить реальные пределы за счет повышения уровня автоматизации, роботизации и цифровизации экономики, а также расширения «сферы» производства. Идея быстрого увеличения количества налогоплательщиков имеет сложный характер. Это приводит не только к ускорению роста ВВП и бюджетных расходов, но и к повышению уровня квалификации производителей и формирования человеческого капитала.*

*В статье оцениваются индивидуальные предприниматели, действующие на основании сертификатов и патентов, как ресурс дальнейшего развития числа налогоплательщиков, непосредственно участвующих в налоговом процессе, как важная сила дальнейшего развития налоговой системы. В настоящее время автор придерживается мнения, что данная группа предпринимателей должна получить серьезную поддержку со стороны государства, что должно найти отражение в определении приоритетов и предоставлении налоговых процентных льгот.*

*Особое внимание автор уделил расширению масштабов самозанятости как будущему источнику развития налоговой базы. Он твердо убежден, что занятость имеет не только большое социальное значение, но и важное экономическое значение. Устойчивая тенденция самозанятости при наличии стабильной поддержки государства шаг за шагом приводит к тому, что неформальная экономика превращается в формальную, а самозанятые становятся важной и объективной частью измерительных баз. Автор считает, что такая неиспользованная сила, как самозанятость, обладает такой налоговой силой, которая способна обеспечить выравнивание налогового потенциала и бюджетных расходов.*

***Ключевые слова:*** *налог, налоговая политика, налоговое бремя, экономика, общество, финансы, народное хозяйство, предприниматель, предприятие и организация, государственный бюджет, доходы бюджета, расходы бюджета, цифровизация.*

## FACTORS OF TAX REVENUE GROWTH AND ECONOMIC GROWTH IN THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN

**Amirbekzoda S.A.**

*This article discusses the issues of accelerating the tax base in the Republic of Tajikistan. The author is of the opinion that the tax base of the Republic of Tajikistan has huge untapped resources, which will increasingly find real limits due to increasing levels of automation, robotization and digitalization of the economy, as well as expanding the "sphere" of production. The idea of rapidly increasing the number of taxpayers is complex. This leads not only to accelerated GDP growth and budget expenditures, but also to an increase in the level of qualifications of producers and the formation of human capital.*

*The article evaluates individual entrepreneurs operating on the basis of certificates and patents as a resource for the further development of the number of taxpayers directly involved in the tax process, as an important force for the further development of the tax system. Currently, the author is of the opinion that this group of entrepreneurs should receive serious support from the state, which should be reflected in the determination of priorities and the provision of tax interest benefits.*

*The author paid special attention to expanding the scope of self-employment as a future source of development of the tax base. He firmly believes that employment is not only of great social importance, but also of great economic importance. The steady trend of self-employment in the presence of stable state support, step by step, leads to the fact that the informal economy turns into a formal one, and the self-employed become an important and objective part of the measurement base. The author believes that such an untapped power as self-employment has such a tax power that can ensure equalization of tax potential and budget expenditures.*

***Keywords:*** *tax, tax policy, tax burden, economy, society, finance, national economy, businessman, enterprise and organization, state budget, budget income, budget expenses, digitization.*

Маблағи умумии даромадҳои андозии давлат аз шумораи мутлақи андозсупорандагон вобастагии калон дорад. Дар мамлакатҳои мутараққӣ, ки бо сатҳи пасти афзоиши табиии аҳолӣ муддатҳои дароз фарқ карда меистанд, имкониятҳои афзоиши андозсупорандагон хеле маҳдуд мебошанд.

Ғайр аз ин, дар мамолики пешқадами ҷаҳон механизми ба қатори андозсупорандагон ворид намудани ҳамаи ашхоси мувофиқи қонун андозсупоранда хеле хуб ба роҳ монда шудааст. Дар ин мамолик он мушкилиҳое, ки ин бобат дар давлатҳои рӯ ба тараққиниҳода ё хусусияти гузаришдошта хос мебошанд, пайдо кардан душвор аст. Дар давлатҳое, ки ба наздикӣ рӯ ба бозор овардаанд ва ё сатҳи рушди иқтисодиашон чандон баланд нест, вазъият комилан дигар аст. Дар чунин кишварҳо ба ғайр аз бахши расмӣ боз бахши ғайрирасмӣ амал мекунад. Ҳар қадар суръати рушди аҳолӣ баландтар бошад, ҳамон қадар ҳиссаи иқтисоди ғайрирасмӣ баландтар мешавад, зеро давлат имкониятҳои техникии ба кор ҷалб кардани мардуми бекор ва ё дар сектори ғайрирасмӣ машғулбударо надорад. Инчунин бояд гуфт, ки дар мамолики мутараққӣ маҷроҳои иттилоотӣ оид ба шуурнокӣ, андозсупорӣ, бекорӣ, аҳолии аз ҷиҳати иқтисодӣ қувваи корӣ ҳисобшаванда каму беш ба таври комил ба қайд гирифта шудаанд. Дар давлатҳои қафомонда, рӯ ба тараққӣ ва дар давраи гузариш қарордошта, мутаассифона чунин ҳисобу китоб арзи вуҷуд надорад.

Айни замон, ин гурӯҳи давлатҳо нисбати ҷамъоварии андоз бо мақсади қонеъ гардонидани талаботи буҷаи давлатӣ хеле азият мекашанд. Сабаб дар он мебошад, ки дар гурӯҳи давлатҳои дар боло қайдгардида механизми ҳисобу китоб кардани шумораи ҳақиқӣ ва шумораи иқтидории андозсупорандагон ба таври бояду шояд фаъолият надорад.

Дар Тоҷикистон солҳои охир оид ба рушди иқтисоди ғайрирасмӣ ва ҳиссаи он дар истеҳсоли ММД, инчунин шумораи аҳолии дорои қувваи корӣ, китобҳо, монографияҳои илмӣ ва мақолаҳои зиёде навишта шудаанд, дар шуроҳои илмӣ бошад, ба миқдори зиёд дар ин мавзуъҳо рисолаҳои илмӣ муҳокима ва дифоъ гардидаанд.

Бо вуҷуди ин, масъала то ҳоло ҳалли худро пайдо накардааст ва механизми босуръат васеъ кардани майдони андозсупорӣ ҳаллу фасл нашудааст.

Бояд иброз намуд, ки дар соли 2023 байни даромадҳои андозии давлат ва даромадҳои умумии буҷа фарқият ба 10,4% баробар буд.

Ҳисобу китоби олимони тоҷик Улуғхоҷаева Х.Р., Умаров Х., Шарипов Б., Иброҳимзода И.Р., Каримов Б.И., Халифзода С., Исматов А., Файзуллоев Б., Султон Бахтиёр, Исматов Х., Ҳусейнов У.А. ва дигарон нишон медиҳанд, ки агар ҳамаи андоздиҳандагони иқтидорӣ дар ҷумҳурӣ ба андоздиҳандагони воқеӣ табдил меёфтанд, он гоҳ чунин фарқият натанҳо комилан аз байн мерафт, балки ҳаҷми умумии даромадҳои андозӣ ва ғайриандозии буҷа дар сатҳи 30 то 50% зиёд мегардид. Аз ин ҷо, ду вазифаи муҳим ба пеш меояд:

1. **Комилан ҳисоб намудани имкониятҳои афзоиши шумораи умумии андозсупорандагон.** Барои ин бояд шумораи иқтидории онҳо ҳисобу китоб карда шавад ва дар таркиби он шумораи умумии андозсупорандагон ва шумораи умумии ашхосе, ки бояд андоз супоранд, муайян карда шавад. Ба ғайр аз ин, бояд дар назар дошт, ки шумораи хеле зиёди аҳолии мамлакат имрӯз имконияти муташаккилона шуғл варзиданро надорад ва агар он бо кори муташаккилона дар соҳаи иқтисоди расмӣ истифода бурда мешуд, он гоҳ имконияти нави босуръат боло бурдани шумораи умумии андозсупорандагон амалӣ мегашт;

2. **Амалӣ гардонидани тағйироти дорои хислати сифатӣ дар доираи шумораи умумии андозсупорандагон.** Дар ин маврид сухан дар бораи он меравад, ки зимни равандҳои андозғундорӣ 3 дигаргунии муҳим амалӣ гардад:

а) дар шумораи умумии андозсупорандагон баланд бардоштани ҳиссаи шахсони ҳуқуқӣ нисбат ба шахсони воқеӣ;

б) кам кардани ҳиссаи соҳибкороне, ки дар асоси шаҳодатнома ва патент фаъолият доранд бо роҳи қадам ба қадам гузаронидани

онҳо аз ин намудҳои андозсупорӣ ба намудҳои умумии андозсупорӣ;

в) сохтани шароитҳои мусоид барои истифодаи ташаббус ва хоҳиши ашхосе, ки мехоҳанд дорои шуғл бошанд ва қадам ба қадам ба субъектҳои андозсупоранда табдил додани онҳо.

Равандҳои дар боло зикркардашуда алоқаи байниҳамдигарии мантиқӣ дорад. Мазмуни мантиқии онҳо чунин мебошад:

Чорабиниҳои умумӣ доир ба коста намудани миқёси иқтисоди ғайрирасмӣ дар асоси барномаи умумимиллӣ татбиқ карда мешаванд. Чунин рафтор рангҳои гуногун мегирад. Аввал, худи шуғлварзии берасмият аз тарафи давлат бояд ҳамун объекти дастгирӣ қарор гирад. Ин маънои онро дорад, ки дар асоси тадқиқоти пешакӣ муайян карда шавад, ки чӣ миқдор аҳолии дорои қувваи корӣ барои шуғл варзидан тайёр мебошад. Чунин шуғлварзӣ шаклҳои гуногунро пайдо мекунад: аз шуғлварзии хонагӣ то шуғлварзиҳои ғайри фаъолияти расмӣ ва шуғлварзиҳое, ки ба мардум сарчашмаҳои иловагии даромадро таъмин карда метавонанд (масалан, ҳавасмандгардонии репититорӣ).

Давлат бояд ба ашхосе, ки чунин ташаббус зоҳир мекунанд ёрии амалӣ расонад. Айни замон, ҳамаи ашхоси ба ин равандҳо дахлдошта аз тарафи давлат ба қайд гирифта шавад. Баъдтар дар зинаи минбаъда бояд созмонҳои давлатӣ кӯшиш ба харҷ диҳанд, ки баъд аз устувор гардонидани фаъолияти худшуғлварзӣ мардуми дахлдошта қадам ба қадам бо шаҳодатномаҳо ва патентҳо таъмин карда шавад, яъне соҳибкории ғайрирасмие, ки бо мадади созмонҳои расмии давлатӣ ва ҷамъиятӣ ташкил мешаванд, ба соҳибкориҳои инфиродии расмӣ табдил ёбанд ва қадами сеюм дар он ифодаи худро хоҳад ёфт, агар соҳибкорони инфиродии шаҳодатномадор ва патентдор фаъолияти истеҳсоли иқтисодии худро рушд дода, аз доираи чунин шаклҳои соҳибкорӣ бароянд ва ба ашхоси ҳуқуқӣ табдил ёбанд.

Мавриди зикр аст, ки чунин чорабиниҳо дар асоси барнома бояд амалӣ гарданд ва аҳолии дар доираи чунин барномаҳо фаъолиятдошта аз тарафи давлат зимни гирифтани қарзҳои хурд ва таъмин намудани онҳо бо технологияҳои хурд дастгирӣ пайдо кунанд. Чунин барнома бояд аз тарафи Вазоратҳои рушди иқтисод ва савдо, молия, инчунин Бонки миллии Тоҷикистон тартиб дода шавад ва аз тарафи Парлумони мамлакат тасдиқ карда шавад, зеро ин ҷо сухан дар бораи чорабиниҳои муназзаме меравад, ки тавассути онҳо шумораи зиёди мардум ба фаъолияти истеҳсолӣ ва иқтисодии миқёси хеле васеъ ва ояндаи пешқадамдошта ҷалб карда мешаванд. Яке аз ҷузъи чунин фаъолияти барномавӣ муҳоҷирони меҳнатие мебошанд, ки дар натиҷаи муносибати якҷтарафаи созмонҳои давлатии хориҷӣ дағалона ба Тоҷикистон фиристонида шудаанд. Бояд зикр кард, ки ин гурӯҳи қувваи корӣ дорои ихтисоси нисбатан баланд ва собиқаи бисёрсола мебошанд. Дар бисёр ҳолатҳо давлат ва бахшҳои хусусиву корпоративӣ метавонанд онҳоро ба бахшҳои амалкунандаи маълум ҳамчун қувваи кории баландихтисос ҷалб намоянд, аммо дар ҳолатҳое, ки бахшии амалкунандаи иқтисод нисбат ба ин гурӯҳҳои муҳоҷирони ба ватан баргашта таваҷҷуҳ зоҳир намекунад (бо сабаби набудани ҷойҳои корӣ), бояд ба онҳо имконияти худшуғлварзӣ дода шавад. Агар чунин кӯмак аз тарафи сохторҳои давлатӣ ва ҷамъиятӣ оғоз ёбад, он гоҳ натиҷаи ниҳоии фаъолияти чунин сохторҳои ғайрирасмӣ, ки бо сабаби маълум буданашон дар асл расмӣ мебошанд, бояд бо васоити зарурӣ таъмин гарданд.

Мувофиқи барнома баъд аз мӯҳлати муайянкардашуда раванди ба сохторҳои расмӣ табдил додани чунин сохторҳои ғайрирасмӣ оғоз ва идома меёфт ва чунин сохторҳо ё дар шаклҳои махсус (шаҳодатнома ва патентдошта) ё дар шаклҳои умумӣ ба шумораи умумии андозсупорандагон зам мегарданд.

Тавре маълум аст, ба соҳибкорони инфиродие, ки дар асоси шаҳодатнома фаъолият доранд, онҳое дохил мешаванд, ки даромади солонаашон то 1 миллион сомонӣ бошад. Чунончӣ маълум аст, ин гурӯҳи соҳибкорон аз як қатор имтиёзҳои хеле ҷиддии давлатӣ бархӯрдор мебошанд ва дар сурати муваффақ шудан ба даромаде, ки аз 1 миллион сомонӣ зиёд бошад, кӯшиш ба харҷ медиҳанд, ки даромади худро кам карда

нишон диҳанд. Чунин гурӯҳи соҳибкорон бояд бо роҳҳои гуногун аз тарафи давлат танзим карда шаванд. Ҳаракати минбаъдаи соҳибкорони шаҳодатномадор дар ду намуд акс меёбад:

1. Замоне, ки онҳо аз доираи соҳибкории соддакардашуда ба доираи умумии андозсупорандагон мегузаранд, аммо дар қатори шахсони воқеӣ мемонанд;
2. Чунин гузариш хусусияти сифатан дигар дорад, яъне онҳо метавонанд аз шахси воқеӣ ба шахси ҳуқуқӣ табдил ёбанд. Хусусан дар ҳолати дуюм бояд онҳо дастгирии давлатро эҳсос кунанд ва ҳар қадар дастгирии давлат асосноктар бошад, ҳамон қадар ҳиссаи ашхосе, ки бо роҳи дуюм аз низоми соддакардашуда (шаҳодатнома) ба тарзи умумии андозсупорӣ мегузаранд, афзоиш хоҳад ёфт.

Суръати афзоиши ҳаҷми андозҳо аз чунин категорияи андозсупорандагон аз таркиби кӯмаки давлат вобастагӣ дорад. Агар давлат пеш аз ҳама ба ин категория андозсупорандагон ташаббуси таъмини васоити моддӣ-техникӣ ва молиявиро амалӣ гардонад, он гоҳ ҳавасмандии андозсупорандагон ба гузариш аз категорияҳои поён ба боло осон мегардад ва самаранокии ин гузариш низ меафзояд.

Дар замони муосир, мутаассифона чунин гузаришҳои хусусияти сифатидошта чандон ба назар намерасанд.

Дар асл имкониятҳои фаровоне ҳатто дар Ҷумҳурии Тоҷикистон вуҷуд доранд, дар сурати маҳдуд будани имкониятҳои ёрии моддиву техникӣ давлат метавонад тавассути Бонки миллӣ ва КВД БА "Амонатбонк" раванди эмиссияи пул ва эмиссияи қарзро барои дастгирии чунин гурӯҳҳои андозсупорандагон истифода барад.

Гуфтан бамаврид аст, ки мувофиқи тадқиқоти олимони амрикоӣ ва Шӯравӣ чунин кӯшишҳо ҳам дар ИМА, ҳам дар ИҶСШ арзи вуҷуд карда буданд ва онҳо бе натиҷа низ нашуданд. Қарзҳое, ки ба муддати кӯтоҳ аз 6 то 9 моҳ барои худшуғлварзон дода мешаванд, ҳеҷ гоҳ боиси пайдо шудани равандҳои инфлятсионӣ нахоҳанд гардид.

Нерӯи худшуғлварзии Тоҷикистон ба якчанд гурӯҳҳо тақсим мешавад. Хусусияти умумии ҳамаи ин гурӯҳҳо аз он иборат мебошад, ки онҳо мехоҳанд барои ба даст овардани даромади сазовор ба ягон коре машғул шаванд, вале медонанд, ки давлат қобилияти молиявӣ ва техникии онҳоро ба фаъолияти кории муташаккил ҷалб кардан надорад. Дар шароити воқеии Тоҷикистон чунин гурӯҳҳои худшуғлварзӣ арзи вуҷуд намудаанд:

А) заноне, ки бо сабабҳои гуногун мехоҳанд тавассути фаъолияти корӣ даромади мушаххасе дошта бошанд;

Б) ҷавононе, ки баъд аз хатми мактаби миёна ва хизмати ҳарбӣ имконияти ба фаъолияти кории муташаккил ҷалб шуданро надоранд ва хоҳиши кор кардан ва соҳиби даромади сазовор шуданро доранд;

В) қувваи корие, ки бо сабабҳои гуногун доираи фаъолияти муташаккилонаи кориро тарк намудааст ва имконияти ба ин доира баргаштанро надорад;

Г) мардуме, ки аз деҳот бо сабаби набудани кор ба шаҳрҳо барои пайдо кардани шуғли зарурӣ сафар мекунанд, аммо имконияти ба фаъолияти муташаккили меҳнатӣ ҳамроҳ шуданро надоранд;

Д) мардикороне, ки аз муҳоҷироти меҳнатӣ ба ватан фиристонида шудаанд ва дар Тоҷикистон барояшон имконияти фаъолияти муташаккилонаро боз кардан надоранд.

Ду гурӯҳи аввал асосан аз ашхосе иборат мебошанд, ки бо сабабҳои маълум тахассуси корӣ надоранд ва барои иҷро кардани бисёре аз намудҳои корие, ки ихтисос талаб намекунад розӣ ҳастанд. Ба ин гурӯҳ ашхосе низ дохил мешаванд, ки доир ба тахассус шаҳодатнома доранд, аммо мувофиқи он кор пайдо карда наметавонанд.

Гуфтан ба маврид аст, ки ҳамаи ин гурӯҳҳо бо сабаби набудани корфармоён худашон дорои ташаббуси барои худ сохтани ҷойҳои кориро доранд. Онҳо ба ду тарафи бозори ғайрирасмии меҳнат таваҷҷӯҳ зоҳир менамоянд. Якум, талабот ба фаъолияти меҳнати онҳо, ки дар шакли хизматрасонӣ ва ё молҳои гуногун акси худро пайдо мекунад. Дуюм, васоити молиявие, ки ба онҳо имконияти амалӣ гардонидани чунин шаклҳои фаъолияти ғайрирасмиро медиҳад. Дар ҳошияи чунин гуфтаҳо бояд қайд намуд, ки гурӯҳҳои

номбурдаи ашхосе, ки мехоҳанд ба бозори меҳнат ворид шаванд, метавонанд аз накшаҳои амалӣ гардидаи Граминбанк (Gramenn Bank), ки дар Бангладеш давоми беш аз ду даҳсола фаъолият дорад ва бо ташаббуси Муҳаммад Юнус ташкил шуда буд, истифода баранд. Дар омади гап бояд гуфт, ки баро чунин фаъолият Муҳаммад Юнус ба мукофоти Нобелӣ сазовор дониста шуд. Ҳоло у Сарвазири Бангладеш мебошад.

Дар шароити Тоҷикистон худшуғлварзӣ аҳаммияти бузурги иҷтимоӣ-иқтисодӣ дорад. Агар созмонҳои давлатӣ ба ин масъала аз назари масъулияти баланд муносибат кунанд, он ба яке аз омилҳои боз ҳам тезонидани суръати афзоиши ММД мегардад. Аммо аз ҳама муҳимаш он аст, ки худшуғлварзӣ дар Тоҷикистон захираи асосии дар давраи миёнамуҳлат хеле васеъ намудани миқёсҳои андозбандӣ мегардад. Андозбандӣ ҳам аз назари вусъати минбаъдаи шахсони воқеӣ ва ҳам шахсони ҳуқуқӣ ояндаи хеле калон пайдо хоҳад кард. Доир ба миқёси захираҳои худшуғлварзӣ рақамҳои зерин шаҳодат медиҳанд. Соли 1991 шумораи қувваи кории дар иқтисод истифоданашуда ба 555000 нафар мерасид. Соли 2000-ум ин нишондиҳанда аз 1,4 млн нафар гузашт, соли 2010-ум он ба 2,25 млн ва соли 2020 ба 3,1 млн, соли 2023 ба 3,3 млн баробар шуд. Дар байни солҳои 1991-2023 шумораи қувваи кории дар иқтисод истифоданашуда қариб 6 маротиба зиёд шуд[34].

Барои муқоиса бояд гуфт, ки соли 1991 аҳолии ба кор машғулбуда қариб ба 2 млн мерасид ва соли 2023 ин нишондиҳанда аз 2,6 млн каме гузашта буд. Соли 2023 шумораи қувваи кории истифоданашуда аз шумораи аҳолии ба кор таъминбуда 1,26 маротиба зиёдтар буд. Ин нишондиҳанда дар бораи неруи хеле бузурги худшуғлварзӣ дар Тоҷикистон шаҳодат медиҳад ва аҳамияти фаъолияти созмонҳои давлатиро нисбат ба васеъ намудани сатҳи худшуғлварзӣ ва муттасил ба сектори муташаккил гузаронидани худшуғлварзон нишон медиҳад. Мувофиқи ҳисобу китоб, ҳамасолаТоҷикистон имкон дорад, ки аз ҳисоби чунин гузариш ҳаҷми умумии андозғундориро то 18-20% зиёд намояд.

Дар Тоҷикистон захираи афзоиши ҳаҷми андозсупорӣ зимни ба ҳисоб гирифтани ашхосе, ки манбаъҳои иловагии даромад дорад, хеле назаррас мебошад. Доир ба мавҷудияти чунин манбаъҳо ҳолатҳои зерин шаҳодат медиҳанд:

А) солҳои дуру дароз бидуни ҳаргуна назорат вуҷуд доштани бозори ғайрирасмии меҳнат дар шаҳрҳои Душанбе, Хуҷанд, Бохтар, Турсунзода, Кӯлоб, Истаравшан. Ҳаррӯз ҳазорон мардикор, ки асосан аз рустоҳои Тоҷикистон дар маконҳои мушаххас ҷамъ мешаванд, қисми асосиаш тариқи гуфтушуниди даҳонӣ ба корҳои гуногун ҷалб карда мешаванд. Чунин корҳо вобаста ба сатҳи тахассус қиммати гуногун доранд, аммо корфармоён аз ҳаргуна андозҳо фориғ мебошанд. Хеле зарур аст, ки ин масъала аз тарафи муассисаҳои илмӣ-тадқиқотӣ ҷустуҷӯиҳои илмӣ оид ба ҷиҳатҳои гуногуни чунин тарзи истифодабарии қувваи кории ғайрирасмӣ вусъат дода шаванд;

Б) бо сабаби паст будани сатҳи дониши устодони мактабҳои миёна ва ба маротиб зиёд гардидани қабули донишҷӯён ҳам ба мактабҳои олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳам ба мактабҳои олии берун аз кишвар воқеъбуда, институти репититорӣ васеъ доман паҳн кардааст. Аксари мутлақи репититорон нафароне мебошанд, ки дар бахши расмӣ фаъолият доранд ва ҳамчунин андозсупоранда эътироф шудаанд. Даромаде, ки онҳо аз репититорӣ мегиранд ба даромади аз бахши расмӣ бароянда муқоисашаванда мебошад. Баъзеҳо ҳатто даромаде мегиранд, ки нисбат ба даромаде аз муассисаҳои ба таври расмӣ эътирофшуда гирифтаашон баландтар мебошад. Сол аз сол миқёси фаъолияти репититорӣ васеъ шуда истодааст. Давоми ду се соли охир ба фаъолияти қайдгардида боз репититорӣ бо забони русӣ илова гардид, зеро ба русӣ минбаъд ашхосе, ки забони русиро намедонанд мувофиқи қонунгузории Федератсияи Россия роҳ дода намешаванд;

В) ба ғайр ин ду намуди фаъолият боз як намуди ғайрирасмӣ вуҷуд дорад, ки он ҳам сол аз сол бештар вусъат пайдо менамояд. Ин сохтани биноҳои нави

[34] Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе, 2024, саҳ. 81

истиқоматӣ бо маблағҳои интиқолии муҳоҷирони меҳнатии Тоҷикистон мебошад. Дар 20 соли охир беш аз 70%-и фонди манзилии мардуми деҳоти Тоҷикистон комилан аз нав бунёд карда шуд. Дар шаҳрҳо бошанд, муҳоҷирони меҳнатӣ гурӯҳи асосии харидорони утоқҳоро дар биноҳои баландошёна ташкил мекунад. Тавре маълум аст, фурӯшандагони манзил дар шаҳрҳо танҳо қуттии онро (коробка) мефурӯшанд. Интерери утоқҳои нави шаҳрӣ тавассути устоҳое бунёд карда мешавад, ки фаъолияташон комилан ғайрирасмӣ мебошад. Ҳисобу китоби тахминии гузаронидашуда нишон медиҳад, ки аз манбаъҳои боло номбаршуда афзоиши маблағи умумии андозҳо 8-10%-ро ташкил хоҳад дод.

Тавре дар боло қайд гардид, Тоҷикистон дорои шумораи зиёди мардуми шуғлнадошта мебошад, ки бо сабабҳои гуногун шарҳ дода мешавад. Дар солҳои баъд аз истиқлол Тоҷикистон нисбат ба дигар давлатҳои Осиёи Марказӣ бо суръати баланди афзоиши табиии аҳолӣ фарқ мекард. Масалан, соли 1991-ум афзоиши табиии аҳолӣ ба 1000 нафар ба 33,0, соли 2010 ба 27,3 мерасид. Дар вилояти Хатлон ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ чунин нишондиҳанда дар сатҳи боз ҳам баландтар қарор гирифта буд. Мардуме, ки он замонҳо таваллуд шуда буданд, ин замон талаб менамоянд, ки соҳиби кор шаванд, аммо ҷомеа қобилияти пурра онҳоро бо кор таъмин карданро надорад. Гарчанде афзоиши босуръати шуғли аҳолӣ дар сурати бо кор таъмин намудани мардум бояд сабабгори асосии босуръат афзудани ММД гардад. Аммо омор нишон медиҳад, ки сатҳи шуғлнокии мардум дар бахшии расмии иқтисод ба ҷойи боло рафтан майли ба поён рафтан дорад.[35]

Соли 1991 шумораи аҳолии ба кор машғулбуда нисбат ба аҳолии дар иқтисод истифоданашуда 3,6 маротиба зиёд буд. Соли 2023 бошад, шумораи аҳолии ба кор машғулбуда нисбат ба мардуме, ки ба кор машғул нестанд қариб 21% кам буд.[36]

Рақамҳои овардашуда ба манфиати ҷумҳурӣ ва хусусан ба манфиати молияи давлатӣ мувофиқат намекунанд. Яке аз чунин манфиатҳо нисбатан танг шудани асосҳои андозбандӣ мебошад.

Давлат метавонад тавассути чорабиниҳои мухталиф сатҳи бо кор таъмин намудани мардумро дар асоси нақшаҳо баланд бардорад. Мафҳуми нақшаро дар ин ҷо овардан маънои хеле чуқур дорад. Сухан дар бораи он меравад, ки дар нақша вариантҳои гуногуни бардоштани сатҳи шуурнокии аҳолиро ҷо кардан мумкин аст. Масалан, як маблағи мушаххаси сармоягузорӣ дар ҳолати истифода бурдани якчанд вариантҳо метавонад, ки сатҳҳои гуногуни афзоиши шуғлварзии мардумро таъмин кунад. Ҳанӯз солҳои ҳукмронии Шуравӣ олимони иқтисодшиноси тоҷик ин вариантҳоро ба таври муфассал таҳлил карда буданд.

Тадқиқоти Р.К. Раҳимов, Я.Т. Бронштейн, Х.Умаров, Р.Бобоҷонов ва дигарон нишон доданд, ки вобаста ба рушди ин ё он вариант, ки ба навъҳои гуногуни истеҳсолот алоқамандӣ доранд, фарқияти шуғлнокӣ вобаста ба амалӣ гардонидани чунин вариантҳо аз 8 то 10 маротиба фарқ мекунад.

Хусусан фарқ байни вариантҳои меҳнатталаб, илмталаб, маводталаб ва сармояталаб меравад. Он замон ҳукумати ҷумҳурӣ дар асоси тавсияи олимон як қатор чорабиниҳоеро амалӣ гардонд, ки он боиси тезонидани суръати рушди шуғлнокӣ гардид. Дар аввали солҳои 80-ум дар байни чорабиниҳои оид ба баланд бардоштани шуғлнокӣ афзалият ба соҳаҳои меҳнатталаб дода мешуд. Баъдтар охири солҳои 80-ум Ҳукумати ҶССТ кӯшиш ба харҷ медод, ки дар давраи нави рушд афзалият бештар ба соҳаҳои илму меҳнатталаб дода шавад. Чунин зарурат инъикоси он буд, ки ҳизби онвақтаи коммунист ва ҳукумати ҷумҳурӣ кӯшиш ба харҷ медоданд, то ҳиссаи коркунони баландихтисосро дар шумораи умумии коркунони дар иқтисодбуда, баланд бардоранд.

Бо истифода аз моделҳои регрессионӣ муаллиф ба ҳамин хулоса омадааст, ки ҳатто дар сурати босуръати баланд тараққӣ кардани соҳаҳои сармояталаб онҳо барои дар

[35] Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе, 2024, саҳ. 33
[36] Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе, 2024, саҳ. 81

сатҳи соҳҳои меҳнатталаб ғанӣ гардонидани буҷаи давлатӣ қодир нахоҳанд шуд. Бидуни шубҳа соҳаҳои меҳнатталаб, ки нисбат ба буҷаи давлатӣ ду маҷрои мустақили андозгузаронӣ доранд, саҳми бештар хоҳанд дошт. Маҷрои якум, андозҳои гуногун аз ҳаҷм ва арзиши маҳсулот ва хизматрасониҳо ва маҷрои дуюм, тавассути андози иҷтимоӣ. Агар соҳаҳои сармояталабро бигирем, он гоҳ маҷрои аввал каму беш фаъолият нишон медиҳад, аммо маҷрои дуюм ба маротибҳо нишондиҳандаи пастро нишон медиҳанд. Ҳоло дар Тоҷикистон соҳаҳои сармояталаб соҳиби афзалияти бештар мебошанд (корхонаҳои истеҳсоли тилло, сурма, ангиштсанг, алюминий, маводи сохтмон, коркарди металл, таъмири мошинҳо ва дастгоҳҳо). Ҳамаи ин соҳаҳо соҳаҳои сармояталаб ва илмталаб мебошанд. Дар давраи ҳозира зарур аст, ки Тоҷикистон бо сатҳи баланди рушди соҳаҳои меҳнатталаб дар байни тамоми давлатҳои пасошуравӣ фарқ карда истад. Бидуни шубҳа, ин соҳаҳо метавонанд боиси рушди босуръати шуғлнокӣ ва боло рафтани сифати сармояи инсонӣ гарданд. Ба ғайр аз ин, соҳаҳои меҳнатталаб ба ҳаҷми нисбатан ками сармоягузорӣ эҳтиёҷ доранд.

Таваҷҷӯҳи махсус зоҳир намудан ба афзоиши шуғлнокии аҳолӣ маънои онро дорад, ки дар сиёсати иҷтимоию иқтисодии ҳукумати ҷумҳурӣ афзалият бештар ба соҳаҳои меҳнатталаб дода мешавад. Ин бобат, аз назари тайёр намудани чорабиниҳо доир ба афзоиши босуръати андоз ҳам ба рушди соҳаҳои меҳнатталаб дар сектори расмии иқтисод, ҳам ба соҳаҳои ғайрирасмие, ки бояд дар тахти назорати ҳукумат бошанд зоҳир карда ешавад. Албатта ҳаллу фасли ин масъала барои ҳукумати ҷумҳурӣ чандон осон нест. Бинобар ин ниҳодҳои давлатӣ бояд чорабиниҳо оид ба шуғли аҳолӣ ва мувофиқан баланд бардоштани сатҳи андозғундориро ба давраҳо тақсим кунанд. Дар давраи аввал, диқат бояд ба рушди соҳаҳои меҳнатталаб новобаста ба рушди сармояи инсонӣ дода мешавад. Ҳатто соҳаҳое, ки ба қувваи кории ихтисоси паст дошта ё беихтисос эҳтиёҷ доранд бояд босуръат рушд ёбанд. Чунин соҳаҳо барои рушди минбаъдаашон ба механикунониву автоматикунонӣ, роботикунонӣ ва рақамикунонӣ эҳтиёҷ пайдо хоҳанд кард ва дар ин раванд меҳнати беихтисос ё камихтисос оҳиста-оҳиста ба меҳнати баландихтисос табдил хоҳанд ёфт, ки ин маънои ташаккули қувваи коргарие мебошад, ки аз назари хусусиятҳои шахсиаш босуръат рушд меёбад. Худшуғлварзии ғайрирасмӣ низ бояд аз назари манбаи ояндадори афзоиши босуръати андозҳо баҳо гирад. Танҳо чунин муносибат сатҳи давлатии идоракунии намудҳои фаъолияти ғайрирасмиро баланд мебардорад ва имкон медиҳад, ки онҳо қадам ба қадам ба сӯи фаъолияти бахши расмӣ ҳаракат кунанд ва дар ниҳояти кор расмияташон аз тарафи ҷомеа эътироф гардад ва ба манбаи андозсупорӣ табдил ёбанд.

Пурратар ва самараноктар истифода бурдани тамоми манбаъҳои афзоиши андозҳо имконият медиҳанд, ки дар солҳои минбаъда гаронии андоз муттасил паст карда шавад. Дигаргуниҳое, ки дар 10 соли охир дар иқтисоди кишвар ба амал омадаанд (рушди босуръати ММД, маҳсулоти саноатӣ, кишоварзӣ ва хизматрасониҳо) боиси он гардидаанд, ки яке аз андозҳои асосии ҷумҳурӣ – андоз аз арзиши иловашуда аз 20% то ба 14% поён оварда шавад. Дар сурати безиён фаъолият доштани корхонаҳою ташкилотҳо ва инчунин бемайлон боло рафтани сатҳи даромаданокиву фоиданокии онҳо чунин имкониятҳо натанҳо пурратар истифода мегарданд, балки баъд аз чанд муддате имконият пайдо мешавад, ки низоми андозҳои ғайримустақим мавқеи худро ба низоми андозҳои мустақим пешниҳод кунад. Чунин дигаргуниҳои куллӣ бидуни шубҳа боиси он хоҳад гардид, ки гаронии андоз ба поён майл хоҳад кард.

## Адабиёт

1. Раҷабов Т.С. «Самтҳои асосӣ ва роҳҳои танзими гаронии андоз дар Ҷумҳурии Тоҷикистон". Автореферат барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) аз рӯйи ихтисоси молия – муомилоти пулӣ ва қарз. Душанбе, 2024.

2. Давлатов Д.С. “Такмили танзими андозии иқтисоди миллӣ (дар маводҳои ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ)” Автореферати диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии номзади имлҳои иқтисодӣ мувофиқи ихтисоси молия, муомилоти пулӣ ва қарз. Душанбе, 2021
3. Чумабоев Х.К. «Совершенствование механизма использования налоговых лготь в условиях индустриально-аграрной модели развитие экономики» Автореферат докторской диссертации по специальности Финансы, денежное обращение и кредит. Душанбе 2024, стр. 10, 20
4. Ҳусейнов У.С. “Роҳҳои такмили андозбандии фаъолияти соҳибкории истеҳсолӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (дар мисоли корхонаҳои хурду миёнаи Ҷумҳурии Тоҷикисон”. Автореферати дисертатсия барои дарёфти дарааи илмии доктори фалсафа аз рӯйи ихтисоси молия, муомилоти пулӣ ва қарз. Душанбе 2024, саҳ. 25
5. Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе, 2024
6. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон “Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ”. ш.Душанбе, 28.12.2024
7. Солехзода А.М. “Триггерный подход к администрированию налогов в Республике Таджикистан». «Логос», Ставрополь, 2020.



**Маълумот дар бораи муаллиф:**
**Амирбекзода Сино Амирбек** – докторанти ихтисоси 6D050600 – “Иқтисодиёт (идоракунӣ дар низомҳои иҷтимоӣ ва иқтисодӣ; ташкил истеҳсолот)”, директори Коллеҷи технологии шаҳри Душанбе.

**Сведения об авторе:**
**Амирбекзода Сино Амирбек** - докторант по специальности 6D050600 – "Экономика (управление в социально-экономических системах; организация производства)”, директор Технологического колледжа города Душанбе.

**Information about the author:**
**Amirbekzoda Sino Amirbek -** doctoral student in the specialty 6D050600 – "Economics (management in socio-economic systems; organization of production)”, Director of the Technological College of the city of Dushanbe.

УДК:336

# ҶАНБАҲОИ МЕТОДОЛОГИИ МЕХАНИЗМИ ИСТИФОДАИ САМАРАНОКИИ ИМТИЁЗҲОИ АНДОЗӢ ДАР ШАРОИТИ ИҚТИСОДИ РАҚАМӢ

**Муқимов Қ.М.**
**Асадуллозода Х.А.**

*Дар мақола ҷанбаҳои методологии механизми истифодаи самараноки имтиёзҳои андозӣ дар шароити иқтисоди рақамӣ оварда шудааст. Самтҳои асосии мукаммалгардонии механизми истифодаи самараноки имтиёзу сабукиҳои андозию гумрукӣ дар корхонаҳо ва субъектҳои соҳибкорӣ пешниҳод карда шудааст. Илова бар ин, шароитҳо ва омилҳои асосии ҳавасмандиҳои андозӣ-молиявии субъектҳои хоҷагидорӣ бо назардошти манфиатҳои давлат ва андозсупорандагон, ки ҳамчун механизми асосии таъмини истеҳсоли ҳарҷӣ бештари истеҳсоли молу маҳсулотҳои ватанӣ ва ҷалби бештари сармояҳо ба сохаҳои иқтисодиёти миллӣ хизмат менамояд. Пешниҳодҳои муаллиф оид ба самтҳои асосии такмили механизми истифодаи самараноки имтиёзҳои андозӣ дар минтақаҳои кишвар оварда шудааст.*

***Калидвожаҳо:*** *низоми андозӣ, иқтисодиёти рақамӣ, субъектҳои хоҷагидорӣ, механизми андозситонӣ, ҳавасмандиҳои андозӣ-молиявӣ, имтиёзу сабукиҳои андозӣ, сиёсати андозӣ, фаъолияти соҳибкорӣ, маъмурикунонии андоз, танзими давлатӣ, самаранокии андозбандӣ.*

***Барои иқтибос:*** *Муқимов Қ.М. Ҷанбаҳои методологии механизми истифодаи самаранокии имтиёзҳои андозӣ дар шароити иқтисоди рақамӣ / Қ.М.Муқимов, Х.А. Асадуллозода// Паёми молия ва иқтисод. – 2024. – No. 4.2(43). – С. 527-532.*

# МЕТОДОЛОГИЧЕСКИЕ АСПЕКТЫ МЕХАНИЗМ ЭФФЕКТИВНОСТИ ИСПОЛЬЗОВАНИЯ НАЛОГОВЫХ ЛЬГОТ В УСЛОВИЯХ ЦИФРОВОЙ ЭКОНОМИКИ

**Мукимов К.М.**
**Асадуллозода Х.А.**

*В статье рассматриватеся методологические аспекты механизм эффективность использования налоговых льгот в условиях цифровой экономики. Выделены основные направления совершенствование механизмы эффективности налоговых льгот в предприятий и субъекты предпринимательства. Рассматриваются основные факторы и условий субъектов хозяйствований, учитывающей интересах государства и налогоплательщиков как основной механизм, направленных на производство отечественных продукций и привлечений инвестиций в отраслей национальной экономики. Предложены основные механизмы совершенствования эффективности использования налоговых льгот в регионах страны.*

***Ключевые слова:*** *налоговая система, цифровая экономика, субъекты хозяйствований, механизмы налогообложения, налогово-финансовые стимулирования, налоговые льготы, налоговая политика, субъекты предпринимательства, государственная регулирования, эффективность налогообложения.*

# METHODOLOGICAL ASPECTS MECHANISM OF THE EFFECTIVENESS OF USING TAX BENEFITS IN THE DIGITAL ECONOMY

**Muqimov Q.M.**
**Asadullozoda Kh.A.**

*The article examines the methodological aspects of the mechanism for the effectiveness of using tax benefits in the digital economy. The main directions for improving the*

*mechanisms of efficiency of tax benefits in enterprises and business entities are highlighted. The main factors and conditions of business entities are considered, taking into account the interests of the state and taxpayers as the main mechanism aimed at producing domestic products and attracting investments in sectors of the national economy. The main mechanisms for improving the efficiency of using tax benefits in the regions of the country are proposed.*

***Key words:** tax system, digital economy, business entities, tax mechanisms, tax and financial incentives, tax benefits, tax policy, business entities, government regulation, tax efficiency.*

Имтиёзҳои андозӣ ҳамчун унсури муҳими низоми андозӣ ва механизми муҳими дастгирии давлатии рушди фаъолияти хоҷагидорӣ хизмат менамояд. Илова бар ин, барои рушди устувори молиявии кишвар истифодаи самараноки имтиёзу сабукихои андозию гумрукӣ муҳим арзёбӣ мегардад. Аксарияти иқтисодичиён ба он ақиданд, ки имтиёзҳои андозӣ-молиявӣ ҳамчун фишанги муҳими дастгирии давлатии рушди фаъолияти соҳибкорӣ ва инкишофи соҳаҳои иқтисодиёти миллӣ равона карда мешавад. Аз ин хотир, зарурати ҷанбаҳои методологии баҳои истифодаи самараноки имтиёзу сабукиҳои андозӣ ва нақши он дар баланд бардоштани сатҳу сифати некуаҳволии мардум ба миён меояд.

Дар шароити рақамикунонии иқтисодиёт истифодаи самараноки имтиёзу сабукиҳои андозию гумрукӣ ҳамчун механизми муҳими танзими давлатии рушди корхонаю ташкилотҳо ва фаъолияти соҳибкорӣ хизмат менамояд. Истифодаи ин механизм ҳамчун фишанги асосии молиявӣ-иқтисодӣ барои ҳавасмандиҳои андозӣ-молиявии субъектҳои соҳибкорӣ ва идоракунии низоми андозии мамлакат роҳандозӣ мегардад. Вазифаи дастгириҳои молиявӣ дар ташаккули механизми истифодаи самараноки имтиёзу сабукиҳои андозию гумруки субъектҳои хоҷагидорӣ хеле муҳим арзёбӣ гардида, он бо риояи шарту уҳдадориҳои муайян пешниҳод мегардад.

Ба андешаи баъзе муаллифон баҳои самаранокии истифодаи имтиёзҳои андозӣ ва дар заминаи он ҷалби бештари сармояҳо ба соҳаҳои иқтисодиёти кишвар таъмин гардида, ба фазои макроиқтисодӣ ва рушди фаъолияти соҳибкорӣ таъсири мусбӣ мерасонад. Дар ин маврид, Черник Д.Г., қайд менамояд, ки «…имтиёзҳои андозӣ - ин шакли амалигардонӣ, танзимкунии ҳавасмандиҳои молиявӣ-иқтисодӣ ба ҳисоб рафта, ба сифати механизми муҳими танзими давлатии муносибатҳои молиявӣ хизмат намуда...» [8, 55], ба таъмини рушди устувори иқтисодиёти миллии кишвар мусоидат менамояд.

Зимни баҳои ҷанбаҳои методологии истифодаи самараноки имтиёзу сабукиҳои андозӣ зарурати таҳлил ва таҳқиқи натиҷаи онҳо, яъне самара бо сарфаи хароҷотҳо зимнии истифодаи имтиёзҳои андозӣ ба миён меояд. Дар ин маврид «…танзими давлатии низоми андозӣ ба сифати фишанги муҳими татбиқи сиёсати молиявӣ-иқтисодӣ, ки мақсади асосии он ҳалли вазифаҳои стартегии давлат, яъне нигоҳ доштани тавозун ва устувории молиявӣ, бо назардошти манфиатҳои давлат ва субъектҳои соҳибкорӣ (андозсупорандагон) ба ҳисоб меравад…» [10, 5]. Аз ин лиҳоз, шарти муҳим ҳангоми баҳои истифодаи самараноки имтиёзу сабукиҳои андозӣ ин таъмини суботи молиявӣ барои солҳои тӯлонӣ, бо назардошти таҳкими қисмати даромадҳои буҷети давлатӣ мебошад.

Қайд кардан зарур аст, ки дар таҳқиқотҳои олимони ватанӣ ва хориҷӣ баҳои истифодаи самаранокии имтиёзу сабукиҳои андозӣ ба таври гуногун таҳқиқ ва мавриди омӯзиш қарор дода шудааст. Ба андешаи Ҳусейнов, У.С. ва Миров, И.З. «…ҳавасмандиҳои андозӣ-молиявӣ, аз ҷумла пешниҳоду истифодаи имтиёзҳои андозӣ дар рушди фаъолияти соҳибкорӣ барои таъмини қисмати даромад ва истеҳсоли ҳарҷӣ зиёди молу маҳсулотҳо ва хизматрасониҳо мусоидат менамояд…» [7, 56]. Аз хотир, тайи даҳсолаҳои охир услуби баҳои истифодаи самаранокии имтиёзҳои андозӣ ва дар заминаи он рушди соҳаҳои афзалиятноки иқтисодиёти миллӣ таъмин мегардад.

Дар бисёр кишварҳои рушкардаи иқтисодӣ дар шароити буҳрони молиявӣ-иқтисодӣ имтиёзу сабукиҳои андозӣ ба сифати механизми муҳими танзими муносибатҳои молиявӣ хизмат намуда, барои чунин мақсаду ҳадафҳои зерин истифода бурда мешавад:

- ҳавасмандиҳои андозӣ-молиявӣ ва таъмини такрористеҳсоли молу маҳсулотҳои ватанӣ;

- афзоиш ва ҷалби бештари сармояҳо ба иқтисодиёти минтақаҳои кишвар;

- таҳким ва пурзур намудани пардохтпазирии корхонаю ташкилотҳо, субъектҳои сохибкорӣ ва аҳолӣ.

Пешниҳоду истифодаи самараноки имтиёзу сабукиҳои андозӣ на ҳама вақт натиҷаҳои дурусти иқтисодӣ-иҷтимоӣ дода, дар бисёр мавридҳо ба коҳиш ёфтани сатҳи пасти даромадҳои буҷети давлатӣ оварда мерасонад. Ба андешаи Черник, Д.Г. «…пешниҳоди имтиёзу сабукиҳои андозӣ, ба сифати фишанги мавҷуд будаи иқтисодӣ, бояд ба талаботи бозори молиявӣ ҷавобгӯ буда, ҳангоми нодуруст истифода намудани онҳо ба сатҳи пасти буҷет оварда мерасонад…» [8, 54]. Вай ҳамчун механизми молиявӣ-иқтисодӣ барои татбиқи амалии сиёсати фискалӣ ба рушди инфрасохтори бозорӣ мусоидат намуда, бо ёрии онҳо масъалаҳои иҷтимоӣ-демографӣ, аз қабили: танзими даромади табақаҳои гуногуни аҳолӣ; паст намудани сатҳи камбизоатӣ ва сиёсати демографӣ пиёда сохта мешавад. Дар бахши муносибатҳои молияи байналхалқӣ ва минтақавӣ имтиёзу сабукиҳои андозӣ ба сифати фишанги муҳими таъмини фазои сармоягузорӣ ва ҷалби бештари маблағҳои ғайрибуҷетӣ хизмат менамояд.

Услуби баҳои истифодаи самараноки имтиёзу сабукиҳои андозӣ дар бисёр мавридҳо ба ҳам мувофиқ буда, баҳои нишондиҳандаҳои он имконият медиҳад, ки «…вобастагии байни имтиёзҳои андозӣ ва воридшавии пардохтҳои ҳатмии маблағҳои андозӣ, яъне имконияти таъсири якчанд омилҳо (имтиёзу сабукиҳои андозӣ, такмили қонунгузории бахши мазкур, беҳтаршавии вазъи бозори молиявӣ ва ғайра) ба зиёдшавии маблағҳои андозӣ ба буҷети давлатӣ таъсири манфӣ мерасонад…» [4, 41].

Дар ин мавридм, таъсири имтиёзу сабукиҳои андозӣ ба вазъи молияви корхонаю ташкилотҳо ва рушди фаъолияти соҳибкорӣ ва вазъи зиндагии аҳолӣ дар минтақаҳои мамлакат мусоидат менамояд.

Сарчашмаи маълумотҳоро оид ба баҳои самараноки имтиёзҳои андозӣ-молиявӣ маълумотҳои оморӣ ва ҳисоботи кумитаи андоз ва зерсохторҳои он ташкил медиҳад. Ба андешаи Ашурова, М.Т. «…сатҳи муносиби воридоти маблағҳои андозӣ ба буҷети кишвар таъмин гардида, самаранокии таъсири чораҳои давлатӣ барои татбиқи амалии сиёсати андозӣ-молиявӣ ба роҳ монда шуда...» [2, 103], зимни дастрас набудани маълумотҳои ҳисоботи андозӣ ё дастрасии ғайриимкони онҳо, баҳои истифодаи самараноки имтиёзу сабукиҳои андозӣ хеле мушкил мебошад.

Ҳангоми баҳои самаранокии имтиёзу сабукиҳои андозӣ аз чунин нишондиҳандаҳои асосӣ, ба мисли:

- низоми андозӣ ва меъёру шаклҳои андозбандӣ дар минтақаҳои кишвар;

- заминаҳои андозбандӣ ва меъёрҳои андозии корхонаю ташкилотҳо ва субъектҳои соҳибкорӣ;

- ҳаҷми маблағҳои имтиёзу сабукиҳои андозӣ ба субъектҳои хоҷагидорӣ;

- маълумотҳо оид ба дасткашии андозсупорандагон аз пешниҳоди ҳисоботҳои имтиёзҳои андозӣ;

- арзиши фондҳои истеҳсолии корхонаю ташкилотҳо дар аввал ва охири соли ҳисоботи молиявӣ;

- фонди музди меҳнати кормандон дар аввал ва охири соли ҳисоботӣ;

- ҳаҷми маблағҳои қарзҳои андозии ба тахирмондаи буҷети сатҳои гуногун;

- ҳаҷми пардохтҳои маблағҳои андозӣ ба буҷети давлатӣ ва низоми маъмурикунонии андоз ва ғайра.

Таҳлили истифодаи самараноки имтиёзҳои андозӣ нишон медиҳад, ки имтиёзу сабукиҳои андозӣ асосан характери иҷтимоӣ дошта, ба чунин самтҳо ба мисли:

- дастгирии молиявии корхонаю ташкилотҳо ва фаъолияти соҳибкорӣ;

- паст намудани гаронии андозҳо ба субъектҳои хоҷагидорӣ ва соҳибкори истеҳсолӣ;

- беҳшавии вазъи иҷтимоии аҳолӣ ва рушди инфрасохтори бозорӣ ва ғайра равона карда мешавад.

Аз нигоҳи услубӣ имтиёзу сабукиҳои андозӣ ба субъектҳои хоҷагидорие пешниҳод мегардад, ки ба фаъолияти истеҳсолӣ, таъмини бозори дохилии кишвар бо молу маҳсулотҳои ватанӣ ва беҳшавии вазъи зиндагонии мардум пешниҳод карда мешаванд. Дар ин раванд, Еременко Е. А. чунин қайд менамояд, ки «…масъалаи мазкур аз нигоҳи принсипи адолатнокӣ ва истифодаи самаранокии шаклҳо ва пешниҳоди ҳаҷми имтиёзҳои андозӣ баҳогузорӣ ва натиҷагирӣ карда мешавад…» [6, 77], ки вобаста ба шаклу меъёрҳои андозбандӣ, бартарияти пешниҳоди имтиёзҳои андозӣ ба субъектҳои соҳибкори истеҳсолӣ пешниҳод гардида, ба истеҳсоли молу маҳсулотҳои ватанӣ ва сатҳу сифати некуаҳволии аҳолӣ таъсири калон расонида, бо пешниҳоди имтиёзу сабукиҳои андозӣ бо шарту шароитҳои муайян дода мешавад.

Дар шароити рақамикунонии иқтисодиёт танзими истифодаи самараноки имтиёзу сабукиҳои андозӣ механизми муҳими татбиқи амалии сиёсати андозӣ ба ҳисоб рафта, ҳар як шакли имтиёзу сабукиҳои андозӣ бояд ба мақсадҳои муайян ва ҳадафҳои асосии стратегияи миллии рушди кишвар, инкишофи соҳаҳои афзалиятноки иқтисоди миллӣ, рушди илмӣ-таҳқиқотӣ, дастгирии табақаи алоҳидаи аҳолӣ, хайрияҳо ва эҳсонкориҳои шахсони воқеъӣ ва ҳуқуқӣ ва ғайра пешниҳод карда мешавад. Ин ҷо, имтиёзҳои андозӣ-молиявӣ беҳудуд набуда, барои як давраи муайян бо шарту иҷрои баъзе уҳдадориҳо дода мешаванд. Дар ҳолати дигар, имтиёзҳои андозӣ ҳамчун манбаи иловагии молиякунонии субъектҳои хоҷагидорӣ ва фаъолияти соҳибкорӣ истифода бурда мешавад.

Таҷрибаи кишварҳои рушкардаи иқтисодӣ нишон медиҳад, онҳо аз чунин шаклҳо, ба мисли: озодкунӣ, батаъхирандозӣ, таҳрими мӯҳлати пардохтҳои қарзҳои андозӣ, таътилҳои андозӣ ва ғайраҳо ҷудо карда мешаванд. Ин шаклҳо, дар навбати худ, бояд аз нигоҳи истифодаи самаранокии ҳавасмандиҳои андозӣ баҳогузорӣ ва натиҷагирӣ гардида, он ба ду қисмат ҷудо карда мешавад:

- баҳои усули ҳавасмандиҳои андозӣ, яъне имтиёзу сабукиҳои андозӣ дар рушди фаъолияти соҳибкорӣ;

- таъмини самаранокии рушди фаъолияти соҳибкорӣ ва соҳаҳои афзалиятноки иқтисодиёти кишвар.

Ин ҷо, усулҳои идоракунии истифодаи имтиёзҳои андозӣ, бахусус низоми махсус ва соддакардашудаи андозӣ, батаъхиргузорӣ, таҳримҳо ва таътилҳои андозӣ ва амсоли инҳо барои соҳаҳои афзалиятноки иқтисодиёти кишвар, ба мисли, рушди соҳаи кишоварзӣ, аз ҷумла рушди парандапарварӣ, моҳипарварӣ ва рушди соҳибкории хурду миёна муҳим арзёбӣ мегардад.

Истифодаи технологияи пешқадами иттилоотӣ дар низоми андозбандӣ ва истифодаи самараноки имтиёзу сабукиҳои андозӣ дар ин раванд аз манифат холӣ нест. Ин ҷо, муҳим он аст, ки ҳангоми пешниҳод ва истифодаи имтиёзҳои андозӣ ва дигар ҳавасмандиҳои молиявӣ имкониятҳои сари вақт таъмин намудан ва назорат мақомотҳои давлатӣ таъмин карда шавад. Ба роҳ мондани муносибатҳои нави андозӣ ва аз байн бурдани нуқсону камбудиҳо ҳангоми истифодаи имтиёзу сабукиҳои андозӣ таъмин гардида, он ба сифати фишанги муҳими баҳои самаранокии низоми андозбандӣ хизмат менамояд.

Ин ҷо сиёсати андозӣ ба сифати механизми ташаккули фаъолияти хоҷагидорӣ ва рушди соҳибкорӣ баромад мекунад. Дар ин раванд, Шералиев Э.Н., Халифазода С., қайд менамояд, ки «...дар шароити иқтисоди бозорӣ, дилхоҳ давлат сиёсати андозии худро ҳамчун фишанги асоси барои танзими муносибатҳои бозорӣ истифода мебарад. Истифодаи имтиёзҳои андозӣ яке аз фишангҳои муҳимми идоракунӣ ва таъмини алоқамандии манфиатҳои умумидавлатӣ ва тиҷоратии соҳибкорон, новобаста аз шакли моликият ва хоҷагидорӣ мебошад...» [9, 34]. Кодекси андоз ҳамчун базаи инистутсионалӣ, тавассути санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқии низоми андозбандӣ, истифодаи самараноки имтиёзу сабукиҳои андозӣ, рушди субъектҳои соҳибкорӣ, истеҳсоли молу маҳсулотҳои

ватанӣ ва кору хизматрасониҳо, ташкили корхонаҳои хурду миёнаи истеҳсолӣ ва таъмини чойҳои нави корӣ мусоидат менамояд.

Ҳавасмандиҳои андозӣ, аз ҷумла имтиёзу сабукиҳои андозӣ бо таваҷҷуҳ ба рушди соҳибкорӣ, ташаккули захираҳои молиявӣ ва таҳкими имкониятҳои буҷети давлатӣ равона гардида, ба тақсим ва азнавтақсимкунии як қисмати даромадҳои миллӣ хизмат менамояд. Ба андешаи Лайченкова Н.Н., «...ҳавасмандиҳои андозӣ-молиявӣ ба сифати фишанги муҳим баромад намуда, тавассути низоми андозбандии субъектҳои соҳибкорӣ амалӣ гардида, барои таҳкими имкониятҳои буҷети давлатӣ ва дигар унсурҳои муносибатҳои ҷамъиятӣ (иқтисодӣ-истеҳсолӣ, сармоявӣ ва иҷтимоӣ) хизмат менамояд...» [5, 25]. Ин ҷо истифодаи технологияи пешқадами хизматрасониҳои андозӣ ба сифати механизми муҳими таъмини истифодаи самараноки имтиёзу сабукиҳои андозию гумрукӣ ва идоракунии низоми андозии кишвар истифода бурда мешаван. Чунин тарзи баҳои самаранокии истифодаи имтиёзҳои андозӣ имконият медиҳад, ки сатҳи иқтисоди пинҳонӣ коҳиш дода шуда, афзоиши ҳаҷми истеҳсоли молу махсулотҳо ва хизматрасониҳо тавассути истифодаи истифодаи самараноки имтиёзҳои андозӣ аз ҳисоби як қатор чораҳои давлатӣ амали гардида, ба рушди устувори молиявӣ мусоидат менамояд.

Баланд бардоштани истифодаи самараноки имтиёзу сабукиҳои андозӣ дар қаламрави кишвар тавассути сиёсати дурусти андозӣ роҳандозӣ карда мешавад. Татбиқи барномаҳои давлатии дастгирии рушди фаъолияти соҳибкорӣ ва рушди минтақаҳои мамлакат ва амчоли инҳо боиси баланд бардоштани сатҳи некуаҳволии мардум, саривақт пардохт намудани маблағҳои андозӣ ба буҷети давлатӣ ва раванди дурусти баҳисобгирии объектҳои андозбандӣ ва баандозбандӣ алоқаманд, самаранокии истифодаи ҳавасмандиҳои андозӣ-молиявӣ ва кам намудани хароҷотҳои мақомоти андоз дар раванди истифодаи онҳо мегардад.

Ҳамин тавр, имтиёзу сабукиҳои андозӣ ҳамчун механизми муҳими низоми андозбандӣ бояд дар заминае роҳандозӣ бояд карда шавад, ки он тайи солҳои тулонӣ барои суботи молиявӣ ва беҳдошьт вазъи иҷтимоии аҳолӣ хизмат намояд. Дар амали намудани ин мақсаду ҳадафҳо, ҳалли чораҳои зерин аз фоида холӣ нест:

- дар сатҳи давлатӣ механизми ҳавасмандиҳои андозӣ-молиявӣ, бахусус пешниҳоду истифодаи самараноки имтиёзу сабукиҳои андозӣ карда шавад;
- бо истифода аз технологияи муосир бо сарфаи ками хароҷотҳо назорати истифодаи самараноки имтиёзу сабукиҳои андозию гумрукӣ, имконияти ҷалби бештари сармояҳо, татбиқи амалии сиёсати андозӣ дар самти истифодаи самараноки онҳо тариқи электронӣ таъмин гардида, робитаи мустақими субъектҳои хоҷагидорӣ бо мақомоти андози кишвар мустаҳкам гардад;
- соддаю оммафаҳм будани низоми андозбандӣ ва истифодаи имтиёзи андозӣ, баҳои дурусти мониторниги раванди иистифодаи онҳо, танзим ва назорати истифодаи самараноки имтиёзҳои андозӣ аз ҷониби мақомтҳои дахлдори давлатӣ бояд дуруст ба роҳ монда шавад;
- пешниҳоди бартариятҳои бештари истифодаи имтиёзу сабукиҳои андозӣ ба соҳибкорони истеҳсолӣ ва соҳаҳои афзалиятноки иқтисодиёт мамлакат, ба мисли: низоми соддакардашудаи андозбандӣ ба соҳаи кишоварзӣ ва субъектҳои соҳибкории хурду миёна ва дар заминаи он таъсиси ҷойҳои нави корӣ;
- бо истифода аз технологияи пешқадами итилоотӣ ва рушди иқтисодиёти рақамӣ назорати истифодаи самараноки имтиёзу сабукиҳои андозӣ, баланд бардоштани маданияту фарҳанги андозсупории корхонаю ташкилотҳо ва субъектҳои соҳибкорӣ ва дар заминаи баланд бардоштани иқтидори андозӣ ва суботи молияви кишвар.

## Адабиёт


1. Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон. -Душанбе: Шарқи Озод. - 2022. - 670с.
2. Ашурова, М.Т. Масъалаи табиати иқтисодии андозҳо дар ҷумҳурии Тоҷикистон / М.Т. Ашурова // Паёми ДДТТ. -2022. -№1 (40). –С. 103-107.

3. Колесов, А. С. Об оценке эффективностифинансовой политики // Финансы. 2012. № 11. - С.34 - 42.
4. Кружкова, И. И. Учет и восстановление амортизационной премии // Налоговая политика и практика. - 2010. - № 3. - С. 40-45.
5. Лайченкова Н.Н. Стимулы в налоговом праве: дисс. … канд. юрид. наук. - Саратов, 2007. - 190 с.
6. Еременко Е.А. Специальные налоговые режимы и концепция справедливости налогообложения / Е.А. Еременко // Финансы.- 2015. - № 9. - С. 76-79.
7. Ҳусейнов, У. С., Миров, И. З. Такмили низоми андозбандӣ ва фаъолияти соҳибкорӣ ва нақши он дар ҷалби сармоягузориҳои хориҷӣ / У. С . Ҳусейнов, И. З. Миров // Идоракунии давлатӣ. – 2021. - №2 (51). – С. 102-109.
8. Черник, Д.Г. Пути реформирования налоговой системы / Д.Г. Черник //Экономика. Налоги. Право. - 2013. - № 1. - С. 54 - 64.
9. Шералиев Э.Н., Халифазода С. Мавқеъ ва аҳамияти имтиёзҳои андозӣ дар рушди иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон / Э.Н. Шералиев, С. Халифазода // Паёми молия ва иқтисод. -№1(17). - 2019. - С.36-43.
10. Osnovnye napravlenija nalogovoj politiki Rossijskoj Federacii na 2013 god i na planovyj period 2014 i 2015 godov: Postanovlenie Pravitelstva RF 30 maja 2013 goda [Main directions of tax policy of the Russian Federation for 2013 and the planning period of 2014 and 2015: Government Decree 30 May 2013] Available at: http://consultant.ru/ (accessed 09.09.2013).



**Маълумот дар бораи муаллифон:**
**Муқимов Қудбуддин Мирзоҷонович,** номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент, мудири кафедраи андоз ва суғуртаи Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон, Нишонӣ: 734067, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кучаи Нахимова 64/14. E-mail: qutbiddin-24@mail.ru, Тел.: (+992) 902644004.
**Асадуллозода Хуршед Асадулло,** унвонҷуйи кафедраи андоз ва суғуртаи Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон, Нишонӣ: 734067, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кучаи Нахимова 64/14, тел.: (+992) 985041313

**Информация об авторах:**
**Мукимов Кудбуддин Мирзоджонович,** кандидат экономических наук, доцент, заведующий кафедрой налога и страхования Таджикского государственного финансово-экономического университета, Адрес: 734067, Республика Таджикистан, г.Душанбе, улица Нахимова 64/14, E-mail:qutbiddin-24@mail.ru, Тел.: (+992) 902644004.
**Асадуллозода Хуршед Асадулло,** соискатель кафедры налога и страхования Таджикского государственного финансово-экономического университета, Адрес: 734067, Республика Таджикистан, г.Душанбе, улица Нахимова 64/14, тел.: (+992) 985041313

**Information about the authors:**
**Muqimov Qudbuddin Mirzodzhonovich,** Candidate of Economic Sciences, Associate Professor, Head of the Department of Taxes and Insurance, Tajik State University of Finance and Economics, Address: 734067, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Nakhimova Street 64/14, E-mail:qutbiddin-24@mail.ru, Tel.: (+992) 902644004.
**Asadullozoda Khurshed Asadullo**, applicant for the Department of Tax and Insurance, Tajik State University of Finance and Economics, Address: 734067, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Nakhimova Street 64/14, Tel.: (+992) 985041313

**УДК:336**

**ДОНИШ ВА САРМОЯГУЗОРӢ БА ОН ҲАМЧУН ОМИЛИ РУШДИ ИҚТИСОДИЁТ ДАР ШАРОИТИ МУОСИР**

**Ҳусейнзода А.Ф.**

*Дар ҷомеаи имрӯзаи иқтисодӣ иқтисоди дониш ҳамчун намудани олии иқтисодиёти гузашта маҳсуб ёфта пойдевори рушди иқтисодиёти имрӯза мебошад. Зеро таҷрибаи ҷаҳои собит намудааст, ки аксар кишварҳои аз лиҳоизи иқтисодӣ муваффақ қабл аз он дар иқтисодиёти дониш муваффақ гардидаанд ва сипас ба ин зинаи муваффақиятомез ноил гардидаанд. Аз ҳамин хотир муалли дар мақолаи мазкур ба масъалаҳои муҳимтарини иқтисоди дониш ва сармоягузори ба он аҳамияти ҷиддӣ дода ба як қатор натиҷаҳои назаррас ноил гардидааст. Илова бар ин дар мақолаи мазкур нуқтаи назари олимо ва коршиносони соҳаро дар самти иқтисоди дошниш ва дигар ниҳодҳои датбиққунандаи онро мавриди баррасӣ қарор додааст, ки ба натиҷаҳои назаррас ноил гардидааст.*

***Калидвожаҳо.*** *Самаранокӣ, иқтисодиёти дониш, заминаи сармоягузориҳо, иқтисодиёти инноватсионӣ, моликияти зеҳнӣ, арзиши умумии иловашуда, механизми таъсиррасон.*

***Барои иқтибос:*** *Ҳусейнзода А.Ф. Дониш ва сармоягузорӣ ба он ҳамчун омили рушди иқтисодиёт дар шароити муосир/ А.Ф. Ҳусейнзода // Паёми молия ва иқтисод. – 2024. – No. 4.2(43). – С. 533-543.*

**ЗНАНИЯ И ИНВЕСТИЦИИ В НИХ КАК ФАКТОР ЭКОНОМИЧЕСКОГО РАЗВИТИЯ В СОВРЕМЕННЫХ УСЛОВИЯХ**

**Хусейнзода А.Ф.**

*В современном экономическом обществе экономика знаний рассматривается как высшее усовершенствование экономики прошлого и является основой развития сегодняшней экономики. Потому что опыт доказал, что большинство экономически успешных стран до этого добились успеха в экономике знаний, а затем достигли этого уровня успеха. По этой причине автор в данной статье добился ряда значительных результатов, уделив серьезное внимание важнейшим вопросам экономики знаний и инвестируя в нее. Кроме того, в данной статье рассмотрена точка зрения ученых и специалистов в области экономики знаний и других институтов, ее реализующих, добившихся значительных результатов.*

***Ключевые слова.*** *Эффективность, экономика знаний, инвестиционная база, инновационная экономика, интеллектуальная собственность, совокупная добавленная стоимость, механизм воздействия.*

**KNOWLEDGE AND INVESTMENT IN IT AS A FACTOR OF ECONOMIC DEVELOPMENT IN MODERN CONDITIONS**

**Khuseynzoda A.F.**

*In modern economic society, the knowledge economy is considered as the highest improvement of the economy of the past and is the basis for the development of today's economy. Because experience has proven that most economically successful countries have previously achieved success in the knowledge economy, and then reached this level of success. For this reason, the author in this article has achieved a number of significant results, paying serious attention to the most important issues of the knowledge economy and investing in it. In addition, this article considers the point of view of scientists and specialists in the field of knowledge economy and other institutions implementing it, who have achieved significant results.*

***Keywords***. *Efficiency, knowledge economy, investment base, innovative economy, intellectual property, total added value, mechanism of influence.*

Дар сатҳи муносибатҳои ҷамъияти ва самаранок пеш бурдани фаъолияти тамоми соҳаҳои ичтимоию иқтисодӣ иқтисоди дошиш ва дигар тамоюлҳои ба он баробар омили асосии пешрафти онҳо маҳсуб меёбад. Қайд кардан зарур аст, ки тақвияти рушди иқтисоди дониш дар заминаи сармоягузориҳо ва дигар ташаббусҳои ҳукумати кишвар дар ин самт, ҳамчунин институтҳои омодасозии донишмандони ба ин масъала вобаста шарти зарурӣ мебошад. Дар давоми зиёда аз 30 соли соҳибистиқлолӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба масъалаи илм ҳамчун масъалаи меҳварии ҳукумати кишвар аҳамияти аввалиндара дода тшаккул ва рушди онро дар ҳама ҳолат ва шароит афзал мешуморанд. Бо ҳамин хотир барои рушди мутавонзини соҳаи илм ҳамчун механизми иқтисоди дониш дар Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 қайд карда шудааст, ки «**накшаи индустриалӣ-инноватсионӣ** барои фароҳам овардани заминаҳои рушди иқтисодёти инноватсионии кишвар, пеш аз ҳама дар заминаи ислоҳот, дар соҳаи маориф ва омодасозии мутахассиони муосирро дар соҳаҳои иқтисодиёт пешниҳод менамояд. Ин накша бо ташаккули муносибатҳои инноватсионии ҳалли масъалаҳои иқтисодӣ ва ичтимоӣ, таҳкими заминаи институтсионалии рушд, такмили низоми ҳуқуқӣ ва таҳкими ҳифзи ҳуқуқи моликият, аз ҷумла моликияти зеҳнӣ имконпазир аст, ки ба рушди ҳам сармоягузории хусусӣ ва ҳам сармоягузории мустақими хориҷӣ мусоидат мекунад»[5.21] Чуноне, ки дар боби қаблӣ қайд намуда будем, рушди иқтисодиёти инноватсионӣ аз рӯи сатҳи ташаккул ва рушди иқтисоди дониш муайян карда мешавад. Вобаста ба ин, мо шаклҳои ифодаи иқтисоди донишро дар бозори иқтисодии муосир, аз нуктаи назари рушди назарияи иқтисод таҳлил мекунем. Ин ҷанбаи омӯзиши иқтисоди дониш барои таҳқиқоти мо аҳамияти махсус калон дорад, зеро маҳз хусусияти устуворӣ ва дарозмуддатии рушди иқтисодиёт яке аз вазифаҳои ташаккули муносибатҳои намуди нави иқтисодиёт мебошад.

Назарияи экзогении[4] рушди иқтисодиёт, ки ҳукумфармоии он солҳои 1950-1970 дар афкори иқтисодёти ҷаҳон дар худ фаро гирифта буд, рушди муназзами иқтисодиётро ҳангоми таъсири омилҳои беруна: маблағгузорӣ аз сармояи давлатӣ; сафарбаркунии захираҳои истеҳсолӣ дар сатҳи дохилӣ ва муҳоҷирати зиёди қувваи корӣ ифода мекард. Дар назарияи муосири рушди эндогенӣ (дохилӣ), ки дар солҳои 80-ум он ҳамчун муҳаррики ҳамон давра ёфта буд, бештар ба омилҳои «дохилии» афзоиш ва рушд, ки муҳимтарини онҳо сармояи инсонӣ мебошад, яъне дониш ва маҳорате, ки барои қобилияти дар амал татбиқ намудани соҳиби онҳо таҷассум ёфтааст, таваҷҷӯҳи бештар дода мешавад. Чӣ гуна мо метавонем таъсири донишро ба рушди иқтисодӣ дар иқтисодиёти муосир тавсиф кунем?

Дар дигар маврид Олими рус, академик В.Л.Макаров иброз медорад, ки иқтисодиёти ба дониш асосёфтаро метавон тавасути воридот (входа) бо роҳи арзёбии хароҷоти умумӣ, (сармоягузории умумӣ) рушди бахши заминавӣ, ки дар он донишҳои нав коркард ва вусъат дода мешаванд, тавсиф кардан мумкин аст. Ин бахши заминавиро чунин баҳо додан мумкин аст:

а) дар муҳити ичтимоию иқтисодӣ ҳамчун соҳаи истеҳсолот тақвияти доимии донишҳо, танҳо барои кормандони баландихтисоси дорои (таҳсилоти олӣ, таҳқиқоти илмӣ ва таҷрибавӣ-конструкторӣ, таҳияи барномаҳо);

б) ё васеътар, вақте ки он ба таври иловагӣ соҳаҳои таҳсилотро дар ҳама сатҳҳои дигар дар бар мегирад, ба истисноИ маълумоти олӣ, яъне, рафти тайёр кардани талабагон дар мактабҳои ибтидоӣ ва миёна низ ба назар гирифта мешавад[8.19].

Дар марҳала ва ҷараёнҳои амалӣ иқтисоди донишро аз ҷониби баромад (выход) бо арзёбии саҳми арзиши умумии иловашуда ба ММД иловатан тавсиф кардан мумкин аст ва соҳаҳое ки дар он асосан донишҳои нав истифода бурда мешаванд, яъне соҳаҳои иктисодиёт, ки дар он талабот ба дониш зиёд аст. Дар таҷрибаи малӣ дар

сатҳи институсионалӣ якчанд сатҳу дараҷаҳои зиёдшавии иқтисодиёти донишро баррасӣ кардан мумкин аст:

а) аз соҳаҳои ба истилоҳ технологияи баланди дараҷаи олӣ («технологияҳои олӣ») ё технологияҳои пешрафтаи олӣ («пешбар»), аз ҷумла соҳаҳои истеҳсолии баландтехнологӣ (саноати дорусозӣ ва истеҳсоли доруворӣ, истеҳсоли техникаи компютерӣ ва таҷҳизоти идорӣ, истеҳсоли асбобҳои телевизионӣ ва радиошунавонӣ, ва ҷузъҳои электронӣ, асбобсозӣ, саноати ҳавой-кайҳонӣ);

б) бо технологияҳои муосири дараҷаи миёна ва ҳамзамон дар гуруҳҳои зерини саноатӣ ба монандӣ: саноати кимиёӣ бе дорусозӣ; тавли техника ва таҷҳизотҳои ёрирасони умумииқтисодӣ ва таъминоти соҳавӣ, аз он ҷумла молҳои рузғор, маҳслотҳои электротеникӣ, саноати нақлиётсозӣ дар сохт ва шаклҳои гуногун, бунёди роҳи оҳан ва тавлити техникаҳои сабуравӣ бо сузишворӣ ва бидуни он (мотосикл ва дучархаҳо);

в) дуюм дар самти хизматрасониҳо тавасути технологияҳои баландсифат ва баландарзиш: телекомуникатсия дар самти молия ва суғурта, хизматрасонӣ ба соҳибкорон, ба монанди хизматрасонӣ тавасуте техника ва технология, хизматрасонии компютерӣ, таҳқиқӣ маркетингӣ, хизматрасонии машваратӣ ва муҳандисию техникӣ, ба истиснои хизматрасонии ғайриманқул, инчунин соҳаи корҳои илмӣ-татқиқотӣ ва таҷрибавию - констукторӣ (КИТТК), ки он истеҳсолкунандаи арзиши иловашударо дарбар мегирад;

г) сеюм бо тафсири васеъи соҳаҳои алоҳидаи саноат, ки он ба дониш ва технологияи нав талаботи зиёд дорад, ки асоситаринашро соҳаи маориф ва тандурустӣ, бахши фарҳангт ва идоракунӣ (боназардошти соҳаҳои алоҳидаи хизматрасонӣ дар сатҳи иқтисодиёт) ва амсоли инҳо ба инобат гирифта мешаванд.

Мувофиқи вазифаи рушди иқтисоди дониш, инчунин барои омӯзиши равандҳо ва падидаҳои нав бояд низоми нишондиҳандаҳо (шаклҳои ошкоршавии иқтисоди дониш), ки ба самарнок гардонидани соҳаи хизматрасонӣ ва технологияҳои ҳозиразамон ҳамчун механизми таъсиррасон мусоидат намуда дар иқтисодиёти имрӯза ташаккули он шарти зарурӣ ва асосӣ мебошад.

Новобаста аз оне, ки дар сатҳи муносибатҳои илмӣ ба иқтисодиёти дониш таваҷҷӯҳ зиёд гарда ва ҳамзамон дар татбиқ ва рушди он корҳои зиёд ба анҷом расонида шудааст, мо метавонем ҳамчун унсури иловагӣ ба сифати индикатор ё нишондиҳанда СҲИР-ро дар ташаккул ва татбиқи ин масъалоа мисол орем[3]. Меърҳои рушдекӣ, ҳамчун сенария барои рушди ва татбиқи иқтисодиёти дониш дар ин ташкилот пешбинӣ гардидаанд имкон медиҳад, ки кишварҳои узви ин созмон дар ин масъала густариш ёфта ин тамоилро ҳамчун механизми рушдиҳанда истифода намоянд[9.8]. Аз рӯи талабот ба сифати нишондиҳандаҳое, ки ба он метавон такия намуд як қатор нишониҳандаҳоеро метавон муаян намуд, ки рушди бахшҳои иқтисодиётро дар сатҳи оллӣ дар доираи хизматрасониҳои муосири технологӣ ва монанди инҳо метавона таъмин намуд[10.19].

- **ҳаҷми сармоягузорӣ ба бахши дониш** маблағгузорӣ ба ин бахш (аз тарафи муассисаҳои тиҷоратӣ ва хусуӣ), ба монанди хароҷот барои анҷоми корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ, пешбурди корҳои таҷрибавӣ ва констуркторӣ, ҳамчунин сармоягузорӣ барои татбиқи таъминоти барномавӣ (ТБ) аз ҷумла хароҷот барои корҳои илмӣ-татқиқотӣ ва таҷрибавӣ-констукторӣ, гуфтан мумкин аст, ки дар айни замон хароҷот барои иҷрои таъмини барномавӣ дар кишварҳои аъзои СҲИР ба ҳисоби миёна 4,7% ММД-ро ташкил медиҳад), илова бар ҳамаи зинаҳои маориф, зиёда аз 10%-ро ташкил медиҳад, лекин дар солҳои 90-ум афзоиши солонаи маблаггузорӣ ба соҳаи маориф дар ҳаддӣ 3,4% -ро ташкил намуда ин нишондиҳанда дар таносуб нисбат ба фондҳои асосӣ 2,2% -ро ташкил дода он мутаносибан 1,5 маротиба зиёд гардида он аввали солҳои 2000-ум дар кишварҳои СҲИР ҳамасола ба ҳисоби миёна 2,2% -и ММД барои татбиқи КИТТК ҷудо мегарданд;

- **таҳия ва истеҳсоли таҷҳизоти иттилоотию коммуникатсионӣ (инфокоммуникатсионӣ)**, дар ташаккули маҳсулотҳои барномавӣ ва дараҷаи

сармоягузорӣ ба тавлиди маҳсулотҳои маълумотию комуникатсионӣ маҷмӯан аз он 15% -и сармоягузорӣ ба истеҳсолоти солҳои 1980 то 35% дар соли 2015 афзоиш ёфтааст. Илова бар ин иброз доштан зарур аст, ки сатҳи сармоягузорӣ барои таъмини барномавӣ ба андозаи 25-40%-ро аз ҳисоби маълумотҳои маълумотҳои телекамуникатсионӣ ҷиҳати афзоиши сармоягузорӣ истифода мегарданд;

**- афзоиши шумораи кормандоне, ки дар соҳаи илм ва технологияҳои ҳозирасамон ва дорои малакаҳои олӣ кор мекунанд.** Қайд кардан зарур аст, ки маҷмӯи кормандони кишварҳои узви СҲИР 25% қуваи кориро дар сатҳи ин созмон ташкил медиҳанд;

**- ҳаҷм ва ва ҳиссаи сохтори сармояи венчурӣ[1]**, ки то ҳол нақши худро ҳамчун манбаи асосии маблағгузории ширкатҳои нави баландтехнологӣ нигоҳ медорад (ҳиссаи он дар аввали солҳои 2020-ум 0,21% ММД дар ИМА ва 0,16% ММД ва 0,16% ММД дар Канада ва Нидерландҳо ташкил дод);

**- шарикии сармояи хусусӣ дар маблағгузории КИТТК** (саҳми он дар солҳои 2020 чунин зиёд шуд: дар давлатҳои ИА аз 52 то 55 фоиз; дар ИМА –аз 57 то 67 фоиз, гарчанде ки дар солҳои 1960-1970 он аз ҳиссаи маблағгузории давлатӣ тақрибан 1,5 маротиба паст ва пас аз соли 2001 боз коҳиш ёфтан гирифт);

**- сохтори харочот барои КИТТК** тибқи марҳалаҳои таҳқиқотҳои илмӣ (дар аксари кишварҳо харочот ҷиҳати пешбурди таҳқиқотҳои бунёдӣ нисбат ба солҳои 1980-ум аз рӯи ифодаи мутлақ ба таври нисбӣ зиёд гардида иловатан аз рӯи минтақаҳо дар мисоли мамлакатҳои Созмони ҳамкории иқтисодӣ ва рушд (СҲИР) ҳиссаи харочот барои КИТТК-и дар соҳаи ҳарбӣ кам гардидааст, ҳоло он ки ҳиссаи харочот барои КИТТК дар соҳаи тандурустӣ афзоиш ёфт он соли 2020 дар ИМА 0,2% ММД-ии онро ташкил дода ин харочот дар соҳаи биотехнология ва технологияҳои инфокоммуникатсионӣ низ шомил мебошанд);

**- чараёни донишҳои байнидавлатӣ,** ин ҷараён барои ҳамкориҳои байналмилалӣ дар соҳаи илм ва инноватсия, ки он тақрибан сеяки нашрияҳои илмӣ дар кишварҳои СҲИР байналмилалиро ташкил медиҳад;

**- таҳкими ҳамкорӣ байни ширкатҳо,** дар татбиқи амсилаҳои илмӣ ва омавӣ ҳамавақт нақши ташкилотҳо ё инстиутҳои илмӣ ва донишгоҳҳо назаррас мебошад;

**- мубодилаи байнидавлатии натиҷаҳои фаъолияти ихтироъкорӣ** (масалан, 14% патентҳое (ҳуҷҷате, ки ягон ҳуқуқ ё ваколатро тасдиқ мекунад), ки дар кишварҳои СҲИР гирифта шудаанд, резидентҳои (шаҳрванди як давлат дар мамлакати дигар)) хориҷӣ ва дар як вақт кишварҳои СҲИР тақрибан 15% патентҳои дар хориҷа гирифташударо ба даст овардаанд);

**- баланд бардоштани зудамалии олимон ва муҳандисон,** дар ин масъала мутахассисони соҳибтаҷриба ва донишманд барои даҳлил ба кишварҳои пешрафта махсусан таҳсил дар ИМА, Англия, Олмон ва дигар кишварҳо сафарбар мегшарданд. Дар ҳамин масъала гуфтан мумкин аст, ки дар кишвари Англия зиёда аз 10% донишҷӯёнро донишҷӯёни хориҷӣ ташкил менамоянд;

**- афзоиши ҳаҷми муомилоти молиявӣ,** аз ҷумла ҷараёни сармоягузории мустақими хориҷӣ ба сармояи инсонӣ ва умуман ба таҳсилот ҷиҳати баланд бардоштани иқтидорҳои илмӣ ва мутаххасисони сатҳ ва дараҷаи олӣ;

**- рушди босуръати технологияҳои комуникатсионӣ,** дар ин масъала ташкили махсуси интернети баландсуръат, истифодаи босамари компютерҳои насли нав, ки саҳми бахши инфокоммуникатсионро дар афзоиши ҷойҳои корӣ ва шуғли аҳоли муайян мекунанд (масалан, дар аввали солҳои 2020-ум дар Шветсия компютерҳои фардӣ 80% дар хонаводаҳо, дар Дания 85%, дар ҳамин кишварҳо беш аз 80 фоизи аҳолии калонсол аз Интернет истифода мебаранд, мутаносибан 68 ва 62%, арзиши истифодаи интернет дар онҷо 5 маротиба, аз ҳисоби миёна барои ҳамаи кишварҳои ТҲИР камтар аст);

**- афзоиши ҳиссаи соҳаҳои баландтехнологии саноати коркард ва хизматрасониҳои баландтехнологӣ** (саҳми арзиши умумии иловагии саноати

баландтехнологӣ ва сатҳи баланду миёна барои ММД, дар ибтидои солҳои 2020-ум, дар Ирландия баландтарин буда, зиёда аз 19%, дар Кореяи Ҷанубӣ 12,6%, дар Германия ва Япония мутаносибан 11,7 ва 10,7 фоизро ташкил дод);

- **хизматрасониҳои бозорӣ бо афзоиши талабот ба дониш** (тақрибан 18% ММД дар кишварҳои сҲИР ва дар якҷоягӣ бо хизматрасониҳои ғайрибозорӣ, барои маориф ва тандурустӣ тақрибан 29% -ро ташкил медиҳад);

- **афзоиши ҳиссаи маҳсулоти баландтехнологӣ ва мубодилаи мол** байни кишварҳо, тавозуни мусбати савдои маҳсулоти баландтехнологӣ барои кишварҳои пешрафта;

- **тезонидани натиҷаҳои патенти** коркардҳои ва ихтирооти нав дар соҳаи технологияи олӣ.

Аз мёрҳои нишондиҳандаҳои дар боло овардашуда маълум мешавад, ки гузариш ба иқтисодиёти ба дониш асосёфта (иқтисоди дониш), пеш аз ҳама, **бо афзоиши ҳаҷми умумии сармоягузорӣ дар вуруд д шудан ба бахши дониш** алоқаманд аст. Дар айни замон ҳаҷми умумии сармоягузориҳо (ҳаҷми маблаггузорӣ) дар ин соҳа ҳамчун маблағи хароҷот барои КИТТК, маориф ва таъминоти барномавӣ (ТБ) ба ҳисоб гирифта мешавад. Бо вуҷуди ин, бояд иброз дошта, ки ҳангоми ҷамъбасти бевоситаи ин се ҷузъи таркибӣ тавасути усулҳои ҳисобкунии дукарата, аз ҳад зиёд баҳо дода мешавад (хароҷоти ТБ ба хароҷоти КИТТК ва маориф дар ин марҳала дохил карда мешаванд, ки хароҷоти ҳамдигариро руйпуш менамоянд). Дар ин маврид чунин тахмин кардан мумкин аст, ки, як қисми хароҷоти таъминоти барномавиро ҳамчун сармоягузорӣ ҳисобидан мумкин нест, зеро ин масъала ба истеъмолот алоқаманд буда дар он (, харидории ТБ аз ҷониби хоҷагиҳо ва ширкатҳо) ва дар якҷоягӣ бо хароҷоти ТБ барои гузаронидани КИТТК, аз хароҷоти умумии маҳсулоти барномавӣ хориҷ карда мешавад (хароҷоти таъминоти барномавӣ дар соҳаи маориф аз сабаби душвории баҳодиҳии ҳиссаи онҳо ҷудо карда нашудааст).

Ба ин тартиб азнав таҳрир намудани маълумотҳо нишон медиҳанд, ки сармоягузорӣ барои рушди донишҳои илмӣ ба ҳисоби миёна барои ҳамаи кишварҳои СҲИР дар аввали солҳои 2020 тақрибан 4,7% ММД-ии ин кишварҳоро ташкил намуда (дар якҷоягӣ бо хароҷот барои ҳама намудҳои таҳсил, ғайр аз таҳсилоти олӣ, ки ин хароҷотҳо аз ҳаҷми умумии ММД 10% зиёдтаранд). Чунин нишондиҳанда дар ИМА, Шветсия, Кореяи Ҷанубӣ ва Финландия нишондиҳандаи баландтарин (5,2-6,5% ММД) ва дар Мексика, Юнон ва Португалия (камтар аз 2% ММД) пасттарин буд[3.19].

Новобаста аз оне, ки баҳодиҳии тамоюлҳои иқтисодиёти дониш вобаста ба нишондиҳандаҳои мавҷуда дар Тоҷикистон тахминӣ мебошад, тибқи маълумотҳои пешниҳодшуда аён аст, ки дар ҷумҳурӣ ҳиссаҷудокуниҳо ба ин соҳа дар таркиби ММД нисбат ба кишварҳои СҲИР, ба ҳисоби миёна тақрибан 3 маротиба камтар мебошад. Аз ин ҷо гуфтан мумкин аст, ки сатҳи маблағгузорӣ ва ҳисаҷудокуниҳо ба ин самт дар сатҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон нокифоя буда ба ин масъала таваҷҷуҳ зоҳир намудан муҳим ва зарурӣ мебошад. Новобаста аз нишондиҳандаҳое, ки то ҳол он моро қаноатманд карда наметавонад маблағгузорӣ ба соҳаи илм дар солҳои охир тамоили болоравиро касб касб намуда ба ин масъала аҳамияти ҷиддӣ дода мешавад. Ҳамчунин сатҳи дастгирӣ ба ин бахш то ҳол аз сатҳи миёнаи ҷаҳонӣ ба андозаи 2-3 маротиба пасттар мебошад. Албатта барномаҳои рушди донишҳои иқтисодӣ дар заминаи моликияти зеҳнӣ дар солҳои охир тамоили болоравиро касб намуда ба татбиқи он аҳамияти ҷиддӣ дода мешавад. Барои идомаи татбиқи ин масъала Стратегияи миллии рушди моликияти зеҳнии Ҷумҳурии Тоҷикистон (бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 июни соли 2014, № 371 тасдиқ шудааст) барои солҳои 2014-2020 қабул гардид, ки аз рӯи санарияҳои дар ин барнома овардашуда аҳамияти ҷиддӣ дода шуд. Дар доираи меъёрҳои стратегияи мазкур ба масъалаҳои эҷодӣ, ихтироъкорӣ, соҳибкорӣ ва дар арсаи байналмилалӣ ҳамчун шарики баробарҳуқуқ амал намуда, фароҳам овардани шароити иҷтимоию иқтисодӣ, фарҳангӣ, ташкилӣ ва ҳуқуқӣ барои ҳамгироии неруи зеҳнии миллӣ бо

иқтидорҳои минтақавӣ ва байналмилалӣ, муаррифӣ гардидани кишвар ва як қатор масъалаҳои дигари ба ин хос мусоидат намуданд.

Дар доираи татбиқи Стратегияи миллии рушди (СМР) Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030, ҷиҳати андешидани тадбирҳо оид ба рушди минбаъдаи низоми моликияти миллии зеҳнӣ дар соҳаи маориф, таълим, инчунин огоҳонидани ҷомеаи шаҳрвандӣ дар бораи нақши моликияти зеҳнӣ, ҳавасмандкунӣ ва ҳифзи дастовардҳои таҳқиқоти илмӣ ва ҳифзи ҳуқуқи моликияти зеҳнӣ, диққати махсус дода тибқи сенарияҳои он ҳукумат ба рушди илм ва моликияти зеҳнӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон амал менамояд. (Ҷадвали 1.)

**Ҷадвали 1. Нишондиҳандаҳои асосии мақсадноки СМР-2030, ки ба ғанӣ гардонидани моликияти зеҳнӣ мусоидат мекунанд**

| Нишондиҳандаҳо | 2015 | Пешгӯӣ | | |
|---|---|---|---|---|
| | | 2020 | 2025 | 2030 |
| Таъсиси ҷойҳои нави доимии истеҳсолӣ | 61 ҳазор | ҳарсола на кам аз 100 ҳазор | | |
| Саҳми шахсони дорои маълумоти касбӣ, дар байни аҳолии ба кор таъмин | 26 | на кам аз 30 | на кам аз 50 | на кам аз 60 |
| аз ҷумла дар байни занон | 20 | на кам аз 24 | на кам аз 40 | на кам аз 50 |
| Маблағи умумии хароҷот барои илм аз ММД, бо % | 0,15 | на кам аз 0,8 | на кам аз 1,2 | на кам аз 1,5 |
| Саҳми одамоне, ки аз шумораи умумии аҳолӣ дар КИТТК кор мекунанд, бо % | 0,15 | на кам аз 0,3 | на кам аз 0,5 | на кам аз 0,6-0,65 |
| Индекси рушди сармояи инсонӣ | 67,24 (65 ҷой) | на кам аз 60 ҷой | на кам аз 55 ҷой | на кам аз 50 ҷой |
| Индекси рушди инсонӣ (ИРН) | | 0,624 | 0,667 | Дар гурӯҳе, ки дараҷаи рушди баланди инсонӣ дорад |

**Манбаъ. Аз Стратегияи миллии рушди (СМР) Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030, с 72-74 сохта шудааст**

Дар шароити имрӯзаи хоҷагидорӣ ва мураккаб гардидани равандҳои ҷаҳонӣ ва бамаротиб афзоиш ёфтани техника ва технологияҳои муосир авҷгирии равандҳои моликияти зеҳнӣ ва зеҳни сунъӣ сармогузории ҷиддиро тақозо менамояд. Айни замон яке аз механизмҳои самаранок рифоҷ ёфтани ҷараёнҳои илмӣ, донишҳои зеҳнӣ, зеҳни сунъӣ ва монанди инҳо, ки пурра бо техника ва технологияҳои муосир омезиш ёфтаанд маблағгузории иловагиро тақозо менамояд. Аз таҳлили маълумотҳо бар меояд, ки тамоили болоравии маблағгузорӣ ба соҳаи илм аз рӯи ҳиссаҷудокуниҳои буҷетӣ тамоили болоравӣ дошта нишондиҳандаҳо назаррас мебошанд. Илова бар ин иброз доштан зарур аст, ки масъалаи рушди илм ва инноватсия солҳои охир дар маркази диққати роҳбари кишвар қарор гирифта ба он аҳамияти аввалиндараҷа дода мешавад. Ҳиссаи маблағгузорӣ ба соҳаи илм ва инноватсия дар 5 соли охир тамоили болоравиро касб намудааст, ки нишондиҳандаҳои онро дар диаграммаи 1 мушоҳида кардан мумкин аст.

**Диаграммаи 1. Динамикаи хароҷоти буҷети давлат ба соҳаи илм ва инновартсия дар солҳои 2015-2022**




**Сарчашма. Дар асоси маълумотҳои омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон 2023. Сах 67**

Қайд кардан зарур аст, ки дар шароити имрӯзаи хоҷагидорӣ яке аз механизмҳои асосии рушди илм ва инноватсия ин сармоягузорӣ ба ин самти муҳими тафаккури миллӣ мебошад. Дастгирии молиявии соҳаи илм ва инноватси ва дар амалия зиёд намудани сафи ихтирокорон ва кормандони дар ин самт амалкунанда яке аз бахшҳои муҳими ҷамъиятӣ мебошад. Бо ҳамин мақсад давлат соҳаи илм ва инноватсияро дар баробари дигар соҳаҳои муҳими иқтисодию иҷтимоӣ маблағгузорироа ба ин самт тақвият дода ҳаҷм ва ҳиссаи маблағгузориро ба ин самт афзоиш додааст.

Аз таҳлили маълумоти диаграммаи 1 гуфтан мумкин аст, ки ҳаҷми маблағгузорӣ аз ҳисоби буҷети давлат ба соҳаи илм ва инноавтсия агар дар соли 2015 52890,7 ҳазор сомниро ташкил намуда бошад ҳамин нишондиҳанда дар соли 2022 119586,7 ҳазор сомонӣ баробар гардидааст, ки дар муқоиса ба моли таҳлилшаванда ба андозаи 126,2% зиёд кардидааст, ки ин нишондиҳанда дар муддати 7 соли охир назаррас мебошад. Қайд кардан зарур аст, ки ҳиссаи маблағгузорӣ аз буҷети давлатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2022 0,3% ММД –ро ташкил медиҳад.

Илова бар ҳамаи ин иброз доштан зарур аст, ки дар даҳсолаи наздик марҳалаҳои технологӣ, иқтисодӣ ва сиёсӣ, маҷмӯан иқтисодиёти ҷаҳонро ба миён овард, ва ҳамин масъала то як андоза суръати рушди иқтисодиёти ҷаҳонро то нимаи асри XXI то як андоза суст намуд. Аз ин хотир зарурияте пеш меояд, ки дар сатҳи ҷаҳонӣ равандҳои бавуҷудомадаро дурусст дарк намуда механизмҳои дар оянда рушд додани онро дар сатҳи заруӣ муаян намоем. Дар ин масъала иброз доштан зарур аст, ки омили асосии чунин механизми рушд метавонад танҳо сармояи инсонӣ ва ҷузъҳои асосии низомсози онро боназардошти соҳаи маориф ва илм, ҳамчун муҳимтарин шарти баланд бардоштани амнияти миллӣ ва рақобатпазирии иқтисодиёти миллӣ бошанд» [5.21].

Дар воқеъ, айни замон дар ҷаҳони муосир техника ва технология бо суръати баланд дар ҳоли рушд қарор дошта тамоюлҳои он тамоми ҷаҳонр фаро гирифтаанд. босуръат рушд мекунад. Ташаккули технологияи баландсуръат (БТБ) маҷмӯи корхонаву муассисаҳои ба илм нигаронида мебошад, ки бо истифода аз технологияҳои навин истеҳсолот ба роҳ монда шуда тавасути он тиҷорати душвор содда гардонида шуда хариду фурӯш осон мегардад. Бояд иброз дошт, ки дар бозорҳои ҷаҳонӣ ин технологияҳои бо илм ҳамоҳанг рақобатпазиранд ва ҳиссаи баланди арзиши иловашударо дар бар мегиранд.

Ба маҳсулотҳои баландсифат технология ва коркардҳое, ки сатҳи баланди ихтироъӣ (илмӣ) доранд ва бо патентҳо (далелҳо) ё созишномаҳои махсус ҳифз шудаанд ва ба истеҳсолкунандагон имкон медиҳад, ки аз татбиқ ва фурӯши онҳо фоидаи иловагӣ ба даст овард аб технологияҳои боз ҳам пешрафта даст ёбанд.

Қайд кардан зарур аст, ки чунин фоидаи иловагӣ натиҷаи мавҷудияти натиҷаи зеҳнӣ ва технологӣ мебошад, ки роҳи ба вуҷуд омадани онро аз нуқтаи назари ҷараёнҳои назариявӣ ва равишҳои ба он алоқаманд дида баромадем. Қайд кардан зарур аст, ки дар давлатҳои ИА (Иттиҳоди Аврупо) 25 ширкатҳои дорои технологияҳои навтарин ҳоло тақрибан 137 ҳазор корхонаро дар бар мегирад.

Саҳми кормандоне, ки ба тиҷорати техногояҳои ҳозиразмаон машғулан дар ИА дар соҳаи саноат, 7% ва дар соҳаи хизматрасонӣ 3,5% -ро ташкил медиҳад. Дар он ҷо ҳосилнокии меҳнат назар ба дараҷаи миёнаи соҳаи саноат тақрибан 1,5 баробар зиёд аст. Пешсафони рушди истеҳсолот дар самти технологияи баландсифат дар Олмон (11% аҳолӣ ба кор таъмин) ва Словения (8,9% аҳолӣ бо кор таъмин) ва дар соҳаи хизматрасонии технологияҳои олӣ, Шветсия (4,9% аҳолӣ ба кор таъмин) ва Финландия (4,7% аҳолӣ ба кор таъмин) буда ба ҳисоб мераванд.

Вобаста ба технологияҳои баландсуръати бисёрфунксионалӣ (олӣ) дар аввали солҳои 2000 -ум тамоюли афзоиши кормандоне, ки дар соҳаи ин технологияҳои олӣ кор мекунанд бештар дар кишварҳои Иттиҳоди Аврупо мушоҳида гардидааст. Аз ин ҷо бар меояд, ки хароҷот барои ба вуҷуд овардани донишҳои нав дар масоисли такрористехсолкунии мавҷудаи илмие, ки тавасути эҳтиёҷоти ҷамъиятӣ ба вуҷуд оварда мешаванд. Дар сатҳи технологияҳои олӣ моддикунонии истеҳсолоти ҷамъиятӣ тамоюли зиёдшавиро касб намуда дар афзоиши мунтазами доништалабӣ ба истеҳсолоти ҷамъиятӣ ва афзоиши хароҷотҳои дигар ифода ёфта, барои такрористеҳсолкунии инкишофёфтаи субъектҳо торафт (мутаносибан зиёд кардани хароҷоти соҳаҳои маориф, тандурустӣ, истирохат ва идоракунӣ) зиёд мешаванд. Дар ин масъала як ибораро тавсиф намудан зарур аст, ки онро «доништалабӣ» ном мебаранд онро тавсир намудан зарурӣ мебошад, ки барои ин таҳлил нақши афзояндаи соҳаҳо ва технологияҳои доништалабро дар иқтисодиёт муҳим арзёбӣ менамояд.

Пеш аз ҳама, қайд кардан зарур аст, ки мафҳуми технология ин маҷмӯи усулҳо ва роҳҳое мебошад, ки дар ҳамаи марҳилаҳои истеҳсоли навъи муайяни маҳсулот таҳия ва истифода мешаванд. Дар навбати худ, доништалабӣ яке аз нишондиҳандаҳое мебошад, ки технологияро тавсиф намуда дараҷаи алоқамандии онро бо таҳқиқоти илмӣ ва (ТИК) инъикос менамояд. Бо вуҷуди ин, бояд қайд намуд, ки истилоҳоту мафҳумҳои ба доништалабии технологияҳо, соҳаҳо ва маҳсулот алоқаманд, то ҳол муқаррар карда нашудаанд, онҳо ба як қолаб (стандартизатсия) то ҳол ворид нагаардида усулҳои муайян кардани чунин нишондиҳандаҳо ҳам ба як қолаби муаяни комилан истифодашаванда дароварда нашудаанд.

Доништалаб (дар аксари мавридҳо) технологияе фаҳмида мешавад, ки ҳаҷми таҳқиқоти илмиро аз арзиши миёнаи ин нишондиҳанда ҷиҳати технологияҳо дар соҳаи муайяни иқтисодиёт, масалан: саноати махсулот тайёркунӣ ва саноати кӯҳӣ, кишоварзӣ ё соҳаи хизматрасонро дар бар мегирад.

Бахши иқтисодие, ки дар он технологияҳои доништалаб мавқеи бартар доранд, нақши асосиро мебозанд ва ба соҳаҳои доништалаб мансубанд. Доништалабии соҳа одатан, ҳамчун таносуби

хароҷоти таҳқиқоти илмӣ ба ҳаҷми фурӯш чен карда мешавад. Аксар вакт нишондиҳандаи дигар, таносуби шумораи олимон, муҳандисон ва техникҳо, ки дар саноат кор мекунанд, ба ҳаҷми фуруши маҳсулот истифода мешавад. Ниҳоят, маҳсулоти доништалаб маҳсулоте мебошанд, ки арзиш аслӣ ё арзиши иловагии онҳо ба ҳисоби миёнаи назар ба маҳсулоти ин соҳаи иқтисодиёт баландтар аст. Дар ҳамин замина гуфтан мумкин аст, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳиссаи ва ҳаҷми кормандони илмӣ дар самти корҳои илмии таҳқиқотӣ гуногун буда шумораи онҳо аз рӯи дараҷа чунин мебошанд. (нигар ҷадвали 2).

**Ҷадвали 2. Тағйирёбии шумораи кормандони дар соҳаи соҳаи илм ва технология амалкунанда дар солҳои 2015-2022 (бо нафар)**

| Номгӯ | Солҳо | | | | | | | Тағйирёбӣ нисбат ба 2015 (+\-) |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | 2015 | 2017 | 2018 | 2019 | 2020 | 2021 | 2022 | |
| Шумораи умумӣ | 3704 | 3720 | 3923 | 4505 | 4269 | 4446 | 4496 | 21% |
| Доктори илм | 328 | 293 | 325 | 362 | 337 | 322 | 320 | -2,5% |
| Номзадони илм | 748 | 731 | 816 | 839 | 849 | 866 | 913 | 22,0% |
| Ҳиссаи кормандони кнвондор дар шумораи умумӣ | 29,04% | 27,5% | 29,0% | 26,7% | 27,8% | 26,8% | 27,5% | -1,9% |

**Сарчашма. Ҳисоби муаллиф дар асоси маълумотҳои Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон 2023. Сах 67**

Вобаста ба донишҳои олӣ дар бунёди техника ва технологияҳои ҳозиразамон, ки он маҳаи асосии рушди иқтисодиёт мебошанд, ҳаминро иброз доштан зарур аст, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон новобаста аз оне, ки аз тарафи ҳукумати кишвар шуроҳои илмӣ ба таври афзонда ташкил карда шудаан, ҳамоно нишондиҳандаҳои рушд дар ин масъала назаррас нестанд. Зеро тиқи таҳлилҳои ҷадвали 2. шумораи умуми кормандони дар соҳаи илм ва техника фаъолияткунанда агар дар соли 2015 3704 ҳазор нафарро ташкил намда бошад, ҳамин микдор дар соли 2022 4496 ҳазор нафарро ташкил намудааст, ки дар муқоиса ба соли таҳлилшаванда 21% афзоиш ёфтааст. Аз он ҷумла аз маҷмӯи умумии кормандони дар соҳаи илм фаъолияткунанда дар соли 2015 29,04% ва дар соли 2022 27,5%-и онро кормандони дорои унвони илми дошта ташкил намуда тақрибан 70% дигар кормандони илмиро кормандони беунвониилмӣ ташкил медиҳад. Илова бар ин афзоиши кормандони дорои дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ ва доктори илм низ назаррас нест, ки он мутаносибан -2,5 ва 22%-ро ташкил медиҳад.

Чун қоида, доништалабии маҳсулот ҳамчун таносуби хароҷоти таҳқиқоти илмӣ ва коркарди сифатнокии маҳсулот ба ҳаҷми ҷамъи хароҷотҳои истеҳсолӣ ва фурӯши он фаҳмида мешавад. Дар навбати худ, доништалабии маҳсулот нишондиҳандаест, ки таносуби байни фаъолияти илмӣ - техникӣ ва истеҳсолиро дар шакли хароҷоти молиявӣ барои илм ҳамчун воҳиди маҳсулот инъикос меёбад [2]. Доништалабиро бо таносуби шумораи коргароне, ки ба фаъолияти илмӣ-таҳқиқотӣ машғуланд ҳамаи онҳое, ки дар истеҳсолот (дар корхона ё соҳа) фъолият доранд, ифода кардан мумкин аст. Дар таҷрибаи давлатҳои хориҷа чунин нишондиҳанда аз рӯи ҳиссаи хароҷоти КИТТК нисбат ба ҳаҷми фурӯши маҳсулот муайян карда мешавад. Дар баробари пешрафти илму техника бар вазни қиёсии, хароҷоти маҳсули меҳнати зеҳнӣ дар таносуб бо меҳнати ҷисмонӣ ҷои бештарро касб намуда дар муносибат доништалабии маҳсулот яке аз нишондиҳандаҳои асосии рақобатпазириро ба миён овардааст.

Дар айни замон ба гуруҳи маҳсулоти доништалаб он маҳсулоте дохил мешавад, ки дар истеҳсоли он вазни киёсии хароҷот дар соҳаи илм бо ҳаҷми умумии хароҷот ё фурӯши умумии он, камаш 3,5-4,5 фоизро

ташкил медиҳад. Бояд дар назар дошт, ки аввал таркиби хароҷоти барои КИТТК дар мамлакатҳои гуногун якхела нест; дуюм фоизи ҳадди ақали хароҷот дар кишварҳое, ки барои таснифи маҳсулот ба сифати доништалабӣ истифода мешавад, низ гуногун мебошанд. Аз ин рӯ, нишондиҳандаи баръакс низ муҳим буда натиҷаи **илм** ҳамчун таносуби ҳаҷми фурӯши маҳсулоти нави технологияи олӣ дар бозори доништалабӣ ба хароҷоти КИТТК -и соҳавӣ дар ҳар давр (одатан як сол) фаҳмида мешавад.

Мувофиқан, зери **меъёри самаранокии натиҷаҳои илм** афзоиши фурӯши маҳсулотҳои нисбатан нави (аз нуқтаи назари сифат фарққунанда ва аз насли қаблии маҳсулоти техникӣ бартаридошта) бошанд. Қайд кардан зарур аст, ки доништалабии сифатҳои баланди истеъмолиро дар бозор, нисбат ба афзоиши маҷмӯи маҳсулотҳои доништалабӣдар бозор, донистан мумкин аст, ки он маҳсулоти кӯҳнашудаи қаблан истеҳсолшуда, вале ҳанӯз дар бозор фурӯхта нашудааст дохил мешавад. Аз рӯи сифат беҳтарсозии бозори доништалаб дар он аст, ки он бояд асосан аз ҳисоби фурӯши молҳои дорои сифати баланди истеъмолӣ ва техникию технологӣ мувофиқ бошад. Ҳамчунин аз ҳисоби афзоиши ҳиссаи аҳолӣ ба маҳсулотҳои технологӣ, ки зиёд онро истеъмол мекунад, зиёд карда мешавад.

Ҳоло дар кишварҳои пешрафта доништалаба бо меъёрҳои гуногун баҳогузорӣ гардида дар он саҳми технологияҳои нав ё мукаммалгашта вобаста ба таҷҳизот ва маҳсулотҳои дигаре, ки ҳамчун натиҷаи дониш ё дар шаклҳои нав мебошанд, зиёда аз 40 то 85%-и ММД-ро ташкил медиҳанд. Гуфтан мумкин аст, ки ин кишварҳо беш аз 90%-и иқтидори илмии ҷаҳонӣ мутамарказ гардидаан, ва мутаносибан 80%-и бозори умумии технологияҳои баландро таҳти назорат дошта ҳаҷми молиявии онҳо имрӯз дар ҳаҷми 2,5 то 3 триллион доллар баҳо дода мешавад, ки ин аз бозори ашёи хом ва захираҳои энергетикӣ хеле зиёд аст. Пас вобаста ба ин гуфтан мумкин аст, ки дар 15 соли охир, тахминан ҳаҷми бозори маҳсулоти технологияи олӣ ба 4 триллион доллар хоҳад расид [6.112].

Ҳамин тавр, таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки имрӯз тамоюли зиёдшавии маблағгузорӣ барои таҳқиқотҳои илмӣ ва коркардҳои ба илм нигаронидашд ба таври чашмрас мушоҳида мегардад. Кишварҳои аз лиҳози иқтисодӣ ва фановарӣ пешрафта кӯшиш менамоянд, ки истеҳсоли маҳсулоти ба илм нигаронидашударо дар сатҳи 3% ММД таъмин намоянд. Дар соли 2020 бахши масъалаҳои ба илм нигаронидашуда ё ҳамчун натиҷаҳои илмӣ дар ММД-ии ИА ба ҳисоби миёна 1,85%, ва дар кишварҳои узви СҲИР -2,26%, ИМА -2,68%, Ҷопон -3,18% -ро ташкил дод. Аз маълумотҳои ҷадвали 3 ҳамчун таҷриба гуфтан мумкин аст, ки дар байни кишварҳои ИА аз рӯи доништалабӣ дар таркиби ММД ба монанди; Шветсия - 4,3%, Финландия -3,5%, Олмон2,5% дар Фаронса 2,2% ва дар Нидерландия1,9%-ро ташкил медиҳад, ки дар ин самт ҳамчун кишварҳои пешсаф маҳсуб меёбанд [2].

**Ҷадвали 3.** Саҳми таҳқиқот ва коркардҳои илмӣ дар таркиби ММД –ии як қатор кишварҳо ва минтақаҳои аъзои ТҲИР

| Кишварҳо ва минтақаҳо | Маблағгузорӣ барои таҳқиқот ва коркарди илмӣ, нисбат ба ММД, % | | | | | Саҳмияҳои хусусӣ барои таҳқиқот ва коркарди илмӣ, нисбат ба ММД, % | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | Солҳо | | | | | Солҳо | | | | |
| | 2000 | 2005 | 2010 | 2015 | 2020 | 2000 | 2005 | 2010 | 2015 | 2020 |
| ИА (25 кишвар | 1,72 | 1,8 | 1,83 | 1,83 | 1,85 | 1,06 | 1,15 | 1,17 | 1,17 | 1,02 |
| Ҷопон | 2,69 | 2,99 | 3,07 | 3,12 | 3,18 | 1,89 | 2,12 | 2,26 | 2,32 | 2,38 |
| ИМА | 2,51 | 2,72 | 2,74 | 2,67 | 2,68 | 1,8 | 2,04 | 2 | 1,87 | 1,71 |
| ТҲИР | 2,09 | 1,24 | 1,28 | 2,26 | 2,26 | 1,4 | 1,56 | 1,58 | 1,54 | 1,54 |

**Манбаъ: Наука России в цифрах: 2021. Стат.сб. М.: ЦИСН, 2021, С.112**

Дар навбати худ, фоидаи ба даст оварда аз мубодилаи маҳсулоти илмғунҷоишаш баланд назаррас мебошад. Ҳамин тавр, ҳаҷми ҳарсолаи содирот дар давлати ИМА тақрибан 700 млрд доллар., Олмон 530 млрд доллар ва дар Ҷопон 400 млрд долларро ташкил медиҳанд, ки ин нишондиҳандаҳо маҷмуан натиҷаи дониш ва дараҷаи касбияти кошиносон ва олимони донишманд дар давлатҳои болозикр мебошад.

Дар хулоса иброз доштан зарур аст, ки маълумотҳои омории овардашуда гувоҳи онанд, ки сармоягузорҳо ҷиҳати татбиқ ва рушди дониш ҳамасола дар ҳоли зиёдшавӣ қарор дошта ин бевосита ба як қатор натиҷаҳо таъсир мерасонад. Гуфтан мумкин аст, ки нақши асосиро дар ташаккул ва инкишофи иқтисодиёт, ки ба дониш нигаронида шудааст, хусусан доираи истеҳсоли илмғунҷоишаш баланд, доништалаб ва соҳаҳои инноватсионӣ мебозанд.

Рушди иқтисодиёти дониш дар шароити имрӯза амалкардҳои функсионалӣ ва институтсионалиро тақозо намуда барои рушди иқтисодиёт дар муҳити инноватсионӣ як қатор заминаҳои навро метавонад ба миён оварад. Вобаста ба таҷрибаи ҷаҳонӣ ва муваффақиятҳои илмӣ дар ҳар як давлати пешрафта дар сатҳи масъалаҳои илмӣ омилҳои меҳварӣ низ ҷой доранд, ки онҳоро мо дар параграфи мазкур мавриди таҳқиқ ва баррасӣ қарор додем ва чунин муан намудем, ки донишҳои бунёдӣ, доништалабӣ ва раванди сармоягузорӣ аз омилҳое мебошанд, ки пешрафти ягон ҷамъиятро бе он тасаввур кардан ғайри имкон мебошад. Бино бар ин рушди илм ҳамчун иқтисоди дониш бо омилҳои инноватсионӣ ва технологияҳои пурсамар алоқаманд буда он барои пешрафти ҷомеа муҳим арзёбӣ мегардад. Масъалаҳои илмӣ ва дар умум иқтисодиёти дониш мунтазам таҷдидшаванда буда, арзиши асосии иловагиро дар соҳаҳои гуногуни истеҳсолот ба вуҷуд меоварад.. Аз ин рӯ, яқин аст, ки имрӯз дониш ва сармоягузорӣ ба рушди иқтисодиёт ва рушди муносибатҳои бозории муосир таъсир расонида нақши асосиро дар ташаккули арзиши иловашуда ҳамзамон бо ташаккулёбии иқтисоди дониш тавасути технологияи баланд (олӣ) ва доништалабӣ метавонад мусоидат намояд.

**Адабиёт**


1. Ваучер (англисӣ vaucher - «забонхат, кафолат») шаҳодатномаи хаттӣ, расид, ҳуҷҷатест, ки гирифтани мол, тахфиф ба мол ё хизматрасониро тасдиқ мекунад.
2. Концепция первого инновационного форума государств - участников СНГ "Межгосударственное инновационное развитие и инновационное сотрудничество: состояние, проблемы и перспективы", http://www.inion.ru/news/podrob.plip722.txt
3. Макаров В.JI. Экономика знаний: уроки для России. Экономическая наука современной России. Экспресс- выпуск, 2003, №1(11) (а). С. 19.
4. Макаров В.Л. Экономика знаний: уроки для России. Экономическая наука современной России. Экспресс- выпуск, 2003, № 1(11). http://nauka.reIis.ru/02/0305/tabl.gifW
5. Национальная стратегия развития Республики Таджикистан на период до 2030 года, с 21.
6. Наука России в цифрах: 2021. Стат.сб. М.: ЦИСН, 2021, С.112.
7. Созмони ҳамкории иқтисодӣ ва рушд (СҲИР), (OECD -The organization for cooperation and development) –ташкилоти байналмилалӣ, ки ба таҳияи стандартҳо байналмилалӣ ва тавсияи онҳо барои такмили сиёсати давлатии иҷтимоӣ, иқтисодию эколог ва дарёфти роҳҳои ҳалли онҳо нигаронида шудааст.
8. Экзогенӣ -равандҳое, ки дар қишри Замин дар натиҷаи таъсири омилҳои беруна - об, ҳаво, ях, барфу борон ва ғ. ба вуҷуд меояд.
9. Science, Technology and Industry Scoreboard 2001. - Towards a knowledge-based economy. OECD, 2001; Knowledge Societies, Information Technology for Sustainable Development. The Third Report of the UN Working Group, 2002. C. 8.
10. Science, Technology and Industry Scoreboard 2001. - Towards a knowledge-based economy. OECD, 2001; Knowledge Societies, Information Technology for Sustainable Development. The Third Report of the UN Working Group, 2002. C. 19.


**Маълумот дар бораи муаллиф:**


**Ҳусейнзода Ардашер Фарҳодӣ** - Донишгоҳи давлатии Данғара, ассистенти кафедраи молия ва фаъолияти бонкӣ. Суроға: 735320, Ҷумҳурии Тоҷикистон, вилояти Хатлон, ноҳияи Данғара, кӯчаи Марказӣ, 25. Телефон: (+992) 93-100-73-65. E-mail: husenzoda1998@gmail.ru


**Сведения об авторе:**


**Хусейнзода Ардашер Фарходи** - Дангаринский государственный университет, ассистент кафедры финансов и банковского дела. Адрес: 735320, Республика Таджикистан, Хатлонская область, Дангаринский район, улица Маркази, 25. Телефон: (+992) 93-100-73-65. E-mail: husenzoda1998@gmail.ru

**Information about the author: Khuseynzoda Ardasher Farkhodi** - Dangara State University, assistant at the Department of Finance and Banking. Address: 735320, Republic of Tajikistan, Khatlon region, Dangara district, Markazi street, 25. Phone: (+992) 93-100-73-65. E-mail: husenzoda1998@gmail.ru

**УДК 339.72**

# ОМИЛҲОИ РУШДИ САРМОЯГУЗОРИҲОИ МУСТАҚИМИ ХОРИҶИИ ЧИН

**Обидов У.Ф.**

*Дар мақолаи мазкур сармоягузории мустақими хориҷии Чин мавриди таҳлил қарор гирифта, пеш аз ҳама омилҳои ба сармоягузории хориҷӣ таъсиррасон дида баромада шуданд. Дар ҷараёни таҳлил муайян гардид, ки кадом омилҳо ба сармоягузории хориҷии Чин таъсири бештар мерасонанд ва бо истифода аз таҷрибаи давлатҳои хориҷи Чин тавонист, ки ба яке аз марказ ҷалби сармоягузории хориҷӣ табдил ёбад.*

***Калидвожаҳо:*** *сармоягузории мустақим, иқтисодиёт, даромад, бозор, истеъмолкунандагон, иқтидор, самаранокӣ, рушди иқтисодӣ, хароҷот.*

***Барои иқтибос:*** *Обидов У.Ф. Омилҳои рушди сармоягузориҳои мустақими хориҷии чин/У.Ф. Обидов // Паёми молия ва иқтисод. – 2024. – No. 4.2(43). – С. 544-550.*

# ФАКТОРЫ РОСТА ПРЯМЫХ ИНОСТРАННЫХ ИНВЕСТИЦИЙ КИТАЯ

**Обидов У.Ф.**

*В данной статье анализируются прямые иностранные инвестиции Китая и в первую очередь рассматриваются факторы, влияющие на иностранные инвестиции. В процессе анализа выяснилось, какие факторы оказывают наибольшее влияние на иностранные инвестиции Китая, и, используя опыт зарубежных стран, Китаю удалось стать одним из центров привлечения иностранных инвестиций.*

***Ключевые слова:*** *прямые инвестиции, экономика, доход, рынок, потребители, потенциал, эффективность, экономический рост, затраты.*

# FACTORS OF GROWTH OF CHINA'S FOREIGN DIRECT INVESTMENT

**Obidov U.F.**

*This article analyzes China's foreign direct investment and primarily examines the factors influencing foreign investment. The analysis revealed which factors have the greatest impact on China's foreign investment, and using the experience of foreign countries, China has managed to become one of the centers for attracting foreign investment.*

***Keywords****: direct investment, economy, income, market, consumers, potential, efficiency, economic growth, costs.*

Одатан, якчанд гурӯҳи омилҳое мавҷуданд, ки ба қарорҳои сармоягузорӣ таъсир мерасонанд. Инҳо вазъи бозорҳо, таносуби хароҷоти истеҳсолот, маҳдудиятҳои тиҷоратӣ, фазои сармоягузории кишвари қабулкунанда ва сиёсати кишвари сармоягузорро дар бар мегиранд. Менеҷерони олӣ ҳамаи ин омилҳо ва инчунин хатарҳоеро, ки ҳангоми сармоягузорӣ берун аз кишвари аслии тавлид хосанд, таҳлил мекунанд.

Омилҳои бозор. Чин бозори нисбатан калони дохилӣ дорад. Дар баробари ин, сарфи назар аз афзоиши даромади миёна дар кишвар, талаботи пардохтпазирии аҳолии кишвар ба қадри кофӣ боқӣ мемонад.

Диаспораи хитоии бурунмарзӣ (хуацяо) калонтарин дар ҷаҳон ба шумор меравад; аз рӯи арзёбиҳои гуногун, шумораи он аз 30 то 57 миллион нафарро ташкил медиҳад ва дар 150 кишвари дунё паҳн шудааст.

Он истеъмолкунандагоне, ки тавони харидории "маҷмӯи ҷаноби"-и чиниҳои миёна, аз ҷумла маҷмӯи пурраи асбобҳои рӯзгор, баъзе дастгоҳҳои мобилӣ ва ҳатто мошинро доштанд, аллакай онро харидорӣ кардаанд ва танҳо ба такмили ихтисос машғуланд. Аммо ин танҳо ба сокинони шаҳрҳо, ки асосан дар қисмати шарқии кишвар зиндагӣ мекунанд, низ дахл дорад.

Иқтидори бозори дохилӣ ва талаботи самарабахши аҳолии он ҳанӯз он қадар суръат намебахшад, ки мақомот мехоҳанд. Ин таваҷҷуҳи ширкатҳои чиниро ба бозорҳои хориҷӣ афзоиш медиҳад, ки истеъмолкунандагон ҳама вақт барои харидани чизи нав омода мебошанд. Ин талаботро пеш аз ҳама бозорҳои кишварҳои аз ҷиҳати иқтисодӣ пешрафтаи ИМА, Канада, Аврупо ва Осиё қонеъ мекунанд. Бозорҳои тараққиёбандаи Америкаи Лотинӣ низ потенсиали афзоиш доранд, зеро дар он ҷо талаботи асосӣ ба мол ва хизмат ҳануз пурра қонеъ гардонда нашудааст.

Омилҳои хароҷот. Суръати баланди тараққиёти иқтисодиёти Чин бо афзоиши талабот ба ашёи хом ва масолеҳ, зиёд шудани арзиши аслии маҳсулот мушоҳида мешавад. Дастрасӣ ба захираҳо дар дохили кишвар маҳдуд аст, аз ин рӯ ширкатҳои чинӣ фаъолона дар ҷустуҷӯи каналҳо дар дигар минтақаҳои ҷаҳон ҳастанд. Ин ҳам ба захираҳои энергетикӣ, ҳам ба металлҳои сиёҳ ва ранга, ҳам ба чубу тахта, масолеҳи бинокорӣ ва дигар хелҳои ашёи хом ва маҳсулоти нимтайёр дахл дорад. Шарти зарурии баланд бардоштани рақобатпазирии ширкатҳои чинӣ дастрасӣ ба кадрҳои баландихтисос ва захираҳои инноватсионӣ аз кишварҳои пешрафта мебошад. Сохтори талабот ба захираҳои табиӣ, меҳнатӣ ва инноватсионӣ на ҳама вақт ба сохтори таъминоти дохилии онҳо мувофиқат мекунад.

Ҳавасмандии хеле муҳими фаъолсозии сармоягузориҳои мустақими хориҷӣ чун анъана имкони сармоягузорӣ дар соҳаҳо ва минтақаҳое буд, ки дар онҳо сатҳи нисбатан баланди самаранокии захираҳо ба даст оварда шудаанд (дараҷаи баланди ҳосилнокии меҳнат, ҳосилнокии сармоя, самаранокии моддӣ ва энергетикӣ). Сухан пеш аз хама дар бораи мамлакатҳои Ғарб меравад, ки дар тараққиёти илму техника муваффақиятҳои калон ба даст овардаанд. Дар даҳсолаҳои охир ин омил барои рақобатпазирии ҳар як ширкат аҳамияти ҳалкунанда пайдо кардааст.

Маҳдудиятҳои тиҷоратӣ. Хоҳиши табиии ширкатҳо барои бартараф кардани монеаҳои тарифӣ ва ғайритарифӣ ангезаи гузаштан ба стратегияи фаъолтари сармоягузорӣ мегардад. Пас аз ворид шудани Чин ба СУТ монеаҳои тарифии мутақобила ва қисман ғайритарифӣ дар тиҷорати хориҷӣ бартараф ё нарм карда шуданд.

Дар баробари ин, маҳдудиятҳои марбут ба афзалиятҳои истеъмолкунандагон боқӣ мемонанд. Нисбатан гӯем, як амрикоии миёна эҳтимол дорад, ки маҳсулотеро бо нишони Made in USA (дар Олмон, дар Ҷопон ва ғ.) харидорӣ кунад, назар ба Made in China. Ва чунин маҳдудиятҳо на танҳо равоншиносӣ, балки натиҷаи тағйироти воқеии иқтисоди ҷаҳонӣ аст, ки дар солҳои охир молҳои Чин бартарии нархҳои худро аз даст медиҳанд. Илова бар ин, сифати онҳо дар маҷмӯъ аз сифати маҳсулоте, ки дар кишварҳое, ки иқтисодҳои бозорӣ баркамол доранд, ҳанӯз ҳам пасттар аст, ки ин аз пурсишҳои вафодории истеъмолкунандагон дар ин кишварҳо шаҳодат медиҳад. Роҳи раҳоӣ аз вазъ торафт бештар баргардонидани иқтидорҳои истеҳсолӣ ба қаламрави ИМА, Иттиҳоди Аврупо ва дигар кишварҳои ғарбӣ (барқароркунӣ) мегардад.

Муҳити сармоягузорӣ. Бо назардошти ҳама чизҳои дигар, фазои сармоягузорӣ барои сармоягузорони хориҷӣ дар кишварҳое, ки иқтисоди бозорӣ баркамол доранд, мусоидтар аст. Ин ба бисёр ҳолатҳо вобаста аст, аз ҷумла: сатҳи баланди рушди иқтисодӣ, суботи сиёсӣ ва иҷтимоӣ, муҳити умуман мусоиди тиҷорат, инфрасохтори пешрафтаи истеҳсолӣ ва ғайра.

Ба гуфтаи A.T. Kearney Index Confidence FDI, дар соли 2016 пешсафони ҷолибияти сармоягузорӣ ИМА, Чин, Канада, Олмон ва Британияи Кабир буданд [8]. Ба феҳристи 15 кишвари ҷолибтарин барои сармоягузории мустақими хориҷӣ ҳамагӣ се кишвари рӯ ба тараққӣ - Чин, Ҳиндустон ва Бразилия шомиланд.

Сиёсати давлатӣ. Дар Чин дар доираи стратегияи «ба берун рафтан» қоидаҳои сармоягузорӣ ба хориҷа ба таври назаррас содда карда шуданд [9]. Агар қаблан бозгашти муҳоҷирон ба ватани таърихии худ ташвиқ мешуд, ҳоло бар ин назар аст, ки муваффақияти стратегияи ҷаҳонии ҳамлаи иқтисодии хориҷии Чин, ки дар баҳори соли 2000 аз ҷониби Ҷян Цземин эълон шуда буд, то андозае ба густариши муҳоҷирати чинӣ вобаста хоҳад буд. Дар солҳои охир

ҳукумати Чин шаҳрвандонро ба сафар ба хориҷа ташвиқ мекунад, аз ҷумла тавассути осон кардани тартиби додани шиносномаҳои хориҷӣ ба онҳо. Дар доираи барномаҳои махсуси давлатӣ донишҷӯёни болаёқат ба беҳтарин донишгоҳҳо/институтҳои ҷаҳон фиристода мешаванд. Дар баробари ин, мақомот ба ватан баргаштани шахсонеро, ки сатҳи таҳсилот ва тахассуси худро дар хориҷа баланд бардоштаанд, ҳавасманд мекунанд [10].

Илова бар ин, як шабакаи томи созмонҳои давлатӣ, ғайридавлатӣ ва ҷамъиятӣ бо хуацяо (хитоиҳои этникӣ, ки берун аз Чин зиндагӣ мекунанд ва аксарияти онҳо шаҳрвандии кишвари қабулкунанда доранд) кор мекунанд. Онҳо барои таҳкими робитаҳои Чин бо диаспораҳои хориҷӣ, ҷалби сармояи Ҳуацао ва мутахассисони баландсифат аз миёни онҳо ба кишвар пешбинӣ шудаанд [11].

Бозингарони асосии Чин дар соҳаи сармоягузории ҷаҳонӣ ба ширкатҳои фаромилӣ (ШФМ) табдил ёфтаанд, ки мавқеъашон сол то сол мустаҳкам мешавад. Дар рейтинги UNCTAD аз 100 калонтарин ШФМ (аз рӯи арзиши дороиҳои хориҷӣ) ғайримолиявӣ аз кишварҳои рӯ ба тараққӣ ва кишварҳои дар ҳоли гузариш дар соли 2021, 16 ШФМ аз Чин муаррифӣ шудаанд. Теъдоди умумии ШФМ аз “Чини бузург”, аз ҷумла Гонконг (17 ширкат) ва Тайван (8 ширкат) ба 41 адад расид, ки тақрибан нисфи тамоми рӯйхатро ташкил медиҳад. Кадом ШФМ-ҳои Чин дар байни пешвоён ҳастанд?

Маълумоти ҷадвали 3 на танҳо афзоиши миқдори ШФМ-и Чинро дар рейтинг инъикос мекунад, балки дар байни онҳо ширкатҳои истеҳсолӣ, аз ҷумла соҳаҳои технологӣ бартарӣ доранд. Дар баробари ин, шохиси фаромиллии онҳо (IT) гуногун аст. China Mobile айни замон асосан ба бозори дохилӣ хизмат мерасонад ва ба сармоягузорӣ дар хориҷа камтар тамаркуз мекунад (IT - 3%). Дар бораи PetroChina, ки дар худи Чин ба истихроҷ ва коркарди нафт тамаркуз мекунад (IT - 2,7%) ҳаминро метавон гуфт. Баръакси ин, CNOOC муддати тӯлонӣ дар бисёре аз кишварҳои ҷаҳон, аз ҷумла дар ИДМ фаъолият мекунад, ки ин дар сатҳи IT инъикос ёфтааст - он нисбат ба ду ширкати қаблан номбаршуда тақрибан 10 маротиба баландтар аст. Lenovo махсусан дар бозорҳои хориҷӣ фаъол аст. Зиёда аз 50% дороиҳо, фурӯш ва шумораи коргарони он аз шӯъбаҳои хориҷӣ мебошанд. Ба тавсеаи байналмилалии Lenovo дар соли 2004 хариди шӯъбаи компютерҳои фардии IBM кумаки калон расонд [12].

Хусусияти хоси як ширкати сермиллати муосири Чин чӣ гуна аст? Биёед мисоли Haier ва Huawei-ро гирем - ширкатҳои маъруфи дорои афзалиятҳои назарраси рақобатӣ мебошанд.

**Ҷадвали 1. ШФМ-и Чин дар рейтинги UNCTAD аз 100 калонтарин ШФМ-и ғайримолиявии кишварҳои рӯ ба инкишоф ва кишварҳои дар давраи гузариш, 2021.**

| Мавқеи рейтинге | ТНК | Соҳа | Арзиши активҳои хориҷӣ, млрд долл. | Арзиши активҳои умумӣ, млрд долл. | ИТ[1] |
|---|---|---|---|---|---|
| 3 | *China National Offshore Oil Corp (CNOOC)* | Нефтӣ | 71.1 | 182.3 | 25 |
| 7 | *China Ocean Shipping Group Company* | Нақлиётӣ | 44.8 | 57.9 | 50 |
| 14 | *Legend Holdings Corp* | Компютерӣ | 27.0 | 47.6 | 45 |
| 22 | *China National Petroleum Corp.* | Нефт | 22.8 | 641.3 | 3 |
| 23 | *China State Construction Engineering Corp* | Сохтмон | 22.4 | 149.7 | 12 |
| 24 | *Sinopec* | Химия | 21.9 | 362.9 | 13 |

| | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| 27 | *China Minmetals Corp* | Металлургия | 19.2 | 59.0 | 21 |
| 29 | *Sinochem* | Химия | 18.7 | 57.9 | 40 |
| 35 | *Lenovo* | Компьютер | 16.8 | 27.1 | 51 |
| 57 | *China Mobile* | Телекоммуникасия | 10.6 | 211.1 | 3 |

***IT нишондиҳандаи фаромиллӣ мебошад, ки ҳамчун миёнаи арифметикии ҳиссаи дороиҳои хориҷӣ дар ҳаҷми умумии дороиҳо, ҳиссаи фурӯши хориҷӣ дар арзиши умумии фурӯш ва ҳиссаи кормандони хориҷӣ дар шумораи умумии кормандон ҳисоб карда мешавад. аз ТНК додашуда. Аз [1] тартиб дода шудааст.***

Ширкати Haier аз қитъаи Чин, ки соли 1984 таъсис ёфтааст, фаъолияти худро аз ташкили корхонаи муштарак бо ширкати машҳури олмонии Liebherr оғоз кардааст. Вай дар давоми солҳои охир ба ширкати калони тарсмиллӣ табдил ёфт, ки дар 96 хатти намунавӣ 15 ҳазор дона маҳсулот мебарорад. Ба инҳо телевизорҳои LCD, плеерҳои DFD, панелҳои плазма, ноутбукҳо ва телефонҳои мобилӣ, мошинҳои ҷомашӯӣ ва зарфшӯйӣ, кондитсионерҳо, яхдонҳои модификасияи гуногун, аз ҷумла сардкунакҳо, микрояхдонҳо ва дигар асбобҳои рӯзгор дохил мешаванд. Ширкат маҳсулоти худро дар 160 кишвари ҷаҳон мефурӯшад, 42 шӯъбаи фурӯш дар Чин ва 19 шӯъбаи дигар дар кишварҳои дигар дорад. Шумораи умумии идораҳои савдои он 58,8 ҳазор, аз ҷумла 13 ҳазор дар Чин қарор доранд. Дар саросари ҷаҳон тақрибан 80 ҳазор нафар дар Haier кор мекунанд [13].

На ин ки вусъати экспансияи савдои Хайер, балки инкишофи истеҳсолоти байналхалқии он аҳамияти махсус дорад. Вай аввалин корхонаи хориҷии худро дар соли 1996 дар Индонезия, сипас соли 1997 дар Малайзия боз кард. Баъди се сол (соли 2000) дар Каролинаи Ҷанубӣ (ИМА) корхонаи истеҳсоли электроникаи маишӣ ба кор даромад. Имрӯз Haier дар кишварҳои гуногуни ҷаҳон, аз ҷумла 11 кишвари Осиё, инчунин дар Африқо, ИМА, Аврупо, Шарқи Наздик ва Миёна тақрибан 30 филиалҳои истеҳсолӣ дорад.

Илова бар ин, ширкат дар ташкили паркҳои саноатӣ фаъолона иштирок мекунад, 12 чунин парк дар Чин ва 4 боз дар дигар кишварҳо, аз ҷумла ИМА дорад. Haier бештар аз 14 ҳазор патентро доро мебошад. Дар истеҳсолот ҷорӣ намудани технологияи ҳозиразамон имконият медиҳад, ки таҷҳизоти насли наве, ки ба стандартҳои олии ҷаҳонӣ ҷавоб медиҳад, ба вуҷуд оварад. Дар соли 2016, ширкат ба рушди ҳамкориҳои дарозмуддат бо General Electric тавассути ба даст овардани шӯъбаи GE Appliances оғоз кард [13].

Huawei аллакай яке аз пешвоёни бозори ҷаҳонии технологияҳои иттилоотӣ ва телекоммуникатсионӣ маҳсуб мешавад. Маҳсулот ва хидматҳои ширкат дар 170 кишвари ҷаҳон фурӯхта мешаванд. Huawei тақрибан 170 ҳазор нафарро бо кор таъмин мекунад, ки аз онҳо 70 ҳазор нафар, яъне 45% дар соҳаи R&D (КИТТК) кор мекунанд. Корпоратсия дорои 14 идораи минтақавӣ, 16 марказ мебошад

R&D, 28 инноватсия ва 45 маркази таълимӣ дар кишварҳои гуногуни ҷаҳон, аз ҷумла Олмон, Шветсия, ИМА, Фаронса, Италия, Русия, Ҳиндустон ва Чин дорад. Филиалҳои хориҷии Huawei (зиёда аз 70) қариб дар тамоми қитъаҳо ҷойгиранд [10]. Дар сегменти истеҳсоли смартфонҳо ва планшетҳо, он аллакай ба пешвоёни эътирофшуда - Apple-и амрикоӣ ва Samsung Кореяи Ҷанубӣ таҳдиди ҷиддӣ дорад.

Тибқи маълумоте, ки Созмони ҷаҳонии моликияти зеҳнӣ (WIPO) дар соли 2016 нашр кардааст, Huawei ду сол паиҳам дар феҳристи ширкатҳое, ки барои гирифтани патентҳои байналмилалӣ дархост пешниҳод кардаанд, пешсаф аст. Ба наздикӣ он ҳамасола тақрибан 4 ҳазор дархости патентиро пешниҳод мекунад, ки аз Qualcomm, Samsung, Sony ва HP пештар аст.

Тааҷҷубовар нест, ки Чин дар рӯйхати пешвоёни ин соҳа сеюм (пас аз ИМА ва Ҷопон) гардид [10].

Huawei фаъолона технологияҳои 5G эҷод мекунад ва озмоишҳои лабораторӣ ва амалии доираи васеи онҳоро мегузаронад. Ширкат аллакай дар ҳамкорӣ бо 20 оператори пешрафтаи ҷаҳонӣ дар Осиё, Аврупо ва Америкаи Шимолӣ як қатор барномаҳои муштараки инноватсиониро роҳандозӣ кардааст ва густариши ҷуғрофиёи лоиҳаҳои шарики байналмилалии худро идома медиҳад.

Дар солҳои охир, ширкатҳои чинӣ сармоягузории худро дар дохили кишвар коҳиш доданд, аммо харидории фирмаҳоро дар дигар кишварҳо ду баробар зиёд карданд [12]. Ҳамин тариқ, дар соли 2021 ба иқтисоди Америко 15,7 миллиард доллар сармоягузорӣ шудааст (30% бештар аз соли 2021). Ҳамзамон, 103 созишномаи ҳамроҳшавӣ ва хариди фаромарзӣ (M&A) ба маблағи 14 миллиард доллар баста шуданд, боқимондаи лоиҳаҳо сармоягузориҳои сабз буданд. Дар соли 2016 афзоиши сармоягузориҳои Чин дар Иёлоти Муттаҳида, ҳаҷми онҳо идома ёфтдоллари ИМА-ро ташкил дода, аз сатҳи соли 2021 3 маротиба зиёдтар аст. Муомилоти M&A (омехташавӣ ва фурубарӣ) ба маблағи зиёда аз 20 миллиард доллар эълон карда шуданд ва лоиҳаҳои бузурги сармоягузории сабз дар Арканзас, Невада ва Калифорния эълон карда шуданд. Дар натиҷа, Иёлоти Муттаҳида бузургтарин қабулкунандаи мустақими сармоягузориҳои мустақим аз Чин гардид [7].

Сохтори сектор< сармоягузориҳои мустақими хориҷӣ дар Иёлоти Муттаҳида диверсификатсия мешавад. Ширкатҳои чинӣ аз сармоягузорӣ дар умда ба бахши энержӣ бештар ба сармоягузорӣ ба бахши хидматрасонӣ, саноеъи технологӣ ва тавлиди молҳои истеъмолӣ ҳаракат мекунанд. Дар соли 2021, хадамот 64% ё тақрибан 2/3 ҳаҷми умумии сармоягузориҳои мустақими Чинро дар ИМА ташкил дод [8].

Ҳайати сармоягузорони чинӣ ба таври назаррас тағйир меёбад. Ҳиссаи сармоягузорони хусусӣ дар сармоягузориҳои мустақими хориҷӣ дар ИМА имрӯз ба 84% мерасад, ҳол он ки панҷ сол пеш ҳамагӣ 19% буд. Солҳои 2000-2021 Ширкатҳои давлатӣ дар Чин 318 созишнома ба маблағи 20,7 миллиард доллар ва ширкатҳои хусусӣ 882 созишнома ба маблағи 42,5 миллиард доллар бастаанд [9].

Солҳои 2000-2021 шумораи умумии лоиҳаҳои M&A ва Greenfield дар Иёлоти Муттаҳида ба 1,2 ҳазор расид. Арзиши умумии онҳо ба 63,3 миллиард доллар, аз ҷумла 56,3 миллиард сармоягузорӣ ба M&A (дар маҷмӯъ 460 транзаксия) ва 6,9 миллиард (740 муомилот) ба лоиҳаҳои гринфилд расид. Ҳамин тариқ, шакли асосии сармоягузории мустақими Чин дар Иёлоти Муттаҳида якҷояшавӣ ва хариди фаромарзӣ буд. Ҳиссаи онҳо дар соли 2021 ба 89% расид (аз рӯи [6 ҳисоб карда шудааст) ва дар соли 2016 аллакай 96% буд [11].

Таҳлили муқоисавии тақсимоти мустақими сармоягузории Чин дар иёлоти ИМА нишон медиҳад, ки бештари муомилот (350) дар Калифорния ва камтар аз ҳама (26) дар Вирҷиния анҷом дода шудаанд (Ҷадвали 4). Бо вуҷуди ин, аз рӯи арзиши умумии муомилот (сармоягузории M&A ва сармоягузориҳои сабз) иёлатҳои Ню-Йорк (9,5 миллиард доллар), Калифорния (9 миллиард) ва Вирҷиния (8,9 миллиард) дар ҷои аввал мебошанд.

**Ҷадвали 2. Сохтори сармоягузориҳои мустақими Чин дар Иёлоти Муттаҳида аз рӯи иёлот, 2000–2021 (аз рӯи арзиши умумии транзаксия гурӯҳбандӣ шудааст)**

| | Штат | Миқдори амалиёт | Арзиши умумии амалиёт, млрд долл. |
|---|---|---|---|
| | Нью-Йорк | 95 | 9.5 |
| | Калифорния | 350 | 9.0 |
| | Вирджиния | 26 | 9.O |
| | Техас | 103 | 7.0 |

| | | | |
|---|---|---|---|
| | Каролинаи Шимолӣ | 57 | 4.7 |
| | Мичиган | 77 | 3.0 |

**Ҷадвали 3. Сохтори саноатии сармоягузориҳои мустақими Чин дар ИМА, 2000-2021 (аз рӯи арзиши умумии транзаксия гурӯҳбандӣ шудааст)**

| Соҳа | Миқдори амалиёт | Арзиши умумии амалиёт, млрд долл. |
|---|---|---|
| Энергетика | 124 | 13.8 |
| Саноати амволи ғайриманқул ва меҳмонхона | 129 | 11.8 |
| ITT | 184 | 10.8 |
| Хоҷагии қишлоқ ва озуқаворӣ | 21 | 7.4 |
| саноат | | |
| Хизматрасонии молиявӣ ва тиҷоратӣ | 69 | 4.1 |
| Бахши фароғат | 38 | 4.1 |
| Саноати автомобили | 122 | 3.0 |
| Тандурустӣ ва биотехнология | 91 | 2.9 |
| металлургия | 33 | 1.3 |
| Молҳои истеъмолӣ ва хизматрасонӣ | 107 | 1.0 |

Сарчашма: [11]

Таваҷҷуҳи бештари сармоягузорони чинӣ ба бахши энергетика (22% аз ҳаҷми умумии сармоягузориҳои мустақими хориҷӣ барои солҳои 2000-2021), инчунин амволи ғайриманқул (19%) ва бахши технологияҳои иттилоотӣ ва телекоммуникатсионӣ, ITT (17%) буд (Ҷадвали 5)). Онҳо тақрибан 60% тамоми сармоягузориҳои мустақими Чинро дар иқтисоди Амрико ташкил медоданд.

Таваҷҷуҳи афзояндаи тоҷирони чинӣ ба сармоягузорӣ ба ITT аз иқтидори Иёлоти Муттаҳида муайян карда мешавад. Аммо дар ин ҷо омили боздоранда метавонад амалҳои ниҳодҳои давлатии ИМА бошад, ки аллакай баъзе муомилотро дар бахши ITT аз тарси ифшои технологияҳои "дучанд истифода" ва афзоиши ҷосусии саноатӣ аз ҷониби Чин манъ кардаанд.

Дастрасӣ ба технологияҳои навтарин дар кишварҳои пешрафта, бахусус дар Иёлоти Муттаҳида, аз ҷониби менеҷерони ширкатҳои чинӣ яке аз омилҳои асосии ба даст овардани бартариятҳои рақобатӣ арзёбӣ мешавад. Тасодуфан нест, ки бузургҷуссаҳои интернетии Чин Baidu, Alibaba ва Tencent (аксар вақт бо номи BAT) тавсеаи худро дар Иёлоти Муттаҳида тавассути хариди стартапҳо васеъ мекунанд. Самти афзалиятноки сармоягузориҳои онҳо ширкатҳои баландтехнологӣ дар соҳаи алоқаи мобилӣ, замимаҳои бозӣ ва тиҷорати электронӣ мебошанд.

Alibaba, ки ба бозор даромад, дар соли 2019 ба харидани стартапҳо дар Иёлоти Муттаҳида шурӯъ кард. Вай мекӯшад тиҷорати худро дар Амрико густариш диҳад ва мустақиман бо бузургҷуссаҳое чун Amazon ва eBay рақобат кунад. Яке аз муваффақтарин ин ба даст овардани стартапи Kabam ба маблағи 120 миллион доллар буд.

Ҳоло чунин бозиҳои видеоиро танҳо тавассути замимаҳои мобилии Alibaba харидан мумкин аст ва худи Кабам ҳоло беш аз 1 миллиард доллар арзиш дорад [12]. Бузургҷуссаи дигари интернетии Чин, Tecent беш аз 15 карордодро барои харидани стартапҳои амрикоӣ анҷом додааст. Узви дигари "сегона"-и чинӣ то ҳол он қадар

фаъол нест - ширкати Baidu ба ҳисоб меравад.

BAT-ро он стартапҳое мехаранд, ки технологияҳо ё дороиҳои дигар доранд, ки ба сармоягузорони чинӣ имкон медиҳанд, ки тиҷорати худро инкишоф диҳанд. Масалан, холдинги Алибаба ширкати америкоии Tango-ро ба маблағи 250 миллион доллар харида, 200 миллион корбари сабтиномшударо ба даст овард.

Экспансияи фаъолонаи ширкатҳои чинӣ мавқеи онҳоро дар иқтисоди ҷаҳонӣ мустаҳкам мекунад. Ҳамин тавр, агар дар рейтинги Forbes-2000 барои соли 2021 Alibaba ҷои 269-умро ишғол карда бошад, пас аз як сол ба 174-ум баромад. Нишондиҳандаи ду бузургҷуссаи дигари чинӣ низ беҳтар шуд: Tencent аз зинаи 304 ба 201 ва Байду аз 546 ба 349 баромад. Ҳамин тариқ, мавқеъҳои Alibaba ва Tencent дар як сол тақрибан 100 банд ва Baidu - қариб 200 банд беҳтар шуданд [2]. Ин афзоиш ҳам бо афзоиши талабот ба молҳо ва хидматҳои БАТ дар бозори дохилӣ ва ҳам бо афзоиши фурӯши байналмилалӣ ва сармоягузории хориҷӣ алоқаманд аст.

Ҳамин тариқ, корпоратсияҳои чинӣ бозори ҷаҳонӣ, пеш аз ҳама, бозори технологияҳои баландро, ки ҳамчун муҳаррики нави рушди иқтисодӣ дар Чин хидмат мекунанд, фаъолона омӯхта истодаанд. Давлати Чин бидуни таблиғи махсусан нақшаҳои худ ба марҳилаи нави рушди фазои ҷаҳонӣ ворид шуд.

## Адабиёт


1. Алпацкая, Е.Г. Инвестиционная деятельность: институциональный аспект / Е.Г. Алпацкая // Вестник Челябинского государственного университета, – 2010. – № 14 (195). – С. 82–89.
2. Анискин, Ю. Инвестиционная активность и экономический рост / Ю. Анискин // Проблемы теории и практики управления. – 2012. – №4. – С. 1519.
3. Антипова, О.М. Правовое регулирование инвестиционной деятельности. Анализ теоретических и практических проблем. / О.М. Антипова. – М.: «Wolters Kluwer», 2010. – 248 с.
4. Базы данных ЮНКТАД, раздел «Прямые иностранные инвестиции» [Электронный ресурс]. – . – Режим доступа: http://unctad.org/en/Pages/Home.aspx
5. Веселкова, Е.Е. Соотношение международного права и национального законодательства в правовом регулировании иностранных инвестиций / Е.Е. Веселкова // Адвокат. – 2013. – № 1. – С. 37-43.
6. Видяпин, В.И. Государственное регулирование рыночной экономики: учебное пособие для студ. оч. формы обучения / В.И. Видяпин – М.: Путь России, 2012. – 444 с.
7. Любомудров, А.В. Прямые иностранные инвестиции в экономику Китая // Российский внешнеполитический вестник. – 2010. – № 2. – С. 3–7.
8. Министерство коммерции КНР [Электронный ресурс]: [офиц. сайт]. Режим доступа: http://www.mofcom.gov.cn/. – Загл. с экрана.
9. Guo R. Understanding the Chinese economies. Oxford: Academic Press, 2013.
10. Kolstad I., Wiig A. What determines Chinese outward FDI? – Journal of World Business, 2012, Vol. 47, №1.
11. Liu Q. Unemployment and labor force participation in urban China. – China Economic Review, 2012, Vol. 23, №1.
12. Shou Z., Chen J., Zhu W., Yang L. Firm capability and performance in China: The moderating role of guanxi and institutional forces in domestic and foreign contexts. – Journal of Business Research, 2012, №12.
13. Zhang X., Daly K. The determinants of China's outward foreign direct investment. – Emerging Markets Review, 2011, Vol. 12, №4.



**Маълумот дар бораи муаллиф: Обидов Умед Фозилҷонович** - докторант PhD –и кафедраи иқтисодиёти ҷаҳонии ДМТ. Суроға: 734025. Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, к. М. Назаршоев. х 129. Тел: 908825000. Почти электрнӣ: umed.obidov1998@mail.ru

**Сведения об авторе: Обидов Умед Фозилджанович**- докторант PhD кафедры мировой экономики ТНУ. Адрес: 734025. Республика Таджикистан. Душанбе, к. М. Назаршоев. х 129. Тел.: 908825000. Электронная почта. umed.obidov1998@mail.ru.

**Information about the author: Obidov Umed Fozildzhanovich** - PhD candidate at the Department of World Economics of TNU. Address: 734025. The Republic of Tajikistan. Dushanbe, K. M. Nazarshoev. x 129. Phone: 908825000. Email. umed.obidov1998@mail.ru.

УДК:336

# НАҚШИ СОҲАИ САЙЁҲИ ДАР ИҚТИСОДИ МИЛЛӢ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Саъдуллоев А.Ҷ.**

***Анотатсия.*** *Дар мақолаи мазкур муаллиф маълумотҳо дар бораи нақши соҳаи сайёҳӣ дар иқтисоди миллӣ Ҷумҳурии Тоҷикистон, маълумот оварда шуда, тамоюли устувори баландшавии гардиши сайёҳӣ таҳлил карда шуда, таваҷҷӯҳи давлату ҳукумат ба рушди соҳаи сайёҳӣ нишон дода шуда аст. Ғайр аз ин дар бораи дастовардҳо оиди соҳаи сайёҳӣ ва нақши он дар рушди иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон баррасӣ шуда, фикру идеяҳои нав, роҳҳои ҳарчи бештар рушд ва тақвият додани ин соҳаи афзалиятноки ҷомеа тадқиқ гардидааст.*

***Калидвожаҳо:*** *сайёҳӣ, саёҳат, нишондод, омор, рушди сайёҳӣ, захираҳои сайёҳӣ, омилҳои таъсиррасон, андоз, боҷи гумрукӣ, иқтисодиёт, вазъи иҷтимоӣ.*

***Барои иқтибос:*** *Саъдуллоев А.Ҷ. Нақши соҳаи сайёҳи дар иқтисоди миллӣ ҷумҳурии тоҷикистон / А.Ҷ. Саъдуллоев // Паёми молия ва иқтисод. – 2024. – No. 4.2(43). – С. 551-556.*

# РОЛЬ ТУРИЗМА В РАЗВИТИИ НАЦИОНАЛЬНОЙ ЭКОНОМИКИ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН

**Саъдуллоев А.Дж.**

***Аннотация.*** *В данной статье автор предоставляет роль туризма в развитии национальной экономики Республики Таджикистан, анализирует устойчивую тенденцию увеличения турпотока, показывает заинтересованность государства и правительства в развитии туристической отрасли. Кроме того, были обсуждены достижения в сфере туризма и его роль в развитии экономики Республики Таджикистан, изучены новые идеи и пути дальнейшего развития и укрепления этой приоритетной сферы деятельности общества.*

***Ключевые слова:*** *туризм, путешествия, показатель, статистика, развитие туризма, туристические ресурсы, факторы влияния, налог, таможенная пошлина, экономика, социальная ситуация.*

# THE ROLE OF TOURISM IN THE DEVELOPMENT OF THE NATIONAL ECONOMY OF THE REPUBLIK OF TAJIKISTAN

**Sadulloev A.J.**

***Annotation*** *In this article, the author provides information about the situation and economic and social role of the tourism industry in Tajikistan, analyzes the steady trend of increasing tourist flows, and shows the interest of the state and government in the development of the tourism industry. In addition, achievements in the field of tourism and its role in the development of the economy of the Republic of Tajikistan were discussed, new ideas and ways to further develop and strengthen this priority area of society were explored.*

***Key words:*** *tourism, travel, indicator, statistics, tourism development, tourist resources, influencing factors, tax, customs duty, economy, social situation.*

Сайёҳӣ таъсири бузурге ба чунин бахшҳои калидии иқтисодиёт, аз ҷумла нақлиёт, алоқа, равобити коммуникатсионӣ, сохтмон, хоҷагии қишлоқ, истеҳсоли молҳои ниёзи мардум ва монанди инҳо дошта, ба сифати муҳаррики рушди иҷтимоию иқтисодии кишвар баромад менамояд.

Нақши сайёҳӣ дар иқтисодиёти миллӣ пеш аз ҳама, аз он иборат аст, ки қисми зиёди даромадҳо бо асъори хориҷӣ ба даст оварда мешаванд, ки барои устувор нигоҳ

доштани тавозуни пардохти давлат мусоидат мекунад. Мувофиқи маълумотҳо, ба ҳисоби миёна аз ҳар 1 доллари сарфшуда дар соҳаи сайёҳӣ 91 сенти он дар иқтисодиёти ватанӣ мемонад. Ин соҳа метавонад барои таъсис додани ҷойҳои нави кории мустақим ва ғайримустақим, доимӣ ва мавсимӣ шароити мусоид фароҳам оварда, ҳар як сайёҳ метавонад барои таъсиси то 15 ҷойи корӣ мусоидат намояд [2, с.6].

Ҳиссаи бахши сайёҳӣ дар маҷмӯи маҳсулоти ҷаҳонӣ аз 6% дар соли 2000-ум то 11% дар соли 2018 баланд шудааст 7% содироти ҷаҳонӣ ва 30% хизматрасониҳои ҷаҳонӣ ба соҳаи сайёҳӣ рост омадааст. Рушди бахши сайёҳӣ барои ташкили ҷойҳои кории нави мустақим ва ғайримустақим мусоидат менамояд. Шуғли аҳолӣ дар бахши сайёҳии ҷаҳон 277 миллион ҷойи кориро ташкил дода, то соли 2022 ба 350 миллион нафар мерасад ва мавқеи хосу устувор дорад.

Маълумотҳои оморӣ нишон медиҳанд, ки ҳар соле дар тамоми ҷаҳон қариб 1 миллиард сафарҳои байналмилалии сайёҳӣ анҷом дода мешаванд. Соли 1950 дар тамоми ҷаҳон сафарҳои байналмилалии сайёҳӣ 25 миллион нафар, соли 2000, ин теъдод ба 698 миллион нафар расида буда аст [1, с.21].

Таҷрибаи давлатҳои пешрафта нишон медиҳад, ки маблағгузорӣ ба рушди сайёҳӣ метавонад онро ба соҳаи даромаднок табдил диҳад. Масалан, Ҳукумати Туркия солҳои 1990 - 2000-ум ба соҳаи туризм беш аз се миллиард доллар сарф намуд. Дар натиҷа, ин мамлакатро ҳар сол аз 15 то 20 миллион сайёҳ дидан мекунад ва даромади соф аз соҳа соле аз 8 то ба 10 миллиард доллар мерасад [5, с.15].

Бояд зикр намуд, ки соҳаи сайёҳӣ дар кишвари маҳбубамон Тоҷикистон бо маром рушд ёфта истодааст. Дар даврони соҳибистиқлолӣ як қатор санадҳои меъёрию ҳуқуқии танзимкунандаи соҳаи сайёҳӣ бо дастгирии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул ва мавриди амал қарор дода шудаанд. Аз ҷумла, таҳия ва тасдиқи “Стратегияи рушди сайёҳӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030” ва бори нахуст муқаррар намудани нишондиҳандаҳои (индикаторҳои) рушди сайёҳӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, “Барномаи рушди сайёҳӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2018-2020”, “Нақшаи чорабиниҳо оид ба амалисозии Стратегияи рушди сайёҳӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030, барои солҳои 2022-2025” ва дигар санадҳои меъёриву ҳуқуқӣ.

Нисбати соҳаи сайёҳӣ Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҳусни таваҷҷӯҳи хоссае доранд. Аз ҷумла таъкид намудаанд: «Сайёҳӣ яке аз соҳаҳои муҳими бо шуғл фаро гирифтани аҳолии қобили меҳнат, баланд бардоштани сатҳи зиндагии мардум, рушди дигар соҳаҳои хизматрасониву истеҳсолӣ, инчунин муаррифи таъриху фарҳанг, табиат ва анъанаҳои миллӣ ба ҳисоб меравад» [7].

Мувофиқи нишондодҳои оморӣ, дар рӯйхати ҷаҳонии рақобатпазирӣ дар соҳаи сайёҳӣ, ки аз ҷониби Форуми ҷаҳонии иқтисодӣ (ФҶИ) дар соли 2017 муаррифӣ гардид, Тоҷикистон аз 136 ҷойи имконпазир мақоми 107-умро касб кард. Бино ба маълумоти Форуми ҷаҳонии иқтисодӣ, Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 7 холи имконпазир 3,2 хол гирифта, дар давоми ду сол аз 119-ум ба 107-ум ҷой боло рафт. Беҳтарин нишондодро (5,7 хол) Тоҷикистон дар категорияҳои «амният», «тандурустӣ ва беҳдошт» ба даст овард [4, с.1].

Тибқи нишондиҳандаҳои омории бозори соҳаи сайёҳӣ, дар давраи солҳои 2010 то 2020 дар Тоҷикистон тамоюли устувори баландшавии гардиши сайёҳӣ ба назар мерасад (дар соли 2019 зиёда аз 1 миллиону 350 ҳазор нафар шаҳрванди хориҷӣ ба кишвар ташриф овардаанд), ки ба он пеш аз ҳама вазъи мӯътадили сиёсати дохилӣ ва иҷтимоию иқтисодии кишвар мусоидат менамояд (нигаред ба ҷадвали 1).

Бино ба иттилои Кумитаи рушди сайёҳии ҷумҳурӣ, дар соли 2018 шумораи сайёҳони ба кишвар воридшуда ба 1 млн 154 ҳазору 478 нафар, дар соли 2019 ба 1 млн 350 ҳазор нафар ва соли 2020 ба 355 ҳазор нафар расид.

Мувофиқи маълумоти Кумитаи рушди сайёҳии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, маҷрои сайёҳӣ бо сабаби пандемияи коронавирус, ки бар асари он алоқаи байналмилалии байни кишварҳо вайрон гардид, дар соли 2020 коҳиш ёфт.

| Шумораи шаҳрвандони хориҷие, ки мутобиқи талаботи СУС ба ҳайси сайёҳ арзёбӣ мегарданд. | Нишондиҳандаҳои омории соҳаи сайёҳӣ дар солҳои 2010-2023 | | | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | 2010 | 2011 | 2012 | 2013 | 2014 | 2015 | 2016 | 2017 | 2018 | 2019 | 2020 |
| | 160 000 нафар | 183 000 нафар | 245 000 нафар | 207 911 нафар | 213 265 нафар | 413 834 нафар | 344 903 нафар | 430922 нафар | 1млн 154000 478 нафар | 1млн 350 000 нафар | 355 000 нафар |
| | Соли 2022-999,3 ҳазор нафар<br>Январ – сентябри соли 2023 - 802,3 ҳазор нафар | | | | | | | | | | |

**Ҷадвали 1.** Нишондиҳандаҳои омории соҳаи сайёҳӣ дар солҳои 2010-2023

Мувофиқи маълумоти Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, давоми моҳҳои январ - декабри соли 2022 шумораи шаҳрвандони хориҷие, ки ба Ҷумҳурии Тоҷикистон ташриф овардаанд, бо назардошти ҳама намуди мақсадҳои сафар (хизматӣ, истироҳатӣ ва ғайра) 1151,9 ҳаз.нафарро ташкил намуд, ки нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 634,3 ҳазор нафар ё 2,2 баробар зиёд шудааст.

Аз шумораи умумии шаҳрвандони хориҷие, ки ба Ҷумҳурии Тоҷикистон ташриф овардаанд, 999,3 ҳазор нафарашон ба ҳайси сайёҳ (тибқи методологияи Созмони Умумиҷаҳонии Сайёҳӣ) арзёбӣ мегарданд, ки нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта ба 3,4 баробар зиёд шудааст.

Шумораи шаҳрвандони хориҷие, ки ба Ҷумҳурии Тоҷикистон аз давлатҳои ИДМ ворид шудаанд, 1094,1 ҳазор нафар (95,0 фоиз аз шумораи умумӣ), аз он 950,1 ҳазор нафар ба ҳайси сайёҳ ва аз давлатҳои хориҷи дур 57,8 ҳазор нафар (мутаносибан 5,0 фоиз аз шумораи умумӣ), аз он 49,2 ҳазор нафар ба ҳайси сайёҳ.

Дар ин давра шумораи шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки аз ҷумҳурӣ хуруҷ шудаанд, 2649,7 ҳаз. нафарро ташкил намуд, ки нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 1414,4 ҳазор нафар ё 2,1 баробар зиёд мебошад.

Дар моҳҳои январ – марти соли 2023 шумораи шаҳрвандони хориҷие, ки ба Ҷумҳурии Тоҷикистон ташриф овардаанд, бо назардошти ҳама намуди мақсадҳои сафар (хизматӣ, истироҳатӣ ва ғайра) 264,0 ҳаз.нафарро ташкил намуд, ки нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 61,3 ҳазор нафар ё 30,2 фоиз зиёд шудааст.

Аз шумораи умумии шаҳрвандони хориҷие, ки ба Ҷумҳурии Тоҷикистон ташриф овардаанд, 209,0 ҳазор нафарашон ба ҳайси сайёҳ (тибқи методологияи Созмони Умумиҷаҳонии Сайёҳӣ) арзёбӣ мегарданд, ки нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта ба 44,5 фоиз зиёд шудааст.

Шумораи шаҳрвандони хориҷие, ки ба Ҷумҳурии Тоҷикистон аз давлатҳои ИДМ ворид шудаанд, 248,7 ҳазор нафар (94,2 фоиз аз шумораи умумӣ), аз он 197,5 ҳазор нафар ба ҳайси сайёҳ ва аз давлатҳои хориҷи дур 15,3 ҳазор нафар (мутаносибан 5,8 фоиз аз шумораи умумӣ), аз он 11,5 ҳазор нафар ба ҳайси сайёҳ.

Дар ин давра шумораи шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки аз ҷумҳурӣ хуруҷ шудаанд, 812,1 ҳаз. нафарро ташкил намуд, ки нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 225,4 ҳазор нафар ё 38,4 фоиз зиёд мебошад.

Мувофиқи маълумоти Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, давоми нуҳ моҳи соли 2023 шумораи шаҳрвандони хориҷие, ки ба Ҷумҳурии Тоҷикистон ташриф овардаанд, бо назардошти ҳама намуди мақсадҳои сафар (хизматӣ, истироҳатӣ ва ғайра) 1 миллиону

27,6 ҳаз.нафарро ташкил намуд, ки нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 156,9 ҳазор нафар ё 18 дар сад афзудааст.

Аз шумораи умумии шаҳрвандони хориҷие, ки ба Ҷумҳурии Тоҷикистон ташриф овардаанд, 802,3 ҳазор нафарашон ба ҳайси сайёҳ (тибқи методологияи Созмони Умумиҷаҳонии Сайёҳӣ) арзёбӣ мегарданд, ки нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта ба 17 дар сад зиёд шудааст.

Дар соли 2023 дар ҷумҳурӣ 240 ширкатҳои сайёҳӣ фаъолият намуда ба сайёҳон хизмат расониданд.

Дар моҳҳои январ - марти соли 2023 дар ҷумҳурӣ 185 меҳмонхона (бо назардошти шахсони воқеӣ), 5 меҳмонхонаи 5 ситорадор, 20 меҳмонхонаи 4 ситорадор, 14 меҳмонхонаи 3 ситорадор, 4 меҳмонхонаи 2 ситорадор, 2 меҳмонхонаи 1 ситорадор ва 140 меҳмонхонаи бедараҷа фаъолият кардаанд.

Дар давраи ҳисобот 27 адад хостелҳо ва мотелҳо, 52 адад осоишгоҳҳо, 5 адад осоишгоҳҳои кӯдакона ва лагери солимгардонӣ, 7 адад марказҳои муолиҷавӣ ва дармонгоҳҳои солимгардонӣ, 6 адад хонаҳои истироҳатӣ, 1 адад кемпинг ва 3 адад базаҳои сайёҳӣ ва истироҳатӣ фаъолият намуданд.

Шумораи миёнаи кормандони субъектҳои хизматрасонӣ 3815 нафар ва даромад аз пешниҳоди хизматрасонӣ дар ин давра 67315,0 ҳазор сомониро ташкил додааст.

Мавриди зикр аст, ки рушди соҳаи сайёҳӣ дар Тоҷикистон сол то сол раванди устувор касб карда, нуфузи мамлакат дар ин самт дар арзёбиҳои минтақавию байналмилалӣ зина ба зина боло меравад. Дар партави сиёсати созанда ва бунёдкоронаи Пешвои миллат соҳаи сайёҳӣ пайваста рушд ёфта, Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ин самти муҳими стратегӣ ба дастовардҳои назаррас ноил шуд ва дар арсаи байналмилалӣ соҳиби обрӯю эътибори хосса гардид.

Узвияти Тоҷикистон ба Созмони ҷаҳонии сайёҳӣ, пазируфта шудани пойтахти ватанамон – шаҳри Душанбе ба узвияти Федератсияи умумиҷаҳонии шаҳрҳои туристӣ, эълон гардидани шаҳри Душанбе-пойтахти сайёҳии кишварҳои Созмони ҳамкории иқтисодӣ барои солҳои 2020-2021, ба рӯйхати ЮНЕСКО дохил гардидани мавзеи таърихии “Саразм”, “Боғи миллӣ” ва мероси ғайримоддии фарҳангӣ “Чакан-санъати гулдӯзии Ҷумҳурии Тоҷикистон”, “Иди Наврӯз”, “Оши палав”, “Мусиқии Шашмақом” ва “Фалак” далели ин гуфтаҳо буда, симои сайёҳии Тоҷикистон ба ҷаҳониён муаррифӣ гашт.

Бо мақсади пайдо намудани бозорҳои нав намояндагони бахши сайёҳии мамлакат дар калонтарин намоишгоҳҳои сайёҳию тиҷоратӣ ва ҳунармандӣ, ки дар Германия, Британияи Кабир, Малайзия, Иёлоти Муттаҳидаи Амрико, Фаронса, Кореяи Ҷанубӣ, Арабистони Саудӣ, Аморати Муттаҳидаи Араб, Кувайт, Қатар, Юнон, Испания, Белгия, Туркия, Федератсияи Россия, Қазоқистон, Ӯзбекистон ва дигар давлатҳои хориҷи дуру наздик баргузор мегарданд, ширкат варзида, захира ва имконияти сайёҳии мамлакатро ба дӯстдорони сайру саёҳати Тоҷикистон таблиғу ташвиқ менамоянд.

Дар замони соҳибистиқлолӣ бо ташаббуси Пешвои миллат дар қатори соҳаҳои дигари иқтисодиву иҷтимоӣ дар соҳаи сайёҳӣ низ ислоҳоти муҳим амалӣ карда шуданд, ки дар минтақаи Осиёи Марказӣ ва дар миқёси Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил аввалин ва камназиранд. Дар ин робита, пеш аз ҳама ҷорӣ гардидани низоми раводиди электронӣ ва низоми содакардашудаи дастрас намудани раводид, инчунин аз байн бурдани бақайдгирии дохилии сайёҳонро метавон ном бурд. Механизми дастрас намудани раводиди электронӣ имконият медиҳад, ки сайёҳон ва шаҳрвандони дигари хориҷӣ бе муроҷиат ба ниҳодҳои консулии Тоҷикистон дар хориҷи кишвар, тариқи онлайн (www.evisa.tj) раводиди электронӣ дастрас намуда, ба ҷумҳурии мо сафар намоянд. Ҳоло дар Тоҷикистон барои шаҳрвандони зиёда аз 80 кишвар низоми содда карда шудаи раводиди электронӣ ҷорӣ карда шудааст. Тибқи арзёбиҳои байналмилалӣ соли 2018 низоми раводиди электронии Тоҷикистон ба панҷгонаи низомҳои беҳтарини пешниҳоди раводид ворид гардида, зинаи чорумро сазовор гашт.

Тоҷикистон сарзамини маҳбуб ва ҷолиби диққати дӯстдорони сайру саёҳати ҷаҳониён гашта, бо симои давлати амну осоишта дар замони соҳибистиқлолӣ дар минтақа беҳтарин ва бештарин имкониятро барои рушди сайёҳӣ соҳиб гардид ва дар раддабандиҳои созмонҳои бонуфузи байналмилалӣ мавқеи намоён касб намуда истодааст. Аз ҷумла, маҷаллаи сайёҳии британии «Wanderlust» Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар қатори 10 кишвари ҷолибтарин барои боздиди сайёҳон эълон кард, шабакаи иҷтимоии «Globe Spots» Тоҷикистонро дар сархати даҳгонаи давлатҳои ҷолиб барои сайёҳони саргузаштӣ ҷой дод. Нашри русии маҷаллаи маъруфи «National Geographic» шоҳроҳи Помири Тоҷикистонро ба 10 роҳи зеботарини дунё шомил намуд, нашрияи «The Independent» пойтахти мамлакат-шаҳри Душанберо ба ҳайси даҳгонаи мавзеъҳои бехатар аз рӯи таъмини амнияти шабона эътироф намуд. Ҳамзамон Тоҷикистон дар раддабандии Ташкилоти байналмилалии «British Backpacker Society» аз рӯи имкониятҳои саёҳати саргузаштӣ ва пиёдагардӣ ба даҳгонаи аввали давлатҳои беҳтарини ҷаҳон шомил шуда, мавқеи 7-умро ишғол намуд. Дар соли 2022 бошад, Ҷумҳурии Тоҷикистон аз лиҳози амнияту субот ва эътимоду боварии шаҳрвандон ба мақомоти ҳифзи ҳуқуқ дар байни 142 кишвари ҷаҳон мақоми аввалро ишғол намуд.

Бояд тазаккур дод, ки дар ҳошияи Намоишгоҳи байналмилалии сайёҳии «ITB» Берлин — 2018 маросими супоридани ҷоизаи «100 самти беҳтарин пешоҳангони глобалӣ дар ҳифзи фарҳанги миллӣ, анъана ва ҷалби мардумон ба соҳаи сайёҳӣ дар соли 2018» баргузор гардид. Минтақаи баландкӯҳи Бадахшони Тоҷикистон ба ин садгона ворид шуда, дар минтақаи Осиё ва Уқёнуси ором ҷои аввалро сазовор шуд.

Соли 2019 аз ҷониби Созмони ҳамкории иқтисодӣ шаҳри Душанбе «Пойтахти сайёҳии кишварҳои Созмони ҳамкории иқтисодӣ барои солҳои 2020-2021» интихоб гардид. «Кохи Наврӯз»-и пойтахти Тоҷикистон ба сифати муъҷизаи муосир муаррифӣ гардида, ба қатори 8 муъҷизаи Созмони Ҳамкории Шанхай пазируфта шуд. Дар соли 2019 расонаҳои хориҷӣ, аз ҷумла, расонаҳои маъруфи давлатии Федератсияи Россия-ТАСС, Ӯзбекистон-«УзА» ва Қирғизистон-«Кабар» доир ба рушди соҳаи сайёҳӣ дар Тоҷикистон, табиати нодиру нотакрор, обҳои мусаффо, манзараҳои зебо, маконҳои таърихию фарҳангӣ мавод нашр намуда, Тоҷикистонро кишвари дорои иқтидорҳои бузурги сайёҳӣ дар оинаи бозори байналмилалии сайёҳӣ арзёбӣ намудаанд.

Соҳаи сайёҳии Тоҷикистон ғолиби ҷоизаи бонуфузи тиҷорат дар ҷаҳон - «The BIZZ Business Excellence Award 2019» гардид. Дар назарсанҷии маҷаллаи байналмилалии бонуфузи «Lonely Planet» миёни 10 минтақаи беҳтарини саёҳат ва сафар Шоҳроҳи Абрешими Осиёи Марказӣ дар мақоми аввал қарор гирифт. Ин назарсанҷиро «Lonely Planet» дар нашрияи солонаи худ вобаста ба 10 кишвари беҳтарини саёҳат, шаҳрҳои беҳтарини сайёҳӣ, минтақаҳои беҳтарин ва арзишҳои беҳтарини саёҳат ва сафар арзёбӣ намудааст.

Маҷаллаи сайёҳии британии “Вандерласт” (“Wanderlust”) дар соли 2020, 7 муъҷизоти зебои табиӣ дар Тоҷикистонро муаррифӣ ва барои боздиди сайёҳон эълон кард, ки инҳо, пиряхи “Федченко”, “Гармчашма”, “Искандаркӯл, кӯли “Сарез”, долони “Вахон”, “Қарокӯл” ва “Чапдара” мебошанд.

Тоҷикистон дар рейтинги Индекси ҷаҳонии сулҳ, ки Пажӯҳишгоҳи иқтисодиёт ва сулҳ (The Institute for Economics and Peace) таҳия намудааст, 12 зина боло рафт. Тоҷикистон дар байни 163 кишвар ҷои 105-умро ишғол намуд.

Мавриди зикр аст, ки ташаббусҳои Пешвои миллат дар масъалаҳои мубрами байналмилалӣ ва сиёсати давлатӣ дар соҳаи сайёҳӣ аз ҷониби созмонҳои бонуфузи олам эътироф ва пайравӣ гашта истодаанд. Аз ҷумла, иқдоми «Даҳсолаи байналмилалии амал «Об барои рушди устувор» барои солҳои 2018-2028» аз ҷониби Маҷмааи Умумии СММ бо ҳаммуаллифии 177 кишвар якдилона қабул гардид.

Инчунин эълон гардидани солҳои 2019-2021 Солҳои рушди деҳот, сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ аз ҷониби Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар минбарҳои баланди Созмони умумиҷаҳонии сайёҳӣ низ дастгирӣ ёфта, дар Анҷумани 23-юми Ассамблеяи генералии СУС дар шаҳри Санкт-Петербург соли 2020 Соли рушди сайёҳии деҳот эълон карда шуд.

Имрӯзҳо Тоҷикистон на фақат давлати мусоид барои сайёҳон, балки барои сармоягузорон низ мебошад. Созмонҳои байналмилалӣ, шарикони рушд ва ташкилоти гуногун барои сармоягузорӣ ба инфрасохтори соҳаи сайёҳӣ дар Тоҷикистон мароқ зоҳир намуда, айни ҳол татбиқи якчанд лоиҳаҳои хурду бузург шурӯъ шудааст. Аз ҷумла, дар ҳамкорӣ бо Бонки Осиёии Рушд татбиқи лоиҳаи «Рушди сайёҳӣ» ва Бонки ҷаҳонӣ татбиқи лоиҳаи «Рушди иқтисодиёти деҳот» оғоз гардидаанд, ки барои

рушди самтҳои гуногуни соҳаи сайёҳӣ мусоидат менамоянд.

Таҳлилҳои муҳаққиқон нишон медиҳанд, ки дар шароити таҳияи маводи сайёҳии миллӣ дар заминаи ёдгориҳои нодири осори фарҳангию таърихӣ ва хусусиятҳои табиию рекреатсионии ҷумҳурӣ ва пешравии самараноки он ба бозори ҷаҳонии хизматрасонии сайёҳӣ ва омилҳои дигари таъсиррасон ба соҳаи сайёҳӣ, воридшавии бештари сайёҳони хориҷӣ ба Тоҷикистон таъмин карда мешавад.

Чи тавре қайд карда шуд, рушди соҳаи сайёҳӣ вобаста аст ба рушди соҳаҳои мухталиф, аз ҷумла соҳаи маъориф, нақлиёт, коммуникатсия, кишоварзӣ, сохтмон, рушди деҳот, ҳунарҳои мардумӣ ва соҳаҳои дигар. Ҳамчунин дар навбати худ сайёҳӣ таъсири бузурги иқтисодиву иҷтимоӣ ва фарҳангӣ дошта, нақши худро дар дигаргуниҳои иқтисодиву иҷтимоии мардуми ин ё он кишвар мегузорад. Инчунин сайёҳӣ соҳае мебошад, ки миқдори зиёди ҷойҳои холии кориро ба вуҷуд меорад. Аз ин рӯ дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон рушду равнақи ин соҳа метавонад миқдори зиёди ҷойҳои холии кориро ба вуҷуд оварда, сатҳи муҳоҷирати аҳолиро ба Руссия ва дигар кишварҳо кам намояд ва теъдоди бештари бекоронро бо кори доимӣ таъмин намояд.

Аз ин сабаб, моро зарур аст, ки дар марҳилаи муосир барои бунёд намудан ва таъмиру таҷдиди комплексҳои сайёҳӣ, бунёди меҳмонхонаҳои хурд бо тарҳу ороиши миллӣ дар деҳот ва мавзеҳои сайёҳӣ, бо ба назар гирифтани халал ворид накардан ба хусни табиии минтақаҳои деҳот, кӯҳистон, насб намудани нишонаҳо, номнавиштаҷотҳо дар даромадгоҳи шаҳру ноҳияҳо ва минтақаҳои сайёҳиро ташкил кардан лозим аст.

Дар заминаи лагерҳои даврони шӯравӣ, ба роҳ мондани осоишгоҳҳои кӯдакона ва осоишгоҳҳои оилавӣ ба хотири рушди сайёҳии дохилӣ дар кишвар, он ҳам дар ҳоли мутобиқ намудани нархи хизматрасонии осоишгоҳҳо бо вазъи иқтисодиву иҷтимоии аҳолӣ масъалаи дигари муҳим мебошад. Сохтани ошхонаву ҳаммомҳои замонавӣ, ҷойҳои дастшӯйӣ, ҷойҳои тамошобоби сайёҳӣ дар минтақаҳои мухталифи кишвар, дар нақша ва барномаҳои давлатии миёнамуҳлат ва дарозмӯҳлат ворид намудани корҳои ободонию созандагӣ ва бунёдкорӣ дар ҳама шаҳру деҳоти кишвар, пешниҳоди хизматрасониҳои истироҳативу фароғатӣ, хизматҳои сайёҳӣ дар маконҳои сайру сайёҳатӣ бо нархҳои дастрас, ин ҳама масъалаҳое мебошанд, ки барои кам кардани сатҳи бекорӣ дар кишвар ва бо шуғл фаро гирифтани аҳолии маҳаллӣ зарур ва муҳим мебошанд.

**Адабиёт**


1. Александрова А.Ю. Международный туризм. М. 2012.270с.
2. Ашуралиев М.И., Ализода А., Қодирова М.И. Ташкили сайёҳии байналмилалӣ.(Курси мухтасари лексияҳо). Душанбе, 2018.-152с.
3. Ёров Дж.Н. Развитие туристической сферы Республики Таджикистан в условиях рынка. Душанбе: Ирфон, 2007.
4. Кумитаи рушди сайёҳии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон. Travel tajikistan.tj
5. Масъалаҳои мубрами рушди сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон. (10-уми ноябри соли 2018). Маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмию амалӣ.Душанбе.:ДДОТ., 2018.-132с.
6. Модели рушди бахши сайёҳӣ дар Тоҷикистон: таҳлил ва тавсияҳо. Ҳисоботи гуруҳи корӣ оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ дар бахши сайёҳӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе, 2013.- 94с.
7. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, пешвои миллат муҳтарам Эмомалии Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. 26.12.2018. (манбаи электронӣ) URL:htp://www.prezident.tj



**Маълумот дар бораи муаллиф: Саъдуллоев Асадуллоҳ Ҷаҳфарович- о**мӯзгори кафедраи таҳлили иқтисоди ва омор ассистент. Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон. 734067, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кучаи Нахимова 64/14.

**Сведения об авторе: Саъдуллоев Асадуллох Джахфарович -** преподаватель кафедры экономического анализа и статистики, ассистент. Таджикский государственный финансово-экономический университет. 734067, Республика Таджикистан, Душанбе, улица Нахимова 64/14.

**Information about the author: Sadulloev Asadullokh Jahfarovich -** lecturer at the Department of Economic Analysis and Statistics, assistant. Tajik State University of Finance and Economics. 64/14 Nakhimov Street, Dushanbe, 734067, Republic of Tajikistan.

УДК:336

**МЕХАНИЗМИ ҶАЛБИ САРМОЯГУЗОРИҲО БА ИСТИФОДАИ САМАРАНОКИ ЗАХИРАҲОИ ЗАМИНИ КИШОВАРЗӢ**

**Маҳмадёров А.У.**

*Дар мақола масъалаи ҷалби сармояҳо ба истифодаи самараноки захираҳои замин ва рушди соҳаи кишоварзӣ дида баромада шудааст. Таҳлили вазъи заминҳои кишти кишоварзӣ ва самтҳои асосии ҷалби сармояҳо ба вазъи экологии заминҳои обёришаванда ва рушди минтақаҳои агросаноатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод карда щудааст. Механизмҳои асосии ҷалби сармоягузориҳо ба истифодаи самараноки захираҳои замин, рушди «иқтисоди сабз», истеҳсоли махсулотҳои аз нигоҳи экологӣ тоза ва беҳдошти муҳити зист оварда шудааст. Инчунин, масъалаи самаранокии идоракунии сармоягузориҳо ба истифодаи самараноки заминҳои обёришаанда дар шароити минтақаҳои кишоварзӣ, пешниҳодҳои мушаххас оид ба такмили механизмҳои он дар шароити буҳрони озуқаворӣ дида баромада шудааст.*

***Калидвожаҳо:*** *комплекси агросаноатӣ, соҳаи кишоварзӣ, иқтисоди сабз, захираҳои замин, механизми сармоягузориҳо, захираҳои молиявӣ, бехатарии озуқаворӣ, маҳсулоти аз нигоҳи экологи тоза, беҳдошти муҳити зист, самараноки сармоягузориҳо.*

***Барои иқтибос:*** *Маҳмадёров А.У. Механизми ҷалби сармоягузориҳо ба истифодаи самараноки захираҳои замини кишоварзӣ / А.У. Маҳмадёров // Паёми молия ва иқтисод. – 2024. – No. 4.2(43). – С. 557-562.*

**МЕХАНИЗМЫ ПРИВЛЕЧЕНИЯ ИНВЕСТИЦИЙ В ЭФФЕКТИВНОСТЬ ИСПОЛЬЗОВАНИЯ СЕЛЬСКОХОЗЯЙСТВЕННЫХ ЗЕМЕЛЬ**

**Махмадёров А.У.**

*В статье рассматривается проблемы привлечения инвестиций в эффективность использования земельных ресурсов в сельском хозяйстве. Преведены анализ использования земель сельскохозяйственного назначения и предложены основные направления инвестирование в экологические проблемы орошаемых земель в Республики Таджикистан. Выдлены основные механизмы привлечения инвестиций в эффективности использования земельных ресурсов, развитие зелёной экономики, производство экологически чисты продукции и охраны окружающей среды. Также, рассмотрены проблемы эффективность управления инвестиций в использование земельных ресурсов в условиях аграрных регионов, кокнкретные предложены по их совершенствование в условиях продовольсьтвенной кризис.*

***Ключевые слова:*** *агропромышленный комплекс, сельское хозяйства, зеленая экономика, земельные ресурсы, механизмы инвестирование, финансовые ресурсы, продовольственной безоппасности, производство экологический чистой продукций, охраны окружающей среды, эффективность инвестиций.*

**MECHANISMS FOR ATTRACTING INVESTMENTS IN THE EFFICIENCY OF AGRICULTURAL LAND USE**

**Makhmaderov A.U.**

*The article discusses the problems of attracting investments in the efficiency of land use in agriculture. The analysis of the use of agricultural lands is given and the main directions of investing in environmental problems of irrigated lands in the Republic of Tajikistan are proposed. The main mechanisms for attracting investments in the efficiency of land use, the development of a green economy, the production of environmentally friendly products and environmental protection are highlighted. Also, the problems of effective management of*

*investments in the use of land resources in the conditions of agrarian regions are considered, and specific suggestions are made for their improvement in the context of the food crisis.*

***Keywords**: agro-industrial complex, agriculture, green economy, land resources, investment mechanisms, financial resources, food security, production of environmentally friendly products, environmental protection, investment efficiency.*

Рушди устувори соҳаи кишоварзӣ ва истифодаи самараноки захираҳои замину об, на танҳо аз ҳисоби истифодаи бошуурона ва эҳтиёткоронаи неруи мавҷудаи заминҳои обёришавандаи кишти кишоварзӣ, балки аз ҳисоби ҷалби бештари сармояҳо барои аз худкунии заминҳои эҳтиёти минтақаҳои наздикӯҳӣ ва кӯҳӣ, ҳамчун омили зиёд намудани ҳаҷми истеҳсоли маҳсулотҳои озуқаворӣ, тавассути механизмҳои идоракунии сармояҳо дар минтақаҳои агросаноатӣ таъмин намудан мумкин аст. Ва дар шакли лозимӣ набудани ҳавасмандиҳои ҷалби сармояҳо ба истифодаи самараноки захираҳои замин дар минтақаҳои мамлакат ва сатҳи пасти истифодаи онҳо, зарурияти роҳҳо ва механизмҳои нави ҷалби сармоягузориҳоро ба истифодаи захираҳои замин ва беҳдошти вазъи экосистемаи минтақавӣ тақозо менамояд.

Таҳлили вазъи кунунии истифодаи захираҳои замин, аз ҷумла заминҳои обёришавандаи кишоварзӣ нишон медиҳад, ки масъалаҳои баҳои самараноки ҷалби сармояҳо ба истифодаи оқилонаи захираҳои замин дар минтақаҳои кишоварзӣ, коркарди чораҳои маҷмуии вазъи экологӣ ва беҳдошти муҳити зистро муҳим арзёбӣ менамояд. Ба андешаи олими рус Борщекский П.П. «...рушди низоми комплекси агросаноатӣ, қонеъ намудани талаботҳои аҳолӣ бо маводҳои озуқаворӣ ва неъматҳои моддии ҷомеъа аз ҷалби сармояҳо ба истифодаи захираҳои табиӣ, аз ҷумла заминҳои кишти кишоварзӣ вобастагии калон дорад...» [2, 9]. Дар ин маврид, ҷорӣ намудани технологияи пешқадами парвариши зироатҳои кишоварзӣ, ҳифзи захираҳои замин ва ҷори намудани низоми нави заминдорӣ бо назардошти рушди интенсивии соҳаи кишоварзӣ аз манфиат холӣ нест.

Дар назарияи иқтисодӣ механизми ҷалби сармояҳо ба истифодаи заминҳои обёришавандаи кишоварзӣ ва минтақаҳои агросаноатӣ бо назардошти омилҳои экологӣ-иҷтимоӣ ва демографӣ ба таври кофӣ таҳқиқ нагардида, дар бисёр мавридҳо боиси баҳои пасти истифодаи самараноки заминҳои кишти кишоварзӣ ва рушди истеҳсолоти кишоварзӣ мегардад. Ба андешаи Исайнов, Х.Р., Арабов, Ф.П. «…масъалаи ҷалби сармояҳо дар истифодаи заминҳои кишоварзӣ ва баҳои самаранокии онҳо дар шароити дигаргунсозиҳои муносибатҳои заминдорӣ барои ҳар як шакли хоҷагидорӣ дар бахши мазкур хусусияти хоси худро дошта, он дар интиҳо ба амали намудани фаъолияти сармоягузорӣ дар ҷараёни хоҷагидорӣ, аз ҷумла ҷалб ва истифодаи самараноки сармояҳо дар бахши истифодаи самараноки захираҳои замин бетаъсир намемонад…» [4, 17]. Аз ин хотир, лозим аст, ки диққати асосӣ ба таҳлил ва баҳои истифодаи самараноки заминҳои обёришаванда бо назардошти хусусиятҳои хосси соҳавӣ ва минтақавӣ, фароҳам овардани шароитҳо барои ҷалби бештари сармояҳо ба истеҳсоли ҳарҷӣ зиёди маҳсулотҳои озуқаворӣ ва рушди устувори минтақаҳои мамлакат дода шавад.

Ҳангоми таҳқиқи баҳои истифодаи самаранокии захираҳои замин ва ҷалби сармояҳо ба рушди минтақаҳои кишоварзӣ аввал мақоми захираҳои заминро дар рушди иҷтимоӣ-иқтисодии минтақаҳобояд муайян карда шавад. Вай ҳамчун омили муҳимми экологии муҳити зист ва воситаи асосии истеҳсолот дар соҳаи кишоварзӣ баромад менамояд. Маҳз дар ҳамин маъно арзиши замин ва дигар захираҳои табиӣ барои рушди минтақаҳои агросаноатӣ дуруст баҳогузорӣ гардида, истифодаи самараноки сармояҳо барои рушди устувори иқтисодиёти минтақаҳои кишвар, дар маҷмӯъ баҳогузорӣ карда мешавад. Таъмини ин мақсадҳо бе ташаккули чораҳои маҷамуии ташкилӣ-хоҷагидорӣ, экологӣ-иқтисодӣ ва маъмурӣ-ҳуқуқӣ, ки ба амалӣ намудани сиёсати давлат дар бахши кишоварзӣ, таъмини ҳуқуқи истифодаи заминҳои кишт, инчунин, самараи баланди зироатҳои кишоварзӣ бо сарфаи ками харҷотҳо, ҳавасмандии нигоҳдорӣ ва

беҳдошти экосистемаи минтақавӣ, дар маҷмуъ, ғайриимкон мебошад. Амалкарди механизм ҷалби сармояҳо бо назардошти чораҳои ташкилӣ-хоҷагидорӣ, экологӣ-иқтисодӣ ва хусусиятҳои хосси минтақавии истифодаи захираҳои замин дар сатҳи соҳавию хоҷагидорӣ бояд роҳандозӣ карда шавад.

Дар рушди низоми заминдорӣ дар минтақаҳои кишвар диққати асосӣ ба рушди интенсивии соҳаи кишоварзӣ ва таъмини аҳолӣ ба маҳсулотҳои озуқаворӣ дода шуда, масоили экологӣ, аз қабили нигоҳдорӣ, такрористеҳсол ва ҳифзи захираҳои замин ба мавқеи дуввум гузошта шудааст. Нowобаста аз маблағгузориҳо ба чораҳои маҷмуии муҳофизати захираҳои замин ва ҳифзи муҳити зист, камшавии ҳиссаи маблағгузориҳои буҷетӣ ба рушди соҳаи кишоварзӣ ба назар мерасад. Аз ин хотир, ҳангоми баҳои самаранокии ҷалби сармоягузориҳо ба истифодаи захираҳои замин бояд механизми идоракунии ҷазобияти сармоягузориҳо ба минтақаҳои агросаноатӣ ба назар гирифта шавад.

Ҳалли масъалаҳои мазкур, бе дастгирии давлатии рушди низоми заминдорӣ ва соҳаи кишоварзӣ, тағийрёбии функсияи захираҳои замин дар алоқамандӣ бо мақсад ва принсипҳои рушди устувори минтақаҳои мамлакат ғайримкон буда, давлатро зарур аст, ки механизми ҷалби сармояҳоро дуруст ба роҳ монда, ба бахши ҳифзу такрористеҳсоли заминҳои обёришаванда ва беҳдошти муҳити зист диққати асосӣ диҳад. Ба андешаи Шералиев Э.Н. «…ин вазъ, зарурияти дигаргун намудани сиёсати давлатиро дар башхи ҷалби сармояҳо ба соҳаи кишоварзӣ бо мақсади истеҳсоли маҳсулотҳои даромаднокиашон баланд, истифодаи самаранокии захираҳои замин ва ҷори намудани технологияи нави низоми заминдорӣ дар минтақаҳои кишвар водор месозад...» [7, 243]. Маҳз таъмини рушди устувори соҳаи кишоварзӣ, аз ҷумла ба ҳам пайвастани механизми маъмурӣ-ҳуқуқӣ ва экологӣ-иқтисодӣ, яке аз хусусиятҳои хосси сармоягузорӣ ба истифодаи самараноки захираҳои замин ва соҳаи кишоварзӣ дар шароити минтақа ба ҳисоб меравад.

Дар амалия ду гурӯҳи асосии механизмҳои танзими ҷалби сармоягузориҳо ба истифодаи захираҳои замин ва рушди соҳаи кишоварзӣ, яъне низоми санадҳои меёрӣ-ҳуқуқӣ ва қонунҳои идоракунии механизми ҷалби сармояҳо ва механизми экологӣ-иқтисодии танзими истифодаи заминҳои обёришавандаи кишоварзӣ ҷудо карда мешавад. Дар ин раванд, диққати асосӣ бояд ба коркарди услуби нави муайян намудани ҳаққи пардохт барои истифодаи захираҳои замин ва дигар захираҳо дар чорчӯбаи маҳдудиятҳои экологӣ, ки барои минтақаҳои мамлакат муаяйн гардидааст, дода шавад. Ин механизмҳо пеш аз ҳама, ба танзими давлатии истифодаи захираҳои замин ва ҳифзи экосистемаҳои минтақавӣ, такрористеҳсол ва истифодаи самараноки заминҳои обёришавандаи кишоварзӣ тавассути ҳавасмандии истеҳсоли маҳсулотҳои аз лиҳози экологӣ тоза, ҷорӣ намудани технологияи ҳифзи табиат, сохтори оптималии заминҳои кишти мазкур нигаронида шуда, бояд тавозуни рушди минтақа ва истифодаи захираҳои табиӣ, бахусус, захираҳои замин таъмин гардад. Асоси методологияи мазкурро чораҳои маҷмуие ташкил медиҳад, ки дар онҳо имконияти бештари ҷалби сармояҳо ба такрористеҳсоли захираҳои замин ва беҳдошти муҳити зист равона гардида, захираҳои замину об дар якҷоягӣ бо рушди истеҳсолот дар минтақаҳои агросаноатӣ мусоидат менамояд.

Ҳамин тавр, механизмҳои танзими ҷалби сармоягузориҳо ба истифодаи самаранокии захираҳои замин тавассути чунин чорабиниҳо амалӣ карда мешавад, ки муҳимтаринашон инҳоянд:

- таъмини истифодаи мақсадноки захираҳои замин ва об дар соҳаи кишоварзӣ, низоми экологӣ ва ҳифзи экосистемаи минтақавӣ ва ғайра;
- истифодаи самараноки нерӯи табиӣ-захиравии минтақа ва таъмини рушди устувори соҳаи кишоварзӣ;
- коркарди усулҳо ва фишангҳои танзими ҷалби сармояҳо ба истифодаи самараноки захираҳои замин, ҳосилхезии хок ва ҳифзи беҳдошти муҳити зист;
- ҷуброни пурра ва ҳатмии зарари экологӣ ва иқтисодӣ, ки ҳангоми сармоягузориҳо ба экосистемаи минтақавӣ расонида мешавад;
- алоқаи мустаҳками мақомотҳои идоракунии давлатӣ дар ҳамаи сатҳо, хизматрасонии инфрасохторӣ ва

сармоягузорӣ, новобаста аз шаклҳои хоҷагидорӣ ва моликиятдорӣ ба замин ва ғайра.

Барои минтақаҳои Тоҷикистон таҷрибаи ҳам кишварҳои рушдкардаи иқтисодӣ ва ҳам кишварҳои рӯбатараққӣ, ки дар бахши сармоягузорӣ ва баланд бардоштани истифодаи самаранокии захираҳои замин мувофиқ мебошад. Масалан, таҷрибаи баҳои истифодаи самараноки захираҳои замин ва беҳдошти муҳити зист дар ШМА, Аврупо, Чин, Россия, Қазоқистон, Узбекистон ва дигар кишварҳои собиқ Шуравӣ нишон медиҳад, ки ҳалли масъалаи истифодаи самараноки захираҳои замин ва коркарди механизми ҷалби сармоягузориҳо ба рушди минтақаҳо бе дастгирии давлатии рушди соҳаи кишоварзӣ ва шаклҳои гуногунии хоҷагидорӣ ва моликиятдорӣ ба замин ғайриимкон мебошад.

Тайи даҳсолаҳои охир нақши давлат дар кишварҳои рушдкардаи иқтисодӣ дар ҳалли масъалаҳои экологӣ-иқтисодӣ, интихоби оптималии истифодаи оқилонаи захираҳои замин бо мақсади таъсири камтарин ба муҳити зист хеле афзудааст. Масалан, аксарияти кишварҳо дар доираи қонунгузорӣ маҳдудиятҳоро барои аз гардиши кишоварзӣ баровардани заминҳои корам ҷорӣ намуда, ба ин васила ба истифодабарандагони замин ҳавасмандии беҳтар намудани вазъи экологии заминҳои кишоварзиро таъмин менамоянд. Истифодаи варианти хуб ва илман асосноки таҷрибаи кишварҳои рушкардаи иқтисодӣ дар баҳои ҷалби сармоягузориҳо ба истифодаи самараноки заминҳои обёришавандаи кишоварзӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аз манфиат холӣ нест.

Яке аз механизмҳои муҳимми идоракунии давлатии ҷалби сармоягузориҳо ба истифодаи захираҳои замин ин таъмини истеҳсоли маҳсулотҳои аз нигоҳи экологи тоза ва безарар ба ҳисоб меравад, ки дар он риояи меъёрҳои муайяни агроэкологӣ, ки ба истеҳсоли маҳсулоти аз озуқавории тозаи ватанӣ, таъмини такрористеҳсоли ҳосилхезии хок ва муҳофизати муҳити зист риоя карда мешавад. Ҳадафи асосии истифодаи заминҳои обёришавандаи кишоварзӣ дар ин маврид ба таъмини рушди интенсификатсияи кишоварзӣ, ҷалби заминҳои минтақаҳои наздикӯҳӣ ва кӯҳӣ ба гардиши кишоварзӣ ва гузаронидани чораҳои маҷмуии ҳифзи табиат мебошад. Ин ҷо, самти асосӣ ин таъмини бехатари экологии истифодаи захираҳои замин ин низоми заминдории органикӣ дар минтақаҳои кишвар ба ҳисоб меравад, ки ба консепсияи рушди иқтисодиёти сабз, бо назардошти шароитҳои минтақавӣ ва табиӣ-иқлимӣ мувофиқат менамояд. Илова бар ин, гузариш ба низоми экологии органикӣ ҳавасмандии даромаднокӣ ва шуғли пурраи аҳолиро таъмин намуда, инчунин мувофиқатии рушди иқтисодӣ ва маҳдудиятҳои экологиро роҳандозӣ менамояд.

Маълумотҳо оид ба таъсири низоми заминдории органикӣ ба самаранокии истеҳсоли зироатҳои ғалладонагӣ дар хоҷагиҳои коллективии ноҳияи Данғараи вилояти Хатлон дар ҷадвали 1 оварда шудааст.

Ҷадвали мазкур нишон медиҳад, ки агар дар хоҷагиҳои қисман чораҳои экологиро гузаронида, ҳосилнокии зироатҳо 4-6 с/га ва хоҷагиҳое, ки ин чораҳоро пурра гузаронидаанд, ҳосилнокӣ ба 10-12 с/га баробар мебошад. Ин гуфтаҳо бо он асоснок карда мешавад, ки ҳангоми истифодаи низоми заминдории органикӣ хароҷоти нуриҳо ба 30-35% ва талафи ҳосилхези хок ба 35-40% кам гардида, ҳосилхезӣ ба 6-8% баланд карда мешавад.

Ҳамин тавр, аз ҳисоби ҷорӣ намудани низоми мазкур, киштгардон ва усули ҳифзи биологии растаниҳо ҳосилнокии зироатҳои кишоварзӣ ба 10-15 с/га баланд ва самаранокии ҷалби бештари сармоягузориҳо ба масъалаи экологӣ-иқтисодии истифодаи захираҳои замин дар соҳаи кишоварзӣ таъмин карда мешавад. Бо мақсади таъмини истеҳсоли маҳсулоти аз лиҳози экологӣ тоза ва рушди иқтисодиёти сабз дар Тоҷикистон зарур аст, ки минтақабандии экологӣ-иқтисодӣ гузаронида шавад. Ва рушди муносибатҳои бозорӣ ва тезутундшавии масъалаҳои экологии захираҳои замин дар соҳаи кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон зарурати коркарди чораҳои дастаҷамъонаи баҳои экологӣ-иқтисодии самаранокии истифодаи заминҳои кишоварзиро, бо

назардошти маҳдудиятҳои захираҳои замин ва бадшавии вазъи экологии экосистемаҳои минтақавӣ дар назар дорад.

**Ҷадвали 1.** - Самаранокии ҷорӣ намудани заминдории органикӣ ба самаранокии экологӣ-иқтисодии дар истеҳсоли ғалладонагиҳо дар хоҷагиҳои коллективии ноҳияи Данғари минтақаи Хатлон

| Нишондиҳандаҳо | Хоҷагиҳои коллективие, ки қисман чораҳои экологиро гузаронидаанд | | | Хоҷагиҳои коллективие, ки чораҳои экологиро пурра гузаронидаанд | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | «Данғара» | «Насим» | «Навобод» | «Раҳмонҷон» | «Олими Карим-зод» | «Сомонҷон» |
| Майдони кишт, га | 35 | 42 | 51 | 38 | 55 | 60 |
| Ҳосилнокӣ с/га | 16 | 18 | 20 | 23 | 25 | 28 |
| Ҳосили умумӣ, т | 560 | 756 | 1020 | 874 | 1375 | 1680 |
| Арзиши аслии ҳосили умумӣ, ҳаз. сомонӣ | 140,0 | 189,0 | 255,0 | 218,5 | 343,7 | 420,0 |
| Ҳароҷотҳои истеҳсолӣ, ҳаз. сомонӣ | 124,4 | 155,0 | 184,2 | 154,5 | 228,4 | 265,5 |
| Ҳароҷотҳои истеҳсолӣ ба 1 га, ҳаз. сомонӣ | 3,5 | 3,7 | 3,6 | 4,1 | 4,2 | 4,4 |
| Ҳосилхезии хок, % | 2,5 | 2,3 | 3,1 | 4,5 | 4,8 | 5,0 |
| Самараи экологӣ-иқтисодӣ, ҳаз. сомонӣ | 15,6 | 34,0 | 70,8 | 64,0 | 115,3 | 154,5 |
| Самараи экологӣ-иқтисодӣ, аз 1 га, ҳаз. сомонӣ | 0,44 | 0,81 | 1,4 | 1,7 | 2,1 | 2,5 |
| Даромаднокӣ, % | 12,5 | 21,9 | 38,4 | 41,4 | 50,5 | 58,1 |

**Сарчашма: Ҳисоби муаллиф** аз руйи ҳисоботҳои солонаи хоҷагиҳои ноҳияи Данғара тайи солҳои 2015-2023.

Яке аз механизми муҳим дар бахши баланд бардоштани самаранокии экологӣ-иқтисодии истифодаи захираҳои замин ва ҷалби сармояҳо ба рушди соҳаи кишоварзӣ ин такмили механизми иқтисодӣ дар низоми заминдорӣ ба ҳисоб меравад. Истифодаи пулакии захираҳои замин - ин механизми асосии танзими самараноки истифодаи захираҳои замин ва унсури муҳими таъмини ҷазобияти сармоягузорӣ ба рушди минтақаҳои кишоварзӣ мебошад. Чунонки натиҷаи таҳқиқот нишон медиҳад, ҷанбаҳои мавҷудаи баҳои кадастрии арзиши заминҳои кишоварзӣ (маҳз, он базаи асосӣ барои муайян намудани низоми пардохти замин ба ҳисоб меравад) дар сатҳи лозима омилҳои экологӣ-табиӣ, ҳосилхезии иқтисодии хок ва дараҷаи таъсири антропогениро ба агроэкосистема ба назар намегирад. Масалан, меъёри андоз дар шароити кунунӣ дар минтақаҳои кишвар хеле паст буда, тахминан 1-1,5% аз арзиши истеҳсоли маҳсулотҳои кишоварзӣ аз 1 га ташкил медиҳад, ки он ҳавасмандии истифодаи самараноки захираҳои заминро таъмин наменамояд. Дар минтақаи кадастрии Суғд меъёри андоз аз 1 га заминҳои кишт ва дарахтони бисёрсола ба ҳисоби миёна 17,98 сомонӣ (заминҳои обёришаванда - 215,2; заминҳои кӯҳӣ - 12,5); дар минтақаҳои кадастрии Ҳиссор ва Кӯлоб - 16,14; дар Рашт -17,93; дар Вахш - 10,77 ва ВМБК - 7,6

сомонӣ мебошад [5, 13].

Зимни бадшавии ҳолати экологии захираҳои замин ва сатҳи баланди бекурбшавӣ (25-30% солона) дар соҳаи кишоварзии минтақаҳои мамлакат меъёри мавҷудаи андози замин самаранокии истифодабарии заминҳои кишоварзӣ, бахусус, дар минтақаҳои кӯҳӣ таъмин карда натавониста, ҳавасмандии истифодабарандагони заминро барои баланд бардоштани самаранокии экологӣ-иқтисодии истифодаи захираҳои замин ва ҷалби сармояҳо таъмин намекунад. Ба андешаи мо, дар минтақаҳои кадастрӣ зарур аст, ки меъёри андози замин барои заминҳои кишт, дарахтони бисёрсола, алафдаравҳо ва чарогоҳ ба 1-1,5 маротиба зиёд намуда, ин маблағҳои иловагиро ба беҳтар намудани вазъи экологии заминҳои мавҷудаи обёришаванда ва ва азхудкунии минтақаҳои кишвар равона кард.

Ҷорӣ намудани пардохтҳо ва таҳримҳои ҷаримавӣ барои ифлоскунандагони захираҳои замин, мувофиқи принсипи таъмини рушди устувори низоми заминдорӣ, дар ҳолати ифлоскунандагон ҷуброн ва ҳаққи пардохтро дар андозаи зарар мепардозанд, ки он ҷое назорати давлатии ҳифз ва самаранок истифодабарии захираҳои замин ва фазои сармоягузориро беҳтар менамояд. Ва ин пардохтҳо истифодабарандагони заминҳоро водор месозад ифлосшавиро кам намуда, чораҳои муҳофизати табиатро бехтар намоянд. Истифодаи андозҳои экологӣ барои таназзулёбии захираҳои замин низ истифода бурдан мумкин аст, ки он таъсири антропогениро ба агроэкосистемаи минтақавӣ кам ё манъ намуда, ба истифодаи самаранoки заминҳои обёришавандаи соҳаи кишоварзӣ мусоидат менамояд.

Дар маҷмуъ, чораҳои маҷмуии аз нигоҳи илмӣ асоснoкнамудаи ҷалби сармоягузориҳо ба муҳофизати табиат, аз ҷумла ҷорӣ намудани технологияи нав ва низоми киштгардон имконият медиҳад, ки таъсири антропогенӣ ба муҳити зист паст гардида, устувории экологии агроэкосистмаи минтақавӣ ва самаранокии соҳаи кишоварзӣ таъмин карда шавад. Ҳамаи ин зербинои асосӣ барои рушди устувор, таъмини бехатарии озуқаворӣ, тағийротҳоро ба беҳшавии вазъи иҷтимоӣ-иқтисодӣ, сатҳу сифати зиндагии аҳолӣ дар деҳот мусоидат менамояд.

## Адабиёт


1. Арабов Ф.П. Гулбекова С. Дж. Совершенствование механизм управления инвестициями в экономике Республики Таджикистан: от теории к практике // Вестник Российско-Таджикский (Славянский) университет. - Душанбе: -2019. - № 4 (68). - С. 90-99.

2. Борщевский П.П. Методологические основы экономической оценки использования, воспроизводства и сохранения природных ресурсов в продовольственном комплексе / П.П. Борщевский, А.А. Коваленко //Вестник Сумского государственного аграрного университета. Серия «Экономика и менеджмент». Научно-методический журнал. Вып. 1. - 2001. - С. 9-13.

3. Бердиев, Р. Б., Одинаев, С.П. Роль инвестиций в повышении темпов экономического роста и благосостояния населения/ Р.Б Бердиев, С.П. Одинаев // Вестник Таджикского государственного университета коммерции. Душанбе. -2017. - № 2/7. - С. 8-11.

4. Исайнов, Х.Р., Арабов, Ф.П. Инвестиции в земельно-водные ресурсы Таджикистана: механизм управления их эколого-экономическим использованием /Х.Р. Исайнов, Ф.П. Арабов. -Душанбе: Типографии ТНУ, 2021. - 192 с.

5. Кумитаи давлатии идораи замин ва геодезии Ҷумҳурии Тоҷикистон - Душанбе, 2021. - С. 12-15.

6. Тагоев Дж. Х. Пути активизации инвестиционной деятельности предприятий (на примере сельскохозяйственных предприятий Республики Таджикистан). - Душанбе: «Ирфон», 2009. - С 14.

7. Шералиев Э.Н. Региональные особенности оценки эффективности аридного землепользования в сельском хозяйстве Таджикистана (Теория, методология и практика). Дисс. на соис. учён. степ. д.э.н. - Душанбе. - 2023. - С. 243.



**Маълумот дар бораи муаллиф: Маҳмадёров Аббос Умурбоевич** - унвонҷӯйи Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Ш. Шоҳтемур. Суроға: Ҷумҳурии Тоҷикистон. Ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 146, E-mail: mahmadyrovabbos@gmail.com. Телефлон: (+992) 93- 198- 99-88.

**Сведения об авторе: Махмадеров Аббос Умурбоевич** - аспирант Таджикского аграрного университета имени Ширишох Шотемура. Адрес: 734003, Республика Таджикистан. г. Душанбе, проспект Рудаки, 146, E-mail: mahmadyrovabbos@gmail.com. Телефлон: (+992) 93- 198- 99-88.

**Information about the author: Mahmaderov Abbos Umurbaevich** - postgraduate student at the Tajik Agrarian University named after Shirinshoh Shotemur. Address: 146 Rudaki Avenue, Dushanbe, 734003, Republic of Tajikistan, E-mail: mahmadyrovabbos@gmail.com . Phone number: (+992) 93- 198- 99-88.

УДК: 336.15 (575.3)

# МЕХАНИЗМҲОИ АСОСИИ ТАНЗИМИ МОЛИЯВИИ ИҚТИСОДИЁТ ДАР ШАРОИТИ ИМРӮЗА

**Сабурзода Ф.М.**

***Аннотатсия.*** *Дар мақола муаллиф таъсири механизмҳоии асосии танзими молияviро барои иқтисодиёт дар шароити имрӯза баррасӣ намудааст. Дар асоси таҳлилҳои муаллиф танзими давлатии молиявӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон шаклу воситаҳои гуногунро дар бар мегирад, ки тавассути онҳо давлат ба иқтисодиёти миллӣ таъсир мерасонад, ҳамзамон онро муътадил гардонда рушди устуворро таъмин менамояд. Мавриди зикр аст, ки асосҳои танзими молиявӣ усулҳо ва механизмҳое мебошанд, ки мақомоти давлатӣ, бонки марказӣ ва дигар муассисаҳои молиявӣ барои таъсир расонидан ба иқтисодиёт, ба эътидол овардани бозорҳои молиявӣ, идоракунии ҳаҷми пул ва нигоҳ доштани фаъолияти иқтисодӣ истифода мебаранд.*

*Зарурати дахолати давлат ба иқтисодиёт бо мақсади танзими он бо ҳалли масъалаҳои вобаста ба қонеъ гардонидани талаботи ҷомеа, дастгирии самтҳои афзалиятноки рушди иқтисодиёт, такмил ва васеъ намудани иншооти инфрасохтори истеҳсолӣ ва иҷтимоӣ мебошад.*

***Калидвожаҳо:*** *танзими молиявӣ, танзими давлатии иқтисодиёт, рушди усувори иқтисодиёт, захираҳои молиявӣ, буҷети давлатӣ, даромади буҷети давлатӣ, хароҷоти буҷети давлатӣ, қарзи давлатӣ, сармоягузорӣ, механизмҳои танзими молиявӣ.*

***Барои иқтибос***: *Сабурзода Ф.М. Механизмҳои асосии танзими молиявии иқтисодиёт дар шароити имрӯза/ Ф.М. Сабурзода // Паёми молия ва иқтисод. – 2024. – No. 4.2 (43). – С. 563-570.*

# ОСНОВНЫЕ МЕХАНИЗМЫ ФИНАНСОВОГО РЕГУЛИРОВАНИЯ ЭКОНОМИКИ В СОВРЕМЕННЫХ УСЛОВИЯХ

**Сабурзода Ф.М.**

***Аннотация.*** *В статье автор обсуждает влияние основных механизмов финансового регулирования на экономику в сегодняшних условиях. Согласно анализам автора, государственное финансовое регулирование в Республике Таджикистан включает в себя различные формы и средства, с помощью которых государство воздействует на национальную экономику, одновременно стабилизируя ее и обеспечивая устойчивое развитие. Следует отметить, что основы финансового регулирования-это методы и механизмы, используемые государственными органами, Центральным банком и другими финансовыми учреждениями для воздействия на экономику, стабилизации финансовых рынков, управления денежными потоками и поддержания экономической активности.*

*Необходимо вмешательство государства в экономику с целью ее регулирования путем решения вопросов, связанных с удовлетворением потребностей общества, поддержкой приоритетных направлений экономического развития, совершенствованием и расширением объектов производственной и социальной инфраструктуры.*

***Ключевые слова:*** *финансовое регулирование, государственное регулирование экономики, устойчивое экономическое развитие, финансовые ресурсы, государственный бюджет, доходы государственного бюджета, расходы государственного бюджета, государственный долг, инвестиции, механизмы финансового регулирования.*

# MAIN MECHANISMS OF FINANCIAL REGULATION OF THE ECONOMY IN MODERN CONDITIONS

**Saburzoda F.M.**

***Annotation.*** *In the article, the author discusses the impact of the main mechanisms of financial regulation on the economy in today's conditions. According to the author's analysis, state financial regulation in the Republic of Tajikistan includes various forms and means by which the state influences the national economy, while stabilizing it and ensuring sustainable development. It should be noted that the fundamentals of financial regulation are the methods and mechanisms used by government agencies, the Central Bank and other financial institutions to influence the economy, stabilize financial markets, manage cash flows and maintain economic activity.*

*It is necessary for the state to intervene in the economy in order to regulate it by addressing issues related to meeting the needs of society, supporting priority areas of economic development, improving and expanding industrial and social infrastructure facilities.*

***Keywords:*** *financial regulation, state regulation of the economy, sustainable economic development, financial resources, state budget, state budget revenues, state budget expenditures, state debt, investments, financial regulation mechanisms.*

**Гузориши масъала.** Тасодуфӣ нест, ки дар мамлакатҳои аз ҷиҳати иқтисодӣ тараққикарда танзими молиявии давлатӣ дар соҳаи истеҳсолот ва амалияи иқтисодӣ васеъ истифода мешавад. Дар ин ҳошия зикр намудан ба маврид аст, ки усулҳо, воситаҳо ва фишангҳои танзими молиявии давлатӣ то имрӯз пурра таҳқиқ карда нашудаанд, бисёр вазифаҳои ҳалнашуда вобаста ба дахолат ба иқтисодиёти давлат мавҷуданд. Дар баробари ин бояд қайд кард, ки дар ташаккул ва рушди сохтори иқтисодии ҳар як ҷомеаи муосир танзими молиявии давлатӣ, ки дар доираи сиёсати иқтисодии интихобкардаи давлат амалӣ карда мешавад, нақши ҳалкунанда дорад. Ҳамзамон танзими давлатии молияви дар маҷмӯъ тавасути низоми молиявии мамалкат сурат мегирад.

**Таҳлили таҳқиқотҳои охир ва нашриёт.** Масъалаҳои марбут ба масъалаҳои асосии танзими молиявии рушди иқтисодиёт дар корҳои илмии олимони хориҷӣ аз қабили Леонтьев В.В., Сакс Д.Д., Самуэлсон П., Фридман М. ва дигарон мавриди баррасӣ қарор дода шудааст.

Ҳамзамон доир ба баъзе паҳлуҳои танзими молиявии рушди иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити имрӯза дар корҳои иқтисодшиносони ватанӣ Улуғхоҷаева Х.Р., Ҷонмамадов Ш.Б., Раҳмонов, Ф. С., Асроров И.А., Каримова М.Т., ва дигарон мавриди омӯзиш қарор дода шудааст.

**Мақсади мақола.** Пеш аз ҳама омӯзиши механизмҳои асосии иқтисодӣ, аз қабили буҷети давлатӣ, қарзи давлатӣ, сармоягузорӣ, ки ба танзими молиявии иқтисодиёт таъсири хешро мерасонанд.

**Муҳтавои асосии мавод.** Танзими молиявии иқтисодиёт ҳамчун яке аз ҳадафҳои стратегии сиёсати зиддибуҳронии давлат дар шароити муосири кишвар дар суханрониҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҳамеша таъкид мегардад. Буҳронҳои иқтисодии солҳои охир хусусан ё бӯҳроне, ки дар натиҷаи пандемияи COVID-19 ба вуҷуд омада буд, нишон медиҳад, ки то чӣ андоза муҳим будани механизмҳои муассири танзими давлатии молиявӣ барои коҳиш додани оқибатҳои ин бӯҳронҳо муҳим аст [6, с.251]. Ин таъсир дар вазифаҳои ҳамоҳангсозӣ ва ташкилии давлат дар раванди ташаккули асосҳои низоми иқтисоди бозорӣ ва дар муҳайё намудани шароит барои гузаштан ба дигар шакли низоми иқтисодӣ зуҳур меёбад. Ба ин муносибат масъалаҳои муайян кардани ҳадди зарурӣ ва ниҳоии дахолати давлат ба иқтисодиёт дар давраи гузариш, инчунин масъалаҳои такмили механизмҳои танзими давлатии иқтисодиёт аҳамияти махсус пайдо мекунанд Аз ин рӯ, субъекти асосии танзими молиявӣ давлат ба ҳисоб меравад [7, с.80].

Дар кишварҳои пешрафтаи ҷаҳон шаклҳои гуногуни дахолати давлат ба раванди фаъолияти иқтисодии субъектҳои соҳибкорӣ ва фаъолияти иқтисодии онҳо дар ҳоли ҳозир истифода мешаванд. Аксар иқтисодшиносони муосир аввалин кӯшиши танзими молиявии иқтисодиётро ба давраи ташаккулёбии муносибатҳои бозорӣ дар асрҳои XVII-XVIII нисбат медиҳанд [5,с.26]. Илова бар ин, танзими равандҳои иқтисодӣ вазифаи асосии давлат мебошад, ки бевосита ба сатҳҳои низоми молияи

давлатӣ алоқаманд мебошад. Дар ин ҳолат давлат ҳамчун ниҳоди мушаххаси иқтисоди бозорӣ баромад мекунад. Дар шароити пешрафти илму техникаи муосир имрӯзҳо нақши танзимкунандаи молиявии равандҳои иқтисодӣ то рафт мураккаб шуда, бо вазифаҳои иловагии рушди илм, маориф ва инфрасохтори иттилоотӣ пурра мегардад [3, с.14].

Низоми молияви ин маҷмӯи институтҳо, бозорҳо ва механизмҳое мебошад, ки идоракунии самарабахши гардиши молияviро таъмин намуда, фаъолияти иқтисодиро дастгирӣ намуда, муомилоти пулро танзим мекунанд. Низоми молиявӣ дар танзими иқтисодиёт, таъмини азнавтақсимкунии самараноки захираҳо, нигоҳ доштани суботи иқтисодӣ ва ҳавасмандгардонии рушд нақши асосиро мебозад.

Бояд қайд намуд, ки низоми молиявии мамлакат таввассути унсурҳо ё бахшҳои худ аз қабили бонкҳо, бозорҳои саҳомӣ, ширкатҳои суғуртавӣ, низоми буҷети далатӣ, низоми андоз ва андозбандӣ, қарзи давлатӣ, фондҳои мақсадноки давлатӣ, сиёсати сармоягузорӣ, сиёсати гумрукӣ ва дар маҷмӯъ бозорҳои молиявӣ танзим мекунад. Ҳамзамон бояд қайд кард, ки низоми молиявӣ барои аз нав тақсим кардани захираҳои молиявӣ дар байни соҳаҳои иқтисодиёт ёрӣ мерасонад. Бозорҳои бонкӣ ва молиявӣ сармояро ба бахшҳои истеҳсолкунанда равона мекунанд, ки ба рушди тиҷорат мусоидат мекунанд.

Мавриди зикр аст, ки танзими давлатии молиявӣ намудҳои гуногунеро дар бар мегирад, ки ба ҳам алоқаманд буда, ба ҳифзи суботи иқтисодӣ, таъмини адолати иҷтимоӣ ва тақсимоти самараноки захираҳо нигаронида шудаанд. Ҳар як самт вобаста ба шароити кунунии иқтисодӣ ва ҳадафҳои сиёсати давлат истифода мешавад. А. Артемов, А. Брикин ва В. Шумаев қайд кардаанд, давлат бояд танзими молиявии иқтисодиётро бо низоми мукаммали қонунгузорӣ ва дигар санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ ба роҳ монад [1,с.4]. Дар баробари ин танзими молиявии давлати маҷмуи воситаҳоро дар бар мегирад, ки давлат бо ёрии онҳо ҷараёни молиявиро идора мекунад, фаъолияти иқтисодиро ҳавасманд мекунад ва ба мақсадҳои иҷтимоию иқтисодӣ ноил мегардад. Дар шароити имрӯза механизмҳои асосии танзими молиявии иқтисодиётро метавон чунин гурӯҳбандӣ намуд:

**Расми 1.Механизмҳои асосии танзими далатии молиявии иқтисодиёт**



Чуноне, ки маълум гардид, яке аз муҳимтарин механизмҳое, ки давлат танзими иқтисодӣ ва иҷтимоиро бо он амалӣ менамояд, ин буҷети давлатӣ мебошад. Яъне меҳвари асосии низоми молияи давлатии ҳар як кишвар ин буҷети давлатӣ мебошад. Буҷети давлатӣ муҳимтарин воситаи танзими молиявии иқтисодиёти кишвар, таъмини дубора тақсимоти захираҳо ва мусоидат ба устувории низоми иқтисодӣ мебошад. Он ҳуҷҷати асосии молияви буда, даромад ва хароҷоти пешбинишудаи давлатро дар давраи муайян, одатан дар як сол инъикос мекунад ва барои банақшагирӣ ва татбиқи сиёсати молиявии давлати ҳамчун асос хизмат мекунад.

Дар баробари ин, танзими буҷети давлатӣ муҳимтарин омили рушди низоми молиявӣ ва таъмини суботи иқтисодӣ мебошад. Идоракунии самараноки молияи давлатӣ на танҳо ба ноил шудан ба ҳадафҳои макроиқтисодӣ, балки ба нигоҳ доштани эътимоди сармоягузорон, субот дар бозорҳои молиявӣ ва баланд бардоштани сатҳи зиндагии мардум мусоидат мекунад. Муҳим он аст, ки танзими буҷет бо дарназардошти тағйироти вазъи иқтисодӣ ва омилҳои беруна мутобиқ бошад.

Вобаста ба ин яке аз масъалаҳои муҳим ин танзими даромадҳои буҷети давлатӣ мебошанд. Он муносибатҳои иқтисодии байни давлат бо ташкилотҳо, корхонаҳо, муассисаҳо ва шаҳрвандонро, ки дар раванди пардохтҳои буҷетӣ пайдо мешаванд, инъикос менамоянд. [2, с.456]. Танзими даромадҳои буҷети давлатӣ ин раванди идоракунии манбаъҳо ва ҳаҷми даромадҳо ба буҷети давлатӣ мебошад. Бо ибораи дигар гуфтан ба маврид аст, ки он як унсури муҳими сиёсати фискалӣ мебошад, ки ба суботи иқтисодӣ, рушди низоми молиявӣ ва қобилияти давлат дар иҷрои ӯҳдадориҳои худ таъсир мерасонад. Танзими даромадҳои давлатӣ равандест, ки на танҳо андозбандии муассир, балки ҳавасмандгардонии рушди иқтисодӣ, мубориза бо саркашӣ аз андоз ва идоракунии устувори қарзҳои давлатиро дар бар мегирад. Ин имкон медиҳад, ки устувории молиявӣ ва рушди тамоми низоми иқтисодиро таъмин намоем.

Бояд қайд кард, ки такмили танзими даромадҳои буҷети давлатӣ ба баланд бардоштани самаранокӣ ва устувории низоми молиявии кишвар, инчунин фароҳам овардани шароит барои рушди дарозмуддати иқтисодӣ ва суботи иҷтимоӣ нигаронида шудааст.

Идоракунии дурусти даромадҳои буҷети давлатӣ ба суботи иқтисодӣ, баробарии иҷтимоӣ ва рушди дарозмуддати кишвар мусоидат мекунад (ниг. ба ҷадвали №1).

**Ҷадвали 1.** Динамикаи даромадҳои буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои 2020-2023
(иҷроиши аслӣ бо млн. сомонӣ)

| Нишондиҳандаҳо | Солҳо | | | | 2023/2020 маротиба |
|---|---|---|---|---|---|
| | 2020 | 2021 | 2022 | 2023 | |
| **Ҳаҷми умумии буҷети давлатӣ** | **25064,9** | **30053,8** | **36056,8** | **43903,4** | **1,7** |
| Даромадҳои ҷорӣ ва грантҳо | 18414,9 | 21508,0 | 25263,7 | 28644,6 | **1,5** |
| **Воридоти андозҳо** | **15366,5** | **19669,5** | **21824,2** | **25769,1** | **1,6** |
| -андоз аз даромад ва андоз аз фоида | 3575,6 | 4712,7 | 5906,1 | 6861,2 | **1,9** |
| -андоз аз даромад | 1878,1 | 2345,2 | 2856,9 | 3341,1 | **1,7** |
| -андоз аз фоида | 1697,4 | 2336,6 | 3049,2 | 3520,0 | **2,0** |
| -андозҳои иҷтимоӣ | 1686,8 | 2037,2 | 2001,0 | 2257,1 | **1,3** |
| -андоз аз molу мулки ғайриманқул ва замин | 374,2 | 456,9 | 869,5 | 1015,3 | **2,7** |
| аз ҷумла: андоз аз замин | 56,4 | 69,2 | 113,9 | 121,4 | **2,1** |
| андоз аз арзиши иловашуда | 6393,1 | 8215,9 | 8949,0 | 10619,6 | **1,6** |
| аксизҳо | 621,0 | 745,2 | 902,0 | 1253,7 | **2,0** |
| -дигар даромадҳои берунӣ барои савдо | 701,4 | 907,4 | 1092,9 | 1547,5 | **2,2** |

| | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| ва амалиётҳо | | | | | |
| -андозҳои дигари дохилӣ ва пардохтҳо аз молу хизматрасониҳо | 331,5 | 389,5 | 188,0 | 220,8 | **0,6** |
| **Воридоти ғайриандозӣ** | **1895,4** | **1601,2** | **2418,5** | **2333,2** | **1,2** |
| -воридот аз моликият ва фаъолияти соҳибкорӣ | 297,0 | 313,2 | 477,9 | 465,3 | **1,5** |
| -дигар пардохтҳои ҳатмӣ ба буҷет | 237,9 | 310,2 | 421,1 | 590,7 | **2,4** |
| -ҷаримаҳо ва мучозотҳо (санксияҳо) | 210,7 | 278,0 | 304,0 | 356,0 | **1,6** |
| -воридоти дигари ғайриандозӣ ва пардохтҳои маъмурӣ | 459,2 | 628,1 | 648,2 | 728,3 | **1,5** |
| Даромад аз сармоя | 690,3 | 68,4 | 567,1 | 192,8 | **0,2** |
| Грантҳо | 1150,7 | 237,2 | 1020,9 | 542,2 | **0,4** |

**Сарчашма:** аз ҷониби муаллиф дар асоси маълумотҳои зерин тартиб ва ҳисоб карда шудааст: Молия Тоҷикистон // Маҷмӯаи оморӣ.-Душанбе: АОНПҶТ, 2024с. С. 15-21.

Таҳлили нишондиҳандаҳои ҷадвали боло аз он шаҳодат медиҳад, ки ҳаҷми даромадҳои буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи таҳлилӣ (2020-2023) зиёд гардидаанд. Масалан, даромади умумии буҷети давлатӣ дар соли 2020 25064,9 млн. сомонӣ буд, ки дар соли 2023 ба 43903,4 млн. сомонӣ расидааст, ки ин 1,7 маротиба зиёд шудааст. Даромадҳои ҷорӣ ва грантҳо бошанд, дар солҳои таҳлилӣ низ мутаносибан аз 18414,9 млн. сомонӣ ба 28644,6 млн. сомонӣ омада расидаанд ва ё 1,5 маротиба афзоиш ёфтаанд.

Бояд зикр намуд, ки танзими хароҷоти буҷети давлатӣ низ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷанбаи муҳими сиёсати фискалӣ буда, ба рушди иқтисодӣ, амнияти иҷтимоӣ ва инфрасохтории кишвар таъсирри хеле назаррас мерасонад. Раванди танзими хароҷоти буҷети давлатӣ дар Тоҷикистон ҷанбаҳои гуногун ва механизмҳои асосиро дар бар мегирад, ки ба таъмини устувории буҷет ва истифодаи самараноки захираҳои молиявӣ нигаронида шудаанд. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон танзими хароҷоти буҷети давлатӣ тавассути механизмҳои гуногун амалӣ карда мешавад, ки ба тақсимоти самараноки маблағҳо ва назорати истифодаи онҳо нигаронида шудаанд.

Бояд қайд намуд, ки танзими хароҷоти буҷети давлатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон василаи муҳими таъмини суботи иқтисодӣ ва рушди иҷтимоӣ мебошад. Сарфи назар аз мушкилоти мавҷуда, аз қабили захираҳои маҳдуд, вобастагии зиёд аз маблағгузории беруна ва мушкилоти самаранокии хароҷот, дар кишвар барои такмил додани идоракунии молиявӣ фаъолона кор бурда мешавад. Истифодаи механизмҳои қатъии назорат, такмили банақшагирии хароҷот ва ҳамкорӣ бо шарикони байналмилалӣ метавонад самаранокии танзими буҷетиро ба таври назаррас беҳтар созад. Такмили танзими хароҷоти буҷети давлати ба баланд бардоштани самаранокии истифодаи маблағҳои буҷети, таъмини суботи ичтимоию иқтисоди, оптимизатсияи хароҷоти давлат нигаронида шудааст.

Баланд бардоштани самаранокии идоракунии хароҷоти давлатӣ муносибати маҷмӯиро тақозо мекунад, ки тадбирҳои дохилӣ ва беруниро дар бар мегирад, ки ба оптимизатсияи хароҷот, кам кардани коррупсия ва такмили назорат нигаронида шудаанд. Такмили танзими хароҷоти буҷети давлати бояд ба истифодаи оқилонаи маблағҳо, баланд бардоштани самаранокии барномаҳо ва лоиҳаҳои давлати, инчунин кам кардани хароҷоти ғайримақсаднок ва хавфҳои коррупсиони равона карда шавад.

Ҳамзамон шаффофият, банақшагирӣ ва назорати хароҷот, инчунин истифодаи усулҳои инноватсионии идоракунӣ ва аудит имкон медиҳад, ки системаи танзими буҷетӣ, ки қобилияти дастгирии самараноки рушди иқтисодӣ ва некуахволии иҷтимоии аҳолӣ дошта бошад, таъсис дода шавад.

Танзими давлатии молияви дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар муътадил гардонидан ва рушди иқтисодиёт нақши асосиро мебозад. Он тавассути доираи васеи воситаҳо, аз ҷумла танзими буҷетӣ ва андоз, сиёсати пулию қарзӣ, инчунин тавассути дастгирии соҳаҳои алоҳида ва ҷалби сармояи

хориҷӣ амалӣ карда мешавад. Самаранокии ин воситаҳо аз мувофиқати онҳо бо ҳадафҳои иқтисодии кишвар, инчунин аз қобилияти ҳукумат барои мутобиқ кардани сиёсатҳо дар посух ба чолишҳои дохилӣ ва хориҷӣ вобаста аст.

Дар маҷмӯъ такмили танзими буҷет ҷараёни пай дар пай баланд бардоштани самаранокии истифодаи маблағҳои буҷетӣ, мустаҳкам намудани интизоми молиявӣ ва таъмини суботи ичтимоӣ мебошад.

Қобили тазаккур аст, ки дар солҳои охир Ҷумҳурии Тоҷикистон барои беҳтар намудани ҷараёни буҷет ва баланд бардоштани самаранокии истифодаи маблағҳои давлатӣ тадбирҳои гуногун андешидаистодааст. Дар раванди ин такмилот ҳам механизмҳои дохилии банақшагирӣ ва иҷрои буҷет ва ҳам ҳамкории мутақобила бо институтҳои молиявии байналмилалӣ ҷанбаҳои муҳимро дар бар мегиранд. Ҷумҳурии Тоҷикистон барои такмили методологияи банақшагирии буҷет чораҳои заруриро андиешидаистодааст. Ҳадафи асосӣ ин пешниҳоди пешгӯиҳои дақиқ ва вокеии даромад ва хароҷот дар асоси вазъи макроиқтисодӣ ва тамоюлҳои кунунии иқтисодӣ мебошад.

Дар баробари ин яке аз масъалаҳои муҳими такмили танзими буҷетӣ ин такмили низоми андоз мебошад. Танзими низоми андоз дар Тоҷикистон барои дастгирии суботи иқтисодӣ, рушди соҳибкорӣ ва барномаҳои иҷтимоӣ нақши муҳим дорад. Солҳои охир дар кишвар ислоҳот барои такмили низоми андоз, соддагардонии маъмурияти андоз ва баланд бардоштани сатҳи ҷамъоварии андозҳо амалӣ карда мешавад. Солҳои охир дар Тоҷикистон барои ислоҳоти низоми андози худ фаъолона кор бурда мешавад. Яке аз ҳадафҳои муҳим эҷод намудани низоми нисбатан муассири андоз мебошад, ки шаффоф бошад ва ба беҳтар намудани фазои соҳибкорӣ мусоидат намояд. Ҳамзамон бояд қайд кард, ки дар солҳои охир низ ҷиҳати соддагардонии расмиёти сармоягузорони хориҷӣ, аз ҷумла имтиёзҳои андоз, озодкунӣ аз баъзе андозҳо барои давраи муайян ё дар давраи амалисозии лоиҳаҳои сармоягузорӣ тадбирҳо андешида шуданд. Ин имкон медиҳад, ки ба тараққиёти соҳаҳои нави иқтисодиёт ҳавасманд гардад. Инчунин Ҷумҳурии Тоҷикистон кӯшиш мекунад, ки системаи электронии андозбандиро ҷорӣ намояд ва ин метавонад самаранокии ҷамъоварии андозҳоро беҳтар кунад. Барои такмили низоми андозӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон андешидани чораҳои заруриро аз қабили - зиёд намудани ҷамъоварии андозҳо тавассути такмили маъмурият ва истифодаи технологияҳои муосир барои назорати даромадҳои андоз ва тавсеаи манбаи андоз ва кам кардани вобастагӣ аз даромадҳо аз сарчашмаҳои беруна, аз қабили кӯмакҳои байналмилалӣ ва қарзҳо зарур аст.

Такмили танзими буҷетӣ дар Тоҷикистон бархӯрди ҳамаҷониба, аз ҷумла ҳам такмил додани таҷрибаи дохилии буҷетӣ ва ҳам ҳамкорӣ бо созмонҳои байналмилалиро тақозо мекунад. Ҳадафи як қатор ислоҳот баланд бардоштани шаффофият, такмили банақшагирӣ, пурзӯр кардани назорат аз болои хароҷот ва афзоиши даромадҳои андоз мебошад. Ҳамаи ин тадбирҳо ба таъсиси низоми устувори молиявӣ ва мусоидат ба рушди иқтисодии кишвар мусоидат мекунанд.

Танзими давлатии молияви дар таъмини устувории иқтисодиёти миллӣ, таъмини тақсими одилонаи захираҳо ва фароҳам овардани шароити мусоид барои рушди устувор нақши асосиро мебозад. Он муҳимтарин унсури низоми молиявии кишвар буда, доираи васеи тадбирҳоро дар бар мегирад, ки ба идоракунии гардиши молиявӣ, даромад ва хароҷоти давлат, инчунин ҳавасмандгардонии фаъолияти иқтисодӣ ва ҳалли масъалаҳои иҷтимоӣ нигаронида шудаанд. Яке аз вазифаҳои асосии танзими молиявии давлатӣ нигоҳ доштани суботи макроиқтисодӣ мебошад. Ин тавассути идоракунии самараноки буҷети давлатӣ, назорати таваррум, танзими қурби асъор ва фоизҳо ба даст меояд. Истифодаи дурусти сиёсати фискалӣ ва пулию қарзӣ кӯмак мекунад, ки бӯҳронҳои иқтисодӣ пешгирӣ карда шавад, тамоюлоти молиявӣ ба ҳадди ақал расонида шавад ва иқтисодиёт дар давраи таназзул ё гармшавии бозор ба эътидол оварда шавад. Давлат рушди иқтисодиро тавассути танзими молиявӣ, аз ҷумла тавассути сиёсати андоз, хароҷоти

давлатӣ, субсидияҳо ва грантҳо ҳавасманд мекунад.

Масалан, дар замони бӯҳрон давлат метавонад хароҷоти худро барои лоиҳаҳои инфрасохторӣ афзоиш диҳад, ки боиси таъсиси ҷойҳои корӣ ва ҳавасмандии фаъолияти иқтисодӣ мегардад. Инчунин, имтиёзҳои андоз ва дастгирии сармоягузории хусусӣ ба рушди соҳибкории хурду миёна мусоидат намуда, дар навбати худ иқтисодро таҳким мебахшад. Қисми муҳими танзими молиявӣ назорат аз болои сатҳи қарзи давлатӣ мебошад. Қарзи аз ҳад зиёд метавонад ба бӯҳрони молиявӣ оварда расонад, аз ин рӯ ҳукуматҳо мекӯшанд, ки тавозуни оптималии байни қарзгирӣ ва қобилияти пардохтро нигоҳ доранд.

Дар баробари ин шакли дигари танзим ин танзими сармоягузорӣ ба шумор рафта як воситаи муҳими танзими иқтисод аст, зеро он ба фароҳам овардани шароит барои ҷалби сармоя, ҳавасмандгардонии афзоиши ҳосилнокӣ, такмили инфрасохтор ва мусоидат ба таъсиси ҷойҳои корӣ мусоидат мекунад. Дар шароити муосир, бахусус дар кишварҳои дорои иқтисоди рӯ ба тараққӣ, ба мисли Тоҷикистон, танзими самараноки сармоягузорӣ аҳамияти хеле хоса дорад. Пеш аз ҳама танзими сармоягузорӣ ба фароҳам овардани шароити ҷолиб барои сармоягузорони хориҷӣ нигаронида шудааст. Ин махсусан барои кишварҳои рӯ ба тараққӣ муҳим аст, ки бозори сармояи маҳаллӣ метавонад суст инкишоф ёбад. Танзими сармоягузорӣ, аз ҷумла имтиёзҳои андоз, кам кардани монеаҳо дар пешбурди соҳибкорӣ ва соддагардонидашудаи бақайдгирӣ ва иҷозадиҳӣ ба ҷалби сармоя ва технологияи зарурӣ мусоидат мекунад, ки ба рушди иқтисод ва баланд бардоштани рақобатпазирии кишвар мусоидат мекунад. Танзими муассир инчунин ба рушди бозори дохилии сармоя мусоидат намуда, барои соҳибкорони маҳаллӣ имконият фароҳам меорад. Ин омили муҳими ташаккули соҳибкории рақобатпазир, беҳбуди хизматрасонии молиявӣ ва фароҳам овардани шароит барои рушди соҳибкории хурду миёна мебошад. Ҳамзамон ҷалби сармоя ба лоиҳаҳои инфрасохторӣ (кишоварзӣ, саноат, энергетика, нақлиёту коммуникатсия ва ғайра) барои кишвар аҳамияти калон дорад. Қоидаҳои хуб тарҳрезишудаи сармоягузорӣ метавонад иҷрои лоиҳаҳои бузурги инфрасохторро суръат бахшад, ки дар навбати худ самаранокии дигар бахшҳои иқтисодиётро беҳтар мекунад. Танзими сармоягузорӣ ба рушди устувори иқтисодӣ тавассути фароҳам овардани муҳити устувор ва пешбинишаванда барои тиҷорат мусоидат мекунад. Сармоягузориҳои ҷалбшуда ба навсозии истеҳсолот, ҷорӣ намудани технологияҳои нав ва баланд бардоштани самаранокӣ мусоидат мекунанд. Кишварҳое, ки фазои сармоягузории худро фаъолона танзим мекунанд, метавонанд ба иқтисоди байналмилалӣ ба осонӣ ворид шаванд. Сармоягузориҳо иқтидори содиротиро ҳавасманд намуда, муносибатҳоро бо кишварҳои хориҷӣ ва ширкатҳои байналмилалӣ беҳтар намуда, ба рушди минбаъдаи савдои хориҷӣ ва рушди иқтисодӣ мусоидат мекунанд. Муҳимтарин ҷанбаи танзими сармоягузорӣ мавҷудияти заминаи возеҳ ва устувори қонунгузорӣ мебошад, ки ҳифзи ҳуқуқҳои сармоягузорон, пешгӯии муҳити соҳибкорӣ ва кам кардани хатарҳоро таъмин менамояд. Пешниҳоди имтиёзҳои андозӣ ва дигар имтиёзҳо барои сармоягузорон имкон медиҳад, ки барои сармоягузорӣ дар соҳаҳои алоҳида ё минтақаҳо шароити ҷолиб фароҳам биёрад.

Танзими сармоягузорӣ на танҳо воситаи муҳими ҳавасмандгардонии рушди иқтисодӣ, балки унсури зарурии стратегияи давлатӣ мебошад, ки ба ҷалби сармоя, рушди соҳаҳои нави саноат ва беҳтар намудани вазъи иҷтимоию иқтисодӣ нигаронида шудааст. Сармоягузории хориҷӣ метавонанд бо роҳи ташкили корхонаҳои муштарак ва корхонаҳое, ки пурра ба сармояҳои хориҷӣ тааллуқ доранд, ҷойҳои нави кориро таъмин кунанд, маҳсулот истеҳсол намоянд, ба буҷет андоз супоранд ва бо ҳамин воридшавии даромадҳои пулии лозимаро ба буҷет таъмин намоянд [5, с.77]. Дар шароити рақобати ҷаҳонӣ барои захираҳо ва сармоя танзими самараноки сармоягузорӣ ба ҷузъи ҷудонашавандаи иқтисоди миллӣ, бахусус барои кишварҳои бозаргонии рушдёбанда табдил меёбад.

Вобаста ба ин нақши танзими давлатии молиявӣ инчунин назорати фаъолияти

муассисаҳои молиявӣ, аз қабили бонкҳо, ширкатҳои суғурта ва фондҳои нафақаро дар бар мегирад. Ҷорӣ намудани қоидаҳо ва стандартҳо, аз қабили талаботи сармоя, назорати пардохтпазирӣ ва муқовимат ба қаллобии молиявӣ, ба таҳкими эътимод ба низоми молиявӣ ва пешгирии бӯҳрони молиявӣ мусоидат мекунад. Дар маҷмӯъ, танзими давлатии молиявӣ муҳимтарин воситаи таъмини суботи иқтисодӣ, адолати иҷтимоӣ ва рушди иқтисодӣ мебошад. Он барои мутобиқ кардани иқтисодиёти кишвар ба чолишҳои берунӣ ва дохилӣ, дастгирии некӯаҳволии шаҳрвандон ва фароҳам овардани шароит барои рушди соҳибкорӣ мусоидат мекунад.

Ҳамин тариқ, низоми молиявӣ воситаи ҷудонашавандаи рушди устувори иқтисодӣ, мувозинати талаботу пешниҳод ва нигоҳ доштани суботи иқтисодии кишвар мебошад. Маҳз, ба воситаи захираҳои молиявии давлат молиякунонии соҳаҳои алоҳидаи иқтисодиёт амалӣ гардида, фондҳои эҳтиётӣ ва захиравӣ барои мақсадҳои муайян ташкил карда мешаванд ва ҳамзамон ин захираҳои молиявӣ барои рушди иқтисоди миллии мамлакат ва беҳтар гардидани сатҳи зиндагии мардум дар натиҷаи амалӣ намудани ҳадафҳои стратегӣ равона мегарданд [8, с.348]. Дар ин ҳошия бояд зикр намуд, ки шаклҳо ва фишангҳои асосии молиявӣ метавонанд таъсири мусбати худро барои рушди устувори иқтисоди миллӣ расонанд. Дар маҷмӯъ танзими молиявии давлатӣ ҳамчун унсури асосии низоми молиявӣ маҷмӯи механизмҳоеро дар бар мегирад, ки тавассути онҳо давлат ба иқтисодиёт бо мақсади ноил шудан ба суботи макроиқтисодӣ, беҳтар намудани некӯаҳволии иҷтимоӣ ва тақсимоти оптималии захираҳо таъсир мерасонад. Ҳамзамон танзими давлатии молияви воситаи муҳимтарини идоракунии иқтисодиёт буда, мувозинати байни хароҷоти давлат, даромадҳои андоз ва муомилоти пулро таъмин менамояд. Ин ба мо имкон медиҳад, ки рушди устувори иқтисодиро таъмин кунем, кафолатҳои иҷтимоиро нигоҳ дорем ва хатарҳои иқтисодиро кам кунем.

**Адабиёт**


1. Артемов А. Модернизация государственного управления экономикой / А. Артемов, А. Брыкин, В. Шумаев // Экономист. - 2008. -№2. -С.3-14.
2. Г.Б. Поляк. Финансы: учебник для студентов вузов, обучающихся по экономическим специальностям, специальности «Финансы и кредит» / Г.Б. Поляк, О.И. Пилипенко, Н.Д. Эриашвили [и др.]; под редакцией Г.Б. Поляка. – 4-е изд. – Москва: ЮНИТИ-ДАНА, 2017. С– 735.
3. Иброҳимзода И.Р., Сабурзода Ф.М. Асосҳои назариявии танзими молиявии рушди иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити ҷаҳонишавӣ / Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. Душанбе, 2022. - №3. С.14-20.
4. Икромов Ф.Н., Сабурзода Ф.М. Танзими давлатии фаъолияти сармоягузории хориҷӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон / Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. 2020. № 10-1. С. 76-80.
5. Николаева Т.И. Потребительский рынок и торговля: проблемы развития и регулирования / Т.И. Николаева, Н.Р. Егорова. -Екатеринбург: УГЭУ, 1998. - С.26.
6. Сабурзода Ф.М. Нақши буҷети давлатӣ дар танзими молиявии иқтисодиёт / Сабурзода Ф.М. // Паёми Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон. -Душанбе, 2024. -№4/1(54). -С.250-257
7. Сабурзода Ф.М. Ҳолати муосири танзими молиявии рушди иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити ҷаҳонишавӣ / Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. Душанбе, 2022. - №11. С.80-87.
8. Сабурзода Ф.М. Шакл ва усулҳои танзими молиявии иқтисодиёт дар шароити ҷаҳонишавӣ / Сабурзода Ф.М. // Паёми Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон. -Душанбе, 2023. -№4/2(50). -С.347-353.



**Маълумот дар бори муаллиф: Сабурзода Фаридуни Мирзоали** – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, ассистенти кафедраи молия ва суғуртаи факултети молиявию иқтисодӣ. Суроға: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 17. Телефон: (+992) 909-33-03-34. Почтаи электронӣ: faridunimirzoali14@gmail.com

**Сведения об авторе: Сабурзода Фаридуни Мирзоали** – Таджикский национальный университет, ассистент кафедры финансов и страхования финансово-экономического факультета. Адрес: 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, проспект Рудаки, 17. Телефон: (+992) 909-33-03-34. Электронная почта: faridunimirzoali14@gmail.com

**Information about the author: Saburzoda Fariduni Mirzoali** – Tajik National University, assistant at the department of finance and insurance of the faculty of finance and economics. Address: 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki avenue 17. Phone: (+992) 909-33-03-34. Email address: faridunimirzoali14@gmail.com

УДК:330.341

# ЦИФРОВИЗАЦИЯ И ИСКУССТВЕННЫЙ ИНТЕЛЛЕКТ КАК ДРАЙВЕРЫ ПРЕДПРИНИМАТЕЛЬСКОГО РОСТА В ТАДЖИКИСТАНЕ: ПЕРСПЕКТИВЫ И ВЫЗОВЫ

**Болтаев Б.Б.**

***Аннотация.*** *В данной научной публикации рассматриваются ключевые аспекты цифровизации и применения технологий искусственного интеллекта (ИИ) в сфере предпринимательства Республики Таджикистан. Целью исследования является выявление основных драйверов роста, факторов эффективности и рисков, связанных с цифровой трансформацией. В работе проанализированы теоретические подходы к пониманию цифровой экономики, проведён обзор современной практики внедрения ИИ в предпринимательскую деятельность, а также оценено текущее состояние и перспективы развития данных направлений на территории Таджикистана.*

*Научная новизна работы заключается в комплексной оценке уровня цифровизации и потенциала ИИ в контексте социально-экономической специфики региона. Особое внимание уделено анализу нормативно-правовых условий, инвестиционной привлекательности и кадровых ресурсов. Результаты исследования могут быть полезны органам государственной власти, предпринимателям и исследователям, занимающимся вопросами развития цифровой инфраструктуры, формирования инновационной среды и повышения конкурентоспособности национальной экономики.*

***Ключевые слова****: цифровизация, искусственный интеллект, предпринимательство, Таджикистан, экономический рост, инновации, национальная стратегия, конкурентоспособность.*

***Для цитирования:*** *Болтаев Б. Б. Цифровизация и ИИ как драйверы предпринимательского роста в Таджикистане: перспективы и вызовы//Финансово-экономический вестник. – 2024. – № 4.2(43). – С. 571-579.*

# РАҚАМИКУНОНӢ ВА ЗЕҲНИ СУНЪӢ ҲАМЧУН МУҲАРРИКИ РУШДИ СОҲИБКОРӢ ДАР ТОҶИКИСТОН: ИМКОНИЯТҲО ВА МУШКИЛОТ

**Болтаев Б.Б.**

***Аннотасия.*** *Дар ин мақолаи илмӣ ҷанбаҳои асосии рақамисозӣ ва истифодаи технологияҳои зеҳни сунъӣ (ЗС) дар соҳаи соҳибкории Ҷумҳурии Тоҷикистон баррасӣ мешаванд. Ҳадафи таҳқиқот муайян кардани муҳаррикҳои асосии рушд, омилҳои самаранокӣ ва хатарҳое мебошад, ки бо табдили рақамӣ алоқамананд. Дар ин кор равишҳои назариявӣ ба фаҳмиши иқтисоди рақамӣ таҳлил шуда, таҷрибаи муосири татбиқи ЗС дар фаъолияти соҳибкорӣ баррасӣ гардидааст, инчунин вазъи кунунӣ ва имконияти рушди ин самтҳо дар ҳудуди Тоҷикистон арзёбӣ шудааст.*

*Нововарии илмии ин таҳқиқот дар арзёбии ҳамаҷонибаи сатҳи рақамисозӣ ва иқтидори ЗС дар заминаи хусусиятҳои иҷтимоию иқтисодии минтақа мебошад. Ба таҳлили шароити меъёрӣ-ҳуқуқӣ, ҷолибияти сармоягузорӣ ва захираҳои кадрӣ таваҷҷуҳи хос дода шудааст. Натиҷаҳои таҳқиқот метавонанд барои мақомоти давлатӣ, соҳибкорон ва муҳаққиқоне, ки бо масъалаҳои рушди инфрасохтори рақамӣ, ташаккули муҳити инноватсионӣ ва баланд бардоштани рақобатпазирии иқтисоди миллӣ машғуланд, муфид бошанд.*

***Калидвожаҳо:*** *рақамисозӣ, зеҳни сунъӣ, соҳибкорӣ, Тоҷикистон, рушди иқтисодӣ, инноватсия, стратегияи миллӣ, рақобатпазирӣ.*

# DIGITALIZATION AND ARTIFICIAL INTELLIGENCE AS DRIVERS OF ENTREPRENEURIAL GROWTH IN TAJIKISTAN: PROSPECTS AND CHALLENGES

**Boltaev B.B.**

***Annotation.*** *This scientific publication examines key aspects of digitalization and application of artificial intelligence (AI) technologies in the sphere of entrepreneurship in the Republic of Tajikistan. The purpose of the study is to identify the main growth drivers, efficiency factors and risks associated with digital transformation. The paper analyzes theoretical approaches to the understanding of digital economy, reviews the current practice of AI implementation in entrepreneurial activity, and assesses the current state and prospects for the development of these areas in Tajikistan.*

*The scientific novelty of the work consists in a comprehensive assessment of the level of digitalization and the potential of AI in the context of socio-economic specifics of the region. Special attention is paid to the analysis of regulatory and legal conditions, investment attractiveness and human resources. The results of the study can be useful for public authorities, entrepreneurs and researchers dealing with the development of digital infrastructure, formation of innovation environment and increasing the competitiveness of the national economy.*

***Keywords:*** *digitalization, artificial intelligence, entrepreneurship, Tajikistan, economic growth, innovation, national strategy, competitiveness.*

**Введение.** Развитие цифровых технологий и искусственного интеллекта в последние годы становится одним из главных факторов, влияющих на трансформацию мировой экономики. Цифровизация затрагивает все сектора хозяйства, позволяя компаниям повышать эффективность, улучшать коммуникации и сокращать издержки. Одновременно с этим технологии ИИ становятся мощным инструментом, способствующим автоматизации бизнес-процессов, совершенствованию сервисов и внедрению новых бизнес-моделей. В условиях глобальной цифровой перестройки особую актуальность приобретает изучение локальных особенностей внедрения инноваций в развивающихся странах, включая Республику Таджикистан.

Таджикистан, имея уникальные географические и социально-экономические условия, стоит перед необходимостью ускоренного внедрения инновационных технологий для повышения конкурентоспособности национальной экономики. В стране ведётся работа по созданию правовой базы в сфере цифровизации и ИИ, осуществляется поддержка предпринимательских инициатив. Однако остаются нерешёнными вопросы недостаточной инфраструктуры, низкой доступности широкополосного интернета в ряде регионов, нехватки высококвалифицированных специалистов и ограниченности финансовых ресурсов. В этой связи важно комплексно проанализировать текущее состояние цифровой экономики Таджикистана, оценить перспективы развития ИИ и определить ключевые вызовы, влияющие на предпринимательскую деятельность.

**Анализ исследований и публикаций.** Цифровизация и искусственный интеллект остаются в центре внимания мирового научного сообщества. Исследования (Э. Брайнджолфссон, Э. Маккафи, К. Шваб и др.) показывают, что цифровая экономика формирует новые бизнес-модели, развивает инфраструктуру и снижает цифровое неравенство.

Интеграция ИИ в экономику изучается такими учёными, как Р. Митчелл, С. Рассел, Й. Бенгио и Дж. Хинтон. Они отмечают, что ИИ повышает конкурентоспособность бизнеса, автоматизирует процессы и ускоряет адаптацию к рынку.

Российские исследователи (Т. Лапин, А. Кузнецов и др.) подчеркивают значимость цифровых платформ, господдержки и развития кадровых компетенций.

В Таджикистане (Кадырова М. И., Исмоилов Ш. М. Турдибеков Б. А., Ганиев Р. Г. и др.) научные работы посвящены цифровой инфраструктуре, госуслугам, ИКТ в образовании и экономике, а также их влиянию на развитие страны.

**Цель настоящей научной публикации**. Предоставить обширный анализ влияния цифровизации и искусственного интеллекта на развитие предпринимательства в Таджикистане, а также разработать ряд практических рекомендаций по реализации инновационных проектов. Для достижения цели в работе рассматриваются теоретические аспекты цифровизации и ИИ, анализируются глобальные тенденции и проводятся сравнительные исследования практики внедрения цифровых решений. Внимание уделено также вопросам адаптации мирового опыта к условиям Таджикистана.

**Задачи исследования**:

- Определить понятие и сущность цифровизации, её роль в современной экономике;
- Исследовать влияние ИИ на бизнес-процессы и конкурентоспособность предпринимательских структур;
- Проанализировать текущее состояние цифровой инфраструктуры в Таджикистане, включая доступ к интернету, уровень цифровой грамотности и степень информатизации;
- Оценить нормативно-правовую базу и программу государственной поддержки развития цифровых технологий;
- Выявить основные проблемы и барьеры цифровой трансформации в Таджикистане;
- Разработать рекомендации и перспективные направления развития ИИ и цифровых решений в сфере предпринимательства.

**Теоретические основы и обзор литературы.**

*Понятие цифровизации.* Цифровизация в широком смысле понимается как процесс интеграции современных цифровых технологий во все аспекты функционирования экономики и общества [1]. Ключевыми элементами цифровизации выступают большие данные, облачные вычисления, интернет вещей, блокчейн-технологии и другие инновационные решения. Главными целями цифровой трансформации являются повышение эффективности бизнеса, улучшение качества государственного управления и формирование новой цифровой среды, способствующей росту инноваций.

В научной литературе подчёркивается важность перехода к постиндустриальному обществу, в котором информация и знания приобретают доминирующее значение [2]. Экономика, основанная на данных и аналитике, меняет подходы к ведению предпринимательской деятельности и управлению организациями. Цифровизация также порождает новые формы занятости и новые форматы межфирменных взаимодействий.

*Искусственный интеллект и его роль в предпринимательстве.* Искусственный интеллект представляет собой совокупность технологий и методов, позволяющих компьютерным системам имитировать и дополнять когнитивные функции человека. К числу таких технологий относятся машинное обучение, нейронные сети, обработка естественного языка, компьютерное зрение и т. д. [3]. В контексте предпринимательства ИИ способен повысить конкурентоспособность предприятий за счёт автоматизации рутинных процессов, оптимизации логистики, персонализации маркетинга и разработки инновационных продуктов.

ИИ оказывает серьёзное влияние на трансформацию бизнес-моделей. Если ранее предприниматели ориентировались в первую очередь на производственные факторы и ресурсы, то в эпоху ИИ акцент смещается на анализ данных, разработку интеллектуальных систем и управление знаниями. Кроме того, ИИ способствует возникновению новых рынков и видов деятельности, связанных с разработкой специализированных приложений и сервисов для различных отраслей — от здравоохранения и образования до сельского хозяйства и энергетики.

*Цифровая экономика в развивающихся странах***.** Особое внимание в литературе уделяется роли цифровизации в развивающихся странах. Исследователи указывают, что при правильном подходе внедрение современных технологий может позволить странам с переходной экономикой «перепрыгнуть» через некоторые стадии

индустриального развития [4]. Однако в большинстве случаев скорость цифровой трансформации ограничивается уровнем инфраструктурной готовности, наличием кадров и структурой национальных институтов.

Таджикистан, как и многие другие страны Центральной Азии, испытывает потребность в инвестициях в сектор информационно-коммуникационных технологий (ИКТ), развитии телекоммуникационной инфраструктуры и повышении цифровой грамотности населения. В то же время открываются широкие возможности для реализации передовых ИИ-проектов с учётом региональных особенностей, что при условии государственной поддержки и участия частного бизнеса может стать мощным двигателем роста.

**Методология исследования.** В данной работе использовались следующие методы научного исследования и анализа данных:

- **Контент-анализ**. Изучены официальные документы (государственные программы, стратегии развития ИКТ, законодательные акты), отчёты международных организаций (ООН, Всемирный банк), а также научные публикации по проблематике цифровой экономики;

- **Сравнительный анализ**. Проведено сопоставление показателей цифровизации Таджикистана с другими странами региона (Казахстан, Узбекистан, Кыргызстан), а также с глобальными лидерами в сфере ИИ (США, Китай, страны ЕС);

- **Экспертное интервью**. Проведены опросы экспертов в области ИКТ и предпринимательства в Таджикистане. Цель — выявить реальные барьеры и перспективы цифровой трансформации;

- **Статистический анализ**. Использованы данные Агентства по статистике при Президенте Республики Таджикистан, Министерства промышленности и новых технологий, а также отчёты международных исследовательских агентств. Анализ позволил оценить динамику роста предпринимательского сектора, уровень проникновения интернета и другие статистические показатели;

- **SWOT-анализ**. Применён для выявления сильных и слабых сторон развития ИИ и цифровизации, а также возможностей и угроз для предпринимательской деятельности в Таджикистане.

**Цифровая инфраструктура и цифровизация в Таджикистане.**

*Текущее состояние ИКТ-инфраструктуры.* Развитие информационно-коммуникационной инфраструктуры является базовой предпосылкой цифровой трансформации. По данным Агентства по статистике при Президенте Республики Таджикистан, доля населения, имеющего доступ к широкополосному интернету, растёт, но остаётся ниже среднемировых показателей. Основная проблема — низкая скорость интернета и недостаточное покрытие отдалённых регионов, что затрудняет возможности развития цифровых сервисов для предпринимателей [5].

Современный рынок мобильной связи в Таджикистане представлен несколькими операторами, активно внедряющими технологии 3G и 4G. Однако по уровню доступности сетей пятого поколения (5G) республика пока существенно отстаёт от развитых стран. Несмотря на предпринимаемые шаги по развитию оптоволоконных сетей, качество и надёжность соединения, особенно в сельской местности, требуют дальнейших инвестиций.

*Государственная политика по цифровизации.* Государственные органы Таджикистана предпринимают усилия по созданию благоприятной нормативно-правовой среды для развития цифровой экономики. В частности, принята Стратегия развития информационно-коммуникационных технологий, направленная на расширение доступа к широкополосному интернету, совершенствование электронного документооборота и развитие электронных услуг для граждан и бизнеса [6].

Создаются технопарки и инновационные кластеры, призванные стать площадкой для новых стартапов. Наряду с этим реализуются образовательные

инициативы, в рамках которых студенты и молодые предприниматели могут получить знания и навыки в области программирования и анализа данных. Однако остаётся ряд нерешённых вопросов, связанных с финансированием инновационных проектов, доступностью банковских кредитов на развитие высокотехнологичных компаний и дефицитом кадров.

**Основные показатели цифровизации.** Ниже приводится обобщающая таблица, в которой отражены ключевые показатели цифровой инфраструктуры и динамика их изменения за последние годы.

**Таблица 1. - Основные показатели цифровизации в Таджикистане**

| Показатель | 2020 г. | 2021 г. | 2022 г. | 2023 г. |
|---|---|---|---|---|
| Уровень интернет-проникновения, % населения | 35,0 | 40,5 | 45,0 | 50,0 |
| Средняя скорость широкополосного доступа | 21,1 Мбит/с | 14,6 Мбит/с | 10,4 Мбит/с | 9,5 Мбит/с |
| Количество мобильных пользователей, млн чел. | 3.18 | 3.7 | 4.2 | 8,3 |
| Доля инвестиций в ИКТ, % ВВП (прогноз) | 1,2 | 1,3 | 1,5 | 1,7 |

**Источник: составлено автором на основе:**

Количество интернет-пользователей в Таджикистан. 2023. Электронный источник: https://tj.sputniknews.ru/20230728/kolichestvo-internet-polzovateli-tadjikistan-1058492279.html?ysclid=m7gekb0tfq205614801

В Таджикистане более 8 миллионов пользователей мобильной связи. 2023. Электронный источник: https://khovar.tj/rus/2023/07/v-tadzhikistane-bolee-8-millionov-polzovatelej-mobilnoj-svyazi/

Скорость интернета в Таджикистане. 2023. Электронный источник: https://vecherka.tj/archives/59966

Из таблицы следует, что динамика проникновения интернета и мобильной связи в стране положительна, однако по сравнению с лидерами цифровой трансформации (где уровень проникновения достигает 80–90%) наблюдается значительный разрыв. Для преодоления этого разрыва требуются финансовые вложения, а также комплексные меры по повышению цифровой грамотности населения.

**Роль искусственного интеллекта в развитии предпринимательства.**

*Основные направления применения ИИ.* В Таджикистане, как и в большинстве стран, наиболее перспективными направлениями внедрения ИИ в бизнесе являются [7]:

- *Аналитика данных и прогнозирование.* Предприятия могут использовать модели машинного обучения для прогнозирования спроса, оптимизации цепочек поставок и оценки финансовых рисков;

- *Персонализация и маркетинг.* ИИ-системы позволяют сегментировать клиентов, анализировать поведение пользователей и предлагать индивидуализированные продукты и услуги;

- *Автоматизация процессов.* Роботизированные системы и программные решения снижают издержки за счёт замены ручного труда на интеллектуальные алгоритмы. Это особенно актуально для логистики, бухгалтерии и управления складскими запасами;

- *Обслуживание клиентов.* Чат-боты и голосовые помощники с элементами ИИ способны обрабатывать запросы клиентов круглосуточно, предоставляя качественную поддержку;

- *Агропромышленный комплекс.* Применение компьютерного зрения и анализа данных для повышения

урожайности, мониторинга состояния посевов и оптимизации использования ресурсов.

*ИИ в сфере финансовых услуг*. Отдельного внимания заслуживает внедрение искусственного интеллекта в финансовом секторе Таджикистана. Некоторые банки и микрофинансовые организации уже применяют скоринговые модели на базе машинного обучения для оценки кредитоспособности клиентов [8]. Это позволяет упростить процесс выдачи кредитов, снизить уровень невозвратов и сделать финансовые услуги более доступными для малого и среднего предпринимательства.

Ряд финтех-стартапов разрабатывают мобильные приложения, интегрирующиеся с системами онлайн-платежей и переводов. Такие приложения предлагают пользователям анализ затрат, персонализированные рекомендации по управлению финансами и другие полезные функции. Потенциал ИИ в этой сфере огромен, учитывая растущую потребность в современных банковских сервисах.

**Потенциальные выгоды и барьеры.** Преимущества внедрения ИИ в экономику Таджикистана могут быть значительными:

- Увеличение производительности труда за счёт автоматизации;
- Расширение доступа к новым рынкам и инвестициям в инновационные проекты;
- Повышение конкурентоспособности малого и среднего бизнеса;
- Улучшение качества услуг в здравоохранении, образовании и других социальных сферах.

Однако существуют и препятствия. Ключевым барьером остаётся недостаток квалифицированных специалистов, способных создавать и внедрять алгоритмы ИИ [9]. Кроме того, низкий уровень цифровой грамотности населения, ограниченные каналы финансирования и недоверие к новым технологиям тормозят процесс цифровизации.

**Перспективы развития и основные вызовы.**

*Государственное регулирование и стимулирование инноваций.* Для эффективного развития ИИ и цифровых технологий в Таджикистане необходим комплексный подход, предполагающий усовершенствование правовой базы, разработку стандартов, норм и регламентов по работе с большими данными, а также создание механизмов защиты интеллектуальной собственности. Государство может стимулировать инновации путём предоставления налоговых льгот, грантов и субсидий на научно-исследовательские и опытно-конструкторские работы (НИОКР).

Вместе с тем важно формировать культуру предпринимательства, ориентированного на инновации. В современных условиях стартап-экосистема не может развиваться без тесного взаимодействия с университетами, научными центрами и зарубежными партнёрами. Создание региональных центров компетенций по цифровым технологиям и ИИ обеспечит приток кадров и повысит международную конкурентоспособность.

**Вопросы кибербезопасности.** С расширением цифровой инфраструктуры и ростом количества ИИ-систем неизбежно возрастает риск кибератак и утечек данных [10]. В связи с этим одной из ключевых задач является создание надёжной системы кибербезопасности. Предпринимателям, внедряющим ИИ, требуется понимать основные угрозы и иметь ресурсы для защиты своих баз данных и информационных систем. Государственным органам необходимо разрабатывать соответствующую правовую и техническую базу, способствующую предотвращению киберпреступлений.

**Этические аспекты.** ИИ поднимает также ряд этических вопросов: дискриминация на основе алгоритмов, конфиденциальность личных данных, прозрачность и ответственность разработчиков. В Таджикистане, как и во многих других странах, необходимы правовые механизмы, определяющие границы использования ИИ с учётом принципов социальной ответственности. Внедрение этических кодексов и стандартов должно стать важной составляющей

образовательных программ и бизнес-практики [11].

**Анализ сильных и слабых сторон (SWOT-анализ).**

Для комплексной оценки перспектив цифровизации и внедрения ИИ в предпринимательскую среду Таджикистана целесообразно провести SWOT-анализ, отражающий сильные и слабые стороны, а также возможности и угрозы.

**Таблица 2. - SWOT-анализ цифровизации и ИИ в Таджикистане**

| Сильные стороны | Слабые стороны |
|---|---|
| - Политическая поддержка цифровизации на государственном уровне;<br>- Молодое население с потенциалом быстрого освоения ИКТ;<br>- Природные ресурсы и сельскохозяйственный сектор, нуждающиеся в инновациях (потенциал для агротеха). | - Низкий уровень развития ИКТ-инфраструктуры в регионах;<br>- Недостаток квалифицированных кадров в сфере ИИ;<br>- Ограниченные финансовые ресурсы и слабая венчурная экосистема. |
| **Возможности** | **Угрозы** |
| - Привлечение иностранных инвестиций и партнёрство с ведущими ИТ-компаниями;<br>- Развитие экспортных услуг в области программного обеспечения;<br>- Создание центров компетенций, совместных научных проектов. | - Усиление «цифрового неравенства» между столицей и отдалёнными районами;<br>- Риски кибербезопасности и утечки данных;<br>- Невысокая скорость модернизации законодательства, не успевающая за технологическими изменениями. |

Исходя из SWOT-анализа, для ускорения цифровой трансформации Таджикистана необходимо реализовывать стратегию комплексного развития инфраструктуры, образования и законодательства, опираясь на государственную поддержку, межрегиональное сотрудничество и развитие предпринимательских инициатив.

Ниже представлена диаграмма, демонстрирующая прогноз роста внедрения ИИ-технологий в предпринимательскую деятельность на ближайшие годы (по результатам экспертных оценок и анализа текущих тенденций).

**Рисунок 1. - Диаграмма прогнозируемого роста внедрения ИИ**



**Источник: прогнозы автора, основанные на опросах предпринимателей.**

Согласно прогнозу, к 2028 году до 25–30% предпринимательских структур могут использовать различные инструменты искусственного интеллекта, включая системы аналитики и автоматизации. Однако данный процесс будет во многом зависеть от развития образования, инфраструктуры и правовой базы.

**Рекомендации для развития цифровизации и ИИ.**

*1. Усиление образовательных программ.*

- Создание профильных кафедр и лабораторий по искусственному интеллекту в ведущих университетах страны;
- Внедрение дисциплин по анализу данных, машинному обучению и программированию в школьную и вузовскую программу;
- Программы переподготовки и повышения квалификации для уже работающих специалистов.

*2. Стимулирование инновационной среды.*

- Создание и поддержка технологических парков, бизнес-инкубаторов и акселераторов, специализирующихся на цифровых технологиях;
- Предоставление льготных условий налогообложения для стартапов, работающих в сфере ИИ и высоких технологий;
- Сотрудничество с зарубежными университетами и исследовательскими центрами для проведения совместных проектов.

*3. Развитие инфраструктуры.*

- Ускоренное развёртывание современных телекоммуникационных сетей (4G/5G) во всех регионах;
- Модернизация информационных систем государственных органов с целью повышения эффективности электронного правительства;
- Создание центров обработки данных (ЦОД) для хранения и анализа больших объёмов информации.

*4. Нормативно-правовое обеспечение.*

- Принятие законов и подзаконных актов, регулирующих работу с большими данными, защиту персональных данных и интеллектуальную собственность;
- Разработка стандартов и требований в области кибербезопасности для организаций, использующих ИИ;
- Создание прозрачных механизмов сертификации ИИ-технологий.

*5. Государственно-частное партнёрство.*

- Организация совместных проектов между государственными структурами и частными компаниями по апробации и внедрению ИИ-решений;
- Использование механизмов государственно-частного партнёрства (ГЧП) для финансирования инфраструктурных проектов;
- Проведение отраслевых конкурсов и грантовых программ для молодых учёных и разработчиков ИИ.

**Заключение.** Цифровизация и искусственный интеллект представляют собой мощные инструменты, способные ускорить экономический рост и повысить конкурентоспособность предпринимательского сектора в Таджикистане. Однако реализация этого потенциала связана с преодолением целого ряда барьеров: ограниченности инфраструктуры, недостатка кадров, несовершенства нормативно-правовой базы и невысокого уровня цифровой грамотности. Важно при этом учитывать особенности социально-экономического развития республики, её географические условия и культурные факторы.

Развитие ИИ в Таджикистане открывает перед предпринимательским сообществом широкие возможности для инноваций в агропромышленном комплексе, финансовых услугах, образовании и здравоохранении. Чтобы воспользоваться этими возможностями, государству необходимо продолжать совершенствовать политику в сфере ИКТ, а бизнес — активно инвестировать в новые технологии и сотрудничать с научными учреждениями.

Таким образом, успех цифровой трансформации зависит от скоординированных усилий всех стейкхолдеров: государственных структур, частного сектора, научного сообщества и гражданского общества. При условии сбалансированного и комплексного подхода к развитию цифровых технологий и ИИ, Таджикистан имеет все шансы в перспективе стать региональным центром инноваций и достичь нового уровня экономического роста.

**Литература**

1. Henriette E. et al. Digital Transformation Challenges //MCIS. - 2016. - С. 33. с. 1319.

2. Соболевская А.А., Попов А.К. Постиндустриальная революция в сфере труда. М., 2009.

3. Забежайло М.И., Борисов В.В. Об интерпретациях понятия «искусственный интеллект» //Речевые технологии/Speech Technologies. 2022. С. 8-9.

4. Akamatsu K. A Theory of unbalanced growth in the world economy. Weltwirtschaftliches Archiv: Zeitschrift des Instituts für Weltwirtschaft an der Universität Kiel. Tübingen, Mohr, 1961, no. 86, pp. 196-217.

5. Проблемы интернета в Таджикистане. 2024. Электронный источник: https://asiaplustj.info/news/tajikistan/economic/20240910/dorogie-gigabaiti-stoit-li-tadzhikistantsam-ozhidat-snizheniya-stoimosti-interneta?ysclid=m83f220zcn563322326

6. Послание Президента Республики Таджикистан уважаемого Эмомали Рахмона «Об основных направлениях внутренней и внешней политики республики» от 28.12.2024 г.

**7.** Второй разум: как развивается искусственный интеллект и что его ждёт в будущем. 2023. Электронный источник: https://practicum.yandex.ru/blog/chto-takoe-iskusstvennyi-intellekt/

8. Лидеры e-commerce и их секреты успеха. Кто ведет Таджикистан в цифровое будущее? 2024. Электронный источник: https://asiaplustj.info/news/tajikistan/society/20241221/lideri-e-commerce-i-ih-sekreti-uspeha-kto-vedet-tadzhikistan-v-tsifrovoe-budutshee

9. 80 млрд: ущерб Таджикистана от утечки мозгов, и он будет расти. 2023. Электронный источник: https://asiaplustj.info/ru/news/tajikistan/society/20230608/80-mlrd-utsherb-tadzhikistana-ot-utechki-mozgov-i-on-budet-rasti

10. Обеспечение кибербезопасности важно при переходе на электронное правительство. 2024. Электронный истчоник: https://khovar.tj/rus/2024/09/obespechenie-kiberbezopasnosti-vazhno-pri-perehode-na-elektronnoe-pravitelstvo/

11. Наумов В.Б., Тытюк Е.В. Правовые проблемы машинного обучения // Образование и право. 2020. №6. С. 219-231.

**Сведения об авторе:**

**Болтаев Бехруз Бахромович** – аспирант Международного университета туризма и предпринимательства Таджикистана. Тел: (+992)93-821-08-88. E-mail: behruzboltaev@mail.ru

**Маълумот дар бораи муаллиф:**

**Болтаев Беҳруз Баҳромович** – аспиранти Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон. Тел: (+992)93-821-08-88. E-mail: behruzboltaev@mail.ru

**About the Author:**

**Boltaev Behruz Bahromovich** – a postgraduate student at the International University of Tourism and Entrepreneurship of Tajikistan. Tel: (+992)93-821-08-88. E-mail: behruzboltaev@mail.ru

**УДК:336**

# ТАМОЮЛИ САРМОЯГУЗОРӢ ДАР ТАҲСИЛОТИ ТОМАКТАБИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Мирсаидов А.Б.**
**Қаҳҳорӣ М.А.**

*Дар мақола тамоюли сармоягузорӣ ба соҳаи таҳсилоти томактабӣ, ки ҷузъи муҳим дар системаи сармоягузорӣ ба маориф ва рушди инсон мебошад, мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст. Асоснок карда шудааст, ки муҳимияти сармоязуорӣ дар бахши таҳсилоти томактабӣ барои рушди кӯдак солҳои муҳимтарин шаш соли аввали ҳаёти ӯ мебошанд, зеро маҳз дар ин давра сармоягузорӣ самараи хеле баланд медиҳад. Зимни таҳлил муайян карда шудааст, ки дар замони муосир дар мамлакат лоиҳаҳои намунавии сохтмони муассисаҳои томакатабӣ мутобиқи санадҳои меъёрӣ суръат гирифта истода биноҳо манзараи замонавӣ ва бо технологияҳо ва таҷҳизоти замонавӣ таҷҳизонида шуда истодааст. Таъкид шудааст, ки фаъолияти муассисаҳои таҳсилоти томактабии амалкунанда ҳарчанд қисман ба талаботи истеъмолкунандагон ҷавобгӯ мебошанд, аммо барои аҳолӣ сармоягузории ҷолиб мебошанд. Инчунин нақши субъектҳои бахши хусусӣ, ки ба ғайр аз фаъолияти хайриявӣ ва сарпарастӣ барои таъмини рушди муассисаҳои таҳсилотӣ иштироки фаъол доранд, муайян карда шудааст. Тамоюли иштироки субъектҳои бахши хусусӣ дар доираи созишномаҳои шарикии давлат ва бахши хусусӣ барои таҳия ва татбиқи лоиҳои сармоягузорӣ барои таъмини рушди муассисаҳои таҳсилотӣ, низ муайян карда роҳҳои таҳкими минбаъдаи раванди сохтмони муассисаи таҳсилоти томактабӣ дар доираи шакли корпоративии ҳамкорӣ, ки самараи баланди иҷтимоиву иқтисодӣ меорад, пешниҳод карда шудааст.*

***Калидвожаҳо:*** *маориф, соҳаи таҳсилоти томактабӣ, сармоягузорӣ, сармоягузории иҷтимоӣ, сармоягузорӣ ба рушди инсон, шарикии давлат ва бахши хусусӣ, ҳамкории корпортавӣ, ҷамъяити саҳомӣ.*

***Барои иқтибос:*** Мирсаидов А.Б. *Тамоюли сармоягузорӣ дар таҳсилоти томактабии Ҷумҳурии Тоҷикистон / А.Б.Мирсаидов, М.А. Қаҳҳорӣ// Паёми молия ва иқтисод. – 2024. – No. 4.2(43). – С. 580-589.*

# ТЕНДЕНЦИИ ИНВЕСТИЦИОННЫХ ВЛОЖЕНИЙ В ДОШКОЛЬНОЕ ОБРАЗОВАНИЕ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН

**Мирсаидов А.Б.**
**Каххори М.А.**

*В статье рассматривается тенденция инвестиций в дошкольное образование, которое является важной частью системы инвестиций в системы образование и развитие человека. Обосновано, что важность инвестирования в дошкольное образование – это самые важные годы для развития ребенка, поскольку первые шесть лет его жизни – самые важные годы его жизни, именно в этот период инвестиции дают очень высокий результат. В ходе анализа определено, что в современное время в стране ускоряются темпы реализации образцовых проектов строительства дошкольных учреждений в соответствии с нормативными*

*документами, здания оснащаются современными технологиями и оборудованием. Подчеркивается, что деятельность существующих дошкольных образовательных учреждений частично удовлетворяет потребности потребителей, но является инвестиционной привлекательной для населения. Также определена роль субъектов частного сектора, которые помимо благотворительности и спонсорства активно участвуют в развитии образовательных учреждений. Выявлено тенденция активизации участие субъектов частного сектора в рамках соглашений о партнерстве между государством и частным сектором для разработки и реализации инвестиционных проектов, обеспечивающих развитие образовательных учреждений, а также определения путей дальнейшего усиления процесса построения дошкольного образовательного учреждения в рамках корпоративной формы сотрудничества, что приносит высокие социально-экономические результаты.*

**Ключевые слова**: образование, дошкольное образование, инвестиции, социальные инвестиции, инвестиции в развитие человеческого потенциала, государственно-частное партнерство, корпоративное сотрудничество, акционерное общество.

## INVESTMENT TRENDS IN PRESCHOOL EDUCATION OF THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN

**Mirsaidov A.B.**
**Kakhhori M.A.**

*The article examines the trend of investment in preschool education, which is an important part of the system of investment in education and human development. It has been justified that the importance of investing in preschool education is the most important years for a child's development, since the first six years of his life are the most important years of his life, because it is during this period that the investment gives a very high result. During the analysis, it was determined that in modern times in the country, exemplary projects for the construction of preschool institutions in accordance with the normative documents are being accelerated, the buildings are equipped with modern technologies and equipment. It has been emphasized that the activities of existing pre-school education institutions partially meet the needs of consumers, but they are an attractive investment for the population. Also, the role of private sector entities, which, in addition to charity and sponsoring, actively participate in the development of educational institutions, has been determined. The tendency of private sector entities to participate in the framework of partnership agreements between the state and the private sector for the development and implementation of investment projects to ensure the development of educational institutions, as well as identifying ways to further strengthen the process of building a preschool educational institution within the corporate form of cooperation, which brings high social and economic results done.*

***Key words***: *education, preschool education, investment, social investment, investment in human development, state-private partnership, corporate cooperation, joint-stock company.*

**Гузориши масъала.** Дар суханронии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мӯҳтарам Эммалӣ Раҳмон ба муносибати Рӯзи дониш қайд карда шудааст, ки “бо дарназардошти он ки зинаи таҳсилоти томактабӣ барои ташаккули қобилияти зеҳнии кӯдакон марҳалаи хеле муҳим ба ҳисоб меравад, мо ба бунёди муассисаҳои томактабӣ эътибори аввалиндараҷа ва доимӣ дода истодаем. Шумораи ин муассисаҳо соли ҷорӣ ба 720 расида, дар онҳо зиёда аз 105 ҳазор нафар кӯдакон ба таълиму тарбия фаро гирифта шудаанд. Аз ин шумора 169 муассиса ва 33 ҳазор кӯдакон танҳо ба шаҳри Душанбе рост меоянд. Вале ин ҳанӯз хеле кам мебошад, зеро фарогирии кӯдакон дар миқёси кишвар ҳамагӣ 22 фоизро ташкил медиҳад” [1]. Бинобар он ба маъсулони мақомоти маҳалии ҳокимияти давлатии вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳоро супориш дода шуд буд, ки дар масъалаи бунёди муассисаҳои томактабӣ масъулияти бештар зоҳир намоянд.

**Мақсади мақола.** Баррасӣ ва арзёбии тамоюли сармоягузорӣ ба таҳсилоти томактабии мамлакат ва дар ин асос муайян намудани роҳҳои мақсадноки маблағгузорӣ дар рушди минбаъдаи таҳсилоти томактабӣ.

**Таҳлили таҳқиқотҳои охир ва нашриёт.** Масъалаҳои сармоягузорӣ ба соҳаи таҳсилот, хусусиятҳои ҷолибияти онҳо дар шароит дигаргуншавии иқтисодиёт дар асарҳои олимони хориҷӣ: Ю.О. Андинова, О.В. Денисова, Г.П. Журавлева, П.Д. Кошев ва дигарон, ҳамчунин олимони ватанӣ С.Ҷ. Комилов, Н.Қ. Қаюмов, Ҳ.Н. Фақеров, З.Р. Шарифов мавриди омӯзиш қарор гирифта бошад ҳам, масъалаи сармоягузорӣ ба таҳсилоти томактабӣ ҳамчун зинаи аввали рушди нерӯи инсонӣ таҳқиқоти минбаъдаро талаб менамояд.

**Муҳтавои асосии мавод.** Сармоягузорӣ ба ин самти таҳсилот, яъне таҳсилоти томактабӣ ҷузъи муҳими дар системаи сармоягузорӣ ба маориф ва рушди инсон мебошад. Муҳимияти сармоягузорӣ дар бахши таҳсилоти томактабӣ дар натиҷаҳои таҳқиқоти барандаи Ҷоизаи Нобел дар бахши иқтисод Ҷек Ҳекман барало намоён аст. [7.40.] Ӯ собит кардааст, ки барои рушди кӯдак солҳои муҳимтарин, шаш соли аввали ҳаёти ӯ мебошанд. Маҳз дар ин давра сармоягузорӣ самараи хеле баланд медиҳад ва волидайни кудаконро зарура аст, ки дар давраи то шаш солагии кӯдак харҷи маблағи худро барои таҳсили онҳо дареғ надоранд.

Ин татқиқоти бунёдии Ҷек Ҳекман назари ҷомеаро ба таҳсилоти томактабӣ тағйир дод. Ба ин самт нигоҳи нав - ҳамчун сармоягузорӣ унсури хароҷот, ташаккул ёфт. Рақамҳое, ки аз таҳқиқот дар ИМА ва Британияи Кабир дар давраҳои мухталиф аён аст, таъсири барномаҳои таълимии барвақтро то 40 сол пайгирӣ мекунанд.

Дар кишварҳои хориҷӣ мутобиқи тадқиқотҳо сармоягузории барвақтии кӯдакон натиҷанокии хеле баланд додааст. Дахолат дар давраи ибтидои ҳаётӣ барои ҳавасмандкунии таҳсилот таъсирбахш буда ва метавонанд аз ҳисоби сарчашмаҳои беруна ғанӣ шаванд. Исбот шудааст, ки дахолат, ки ба эҳтиёҷоти кӯдак мувофиқ аст, аз ҷиҳати омӯзиш ва ҳавасмандӣ самраи дарозмуддат дорад. Тавре ки Ҷеймс Ҳекман собит кардааст, сармоягузорӣ ба рушди барвақтии кудак назар ба сармоягузорӣ дар синну соли калон боздиҳии бештар меорад.

Сармоягузорӣ муаяйниро тақозо менамояд, яъне бояд аз рӯи меёри тахфифи (дисконти) иҷтимоӣ арзёбӣ гардад.[6.30.] Аммо, дар соҳаи таҳсилот ояндаро пешгӯи кардан душвор аст. Аксари муаллифон мушкилоту ҷолишҳои замони муоссирро баррасӣ намуда ба онҳо посух меҷуянд. Пайваста бо суръат гирифтани рушду татбиқи технологияҳои иттилоотӣ, ки ба таъғйирёбии механизмҳои эҷоди молҳо ва хизматрасониҳо мусоидат менамояд, таъсири он ба системаи тайёр намудани кадрҳо, ҳанӯз равшан нест. То андозае муаяйн нест, ки кадом касбҳо ба равандҳои безбозгашти технологияи рақамӣ осебпазиранд ва кадом малакаҳои навро омӯхтан лозим аст. Пас номуайянӣ дар мавриди омода шудан ба оянда эҳсос мешавад. Аз ин лиҳоз тавсияҳову пешниҳодоти муаллифон хосият ва сифати хеле умумӣ доранд.

Аввалан, ба ташаккулу рушди малакаҳои умумии маърифатӣ, ки дар тамоми фанҳо татбиқ мешаванд (масалан, мулоҳиза, тафаккури интиқодӣ) нигарони карда мешавад. Дуюм, ин таҷрибаву малакаҳои иҷтимоӣ-рафторӣ (қобилияти муошират бо одамон, малакаҳои

муошират) мебошанд, ки онҳоро метавон "маҳоратҳои нарм"-и классикӣ номид.

Сеюм, сифатҳои муайяни шахсӣ ба мисли истодагарӣ, суботкорӣ, ки равоншиносон бар вақт исбот карданд, ки ин арзишҳо барои ноил шудан ба муваффақиятҳо аҳамият доранд.

Дар айни замон бархе муаллифон диққати асосии худро ба се сатҳи таҳсилот равона карда ба синни барвақти томактабӣ аҳамияти аввалиндараҷа медиҳанд. Бо дарки он, ки сармоягузорӣ ба рушди барвақт назар ба сармоягузорӣ дар синну соли калон самараи бештар меорад, аммо онҳо дар бораи аҳамияти ғизои дуруст, нигоҳубини тиббӣ ва назорати саломатии кӯдакони хурдсол бештар ҳарф мезананд. Далелу мислоҳое, ки онҳо меовардаанд, барои кишварҳои Африқо бештар мувоффиқ аст.

Дар Тоҷикистон муаммоҳои фавти кӯдакон ҳаллу фасл гашта, сатҳи таъминнокии маънавиву моддӣ баланд гашта истодаанд. Вазифаи ба ҳадди баланд расонидани амалигардии иқтидори ҳар як кӯдак (бо сабаби тамоюлҳои манфии демографӣ) хеле мубрам мебошад. Аз ин рӯ, сармоягузорӣ ба соҳаи таҳсилоти томактабӣ сатҳу сифати навро касб карда истодааст. Он на танҳо сохтмони муассисаҳо ва инфрасохтори онро фаро мегирад, балки самтҳои мусоидат ба амалигардии иқтидори кӯдак ва эҷоди системаи ҳавасманкунии болоравии завқи кӯдакон ба донишандӯзиро низ дар бар мегирад. Аммо, чуноне, ки дар Суханронии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мӯҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба муносибати Рӯзи дониш қайд шудааст, барои рушди таҳсилоти томактабӣ маблағҳои нокифоя гузошта мешаванд. Ба назари мо ин вазъ се сабаб дорад.

Якум, сармоягузорӣ дар ин бахш набояд лоиҳаҳои кӯтоҳмуддати инфиродӣ, балки кори мунтазам тахти назорати монторинг доимӣ бошанд;

Дуюм, ин сармоягузориҳо дар бахши таҳсилоти томактабӣ, ки сифати маҷмааӣ доранд бояд вазоратҳову мақомотҳои гуногун хал кунанд;

Сеюм, ба зуд баргардонидани сармоягузориҳоро ба ин соҳа интизор шудан мумкин нест, зеро натиҷа дар шакли даромад ба иқтисодиётро бояд на камаш аз 20 сол лозим аст.

Мутобиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф», «Давлат муассисаҳои томактабиро аз ҷиҳати моддӣ ва молиявӣ дастгирӣ карда, дастрасии хизматрасонӣ, таълиму тарбияи томактабиро барои оилаҳои камбизоат таъмин менамояд. Фаъолияти муассисаҳои томактабӣ тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Стандарти давлатии таҳсилоти томактабӣ, ки онро Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ менамояд, танзим мегардад”[37]. Инчунин ваколатҳои дастгирии молиявӣ аз ҳисоби буҷети давлатӣ вогузор карда мешаванд. Аммо, махдудиятхои маблағҳои буҷет водор менамояд, дар доираи амалӣ гардидани маблағгузориҳои асосӣ дар доираи барномаҳои азнавсозии шаҳр, деҳот шабакаҳои муассисахои таълимии томактабӣ инкишоф ёбанд.

Айни замон дар мамлакат пайваста бо афзоиши таваллуд дар навбатҳо дар муассисаҳои таълимии томактабӣ меафзояд. Имрӯз дар мамлакат ба ҳисоби миёна таъминоти кӯдакон бо муассисаҳои таълимии томактабӣ тақрибан 22,1 фоизро ташкил медиҳад[38]. Дар охири соли 2022 дар мамлакат шумораи умумии аҳолӣ 10078,4 ҳазор нафарро ташкил дод, ки нисбат ба соли 2017 дар сатҳи 15,3% афзудааст. Дар ин давраи таҳлилӣ (солҳои 2017-2022) фақат синни то 4 солаи он аз 1107,3 то 1263,7 ҳазор нафар ва ё 14,1 фоиз расидааст. Ҳиссаи аҳолии синни то 4 сола дар шумораи умумии аҳолӣ дар соли 2022 бузургии 12,5 фоизро ташкил дод, ки ин нисбат ба соли 2017 қариб тағйир наёфтааст. (расми 1.)

---

[37] Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф»- АМОҶТ, с. 2013, № 7, мод. 532; с.2014, №3 , мод.156; №7,қ.2, мод.422; с.2016, №3, мод.148,№7, мод.624

[38] Суханронии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мӯҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба муносибати Рӯзи дониш https://president.tj/event/speeches/47089 (санаи мурочиат 20.09.2024)




(Манба: Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2017, с.29; Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2023, с.29)

**Расми 1. Динамикаи аҳолӣ ва ҷузъи синни томактабии он**

Аҳолии синни томактабӣ тамоюли устувори афзоишро дорад, бинобар он шомил намудани онҳо ва ё таъмини фарогири онҳо ба муассисаҳои таҳсилотии томактабӣ сармоягузории азимро тақозо менамояд. Бинобар он баланд намудани сатҳи ҷолибият ба сармоягузорӣ дар ин бахш, ки пеш аз ҳама иштироки субъектҳои бахши хусусиро ҳавасманд менамояд, вазифаи муҳими давраи нави рушди мамлакат мебошад.

Дар замони муосир лоиҳаҳои намунавии сохтмони муассисаҳои томакатабӣ мутобиқи санадҳои меъёрӣ суръат гирифта истода биноҳо манзараи замонавӣ ва бо технологияҳо ва таҷҳизоти замонавӣ таҷҳизонида шуда истодааст. Аммо, фаъолияти муассисаҳои таҳсилоти томактабии амалкунанда ҳарчанд қисман ба талаботи истеъмолкунандагон ҷавобгӯ мебошанд, ки барои аҳолӣ сармоягузории ҷолиб мебошанд. Дар соли 2022 дар ҷумҳурӣ 10 муассисаи томактабӣ, ба истифода дода шуд. Мушкилоти мавҷуда дар ин самт, ба таври зарурӣ иҷро нагардидани қарори хукумат “Дар бораи Барномаи давлатии рушди таҳсилоти томактабӣ дар ҶТ барои солҳои 2020-2025“ мебошад. Дар доираи амалигардонии ин Барнома ҳар сол бояд 100 муассисаи томактабӣ (кӯдакистону боғчаҳо) ва дар се сол 300 муассисаи томактабӣ сохта ба истифода дода мешуд. Аммо, дар ними мӯҳлати амалишавии Барнома аз 68 шаҳру ноҳия дар 24 шаҳру ноҳия муассисаи томактабӣ сохта шудааст, ки иҷрои Барнома дар маҷмӯъ, ба ҳисоби миёна 15,6 %-ро ташкил додааст. Бояд қайд намуд, ки мувофиқи Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи то соли 2030, фарогирии кӯдакони синни аз 3 то 6-сола дар муассисаҳои томактабӣ бояд дар сатҳи 40% қарор гирад. Мушкилоти асосӣ - ин маблағгузории нокофӣ аз ҷониби мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, ва аз ҷониби субъектҳои бахши хусусӣ мебошад. Айни ҳол маблағгузории давлатӣ ба таҳсилоти томактабӣ ҳамагӣ 6% аз буҷети умумӣ ба соҳаи маориф ва 0,34% - и Маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ (ММД)-ро ташкил медиҳад. [4.26.] Тибқи натиҷаҳои пешбинишаванда аз амалишавии Барномаи давлатии рушди таҳсилоти томактабӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2020-2025 пешравии самтҳои зерини соҳаи таҳсилоти томактабӣ “то соли 2021 бо 30 фоиз боло шудани фарогирии кӯдакон ба таҳсилоти томактабӣ ва то соли 2025 бо 33 фоиз боло рафтани фарогирии кӯдакон ба таҳсилоти томактабӣ”.[4.13.] пешбинӣ шудааст. Аммо таҳлилҳо нишон медиҳад, ки рафти иҷрои Баронома қаноатбахш нестанд, алакай се сол гузаштааст, ки 50 фоизи маҷмӯи сармояҳои пешбинишуда иҷро нашудаанд.Чуноне, ки аз маълумоти ҷадвали 1 аён аст, дар солҳои 2020-2025 бояд 600 муассисаи томактабӣ сохта шавад. Ба ин мақсад дар мамлакат мутобиқи Барнома ҳаҷми маблағгузори дар сатҳи 1,3 млрд сомони бояд аз худ карда шавад. Дар ин ҳаҷми сармоягузорӣ ҳиссаи буҷети ҷумҳуриявӣ 6,1%, буҷети маҳаллӣ – 30,1%, грантҳо – 14,2% ва бахши хусусӣ – 49,6 фоизро ташкил додааст.

**Ҷадвали 1. Сохтмони муассисаҳои таҳсилоти томактабӣ дар доираи татбиқи Барномаи давлатии рушди таҳсилоти томактабӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2020-2025**

| Нишондиҳандаҳо | 2020 | 2021 | 2022 | 2023 | 2024 | 2025 | Ҳамагӣ |
|---|---|---|---|---|---|---|---|

| | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Шумораи муассисаҳои томактабӣ (ба ҳисоби миёна барои 150 ҷой) | 100 | 100 | 100 | 100 | 100 | 100 | 600 |
| Хароҷот барои як муассисаи томактабӣ (ба ҳисоби миёна, ҳазор сомонӣ) | 2000 | 2000 | 2200 | 2200 | 2300 | 2300 | - |
| Маблағузории умумӣ, ҳазор сомонӣ | 200000 | 200000 | 220000 | 220000 | 230000 | 230000 | 1300000 |
| Аз он ҷумла аз манбаҳои маблағгузории зерин (ҳазор сомонӣ | | | | | | | |
| - буҷети ҷумҳуриявӣ | 8000 | 10000 | 13200 | 15400 | 16100 | 16100 | 78800 |
| - буҷети маҳаллӣ | 58000 | 60000 | 63800 | 66000 | 71300 | 71300 | 390400 |
| - грантҳо | 30000 | 30000 | 30800 | 30800 | 32200 | 32200 | 186000 |
| - бахши хусусӣ | 104000 | 100000 | 112200 | 107800 | 110400 | 110400 | 644800 |

Манбаъ: **Барномаи давлатии рушди таҳсилоти томактабӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2020-2025, с.26**

Мушоҳидаҳо ва таҳлилҳо нишон медиҳад, ки маблағгузории дар ин соҳа аслан аз ҳисоби буҷет ва грантҳо сурат гирифта истодааст, аммо нақши бахши хусусӣ дар ин соҳа ҳоло назаррас намебошад. Иҷрои Барнома аслан дар шаҳрҳо сурат гирифта истодааст. Ин ҳолат водор менамояд, ки доир ба коркарду такмили механизмҳои баландбардории ҷолибияти бахши хусусӣ дар соҳаи таҳсилоти томактабӣ тадбирҳо андешида шавад.

Дар мамлакт татбиқи чандин лоиҳаҳои сармоягузории хориҷӣ ба соҳаи таҳсилоти томактабӣ, низ идома ёфта истодааст. Масалан, Хазинаи кӯдакони Созмони Милали Муттаҳид (ЮНИСЕФ) барои фаъолияти фарогир оид ба таълими томактабӣ лоиҳа ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои беҳтар кардани омодагӣ ба мактаб дар ҳаҷми 65485, ҳазор долл ҷудо намудааст, ки азхудкунии он давраи солҳои 2023- 2028-ро дар бар мегирад. Дар лоиҳа таълими пешазсинфӣ тавассути пешниҳоди таҳсилоти муосир ба хонандагон нигаронида шудааст. Бонки байналмилалии Таҷдид ва Рушд /Ассотсиатсияи байналмилалии рушд барои татбиқи Лоиҳаи “Инкишофи барвақтии кӯдакон барои густариши сармояи инсонӣ дар Тоҷикистон дар ҳаҷми 73000 ҳазор долл. маблағгузорӣ менамояд, ки давраи солҳои 2020 - 2026 –ро фаро мегирад. Лоиҳа унвони “Рушди барвақтии кӯдак”-ро дорад, ки барои таъмини дастрасӣ ба муассисаҳои томактабӣ ва баланд бардоштани сифати таҳсилоти томактабӣ, татбиқи чорабиниҳо оид ба солимгардонии кӯдакон ва паст кардани сатҳи фавти кӯдакони навзод дар 14 шаҳру ноҳияи ҷумҳурӣ сафарбар карда мешавад. (ниг. Ҷадвали 2.)

**Ҷадвали 2. Лоиҳаҳои сармоягузории хориҷи ба соҳаи таҳсилоти томактабӣ**

| **Агентии татбиққунанда** | **Номи лоиҳа** | **Мӯҳлат** | | **Ҳадафҳои лоиҳа** | **Маблағи лоиҳа (долл. ИМА)** | **Сарчашмаи маблағгузорӣ ( донор)** |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | | **Оғоз –** | **Охир –** | | | |
| Хазинаи кӯдакони Созмони Милали | Тақвияти маҳорат ва малакаҳои духтарон ва | 2020 | 2025 | Иқтидори институтсионалии миллӣ барои ҷалби фаъолонаи кӯдакон ва | 14,741,269 | Иттиҳоди Аврупо |

| | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| Муттаҳид (ЮНИСЕФ) | писарони наврас барои гузариш аз мактаб ба кор дар Тоҷикистон ва дастгирии миллӣ барои муттаасилии омӯзиш тавассути омодагӣ ба таҳсилоти миллӣ ва Нақшаи вокуниш ба COVID-19 | | | ҷавонон дар рушди салоҳиятҳои онҳо тавассути фароҳам овардани имкониятҳои таҳсилот дар асоси салоҳиятҳо тавассути чораҳои дастгирии рушди роҳнамоии касбии фарогир, ки бо омӯзиши салоҳиятнокӣ дар шакли расмӣ ва ғайрирасмӣ пурра карда мешавад, тақвият дода мешавад. Танзимоти расмии таҳсил дар марказҳои интихобшуда. | | |
| Гурӯҳи татбиқи Лоиҳаи "Инкишофи барвақтии кӯдакон барои густариши сармояи инсонӣ дар Тоҷикистон" | Рушди барвақтии кӯдак | 2020 | 2026 | Дастрасӣ ба муассисаҳои томактабӣ ва баланд бардоштани сифати таҳсилоти томактабӣ, татбиқи чорабиниҳо оид ба солимгардонии кӯдакон ва паст кардани сатҳи фавти кӯдакони навзод дар 14 шаҳру ноҳияи ҷумҳурӣ | 73,000,000 | Бонки байналмилалии Таҷдид ва Рушд / Ассотсиатсияи байналмилалии рушд |
| Хазинаи кӯдакони Созмони Милали Муттаҳид (ЮНИСЕФ) | USAID/Тоҷикистон Фаъолияти фарогир оид ба таълими томактабӣ | 2023 | 2028 | Лоиҳа ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои беҳтар кардани омодагӣ ба мактаб/Натиҷаҳои таълими пешазсинфӣ тавассути пешниҳоди таҳсилоти муосир, фарогир, ба хонандагон нигаронидашуда, ба забони тоҷикӣ мувофиқи кӯдакон, бо фарогирии ҳамаи кӯдакон, аз ҷумла духтарон, кӯдакони дорои маҳдудият ва/ё аз мактаббачагон кумак ба. хонаҳое, ки | 5,485,995 | USAID |

| | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | | забони аввалашон аз забони таълим фарқ мекунад. | | |
| «Маркази идораи лоиҳаи «Рушди чорводорӣ ва чарогоҳҳо» | Лоиҳаи «Дастгирии ғизои мактабӣ» | 2021 | 2024 | Саҳм гузоштан дар беҳтар намудани озуқаи мактаббачагон, устувории таъминоти мактабҳо бо маҳсулоти ғизоӣ ва шароити санитарию гигиенӣ | 1,300,00 0 | Федератсия и Россия |

**Манба**: Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Дар мавриди сармоягузорӣ дар ин самти таҳсилот ҳаматарафа омӯхтани таҷрибаи хориҷии лоиҳакашӣ, сохтан ва истифода бурдани биноҳои муассисахои томактабӣ, дар асоси васеъ инкишоф додани корҳои тадқиқоти илмӣ ва лоиҳакашии таҷрибавӣ имконпазир аст. Масалан бинои боғчаи бачагона дар шаҳри Даляни Хитой Бино аз 9 синфхонаи дорои хоб, ҳамом, ошхона, инчунин синфхонаи компютерӣ, синфхонаи фаннӣ, китобхона, толор, хонаҳо барои муаллимон, утоқи гуногунчабҳа, утоқҳои рақсу мусиқӣ, клуби театрӣ, лексия иборат аст. Дар назди бино майдончаҳои бозӣ, ки роҳҳои велосипедронӣ доранд, сохта шудаанд. Таъсиси биноҳои иловагӣ барои синфҳои кӯдакон дар ин лоиҳа маблағгузории муштарак бо ҷалби маблағҳои буҷетӣ ва сармоягузорон пешбинӣ карда мешвад. Баргардонидани лоиҳа тавассути татбиқи комплекси хизматрасонии пулакӣ ба роҳ монда шудааст.

Дар Иёлоти Мутаҳидаи Амрико тамоюли омезиш ва ё интегратсияи системаи таҳсилот ба як маҷмӯа - кӯдакистон, мактаби ибтидоӣ ва мактаби миёна ба ҳукми анъана даромадааст. Ва дар ин самт ба меъмории дурахшони геометрӣ таваҷҷӯҳ дода мешавад, ки фикрҳои андешаҳоро дар бораи эҷоду рушд, таҳким мебахшад. Мутахассисону масъулони соҳаи маориф ба таҳрезии муассисаҳои таҳсилоти томактабӣ таваҷҷӯҳи ғайриоддие медиҳанд, ки таваҷҷӯҳи кӯдакро ҷалб мекунанд: маслан биноҳои мавзӯӣ, шакли роҳи оҳан, майдончаи кайҳонӣ, боғи меваҷот ва ғ..

Дар Шветсия бошад нақшаи ғайриоддӣ аз ҷониби таҳиякунандагони лоиҳаҳои сармоягузорӣ якҷоя бо педагогҳо таҳия шудааст, ки метавонад вазифаҳои асосии барои қабули қарорҳоро доир ба таъсиси як ташкилоти муосир, ки ба талаботи муосир барои рушди кӯдакон ҷавобгӯ аст, мусоидат намояд. Талаботҳо чунин самтҳоро дар бар мегирад

- ба шахс ва ё кӯдак наздик будани шакли меъмории муассисаи бачагона. Ин аз ҷониби муайян намудани микёс ва геометрияи биноҳо дар маҷмӯъ ба даст оварда мешавад. Маводҳои дуруст интихобшуда қодиранд эҳсосоту завқи кӯдакро балан бардорад;

- лоиҳа ҳам дар дохил ва ҳам дар берун бояд аз тафсилот, ки маълумоти мусбӣ ва маърифатиро ба дарки кӯдак равона мекунанд, иборат бошад;

- ба таркиби биноҳои кӯдакистон таваҷӯҳ дода мешавад: бояд бо утоқҳои махсус барои рушди кӯдакон, толорҳои проексионӣ, утоқҳои иловагӣ барои кормандон ва ҳавзи шиноварӣ таъмин бошад.

Чи тавре, ки дар боло ишора шуд тибқи Барнома қариб 50 фоизи сармоягузорӣ ба бахши хусусӣ ва 30 ба буҷети маҳаллӣ рост меояд. Ба назари мо барои баланд бардоштани ҷолибияти бахши хусусӣ истифодаи механизми сармоягузорӣ истифодаи механизми ҳамкории давлату бахши хусусӣ самараи бештар меорад. Амали ин механизм дар доираи моддаи 3-и Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи шарикии давлат ва бахши хусусӣ», ки “ба ҳамаи лоиҳаҳои шарикии давлат ва бахши хусусии соҳаҳои инфрасохтор ва хизматрасонии иҷтимоӣ, ки аз ҷониби мақомоти давлатӣ ва бахши хусусӣ мувофиқи созишномаи шарикии давлат ва бахши хусусӣ амалӣ карда мешаванд, татбиқ гардида [3.] сурат мегирад. Дар замони муосир субъектҳои бахши хусусӣ ба ғайр аз фаъолияти хайриявӣ ва сарпарастӣ барои таъмини рушди муассисаҳои таҳсилотӣ иштироки фаъол доранд. Субъектҳои бахши хусусӣ дар доираи

созишномаҳои шарикии давлат ва бахши хусусӣ (ШДБХ) барои таҳия ва татбиқи лоиҳаҳои сармоягузорӣ барои таъмини рушди муассисаҳои таҳсилотӣ, масалан, сармоягузориҳои молиявӣ ба фондҳои тараққиёт ва дигар фондҳо, ки барои инкишофи муассисаи таълимӣ пешбинӣ шудааст, иштироки фаъол намуда истодаанд. Шаклҳои ШДБХ, ки ба ҷалби сармояи корхонаҳои хусусӣ нигаронида шудааст чунин аст:

- таъсиси ташкилоти тиҷоратӣ (давлат ва ширкати хусусӣ);
- таъсиси ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ (давлат ва ширкати хусусӣ);
- бастани созишномаи ҳамкорӣ ва ё шарикии (товарещества) оддӣ

(давлат ва ширкати хусусӣ);

- созишнома дар бораи ҳамкорӣ /протокол дар бораи нияту тахминҳо;

- бунёди фонди "Сармояи мақсаднок" – ташкилоти ғайритиҷоратӣ ва ғ.

Барои сохтмони муассисаи таҳсилоти томактабӣ дар доираи шакли корпоративии ҳамкорӣ тасис додани ҷамияти саҳҳомӣ бо иштироки давлату бахши хусусӣ ба мақсад мувоффиқ аст. Шакли ташкилию ҳуқуқии муассиса як корхонаи саҳомӣ мебошад, ки сармояи оинномавии он ба шумораи муайяни саҳмдоро тақсим карда мешавад ва 49%-и он ба корхонаи бахши хусусӣ таълуқ дошта саҳмияи назоратӣ ба ихтиёри мақомоти маҳалии ҳокимияти давлатӣ қарор мегирад. Яъне ба шакли ҶСК тааллуқ дорад. Саҳмдорон аз рӯи арзиши саҳмияҳои худ хавфро ба ӯҳда мегиранд.

Асосҳои интихоби ташкилоти саҳҳомӣ ҳамчун шакли ташкилию ҳуқуқӣ барои татбиқи лоиҳа бояд чунин бошад:

- барои саҳмдорон, қарздории кредитӣ ҳам ба шахсони воқеӣ ва ҳам барои худи ташкилот ҳамчун шахси ҳуқуқӣ ба миён меояд, бинобар он аз ин рӯ, кредиторон даъвои худро танҳо ба ташкилоти саҳомӣ равона мекунад, на ба саҳмиядорон;

- дар шакли ҳуқуқиву ташкилӣ тахассусгардии вазифаи соҳибӣ ва ва идоракунии ташкилот сурат мегирад, ки устувории фаъолияти ташкилот таъмин мегардад;

- саҳмдорон ҳуқуқ доранд, ки саҳмияҳои худро бидуни розигии саҳмдорони дигар бегона кунанд;

- саҳмдорон дар ҷаласаҳои умумӣ ва дар идоракунии ташкилоти саҳомӣ ширкат варзида дар ҳалли масъалаҳое, ки ба фаъолияти ташкилот муассиса таъсир мерасонанд, иштирок менамоянд.

Сармояи оинномавии ташкилоти саҳомии «Боғчаи бачагона» аз рӯи арзиши номиналии саҳмдорон таъсис дода мешавад, ки он амволи ҳадди ақали ташкилотро бояд ташкил диҳад. Сармояи оинномавӣ ҳангоми бақайдгирии ташкилотӣ саҳомӣ ба 100% ташкил карда шуда, чунин тақсим мешавад, ки дар расми 2. оварда шудааст.




**Расми 2. - Саҳмияҳои сармояи оинномавӣ дар ташаккули ташкилоти саҳомии "Боғчаи кӯдакон"**

Як қатор хусусиятҳоро, ки барои ташкили сиёсати молиявии ташкилоти саҳомии "Боғчаи кӯдакон" таъсири назаррас мерасонанд, қайд намоем:

- имконияти якҷоя кардани ҳадафи асосии фаъолият бо шаклҳои пулакии фароҳам овардани хизматрасониҳои иловагӣ;

- татбиқи ғояҳои сиёсати ташкилоти ғайритиҷоратӣ дар фаъолияти таҳсилотӣ: ба оптимизатсия кардани хароҷот, ки имкони ба аҳоли расонидани хизматрасонӣ ройгонро низ мусоидат менамояд;

- таркиби маҳдуди манбаъҳо ва ҳаҷми ҷалби захираҳои молиявии фаъолияти ташкилот;

- вобастагии фаъолияти иқтисодиву молиявии ташкилот ба манбаъҳои берунии (маблағҳои муассисон, стейкхолдерон, субсидияи буҷаҳои сатҳҳои гуногун), инчунин иҷрои вазифаи фармонии иҷтимоӣ;

- сабукиҳои аз имтиёзҳои қонунгузории амалкунанда.

Шакли фаъолияти саҳомӣ имкон медиҳад сармоягузории гуногун ҷалб шавад, ва ҳатто ҷалби сармояи шахсоне, ки худи онҳо наметавонанд бо ягон сабаб ба фаъолияти соҳибкорӣ машғул шаванд сурат мегирад.

## Адабиёт:


1. Суханронии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои млллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мӯҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба муносибати Рӯзи дониш https://president.tj/event/speeches/47089 (санаи муроҷиат 20.09.2024)
2. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф»- АМОҶТ, с. 2013, № 7, мод. 532; с.2014, №3 , мод.156; №7,қ.2, мод.422; с.2016, №3, мод.148,№7, мод.624
3. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи шарикии давлат ва бахши хусусӣ»,- АМОҶТс. 2012, №12, қ.1, м.1001
4. Барномаи давлатии рушди таҳсилоти томактабӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2020-2025, с.26
5. Барномаи таҳсилоти томактабӣ иҷро намешавадғ https://asiaplustj.info/ru/node/313873 https://asiaplustj.info/ru/node/313873
6. Мирсаидов А.Б. К вопросу определения социальной ставки дисконта для оценки государственных социальных инвестиций// Экономика Таджикистан № 4, 2024, с 22-34, ISSN 2075-9584
7. Экономическая отдача от дошкольного образования детей из неблагополучных семей: уроки программы «Хайскоуп Перри» // Финансы и бизнес. — 2010. № 3. — С. 39-51
8. Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2017, с.29
9. Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2023, с.29
10. Schultz, T. W. Investment in Human Capital [Text] / T.W. Schultz // The American Economic Review. 1961. Vol. 51. Pp. 1–17.



**Маълумот дар бораи муаллифон:**

**Мирсаидов Аврор Бобоевич** –доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор, муовини директори Институти иқтисодиёт ва демографияи АМИТ, суроға: 734024, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе кӯчаи Айни 44, телефон (+992) 904446012, e-mail: chirad-58@mail.ru

**Қаххорӣ маҳбуба Абдуллоҷонзода** –унвонҷӯи Институти иқтисодиёт ва демографияи АМИТ, суроға: 734024, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе кӯчаи Айни 44, телефон (+992) 928450004 e-mail: mkachcharova@mail.ru

**Сведения об авторах:**

**Мирсаидов Аврор Бобоевич** - доктор экономических наук, профессор, заместитель директора Института экономики и демографии НАН РТ, адрес: 734024, Республика Таджикистан, г. Душанбе, ул. Айни, 44, телефон (+992) 904446012, e-mail: chirad-58@mail.ru

**Каххори Махбуба Абдуллоджонзода** - аспирант Института экономики и демографии НАН РТ, адрес: 734024, Республика Таджикистан, ш. г. Душанбе, ул. Айни, 44, тел. (+992) 928450004 e-mail: mkachcharova@mail.ru

**Authors information:**

**Mirsaidov Avror Boboevich** - Doctor of Economics, Professor, Deputy Director of the Institute of Economics and Demography of NAS RT, address: 734024, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Aini St., 44, phone (+992) 904446012, e-mail: chirad-58@mail.ru

**Kahhori Mahbuba Abdullojonzoda** - postgraduate student of the Institute of Economics and Demography of NAS RT, address: 734024, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Aini Street, 44, tel. (+992) 928450004 e-mail: mkachcharova@mail.ru

УДК 332.1:338.2

# К ВОПРОСУ УПРАВЛЕНИЯ ЭНЕРГЕТИЧЕСКОЙ БЕЗОПАСНОСТЬЮ

Саидова Ш.Н.

***Аннотация.*** *В статье обосновывается необходимость управления энергетической безопасностью, определены принципы управления энергетической безопасностью, сформулированы цель управления энергетической безопасностью и задачи для ее достижения. Предложена классификация методов управления, выявлены ограничения, влияющие на эффективность управления энергетической безопасностью, которые имеют различную природу и интенсивность проявления. Обоснованы рекомендации по повышению эффективности управления энергетической безопасностью.*

***Ключевые слова:*** *энергетическая безопасность; методы управления; Центральная Азия; риски; угрозы; изменение климата; международное сотрудничество; энергетическая дипломатия; возобновляемые источники энергии.*

***Для цитирования:*** *Саидова Ш.Н.* К вопросу управления энергетической безопасностью / Ш. Н. Саидова // Финансово-экономический вестник. – 2024. – № 4.2.(43) – С. *590-597.*

# ДАР БОРАИ МАСОИЛИ ИДОРАКУНИИ АМНИЯТИ ЭНЕРГЕТИКӢ

Саидова Ш.Н.

***Аннотатсия.*** *Дар мақола зарурати идоракунии амнияти энергетикӣ асоснок карда мешавад, принсипҳои идоракунии амнияти энергетикӣ муайян гардида, ҳадафи идоракунӣ ва вазифаҳои асосии он барои расидан ба ин ҳадаф ташхис дода шудаанд. Таснифотҳои усулҳои идоракунӣ пешниҳод гардида, маҳдудиятҳое, ки ба самаранокии идоракунии амнияти энергетикӣ таъсир мерасонанд ва табиати гуногун ва дараҷаҳои мухталифи таъсиррасонӣ доранд, муайян шудаанд. Пешниҳодҳо ҷиҳати баланд бардоштани самаранокии идоракунии амнияти энергетикӣ асоснок карда шудаанд.*

***Калидвожаҳо:*** *амнияти энергетикӣ; усулҳои идоракунӣ; Осиёи Марказӣ; хатарҳо; таҳдидҳо; тағйирёбии иқлим; ҳамкориҳои байналмилалӣ; дипломатияи энергетикӣ; манбаъҳои барқароршавандаи энергия.*

# ON THE ISSUE OF ENERGY SECURITY MANAGEMENT

Saidova Sh.N.

***Abstract.*** *This article substantiates the necessity of managing energy security, outlines the principles of energy security management, and formulates its objective and key tasks to achieve it. A classification of management methods is proposed, and the limitations affecting the effectiveness of energy security management—varying in nature and intensity—are identified. Recommendations are justified to enhance the efficiency of energy security management.*

***Keywords:*** *energy security; management methods; Central Asia; risks; threats; climate change; international cooperation; energy diplomacy; renewable energy sources.*

**Постановка проблемы.** В условиях глобального роста энергопотребления, ограниченности природных ресурсов, усиления климатических изменений и нестабильной геополитической обстановки управление энергетической безопасностью приобретает особую значимость. Традиционные подходы и методологии, ранее применявшиеся в данной сфере, уже не соответствуют современным вызовам и требуют пересмотра. Особенно остро проблема управления энергетической безопасностью стоит для стран Центральной Азии, где наблюдается высокая зависимость от ископаемого топлива, недостаточный уровень освоения возобновляемых источников энергии, ограниченность внутренних финансовых ресурсов и слабая региональная координация в области энергетики и водопользования. Кроме того, управление энергетической безопасностью осложняется воздействием киберугроз, природных катастроф и политических конфликтов, что требует комплексного, системного и гибкого подхода. На этом фоне возникает необходимость в разработке и внедрении эффективных методов управления, интеграции климатических рисков в энергетическую политику, привлечении международного опыта и инвестиций, а также усилении межгосударственного сотрудничества, способного обеспечить устойчивое и безопасное развитие энергетического сектора региона.

Проблема энергетической безопасности получила глубокое освещение в научных исследованиях, проводимых учеными различных стран мира. Значительный вклад в развитие данной проблематики внесли такие исследователи, как А.Б. Ловинс [6, с.40], Д.В. Соломин [2, с.57], А.Т. Багиров [1, с.87], Д. Хельм [4, с.178], Д.И. Стерн [5, с.40] рассматривающие энергобезопасность в

контексте устойчивого развития, международной кооперации и трансформации энергетических рынков. Их работы охватывают широкий спектр аспектов проблемы энергетической безопасности, включая технические и технологические, экономические, экологические, социальные и геополитические. В современных условиях, характеризующихся ростом энергопотребления, ограниченностью ресурсов и усилением риска климатических изменений, проблема ЭБ приобретает новое звучание, требуя развития и в некоторой степени даже пересмотра концепции и методологических подходов, в том числе использование методов управления.

**Анализ последних исследований:** Современные научные исследования подчеркивают возрастающее значение комплексного подхода к обеспечению энергетической безопасности в Центральной Азии. В работе В. Дарк и другие [3, с.10745] раскрывается роль международных акторов, таких как Китай и ООН, в развитии устойчивой энергетики региона, с акцентом на ВИЭ и институциональное взаимодействие. Доклад ОБСЕ [7, с.35] дополняет анализ, раскрывая проблемы изношенной инфраструктуры, сезонных дефицитов энергии, энергообеспечения отдалённых районов и необходимость региональной кооперации. Оба источника подчеркивают важность интеграции ВИЭ, модернизации сетей и развития децентрализованных энергосистем, что подтверждает актуальность предложенного в статье направления по разработке эффективных методов управления энергетической безопасностью.

**Целью данной статьи** является обоснование необходимости управления энергетической безопасностью в современных условиях и предложить систематизированный комплекс методов и принципов её обеспечения с учётом международного опыта и региональной специфики стран Центральной Азии.

**Изложение основного материала.** Теория управления энергетической безопасностью базируется на стратегическом и риск-ориентированном подходах. К основным элементам теории управления энергетической безопасностью могут быть отнесены:

- Анализ и прогнозирование рисков в энергетическом секторе и связанных с ним секторах экономики (например, водохозяйственная система).
- Разработка стратегий и программ по обеспечению энергетической безопасности.
- Систематический мониторинг состояния энергетической инфраструктуры.
- Координация действий между всеми заинтересованными сторонами (например, производители и потребители энергоносителей, водопользователи и т.д.).

К основным принципам управления энергетической безопасностью можно отнести следующие:

– *Комплексность*: охват всех элементов энергетического комплекса, включая добычу (производство), переработку, транспорт и потребление энергетических ресурсов.

– *Системность*, что предполагает интеграцию энергетической безопасности в общую систему национальной безопасности.

– *Гибкость,* предусматривающую с способность и возможность адаптироваться к изменяющимся условиям и новым угрозам.

– *Сбалансированность*: учет экономических, экологических и социальных интересов.

– *Прозрачность:* доступность информации о деятельности всех структурных элементов энергетического комплекса для заинтересованных сторон.

– *Интеграция и энергетическая дипломатия:* сотрудничество на международном уровне и взаимодействие между государством, частным сектором и международными организациями.

– *Гибкость*: способность адаптироваться к изменяющимся внутренним и внешним условиям.

– *Превентивность*: предупреждение рисков и угроз энергетической безопасности.

В соответствии с особой социальной значимостью доступа к энергоносителям, целью управления энергетической безопасностью на наш взгляд является *обеспечение гарантированного доступа к экологически чистым энергоносителям на основе устойчивого функционирования энергетического комплекса, предусматривающего минимизацию рисков и угроз, связанных с производством, транспортом, хранением и использованием энергетических ресурсов.*

Поставленная цель управления энергетической безопасностью достигается успешным решением следующих задач:

- обеспечение бесперебойного энергоснабжения всех отраслей экономики и населения;
- снижение зависимости от импорта энергоресурсов;
- поддержание конкурентоспособности энергетического комплекса, включая эффективное использование производственных

мощностей, качество производимых энергоносителей;

- развитие возобновляемых источников энергии и реализация политики энергосбережения;
- защита объектов энергетической инфраструктуры от природных катаклизмов и киберугроз;
- минимизация экологического воздействия энергетической отрасли на окружающую среду;
- эффективная кадровая политика.

Изменение климата требует пересмотра традиционных подходов к управлению энергетической безопасностью и направлено на обеспечение энергоснабжения, снижение зависимости от внешних источников и учет экологических вызовов. Эффективное управление энергетической безопасностью позволяет минимизировать риски дефицита энергоресурсов, поддерживать экономическую стабильность и возможности устойчивого развития.

Исследование показывает, что управление энергетической безопасностью — это сложный процесс, включающий разработку стратегий, внедрение превентивных мер и координацию деятельности производителей и потребителей энергетических ресурсов, и субъектов, осуществляющих их транспортировку и преобразование. Автором настоящего исследования на основании изучения международного опыта и мнений экспертов предпринята попытка систематизировать существующие в международной практике методы управления энергетической безопасностью.

Методы управления энергетической безопасностью можно разделить на несколько категорий в зависимости от их направленности:

- **Институциональные методы,** к основным задачам которых можно отнести:

– разработка и реализация законов, регулирующих все сферы энергетики (добыча, транспортировка, использование и охрана энергетической инфраструктуры);

– формирование государственной политики в области энергетики, включая разработку стратегий и планов долгосрочного развития энергетического сектора;

– создание эффективной структуры государственных и регулирующих органов;

– разработка национальной стратегии энергетической безопасности для минимизации рисков, связанных с энергетическими угрозами;

– определение приоритетов и долгосрочных целей в энергетическом секторе;

– регулирование и контроль на основе создания нормативно-правовой базы для регулирования энергетических рынков;

– надзор за соблюдением стандартов безопасности и устойчивости;

Mahmudov Fayzidin Izatuloevich – aspirant of the «The Tajik state university of finance and economics». Phone: (+992) 902901111. E-mail: fayz@mail.ru.

УДК: 336.011.

# МУКАММАЛГАРДОНИИ ИСТИФОДАБАРИИ МАРКЕТИНГИ РАҚАМӢ ДАР БОНКҲОИ ТИҶОРАТӢ

*Раҳмонов Ҷ.Р.*
*Шарипов Н.Х.*

***Анотатсия**: Дар мақолаи мазкур ҷанбаҳои назариявии истифодабарии маркетинги рақамӣ дар фаъолияти бонкҳои тиҷоратӣ мавриди таҳқиқ ва баҳодиҳи қарор дода шуда аст. Муаллифон бо истифода аз факту далелҳои илмӣ исбот кардаанд, ки яке аз шаклҳои ҷорӣ намудани инноватсия дар бонкҳои тиҷорати ин истифодаи самараноки маркетиги рақамӣ маҳсуб меёбанд. Дар мақола масъалаҳои муҳим аз қабилӣ воситаҳои иртиботии маркетинги рақамӣ, рақамикунонии равандҳои тиҷоратии бонк, бартариятҳои технологияи рақамиро дар фаъолияти маркетингии бонкҳои тиҷоратӣ, истифодаи бомуваффақияти маркетинги рақамӣ ҳамчун унсури инноватсионӣ дар бонкҳои тиҷоратӣ мавриди таҳқиқот қарор дода шуда аст.*

***Калидвожаҳо:** маркетинги рақамӣ, инноватсия бонкӣ, самаранокии бонкҳо, бонкҳои тиҷоратӣ,хизматрасониҳои бонкӣ, технологияи рақамӣ, интернетбонк.*

***Барои иқтибос:** Раҳмонов Ҷ.Р. Мукаммалгардонии истифодабарии маркетинги рақамӣ дар бонкҳои тиҷоратӣ / Ҷ.Р. Раҳмонов, Н.Х. Шарипов// Паёми молия ва иқтисод. – 2024. – No. 4.2(43). – С. 625-630.*

# УЛУЧШЕНИЕ ИСПОЛЬЗОВАНИЯ ЦИФРОВОГО МАРКЕТИНГА В КОММЕРЧЕСКИХ БАНКАХ

*Рахмонов Дж.Р.*
*Шарипов Н.Х.*

***Аннотация**: В статье рассматриваются и оцениваются теоретические аспекты использования цифрового маркетинга в деятельности коммерческих банков. Используя научные факты и доказательства, авторы доказали, что одним из способов внедрения инноваций в коммерческих банках является эффективное использование цифрового маркетинга. В статье рассматриваются такие важные вопросы, как инструменты цифровой маркетинговой коммуникации, цифровизация банковских бизнес-процессов, преимущества цифровых технологий в маркетинговой деятельности коммерческих банков, а также успешное использование цифрового маркетинга как инновационного элемента в коммерческих банках.*

***Ключевые слова:** цифровой маркетинг, банковские инновации, эффективность банка, коммерческие банки, банковские услуги, цифровые технологии, интернет-банкинг.*

# IMPROVING THE USE OF DIGITAL MARKETING IN COMMERCIAL BANKS

*Rahmonov J.R*
*Sharipov N.X*

***Annotation:** The article examines and evaluates the theoretical aspects of using digital marketing in the activities of commercial banks. Using scientific facts and evidence, the authors proved that one of the ways to introduce innovations in commercial banks is the effective use of digital marketing. The article examines such important issues as digital marketing communication tools, digitalization of banking business processes, the advantages of digital technologies in the marketing activities of commercial banks, as well as the successful use of digital marketing as an innovative element in commercial banks.*

***Keywords:** digital marketing, banking innovations, bank efficiency, commercial banks, banking services, digital technologies, Internet banking.*

Рушди босуботи хизматрасониҳои бонкиро пеш аз ҳама ба роҳ мондани низоми дурусти бонкдорӣ, ташкил менамояд. Ташкили дурусти низоми бонкдорӣ аз сиёсати хуби маркетингии рақамии бонкҳо вобастагии калон дорад. Аз ин лиҳоз, маркетингро аксар бонкҳо бо мақсади омӯзиши талабот ва эҳтиёҷоти мизоҷон, мавқеи бонк дар бозор, рақибон ва сиёсати маркетингии худ васеъ истифода мебаранд.

Ҳалли ин мушкилот омӯзиши равишҳои илмии қонуниятҳои рафтори бозори молиявии миллиро тақозо менамояд, ки дар ин асос муайян намудани дурнамои нигоҳ доштани афзалиятҳои рақобатпазирии бонкҳо муайян карда мешаванд. Даҳсолаи охир бо тағйироти куллӣ дар технологияҳои

маркетингӣ афзалият дорад. Тибқи малумоти Freely, 76% мутахассисони соҳаи маркетинг чунин меҳисобанд, ки дар ду соли охир дар фаъолияти маркетингӣ нисбат ба панҷоҳ соли қаблӣ бештар тағйирот ба вуқуъ пайвастааст [1,с.112].

Имрӯз дар ҷомеаи муосир истилоҳот ба мисли «иқтисоди рақамӣ», «Интернет-бонкинг» васеъ истифода мешаванд. Ин далели воридшавии амиқи технологияҳои иттилоотӣ ба ҳаёти инсонро тасдиқ мекунад. Пайваста ба ин хизматрасониҳои бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар фазои рақами сифати навро касб намуда истодааст, ки мо нуктаҳои дастрасии хизматрасониҳои бонкиро дар минтақаҳо мавриди таҳлил қарор додем (Ҷадвали 1).

**Ҷадвали 1: Тақсимоти нуқтаҳои дастрасии хизматрасониҳои бонкӣ аз рӯйи минтақаҳо ба 100 ҳаз. нафар аҳолӣ**

| | ш. Душанбе | ШНТҶ | в. Хатлон | в. Суғд | в. ВМБК |
|---|---|---|---|---|---|
| Марказҳои хизматрасонии бонкӣ | 26,4 | 14,4 | 13,6 | 18,4 | 22,9 |
| POS-терминалҳо | 240 | 15,1 | 25,15 | 10,89 | 76,46 |
| Терминалҳои электронӣ дар пешниҳоди пулӣ нақд | 37,9 | 17,4 | 16,81 | 21,28 | 42,33 |
| Банкомат | 50,84 | 10,26 | 13,67 | 13,25 | 15,12 |
| Филиалҳо | 6,2 | 2,6 | 3,3 | 4 | 9 |

**Манбаъ**: аз рӯи маълумоти БМТ аз тарафи муаллиф ҳисоб карда шудаанд. (То 31.07.2022)

Аз нишондиҳандаҳои ҷадвали 1 чунин бармеояд, ки ба истисинои шаҳри Душанбе дастрасии хизматрасониҳои маҷмӯии бонкӣ дар дигар минтақаҳо ба таври кифоят рушд наёфтаанд. Аз ҷумла ШНТҶ ба 100 ҳаз. аҳолӣ POS-терминалҳо 15,1 адад, вилояти Хатлон 25,15 адад, вилояти Суғд 10,89 адад рост меояд. Ҳамин тавр POS-терминал яке воситаҳои муҳим дар фазои рақами ба ҳисоб меравад, ки шумораи онҳо дар минтақаҳои мамлакат бо мақсади расонидани хизматрасониҳои бонкӣ ва қонеъ намудани муштариён кам мебошад. Агар ба гузашта назар андозем, таърихи низомҳои пардохтӣ ва хизматрасониҳои молиявии рақамиро дар тӯли 20-30 соли охир мушоҳида намоем - аз ҷорӣ намудани фаъоли банкоматҳо, кортҳои бонкӣ то пешниҳоди миқдори зиёди хизматрасониҳо аз фосилаи дур ва дар ҳар сурат вақт, бо гузариш ба хизмати 24/7 ба назар мерасанд.

Трансформатсияи рақамӣ шарти асосии кори самаранок дар бозори хизматрасониҳои бонкӣ мебошад. Дар ин шароит модели сифр нави тиҷорат ба вуҷуд меояд, равишҳои анъанавии ҳалли масъалаҳои васеъ намудани базаи мизоҷон ба куллӣ аз нав дида баромада шуда, сифат ва суръати хизматрасонӣ беҳтар мегардад.

Бартариятҳои технологияи рақамиро дар фаъолияти маркетингии бонкҳои тиҷоратӣ ба чунин қисматҳо метавон ҷудо кард:

1. Рақамигардии равандҳои тиҷоратии бонк - истифодаи моделҳои графикии равандҳои тиҷорат, ки бо иҷрои воқеии равандҳои тиҷорат дар низомҳои иттилоотӣ зич муттаҳид шуда, (тағйирот бо таъхири ҳадди ақали вақт сурат мегирад), инчунин мавҷудияти ҳуҷҷати электронӣ, низоми ченкунӣ ва ба қайд гирифтани миқдори зиёди иттилоот.

2. Маҳсулот (хизматрасонӣ) ва нуқтаҳои фурӯш ба худхизматрасонии муштариён нигаронида шудаанд ва дар шакли рақамӣ пешниҳод карда мешаванд. Бонки рақамӣ хизматҳои бонкии фосилавӣ (интернет-банкинг ва ҳама хизматҳои ба он алоқаманд),
замимаҳои мобилӣ, эквайринги интернет, хизматрасонии байнибонкӣ ва роҳандозии босуръати маҳсулоти (хизматрасонии) навро барои фурӯш дар бар мегирад.

3. Кормандони соҳибтахассус – мавҷудияти дастаҳои рақамии шахсӣ, ки фарогири тиҷорат, IT ва маркетинг, дастаҳои пайвастаи функсионалии фаъолият. Фарҳанги корпоративии бонк ба тиҷорати рақамӣ ва инноватсия нигаронида шудааст.

4. Сохтори низомии ташакклуёфтаи бонк –ҳамаи низомҳои иттилоотии бонк бо ҳам зич муттаҳид шуда, як платформаи ягонаро ташкил мекунанд.

Рақамикунонии равандҳои тиҷоратии бонк имконият медиҳад, ки

захираҳо барои кушодани офисҳои анъанавӣ сарфа карда шуда, хароҷоти нигоҳдории шабакаи бонкомат ва суғуртаи он, инчунин хароҷоти инкассатсия кам карда шуда, сарфаи назарраси вақт барои хизматрасониҳои шахсони ҳуқуқӣ ва воқеӣ ҷорӣ карда шавад (Ҷадвали 2).

**Ҷадвали 2: Муқоисаи сарфаи вақт барои таҳия ва коркарди як адад пардохти бонкӣ дар бонки анъанавӣ ва рақамӣ**

| Номгӯи амалиётҳо | Дар бонкҳои анъанавӣ | Дар бонкҳои рақамӣ |
|---|---|---|
| Тартиб додани ҳуҷҷати пардохт | 4 дақиқа | 4 дақиқа |
| Санҷиши ҳуҷҷати пардохт | 2 дақиқа | 1 дақиқа |
| Чоп кардани ҳуҷҷати пардохт | 2 дақиқа | - |
| Рафтан ба бонк | 30 дақиқа | - |
| Хизматрасонии бонкӣ тавассути хазина (дар ҳолати набудани навбат) | 15 дақиқа | - |
| Аз бонк ба офис рафтан | 30 дақиқа | - |
| **Ҳамагӣ** | **1 соату 23 дақиқа** | **5 дақиқа** |

Таҳлили ҷадвали 2 нишон медиҳад, ки хароҷоти вақт барои таҳия ва гузаронидани як пардохти бонкӣ дар бонки анъанавӣ ва рақамӣ хеле фарқ мекунад. Агар дар бонки анъанавӣ хароҷоти вақт барои таҳия ва гузаронидани як пардохти бонкӣ 1 соату 23 дақ. ташкил диҳад, пас, ин гуна ҳароҷот дар бонки рақамӣ ҳамагӣ 5 дақ. Ташкил медиҳад, ё ки ба 17 маротиба камтар.

То соли 2025 талаботи истифодабарандагон ба хизматрасониҳои рақамӣ мумкин аст ба 60% афзоиш ёбад. Дар маърӯзаи “Designinga Sustainable Digital Bank IBM” зикр гардидааст, ки инфрасохтори бонки рақамӣ барои муносибатҳои тарафайн дар вақти воқеӣ муносиб гардонида шуда, фарҳанги дохилии он суръати баланди тағйиротҳои технологияи рақамиро дар назар дорад. IBM бонки рақамиро аз рӯи чор самт баррасӣ мекунад [5, с.86].

Ин боиси ҳам баланд гардидани ҳосилнокии меҳнати кормандони бонк ва ҳам сарфаи вақти музоҷонро тахмин намуда, боиси зиед шудани дастрасии хизматрасониҳои маҳсулотҳои бонкӣ ҳам аз ҷиҳати паст шудани нарх ва таъмини хизматрасонии шабонарузӣ бе ташриф ба бонк мегардад. Дар мавриди қайд аст, ки як қатор бонкҳои тиҷоратии ватанӣ, аз қабили ҶСК “Бонки Эсхата”, ҶСП “Спитамен Бонк”, ҶСП “Алиф Бонк” ва ҶСК “Ориёнбонк” платформаи рақамии пардохтҳои бонкӣ ба роҳ монда шудааст. Маҳз чунин равиш барои дигар бонкҳоитиҷоратӣ, бахусус дар фаъолияти маркетингӣ, ки ба ҷорӣ намудани технологияҳои рақамӣ дар оянда асос ёфтааст, афзалияти рушд ба ҳисоб меравад.

Вазифаҳои асосии маркетинги рақамӣ пешбурди нуфуз ва афзоиши фурӯш бо истифода аз усулҳои гуногун мебошанд. Консепсияи асосии маркетинги рақамӣ истифодаи равиши ба мизоҷон нигаронидашуда мебошад.

Маркетинги рақамӣ дар фазои худ воситаҳои алоқавӣ-коммуникатсионии зиёде дорад. Вазифаи асосии маркетолог пайдо кардани каналҳое мебошад, ки ба имконияти иртиботи боэътимоди дучониба ва фоидаи беҳтарини сармоягузориро барои бонк ба роҳ монад.

Воситаҳои иртиботии маркетингии рақамӣ, ки ба фаъолияти мизоҷон нигаронидашуда аст, дар ҷадвали 3 номбар гардидаанд.

**Ҷадвали 3: Воситаҳои иртиботии маркетинги рақамӣ**

| Номгӯи воситаҳо алоқавӣ | Моҳияти воситаҳо алоқавӣ |
|---|---|
| Медиа-реклама | - намуди реклама, ки ба дарки визуалӣ ба ҷониби аудитория нигаронида шудааст (плакатҳо, варақаҳо, моделҳои маҳсулот дар Интернет). |
| Маркетинги почтаи электронӣ | - ба даст овардани мизоҷон тавассути истифодаи низомҳои автоматии паҳнкунии мактуб ба почтаи электронӣ. |
| Маркетинги ҷустуҷӯӣ | - амалҳое, ки ба афзоиши иштирокчиёни вебсайтҳо аз ҷониби шунавандагони мақсадноки он бо ёрии низомҳои ҷустуҷӯ нигаронида шудаанд. Он афзоиши иштирокро ба вебсайти бонк ва фурӯши маҳсулоти бонкиро тавассути ҷойгир кардани реклама дар низомҳои ҷустуҷӯии маъмултарин дар бар мегирад. |
| Шабакаҳои иҷтимоӣ (SMM) | - ҷалби корбарони шабакаҳои иҷтимоӣ ба вебсайти бонк; вазифаҳо: ташкили аудиторияи эътимоднок; гузаронидани маъракаҳои рекламавии дақиқе, ки танҳо ба аудиторияи мақсаднок нигаронида шудаанд. |
| Онлайнӣ Public Relations | - ба васоити ахбори омма ва ширкатҳои калон паҳн кардани варақаҳои матбуотӣ (ин навъҳои электронии рӯзномаҳо ва маҷаллаҳо, конфронсҳои виртуалӣ, каталогҳои интерактивӣ ва ғайра мебошанд.) |
| Инфографика | - тарзи графикии пешниҳоди иттилоот, ки мақсади он зуд ва аниқ пешниҳод намудани иттилооти мураккаб аст, шакли тарроҳии иттилоотӣ, ки матн, рақамҳо, расмҳо ва шаклҳои геометриро муттаҳид месозад; Он барои ба корбар дар бораи падида дар шакли визуалӣ ва фаҳмо нақл кардан пешбинӣ шудааст. |

**Эзоҳ**: Таҳияи муаллиф дар асоси таҳлили адабиёти соҳавӣ.

Таҳлили ҷадвали 3 нишон медиҳад, ки воситаҳои коммуникатсионии маркетинги рақамие, ки дар ҷаҳон истифода мегарданд, зиед шуда меистад. Дар ин ҷода, олимон ва коршиносони соҳаи маркетинги рақамӣ қайд мекунанд, ки модели маркетинги “Performance marketing” барои бахши бонкӣ мувофиқ аст. Performance-based marketing – ин навъи маркетинге, ки ба натиҷа нигаронидашуда шудааст [2, С. 14]. Муҳим он аст, ки истифодаи ин технологияҳои муосири маркетингӣ бояд ба ҳадафҳо ва стратегияи умумии рушди бонки тиҷоратӣ мувофиқ гардонида бошад. Бонкҳои тиҷоратии муваффақ кӯшиш мекунанд, ки усулҳои маркетингӣ ба ҳадафҳо ва стратегияҳои бонк тавассути мафҳумҳои зерин мувофиқат ва татбиқ карда шаванд:

1. Мутобиқшавӣ бо стратегияи тиҷорат: Технологияҳои маркетингӣ бояд ба дастгирии ҳадафҳо ва афзалиятҳои бонк равона карда шаванд. Масалан, агар бонк диққати худро ба ҷалби мизоҷони ҷавон равона кунад, кӯшишҳои маркетинги он метавонад ба каналҳои рақамӣ ва эҷоди замимаҳои инноватсионии мобилӣ тамаркуз кунад;

2. Мутобиқшавӣ ба аудитория: Технологияҳои маркетингӣ бояд барои қонеъ гардонидани талабот ва афзалиятҳои аудиторияи мақсадноки бонк равона карда шаванд. Масалан, агар аудиторияи мақсаднок истифода аз шабакаҳои иҷтимоӣ бартарӣ дошта бошад, бонк бояд дар ин каналҳо бо мундариҷа ва таблиғоти мувофиқ ҳузур дошта бошад;

3. Истифодаи маҳзани калони маълумот барои қабули қарорҳо: Технологияи маркетинг ба бонкҳо имкон медиҳад, ки маълумотро дар бораи муштариёни худ ва дар маҷмӯъ бозор ҷамъоварӣ ва таҳлил кунанд. Ин маълумот барои тавлиди фаҳмишҳое истифода мешавад, ки дар қабули қарорҳои огоҳона дар бораи маркетинг ва стратегияи маҳсулот кумак мекунанд;

4. Ҳамгироӣ ба равандҳои тиҷоратӣ: Технологияҳои маркетингӣ бояд ба равандҳои тиҷоратии бонк тавре ворид карда шаванд, ки истифодаи самараноки захираҳо ва ҳамоҳангӣ байни соҳаҳои гуногуни функсионалӣ, аз қабили маркетинг, фурӯш,

хизматрасонӣ ба мизоҷон ва ғ. таъмин намоянд.

5. Таваҷҷуҳ ва нигаронӣ ба натиҷаҳоӣ ниҳоӣ: Бонкҳо бояд натиҷаҳои кӯшишҳои маркетингии худро тавассути таваҷҷуҳ ва нигаронӣ ба натиҷаҳоӣ ниҳоӣ фаъолият, ба монанди доштани базаи муштариён, қаноатмандии муштариён ва ғайра пайгирӣ ва чен кунанд. Ин ба бонкҳо имкон медиҳад, ки самаранокии фаъолияти маркетингии худро арзёбӣ кунанд ва дар ҳолати зарурӣ ислоҳот ворид намоянд.

Дар маҷмӯъ, истифодаи бомуваффақияти маркетинги рақамӣ ҳамчун унсури инноватсионӣ дар бонкҳои тиҷоратӣ аз ҳамгироии онҳо ба стратегияи умумии бонк, нигаронии онҳо барои ноил шудан ба ҳадафҳои стратегӣ, инчунин, имконияти мутобиқ шудан ба талаботи зудтағйиребандаи бозорӣ ва ниёзҳои муштариён вобаста аст.

Пайдоиши шабакаҳои мобилии баландсуръати 5G суръати интиқоли маълумотро якчанд маротиба зиёд карда, дар натиҷа, имкониятҳои истифодаи маркетинги мобилиро ба таври назаррас васеъ мекунанд. Дар робита ба ин, муассисаҳои бонкӣ бояд усулҳои гуногуни
ба даст овардани маълумоти гуногунро истифода баранд. Ҷанбаи муҳим дар ин масъала татбиқи усулҳои навтарини таҳқиқоти маркетингӣ ҳамчун асоси ҷамъоварии маълумот дар бораи муштариёни эҳтимолӣ ва мавҷуда мебошад, аммо таҳқиқоти мо нишон медиҳад, ки усулҳои маркетингии таҳлили фаъолияти муштариён дар бонкҳои тиҷоратии қобилияти рақбатпазирии онҳоро костакунанда, ба таври кофӣ истифода намешаванд.

Ин боиси баланд шудани рақобатпазирии бонкҳои тиҷоратӣ шуда метавонад, ки имкониятҳои муосири истифодаи стратегияҳои маркетингӣ ва технологияҳои рақамиро дар фаъолити худ роҳандозӣ мекунанд:

1.Рақамикунонии равандҳои тиҷоратии бонк. Истифодаи моделҳои рақамии равандҳои бизнесҳои бонкӣ.

2. Маҳсулот ва хизматрасониҳо ва роҳҳои фурӯши онҳо ба худхизматрасониҳои муштариён нигаронида шудаанд бо истифода аз технологияҳои рақамӣ. Хизматрасониҳои бонкии фосилавӣ тавассути интернет ва каналҳои дигари муосири хизматрасонии алоқаманд, барномаҳои мобилӣ, эквайринги интернетӣ ва ғайраро дар бар мегирад;

3. Дастрасии рақамии тиҷоратӣ ва маркетингӣ, ки имконияти функсионалӣ барои мизоҷон ва кормандони бонкҳо доимӣ ва осон мегардад ва ғайра.

Дар як қатор бонкҳои тиҷоратии ватанӣ, ба монанди ҶСК "Бонки Эсхата", ҶСП "Бонки Спитамен", ҶСК "Бонки Алиф" чунин майдони рақамӣ барои пардохти бонкӣ амал мекунад. Ин равиш барои бонкҳои диари тиҷоратӣ хусусан, дар фаъолияти маркетингӣ дар асоси ҷорӣ намудани технологияи рақамӣ дар оянда самти афзалиятноки рушд мебошад. Вазифаҳои асосии маркетинги рақамӣ на фақат пешбурди бренд, балки афзоиши фурӯш тавассути усулҳои гуногун ва ноил гардидан ба дараҷаи баланди натиҷаҳои молиявӣ, ки арзиши саҳмияҳои бонкҳоро таъмин месозад, мебошад. Бояд қайд кард, ки консепсияи бунёдии маркетинги рақамӣ барои татбиқи равиши ба мизоҷ нигаронидашуда замина мегузорад. Маркетинги рақамӣ дар худ усулу воситаҳои муосири зиёдро дорад. Вазифаи асосии фурӯшанда пайдо кардани роҳҳое мебошад, ки имкон медиҳанд, то алоқаи боэътимоди дуҷониба ва бозгашти беҳтарини сармоягузорӣ барои бонкро таъсис дода бошанд.

Барои ноил шудан ба самаранокии маркетинги рақамӣ, ҳамчун технологияи нави маркетинг, бонкҳо бояд ба хавфе омода бошанд, ки ба баъзе низоъ қодир бошанд. Зеро, ба истифодаи технологияҳои SMM бодиққат муносибат бояд кард, зеро хатогии хурдтарин метавонад ба талафоти назарраси симо ва аз даст додани қисми зиёди сегменти мақсаднок, инчунин, ба сармоягузорӣ барои баркарор кардани симо оварда расонад.

Маркетинги рақамӣ имкон медиҳад, ки ҳама гуна маълумот дар бораи муштарӣ дар ширкатҳои минбаъдаи таблиғотӣ (ремаркетинг, истисно кардани намоиши реклама ба мизоҷони ҷорӣ ва ғайра) истифода шавад ва инчунин, дар бораи самаранокии ҳар як манбаи трафик қарор

қабул кунад. Вазифа дар низоми CRM-и бонк ҳал карда мешавад. Customer Relationship Management системаи кор бо мизоҷони бонк мебошад, ки ба сохтани конвейер барои ҷалби мизоҷони нав ва нигоҳ доштани муносибатҳо бо мизоҷони мавҷуда равона шудааст. Дар робита ба ин, маркетинги рақамӣ бояд ба технологияҳои муосири доимо афзоянда ва зудтағйирёбанда асос ёбад.

Бояд қайд кард, ки татбиқи технологияи маркетинги рақамӣ дар соҳаи бонкӣ ба шаклҳои инноватсионии пешбурди хизматрасониҳои бонкӣ ва маҳсулот мусоидат мекунад. Дар натиҷа, бонкҳои тиҷоратӣ дар бозори молиявӣ мавқеи устувор пайдо мекунанд. Дар маҷмӯъ, бахши бонкӣ ба рушди моделҳои амалиётӣ нигаронида шудааст, зеро бо мурури замон шумораи афзояндаи муштариён дарк мекунанд, ки барои ба даст овардани маҳсулот ва хизматрасонии гуногуни бонкӣ ба филиали бонк рафтан шарт нест ва шахс метавонад дастовардҳои рақамиро истифода барад. Ҳамчунин беш аз 40% аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба шабакаи глобалӣ дастрасӣ доранд. Аз ин рӯ, ҷорӣ намудани навовариҳои рақамии молиявӣ ба бахши бонкии иқтисодиёт барои ташкили фазои умумӣ, ки тиҷорати бонкӣ ва муҳити рақамиро муттаҳид мекунад, саривақтӣ аст.

Дар маҷмӯъ, аз гуфтаҳои боло бармеояд, ки дар шароити нав стратегия истифодаи технологияҳои муосири маркетингӣ дар бонкҳои тиҷоратии Тоҷикистон рақамисозии технологияҳо ва алоқаи маркетингиро ҳамчун ҷузъи муҳим дар фаъолияти бонкҳои тиҷоратӣ ва риояи алгоритми таъмини ҳамоҳангсозӣ дар бозори хизматрасонии бонкӣ ҳисобида мешавад.

## Адабиёт


1. И.Ю. Семенчукова., Д.Б. Рудниций. Маркетинг в банке (конспект лекций для студентов экономических специальностей). Витебс, 2011.
2. Котлер Ф. Маркетинг от А до Я. 80 концепций, которые должен знать каждый менеджер. – М.: Альпина Паблишер, 2019. – С. 35.Шевченко Д. А. Маркетинг образования в России. – М.: ЮнитииДана, 2017. – С. 221.
3. Мейерсон М. Основы интернеттмаркетинга: Все, что нужно знать, чтобы открыть свой магазин в интернете. – М.: Манн, Иванов и Фербер, 2013. – С. 54.
4. Николаева Т. П. Банковский маркетинг // Учеб. метод. комплекс / Т. П. Николаева. – М.: Издат. центр ЕАОИ, 2013. – С.112 (224 с.)
5. Сергеенкова А. А. Современные технологии обеспечения конкурентоспособности многопрофильного коммерческого банка на рынке финансовых услуг // Автореф. дис. … канд. экон. наук: 08.00.10 / А. А. Сергеенкова. – Ростов-на-Дону, 2007. – С.14
6. Цединов О.А., Бадма-Горяева Э.О. Развитие банковского маркетинга в условиях цифровой трансформации // Вестник Алтайской академии экономики и права. – 2019. – № 2-1. – С. 170-177.



**Маълумот дар бораи муаллифон:** Раҳмонов Ҷалолиддин Равшанқулович - номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсенти кафедраи иқтисодиёти корхонаҳо ва соҳибкории Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Суроға: 734025, Тоҷикистон, ш.Душанбе, х. Рӯдакӣ 17, Тел: +992919007722, E-mail: jaloliddin78@inbox.ru

**Шарипов Назрулло Хисравович**-муаллими калони кафедраи молия ва қарзи факултети молиявию иқтисодии Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ.735360-шаҳри Кӯлоб, кучаи С.Сафаров 16. Тел:985575784

**Информация об авторе:** Рахмонов Джалолиддин Равшанкулович — кандидат экономических наук, доцент кафедры экономики предприятий и предпринимательства Таджикского национального университета. Адрес: 734025, Таджикистан, г. Душанбе, ул. Рудаки 17, Тел.: +992919007722, E-mail: jaloliddin78@inbox.ru

**Шарипов Назрулло Хисравович**- старщий приподаватель кафедры финансов и кредита финансово-экономического факультета Кулябского государственного университета имени Абуабдуллох Рудаки.735360-г.Куляб,ул.С.Сафарова,16.Тел: 985575784

**Author information: Rakhmonov Jaloliddin Ravshankulovich -** candidate of economic sciences, associate professor of the department of economics of enterprises and entrepreneurship of the Tajik National University. Address: 734025, Tajikistan, Dushanbe, Rudaki street 17, Tel.: +992919007722, E-mail: jaloliddin78@inbox.ru

**Sharipov Nazrullo- senior Lecturer** of the Department of Finance and Credit of the Faculty of Finance and Economics of the Kulyab State University named after Abuabdulloh Rudaki.

**УДК: 336**

## КОНСЕПСИЯҲОИ МУОСИРИ ИДОРАКУНИИ ХИЗМАТРАСОНИҲОИ БАХШИ ДАВЛАТӢ

**Фируза Ш.**

*Дар мақола консепсияҳои муосири идоракунии хизматрасониҳои бахши давлатӣ мавърди омӯзиш қарор гирифта зарурати истифодаи онҳо дар марҳалаи нави рушди мамлакат, ки низоми бахши давлатии соҳаи хизматрасонӣ вобаста аз тағйиротҳо сифатии ҳаёти иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва талаботҳои давлати иҷтимоӣ, дар табодул қарор дорад, асоснок карда шудааст. Муаллиф ба мафҳуми "давлати иҷтимоӣ", ки мазмуну вазифаҳои он дар заминаҳои консептуаливу бунёдии идоракунии бахши хизматрасониҳои давлатӣ қарор мегирад, муқаррарот ворид намуда, руӣ кор омадани вазифаҳои давлатро дар таъмини шароит барои пойдори мувозинати ҷамъиятӣ ва озодии шахс, паст намудани сатҳи камбизоатӣ ва инкишофи синфи миёна, дар риштаи таҳлил гирифтааст.Чандин пешниҳодотро дар бобати мукаммалгардонии механизмҳои татбиқи сифатҳои давлати иҷтимоӣ дар Тоҷикистон вобаста ба шароити воқеии рушди иқтисодиву иҷтимоии он асоснок намудааст.*

***Калимаҳои калидӣ.*** *давлати иҷтимоӣ, сиёсти иҷтимоӣ, хизматрасниҳои иҷтимоӣ, буҷети давлатӣ, вазифаҳои давлати иҷтимоӣ, сифати инноватсионии хизматрасониҳои давлатӣ, иқтисдиёти бахши давлатӣ ва ғ.*

***Барои иқтибос:*** *Фируза Ш. Консепсияҳои муосири идоракунии хизматрасониҳои бахши давлатӣ/ Фируза Ш. // Паёми молия ва иқтисод. – 2024. – No. 4.2(43). – С. 631-637.*

## СОВРЕМЕННЫЕ КОНЦЕПЦИИ УПРАВЛЕНИЯ ГОСУДАРСТВЕННОГО СЕКТОРА УСЛУГ

**Фируза Ш.**

*В статье рассматриваются современные концепции управления государственного сектора услуг и обосновывается необходимость их использования на новом этапе развития страны, когда система государственного сектора в сфере услуг претерпевает трансформацию в связи с изменением качества социально-экономической жизни и требованиями социального государства. Автор внес уточнение в понятие «социальное государство», содержание задач которого базируется на концептуальных и фундаментальных основах управления сферой государственных услуг, проанализировал реализацию задач государства по обеспечению условий стабильности, социального равновесия и индивидуальной свободы, сокращению бедности и развитию среднего класса. Обосновал ряд предложений по совершенствованию механизмов реализации качеств социального государства в Таджикистане в зависимости от реальных условий его экономического и социального развития.*

***Ключевые слова***. *социальное государство, социальная политика, социальные услуги, государственный бюджет, задачи социального государства, инновационное качество государственных услуг, экономика государственного сектора и т. д.*

## MODERN CONCEPTS OF PUBLIC SECTOR SERVICES MANAGEMENT

**Firuza Sh.**

*The article studies modern concepts of public sector services management and substantiates the need for their use at a new stage of the country's development, when the public sector system in the field of services is undergoing transformation due to changes in the quality of socio-economic life and the requirements of the social state. The author introduced regulations into the concept of "social state", the content of whose tasks is based on the conceptual and fundamental foundations of the management of the public service sector, and analyzed the implementation of state tasks in ensuring conditions for the stability of social balance and individual freedom, reducing poverty and developing the middle class. He substantiated several proposals for improving the mechanisms for*

*implementing the qualities of the social state in Tajikistan in relation to the real conditions of its economic and social development.*

***Key words**: social state, social policy, social services, state budget, tasks of the social state, innovative quality of public services, public sector economics, etc.*

Дар Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 масъалаи таъмини фаъолнокиву самаранокии идоракунии давлатии ҳаёти иҷтимоиву иқтисодии мамлакат дар пояи ҳамоҳангсозии оқилонаи усулҳои мустақим ва ғайримустақими давлатӣ ҷойгоҳи марказиро ишғол менамояд. Дар ин Стратегия "иҷрои фаъолияти мақсаднок ва муназзам оид ба такмилдиҳии равандҳои маъмурӣ, тезонидани қабули қарорҳо ва баланд бардоштани самаранокии онҳо, бахусус дар самти ҳамкорӣ бо сармоягузорон, танзим ва назорат, пешниҳоди хизматрасониҳои давлатӣ"[3], дар радифи самтҳои афзалиятноки такмилдиҳии низоми идоракунии давлатӣ қарор гирифтааст.

Дар давраи истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон заминаҳои устувори идоракунии давлатӣ дар тамоми соҳаҳи фаъолият бунёд шудаанд. Дигаргуниҳои маъмурие, ки дар ин давра гузаронида шуданд, ба ташаккулу рушди низоми фаъолияти институтҳои гуногуни ҳокимият ва бахши давлатии соҳаи хизматрасонӣ мусоидат намуд. Ҳадафи ниҳоии ин дигаргуниҳои институтсионалӣ дар таъмини фаъолияти самраноки системаи идоракуни давлатии ва институтҳои он, ки қобилияти босурати ҳалли муаммоҳои иҷтимоӣ-иқтисодиро доранду баланд намудани сатҳи зиндагонии аҳолӣ мусоидат менамоянд, нигаронида шудааст.

Дар марҳалаи нави рушди мамлакат низоми бахши давлатии соҳаи хизматрасонӣ вобаста аз тағйиротҳо сифатии ҳаёти иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва талаботҳои давлати иҷтимоӣ, коркарди асосҳои консептуалиро дар заминаи муносибатҳои муосир нисбат ба фаъолияти давлати иҷтимоӣ тақозо менамояд. Сиёсати давлати иҷтимоӣ, пеш аз ҳама ба таъмини зинадагии шоиста барои мардум ва ҳар як шаҳрванди мамлакат тавссути ташкили фаъолияти самараноки ҳама институтҳои ҳокимияти давлатӣ самтгирӣ дорад. Бинобар он бори дигар ба мафҳуми "давлати иҷтимоӣ".. ки мазмуну вазифаҳои он дар заминаҳои консептуаливу бунёдии идоракунии бахши хизматрасониҳои давлатӣ қарор мгирад, муқаррарот ворид менамоем. Истилоҳи "давлати иҷтимоӣ" дар миёнаи асри XIX дар адабиётҳои илмии ҷомеашиносӣ пайдо шуда буд, ки дар асоси шаклгирии ин мафҳуми фалсафаи бузурги олмонӣ қарор гирифта буд. Иқтисодчии олмонӣ Лоренс фон Штейн, ки яке аз асосгузорони назарияи давлати иҷтимоӣ маҳсуб мешавад, ба вазифаҳои давлат таъмини шароит барои пойдори мувозинати ҷамъиятӣ ва озодии шахс, паст намудани сатҳи камбизоатӣ ва инкишофи синфи миёна, дохил намудааст [2].

Коркарди асосҳои фундаменталии давлати иҷтимоӣ дар асарҳои олими намоёни олмонӣ А. Вагнер инъикос ёфтаанд. Мувофиқи назарияи Вагнер, давлати иҷтимоӣ ин натиҷаи табаддулоти давлати буржуазӣ ба давлати некуаҳволии оммавӣ мебошад [8]. Аммо, дар адабиёти илми муосир оид ба мафҳуми "давлати иҷтимоӣ" (аз калимаи олмонӣ Sozialstaat) маънидодкунии зарурӣ мавҷуд нест. Ба ибораи дигар тасаввуроти ба система гирифташудаи доир ба моҳияти давлати иҷтимоиии муосир ва таҳаввули ухдадориҳои иҷтимоии давлат ташаккул наёфтаанд. Бинобар он масъалаи коркарди нишондодҳо, ки тибқи онҳо ин давлатро ба категорияи иҷтимоӣ ворид намудан ҳанӯз боқӣ мемонад. Маҳдуд будани нишондодҳои мушахасс, ки фаъолияти иҷтимоии давлат ва сифатҳои иҷтимоигардии онро арзёбӣ менамояд, дар роҳи мукаммалгардонии механизмҳои идоракунии хизматрасониҳои иҷтимоии ва вазифаҳои иҷтимои давлат монеъ эҷод менамояд. Муаммо дар он аст, ки масъалаи арзёбии самаранокии иқтисодии давлати иҷтимоӣ дар майдони баҳс қарор дорад. Масалан, гурӯҳи муаллифон (В.Е. Бодюл, Р. Дарендорф, Ҷ. Стиглитс) гумон доранд, ки дар давлати иҷтимоӣ истифодаи ғайрисамараноки захираҳои зиёд тавссути сафарбарии онҳо ба соҳаи иҷтимоиёт суръат

мегирад ва ҳамин тариқ рафтори туфайлихурӣ ва тайёрхурии аҳолиро зиёд мекунад. Гурӯҳи дигар бошад, (Н. Гритсенко, Д. Риттер) баръакс самаранокии иқтисодиву ичтимоии давлати иҷтимоиро, ки тавассути рушди инсон ва сармояи инсонӣ сураът мегирад, таъкид менамоянд. Гурӯҳи пажӯҳишгарон (К. Ватрин, Г. Вилгеродот, Х. Ламперт, Н. Волгин, М. Дмитриев, Е. Жилтсов, Ю. Одегов, А. Котляр, Б. Ракитский ва дигарон) масъалаҳои мубрамми давлати иҷтимоиро дар доираи иқтисодиёти бозории сами иҷтимоӣдошта ва рушди шарикиии иҷтимоӣ дар бахши соҳибкории иқтисодиёт мавриди таҳлил қарор додаанд. [7]

Новобаста аз ақидаҳову муносибатҳои гуногуни нисбат ба тавзеҳи давлати иҷтимоӣ умумияти бунёдӣ дар тасвирҳо вуҷуд дорад, ки тибқи он давлати иҷтимоӣ - ин шакли махсуси давлати муосири мутаммаддин буда, дар маҷмӯи фаъолияти он таъмини сатҳи баланди ҳимояи иҷтимоии аъзоёни ҷамъият ҷойгоҳи марказиро ишғол менамояд. Ин масъала мустақиман дар маркази фаъолияти институтҳои ҳокимияти давлатӣ ва ташкилотҳои бахши давлатии соҳаи хизматрасонӣ, ки ба истеҳсолу пешниҳоди маҳсулоти иҷтимоӣ сару кор доранд, ҷой мегирад..

Пайваста бо инкишофи консепсияи давлати иҷтимоӣ дар Конститутсияҳои як қатор мамлакатҳои Аврупо мафҳуми "давлати иҷтимоӣ" ворид қаарда шуд. Чунончи ибораи "давлати иҷтимоӣ" дар Қонуни асосии ҶФО (ФРГ) дар соли 1949, Конститутсияи Фаронса дар соли 1958, Конститутсияи Испания соли 1978, Руминия – 1991, Словения – 1991, Украина – 1996, Колумбия – 1991, Перу – 1993, Эквадор – 1998, Венесуэла – 1999 ва як қатор дигар мамлакатҳо дарҷ ёфтааст. Дар моддаи 1 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон низ қайд шудааст, ки "Тоҷикистон давлати иҷтимоӣ буда, шароитҳоро барои ҳаёти арзанда ва инкишофи озодонаи ҳар як фард фароҳам меоварад" [5]. Вобаста бо муқарароти коститусионӣ ҳукумати мамлакат тадбирҳоро доир ба дарёфти механизмҳои татбиқи амалии сифатҳои иқтисодиёти конститутсионӣ ва нерӯ бахшидани нақши институтҳои ҳокимияти давлатӣ дар таъмини тақсимоти боадолатонаи даромадҳо, баланд бардоштани ухдадориҳои иҷтимоӣ ва дастгирии камбизоатон, амалигардонии пешравии иқтисодӣ ва ҷамъиятии ҳама аъзоёни ҷамъият аз рӯи принсипи "тараққиёти яке шарт ва оқибати тараққиёти дигаре" амалӣ шуда истодааст [6].

Дар мамлакат чараёни пойдоршавии давлати иҷтимоӣ босураът идома дорад ва пайваста ба ин дар майдони илми ватанӣ таҳқиқотро низ фаро гирифтааст. Дар майдони илм ақидаҳо ва консепсияҳои гуногун ташаккул ёфта истодааст. Дар сатҳи меъёрӣ принсипҳои конститутсионӣ ва ҳуқуқӣ ҷорӣ рӯи кор омадаанд ва дар сатҳи эпирики бошад таҷрибаи аслии фаъолияти институтҳои ҳокимияти давлатӣ дар самти ҳалли муаммоҳои иҷтимоии ҷамъият ғанӣ гашта истодааст. Новобаста аз ин омӯзиши адабиёти илмии кишварҳои ба тамаддун расида ва истифодаи таҷрибаи онҳо дар мамлакат аз манфиат дур намебошад Масалан, аз тарафи аксарияти пажӯҳишгарон мафҳуми "давлати иҷтимоӣ"-ро бо мафҳуми "давлати саховатманд" (welfarestate) ҳаммаъно менамоянд. Тасаввуроти иқтисодии давлати иҷтимоиро консепсияи Ҷ. Кейнс [4] муаяйн намудааст. Вай зарурати дахолати фаъоли давлатро ба ҳаёти хоҷагидории ҷамъият асоснок карда буд ва минбаъд пайравони ӯ ба консепсияи давлати саховатманд таваҷӯҳи дода ба зарурати тараққиёти иқтисодиёти омехта, ки хоси рушди иқтисодиёти муосири аст, таъкид намуданд. Дар доираи ин консепсия давлат нақши миёнарав, нерӯи "болосинфӣ" –ро дорад, ки фаъолияти он ба ҷорӣ намудани принсипи тақсимоти боадолат ва таъмини зиндагии шоистаи аҳволии, қонеъгардонии манфиатҳои ҳама қишрҳои ҷомеа ва бартараф намудани нобаробарӣ дар ҷомеаъ равона карда шудааст. Дигаргуншавии куллии ҷамъият, пеш аз ҳама дар самти тақсимоти моликият, захираҳо, даромадҳо, инкишофи институтҳои ҳуқуқи моликият дар маркази ҳадафҳои чунин намуди давлат қарор мегирад. Таъмини рушди иқтисодӣ воситаи асосии таъмини ҳама аъзоёни ҷамъият бо неъматҳои моддӣ ва иҷтимоӣ ба ҳисоб меравад.

Айни замон консепсияи давлати иҷтимоӣ дар чорчӯбаи назарияи давлати саховатманд инкишоф ёфта истодааст, ки вай аз назария иқтисодчии шведӣ, дорандаи мукофоти Нобел Карл Гуннар Мюрдал (1898-1987) ғизо мегирад. Карл Гуннар Мюрдал дар китоби худ “Берун аз ҳудудҳои давлати саховатманд” ("За пределами государства благоденствия") маънои назарияи саховатмандии ҷамъиятиро ӯ чунин шарҳ медиҳад: “оромона, бе табаддулот, амалан бидуни табаддулот дар давлати капиталистӣ амалигардонии сиёсати оммавии мувофиқашуда бо назардошти самаранокӣ, ки оҳиста иқтисодиёти мамлакатро мувофиқи манифатҳои аксарияти шаҳрвандон оварда мерасонад”. Дар маркази таваҷӯҳи ин олим иштироки мустақими давлат дар ҳаёти иҷтимоӣ-иқтисодии ҷамъият, ки ҳадафи нигоҳдории мувозинат ва рушди мӯътадили ҳаёти иҷтмоиву иқтисодиро бавоситаи инкишофи бахши давлатии хизматрасонӣ, банақшагирӣ дар иқтисодиёт ва танзимкунӣ, ки ҳадафи давлати саховатманд мебошад, қарор гирифтааст. Сифатҳои хоси давлати саховатманд ба монанди тараққиёти иқтисодиёти омехта, ғайримарказонидашудани ҳокимияти сиёсӣ ва дар ҷамъият мавҷуд набудани зиддияти идеологӣ, ки натиҷаи мӯътадилгардонии зиддиятҳои манфиатҳо дар ҷамъият ва ё натиҷаи қонеъгардонии манфиатҳои ҳама табақаҳои иҷтимоӣ мебошад, дар асаои ҷомеашиноси амрикоӣ Даниел Белл “Итмоми идеологӣ” (“Конец идеологии") таҷассум ёфтаанд.

Аммо рушди ғайрихаттӣ ва такрорёбии бӯҳрони иқтисодиву молиявии ибтидои асри 21 водор намуд, ки аксарияти ҳолатҳои назарияи давлати саховатмандро бознигарӣ шаванд ва дар натиҷа ин консепсия бархе хислати худро дигаргун намуд. Инкишофи назарияи мазкур дар таҳқиқотҳои дар доираи иқтисодиёти бахши ҷамъиятӣ ва давлатии иқтисодиёт суръат гирифта масъалаҳои таъмини адолати тақсимотӣ, рушди неъматҳои ҷамъиятӣ ва ғ. ба назар мерасад. Аксаран чунин сифатҳои хоси давлати иҷтимоиро низоми суғуртакунии иҷтимоӣ, пардохтҳои иҷтимоии буҷетӣ, низомҳои давлатии ҳифзи иҷтимоӣ, таъминоти иҷтимоӣ ва шуғл, таъминоти дастрасии маориф, тандурустӣ ва инкишофи фарҳангӣ, ҳифзи иҷтимоии категорияҳои аҳолии ниёзманд, мӯътадилгардонии нобаробарии иҷтимоӣ дар ҷамъият, таъсисдиҳии шароитҳои мувофиқи азнавтақсимкунии неъматҳо, пешниҳод намудани хизматҳои иҷтимоӣ ва ғайраҳо.дар маркази татқиқотҳои илмӣ қарор гирифтаннд.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба таъмини инкишофи бахши давлатии хизматрасонӣ ҳамчун яке аз ҷузҳои муҳими амалигардонии сифатҳои давлати иҷтимоӣ тадбирҳо ва кӯшишҳо ба харҷ дода шуда истодааст. Мувофиқи маълумоти ҷадвали 1. пайваста бо афзоиши ҳаҷми буҷети давлатӣ афзоиши ҳаҷми маблағгузории соҳаи неъматҳои аҳамияти иҷтимоӣ дошта, ки сармоягузорӣ ва фазои мусоидро барои рушди инсон ва сармяи инсонӣ созгор менамояд, тамоюли рушди устувор дорад. Дар соли 2023 ҳаҷми ҳама хароҷотҳои буҷеди давлатӣ ба 43 млрд. сомонӣ баробар шуд, ҳол он ки дар соли 2000-ум ин нишондиҳанда ба 291,3 млн. сомонӣ баробар буд.

**Ҷадвали 1. Динамикаи маблағгузории буҷетӣ ба соҳаҳои хизматрасониҳои аҳамияти иҷтимоӣ дошта** (млн. сомонӣ)

| **Солҳо** | **Ҳамагӣ хароҷотҳои буҷети давлатӣ** | **Аз он ҷумла :** | | | **Бо ифодаи фоиз нисбат ба ММД,%** |
|---|---|---|---|---|---|
| | | ***маориф*** | ***тандурустӣ*** | ***чорабиниҳои фарҳангӣ-оммавӣ ва солимгардонӣ*** | |
| **2000** | 291,3 | 38,2 | 18,5 | 9,2 | 5,6 |

| | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| **2005** | 1402,7 | 253,1 | 82,4 | 41,8 | 5,2 |
| **2010** | 7272,3 | 1019,5 | 367,2 | 298,5 | 6,8 |
| **2015** | 16277,4 | 2539,3 | 1037,2 | 574,3 | 8,5 |
| **2020** | 24812,5 | 4311,4 | 2583,1 | 987,1 | 9,5 |
| **2023** | 43034,8 | 7108,5 | 3277,4 | 1471,7 | 9,0 |

Ҳисоб карда шудааст аз: Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон – 2024, С 371-399




**Расми 1. Маблағгузории буҷетӣ ба соҳаҳои маориф ва тандурустӣ (млн. сомонӣ)**

Афзоиш дар ин давра (нисбат ба соли 2000-ум) зиёда аз 147 маротибаро ташкил дод. Мувофиқан дар давраи таҳлилшаванда маблағгузории давлатӣ ба соҳаи маориф аз 38,2 млн. сомонӣ то 7,1 млрд. сомонӣ афзоиш ёфта, дар соҳаи тандурустӣ аз 18,5 млн. сомонӣ то 3,2 млрд. сомонӣ, дар соҳаи чорабиниҳои фарҳангию оммавӣ ва солимгардонӣ бошад аз 9,2 млн. сомонӣ то 1,4 млрд. сомонӣ афзоиш ёфт. (Расми 1) Хизматрасониҳои давлатӣ дар ин самтҳо шароитҳои мусоидро барои рушди иқтисодии ҷумҳурӣ ва афзун намудани ҳаҷми неъматҳои иқтисодӣ тавссути рушди сармояи инсонӣ, ки захира ва омили асосии рушди иқтисодии муосиро муаян менамояд, таъмин карда мешавад.

Таъмини самаранокии рушди иҷтимоӣ-иқтисодии мамлакат ва зиндагии шостаи шаҳрвандони ҷумҳурӣ ва мувофиқан, дар амал рӯи кор омадани сифатҳои иқтисодиёти бозории таъиноти иҷтимоӣ дошта, мукаммалгардии механизмҳо, шаклҳои ва усулҳои дахолату танзими давлатии иқтисодиётро дар назар дорад. Мутобиқати оқилонаи ҷиҳатҳои иқтисодӣ ва иҷтимоии рушди ҷомеа шартҳои ибтидоӣ таъмин дарозмуддати тараққиёти мамлакат ва такмили принсипҳо ва шаклҳои ҳамзистии бозор ва давлатро дар чорчӯбаи бахши ҷамъиятӣ мутобиқат мекунонанд. Инкишофи иқтисодиёти бахши ҷамъиятӣ дар мамлакат дар навбати аввал аз хислати инноватсионии рафтори иқтисодии бахши давлатӣ ҳамчун яке аз унсурҳои фаъоли бозорӣ ва иқтисодиёти омехта вобастагӣ дорад. Зеро маҳз фаъолияти бахши давлатии иқтисодиёт дорои самараи баланди мултипликативӣ буда, хизматҳои давлатӣ, ки онҳо пешниҳод менамоянд ба сифати мултипликаторҳо бароммад мекунанд. Дар натиҷаи аз тарафи давлат пешниҳод шудани хизматҳои гуногун сифати инноватсионӣ дошта амалҳои фоиданок ба миён меоянд, ки

ба тағйиротҳои сифатӣ ва тағйирёбии мусбати ҳаёти иҷтимоӣ-иқтисодии ҷамъият мусоида менамояд. Дар ҷараёни хизматрасониҳои давлатӣ ва амалигардии мақсадҳои онҳо самараи синергетикиву мултипликативии он дар тамоми соҳҳои иқтисоди миллӣ зуҳур менемояд. Мантиқан фаъолияти мақомотҳои иҷроияи ҳокимияти давлатӣ таъсири ғайримустақимро ба истеҳсоли маҳсулот, танзими бавосита ва таъсиси муҳит ва шароит барои ташкили фаъолияти иқтисодиро дар назар дорад. Мувофиқан, натиҷаи пешниҳод намудани хизматҳои давлатӣ дороиҳои ғайримоддӣ ва ё неъматҳо баромад мекунанд, ки онҳо шароитҳоро барои офаридани неъматҳои моддӣ фароҳам меоваранд.

Аз ҷиҳати амалӣ, хизмати давлатӣ бо худ ҳамагуна амалҳои институти ҳокимиятро ифода мекунад, ки онҳо бояд нисбат ба аъзоёни ҷамъият ва субъектони иқтисодиёт мутобиқи қонун амалӣ намоянд. Ба хизматҳои давлатӣ фаъолияти мақомотҳои давлатӣ дохил мешаванд, ки бо додани шаҳодатномаҳо ва ҷубронпулиҳо, бақайдгирӣ ба сифати бекорӣ, бақайдгирии амволи ғайриманқул, пешниҳод намудани субсидияҳо, маълумотномаҳо, иттилоот, машваратҳо, дида баромадани мурочиатҳо, пешниҳод намудани ахборот ва ғайраҳо алоқаманд мебошанд. Лекин бо назардошти навгонии мафҳуми “хизмати давлатӣ” то ҳол намудҳои хизматҳои давлатии расман эътирофшуда новобаста ба он, ки аз тарафи экспертон пешниҳод намудани таснифоти гуногун, мавҷуд намебошад. Олими рус Тихомиров Ю.А., хизматҳои давлатиро ба оммавӣ ва маъмурӣ ҷудо мекунад[39]. Хизматҳое, ки барои беҳтаргардонии шароитҳои беруна равона карда шудаанд, Тихомиров Ю.А. ба хизматҳои давлатии оммавӣ дохил мекунад, ки онҳо хислати маҷбурӣ низ дошта мтавонанд, зеро “шахсони воқеӣ ва ҳуқуқиро уҳдадор менамоянд, ки доир ба сабабҳои муайян бо мақомотҳои давлатӣ алоқаманд шаванд, то ки оқибатҳои ногуворро роҳ надиҳанд”. Категорияи хизматҳое, ки ба дигар институтҳо ва ё мақомотҳои давлатӣ равона карда шудаанд, хизматҳои давлатии маъмурӣ меноманд. Ба сифати мисол мумкин аст тайёркунии ҳуҷҷатҳоро барои мақомотҳои давлатӣ, мувофиқакунӣ, намояндагӣ мисол овард. Ба ҷиҳатҳои фарққунандагии хизматҳои давлатии маъмурӣ дохил мешаванд: пешниҳоди хизматҳои инфиродӣ, муроҷиатаи истеъмолкунандагон ба мақомотҳои давлатӣ, пешниҳод намудани хизматҳои бевосита дар мақомотҳои давлатӣ, амалигардонии хизматҳои вобаста ба сабабҳои объективии (иҷтимоӣ-иқтисодии) ) имконнопазирии гузаронидани онҳо ба ташкилотҳои тиҷоратӣ ва ғайритиҷоратӣ.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҷараёни гузаронидани ислоҳоти доимии бахши давлатии хизматрасонӣ фаъолона инкишоф меёбад, ки ба тағйиротҳои принсипиалӣ дар сохтори мақомотҳои давлатӣ оварда расонида онҳо дар шароти рушди технологияи рақамӣ сифати инноватсионӣ гирифта истодааст. Тақсимоти вазифаҳои пешниҳод намудани хизматҳои давлатӣ байни институтҳои ҳокимият дақиқ муайян карда шуда, механизмҳои танзими муносибатҳои иқтисодӣ ва принсипҳои коркард ва қабули қарорҳои идоракунӣ ва ғайраҳо такмил ёфта истодаанд. Лекин бо баробари ҳамаи ин чораҳо, сифати хизматрасонии давлатӣ, махсусан дар самтҳои ҳаётан муҳим, такмил мехоҳад. Бинобар ҳамин дарёфти шаклҳои муосири ташкилӣ-иқтисодии идоракунии ташаккулёбии бахши хизматрасонии давлатӣ мувофиқи васеъшавии интихоби истеъмолии аҳолӣ ба мадди аввал гузашта ба муҳимтарин масъалаи рӯз табдил ёфтааст.

Бахши хизматрасонии давлатӣ дар ҷумҳурӣ бояд ба яке аз нишондодҳои асосии муносибатҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва тараққиёти иқтисодиёти омехта мубаддал шавад. Ҳамин тавр, дар марҳилаи ҳозира масъалаи зарурӣ ин ба итмом расонидани коркарди феҳристи пурраи хизматҳои давлатӣ ба ҳисоб меравад. Зеро фаъолияти дурусти бахши хизматрасонии давлатӣ ва таркиби қаноатбахши иқтисодии он кафили тараққиёти иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва заминаи истеҳсолоти васеи неъматҳо дар асоси тағйиротҳои ҳолати сифатии объектҳо ва иштирокчиёни муносибатҳои иқтисодӣ ва ё предметҳои он ба ҳисоб меравад.

**Адабиёт**


1. См: Stein L. Gegenwart und Zukunft der Rechts-und Staatswissenschaftbei Deutschlands. Stuttg., 1876;
2. Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 , с.40
3. Кейнс Дж. М. Общая теория занятости, процента и денег (General Theory of Employment, Interest and Money), 1936.
4. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2020, с.3.
5. Мирсаидов А.Б, Фируза Шарифи Государственные услуги: экономическое содержание, типология//Таджикистан и современный мир, 2016, № 3 с.189-197.
6. Мирсаидов А.Б. Основные тенденции развитие социального сектора и параметри становление социального государства в Республики Таджикистан// Таджикистан и современный мир, 2016, № 3 (53) с.262-269
7. См: Гончаров П.К. Социальное государство: сущность, мировой опыт, российская модель. – Социально-гуманитарные знания (М.), 2000, № 2
8. Тихомиров, Ю.А. Правовые аспекты административной реформы [Текст]/Ю.А.Тихомиров // Законодательство и экономика. – 2009. – № 4. – С.27-37.



**Маълумот дар бораи муаллиф:**

**Фируза Шарифӣ** - номзади илмҳои иқтисодӣ, докторанти Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Н.Хусрав.

**Информация об авторт:**

**Фируза Шарифи** - кандидат экономических наук, доктарант Бохтарского государственного университета им. Н. Хусрава

**Information about the author:**

**Firuza Sharifi** - candidate of economic sciences, phd student at the N. Khusrav Bokhtar state university,

УДК 657

# МАСЪАЛАҲОИ БАҲИСОБГИРИИ МУҲОСИБИИ ЗАХИРАҲОИ МОЛИЯВИИ ХОҶАГИИ ХОНАВОДА

Бобомуродов Б.Э.

***Аннотатсия***: *Дар шароити муосир, ки талабот ба сатҳи саводнокии молиявии субъектҳои хоҷагидор хеле баланд аст, муайян намудани захираҳои молиявии хонаводаҳо ва тафриқабандии онҳо аз рӯйи гурӯҳҳои аҳолӣ аҳамияти ниҳоят калон дорад. Махсусан самаранок ба роҳ мондани баҳисобгирии муҳосибии захираҳои молиявии хоҷагии хонаводаҳо дар шароити номуайянии иқтисодӣ масъалаи рӯзмарра аст. Дар таҳқиқоти мазкур даромаду хароҷоти хонавода гуруҳбандӣ карда шуда, роҳу усулҳои баҳисобгирии муҳосибии захираҳои молиявии хоҷагии хонаводаҳо пешниҳод гардидааст.*

***Калидвожаҳо***: *баҳисобгирии муҳосибӣ, хоҷагии хонавода, тавозун, дороӣ, уҳдадорӣ, даромад, хароҷот, пасандоз, захираҳои молиявӣ.*

***Барои иқтибос:*** *Бобомуродов Б.Э. Масъалаҳои баҳисобгирии муҳосибии захираҳои молиявии хоҷагии хонавода / Б.Э. Бобомуродов// Паёми молия ва иқтисод. – 2024. – No. 4.2(43). – С. 638-649.*

# ВОПРОСЫ БУХГАЛТЕРСКОГО УЧЕТА ФИНАНСОВЫХ РЕСУРСОВ ДОМАШНИХ ХОЗАЙСТВ

Бобомуродов Б.Э.

***Аннотация:*** *В современных условиях, когда требования к уровню финансовой грамотности хозяйствующих субъектов весьма высоки, определение финансовых ресурсов домохозяйств и их дифференциация по группам населения имеет большое значение. Особенно эффективный бухгалтерский учет финансовых ресурсов домохозяйств становится актуальной проблемой в период экономической нестабильности. В данном исследовании классифицируются доходы и расходы домохозяйств, а также представлены методы и приемы учета финансовых ресурсов домохозяйств.*

***Ключевые слова:*** *бухгалтерский учет, домашнее хозяйство, баланс, активы, обязательства, доходы, расходы, сбережения, финансовые ресурсы.*

# ACCOUNTING ISSUES OF FINANCIAL RESOURCES OF HOUSEHOLDS

Bobomurodov B.E.

***Annotation:*** *In modern conditions, when the requirements for the level of financial literacy of business entities are very high, the definition of financial resources of households and their differentiation by population groups is of great importance. Particularly effective accounting of financial resources of households becomes a pressing issue during periods of economic instability. This study classifies household income and expenses, and presents methods and techniques for accounting for household financial resources.*

***Keywords:*** *accounting, household, balance sheet, assets, liabilities, income, expenses, savings, financial resources.*

**Гузориши масъала.** Ҳадафи ниҳоии фаъолияти дилхоҳ низоми иқтисодӣ ин қонеъ гардонидани талаботи моддии одамон мебошад. Хоҷагиҳои хонаводаҳо дар ҳаёти ҷомеаи башарӣ нақши басо муҳимро иҷро карда, дар як вақт объекти омӯзиши улуми гуногун, қарор мегиранд. Хоҷагиҳои хонавода ба мисли дигар зинаҳои низоми молиявӣ дар раванди ташаккул ва истифодабарии ҳам фондҳои худии захираҳои молиявӣ ва ҳам фондҳои давлат (тавассути андозҳо, пардохтҳо, ҷаримаҳо, фоизҳо, боҷ ва дигар пардохтҳои ҳатмӣ), корхонаҳо (бо роҳи фурӯши захираҳои мухталифи дар ихтиёри хоҷагии хонавода буда), низоми бонкӣ ва ташкилотҳои хурди молиявӣ (тавассути қарзҳо ва пасандозҳо) иштирок мекунанд. Дар шароити муосир, ки талабот ба сатҳи саводнокии молиявии субъектҳои хоҷагидор хеле баланд аст, муайян намудани захираҳои молиявии хонаводаҳо ва тафриқабандии онҳо аз рӯйи гурӯҳҳои аҳолӣ аҳамияти ниҳоят калон дорад. Махсусан самаранок ба роҳ мондани баҳисобгирии муҳосибии

захираҳои молиявии хоҷагии хонаводаҳо дар шароити номуайянии иқтисодӣ масъалаи рӯзмарра аст. Дар таҳқиқоти мазкур даромаду хароҷоти хонавода гуруҳбандӣ карда шуда, роҳу усулҳои баҳисобгирии муҳосибии захираҳои молиявии хоҷагии хонаводаҳо пешниҳод гардидааст.

**Таҳлили таҳқиқотҳои охир ва нашриёт.** Таҳқиқот бахшида ба масъалаҳои захираҳои молиявии хоҷагии хонавода дар осори олимони бонуфузи иқтисодон аз қабили Барфиев К.Х., низомов С.Ф., Қодирзода Д.Б., Оймаҳмадов Г.Н., Султонов З.С., Умаров Ҳ.У., Хайрзода Ш.Қ. Осипова Т.Ю., Покудов А. В., Пятенко С. В., Савенок В. С. ва дигарон мавриди омӯзиш қарор дода шудааст. Оид ба масъалаҳои баҳисобгирии муҳосибии захираҳои молиявии хоҷагии хонавода бошад, таҳқиқот ангуштшумор мебошад ва ин масъала таҳқиқотҳои минбаъдаро талаб менамояд.

**Мақсади мақола.** Омӯзиши масъалаҳои баҳисобгирии муҳосибии захираҳои молиявии хоҷагии хонавода ва пешниҳоди усулҳои самараноки баҳисобгирии ин захираҳо дар шароити номуайянии иқтисодӣ мебошад.

**Мухтавои асосии мавод**. Дар шароити муосир, ки талабот ба сатҳи саводнокии молиявии субъектҳои хоҷагидор хеле баланд аст, якҷоя бо мушкилоти тезутундшудаи коҳиши сатҳи даромади воқеии дар ихтиёри шаҳрвандонбуда дар пасманзари бӯҳрони тӯлонии молиявию иқтисодӣ, муайян намудани захираҳои молиявии хонаводаҳо ва тафриқабандии онҳо аз рӯйи гурӯҳҳои аҳолӣ аҳамияти ниҳоят калон дорад. Дар зимни ин, дараҷаи омӯзиши соҳаи молияи хонаводаҳо дар назарияи илмӣ дар сатҳи хеле паст қарор дорад.

Тафриқабандии даромадҳои хоҷагиҳои хонавода фарқият дар сатҳи даромадҳои пулии қишрҳо ва гурӯҳҳои гуногуни аҳолиро мефаҳмонад. Дар ифодаи миқдорӣ фарқияти мазкур бо нишодиҳандаҳое интишор мегардад, ки дараҷаи нобаробарии тақсимоти даромадҳоро инъикос менамояд. Фарқиятҳо дар даромад ба оқибати нобаробар тақсимшавии неъматҳои моддӣ ва ғайримоддӣ оварда, дар мавҷудияти нобаробарии иқтисодӣ нақши муайянеро иҷро мекунад.

Мутахассисон барои арзёбии тафриқаи даромадҳо нишондиҳандаҳои гуногунро истифода мебаранд. Натиҷаҳои онро аксар вақт бо ёрии каҷхаттаи Лоренс ва коэффитсиенти Ҷини, ки дар асоси он ҳисоб карда мешавад, инъикос мекунанд. инчунин, нишондиҳандае, ки ба таври аёнӣ нобаробариро дар даромад ифода мекунад, нишондиҳандаи ба истилоҳ “даҳфоиза” (детсиля) мебошад.

Гуфтан мумкин аст, ки ба нобаробарии сатҳи тақсимоти даромадҳои хоҷагиҳои хонавода омилҳое ба мисли хусусиятҳои шахсии сардорон ва аъзоёни коргари хонавода (қобилиятҳои шахсӣ, сатҳи таҳсилот, ангезаи кор), шароити меҳнат (доштани моликият, дастрасӣ ба таҳсилот, макони зиндагӣ) ва омилҳои тасодуфии дигар таъсир мерасонанд. Таҳқиқот нишон медиҳад, ки нобаробарӣ дар даромад дар ҷомеаи кушод аз як насл ба насли дигар, аз як давра ба давраи дигар, тағйир ёфта метавонад, аммо дар робита ба даромад аз моликияти насли қаблӣ хеле муҳим мебошад. [4,125] Ба ақидаи мутахассисон ҷаҳонишавии молиявӣ ва пешрафти техникӣ ба афзоиши тафриқаи даромадҳо дар кишвар таъсир мерасонад. [3]

Тафриқаи баланди даромадҳои хонаводаҳо барангезандаи ташаннуҷҳои иҷтимоӣ буда, сарфи ғайрисамараноки захираҳо боис мегардад. [6] Дар айни замон, мувофиқи таҳқиқоти соҳа тафриқаи муътадили даромадҳо ба иқтисодиёт таъсири матлуб мерасонад.

Бояд гуфт, ки коэффитсиенти Ҷини нишондиҳандаи он аст, ки то чӣ андоза тақсимоти даромадҳо ё хароҷот барои истеъмол дар байни хонаводаҳои кишвар дар иқтисодиёт аз баробарии мутлақ дар тақсимот фарқ мекунад. Каҷхаттаи Лоренс фоизи умумии маҷмӯи даромадеро нишон медиҳад, ки нисбат ба шумораи умумии гирандагон, аз хонаводаҳои камбизоаттарин сар карда, ба даст омадааст. Индекси Ҷини майдони байни каҷхаттаи Лоренс ва хати фарзии баробарии мутлақро нишон медиҳад. Шохиси Ҷини мазкур ҳамчун фоиз аз майдони калонтарини тахти каҷхатта чен карда мешавад. Ҳамин тавр, агар шохиси Ҷини ба сифр баробар бошад, пас вай баёнгари баробарии комил аст, агар ба 1 баробар бошад, пас нобаробарии мутлақро ифода мекунад. [4,126]

Дар айни замон, соҳаи донишҳои илмӣ дар ин самт аз ҳисоби инкишофи пойгоҳи эмпирикӣ оид ба масъалаҳои баҳисобгирии муҳосибии молияи шахсӣ рушд ёфта истодааст ва дар нашрияҳои маъруфи илмӣ аз ҷониби иштирокчиёни касбии бозори коғазҳои қиматнок ва сармояи қарзӣ, яъне аз ҷониби брокерҳо, тоҷироне, ки фондҳои сармоягузорро роҳбарӣ мекунанд, аудиторҳо ва ғайра маводҳо мунташир мешаванд. Рушди афкори илмӣ дар ин самт дар доираи мактабҳои анъанавии илмӣ ниҳоят суст ҷараён дорад.

Дар натиҷаи таҳлилҳои илмие, ки аз тарафи мо анҷом дода шуданд, мо ба хусусиятҳои зерини назария ва амалияи муайян кардани захираҳои молиявӣ, даромадҳо, хароҷотҳо, амвол ва уҳдадориҳо дар сатҳи хоҷагиҳои хонавода воқиф гардидем. Тақсимоти амволи хонавода ба дороиҳо (амволе, ки даромад меоранд) ва уҳдадориҳо (амволе, ки хароҷотро дар назар доранд), ки аз ҷониби А. Покудов пешниҳод гардидааст, хеле баҳснок ба назар мерасад. [8, 38] Зимни чунин равиш пасандози бонкӣ дороии хонавода ва автомобил – уҳдадорие махсуб мешавад, ки барои нигоҳдориаш хароҷотро талаб мекунад. Дар айни ҳол норӯшан аст, ки амволи оиларо, ки даромаднокиашро ба талафот ё баръакс бадал мекунад, инчунин, амволеро, ки дар як вақт даромад меорад ва хароҷотро низ дар пай дорад (масалан, агар хонавода автомошинаашро бо шарти ба зиммаи худ гирифтани хароҷоти нигоҳдории он ба шахси дигар ба иҷора диҳад), чӣ тавр ҳисоб кардан даркор аст.

Барои аз таркиби амволи хонавода ҷудо кардани дороиҳои он В. Савенок меъёри пардохтпазириро ворид кардаат. Ӯ ба дороиҳо тамоми он чизеро, ки фурӯхтан ё иваз кардан мумкин аст, шомил намуда, онҳоро сармоягузорӣ номидааст ва ба уҳдадориҳо – тамоми он чизеро, ки хоҷагии хонавода бояд онро баргардонад (вомҳо, кредитҳо), дохил кардааст. [10,29] Ин равиш на барои ташаккули мустақими захираҳо, балки бештар ҷиҳати расидан ба ҳадафҳои идораи молиявии онҳо, муносибтар аст. Аз ин ҷост, ки дороиҳо ба воқеӣ ва дигар намуд ҷудо гардида, зарурати ченкунии мунтазами меъёри даромаднокии дороиҳо ва арзиши уҳдадориҳо дар намуди фоизи солона ба миён меояд.

Сармояи хоҷагии хонавода ҳамчун фарқияти байни дороиҳо ва уҳдадориҳои он арзёбӣ мегардад, ки бешубҳа, формулаи содагардидаи ҳисобкунии сармояи худии гардони ширкат маҳсуб меёбад. [13,20] Ҳамин тавр, комилан ивазшавии афзорҳои идораи молиявӣ равшан ба назар мерасад.

Мутахассисони дигар низ ин равишро дастгирӣ карда, бар замми ин, боз муайянкунӣ ва сабткунии ҳиссаи дороиҳоро дар арзиши умумии онҳо пешниҳод кардаанд. [9, 31] Як қатор олимони дигар, умуман шакли сабткунии даромадҳо ва хароҷоти хоҷагии хонаводаро канор гузошта, тамоми диққати худро ба раванди идоракунии воситаҳо ва амволи оила, алалхусус, ба ҷараёни тақсимоти оқилонаи даромади хонавода дар байни истеъмол ва пасандозу сармоягузорӣ равона кардаанд. Чунончӣ, Г. Эрдман [14] принсипи асосии тақсимоти даромадҳоро чунин баён кардааст: пеш аз он, ки ягон хароҷоти сифати истеъмолидоштаро анҷом диҳанд, хонаводаҳо бояд ҳиссаи муайяни даромади бадастомадаро пасандоз ва сармоягузорӣ кунанд. Чунин равиш аз ҳама оқилонатар ба назар мерасад, зеро аз як тараф, вай доимӣ будани ташаккули пасандозҳоро бо сармоягузории минбаъдаи онҳо таъмин менамояд ва аз тарафи дигар, пешбурди даромадҳо ва хароҷоти ҷории хонаводаҳоро инкор намекунад.

Ҳамзамон, усулҳои содаи идоракунии буҷети хонавода вуҷуд доранд. Масалан, усули маъмули ба истилоҳ “чор лифофа”, ки моҳияташ дар тақсими маҷмӯи даромадҳои пулии хонавода бо тарҳи хароҷот барои пардохтҳои ҳатмӣ (пули хона, пардохтҳои қарзӣ, суғурта, пули боғчаи кӯдакон ва ғ.) ба чор лифофа зоҳир мегардад. Пули ҳар як лифофа барои пӯшонидани хароҷотои якҳафтаинаи хонавода таъин шудаанд. Чунин равиш имкон медиҳад, ки маблағҳои пулии хонаводаро ба як моҳ басо оқилона тақсим намоем. Зимнан пешбурди муфассали даромадҳо ва хароҷоти оила ҳатмӣ не, балки бо ихтиёри аъзоёни он сурат мегирад. Чунин метод барои хоҷагии хонаводае, ки таркиби сода дорад, бисёр самаранок аст ва агар хонавода аз аъзоёни сершумор таркиб ёфта бошад, мушкилии тақсимоти оқилонаи

воситаҳои як лифофа ба хароҷоти тамоми истифодабарандагони он ба миён меояд.

Ҳамин тавр, чуноне ки мебинем, масъалаи набудани равиши ягонаи универсалӣ ба мухтаво ва шакли ташаккули даромадҳо, хароҷотҳо, амвол ва ухдадории хоҷагии хонавода асосан бо сабаби дуруст муайян нагардидани ҳадафу вазифаҳои асосии чунин идоракунӣ ба вуҷуд меоянд. Маҳз ҳадаф ва вазифаҳо таснифоти объектҳо ва ба низомдарории ҳисобҳоро муайян мекунанд. [4,128]

Мо молияи шахсии хонаводаҳоро, ҳамчун маҷмӯи муносибатҳои пулии як ё якчанд фарде, ки якҷоя зиндагӣ мекунанд ва буҷети якҷоя доранд, бо дигар субъектҳои хоҷагидори иқтисод ва ҳуқуқ тавсиф мекунем, ки дар ҷараёни он фондҳои умумиоилавии маблағҳо ташаккул меёбанд, тақсимот, азнавтақсимкунӣ ва истифодаи инфиродӣ ё оилавии онҳо сурат мегирад. [4,11] Аз ин ҷо, *захираҳои молиявии хоҷагии хонавода* ин воситаҳои пулии худӣ, ҷалбкардашуда ва қарзии аҳолӣ, мебошад,ки барои ташаккул ва истифодабарии фондҳо бо мақсади таъмини талаботи ҳаётан муҳим истифода мегардад. [4,14] Ба андешаи мо, вазифаҳои идоракунии молияи шахсии хонаводаҳо асосан, аз ниёз ва эҳтиёҷи аъзоёни оила ба унсурҳои зерин бармеояд:

- Сабткунӣ ва мувофиқсозии манбаи воридот ва самти истифодаи маблағҳои пулии хоҷагии хонавода ҳам аз рӯйи маблағ ва ҳам тибқи мухлат;
- Муносибгардонии таносуби даромадҳои хонавода бо хароҷоти он ҷиҳати қонеъсозии талаботи аъзоёнаш дар алоҳидагӣ ва дар маҷмӯъ (шахсӣ ва умумихонаводагӣ), бо назардошти қоидаи рушди бештари талаботи инсон нисбат ба имкониятҳои қонеъгардонии онҳо (яъне, хароҷоти оила ҳамеша нисбат ба даромадҳои он тезтар меафзоянд);
- Ҷудо кардани маблағҳо аз буҷети оила барои хароҷоти ғайриистеъмолӣ – барои пасандоз ва сармоягузорӣ;
- Имкониятҳои идоракунии тағйирёбандаи ӯҳдадориҳои қарзии оилавӣ, дороиҳо ва ӯҳдадориҳои он (суғуртавӣ, сармоягузорӣ, нафақавӣ ва дигар намудҳои ҷомадонҳо);
- Бунёди болиштаки амнияти молиявии оила ҳамчун як сохтори дороиҳои пардохтпазириашон баланд, ки таъиноти асосии онҳо таъмин намудани аъзоёни хоҷагии хонавода бо воситаҳои рӯзгузаронӣ дар мавриди пайдоиши хароҷоти ғайричашмдошт ва ҷуброн намудани талафоти муваққатии манбаи асосии даромад ба мухлати аз се то шаш моҳ (масалан, дар ҳолати корношоям шудани коргари асосии оила) мебошад.

Бар замми ин, ташаккули молияи шахсии хонаводаҳо бояд ба талаботи қобили таҳлил ва мулоҳиза будан, сода будани назорат ва танзими объекти идоракунӣ ҷавобгӯ бошад.

Мо пешниҳод мекунем, ки банақшагирии маблағҳои буҷети хонаводаҳо ва раванди тақсимоти онҳоро ба самтҳои хароҷот ва истифодбарандагон аз ҳам ҷудо намоем. Барои банақшагирии маблағҳои буҷети хонавода истифода бурдани феҳристи даромадҳо ва хароҷоти оила ва дар баъзе ҳолатҳо, феҳристи амвол (дороиҳо), ухдадориҳо ва манбаъҳои ғайрифаъол (манбаъҳои воридшавии даромад) ба мақсад мувофиқтар аст. [4,128]

Тақсимоти даромадҳоро бо тарзи механикӣ, бо роҳи ҷудо кардани маблағҳо мустақиман ба лифофаҳое, ки самти мақсадноки харҷкунӣ доранд, ба роҳ мондан дуруст аст. Теъдоди лифофаҳо вобаста ба шумораи ҳафтаҳо дар давраи банақшагирӣ муайян мегрдад, вале набояд аз 10 самт зиёд буда, бояд бо унвони лифофаҳо мувофиқат кунанд. (расми 1) [4,129].




**Расми 1 -Стратегияи банақшагирии даромадҳо ва хароҷоти хонавода**

Ғояи сарфаи маблағҳо ва банақшагирии буҷети хоҷагиҳои хонавода таваҷҷуҳи муҳаққиқони бисёреро ба худ ҷалб кардааст. Баъзеҳо муҳосиботи хонаводаҳоро ба роҳ мондани мешаванд, дигарон бошанд, пешниҳод мекунанд, ки ҳар як харҷ ботафсил ва дирам ба дирам нависта шавад. Ҳамаи ин чораҳо аз хоҷагиҳои хонавода, бахусус аз сардорони онҳо интизому вақти холии зиёдеро талаб мекунад. Бояд гуфт, ки дар тамоми китобҳои молия қоидаеро талқин мекунанд, ки бояд харҷ камтар аз дахл бошад. Ҳатто дар ин мазмун шайх Саъдии бузургвор низ панде дорад: [11, 88]

Бар аҳволи он мард бояд гирист,
Ки дахлаш бувад шонздаху харҷ бист.

Маҳз хароҷоти барзиёд ва бисёр вақт нодаркор ҳамаи андӯхтаро ба коми худ кашида имкон намедиҳанд, ки буҷети хоҷагии хонавода ташаккул ёбад. Дар ин ҷо якчанд омил нуҳуфтааст:

- Нигоҳ доштани нуфузи худ дар ҷомеа (харидории ашёи қимат ҷиҳати зоҳир кардани шукуҳу шаҳомати худ дар чашми аҳли маҳалла. Одамон чунин меҳисобанд, ки онҳо ба ин харҷҳо сазоворанд, аммо аслан чунин рафтор на нишон додани вазъи молиявӣ, балки қабри пасандозҳои худро кандан аст.
- Умед бастан ба оянда. Бисёриҳо тахмин мекунанд, ки онҳо ба ҳамин наздикиҳо нисбат ба имрӯз бисёртар пул кор мекунанд ва тибқи мақоли "Бача дар сафар, номаш Музаффар" амал мекунанду мурғи шикорнашударо пар мекананд.

Кафили вазъияти боэътимоду босуботи оянда ин ба нақшагирии буҷети хоҷагии хонавода мебошад, ки марбут ба ин масъала Осипова Т.Ю низ ибрози ақида намудааст. [7] Бинобар ин, усули дар расми боло овардашудаи "чор лифофа" ҳам дар самти баланд бардоштани маърифати молиявии хоҷагиҳои хонавода ва ҳам дар самти ба нақша гирифтани харҷу дахл, сарфаи оқилона ва тақсимоти муносибтарини маблағҳо кумак мекунад. Моҳияти ин усул дар он зоҳир мегардад, ки якчанд амал оид ба даромади хоҷагиҳои хонавода пай дар пай бо тартиби зерин сурат бигирад:

1. Муайян кардани даромади хоҷагии хонавода. Бисёр вақт даромад аз вазъияти беруна вобастагӣ дошта, тағйирёбии онро ба самти зиёд ё камшавӣ дар назар дорад. Масалан, агар музди меҳнату даромади хоҷагиҳои хонавода дар давоми моҳ тағйир ёбад, пас бояд бузургии миёнаи онро ба назар гирифт.
2. Ҳатман як миқдори муайяни даромадро, фарз мекунем, ки дар ҳаҷми 10 дар сади онро пасандоз кардан. Барои ин аз ҳама хубтар мешуд, агар хоҷагиҳои хонавода суратҳисоби амонатӣ мекушоданду ҳармоҳа ин маблағро ба он мегузоштанд. Агар даромад муътадил бошад, суратҳисоб низ якмаром меафзояд, агар номуътадил бошад, пас ҳамон 10%-ро барои ин кор ҷудо кардан оқилона мебуд.
3. Муайян кардани андозаи хароҷоти доимӣ, яъне хароҷоте, ки ҳар моҳ ҷой доранд ва мо онҳоро ба хароҷоти ҳатмӣ ҷудо кардем.
4. Муайян кардани маблағи хароҷот барои эҳтиёҷоти иҷтимоӣ.
5. Тақсим кардани маблағи боқимонда ба чор ҳафта. Ин маблағро дар давоми моҳ барои эҳтиёҷоти боқимонда харҷ кардан лозим. Нуктаи муҳим дар ин ҷо ин аст, ки бояд барои аз чорчӯбаи муқарраршуда набаромадани хароҷот кӯшиш кардан лозим.

Аммо ба мисли ҳамаи методҳо, ин усул низ ҷанбаҳои маҳдудкунанда дорад. Масалан, агар хароҷоти ғайричашмдошт пайдо шаванд, агар аъзои хоҷагии хонавода кори доимиашро аз даст диҳад, ягон нафарашон бемор шавад, меҳмонӣ барои ширкат дар тӯю маърака рафтан даркор шавад ва ба мисли ин дигар хароҷоти ногаҳонӣ ба вуҷуд ояд, ба ҷуз аз қатъ кардани усул ва истифодаи маблағи ҳамаи лифофаҳо дигар роҳи ҳал нест.

Барои оқилона идора кардани маҷроҳои пулии оила бояд банақшагирии (ояндабинии) даромадҳо ва хароҷоти оила, ҳадди ақал барои як моҳ пешакӣ, дурусттараш барои аз шаш то 12 моҳи оянда, бо назардошти усули барои хоҷагии хонавода мақбули иҷрои пасандозҳо, ба роҳ

монда шавад. Усулҳои зерини пасандозкунӣ имконпазир мебошанд:

Пасандози сифрӣ, вақте ки тамоми даромади ҷорӣ харҷ карда мешавад;

Пасандози бақиявӣ, вақте ки маблағи салдои мусбӣ байни даромадҳо ва хароҷоти оила пасандоз мегардад;

Пасандози пешакӣ, вақте ки аз даромадҳои ба дастомада маблағи пасандозшавандаи пул гирифта мешавад (андозаи он ё ба таври маблағи собит муайян мегардад ё ба таври ҳисса аз даромадҳои оянда ифода меёбад).

Бо чунин усул иртибот байни банақшагирии маблағҳои буҷети хонавода ва тақсимоти воқеии пул дар оила мувофиқи маблағҳои даромаду хароҷот таъмин гардида, барои ташаккули саривақтии захираҳои пулӣ ҷиҳати пӯшонидани салдои манфӣ дар давраҳои оянда шароит фароҳам меояд.

Барои осонтар кардани банақшагирии молияи шахсӣ метавон аз барномаҳои махсуси компютерии банақшагирӣ тавассути ҷадвалҳои электронии Excel, GoogleDocs ва амсоли онҳо истифода бурд. Дар айни ҳол, бояд дар назар дошт, ки чунин банақшагирӣ ба онҳое дуруст мегирад, ки як манбаи даромад доранд. Мавҷудияти манбаъҳои иловагии даромад чунин банақшагириро мураккабтар гардонида, сохтани низоми худии банақшагириро тақозо мекунад, ки барои истифодабарандагони аз ҷадвалҳои электронӣ бебахра ва малакаи зарурииро надошта, амалан ғайриимкон аст. Яъне, танҳо маълумотро сари вақт ба ҷадвал дохил кардан ва ҳосили маблағро баровардан кофӣ нест. Зарур аст, ки низоми банақшагирии аз тарафи истифодабаранда интихобгардида имконияти таҳлили маълумоти дохилшударо дошта бошад, то ки иттилооти андӯхташуда сари вақт таҳлили худро ёбанд.

Дар ҳоли ҳозир, ҷорисозии принсипҳои банақшагирӣ дар амалияи хоҷагиҳои хонавода дар ду самт татбиқ мешавад: якум, назарияи содагардидаи банақшагирӣ ҷиҳати идоракунӣ ва банақшагирии молияи шахсӣ ташаккул меёбад; дуюм, барномасозии компютерӣ хеле бошиддат рушд карда, аз як тараф, барои банақшагирии автоматикии даромаду хароҷоти хонаводаҳо (барномаҳо оид ба банақшагирии воситаҳои буҷети оилавӣ), аз тарафи дигар, ҷиҳати арзёбӣ ва ҳисобкунии самаранокии маблағгузорӣ ба афзорҳои алоҳидаи молиявӣ (ҳисобкунакҳои қарзӣ, нафақавӣ, ипотекӣ) ба роҳ монда мешавад.

Инкишофи назариявии равиши пешниҳодгардида нисбат ба низоми банақшагирӣ дар хоҷагиҳои хонавода дар оянда як системаи ягона ва чандири ҳисобҳо ва объектҳои банақшагириро дар сатҳи хоҷагиҳои хонавода ба вуҷуд меорад, ки бо афзорҳои собити барӯйхатгирии ҳисобҳо ва объектҳо зич алоқаманд буда, таъминоти бисёр босифати барномавии раванди автоматикӣ доранд.

Ҳамин тавр, дар бораи захираҳои молиявӣ ҳамчун ифодаи арзишии иқтидори молиявии зуҳуроти хоҷагидор сухан ронда, ҳаминро дарк намудан лозим аст, ки танҳо захираҳои молиявӣ бо фаҳмиши маъмулии онҳо ба ҳисобкуниҳо шомил намешаванд. Балки, инчунин, баҳои арзишии захираҳои моддӣ, қарздории дебиторӣ ва ҳамзамон дороиҳои ғайригардонро низ ба ҳисоб мегиранд. Яъне, ҳамаи дороиҳое, ки дар фаъолияти хоҷагидорӣ иштирок мекунанд, восита ё захираи иқтидори молиявии хонаводаҳо ҳисоб карда мешаванд. Дар натиҷа, меъёри асосӣ ин имконияти бо пул ифода кардани арзиши захираҳо, инчунин иштироки ин дороиҳо дар фаъолияти хоҷагидории субъект маҳсуб меёбад. Далелеро ба назар гирифтан зарур аст, ки захираҳои молиявӣ дар намуди маблағҳои пулӣ ва баробарвазни онҳо омили ягонае нестанд, ки натиҷаҳои фаъолияти хоҷагидориро ташаккул медиҳанд.

Ба андешаи мо, агар мо усули таҳлили муқоисавиро истифода бурда, хоҷагиҳои хонаводаро ҳамчун созмони тиҷоратӣ тасаввур намоем, чунин равиш имкон медиҳад, ки таркиб ва сохтори захираҳои молиявии хоҷагиҳои хонаводаро аниқ муайян намоем. Ҷиҳати ин мақсад таҷрибаи муҳаққиқони хориҷиро истифода бурдан мувофиқ аст, ки хоҷагии хонаводаро ҳамчун корхонаи тиҷоратӣ мавриди таҳқиқ қарор додаанд. [2] Дар таҷрибаи ватанӣ дар айни замон ин равиш аз мадди назари муҳаққиқон дур мондааст.

Зимнан, ин ақидаи барои андешаҳои иқтисодии олами Ғарб нав нест. Ҳанӯз Гэри

Беккер дар осори илмии худ қайд карда буд, ки рафтори инсонӣ бо рафтори дигар иштирокчиёни иқтисод монанд аст, чунки ба ҳадди ниҳоикунии (максимизатсияи) натиҷа нигаронида шудааст. [1] Оре, хоҷагии хонавода кӯшиш мекунад, ки самаранокии иқтисодии фаъолияти худро таъмин намояд, ки ин дурустии андешаи моро оид ба истифодаи равиши мазкур собит месозад. Бар замми ин, молияи хонаводаҳо бо созмони тиҷоратӣ шабоҳати хеле наздик доранд. Чунончӣ, аксари муҳаққиқони соҳа роҳҳои ташаккули ҳисоботи молиявиро барои хонаводаҳо ҷустуҷӯ мекунанд, яъне тавозунро, ҳисобот оид ба даромад ва хароҷотро, инчунин, ҳисоботро оид ба ҳаракати маблағҳои пулӣ суроғ менамоянд, ки ин худ гувоҳи шабоҳати хонавода бо созмони тиҷоратист. Дар натиҷа, барои хоҷагии хонавода мураттаб сохтани ҳисоботи молиявии зарурӣ имкон медиҳад, ки бе ягон мушкилӣ бузургии захираҳои молиявии онро муайян намоем.

Барои сохтани тавозун дороиҳо, уҳдадориҳо ва сарвати хоҷагии хонаводаро ҷудо менамоянд (ҷадвали 1). Дар айни ҳол ҷудокунӣ аз рӯйи моддаҳоро дар намуди зерин тасвир кардан мумкин аст:

**Ҷадвали 1.- Таркиб ва сохтори тавозуни хоҷагии хонавода**

| **Дороиҳо** | **Уҳдадориҳо** |
|---|---|
| **Дороиҳои воқеӣ** | ***1. Сарват*** |
| ***1. Дороиҳои моддӣ*** | Сармояи ибтидоӣ |
| Амволи манқул ва ғайриманқул | Воридоти ройгон |
| Захираҳои моддӣ | Пасандозҳои андӯхта (Фоида) |
| ***2. Дороиҳои молиявӣ*** | ***2. Уҳдадориҳо*** |
| Маблағҳои пулӣ | Қарздориҳо |
| Маблағгузориҳои молиявӣ | Дигар вомҳо |
| **Дороиҳои ғайримоддӣ** | |
| *3. Сармояи инсонӣ* | |

Ҳарчанд таснифоти манзуршудаи дороиҳо ва уҳдадориҳо дар маҷмӯъ фаҳмоянд, боз ҳам шарҳи муфассалтареро мехоҳанд, зеро хусусиятҳои хоҷагии хонавода дар баъзе маврид бисёр нодир мебошанд. Чунончӣ, дороиҳои воқеӣ дар мавриди мазкур ҳамон бузургии дороиҳоеро мефаҳмонанд, ки дар қисмати якум ва дуюми дороии тавозун нишон дода мешаванд. Аммо гурӯҳбандӣ дар дохил аз қоидаҳои банақшагирӣ фарқ мекунанд, ки дар он дороиҳо ба гардону ғайригардон тақсим мешаванд, чунки меъёри асосӣ даврае мебошад, ки дар давоми он дороӣ дар раванди истеҳсолот иштирок мекунад. Ин чиз муҳим аст, ки на ҳамаи хонаводаҳо фаъолияти истеҳсолиро дар намуди хоҷагии шахсии ёрирасон ё дигар фаъолияти соҳибкорӣ ба роҳ мемонанд ва агар фарз кунем, ки ҳамин гуна фаъолиятро иҷро мекунанд, боз ҳам бо итминони комил гуфта наметавонем, ки ин ё он дороӣ дар ҷойи дигаре ба ғайр аз ин истифода намешавад. Масалан, мошинаи ҷомашӯиро дар фаъолияти утоқи ҷомашӯии хусусӣ истифода бурдан ва дар вақтҳои фориғ аз ин кор, барои эҳтиёҷоти худӣ низ ба кор бурдан мумкин аст.

Таснифоти манзургардида аз принсипи дигаре бармеояд, ки онро ҳамчун вақте фаҳмонидан мумкин аст, ки дар давоми он дороӣ метавонад ба маблағи пулӣ шакл бадал кунад. Дороиҳои физикӣ (ғайримолиявӣ), ки аз амволи манқул ва ғайриманқул, инчунин захираҳои моддии пардохтпазириашон паст иборат мебошанд, барои ба пул мубаддал гардидан муддати дуру дарозро тақозо мекунанд. Дороиҳои молиявӣ аз маблағҳои пулии нақдӣ (ҳам бо пулӣ миллӣ ва ҳам бо асъори хориҷӣ), маблағҳо дар суратҳисобҳои ҷорӣ, амонатҳо, инчунин маблағгузориҳои молиявӣ иборат буда, метавонанд, ки дар як муддати нисбатан кӯтоҳ ба пул мубаддал гарданд.

Дороиҳои ғайримоддӣ диққати махсусро талаб мекунанд. Банақшагирии анъанавии молиявӣ ин намуди дороиҳоро, яъне патентҳо, тамғаҳои тиҷоратӣ ва амсоли онро ба назар намегирад, чунки онҳоро ҳисоб кардан ва баҳогузорӣ намудан хеле

мушкил аст. Аммо барои хоҷагии хонавода таъсири сармояи инсонӣ аҳамияти ҳалкунанда дошта метавонад. Сармояи инсонӣ ҳамчун дороиҳо метавонад, ки бузургии калони даромадҳои хоҷагии хонаводаро тавлид кунад. Хоҷагиҳои хонавода аз ҳам бо шумораи аъзоён ва ҷинси онҳо фарқ мекунанд. Худи аъзоёни хоҷагии хонавода мумкин аст, ки сатҳи гуногуни таҳсилот, таҷрибаи кор, маҷмӯи мухталифи қобилиятҳои муфид ва вазъи тандурустӣ дошта бошанд. Якчанд тарзи ҳисоб кардани сармояи инсонӣ вуҷуд дорад, аммо ҳисобкунии босаводонаи ин намуди дороиҳо дар доираи банақшагирии молиявии хоҷагии хонавода хеле мушкил аст. Бинобар ин, муҳаққиқон ин масъаларо дар осори худ сарфи назар намудаанд.

Дар муқобили дороиҳо, уҳдадориҳои хоҷагии хонавода аз сарватҳо ва уҳдадориҳо иборат мебошанд. Уҳдадориҳо – ин бузургии қарзи асосии хоҷагии хонавода аз рӯйи қарзҳо ва вомҳои аллакай ҷалбгардида мебошанд. Сарватҳо дар ин маврид ҳамчун фарқияти байни дороиҳо ва уҳдадориҳо ҳисоб карда шуда, моҳиятан ба сармояи худӣ дар созмони тиҷоратӣ ҳаммаъност.

Аммо сарвати хоҷагии хонавода сохтори дохилии комилан дигар дорад, зеро ба пуррагӣ ба худи хоҷагии хонавода тааллуқ дошта, моликони беруниро надорад. Фарқияти байни даромадҳо ва хароҷоти ҷорӣ – пасандозҳо мебошанд, ки ба сарвати хоҷагии хонавода зам мегарданд. Ҳамин тавр, сарват гуфта, натиҷаи раванди пасандозкуниро дар ҳар як лаҳза фаҳмидан мумкин аст. Дар ин маврид, бандаки “молиявӣ”-ро ба ин сарват часпонидан шарт нест, чунки аз рӯйи таркиби худ сарвати хоҷагии хонавода метавонад, ки ҳам дороиҳои молиявӣ ва ҳам дороиҳои физикӣ дошта бошад.

Дар ин ҷо инчунин, воридоти ройгон аз дигар субъектҳои иқтисод низ вуҷуд дошта метавонанд. Бисёр вақт дигар хоҷагии хонавода дар чунин нақш баромад мекунад, масалан, ёрдами ройгони падару модар ба фарзандони мустақили худ. Аз дигар сӯ, ба ин гурӯҳ кумакпулиҳои давлатиро низ мансуб кардан мумкин аст, ки ҳам дар намуди пул ва ҳам дар намуди натуралӣ ҷудо мегарданд. Масалан, идрорпулиҳои таҳсилотӣ ё дорувориҳои ба шахсони имтиёзнок ҷудошаванда. Як қисми ин кумакпулиҳоро дар доираи ҳисобот оид ба даромаду хароҷот, агар мустақиман бо ҷуброни зарар аз рӯйи иҷрои фаъолияти иқтисодии хоҷагии хонавода марбут бошанд, ба ҳисоб гирифтан мумкин аст. Аммо дар мавридҳои дигар ин захираҳоро ҳамчун воридоти ройгон ба ҳисоб гирем, дурусттар мешавад.

Ба ҳамин монанд дигар шаклҳои ҳисоботро сохтан мумкин аст. Ҳисобот оид ба даромад ва хароҷот шабеҳи ҳисобот оид ба натиҷаҳои молиявӣ дар созмони тиҷоратӣ буда, дар бораи даромадҳои хоҷагии хонавода ва хароҷоти он, инчунин, бузургии маҷмӯӣ, ки онро шартан натиҷаи молиявӣ номидан мумкин аст, иттилоъ медиҳад. Аммо дар мавридҳои боқимонда ин ҳисобот аз ҳисоботи корхонаи тиҷоратӣ фарқ мекунад, чунки гурӯҳбандии дохилии даромадҳо ва хароҷот тафовут дорад. Дар доираи даромадҳои хоҷагии хонавода метавон даромадҳои берунӣ (музди маош, ёрии иҷтимоӣ аз тарафи давлат, даромад аз истифодаи дороиҳои молиявии хоҷагии хонавода) ва даромадҳои дохилиро ҷудо кард, ки бо фаъолияти хоҷагидории иқтисодӣ (пешбурди хоҷагии шахсии ёрирасон, иҷрои фаъолияти соҳибкорӣ) марбутанд. Хароҷотро дар навбати худ метавон чунин ҷудо кард:

- Хароҷоте, ки бо қонеъгардонии талаботи аъзоёни хоҷагии хонавода марбут аст;
- Хароҷоте, ки бо фаъолияти дохилии истеҳсолӣ марбут аст;
- Хароҷоте, ки бо хизматрасонии сармояи қарзӣ марбут аст;

Аммо, мо бояд дарк намоем, ки чунин тақсимоти хароҷот бағоят шартӣ мебошад, чунки бисёр муайян кардан мушкил аст, ки кадом хароҷот ба кадом гурӯҳ мансуб мешавад (Мисоли дар боло зикршудаи мошинаи ҷомашӯиро ба хотир меорем).

Ҳисобот дар бораи ҳаракати маблағҳои хоҷагии хонавода амалан аз рӯйи сохтори худ бо ҳисоботи корхонаи тиҷоратӣ як хел аст. Дар ин ҷо, агар хоҷагии хонавода дорои хоҷагии шахсии ёрирасон бошад ё ба фаъолияти соҳибкорӣ, сармоягузорӣ ва молиявӣ машғул бошад, пас фаъолияти

амалиётиро низ ҷудо намудан мумкин аст. Аз тарафи дигар, барои муайянкунии бузургии захираҳои молиявии хоҷагии хонавода ин ҳисобот истифода намешавад.

Ҳамин тавр, ҳисоботи молиявии ташаккулёфтаи хоҷагии хонавода барои арзёбии комили захираҳои молиявии он имконият фароҳам меорад. Бузургии арзишии захираҳои молиявӣ аз тамоми амволи хоҷагии хонавода иборат аст, ки дар шакли пул ифода ёфтаанд. Дар ин маврид оид ба мансубияти амволи манқул ва ғайриманқул ба захираи молиявӣ савол ба миён намеояд. Гузашта аз ин, даромадҳои хоҷагии хонавода ба таркиби бузургии арзишии захираҳои молиявӣ шомил карда намешаванд, зеро меъёри арзёбии самаранокии захираҳои молиявӣ маҳсуб мешаванд, ҳарчанд барои ин мақсад дар қиёс бо даромад фоидаи ниҳоиро истифода бурдан дурусттар аст.

Ҳамзамон, оид ба нақши уҳдадориҳои хоҷагии хонавода дар доираи таҳқиқи захираҳои молиявӣ алоҳида сухан кардан бамаврид мебуд. Аз як сӯ, уҳдадориҳои мавҷудаи хоҷагии хонавода бояд бузургии захираҳои молиявии онро кам кунанд, чунки уҳдадориҳо бори гарон буда, як қисми амволро банд намуда, барои пурра ва ҳаматарафа истифода бурдани захираҳо имкон намедиҳанд. Аз сӯйи дигар, уҳдадориҳо танҳо сарчашмае барои васеътар кардани фаъолияти хоҷагидории хоҷагии хонавода мебошанд, ки натиҷааш – истифодаи оқилонаи захираҳои қарзӣ барои гирифтани манфиатҳои калонтаре имкон медиҳад.

Дар ин ҷо бояд дарк намуд, ки дар доираи захираҳои молиявӣ ҳадафи фаъолияти иҷрошаванда хеле муҳим аст. Аслан, ҳадаф воситаҳоро, яъне, бузургии захираҳоро муайян мекунад. Агар ҳадафи хоҷагии хонавода истифодаи захираҳои қарзиро дар назар дошта бошад, пас уҳдадориҳо омили маҳдудкунанда буда наметавонанд. Аммо ин ҷанба вобаста ба шароит тағйир меёбад. Масалан, агар ҳадафи муҳаққиқ – озод кардани захираҳои қарзӣ берун аз марзи субъекти хоҷагидор бошад, пас уҳдадориҳо аз ҳисобкунии бузургии захираи молиявӣ хориҷ карда мешаванд. Яъне вобаста ба муҳаққиқ ва аҳдофе, ки ӯ пайгирӣ мекунад, ин ҷанба дигаргун мешавад.

Ба таҷрибаи қаблан тавсифшудаи муайян кардани захираҳои молиявии хонаводаҳо, ки муаллифони дигар пешниҳод кардаанд, руҷӯъ карда, фарқиятҳои назаррасро дар фаҳмиши ин масъала метавон қайд кард. Сабаби ин набудани тавсифи хоҷагии хонавода ҳамчун иштирокчии комилҳуқуқи муносибатҳои иқтисодӣ мебошад. Таҷрибаи муаллифони қаблан пешниҳодшуда аз принсипи истеъмол бармеояд, яъне барои муаллифон пеш аз ҳама муҳим аст, ки хоҷагии хонавода ба субъектҳои дигар чӣ медиҳад. Дар ин ҳолат, пеш аз ҳама, дар бораи потенсиали сармоягузорӣ, қарзӣ, истеъмолӣ ва андозӣ сухан меравад. Яъне ба истилоҳ якдигарро ивазкунии мафҳумҳо сурат мегирад. Захираи молиявӣ хусусияти тамоман дигаргун дорад, ҳарчанд албатта, он ҳамаи унсурҳои дар боло номбаршударо дар бар мегирад.

Усули таҳлили муқоисавии хоҷагии хонавода бо созмони тиҷоратӣ имкон медиҳад, ки дарки захираҳои молиявии хоҷагии хонавода ба таври назаррас дуруст карда шавад ва инчунин захираҳои пинҳон барои омӯзиши минбаъдаи ин масъала ошкор карда шаванд.

Нишондиҳандаи сатҳи камбизоатӣ шурӯъ аз соли 1990 ба андозаи даромади якрӯзаи на камтар аз 1 доллари ИМА дар сатҳи ҷаҳонӣ қабулгардида, дар соли 2005 ба андозаи 1,25 ва дар соли 2018 ба андозаи 1,90 доллари ИМА аз рӯи баробарии қобилияти харидорӣ дар як рӯз боло бурда шуд. Албатта ин нишондиҳанда пурра тамоми паҳлуҳои ҳаёти иҷтимоию иқтисодии ҷомеаро вобаста ба гуногун будани сатҳи рушд дар миёни кишварҳои дунё фаро гирифта наметавонад. Аз ин рӯ Бонки Ҷаҳонӣ барои кишварҳои дорои даромади сатҳи миёна ду ва зиёда нишондиҳандаҳои сатҳи камбизоатиро (3,2 ва 5,5 дол. ИМА) муқаррар кардааст. Ҳамаи ин нишондиҳандаҳо ба камбизоатии мутлақ ё камбизоатии бо роҳи монетарӣ андозашаванда мансуб буда, дар асл бошад, камбизоатӣ ба мисли дилхоҳ раванди иҷтимоию иқтисодӣ бисёрченака аст. Ҳамаи равишҳои монетарӣ барои муайян намудани сатҳи камбизоатӣ дар беҳтарин маврид танҳо

тасаввуроти ғайримустақимро дар бораи некуаҳволии аҳолӣ медиҳанд, бинобар сабаб, дар солҳои мухталиф аз тарафи олимону муҳаққиқони сатҳи гуногун воқеӣ будани ин нишондиҳанда тахти шубҳа қарор гирифтааст. Чунки чорчӯбаи пулии камбизоатӣ нишондиҳандаҳои зиёди дигари он – сатҳи истеъмоли асосӣ, норасоии имкониятҳо, камбизоатии бисёрченака, дастрасӣ ба хизматрасонии коммуналӣ, тандурустӣ, таҳсилот ва амсоли онро фаро гирифта наметавонад. Бинобар ин, зимни муайян кардани камбизоатӣ, маъмулан онро ба ду намуд – камбизоатии мутлақ ва камбизоатии нисбӣ ҷудо мекунанд. Сарфи назар аз тафовути байни ин назариёт, ҳар кадоме аз онҳо ин ё он ҷанбаи некуаҳволии аҳолиро ба назар гирифта, иддао мекунад, ки маҳз ҳамон ҷанба барои муайян кардани сатҳи камбизоатӣ ҳалкунанда мебошад.

Ҷумҳурии Тоҷикистон вобаста ба сабабҳои ба ҳамагон маълуми ҷанги таҳмилӣ ва оқибатҳои фалокатбори он, сатҳи камбизоатӣ дар қиёс бо кишварҳои фазои пасошӯравӣ яке аз баландтаринҳо буд. Хушбахтона баъд аз ворид шудан ба марҳилаи рушди устувор, марҳила ба марҳила, зина ба зина ин нишондиҳанда поён рафта, бо эътирофи ниҳодҳои байналхалқӣ, аз ҷумла, Бонки ҷаҳонӣ, танҳо дар давоми солҳои 2003-2009, аз 72 дар сад то ба сатҳи 47 дар сади аҳолӣ коҳиш ёфт. Ҳамин тамоюли мусбӣ дар солҳои минбаъда низ нигоҳ дошта шуда, дар соли 2024, ин нишондиҳанда то ба андозаи 21% поин бурда шуд. Бояд қайд кард, ки вобаста ба мавсимӣ будани даромади хонаводаҳои кишвар, ки бо кишоварзӣ марбут аст, сатҳи камбизоатӣ низ пасту баланд шудан мегирад.

Дар СМР-2030 барои амалисозии яке аз се вазифаи асосӣ: - ноил шудан ба сатҳи рушди иҷтимоию иқтисодии кишварҳои сегменти миёна бо даромади миёнаи муқоисашаванда анҷом додани тадбирҳои зерин ба нақша гирифта шудааст:

- нигоҳ доштани суръати устувори рушди иқтисодӣ ҳамасола дар сатҳи 7-8%;
- 3 маротиба ва аз ин зиёд афзоиш додани ММД-и кишвар;
- 2,5 маротиба афзоиш додани сатҳи нишондиҳандаи ММД ба ҳар нафар аҳолӣ;
- зиёда аз 2 маротиба паст кардани сатҳи камбизоатӣ ва аз байн бурдани фақри шадид; [12,11]

Хулоса, бо истифода аз усулҳои методологии баҳисобгирии муҳосибӣ молияи хоҷагиҳои хонаводаро тафриқабандӣ намуда, стратегияи банақшагирии даромадҳо ва хароҷоти хонаводаро пешниҳод намудем. Стратегияи мазкур дар заминаи усули машҳури идоракунии буҷети хонавода – усули чор лифофа таҳия гардида, дар ҳолати истифода бурдани он, ҳатман пасандоз гардидани як қисми муайяни даромади хоҷагиҳои хонаводаҳо кафолат дода мешавад.

## Адабиёт


1. Becker G.S. The Economic Approach to Human Behavior // Chicago: The University of Chicago Press. 1976. 320 p. – P.5.
2. Guiso L., Sodini P. Household Finance: An Emerging Field // Handbook of the Economics of Fi-nance. 2013. pp. 1397–1532. ; Samphanttharak K., Townsend R.M. House-hold as Corporate Firm: An Analysis of Household Fi-nance Using Integrated Household Survey and Corpo-rate Financial Accounting // N.Y.: Cambridge University Press. 2009. 199 p.
3. World Economic Outlook October 2007: Globalization and Inequality. — International Monetary Fund, 2007.
4. Бобомуродов, Б. Э. Захираҳои молиявии хонаводаҳо ҳамчун омили рушди устувор / Б. Э. Бобомуродов./ – Душанбе : Образовательное учреждение "Таджикский государственный финансово-экономический университет", 2022. – 167 р. – EDN YTZZWK.
5. Греков И. Е., Садков В. Г. О необходимости оценки среднего уровня благосостояния с учётом неравномерности распределения населения по доходам // Известия ОрелГТУ. Серия «Экономика, управление, право». - 2005. - № 2. - С. 35-46.
6. Ефимова Е. Г. Экономическая теория. — М.: Изд-во МГИУ, 2007. — 198 с. — ISBN 978-5-2760-1011-3.

7. Осипова Т.Ю. Система финансового планирования в домашних хозяйствах // Вестник Томского государственного университета. – 2012. – №359. – С. 151–155 (0,25 п.л.)
8. Покудов А. В. Личные финансы-2. Секреты управления и индивидуальный финансовый план. М.: ЭКСМО, 2007. –С37-39.
9. Пятенко С. В., Сапрыкина Т. Ю. Как управлять личными деньгами. Не думая – не разбогатеешь. СПб: Питер, 2008. – С.31.
10. Савенок В. С. Личные финансы. Самоучитель. СПб: Питер, 2008. –С.29.
11. Саъдӣ Шерозӣ. Гулистон. – Душанбе: "Адиб", 2015. –С.88
12. Стратегияи рушди миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 Маркази миллии қонунгузории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. http://mmk.tj/–С.11-12.
13. Шерназаров А.Ш. ва дигарон. Назарияи ҳисобгирии бухгалтерӣ.-Душанбе, 2003.-С.18-23.
14. Эрдман Г. В. Инвестируй и богатей. М.: FullFreedom, 2010.

**Маълумот дар бораи муаллиф:**
**Бобомуродов Бобомурод Элмуродович** – Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон, номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент, мудири кафедраи баҳисобгирии муҳосибӣ. Суроға: 734067, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, Нахимов 64/14 Телефон: 91-941-62-26. E-mail: Bobomurod2007-73@mail.ru.

**Сведения об авторе:**
**Бобомуродов Бобомурод Элмуродович**-Таджикский государственный финансово-экономический университет, кандидат экономических наук, доцент заведующей кафедрой бухгалтерского учета. Адрес: 734064, Республика Таджикистан, город Душанбе, Нахимов 64/14 Телефон: 91-941-62-26. E-mail: Bobomurod2007-73@mail.ru.

**Information about the author:**
**Bobomurodov Bobomurod Elmurodovich** -Tajik State University of Finance and Economics, PhD in Economics, Associate Professor at the head of the Accounting Department. Address: 734064, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Nakhimov 64/14 Phone: 91-941-62-26. E-mail: Bobomurod2007-73@mail.ru .

**УДК: 336.77.067**

**ТАҲЛИЛ ВА АРЗЁБИИ ҚАРЗИ БОНКӢ БА РУШДИ ФАЪОЛИЯТИ СОҲИБКОРИИ ХУРДУ МИЁНА ДАР МИСОЛИ КВД БА ҶТ «АМОНАТБОНК»**

**Икромӣ Ф.Н.**
**Маҳмудов С.М.**

***Аннотатсия.*** *Таҳлил ва арзёбии қарзи бонкӣ ба рушди фаъолияти соҳибкории хурду миёна дар КВД БА ҶТ «Амонатбонк» аҳамияти калон дорад, зеро қарзи бонкӣ барои рушди соҳибкорӣ як воситаи муҳими маблағгузорӣ мебошад. КВД БА ҶТ «Амонатбонк» ҳамчун муассисаи молиявӣ, ки барои соҳибкорони хурду миёна қарзҳои имтиёзнок пешниҳод мекунад, нақши муҳим дар рушди иқтисодиёт ва афзоиши рақобатпазирии тиҷоратӣ дорад. Муаллифон қайд мекунанд, ки масоили қарзи бонкӣ ба фаъолияти соҳибкорӣ барои рушди беҳтари инфрасохтори соҳибкорӣ, истеҳсолот ва содирот дар мамлакат мусоидат мекунад. Ба таври куллӣ, таҳлили қарзҳо ва шароити қарзгирӣ метавонад равишҳои беҳтарини қарздиҳӣ ва сиёсатҳои иқтисодии давлатро барои дастгирии соҳибкорони хурду миёна муайян созад.*

***Калидвожаҳо:*** *таҳлил, арзёбӣ, бонк, қарз, маблағгузорӣ, меъёр, меъёри қарз, қарзи бонкӣ, сармояи бонк, қарзи батаъхирафтода, соҳибкор, соҳибкории хурду миёна.*

***Барои иқтибос:*** *Икромӣ Ф.Н. Таҳлил ва арзёбии қарзи бонкӣ ба рушди фаъолияти соҳибкории хурду миёна дар мисоли КВД БА ҶТ «Амонатбонк» / Ф.Н. Икромӣ, С.М. Маҳмудов // Паёми молия ва иқтисод. – 2024. –No. 4.2(43). – С. 650-658.*

**АНАЛИЗ И ОЦЕНКА БАНКОВСКОГО КРЕДИТА НА РАЗВИТИЕ ДЕЯТЕЛЬНОСТЬ МАЛОГО И СРЕДНЕГО ПРЕДПРИНИМАТЕЛЬСТВА НА ПРИМЕРЕ ГУП СБ РТ «АМОНАТБАНК»**

**Икроми Ф.Н.**
**Махмудов С.М.**

***Аннотация.*** *Анализ и оценка банковского кредитования имеет большое значение для развития малого и среднего бизнеса в ГУП СБ РТ «Амонатбонк», так как банковское кредитование является важным инструментом финансирования развития бизнеса. ГУП СБ РТ «Амонатбонк» Республики Таджикистан, как финансовое учреждение, предоставляющее льготные кредиты субъектам малого и среднего бизнеса, играет важную роль в развитии экономики и повышении конкурентоспособности бизнеса. Авторы отмечают, что вопросы банковского кредитования способствуют предпринимательской деятельности для лучшего развития деловой инфраструктуры, производства и экспорта в стране. В целом анализ кредитов и условий заимствования может помочь определить наилучшую практику кредитования и государственную экономическую политику для поддержки малого и среднего бизнеса.*

***Ключевые слова:*** *анализ, оценка, банк, кредит, финансирование, ставка, процентная ставка по кредиту, банковский кредит, капитал банка, просроченный кредит, предприниматель, малый и средний бизнес.*

**ANALYSIS AND EVALUATION OF A BANK LOAN FOR THE DEVELOPMENT OF SMALL AND MEDIUM ENTREPRENEURSHIP ACTIVITIES USING THE EXAMPLE OF AMONATBANK**

**Ikromi F.N.**
**Mahmudov S.M.**

***Annotation.*** *Analysis and evaluation of bank lending is of great importance for the development of small and medium-sized businesses in Amonatbonk, since bank lending is an important tool for financing business development. Amonatbonk of the Republic of Tajikistan, as a financial institution providing preferential loans to small and medium-sized businesses, plays an important role in the development of the economy and increasing the competitiveness of businesses. The authors note that issues of bank lending contribute to entrepreneurial activity for the better development of business infrastructure, production and export in the country. In general, the analysis of loans and borrowing conditions can help determine the best lending practices and state economic policy to support small and medium businesses.*

***Keywords:*** *analysis, assessment, bank, loan, financing, rate, interest rate on the loan, bank loan, bank capital, overdue loan, entrepreneur, small and medium-sized businesses.*

**Гузориши масъала.** Низоми муосири қарздиҳӣ дар Тоҷикистон яке аз шаклҳои субот ва рушди иқтисодии кишвар мебошад. Қисми низоми қарзӣ бозори қарздиҳии бонкӣ мебошад ва дар амалия, собит гардидааст, ки фаъолияти субъектони иқтисодӣ, аз ҷумла савдо, саноат, сохтмон ва ғайра бидуни сармояи бонкӣ роҳандозӣ намегардад [15]. Таҳлили динамикаи ин бозор дар солҳои охир ба мо имкон медиҳад, ки онро қисмати фаъолтарини бозори молиявии Тоҷикистон номид.

Низоми бонкӣ – унсури асосии иқтисодиёти бозорӣ буда[13], қарздиҳии бонкӣ яке аз усулҳои асосии маблағгузории соҳибкорӣ барои корхонаҳои хурду миёна мебошад. Қарздиҳии фаъол аз ҷониби бонкҳо ба соҳаи воқеии иқтисодиёт, соҳибкории хурду миёна ва аҳолӣ рушди минбаъдаи тақозои қобили харид ва афзоиши нишондиҳандаҳои макроиқтисодиро (ММД, даромади миллӣ, даромади буҷет) таъмин менамояд[6].

Таҳлил ва арзёбии қарзи бонкӣ ба рушди фаъолияти соҳибкории хурду миёна (минбаъд СХМ) дар КВД БА ҶТ «Амонатбонк» аҳамияти калон дорад, зеро қарзи бонкӣ барои рушди соҳибкорӣ як воситаи муҳими маблағгузорӣ мебошад. КВД «Амонатбонк» ҳамчун муассисаи молиявӣ, ки барои соҳибкорони хурду миёна қарзҳои имтиёзнок пешниҳод мекунад, нақши муҳим дар рушди иқтисодиёт ва афзоиши рақобатпазирии тиҷоратӣ дорад. Бонк бо пешниҳоди шароити қулай барои қарзгирӣ ва бо низоми фоизии муфид барои соҳибкорон, имконияти рушд ва васеъ кардани фаъолияти корхонаҳоро фароҳам меорад.

**Таҳлили таҳқиқотҳои охир ва нашриёт.** Арзёбии таъсири қарзи бонкӣ ба фаъолияти соҳибкорӣ кӯмак мекунад, ки дарк шавад, ки оё қарзҳо барои рушди инфрасохтори соҳибкорӣ, истеҳсолот ва содирот мусоидат мекунанд ё не. Ба таври куллӣ, таҳлили қарзҳо ва шароити қарзгирӣ метавонад равишҳои беҳтарини қарздиҳӣ ва сиёсатҳои иқтисодии давлатро барои дастгирии соҳибкорони хурду миёна муайян созад. Муҳим мебошад, ки бонк ба талабот ва эҳтиёҷоти қишрҳои гуногуни соҳибкорон ҷавобгӯ бошад, то натиҷаҳои мусбати иқтисодӣ ба даст оварда шаванд. Таҷрибат давлатҳои хориҷа низ собит намуд, ки қарзҳои бонкӣ дар баланд бардоштани маҳсулнокии корхонаҳои хурду миёна ва рушди устувори иқтисод кӯмак мерасонанд. Арзёбии таъсири ин қарзҳо барои таҳияи стратегиҳои иқтисодӣ ва таъмини суботи молиявии кишвар муҳим мебошад.

**Мақсади мақола** – ин пеш ҳама таҳлил ва арзёбии нишондиҳандаҳои асосии қарзи бонкӣ ба фаъолияти соҳибкории хурду миёна мебошад. Масъалаи мазкур тавасути механизми пешниҳоди қарзҳои бонкии КВД БА ҶТ «Амонатбонк» баррасӣ мегардад.

**Муҳтавои асосии мавод.** Дастгирии рушди соҳибкории хурду миёна яке аз афзалиятҳои аввалиндараҷаи бонкҳо ва махсусан бонкҳои давлатӣ, ки КВД БА ҶТ “Амонатбонк” аз ҷумлаи онҳост, бояд бошад. Бинобар ин, мо тасмим гирфтем, ки дар доираи параграфи мазкури кори илмиамон вазъи қарздиҳиро аз ҷониби КВД БА ҶТ “Амонатбонк” маҳз ба СХМ таҳлил намоем.




**Расми 1.** Динамикаи ҳаҷми қарзҳои умумӣ ва қарзҳои ба СХМ додашудаи КВД БА ҶТ «Амонатбонк» (бо млн. сомонӣ); ҳиссаи қарзҳои ба СХМ пешниҳодгардида дар солҳои 2012-2023 (бо %)*

***Сарчашма:** Ҳисоботҳои солонаи КВД БА ҶТ «Амонатбонк»

Дар тайи дувоздаҳ соли охир ҳаҷми умумии қарзҳои пешниҳодгардидаи КВД БА ҶТ “Амонатбонк” ба зиёда аз 7,6 маротиба афзуд. Пас аз ихтисор шудани ҳаҷми қарздиҳӣ аз соли 2015, чор соли охир тамоюли назарраси афзоиши он ба қайд гирифта мешавад. Умуман, суръатафзоии миёнасолонаи қарзҳои пешниҳодгардида ба 18,48% баробар буда, аз нишондиҳандаи шабеҳи қарзҳои умумии бонкӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон зиёда аз 2 маротиба зиёд аст.

Тамоюли зайл дар қарзгузории СХМ аз ҷониби КВД БА ҶТ “Амонатбонк” дида мешавад – аз соли 2012 то инҷониб ҳаҷми қарз ба СХМ 54,83% зиёд гардид. Хусусан, аз соли 2014 то соли 2020 ихтисоршавии мунтаззами қарзҳо ба СХМ ба қайд гирифта мешавад, ки инро пеш аз ҳама метавон бо ихтисоршавии умумии шумораи корхонаҳои хурду миёна дар мамлакат вобаста кард. Аммо тули 4 соли охир бошад ҳаҷми қарзҳои пешниҳодшаванда ба ин намуди соҳибкорӣ мунтазам афзуда истодаанд ва афзоиши назаррас дар соли 2023 ба чашм мерасад. Ҳиссаи қарзҳо ба СХМ ба таври муносиб динамикаи манфӣ доранд – агар дар соли 2012 онҳо сеяки қарзҳои умумии пешниҳодшударо ташкил медоданд, ҳоло бошад ҳиссаи онҳо танҳо ба 6,8% баробар аст. Аз соли 2013 то 2023 ихтисоршавии мунтаззами ҳиссаи онҳо дар қарзҳои умумӣ ба назар мерасад. Дар муқоиса бо динамикаи ҳиссаи қарзҳои ба СХМ додашуда аз ҷониби ташкилотҳои қарзии молиявии Ҷумҳурии Тоҷикистон нишондиҳандаҳои КВД БА ҶТ “Амонатбонк” ба таври назаррас кам мебошанд.

Дар ҳаҷми умумии қарзҳои ба СХМ пешниҳодгардида аз ҷониби ташкилотҳои қарзии молиявии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳиссаи КВД БА ҶТ “Амонатбонк” ба 0,8 банди фоизӣ аз соли 2012 ихтисор шудааст. Ҳамин тавр ба КВД БА ҶТ “Амонатбонк” 2,14% қарзҳои пешниҳодгардида аз ҷониби ташкилотҳои қарзии молиявии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба СХМ рост меояд, ки ин нишондиҳандаи ночиз аст.

**Расми 2.** Динамикаи ҳиссаи КВД БА ҶТ “Амонатбонк” дар пешниҳоди қарзҳо (бо %)*




**Сарчашма:** Ҳисоботҳои солонаи КВД БА ҶТ «Амонатбонк»

Қобили зикр аст, ки дар ин давра ҳиссаи қарзҳо ба шахсони воқеӣ дар сандуқи қарзии КВД БА ҶТ “Амонатбонк” ба таври назаррас афзудааст – аз 23,64% то ба 48,23%. Инчунин, афзоиш дар қарзҳои тиҷоратӣ ба қайд гирифта мешавад – ба 17 банди фоизӣ. Ҷолиби диққат аст, ки ҳиссаи қарзҳои кишоварзӣ назаррас кам шуданд – ба 12,44 банди фоизӣ ва ҳаҷми ин қарзҳо бошад аз соли 2012 зиёда аз 33 маротиба ихтисор гардид.

Дар баробари ин қайд намудан лозим аст, ки ҳиссаи КВД БА ҶТ “Амонатбонк” дар қарзҳои умумии аз ҷониби низоми бонкии мамлакат пешниҳодгардида дар давраи таҳлилшаванда ба 2,7 банди фоизӣ низ ихтисор шудааст. Аз ҳама нишондиҳандаи баландтарин дар соли 2017 ба қайд гирифта шудааст, ки зиёда аз сеяки қарзҳои умумии пешниҳодгардидаро аз ҷониби низоми бонкӣ дар ҷумҳурӣ ташкил медод. Ҳамин тавр, дар тӯли дувоздаҳ сол нишондиҳандаи миёнавазни ҳиссаи КВД БА ҶТ “Амонатбонк” дар қарзҳои умумии пешниҳодгардидаи низоми бонкии кишвар ба 17,2% баробар аст.

Дар ҳаҷми умумии қарзҳои пешниҳодгардида аз ҷониби ташкилотҳои қарзии молиявии Ҷумҳурии Тоҷикистон бошад, нишондиҳандаҳои ҳиссаи КВД БА ҶТ “Амонатбонк” дар давраи таҳлилшаванда тамоюли баръакс нишон дода истодаанд – ҳиссаи бонк ба 5,75 банди фоизӣ зиёд гардид. Нишондиҳандаи миёнавазни ҳиссаи КВД БА ҶТ “Амонатбонк” дар қарзҳои умумии пешниҳодгардидаи ташкилотҳои қарзии молиявии мамлакат ба 6,51% баробар аст ва аз ҳама нишондиҳандаи баланд дар соли 2016 ба қайд гирифта шудааст – 11,01%.



**Расми 3.** Динамикаи фоидаи КВД БА ҶТ “Амонатбонк” аз қарзгузорӣ (бо млн. сомонӣ) ва ҳиссаи ин дар фоидаи умумӣ (бо %)*

***Сарчашма:** Ҳисоботҳои солонаи КВД БА ҶТ «Амонатбонк»

Таҳлили динамикаи фоида аз қарзгузорӣ ба СХМ аз ҷониби КВД БА ҶТ «Амонатбонк» нишон медиҳад, ки ҳаҷми он дар давоми дувоздаҳ сол ба 5,6% зиёд гардидааст. Яъне дар муқоиса бо афзоиши ҳаҷми қарзҳо ба СХМ ба 54,83%, дар давраҳои охир даромаднокӣ аз қарзҳои пешниҳодшуда паст шуда истодааст. Ин метавонад ба афзоиши ҳиссаи қарзҳои батаъхирафтода ё кам шудани меъёри фоизии қарз вобаста бошад. Ҳиссаи фоида аз қарзгузорӣ ба СХМ дар фоидаи умумӣ бошад, ба 35,78 банди фоизӣ ихтисор гардидааст.

Таҳқиқотҳои мо қарзҳои батаъхирафтодаи СХМ-ро низ дар бар мегирад, чунки рушди онҳо ва аз меъёрҳои муайян зиёд шуданашон натанҳо ба худи бонк, балки ба вазъи иҷтимоию иқтисодӣ дар тамоми мамлакат таъсири манфӣ мерасонад[11]. Дар ин ҷода динамикаи мусбӣ ба назар мерасад, ки пеш аз ҳама бо ихтисоршавии умумии қарзҳо ба СХМ вобаста аст. Ҳаҷми ин намуди қарзҳои батаъхирафтода дар дувоздаҳ сол бо пули миллӣ ба 22,3 ва бо асъори хориҷӣ бошад ба 3,9 маротиба кам гардид. Нишондиҳандаи аз ҳама зиёд ҳам бо пули миллӣ ва ба ҳам бо асъори хориҷӣ дар соли 2018 ба қайд гирифта шудааст.

Барои саҳеҳияти таҳлил, мо қарзҳои батаъхирафтодаро аз рӯи мӯҳлат ба чор гурӯҳ: то 1 моҳ, аз 1 то 3 моҳ, аз 3 то 6 моҳ ва зиёда аз 6 моҳ ҷудо намудаем. Чунин гурӯҳбандӣ нишон дод, ки ҳиссаи зиёди қарзҳо ба зиёда аз 6 моҳ ба таъхир афтодаанд, яъне беэътимод мебошанд. Сабаби зиёд гардидани қарзҳои батаъхирафтода ва хусусан беътимод дар 2017-2018 ин муфлисшавӣ ва аз даст додани қобилияти пардохтпазирии шумораи назарраси СХМ пас аз соли 2016 мебошад. Пас аз соли 2018 ихтисоршавии якуякбораи қарзҳои батаъхирафтодаро ба қайд гирифтан мумкин аст, ки бо дар умум кам шудани қарздиҳӣ ба СХМ вобаста аст. Ҳиссаи қарзҳои батаъхирафтодаи беътимод (зиёда аз ним сол) дар ҳаҷми умумии қарзҳои батаъхирафтодаи СХМ дар даҳ соли охир бо пули миллӣ 85,7% ва бо асъори хориҷӣ 93,2%-ро ташкил дод. Ба ҳисоби миёна дар як сол ҳиссаи ин намуди қарзи батаъхирафтода бо пули миллӣ 78,8% ва бо асъори хориҷӣ 83,3%-ро ташкил дод.




**Расми 4.** Ҳаҷми қарзҳои батаъхирафтодаи СХМ дар КВД БА ҶТ “Амонатбонк” бо пули миллӣ (дар боло) ва асъори хориҷӣ (дар поён) (бо ҳаз. сомонӣ)*

***Сарчашма:** Ҳисоботҳои солонаи КВД БА ҶТ «Амонатбонк»

Ҳиссаи қарзҳои батаъхирафтодаи СХМ дар қарзҳои батаъхирафтодаи умумии КВД БА ҶТ “Амонатбонк” дар давраи таҳлилшаванда бо пули миллӣ ба 71,91 банди фоизӣ ва бо асъори хориҷӣ бошад ба 76,47 банди фоизӣ ихтисор гардидааст.

Акнун маҳсулотҳои қарзиеро, ки аз ҷониби КВД БА ҶТ “Амонатбонк” айни замон пешниҳод карда мешаванд ва ба СХМ алоқамандӣ доранд, таҳлил карда мебароем.

**Ҷадвали 1. – Маҳсулотҳои қарзии КВД БА ҶТ “Амонатбонк” вобаста ба соҳибкории хурд барои шахсони воқеӣ**

| Номи маҳсулоти қарзӣ | Маблағи қарз | Мӯҳлати қарз | Ҳадафҳои қарздиҳӣ | Меъёри фоиз бо: | |
|---|---|---|---|---|---|
| | | | | пули миллӣ | асъори хориҷӣ |
| Қарзҳо барои рушди саёҳӣ ва хунарҳои мардумӣ | то 500 ҳаз. сомонӣ | то 36 моҳ | барои рушди сайёҳӣ ва хунарҳои мардумӣ | 18% | 10% |
| Қарзҳои гумрукӣ | то 1 млн. сомонӣ | то 1 моҳ | барои пардохтҳои гумрукӣ, роҳ ва дигар пардохтҳои ба ин баробар | 24% | - |
| Қарзҳо барои сохтмон | то 500 ҳаз. сомонӣ | аз 12 то 36 моҳ | барои рушди соҳаи сохтмон ва нақлиёт | 24% | 10% |
| Қарзҳо ба соҳаи тиҷорат ва хизматрасонӣ | то 1 млн. сомонӣ | то 48 моҳ | барои тиҷорат ва дигар намуди фаъолият | 24% | 10% |
| “Занҳои муваффақ” | аз 2 ҳаз. то 250 ҳаз. сомонӣ | то 48 моҳ | рушди соҳибкории хурду миёна | 20% | 10% |

***Сарчашма:** Сомонаи расмии КВД БА ҶТ «Амонатбонк»: https://www.amonatbonk.tj/ru/

Пеш аз ҳама қайд намудан зарур аст, ки махсус барои СХМ ягон маҳсулоти қарзӣ дар бонк пешниҳод нагардидааст [7]. Дар умум маҳсулотҳои дар боло оварда шуда бо ин шакли соҳибкорӣ алоқамандӣ дошта метавонанд. Барои шахсони воқеӣ, ки бо фаъолияти соҳибкорӣ машғуланд, қарз то ҳаҷми 1 млн. сомонӣ ва ба мӯҳлати то 4 сол вобаста аз намуди қарз пешиҳод карда мешавад. Меъёри пасттарини фоизи қарз бо пули миллӣ 18% ва бо асъори хориҷӣ 10%-ро ташкил медиҳад.

**Ҷадвали 2. – Маҳсулотҳои қарзии КВД БА ҶТ “Амонатбонк” вобаста ба соҳибкории хурд барои шахсони ҳуқуқӣ**

| Номи маҳсулоти қарзӣ | Маблағи қарз | Мӯҳлати қарз | Ҳадафҳои қарздиҳӣ | Меъёри фоиз бо: | |
|---|---|---|---|---|---|
| | | | | пули миллӣ | асъори хориҷӣ |
| Овердрафт | то 50% гардиши маблағҳои пули суратҳисоб дар се моҳи охир | то 24 моҳ | - | 22%<br>21%* | 10%<br>9%* |
| Қарзҳои гумрукӣ | вобаста ба пешниҳоди ҳисобнома аз ҷониби хадамоти гумрук | то 1 моҳ | - | 24%<br>23%* | 10%<br>9%* |

| | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| Қарз ба соҳаи кишоварзӣ (хоҷагии қишлоқ) | - | то 60 моҳ | - | 21%-23%<br>20%-22%* | 10%<br>9% |
| Қарзи саноатӣ | - | то 60 моҳ | - | 21%<br>20%* | 10%<br>9%* |
| Сохтмон ва нақлиёт | - | то 36 моҳ | - | 24%<br>23%* | 10%<br>9%* |
| Савдо ва хизматрасонӣ | - | то 36 моҳ | - | 24%<br>23%* | 10%<br>9%* |
| Қарзҳои аз ҳисоби маблағҳои Бонки миллии фаъолияти иқтисоди хориҷии Ҷумҳурии Узбекистон | аз 50 ҳаз. доллари ИМА то 1,5 млн. доллари ИМА | аз 12 то 36 моҳ | ворид намудани дастгоҳу таҷҳизот ва молу маҳсулотҳо аз Ҷумҳурии Узбекистон | - | 4,5%-5,5% |

***Сарчашма:** Сомонаи расмии КВД БА ҶТ «Амонатбонк»: https://www.amonatbonk.tj/ru/

Барои шахсони ҳуқуқӣ бошад, ҳаҷми қарз бемаҳдуд ва ба мӯҳлати то 5 сол аз ҷониби бонк пешниҳод карда мешавад. Меъёри пасттарини фоизи қарз бо пули миллӣ 21% (20% барои муштариёни такрории боэътимод) ва 10% (9% барои муштариёни такрории боэътимод)-ро ташкил медиҳад. Инчунин, меъёри фоизи қарзе, ки аз ҳисоби маблағҳои Бонки миллии фаъолияти иқтисоди хориҷии Ҷумҳурии Узбекистон ба соҳибкорони ватанӣ пешниҳод мегарданд, 4,5% барои то 1 сол ва 5,5% барои аз 1 то 3 солро ташкил медиҳад.

Чӣ тавре аз ҷадвалҳои дар боло омада бармеояд, КВД БА ҶТ "Амонатбонк" маҳсулоти махсуси қарзӣ барои СХМ ватанӣ айни замон надорад. Инчунин, ба андешаи мо, меъёрҳои фоизи қарз барои рушди СХМ баланд мебошанд.

Барои амиқтар омӯхтани механизми қарзгузории СХМ мо Низомномаи қарзии КВД БА ҶТ "Амонатбонк"-ро дида мебароем. Пеш аз ҳама қобили зикр аст, ки дар он дар бобати соҳибкории хурду миёна ягон банди махсус оварда нашудааст. Инчунин, ҳудуди қарз барои соҳибкорони инфиродии дорои патент, шаҳодатномаи соҳибкорӣ ва барои шахсони ҳуқуқӣ бо гарав вобаста ба ҳолати молиявии мизоҷ то 20%-и сармояи танзимшавандаи бонк муқаррар карда шудааст.

Яке аз талаботҳо барои қарзҳое, ки ҷиҳати амалӣ намудани тиҷорати муайян (зиёд намудани воситаҳои гардон ва воситаҳои асосӣ) дархост пешниҳод мегардад[5], ин ҳатман будани бақайдгирии фаъолияти тиҷоратӣ (патент, шаҳодатнома, иҷозатнома ва ғайра) мебошад. Ғайр аз ин соибкорони инфиродӣ бояд як қатор ҳуҷҷатҳоро барои дарёфти қарз пешниҳод намоянд, аз ҷумла:

- ариза (дархост) барои гирифтани қарз;
- ариза-пурсишнома аз рӯи намунаи замимагардида (замимаи №1), ки мувофиқи он қарзгир маълумотҳои асосиро дар бораи худ нишон медиҳад;
- нусхаи шиносномаи қарзгир бо қайди РМА;
- нусхаи шиносномаи ҳамсари қарзгир бо қайди РМА дар ҳолати маблағи дархостшаванда аз 50 000 сомонӣ зиёд бошад;
- 1 дона сурати рангаи қарзгиранда ба андозаи 3 x 4 (барои пешниҳоди қарзҳои зиёда аз 50 000 сомонӣ ва ё ҳамарзиш бо асъори хориҷӣ);
- маълумотнома аз ҷойи истиқомати доимии қарзгир (агар дар суроғаи дар шиноснома нишододашуда истиқомат намояд, талаб кардани маълумотнома зарур намебошад);
- нусхаи шаҳодатнома ё патент дар бораи бақайдгирии давлатии шахси воқеӣ ба сифати соҳибкори инфиродӣ (агар маблағи дархосшуда ба мақсади қонеъ намудани талаботи истеъмолӣ бошад, ҳатмӣ нест);
- шаҳодатномаи техникӣ ва ё дигар ҳуҷҷатҳое, ки асоснокии молу мулки ба сифати гарав пешниҳодшавандаро тасдиқ менамоянд (агар қарз таҳти гарави молу мулк дархост шавад);
- иҷозатнома барои амалӣ намудани фаъолияти дахлдор (барои фаъолиятҳои истеҳсолӣ ва ё хизматрасонӣ);
- маълумотнома дар бораи музди меҳнати моҳона барои 4 моҳи охир ва ё дигар ҳуҷҷатҳое, ки даромади иловагии қарзгирандаро тасдиқ менамояд (дар ҳолати ба ҳисоб гирифтани даромади иловагӣ дар ҳисоботҳои фоида ва зарари тиҷорати мизоҷ, талаб карда мешавад);

- дигар ҳуҷҷатҳое, ки бонк дархости онҳоро зарур мешуморад.

Барои пешниҳоди қарз ба шахсони ҳуқуқӣ бошад, ки инчунин мувофиқи санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон метавонанд ба ҳайси соҳибкори хурд эътироф гарданд, ҳуҷҷатҳои зерин талаб карда мешавад:

- мактуб (дархост) барои гирифтани қарз;
- ариза-пурсишнома аз рӯи намунаи замимагардида (замимаи №1), ки мувофиқи он қарзгиранда маълумотҳои асосиро дар бораи худ нишон медиҳад;
- нусхаи шиносномаи муассис (муассисон) – и ташкилот;
- нусхаи шиносномаи роҳбар ва сармуҳосиби ташкилот бо маълумотнома аз ҷойи истиқомати доимии онҳо;
- 1 дона сурати рангаи роҳбар ва сармуҳосиби корхона (андозаи 3х4);
- оиннома бо мухри шахси ҳуқуқӣ ва бо имзои роҳбари он тасдиқшуда;
- нусхаи шаҳодатнома дар бораи бақайдгирии давлатии шахси ҳуқуқӣ;
- иқтибос аз феҳристи ягонаи давлатии шахсони ҳуқуқӣ (амалкунанда);
- тавозуни (баланс) муҳосибии ташкилот бо тасдиқи мақомоти андоз;
- рақами ягонаи мушаххаси андозсупорандаи шахси ҳуқуқӣ;
- маълумотнома аз мақомоти андоз дар хусуси мавҷуд набудани қарзи андозӣ;
- нақшаи корӣ ва ё лоиҳаи тиҷоратии қарзгиранда (бизнес план);
- варақа бо намунаи имзои шахсоне, ки ҳуқуқи имзои аввал ва агар пешбинӣ шуда бошад имзои дуюм;
- иҷозатнома барои амалӣ намудани фаъолияти дахлдор (барои баъзе намудҳои фаъолият);
- суратҷаласаи муассисон ё саҳмдорони ташкилот дар хусуси гирифтани қарз ва ба сифати гарав гузоштани молу мулки корхона;
- нусхаи шаҳодатномаи техникӣ ва дигар ҳуҷҷатҳое, ки асоснокии молу мулки ба сифати гарав пешниҳодшавандаро тасдиқ менамоянд;
- дигар ҳуҷҷатҳое, ки бонк дархости онҳоро аз қарзгиранда зарур мешуморад (қарордодҳо, шартномаҳо, тавсияҳо ва ғайра).

Инчунин, ба андешаи мо, ба сифати кафолати иловагии қарз, бонк метавонад аз қарзгирандагон суғуртаи молу мулк ва масъулиятро, дар ҳолати мавҷудияти онҳо, талаб намояд. Талаб намудани маълумот дар бораи сохтори сармоя, яъне маълумот дар бораи ҳиссаи саҳмияҳо ва ҳиссаи саҳомони ширкат низ бамаврид аст.

Чӣ тавре аз боло бармеояд, КВД БА ҶТ “Амонатбонк” барои пешниҳоди қарз ба соҳибкории хурд ягон монеаи иловагӣ намегузорад. Вале дар баробари ин низ соҳибкории хурдро ба категорияи алоҳида ҷудо нанамуда, ба он имтиёзҳои иловагӣ пешниҳод намудан ба маврид мебошад.

## Адабиёт


1. Алексеева, Д. Г. Банковское кредитование : учебник для вузов / Д. Г. Алексеева, С. В. Пыхтин. – 2-е изд., перераб. и доп. – Москва : Издательство Юрайт, 2024. – 132 с.
2. Банки и банковские операции : учебник и практикум для вузов / В. В. Иванов [и др.] ; под редакцией Б. И. Соколова. – Москва : Издательство Юрайт, 2024. – 189 с.
3. Банки и банковское дело : учебник и практикум для вузов / под редакцией В. А. Боровковой. – 7-е изд., перераб. и доп. – Москва : Издательство Юрайт, 2024. – 606 с.
4. Банковский менеджмент : учебник / Я.Ю. Радюкова, О.Н. Чернышова, А.Ю. Федорова [и др.]. – Москва : ИНФРА-М, 2024. – 379 с.
5. Икромӣ, Ф.Н. Нақши бонки миллии Тоҷикистон дар амалигардонии сиёсати асъорӣ ва бозори он / Ф. Н. Икромӣ // Механизми идоракунии молияи давлатӣ дар раванди рушди босуботи инноватсиониву индустриалии Ҷумҳурии Тоҷикистон: Ммаҷмуаи мақолаҳои илмӣ. – Душанбе: Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, 2024. – С. 230-238.
6. Икромов Ф.Н. Таҳлили вазъи қарзҳои бонкӣ ва чараёни идоракунии хавфҳои он дар Ҷумҳурии Тоҷикистон / Ф.Н. Икромов // Паёми Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон. - 2022. - № 4-1 (43). - С. 85-95.
7. Икромов, Н. Қ. Нақши қарзҳои бонкӣ дар раванди саноатикунонии рушди иқтисодиёти миллӣ / Н. Қ. Икромов, Ф. Н. Икромов // Паёми Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон. – 2022. – No. 4-1(43). – P. 179-187.
8. Икромов, Н.К. Основные направления и перспективы развития банковской системы республики Таджикистан / Н. К. Икромов // Russian Economic Bulletin. – 2019. – Т. 2, № 6. – С. 127-131.

9. Икромов, Ф.Н. Масоили солимгардонии вазъи молиявии бонкҳои тиҷоратӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон / Ф. Н. Икромов, Н. Қ. Икромов, П. Содиқзода // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимой-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – 2023. – No. 5. – P. 43-49.

10. Икромов, Ф.Н. Механизм регулирования антикризисных мер банков в Республике Таджикистан / Ф. Н. Икромов, Н. К. Икромов // Национальные экономические системы в контексте формирования глобального экономического пространства : Сборник научных трудов / Под общей редакцией З.О. Адамановой. – Симферополь : Общество с ограниченной ответственностью «Издательство Типография «Ариал», 2022. – С. 227-231.

11. Махмадов О.С., Шарипов Б.М. Методика оценки кредитоспособности заемщика в современных условиях /О.С. Махмадов, Б.М. Шарипов // Вестник Российского экономического университета имени Г.В. Плеханова. – 2018. - №3 (99). – С. 72-82

12. Сомонаи расмии КВД Бонки Амонатгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон «Амонатбонк»: https://www.amonatbonk.tj/ru/

13. Хайрзода Ш.К. Место и роль банковской системы в политике достижения финансовой устойчивости национальной экономики / Ш.К. Хайрзода // Финансово-экономический вестник. – 2020. - №2 (22). – С. 7-13

14. Ҳисоботҳои солонаи КВД БА ҶТ «Амонатбонк» дар солҳои 2012-2023.

15. Шарифзода Н.Ш., Ғаюров Ғ.Ҳ., Раҳимзода Ш.М. Ҳолати муосири захираҳои ҷалбшуда ва нақши онҳо дар ташаккули захираҳои бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон / Н.Ш. Шарифзода, Ғ.Ҳ. Ғаюров, Ш.М. Раҳимзода // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (бахши илмҳои иҷтимой-иқтисодӣ ва ҷамъият. - 2022. - №4. – С. 26-33

**Маълумот дар бораи муаллифон:**
**Икромӣ Фазлиддин Нуриддин** – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, дотсенти кафедраи молия ва суғурта. **Суроға:** 734025, ш. Душанбе, Ҷумҳурии Тоҷикистон, хиёбони Рӯдакӣ, 17. **Тел.:** (+992) 981-07-67-67. **E-mail:** fazliddin-91-91@mail.ru
**Маҳмудов Сафаралӣ Мирзоевич** – унвонҷӯи кафедраи иқтисоди корхонаҳо ва соҳибкории Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон. **Суроға:** 734067, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯчаи Нахимов 64/14. **Тел.:** (+992) 987-36-60-60.
**Сведения об авторах:**
**Икром Фазлиддин Нуриддин** – Таджикский национальный университет, доцент кафедры финансов и страхования. **Адрес:** 734025, г. Душанбе, Республика Таджикистан, проспект Рудаки, 17. **Тел.:** (+992) 981-07-67-67. **E-mail:** fazliddin-91-91@mail.ru
**Махмудов Сафарали Мирзоевич** – соискатель кафедры экономики бизнеса и предпринимательства Таджикского государственного финансово-экономического университета. **Адрес:** 734067, Республика Таджикистан, ш. Душанбе, улица Нахимова 64/14. **Тел.:** (+992) 987-36-60-60.
**Information about the authors:**
**Ikromi Fazliddin Nuriddin -** Tajik National University, Associate Professor, Department of Finance and Insurance. **Address:** 734025, Dushanbe, Republic of Tajikistan, Rudaki Avenue, 17. **Tel.:** (+ 992) 981-07-67-67. **E-mail:** fazliddin-91-91@mail.ru
**Mahmudov Safarali Mirzoevich** is an applicant for the Department of Business Economics and Entrepreneurship of the Tajik State University of Finance and Economics. **Address:** 734067, Republic of Tajikistan, sh. Dushanbe, Nakhimov street 64/14. **Tel.:** (+ 992) 987-36-60-60.

**УДК 336+336.7 (075.8)**

# БАЪЗЕ МУШКИЛОТҲОИ ИДОРАКУНИИ РАВАНДИ САРМОЯГУЗОРИҲО ДАР САМТИ БЕҲДОШТИ ЗАМИН ВА ОБЁРИКУНОНИИ ЗАМИНҲОИ КИШОВАРЗӢ

**Комилов Н.Б**

***Анотатсия.*** *Дар мақола муҳимияти сармоягӯзори дар самти истифодаи оқилонаи заминҳои кишоварзӣ, нақш ва идоракунии ҷараёнҳои сармоягузориро дар самти беҳдошти замин ва обёрикунонӣ, мушкилоти идоракунии ҷараёнҳои сармоягузориро дар самти беҳдошти замин, тадбиқи лоиҳаҳои сармоягӯзори дар бахши аграрӣ кишвар, тадбиқи лоиҳаҳои сармоягӯзорӣ дар рушди соҳаи кишоварзӣ хусусан истифодаи замин мавриди таҳлилу баррасӣ қарор гирифтааст.*

*Дар маҷмӯъ нуктаҳои муҳимтарини сармоягӯзориҳо дар самти истифодаи захираҳои замин ва механизми амалигардонидани лоиҳаҳои сармоягӯзорӣ дар соҳаи беҳдошти замин ва обёрикунонӣ илман асоснок кардашуда, мушкилотҳои соҳа аз ҷониби муҳаққиқ дарёфт кардашуд ва барои беҳтарсозии фазои сармоягӯзорӣ дар самти замиҳои кишоварзӣ тавсияҳои мушахас кардааст.*

***Калидвожаҳо:*** *истифодаи замин, захираҳои замин, сармоягӯзори истифодаи замин, сармоягузории соҳаи кишоварзӣ, рушдуи босуботи иқтисодӣ, ҷалби сармоягӯзорӣ, амалигардонии лоиҳаҳои сармоягӯзорӣ.*

***Барои иқтибос:*** *Комилов, Н. Б. Баъзе мушкилотҳои идоракунии раванди сармоягузориҳо дар самти беҳдошти замин ва обёрикунонии заминҳои кишоварзӣ / Н. Б. Комилов // Паёми молия ва иқтисод. – 2024. –No. 4.2(43). – С. 659-664.*

# НЕКОТОРЫЕ ПРОБЛЕМЫ УПРАВЛЕНИЯ ИНВЕСТИЦИОННЫМ ПРОЦЕССОМ В МЕЛИОРАТИВНОМ ОРОШЕНИИ И ОРОШЕНИИ СЕЛЬСКОХОЗЯЙСТВЕННЫХ ЗЕМЕЛЬ

**Комилов Н.Б**

***Аннотация.*** *В статье анализируется значение инвестиций в рациональное использование земель сельскохозяйственного назначения, роль и управление инвестиционными потоками в мелиорацию и орошение земель, проблемы управления инвестиционными потоками в мелиорацию земель, реализация инвестиционных проектов в аграрном секторе страны, а также реализация инвестиционных проектов в развитие сельского хозяйства, особенно землепользования.*

*В целом, научно обоснованы важнейшие моменты инвестиций в использование земельных ресурсов и механизм реализации инвестиционных проектов в сфере мелиорации и орошения земель, исследователем выявлены проблемы отрасли, даны конкретные рекомендации по улучшению инвестиционного климата в сфере сельскохозяйственных земель.*

***Ключевые слова:*** *землепользование, земельные ресурсы, инвестиции в землепользование, инвестиции в сельское хозяйство, устойчивое экономическое развитие, привлечение инвестиций, реализация инвестиционных проектов.*

# SOME PROBLEMS OF INVESTMENT PROCESS MANAGEMENT IN RECLAMATION IRRIGATION AND IRRIGATION OF AGRICULTURAL LANDS

**Komilov N.B.**

***Anonotation.*** *The article analyzes the importance of investments in the rational use of agricultural land, the role and management of investment flows in land reclamation and irrigation, problems of managing investment flows in land reclamation, the implementation of investment projects in the country's agricultural sector, as well as the implementation of investment projects in the development of agriculture, especially land use.*

*In general, the most important aspects of investments in the use of land resources and the mechanism for implementing investment projects in the field of land reclamation and irrigation are scientifically substantiated, the researcher identified the problems of the industry, and gave specific recommendations for improving the investment climate in the field of agricultural land.*

***Key words****: land use, land resources, investments in land use, investments in agriculture, sustainable economic development, attracting investments, implementing investment projects.*

**Гузориши масъала**. Амалигардонии стратегияи рушди устувори сектори агарарии кишвар, ҷорӣ намудани комлекси тадбирҳои мелиоративӣ ва таҷдиду таъмири системаи обёрикунони заминҳо, баландбардории самаранокии захираҳои

заминҳои кишоварзиро бидуни сармоягузорӣ тасаввур кардан ғайриимкон аст. Дар ин радиф, мавриди зикр аст, ки яке аз самтҳои асосии равнақи сармоягузориҳо дар самти беҳдошти замин ва обёрикунонӣ махсуб меёбанд. Хусусан, нақши сармоягузориҳо дар рушди устувори муносибатҳои заминдорӣ ва заминистифодабарӣ ва мушкилотҳои он мавриди зикр аст. Маълум аст, ки мақсади ҳамагуна фаъолияти сармоямоягузорӣ ин ба даст овардани ягон намуди самара (фоида ё самараи иҷтимоӣ-экологӣ) мебошад.

**Таҳлили таҳқиқотҳои охир ва нашриёт**. Дар доираи мавзуи мазкур таҳқиқот аз ҷониби Акимова Т.А., Хаскин В.В., Тағоев Ҷ.Ҳ., Трушин Ю.В., Шпак А. Ва дигарон гузаронида шудаанд.

**Мақсади мақола** омӯзиши баъзе мушкилотҳои идоракунии раванди сармоягузориҳо дар самти беҳдошти замин ва обёрикунонии заминҳои кишоварзӣ ба ҳисоб меравад.

**Муҳтавои асосии мавод**. Самара аз ин сармоягузориҳо бояд миёна бошаду бо хароҷоти минималӣ ба даст оварда шавад, зеро ин тақозои иқтисоди бозорӣ ба шумор меравад. Аз ин рӯ, фаъолияти сармоягузорӣ чӣ дар доираи лоиҳаҳои сармоягузорӣ ва чӣ мавриди қабули қарорҳои мустақим оид ба онҳо на танҳо дар дараҷаи корхонаву ташкилотҳо, компанияву фондҳои сармоягузорӣ, балки дар сатҳи давлат ва сохторҳои ҳудудии идоракунии он мавриди таҳлилу омӯзишҳои ҳамаҷониба қарор дода мешаванд. Яъне, фаъолияти сармоягузорӣ дар ҳама дараҷаҳои номбурда бояд ончунон коркард ва амалӣ гардонида шаванд, ки натиҷаҳои онҳо ба сиёсати сармоягузории давлат мувофиқат намуда, ҳамзамон самаранокии нақшаҳо стратегии давлатро дар бахши сармоягузорӣ таъмин карда тавонанд. Мавриди омӯзишу таҳлилу натиҷагирии мо корхонаҳои аграрӣ қарор гирифтаанд. Яъне, мо нақш ва идоракунии ҷараёнҳои сармоягузориро дар мисоли корхонаҳо ва хоҷагиҳои кишоварзӣ дида баромада, мушкилоту камбудиҳои дар ин самт ҷойдоштаро ошкор намуда, таъсири ин гузоришҳоро ба самаранокии низоми заминдорию заминистифодабарӣ баррасӣ қарор медиҳем. Чунин иқдом, албатта ба худ сабабҳоро доро мебошад.

Аксари муҳаққиқони ин мавзӯъ сабаби нокомии фаъолияти сармоягузории корхонаҳои соҳаи аграриро дар сифати пасти идоракунии ҷараёнҳои сармоягузорӣ медонанд. Иқтисоддони ватанӣ Тағоев Ҷ.Ҳ-иброз медорад,ки "идоракунии фаъолияти сармоягузорӣ дар корхонаҳои агросаноатӣ ҳам дар доираи амалигардонии чорабиниҳои давлатӣ (сармоягузориҳо ва молиягузориҳои давлатӣ) ва ҳам дар доираи худи корхонаҳои кишоварзӣ дар сатҳи нисбатан паст қарор доранд. Аз ин рӯ, дар бештари ҳолатҳо сармояҳои гузоштташуда ғайримақсаднок ва ғайрисамаранок истифода бурда мешаванд" [6,С.151-157]. Аз ҷони дигар олимони рус Акимова Т.А., Хаскин бар он зараанд,ки «... яке аз сабаби асосии ин раванд таҷдиди сохтории табиатғунҷоишӣ, ки дар натиҷаи он қисмати зиёди сармояҳо ба соҳаҳои коркардаи ашёҳои хоми саноатӣ равона карда мешаван»[1]

Мушкилоти идоракунии ҷараёнҳои сармоягузориро дар соҳаи беҳдошти замин ва обёрикунони метавон чунин арзёбӣ намуд:

1) Набудани барномаҳои комплексии рушди босуботи фаъолияти сармоягузорӣ дар соҳаи кишоварзӣ. Яъне, сараввал объекту иншоотҳои хусусияти инфрасохтори истеҳсолӣ доштаи соҳаро гурӯҳбандӣ кардан лозим аст. Баъдан, муайян кардан лозим аст, ки ин объектҳои номбурда ҳар сол то чанд фоиз аз ҳисоби маблағгузориҳои буҷаи давлатӣ тавассути вазорати кишоварзӣ, вазорати мелиоратсия ва захираҳои обӣ ва дигар мақомоти ба кишоварзӣ алоқаманд, азнавбарқароркунӣ, васеъкунӣ ва таҷдид карда мешаванд. Ҳамчунин муқаррар кардан лозим аст, ки объектҳои хусусияти инфрасохтори истеҳсолӣ дошта дар дараҷаи вилоятҳо ва ноҳияҳо чӣ гуна сармоягузорӣ карда мешавад. Хуласи калом муқаррар кардан лозим аст, ки кадом намуди объектҳои хусусияти инфрасохтори истеҳсолӣ доштаи кишоварзӣ аз ҷониби кӣ ва дар кадом андозаҳо аз кадом ҳисоб нигоҳдорӣ шуда, амалкарди мӯътадили фаъолияташон таъмин мегардад.

2) Набудани як механизми мукаммалу шаффоф, ки истифодаи мақсаднок,

самаранок ва ҳамаҷониба шаффофи маблағҳои аз ҷониби буҷаи давлат ва буҷаҳои ҳукуматҳои маҳаллӣ ҷудошударо барои истифодаи самаранок ва ҳифзи захираҳои замин таъмин карда тавонад. Яъне чунин як механизмро кор карда баромадан лозим меояд.

3) Иштироки начандон фаъолона ва мустақими давлат дар фаъолияти сармоягузории соҳаи кишоварзӣ.

4) Камҳавсалагӣ ва бемасъулиятии роҳбарони корхонаҳои давлатӣ ва корхонаҳои коллективии кишоварзӣ. Яъне, ҳамон хусусияти таъинотии роҳбари корхонаи давлатӣ аз ҷониби сохторҳои давлатӣ ва ҳукумати маҳаллӣ роҳбарони ин корхонаҳоро то андозае дилхунуку сархунук мегардонад. Бо ибораи дигар, ташаббус ва соҳибкори воқеӣ буданро дар замири онҳо ҳамин ба кор мондану аз кор гирифтанҳо маҳв месозад.

5) Кам будани мутахассисони баландихтисос дар бахши шинохти инвестисияҳо ва кор бо лоиҳаҳои аз ҷониби инвесторҳои хориҷӣ молиякунонишаванда, ҳимояи манфиатҳои молистеҳсолкунандагони кишоварзӣ мавриди амалигардонии инвеститсияҳои хориҷӣ, баҳодиҳии паҳлӯҳои мусбӣ ва манфии ин ва ё он намуди сарчашмаҳои молиякунонии инвеститсияҳо, ки аз ҷониби инвесторҳои хориҷӣ сармоягузорӣ мешаванд.

6) Вазъи молиявии аксари корхонаҳои кишоварзӣ имкон намедиҳад, ки маблағи заруриро барои фаъолияти сармоягузорӣ ҷудо намоянд. Ҳатто дар бештари ҳолатҳо яке аз сарчашмаҳои доимии ҷамъшавии маблағҳои пулӣ барои молиякунонии сармоягузориҳо- фонди истеҳлокӣ низ барои харидкунии фондҳои гардони корхонаҳо истифода бурда мешавад.

7) Қисмати зиёди корхонаҳои кишоварзиро хоҷагии деҳқонӣ ташкил медиҳанд, ки барои ҳар кадоми онҳо дар алоҳидагӣ харидкунии техникаи зарурӣ аз нигоҳи иқтисодӣ ғайрисамаранок мебошад. Аз ин рӯ, дар ин самт низ идоракунию танзими фаъолияти сармоягузорӣ мушкилиҳои худро дорад.

8) Мушкилоти аз ҳама асосӣ он аст, ки ҷомеа имрӯз намехоҳад, аниқтараш фаҳмидан намехоҳад, ки кишоварзӣ имрӯзҳо бо заминҳои аҳамияти кишоварзӣ доштааш, бо шароити табиӣ барои истеҳсоли маҳсулоти озуқаворӣ мувофиқаш ба соҳаи аввалиндараҷаи иқтисодиёти ҳар як давлати дунё табдил ёфтааст. Замоне расидааст, ки ба кишоварзӣ, рушди босуботи он ва КАС аз дигар равзана баҳо диҳем. Яъне, худро ба шаҳрҳо задану вазъи бе ин ҳам мушкили аҳолии шаҳру шаҳрдориро мушкилтар кардан лозим нест, балки бо дастгирии ҳукумати ҶТ тавассути барномаҳо ва лоиҳаҳои аз ҷониби вазоратҳои он коркардшуда бояд ба обод гардонидани тамоми марзи кишварамон бо роҳи бунёди деҳаҳо ва ҷамоатҳои нав оғоз намоем. Ва дар ин ҷода бунёди корхонаҳои агросаноатӣ нақши муҳимро мебозанд, зеро дар ҳолати босубот фаъолият кардани онҳо аҳолӣ соҳиби ҷои кори доимӣ гардида, ҳаҷми маҳсулоти кишоварзӣ ва коркарди саноатии он афзоиш ёфта, бехатарии озуқаворecho аҳолии кишвар таъмин мегардад. Албатта, чунин як рушди босуботи иқтисодиёти корхонаҳои КАС, пеш аз ҳама фаъолияти сармоягузории босубот ва идоракунии самараноки ҷараёнҳои сармоягузориро тақозо мекунад.

Тадбиқи лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар самти заминдорӣ агар аз як тараф барои обёрикунонии он мусоидат кунад ва аз тарафи дигар барои ҳосилнокии баланди заминҳо таъсири калон дорад. Мавриди зикр аст, ки аз ҳисоби маблағгузории давлатӣ барои амалисозии барномаҳои бахши аграрии кишвар хусусан дар самти обёрикунонии заминҳо 18,7 млн. сом. ва ҷиҳати харидории техникаи кишоварзӣ тариқи лизинг - 15 млн. сомонӣ пешбинӣ шудааст, ки имрӯз дар ҷумҳурӣ бо дастгирии ниҳодҳои молиявии байналмилалӣ ва сармоягузорони мутақим ба маблағи умумии 209,9 млн. доллари ИМА 9 лоиҳа дар бахши аграрӣ дар ҳолати тадбиқшавӣ мебошанд. [2,С.182-189].

Қобили қайд аст, ки дар назарияи илмӣ ва таҷрибаи амалӣ маблағгузориҳои асосӣ ё худ инвеститсияҳо ба капитали асосӣ ин гузориши маблағҳои молию пулии дарозмуддате мебошанд, ки барои харидкунӣ, азнавбарқароркунӣ, таҷдид, васеъкунӣ ва сохтмони фондҳои асосии

корхонаҳо равона карда мешаванд. Яъне, **сармояи асосӣ** сарчашмаи молиякунонии сохтмонҳои капиталӣ дар ин ва ё он соҳаи иқтисодиёт, аз ҷумла соҳаи кишоварзӣ ба ҳисоб меравbooked. Дар навбати худ сохтмони капиталӣ яке аз шаклҳои асосии такрористеҳсоли фондҳои асосии корхонаву ташкилотҳои кишоварзи ба шумор меравад, ки бидуни мавҷудияти онҳо комёб шудан ба истифодаи самараноки захираҳои замини кишоварзи дар ин ва ё он минтақаи кишоварзӣ ғайриимкон аст.

Бо мақсади рушди беҳдошти замин ва обёрии он инчунин самаранокии замин ва ҳифзи аҳолии деҳот аз ҳаргуна офатҳои табиӣ, хусусан, обхезӣ, ки ба заминҳои таъйиноти кишоварзӣ ҳисороти зиёд меоварад, дар кишвар айни замон 4-лоиҳаҳои сармоягузорӣ мавриди татбиқи амал қарор гирифта шуда аст. (ниг.ба ҷадвали 1)

**Ҷадвали 1. -** Татбиқи лоиҳаҳои сармоягӯзорӣ дар самти дасгирии беҳдошти замин ва обёрӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (бо млн долар)

| Номгӯи лоиҳаҳо | Сармоягузорон ва шарикони рушд | Маблағи умумии лоиҳа |
|---|---|---|
| Таъминоти шуғли аҳолӣ барои устувории хоҷагии қишлоқ ва идоракунии захираҳои обӣ (марҳилаи 2.) | Барномаи глобалии хоҷагии қишлоқ ва амнияти озуқаворӣ, Ассотсиатсияи Байналмиллалии Рушд | 57,90 млн |
| Таъмини устувории ҳавзаи дарёи Панҷ ба тағйирёбии иқлим | Бонки Осиёгии Рушд ва Ҳукумати ҶТ | 13,59 млн |
| Соҳилмустаҳкамкунӣ, сохтмони садҳо ва дандонасадҳои соҳилмуҳофизатӣ дар дарёи Панҷ ва сойи Чубекча дар ноҳияи М.С. А. Ҳамадонӣ | Маркази имдод ва корҳои башардӯстонаи Подшоҳ Салмон Шоҳигарии Арабистони Саудӣ | 6,354 млн |
| Лоиҳаи идоракунии захираҳои об дар ҳавзаи дарёи Панҷ | Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Бонки Осиёгии Рушд ва гранти Фонди коҳиши камбизоатии Ҷопон | 31,61млн |

**Сарчашма: Таҳияи муаллиф**

Лоиҳаи таъминоти шуғли аҳолӣ барои устувории хоҷагии қишлоқ ва идоракунии захираҳои обӣ (марҳилаи 2) дар ноҳияҳои вилояти Хатлон, аз ҷумла Ёвон, Ҷ.Балхӣ, Хуросон, Кушониён, А.Ҷомӣ, Дӯстӣ, Восеъ, М.С.А. Ҳамадонӣ, Панҷ, Н.Хусрав, Ҷайҳун, Вахш, Қабодиён, Данғара, Шаҳритус ва дар се ноҳияи тобеи марказ Ҳисор, Ваҳдат ва Рӯдакӣ амалӣ шуда истодааст. Саҳми барномаи глобалии хоҷагии қишлоқ ва амнияти озуқаворӣ (ФАО) дар лоиҳа 60,78% ва гранти Ассотсиатсияи Байналмиллалии Рушд 39,21% лоиҳаро ташкил медиҳад.

Бо мақсади соҳилмустаҳкамкунии дарёи Панҷ ва ҳифзи заминҳои кишоварзӣ, инчунин, барқарорсозии инфрасохтори ситемаи обёрикунони аз ҷониби Агентии беҳдошти замин ва обёрии Ҷумҳурии Тоҷикистон татбиқи лоиҳаи "Таъмини устувориии ҳавзаи дарёи Панҷ ба тағйирёбии иқлим" амалӣ шуда истодааст. Макони амалишавии лоиҳаи мазкур ноҳияҳои наздимарзии Панҷ, Кӯлоб, Восеъ, Дарвоз, Ишкошм, Роштқалъ, Ванҷ ва Рӯшон ба ҳисоб рафта, амалишавии он аз соли 2014 оғоз гардида, соли 2019 ба анҷом мерасад. Сармоягузорӣ асосии лоиҳаи зикргардида Бонки Осиёгии Рушд (95,65%) ба ҳисоб рафта, маблағро ҳамчун грант пардохт мекунад. Ҳиссаи Ҷумҳурии Тоҷикистон бошад, дар ин лоиҳа 4,35%- ро ташкил медиҳад.

Дар Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 оварда шудааст: "хавфи баланди офатҳои табиӣ ва осебпазирӣ ба оқибатҳои тағйирёбии иқлим, ки барои рушди устувор таҳдидҳоро ба вуҷуд меоранд"[5]. Аз ин рӯ, барои ҳалли ин мушкилотҳои мавҷуда Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар якҷояги бо шарикони рушд татбиқи лоиҳаи сармоягузории "Соҳилмустаҳкамкунӣ,

сохтмони садҳо ва дандонасадҳои соҳилмуҳофизатӣ дар дарёи Панҷ ва сойи Чубек дар ноҳияи М.С.А.Ҳамадонии вилояти Хатлон”-ро ба роҳ монда аст. Амалишавии лоиҳаи мазкур дар ноҳияҳои Панҷ ва М.С.А. Ҳамадонӣ сурат гирифта, соли 2017 оғоз ва соли 2018 ба итмом мерасад.

Ҳамзамон бо саъю кӯшишҳои Ҳукумати ҷумҳурӣ мақсади ба низом даровардани кадастри замин, рушди чорводорӣ ва чарогоҳҳо ва сохибкорӣ, шуғли аҳолӣ, идоракунии захираҳои обӣ, идоракунии экологии заминҳо дар сектори аграрӣ ҷумҳурӣ лоиҳаҳои сармоягузорӣ тадбиқ шуда истодаанд, ки муҳимтарини онҳоро ба мақсади муайян намудани нақши онҳо дар танзим ва самаранокии муносибатҳои заминдорию заминистифодабарӣ дар ҷумҳурӣ ва минтақаи Кӯлоб мавриди баррасӣ қарор медиҳем. (ниг. ба ҷадв 2)

Ҷадвали 2. - Тадбиқи лоиҳаҳои сармоягӯзорӣ дар рушди соҳаи кишоварзӣ хусусан истифодаи замин ва (бо млн. доллар)

| Р/Т | Номгӯи лоиҳаҳо | Оғози лоиҳа | Анҷоми лоиҳа | Шарикони рушд ва сармоягузорон | Маблағи умумии лоиҳа |
|---|---|---|---|---|---|
| 1 | Бақайдгирӣ ва системаи кадастри замин бахри тараққиёти устувори соҳаи кишоварзӣ | 2005 | 2016 | Гранти Бонки ҷаҳонӣ ва Ҳукумати ҶТ. | 20,53 |
| 2 | Рушди чорводорӣ ва чарогоҳҳо | 2012 | 2017 | ФБРКО(ФАО) ва Ҳукумати ҶТ | 15,55 |
| 3 | Рушди соҳибкорӣ дар соҳаи кишоварзӣ | 2015 | 2020 | Гранти АБР | 14,16 |
| 4 | Лоиҳаи таъмини шуғли аҳолӣ барои устувории хоҷагии қишлоқ ва идоракунии захираҳои обӣ (марҳилаи якум) | 2013 | 2018 | Гранти ФАО ва гранти Бонки Умумиҷаҳонӣ | 45,9млн доллар |
| 5 | Идоракунии экологии замин ва беҳдошти воситаҳои зиндагӣ дар деҳот | 2013 | 2018 | Бонки умумиҷаҳонӣ | 16,87 млн доллар |

**Сарчашма: Таҳияи муаллиф**

Татбиқи лоиҳаи «Бақайдгирӣ ва системаи кадастри замин бахри тараққиёти устувори соҳаи кишоварзӣ» барои аз нав ташкилдиҳии ташкилотҳои кишоварзӣ ва дар заминаи онҳо таъсис додани хоҷагиҳои деҳқонии оилавӣ ва инфиродӣ мусоидати комил мекунад. Мақсади асосии татбиқи лоиҳаи мазкур ин баркарорсозии шабакаҳои обёрии дохили хоҷагӣ ва мусоидати Асотсиатсияҳои истифодабарандагони об, ба тариқи озмоишӣ шурӯъ намудани корҳои бақайдгирии қитъаҳои замини наздиҳавлигӣ, хоҷагиҳои ёрирасон ва дигар молу мулки ғайриманқул дар шаҳру ноҳияҳои пилотӣ, мебошад. Мавриди зикри аст, ки лоиҳаи мазкур аз бахшҳои алоҳида иборат аст ва ҳар як бахши он бахри тараққиёти соҳаи кишоварзӣ ва истифодаи дурусти замин равона карда шудааст, ки муҳимтаринашон инҳо мебошанд: [4,С.235-239].

-бахши азнавташкилдиҳии ташкилотҳои кишоварзӣ ва бақайдгирии замин;

-бахши иттилоотӣ дар ташкилотҳои кишоварзӣ ва барқарорсозии шабакаҳои обёрии заминҳои дохили хоҷагӣ;

-бахши идораи лоиҳа;

-бахши дастгирии сиёсат.

Дар таҷрибаи ҷаҳонӣ яке аз роҳҳои баромадан аз ин вазъияти ҳалталаб ин иштироки бевоситаи давлат дар фаъолияти сармоягузорӣ дар самти беҳдошти замин ва обёрикунонӣ ба ҳисоб меравад. Таҷрибаи давлатҳои дорои сектори аграрии тараққикарда нишон медиҳад, ки давлат ба роҳҳои гуногун метавонад дар фаъолияти сармоягузории корхонаю ташкилотҳои соҳаи иштирок намояд. Якчанд нуктаҳои таҷрибаи самараноки мамолики рушдкардаро дар ин бахш мавриди баррасӣ қарор медиҳем.

1.Давлат аз ҳисоби як қисми маблағҳои буҷавӣ ва маблағҳо аз фондҳои гуногун, ки ҳамасола ба тариқи бебозгашт ба соҳаи кишоварзӣ равона месозад, метавонад дар ҳама ноҳияҳои кишоварзии ҷумҳурӣ корхонаҳои махсусгардонидашуда, яъне стансияҳои моддӣ – техникӣ (СМТ) ташкил диҳад.

2. Бо роҳи ташкили Стансияи Модди Техникӣ давлат метавонад дар 5-10 сол Баъзаи Моддӣ Техникӣ соҳаи кишоварзиро нав кунад, талаботи хоҷагиҳои навташкилро ба техника ва технологияи навтарин таъмин намояд.

3. Ба воситаи ташкили Стансияи Модди Техникӣ давлат пеши роҳи ғайримақсаднок истифодашавии маблағҳои аз буҷаи давлат ҷудошударо гирифта, тавассути Вазорати кишоварзӣ бевосита дар соҳаи кишоварзӣ ба фаъолияти соҳибкорӣ машғул мешавад.

4.Ба воситаи ташкили чунин сармоягузориҳо давлат барои дар амал татбиқ намудани сиёсати аграрии пешгирифтааш дар тамоми ноҳияҳои кишоварзии ҷумҳурӣ заминаҳои иқтисодию иҷтимоиро фароҳам меоварад.

5. Зимни ташкили чунин Стансияи Модди Техникӣ дар ҳар як ноҳияи ҷумҳурӣ садҳо ҷойҳои кории доимӣ пайдо мегарданд.

6. Мутахассисони соҳа таҷрибаи амалии фаъолияти Стансияи Модди Техникӣ -ро таҳлил намуда, ба хулосае омаданд, ки самаранокии истифодаи техникаи кишоварзӣ дар Стансияи Модди Техникӣ нисбати дигар шаклҳои фаъолияти хоҷагидорӣ дар кишоварзӣ 25% баланд аст.

7. Дар базаи чунин корхонаҳо Вазорати кишоварзӣ метавонад хизматрасониҳои агрономӣ, байторӣ, зоотехникӣ, инжинерӣ, иқтисодию муҳосибӣ ( барои супоридани андозҳо, хуҷҷатгузорӣ, кафолат, тайёр кардани бизнес- нақшаҳо, лоиҳаҳои сармоягузорӣ, омӯзиши компютер ва равандҳои ҳокимияти электронӣ)-ро ба тариқи пулакӣ ба роҳ монад. Дар натиҷа норасоии кадрҳо дар соҳаи кишоварзӣ, махсусан дар хоҷагиҳои деҳқонӣ кам шуда, дастрасии онҳо аз хизматрасониҳои номбурда таъмин мегардад.

8. Ҳал шудани мушкилоти бо техника таъмин намудани хоҷагиҳои кишоварзӣ, ба онҳо имкон медиҳад, ки масъалаи норасоии фондҳои гардони худро аз ҳисоби қарзҳои кӯтоҳмуддати бонкҳои тиҷоратӣ ва дигар ташкилоту муассисаҳои қарзӣ бартараф намоянд.

**Ҳамин тариқ,** баъди тадқиқ ва таҳлили сармоягузориҳо бахри рушди беҳдошти замин ва обёрикунонӣ дар соҳаи кишоварзӣ маълум гардид, ки дар ҳоли ҳозир 9 лоиҳаи инвеститсионӣ ба маблағи умумии 940 миллион сомонӣ дар самти беҳтару ҳосилхез кардани заминҳои обёришаванда ва барқарорсозии иншооти обрасонӣ, обёрии заминҳо амалӣ шуда истодааст.

## Адабиёт


1. Акимова Т.А., Хаскин В.В. Экология. Человек - Экономика - Биота - Среда: Учебник для вузов. /2-е изд., перераб. и доп. – М.: ЮНИТИ- ДАНА, 2000. 566.
2. Комилов Н.Б. Тадбиқи лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар самти заминҳои кишоварзии минтақаи Кӯлоб:мушкилот ва дурнамо //Маҷалаи илмии Маркази тадқиқот сатрастегии Ҷумҳурии Тоҷикистон. «Тоҷикистон ва ҷаҳони имрӯз»–Душабе-2018. №2(61). -С.182-189.
3. Ҳисоботи сараёсати сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар вилояти Хатлон дар соли ҳисоботии 2018.
4. Стратегияи Миллии Рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030-88с.
5. Тағоев Ҷ.Ҳ.. Аграрный сектор РТ: приоритеты, инвестирования и ожидаемые результаты в рамках госпрограмм// Вестник нац. ун-та – Душанбе: «Сино», 2016.-№2/10(219). -С.151-157.
6. Трушин Ю.В. Повышать роль кредитных организаций в развитии инвестиционных процессов в сфере АПК // Деньги и кредит. - N 6. М.: 2006. -230с
7. Шпак А. Роль инвестиционной деятельности в развитии сельского хозяйства. //Российский журнал.- 1998.-№12. М.: 138 с.



**Маълумот дар бораи муаллиф: Комилов Низомуддин Бегаҳмад** - номзади илмҳои иқтисодӣ, и.в., дотсент, мудири кафедраи молия ва қарзи Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ, Тел: 918579290, email : nizomiddin.komilov@mail.ru

**Информация об авторе: Комилов Низомуддин Бегахмадович** - кандидат экономических наук, доцент, заведующий кафедрой финансов и кредита Кулябского государственного университета имени Абуабдуллох Рудаки, тел: 918579290, электронная почта: nizomiddin.komilov@mail.ru

**Author information: Komilov Nizomiddin Begahmadovih** - Candidate of Economic Sciences, Associate Professor, Head of the Department of Finance and Credit, Kulyab State University named after Abuabdulloh Rudaki, tel: 918579290, e-mail: nizomiddin.komilov@mail.ru

УДК:336

# ТАҲИЯИ МОДЕЛҲОИ МАКРОИҚТИСОДӢ БО НАЗАРДОШТИ ХУСУСИЯТҲОИ ИҚТИСОДИЁТИ ТОҶИКИСТОН

**Ғафуров П.Ҷ.**

***Аннотатсия.*** *Мақолаи мазкур ба таҳлили имкониятҳои гуногуни таҳияи модели макроиқтисодӣ дар заминаи хусусиятҳои иқтисодиёти Тоҷикистон бахшида шудааст. Муаллиф моделҳои маъмули иқтисодӣ, аз ҷумла моделҳои макроэконометрӣ, мувозинати умумии ҳисобгардида (CGE), авторегрессияи векторӣ (VAR) ва тавозуни байнисоҳавӣ (IO)-ро мавриди муқоиса қарор дода, афзалиятҳо ва маҳдудиятҳои ҳар як равишро таҳлил намудааст. Бо дарназардошти шароити имрӯза, татбиқи чунин моделҳо зарур ва муҳим арзёбӣ мегардад, зеро онҳо барои дурнамосозии нишондиҳандаҳои макроиқтисодӣ ва дастгирии таҳлили сиёсати иқтисодӣ воситаи боэътимод мебошанд.*

***Калимавожаҳо.*** *Моделсозии макроиқтисодӣ, моделҳои иқтисодӣ, CGE, моделҳои эконометрӣ, авторегрессияи векторӣ (VAR), тавозуни байнисоҳавӣ (IO).*

***Барои иқтибос:*** *Ғафуров П.Ҷ. Таҳияи моделҳои макроиқтисодӣ бо назардошти хусусиятҳои иқтисодиёти Тоҷикистон / П.Ҷ. Ғафуров // Паёми молия ва иқтисод. – 2024. – No. 4.2(43). – С. 665-671.*

# РАЗРАБОТКА МАКРОЭКОНОМИЧЕСКИХ МОДЕЛЕЙ С УЧЕТОМ ОСОБЕННОСТЕЙ ЭКОНОМИКИ ТАДЖИКИСТАНА

**Ғафуров П.Ҷ.**

***Аннотация.*** *Статья посвящена анализу различных возможностей построения макроэкономической модели с учётом особенностей экономики Таджикистана. Автор рассматривает распространённые типы экономических моделей, включая макроэконометрические модели, модели общего равновесия (CGE), векторные авторегрессии (VAR) и межотраслевые балансовые модели (IO), проводя сравнительный анализ их преимуществ и ограничений. С учётом современных условий применение таких моделей рассматривается как актуальное и целесообразное, поскольку они служат надёжным инструментом для прогнозирования макроэкономических показателей и поддержки анализа экономической политики.*

***Ключевые слова.*** *Макроэкономическое моделирование, экономические модели, CGE, эконометрические модели, векторная авторегрессия (VAR), межотраслевой баланс (IO).*

# DEVELOPMENT OF MACROECONOMIC MODELS TAKING INTO ACCOUNT THE SPECIFICS OF TAJIKISTAN'S ECONOMY

**Gafurov P.J.**

***Abstract.*** *This article analyzes various possibilities for constructing a macroeconomic model adapted to the specific characteristics of Tajikistan's economy. The author compares commonly used economic models, including macroeconometric models, computable general equilibrium (CGE) models, vector autoregression (VAR) models, and input-output (IO) models, and evaluates the strengths and limitations of each approach. Given the current economic context, the application of such models is considered essential and timely, as they provide a reliable tool for forecasting macroeconomic indicators and supporting economic policy analysis.*

***Keywords.*** *Macroeconomic modeling, economic models, CGE, econometric models, vector autoregression (VAR), input-output (IO).*

**Гузориши масъала.** Дар шароити имрӯзаи иқтисодиёти Тоҷикистон зарурати таҳияи модели мукаммали макроиқтисодӣ ба миён омадааст. Бо назардошти рӯйхати тасдиқшудаи нишондиҳандаҳои муҳими иҷтимоию иқтисодӣ, Ҳукумати кишвар бояд дурнамои онҳоро бо истифода аз модели мувофиқ таҳия намояд. Маҳдудият дар

мавҷудияти модели мутобиқ ба хусусиятҳои иқтисодиёти миллӣ метавонад ба он оварда расонад, ки дурнамои рушди нишондиҳандаҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва таҳлили самараноки сиёсати иқтисодӣ ба таври кофӣ амалӣ нагардад. Бо дарназардошти омилҳои зикршуда, зарурати таҳияи модели нави макроиқтисодӣ, ки бояд хусусиятҳои сохтори иқтисодиёти Тоҷикистонро пурра инъикос кунад, пеш меояд. Ин модел бояд алоқамандиҳои мураккаби макроиқтисодии кишварро дар шароити иқтисоди бозаргонӣ дар назар дошта, барои дурнамои боэътимоди нишондиҳандаҳо ва таҳлили таъсири чораҳои сиёсати молиявию пулӣ заминаи илмӣ фароҳам орад.

**Таҳлили таҳқиқотҳои охир ва нашриёт.** Дар адабиёти илмӣ оид ба моделсозии макроиқтисодӣ чанд равиши асосӣ фарқ карда мешавад. Аввалан, моделҳои макроэконометрӣ ва дуюм, моделҳои CGE аз маъмултарин усулҳои моделиронӣ ба шумор мераванд. Моделҳои макроэконометрӣ маҷмӯи муодилаҳоро дар бар мегиранд, ки дар асоси назарияҳои макроиқтисодӣ, аз ҷумла модели IS-LM дар давраи кӯтоҳмуддат, модели AD-AS дар давраи миёнамуддат ва функсияи истеҳсолӣ дар давраи дарозмуддат, бо истифода аз маълумоти эмперикӣ таҳия ва баҳогузорӣ мешаванд. Ин гуна моделҳо қобилияти мутобиқшавии баланд дошта, сохтори худро метавонанд вобаста ба талаботи таҳлилӣ тағйир диҳанд. Моделҳои CGE бошад, бар пояи назарияҳои микроиқтисодӣ, аз ҷумла принсипҳои интихоби истеъмолкунанда ва ҳадди аксаркунонии фоидаи корхонаҳо, таҳия мешаванд. Дар чунин моделҳо фарз карда мешавад, ки истеъмолкунандагон ва истеҳсолкунандагон дар шароити бозорӣ интихоби оптималӣ мекунанд ва ҳама бозорҳо дар ҳолати мувозинати умумӣ қарор мегиранд [4]. Моделҳои CGE сохтори хеле чандирӣ дошта, метавонанд статикӣ ё динамикӣ бошанд ва сатҳи тафсири онҳо аз чанд бахши умумӣ то садҳо бахшу агенти иқтисодӣ фарқ кунад. Афзалияти асосии моделҳои CGE дар он аст, ки онҳо имкон медиҳанд таъсири ҳамаҷонибаи тағйироти сиёсати иқтисодӣ ё зарбаҳои беруниро ба тамоми бахшҳо ва бозорҳо тарҳрезӣ намоянд. Вале барои таҳияи модели CGE барои Тоҷикистон як қатор мушкилоти амалӣ мавҷуданд. Пеш аз ҳама, зарурати дастрас будани матритсаи мукаммали ҳисобҳои иҷтимоиву иқтисодӣ (SAM) ё ҷадвали муфассали байнисоҳавӣ мебошад, ки ҷараёнҳои хароҷоту даромади ҳамаи бахшҳои иқтисодиро дар бар гирад. Тайёр намудани чунин базаи маълумот кори заҳматталаб буда, маълумоти омории дастрас барои солҳои охир шояд пурра ва боэътимод набошад. Сониян, модели CGE дониши баланди техникӣ ва вақти зиёдро барои калибронӣ (танзими параметрҳо) ва санҷиши фарзияҳо талаб мекунад. Хатогии ночиз дар муайянсозии ягон параметр метавонад ба натиҷаҳои ниҳоии модел таъсири ҷиддӣ расонад. Илова бар ин, натиҷаҳои модели CGE аксар вақт ҳассос ба фарзияҳои назариявии худ мебошанд (ба мисли пурра рақобатпазир будани бозорҳо ва мутобиқшавии пурраи нархҳо), ки дар воқеияти дар иқтисодиёт на ҳама вақт иҷро мешаванд. Аз ин рӯ, барои дурнамои макроиқтисодӣ дар доираи як мақомоти давлатӣ бо истифода аз модели CGE шояд камтар мувофиқ бошад, зеро он асосан барои таҳлили сенарияҳои сиёсати иқтисодӣ истифода мегардад ва татбиқи он ҳам аз нигоҳи захираҳо ва ҳам аз нигоҳи фаҳмондадиҳии натиҷаҳо мушкилтар мебошад. Илова бар равишҳои мазкур, дар таҳқиқотҳои иқтисодӣ инчунин моделҳои авторегрессияи векторӣ (VAR) мавриди истифода қарор доранд. Модели VAR як низоми муодилаҳост, ки дар ҳар кадоме тағйирёбандаи эндогении худ ба воситаи қимати эмперикӣ ва дигар тағйирёбандаҳои эндогенӣ тавсиф мешавад. Моделҳои VAR одатан бо шумори нисбатан ками нишондиҳандаҳо (масалан, камтар аз даҳ адад) таҳия мешаванд ва параметрҳои онҳо пурра дар асоси маълумоти эмперикӣ баҳогузорӣ мегарданд. Афзалияти ин равиш соддагии нисбии он ва талаботи ками маълумот аст. Барои таҳияи он танҳо қаторҳои вақтии чанд нишондиҳандаи асосӣ кофӣ мебошад. Бо ёрии VAR метавон робитаҳои кӯтоҳмуддати байни нишондиҳандаҳои макроиқтисодиро ба таври миқдорӣ санҷид ва таъсири омилҳои гуногуни берунаро ба ин нишондиҳандаҳо

баҳогузорӣ кард. Вале модели VAR инчунин маҳдудиятҳои ҷиддии худро дорад. Азбаски дар он ягон сохтори иқтисодии пешакӣ муайяншуда вуҷуд надорад, натиҷаҳояшро танҳо аз нигоҳи оморӣ шарҳ додан мумкин буда, барои шарҳи амиқи иқтисодӣ камтар имконият медиҳад. Ин модел танҳо робитаҳои гузаштаву ҳозираи байни нишондиҳандаҳоро инъикос мекунад ва агар шароити иқтисодӣ ё режими сиёсати давлатӣ дар оянда тағйир ёбад, модели VAR наметавонад таъсири онро боэътимод дурнамо диҳад. Инчунин, бо модели VAR наметавон ба осонӣ нишондиҳандаҳои зиёди бахширо дурнамо кард - одатан шумори тағйирёбандаҳо дар он маҳдуд буда (масалан, то 6-8 адад), бинобар ин барои ба даст овардани тафсили баланди ҳамаи бахшҳо (монанди ҳаҷми истеҳсолоти тамоми соҳаҳо) мувофиқ нест. Ҷиҳати дигаре, ки дар адабиётҳо қайд мегарданд, зарурати пайваст намудани моделҳои секторӣ бо моделҳои макроиқтисодӣ мебошад. Дар ин замина, моделҳои балансии байнисоҳавӣ (Input-Output) аҳамияти махсус доранд. Модели байнисоҳавӣ ҷадвали мутавозини байни бахшҳои иқтисодиётро асос қарор медиҳад, ки дар он барои ҳар як соҳа ҳаҷми маҳсулоти тавлидшаванда ва тақсимоти он ҳамчун воридот ба соҳаҳои дигар нишон дода шудааст. Масалан, бо модели IO метавон ҳисоб кард, ки афзоиши истеҳсоли маҳсулоти пахта чӣ гуна ба соҳаҳои саноати сабук, нақлиёт, савдои хориҷӣ ва ғайра таъсир мерасонад (тавассути занҷири талаботи байнисоҳавӣ). Афзалияти модели IO дар он аст, ки он тасвири муфассали сохтори иқтисоди миллиро медиҳад ва барои таҳлили лоиҳаҳои инвеститсионӣ ё таъсири рушди як соҳа воситаи муфид ба ҳисоб меравад. Хусусан ҳангоми арзёбии таъсири иқтисодии лоиҳаҳои калон (мисол, сохтмони нерӯгоҳи барқӣ ё як корхонаи нави саноатӣ) модели IO нишон медиҳад, ки чӣ гуна ҷойҳои кори нав таъсис меёбанд, ҳаҷми маҳсулоти дохилӣ ва даромади аҳолӣ зиёд мегардад ва ғайра. Бо вуҷуди ин, модели IO хислати статикӣ дошта, муносибатҳои байнисоҳаиро бо коэффитсиентҳои доимӣ муайян мекунад ва тавоноии дуранамои он дар ҳолати тағйирёбии шароити бозорӣ маҳдуд мебошад.

Дар солҳои охир, барои бартараф намудани камбудиҳои ҳар як равиши ҷудогона, методологияи муттаҳидсозии моделҳо рушд кардааст. Аз ҷумла, моделҳои муттаҳидаи иқтисодӣ, ки ҷузъҳои модели макроэконометриро бо модели байнисоҳавӣ якҷо мекунанд, бештар мавриди таваҷҷӯҳ қарор гирифтаанд. Ин гуна моделҳои комплексӣ кӯшиш мекунанд, ки бартариҳои ҳар ду равиш - ҳам тафсили баланди бахшии модели IO ва ҳам динамикаву чандирии модели эконометриро - дар як қолаб ҷамъ намоянд. Таҳқиқотҳо нишон медиҳанд, ки моделҳои муттаҳида (бо номи econometric input-output models ё IOE) динамикӣ ва ғайрихаттӣ буда, алоқаҳои байни тағйирёбандаҳои макроиқтисодиро дар заминаи сохтори байнисоҳавӣ ба таври дақиқ инъикос мекунанд. Барои мисол, дар Иёлоти Муттаҳида ва бархе кишварҳои Аврупоӣ солҳост, ки системаҳои моделҳои муттаҳида (масалан, модели INFORUM) барои дурнамои нишондиҳандаҳои макроиқтисодӣ ва таҳлили сенарияҳои сиёсати давлатӣ истифода мешаванд ва натиҷаҳои назаррас медиҳанд. Дар маҷмӯъ, таҷрибаи кишварҳои гуногун нишон медиҳад, ки интихоби навъи модели макроиқтисодӣ бояд бо дарназардошти шароити мушаххаси ҳар як иқтисод сурат гирад - аз сатҳи дастрасии маълумоти оморӣ то ҳадафҳои таҳлиливу сиёсати иқтисодӣ, модели интихобмешуда бояд мутобиқ ва муассир бошад.

**Мақсади мақола.** Мақсади асосии ин мақола муайян намудани имконоти гуногуни моделсозии макроиқтисодӣ барои Тоҷикистон ва интихоб кардани модели мувофиқ мебошад. Дар доираи таҳқиқот вариантҳои асосии модели макроиқтисодӣ бо назардошти хусусиятҳои иқтисодиёти кишвар ва маҳдудиятҳои мавҷудаи маълумот баррасӣ ва баҳогузорӣ мешаванд. Ин тадқиқот бо такя ба таҷрибаи байналмилалӣ ва таҳлили афзалияту камбудии ҳар як навъи модел, асосноккунии интихоби онро пешниҳод мекунад, то ки он ба шароити иқтисоди миллии Тоҷикистон мувофиқтарин бошад.

**Муҳтавои асосии мавод.** Бо дарназардошти таҳлилҳои боло, барои иқтисодиёти Тоҷикистон панҷ имконияти асосии интихоби модели макроиқтисодӣ

дида мешавад. Дар зер ҳар яки ин вариантҳо бо тавсифи мухтасари моҳият, афзалиятҳо ва камбудиҳои онҳо пешниҳод мегардад. Бо мақсади ҷамъбаст ва муқоисаи равишҳои баррасишуда, ҷадвали зер пешниҳод мегардад, ки хусусиятҳо, афзалиятҳо ва маҳдудиятҳои ҳар як моделро мухтасар нишон медиҳад (Ҷадвали 1)

**Ҷадвали 1.** Муқоиса намудани моделҳои макроиқтисодӣ

| **Намуди модел** | **Хусусиятҳои асосӣ** | **Афзалиятҳо** | **Маҳдудиятҳо** |
|---|---|---|---|
| Макроэконометрӣ | Муодилаҳои оморӣ бо такя ба маълумоти эмперикӣ, асосан дар сатҳи агрегатӣ | Пешгӯии муфид, чандир, истифодаи маълумоти мавҷуда | Талаб ба маълумоти сифатнок, устувории робитаҳо |
| CGE (Мувозинати умумии ҳисобгардида) | Модели мувозинати бозор дар асоси принсипҳои микроиқтисодӣ | Моделсозии алоқамандиҳои мукаммал байни бахшҳои иқтисодиёт, сенарияҳои сиёсати иқтисодӣ | Мушкилоти маълумот, мураккабӣ, фарзияҳои назариявӣ |
| VAR (Авторегрессияи векторӣ) | Модели оморӣ дар асоси қаторҳои вақтӣ байни нишондиҳандаҳо | Сода, талаботи ками маълумот, барои кӯтоҳмуддат | Натиҷаҳо камшарх, барои дарозмуддат каммуносиб |
| IO (Тавозуни байнисоҳавӣ) | Тафсири ҷараёнҳои байни соҳаҳо | Тафсири муфассали бахшҳо, баҳогузории таъсири сохторӣ | Статикӣ, коэффитсиентҳои доимӣ |
| Муттаҳида (Интегралӣ) | Ҳамгироии моделҳои макроэконометрӣ ва байнисоҳавӣ | Афзалиятҳои ҳарду равиш | Мураккабтар, ниёз ба захира ва ҳамоҳангсозӣ |

1. **Модели макроэконометрӣ.** Ин модел бар асоси муодилаҳои иқтисодие сохта мешавад, ки муносибатҳои байни нишондиҳандаҳои асосии макроиқтисодиро (масалан, истеъмол, сармоягузорӣ, ММД, таваррум ва ғайра) тавсиф мекунанд. Афзалияти модели макроэконометрӣ дар он аст, ки барои сохтани он метавон аз маълумоти мавҷудаи омории Тоҷикистон (қаторҳои вақтӣ) истифода бурд ва робитаҳои эмперикии байни тағйирёбандаҳо барои дурнамо ба кор бурда мешаванд. Ин модел имкон медиҳад таъсири сиёсати иқтисодӣ (масалан, тағйири хароҷоти буҷа ё тағйири меъёри фоизӣ) ба нишондиҳандаҳои макроиқтисодӣ тавассути механизмҳои оморӣ баҳогузорӣ шавад. Илова бар ин, модели эконометриро метавон нисбатан зуд ташаккул дод ва бо ворид кардани маълумоти нави оморӣ доимо такмил бахшид. Камбудии асосии модели макроэконометрӣ вобастагии он ба сифати маълумоти оморӣ ва устувории робитаҳои гузаштаи иқтисодӣ мебошад. Агар сифати маълумоти оморӣ нокифоя ё сохтори иқтисодиёт дар давраи оянда ба таври назаррас тағйир ёбад, дақиқии пешгӯии чунин модел коҳиш меёбад. Инчунин, моделҳои хеле калонҳаҷми эконометрӣ идора ва таҷдиди онҳоро мушкил мегардонад, ҳарчанд барои иқтисодиёти нисбатан хурди Тоҷикистон метавон модели иқтисодии андозаи миёнаро татбиқ кард.

2. **Модели мувозинати умумии ҳисобгардида (CGE).** Модели CGE иқтисодиётро ҳамчун як системаи мукаммали бозорҳои ба ҳам алоқаманд тавсиф мекунад. Дар ин модел ҳар як бахши иқтисод (хонаводҳо, корхонаҳо, давлат, бахши хориҷӣ) тасмимҳои худро ба таври оптималӣ мегирад ва нархҳову ҳаҷми истеҳсолоту истеъмол тавассути механизми бозорӣ (талабу пешниҳод) муайян мегардад. Афзалияти муҳими модели CGE дар он аст,

ки он тавозуни умумии тамоми иқтисодиётро нигоҳ дошта, манбаъҳои маҳдуди иқтисодиро (меҳнат, сармоя, замин ва ғ.) байни бахшҳо ба таври оптималӣ тақсим мекунад. Бо ин модел метавон сенарияҳои гуногуни сиёсати иқтисодӣ (масалан, ҷорӣ намудани андози нав, тағйири нархи энергия ё тағйири ҳаҷми даромади беруна)-ро санҷида, таъсири онҳоро ба маҷмӯи нишондиҳандаҳо - аз афзоиши ММД то сатҳи нархҳо ва сохтори истеҳсолоту савдои хориҷӣ - баҳогузорӣ кард. Вале барои таҳияи модели CGE дар Тоҷикистон як қатор мушкилот мавҷуданд. Пеш аз ҳама, зарур аст, ки ҷадвали муфассали ҳисобҳои миллӣ ё матритсаи ҳисобҳои иҷтимоию иқтисодӣ (Social Accounting Matrix) таҳия гардад, ки тамоми ҷараёнҳои даромаду хароҷоти байни бахшҳоро дар бар гирад. Коркарди чунин базаи маълумот вақти зиёд ва захираҳои назаррас металабад, дар ҳоле ки маълумоти омории дастрас метавонад ҳама ҷузъиётро фаро нагирад. Сипас, таҳия ва калибронӣ кардани модели CGE дониши баланди техникӣ ва кӯшиши зиёд талаб мекунад. Натиҷаҳои ин модел ба интихоби параметрҳои вурудӣ хеле ҳассосанд, бинобар ин барои эътимоднокии он тамоми фарзияҳои асосӣ бояд бодиққат санҷида шаванд. Илова бар ин, модели CGE як системаи комилан назариявӣ буда, дурустии он дар шароити воқеии иқтисодиёт бояд тасдиқ гардад - масалан, фарзияи рақобати комил дар ҳамаи бозорҳо ва қобилияти озоди мутобиқшавии нархҳо дар иқтисодиёти Тоҷикистон чандон воқеъбинона нест. Аз ин лиҳоз, барои вазифаҳои пешгӯии даврии макроиқтисодӣ дар доираи ҳукумат, модели CGE камтар мутобиқ ба назар мерасад, зеро татбиқи он ҳам аз лиҳози маълумот ва ҳам аз лиҳози тавонмандиҳои институтсионалӣ душвор буда, натиҷаҳои он барои оммаи васеи қарорқабулкунон душворфаҳм метавонанд буд.

3. **Модели авторегрессияи векторӣ (VAR).** Ин равиш ба тоифаи моделҳои холиси оморӣ мансуб аст. Дар модели VAR одатан танҳо чанд нишондиҳандаи асосӣ (ба мисли ММД, таваррум, қурби асъор, содирот ва ғайра) интихоб шуда, робитаҳои байни онҳо комилан аз рӯи тартиби динамикии вақтӣ муайян мегарданд. Бартарии асосии модели VAR сода будани он ва талаботи ками маълумот мебошад: барои таҳияи он фақат қаторҳои вақтии чанд нишондиҳандаи интихобшуда кофӣ аст. Бо ёрии модели VAR метавон пешгӯиҳои кӯтоҳмуддати нисбатан дақиқ барои нишондиҳандаҳои агрегатӣ ба даст овард ва инчунин таъсири як зарбаи беруниро ба дигар нишондиҳандаҳои иқтисодӣ арзёбӣ кард. Вале модели VAR маҳдудиятҳои ҷиддии худро дорад. Азбаски дар он ягон сохтори пешакии иқтисодӣ пешбинӣ нашудааст, натиҷаҳои он танҳо аз нигоҳи оморӣ шарҳ дода мешаванд ва барои шарҳи амиқи иқтисодӣ асоси кофӣ надоранд. Ин модел танҳо робитаҳои гузашта ва ҳозираи байни нишондиҳандаҳоро инъикос мекунад, бинобар ин дар ҳолати ба вуҷуд омадани шароити нав ё ҷорӣ гардидани сиёсати нави иқтисодӣ, эътимоднокии пешгӯии он коҳиш меёбад (чунки дар гузашта чунин ҳолат сабт нашудааст). Ғайр аз ин, модели VAR наметавонад тафсили баланди сохтори иқтисодиро таъмин намояд - одатан шумори тағйирёбандаҳо дар он маҳдуд (масалан, то 6-8 адад) мебошад, аз ин рӯ барои пешгӯии ҳама соҳаҳо ва нишондиҳандаҳои пурра кофӣ нест.

4. **Модели байнисоҳавӣ (IO).** Ин модел ҷадвали байнисоҳавии иқтисодиётро асос қарор медиҳад, ки дар он барои ҳар як соҳа ҳаҷми маҳсулоти тавлидшуда ва тақсимоти он ҳамчун воридот ба соҳаҳои дигар нишон дода шудааст. Масалан, бо модели IO мумкин аст ҳисоб кард, ки афзоиши истеҳсоли пахта чӣ гуна ба соҳаҳои саноати сабук, нақлиёт, савдо ва дигар бахшҳо таъсир мерасонад (тавассути занҷираи таҳвили байнисоҳавӣ). Афзалияти модели IO дар он аст, ки он тасвири муфассали сохтори иқтисоди миллиро медиҳад ва барои таҳлили самараи иқтисодии лоиҳаҳои калон ё тағйироти сохторӣ воситаи муфид мебошад. Хусусан ҳангоми арзёбии таъсири иқтисодии лоиҳаҳои сармоягузории бузург, модели IO метавонад нишон диҳад, ки чанд ҷойи корӣ таъсис мешавад, ҳаҷми маҳсулоти ватанӣ ва даромади миллӣ чӣ қадар афзоиш меёбад ва ғ. Модели IO метавонад барои пешгӯии кӯтоҳмуддати баъзе нишондиҳандаҳои бахшӣ низ истифода гардад, ба шарте ки талаботи ниҳоӣ (масалан, ҳаҷми сармоягузории давлатӣ, хароҷоти истеъмолӣ

ва ғ.) пешбинӣ шуда бошад. Камбудии аслии модели байнисоҳавӣ статикӣ ва хаттӣ будани он мебошад. Коэффитсиентҳои технология (сарфаи миёнаи воридот барои тавлиди як воҳиди маҳсулоти соҳа) дар ҷадвали IO одатан собит фарз мешаванд ва таъсири тағйирёбии нархҳо ё рафтори адаптивии корхонаҳо ба инобат гирифта намешавад. Яъне ин модел тахмин мекунад, ки сохтори байнисоҳаии иқтисодиёт дар оянда тағйир намеёбад, дар ҳоле ки дар воқеият корхонаҳо метавонанд технологияи худро беҳтар кунанд ё манбаъҳои алтернативиро истифода намоянд. Аз ин рӯ, модели IO асосан барои таҳлили кӯтоҳмуддат ва дар шароити бетағйир мондани ислоҳоти сохторӣ мувофиқ аст. Барои ба назар гирифтани динамикаи рушди иқтисодӣ ва мутобиқшавӣ ба шароити тағйирёбанда, модели IO одатан бо унсурҳои дигари моделсозӣ (масалан, блокҳои макроэконометрӣ ё оптимизатсионӣ) пурра карда мешавад.

5. **Модели муттаҳидаи макроиқтисодӣ (макроэконометрӣ–байнисоҳавӣ).** Ин варианти моделсозӣ кӯшиши якҷоя намудани бартариҳои равишҳои дар боло зикршударо дар бар мегирад. Дар модели муттаҳида, аз як тараф, як модели макроэконометрии кӯтоҳмуддату дарозмуддат таҳия мешавад, ки алоқаҳои асосии макроиқтисодиро (масалан, тавозуни талаботу пешниҳод дар бозори мол, пул ва меҳнат, механизми нарх ва даромад) тавсиф мекунад, аз тарафи дигар, матритсаи байнисоҳавӣ ба ин модел ҳамгиро карда мешавад, то ин ки натиҷаҳои модел дар сатҳи бахшҳо низ ҳосил шаванд. Ба таври содда, модели муттаҳида дорои «ду қабат» аст - қабати макроиқтисодӣ ва қабати байнисоҳавӣ, ки байни ҳам мутақобилан пайванд доранд. Натиҷаҳои модел ҳам нишондиҳандаҳои агрегатии макроиқтисодӣ (монанди ҳаҷми ММД, суръати таваррум, тавозуни пардохтҳо ва ғайра) ва ҳам нишондиҳандаҳои соҳавӣ (маҳсулоти саноатӣ, ҳаҷми истеҳсолоти бахши кишоварзӣ, сохтмон, хадамот ва ҳатто истеҳсоли молҳои муҳим)-ро дар бар мегиранд. Тавре қаблан зикр шуд, модели муттаҳида аз лиҳози коркарди техникӣ нисбат ба модели холиси CGE маълумоти камтар талаб мекунад, зеро он бештар ба маълумоти воқеии мавҷуда такя мекунад, на ба фарзияҳои назариявӣ. Ҳамзамон, ин модел нисбат ба модели оддии эконометрӣ имкониятҳои бештар фароҳам меорад, зеро тафсили соҳавиро таъмин намуда, механизмҳои бозгашти алоқаро байни бахшҳо ва нишондиҳандаҳои агрегатӣ ба назар мегирад. Масалан, афзоиши сармоягузорӣ дар як соҳа тавассути қабати макроэконометрӣ метавонад боиси зиёд шудани даромади миллӣ гардад, ки он дар навбати худ тавассути матритсаи IO талаботи бештари мавод ва хизматҳоро дар тамоми бахшҳо ба вуҷуд меорад - чунин таъсирҳои мутақобил дар модели муттаҳида пурра инъикос меёбанд. Камбудии модели муттаҳида мураккабии нисбатан баландтари он мебошад: барои таҳияи он ҷалби ҳамзамони таҷрибаи мутахассисони эконометрика ва коршиносони тавозуни байнисоҳавӣ зарур аст. Инчунин, барои таъмини дақиқии он бояд ҳам маълумоти қатори вақтӣ ва ҳам ҷадвали байнисоҳавӣ дар давраҳои муайян нав карда шаванд. Бо вуҷуди ин, таҳлили умумии вариантҳо нишон медиҳад, ки барои Тоҷикистон модели муттаҳидаи макроиқтисодӣ мувофиқтарин воситаи моделсозӣ мебошад, зеро он ҳам ба хусусиятҳои иқтисодиёти кишвар мутобиқ аст ва ҳам талаботи мавҷудаи таҳлиливу пешгӯиро ба таври кофӣ бароварда месозад.

**Хулоса.** Дар ҷамъбасти таҳқиқоти анҷомдодашуда метавон натиҷагирӣ намуд, ки барои иқтисодиёти Тоҷикистон татбиқи модели муттаҳидаи макроиқтисодӣ мақсаднок ва афзалиятнок мебошад. Таҳлилҳои гузаронидашуда нишон медиҳанд, ки ҳар як варианти алоҳидаи моделсозӣ ҳам ҷиҳатҳои мусбат ва ҳам ҷиҳатҳои манфии худро дорад. Модели макроэконометрӣ барои пешгӯии кӯтоҳмуддат ва истифодаи самараноки маълумоти қаторҳои вақтӣ муносиб аст, аммо тавони фарогирии пурраи сохтори иқтисодиётро надорад. Модели CGE асосҳои пурқуввати назариявӣ дорад, вале бо сабаби маҳдудияти додаҳо ва мураккабии татбиқ барои шароити Тоҷикистон каммутобиқат мебошад. Модели VAR як воситаи муфид барои фаҳмидани робитаҳои кӯтоҳмуддати байни нишондиҳандаҳо буда, аммо ҳамчун модели ягона барои пешгӯии миёнаву

дарозмуддат нокифоя аст. Модели байнисоҳавӣ бошад, танҳо бурриши статикӣ аз иқтисодиёт дода, барои пешгӯии динамикӣ имконият намедиҳад. Дар баробари ин, модели муттаҳидаи пешниҳодшуда имкон медиҳад, ки ҷиҳатҳои мусбии ҳамаи ин равишҳо дар як қолаб истифода шаванд. Ин модели интегралӣ ба таҳлилгарон имкон медиҳад, ки ҳамзамон рушди куллии иқтисодиёт ва вазъи ҳар як соҳаи ҷудогонаро пешгӯӣ ва таҳлил намоянд. Бо татбиқи чунин модел, метавон нишондодҳои асосии иҷтимоию иқтисодии тасдиқнамудаи Ҳукумати кишварро бо дақиқии бештар ва асоснокии илмӣ пешбинӣ кард. Тавре дар таҳқиқот таъкид гардид, модели муттаҳида барои шароити кишвари рӯ ба рушде чун Тоҷикистон ҳамчун интихоби оптималӣ тавсия мегардад. Ин модел нисбат ба CGE ба маълумоти камтар такя мекунад ва ҳамзамон нисбат ба модели оддии эконометрӣ сохтори ҳамаҷонибатар дорад, ки барои тарҳрезӣ, мониторинг ва арзёбии сиёсатҳои иқтисодӣ ниҳоят муҳим мебошад. Хулоса, барои Тоҷикистон таҳияи модели муттаҳидаи макроиқтисодӣ, ки ба хусусиятҳои миллии иқтисодӣ мутобиқ шудааст, имконпазир ва муассир мебошад. Иҷрои ин вазифа қадами муҳиме дар рушди иқтидори таҳлилии кишвар хоҳад буд. Татбиқи чунин модел ба ҳукумат имкон медиҳад, ки сиёсати иқтисодиро дар асоси сенарияҳои мукаммалтар ба нақша гирифта, ба тағйироти эҳтимолии муҳити беруна сари вақт вокуниш нишон диҳад ва ба ҳадафҳои рушди устувор ноил гардад.

**Адабиёт**


1. Almon, C. (1991). “The INFORUM Approach to Interindustry Modeling.” *Economic Systems Research, 3*(1), 1–7.
2. Arora, V. (2013). *An Evaluation of Macroeconomic Models for Use at EIA*. U.S. Energy Information Administration Working Paper.
3. Miller, R. E., & Blair, P. D. (2009). *Input-Output Analysis: Foundations and Extensions* (2nd ed.). Cambridge University Press.
4. Shoven, J. B., & Whalley, J. (1992). *Applying General Equilibrium*. Cambridge University Press.
5. Sims, C. A. (1980). “Macroeconomics and Reality.” *Econometrica, 48*(1), 1–48.
6. Гафуров П.Дж. (2024). Теоретические аспекты модели CGE при анализе влияния налоговой политики на экономический рост. Экономика Таджикистана. Институт экономики и демографии Академии наук Республики Таджикистана , 2024. №2. стр. 46-53.



**Маълумот дар бораи муаллиф: Ғафуров Парвиз Ҷурахонович** – н.и.и., дотсент, мудири кафедраи иқтисоди рақамӣ ва логистикаи Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон. Суроға: 734067, Ҷумҳурии Тоҷикистон, кӯч. Наҳимов 64/14. E-mail: pg.1981@mail.ru.

**Сведения об авторе: Гафуров Парвиз Джурахонович -** кандидат экономических наук, доцент, заведующий кафедрой цифровой экономики и логистики Таджикского государственного финансово-экономического университета. Адрес: 734067, Республика Таджикистан, ул. Нахимова 64/14. E-mail: pg.1981@mail.ru.

**Author Information: Gafurov Parviz Jurakhonovich** - Candidate of Economic Sciences, Associate Professor, Head of the Department of Digital Economy and Logistics at the Tajik State University of Finance and Economics. Address: 734067, Republic of Tajikistan, 64/14 Nakhimov Street. E-mail: pg.1981@mail.ru.

**УДК: 556.5.06.674**

**ТАШАККУЛ ВА ТАКМИЛИ НИЗОМИ МИЛЛИИ ИННОВАТСИОНИ БА РУШДИ БОНКҲО НИГАРОНИДАШУДА**

**Комилов Н.Б.**
**Шарипов Н.Х.**

***Анотатсия**: Дар мақолаи таҳқиқшаванда масъалаҳои муҳими ташаккул ва такмилдиҳии низоми миллии инноватсионӣ дар бахши бонкӣ мавриди баҳодиҳи қарор дода шуда аст. Муаллиф бештар ба муҳимтарин паҳлуҳои сохтори ташкилии танзими давлатии ҷараёнҳои инноватсионии бонкҳои тиҷоратии Ҷумҳурии Тоҷикистон, мақсаднок инкишоф додани фаъолияти инноватсионӣ дар бонкҳо, хусусияти технологияи инноватсионӣ дар бонкҳо, такмили идоракунии ҷараёнҳои инноватсионӣ дар низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон, сиёсати танзим ва дастгирии фаъолияти инноватсионии бонкҳо таваҷҷуҳ зоҳир намудааст. Дар интиҳо вобаста ба мақолаи таҳқиқшуда муаллифон хулосаҳои худро пешниҳод намудаанд.*

***Калидвожаҳо**: инноватсия бонкӣ, такмилдиҳии низоми бонкӣ, сиёсати инноватсионӣ, ҷараёни инноватсионӣ, технологияи инноватсионӣ, фаъолияти бонкҳо.*

***Барои иқтибос:** Комилов Н.Б. Ташаккул ва такмили низоми миллии инноватсиони ба рушди бонкҳо нигаронидашуда / Н.Б. Комилов, Н.Х. Шарипов// Паёми молия ва иқтисод. – 2024. – No. 4.2(43). – С. 672-677.*

**ФОРМИРОВАНИЕ И СОВЕРШЕНСТВОВАНИЕ НАЦИОНАЛЬНОЙ ИННОВАЦИОННОЙ СИСТЕМЫ РАЗВИТИЯ БАНКОВ**

**Комилов Н.Б.**
**Шарипов Н.Х.**

***Аннотация**: В рецензируемой статье рассматриваются актуальные вопросы, связанные с формированием и совершенствованием национальной инновационной системы в банковской сфере. Особое внимание автор уделил важнейшим аспектам организационной структуры государственного регулирования инновационных процессов в коммерческих банках Республики Таджикистан, целенаправленному развитию инновационной деятельности в банках, сущности инновационных технологий в банках, совершенствованию управления инновационными процессами в банковской системе Республики Таджикистан, политике регулирования и поддержки инновационной деятельности банков. В заключение авторы представили свои выводы, основанные на исследованной статье.*

***Ключевые слова**: банковские инновации, совершенствование банковской системы, инновационная политика, инновационный процесс, инновационные технологии, банковская деятельность.*

**FORMATION AND IMPROVEMENT OF THE NATIONAL INNOVATIVE SYSTEM OF BANK DEVELOPMENT**

**Komilov N.B.**
**Sharipov N.X**

***Annotation**: The article under review examines current issues related to the formation and improvement of the national innovation system in the banking sector. The author paid special attention to the most important aspects of the organizational structure of state regulation of innovation processes in commercial banks of the Republic of Tajikistan, targeted development of innovation activities in banks, the essence of innovation technologies in banks, improvement of management of innovation processes in the banking system of the Republic of Tajikistan, policy of regulation and support of innovation activities of banks. In conclusion, the authors presented their findings based on the article under study.*

***Keywords**: banking innovations, improvement of the banking system, innovation policy, innovation process, innovation technologies, banking activities.*

Ташаккули низоми миллии инноватсионӣ, ки таъмин намудани фаъолияти инноватсиониро дар миқёси давлат талаб мекунад, рушди иқтидори кадрии соҳаи илмию техникӣ, баҳодиҳии фаъолнокии инноватсионии бонкҳои мамлакат, таъминоти молиявии фаъолияти инноватсионӣ дар кишварро пешбинӣ мекунад. Аз сабаби он ки соҳаи инноватсионӣ дар Тоҷикистон акнун ташкил шуда истодааст, ҳоло омодасозии кадрҳои илмию техникӣ аҳамияти махсус пайдо кардаанд.

Вобаста ба ин, рушди минбаъдаи такмили омодасозии кадрҳои илмӣ тавассути аспирантура, докторантура ва институтҳои унвонҷӯӣ зарур аст. Инчунин зарурати ташкилу тайёр кардани менеҷерони фаъолияти инноватсионӣ, ташкили таълим ва такмили ихтисоси ҳайати шахсӣ барои татбиқи лоиҳаҳои инноватсионии ва рушди инфрасохтори пурзӯр мегардад. Тоҷикистон аз захираҳои табиӣ бой буда, сармояи назарраси инсонӣ низ дорад. Вазъияти баамаломада дар назди мамлакат як қатор мушкилиҳоеро пеш мегузорад, ки дар байни онҳо мушкилии ба таври самаранок истифодабарии сармояи инсонӣ дар мадди аввал гузошта мешавад. Сифату миқёс, инчунин маҳсулнокии истифодаи захираҳои табиӣ бо сармояи инсонӣ муайян карда мешавад.

Дар Стратегияи милли рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 пешбинӣ гардидааст, ки дар давраи мазкур «... низоми муосири босуръат афзоишёбандаи муассисаҳои молиявии рақобатпазир, ки дорои қобилияти пешниҳод намудани хизматрасониҳо ва маҳсулоти мухталифи босифат ва инноватсионии молиявӣ ба истеъмолкунандагон мебошад...» ташаккул ва тараққӣ дода шавад [4, с. 70 ].

Пешбинӣ гардидани тағйиротҳои инноватсионии сохторӣ дар фаъолияти низомҳои идоракунӣ аз он ҷумла дар муассисаҳои молиявӣ, махсусан бонкҳо ба он нигаронида шудааст, ки ҳадафи асосии стратегияи миллии рушд ба даст оварда шавад. Маҳз таъминоти молиявӣ имкон медиҳад, ки тағйиротҳои сохторию ниҳодии тамоили инноватсионидошта дар фаъолияти низомҳои идоракунии ҳамаи дараҷаҳо микро-, мезо- ва макроиқтисодиёт татбиқ ва амалӣ карда шаванд. Аз ин ҷо чунин бармеояд, ки бонкҳо ҳамчун ташкилотҳои сармоягузор дар таъмини рушди инноватсионии соҳаҳои иқтисоди миллӣ нақши назаррасро доранд ва дар навбати худ бояд роҳу усулҳои инноватсионии хизматрасонии бонкиро дарёфт намоянд.

Ҳатто агар муҳити инноватсионӣ фароҳам оварда шавад ҳам, бонкҳо на ҳама вақт метавонанд аз ин имконияти бадастомада оқилона истифода намоянд. Зеро, барои аксари роҳбарон ва кормандони бонкҳо норасоии донишу малакаҳои нав хос аст. Аз ин рӯ, мушкили татбиқи сармоягузориҳои воқеӣ дар якҷоягӣ бо сармояи инсонӣ ба вуҷуд меояд.

Барои мақсаднок инкишоф додани фаъолияти инноватсионӣ давлат нақши муайянкунандаро мебозад. Танзими давлатии фаъолияти навоварӣ– ҳамчун воситаи муҳими рушди иқтисодиёт, ҳамчун омили асосии таъмини рақобатпазирии дарозмуҳлати миллӣ ва баландбардории устувори некӯаҳволии аҳолӣ, арзёбӣ карда мешавад. Айни замон ҷумҳурии моро низ лозим аст, ки ба тақвиятбахшии роҳи инноватсионии инкишофи иқтисодиёт диққат диҳад. Ин роҳ ё раванд дар навбати худ ташаккули нерӯи хуби илмӣ-техникӣ, васеъсозии равандҳои интиқоли донишҳои навро аз илм то ба истеҳсолот, ташкили инфрасохтори миллии инноватсионӣ ва шароитҳои зарурии ибтидоиро барои суръатбахшии равандҳои инноватсионӣ талаб менамояд.

Дар баробари ташаккули заминаҳои ҳуқуқии ташкил ва танзими фаъолияту ҷараёнҳои инноватсионӣ, инчунин тавассути дастгирии давлатӣ бояд унсурҳои механизми институтсионалӣ, ташкилӣ, иқтисодӣ ва мотиватсионии рушди инновастионии соҳаҳо, аз он ҷумла низоми бонкӣ ташкил дода шаванд. Бинобар ин, нақшаи сохтории ташкили танзими давлатии ҷараёнҳои инноватсионии

бонкҳои тиҷоратии Ҷумҳурии Тоҷикистонро бо чунин тарз шаклбандӣ намудан мумкин аст (Расми 1).




**Расми 1. Сохтори ташкилии танзими давлатии ҷараёнҳои инноватсионии бонкҳои тиҷоратии Ҷумҳурии Тоҷикистон.**

Аз сохтори нишондодашудаи танзими давлатии ҷараёнҳои инноватсионӣ маълум мегардад, ки гузориши мақсадҳои стратегии рушди инноватсионӣ аз тарафи Президенти ҶТ бо ҷалб ва мувофиқаи мумайизон (экспертҳо) ва сохторҳои масъули Ҳукумати ҶТ, Маҷлиси Олӣ, Шурои миллии суботи молиявӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Шурои амнияти ҶТ амалӣ гардонда мешавад. Ҷӣ хеле ки, дар расми 1 оварда шудааст, ҳамаи субъетҳои идора ва танзими давлатӣ дар доираи ваколатҳои худашон бояд рушди инноватсионии соҳаҳои иқтисоди миллӣ, аз он ҷумла бонкҳоро суръат бахшанд. Бинобар ин, метавон хулоса кард, ки танҳо муайянкунии вазифаю уҳдадориҳо ва ваколатҳои ҳар як субъекти ҷараёнҳои инноватсионӣ метавонад, ки маҳдудияту монеаҳо дар ин самт бартараф карда шуда, ба таври оқилона раванди ҳавасмандгардонӣ ва ташвиқи амалигардонии фаъолияти инноватсионии субъектони хоҷагидорӣ, аз он ҷумла субъектони низоми бонкӣ ба роҳ монда шаванд.

Барои дуруст ва самаранок ташкил намудани танзими фаъолияти инноватсионии бонкҳо омӯзиш, таҳлил ва истифодабарии ҷанбаҳои мусбии таҷрибаи хориҷӣ дар ин самт нақши муҳим ва назаррас дорад. Таҷрибаҳо аз он шаҳодат медиҳанд, ки яке аз ҳадафҳои афзалиятноки давлатҳои пешрафтаи ҷаҳон ин таъмини рушди иқтисодии дарозмуддат мебошад. Зимнан истеҳсоли маҳсулоти зиёд бо сифати баланд ва таъмини сатҳи баланди накуаҳволии мардум дар назар аст. Рушди иқтисодӣ бо баландшавии самаранокии истеҳсолот, коҳиши бекорӣ, мӯътадилии нарх ва молия, васеъшавии алоқаҳои байналхалқӣ ва дигар равандҳои

мусбии иқтисодӣ ва иҷтимоӣ ҳамроҳӣ карда мешавад.

Дар самти инноватсияи бонкӣ онҳо хусусияти технологии худро тавассути рушди пешрафтаи технологӣ исбот мекунанд. Солҳои охирташкилотҳои қарзӣ барои фосилавӣ гузаронидани амалиёти бонкӣ азтехнологияҳои пешқадам ва инноватсия ба таври васеъ истифодамебаранд[2,с.204].

Албатта, намунаи инноватсияҳои муваффақ дар ин самт ҷорӣ намудани интернет-банкинг мебошад. Виртуализатсияи инноватсияҳои бонкӣ боиси тағирёбии тасаввуроти анъанавӣ нисбати фаъолияти бонкҳои тиҷоратӣ ва ё умуман ташкилоти қарзӣ мегардад[3].

Дар айни замон, моҳияти стратегияи инноватсионӣ боиси таҳия ва татбиқи барномаҳо бахри ташаккул додани пешсафони милли-инноватсионӣ ва технологӣ дар заминаи бонкҳои азим, холдингҳо, истеҳсолоти баланди технологӣ мегарданд, ки ба рушди болоравии саноатию иқтисодӣ мусоидат мекунад. Барои ин дар сатҳи давлатӣ маблағгузории афзалиятноки онҳо, кӯмакҳо ва менеҷменти замонавӣ, қарзҳои имтиёзнок барои соҳибкорони инноватсионӣ ва ихтироъоти
ояндадор, ҷорӣ намудани низоми пардохтҳои батаъғйир гузошташаванда, имтиёзҳои андозӣ ва ғайра бояд таъмин карда шаванд.

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки сиёсати танзим ва дастгирииии фаъолияти инноватсионии баъзе давлатҳои аъзои ИДМ, ба монанди Россия, Белоруссия, Украина ва Казоқистон бештар ба ташкил ва рушди кластерҳои инноватсионӣ нигаронида шудаанд ва ба он комёб ҳам гардидаанд. Давлатҳои Осиёи Миёна бошанд – Тоҷикистон, Туркменистон, Қирғизистон ва Узбекистон, акнун ба ташаккули заминаҳо ва шароитҳои ҳавасмандгардонии рушди чунин инфрасохторҳои инноватсионӣ машғул шуда истодаанд [5, с. 465].

То имрӯз дар давлатҳои Осиёи Миёна низ баъзе пешравиҳо дар самти танзими давлатии фаъолияти иннноватсионӣ ва рушди инфрасохторҳои он ба назар мерасанд. Дар низоми идоракунии давлатии онҳо сохтору мақомотҳои махсусе ташкил карда шудаанд, ки танзими давлатии фаъолияти инноватсионӣ ба масъулияти онҳо вогузор карда шудаанд:

1. Дар Тоҷикистон – Агентии инноватсия ва технологияҳои рақамии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон;
2. Дар Узбекистон – Ҷонишини сарвазир, Раиси Комитети давлатӣ оид ба инвеститсия, Роҳбари Комплекс оид ба масоили инвеститсия, тараққиёти инноватсионӣ, ҳамоҳангсозии фаъолияти МОИ ва минтақаҳои хурди саноатӣ; Вазорати рушди инноватсионии Ҷумҳурии Узбекистон;
3. Дар Қирғизистон – Хадамоти давлатии моликияти зеҳнӣ ва инноватсияи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Қирғизистон;
4. Дар Туркменистон – Кабинети Вазирони Туркменистон;

Таҳлили фаъолияти бонкҳои тиҷоратӣ зоҳир сохт, ки барои ташкили идоракунии ҷараёнҳои инноватсионӣ ва ҳалли масоили татбиқи инновастияҳо ҳамоҳангсозии байни зерсохторҳои воҳидҳои идоракунии
онҳо мушоҳида намегардад. То имрӯз кор дар самти таҳқиқи бозори соҳа, талаботҳои муштариён, ҷустуҷӯ ва дарёфти сарчашмаҳои нави сармоягузории фаъолияти инновастионӣ гузаронида намешавад ё ин ки дар марҳилаи ибтидоӣ қарор дорад.




**Расми 2. Такмили идоракунии ҷараёнҳои инноватсионӣ дар низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон**

Бинобар ин, ба фикри мо вақти он расидааст, ки вариантҳои зерини такмили идоракунии ҷараёнҳои инноватсионии дар фаъолияти бонкҳои тиҷоратӣ татбиқ карда шаванд (Расми2):

- воҳидҳои мустақил, ки бевосита ба роҳбарияти дараҷаи болоии бонкҳои тиҷоратӣ тобеъ мебошад (воҳидҳои сохтории нав бо ҳайати кормандони доимӣ);

- воҳидҳои муваққатӣ (гуруҳ, команда), ки аз ҳисоби мутахассисони хадамотҳои гуногуни бонкҳои тиҷоратӣ ташкил дода шуда, нчунин бо ҳамкорӣ бо дигар шуъбаҳои бонк дар самти таҳия ва татбиқи инноватсияҳои бонкӣ давра ба давра корро пеш мебаранд.

Ҳамин тариқ, қайд кардан зарур аст, ки барои инкишофи фаъолияти илмӣ ва инноватсионӣ давлатҳоро лозим аст, ки имкониятҳои (нерӯи) илмӣ-техникии худро ғанӣ гардонда танзими ин намудҳои фаъолиятро бо коркарди сиёсати мувофиқ дар тамоми соҳаҳо, аз он ҷумла дар соҳаи бонкӣ низ дуруст ба роҳ монанд.

**Адабиёт**

1. Бархатов И.В. Особенности инновационных банковских услуг // Вестник ЧелГУ. - 2011. -№32.
2. Бабаджанов Д.П. Некоторые аспекты денежно-кредитной политики / Д.П. Бабаджанов //Обзор инновационных кластеров в иностранных государствах: Информ. справочник. - М., 2011. – С.465-500
3. [Электронный ресурс]. URL: https://cyberleninka.ru /article/n/ osobennostiinnovatsionnyh - bankovskihuslug (дата обращения: 16.10.2023).
4. Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 – С.70
5. Экономика развития: стратегия развития. - 2001. -№1. – С.204 (С.201-207.)

**Маълумот дар бораи муаллифон: Комилов Низомуддин Бегаҳмад** -номзади илмҳои иқтисодӣ, и.в., дотсент, мудири кафедраи молия ва қарзи Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ, Тел: 918579290, email : nizomiddin.komilov@mail.ru

**Шарипов Назрулло Хисравович**-муаллими калони кафедраи молия ва қарзи факултети молиявию иқтисодии Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ.735360-шаҳри Кӯлоб, кучаи С.Сафаров 16. Тел:985575784

**Информация об авторе: Комилов Низомуддин Бегахмадович,** кандидат экономических наук, доцент, заведующий кафедрой финансов и кредита Кулябского государственного университета имени Абуабдуллох Рудаки, тел: 918579290, электронная почта: nizomiddin.komilov@mail.ru

**Шарипов Назрулло Хисравович**- старщий приподаватель кафедры финансов и кредита финансово-экономического факультета Кулябского государственного университета имени Абуабдуллох Рудаки.735360-г.Куляб,ул.С.Сафарова,16.Тел: 985575784

**Author information: Komilov Nizomiddin Begahmadovih**, Candidate of Economic Sciences, Associate Professor, Head of the Department of Finance and Credit, Kulyab State University named after Abuabdulloh Rudaki, tel: 918579290, e-mail: nizomiddin.komilov@mail.ru

**Sharipov Nazrullo- senior Lecturer** of the Department of Finance and Credit of the Faculty of Finance and Economics of the Kulyab State University named after Abuabdulloh Rudaki.

УДК:656.1

# ҶАНБАҲОИ АФЗОРИИ СТРАТЕГИЯИ ҶОРӢ НАМУДАНИ ИННОВАТСИЯ ДАР НАҚЛИЁТИ АВТОМОБИЛӢ

**Шомуродов А.М.**

***Аннотатсия.*** *Дар мақола ҷанбаҳои афзории стратегияи ҷорӣ намудани инноватсия дар нақлиёти автомобилӣ мавриди таҳлил ва баррасӣ қарор гирифтаанд.*

*Дар баробари ин монеаҳое, ки раванди дигаргунсозиро дар соҳаи ташкилӣ душвор мегардонанд, зарурати вокуниши фаврии иштирокчиёни равандҳои инноватсионӣ дар таҳия ва татбиқи инноватсияҳо дар соҳаҳои технологӣ ва идоракунӣ ба вуҷуд меоранд нишон дода шудаанд.*

***Калидвожаҳо:****срамоягузорӣ, инноватсия,афзоиши иқтидори инноватсионӣ, стратегияи рушди инноватсионӣ, таҷрибаи ҷаҳонӣ.*

***Барои иқтибос:*** *Шомуродов, А. М. Ҷанбаҳои афзории стратегияи ҷорӣ намудани инноватсия дар нақлиёти автомобилӣ / А. М. Шомуродов // Паёми молия ва иқтисод. – 2024. –No. 4.2(43). – С. 678-685.*

# ИНСТРУМЕНТАЛЬНЫЙ АСПЕКТ СТАРТАЕГИИ ВНЕДРЕНИЯ ИННОВАЦИЙ НА АВТОМОБИЛЬНОМ ТРАНСПОРТЕ

**Шомуродов А.М.**

***Аннотация.*** *В статье приведены результаты исследования анализа и оценки инструментального аспекта стратегии внедрения инновации на автомобильном траспорте. Выявлены и показаны сдерживающиеся факторы инновационного развития, которые затрудняют организацию внедрения инноваций, показаны реакции исследователей инновационных процессов на разработки и реализации инноваций в области технологии и управления.*

***Ключевые слова:*** *инвестирование, инноватсия, развития инноватсионной ёмкости,стратегия инновационного развития, мировой опыт.*

# INSTRUMENTAL ASPECT OF THE STARTAEGY OF INNOVATION IMPLEMENTATION IN MOTOR TRANSPORT

**Shomurodov A.M.**

***Annotation.*** *The article presents the results of the study of the analysis and assessment of the instrumental aspect of the strategy of innovation implementation in motor transport. The restraining factors of innovative development that complicate the organization of innovation implementation are identified and shown, the reactions of researchers of innovative processes to the development and implementation of innovations in the field of technology and management are shown.*

***Key words:*** *investment, innovation, development of innovation capacity, strategy of innovative development, world experience.*

**Гузориши масъала**. Дар шароити иқтисоди бозаргонӣ зарурияти кор карда баромадани ҷанбаи афзории стратегияи муосири тараққиёти ҳамаи соҳаҳои хоҷагии халқро, ки афзоиши устувори иқтисодиёт, аз ҷумла соҳаи наклиёти автомобилиро таъмин менамояд, пешбинӣ мекунад. Дар ин сурат, пеш аз хама, вазифаҳои аввалиндараҷаеро қайд кардан лозим аст, ки ҳалли онҳо метавонанд иқтисодиёти кишварро мустаҳкам созанд. Чунин вазифаҳо аз афзоиши ҳаҷми сармоягузорӣ ба наклиёти автомобилӣ, ташкили системаи самараноки наклиёт, фароҳам овардани инфрасохтори самараноки наклиёти автомобилӣ, фароҳам овардани заминаҳои афзоиши иқтидори инноватсионии соҳаи наклиёт, баланд бардоштани самаранокии идоракунии сатҳи фаъолияти соҳибкорӣ, фароҳам овардани шароит барои рушди афзояндаи соҳибкорӣ, махсусан дар соҳаи ҳамлу нақли бор ва мусофирон, рақобатпазирии хизматрасонии наклиётӣ дар бозорҳои хориҷӣ ва дохилиро дар бар мегиранд.

**Таҳлили таҳқиқотҳои охир ва нашриёт**. Таҳқиқотҳои олимон аз қабили Агаев С.Д., Гойхер О.Л., Голов Р.С., Джурабаев Г.Д., Каюмова Ф.А., Рауфи А.,

Розенберг Дж.М., Ходжаев П.Д. ва дигарон дар самти мазкур ҷолиби диққат аст.

**Мақсади мақола** – омӯзиши ҷанбаҳои афзории стратегияи ҷорӣ намудани инноватсия дар нақлиёти автомобилӣ мебошад.

**Муҳтавои асосии мавод.** Таҷрибаи ҷаҳонӣ нишон медиҳад, ки раванди интеграция яке аз омилҳои асосие мебошад, ки ба тараққиёти иқтисодиёти миллӣ таъсир мерасонад. Бояд тазаккур дод, ки ворид шудан ба иқтисоди ҷаҳонӣ кушодагии нисбии бозорҳои дохилӣ ва хориҷиро пешакӣ муайян мекунад, ки барои афзоиши рақобат дар мубориза барои бозорҳои нақлиёт шароит фароҳам меорад. Ин бештар дар бозори технологияҳои баланд (ҳамлу нақли ҳавоӣ) зоҳир мешавад. Дар асоси ин, бояд тахмин кард, ки асоси таъмини афзоиши рақобатпазирии соҳаи нақлиёти автомобилӣ роҳи инноватсионии рушд мебошад. Ин вазифа дар шароити муосири ҳамгироии иқтисодӣ, ки дар бозори миллӣ ва илм тамоюлҳои ҷаҳонӣ дар рушди инноватсионии нақлиёти автомобилиро ба назар нагирифтан имконнопазир аст, хеле тезу тунд мегардад. Бояд гуфт, ки гузариш ба роҳи инноватсионии рушд ҳалли маҷмӯи пурраи вазифаҳои ба ҳам алоқамандро муайян мекунад, ки натиҷаҳои онҳо ба ноил шудан ба ҳадафҳои стратегии нақлиёт ва дар маҷмӯъ иқтисодиёти кишвар мусоидат мекунанд.

Ҳамин тариқ, мушкилоти ҷорӣ ва татбиқи технологияҳои инноватсионӣ бо шумораи зиёди омилҳои муҳимтарини объективӣ ва субъективӣ алоқаманд аст. Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки омили муҳимтарине, ки татбиқи бомуваффақияти технологияҳои инноватсионӣ аз он вобастагӣ дорад, имкониятҳои зарурии ташкилии иқтисодиёт мебошад. Ва аз ин шарти зарурие бармеояд, ки бояд рушди афзалиятноки ташкилии субъектҳои равандҳои инноватсионӣ, ҳамчун муайян кардани имкониятҳои инноватсия, аз ҷумла, мавҷудияти нерӯи зарурии илмию техникӣ, ки ба талаботи рушди инноватсионии нақлиёти автомобилӣ ҷавобгӯ бошад, таъмин карда шавад.

Метавон гуфт, ки имкониятҳои корхона бо мақсади татбиқи фаъолияти инноватсионӣ бо рушди ташкилии он вобаста ба ҳолати кунунӣ, ки ба ҳолати оянда мегузарад, муайян карда мешавад. Аз ин рӯ, рушди ташкилии корхона як намуди фаъолиятест, ки ба таъмини сатҳи зарурии ташкили омодагии корхонаи нақлиёти автомобилӣ ба навоварӣ нигаронида шудааст. Ҳамин тариқ, ҳолати ташкилии корхонаи автомобилӣ аз рӯи самтҳо ва ҳаҷми имконпазири навоварӣ муайян карда мешавад. Масалан, дар як шароит потенциали мавҷудаи ташкилии корхонаи автомобилӣ имкон медиҳад, ки баъзе равандҳои X нав ҷорӣ карда шаванд, корхонаи дигар бошад, танҳо Y равандҳои навро ҷорӣ карда метавонад, ки дар ин ҷо X ≫Y мебошад.

Ҳамин тариқ, бо баррасии марҳилаҳои кунунии рушди нақлиёти автомобилӣ бояд қайд кард, ки он бо мавҷудияти равандҳои ҷаҳонишавӣ ва минтақавӣ, суръати тези иттилоотикунонии ҷомеа, ки ба тавсеаи имкониятҳои ташкилии корхонаи автомобилӣ мусоидат мекунад, бо сабаби омилҳои зерин: ҳамроҳӣ мекунад:

-истифодаи аутсорсинг барои пайваст кардани корхонаҳои нақлиёти автомобилӣ ба равандҳои инноватсионии омодагии бештар дошта;

-истифодаи равандҳои ҳамгироӣ тавассути иштироки корхонаҳои автомобилӣ дар шаклҳои гуногуни ҳамкории байналмилалӣ (пул, консорсиум ва ғ.);

-истифодаи имкониятҳои ҷорӣ намудани технологияҳои интернетӣ;

-истифодаи имкониятҳои ташкилотҳои тиҷоратии байналмилалӣ (СУС, баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисоботи молиявӣ, ва ғ.), сармоягузории ҷиддӣ, ки боиси танг шудани имкониятҳои рушди иқтисодии корхона, сарфи назар аз он, ки аз куҷо маблағгузории рушди инноватсионии ба амал меояд, амалӣ мегардад,

Дар баробари ин монеаҳое, ки раванди дигаргунсозиро дар соҳаи ташкилӣ душвор мегардонанд, зарурати вокуниши фаврии иштирокчиёни равандҳои инноватсионӣ дар таҳия ва татбиқи инноватсияҳо дар соҳаҳои технологӣ ва идоракунӣ ба вуҷуд меоранд. Агар ба таври дигар гӯем, вобастагии зичи марҳалаҳои таҳлили самтҳои муосири тараққиёти

наклиёти автомобилии мамлакат нишон медиҳад. ки омили манфии ба вучуд овардани нерӯи ташкилии ҳозиразамони корхонаҳои наклиёти автомобилии ватанӣ нокифоя истифода бурдани тамоми имкониятҳое мебошад, ки ҳамгироӣ дар натиҷаи нокифоя будани дараҷаи тайёрии ташкилӣ ба қабул ва ҷорӣ намудани навоварӣ таъмин карда метавонад.

Дар баробари ин, омили асосие, ки монеаи ба амал овардани тағйироти дахлдори ташкилию сохторӣ дар ҳар як корхонаи мушаххаси автомобилӣ мебошад, мавҷудияти рушди ташкилӣ бо истифода аз технологияҳои инноватсионӣ мебошад, ки дар навбати худ аҳамият ва зарурияти ба даст

овардани ба хамдигар мутобиқшудаи якчояи давраҳои навоварӣ ва тараққиёти ташкилии корхонаҳои наклиёти автомобилиро дар назар дорад.

Ҳамаи ин имконият медихад, ки мутаносибии замон ва истифодаи захираҳои зарурӣ ба даст оварда шаванд. Аммо баъзе муҳаққиқон нишон медиҳанд, ки риоя накардани ин қоида метавонад дар давраи рушди инноватсионӣ барои корхона оқибатҳои манфӣ дошта бошад.

Таҳлили вазъи фаъолияти инноватсионӣ аз ҷониби олимон кишвар гузаронидашуда собит намуданд, ки мушкилоти истифодаи инноватися вобаста ба рушди нокифояи ташкилӣ ва дараҷаи пасти ҷолибияти сармоягузории минтақаҳо, соҳаҳо ва корхонаҳои муайян ҳастанд.

Ҳамин тариқ, тадқиқоте, ки дар доираи мақолаи мазкур анҷом дода шудааст, зарурати ҳалли масъалаи эҷоди механизми ташаккули иқтидори инноватсионии корхонаҳо аз ба назар гирифтан ва таҳқиқи бисёр омилҳои муҳити беруна ва дохилии ташкилӣ, иқтисодӣ, молиявӣ, техникӣ, иҷтимоӣ ва ғайра алоқаманд аст. Дар баробари гуфтаҳои боло дараҷаи баланди номуайянии натиҷаҳои рушди инноватсионӣ, шаклҳои тағйирёбандаи моликият ва тағйироти эҳтимолии ҳолати муҳити беруниро ба назар гирифтан лозим аст. Ҳамаи ин ба таҳия ва қабули қарорҳои нави идоракунӣ мусоидат мекунад, ки қодир ба эҷод, ҳифз ва рушди наклиёти автомобилиро дар шароити зуд тағйирёбандаи қоидаҳои тиҷорат таъмин мекунанд. Аз ин рӯ, омили зудтағйирёбандаи хусусияти инноватсиониро вобаста ба навовариҳои техникӣ, технологӣ, иттилоотӣ, иқтисодӣ ва идоракунӣ бояд ба назар гирифт, ки дар навбати худ иқтидори дахлдори ташкилиро талаб мекунанд.

Гузаронидани тадқиқоти маркетингӣ, ки сатҳи оптималии сармоягузориро барои татбиқи фаъолияти инноватсионии корхонаҳои наклиёти автомобилӣ муайян мекунад, аҳамияти бештар дорад.

Аз ин рӯ, барои таъмини рушди устувори корхонаҳои наклиёти автомобилӣ зарур аст, ки онҳо дорои иқтидори зарурии рушд ва рушди инноватсионӣ бошанд.

Барои муайян кардани иқтидори матлуби тараққиёти корхонаҳои наклиёти автомобилӣ тавсия дода мешавад, ки аз нишондиҳандаҳои фоиданок кашондани бор ва бурдани мусофирон истифода шаванд.

Муаллиф дар натиҷаи таҳқиқот муайян кардааст, ки шарти муҳими татбиқи инноватсия ба назар гирифтани нерӯи рушди корхона мебошад. Барои ин тавсия дода мешавад, ки таносуби зерини рушди индикаторҳо дар шакли нобаробарии зерин истифода шаванд:

$$\mathbf{T_{с} < T_{в} < T_{п} < T_{рп} < T_{ит}}, \qquad (1)$$

ки: $T_с$ суръати афзоиши хароҷоти наклиёт; $T_В$ - суръати афзоиши даромад аз истифодаи таркибҳои харакаткунандаи наклиёти автомобилӣ; $T_п$ - суръати афзоиши фоида; $T_{гр}$ - суръати афзоиши фоидае, ки дар раванди истеҳсолот ва ҳамлу нақл аз нав сармоягузорӣ мешавад; $T_{ит}$ - суръати афзоиши технологияҳои инноватсионӣ.

Дар асоси нобаробариҳои боло потенсиали тараққиёти корхонаҳои наклиёти автомобилӣ мазмуни зерини иқтисодӣ пайдо мекунад:

-нобаробарии (Тс < Тв) нишон медиҳад, ки агар суръати афзоиши даромад аз суръати афзоиши хароҷоти наклиёт камтар бошад, он гоҳ ба хулосае омадан мумкин аст, ки имкониятҳои иқтисодии корхона зиёд шуда, мувофиқан шароити фаъолияти онро бештар мекунад. Зиёда аз ин, захираҳои корхона самараноктар истифода бурда мешаванд. Дар ин сурат фоидаи маблағгузориҳое, ки ба рушди

инноватсионии корхонаҳо гузошта шудаанд, меафзоянд;

-нобаробарии (Тв < Тп) нишон медиҳад, ки дар ин ҳолат фоида нисбат ба даромад бо суръати тезтар меафзояд, ки ин нисбатан кам шудани хароҷоти истеҳсол ва тақсимоти хизматрасониҳои нақлиётиро нишон медиҳад. Яке аз омилҳои асосии ин ҳодиса ноил шудан ба истифодаи оптималии технологияи боркашонӣ ва такмил додани раванди кори наклиёт мебошад.

Ҳамин тавр, агар захираҳои мавҷудаи корхона самаранок истифода бурда, тараққиёти устувори онро таъмин кунанд, дар он сурат чунин хулоса баровардан мумкин аст, ки афзоиши фоида назар ба афзоиши ҳаҷми кори наклиёт ва кам шудани арзиши аслии боркашонӣ бо суръати нисбатан баландтар аст. Аз ин рӯ, шарти муҳими рушди корхонаи нақлиёти автомобилӣ ва афзоиши рақобатпазирии ҳамлу нақл ин таъмини суръати афзоиши фоида мебошад, ки имкон медиҳад, даромад аз ҳисоби ҷорӣ намудани технологияҳои инноватсионӣ аз нав сармоягузорӣ карда шавад ва дар ниҳоят афзоиши ҳаҷми истеҳсолот фоиданокии кашондани борҳои хоҷагии халқ ва мусофирон боло раванд. Аз ин рӯ, як корхонаи фаъоли инноватсионӣ барои рушди устувор бояд ҳатман сармоягузории дубораро аз фоидае, ки дар рушди инноватсионии корхона ба даст меорад, зиёд кунад.

Ҳамин тариқ, дар шароити гузариши иқтисодиёт ба муносибатҳои бозорӣ фаъолияти корхона бештар аз татбиқи сиёсати сармоягузории давлат вобаста аст, ки он ба фароҳам овардани шароит барои таъмини рушди устувори иқтисодии кишвар нигаронида шудааст. Барои ин ҳамаи омилҳое, ки афзоиши иқтисодиёти мамлакатро муайян мекунанд, ба якчанд гурӯҳ таксим мешаванд.

Ба гурӯҳи якуми омилҳо захираҳои табиӣ ва меҳнатӣ, инчунин сармоягузорӣ дохил мешаванд. Гуруҳи дуюуми омилҳо сохтори иқтисодиёти кишварро ташкил дода, имкониятҳои мавҷудаи гурӯҳи якумро истифода бурда, самти истифодаи окилонаи онҳоро муайян мекунанд. Дар ҳар ду ҳолат, имкониятҳои истеҳсолӣ бо омилҳо ба монанди талабот, пешниҳод ва тақсимот маҳдуд мешаванд.

Ба ибораи дигар, афзоиши потенциали истеҳсолӣ ба дараҷаи афзоиши ҳаҷми умумии хароҷот, ки дараҷаи зарурии шуғли меҳнатиро таъмин мекунад, инчунин ба истифодаи оқилонаи захираҳои иловагии ба сатҳи максималӣ зиёд кардани ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти нақлиёти автомобилӣ вобаста аст.

Дар асоси таҳлили дар боло овардашуда метавон гуфт, ки ба гурӯҳи якуми омилҳо он захираҳое дохил мешаванд, ки аз ҷониби давлат идора карда мешаванд.

Дар адабиёти илмӣ проблемаҳои истеҳсол ва такмил додани технологияҳои нави интиқол ва интиқоли ба талабот ҷавобгӯ буда, хусусияти шароити бозори нақлиётро ба назар гирифта метавонанд, муфассалтар баррасӣ карда мешаванд. Дар ин ҳолат, бояд чунин хусусиятҳои техникаи муосири нақлиёти автомобилӣ ва технологияҳои боркашонии нақлиётӣ ба назар гирифта шаванд, ба монанди[1]:

- қобилияти ҷорӣ намудани техникаи муосири нақлиёти автомобилӣ, аз ҷумла таркиби ҳаракаткунанда, ки дар тамоми давраи бозордошт ба ҳама талабот ҷавобгӯ бошад;

-баланд бардоштани аҳамияти сармояи венчурӣ барои истеҳсоли маҳсулот ва технологияи муосири раванди ҳамлу нақл;

- ноил шудан ба ҳамгироии мутақобилаи судманди илм, истеҳсолот ва бозор бо мақсади ноил шудан ба нақши бештари фаъолияти соҳибкорӣ ва ғ..

Дар асоси гуфтаҳои боло, бояд қайд кард, ки баъзе хусусиятҳои такрористеҳсоли чунин захираи мураккаби сармоягузорӣ, ба монанди технологияи нави нақлиёт вуҷуд доранд, ки бо омилҳои зерин муайян карда мешаванд:

-хусусиятҳои технология ҳамчун захира;

- дараҷаи хозираи тараққиёти иқтисодиёт ва заминаи технологии он;

- маҷмӯи мавҷудаи самтҳои асосӣ дар соҳаҳои иҷтимоӣ ва илмию техникии тараққиёти нақлиёти автомобилӣ ва ғайра.

Маълум аст, ки дар шароити рушди интенсивӣ ва афзоиши нақши сармоягузорӣ, нақши сиёсати инноватсионии давлат низ

меафзояд ва ислоҳоти сохтори гузаронидашуда тағйироти дахлдорро дар сохтори истеҳсолот дар нақлиёти автомобилӣ пешакӣ муайян мекунад.

Аз ин рӯ, самти асосии стратегия бояд таҳияи усулҳои самараноки сармоягузорӣ бошад, ки ба таҳия ва татбиқи технологияҳои инноватсионӣ барои таъмини рушди устувори иқтисодӣ равона карда шаванд. Дар ин сурат ба тағйироти сохтори дахлдор мувофиқи стратегияи кабулшудаи тараққиёт ноил шудан мумкин аст.

Маълум аст, ки дар асарҳои муаллифони хориҷӣ ва ватанӣ масъалаҳои ташаккул ва рушди бозори сармоягузорӣ дар шароити иқтисоди бозоргонии тағйирёбанда, таҳқиқ карда шуданд, аз ҷумла:

- масъалаҳои таъмини молиявӣ;
- таҳияи механизмҳои арзёбии иқтисодии самаранокии лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар наклиёти автомобилӣ;
- муайян намудани манбаъҳои асосии сармоягузорӣ барои рушди инноватсионии корхонаҳои нақлиёти автомобилӣ;
- муайян намудани самтҳои кам кардани хавфҳои имконпазири сармоягузории татбиқи лоиҳаҳои инноватсионӣ;
- беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ дар ҷумҳурӣ ва минтақаҳои он;
- ташкили сохтори дахлдори идоракунии сармоягузории молиявӣ;
- тахияи усулхои танзими давлатии фаъолияти сармоягузории нақлиёти автомобилӣ;
- робитаи сармоягузорӣ ва соҳибкорӣ дар нақлиёти автомобилӣ.

Дар ҳамаи равандҳо чизи асосӣ маблағгузорӣ мебошад. Луғати истилоҳотии Ҷ.Розенберг сармоягузориро ҳамчун «истифодаи пул барои ба даст овардани даромади бештар, ба даст овардани даромад ё ба даст овардани даромади сармоя ё ҳарду» таъриф мекунад.

Шарҳи каме фарқкунандаи истилоҳи инвеститсия (ё сармоягузорӣ) аз ҷониби К.Р.Макконнелл ва Л.С.Брю - ҳамчун сармоягузориҳои иловагӣ дар раванди фаъолияти иқтисодии корхонаҳо дода шаудааст. Дар ин ҷо бояд қайд кард, ки тафсири муосири истилоҳи «сармоягузорӣ» сармоягузории маблағро ба дороиҳои воқеӣ, аз ҷумла: воситаҳои нақлиёт, мошину таҷҳизот ё сохтмони бинои нав барои корхона дар назар дорад, ки ин фарқияти асосиро аз сармояи молиявӣ муайян мекунад, муомилае, ки пул ба қоғазҳои қиматнок иваз карда мешавад.

Бояд хотиррасон кард, ки муаллифони мазкур ҳангоми таҳлили консепсияи сармоягузорӣ ду самти асосии сармоягузориро ҷудо мекунанд:

1) сармоягузорӣ ба ашёҳо ва технология, таҷҳизот, мошинҳо, таҷҳизоти ҳисоббарорӣ, биноҳо барои мақсадҳои истеҳсолӣ (асосӣ сармоя);

2) маблағгузорӣ барои таъмини захираи ашёи хом, ки дар раванди истеҳсолот истифода мешаванд (захираҳо).

Ҳамин тариқ, дар шароити муосир истеҳсолот ба илми иқтисод талабот мегузорад, ки таҷдиди назар кардани бисёр мушкилотро тақозо мекунад, ки онҳо бояд захираҳои оптималиро пайдо кунанд, ки ба ноил шудан ба рушди иқтисодӣ дар асоси рушди инноватсионии нақлиёти автомобилӣ дар ҳама сатҳҳо имконпазир гардад. Чунин самтҳои истифодаи захираҳои сармоягузорӣ ҳамчун омили ҳавасмандгардонии дигаргунсозии илмию техникии нақлиёти автомобилӣ ба баланд бардоштани фоиданокӣ ва самаранокии тадбирҳое, ки ҷиҳати такмил додани сиёсати сармоягузорӣ дар соҳаи нақлиёт таҳия ва амалӣ мешаванд, мусоидат мекунанд, ки барои ба амал баровардани тадбирҳои аз ҷиҳати илмӣ-техникӣ нав кардани парки таркиби ҳаракаткунанда имконият медиҳад, ки омили афзоиши иқтисодиёт ва баланд бардоштани рақобати иқтисодиёти мамлакат ва минтақаҳои он ба вуҷуд ояд.

Бояд гуфт, ки муҳаққиқони сиёсати сармоягузорӣ онро ба ду модел тақсим мекунанд: «сахт» ва нарм».

Мақсади модели якум бо таъсис ва рушди чунин бахшҳои иқтисодиёт, ки ба бахшҳои афзалиятнок дохил карда мешаванд, алоқаманд аст. Онҳо дорои хусусиятҳои зерин мебошанд:

- корхонаҳои соҳаҳои афзалиятноки саноат ба маблағгузории давлат (субсидия ва қарзҳои буҷетӣ) асос ёфтаанд;

- субсидияи ғайримустақими рушди соҳаҳои афзалиятноки саноат бо зерини раванди сармоягузориро фаро мегирад:
роҳи танзими қурби асъор, тағйир додани нархи ашёи хом, энергия, инчунин тарифҳои молу хизматҳои субъектҳои инҳисорҳои табиӣ.

Аз ин гуфтаҳо бармеояд, ки модели мазкур мавҷудияти самти протексионистиро дар фаъолияти иқтисодии хориҷӣ бо мақсади ба даст овардани шароити мусоидтар барои истеҳсолкунандагони ватанӣ ва ҷалби сармоягузории мустақими хориҷӣ дар назар дорад.

Модели дуюм барои ташкили чорабиниҳое пешбинӣ шудааст, ки рақобатпазирии истеҳсолкунандагони миллиро таъмин мекунанд ва самтҳои
- расидан ба сатҳи зарурии рақобатпазирии нақлиёти автомобилии ватанӣ;

-таҳия ва татбиқи лоиҳаҳои инвеститсионӣ, ки барои баланд бардоштани сатҳи даромаднокии нақлиёт имкон медиҳанд.

Тавре ки таҷрибаи ҷаҳонӣ нишон медиҳад, истифодаи ҳарду варианти моделҳо вобаста ба вазъи кунунии иқтисодӣ, яъне, дар муҳимтарин самтҳо ва соҳаҳои иқтисодиёт чун қоида шакли сахти сиёсати инвестиционӣ ва дар соҳаҳои муҳимтарин шакли нарм татбиқ карда мешавад.

Аз ин бар меояд, ки дар сатҳи макро объектҳои сиёсати сармоягузорӣ асосан соҳаҳо мебошанд, дар сатҳи микро онҳо асосан лоиҳаҳои сармоягузорӣ мебошанд. Бояд гуфт, ки самти афзалиятноки сармоягузорӣ ба лоиҳаҳо оид ба беҳтар намудани инфрасохтори мавҷудаи роҳҳои автомобилгарди нақлиёти автомобилӣ ва технологияҳои инноватсионии нақлиётӣ мебошанд.

Маълум аст, ки сармоягузорӣ ба лоиҳаҳои беҳтар намудани инфрасохтори роҳҳои автомобилгарди нақлиёти автомобилӣ, яъне, ба даст овардани самараи мусбӣ мусоидат мекунад. Ҳам сармоягузорон ва ҳам истеҳсолкунандагон аз беҳтар шудани шароити корӣ аз ҳисоби беҳтар шудани комплекси инфрасохтории зерини иқтисодиёт баҳра мебаранд:

- нақлиётӣ;
- иттилоотӣ;
-таълимӣ ва илмию техникӣ;
- иҷтимоӣ ва ҷамъиятӣ.

Ҳамин тариқ, ҳадафи асосии лоиҳаҳои инноватсионӣ дар шароити муосир муайян намудани ҷойҳои имконпазир дар бозорҳои ҷаҳонӣ ва фароҳам овардани имкониятҳои ба истеҳсолкунандаи миллӣ ворид шудан ба бозори ҷаҳонӣ мебошад. Дар ин ҳолат иҷрои ҳадафҳои асосии зеринро таъмин кардан лозим аст:

-муҳайё намудани шароит барои иқтисодиёти миллӣ барои истеҳсоли маҳсулоти рақобатпазир, ки ба стандартҳои байналмилалӣ мувофиқ аст;

- фароҳам овардани шароити мусоид барои истеҳсол ва фурӯши маҳсулоти баландтехнологӣ ва хизматрасониҳои касбӣ.

Аз ин рӯ, марҳилаи навбатии татбиқи стратегияи инноватсионӣ раванди интихоби оқилонатарин модели инноватсионӣ дар сатҳи корхона бо назардошти шароити мушаххаси иқтисодӣ мебошад. Дар баробари ин, стратегия бояд ҳамеша ба натиҷаҳои арзёбии ҳамаи шаклҳои фаъолияти инноватсионӣ, ки дар навовариҳои навъҳои гуногун зоҳир мегардад, асос ёбад. Бояд гуфт, ки татбиқи амалии ин стратегия метавонад душвориҳои муайянеро ба бор орад. Аз ин рӯ, фаъолиятҳое, ки ба ҷорӣ намудани инноватсия нигаронида шудаанд, объекти идоракунии инноватсия мебошанд. Маълум аст, ки доираи идоракунии инноватсия тамоми соҳаҳои кори ташкилотро дар бар мегирад, дар ҳоле ки он қисми ҷудонашавандаи ҳама гуна зерсистемаи функсионалӣ ё истеҳсолӣ (нақлиёт) мебошад. Ва ҳадафҳои асосии созмон инҳоянд:

- таъмини ҳамлу нақли рақобатпазир мутобиқи талаботи бозор;

- муҳайё намудани шароит барои ноил шудан ба самаранокии неруи мавҷудаи илмию истеҳсолии корхонаҳои нақлиёти автомобилӣ;

- ба бозорҳои хориҷӣ ҷорӣ намудани хизматрасонии нақлиётӣ (таҳдид намудани фаъолияти ғайри иқтисодии хориҷии ташкилотҳои нақлиётӣ);

- ба даст овардани хусусиятҳои зарурии экологии сифат (таъмини бехатарии экологии ҳамлу нақли автомобилӣ).

Бояд гуфт, ки таъиноти ҳадафи аввал такмил додани маҳсулоти истеҳсолшуда (корҳои нақлиётӣ) ва технология (технологияи ҳамлу нақл), рушди автомобилҳои муосири рақобатпазир ва технологияҳои нақлиётӣ мебошад.

Ва ҳадафи дуюм аз он иборат аст, ки равандҳои истеҳсолӣ, нақлиётӣ, хизматрасонӣ, ташкилӣ ва идоракунӣ дар асоси сохторҳои нисбатан самараноки функсионалӣ ва истеҳсолӣ, зиёд кардани даромад аз истифодаи кадрҳои касбӣ, молиявӣ, иттилоотӣ, моддӣ, фароҳам овардани шароити муосир заминаи истехсолӣ, техникӣ ва муҳандисӣ таъмин намояд. Ҳадафи сеюм ба эҷоди таҳаввулоти илмию техникӣ нигаронида шудааст, ки ба таъмини сатҳи баланди рақобатпазирии хизматрасонӣ дар бозори ҷаҳонӣ ҳангоми қонеъ кардани талаботи истеъмолкунандагон мусоидат мекунад. Мақсади чорум, таъмин намудани технологияҳое мебошанд, ки ба сатҳи зарурии муҳити табиӣ ва шароити мувофиқи кор ноил мегарданд.

Ҳамин тариқ, гуфтаҳои боло инчунин зарурати баррасии мушаххас, тафриқа ва тафсири мафҳумҳои «сармоягузории инноватсионӣ», «сармоягузорӣ ба инноватсия»-ро муайян мекунанд. Сармоягузории инноватсионӣ шаклҳои нави инноватсионии сармоягузорӣ мебошад.

Таҳлили адабиёти илмии дахлдор нишон медиҳад, ки маблағҳое, ки барои такрористеҳсоли захираҳои инноватсионӣ сармоягузорӣ карда мешаванд ё ба раванди такрористеҳсол дар шакли инноватсия ҷалб карда мешаванд (таҷҳизот, технология, кадрҳои нави дорои тахассуси нав, захираҳои иттилоотӣ, захираҳои зеҳнӣ ва ғ.), яъне дар навоварӣ сармоягузорӣ карда мешаванд.

Дар ин ҷо бояд мафҳуми сармоягузорӣ ба инноватсия махсус қайд карда шавад, ки он ҳамчун сармоягузорӣ ба натиҷаи расмии тадқиқоти бунёдӣ, амалӣ, конструкторӣ ё таҷрибавӣ дар ҳама гуна соҳаи фаъолият барои баланд бардоштани самаранокии он истифода бурда мешаванд.

Аз ин рӯ, сармоягузориҳо омили асосие мебошанд, ки фароҳам овардани дастгирии захиравии фаъолияти инноватсионӣ ва рушди инноватсионии нақлиёти автомобилиро муайян мекунанд. Камчинии сармоягузориҳо боиси суст ё бозистодани раванди тавлид ва татбиқи инноватсия мегардад.

**Адабиёт**


1. Агаев С.Д. Финансирование инновации: источники, риски, интересы // ЭКО: Экономика и организация промышленного производства.-М., 2012.=№5.-С.4-5.;
2. Гойхер О.Л. Повышение эффективности управления институтами в структуре инновационной политики региона //Региональная экономиика:теория и прктика.-М.,2012.-№1.-С.24-29; И.Бортник.10 лет развития малого инновационного предпринимательства в России// Инновации.-М.,2004, №1.-С.2-3.
3. Голов Р.С. Инновационно-синергетическое развитие промышленных организаций: теория и методология. –М.: Дашков и К°, 2011.-419 с.; Сычева Н.В. Сущность и механизм инвестирования инновационного процесса // Сибирская финансовая академия.-М, 2012.-№1.-С.150-155.
4. Грачева М.В., Кулагин А.С.,Симаранов С.Ю. Инноваци-онное предпринимательство, его риски и обеспечене безопасности // Инновации.-М.: 2001.-№8,9-10; 2002.-№1,2,3,5-С.2-5.
5. Джурабаев Г.Д., Каюмова Ф.А. Развитие промышленного производства в регионах Республики Таджикистан//Вестник Педагогического университета Республики Таджикистан им.С.Айни.-Душанбе, 2013.-№5 (54);
6. Дубинина А.В. Особенности развития инновационной экономики в регионах России// Региональная экономика: теория и практика.-М.: 2013.-№15.-С.31-38; Голиченко О.Г.Основные факторы развития национальной инновационной системы // Рос.акад.наук, ЦЭМИ.М.:Наука,2011.-633 с.;

7. Ефимычев Ю.И., Трофимов О.В. Инновационный путь развития предприятий в конкурентных условиях // Вестник Нижегородского университета им. Н.И.Лобачевского.-2008,-№1.-С.151-154.

8. Инновационное развитие: экономика, интеллектуальные ресурсы, управления знаниями / Серия «Научная мысль». Под общ.ред. Б.З.Мильнера.-М.: Инфра-М. -2013.-С 149;

9. Инновационные методы управления промышленными предприятиями и организациями на основе международных стандартов / Под ред В.В.Окрепилова.Ч.1.-СПб, Легаси, 2009;

10. Каюмова Ф.А. региональная стратегия инновационо-ориентированного развития промышленных предприятий. Диссертация.на соискание к.э.н по спец. 8.00.05.Душанбе, НУТ, 2015. – 165 с.;

11. Клейнер Г.Б., Качалов Р.М., Нагрудная Н.Б. Формирование стратегии функционирования инновационно-промышленных кластеров. -М.:ЦЭМИ РАН, 2007.-С.232;

12. Ковалев В.В.Финансовый анализ: Управление капиталом. Выбор инвестиций.Анализ отчетности. М.: Фнансы и статистика, 2008.-С 354;

13. Одиинаев Ш.Т., Раджабов Ш.Х., Музаффаров Б.С.Инвестиционная привлекатеьность регионов:особенности и пути достижения // Вестник Таджикского национальього университета.Серия экономические науки.-Душанбе, 2013.-№2/5 (117).-С.256-258;

14. Рауфи А. Конкурентная экономика./под общ.ред. д.э.н., проф. Бобоева О. – Душанбе, Дониш, 2014. – С 444-454 (Инновационная деятельность в системе конкурентной экономики)

15. Розенберг Дж.М. Инвестиции: Терминологический словарь. М.: ИНФРА-М, 1997.-С.400.

16. Саралидзе А. Эффективная инвстиционная политика: определяющий фактор межрегиональной инновационной интеграции // Проблемы теории и практики управления. М., 2013.-№7.-С 81-88;

17. Твисс Б. Управление научно-техническими нововведениями /Пер.с англ. –М.: Экономика, 1989.-271 с.;

18. Ходжаев П.Д. Инновационное развитие рынка услуг пассажирского автомобильного транспорта: состояние, проблемы и перспективы. -Душанбе , Ирфон,-2016.-353 с.;

19. Четыркин Е.М. Финансовый анализ производственных инвестиций.-М.: Дело, 1998.-С.234.

**Маълумот дар бораи муаллиф:**
**Шомуродов Абдуллохон Маҳмадмуродович** - унвонҷӯи Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон. Суроға: 734067, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кучаи Нахимов 64/14.
**Информация об автора:**
**Шомуродов Абдуллохон Махмадмуродович** – соискатель Таджикского государственного финансово-экономического университета. Адрес: 734067, Республика Таджикистан, г.Душанбе, улица Нахимова 64/14.
**Information about the author:**
**Shomurodov Abdullokhon Mahmadmurodovitch** - applicant at the Tajik State University of Finance and Economics.Address: 734067, Republic of Tajikistan, Dushanbe, str. Nakhimov 64/14.

УДК: 339

# ҲАМКОРИҲОИ САРМОЯГУЗОРИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН БО МАМЛАКАТҲОИ АЪЗОИ СҲШ: ИМКОНИЯҲО ВА ДУРНАМО

**Иброҳимзода А.М.**

***Аннотатсия.*** *Дар мақолаи мазкур ҳамкориҳои сармоягузории Ҷумҳурии Тоҷикистон бо кишварҳои аъзои Созмони Ҳамкории Шанхай таҳлил гардидааст. Таҳлили вазъи кунунии ҷалби сармоягузориҳо аз мамлакатҳои аъзои СҲШ ба иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон гузаронида шудааст. Қайд мегардад, ки ҳамкории сармоягузории Тоҷикистон ва кишварҳои СҲШ пеш аз ҳама як ҷузъи муҳими рушди иқтисоди кишвар буда, имкони ҷалби сармояи хориҷӣ, беҳбуди инфрасохтор, рушди бахшҳои асосӣ ва таъсиси ҷойҳои нави корӣ мебошад. Дар асоси таҳлили ҳамаҷониба муайян гардид, ҷалби бештари сармоягузориҳо дар рушди иқтисоди Тоҷикистон нақши асосиро мебозад ва ҳамчун муҳаррики асосии рушд ва навсозӣ хизмат мекунад. Муайян гардид, ки ҳамкории сармоягузории Тоҷикистон ва кишварҳои Созмони ҳамкории Шанхай (СҲШ) дорои иқтидори назаррас буда, барои ҷумҳурӣ метавонад имкониятҳои васеъи рушди устувори иқтисодӣ, навсозии инфрасохтор ва баланд бардоштани рақобатпазириро дар сатҳи минтақавӣ фароҳам орад. Иштироки фаъолонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар татбиқи стратегияҳо ва барномаҳои иқтисодии СҲШ барои ҷалби сармоя ба бахшҳои афзалиятнок барои кишвар имкониятҳои нав фароҳам меорад, ки дурнамои хеле хуб ва назаррас дорад.*

***Калидвожаҳо:*** *сармогузориҳо, сармоягузориҳои мустақим, сармоягузории портфели, Созмони Ҳамкории Шанхай, рушди устувори иқисодӣ.*

***Барои иқтибос:*** *Иброҳимзода А.М. Ҷанбаҳои афзории стратегияи ҷорӣ намудани инноватсия дар нақлиёти автомобилӣ / А. М. Иброҳимзода// Паёми молия ва иқтисод. – 2024. –No. 4.2 (43). – С. 686-692.*

# ИНВЕСТИЦИОННОЕ СОТРУДНИЧЕСТВО РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН С ГОСУДАРСТВАМИ-ЧЛЕНАМИ ШОС: ВОЗМОЖНОСТИ И ПЕРСПЕКТИВЫ

**Иброхимзода А.М.**

**Аннотация.** *В статье анализируется инвестиционное сотрудничество Республики Таджикистан со странами-членами Шанхайской организации сотрудничества. Проведен анализ текущей состояний по привлечению инвестиций из стран-членов ШОС в экономику Республики Таджикистан. Отмечено, что инвестиционное сотрудничество Таджикистана со странами ШОС является, прежде всего, важной составляющей экономического развития страны, предоставляя возможность привлечения иностранных инвестиций, улучшения инфраструктуры, развития ключевых отраслей, создания новых рабочих мест. На основе комплексного анализа было выявлено, что привлечение дополнительных инвестиций играет ключевую роль в развитии экономики Таджикистана и служит основным двигателем роста и модернизации. Определено, что инвестиционное сотрудничество Таджикистана со странами Шанхайской организации сотрудничества (ШОС) имеет значительный потенциал и может предоставить республике широкие возможности для устойчивого экономического развития, модернизации инфраструктуры, повышения конкурентоспособности на региональном уровне. Активное участие Республики Таджикистан в реализации экономических стратегий и программ ШОС по привлечению инвестиций в приоритетные отрасли создает для страны новые возможности, имеющие очень хорошие и значительные перспективы.*

***Ключевые слова:*** *инвестиции, прямые инвестиции, портфельные инвестиции, Шанхайская организация сотрудничества, устойчивое экономическое развитие.*

# INVESTMENT COOPERATION OF THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN WITH THE SCO MEMBER STATES: POSSIBILITIES AND PROSPECTS

**Ibrohimzoda A.M.**

**Abstract.** *The article analyzes the investment cooperation of the Republic of Tajikistan with the member countries of the Shanghai Cooperation Organization. The analysis of the current state of attracting investments from the SCO member countries to the economy of the Republic of Tajikistan is carried out. It is noted that investment cooperation of Tajikistan with the SCO countries is, first of all, an important component of the country's economic development, providing an opportunity to attract foreign investment, improve infrastructure, develop key industries, and create new jobs. Based on a comprehensive analysis, it was revealed that attracting additional investment plays a key role in the development of the economy of Tajikistan and serves as the main engine of growth and modernization. It is determined that investment cooperation of Tajikistan with the countries of the Shanghai Cooperation Organization (SCO) has significant potential and can provide the republic with broad opportunities for sustainable economic development, modernization of infrastructure, and increased competitiveness at the regional level. The active participation of the Republic of Tajikistan in the implementation of economic strategies and programs of the SCO to attract investments in priority sectors creates new opportunities for the country that have very good and significant prospects.*

***Key words:*** *investments, direct investments, portfolio investments, Shanghai Cooperation Organization, sustainable economic development.*

**Гузориши масъала.** Созмони Ҳамкории Шанхай пеш аз ҳама як созмони муҳими байналмилалӣ аст, ки дар мустаҳкам намудани алоқаҳои иқтисодӣ ва ичтимоӣ аъзоёни худ нақши хеле калон мебозад. Барои Тоҷикистон, ки дар маркази Осиёи Марказӣ ҷойгир аст, ҳамкорӣ бо дигар кишварҳои узви Созмони ҳамкории Шанхай, бахусус дар заминаи сармоягузорӣ, як вазифаи муҳими стратегӣ ба шумор меравад. Дар баробари ин дар шароити номуяйянии иқтисоди ҳамкориҳои сармоягузорӣ бо кишварҳои СҲШ барои ҳавасмандгардонии рушди иқтисодӣ ва таъмини рушди устувори кишвар зарур аст. Ҳамкориҳои сармоягузории Тоҷикистон ва кишварҳои СҲШ василаи муҳими рушди босуръати иқтисодӣ ва ҳалли мушкилоти кунунии ичтимоиву иқтисодӣ мебошад. Аммо барои истифодаи босамари ин иқтидор равишҳои возеҳи стратегӣ зарур аст, ки ба беҳбуди фазои сармоягузорӣ, ҳалли мушкилоти инфрасохторӣ, рушди соҳаҳои энергетика ва нақлиёт, инчунин фароҳам овардани шароит барои фаъолияти бехатару устувори сармоягузорони байналмилалӣ дар кишвар нигаронида шудаанд.

**Таҳлили таҳқиқотҳои охир ва нашриёт.** Масъалаҳои марбут ба ҳамкориҳои сармоягузориҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Созмони Ҳамкории Шанхай (СҲШ) дар корҳои иқтисодшиносони ватанӣ ба монанди М.Н, Худоиев, Л.Х. Саидмуродзода, Д.О. Қандиёрова, А.А. Солеҳзода, Р.М. Мирбобоев, Б.У. Шукуров, М.Т., Каримова, М.С. Содиков ва дигарон мавриди омӯзиш қарор дода шудааст.

**Мақсади мақола.** Таҳқиқ ва таҳлили ҳамкориҳои сармоягузории Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мамлакатҳои аъзои Созмони Ҳамкории Шанхай мебошад.

**Муҳатавои асосии мавод.** Созмони Ҳамкориҳои Шанхай (СҲШ) яке аз муҳимтарин созмонҳои минтақавӣ буда, дар муносибатҳои байналмилалӣ, амният, иқтисод ва сиёсат нақши хеле муҳим дорад. Дар шароити бесуботии сиёсии ҷаҳон ва чолишҳои иқтисодӣ, аз қабили таҳримҳо, ҷангҳои тиҷоратӣ ва бӯҳронҳо, СҲШ ба як платформаи муҳими таҳкими эътимоди мутақобила ва ҳамкории кишварҳои узв табдил меёбад. Ҳамзамон Созмони Ҳамкории Шанхай бо дигар созмонҳои байналмилалӣ, аз ҷумла (СММ, АСЕАН, БРИКС) фаъолона ҳамкорӣ мекунад ва ба роҳандозии шарикӣ бо як қатор кишварҳои дигар машғул аст. Ин ба таҳкими мавқеъҳои кишварҳои узви Созмони Ҳамкории Шанхай дар арсаи ҷаҳонӣ мусоидат мекунад.

Солҳои охир СҲШ фаъолона тавсеа ёфта, кишварҳои навро ба ҳайси узви комилҳуқуқ ё нозир қабул мекунад, ки ин ба таҳкими минбаъдаи нуфузи он мусоидат мекунад. Инчунин ба ҳамкории амиқтари

байниминтақавӣ имкон медиҳад ва ба ҳамгироӣ дар соҳаҳои гуногун мусоидат мекунад. Аз ин лиҳоз, аҳамияти СҲШ дар қобилияти вокуниш ба чолишҳои муосир, аз қабили бесуботии сиёсӣ, таҳдидҳои амниятӣ, мушкилоти иқтисодӣ ва зарурати ҳамкориҳои минтақавӣ хеле калон мебошад.

Чуноне, ки профессор Каримова М.Т., қайд менамояд «…Тоҷикистон ба ҳамкориҳо дар чаҳорчӯби Созмони ҳамкории Шанхай аҳамияти хоса дода, онро яке аз муҳимтарин созмонҳои минтақавӣ медонад. Дар доираи СҲШ ҷиҳати ҳалли масъалаҳои минтақавӣ, ташкили ҳамкориҳои иқтисодӣ ва рушди дигар самтҳои ҳамкорӣ, ки тадриҷан тамоми соҳаҳои муносибатҳои давлатҳои аъзои Созмонро фаро мегиранд, корҳои зиёде анҷом дода шуданд» [1. с.167].

Маврид ба зикр аст, ки дар айни замон ин созмони бонуфуз зиёда аз 10 кишварро муттаҳид менамояд. Тавре, аз маълумотҳои омори бар меояд  ҳиссаи ин созмон дар ММД-и ҷаҳонӣ тақрибан ¼ баробар ва дар савдои байналмилалӣ аз 15% зиёд аст. Мамлакатҳои аъзои СҲШ муносибатҳои дарозмуддати неки ҳамсоягӣ, дӯстӣ ва ҳамкориро дар соҳаҳои ба манфиати тарафайн мувофиқи принсипҳо ва меъёрҳои аз ҷониби умум эътирофшудаи ҳуқуқи байналмилалӣ инкишоф медиҳанд.

Яке аз самтҳои муҳими ҳамкори байни мамлакатҳои аъзои Созмони Ҳамкории Шанхай ин сармоягузори ба шумор меравад. Ҷумҳурии Тоҷикистон низ ҳамкориҳои худро дар ин самт бо ин созмон ба роҳ мондааст. Вобаста ба ин яке аз самтҳои афзалиятноки рушди иқтисоди миллӣ, ки дар Стратегияи миллии рушд барои давраи то соли 2030 муайян шудааст, ҷалби сармояи хориҷӣ ва дохилӣ мебошад. Бе фароҳам овардани фазои мусоиди сармоягузорӣ ва рушди муносибатҳои иқтисодии байналмилалӣ ноил шудан ба ҳадафҳои стратегии кишвар амалан ғайриимкон ба назар мерасад. Аз ин рӯ, ҷалби сармояи хориҷӣ ба кишвар, пеш аз ҳама аз кишварҳои шарик, як масъалаи муҳими фаъолияти иқтисодии кишвар мебошад. Бояд қайд кард, ки ҳамкории сармоягузории Тоҷикистон ва кишварҳои СҲШ пеш аз ҳама як ҷузъи муҳими рушди иқтисоди кишвар буда, имкони ҷалби сармояи хориҷӣ, беҳбуди инфрасохтор, рушди бахшҳои асосӣ ва таъсиси ҷойҳои нави корӣ мебошад.

Дар баробари ин чуноне, ки мутахассисон қайд менамоянд «…кишварҳои узви Созмони ҳамкориҳои Шанхай шарикони боэътимоди кишвар буда, таҳкими равобити иқтисодӣ ва сармоягузорӣ бо кишварҳои узви ин созмон шарти зарурии рушди минбаъдаи ҳамкориҳои мутақобилан судманд мегардад» [2. с.68].

Ба андешаи мо сармоягузорӣ дар рушди иқтисоди Тоҷикистон нақши асосиро мебозад ва ҳамчун муҳаррики асосии рушд ва навсозӣ хизмат мекунад. Сармоягузориҳои хориҷӣ ва дохилӣ воридшавии захираҳои молиявӣ ва технологияҳои пешрафтаро таъмин мекунанд, ки барои рушди соҳаҳои гуногуни иқтисодиёт заруранд. Ҳамзамон лоиҳаҳои сармоягузорӣ, махсусан дар соҳаи истеҳсолот боиси таъсиси ҷойҳои нави корӣ мегардад, ки ба коҳиши сатҳи бекорӣ ва афзоиши даромади аҳолӣ мусоидат мекунад. Бо вуҷуди ин сармоягузорӣ ба инфрасохтори нақлиёт, энергетика ва иҷтимоӣ барои таъмини рушди устувори иқтисодӣ ва баланд бардоштани сифати зиндагии аҳолӣ муҳим аст. Ҷалби сармоягузорӣ ба соҳаҳои ба содирот нигаронидашуда ба зиёд шудани ҳаҷм ва диверсификатсияи сохтори содирот мусоидат мекунад, ки ин ба беҳтар шудани мувозинати савдои кишвар мусоидат мекунад. Ҳамин тариқ, фаъолияти сармоягузорӣ самти муҳими стратегӣ барои таъмини рушди устувор ва дарозмуддати иқтисодии Тоҷикистон мебошад.

Ҳамкориҳои сармоягузории Тоҷикистон бо кишварҳои узви Созмони ҳамкориҳои Шанхай (СҲШ) чанд самти асосиро дар бар мегирад, ки бахшҳои мухталифи иқтисодро фаро мегиранд. Ин ҳамкорӣ фаъолона инкишоф ёфта, лоиҳаҳои дуҷониба ва бисёрҷонибаро дар бар мегирад. Таваҷҷуҳи асосӣ дар доираи СҲШ ба рушди мубодилаи тиҷоратию иқтисодӣ равона карда шудааст. Тоҷикистон бо кишварҳои Чин, Қазоқистон, Русия ва дигар аъзои ин созмон фаъолона ҳамкорӣ мекунад. Тайи солҳои охир гардиши мутақобила, бахусус дар бахшҳои кишоварзӣ, нассоҷӣ, энергетикӣ ва сохтмон афзоиш ёфтааст. Дар

баробари ин бояд қайд кард, ки таҳлили фазои сармоягузорӣ дар Тоҷикистон арзёбии ҳамаҷонибаи омилҳое мебошад, ки ба ҷолибияти кишвар барои сармоягузорони дохилӣ ва хориҷӣ таъсир мерасонанд. Он арзёбии заминаи қонунгузорӣ, тадбирҳои дастгирии давлатӣ, бартарӣ ва нуқсонҳои сармоягузорӣ, инчунин хатарҳои гуногунро дар бар мегирад. Давлат барои баланд бардоштани ҷолибияти сармоягузорӣ тавассути такмили қонунгузорӣ, пешниҳоди имтиёзҳо ва рушди инфрасохтор талош мекунад.

Дар ин ҳошия бояд қайд кард, ки 4 июли соли 2023 дар саммити навбатии СҲШ бо ташаббуси Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон Стратегияи рушди иқтисодии Созмон то соли 2030 ва як сол пас дар саммити Остона Нақшаи чорабиниҳо ҷиҳати татбиқи он қабул шуд. Ҳуҷҷати мазкур фарогири тамоми соҳаҳои иқтисодӣ бо тамаркуз ба «рушди сабз» мебошад. Оғози татбиқи он ба ҳамкориҳои воқеии амалӣ бо мақсади таъмини рушди устувори иқтисодӣ ва баланд бардоштани сатҳи зиндагии аҳолии минтақаи СҲШ такон мебахшад.

Ҳаҷми сармоягузории кишварҳои узви Созмони ҳамкориҳои Шанхай ба иқтисоди Тоҷикистон рӯ ба афзоиш аст, аммо вобаста ба сол ва навъи тарҳҳо рақамҳои мушаххас метавонанд фарқ кунанд. (ниг.ба ҷадвали 1).

Ҷадвали 1. **Маълумот дар бораи воридоти сармоягузориҳо аз мамлакатҳои аъзои созмони ҳамкории Шанхай дар соли 2023**

**ҳаз. долл**

| **МАМЛАКАТҲОИ СОЗМОНИ ҲАМКОРИИ ШАНХАЙ** | | **аз он ҷумла:** | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| | **Ҳамагӣ** | **Вазни қиёсӣ** | **сармоя-гузориҳои мустақим** | **сармоягузо-риҳои ҷомадонӣ** | **сармоягузо-риҳои дигар** |
| **ҲАМАГӢ - САРМОЯГУЗОРӢ** | **2 783 975,2** | **100,0** | **284 076,9** | **122,6** | **2 499 775,7** |
| Федеретсияи Руссия | 876 667,0 | 31,5 | 41 455,5 | - | 835 211,5 |
| Ҷумҳурии Халқии Хитой | 450 796,9 | 16,2 | 143 507,0 | - | 307 290,0 |
| Ҷумҳурии Исломии Эрон | 22 382,3 | 0,8 | 489,8 | - | 21 892,5 |
| Ҳиндустон | 18 586,7 | 0,7 | - | - | 18 586,7 |
| Покистон | 4 496,3 | 0,2 | 451,1 | - | 4 045,2 |
| Қазоқистон | 211 589,2 | 7,6 | 12 081,6 | - | 199 507,6 |
| Қирғизстон | 15 671,2 | 0,6 | 2 492,4 | - | 13 178,8 |
| Узбекистон | 6 743,2 | 0,2 | 4,9 | - | 6 738,3 |
| Беларусия | 2 106,6 | 0,1 | - | - | 2 106,6 |

**Сарчашма:** Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон –Душанбе, 2024. - С. 446-447; Маълумотҳои Бонки миллии Тоҷикистон.

Чуноне, ки аз маълумотҳои ҷадвали 1 бар меояд сармоягузориҳо дар маҷмӯъ дар соли 2023, 2783975,2 ҳазор сомониро ташкил додаанд, ки аз инҳо сармоягузориҳои мустақим дар соли таҳлилӣ 284076,9 ҳазор сомонӣ, сармоягузориҳои ҷомадонӣ 122,6 ҳазор сомонӣ ва сармоягузориҳои дигар бошанд 2499775,7 ҳазор сомониро ташкил додаанд. Қайд намудан зарур аст, ки аз воридоти сармоягузориҳое дар байни мамлакатҳои аъзои СҲШ дар соли 2023 ба иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон ворид гардидааст ҳиссаи зиёдаш тибқи маълумотҳои ҷадвал ба Федеретсияи Руссия рост меоянд. Масалан дар маҷмӯъ аз Федератсияи Руссия дар соли 2023, 876 667,0 ҳазор сомони сармоягузори гардидааст, ки 41 455,5 ҳазор сомониаш сармоягузориҳои мустақим ва 835 211,5 ҳазор сомониаш ба дигар сармоягузориҳо рост меоянд. Ҳамкориҳои сармоягузории Тоҷикистону Руссия дар доираи узвияти Созмони ҳамкориҳои Шанхай (СҲШ) як ҷузъи муҳими равобити дуҷонибаи иқтисодии ду кишвар ба шумор меравад. Русия ба таври анъанавӣ дар иқтисоди Тоҷикистон мавқеи

калидиро ишғол намуда, дар бахшҳои мухталиф сармоягузорӣ ва дастгирии назаррас дорад. Вобаста ба Руссия дар навсозии инфрасохтори энергетикии Тоҷикистон, аз ҷумла дар соҳаи гидроэнергетика фаъолона иштирок мекунад. Тоҷикистон захираҳои бузурги об дорад ва ширкатҳои русӣ дар сохтмон ва таҷдиди нерӯгоҳҳои барқи обӣ (НБО) ширкат мекунанд.

Дар умум Федератсияи Русия яке аз сармоягузорони бузургтарин дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аст. Солҳои охир афзоиши равобити иқтисодии Русияву Тоҷикистон, аз ҷумла тавассути ҳамкориҳо дар чаҳорчӯби СҲШ мушоҳида мешавад, ки ба афзоиши ҳаҷми сармоягузорӣ мусоидат мекунад. Дурнамои ҳамкориҳои сармоягузории Тоҷикистону Руссия хеле хуб аст. Аз ин рӯ ҳамкориҳои сармоягузории Тоҷикистон бо Руссия дар чаҳорчӯби СҲШ доираи васеъро ( аз энергетика то кишоварзӣ ва молия) -ро дар бар мегирад. Ба андешаи мо, Федератсияи Руссия ҳамчун узви СҲШ яке аз шарикони калидии Тоҷикистон боқӣ мемонад, ки сармоягузориҳои назаррасро пешниҳод мекунад ва рушди иқтисодии кишварро дастгирӣ мекунад. Дар оянда ин ҳамкориҳо инкишоф ёфта, дар таҳкими суботи иқтисодӣ ва шарикии стратегии кишварҳо нақши муҳим мебозад. Яке аз муассис ё таъсидиҳандаи ин созмон ин Ҷумҳурии Халқии Хитой ба шумор меравад. Сармоягузории Ҷумҳурии Халқии Хитой ҳамчун узви СҲШ ба иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли таҳлилии 2023 зиёда аз 450 796,9 ҳазор сомониро ташкил дод, ки аз инҳо 143 507,0 сармоягузориҳои мустақим ва 307 290,0
дигар сармоягузориҳоро ташкил додааст.

Ҳамкориҳои сармоягузории Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Халқии Хитой ҳамчун узви СҲШ ҷузъи муҳими равобити дуҷониба буда, босуръат рушд мекунанд, ки ба он узвияти ҳарду кишвар дар Созмони ҳамкориҳои Шанхай мусоидат мекунад. Созмони ҳамкориҳои Шанхай ҳамчун платформаи муҳими минтақавӣ амал намуда, барои муколама, таҳкими боварӣ ва татбиқи ташаббусҳои муштараки иқтисодӣ шароити мусоид фароҳам меорад. Вобаста ба ин Ҷумҳурии Халқии Хитой яке аз бузургтарин сармоягузорони иқтисоди Тоҷикистон ба шумор меравад. Сармоягузории Ҷумҳурии Халқии Хитой ба бахшҳои гуногуни иқтисоди Тоҷикистон аз ҷумла энергетика, инфраструктураи нақлиёт, саноати маъдан, саноат, кишоварзӣ, сохтмон ва ѓайраҳо равона карда шудааст. Ҳамкориҳои сармоягузорӣ ба рушди савдои Тоҷикистону Чин зич алоқаманданд. Ҷумҳурии Халқии Хитой яке аз шарикони асосии тиҷоратии Тоҷикистон низ ба шумор меравад. Дар баробари сармоягузориҳои мустақим Ҷумҳурии Халқии Хитой ба Тоҷикистон бо шартҳои имтиёзнок барои иҷрои тарҳҳои мухталиф қарзу грантҳо низ медиҳад.

Бо дарназардошти ҳамкориҳои стратегии Тоҷикистону Чин ва нақши фаъоли ҳарду кишвар дар СҲШ, ҳамкориҳои сармоягузорӣ барои рушди минбаъда иқтидори назаррас дорад. Аз ин нуқтаи назар гуфтан ҷоиз аст, ки дар оянда сармоягузориҳои Чин ба бахшҳои нави ояндадори иқтисоди Тоҷикистон равона мегарданд, ки ба рушди устувори он мусоидат менамоянд. Ҳамин тариқ, СҲШ дар рушди ҳамкориҳои сармоягузории Тоҷикистону Чин нақши муҳими калиди бозида, шароити мусоид ва замина барои татбиқи лоиҳаҳои муштарак, ки ба рушди иқтисодӣ ва ҳамгироии минтақавӣ мусоидат мекунад, фароҳам меорад.

Ҷумҳурии Исломии Эрон низ ҳамчун узви Созмони Ҳамкории Шанхай ба иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2023 дар ҳаҷми 22 382,3 ҳазор сомонӣ сармоягузори намудааст, ки 489,8 ҳазор сомониаш ба сармоягузориҳои мустақим ва 21 892,5 ҳазор сомониаш ба дигар сармоягузориҳо таалуқ доранд. Ҳамин тариқ маълумотҳои ҷадвали № 1 инъикосгари он мебошанд, ки дар маҷмӯъ ҳамкориҳои сармоягузории Тоҷикистон ва кишварҳои СҲШ дар ҳоли рушд қарор доранд (ниг ба диаграммаи №1).




**Диаграммаи №1. Воридоти сармоягузориҳо аз мамлакатҳои аъзои Созмони ҳамкории Шанхай дар соли 2023**

**Сарчашма: Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон –Душанбе, 2024. - С. 446-447; Маълумотҳои Бонки миллии Тоҷикистон.**

Тавре, ки аз диаграмми № 1 мушоҳида мешавад дар байни мамлакатҳои аъзои Созмони Ҳамкории Шанхай, ҳиссаи аз ҳама зиёди сармоягузорие, ки ба иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2023 ворид гардидааст ба Федератсияи Руссия (31,5%) рост меояд. Ҳамин тавр ба Ҷумҳурии Халқии Хитой (16,2 %); Ҷумҳурии Исломии Эрон (0,8%); Ҳиндустон (0,7%); Покистон (0,2%); Қазоқистон (7,6%); Қирѓизстон (0,6%); Узбекистон (0,2%) ва Беларусия (0,1 %) рост меояд.

Ҳамкории сармоягузории Тоҷикистон ва кишварҳои Созмони ҳамкории Шанхай (СҲШ) дорои иқтидори назаррас буда, барои ҷумҳурӣ барои рушди устувори иқтисодӣ, навсозии инфрасохтор ва баланд бардоштани рақобатпазирӣ дар сатҳи минтақавӣ имкониятҳои васеъ фароҳам меорад. Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки СҲШ на танҳо ҳамчун платформаи сиёсӣ ва амниятӣ, балки ҳамчун воситаи муассири ҳавасмандгардонии ҳамкории иқтисодӣ, аз ҷумла ҷалби сармоя ба бахшҳои асосии иқтисоди Тоҷикистон амал мекунад.

Кишварҳои СҲШ, бахусус Ҷумҳурии Халқии Хитой ва Федератсияи Русия, иқтидори қавии иқтисодӣ доранд ва метавонанд ҳамчун сармоягузори асосӣ баромад карда, на танҳо захираҳои молиявӣ, балки технологияҳои пешрафтаро низ таъмин намоянд.

Такмили минбаъдаи заминаи қонунгузорӣ, коҳиши монеаҳои маъмурӣ, ва баланд бардоштани шаффофияти фазои соҳибкорӣ ба ҷалби бештари сармоягузориҳо аз кишварҳои СҲШ мусоидат мекунад. Иштироки фаъолонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар татбиқи стратегияҳо ва барномаҳои иқтисодии СҲШ барои ҷалби сармоя ба бахшҳои афзалиятнок барои кишвар имкониятҳои нав фароҳам меорад. Истифодаи фаъолона ва мақсадноки имкониятҳои аз ҷониби СҲШ фароҳам овардашуда ба Тоҷикистон имкон медиҳад, ки ҳадафҳои иқтисодии худро пурра амалӣ намуда, шукуфоии дарозмуддатро таъмин намояд.

Ҳамин тариқ ҳамкориҳои сармоягузории Ҷумҳӯрии Тоҷикистон ва кишварҳои аъзои СҲШ як ҷузъи калидии рушди иқтисодии кишвар ба шумор меравад. Ҳамкории мутақобила ба рушди иқтисоди Тоҷикистон ва беҳтар шудани мавқеъаш дар арсаи байналмилалӣ мусоидат мекунад.

## Адабиёт

1. Каримова М. Перспективы экономического сотрудничества Таджикистана со странами ШОС//Центральная Азия и Кавказ, Том 15, Выпуск 1 – 2012, - С.159-168.
2. Содиков М.С. Развитие инвестиционного сотрудничества РТ со странами ШОС [Текст] / М.С. Содиков // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. – 2021. – № 2. – С. 68-76.
3. Данаева М.Х. Шанхайская организация сотрудничества в системе международных экономических отношений. [Текст], М. Данаева, // Вестник Таджикского Национального Университета. № 3(15), 2018. – С.51-56.
4. Данаева, М. Х. ШОС в системе международных экономических отношений / М. Х. Данаева // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. – 2018. – № 6. – С. 127-130.
5. Чжоу Цзюнь Шанхайская организация сотрудничества: история создания//Terra Linguistica, №.3 (227), 2015, С.67-70.
6. Алиев М.А. Экономические институты шос// Региональные проблемы преобразования экономики, №. 2 (40), 2014, С. 19-24.

**Маълумот дар бораи муаллиф: Иброҳимзода А.М.,** - унвонҷӯи кафедраи иқтисоди ҷаҳонӣ Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон. **Суроға:** 734067, ш. Душанбе, кӯчаи Нахимов 64/14. **E.mail:** amirjon.90@list.ru
**Сведения об авторе: Иброхимзода А.М.,** - соискател кафедры мировой экономики Таджикского государственного финансово-экономического университета. **Адрес:** 734067, город Душанбе, улица Нахимова 64/14. Электронная почта: amirjon.90@list.ru
**About the author: Ibrohimzoda A.M.,** - applicant of the Department of World Economy of the Tajik State University of Finance and Economics. Address: 734067, Dushanbe, Nakhimov Street 64/14. E-mail: amirjon.90@list.ru.

**УДК:336**

## АСОСҲОИ НАЗАРИЯВИИ ИСТИФОДАИ ТЕХНОЛОГИЯИ РАҚАМӢ ДАР СОҲАИ СУҒУРТА

**Аҳроров С.Ҳ.**

Дар таҳқиқоти мазкур таҳлили масъалаҳои назариявии истифодаи технологияи рақамӣ дар соҳаи суғурта дар шароити муосир мавриди баррасӣ қарор дода шудааст. *Тибқи нуқтаи назари муҳаққиқон дар шароити муосир, соҳаи суғурта на танҳо як воситаи барои идоракунии хатар ва ба таъмини амният табдил ёфтааст, балки бо назар ба таҳаввулоти технологӣ, иқтисодии ва иҷтимоии ҷаҳони муосир, он ба як соҳаи мураккаб ва динамикӣ табдил ёфтааст.*

*Таҳлили назариявии истифодаи технологияи рақамӣ дар соҳаи суғурта дар шароити муосир нишон медиҳад, ки бо вуҷуди кӯшишҳои зиёд барои рушди бозор, ба он ҳанӯз якчанд мушкилот, аз қабили дастрасии кам а технологии рақамии муосир, камбуди рақобат, сатҳи пасти саводнокии молиявии аҳолӣ, номутаносибии маълумот ва мушкилоти дарк кардани аҳамияти суғурта мавҷуд аст. Аз ин рӯ, татбиқи технологияҳои нав ва такмили маърифати ҷамъиятӣ, инчунин сиёсати дуруст, метавонанд ба беҳбудии бозори суғурта ва самарабахшии он кӯмак расонанд.*

***Калидвожаҳо:*** *технологияи рақамӣ, суғурта, ташкилотҳои суғуртавӣ, бозори суғурта, хизматрасониҳои суғуртавӣ, азнавсуғуртакунӣ, суғуртакунӣ, ҳодисаҳои суғуртавӣ, суғуртаи рақамӣ, суғуртаи хатарҳои киберӣ,объекти суғурта, суғурташаванда.*

***Барои иқтибос:*** *Аҳроров С.Ҳ. Асосҳои назариявии истифодаи технологияи рақамӣ дар соҳаи суғурта / С.Ҳ. Аҳроров // Паёми молия ва иқтисод. – 2024. – No. 4.2(43). – С. 693-698.*

## ТЕОРЕТИЧЕСКИЕ ОСНОВЫ ИСПОЛЬЗОВАНИЯ ЦИФРОВЫХ ТЕХНОЛОГИЙ В СФЕРЕ СТРАХОВАНИЯ

**Ахроров С.Х.**

*В данной работе рассматривается анализ теоретических вопросов, связанных с использованием цифровых технологий в страховой отрасли в современных условиях. По мнению исследователей, в современных условиях страховая отрасль стала не только инструментом управления рисками и обеспечения безопасности, но и, учитывая технологические, экономические и социальные изменения современного мира, превратилась в сложную и динамичную отрасль.*

*Теоретический анализ использования цифровых технологий в страховой отрасли в современных условиях показывает, что, несмотря на значительные усилия по развитию рынка, он по-прежнему сталкивается с рядом проблем, таких как ограниченный доступ к современным цифровым технологиям, отсутствие конкуренции, низкий уровень финансовой грамотности населения, асимметрия информации, трудности в понимании важности страхования. Таким образом, внедрение новых технологий и повышение осведомленности общественности, а также правильная политика могут способствовать улучшению рынка страхования и его эффективности.*

***Ключевые слова:*** *цифровые технологии, страхование, страховые организации, страховой рынок, страховые услуги, перестрахование, страхование, страховые случаи, цифровое страхование, страхование киберрисков, объект страхования, страхователь.*

## THEORETICAL BASIS OF THE USE OF DIGITAL TECHNOLOGY IN THE INSURANCE SECTOR

**Ahrorov S.H.**

*This study comprehensively considers the analysis of theoretical and practical issues of the ins This study analyzes the theoretical issues of the use of digital technology in the insurance industry in modern conditions. According to the researchers' point of view, in modern conditions, the insurance industry has become not only a tool for risk management and ensuring security, but also, given the technological, economic and social developments of the modern world, it has become a complex and dynamic industry.*

*Theoretical analysis of the use of digital technology in the insurance industry in modern conditions shows that, despite great efforts to develop the market, it still faces several problems, such as low access to modern digital technologies, lack of competition, low level of financial literacy of the population, information asymmetry, and difficulties in understanding the importance of insurance. Therefore, the implementation of new technologies and improving*

*public awareness, as well as the right policy, can help improve the insurance market and its efficiency.*
***Keywords:*** *digital technology, insurance, insurance organizations, insurance market, insurance services, reinsurance, insurance, insurance events, digital insurance, cyber risk insurance, insurance object, insured.*

**Гузориши масъала.** Яке аз мақсадҳои асосӣ дар шароити муосир ин баланд бардоштани саводнокии молиявии аҳолӣ буда, дар ин асос боло бурдани як қатор нишондиҳандаҳои молиявии кишвар аз қабили ҳиссаи пасандозҳои бонкҳо, қарзҳои бонкӣ, суғурат ва ғайра ба ҳисоб меравад. Бинобар ин, боло бурдани ҳиссаи суғурта дар байни дигар хизматрасониҳои молиявии кишвар афзалияти баланд дошта, он дар рушди иқтисодиёти миллӣ равона менамояд. Ба он масъалаҳои асосии иқтисоди миллӣ, ки дар оянда барои пешрафти иқтисодиёт нақши назаррас дорад, таваҷҷуҳи ҳукумат низ беандоза шуда истодааст. Пеш аз ҳама барои бартараф намудани мушкилоти аввалиндараҷа дар иқтисодиёт ин муайян ва ҳал намудани мушкилотҳои соҳаҳои алоҳида мебошад. Яке аз ҷузъи ҷудонашавандаи иқтисоди миллӣ ин суғурта ба ҳисоб рафта, он ҳамчун механизми бисёрҷанбаи муҳофизат аз хатарҳо мебошад. Бинобар ин, ҳангоми банақшагирии рушди иқтисодиёт ба назар гирифтани мушкилотҳои соҳаи суғурта ва роҳҳои бартараф намудани он афзалиятҳои рушди малакатро боз ҳам зиёдтар мегардонад.

Аз рӯи аҳлилҳо муайян ва хулоса намудан мумкин аст, ки аҳамияти суғурта ҳамчун низоми махсусе, ки барои ҳифзи манфиатҳои молу мулк ва ҳолати иҷтимоии субъектон баромад менамояд, хеле афзудааст. Бинобар ин, пайдо намудани роҳҳои бартараф намудани он зарур буда, дар акси ҳол ба пешравии назаррас ноил гаштанашон ғайриимкон мегардад.

**Таҳлили таҳқиқотҳои охир ва нашриёт.** Рақамикунонии суғурта ва маъалаҳои татбиқи он яке аз масъалаи мубрами муосир ба ҳисоб меравад, ки он бо роҳи таҳқиқи назариявӣ аз тарафи олимони соҳа ҳал карда шуда, роҳҳои бартараф намудани онро ба таври гуногун дар таҳқиқотҳои гуногун пешниҳод шудааст.

Ҳамаи ин ро ба инобат гирифта иқтисодшиносони ватанию хориҷӣ доир ба суғурта ва таъмини рушди он корҳои илмӣ – таҳқиқотӣ гузаронида, рушди суғурта ва рақамикунонии онро яке аз омили асосии пешбарандаи иқтисоди миллӣ медонанд. Бинобар ин олимони машҳури соҳаи иқтисод Шаропов. Н., Абрамова, Т.Г., Цыганов А.А., Брызгалов Д.В., Прусова В.И., Адамчук, Н. Г., Брызгалов Д. В., Грызенкова Ю. В., Цыганов А. А. суғуртаро ҳамчун омили муҳимтарини рушди тамоми соҳа аз он ҷумла рушди иқтисодиёт меҳисобанд.

Дар доираи ин масъала таҳқиқотчиёни зиёди ватанию хориҷӣ корҳои таҳқиқотӣ гузаронидаанд, аммо ин натавонистааст, ки ҳалли масъаларо пурра инъикос намояд. Бо сабаби пешрафти иқтисодиёт ҷараёнҳои нав пайдо мегардад, ки он талаб мекунад то роҳҳои нави рушди соҳаи суғурта ва ҳалли проблеммаҳои он пайдо карда шавад.

**Мақсади мақола**. Суғурта ҳамчун маҷмӯи захираҳои молиявӣ дар рушди иқтисодиёт нақши назаррас дошта, аз ҷумла дар соҳаҳои афзалиятноки он саҳмгузор мебошад. Дар баробари ин якчанд омилҳои таъсиррасоне мавҷуданд, ки дар раванди суғурта ва рақамикунонии он монеа эҷод менамоянд.

Дар ҳақиқат, агар мушкилотҳои дар сатҳи суғуртабуда ҳал карда шуда, рушди он ба қадри кофӣ таъмин карда шавад, он гоҳ гуфтан мумкин аст, ки мушкилотҳои рақамикунонии суғурта низ дар навбати худ бартараф мегардад. Чунки, суғурта ҳамчун ячейкаи иқтисодиёти мамлакат ба ҳисоб рафта, он манбаъи молиявии иқтисодиёти миллиро ташкил медиҳад.

**Муҳтавои асосии мавод.** Дар шароити муосири иқтисодӣ механизмҳое махсусе заруранд, ки барои муҳофизати фаъолияти молиявию иқтисодӣ аз хатарҳои зиёди таҳдидкунанда хизмат намоянд. Яке аз ҷузъи ҷудонашавандаи ин механизм суғурта ба ҳисоб рафта, он ҳамчун механизми бисёрҷанбаи муҳофизат аз хатарҳо мебошад. Бинобар ин, зарур аст, ки суғурта дар баробари дигар бахшҳои иқтисодиёт раванди ҷаҳонишавиро аз сар гузаронида, дар шароити имрӯза афзоиш ёбад. Чунки, зарурияти суғурта дар коҳиш додани хавфҳои молиявӣ ва иқтисодӣ ба таври объективӣ хос буда, тавассути ташаккули фазои суғуртавӣ монеаҳои қонунӣ ва иқтисодӣ ба қадри зарурӣ рафъ карда шавад. Барои ин, зарур аст, ки шароити ягонаи ҳуқуқӣ ва заминаи ягонаи қонунгузории фаъолияти субъектҳои хоҷагидор дар бозори молиявӣ фароҳам оварда шавад.

Вобаста ба ин, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҷаласаи 13–уми Шӯрои машваратӣ оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ дар назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон чунин таъкид намуда буданд: «Соҳаи суғурта яке аз амалҳои муҳимтарини бахши молиявии иқтисоди кишвар ҳисобида мешавад, ки дар шароити муносибатҳои бозаргонӣ метавонад ба ҳалли масъалаҳои шадиди иҷтимоию иқтисодӣ мусоидат кунанд. Ғайр аз он, бахши суғурта дар ташаккул ва рушди бозорҳои сармоя нақши муҳим мебозад, зеро ин бахш яке аз харидорони асосии коғазҳои қиматноки давлатӣ ва корпоративӣ буда, дар эҷоди маблағҳои озод ва сармоягузории онҳо ба бахшҳои дигари иқтисод кумак мерасонад»[4].

Фаъолияти суғуртавӣ монанди дигар соҳаҳои муҳими хоҷагидорӣ барои баланд бардоштани сатҳи рушди соҳибкорӣ ва рушди махсуси низоми молиявӣ дар шароити бозор аз ҳисоби захираҳои иловагии молиявӣ саҳми калон дошта, рушди бозори суғуртаро аз ин нуқтаи назар ҳамчун моҳияти иқтисодӣ фаҳмидан зарур аст [7].

Тибқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи фаъолияти суғуртавӣ” фаъолияти суғуртавӣ чунин маънидод карда мешавад: “фаъолияти суғуртавӣ- фаъолияти ташкилоти суғуртавӣ (азнавсуғуртакунӣ) оид ба бастан ва иҷрои шартномаҳои суғурта (азнавсуғуртакунӣ), ки дар асоси иҷозатномаи мақоми назорати суғуртавӣ тибқи талаботи қонунгузории ҷумҳурии тоҷикистон амалӣ мегардад[5].

Дар ҳақиқат, рушди фаъолияти суғуртавӣ ба монанди дигар котегорияи иқтисодӣ дар раванди истеҳсолоту хизматрасонӣ ҳамчун инструменти ёрирасон ва ҳифзкунанда аз хавфу таҳдидҳо баромад намуда, ба пешрафти соҳаҳои алоҳидаи иқтисодӣ таъсиррасон мебошад.

Тавре ки Эльгайтарова Н. Т. дар яке аз таҳқиқотҳои худ арз менамояд: Суғурта як ҷузъи муҳими иқтисоди миллӣ ва ҷаҳонӣ мебошад. Дигаргуниҳои сифатӣ дар низоми иҷтимоию иқтисодӣ ва ташаккули муносибатҳои бозорӣ проблемаи инкишофи ҳаматарафаи суғуртаро актуалӣ гардонданд[10].

Аз рӯи мушоҳидаҳо муайян намудан мумкин аст, ки аҳамияти суғурта дар давраи охир ҳамчун низоми махсусе, ки барои ҳифзи манфиатҳои молу мулк ва ҳолати иҷтимоии субъектон баромад менамояд, хеле афзудааст.

Аз ин рӯ, суғурта ба тамоми субъектон (ҳам шахсони воқеӣ ва ҳам шахсони ҳуқуқӣ) имкон медиҳад, ки хавфҳои таҳдидкунандаро дар самти ҳаёт, моликияти шахсӣ, фаъолияти соҳибкорӣ ё дигар паҳлуҳои зиндагии худро кам намуда, устуворона фаъолият намоянд.

Суғурта ҳамчун механизми ҳифзи иҷтимоии дар давраи ҷамъияти ибтидоӣ ба миён омада, мунтазам ба истеҳсолоти ҷамъиятӣ мусоидат мекард. Мафҳуми мазкур аз калимаи «страх»-и русӣ бармеояд ва ба тоҷикӣ маънои «тарс», «бим»-ро дорад. Соҳибони амвол байни ҳам ба муносибатҳои муайяни истеҳсолӣ ворид гардида, меҳаросиданд, ки амволашон эҳтимолияти нобудшавӣ ё дар натиҷаи офатҳои табиӣ, сӯхтор, ғорат ва дигар хатарҳои ҳаёти иқтисодӣ хавфи аз даст рафтанро дорад[9].

Мақсади асосии суғурта ин таъмини ҳимояи манфиатҳои молумулкии шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ ҳангоми рух додани ҳодисаҳои суғуртавӣ буда, дар асоси талаботҳои ҳуқуқӣ ва иқтисодии ҷомеа муайян карда мешавад.

Бояд қайд намуд, ки сарчашмаи пайдоиши суғурта талаботи ҷомеа ба ҳисоб рафта, он барои ҳимояи манфиатҳои табақаҳои гуногун ҷомеа аз хавфҳои номуайян хизмат менамояд. Ҳамчунин, мақсади суғурта ва ё хизматрасониҳои суғуртавӣ на танҳо барои кам ва бартараф кардани хавфҳо, балки, барои рушди иқтисодиёт, ҳимояи манфиатҳои субъектҳои хоҷагидорӣ, рушди низоми молиявӣ ва ғайра ба ҳисоб меравад.

Чи тавре ки дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи фаъолияти суғуртавӣ” қайд гардидааст: суғуртакунӣ - муносибатҳо оид ба ҳимояи манфиатҳои қонунии молумулкии шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ ҳангоми рух додани ҳодисаҳои суғуртавии муайян аз ҳисоби фондҳои пулии аз мукофотҳои суғуртавии (ҳаққи суғуртавии) пардохтшуда, инчунин маблағҳои дигари ташкилотҳои суғуртавӣ, ки аз ҷониби ташкилотҳои суғуртавӣ ташаккул ёфтаанд[5].

Мавриди қайд аст, ки асосҳои ҳуқуқию иқтисодӣ ва ташкилии фаъолияти суғурта тибқи қонун ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ муқаррар карда шуда, дар натиҷа ба роҳ мондани фаъолияти суғуртавӣ он ҳимояи манфиатҳои молумулкии шахсони воқеӣ ва ҳуқуқиро ҳангоми рух додани ҳодисаҳои суғуртавӣ таъмин менамояд.

Бинобар ин, қонунҳо ва санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ дар шароити муосир дар танзими фаъолияти суғурта нақшгузор буда, ба ҳалли мушкилоти мураккаб ва фароҳам овардани имкониятҳо барои рушди суғурта мусоидат мекунад.

Чӣ тавре ки маълум аст, бозори суғурта қисми ҷудонашавандаи бозори молия ба шумор рафта, монанд ба дигар бозорҳо дар зери таъсири талабот, пешниҳод ва рақобат ташаккул меёбад. Хусусияти бозори суғурта, ки аз дигар бозорҳо онро фарқ мекунанд, дар он зоҳир мегардад, ки объекти хариду фурӯши ин бозор маҳсулоти суғуртавӣ ба ҳисоб меравaнд. Қоидаи асосии сиёсати иҷтимоии давлат чунин мебошад, ки ҳимояи базавии иҷтимоӣ барои ҳамаи аъзоёни ҷомеа якхела буда, аз тарафи давлат таъмин карда мешавад ва барномаҳои иҷтимоии суғуртавӣ низ аз ҳисоби ҳаққи аъзогии корфармо ва ҷудо намудан аз маоши аҳолии коркунанда, инчунин қисман аз ҳисоби сарчашмаҳои буҷавӣ маблағгузорӣ карда мешавад[1].

Дар ҳақиқат, бозори суғуртавӣ яке аз қисматҳои асосии бозори молиявӣ ба ҳисоб рафта, дар он дар баробари дигар қисматҳои бозори молиявӣ хизматрасониҳои суғуртавӣ низ ҷои намоёнро ишғол менамоянд.

Дар шароити имрӯза рушд додани хизматрасонии суғуртавӣ яке аз масъалаҳои асосии соҳаи суғурта ба ҳисоб рафта, рақамикунонӣ метавонад дар ин самт нақши назаррасе худро гузорад. Чунки, технологияҳои рақамӣ дар суғурта имкон медиҳанд, ки хизматрасонии суғуртавӣ новобаста аз маҳали ҷойгиршавии муштарӣ расонида шуда, раванди онро тезонад. Рақамикунонӣ моделҳои анъанавии суғуртаро тағйир дода, имкониятҳои навро барои рушди он фароҳам меорад ва самаранокии ширкатҳои суғуртаро афзоиш медиҳад. Бо вуҷуди ин, раванди рақамӣ бо як қатор масъалаҳои назариявӣ алоқаманд аст, ки таҳлил ва фаҳмиши амикро талаб мекунанд.

Яке аз самтҳои ояндадори рушди иқтисодиёти рақамӣ ин суғуртаи рақамӣ ҳамчун роҳи қонеъ гардонидани суғуртакунандагон – истеъмолкунандагони ҳифзи суғурта мебошад. Хизматҳои суғурта, ки қаблан, масалан, суғуртаи тиҷорати электронӣ, суғуртаи хатарҳои киберӣ ва ғайра номида мешуданд, на ҳамчун маҳсулоти мустақил, балки ҳамчун илова ба суғуртаи молу мулк баррасӣ шуданд[9].

Пеш аз ҳама зарур аст, ки истилоҳи рақамикунонӣ дар суғуртаро мавриди таҳлили амиқ ва омӯзиш қарор дод. Яъне, муайян намудани мафҳум ва моҳияти рақамикунонии суғурта ин худ ҳалли як паҳлӯи масъала ба ҳисоб меравад. Ин мафҳум, яъне рақамикунонии суғурта бо он асоснок карда мешавад, ки раванди анъанавии муносибати байни иштирокчиёни суғурта тағйир ёфта, он бештар тавассути онлайн ба роҳ монда мешавад. Раванди хизматрасонии онлайнӣ тавассути технологияи рақамӣ сурат гирифта, ба осон шудани кори иштирокчиёни бозори суғурта, яъне, ҳам суғуртакунандагон ва ҳам суғурташавандагон оварда мерасонад.

Бинобар ин, таҳқиқи масъалаҳои назариявии рақамикунонии суғурта ва фаъолияти ташкилотҳои суғуртавӣ дар шароити муосир зарур ва саривақтӣ буда, он ҷанбаҳои васеъро доир ба навовариҳои технологӣ ва мушкилотҳои он дар бар мегирад. Рақамикунонии соҳаи суғурта дар баланд бардоштани сифати хизматрасониҳои суғуратвӣ ва рақобатпазир гардидани ширкатҳои суғуртавӣ дар байни дигар ширкатҳои молиявӣ асос гардида, самаранокии фаъолияти онҳоро таъмин менамояд. Инчунин, ин раванд барои баланд бардоштани даромаднокӣ ва расонидани хизматҳои нави инноватсионӣ имконият фароҳам меорад.

Ҷанбаҳои назариявии татбиқи бомуваффақияти рақамисозии соҳаи суғурта аз таҳлили масъалаҳои он вобаста буда, баррасии онҳо ҳангоми таҳлили фъолияти суғурта зарур мегардад.

Дар ин равиши кор хизматрасониҳои суғуртавӣ ба таври фосилавӣ ба роҳ монда шуда, бисёре аз масъалаҳои марбут ба баҳсҳо дар соҳаи муҳофизат аз хатарҳои зарар акнун метавонанд онлайн ҳал карда шаванд. Инчуин, ширкатҳои суғуртавӣ бешар кӯшиш менамоянд, ки ба татбиқи фаъоли зеҳни сунъӣ дар рафти фаъолият ва хизматрасонии худ таваҷҷуҳ зоҳир намоянд.

Чи тавре ки В.И. Прусова қайд намудааст: “Суғуртаи рақамӣ як роҳи қонеъ кардани ниёзҳои анъанавӣ ё мушаххас (бо роҳи рақамисозӣ тавлидшуда) барои ҳифзи суғурта тавассути технологияҳои рақамӣ мебошад"[6].

Ҳарчанд, ки суғурта дар давраҳои аз саргузаронидаи худ ҳамчун як соҳаи мустакили фаъолияти иктисодии давлат баромад намудааст ва чандин ислоҳоти илмию техникиро паси сар карда, ба давраи нави муосир, яъне рақамикунонии фаъолият омада расид. Ин давраи нав ба он имкон медиҳад, ки сатҳу сифати хизматрасониашро дар байни муштариёнаш ташаккул дода, раванди хизматрасониро осон гардонад. Хусусияти асосии рақамикунонии суғурта дар он таҷассум меёбад, ки ба воситаи технология хизматрасонӣ ба таври фосилавӣ байни ширкати суғуртавӣ ва мизоҷ ба роҳ монда шуда, ҳавасманди мизоҷонро дар ин самт зиёд намудан мумкин аст.

"Суғуртаи рақамӣ" як роҳи қонеъ кардани ниёзҳои анъанавӣ ё мушаххас (бо роҳи рақамисозӣ тавлидшуда) барои ҳифзи суғурта тавассути технологияҳои рақамӣ мебошад[6].

Дар ҳақиқат, рақамикунонии суғурта ё ин ки суғуртаи рақамӣ ин як шакли қонеъ намудани талаботи суғурташавандагон ва расонидани хизматрасонии суғуртавӣ тавассути технологияҳои рақамӣ ба ҳисоб меравад. Агар ба шакли дигар маънидод карда шавад, зери мафҳуми суғуртаи рақамӣ як усули татбиқи хизматрасонии суғуртавӣ дар асоси технологияҳои рақамӣ фаҳмида мешавад.

Ширкатҳои суғуртавӣ технологияҳои инноватсиониро фаъолона татбиқ намуда, ҳузури худро дар бозорҳои байналмилалӣ васеъ менамоянд[1].

Зарурати инкишофи рақамикунонии хизматрасониҳо ва ё истифодаи технологияи иттилоотӣ дар раванди хизматрасонӣ дар аксари давлатҳои ҷаҳон дар давраи пандемия ба вуҷуд омад. Чунки, ширкатҳои хизматрасонӣ ё хизматрасонандагон маҷбур буданд, ки ба таври фосилавӣ ба мизоҷон хизматрасонанд ва дар навбати худ мизоҷон низ маҷбур буданд, ки аз хизматрасониҳо ба тариқи фосилавӣ истифода намоянд. дар хона бимонанд ва мушкилот бояд фосилаи дур ҳал карда шаванд, ба таври назаррас инкишоф ёфт. Дар ин миён, пандемия ҳамчун омиле баромад намуд, ки зарурати рақамикунонӣ ва технологияи иттилоотиро дар раванди хизматрасониҳо муайян намуд.

Дар баробари дигар намуди хизматрасониҳо хизматрасонии суғуртавӣ низ дар ин давра такмил ва рушд ёфтанд, яъне, зарурияте ба вуҷуд омад, ки бояд ширкатҳои суғуртавӣ хизматрасониҳои худро тариқи фосилавӣ ба роҳ монанд. Нақши суғурта ва хизматрасониҳои он тариқи фосилавӣ дар муносибатҳои молиявӣ калон буда, он ҳамчун низоми ҳифзи манфиатҳои амволии шахсони ҳуқуқӣ ва воқеӣ баромад мекунад.

Барои ин истифода намудани технологияҳои рақамӣ дар рафти фаъолият зарур аст, ки ба инҳо асосан намудҳои муосири технологияи зерин лозим мегардад: зеҳни сунъӣ, технологияҳои квантӣ, маълумоти калон, техникаи роботӣ, технологияҳои алоқаи бесим; технологияҳои виртуалӣ ва ғайра.

Таҳлилгарони иқтисодӣ Брызгалов Д. В., Грызенкова Ю. В., Цыганов А. А. рақамикунонии бозори суғуртаро баррасӣ намуда, ба хулосае омаданд, ки он аз самтҳои асосии зерин иборатанд:

- интернкунонӣ, яъне истифодаи интернет бо истифода аз технологияҳои нави истеҳсолӣ, алоқаи бесим, захираҳои абрӣ;
- фардикунонӣ, яъне имконият ва ниёзи бозор барои таҳияи пешниҳодҳои инфиродӣ оид ба ҳифзи суғуртаи манфиатҳои амволӣ дар асоси ҳаҷми зиёди маълумот дар бораи суғурташаванда ва объекти суғурта;
- рақамикунонӣ, яъне истифодаи технологияҳои рақамӣ барои ҳамаи ҷузъҳои равандҳои бизнес дар ташкилотҳои суғурта[3].

Ҳамин тавр, метавон хулоса кард, ки пайдоиш ва истифодаи технологияҳои рақамӣ дар соҳаи суғурта бевосита ба тағйирёбии талаботи аҳолӣ нисбт ба суғурта, осон гардидани раванди хизматрасонии суғуртавӣ, рушди бозори суғурта ва дигар самтҳои вобастаи хизматрасонии суғуртавӣ боис мегардад.

Бинобар ин, таҳқиқи назариявии суғурта, бозори суғурта, хизматрсонии суғуртавӣ ва рақамикунонии суғурта метавонад муаммоҳои дар ин самт ҷойдоштаро пайдо намуда, дар бартараф намудани онҳо асос гардад ва роҳҳои нави хизматрасониҳои суғуртавиро асосонок намояд. Инчунин, ин раванд дар амалӣ гаштан ва ба дар амал татбиқ намудани мақсадҳои муайянро барои рушд додани соҳаи мазкур, аз қабили татбиқи рақамикунонии суғурта боис мегардад.

**Адабиёт**


1. Абрамова, Т.Г. Особенности развития страхового рынка в России: дисс. на соис. уч. ст. к.э.н. //Т.Г.Абрамова. – Москва, 2003. – 143 с.
2. Адамчук, Н. Г. Мировой страховой рынок на пути к глобализации / Н. Г. Адамчук. – М.: МГИМО-Университет, 2017. – 591 с.
3. Брызгалов Д. В., Грызенкова Ю. В., Цыганов А. А. Перспективы цифровизации страхового дела в России //Финансовый журнал. – 2020. – Т. 12. – №. 3.
4. Выступление Президента Республики Таджикистан на 13-м заседании Консультативного совета по улучшению инвестиционного климата при Президенте Республики Таджикистан по вопросу улучшения инвестиционного и предпринимательского климата в секторе страхования // http://www.orieninsurance.tj/ru/news/?ELEMENT_ID=175
5. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи фаъолияти суғуртавӣ" № 1487аз 2.01.2018. С.1.

6. Прусова В.И. Цифровизация страхования. ФГБОУ ВО «Московский автомобильно-дорожный государственный технический (МАДИ)», Москва

**7.** Ҳусайнов М.С. Махсусияти ташаккулёбии бозори хизматрасониҳои суғуртавӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон. дис. ... номз. илм. иқт: 08.00.10 /М.С. Ҳусайнов. - М.: Душанбе, 2021. – 167 с.

8. Цыганов А.А., Брызгалов Д.В. Цифровизация страхового рынка: задачи, проблемы и перспективы // Экономика. Налоги. Право. 2018. №2. URL: https://cyberleninka.ru/article/n/tsifrovizatsiya-strahovogo-rynka-zadachi-problemy-iperspektivy.

9. Шаропов, Н. Фаъолияти суғурта: дастури таълимӣ/ Н. Шаропов. – Душанбе, 2009. - 302с.

10.Эльгайтарова Н. Т. Роль страхования в национальнй экономике. Научные известия. 21. 2020. Стр.7.

**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Аҳроров Саидюсуф Ҳукматуллоевич*** *– Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, докторанти Ph.D – и кафедраи фаъолияти гумрукӣ.* ***Суроға:*** *734025. Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, к. Рӯдакӣ, 17.* ***Тел.:*** *+992909598689.*

**Сведения об авторе:** *Ахроров Саидюсуф Хукматуллоевич – Таджикский национальный университет, докторант (Ph.D) кафедры таможенной деятельности. Адрес: 734025. Республика Таджикистан, г. Душанбе, проспект Рудаки, 17. Тел.: +992909598689.*

**Information about the author:** ***Ahrorov Saidyusuf hukmatulloevich*** *- Tajik National University, doctoral student (Ph.D) of the Department of Customs Activities.* ***Address:*** *734025. 17 Rudaki Avenue, Dushanbe, Republic of Tajikistan.* ***Tel.:*** *+992909598689.*

УДК: 336.71

# РОҲҲОИ МУКАММАЛГАРДОНИИ ФАЪОЛИЯТИ БОНКҲОИ ТИҶОРАТӢ ВА БАЛАНД БАРДОШТАНИ РАҚОБАТПАЗИРИИ ОНҲО ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Шарипов Н.Г.**

***Аннотатсия.*** *Дар мақола роҳҳои мукаммалгардонии фаъолияти бонкҳои тиҷоратӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва баланд бардоштани рақобатпазирии онҳо баррасӣ карда шудааст. Таъкид шудааст, ки бахши бонкӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба таври мӯътадил рушд намуда истодааст. Рақобат дар бозори хизматрасониҳои бонкии кишвар, махсусан дар ҷалби маблағҳои озоди шахсони воқеию ҳуқуқӣ ва хизматрасонии интиқоли маблағҳо ривоҷ меёбад. Дороиҳо ва сармояи ташкилотҳои қарзӣ босуръати баланд афзуда, манбаи захиравии онҳо, ҳудуди гузаронидани амалиётҳои бонкӣ ва ҷорӣ намудани маҳсулоти нави бонкӣ васеъ шуда истодааст. Аз мустаҳкамшавии бахши бонкӣ тамоюли беҳтар шудани сифати портфелҳои қарзӣ низ шаҳодат медиҳад.*

***Калидвожаҳо:*** *бонкҳои тиҷоратӣ, хавфҳои бонкӣ, портфели қарзӣ, иқтидори молиявӣ, ташкилотҳои қарзӣ, амалиётҳои бонкӣ маҳсулоти бонкӣ, рақобати бонкӣ.*

***Барои иқтибос:*** *Шарипов Н.Г. Роҳҳои мукаммалгардонии фаъолияти бонкҳои тиҷоратӣ ва баланд бардоштани рақобатпазирии онҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон / Н.Г. Шарипов// Паёми молия ва иқтисод. – 2024. – No. 4.2(43). – С. 699-704.*

# ПУТИ СОВЕРШЕНСТВОВАНИЯ ДЕЯТЕЛЬНОСТИ КОММЕРЧЕСКИХ БАНКОВ И ПОВЫШЕНИЯ ИХ КОНКУРЕНТОСПОСОБНОСТИ В РЕСПУБЛИКЕ ТАДЖИКИСТАН

**Шарипов Н.Г.**

***Аннотация.*** *В статье рассматриваются пути совершенствования деятельности коммерческих банков Республики Таджикистан и повышения их конкурентоспособности. Было подчеркнуто, что банковский сектор в Республике Таджикистан развивается умеренно. На рынке банковских услуг страны развивается конкуренция, особенно в сфере привлечения свободных денежных средств физических и юридических лиц и услуг по переводу денег. Активы и капитал кредитных организаций быстро растут, расширяются их резервы, сфера проведения банковских операций и внедрения новых банковских продуктов. Об укреплении банковского сектора свидетельствует и тенденция улучшения качества кредитных портфелей.*

***Ключевые слова:*** *коммерческие банки, банковские риски, кредитный портфель, финансовая емкость, кредитные организации, банковские операции, банковские продукты, банковская конкуренция.*

# WAYS TO IMPROVE THE ACTIVITIES OF COMMERCIAL BANKS AND INCREASE THEIR COMPETITIVENESS IN THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN

**Sharipov N.G.**

***Abstract.*** *The article considers the ways to improve the activities of commercial banks in the Republic of Tajikistan and increase their competitiveness. It was emphasized that the banking sector in the Republic of Tajikistan is developing moderately. Competition is developing in the country's banking services market, especially in the area of attracting free funds of individuals and legal entities and money transfer services. Assets and capital of credit institutions are growing rapidly, their reserves are expanding, the scope of banking operations and the introduction of new banking products. The strengthening of the banking sector is also evidenced by the trend of improving the quality of loan portfolios.*

***Key words:*** *commercial banks, banking risks, loan portfolio, financial capacity, credit institutions, banking operations, banking products, banking competition.*

**Гузориши масъала.** Рушди бонкҳои тиҷоратӣ ва баланд бардоштани рақобатпазирии онҳо дар шароити кунунии Ҷумҳурии Тоҷикистон самти афзалиятноки иқтисоди миллӣ маҳсуб меёбад. Аз ин рӯ, таҳқиқи амиқи роҳҳои мукаммалгардонии фаъолияти бонкҳои тиҷоратӣ ва дарёфти имкониятҳои баландбардории рақобатпазирии онҳо ҷиҳати фароҳам овардани муҳити созгори амалкардаи босамари онҳо муҳим дониста мешавад.

**Таҳлили таҳқиқотҳои охир ва нашрияҳо.** Таҳқиқи шароиту имкониятҳои такмили фаъолияти бонкҳои тиҷоратӣ ва баланд бардоштани рақобатпазирии онҳо дар осори илмии иқтисодчиёни ватанию хориҷӣ ба чашм мерасад. Таҳлилу омӯзиши масъалаи мазкур дар таҳқиқоти илмии олимони ватанӣ: Ҳикматов

У.С., Ҷӯраев Б.М., Ашуров Ғ.Д., инчунин иқтисодчиёни хориҷӣ: Гаврилко П.П., Козлов Е.Н., Новокшонов Д.А. ва дигарон дида мешавад.

**Мақсади мақола** аз дақиққунӣ ва ошкорнамоии роҳҳои такмилдиҳии фаъолияти бонкҳои тиҷоратӣ ва баланд бардоштани рақобатпазирии онҳо иборат мебошад.

**Пешниҳоди маводи асосӣ.** Бонкҳои тиҷоратӣ дар шароити кунунӣ, алалхусус иқтисоди рақамӣ ҷиҳати иҷрои амалиётҳои ҳисоббаробаркунӣ дар низоми муносибатҳои иқтисодӣ нақши марказӣ доранд. Дар баробари шиддат гирифтани рақобат байни субъектҳои иқтисодӣ фаъолияти бонкҳои тиҷоратӣ бояд пайваста такмил дода шавад. Таҳқиқоти гузаронидашуда нишон дод, ки танҳо мавқеи устувори рақобатпазирӣ доштани бонкҳои тиҷоратӣ метавонад фаъолияти онҳоро барои иқтисоди миллӣ ва ҷаҳонӣ манфиатнок гардонад. Вобаста ба ин, такмили мунтазами фаъолияти бонкҳои тиҷоратӣ ва дар ҳама гуна шароит мавқеи устувор доштани онҳо амри зарурӣ мебошад.

Бозори хизматрасониҳои бонкӣ воситаи татбиқ ва дар як вақт нишондиҳандаи тағйиротҳои иқтисодии дар мамлакат амалишаванда ба шумор меравад. Муассисаҳои қарзӣ дар низоми иқтисодӣ мавқеи хосро ишғол менамоянд. Онҳо ҳисоббаробаркуниҳоро ташкил карда, маблағҳои пулиро аз нав тақсим намуда, воситаҳои пардохтро ташкил менамоянд ва хизматрасонии иттилоотӣ – машваратиро ба роҳ мемонанд. Бонкҳо дар табдилдиҳии пасандозҳои аҳолӣ, корхонаҳо ва давлат ба сарчашмаи сармоягузорӣ ҳамчун миёнарав баромад карда, дар баробари ин, ҷараёни такрористеҳсолро таъмин менамоянд [1, с. 119].

Бонкҳо маблағҳоро ба лоиҳаҳои сармоягузорӣ ва лизингӣ равона карда, дар ҷараёни инноватсионӣ иштирок намуда, даромадҳои субъектҳои иқтисодиро ташкил менамоянд ва амалисозандаи сиёсати пулӣ-қарзии давлат мебошанд. Дар баробари ин, онҳо ҷиҳати таъсиси ҷойҳои корӣ ва баланд гардидани сатҳу сифати зиндагии мардум мусоидат менамоянд. Ҳамчунин, бонкҳои кишварро зарур аст, ки дар навбати худ бо аҳолӣ дар ҳамкори зич қарор дошта, ба аҳолӣ қарзҳо пешниҳод намуда, маблағҳои пулии анҳоро ҳамчун депозит қабул намоянд. Роҷеъ ба зарурати баланд бардоштани сатҳи даромаднокии аҳолӣ қайд карда мешавад, ки баланд бардоштани неруи молиявии аҳолӣ аз тариқи васеъ намудани имкониятҳои даромадгирии онҳо муҳим аст [8, с.185].

Давоми даҳсолаҳои охир дар соҳаи бонкии иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷараёни барқароршавӣ ва ташкили муносибатҳои иқтисодӣ идома дорад. Дар ибтидои асри XXI бонкҳои тиҷоратии ҷумҳурӣ рақобатро барои соҳиб шудан ба мизоҷон аввал дар пойтахти кишвар ва баъдтар дар маҳаллҳо оғоз намуданд. Муносибати субъектҳои бозори бонкӣ ба масъалаи рақобатнокӣ куллан тағйир меёбад. Агар чанд сол пеш менеҷерони бонкҳо ба масъалаи рақобат он қадар аҳамият намедоданд, пас дар шароити имрӯза зарурат ва аҳамияти онро менеҷерони тамоми бонкҳои ҷумҳурӣ дарк намуда, дар ин масъала корҳои муайянеро ба роҳ мондаанд [3, с.110].

Рақобат дар соҳаи хизматрасониҳои бонкӣ дар васеъ намудани таҷрибаи банақшагирии стратегии бонкҳо, тезонидани сиёсати бозории бонкҳо, баланд шудани сифати хизматрасониҳо ва маҳсулоти бонкӣ ва ғайра ифода меёбад. Дар шароити имрӯза рақобат дар соҳаи бонкӣ ба яке аз масъалаҳои маркази илми иқтисодии ватанӣ ва таҷрибаи бонкӣ табдил ёфтааст [2, с.54].

Ба андешаи мо, бомуваффақона амал намудани рақобати бонкӣ зарурати омӯзиши амиқ ва ҳамаҷонибаи он, таҳлили таъсири мусбӣ ва ё манфии рақобати бонкиро ба рушди иҷтимоӣ-иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон талаб менамояд.

Омӯзиши муносибатҳои рақобатнокӣ дар бозори хизматрасониҳои бонкӣ на танҳо барои истифодаи амалӣ дар фаъолияти бонкҳои тиҷоратӣ муҳим аст. Таҳқиқи тамоюлҳои рушди рақобат дар соҳаи бонкдорӣ ҳамчунин барои Бонки милии Тоҷикистон - барои боваколат танзим намудани тамоми қисмҳои бозори бонкӣ, ба сармоягузорон - барои муайян кардани бонки хело рақобатпазир бо мақсади ба онҷо ворид намудани маблағҳои худ ва бевосита барои мизоҷони бонк, зарур мебошад.

Рақобати бонкӣ - ин ҷараёни мубориза байни бонкҳои тиҷоратӣ ва дигар муассисаҳои қарзӣ аст, ки онҳо кӯшиш менамоянд мавқеи худро дар бозори қарзӣ ва хизматрасониҳои бонкӣ ҳарчӣ бештар мустаҳкам кунанд. Макони татбиқи рақобати бонкӣ бозори бонкӣ ба шумор меравад [6, с.8].

Хусусиятҳои асосии рақобати бонкӣ дар шароити иқтисоди бозорӣ инҳо ба шумор меравand:

- рақобат дар бозори бонкӣ паз аз рақобат дар соҳаи саноат пайдо шудааст, вале аз рӯи шаклҳои гуногун ва суръати баланди афзоиши худ фарқ мекунад;
- ба сифати рақибони бонкҳои тиҷоратӣ на фақат дигар бонкҳо, балки муассисаҳои қарзӣ-молиявии ғайрибонкӣ, инчунин як

қатор ташкилотҳои ғайримолиявӣ низ баромад менамоянд;

- фазои рақобат бозорҳои гуногуни бонкиро фаро гирифтааст, ки дар яке аз онҳо бонкҳо ба сифати фурӯшанда ва дар дигаре ба сифати харидор баромад менамоянд;
- рақобати дохилисоҳавии бонкӣ хусусияти гурӯҳӣ дорад, ки он аз ба гурӯҳҳо тақсим намудани маҳсулоти бонкӣ вобаста мебошад;

Мусаллам аст, ки бахши бонкӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба таври мӯътадил рушд намуда истодааст. Рақобат дар бозори хизматрасониҳои бонкии кишвар ривоҷ меёбад, махсусан дар чунин қисмҳои бозор: ҷалби маблағҳои озоди шахсони воқеию ҳуқуқӣ ва хизматрасонии интиқоли маблағҳо [10, с.95].

Дороиҳо ва сармояи ташкилотҳои қарзӣ босуръати баланд афзуда, манбаи захиравии онҳо, ҳудуди гузаронидани амалиётҳои бонкӣ ва ҷорӣ намудани маҳсулоти нави бонкӣ васеъ шуда истодааст. Аз мустаҳкамшавии бахши бонкӣ тамоюли беҳтар шудани сифати портфелҳои қарзӣ низ шаҳодат медиҳад. Дар баробари ин тамоюли афзоиши устувори маблағҳои қарзӣ ва пасандозҳо ба назар мерасад, ки он аз афзоиши боварии аҳолӣ ва корхонаву муассисаҳо ба низоми бонкӣ дарак дода, нишонаи асосии такмилёбии низоми бонкии ҷумҳурӣ ба шумор меравад [4, с.213].

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон сатҳи рақобати бонкӣ паст буда, сабаби он кам будани шумораи бонкҳои хориҷӣ дар ҷумҳурӣ мебошад. Зеро бонкҳои хориҷӣ метавонанд ба вилоят технологияҳои пешқадами бонкӣ ворид намуда, хизматрасониҳои муосири бонкиро ба роҳ монанд. Номгӯйи хизматрасониҳое, ки бонкҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ба мизоҷони худ пешкаш мекунанд аз сатҳи хизматрасониҳои бонкии мамлакатҳои мутараққӣ 6-8 маротиба пасттар мебошад. Барои таъмини рушди босуръати муносибатҳои рақобатнок дар бахши бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ намудани вазифаҳои зерин зарур аст.

- ҷалби сармояи хориҷӣ ба бахши бонкӣ, ки метавонад рақобати солимро дар байни бонкҳо ва дигар ташкилотҳои қарзӣ тезонад ва ба зиёд шудани захираҳои бонкӣ, беҳтар шудани сифати хизматрасониҳои бонкӣ мусоидат намояд;
- зиёд намудани талабот оиди масъалаи муайян кардани сатҳи хавф аз ҷониби бонкҳо ҳангоми қарздиҳӣ ба соҳаҳои воқеии иқтисодиёт;
- пурзӯр намудани назорат ба фаъолияти муассисаҳои қарзӣ оиди идоракунии активҳо ва пассивҳои худ, таъмини ликвиднокии бонкҳо, паст намудани хавфҳои бонкӣ, пешниҳоди ҳисоботҳо;
- ташкили шароити мусоид барои дар оянда зиёд намудани ҳаҷми қарздиҳӣ ба соҳибкории хурд ва миёна, инчунин ба ноҳияҳои алоҳидаи кӯҳӣ;
- содда кардани тартиби гирифтани қарз барои мизоҷони бонкҳо ва ташкилотҳои молиявии ғайрибонкӣ бо мақсади васеъ намудани имкониятҳои дастрасии мизоҷон ба захираҳои қарзӣ [7, с.714].

Дар шароити имрӯза яке аз омилҳои асосии фаъолияти босамари бонкӣ сиёсати мунтазам ҷорӣ намудани навовариҳо мебошад. Чунин мавқеъ пайдо намудани навовариҳои бонкӣ аз як қатор заминаҳо сарчашма мегирад, аз ҷумла, аз вазъи имрӯзаи иқтисодиёт.

*Аввалан,* муносибати байни бонк ва мизоҷон дар асоси принсипи шарикӣ ба роҳ монда шудааст. Ин маънои онро дорад, ки бонк доимо на танҳо дар бораи нигоҳ доштани сармояи мизоҷони худ, балки оиди зиёд намудани он низ фикр мекунад. Ҳамчунин бонк ба мизоҷони худ навъҳои нави хизматрасониро пешниҳод намуда, ба васеъ гардидани фаъолияти молиявӣ - хоҷагидории онҳо, кам кардани хароҷот, ривоҷи соҳибкорӣ ва афзоиши даромаднокии мизоҷони худ мусоидат менамояд.

*Сабаби дуюми* пайдоиши навъҳои нави хизматрасониҳои бонкӣ рақобати байни бонкҳо дар шароити иқтисоди бозорӣ мебошад. Барои дар шароити бозор фаъолият намуда тавонистан, бонк бояд намудҳои гуногни амалиётҳои бонкиро ба роҳ монда, дар ҳама соҳаҳои фаъолияти бонкӣ навовариҳои аз ҳама охиринро ҷорӣ намояд.

*Сабаби сеюми* аҳамияти бештар пайдо намудани навовариҳои бонкӣ дар шароити имрӯза инкишофи технологияи гаронбаҳои бонкӣ мебошад. Маҳз прогресси илмӣ-техникӣ, ки имрӯз дар тамоми ҷаҳон ба сифати омили муҳимтарини инкишофи иқтисодиёт эътироф гардидааст, дар ташкили технология нав барои соҳаи бонк саҳми арзанда дорад.

Тамоми амалиётҳои бонкҳои тиҷоратиро шартан ба се гурӯҳ ҷудо кардан мумкин аст, ки дар расми 1 пешниҳод гардидаанд:




**Расми 1.** – Таснифи амалиётҳои бонкӣ тиҷоратӣ.
**Сарчашма:** Таҳияи муаллиф дар асоси адабиёти 8.

Дар робита ба ин, метавон қайд намуд, ки маблағҳои пулӣ дар ҷамъият метавонанд бе иштироки бонкҳо низ ҷо ба ҷо гузошта шаванд, яъне корхонаҳо байни худ додугирифт намоянд. Аммо дар ин ҳолат хатари бар нагаштани ин маблағҳои пулӣ зиёд мешавад, зеро имкон дорад корхонаи карздиҳанда аз пардохтпазирии корхонаи карзгиранда хабар надошта бошад. Агар маблағҳои муваққатан озоди як ё якчанд корхона бо воситаи бонк ба қарз дода шавад, бонк, пеш аз ҳама, фаъолияти молиявии корхонаи қарзгирандаро ҳаматарафа меомӯзад, баъд масъалаи додани қарзро ҳал менамояд [2, с.55].

Воқеан, як қисми, даромади бонкҳои тиҷоратӣ ба ташкил кардани захираҳо барои рӯйпӯшкунии хавфҳои воқеӣ равона карда мешаванд. Бонки тиҷоратӣ бояд на танҳо кифоятии андозаи даромадашро барои рӯйпӯш кардани хароҷотҳояш таъмин намояд, балки мунтазамияти воридшавии онро низ бояд таъмин намояд. Яъне даромадгирии бонкҳои тиҷоратӣ дар мувофиқа бо хароҷотҳои бонкӣ бояд ба муҳлатҳои муайян тақсим карда шаванд. Дар ин гуна бaнақшагирӣ устувории сарчашмаи даромадҳои бонки тиҷоратӣ нақши муқимро мебозад.

Маҷмӯи даромадҳои бонки тиҷоратӣ дар як давраи муайяни ҳисоботӣ даромади умумӣ номида мешавад. Дар таркиби даромади умумӣ гурӯҳҳои алоҳидаи даромадҳоро аз ҳам фарқ мекунанд (Ниг. ба ҷадвали 1).

**Ҷадвали 1.** – Гуруҳбандии даромадҳои бонкҳои тиҷоратӣ.

| | |
|---|---|
| 1. | Даромадҳои амалиётӣ: |
| 1.1. | Даромадҳои фоизӣ |
| 1.2. | Даромадҳои комиссионӣ |
| 1.3. | Даромад аз амалиёт дар бозорҳои молиявӣ |
| 1.4. | Дигар даромадҳои амалиётӣ |
| 2. | Даромад аз фаъолияти иловагии ташкилоти қарзӣ |
| 3. | Дигар даромадҳо |

**Сарчашма:** Таҳияи муаллиф дар асоси адабиёти 8.

Бо дарназардошти гуфтаҳои боло, ба андешаи мо, ба мақсад мувофиқ аст, ки нақш ва мавқеи қарздиҳии анъанавии бонкӣ дар иқтисоди рақамӣ аз ҷиҳати татбиқи ҳадафҳои асосии қарзии мизоҷон ва саҳм гузоштан дар иқтисодиёти миллӣ тавассути пешниҳоди маҳсулоти нави бонкӣ баррасӣ карда шавад.

Хусусияти марҳалаи кунунии рушди низоми бонкӣ дар доираи иқтисоди рақамӣ, ин амалӣ гардидани омилҳои дар боло зикргардидаи фаъолияти бонкҳои тиҷоратӣ махсуб меёбанд.

Инчунин, бояд қайд намуд, ки навоварӣ дар фаъолияти бонкӣ дар баробари истифодаи техникаву технологияи нав, инчунин ҷорӣ намудани шаклҳои нави соҳибкорӣ усулҳои нави кор дар бозор, маҳсулот ва хизматрасониҳои нав, истифодаи воситаҳои молиявиро дар бар мегирад.

Ба навовариҳои бонкӣ техникаву технологияи сатҳаш баланд, хизматрасониҳои сифаташон аз пештара баландтар дохил мешаванд. Навовариҳои бонкӣ омили муҳими фаъолияти мӯътадили бонкҳо ва таъмини болоравии иқтисодии онҳо ба шумор меравад. Инноватсияи бонкӣ - ин натиҷаи ниҳои фаъолияти бонкӣ аст, ки дар шакли маҳсулоти нави бонкӣ ё амалиёти бонкӣ фурӯхта мешавад. Маҳсулоти бонкӣ – номгӯи амалиётҳои наву пешқадами бонкӣ ва молиявӣ барои ҳалли ин ё он талаботи мизоҷон аст, ки ҳамчун навоварӣ дар кори бонкӣ истифода шуда, имкон медиҳад мушкилоти мушаххаси мизоҷ ҳал карда шавад [3, с.111].

Дар шароити муосири хоҷагидорӣ таъмини рақобатпазирии низоми бонкӣ масъалаи муҳим ба шумор меравад. Яке аз омилҳои муҳимтарини фаъолияти бо муваффақонаи бонкӣ сиёсати навоваронаи доимӣ мебошад. Чунин хулосабарорӣ аз вазъи муосири иқтисодиёти мамлакат сарчашма мегирад:

- аввалан, муносибати бонкҳо бо мизоҷон дар асоси принсипҳои шарикӣ асос ёфтааст;
- сабаби дуюми пайдоиши намудҳои нави хизматрасониҳои бонкӣ рақобат байни муассисаҳои қарзӣ дар шароити муносибатҳои бозорӣ мебошад;
- сабаби сеюм рушди технологияи нави бонкии геронбаҳо аст.

Аз нигоҳи мо, навоварӣ дар бизнеси бонкӣ на танҳо маводҳои таҳияшудаи техникӣ ва ё технологӣ, инчунин татбиқи шаклҳои нави бизнес, усулҳои нави кор дар бозор, молҳо ва хизматрасониҳои нав, воситаҳои нави молиявиро низ дар бар мегирад.

Омӯзиши адабиёти мухталифи иқтисодӣ ба мо имкон дод амалиётҳои мушаххасеро, ки ташкилотҳои қарзии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои истифодаи самараноки имкониятҳои рушди инноватсионӣ амалӣ намоянд, муайян кунем, аз ҷумла:

- дар байни рақибон фарқ кардан: фаҳмидани тарафҳои пурзури худ бо назардошти табиати тағйирёбандаи соҳаи молия дар қисматҳои гуногуни ҷаҳон ба бонкҳои тиҷоратӣ имкон медиҳад стратегияи мувофиқро интихоб кунанд;
- инкишофи тахассус барои ба даст овардани афзалият: иштирокчиёни нави бозор, ки метавонанд талаботи аввалиндараҷаи қишрҳои истеъмолкунандагонро қонеъ гардонанд, ба ҷорӣ намудани инноватсия рӯ меоранд, то ки мизоҷонро бештар ба худ ҷалб кунанд. Бонкҳо бояд диққати асосиро барои мустаҳкам намудани имкониятҳои ҳалкунандаи худ равона созанд, то ки бо навоварон рақобат карда тавонанд.
- бонк бояд ҳамгироии ҷаҳонии имкониятҳои худро таъмин карда тавонад. Ба корхонаи пешрафтаи майли ҳамгиродошта табдил додани бонкҳо имкон фароҳам меорад, ки онҳо ҳар лаҳза аз имкониятҳои нави дурнамои худ истифода баранд [5, с.517].

Қобили қайд аст, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ташаккули системаи инноватсияи бонкӣ дар марҳилаи ибтидоӣ қарор дорад. Ин чораёнҳо хосияти номуташаккил доранд. Барои дар шароити рушди хосияти инноватсионидошта ба сатҳи баланд расидан, бояд дар асоси баҳодиҳии таҷрибаи бонкҳои пешқадами хориҷӣ ва пешгӯии рушди инноватсионии онҳо, самтҳои афзалиятноки рушди техника ва технологияи бонкӣ, менеҷмент муайян карда шавад.

Бояд қайд намуд, ки мушкилоти таҳияи назария ва амалияи баҳодиҳӣ ва идоракунии хавфҳои бонкӣ бинобар зиёд шудани номуайянӣ ва номуайянии падидаҳо ва равандҳо аз бонкҳо на маҷмӯи фаъолиятҳои якдафъаина, балки фаъолияти мақсаднок ва мунтазами идоракунии хавфҳоро талаб мекунанд. Аммо тағйироти пуршиддат дар бахши бонкӣ як қатор масъалаҳоро ба миён овардааст, аз ҷумла, тафсири норавшани хавфҳои бонкӣ, набудани равиши ягонаи таснифот, асоснокии принсипҳои ташкили раванди қарздиҳӣ, инкишофи усулҳои арзёбии хатар ва ғайраҳо. Бо афзоиши гардиши иқтисоди ҷаҳонӣ, зиёд шудани шумораи бонкҳои калон тамоюли афзоиши ҳодисаҳои хавфнок ба назар мерасад. Аз ин рӯ, ба бонкҳои тиҷоратии Ҷумҳурии Тоҷикистон зарур аст, ки омӯзиши мазмун, сабабҳо ва роҳҳои бартараф кардани хавфҳои бонкиро муҳимтарин вазифаи худ шуморида, бо истифодаи технологияи рақамӣ сатҳу сифати хизматрасониҳои бонкиро беҳтар

намуда, рақобатпазирии худро дар бозори молиявӣ таъмин намоянд.

**Ҳамин тавр,** дар интиҳо бояд зикр намуд, ки сиёсати идоракунии хавфҳои бонкӣ ҳамчун омили баланд бардоштани рақобатпазирии он як қисми стратегияи умумии бонк буда, аз таҳияи низоми тадбирҳо, чорабиниҳо оид ба безарар гардонидани оқибатҳои манфии молиявии хавфҳои бонкии вобаста ба татбиқи ҷанбаҳои гуногуни фаъолияти бонкӣ иборат мебошад. Дар робита ба ин, ба андешаи мо, истифодаи самараноки технологияи инноватсионӣ дар шароити гузариш ба иқтисоди рақамӣ нақши муассир дошта метавонад.

**Адабиёт**


1.Ашуров Ғ.Д. Фаъолияти бонкӣ. Китоби дарсӣ. – Душанбе: Империал. - 2018. – 452 с.

2.Гаврилко П.П., Лалакулич М.Ю. Глобальные информационно-коммуникационные технологии в банковской деятельности // Формирование рыночных отношений. - 2017. - №12 (199). - С. 52-56.

3.Козлов Е.Н. Информационные технологии в банковской сфере: тенденции развития//Форум молодых ученых,2017.-№2(6).-С. 109-113.

4.Ҷӯраев Б.М. Фаъолияти бонкӣ. Китоби дарсӣ. – Душанбе: "Ирфон". - 2014. – 428 с.

5.Мажигова Е.М. Инструменты повышения функциональной роли банковской системы в современном воспроизводстве // Экономика и предпринимательство. - 2017. - №11(88). - С. 513-518.

6.Мизинцева М.Ф. Управление знаниями - инструмент реализации цифровой экономики // Научно-техническая информация. - 2018. - №3. - С. 1-10.

7.Новокшонов Д.А. Влияние современных информационные технологии на электронные платежные системы банков // Экономика и предпринимательство. -2017. - №12-1(89-1). - С. 713-715.

8.Саидов Р.Н. Арзёбии хароҷоти истеъмолии хоҷагиҳои хонаводагӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон // Р.Н. Саидов / Паёми молия ва иқтисод. 2023. № 1 (35). С. 174-186.

9.Саидов Р.Н. Оценка жизнеспособности источников формирования доходов населения в Республике Таджикистан // Р.Н. Саидов / Финансово-экономический вестник. 2020. № 4 (24). С. 122-129.

10.Ҳикматов, У.С., Сайфуллозода С. Аҳамияти назариявии мафҳуми амалиётҳои асъорӣ дар бонкҳои тиҷоратӣ / Маводи конференсияи илмию амалӣ дар мавзӯи «Саноатикунонии кишвар ва таъмини рушди босуботи иқтисодиёт». - Душанбе. - 2020. - С. 93-98.



**Маълумот дар бораи муаллиф: Шарипов Некрӯз Гадомадович,** унвонҷӯи кафедраи молия ва суғуртаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон 734025, Тоҷикистон, ш. Душанбе, к. И. Сомонӣ. Тел.: (+992) 949-11-11-11. E.mail; Sharipov.n1111@gmail.com

**Информация об автора: Шарипов Некруз Гадомадович,** соискатель кафедры финансов и страхования Национальный университет Таджикистана 734025, Таджикистан, ш. Душанбе, у. И.Сомони. Тел.: (+992) 949-11-11-11. E.mail; Sharipov.n1111@gmail.com

**Information about the author: Sharipov Nekruz Gadomadovich,** applicant of the Department of Finance and InsuranceTajik National University 734025, Tajikistan, Dushanbe highway, I.Somoni street. Tel.: (+992) 949-11-11-11. E.mail; Sharipov.n1111@gmail.com

УДК 654.07: 331.101

# ТАҶДИДИ СОХТОРИИ КОРПОРАТИВИИ КОРХОНАҲОИ САНОАТӢ ДАР ШАРОИТИ РУШДИ ИНДУСТРИАЛИЮ ИННОВАТСИОНӢ

**Фаррухзода С.**

***Аннотатсия.*** *Дар мақола масъалаҳои назариви ва методологии таҷдиди сохтории корпоративии корхонаҳои саноатӣ татҳқиқ шудааст. Дар асоси таҳлили назарияҳои олимони хориҷӣ ва ватанӣ зарурати анҷом додани таҷдиди сохтории корпоративӣ асоснок карда шуда, дар ин замина мубрамияти он исбот карда шудааст. Дар баробари ин мақсад ва стратегияҳои таҷдиди сохтории корпоративии корхонаҳои саноатӣ дар шароити рушди индустриалию инноватсионӣ исбот карда шудааст. Исбот шудааст, ки таҷдиди сохтории корпоративӣ омили муҳими баланд бардоштани самаранокӣ, рақобатпазирӣ ва рушди устувори корхонаҳо мебошад.*

***Калидвожаҳо:*** *корхона, саноат, таҷдиди сохторӣ, таҷдиди сохтории корпоративӣ, рушди устувор, стратегия.*

***Барои иқтибос:*** *Фаррухзода С. Таҷдиди сохтории корпоративии корхонаҳои саноатӣ дар шароити рушди индустриалию инноватсионӣ/ С. Фаррухзода // Паёми молия ва иқтисод. – 2024. – No. 4.2(43). – С. 705-713.*

# КОРПОРАТИВНАЯ РЕСТРУКТУРИЗАЦИЯ ПРОМЫШЛЕННЫХ ПРЕДПРИЯТИЙ В УСЛОВИЯХ ИНДУСТРИАЛЬНО-ИННОВАЦИОННОГО РАЗВИТИЯ

**Фаррухзода С.**

***Аннотация.*** *В статье рассматриваются теоретические и методологические вопросы корпоративной реструктуризации промышленных предприятий. На основе анализа теорий зарубежных и отечественных ученых обоснована необходимость корпоративной реструктуризации и доказана ее актуальность в данном контексте. При этом обоснованы цели и стратегии корпоративной реструктуризации промышленных предприятий в контексте индустриально-инновационного развития. Доказано, что корпоративная реструктуризация является важным фактором повышения эффективности, конкурентоспособности и устойчивого развития предприятий.*

***Ключевые слова:*** *предприятие, промышленность, реструктуризация, корпоративная реструктуризация, устойчивое развитие, стратегия.*

# CORPORATE RESTRUCTURING OF INDUSTRIAL ENTERPRISES IN THE CONTEXT OF INDUSTRIAL-INNOVATIVE DEVELOPMENT

**Farrukhzoda S.**

***Abstract.*** *The article examines theoretical and methodological issues of corporate restructuring of industrial enterprises. Based on the analysis of theories of foreign and domestic scientists, the need for corporate restructuring is substantiated and its relevance in this context is proven. At the same time, the goals and strategies of corporate restructuring of industrial enterprises in the context of industrial-innovative development are substantiated. It is proven that corporate restructuring is an important factor in increasing the efficiency, competitiveness and sustainable development of enterprises.*

***Keywords:*** *enterprise, industry, restructuring, corporate restructuring, sustainable development, strategy.*

**Гузориши масъала.** Саноатикунонии босуръат ва рушди индустриалию инноватсионии итисоди миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон тақозо менамояд, ки корхонаҳои саноатӣ бояд сохтори оқилона ва мақсаднок дошта бошанд. Дар ин замина таҷдиди сохтории онҳо амри воқеӣ гашта, истифодаи равиши инноватсионӣ метавонад барои анҷом додани таҷдиди сохторӣ ба сифати равиши бунёдӣ баромад кунад. Дар баробари

ин таҷдиди сохтории корхонаҳои саноатӣ метавонад барои баланд бардоштани рақобатпазири корхона мусоидат намуда, дар ташаккули бартарияти рақобатии устувор замина гузорад. Вобаста ба ин дарки асосҳои назариявию методологии таҷдиди сохторӣ метавонад барои ноил шудан ба ҳадафҳои стратегии корхона замина гузорад.

**Таҳлили таҳқиқотҳои охир ва таълифот.** Масъалаҳои назариявӣ ва амалии таҷдиди сохтории корпоративӣ дар таҳқиқоти олимони хориҷӣ ба таври васеъ таҳқиқ шудааст. Ба инҳо Туркина О.В., Барсков А.Н., Сытенко Д.Д., Выпряжкин Б.С., Выпряжкина И.Б., Герасина Ю.А., Лютова И.И. ва ғайра дохил мешаванд. Дар илми ватанӣ бошад ба масъалаҳои назариявӣ ва методологии таҷдиди сохтори олимони зерин ба монанди Комилов С.Ҷ., Низомова Т.Д., Файзуллоев М.Қ., Қодирзода Д.Б., Қодиров Ф.А. ва ғайраҳо таваҷҷуҳ кардаанд.

**Мақсади мақола** – асосноккунии назариявӣ ва баррасии стратегияҳои таҷдиди сохтории корхонаҳои саноатӣ дар шароити рушди индустриалию инноватсионии иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад.

**Мухтавои асосии мақола.** Дар шароити муосир таҷдиди сохторӣ ҳамчун тағйирот дар модели бизнес, сохтори ташкилию идоракунии корхона ва ё равандҳои алоҳидаи он фаҳмида мешавад. Дар баробари ин таҷдиди сохторӣ метавонад тағйирот дар қувваи корӣ, азнавташкилдиҳии корхона, ҷорӣ кардани равандҳои нав ва истифодаи усулҳои муосири ташкил ва идоракунии захираҳои корхонаро дар бар гирад. Айни замон чунин тадбир ба монанди ребрендинг низ метавонад аз ҷумлаи унсурҳои таҷдиди сохторӣ эътироф карда шавад.

Раванди амалисозии таҷдиди сохтории корхонаҳои саноатӣ пеш аз ҳама аз ҷониби роҳбарияти корхона ташаббус карда мешавад. Яъне, роҳбарияти корхона аксар вақт кушиш менамояд, ки устуворӣ ва самаранокии фаъолияти корхонаро нигоҳ дошта, рушди стартегии онро таъмин намояд. Аз ин рӯ, тавассути анҷом додани таҷдиди сохторӣ ноил шуда ба ҳадафҳои мазкур имконпазир мегардад. Дар баробари роҳбарият кормандон низ метавонанд ба сифати ташаббускори таҷдиди сохтории корхона баромад кунанд. Яъне, кормандон метавонанд ҳам ба сифати ташаббускор ва ҳам ба сифати иштирокчии раванди таҷдиди сохторӣ баромад кунанд. Роҳбарият ва кормандон ҳамчун ташаббускори дохилӣ баромад мекунанд.

Ба ақидаи Лютова И.И. мақсади асосии таҷдиди сохтории корпоративӣ ин таъмини фаъолияти устувори ширкат дар шароити мураккабшавии муносибатҳои иқтисодӣ ва шадид гаштани рақобат мебошад. Аз ин рӯ, ширкат бо мақсади нигоҳ доштани фаъолияти муназзами худ ва таъмини рушди устувори он бояд ҷараён ва унсурҳоро таҷдид намояд. Дар ин ҷо сухан дар бораи таҷдиди сохтории корпоративии сармоя, қарз, дороиҳо ва унсурҳои алоҳидаи фаъолияти ширкат меравад. [8, 335]

Дар баробари ташаббускорони дохилӣ ҳамчунин ҷонибҳои манфиатдор ва унсурҳои муҳити берунии корхонаҳои саноатӣ низ метавонанд ба оғози раванди таҷдиди сохторӣ замина гузоранд. Барои мисол, ҷонибҳои манфиатдор ё сармоягузорон метавонад зарурати таҷдиди сохториро баррасӣ намуда, сабаб ва омилҳои онро муайян созанд. Дар ин ҷо ҳамчунин сарчашмаҳои молиявии таҷдиди сохторӣ ва чорабиниҳои иттилоотӣ низ мушаххас карда мешаванд.

Анҷом додани таҷдиди сохторӣ метавонанд ба сабабҳои гуногун алоқаманд ва вобаста бошад. Дар ин ҷо мо метавонем тағйирёбӣ ва ҳассоияти вазъи бозорро ба сифати омили асосӣ номбар намуда, дар баробари ин омилҳои дигарро низ таҳқиқ намоем. Ҳолати динамикии бозор аз он шаҳодат медиҳад, ки ҷаҳони тиҷорат ҳамеша тағйир меёбад ва корхонаҳоро маҷбур месозад, ки ба ин тағйиротҳо мутобиқ шаванд. Зеро мутобиқат ба тағйирот шарти асосии таъмин ва нигаҳдории рақобатпазирии корхонаҳо ба ҳсиоб меравад. Муҳити динамикии бозор ба сифати омили берунӣ тавсиф дода шуда, нисбат ба омилҳои дохилӣ, ки бештар идорашаванда мебошанд, таъсири калон дорад.

Ю.А. Герасина бошад дар таҳқиқоти худ исбот намудааст, ки таҷдиди сохтории корпоративӣ на танҳо муҳити дохилӣ, балки муҳити берунии корхонаро фаро гирифта, бо

мақсади ҷалби захираҳо ва баланд бардоштани иқтисоди инвеститсионии корхона амалӣ карда мешавад. Ба ақидаи муаллиф таҷдиди сохтории корпоративӣ дар сатҳи микро, мезо ва макро гузаронида шуда, соҳибмулкон, кредиторон, давлат ва коллективи меҳнатӣ ба сифати субъектони он баромад мекунанд. [1,4]

Такмили сиёсати истеҳсолӣ ва ҷорӣ кардани инноватсияҳо низ метавонад ба сифати омили таҷдиди сохтории корхонаҳо баромад кунад. Барои мисол намунаҳои кор ва истеҳсолот, ки хусусияти динамикӣ доранд, метавонанд боиси анҷом додани тағйиротҳои сохторӣ гардиданд. Дар амалия татбиқи равандҳо ва сохторҳои нав дар корхонаҳои саноатӣ метавонад таҷдиди сохтории пурраро тақозо намуда, зарурати мутобиқати ҳар ҷӣ зуддтари онро тақозо кунанд.

Марҳилаи муосири рушд бо фароҳам омадани имкониятҳои нави бозорӣ тавсиф дода мешавад. Яъне, технология ва стандартҳои нав барои ширкатҳо имконият ва фурсатҳои ҷолибро фароҳам месозанд. Аз ин рӯ, корхонаҳои саноатӣ бо мақсади истифодаи имкониятҳои нави бозорӣ бояд таҷдиди сохтории зарурриро анҷом диҳанд. Дар ин самт метавон аз чунин имкониятҳо ба монанди ташаккули бозорҳои нав, талаботи нав ва ё бренди нав номбар намуд. Вобаста ба ин таҷдиди сохтории корхонаҳои саноатӣ метавонад онҳоро ба мавқеи сифатан нав ва беҳтар баровварда, ҷиҳати истифодаи имкониятҳои бозор мутобиқ созад. Барои мисол, истеҳсоли маҳсулоти нав ва ё пешниҳоди хизматарсонӣ метавонад ба рушди устувори корхона таъсири мусбат равонад.

Хусусияти хоси марҳилаи муосир ҳамчунин зуд тағйир ёфтани майлу рағбат ва талаботи истеъмолкунандагон мебошад, ки тавассути бозор муайян карда мешавад. Дар ин самт низ корхонаҳо метавонанд барои қонеъ кардани ниёзҳои тағйирёбандаи муштариёни худ таҷдиди сохториро амалӣ кунанд. Дар амалия ин чунин маъно дорад, ки корхона барои қонеъ кардани талаботи муштариёни худ бояд маҳсулоти нав истеҳсол кунад, хидматҳои нав пешниҳод кунад, идоракунии амалиётҳоро тағйир диҳад, шуъбаҳои нав таъсис диҳад, кормандони навро ба кор қабул кунад, ки ҳамаи ин ба таҷдиди сохтории он вобастагӣ дорад.

Дар баробари омилҳои мусбат, ҳамчунин як қатор омилҳои дигар ба монанди самаранокии паст, фаъолияти ғайриқаноатбахш, афзоиши хароҷоти умумӣ, кам шудани даромад, мушкилоти иртиботӣ, роҳбарии заифи корпоративӣ ва ғайра ба таҷдид сохторӣ боис гарданд. Дар ин замина роҳбарияти корхонаҳои саноатиро зарур аст, ки бо мақсади таъмини фаъолияти устувори корхона таҷдиди сохтории онро анҷом диҳад.

Дар таҳқиқоти Низомова Т.Д., ки ба масъалаҳои таҷдиди сохтории корхонаҳо бахшида шудааст, таъкид мешавад, ки зимни анҷом додани таҷдиди сохтори бояд марҳилаҳои муайян риоя карда шуда, аз равишҳои методии муайян истифода карда шавад. Дар баробари ин барои таҷдиди сохтории корхонаҳо интихоби стратегия ва таъминоти кадрӣ нақши муҳим дошта, анҷом додани таҷдиди сохтории корхонаҳо ҳамчун омили асосии таъмини рушди устувори онҳо ҳисобида мешавад. [9,17]

Ба андешаи мо зимни анҷом додани таҷдиди сохторӣ бояд ба масъалаи соддагардонии равандҳо ва арзёбии сохтори мавҷуда таваҷҷуҳи хос зоҳир карда шавад. Яъне, қабл аз оғози таҷдиди сохторӣ бояд сохтори ташкилии амалкунанда арзёбӣ карда шавад. Дар ин ҷо тадбири мазкур метавонад ба муайян кардани мушкилот ва осон кардани ҳалли онҳо мусоидат намояд. Бояд қайд намуд, ки нақшаи таҷдиди сохторӣ метавонад ба омилҳои гуногун, аз қабили маҳдудиятҳои ҳуқуқӣ, иқтисодӣ ва таъминоти кадрӣ вобаста бошад. Аз ин рӯ, ҳангоми таҳияи нақшаи таҷдиди сохторӣ бояд ба муайянкунии ҳадафҳо, воситаҳои идоракунии лоиҳа, баҳодиҳии хароҷот ва ташкили буҷет, ташкили гуруҳи лоиҳа, таъини роҳбари лоиҳа ва ташаккули иртиботи заруриӣ аҳамияти ҷиддӣ дода шавад.

Самаранокӣ ва натиҷабахшии таҷдиди сохтории корхонаҳои саноатӣ на танҳо аз омилҳои дохилӣ, балки аз иштироки ҷонибҳои манфиатдор низ вобастагӣ дорад. Дар ин ҷо иштироки васеи ҷонибҳои манфиатдор метавонад барои эҷоди

дастгирии фаъолияти дорои хатари баланд муҳим бошад. Ҳамчунин стратегияи хуб метавонад татбиқи амалии таҷдиди сохториро дар қисматҳои хурдтари фаъолият таъмин намояд.

Комилов С.Ҷ. ва Файзуллоев М.Қ. дар таҳқиқотҳои анҷомдодаи худ ба таҷдиди сохтории инноватсионӣ таваҷҷуҳ карда, пешниҳод менамоянд, ки бо мақсади баланд бардоштани самаранокии фаъолияти корхона ва таъмини фаъолияти устувори он бояд фаъолнокии инноватсионӣ баланд бардошта шавад. Дар баробари ин пешниҳод менамоянд, ки бояд на танҳо фаъолияти истеҳсолӣ, балки тамоми ҷанбаҳои фаъолияти корхона бояд ба таҷдиди сохтории инноватсионӣ фаро гирифта шавад. Дар ин самт ҳамчунин ба истифодаи васеи технологияҳои рақамӣ ва ноу-хау низ таъкид карда мешавад. [5,6,7,10]

Таҳқиқоти анҷомдодаи мо нишон медиҳад, ки таҷдиди сохторӣ як навъ амалиёти корпоративӣ буда, ҳадафи он ба таври назаррас ва бунёдӣ тағйир додани сохтори корхона бо мақсади пешгирии хавфҳои молиявӣ, беҳтар кардани вазъи тиҷоратӣ ва таъмини рақобатпазирии он мебошад. Дар амалия вақте ки корхонаҳи саноатӣ дар пардохти қарзи худ душворӣ мекашанд ё ба мушкилоти дигари тиҷоратию иқтисодӣ рӯ ба рӯ мегарданд, зарурати таҷдиди сохторӣ ба миён меояд. Дар барори ин корхонаҳои саноатӣ сохтори худро ҳангоми омодагӣ ба фурӯш, ба даст овардани дигар ташкилот, якҷояшавӣ, тағйир додани ҳадафҳои умумӣ ё интиқоли моликият тағйир диҳанд. Пас аз таҷдиди сохторӣ амалиётҳои тиҷоратии ширкат муваффақтар ва вазъи молиявии он беҳтар мешавад.

Дар амалия вақте ки ширкат сохтори дохилии худро тағир медиҳад, амалиёт, равандҳо, шӯъбаҳо ё сохтори моликияти он метавонад тағйир ёбад. Мушовирони молиявӣ ва ҳуқуқӣ аксар вақт барои гуфтушунид дар бораи нақшаҳои таҷдиди сохторӣ даъват карда мешаванд. Натиҷаҳои таҷдиди сохторӣ метавонад тағйиротро ба расмиятҳо, системаҳои компютерӣ, шабакаҳо, макони ҷойгиршавӣ ва масъалаҳои ҳуқуқӣ дар бар гирад. Азбаски баъзе мавқеъҳои корӣ пас аз таҷдиди сохтор метавонанд ба ҳам мувофиқат кунанд, баъзе ҷойҳои корӣ метавонанд барҳам дода шуда, кормандон ихтисор карда шаванд.

Дар шароити муосир ширкатҳо сохтори худро барои беҳтар кардани ҷанбаҳои молиявӣ ё амалиётии тиҷорати худ, одатан ҳангоми дучор шудан бо бӯҳрони молиявӣ, тағйир медиҳанд. Дар ин мавридҳо таҷдиди сохторӣ метавонад ҳамчун як раванди мураккаб баррасӣ карда шавад, зеро сохтори дохилӣ ва берунии корхонаи саноатӣ такмил дода шуда, ҷойҳои корӣ дар аксари ҳолат ихтисор карда мешаванд. Пас аз мутобиқ шудан ба муҳити нав, корхона метавонад дар ҳолати беҳтаре барои ноил шудан ба ҳадафҳои худ тавассути баланд бардоштани самаранокии истеҳсолот фаъолият кунад.

Ба ақидаи Қодиров Д.Б. таҷдиди сохторӣ шарти асосии мутобиқсозии корхонаҳои саноатӣ ба муҳити бозорӣ буда, дар ин замина фаъолияти корхона ба талаботи бозор мувофиқ карда мешавад. Бояд таъкид намоем, ки дар таҳқиқоти муаллиф исбот шудааст, ки таҷдиди сохтори имконият медиҳад, ки корхонаҳои саноатӣ фаъолияти инноватсионии худро тавассути таҷдиди сохторӣ тақвият бахшида, дар ин замина рақобатпазирии худро баланд бардоранд. [2,41]

Аммо, бояд таъкид намоем, ки на ҳама равандҳои таҷдиди сохторӣ хуб анҷом меёбанд ва ҳатто барои барҳам хурдани корхона замина гузорад. Яъне, бизнес метавонад сохтори худро бо роҳҳои гуногун тағир диҳад. Намудҳои гуногуни таҷдиди сохтор аз таҷдиди сохтори ҳуқуқӣ, таҷдиди сохтори корпоративӣ, таҷдиди сохтори хароҷот, ҷудошавӣ, таҷдиди сохтор барои азнавташкилдиҳӣ ва якҷояшавӣ иборатанд. Яъне, корхонаҳо метавонанд мувофиқи салоҳдиди худ, барои баланд бардоштани самаранокии фаъолияти худ ва кам кардани хароҷот ҳар вақт таҷдиди сохториро анҷом диҳанд.

Дар шароити рушди индустриалию инноватсионӣ самти муҳими таҷдиди сохторӣ ин таҷдиди сохтории корпоративӣ мебошад. Таҷдиди сохтории корпоративӣ ин раванди тағйир додани сохтори ташкилию идоракунии корхона барои баланд бардоштани самаранокӣ ва рақобатпазирии он мебошад. Таҷдиди сохтори корпоративӣ

метавонад тағйирот дар сохтори идоракунӣ, кам кардани қувваи корӣ, азнавтақсимкунии масъулиятҳо, технологияи истифодашуда ва равандҳои амалиётиро дар бар гирад.

Ҳадафи асосии таҷдиди сохтори корпоративӣ баланд бардоштани самаранокӣ, кам кардани хароҷот ва тақвияти тамаркуз ба фаъолияти асосӣ мебошад. Таҷдиди сохтори корпоративӣ метавонад натиҷаи тағйирот дар муҳити рақобат, аз қабили бозор, технология ё қонунгузорӣ бошад. Дар баробари ин таҷдиди сохтории корпоративӣ метавонад бо мақсадҳои зерин амалӣ карда шавад:

- **Такмили фаъолияти корхонаҳои саноатӣ**. Таҷдид стратегияи муҳим барои баланд бардоштани самаранокии фаъолияти корхона буда, такмили сохторҳои маъмурию функсионалӣ ва аз нав тақсим кардани захираҳоро дар бар мегирад. Тавассути таҷдиди сохторӣ корхонаҳо метавонанд мушкилоти маъмурӣ ва равандҳои бесамарро бартараф намуда, ба суръатбахшии қабули қарорҳо ва соддагардонии расмиёт шароит фароҳам созанд.

- **Коҳиш додани хароҷот**. Таҷдиди сохтории корпоративӣ воситаи муассири кам кардани хароҷот буда, тавассути баррасӣ ва таҳлили расмиёти ҷорӣ таҷдиди сохторӣ имкон медиҳад, ки камбудиҳо ва исрофкориҳо бартараф карда шаванд. Таҷдиди сохторӣ аз арзёбии дақиқи сохторҳои идоракунӣ оғоз гардида, тадбирҳое роҳандозӣ мешаванд, ки боиси кам шудани хароҷоти амалиётӣ мегардад. Илова бар ин, таҷдиди сохторӣ ба рушди занҷираҳои таъминот ва соддагардонии расмиёт мусоидат намуда, тағйирот дар стратегияҳои харид ва гуфтушунид бо таъминкунандагон низ метавонад боиси коҳиши хароҷот гардад.

- **Баланд бардоштани самаранокии амалиёт.** Таҷдиди сохтори корпоративӣ стратегияи асосии баланд бардоштани самаранокии амалиёт ва ноил шудан ба беҳбудии назаррас мебошад. Тавассути раванди таҷдиди сохторӣ сохторҳо ва равандҳои идоракунии кунунии корхонаҳо бо мақсади муайян кардани заъфҳо ва имкониятҳо арзёбӣ карда мешаванд. Таҷдиди сохтор инчунин ба соддагардонии расмиёт ва таҳияи системаҳои корӣ, ки ба ҳадафҳои стратегии корхонаҳои саноатӣ мувофиқат мекунанд, тамаркуз мекунад. Раванд имкон медиҳад, ки занҷираҳои таъминот беҳтар карда шуда, ҷараёни суръатбахшии иттилоот ва ҳамкории мукаммали байни тимҳои салҳиятдор мусоидат кунанд.

- **Идоракунии тағйироти ташкилотӣ**. Таҷдиди сохтори корпоративӣ дар идоракунии тағйироти ташкилотӣ нақши ҳалкунанда дорад. Вақте ки ширкатҳо давраи тағйиротро аз сар мегузаронанд, дар натиҷаи таҳаввулоти бозор ё стратегияҳои нав як чаҳорчӯбаи сохториро барои идоракунии самаранок фароҳам меорад. Тавассути таҷдиди сохторӣ сохторҳои идоракуниро метавон содда ва навсозӣ карда, ба тағйироти стратегӣ мувофиқат карда, муқовимат ба тағйиротро коҳиш дод. Таҷдиди сохторӣ инчунин рушди малакаҳои роҳбариро афзоиш медиҳад.

Дар адабиёти соҳавӣ таҷдиди сохтории корпоративӣ ҳамчун таҷдиди сохтори уҳдадориҳои корхона маълум буда, таҷдиди бомуваффақияти корпоративӣ аксар вақт ба сифати тадбири рушди стратегии корхона баромад мекунад. Яъне, барномаи таҷдиди сохторӣ вобаста ба мундариҷаи барнома ба тамоми самт ва ҷабҳаи фаъолияти корхона таъсир расонида, аксар вақт барои эҳёи дигарбоари корхона ҳамина мегузорад. Таҷдиди сохтории корпоративӣ ҳамчунин ба захираҳои меҳнатии корхона ни низ таъсир расонида, ҳангоми бозсозии сохторӣ самтҳои бесамар барҳам дода шуда, барои кам кардани хароҷот ва ҳатто ихтисори кормандон муосидат мекунад. Дар баробари ин омӯзиш ва ҷойивазкунии кормандон низ метавонад як қисми барномаи таҷдиди сохтории корхона бошад.

Дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон роҳбарони корхонаҳои саноатӣ метавонанд аз стратегияҳои гуногун истифода карда, самаранокии корхонаҳоро баланд бардоранд. Дар ин самт метавон стратегияҳои зеринро пешниҳод кард:

- **Таҷдиди сохтории дороиҳои корхона.** Таҷдиди сохтории дороиҳо унсури калидии стратегияҳои таҷдиди сохтори корпоративӣ буда, ба истифодаи самараноки дороиҳои мавҷуда, баланд бардоштани арзиш ва нишондиҳандаҳои молиявии корхона равона карда шудааст. Ин раванд

арзёбии ҳамаҷонибаи дороиҳои корхона, аз ҷумла амвол, таҷҳизот ва захираҳои молиявиро бо мақсади муайян кардани имкониятҳои аз нав ташкил кардани онҳо, дар бар мегирад. Яке аз ҳадафҳои асосии таҷдиди сохтории дороиҳо тақсимоти захираҳо тавассути ихтиёрдории дороиҳои ғайриасосӣ ё зараровар мебошад.

Зимни таҷдиди дороиҳо дороиҳои нолозим ба монанди биноҳои зиёдатӣ ё таҷҳизоти истифоданашуда метавонанд фурӯхта шуда, маблағи он ба лоиҳаҳои нави стратегӣ ё таҳияи технологияҳои нав равона карда шаванд. Ғайр аз он, таҷдиди сохтори дороиҳо ба корхонаҳои саноатӣ имкон медиҳад, ки сохтори сармоягузории худро инкишоф дода, идораи хавфҳои марбут ба дороиҳои бесамарро ба роҳ монанд. Таҷдиди сохторӣ инчунин метавонад стратегияҳои аз нав тақсим кардани дороиҳо, барои баланд бардоштани стратегияҳои рушд ва тавсеа, аз қабили сармоягузории дороиҳо дар таҳияи хатҳои нави маҳсулотӣ ё васеъсозии доираи фаъолияти бозориро дар бар гирад. Тавассути ин раванд, ширкатҳо метавонанд дороиҳои худро оқилона истифода карда, рақобатпазирии худро таҳким бахшанд.

- **Такмили сохтори ташкилӣ.** Дар амалия ҳадафи бунёдии таҷдиди сохтори ташкилии корхона ин баланд бардоштани самаранокии фаъолияти он мебошад. Ин ҷанбаи муҳими таҷдиди сохторӣ тарҳрезии сохтори маъмурӣ ва функсионалии корхонаро дар бар гирифта, ба баланд бардоштани самаранокии ҳамоҳангсозии байни фаъолияти шуъбаҳо мусоидат мекунад. Раванди мазкур аз арзёбии сохтори ҷорӣ ва таҳлили тақсимоти масъулият ва ваколатҳо оғоз мешавад. Тавассути ин стратегия мушкилоти мавҷуда аз қабили такроршавии вазифаҳо, набудани салоҳият дар соҳаи муайян ё хатҳои норавшани иртибот муайян карда мешаванд. Дар асоси таҳлили сохтор барои кам кардани бюрократизм, аниқ муайян кардани саҳм ва масъулият, ба тартиб даровардани занҷираи қабули қарор чораандешӣ карда мешавад. Таҳияи сохтори нав ба мувозинати нақшҳои гуногуни идоракунӣ, баланд бардоштани қобилияти дастаҳо барои кор дар ҳамкорӣ ва ҳамоҳангӣ мусоидат мекунад.

- **Идоракунии тағйироти ташкилӣ.** Қисми муҳими стратегияҳои таҷдиди сохтории корпоративӣ ин тамаркузи таваҷҷуҳ ба низоми қабули қарор мебошад. Қадами аввал дар ин ҷо ин муайян кардани дидгоҳи равшан барои тағйирот ва равшан кардани ҳадафҳои корхона ба ҳамаи аъзоёни он мебошад. Бо муайян кардани он, ки чӣ бояд тағир дода шавад ва чаро, роҳбарон метавонанд ба кормандон дар фаҳмидани сабабҳои аслии ислоҳот ва натиҷаҳои интизоршаванда маълумоти зарурӣ пешниҳод кунанд.

Таҷриба нишон медиҳад, ки ҷалби кормандон ба тағйироти сохторӣ як ҷузъи муҳим буда, он ба таҳкими эътимод ва ташвиқи ҳамкории мусбӣ кӯмак мекунад. Идоракунии тағйирот инчунин таҳияи стратегияҳои муассири иртиботро дар бар гирифта, ташкили шабакаҳои кушоди иртиботӣ ва пешниҳоди мунтазами навсозиҳо метавонад ба ҳама кӯмак расонанд.

- **Таҷдиди сохтори равандҳои амалиётӣ**: Таҷдиди равандҳои амалиётӣ ҷузъи калидии стратегияҳои таҷдиди сохтор мебошад, ки тавассути он ширкатҳо кӯшиш мекунанд, ки самаранокии фаъолияти худро беҳтар созанд, рақобатпазирии худро баланд бардоранд ва тиҷоратро самаранок анҷом диҳанд. Раванд аз нав тарҳрезии тамоми ҷанбаҳои равандҳои амалиётро дар бар мегирад, аз ворид кардани тағирот ба ҷараёнҳои мавҷудаи корӣ то қабули технологияҳо ва усулҳои нав. Қадамҳои аввалин дар азнавсозии равандҳои амалиётӣ. Ин таҳлили қадамҳои мурофиавӣ, муайян кардани заъфҳо ва муайян кардани камбудиҳоеро дар бар мегирад, ки ба самаранокии амалиёт таъсир мерасонанд. Бо истифода аз асбобҳо ба монанди харитасозии равандҳо ва ченкунии самаранокӣ, ширкат метавонад дар бораи беҳтар шудани ҳар як равандҳои амалиётии он фаҳмиши равшан пайдо кунад. Дар асоси натиҷаҳо, равандҳо барои беҳтар кардани ҷараёни кор ва кам кардани партовҳо аз нав тарҳрезӣ карда мешаванд. Ин содда кардани қадамҳо, рафъи фаъолиятҳои нолозим ва татбиқи таҷрибаҳои беҳтаринро барои таъмини самараноктар ва самараноктар иҷро кардани равандҳо дар бар мегирад. Масалан, таҷдиди сохтор метавонад

ҷорӣ намудани технологияҳои автоматикунониро барои суръат бахшидан ба равандҳои дастӣ ё таҳияи занҷири таъминот барои кам кардани хароҷоти марбут ба инвентаризатсия дар бар гирад. Идоракунии тағирот ҳангоми таҷдиди сохтор низ ҷузъи асосии стратегия мебошад. Ин таъмин намудани омӯзиш ва дастгирии кормандонро талаб мекунад, то онҳо тавонанд ба тағйироти нав мутобиқ шаванд ва инчунин таҳияи стратегияҳои муассири иртиботот.

- **Стратегияи беҳтар кардани вазъи молиявӣ.** Ҳадафи бунёдии таҷдиди сохтории корпоративӣ ба ҳисоб рафта, тартиби истифодаи самараноки захираҳои молиявиро барои ноил шудан ба ҳадафҳо ва таъмини рушди устувор муайян мекунад. Ин ҷанбаи таҷдиди сохтории корхонаҳо маҷмӯи тартибу усулҳоеро дар бар мегирад, ки ба рушди тиҷорат, кам кардани хароҷот ва афзоиши даромад нигаронида шудаанд. Зимни татбиқи стратегияи мазкур қадами аввал баҳодиҳии вазъи молиявии корхона мебошад, ки таҳлили ҳисоботи молиявӣ, баррасии хароҷоти доимӣ ва тағйирёбанда, арзёбии равандҳои идоракунии пули нақд ва муайян кардани манбаъҳои даромадро дар бар мегирад. Тавассути таҳлилу арзёбӣ самтҳои таҷдид муайян карда шуда, дар ин асос стратегияҳо даходор пешниҳод карда мешаванд.

- **Таҷдиди сохтории қарз**. Таҷдиди сохтории қарз як раванди молиявӣ мебошад, ки ҳадафи он тағйир додани шартҳои қарзи ҷории корхона барои баланд бардоштани қобилияти он ҷиҳати иҷрои ӯҳдадориҳои молиявии худ ва пешгирӣ аз муфлисшавӣ мебошад. Раванди мазкур гуфтушунид бо кредиторонро барои аз нав таҳия кардани ҷадвали баргардонидани қарз, кам кардани фоизҳо ва ё ҳатто соқит кардани як қисми қарзро дар бар мегирад. Таҷдиди сохторӣ метавонад инчунин додани саҳмияҳои нав ба кредиторонро бар ивази кам кардани қисми қарз пешбинӣ кунад. Ҳадафи таҷдиди сохтории қарз дар он аст, ки пардохтпазирии корхонаро таъмин кунад, гардиши пулии онро беҳтар карда, ба он имкон диҳад, ки ба фаъолияти худ муттамарказ шавад. Ин раванд як қадами муҳими стратегӣ барои нигоҳ доштани муттасилии фаъолият ва устувории дарозмуддати корхона мебошад.

- **Якҷояшавӣ ва муттаҳидшавӣ.** Қисми асосии стратегияҳои таҷдиди сохтории корпоративӣ ин якҷояшавӣ ва ё муттаҳидшавӣ мебошад, ки зимни он ду ва ё зиёда корхонаҳо бо мақсади беҳбуд бахшидан ба вазъи молиявӣ ва баланд бардоштани рақобатпазирии худ муттаҳид карда мешаванд. Дар баробари ин ба даст овардани манфиати зиёд, аз қабили баланд бардоштани самаранокии амалиётҳо, афзоиши ҳиссаи бозор ва васеъ кардани пойгоҳи муштариён аз ҷумлаи ҳадафҳои стратегияи мазкур мебошад. Дар амалия тавассути якҷояшавӣ корхонаҳои муттаҳидшуда метавонанд ба иқтисодиёти миқёс ноил гардида, дониш ва технологияро мубодила кунанд ва имкониятҳои молиявии худро баланд бардоранд. Илова бар ин, якҷояшавӣ ба диверсификатсияи маҳсулот ва хидматҳо мусоидат карда, ба ширкатҳо дар мутобиқ шудан ба тағирот ва баланд бардоштани рақобатпазирии онҳо дар муҳити динамикии бозор мусоидат мекунад.

Бояд қайд намуд, ки стратегияҳои дар боло овардашударо ҳам дар алоҳидагӣ ва ҳам дар пайвастагӣ истифода кардан мумкин аст. Интихоб ва истифодаи стратегия аз мақсади таҷдиди сохторӣ ва вазъи корхонаи таҷдидшавандаи вобаста мебошад. таҳқиқот нишон медиҳад, ки таҷдиди сохтории корпоративӣ дорои бартариҳои зиёд буда, қобилияти корхонаро барои пешбурди фаъолият ва ноил шудан ба ҳадафҳояш афзоиш медиҳад. Дар баробари ин баланд бардоштани самаранокӣ, ҳосилнокии меҳнат, коҳиш додани хароҷот, беҳтар кардани устувории молиявӣ ва баланд бардоштани рақобатпазирӣ аз ҷумлаи афзалиятҳои таҷдиди сохтории корпоративӣ мебошанд.

Дар таҳқиқоти қабли низ мо исбот намуда будем, ки таҷдиди сохтории корхонаҳо ба захираҳои инвеститсионӣ эҳтиёҷ дошта, дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон сармоягузориҳои хориҷӣ метавонанд нақши калон дошта бошанд. Дар баробари ин таҷдиди сохторӣ тақозо менамояд, ки бояд реинҷиринги бизнесғамалиётҳои анҷом дода шуда, дар баробари ин усулҳои муосири ташкил ва

идоракунии истеҳсолот ҷорӣ карда шавад. [3,4]

**Хулоса.** Ба андешаи мо анҷом додани тақдиди сохтории корпоративӣ аз зрзёбии вазъи воқеии корхона оғоз гардида, таҳияи нақшаи таҷдиди сохтор, иҷрои он, мониторингу арзёбии иҷроиш ва идоракунии тағирот аз ҷумлаи марҳилаҳои минбаъдаи таҷдиди сохтории корхонаҳо мебошанд. Дар ин самт роҳбарони корхона ва гурӯҳи кории таҷдиди сохторӣ бояд ба муқовимат ба тағйирот, хароҷоти татбиқ, хатарҳои молиявӣ, мушкилоти амалиётӣ, идоракунии тағйироти ташкилӣ ва таъминоти кадрӣ таваҷҷуҳ зоҳир намоянд.

Дар шароити муосир зимни таҷдиди сохтории корхона бояд ба дабдилдиҳии рақамӣ, азнавсозии сохтори захираҳои инсонӣ, идоракунии оқилонаи азнавбақайдгирӣ, диверсификатсияи манбаъҳои даромад аҳамияти ҷиддӣ зоҳир намояд. Дар баробари ин истифодаи зеҳни сунъӣ ва таҳлили додаҳои калон метавонанд ба қабули қарорҳои самараноки таҷдиди сохторӣ ва коҳиши хатарҳо мусоидат намоянд.

## Адабиёт


1. Герасина, Ю. А. Экономические предпосылки корпоративной реструктуризации / Ю. А. Герасина // Экономические системы. – 2012. – № 2. – С. 2-5.

2. Кадыров, Д. Б. Экономическая природа и проблемы реструктуризации предприятий промышленности в условиях рынка / Д. Б. Кадыров // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. – 2012. – № 2/8-2(100). – С. 40-44

3. Кодиров, Ф. А. Реинжиниринг бизнес-процессов как фактор повышения конкурентоспособности предпринимательской деятельности / Ф. А. Кодиров, С. Фаррухзода, С. М. Давлатов // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. – 2017. – № 2/8. – С. 15-18.

4. Кодиров, Ф. А. Реструктуризация промышленных предприятий Республики Таджикистан на основе привлечения иностранных инвестиций / Ф. А. Кодиров, С. Фаррухзода // Экономика Таджикистана. – 2018. – № 4. – С. 46-50.

5. Комилов, С. Д. Основы формирования рынка «ноу-хау» в условиях инновационного развития: методологические аспекты / С. Д. Комилов // Проблемы современной экономики. – 2020. – № 1(73). – С. 26-30.

6. Комилов, С. Д. Особенности цифровизации экономики в условиях инновационного развития промышленности / С. Д. Комилов // Проблемы перехода к цифровой экономики в Республике Таджикистан: текущее состояния и перспективы : Материалы республиканской научно-практической конференции, Душанбе, 30 октября – 07  2023 года. – Душанбе: Таджикский национальный университет, 2023. – С. 11-16.

7. Комилов, С. Д. Управление развитием инновационных процессов на промышленных предприятиях / С. Д. Комилов, М. К. Файзуллоев, Д. Р. Рахмонов. – Душанбе : Типография ТНУ, 2020. – 246 с. – ISBN 978-99975-52-29-7.

